МЕЪМОРИ ИСТИКЛОЛИ ТОЧИКИСТОН



МЕЪМОРИ ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИКИСТОН

Душанбе-2010

ББК 84 Тоҷик 75+72.3
Т - 54

Таҳиякунандагон аз журналисти шинохта Насибҷон Амонӣ – дӯст, пайрав ва шогирди устод Тоҳири Абдуҷаббор барои ёриаш дар чопи китоб изҳори сипос мекунанд

Таҳия ва таҳрир аз
Аҳмадшоҳи Комилзода

Меъмори истиқлоли Тоҷикистон
(Мақола, шеър, ёднома ва таҳлилнома дар бораи Тоҳири Абдуҷаббор ва аз Тоҳири Абдуҷаббор)

Нашри « _____ », шаҳри Душанбе, 2010, 510 саҳифа.

Хонандаи гиромӣ, китобе, ки дар даст дорӣ, маҷмӯаест, аз навиштаҳои донишмандон ва журналистони шинохтаи кишвар аз рӯзгор ва пайкори шахсияти мубориз ва донишманду маорифпарвари машҳур Тоҳири Абдуҷаббор, ки ба ҳангоми беморӣ ва даргузашти ин абармарди Тоҷикистон – бунёдгузори эҳёи истиқлол ва мақоми расмии забони форсии тоҷикӣ дар замони нав ба табъ расидааст. Ҳамчунин дар ин маҷмӯа чанде аз навиштаҳои ин донишманд барои нахустин бор дар шакли маҷмӯа ба ҳам оварда шудааст.

© Меъмори истиқлоли Тоҷикистон, 2010

ПЕШГУФТОР

Зи деги пӯхтагон н-ояд садое,
Хурӯш аз мардумони хом хезад.
Бисӯзем марги одамро зи ҳастӣ,
Сарогози ман аз анҷом хезад.

Ҳангоме ки дар хиёбонҳои сарсабзу сояпӯши Душанбе бофароғат қадам мезанем, аз файзи истиқлоли кишвар, аз озодии нисбие, ки насиби ин миллати ҷафокашида шудааст, саодатмандона шукр мегӯем. Чунки ҳамагӣ 19-20 сол пеш дар ҳамин хиёбонҳо, балки дар саросари ин сарзамин, ки Тоҷикистон ном дорад, номи истиқлол вуҷуд надошт, кишвар пур аз мардумони бегона буд ва зимоми ҳукуматдорӣ дар дасти онҳо буд ва аммо мардуми таҳҷоӣ неъмати бузурги Исиқлолро эҳсос намекарданд. Бештарини мардумро ба шевае тарбия карда буданд, ки худ ба истиқлол душманӣ меварзиданд, воқеан бозмондагони ин табақа ҳанӯз ҳам дар ҷомеаи мо ба сар мебаранд.

Аммо мардоне буданд, ки хеле барвақт ормони истиқлолро ба сар мепарварданд ва барои расидан ба ин армони бузург тарҳҳое мекашиданд. Ҳамин тоифаи рӯшанзамиру асилзода бо фаро расидани фурсати муносиб аз истиқлолу озодӣ садо баланд мекарданд. Аммо дар ин миён устоди арҷманди мардуми озодихоҳу истиқлолталаб Тоҳири Абдуҷаббор гоҳе танҳо ба танҳо бо гурӯҳҳои қудратманду мансабдор, ҷоҳталабу худфурӯхта, ки бештаринашон зимоми қудрати ин миллатро ба даст доштанду аммо бар хилофи озодиву ормони мардуми кишвар амал мекарданд, мубориза кардааст ва ҳамеша аз зимомдорони давр таҳқиру тавҳин, сарзанишу маломат ва бадбиниву хусумат дидааст. Мо бояд ба ин қарина тан бидиҳем, ки дар кишваре чун Тоҷикистон, ки бештарини мақомдорону мансабдоронаш тобеъу фармонбардори бегонаҳоянд, як марди огоҳу мубориз ва қотеъу сарсахт дар ҷодаи муборизаи истиқлолхоҳӣ ҳатман ба ин ҳолат гирифтор мешавад. Вагарна шахсияте чун Тоҳири Абдуҷаббор дар кишварҳое ба мисли Гурҷистону Арманистон ё кишварҳои дигар ҳатман ба пояи қаҳрамони миллӣ нишонда мешуд.

Онҳое, ки имрӯз бовиқор такя ба курсии истиқлоли Ватан задаву лофи истиқлолхоҳӣ мезананд, дар гузаштаи на чандон дур – 18-19 сол пеш ҳамагӣ саросар ба Тоҳири Абдубор барои муборизаи истиқлолхоҳиаш душманӣ меварзиданд. Чаро ки инҳо он замон ва имрӯз ҳам парвои истиқлол надоранд. Инҳо танҳо як Худо ва як қибла доранд – онро аълоҳазрат мансаб мехонанд. Вагарна ҳамаи онҳо медонанд, ки муаллифи **Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистон** Тоҳири Абдуҷаббор аст.

Акнун ки ба ҳар сурат Тоҷикистони азиз ба истиқлоли нисбӣ расидааст, ҳангоми эҷоди як ҳукумат ва давлати тавонманд ва ҷомеи меҳандӯст, миллати боҳушу эҷодкор фаро расидааст. Ҳоло зимоми ин кор то ҷое ба дасти давлатмардон ва мардуми рӯшанфикр аст, агар онҳо дар ин ҷабҳа гомҳои арзишманде мегузоранд, ба манфиати миллат ва кишвар аст. Дар акси ҳол, номашонро ба некӣ ёд нахоҳанд кард. Ин масъулияти таърих аст, ки дар оянда ҳукми худашро хоҳад бароварда.

Ҷойи афсӯс аст, ки дар ин ҳангом устоди донишманду фозил Тоҳири Абдуҷаббор ин дунёи пуршарру бебақоро падруд гуфт. Дар ҳоле ки метавонист боз ҳам бо андешаҳои хеле арзишманду кордеҳаш ба ин раванди тозаи эҷоди Тоҷикистони нав хидмат кунад.

Аслан ҳадафи дӯстони устод Тоҳир – аз хориҷ ба дохили кишвар овардани ӯ, истифода аз донишу маърифати беназираш ба манфиати кишвар ва насли ҷавони тоҷик будааст. Мо шоҳид ҳастем, ки ҳатто дар як муддати кӯтоҳ андешаҳои арзишманди ин ҷомеашиноси беназир дар миёни мардум ва ҳатто сиёсатмардони кишварамон пайрав пайдо карданд ва чанде аз онҳо ба барномаҳои мукаммали ҳукумат табдил шуданд. Қоидаи дунё ҳамин будааст – донишманде мегӯяд, мақомдоре онро аз номи худ амалӣ мекунад. Вале дар ҳар сурат ин раванд ба манфиати миллату кишвар аст.

Маҷмӯае, ки дар даст доред, пораҳое аз андешаҳои мардуми ватандӯсту огоҳ, бедордилу асилзодаи ин миллатанд, ки дар ҳар лаҳзае дар иртибот ба устод Тоҳири Абдуҷаббор баён шудаанд. Ҳамчунин дар ин китоб чанде аз мақолаву навиштаҳои ӯ гирд омадаанд, ки пур аз маърифат, дониш ва биниши хос ва роҳҳои бурунрафт аз мушкилот аз **Зовияи Тоҳири Абдуҷаббор** ба маърази ин ҷомеа вогузор шудаанд.

Устод Тоҳири Абдуҷаббор дар нахустанҷумани ҶМТ – Созмони Растохез, соли 1989.



ЭЪЛОМИЯ
ДАР БОРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ҶУМҲУРИИ ШЎРАВИИ СУСИЁЛИСТИИ ТОҶИКИСТОН

Шўрои олии ҶШС Тоҷикистон мутобиқ ба иродаи халқи Тоҷикистон, аҳкоми нормаҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, арзишҳои умумиинсонӣ, принсипҳои демократия ва ҳаққи худмуайянкунии миллатҳо, ба мақсади эҷоди давлати демократии ҳуқуқбунёд, таъмин намудани озодию комилҳуқуқи халқи тоҷик, ҳар фарди ҷомеа ва эҷоди заминаи мусоид барои пешрафту тараққии Тоҷикистон ба намояндагӣ аз ҳамаи сокинони ҷумҳурӣ эълон менамояд:

1. Ҷумҳурии Шўравии Сусиёлистии Тоҷикистон давлати мустақил ва соҳибихтиёр мебошад.

2. Сарзамини ҶШС Тоҷикистон ва ҳудудҳои он дахлнопазир ва ғайри қобили тақсим буда, бидуни иродаи халқ наметавонад тағйир дода шавад.

3. Тамоми сарзамини Тоҷикистон, фазои ҳавоию сарватҳои табиии он ба шумули замин, об, ҷангалҳо, конҳо ва ғайра, ҳамаи корхонаҳо, муассисаҳо, идораҳо, банкҳо ва инфраструктураи иқтисодию иҷтимоии дар қаламрави Тоҷикистон воқеъшуда моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Истифодаи сарватҳои табиӣ ва фаъолияти корхонаҳою муассисоти ҷумҳурӣ танҳо мутобиқи қонунҳои Тоҷикистон сурат мегирад.

ҶШС Тоҷикистон дар моликияти умумииттиҳодӣ саҳми худро гузошт ааст ва ҳақ дорад, ки аз он моликият, аз ҷумла аз хазинаҳои алмосу тилло ва захираи пулӣ (валютаи) хориҷии ИҶШС ҳиссаи худро дарёфт намояд.

ҶШС Тоҷикистон ҳамаи шаклҳои моликиятро таҳти ҳимоя қарор дода, баробарҳуқуқӣ ва рушди озодонаи онҳоро таъмин менамояд.

4. ҶШС Тоҷикистон бонки миллӣ ва силсилаи бонкҳои ихтисосиро таъсис намуда, мустақилона сиёсати андоз, қарз, нарху наво ва гумрукии худро танзим ва амалӣ месозад ва ҳам, агар лозим шавад, воҳиди пулии худро ҷорӣ менамояд.

Муассисаи олие, ки танзими системаи молӣ ва қарзро ба ӯҳда дорад, Бонки миллии ҷумҳурӣ мебошад, ки он танҳо ба Шӯрои Олии Тоҷикистон тобеъ аст. ҶШС Тоҷикистон ҳамчунон дар ташкил ва истифодаи буҷети худ комилан мустақил аст. Зимнан ташаккулёбии буҷетҳои маҳаллӣ ва давлатии Тоҷикистон «аз поин ба боло» сурат мегирад, яъне ҳамаи корхонаҳо ва муассисот як қисми даромади худро ба буҷети ҳамон маҳале месупоранд, ки дар он ҷо воқеъ шудаанд.

5. Давлати ҶШС Тоҷикистон сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро мустақилона тартиб, танзим ва амалӣ менамояд, дар интихоби шеваи зиндагӣ, роҳҳои тараққиёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии хеш, дар танзими муносибат ва робитаҳои байналмилалӣ комилан соҳибихтиёр мебошад.

6. ҶШС Тоҷикистон асноди мӯътабари ҳуқуқи байналмилалиро, ки муттакӣ бар арзишҳои волои умумиибашарӣ мебошанд, тайид ва эҳтиром намуда, қонунҳои худро бар асоси онҳо бо дар назардошти ирода ва манофеи халқ танзим месозад.

7. Қонунҳои Тоҷикистон дар саросари қаламрави ҷумҳурӣ нофиз мегардад ва барои ҳамаи сокинони он ҳатмӣ мебошад. Қавонин ва қарорҳои Иттиҳоди Шӯравӣ танҳо баъд аз тавассути Шӯрои Олии Тоҷикистон тасдиқ шуданашон, дар ҷумҳурӣ нофиз мегарданд.

8. ҶШС Тоҷикистон муносибати сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ҳамкориҳои илмию техникии худро бо ҷумҳуриҳои иттиҳодӣ ва дигар давлатҳои ҷаҳон бар асоси муоҳоидаҳо ва созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, ки бар асоси принсипҳои баробарҳуқуқӣ, эҳтироми мутақобила ва адами мудохила ба корҳои якдигар тартиб ва акд мегарданд, рушду тавсеа медиҳад.

9. ҶШС Тоҷикистон якҷо бо дигар ҷумҳуриҳои бародар, ки ҳамчунон давлатҳои мустақил ва соҳибихтиёр мебошанд, бар асоси як созишномаи ҷадиди Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сусиёлистӣ, яъне Иттиҳоди давлатҳои мустақил ва соҳибихтиёрро ташкил медиҳад.

10. Дохил шудан ба Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои (давлатҳои) Шӯравӣ ва берун шудан аз он барои ҳар як ҷумҳурӣ комилан ихтиёрӣ буда, бар асоси ирода ва майлу хоҳиши халқи ҷумҳурӣ сурат мегирад. Иродаи мардум дар ин бобат аз тариқи гузаронидани референдуми умумихалқӣ муайян карда мешавад.

11. ҶШС Тоҷикистон давлати демократии ҳуқуқбунёд буда, дар он тамоми қудрати давлатӣ ба халқ таалуқ дорад ва халқ онро (қудрати давлатиро) бевосита ва ҳам аз тариқи намояндагони худ амалӣ месозад.

Ҳамаи шаҳрвандони Тоҷикиисон (сарфи назар аз миллаташон) халқи тоҷикро ташкил медиҳанд. Халқи тоҷик соҳибихтиёр ва манбаи ягонаи қудрати давлатӣ мебошад. ҶШС Тоҷикистон давлати миллии халқи тоҷикро ҳимоя ва ҳифозат мекунад.

Дар ҶШС Тоҷикистон хеҷ гуна ҳизби сиёсӣ, созмон, ташкилот ва ё гурӯҳи иҷтимоӣ ҳақ надорад, ки қудрати давлатиро инҳисор намояд, ҳукуматро ба даст гирифта, болои халқ фармонравоӣ кунад.

Ҳукумати ҷумҳурӣ танҳо дар сурате қобили эътибор, қонунӣ ва босалоҳият маҳсуб мегардад, ки агар бо роҳи қонунӣ аз тарафи халқ, интихоб шуда бошад ва ҳамеша дар хидмати халқ, буда, иродаю хостаҳои онро амалӣ созад.

Ҳар гоҳ ҳукумати мавҷуда аз хислатҳои мардумӣ орӣ гардад, принсипҳои демократияро поймол намуда, иродаю манофеи мардумро ифода накунад ва ё умури давлатиро ба таври бояду шояд идора ва иҷро карда натавонад, дар он сурат халқ метавонад чунин ҳукуматро барканор созад ва ба ивази он ҳукумати дигареро, ки ҷавобгӯи хостаҳою армонҳои мардум бошад, интихоб кунад.

Тоҳири Абдуҷаббор – вакили мардум дар назди микрофони 6-и порлумони соли 1990, аз депутатҳо қотеона талаб кард, ки ба Лоиҳаи Истиқлолияти Тоҷикистон раъй бидиҳанд, вале ҳамагӣ раъйи мухолиф доданд. Ва пас аз як сол тарҳи пешниҳодии ӯ дар ***9-уми сентябри соли 1991*** *бидуни таҳрир ва ислоҳ чун* ***Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистон*** *пазируфта шуд.*

12. Ба манзури таъмин намудани демократия ва адолати иҷтимоӣ муқаррар мегардад, ки:

а) як нафар шаҳрванд ҳақ надорад, ки дар як вақт ба беш аз як шӯрои намояндагони мардум интихоб гардад;

б) як нафар шаҳрванд набояд дар як вақт мансабҳои давлатӣ ва ҳизбиро ишғол намояд. Ашхосе, ки ба мансаби давлатӣ интихоб мешаванд, бояд ғайриҳизбӣ бошанд (агар узви ҳизб бошанд, баъд аз интихоб шудан ба вазифаи давлатӣ бояд аз ҳизб хориҷ шаванд), то битавонанд манофеи тамоми мардумро ҳимоя кунанд, на иродаи кадом як ҳизб ё гурӯҳеро;

в) дар органҳои идораи давлатӣ, дар урду, Вазорати корҳои дохилӣ, Комитети бехатарии давлатӣ, дар системаҳои додгустарӣ (маҳкама ва прокуратура), маориф, маданият, илм ва дигар соҳаҳое, ки фаъолияти онҳо ба зиндагии тамоми аҳолӣ таъсир дорад, ташкилотҳои ҳизбӣ мамнӯъ мебошад.

13. Дар ҶШС Тоҷикистон органҳои қонунбарорӣ, иҷроия ва додгустарӣ аз ҳам ҷудо мебошанд. Органҳои додгустарӣ (маҳкама ва прокуратура) фақат тобеи қонун мебошанд ва бо риояти аҳкоми қонун ва адлу инсоф фаъолият менамоянд.

14. Прокурори Тоҷикистон аз тарафи Шӯрои Олии Тоҷикистон таъйин мегардад ва рияяту иҷрои қонунҳои ҷумҳуриро назорат менамояд.

15. Дар ҶШС Тоҷикистон урдуи миллӣ эҷод мегардад ва ҷавонони Тоҷикистон хидмати аскариро асосан дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон адо менамоянд.

16. Нерӯҳои мусаллаҳи Тоҷикистон (Урду, ВКД, КБД) аз сиёсат ва идеология комилан ҷудо мебошанд. Вазифаи муқаддас ва ягонаи урду муҳофизати Ватан аз ҳамлаю таҷовузи неруҳои хориҷӣ буда, истифодаи он бар зидди халқи ҷумҳурӣ қатъиян мамнӯъ мебошад.

Вазорати корҳои дохилӣ ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон ва тартиботи ҷамъиятиро ба ӯҳда дорад.

17. Ҳамаи шаҳрвандони Тоҷикистон, тамоми органҳои ҳукумат ва идораи давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ҳизбҳои сиёсию созмонҳои ҷамъиятӣ ба шумули ташкилотҳои динӣ мутобиқи аҳкоми Қонуни Асосӣ ва дигар қонунҳои Тоҷикистон кору фаъолият менамоянд ва таҳти ҳимояи қонун мебошанд.

18. Дар ҶШС Тоҷикистон ҳамаи созмонҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, динӣ ва ҳаракатҳои мардумӣ комилан баробарҳуқуқ мебошанд ва ба онҳо барои иштирок кардан дар умури идораи давлат имконияти баробар фароҳам оварда мешавад.

19. Ҳамаи шаҳрвандони Тоҷикистон ва шаҳрвандони дигар ҷумҳуриҳои иттиҳодӣ аз тамоми ҳуқуқҳо ва озодиҳои дар Қонуни Асосии Тоҷикистон ва асноди мӯътабари ҳуқуқи байналмилалӣ пешбинишуда, аз ҷумла озодии ақида, сухан, матбуот, митингҳо, роҳпаймоиҳо, гирдиҳамоиҳо, озодии дину мазҳаб ва иҷрои маросими динӣ, рафтуомади озод ба ҷумҳуриҳои бародар ва кишварҳои хориҷӣ ва ғайра бархӯрдор мебошанд ва ҳукумати Тоҷикистон рияяти онҳоро тазмин менамояд.

20. Ҳуқуқ ва масъулиятҳои шаҳрвандони кишварҳои хориҷӣ дар Тоҷикистон бар асоси созишномаҳо ва нормаҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунҳои Тоҷикистон муайян карда мешавад.

21. ҶШС Тоҷикистон рияяти ҳуқуқҳои граждани, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии намояндагони миллатҳою халқҳои ғайритоҷикро, ки дар Тоҷикистон сукунат доранд, таъмин менамояд.

ҶШС Тоҷикистон ҳуқуқ ва манофеи шаҳрвандони худ ва ҳамаи тоҷиконеро, ки берун аз қаламрави ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, ҳимоят карда, ба онҳо ғамхорӣ менамояд.

22. Ҳеҷ касе ҳақ надорад, ки афроди ҷомеаро бар хилофи қонун гунаҳкор, боздошт ё ҳабс намояд. Ашхосе, ки бидуни рияяти аҳкоми қонун, худсарона фармон содир мекунанд ва ё онро иҷро мекунанд ва ҳама онҳое, ки аҳкоми қонуниро бо тарзу шеваҳои ғайриқонунӣ ва дур аз ахлоқи инсонӣ иҷро мекунанд, шадидан ҷазо дода мешаванд.

Зимнан шаҳрвандони Тоҷикистон муваззафанд, ки талабу муқтазиёти қонунии органҳои салоҳиятдори давлатиро бидуни муқовимат иҷро намоянд.

23. ҶШС Тоҷикистон эҳёи фарҳанги миллии халқи тоҷик, расму ойн ва анъанаҳои неки таърихии онро таъмин намуда, истифодаи васеъ ва биломонеаи забони форсии тоҷикиро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъият тазмин ва амалӣ месозад.

ҶШС Тоҷикистон масоили марбути тараққиёти маориф, илм ва фарҳанги миллии худро комилан мустақилона ҳаллу фасл менамояд ва ба ҳамаи намояндагони миллатҳои ғайритоҷик, ки дар ҷумҳурӣ сукунат доранд, ҳаққи рушди озодонаи фарҳанги миллиашонро тазмин менамояд.

Ҳамаи ёдгориҳои таърихӣ ва арзишҳои маънавию осори фар-ҳангии дар қаламрави Тоҷикистон воқеъшуда моликияти халқи ҷумҳурӣ мебошад. ҶШС Тоҷикистон ҳақ дорад, ки осори таърихӣ ва фарҳангии миллати тоҷикро, ки ба мулкҳои дигар бурда шудаанд, ба халқи тоҷик баргардонад.

24. ҶШС Тоҷикистон сиёсати бетарафии фаъолро ихтиёр намуда, дар ҳеҷ гуна блокҳои ҳарбию низомӣ ширкат наменамояд. ҶШС Тоҷикистон худ силоҳи зарравӣ истеҳсол намекунад, аз дигарон онро намехарад ва намегузорад, ки дар қаламрави Ҷумҳурӣ силоҳи зарравӣ ҷойгузин шавад.

25. ҶШС Тоҷикистон тарафдори принсипҳо ва нормҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳаллу фасли ҳамагуна ихтилофот аз роҳи музокироти сиёсӣ буда, ҳуқуқ озодӣ ва истиқлолияти ҳамаи халқҳо ва кишварҳоро эҳтиром менамояд ва ба хотири сулҳу осоиш, дӯстию баробарӣ ва пешрафту тараққӣ дар саросари ҷаҳон талош меварзад.

26. Қонуни асосӣ ва дигар қонунҳои ҷадиди Тоҷикистон ва созишномаи ҷадиди Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ бояд дар асоси нукоти дар эъломияи мазкур зикршуда тартиб ва танзим шаванд.

Дар таҳияи лоиҳа инҳо ширкат варзиданд:

Х. Ҳамидов - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ҷонишини вазири адлия;

Т. Абдуҷабборов - номзади илмҳои иқтисодӣ, депутати халқи Тоҷикистон, ходими калони илмии Институти қувваҳои истеҳсолкунандаи АИ Тоҷикистон;

А. Холиқов - номзади илмҳои таърих, устоди ДДТ;

Ш. Юсуфов - номзади ипмҳои фалсафа, ходими калони илмии Институти фалсафаи АИ Тоҷикистон;

Х. Ҳабибуллоев - номзади ипмҳои физикаю математика, мудири шӯъбаи консерни "Хидмат";

Б. Мақсудов - номзади илмҳои физикаю математика, устоди ДДТ;

Р. Мусулмонқулов - доктори илмҳои филология, профессор, устоди ДДТ;

Б. Собир - шоир, депутати халқи Тоҷикистон;

С. Абдулло - номзади илмҳои филология, ходими илмии Институти ховаршиносии АИ Тоҷикистон.

Н.Зиёев - муаллими калони ДДОТ.

ТОҲИРИ АБДУҶАББОР

(Ҳолнома)

Тоҳири Абдуҷаббор (Ҷабборов Тоирҷон), 10-уми феврали соли 1946 дар деҳаи Ашти ноҳияи Ашти вилояти Суғд ба дунё омадааст.

Тоҳири Абдуҷаббор, файласуф, ҷомеашинос ва доктори илми иқтисод, бунёдгузор ва раиси нахустин созмони ғайрихукуматӣ дар Тоҷикистон – Ҷунбиши Мардумии Тоҷикистон – Созмони Растохез, вакили мардумии Шӯрои Олии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум буд.

Тоҳири Абдуҷаббор пас аз хатми мактаби таҳсилоти ҳамагонии деҳаи Ашт соли 1962 ба факултаи ҷуғрофиёи Донишгоҳи Омӯзгории Тоҷикистон дохил шуда, соли 1966 ин донишгоҳро хатм кардааст. Фаъолияташро пас аз хатми Донишгоҳи Омӯзгории Тоҷикистон нахуст дар Пажӯҳишгоҳи ботаника ва сипас дар соли 1968 дар Пажӯҳишгоҳи иқтисодиёти Фарҳангистони улуми Тоҷикистон идома додаст. Вай дар соли 1969 ба аспирантура дохил шуда, шурӯъ аз ҳамон сол дар Маскав дар Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии ФУ Иттиҳоди Шӯравӣ таҳсил кардааст. Соли 1974 дар мавзӯи "Масоили рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии Покистон" рисолаи илмӣ дифоъ карда ва сазовори унвони Номзади илми иқтисод шудааст. Сипас то соли 1976 дар Пажӯҳишгоҳи иқтисодиёти Фарҳангистони улуми Тоҷикистон кор кардааст.

Тоҳири Абдуҷаббор дар моҳи феврали соли 1976 бо роҳҳати Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии Фарҳангистони улуми Тоҷикистон ҳамчун мутахассиси соҳаи иқтисоди кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ ба Афғонистон ирсол шуда ба унвони тарҷумон ва мушовир дар сафорати Иттиҳоди Шӯравӣ дар Ҷумҳурии Демократии Афғонистон кор кардааст. Пас аз бозгашт аз Афғонистон дар соли 1980 дар бахши Иқтисоди мамолики Шарқи хориҷии Пажӯҳишгоҳи иқтисодиёти Фарҳангистони улуми Тоҷикистон фаъолияташро идома додааст. Дар соли 1983 дубора ба Афғонистон фиристода шудааст. Вай дар ҳамин давра дар баробари кор дар сафорати ИҶШС дар Афғонистон, солҳои 1985-87 дар Донишгоҳи улуми иҷтимоии Кобул ба тадрис машғул будааст. Пас аз бозгашт ба Ватан дар соли 1987 дар Донишгоҳи кооперативӣ ва Донишгоҳи Омӯзгории Тоҷикистон омӯзгор буд.

Дар соли 1989 то оғози ҷанги дохилӣ дар Шӯрои таҳқиқоти нирӯҳои истеҳсолкунандаи ФУ Тоҷикистон (СОПС) ба кори таҳқиқот пардохта ва ҳамзамон устоди арсаи иқтисодиёти кишварҳои дар ҳоли тавсеи Донишгоҳи тиҷорати Новосибирск дар Тоҷикистон кор кардааст.

Тоҳири Абдуҷаббор шурӯъ аз соли 1989 ҳамзамон дар фаъолиятҳои пинҳонии ҷунбиши демократӣ ва истиқлолхоҳӣ ба унвони созмондеҳ иштирок кардааст. Натиҷаи фаъолияти ӯ Созмони Мардумии Растохезро ба саҳнаи сиёсат овард, ки ҳукумат дар 21-уми июни соли 1991 ин созморо ба таври расмӣ номнавис кард. Вай дар солҳои 1990 сарварии Ҷунбиши Мардумии Тоҷикистон – Созмони Растохезро бар ӯҳда дошт, ки ин созмон дар мақоми давлатӣ касб кардани забони форсии тоҷикӣ ва ба истиқлолият расидани Тоҷикистон саҳми муҳиме доштааст.

Тоҳири Абдуҷаббор 25-уми феврали оли 1990 дар нахустин интихоботи рақобатии Тоҷикистон вакили мардумии Шӯрои Олии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум интихоб шуд. Вай дар давраи вакилияш дар порлумон ва оғози ҷанги дохилӣ фаъолияти гуногунсоҳа доштааст.

Устод Тоҳири Абдуҷаббор – корманди сафорати Иттиҳоди Шӯравӣ дар Афғонистон. Кобул – соли 1974.

Дар пайи шурӯъи ҷанги дохилӣ дар Тоҷикистон дар октябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон доир шуд, ки марҳилаи дигаре аз ҷанги дохилӣ ба дунболи он оташ гирифт. Тоҳири Абдуҷаббор дар қатори дигарон кишварро тарк кард ва ба хориҷ рафт. Дар соли 1993 Иттиҳоди опозисиюни тоҷик ташкил шуд, аммо бинобар сангаргириҳои ҷонибҳои даргир ва шурӯъи муқовиматҳои низомӣ, ӯ аз ҷабҳа канор рафт ва дигар на ба ҷанг ва на ба оштӣ ҳамроҳ нашуд. Вай дар фаъолияти минбаъдааш ба тадрису таҳияи китобу мақолаҳо машғул шудааст, ки баъзе аз онҳо ба нашр расидааст.

Вай дар муддати муҳоҷират чанде дар Русия, Эрон, Қирғизистон ва Қазоқистон ба сар бурдааст. Аз моҳи декабри соли 1992 то соли 1993 дар Маскав ва аз соли 1993 то соли 1996 дар шаҳри Теҳрон – пойтахти Ҷумҳурии Исломии Эрон ба сар бурда, дар бахши русии радиои ин кишвар кор кардааст. Соли 1996 аз Теҳрон ба Бишкек омад ва дар соли 1996 ба унвони доктори илми иқтисод дар Донишгоҳи гуманитарии Бишкек, баъдан мудири кафедраи иқтисоди байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии Қирғизистон, устоди Академияи молӣ ва иқтисодии Бишкек,

устоди Академияи мудирияти назди Президенти Қирғизистон ва ахиран профессори Академияи идораи давлатии назди Раёсати ҷумҳурии Қирғизистон фаъолият кардааст. Соли 2003-2004 дар мақоми профессори Донишгоҳи иқтисодии Алмаато кор кардааст.

Тоҳири Абдуҷаббор тобистони соли 2005 ба Тоҷикистон баргашт ва чанд муддат дар шаҳри Хуҷанд зиндагӣ кард. Соли 2006 ба Душанбе омад ва фаъолияти худро дар соҳаи таҳлилу тадқиқи масоили сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳагӣ идома дод ва навиштаҳои зиёде дар матбуот дарҷ кард. Моҳи сентябри соли 2007 дар Донишгоҳи байнулмилалии Тоҷикистон ба тадрис оғоз ва то охири умр фаъолият кард.

Дар охири соли 2008 бемории саратон дар чисми Тоҳири Абдуҷаббор аз худ дарак дод ва чанд муддат ба табобат машғул шуд. Дар ин миён боре ҳам бо мусоидати дӯстон барои табобат ба шаҳри Техрон рафт.

Тоҳири Абдуҷаббор дар 21-уми апрели соли 2009 дар зодгоҳаш деҳаи Ашти ноҳияи Ашт даргузашт ва мадфанаш дар ин ҷо қарор дорад.



Устод Тоҳири Абдуҷаббор – аспиранти Паҷӯҳишгоҳи ховаршиносии ФУ Иттиҳоди Шӯравӣ, с.1970.

Тоҳири Абдуҷаббор як шахсияти нодир, донишманд, фаъол ва мубориз буд ва дар таъриху зиндагии як давраи Тоҷикистон, он ҳам замони бозсосии сиёсати миллӣ ва эҳёгарӣ нақши рӯшане дорад. Бахусус, фаъолияти ӯ дар пешрафти илми муосир, созмондиҳии муборизаи миллӣ-озодихоҳӣ, раванди демократӣ кардани ҷомеи тоҷик, мақоми давлатӣ касб кардани забони форсии тоҷикӣ, ба истиқлолият расидани давлати Тоҷикистон ва сипас рушду таҳкими ҳукумати кишвар бо иштироки бевоситааш ва чопи назарияҳои хеле муҳимаш аз сӯи мутахассисон ва коршиносон арзишманд арзёбӣ шудааст.

Тоҳири Абдуҷаббор аз фарзандони сарсупурда ва озодаи миллат буд, ки ҳанӯз дар солҳои побарҷойии Иттиҳоди Шӯравӣ шиори истиқлолро медод ва ҳаракати озодихоҳӣ ва худшиносии миллиро сарварӣ кард. Замоне ӯ аз истиқлол мегуфт, ки ҳарфи истиқлол барои аксарият бегона буд. Ва ӯро барои ақидаи озодихоҳиаш маҳкум мекарданд. Ҳанӯз ҳам, вақте ки ҳукумат ба ҳарфаш амал кард, бархе аз доираҳои сиёсӣ аз гирифтани номаш ё ҳарос доштанд ва ё рашк мебурданд. Аммо сафҳаҳои таърих паёми Истиқлоли ин Ватан – Тоҷикистонро ба номи ӯ сабт кардааст.

Фаъолияти созмони мардумии Растохез дар оғози соли 1989 бо иштироки донишмандон ва рӯшанфикрони кишвар дар шакли махфӣ шурӯъ шудааст. Аммо дар соли 1989 ва ибтидои соли 1990 ба маҳзи бештар мардумӣ шудан ва махбубият касб кардани ин ҷунбиш дастгоҳи амнияти Шӯравии пешин дар пайи бадном кардани ин созмон ва роҳбарони донишманди он шуд. Аввалин ин буд, ки бархе аз донишмандон тахти фишори КГБ-и собиқ аз Растохез андаке канор рафтанд. Вале бо вуҷуди ин, дар нахустин интихоботи раҳобатӣ ба порлумон дар соли 1990 Тоҳири Абдуҷаббор тавонист бо шикаст додани рақиби худ ва он ҳам муншии Ҳизби коммунист, ба порлумон роҳ ёбад. Ва аз он замон марҳилаи дигари зиндагӣ ва фаъолиятҳои сиёсии Тоҳири Абдуҷаббор оғоз шуд.

Дар 24 августи соли 1990 ӯ ба порлумон тарҳи Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистонро пешниҳод кард. Порлумони он замон ба он тарҳ сад дарсад раъйи мухолиф дод. Аммо баъди як сол, вақте табаддулоти давлатӣ дар сатҳи Шӯравӣ пеш омад ва дигар ҷамоҳир истиқлоли худро эълон карданд, ҳамин порлумон низ роҳе дигар ҷуз қабули пешниҳоди истиқлолро надошт. Ва тарҳи пешниҳодии ӯ баъди як сол аз ҷевонҳои зери чанги Шӯрои Олӣ берун кашида шуд ва дар **9-уми сентябри соли 1991** бидуни таҳрир ва ислоҳи ҷиддӣ чун Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистон пазируфта шуд. Дар ҳамин сол вай ба унвони намояндаи порлумони Тоҷикистон ба порлумони Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ эъзом шуд ва дар кори он фаъолона ширкат кард, аммо бо пош хӯрдани ин Иттиҳод вай дубора ба Тоҷикистон баргашт ва фаъолияташро дар порлумони кишвар идома дод. Ӯ аз ҷумлаи иқтисоддон ва сиёсатмадороне буд, ки аз ҳарчи зудтар имзо шудани шартномаи нави иттифоқӣ, ки ба ҳаммаи ҷумҳуриҳо ҳуқуқи баробар бидиҳад ва аз кандашудани робитаҳои иқтисодӣ ҷилавгирӣ кунад, ҷонибдорӣ мекарданд. Аммо Шӯравӣ аз ҳам пошид ва ин созишнома ҳам ба имзо нарасид ва қариб ҳамаи ҷумҳуриҳои Шӯравии пешин дучори ҳараҷу марҷ шуданд ва имрӯз талош доранд, ки инфраструктураи худро дубора фаъол кунанд.

Таҳияи Аҳмадшоҳи
КОМИЛЗОДА

Устод Тоҳири Абдуҷаббор дар рӯзи Истиқлоли Тоҷикистон, чорбоғи Рӯдакӣ, 9 сентябри соли 2008.

БУЗУРГМАРДЕ ҒАМБЕМОР

Раҳматкарими ДАВЛАТ,
журналист

ФАРЗАНДИ СУЛОЛАИ ҒУРУР ВА ОЗОДӢ

Чаро дар беморхонаҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол рахте барои Тоҳири Абдуҷаббор нест?

ДАСТЕ, КИ ҚОНУНИ ИСТИҚЛОЛРО НАВИШТААСТ

Ҳавопаймои АН-24 ба оҳистагӣ ва мушкил осмони абриеро дар масири Душанбе-Хуҷанд мепаймояд. Як дӯсти халабонам зимни гусел гуфт, ин навъи ҳавопаймо бештар дар кишварҳои африкоӣ истифода мешавад ва аз ҷумла халабонони тоҷик низ он ҷо кор мекунанд. Андаке таҳаммул ва нигаронии маро аз ин суханонаш пай бурд, ки бадоҳатан афзуд: АН-24 дар душвортарин шароит ва «грунтовка»-е фуруд меояд, ки дигар ҳеч ҳавопаймо чунин имконеро надорад ва фурудгоҳҳои африкоӣ аслан ҳамин хел саҳроиянд.

Гуфтам, ки медонам, бо чунин «ҳавопаймое» дар ҳамчунин «саҳрое» дар наздикии шаҳри Кописо, маркази вилояти Кописои Афғонистон фуруд омада будам. Дар соли 2001 вақте Толибонро мезаданд.

Ва АН-24 ба оҳистагӣ ва мушкил, вале маро ба манзили мақсад, ба Хуҷанд расонд. Ба аёдати марде меравам, ки аз ӯ шунида будам: «Василаи расидан ба ҳадаф муҳим нест, муҳим расидан ба ҳадаф аст. Мунтаҳо ҳадаф бояд пок бошад, агар ҳадаф пок буд, василаи расидан ба он низ иншоаллоҳ пок ва ноолуда хоҳад буд». АН-24 имрӯз фақат тоҷику зангӣ (ҳабашӣ)-ро ба ҳадаф мерасонад…

Аз ҷодаҳои бороншустаи Хуҷанд мегузарам. Мисле ки чизеро мушоҳида намекунам, то ин ки ба дидори ӯ нарасам. Мардеро, ки бист сол боз мешиносам, бори аввал рӯи бистари беморӣ мебинам, аммо дастамро, ки мисли ҳамеша мефишорад, эҳсос мекунам, ки қуввати дасташ барҷост… Дасте, ки ҚОНУНИ ИСТИҚЛОЛ-и моро навиштааст. Ҳарки бихоҳад ва ҳарки не, чунин аст.

АГАР ИСТИҚЛОЛ БА ДАСТ НАМЕОМАД, ҶОИ МО СИБИР БУД

Баъди андаке фурсат, чуръат мекунам бигӯям: Устод, ҳукумат ба ҳарфи шумо амал кард. Гуфт: Чӣ кард? Гуфтам: Бо пуштибонии Раиси

ҷумҳур, порлумон дар қонунгузорӣ ислоҳот ворид кард, ки тибқи он Роғун, ТАЛКО ва Норак моли истисноии давлати Тоҷикистон эълон шуданд. Ва инро се соли пеш танҳо шумо бачуръат ва сароҳат эълон карда будед, ёдатон нест? Гуфт: Ин мард, кори зиёде мекунад, агар вокеъан дар рӯ ба рӯи мушкил қарор бигирад. Шумо аз вокеъиятҳо натарсед. Ин баҳсу рӯёрӯиҳо дар мавриди истифодаи обу сохтани ниругоҳҳо ҷои нигаронӣ надорад, агар пештар ба миён меомаданд, Роғун зудтар сохта мешуд. Шумо ӯро таърифи зиёд накунед, танқид ҳам накунед.

Ман намехоҳам ӯро ба сухан гуфтани зиёд водор кунам, чун мебинам, сухан гуфтан барояш бисёри бисёр мушкил меояд. Аммо мегӯяд ва ҳар ҳарфаш ҳикмат аст, ки албатта беш аз дах дар сади онро наметавонам дар дафтари хотира ҳифз кунам, аммо рӯи коғаз навиштани онро боз ҳам ҷуръат намекунам. Ӯ мегӯяд: ҳар касе ҳанӯз ҳам агар эътирозе дорад, бигӯяд, ман кадом вақт, дар кадом макон, дар кадом ҳолат ҳарфи ғалат ва ё дурӯғ гуфтам, омодаам бипазирам. Вале чунин коре накардаам, аввалин ҳарф ва талошамон ин буд, ки гуфтем, бояд истиқлол дошта бошем – магар ғалат буд?! Ҳар ки даъво дорад, пеш биояд ва бигӯяд, ки кори нодурусте буд! Ва ба ту гуфта будам, ки истиқлол, яъне чӣ ва чаро мо мехостем истиқлол дошта бошем…

Бале, касе, ки аввалин тарҳи Қонуни истиқлолро менависад, таърифи онро низ дорад ва он ин аст: **«Истиқлол, яъне зистан ба қонуни навиштаи хеш. Вақте инсон ба қонуни навиштаи дигарон зиндагӣ мекунад, истиқлол надорад!»** Ва тамоми талоши мо барои навиштани қонуни Истиқлол барои зистан ба хости худ буд, на чизи дигаре.

Дар миёнаҳои соли 1989 тарҳи Эъломияи истиқлолияти иқтисодии Тоҷикистонро дар рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» нашр кард, ки албатта аз сӯи порлумон бандҳое аз он пазируфта шуд, вале ба сурати комил қабул нашуд. Дар 24 августи соли 1990, акнун вақте ки вакили мачлис, яъне Шӯрои Олии Тоҷикистон буд, ба сароҳат се намуна аз Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистонро пешниҳод кард. Тарҳи севвуми Эъломияи ӯ, ки дар ҳоли рост истодан дар назди микрофони шаш эҷод шуд, иборат аз як банд буд. Ва он ҳам иборат аз як ҷумла ва ин: **«Тоҷикистон давлати мустақил ва соҳибихтиёр мебошад»**. Акнун мегӯяду механдад, вале он замон мегирист, ки аз 216 вакили порлумон ҳамагӣ ба ин пешниҳод раъйи мухолиф дода буданд. Ҷолиб ин аст, Аслиддин Соҳибназаров, Акбари Турачонзода, Ҳайдаршоҳ Акбаров, Абдулло Ҳабибов, Бозор Собир, Акбаршоҳ Искандаров ва Қадриддин Аслонов, ки ба зери Эъломияи истиқлол имзо гузошт, низ дар он ичлос ҳузур доштанд (Нурулло Ҳувайдуллоев ҳам, ки аз ӯ бархе расонаҳо қаҳрамони қонуннавис метарошанд). Муаллифи пешниҳод то назди курсии худ расид, ки депутати ҳамсояш ба ҷои ӯ тугмачаи «нет»-ро пахш кардааст.

Аммо мегӯяд: Талоши мо барои озодӣ буд, ки ба он расидем. Ормони мо истиқлол буд – ба он даст ёфтем. Мо озодихоҳ ва истиқлолталаб будем, на мансабталош ва ба ин ормон низ расидем. Мо медонистем, ки агар талошҳои мо ба шикаст бирасад, агар истиқлол ба даст наояд, чои мо Сибир хоҳад буд. Мо инро медонистем ва барои ин омода будем…

Дар воқеъ, агар истиқлол ифтихоре дорад, ки ҳатман дорад, қабл аз ҳама **ифтихори истиқлоли Тоҷикистон ба номи Тоҳири Абдуҷаббор бармегардад. Дер ё зуд ин ҳақиқатро эътироф хоҳем кард.**

ТАРҶЕҲИ ЗИНДАГИИ МУШКИЛ БАР ШАҲРВАНДИИ ҚИРҒИЗИСТОН

Аз Хуҷанд ба Душанбе меоем ва бояд баъди як рӯз дӯстоне, ки масъулият доштанд устодро рӯзи душанбе, 30 март дар шифохона бистарӣ кунанд, занг мезананд. Гуфтанд, шӯъбаи марбута дар таъмир аст ва касе масъулияти дар беморхона хобондани ӯро ба дӯш намегирад. Вале ваъда супурдаанд, ки фардо... Ин суханон маро маҷбур мекунад, ки сӯҳбатҳои ду ҳафтаи қаблро, ки ба аёдати эшон рафта будам, таъкид кунам. Он вақт Устод бештар сари ҳол буданд ва ҳарфашон қобили шунидан ва фаҳмидан буд.

Гуфтам: Бархе аз ҳамватанони мо, ки тӯли ҷанги дохилӣ муҳоҷир шуданд, дар талоши ёфтани зиндагии осонтар табаияти кишварҳои дигарро пазируфтанд. Касеро намешиносам, ки аз ин имкон то кунун сарфи назар карда бошад, балки барои ин кор вақт ва пул низ сарф мекунанд. Магар боз ҳам шумо, Устод… Беҳтар набуд, ки ҳамон шаҳрвандии Қирғизистонро мепазируфтед?

Устод гуфт: Дар Академияи хидмати давлатӣ ва қабл аз он дар Донишгоҳи байналмилалии гуманитарии Бишкек, мудири кафедра будам ва ростӣ борҳо чунин пешниҳоде шуд. Дар имтиҳоноти давлатӣ, маъмулан муовини сарвазир, раиси Бонки миллӣ, вазири молиёт ва иқтисод раисони комиссиюн буданд, ё дар донишгоҳ ҳамин тур дарс мегуфтанд ва ҳам муовини сарвазир ва ҳам дигарон ҳамеша исрор мекарданд ва мегуфтанд, ки шумо фақат як ариза бинависед, халос. Ҳатто боре бисёр исрор шуд ва гуфтанд, хуб, нанависед, онро менависанд, шумо имзо гузоред.

– Мегузоштед, устод, як имзо будааст-да. Агар Шведсия ё Олмон намефиристоданд ҳам, дар беҳтарин шифохона табобат мегирифтед, беҳтар аз шаҳрвандии Тоҷикистон набуд?

– На, ин корро накардам, он гоҳ маънои зиндагӣ ва талош барои истиқлол ба сифр баробар мешуд.

ВАЗОРАТИ НАБИЕВРО НИЗ НАПАЗИРУФТАМ

Ронандаи таксие, ки аз ӯ хоҳиш кардем моро ба соҳиле аз Сирдарё бирасонад, то дар пасманзари он мусоҳибаи Зиннатуллоҳи Исмоил бо

Начмиддини Шоҳинбодро барои Симои мустақили Тоҷикистон сабт кунем, раҳорах ба мо манзараеро нишон дода ва мегуфт, ки ин фазендаи Қосим Қосимов аст.

– Кист ӯ, – суолаш мекунам ва ӯ ҳайрон мешавад ва мисле ки ба истилохи як дӯстам ман Рӯдакӣ ё Фирдавсиро нашинохта бошам, каме нороҳат низ мешавад. Вале боз хам мегӯяд: Ҳа вай, раиси собиқи вилоят.

Ман тааҷҷуб мекунам ва мепурсам, ки наход ин хама дар номи ӯст?

– Намедонам, албатта дар номи худаш набудагист.

– Вале аз ӯст?

– Хуб… намедонам, – коил мешавад ӯ.

– Ӯ аз Тоҳири Абдуҷаббор ҳам бузургтар аст, – боз ҳам мепурсам аз ӯ?

– Абдуҷаббор кист? – мепурсад аз ман.

– Ба назари ман, бузургтарин сокини шаҳри шумо...

– Ҳа, вай касо, пеш вақто буданд, вақти ҳукумато ба… ун вақто ин корҳо намешуд.

– Чӣ корҳо?

– Хуб, хайр…

Ҳамин ҷост, ки шоир ба кӯмакам мешитобад, вагарна посухи хамаи ин суолҳоро ман худам бехтар аз ронадаи хуҷандӣ медонам:

Фалак бо мардуми нодон диҳад зимоми мурод,
Ту аҳли донишу фазлӣ, ҳамин гуноҳат бас.



Устод Тоҳири Абдуҷаббор, акси соли 2008.

Ва ин ҷост, ки боз хам қиссае аз сӯҳбати қаблии Устод ёдам меояд: «Чанд бор Набиев, билофосила баъди раиси ҷумҳур шуданаш, одам фиристод, ки наздаш биравам, вазифа медиҳад. Нарафтам, гуфтам, ки меравам, вале нарафтам. Билохира, ӯро чанд бор мулокот кардам, ваъда мекардам, вале нарафтам. Билохира, дар ҳамон рӯзе, ки мардум ба пуштибонӣ аз вазири дохила дар назди қасри раёсати ҷумҳурӣ ҷамъ шуда буданд, ман иттифоқан ба назди ӯ мерафтам.

– Чаро?

– Ман пештар фикру пешниҳодҳоямро баъди омадан аз Маскав ба ӯ ва Кенчаеву Ҳаёев гуфта будам ва медидам, ки авзоъ бадтару бадтар мешавад, мехостам дар бораи авзои иқтисодӣ ва сарнавишти он пешниҳодоте, ки карда будам, бифахмам.

Аммо Набиев, баробари дидани ман дар утоқи кораш, чашмонаш дурахшид ва аз ҷояш баланд шуд ва гуфт, ки «О, мардак, кучо-ба мегардӣ, о, вазифата гир, мондагиша дигаро-ба тием». Билохира чиддитар гуфт, ки вазорати якҷояшудаи иқтисоду молияро қабул кунам. Гуфтам, ки фикр

мекунам, Шумо, ки ҳоло мардум пушти даратон омадаву чамъ шудаанд, ба пурсишҳои онҳо посух дихед, баъд дар масъалаи вазифа фикр мекунем, вале қабул накардам…

– Чаро қабул накардед?

– Зеро ки омадам ва бо худ андешидам ва ба натиҷа расидам, ки ман ба танҳоӣ дар ин низом коре карда наметавонам, зеро аввалан низомро мебоист дигар кард ва тамоми масъулияти ҳукумат ба дӯши бахши иқтисод мешуд ва ман як вазири масъул, аммо бесалоҳият мешудам, зеро Набиев гаравгони дасти дигарон шуда буд.

Гуфтам, ки устод, мутмаинан Бобозода ва Наҷмиддинов то "пенсия" рафтанашон, ҳатто рӯйхати китобҳои хондаи шуморо наметавонанд кориазёд кунанд, вазир шуданду Шумо наметавонистед? Ё Шумо кучову ҳамин Қосим Қосимов кучо? Тавонист-ку?

– Виждон низ бояд дошт… Чиро тавонистанд?!

Вақте ӯ боз ҳам ҷиддӣ мешавад, ман посухе намеёбам… Қосим Қосимов кучову Тоҳири Абдуҷаббор кучо?

ТОҲИРИ АБДУҶАББОР ВА КАРИМ АБДУЛОВ

Як дӯстам аз ман барои нашри матлабе дар мавриди фаъолияти корхонааш, ки гуфтаанд, кораш шаффоф нест, нороҳат шудааст. Гуфтам, ҳақиқат болотар аз ӯст. Аммо дар се соли пеш Устод мақолае навишт, зери унвони **"Роғун бояд моли давлати Тоҷикистон бошад"** ва аз мавқеъи ҳамин дӯсти ман ва корхонаи ӯ низ ҳимоят карда буд. Дӯстамон хеле хушҳол буд, аммо қиссаи нашри мақоларо намедонист. Акнун барояш мегӯям ва барои шумо низ: – Карим Абдулов баъди ин мақолаи Устод мақолае фиристода ва гуфтааст, ки "аз суханони Тоҳири Абдуҷаббор бӯи фитна ва нооромии солҳои навад мерасад" ва назири ин иттиҳом ва тавҳинҳое. Акнун одамон пул медиҳанд, ки мақолае муқобилашон нашр нашавад, аммо ин суханро устод шуниданд ва он замон ки дар Хуҷанд буданд, ба ман телефон заданд ва гуфтанд, ки ба хонум бигӯед, ҳатман он суханони Абдуловро нашр кунад ва ҳар матлаби дигаре, ки дар муқобили ман навишта мешавад. Гуфтам: Устод, шуморо тӯҳмат кардаанд, чӣ тур мешавад? Гуфт: шарти озодии баён ҳамин аст. Боз афзуд, ки медонӣ Балзак чӣ гуфта? Гуфтам – не…

Ва вақте мақолаи Карим Абдулов нашр шуд, ки мегуфт, «монед, Роғунро Русия созад, о пушт карда Русия-ба намебаранд-ку…»

Фақат дар як моҳи пеш, вақте Мачлиси Намояндагон бо пешниҳоди ҳукумат Роғунро моликияти истисноии давлат эълон кард, ман бори дигар такон хӯрдам ва шефтаи фаросат, ҳушмандӣ ва ақлу донишу ҷасорати худододи Устод шудам. Бори дигар ба ҳақиқати Тоҳири Абдуҷаббор расидам, ки эътиқод дорад ҳақиқатро дарк кардан кори сода нест. Ва

барои он ки ҳақиқати Тоҳири Абдуҷаббор маълум шавад, дар воқеъ, замоне Маҳкамов дар муқобилаш зарур буду, баъд ҳам Абдулов, он гоҳ дар қиёс ӯро хоҳем шинохт. Мисле ки замоне ҳамшаҳрии ӯ дар порлумон, Ҳувайдуллоев зимни барасии масъалаи интихоби президент дар порлумон ё дар Шурои олӣ бо хушунат сӯяш гуфт, ки мантиқ-мантиқ мегӯед, ҳамин мантиқро шумо танҳо медонед, ё мо ҳам медонистагистем? Баъд ҳама фаҳмид, ки интихоби президент дар порлумон мантиқ надоштааст. Ҳамин тавр не?

Воқеъан мо куҷову Тоҳири Абдуҷаббор куҷо...

Ту низ хонандаи азиз, мебахшӣ, вале ман танҳо ин ҳарфро аз ӯ шунидам, на аз каси дигар... На аз ман, на аз ту...



Дасте, ки қонуни Истиқлоли кишварро навиштааст, дар мушкилтарин лаҳза такяйе барои сари азизи соҳиби бузургвораш будааст.

ТОҲИРИ АБДУҶАББОР, РАҲИМ МАСОВ ВА ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИКИСТОН

Дар поёни тобистони соли 2000-ум устод Тоҳири Абдуҷаббор, ҳангоми дар муҳоҷират буданаш, бори аввал ба Душанбе омад ва пас аз зиёрат ва дидорбинии чанде аз бузургон ба дидани Раҳим Масов, муаллифи «Таърихи табартақсим» расид. Ману Аҳмадшоҳи Комилзода роҳбаладу ронанда будем. Масов баъди чанде ҳолпурсӣ гуфт, дидед натиҷаи истиқлолатона, барои ҳамин миллат чӣ даркор истиқлол? Тоҷикистон бояд як протекторати Русия бошад, бас аст. Маълум шуд, дигар бас аст, гуфт Масов. Комилзода асабонӣ шуду ба баҳонаи сигоркашӣ берун рафт. Асаби ман он замон оромтар буд ва чанде дигар шоҳиди сӯҳбати ду нафар будам.

Баъд, ки берун омадем, Комилзода оташин гуфт, ки устод, ин гуна шахсон қобили дидан нестанд, зиёрати онҳо раво нест, шумо моро куҷо овардед? (Ҳарчанд, ки мо дар хидмати ӯ будем ва ӯро мебурдем, аммо ин нидои тоҷикӣ буд. Агарчи Тоҳири Абдуҷаббор назди мо эҳтиром дорад, аммо мавриди сухан гуфтан, тоҷики ҳақиқӣ ҳарфи худро пинҳон намедорад...) Ва бо тамкине, ки хоси ӯст, Тоҳири Абдуҷаббор баъди шунидани эътирозҳои мо оромона гуфт, ки ин мард мудири Пажӯҳишгоҳи таърихи Тоҷикистон аст, марди бисёр боэҳтиром дар назди мардум ва давлат ва ман шуморо овардам, ки бо намунаи болобаланди зиёии Ватан ошно кунам... Мо чизе нагуфтем...

МАРДЕ, КИ АНДЕШААШ КОРОМАД, ХУДАШ НОДАРКОР ШУДААСТ

Имрӯз вақте дурӯғ мегӯем, шарм намедорем. Афсона мегӯем, ки истиқлол барои мо ҳадя шуд. Афсона… Аммо Устод мегӯяд, ки касе ин ҳарфро мегӯяд, ки ифтихоре аз истиқлол надорад. Боре пурсидам, ки Абдумачид Достиев дар ҷое навиштааст, ки Қонуни забон бо сарҷунбонии Маскав қабул шуд ва русҳоро гурезонд ва қабл аз вақт буд. Ӯ гуфт, ки ман намедонам, ки кӣ чӣ гуфта, вале касе ин ҳарфҳоро бояд бигӯяд, ки дар қабули Қонуни забон саҳме надоштааст ё мухолиф буда ва акнун танҳо роҳи худсафедкунӣ гуфтани чунин суханон аст.

Ман ҳайронам, ин ҷомеа кай аз Тоҳири Абдуҷаббор пештар меравад? Аз бист соли пеш як баҳс дошт, ки мустақил шавем ё нашавем? Ӯ гуфт, аз мустақил будан натарсед, мустақил шавед. Шудем, агарчанд ба истилоҳ талхаи баъзеҳо ба даҳанашон омад. Вале фаҳмидем, ки истиқлол чизи хубе будааст ва онро аз даст доданӣ нестем.

Ӯ гуфт, ки Артиши миллӣ бояд дошта бошем, гуфтем, ки касе ба марзи мо ҳамла карданӣ нест ва мо низ қасди ҳамларо надорем. Вале шоҳид будем, ки яке дар соли 1992 Сафаралӣ Кенҷаеви худамон сарвари лашкари аҷир ба сарамон ҳамла кард ва дар соли 1998 Маҳмуд Худойбердиев. Ва ҳарду ҳам аз Узбакистон… Акнун росттарин мард барои вазири дифоъамон Тоҳири Абдуҷаббор аст ва барои раисии Бонки мил-лии собиқи Алимардонов ҳам, ки шаҳди пули миллиро бештар аз дигарон дидааст… Зеро ақидаи нашри пули милиро низ қабл аз ҳама тавре гуфтем, устод Абдуҷаббор пешниҳод карда буд. Билохира, охирин баҳси мо сари Роғун ва Талко буд, ки ӯ расид ва низ наҳустин шуда, устод Тоҳир ҷуръат кард ва гуфт, ки бояд ҳарду моли Тоҷикистон боқӣ бимонад…

Ман тамоми рӯзнома ва нашароти то соли 1989-90-ро тагурӯ кардам. Вале аз як нафар ҳам нахондам, ки ба сароҳат гуфта бошад, Тоҷикистон бояд давлати мустақил бошад. Ба ҷуз ӯ. Азизон мебахшед, бо ҳама бузургиатон, аммо санаде дар номи касе ба ҷуз аз Тоҳири Абдуҷаббор сабт нашудааст. Пас **андешаи истиқлол ҳаққи ҳалоли ӯст. То ин муҳимро эътироф накунем, адолатамон ноқис хоҳад буд…**

ХУДО ҲОФИЗ, УСТОД

Боз ҳам Ан-24-и мо дар ҳоли шикофтани дили анбӯҳи абри тираи осмони Душанбест, ки ба замин нишинад. Мо фақат дохили ҳавопаймоpo мебинему абри печонида атрофи ҳавопаймо ва мусофирони дар таҳлукаро. Ин ҷост, ки дӯсти наворбардори мо бо нигаронӣ суол мекунад, лётчик заминро мебинад? Гуфтем, ки олимонамон дар ҳавои соф аз Душанбе то Регару Роғунро надиданду лётчикамон худост, ки заминро аз пушти абр мебинад. Шояд ба изтироби ӯ афзудем… Аммо Ан-24-и мо дар фурудгоҳи мисли дилҳоямон кӯчак ба замин мефарояд. Худоро шукр

мекунем, ки дар набарди абрпораҳо пирӯз ба замини пойтахти Тоҷикистони соҳибистиқлол нишастем, ба саломат. Дар ҳамин андешаам, ки Зинатуллоҳ гӯё суханони дили маро ба садо меорад: Худо Устодро низ дар паноҳаш нигаҳдор бошад. Муаллифи андешаи истиқлолро!

Бале, бузургтарин сокини шаҳри Хуҷанд, саромади андешаи истиқлолро… Агарчанде маълум мешавад, ки хуҷандиҳо ва мо низ ба қадри ин ифтихор намерасем.

Ин дам аз гушии телефон садои Наҷмиддини Шоҳинбод, ки аз ҷумлаи дӯстони қадимии устод Тоҳири Абдуҷаббор аст ва моро дар фурӯдгоҳ гусел карда буд ва акнун танҳо ҳамрозу таскини дили пурдарди ӯст, баланд мешавад: «Рафтеду хеле хавотир шудам». Ман бо ҳайрат пурсидам, ки чаро? Гуфт; «Баъди парвози ҳавопаймо фаҳмидам, ки мотори самалёти шуморо дар фурудгоҳи Хуҷанд дуздида ва ба ҷои он матори КамАЗ задаанд…»

Гуфтам, дар ин ватан агар самолётҳо бе мотор ҳам бипаранд, ман дигар тааҷҷуб намекунам…

Устод Тоҳир дар бистари беморӣ ба рағми дарди ҷонситон ҳамоно механдид.

Азиз **ХОШОК,**
узви раёсати ҶМТ-*Созмони*
Растохез

ЁРОНИ БЕАҲДИ РАСТОХЕЗ КУҶО ШУДАНД?!

ТАНИ ТАНҲО ВА ҲАМОНО УСТУВОР

Аз дӯстон фаҳмидам, ки Устод Тоҳири Абдуҷаббор беморанд, хеле мутаассир ва мутаассиф шудам ва ғамгин аз онам, ки бузургону сутургони миллати мутамаддини тоҷик то ҳанӯз ҳозир нестанд барои фузалову уқало ва хирадмандоне чун Устод Тоҳири Абдуҷаббор эҳтиром қоил шаванд ва хатто олимону донишмандони зиёде ҳам, ки дар оғози муборизаи озодихоҳӣ ва истиқлолиятҷӯйӣ бо Устод ҳамақида буданд ва воқеан афроду ашхоси миллатдӯст буданд, имрӯз аз Устод Тоҳири Аббдуҷаббор ва шогирдонаш дурӣ мечӯянд.

Устод Тоҳири Абдуҷаббор аз зумраи аввалин афродест, ки моҳияти ОЗОДӢ ва ИСТИҚЛОЛИЯТро бо чиддият дарк карда ва роҳи муборизаи онро ба мардуми тоҷик пешниҳод кард, вале ягон бор дар муборизаҳои худ касеро, гурӯҳеро, миллату қавми дигареро тавҳину таҳқир накардааст ва намекунад. Ӯ андешаву ақидаи худро ба касе бор намекунад, бисёр нарму возеҳу равшан ҳадафу максаду маромашро ба чониби дигар пешкаш мекунад.

Воқеият ин аст, ки Устод Тоҳири Абдуҷаббор фарзанди асили миллат аст ва барои миллат ранҷ мекашад. Дар замони истибдоди Шӯравӣ барои озодии миллат ҳарф задан кори осон набуд, вале Устод Тоҳир бидуни хавфу ҳарос аз вазифа ва мансабу ғайра барои озодии мо кӯшиш кардааст ва ҳанӯз ҳам барои равнақи Тоҷикистон кӯшиш мекунад.

Касе андешидааст, ки чаро чанд ҳизбе, ки бар асоси афкори ғайр арзи вуҷуд карда ва дар мулки мо то андозае маъруф шуданд, вале номи созмоне, ки комилан ҷанба ва андешаи миллӣ дорад, аз лавхи хотири мардум зудуда шудааст.

ДУШМАНӢ БО РАСТОХЕЗ ДУШМАНӢ БО ТОҶИК АСТ

Табиист, ки тамоми саҳюунистҳо бо тамоми нирӯ дар тамоми дунё маблағҳои ҳангуфте ба харҷ доданд, ки дар Тоҷикистон ба ҳич ваҷҳ ягон гуна ҳаракат, созмон, ташкилот ва ҳизб ё гурӯҳи соф тоҷикӣ вуҷуд надошта бошад, зеро ки ин гуна ниҳод метавонад боиси якпорчагии тоҷикони ҷаҳон шавад ва тири душманони ТОҶИК хок мехӯрд. Аслан, онҳое, ки иддао доранд, ки Созмони Мардумии Растохез созмони миллатгароист, сахт номаъқул мекунанд, зеро ки мағзи солим надоранд ва душмани тоҷик ва Тоҷикистонанд.

Ҳоло Устод Тоҳири Абдуҷаббор бемор аст, бемори шадид. Ёд дорам, вақте ки мардум дар майдон ҷамъ омаданд ва дар шаҳри Душанбе чанд рӯз роҳҳоро банд карданд, Устод Тоҳир ба раҳбарони майдон эътироз кард ва гуфт, ки ойини демократӣ чунин нест, ки мо роҳҳои ризқу рӯзии мардумро бибандем. Ӯ илова кард, ки дар саросари дунё мардум алайҳи баъзе иқдомоти ҳукуматҳояшон эътироз мекунанд, вале аз ду се соат бештар тазоҳурот намекунанд, агар мо ҳамин гуна роҳбандӣ кунем, тамоми мардуми Тоҷикистон аз мо рӯ мегардонад. Вале роҳбарони майдон, ки дигар худашонро хуҷаини комил медонистанд, Тоҳири Абдуҷаббарро бо хушунат аз раёсат ҷавоб доданд. Саранҷом ҳамон шуд, ки Тоҳири Абдуҷаббор пешгӯй карда буд. Бо роҳбандиву рафторҳои бехирадона Тоҷикистонро ба он ҷое расонидем, ки мебинем, маҳсули барои оқилу ҷоҳил ҳамон аст, ки мо дидему мебинем.

Дар он замони даҳшатбори табъизи нажодӣ, ки тоҷик дар хонаи худаш ихтиёроте надошт ва ба хотири як нафар ғайритоҷик ҳам бояд ҷалаасаи беш аз ҳазорнафара бо забони баходорони бузург мегузашт, устод Тоҳири Абдуҷаббор чун сафинае дар уқёнуси пурталотуми бепайдоканор бо рӯҳи болида гомҳои муҳкам ва амри росих сӯи қуллаи мурод – истиқлолият устувору мардона роҳ мерафт, зеро медонист, ки касе ба охири роҳ мерасад, ки роҳ биравад, касе ба мурод мерасад, ки кӯшиш кунад.

ПИНДОРИ НЕК, ГУФТОРИ НЕК, РАФТОРИ НЕК

Аввалин бор Устод Тоҳир баён дошта буд, ки мо бояд худамон «пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек» дошта бошем, аввалин бор ӯ даъват кард, ки мо бояд аз худии худ ва бо худии худ бошем, барои худамон зиндагӣ кунем, заҳмат бикашем, тафреҳ кунем, на барои дигарон. Ба қавли аллома Иқболи Лоҳурӣ:

Худо он миллатеро сарварӣ дод,
Ки тақдираш ба дасти хеш бинвишт.
Ба он миллат сару коре надорад,
Ки деҳқонаш барои дигарон кишт.

Имрӯз, Худо шоҳид аст, ки ормонҳои Устод Тоҳир амалӣ мешаванд. Бо шарофати истиқлолияти бадастомада Тоҷикистонро тамоми дунё

мешиносад. Барои ин истиқлолият Устод Тоҳири Абдуҷаббор чӣ қадар ранҷу озорҳо ва таҳқиру тавҳинҳоро таҳаммул кардааст ва то ҳанӯз ҳам, ки мо то андозае кишвари озоду мустақилем, баъзе нотавонбинҳо ба ин марди начибу шариф бо назари номатлуб менигаранд, хусусан онҳое, ки ҳоло неъматҳои моддии истиқлолро бештар мечаранд.

Пеш аз ҳама онҳо бояд аз Устод Тоҳир ва ҳамандешону ҳамроҳонаш миннатдор бошанд, вагарна аз хони Истиқлол манфиат бардоштанашон ҳалол нест – ба қавли халқ кӯрнамакист.

Устод Тоҳир як олим аст, як одам аст, як марди мардон ва шахсияти комил аст. Аз касе чизе тамаъ надорад! Касеро озор надодааст. Парвои таърифу тавсиф ва таҳқиру танқид ҳам надорад, агар касе камбудиашро гӯяд бо кадом лаҳне, ки гӯяд, механдаду хурсанд мешавад. Аз таъриф мегурезад. Ҳеҷ гоҳ дар бораи ҳеҷ кас сухани носазову нораво намегӯяд. Дурӯғгӯй ва чоплусиро бад мебинад. Бисёр шахси одӣ ва самимист. Тоҷики Тоҷик аст. Ҳеҷ гоҳ намепурсад, ки фалонӣ аз кучост, на ба миллат ва на ба маҳали касе коре надорад, бо ҳама баробар дӯстона сӯҳбат мекунад. Сӯҳбаташ ҳамеша пурмуҳтаво ва фозилона аст. Ҳамеша дар фикри рушди Ватан аст.

МУШОВИРИ ХУБ

Фикр мекунам, ки агар ба ҷои мушовирони иқтисодии Президент як сол кор мекард, манфиаташ ба миллат аз даҳ соли кори даҳҳо нафари дигарон бештар мерасид. Ҳар боре ки дар ниҳодҳо ва мақомоти

Устод Мӯъмин Қаноат бо Акбаршоҳ Искандаров, Азиз Хошок ва Ҳайдаршоҳи Акбар дар маросими ёдбуди устод Тоҳири Абдуҷаббор, 25 апрели соли 2009.

Ҳукуматӣ озмуне барои касби мансабу вазифаҳо доир шавад ва шахси фозилу лоиқе соҳиби мансаб гардад, хушҳол мешавад ва мегӯяд, ки Президент боз як ёрдамчии хуб ёфт, ки иншооллоҳ оянда рӯ ба беҳбудист.

Устод муваффақияти кишварро дар ҷалби ҷавонони фозилу хирадманд мебинад ва иқдомоти Президенти кишварро дастгирӣ мекунаду аз фасодзадагии ҷомеа бисёр ғусса мехӯрад. Фикр мекунам бемориаш аз ҳамин сабаб ҳам ҳаст, ки дар самти алайҳи фасод коре аз дасташ намеояд ва ҳамеша таъкид мекунад, ки мулки фасодзада обод намешавад.

Дарди дигаре, ки Устодро озор медихад, бемории маҳалгароии тоҷикон аст, ки тору пуди вуҷуди ҷомеаро сахт печонда гирифтааст ва як тоифа ба ҷуз аз маҳалли худ дигар ҷоеро намебинад. Аммо лоиқи ифтихор аст, ки дар атрофи Устод ҳамешазиёёни ростини ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон ҷамъанд.

Устод тундравӣ ва саросемагиро дӯст намедоранд, ҳамеша таъкид мекунанд, ки ҳар суханро санҷида гуфтан лозим ва ҳар амалро хуб омӯхта анҷом додан лозим, тундравӣ одамро ба хатокорӣ мебарад.

ҶОНИБДОРИ СУЛҲИ БЕМАНСАБ

Вақте ки масъалаи сулҳи тоҷикон ба миён омад ва шартҳои тарафайн пешниҳод шуданд, баъзе тундравҳо барои ба дастовардани мансабҳо талош мекарданд. Устод Тоҳири Абдуҷаббор (соли 1993) таъкид карданд, ман дар сурате ба санадҳои Сулҳ имзо мекунам, ки тарафҳо тоҷиккуширо бас карда, бидуни хеҷ гуна талаби мансабу шарту шурут сулҳи воқеии абадӣ банданд, вагарна агар сулҳ барои мансаб бошад, он хеле тӯл мекашад ва садҳову ҳазорҳо тоҷик аз ду тараф кушта мешаванд. Ҳамин тавр ҳам шуд.

Хислатҳои ҳамидаи Тоҳири Абдуҷаббор хеле зиёданд ва мо онҳоро пас аз солҳо ёдовар хоҳем шуд, зеро инсон дар зиндагиаш қадр надорад.

Бузургони хору зор бисёр дорем; Лоҳутӣ дар Маскав берун аз шаҳр хору зор:

Танида ёди ту дар тору пудам, Меҳан, эй Меҳан,
Бувад лабрез аз ишқат вуҷудам, Меҳан, эй Меҳан.
Ту будам кардӣ аз нобудиву бо меҳр парвардӣ,
Фидои номи ту буду набудам, Меҳан, эй Меҳан.

-гуфту танҳо ин олами фониро тарк гуфт.

Устод Улуғзодаро дар Маскав чанд бор дар бемориаш зиёрат кардам, ки вазъи хубе надошт.

Устод Тоҳир ҳам камтар аз онҳо нест! Миллатҳои дигар бо фарзандони Истиқлолҳоҳашон фахр мекунанд. Озодихоҳии Тоҳири Абдуҷаббор шабеҳи озодихоҳии Муқаннаъ, Абумуслим, Шерак, Пугачёв, Разину Восеъ ва ғайраҳост – на камтар ва инро бояд қадр кард.

Ростӣ, ҳақиқатҷӯйӣ, эътимод, хоксорӣ, инсондӯстӣ, меҳрубонии Тоҳири Абдуҷаббор дар мукоиса бо дигарон андоза надорад.

Ҳамин ва дигар хулқу атвори ҳамида Устод Тоҳирро водор ба он карданд, ки ба мисли Билл ва ҳуқуқи Инсон (1787) ба Ҳукумати Шӯроҳо эътироз кунад, ки ҳуқуқҳои миллатҳо ва инсонҳоро дигар поймол накунед, мардум ба озодии сухан, матбуот, гирдиҳамоӣ, озодии имону виждон, масунияти (дахлнопазири) шахсият ва дигар озодиҳо ниёз доранд.

Бо мурури замон ин андешаҳои Устод тамоми зиёиёнро фаро гирифт ва мардум рӯ ба озодии интихобот оварданд. Президенти ИМА Авраам Линколн 19-уми ноябри соли 1863 оиди интихоботи шаффофу озоди мардумӣ иброз дошта буд, «Ин Ҳукумати халқ (мардум) аст ва он аз мардум буда, барои мардум аст», ҳазорсолҳо ҳамин тавр бокӣ хоҳад монд. Тоҳири Абдуҷаббор мисли Томас Ҷефферсон (1743-1826) асосгузор, муаллифи Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистон аст, мардуми Амрико ва ғарби демократӣ бо Ҷефферсон ифтихор дорад ва демократҳои тоҷик ба даҳҳо шоҳа чудо шуда, аз Устод Тоҳир мегурезанд.

Устод Тоҳири Абдуҷаббор мисли Мартин Лютер Кинг ва Индира Ганди сахт зидди хушунат ва зӯроварист, вале ин гуна одам – шахсиятро дар ҷомеаи мо қабул ва эҳтиром намекунанд. Бояд зикр кунам, ки яке аз чеҳраҳои саршиноси дунё қаҳрамони секаратаи муштзанӣ, ки дини мубини Исломро қабул карда, бо ақидаҳои исломӣ зидди зӯроварӣ ва хушунат баромада, ба ҷанги зидди Ветнам нарафта зиндонӣ шуд ва ба бемории ниҳоят шадид гирифтор шуд, мардуми олам тавассути ахбори омма аз ин рафтори ӯ қаноатманд шуда, қаҳрамонро сахт дастгирӣ карданд.

Қадрдониҳои мардумони дигар аз бузургонашон барои мо тоҷикон низ бояд намунаи ибрат бошад, вале афсус миллати моро лозим аст, ки Устод Бозорро аз Амрико ба Ватан биёрад, Устод Қаноатро рӯйдаст бардошта қадрдонӣ кунем, Гулрухсору Баҳманёру Ҷонибеку ғайраро эҳтирому дӯстдорӣ кунем, зеро ки онҳо ифтихори миллатанд.

P.S. Пас аз чопи мақолаи Раҳматкаримии Давлат бо номи «Фарзанди сулолаи гурур ва озодӣ» вокуниши зиёде шуд. Ҳамчунин ҳаводорони андешаҳои устод Тоҳири Абдуҷаббор зиёд алоқамандӣ нишон доданд ва аз ин рӯ идораи нашрия тасмим гирифтааст, то хотироту андешаҳои шуморо доир ба кору пайкори ин абармард дар ҳар шумора мунташир созад, ки баъдан он дар шакли китоб дар хоҳад омад. Аз ин рӯ, аз ҳамаи онҳое, ки Тоҳири Абдуҷабборро мешиносанд ё назари хосе роҷеъ ба ҷойгоҳ ва андешаи ӯ дар ҷомеаи Тоҷикистон доранд, хоҳиш мекунем, то назароташонро барои нашр ба суроғаи идораи нашрияи «Миллат» ё пусти электронии millat@mail.ru, бифиристанд. Фақат ситоиш ва тавсиф шарт нест, шарт мунсифона будани матлаб аст.

Нашрияи «Миллат»



Зафар ***МИРЗОЁН,***
донишманд

АНДЕШАМАНДИ ВОРАСТАИ МИЛЛӢ

ҚАРЗИ ИНСОНӢ

Дар сафҳаи нашрияи «Миллат» акси Тоҳири Абдуҷабборро бо он чеҳраи ҳаста, ки шояд 10-15 сол аз умраш мусинтар битобад дида, солҳои бархурдамро бо ин шахсияти хориқулодда ба ёд овардам ва чизе дар бораашон гуфтанро қарзи як инсоне, ки ба Тоҷикистон ва мардумаш таассуб дорад, донистам. Аммо гуфтугӯ дар бораи Тоҳири Абдуҷаббор кори осон нест, зеро ӯро дидану дарк кардан бо дидаи равон мебояд ва бозтоби розу ниёзҳои шахсияте, ки бузургу кадхудои қавмаш аст, хеле мушкил аст. Ва гумони яқин низ мекунам, ки инсонҳое чун Тоҳири Абдуҷаббор кадом розу ниёзҳои ниҳоние надоранд. Ҷуз ростиву дурустӣ ва муҳаббату сафо ба Ватан, пайванди отифӣ ба сарнавишти миллати тоҷик, дигар ниёзи моддиву нафсие ба дили чунинҳо роҳ намеёбад.

Ба ҳар ҳол аз он кас пузиш хоста, мехоҳам таассуроте, ки дар бархӯрд бо ишон доштам, дар ин ҷо вогӯ кунам. Пешакӣ изҳор медорам, ки банда узви созмони Растохез набудам ва чун ба табиати мардуми тоҷики гумроҳу гирифтори ҷодӯи арабу турку муғулу рус, хубро аз баду ходимро аз хоин ташхис накунанда ошно будам, хешро аз ҳизбҳову сиёсатҳояшон канор гирифта, сукут пеша доштам.

ВОРАСТАМАРД

Аммо Тоҳири Абдуҷаббор дар рӯзи нахустини ба сӯҳбаташон мушарраф шудан, бо манишу рафтори вижа маро дар ҳайрат гузоштанд, ки олими риштаи иқтисод, бо ин сатҳи баланд ба забону адабиёти тоҷик, ториху фалсафаи милливу ҷаҳонӣ ворид аст ва метавонад озодона ҳарфи миллаташро бизанад.

Рӯзе, ки нахустин бор бо Тоҳири Абдуҷаббор бархурд доштам, дар Кобул буд. Соли 1983 аз тариқи кумитаи обуҳавошиносии Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳайси тарҷумон ба фурӯдгоҳи Кобул эъзом шуда будам. Пас аз ду-се моҳ кор карданам, ба Сафорати Иттиҳоди Шӯравӣ даъват шудам,

ки барои кори тарҷумонӣ ба он ҷо табдили ҷои кор кунам. Дар сӯҳбат бо масъули кадри Сафорат изҳор доштам, ки албатта дар Сафорати Иттиҳоди Шӯравӣ кор кардан шарафи бузург аст, вале ман майли кор дар мақомоти Сафорат надорам. Бароям идораи ҳавошиносӣ хеле мусоид аст. Масъули Сафорат, ки аз ин мухолифатам ҳайратзада менигарист, бо қаҳру таҳдид гуфт, ки «мо метавонем ба куллӣ Шуморо ба Тоҷикистон бозпас бифиристем». Дар посух гуфтам, «аҷаб аст, ки маро аз баргаштан ба ватан тарс медиҳед». Бо ҳамин, масъулони Сафорат ба сарнавишти он рӯзгори банда кор нагирифтанд. Чанд рӯз пас аз даъватам ба Сафорат, ба хонаам шахси ношиносе омада, хешро Тоҳир муаррафӣ кард. Он кас гуфтанд, ки «танҳо барои муайян кардани як масъала ба заҳмататон омадаам; аз рафиқон бохабар шудам, ки Шумо шомил шудан ба кори Сафоратро рад кардаед. Ҳоло маро барои кор ба он ҷо даъват кардаанд ва агар кадом носозгорие дар он вазифа вуҷуд дошта бошад, бохабарам кунед, то ман низ аз он сарфи назар кунам». Гуфтам, ки «на, баръакс дар сафорат кор кардан ифтихор дорад ва барои дар оянда гирифтани тавсифномаи боарзиш хеле хуб аст. Шумо дар пойтахт кор мекунед, вале банда аз мансабу унвону мақом даст кашидаму кадом тасмиме надорам ва дар деҳаи аз пойтахту шарру шӯраш дур зиндагиву кор мекунам. Ман зарурате дар худ намебинам, ки ҳар рӯз галстук баста, то шом назди он маъмурони ҳавобаланд рост истода, мутарҷимашон бошам». Он кас гуфтанд, ки «пас ман низ чунин кунам». Барояшон маслиҳат додам, ки бояд Шумо он ҷо кор кунед, зеро дар он мансаб метавонед ба чанд ҳамдиёронамон ёрӣ расонед. Вагарна он мансаб ба ягон озарбойҷонӣ, узбакистонӣ, ё гурҷистонӣ насиб хоҳад шуд. Ду-се рӯз пас назди ин ҳақир омада, барои зиёфат ба хонаашон даъват карданд. Дар меҳмонии онрӯза донишманди закӣ ва хорикулоддаи дигар, ҳамдарси журналистам, Ҳазрат Сабоҳӣ, ки чанд сол аст аз зодгоҳашон Самарқанд ба Ирон мувосилат кардаанд, ҳузур доштанд. Ва он сӯҳбати ба истилоҳ соҳибдилон поён надошт. Дар он рӯзгор бо Тоҳири Абдуҷаббор ҳар бор бархурд мекардам, бештар аз бори пеш ба дониш ва пайванди отифиашон бо сарнавишти мардуми тоҷик қоил мешудам. Бори дигар дар хонаашон бо як ҳаяҷони вижа мегуфтанд, ки аз дуконе навори магнитофонии шоири шаҳири Ирон, Аҳмад Шомлуро дарёфт кардааст, ки зери овои дардноки Шаҷариён, Хайёмро бо маҳорате худодод мехонад. Ҳангоми шунидани рӯбоиёти осмонии он фарзонаи даҳр, дар чашмонашон ашк медурахшид. Он дурахши ифтихор аз сеҳри забони аҳуроии тоҷикӣ буд.

РАСТОХЕЗ МУРҒИ ҲУМОИ СӮХТА

Пас аз хатми хидматӣ дар Афғонистон, фосилаи дидор дар Кобулу Душанбе панҷ сол бештар буд ва хотироти фаромушнашудании ман бо ишон моҳи март-апрели соли 1992 рух дода буд. Банда ба кори тиҷорат

шуғл доштам ва тасодуфан дар ошхонаи ба истилоҳ худхизматрасонии Шӯрои Вазирон бо ишон бархӯрд доштам. Гуфтанд; «кучоед, бародар, на хабаратонро дорем, на мақолае менависед. Маколае дошта бошед, бидихед, дар нашрияи "Растохез" интишор кунем». Гуфтам; «магар чунин нашрия ҳам ҳаст?». Дар миёни коғазҳоям навишторе доштам, ки унвонаш гузошта будам «Эй, тоҷик! Суруд ва парчами ту чун хоҳад буд?!» Он кас матлаби нигоштаамро, ки бо суханони "Эй тоҷик, эй ҳудкуши бародаркуши бегонапарвар! Эй, ҳазор сол ашкат рӯи мижгон, наметавонӣ аслро аз бадал фарқ кунӣ...», оғоз дошт, гирифтанд, то ба табъ расонанд. Баъдҳо он навиштор боис шуд, ки баъзеҳо дар он рӯзҳои хавлангез маро растохезӣ бигуморанд. Вокеан, дар мавриди вожаи растохез ин нуктаро мехоҳам ёдовар шавам, ки забоншиносони сиёсатзада дар он рӯзгор ончунон дурӯғ мегуфтанду менавиштанд, ки мушаххасоти он гуфтан надорад. Тоҳири Абдуҷаббор созмонро Растохез бад-он маънӣ унвонгузорӣ карда буданд, ки миллати тоҷик чун мурғи Ҳумои сӯхта, аз хокистари торих дубора зинда шуда, пар-паркунон ба парвоз дарояд. Ин маънии ҳамон худшиносии миллӣ ва истиклолияти давлатиро дошт. Иронинажодон ҳатто баҳори фасли солро ба рамз растохез гӯянд. Аммо кажнигорон ин вожаро танҳо ба рӯзи қоим шудани қиёмат, рӯзи маҳшар нисбат медоданд ва покбозиву баландназарии Тоҳири Абдуҷаборро ба лаҳни захрогину талх тафсири ғалат мекарданд.

Устод Тоҳир дар ҳамнишинӣ бо дӯстон. Теҳрон, 1996.

Инҷониб аз сӯҳбатҳо бо ишон дарёфта будам, ки дар сина дили як фархангии сатҳи олиро мепарваронанд, ки аз ашки як тифл ба дард меояд. Ҳамин аст, ки растохези миллии ӯ ва ҳамтоёнаш ҷанбаи дигаре ҳосил карда, мавриди истифодаи иртиҷоиёни минтақа гардид ва муковиматҳои сиёсӣ ба хамдигаркуштанҳо табдил ёфту кор аз кор гузашт ва то он ҷо ки ба назари банда расида, ишон ғами ҷонкоҳ хӯрда аз муковиматҳо канорачӯӣ ва ба сукут нишастанд.

БУЗУРГОН ҲАР КУҶО ОВОРААНД

Арзиши мардуме чун Тоҳири Абдуҷабборро на танҳо дар ин макону замон (ва дар Тоҷикистон) намедонанд, балки дар ҳама давру замон

чунин буду чунин хоҳад монд. Дар ин маврид Маҳдӣ Ахавони Солис, суратгари барчастаи Фаронса Ван Гогро ба ёд оварда, чунин гуфтори ҷолибе дорад: «Ҳоло медонед, ки рӯзгор он қадар бераҳм аст, ки он мард - Ван Гог пули сигору кирояи хона надошт, зан ё маъшуқааш бо ишора ба тоблуҳо (суратҳои кашидааш) мегуфт, ин ошғолҳо (партовҳо) чия мекашӣ. Касе намехарад, ки он ҷо анбор кардӣ, ҷоро бехудӣ гирифтӣ?! Ҳоло як тоблу беш аз чахор сад ҳазор дулор хироҷ мешавад. Ин ситам чи ситамест, ки рӯзгор бар ин ҷур мардҳо ҳамвор ва дар воқеъ ноҳамвор карда? Мисли Ҳофиз, ки мегуфт ва чи дардноку ҷигартарош: ТО ОБРӮ НАМЕРАВАДАМ, НОН НАМЕРАСАД. Эй вой, тфу бар даҳр! Ин чи ситамест, ки бар амсоли ман раво медоред?»

ҲАМА МЕДОНАД: КӢ АЗ КАДОМ БОМ АЗОН МЕХОНД

Акнун бисёриҳо худро дар ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ саҳим медонанд, вале мо ки ба ҷараёни иҷлосияҳо ва гуфтори вакилону вазирон пайваста таваҷҷӯҳ доштем, хеле равшанамон буд, ки чи касон аз кадом бом азон мехонанд. Як тараф асолатбохтагони русмаоб, як тараф вакилони аз қавм узбаки вилояти Ленинобод, дар самти дигар тарсухои эҳтиётқори ба ояндаи шӯравӣ эътимод дошта, дар паҳлӯяшон онҳое, ки ҳеч наметавонистанд дарк кунанд, ин истиқлолиятхоҳиву тоҷикпарастӣ барои чисту чи зарурияте барои мақоми давлатӣ бахшидан ба забони тоҷикӣ. Чанд нафаре мехост ба ҳама аз равзанаи дини ислом нигоҳ кунад. Аммо Тоҳири Абдуҷаббор чун як андешаманди миллӣ ва ҷасуру сарсупурда, дар ҷомеае, ки мушахассоташ гуфтан надорад, бо далоили қотеъ истиқлолияти сиёсиро талаб мекард. Тақозо дошт, ки нирӯҳои низомии дар Тоҷикистон қарор доштаи Иттиҳоди Шӯравӣ, яъне қитъаи 201-и он миллӣ карда шаванд, ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шавад ва амсоли он. Он кас Консепсияи ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистонро андешида, бар хилофи бисёре аз пажӯҳандагони иқтисоди сиёсӣ, ки бо шеваи шӯравӣ рокиду дар назди пажӯҳишгарони рус забун, вазъи иқтисодии Тоҷикистонро шинохтанӣ мешуданд, бо тозаҷӯиҳо дидгоҳҳои имрӯзаро ҳанӯз 19-20 сол муқаддам пешбинӣ карда буданд. Зеро ҳамеша мутолиа мекарданд, пажӯҳишҳо ва дастовардҳои пешрафтаро меомӯхтанд.

ТОҲИРИ АБДУҶАББОР ДАР СУРОҒИ СИМУРҒ

Хотираи равшани дигаре, ки аз Тоҳири Абдуҷаббор дорам, бароям хеле гиромист. Инчониб умрест ба мутолааи «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ сару кор дорам ва гаҳ-гоҳе чашмандози худро рӯи саҳафоти нашриҳо меоварам. Чанд сол пеш навиштори мо рӯи масъалаи барсохта будани афсонаи подоши «Шоҳнома» ба Маҳмуди Ғазнавӣ ва гумоне, ки

Ҳакими Тӯс ишорае дорад мабни бар он ки Симурғ сафинаест аз кайҳон омада, дар нашрияи "Миллат" ба табъ расида буд. Он кас намедонам аз кучо нумраи телефонамро пайдо карда гуфтанд, ки «чустори хеле чолибу тоза кардаед, вале дар мавриди кайҳонӣ гумон доштани Симурғ, кадом мадорике ҳаст?». Посух дода будам, ки «сухан бисёр аст, аз чумла Ҳаким Фирдавсӣ Симурғро МУРҒИ ХУРШЕД номидааст ва ғайра». Аммо чустори банда дар ин росто чизи дигар аст. Муҳим он аст, ки дар ин пурсиш бузургии Тоҳири Абдучаббор, чун як точики бо «Шоҳнома» ифтихор дошта, як донишие, ки дарахти маърифати худро пайваста парвариш дода, аз бандаи камхонда низ мехост чизе биомӯзад, ниҳон буд.

Яқин дорам, ки ин донишманди ворастаи камназир андешаҳои нобу вижаи зиёде доранд, ки ҳанӯз барои мутолааи ҳамватанон армуғон накардаанд.

Худованд умри бардавом бидиҳадашон ва беморие, ки дар пайкарашон пайдо шудааст, иншоаллоҳ ба зудӣ раҳояшон хоҳад кард ва истиқлолияти иқтисодии Ватан – ормони зиндагиашонро, бо чашми худ дида, дар ин ришта хидматҳои шоён хоҳанд кард.

*

Вазорати адлияи Тоҷикистон 21 июни соли 1991 ҶМТ – Созмони Растохезро номнавис кард. Аъзои созмон пас аз дарёфти шаҳодатномаи қайд дар назди ин вазорат. Акс аз нашрияи "Растохез-Дунё".№2, соли 1991.

Комил БЕКЗОДА,
файласуф

ЛАҲЗАҲОЕ АЗ ЯК АБАДИЯТ

Ангезаи навиштан ҳам ин шуд, ки устодро дар ТВ, дар ҳоли беморӣ ва дардмандӣ дидам. Чанд рӯз баъд, рӯзноманигори чирадаст Раҳматкарими Давлат мақолаи ҷононе дар рӯзноманг "Миллат" ба нашр расонид, ки аз ҳаёти устод қисса мекард. Хондам ва мутаассир шудам. Омили сеюм ин аст, ки дар вақти ҳозир имконияти ба аёдаташ рафтан надорам. Хостам, ки ба воситаи ин мақола-нома ин шахсияти озода ва ворастаи миллатро зиёрат кунам...

Мо якдигарро аз наздик кам мешиносем: Сӯҳбатҳои мо ҳамеша тасодуфӣ ва сарироҳӣ буд, вале аз нигоштаҳои якдигар бохабар будем. Устод роҳбари Созмони Мардумии Растохез буд, ки рӯ ба сӯи 6 млн тоҷик дошт. Ман роҳбари маҳфили фалсафии "Ҷаҳони андеша" будам, ки ҳамагӣ 6 узви фаъол дошту бас. Ман ҳеҷ гоҳ узви Растохез набудам. Устод Тоҳир ҳам боре дар маҳфили "Ҷаҳони андеша" ширкат накарда буд. Ҳаққи маънавие, ки дар навиштани ин мақола дорам, ин аст, ки устод равшанфикри миллат асту ман муҳаққиқи ҷараёни равшнфикрии муосир дар қаламрави Тоҷикистон. Ин ҳуқуқро барои ман ҳамаи конститутсияҳои навишта ва нонавиштаи миллӣ ва байналмилалӣ кафолат медиҳанд... Мехостам ин мавод ҳарчи зудтар чоп шавад, ки устодро аз фикру андешаи беморӣ ва дардмандӣ ба дур нигаҳ дорад. Ҳамин аст ҳадафи аввалу охири ин нома-мақолаи аёдатӣ...

ЛАҲЗАИ ЯКУМ

Бозсозӣ буд. Дар толори марказии Академияи Илмҳои Тоҷикистон (АИТ) баҳс аз забон мерафт. Толор дар табақаи дуюм аст. Толори китобхонаи Академия, ба номи Индира Гандӣ, дар табақаи якум. Дидам, ки одами бисёре ҷамъ омадааст, зуд ба китобхона шитофтам, ки адабиётро бисупорам ва ба толори маҷлисгоҳ бар гардам. Дар ҳамин ҳангом устод

Тоҳирро дидам, ки дар назди китобхона сигор мекашид... Саросемагии маро дида, пурсид: Оғо, чӣ шуда? Бо шӯхӣ гуфтам: гурӯхе аз мардум ҷамъ омада, забони тоҷикиро ба додгоҳ кашиданианд. Ҳандид ва гуфт: Аҷиб рӯзгоре. То аз китобхона баромадам, ки ӯ рафта буд. Ба табақаи дуввум баромадам. Устод дар қатори чаҳорум аз пеш нишаста дидам. Гуфтугӯҳо хеле ошуфта ва парешон буданд. Маркази мавзӯъ забон буд.

Як нафар зани ҷавони ғайриҷоник ба ҳама луқма мепартофт ва мегуфт, ки ин корҳои беҳуда (масъалаи забон) ба кӣ даркоранд. Сухани касеро гӯш намекард. Устод барои танзими баҳс ва ба сари эътидол овардани аҳли маҷлис чанд ҷумлаи зебое бо забони тоҷикӣ гуфт. Он зан дониста ва ё надониста, эътироз мекард ва ба раванди баҳс халал мерасонд. Чанд бор байни устод ва он зан муҷодалаи забонӣ анҷом гирифт. Чанд рӯз баъд ҳамон зан дар як рӯзномаи русизабон таассуроти худро аз ин мулоқот баён намуда, гуфтаҳои устод Тоҳирро ба таври ғалат нақл карда буд. Устод ҳам дар ҷавоб мақолае бо забони русӣ навишта, ба редаксияи ҳамон рӯзнома супорид, аммо онро чоп накарданд. Хеле асабӣ шуд... Дӯстонаш аз идораи "Садои Шарқ" маслиҳат доданд, ки ҳамон мақолаи русиро ба шакли муфассалтар бо забони тоҷикӣ нависанд. Навишт. Супорид. Чоп шуд. Хеле муфассал ва пурмӯҳтаво буд. Хаёл мекунам, ки аз ҳамон замон устод Тоҳир ба таври расмӣ ва фаъол ба ҳаракати равшанфикрии кишвараш пайваст. Ва ҳоло ҳам ин фаъолият давом дорад.

ЛАҲЗАИ ДУЮМ

Сухан дар бораи маҳфили "Диалог" меравад. Маҷлисгоҳи ин маҳфил дар қисмати шарқии шаҳри Душанбе (9 км-ДОК) қарор дорад. Роҳбари он устод Муҳиддин Кабирӣ аст. Боре ба яке аз роҳбарони маҳфил ба шӯхӣ гуфтам: Устод кордонӣ ва зиракӣ муборак. Дар байни ин ҳама калимаҳои зебои тоҷикӣ, арабӣ ва истилоҳоти фарҳангии ҳазорсолаи исломӣ шумо калимаи урупоии "диалог"-ро интихоб намудед? Ҳандид ва гуфт: Ана, дидед, мо ҳам "современний" шудагӣ...

Дар он нишасте, ки устод Тоҳири Абдуҷаббор ҳузур дошт, сухан дар боби ислом ва миллат мерафт. Аз рӯи мушоҳидаҳои шахсии худам касе таҳаммули шунидани сухани дигареро надошт. Ҳар кас дар пайи далеле буд, то сухангӯи пешинаро рад кунад. Устод Кабирӣ гоҳ-гоҳе бо лутфи хосе, ки доранд, ҳозиринро ба сабру таҳаммул даъват мекард. Ман дар рӯ ба рӯи устод Тоҳир қарор доштам. Чизе намегуфт. Чун ҳайкал ором, бо салобат, вале бо тугёни ботинӣ хомӯш менишаст. Бисёр гӯш кард. Таҳаммул намуд. Ҳамаи назокатҳои як меҳмони даъватшударо ба ичро расонд. Ахиран раиси маҳфил аз ӯ хоҳиш кард, ки агар чизе гуфтанӣ бошанд, марҳамат, ҳама гӯш мекунанд. Лаҳзаи мушкиле барои ҳамаи мо фаро расид. Чун ҳар касе бо тарзи худ тахмин мезад, ки устод Тоҳир чӣ хоҳад гуфт? Дар чӣ мавзӯе? Устод, дар ҳоле ки дар лаб табассум дошт, дар дил мегирист. Бо оромӣ ба ҳама арзи сипос кард. Иқдоми "Диалог"-

ро мусбат ва зарурӣ хонд. Ва дар ҳолате ки номи касеро ба забон намегирифт, ба саволҳо ва андешаҳои онҳо ҷавоб мегуфт. Аввалин иборааш ин буд: "Бародарон, таърих ба мо омӯхта, ки аз ҳар падида ва ҳодисае ибрат бигирем. Чунин ба назар мерасад, ки мо аз ҳаводиси наздиктарини кишвар ва миллати худ дарсе набардоштаем. Ҳоли моро бегонагон хубтар медонанд. Ин ҳолати ғайримантиқӣ аст. То ба кай чун Аҳмади порина бокӣ мемонем?"

Дар давоми сухан ин ҳама мушкилотро бо далелҳои гузашта ва ҳозираи таърихӣ ва ҷомеашиносӣ исбот кард. Касе чизе намегуфт. Ҷавобе надоштанд. Гӯё устод бо худаш гап мезад. Таҳлилҳояш бисёр ҷолиб ва навоварона буд. Мутаассифона, ман сабти онҳоро надорам ва шояд маҳфили "Диалог" дошта бошад...

ЛАҲЗАИ СЕЮМ

Аввалҳои бозсозӣ буд. Ҳама ба чизе умедвор. Ҳама ва ҳар касе ба тарзи худ дар талош буд. Аз ҷумла, фарҳангиён низ. Дӯсти шоирам Нафасбеки Раҳмонии Ишкошимӣ, ки баъд дар роҳи бозгашт аз Эрон дар Баҳораки Афғонистон бо дасти Ризвон ба қатл расид, китоби "Хатти саввум"-ро барои хондан ба орият дод. Нашри соли 1973, дар ҳаҷми 888 саҳифа. Муаллифаш равоншиноси муосири Эрон, доктор Носируддини Соҳибуззамонӣ буд. Дар назди бинои Институти Шарқшиносӣ бо ҷамъе аз дӯстон сӯҳбат доштем. Аз "Хатти саввум" ёд кардам (Ин китоб ба зиндагӣ ва осори Шамси Табрезӣ (1186-1248) бахшида шудааст). Устод Тоҳир бадоҳатан пораеро, ки маҳз ба "Хатти саввум" (муаммои сарбаста) будани шахсияти хеш (шахсияти Шамс) бахшида шудаст, айнан иқтибос кард... Мо ҳама тааҷҷуб кардем. Чун ин китоб дар Тоҷикистон дастраси касе набуд. Устод аз ин ҳоли мо илҳом гирифта, бо овозе мутантан пораи дигареро аз ёд хонд. Ин пораро:

"Бо фақеҳӣ розӣ машав. Гӯ бештар ва зиёдтар мехоҳӣ... Аз сӯфигарию орифӣ хам бештар. Ҳар чӣ пешат ояд, аз он зиёдтар ва бештарро талаб кун. Туро аз қидам (абадият)-и олам чӣ? Ту абадияти хешро маълум кун, ки ту қадимӣ (ҷовидонӣ ҳастӣ), ё ҳодис (офарида, муваққатӣ ва миранда)? Ин қадар умр, ки туро ҳаст дар тафаҳҳуси таҳлилу ҷустуҷӯи ҳоли худ харҷ кун, дар чуну чарои абадият ва ҷовидонагии олам чӣ харҷ мекунӣ? Шинохти Худо амиқ аст! Эй аҳмақ, амиқ туйӣ! Агар амиқе (ва абадияте) ҳаст, туйӣ!.."

Мисли он буд, ки мо устод Тоҳирро аз нав кашф мекардем. Офарин гуфтем. Чизе нагуфт. Танҳо як табассуми истеҳзоомез ба сӯямон карду гуфт: Хуб, китобе ҷолиб ва хонданӣ аст...

Ин ҳодиса дар солҳои 80-уми асри XX иттифоқ афтод. Мо ҳоло дар даҳаи аввали асри XXI қарор дорем. То имрӯз аз фарҳангиёни мо касе номи ин китобро ба забон наёвардааст.

ШАМСИ ТАБРЕЗӢ ВА ТОҲИРИ АБДУҶАББОР

Ман аз ҷавонӣ ва дараҷаи таҳсилоти донишгоҳи Устод чизи мушаххасе намедонам. Танҳо бо худ тахмин мекунам, ки шояд ғурури Шамс барои Тоҳир дарси ибрате шуда бошад. Чаро ки баъдҳо дар шеваи зиндагии амалиаш низ шабоҳатҳое ба зиндагии Шамс мушоҳида намудам. Ин шабоҳатҳо: ғурури саркаш, қотеъият, ҷасорат, устуворӣ ва шарофати инсонӣ дар ҳадди хеле боло... Ва болотар аз боло буд.

Дар замони Шамси Табрезӣ, ки хокимияти сиёсӣ дар дасти туркон буд, бархӯрди тамаддунҳо байни тамаддуни сомӣ (арабӣ) ва ориёӣ (эронӣ) дар сатҳи ирфон ва тасаввуф давом дошт. Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ (1207-1273) то мулоқот бо Шамси Тарбезӣ (1186-1248) пайрави Ибни Арабӣ (ваф.1240) ва Шайх Аҳмади Ҷомӣ (Жандапил) (1050-1142) буд. Ин ду ориф ваҳдати вуҷудӣ буданд ва ҳарду аз нажоди араб. Мавлавӣ ва Шамс ориёӣ ва эронитабор буданд. Аз ирфони шуҳудӣ дифоъ мекарданд. Ирфони шуҳудӣ, яъне таъкид бар истиқлолияти фитрӣ ва доимии Инсон дар баробари Худо. Аммо ирфони сомӣ истиқлоли шахсиятро дар назди Худо инкор мекард. Ва ҳар дуро (Худо ва Инсонро) яке мепиндошт. Ин тавҳиди монистии мутлақ аз нигоҳи имрӯз инсонро ба сӯи бунбаст мекашонад. Аз озодӣ ва талошҳои инсон мекоҳад. Ҳамаи ин фаъолиятҳоро танҳо ва танҳо ба Худо нисбат медиҳад. Аммо дар пораи боло зикршуда Шамс бар истиқлоли том ва тамоми Инсон таъкид мекунад...

Устод Тоҳир ҳам ба истиқлоли МИЛЛАТ таъкид мекунад, на ба мақоми дин ва сиёсат. Дар ин ҷода устод Тоҳир дар хатти Шамс ва Мавлоно равона аст; хатти истиқлоли шахс, инсон, миллат ва фарҳанги ниёгон.

Ин ки менависам, як хотира аст. Баҳси илмӣ нест. Таҳқиқ нест. Ёде аз дӯст аст... Аз як дӯсти дерошно... Дӯсте, ки аз як бародари биологӣ арзишмандтар аст... Чун ҳамфикр аст... Ҳамнаво аст... Ҳамсафар аст. Ба касоне, ки Устодро хуб мешиносанд ва баҳси илмӣ навиштанианд, шояд таваҷҷӯҳ ба мавзӯъҳои зерин нишонрастар бошад: Устод Тоҳир ҳамчун равшанфикр, озодандеш, файласуф, донишманди илми иқтисод, сиёсатмадор, адиб, фарҳангу ватанпараст, миллатдӯст, гуманист, андешаманд...

ЛАҲЗАИ ЧОРУМ

Равшанфикрон дар ҳар ҷомеае ду сарнавишт доранд: Агар инқилоби фарҳангиашон ғалаба кунад, онҳо ба мақоми доҳӣ ва пайғамбар мерасанд. Чуноне ки Иқбол (1877-1938) ва Муҳандос (1869-1948) ғолиб омаданд. Ҳинд озод шуд. Ва Покистон ҳам мустақил. Агар инқилобашон шикаст хӯрад, сарнавишташон гумномӣ ва бадномӣ хоҳад буд. Албатта, агар равшанфикри асил бошанд, миллат ва таърих онҳоро "сафед" хоҳад кард. Чуноне ки миллати испанӣ баъди низоми диктаторӣ нависанда ва равшанфикри худ Мигел де Унамуноро (1864-1935) Қаҳрамони халқи Испания унвон дод.

Дар ҳоли ҳозир устод Тоҳирро сарнавишти қисмати дуюми равшанфикрон насиб гардидааст: Гумномӣ ва бадномӣ... Вале ин ҳам муваққатӣ аст. Оқибат рӯзе фаро хоҳад расид... Ва ҳам мерасад... Ин суннати таърих ва анъанаи ҳамаи қавму миллатҳост. Гузаштан аз имтиҳони фарозу нишеб. Махсусан, барои равшанфикрон.

Лаҳзаи чорум ҳодисаи якуми апрели соли 2009 буд. Соати 10 бегоҳӣ Устод Тоҳирро аз телевизион нишон доданд: Дар бистари беморӣ, лоғар, дардманд... Барои мо бисёр ғайричашмдошт буд, дидани ин манзара. Ҳарчанд ки ин ҳолат ба сари ҳар яки мо омаданист. Ҳолати хос ва ҳассос... Имтиҳони танҳоӣ. Бетафовутӣ нисбат ба олам ва оламиён...

Санчиши ёру дӯстон ва аксуламали рақибон... Вале аз нигоҳи таърих ва абадият ин бемор Тоҳир ном дорад: Тоҳири Абдуҷаббор. Сарвари ҷунбиши мардумии Растохез дар солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон... Мардуме, ки ҳеҷ бархостан намехост... Онҳо, ки барнахостанд, Тоҳир худаш ҳам "нишаст". Нишастане бисёр қатъӣ ва сангин. Сангинтар аз талу теппаҳои ноҳияи Ашт. Зодгоҳи ӯ. Зодгоҳи дӯстам Муҳиддини Фатҳиддин, Қорихони Олимхон ва устоди фалсафа ва ҳамкорам Нозир Арабзода... Зодгоҳи фарҳангиёни асил ва бебок... Аштро дар баҳори соли 1968 дида будам... Дар тӯи хонадоршавии дӯстам Лутфуллои Асадулло... Чанд сурат ҳам гирифтаем ба расми ёдгорӣ, зери дарахтони зардолу... Аз ин сурат 41 сол аст, ки гулҳои шукуфтаи дарахтони зардолуи Ашт сӯи ман менигаранд: гулҳои сафед... Ба мисли дили Тоҳири Абдуҷаббор... Умре соф ва беғубор...

4 апрели соли 2009,
шаҳри Душанбе.

Устод Тоҳири Абдуҷаббор бо устод Бозор Собир, Шодмон Юсуф ва Мирзо Шукурзода дар Теҳрон, соли 1996.

Бехрӯзи ЗАБЕҲУЛЛО,
журналист



НАМОДИ РӮШАНФИКРӢ

НОТАВОНӢ ДАР БАРОБАРИ ШАХСИЯТИ УСТОД

Солҳо қасд доштам дар бораи шахсияти устод Тоҳири Абдуҷаббор чизе бинависам, аммо ҳар бор, ки қалам ба даст мегирифтам, худро нотавонтар аз он медидам, ки ба таври шоиста симо ва шахсияти ӯро ба дигарон муаррифӣ кунам. Ҳар боре ки ин мавзӯъ дубора ба зеҳнам меомад, бо баҳонаҳои гуногун ин амрро ба оянда вогузор мекардам. Ба қавли шоир:

Ҳар шабе гӯям, ки фардо тарки ин савдо кунам,
Лек чун фардо шавад, имрӯзро фардо кунам...

Ҳоло ҳам ки рӯзномаи «Миллат» ин мавзӯъро матраҳ кард, ба далели машғалаҳои корӣ ва идорӣ, боз ҳам омодаи анҷоми ҳамчунин коре набудам, аммо аз худфиребиҳои пуч – навиштани матлабе, харчанд парешон бехтар аст.

ТОҲИРИ АБДУҶАББОР РӮШАНФИКРИ №1 АСРИ ХХ

Нуктае солҳо дар зеҳни ман дар мавриди устод Тоҳир чарх мезад ва ман танҳо ба хотири баёни он хозир ба навиштани ин мақола шудам ва он чумла ин аст, ки:

Тоҳири Абдуҷаббор – беҳтарин намунаи рӯшанфикри комили тоҷик дар қарни бистум аст.

Агар дар қарни нуздаҳ танҳо рӯшанфикри тоҷик Ахмади Дониш буд, дар қарни бистум бидуни шак Тоҳири Абдуҷаббор намоди рӯшанфикрии мо тоҷикон аст.

Ин нуктаро набояд фаромӯш кард, ки диплом, унвонҳои баландболо, мақом, тахассус, шиму костюм ва галстук ба хеч вачҳ аз нишонаҳои рӯшанфикри маҳсуб намешаванд.

Нишонаи аслии рӯшанфикрӣ – озодагӣ, доштани диди боз, назари созанда дар бораи ичтимоъ ва истодагиву муковимат дар роҳи расидан ба ормонҳои мутаолии як миллат аст.

Рӯшанфикрӣ тахассус нест, балки талоши хастанопазир барои эҳёи ҳувият ва шахсияти як миллат мебошад. Инсонҳо метавонанд бо фаъолиятҳои тахассусӣ ва корбурди зарфият ва истеъдоди ботинии хеш дар таърих мондагор шаванд, аммо ин ҳадафи рӯшанфикрӣ нест. Ҳадафи рӯшанфикр барангехтани рӯҳи муштараки як миллат барои шоиста зистани он дар иҷтимои башарӣ аст. Ба қавли генерал Ҳемусу, ки барои иттиҳоди кабилаҳои парокандаи нимҷазираи Корея талош мекард: «Як миллат дар рӯи замин сохта намешавад, балки дар қалби афроди он сохта мешавад.»

Алии Шариатӣ – файласуф ва ҷомеашиноси номовари ироние дар мавриди нишонаҳо ва рисолати рӯшанфикр фармудааст: «Рӯшанфикр иҷтимоӣ будан, дар канор ва миёни мардум будан ва дар баробари сарнавишти як миллати асир ва як табақаи маҳкум, худро мутааҳҳид эҳсос кардан аст.

Рӯшанфикр рисолаташ раҳбарӣ кардани сиёсии ҷомеа нест, рисолати рӯшанфикр худогоҳӣ додан ба матни ҷомеа аст, фақат ва фақат ҳамин ва дигар ҳеч. Агар рӯшанфикр битавонад ба матни ҷомеа худогоҳӣ бидиҳад, аз матни ҷомеа қаҳрамононе бархоҳанд хост, ки лаёқати раҳбарии худи рӯшанфикрро ҳам доранд ва то вақте ки аз матни мардум қаҳрамон намезояд, рӯшанфикр рисолат дорад.»

Вақте Раҳматкарим аз беиттилоии як ронандаи таксӣ дар Хуҷанд аз Тоҳири Абдуҷаббор ҳайратзада мешавад, ҷои гила нест. Охир дар ин ҷомеа Тоҳири Абдуҷаббор на «раққоса» аст ва на «ҳофиз», ки ӯро бишносанд. Ӯ аҳли андеша ва тафаккур аст! Ба қавли аллома Икбол:

Асри ман донандаи асрор нест,
Юсуфи ман баҳри ин бозор нест.

ХУРУҶИ ДАРДИ РӮШАНФИКРӢ

Имрӯз дар ҷомеаи мо афроде ҳастанд, ки бо истифода аз «ганҷҳои бодоварда» ҷилд-ҷилд китоби ҳазорсаҳфаии рангӣ менависанд, ки бо мутолиаи онҳо ҳеч ҳиссе дар вуҷуди хонанда такон намехӯрад ва ба ҷӯш намеояд, аммо бо хондани матлаб ва ё шунидани ҳарфе аз забони як рӯшанфикри воқеӣ инсони худогоҳ дигаргун мешавад.

Тоҳири Абдуҷаббор низ ба мухотаби хеш ҳамин нуктаро меомӯхт. Ҳама медонанд, ки Тоҳир, агар дарди рӯшанфикрӣ надошт, метавонист бо тахассус ва истеъдоди фавқулоддаи хеш дар ҳар куҷое зиндагии осуда ва роҳат дошта бошад, аммо ӯ ба хотири анҷоми рисолати хеш ба унвони як рӯшанфикр аз ҳамаи лаззатҳои дунявӣ сарфи назар кард ва ба ормонҳои баланди инсонӣ содиқ монд. Бо амри тақдир бо аксари шахсиятҳои фарҳангӣ, сиёсӣ, инкилобӣ ва рӯҳонии тоҷик дар даҳҳаи навади қарни бист ошно будам, аммо ҳеч кадом дар фурӯтанӣ, шикастанафсӣ ва маҳори ҳавову ҳавас ба пои Тоҳири Абдуҷаббор намерасид. Ҳар ки ҳамнишини Тоҳир буда, ин нуктаро наметавонад инкор кунад. Нишастан дар сӯҳбати ӯ кашиш ва ҳаловати хос дорад. Замони донишҷӯӣ, ҳангоме

ки пои сӯҳбати ӯ менишастем, ба иқрори ҳамаи дӯстон, аз ҷумла Шафқати Раҷабиён ва Муҳаммадрозиқи Неъмат дар вуҷуди мо майли беҳаду ҳасри мутолиаи китоб пайдо мешуд...

Ӯ ҚАСДИ ИНҚИЛОБИ ИҶТИМОӢ НАДОШТ

Ҳадафи устод Тоҳири Абдуҷаббор аз аввал иҷоди таҳаввули фикрӣ ва рӯҳӣ дар зеҳни мардуми тоҷик буд, на роҳандозии инқилоби иҷтимоӣ барои дастёбӣ ба қудрати сиёсӣ. Агар ҳадафи ӯ чунин мебуд, пас дар низоми гузашта, роҳаттар метавонист ба мақоми баланди сиёсӣ бирасад, аммо ин корро накард.

Ин ки дар ҳаракати сиёсии даҳҳаи навад бархе афроди ҳангоматалаб ва ситезаҷӯ даври ӯ ҷамъ меомаданд, як амри табиӣ буд. Ҳеч ҳаракат ва ҳизби сиёсие аз ин гуна офатҳо дар амон набуда ва нест.

МАГАСҲО ТАҲАММУЛИ ИНТИЗОРРО НАДОРАНД

Ба қавли шайх Саъдӣ:

Ҳар кӣ ширинӣ фурӯшад, муштарӣ бар вай бичӯшад,
Ё магасро пар бибандад, ё асалро сар бипӯшад.

Зоҳиран ширинихои дӯкони Тоҳири Абдуҷаббор сарпӯ-шида буданд ва магасҳо, ки таҳаммули кашидани ранҷи интизорро надоштанд, ба бозорҳои дигар сарозер шуданд.

Марзи шинохти ҳақу ботил, қавлу амал аст, ки воқеан ин бузургвор мисдоқи ошкори он аст. Ӯ ҳаргиз бо касе манофеи миллиро бо манофеи гурӯҳиву шахсӣ муомила накард, ки ин амр низ аз нишонаҳои аслии рӯшанфикрӣ аст. Ҳамагон шоҳид будем, ки дар даҳҳаи навад – даврони бебандуборӣ дар кишвар чӣ гуна гурӯҳҳо ва шахсиятҳои сиёсӣ чехра иваз карданд ва зери шиорҳои болобаланди «миллӣ», аммо бо ҳадафҳои судҷӯёна, манофеи кишвариро бо ҳам ва бегонагон муомила карданд. Қотеият ва садоқати устод Тоҳир ба арзишҳои миллӣ ва худдорӣ аз анҷоми муомила перомуни ин усулҳои дахлнопазир бисёре аз ҳамсафони муғриз ва тамаъҷӯи ӯро хашмгин ва ноумед кард ва онҳо бо нисбат додани иттиҳомоти беасос домани ӯро раҳо карданд ва ба ҷабҳаи ҳангомаҷӯёну фурсатталабон пайвастанд. Ин гурӯҳҳо ва шахсиятҳои муддаӣ тайи ин солҳо саргарми муомилаи қудрати сиёсӣ, манофеи иқтисодӣ ва дастёбӣ ба ғаразҳо ва ҳавову ҳаваси худ шуда, аз масоили бунёдӣ ва ҳастибахши миллӣ фаромӯш карданд. Дар ин миён танҳо раҳбари сиёсӣ ва рӯшанфикре, ки ба ормонҳо ва арзишҳои миллӣ пойбанд ва содиқ монд, ҳамин Тоҳири Абдуҷаббор буд.

РӮШАНФИКР ФАРМОНБАРДОР НЕСТ

Рӯшанфикр дар воқеъ як муслеҳи иҷтимоӣ аст, ки фаротар аз ихтисоси ҳирфаӣ дар масоили муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи хеш дорои дид ва назари хоси созанда аст. Яке аз вижагиҳои

боризи рӯшанфикр вучуди ангезаи интиқодгарӣ дар зеҳни ӯст, зеро танҳо рӯшанфикрон ҳастанд, ки пеш аз дигарон сиҳату сақами падидаҳо ва росту дурӯғи андешаҳоро дарк ва аз ҳам ҷудо мекунанд.

Дар як калом, рӯшанфикр зимни доштани шиноҳт ва огоҳӣ ба масоил ва падидаҳо бояд нақдгаро, навгаро, амалгаро ва дар ниҳоят ба ормонҳои хеш пойбанд бошад.

Рӯшанфикр касест, ки фориғ аз таассуб ва дур аз фармонбарӣ, бештар кори фикрӣ мекунад ва ҳосили кораш беш аз он ки ҷалби нафъи моддӣ ва шахсӣ бошад, ҳалли мушкили иҷтимоӣ аст. Хулоса, рисолати рӯшанфикр – рӯшангарӣ аст.

Ҳадафи фалсафаи рӯшангарӣ оростани ҷаҳон бо зевари хираду огоҳӣ ва дастёбӣ ба адолати иҷтимоӣ ва аз байн бурдани ҷаҳлу хурофот аст.

ҒАРБ ДАР ФИКРИ «ДАВЛАТИ СОЯ»

Дар асри кунунӣ ба баракати расонаҳо, бистари нақду гуфтугӯ дар ҳама олам фарогир шуда ва ҷомеае, ки аз танқид барошӯбад нуқоти заъфашро ба ҷои он ки аз дӯстон ва дилсӯзон бишнавад, аз бегонагони бемеҳр дарёфт менамояд. Имрӯза бисёре аз давлатҳои ҳарбӣ бар ин назарияи сиёсӣ устуворанд, ки бояд «Давлати соя» вуҷуд дошта бошад. «Давлати соя» иборат аз ҳизбҳо ва афродест, ки кори онҳо фақат ёфтани айбҳо ва заъфҳои давлати ҳоким мебошад. Ин гуна афрод на танҳо мавриди бемеҳрӣ қарор намегиранд, балки ҳимоят низ мешаванд ва вуҷуди онҳо барои давлат бисёр зарурӣ ва лозим аст, чун дар байни айбҳо ва мушкилоти дигаре, ки онҳо метарошанд, гоҳҳо мавридҳоеро пайдо мекунанд, ки вокеан айб ва заъфи бузург аст.

Тамоми андешамандон ва ҳакимони ҷаҳон бар ин нукта ваҳдати назар доранд, ки яке аз шартҳои пойдории ҳукуматҳо ҷалби афроди шоиста дар умури кишвардорӣ аст. Аз ҷумла, Конфусиюс – ҳакими Чинӣ дар ин бора гуфтааст: «Ҳукмрон метавонад бо мӯҳтарам доштани афроди шоиста аз хато дар қазоват иҷтиноб кунад. Бо дур кардани бадгӯён ва чашм фурӯ бастан бар фиребандагиҳои зебой, бо ҷиддӣ нагирифтани сарват ва эҳтиром гузоштан ба фазилат ва тақво метавонад афроди шоистаро ташвиқ намояд ва бо кӯмаки онҳо ҳукуматашро муваффақ дорад. Дар як мамлакат, агар ба афроди покдоман ва бо истеъдод эътимод нашавад, он мамлакат холӣ ва бе мутассадӣ хоҳад монд».

БЕМОР, АММО ДАР ФИКРИ КИТОБ

Моҳи феврал, вақте ки ба аёдати Тоҳири Абдуҷаббор ба Теҳрон рафтам, устод чандон вазъи хубе надошт. Бо ин вуҷуд, сӯҳбатро чун айёми донишҷӯӣ аз мавзӯи илму фарҳанг шурӯъ кард. Ӯ аз ман мепурсид, ки тайи солҳои ахир чӣ китобҳои хубе дар Теҳрон чоп шудааст ва кадом соҳибназари ҷадиде дар Ирон зуҳур кардааст, ки ман бехабар монда бошам. Мо, ки шадидан нигарони вазъи саломатии ӯ будем, ҳайратзада

шудем. Тӯли чаҳор рӯзе, ки хидмати устод будем, сӯҳбати ӯ ҳама перомуни масоили муҳими фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва тозаҳои илмӣ буд, ба тавре ки фаромӯш карда будам, ки ӯ барои дармони дарди лоилоҷи хеш ба Ирон омадааст. Бемор будани ӯро аз чеҳраи афсурда ва харфҳои духтари мунисаш дар бораи ранҷҳои шабонаи устод дарк мекардам. Он замон беихтиёр харфҳои як фарҳангии дигари тоҷик, ки барои як хафта ба Ирон омада буд, ба хотирам расид, ки бо такаббур ва гилоя мегуфт:» Эй бародар, дар ватани шумо ҳалқамон қоқ шуд!»

Ҳоло бубинед, тафовути кор аз кучост то ба кучо?

Дасте, ки ба қавли Раҳматкарими Давлат «Қонуни истиқлоли миллат»-ро навишт, имрӯз таку танҳо сари соҳиби худро сила мекунад, то ранҷи фишори қуддаи (саратони) бар мағзи ин марди мунавварфикрро коҳиш диҳад. Медонам, ки ин навиштаҳои мо дигар ҳеч дарди устодро дармон намебахшад, аммо аз назари рӯҳӣ шояд ин итминон дар вучуди ӯ қавитар гардад, ки саранҷом ростӣ бар дурӯғ пирӯз аст. Сарнавишти устод Тоҳири Абдуҷаббор ва миллати парешонрӯзгори ӯро мебинаму ин китъаи аллома Иқбол ба зехнам меояд:

Чу барбастам рахти хеш аз ин хок,
Ҳама гӯянд, ки бо мо ошно буд.
Валекин кас надонист ин мусофир,
Чӣ гуфту бо кӣ гуфту аз кучо буд?

*

Дар акс: фирориёни ҷанги шаҳрвандӣ, донишмандони маъруф Тоҳири Абдуҷаббор, Мӯъмин Қаноат, Раҳими Мусалмониён ва Беҳрӯзи Забеҳулло. Теҳрон, соли 1996.

Ибодуллоҳи ОҚИЛПУР,
донишманд

РАСТОХЕЗ ҚИЁМАТ НАБУД
ё кори мардон равшаниву гармӣ аст...

НАХУСТИН ДИДОР БО ФАРЗОНАМАРД

Бисту панҷ сол муқаддам ман бори аввал ӯро дидам ва он ҳам дар хоки Афғонистон, шаҳри Кобул. Марди бисёр бо тамкину камсухан буд. Аксар авқот мешунид ва шунидаҳояшро бо таҳаммул дар фикраш чой медод. Афкораш файласуфона буд ва иқтисоду сиёсатро хуб медонист. Суханаш ҳама панду ҳикматомез садо медод.

Боре дар як ҷаласаи машваратӣ дар Афғонистон тарҷумаи шифоҳиашро шунидам, ки бисёр олӣ буд. Аз сармушовир дида масъаларо бехтар таҳлил мекард. Нахуствазири вақти Афғонистон Султоналӣ Киштманд бештар ба ин мард таваҷҷуҳ мекард ва мушовири рус дар мадди дуввум қарор дошт. Ӯ чун як мутахассиси варзидаи соҳаи иқтисод ҳарф мезад ва оид ба пружаҳои муҳим ва сарнавиштсози Афғонистон таҳлилҳо пешниҳод менамуд. Пас аз хатми ҷаласа фаҳмидам, ки ин мард ҳамшаҳриамон будааст ва то ба Афғонистон омадан дар Институти иқтисоди Тоҷикистон ифои вазифа мекардааст.

АЗ ҲАМШАҲРИАМОН МЕФАХРИДЕМ

Ростӣ, барои мо тоҷикон боиси ифтихор буд, ки чунин як ҳамшаҳрии босаводе дорем, ки дар бештар маврид болотар аз мушовир қарор дорад ва ӯро афғонҳо на ҳамчун тарҷумон, балки ба сифати мушовири бахши иқтисод мешинохтанд. Тайи солҳои хидматиям медидам, ки ҳатто дуктурони илм, махсусан тоҷикон ҳамагӣ ба сифати тарҷумон фаъолият мекарданд. Ду тан аз ҳамшаҳрихои мо Сайфулло Саидов, мушовири аршади фархангӣ ва Султон Рачабов, ки сармушовири Бабрак Кормал оид ба ҳуқуқ буданд, қурбони тавтиа ва бӯҳтони шовинистхои миллатгарои рус гардиданд ва аввалӣ пас аз адои ҳашт соли мӯҳлати маҳбусият ба ватан баргашт ва дуввумӣ дар яке аз маҳбасҳои Қазоқистон фавтид. Русҳои миллатгаро ҳатто овоза карда буданд, ки гӯё онҳо ба қочоқи металҳои ранга ва тиллову сангҳои қимматбаҳо даст зада бошанд. Маҷлисе набуд, ки бисмилоҳашон бе ин сафсатагӯӣ ва бӯҳтонзанӣ оғоз намешуд. Ҳатто пофишорихои Бабрак Кормал натавонист ин ду танро аз тӯҳмат

нақот диҳад, зеро худи ӯ дастнигар ва дастнишондаи русҳо буд.

Маҳмуди Барёлай, узви бюрои сиёсии Ҳизби Ҳалқӣ Демократии Афғонистон, ки бародари ҷонии Бабрак Кормал буд ва утоқи кориаш дар ҳамсоягии мо қарор дошт, боре зимни сӯҳбат аз мутахассисину тарҷумонҳои Тоҷикистон ёдовар шуд ва Тоҳири Абдуҷаббори беҳтарин мутахассис ва мард хонда гуфта буд: «Тоҳир Афғонистонро чун ватани худаш меҳисобад ва ба минталитети ин мардум умқан ошноӣ дорад, пешниходоташ дар иқтисоду сиёсат дархури ҷомеаи мост».

Ӯ ҲАНӮЗ ДАР АФҒОНИСТОН АЗ ИСТИҚЛОЛ МЕГУФТ

Ҷумъа, ки рӯзи истироҳатӣ буд, мо чанд тан аз тоҷикистониён як ҷо ҷамъ меомадем, палов мепухтем ва он рӯзро бо ҳам мегузаронидем. Боре дар маҳфили мо Тоҳири Абдуҷаббор меҳмон шуд. Бо омадани ӯ сӯҳбат бисёр гарм шуд ва маҳфил шукӯҳи дигареро касб кард. Чун мавзӯъ сари қазияи Афғонистон омад, як тоҷики манқуртшуда бисёр бо хушунат нисбат ба афғонҳо сухан мегуфт ва ёдовар мешуд, ки ин кӯрнамакҳоро нону намаки Иттиҳоди Шӯравӣ мезанад. Ҳама хомӯш буд, то ӯ суханашро анҷом диҳад. Ин дам Тоҳири Абдуҷаббор бо як қатъият ва чеҳраи чиддӣ гуфт: «Ин мардум агарчи гуруснаву бараҳнаанд, садсолаҳост ба хотири номусу истиқлоли хеш меразманд ва ҳеҷ неъмате наметавонад ҷои ин ду мукаддасотро иваз намояд».

БО РУСҲО КОР КАРДАН ОСОН НАБУД

Ростӣ, он вақтҳо аксари зиёиёни мо ба мафҳуми истиқлолу озодӣ сарфаҳм намерафтанд. Сиёсати вақт ин муқаддасотро аз шуури мардум дур карда буд ва ҳама бо ифтихор СССР-ро ватани воҳид ва модари худ меҳонданд. Бо он ҳама садоқате, ки мо нисбат ба давлати шӯравӣ ва русҳо нишон медодем, боз ҳам онҳо бо мо итминон надоштанд.

Як бегоҳ танҳо дар хона будам ва соат аз ҳашт гузашта буд, ки занги дар садо дод. Дарро боз кардам, ки ҳамватани бадахшиам Мискин Бозичаев (худованд биёмурзадаш, беҳтарин инсон буд) дар пушти дар истода буд. Чеҳрааш бисёр гирифта ва табъаш хира. Ба дохили хона даъваташ кардам. Сабаби нороҳатиашро пурсон шудам. Гуфт: «Дирӯз асноди ҷалаасаи машваратиро тарҷума карда будам, тарҷумаамро бурда ба як русзане, ки аслан забони форсиро намедонад, нишон додаанд ва хостанд, ки дуруст будани онро аз ӯ бифаҳманд. Он зан дар ҷавоб гуфтааст, ки мо ӯро дар тарҷума устоди худ медонем ва доимо аз ӯ илми тарҷума меомӯзем. Бо ин ҳама аз ӯ тақозо кардаанд, ки як бори дигар матни тарҷумашударо бисанҷад.

Бо русҳои миллатгаро ва мутаккабир дар Афғонистон кор кардан осон набуд. Ба ҳеҷ кас аз миллати ғайр, махсусан мусулмонҳо эътимод надоштанд. Ҳар як қадамашон, суханашон таҳти назорат қарор дошт. Дар ҳамин муҳит ва шароит Тоҳири Абдуҷаббор дар назди ҳамватанонаш бо сарбаландӣ ва эҳсоси масъулияти баланд вазифаи ба душ доштаашро адо мекард.

Ӯ ҶОНИБДОРИ АФҒОНИСТОНИ ОЗОД БУД

Ӯ доимо мегуфт: «Афғонистон кишвари афсонавист ва дорои захираҳои бузурги ашёи хом аст. Дар ин кишвар набояд лашкаркашӣ мешуд, ин ҷоро обод бояд кард ва мардумашро аз таҳти ҳама гуна фишорҳои равонӣ наҷот бояд дод. Мардуми Афғонистон хеле ғаюранд ва мушкилоташонро худашон ҳал мекунанд. Ин ҷо набояд минтақаи озмоишии абарқудратон бошад ва бо ин шеваву зӯргӯӣ коре аз дасташон нахоҳад омад. То он даме, ки ҳузури низомиёни хориҷӣ идома меёбад, ин мардум аз мубориза даст нахоҳанд кашид. Низомиён дар ҳама давру замон мақосид ва аҳдофи худро пайгирӣ менамоянд. Инро мардуми Афғонистон аз тачрубаи талхи садсолаҳои худ медонанд. Беҳтар аст бо ин мардум бо забони дӯстиву рафоқат сухан гуфт. Бештар бояд фишангҳои иқтисодӣ истифода гардад. Ҳузури низомиён муборизаи озодихоҳонаро ба дарозо хоҳад кашид».

Ӯ ИНҚИЛОБ КАРД

Афкори озодандешӣ ва истиқлолхоҳӣ дар шуури Тоҳири Абдуҷаббор ҳанӯз аз солҳои 80-уми асри пор ҷӯш мезад. Ин марди худогоҳ танҳо дар дил орзуву ҳаваси истиқлол ба даст овардани Тоҷикистонро мепарварид. Пайваста матолиберо таҳия ва пешниҳод мекард, ки дар он айём инқилоби тозаеро мемонд. Аслан идеяи худогоҳии миллиро ӯ ва чанд тан аз зиёиён, ки дар ин ҷода шабу рӯз заҳмат мекашиданд, дар дилу дидаи мардум бедор карданд. Мусаллам аст, ки дар он шабу рӯз ҳизби комунист ҳукумрони мутлақ буд ва барои маҳви идеяҳои тозаи истиқлолхоҳон аз тамоми васоити дар даст доштааш истифода мекард. Хадамоти махсуси давлатӣ, ки аз мақомҳои болоӣ вазифаи мушаххас гирифта буданд, бо ҳар баҳона ба роҳбарон ва пешвоёни равшанфикрон фишору тазйиқ ворид мекарданд. Хушбахтона, аҳдофашон амалӣ намешуд.

РАСТОХЕЗИ ХОВАЛИНГ

Бо ибтикор ва ташаббуси Тоҳири Абдуҷаббор созмони ҷамъиятии Растохез таъсис ёфт. Оиннома ва барномаи созмон навишта ва сабт гардид. Ин созмон дар атрофи худ беҳтарин зиёиёну донишмандонро муттаҳид мекард. Ҳадаф бедор намудани шуури миллӣ ва касби истиқлолияти мукаммали Тоҷикистон буд. Ҳайати роҳбарикунандаи созмони Растохез ба шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ сафарҳо мекард ва ҷиҳати корҳои бунёдӣ мардумро таблиғу ташвиқ менамуд. Тоҳири Абдуҷаббор ҳамроҳ бо Ҷонибеки Асрориён, як донишманди тоҷик соли 1990 ба ноҳияи Ховалинг, ки як гӯшаи хеле зебои кӯҳистон аст, омаданд. То он ки онҳо ба ноҳия бирасанд, ҳукуматдорони вақти ноҳия тамоми органҳои марбутаро вазифадор карданд, ки ба ҳар восита пеши роҳи онҳоро бигиранд ва имконият надиҳанд, ки бо мардум мулоқот доир кунанд. Новобаста бо ин ҳама саддҳои эҷодшуда созмони Растохез дар ноҳия таъсис ёфт. Ачиб ин буд, ки нусхае аз рӯзномаи «Коммунисти Ховалинг» ба дасти

Тоҳири Абдуҷаббор расид ва пас аз мутолиаи он бо як шодмонӣ эълом дошт, ки ин мардум ба ҳеҷ як таблиғе эҳтиёҷ надоранд. Матолиби ҳамин рӯзнома баёнгари он аст, ки ин ҷо ҳамаашон демократҳои модарзоданд ва то ин дам рӯзномаеро бо ин матолиб надидаам, ки дар бедор намудани мардум дар роҳи худогоҳӣ ва бедории миллӣ ин қадар навишта ва гуфта бошад.

РАСТОХЕЗ ҚИЁМАТ НАБУД

Мардум идеяҳои Тоҳири Абдуҷабборро бо дилгармии зиёд мепазируфтанд. Ин буд, ки ҳукуматдорони ноҳия бо руасои вилоятии худ тамос гирифтанд ва ин масъаларо ҷиддан баррасӣ карданд. Аз ин ба баъд таблиғгарони ҳукуматӣ дар бадном кардани роҳбарияти созмон ба дурӯғгӯӣ ва дасисабозӣ мепардохтанд. Аъзои созмонро бо ҳар баҳона аз кор барканор мекарданд. Рӯзноманигор ва донишманди варзида Одили Исломӣ аз ҷумлаи ҳамон қурбониён буд. Ӯро аз умури рӯзнома дур карда, дар радиои маҳаллӣ вобастааш карданд. Дар яке гуфтаҳои худ раиси ноҳия Тоҷиддин Рауфов иброз кард, ки аъзо шудан ба созмони Растохез ин худ гуноҳ аст. Далелаш ин буд, ки гӯё аъзои ин созмон мехоҳанд, рӯзи қиёматро барпо кунанд ва вазъиятро ноором созанд.

Аъзо ва ҷонибдорони созмони Растохез дар рӯзҳои пеш аз эъломи истиқлолият бар сари Эъломияи таҳиякардаи устод Тоҳири Абдуҷаббор баҳс мекунанд, соли 1991.

Ҷои шакку тардид нест, ки маҳз тавассути ин родмард Тоҳири Абдуҷаббор дар саросари кишвар маҳфилҳои озодандешон таъсис меёфт ва дар ҳар маҷолису маҳофил сухан аз шуури миллӣ ва истиқлолияти кишвар баландтару баландтар садо медод. Ҳатто собиқ партократҳо ба Растохез худро мепайвастанд. Дар як маҷлисе муншии аввали ҳизби коммунисти ноҳияи Ховалинг Саидмурод Тағоев иброз дошт, ки дар оиннома ва барномаи ин созмон нукоти таҳдидовареро намебинам ва идеолҳои ин созмон агар ҳақиқӣ бошанд, имрӯз барои миллат хидматҳои бузурге карда метавонад. Агар ба авзои сиёсии имрӯза дуруст баҳо диҳем, ба хубӣ мебинем, ки ҷамоҳири назди Балтик ва Қафқоз кайҳост дар ба даст овардани истиқлолияти миллӣ муборизаро ба таври аланӣ оғоз кардаанд ва ҳаққи худро аз Маскав талаб менамоянд. Ин гуноҳ нест, ҳак ситонданист.

ИСТИҚЛОЛИ МО ҲАНӮЗ ҲАМ МУФТ НЕСТ

– Иддаои ин, ки гӯё мо истиқлолро муфту маҷонӣ ба даст овардаем, комилан ғалат аст ва асоси воқеӣ надорад, – мегуфт Тоҳири Абдуҷаббор. Ин ҳама дар натиҷаи муборизаҳои шадид ва қурбониҳои зиёд ба даст омадааст. Имрӯз Тоҷикистони соҳибистиқлол муқаддасоти миллии худро ҳифз мекунад ва дорои нишони миллӣ, парчами миллӣ, артиши миллӣ, қонуни асосӣ ва суруди миллӣ аст. Бидуни ин унсурҳо давлатро миллӣ гуфтан нашояд. Аммо хатари дигаре, ки ҷомеаи моро таҳдид мекунад, ин аст, ки иддае аз мардуми нохудогоҳ ба мафҳуми ин аносир намерасанд. Ҳоло ҳам дар хаёли онҳо ҳамон системаи пӯсидаи пешин боқӣ мондааст. Эҳёи дубораи давлати шӯравиро дар дил мепарваранд. Агар ба таври воқеӣ баҳо бидиҳем, сусиёлизм ба халқу миллатҳои ғайрирус чизе надодааст, ҳамеша ҳуқуқҳои миллӣ ва шаҳрвандиашонро поймол кардааст.

Миллигардонии сохтмонҳои бузурги стротежии кишвар аз ҷумлаи ормону омоли Тоҳири Абдуҷаббор буд. Дар ҳар маҳфиле ва ё иҷлосияи намояндагони мардумӣ аз ин идеали худ дифоъ мекард ва дигаронро низ даъват мекард то ӯро дастгирӣ кунанд. Бо камоли таассуф, намояндагони мардумӣ, ки мо ҳар яки онҳоро медонем, аслан ба моҳияти ин масъалаҳо сарфаҳм намерафтанд. Баракс, кӯшиш мекарданд ба ҳар пешниҳодаш хоҳ дуруст аст, хоҳ ғалат (ки баъдтар маълум шуд, ғалате набудааст) муқобил бароянд. Зеро ин чизро спикери маҷлис ва шахсиятҳои аввали ҳукумат мехостанд. Дар ҷаласаҳо баъзан микрофонашро хомӯш мекарданд, то овозашро касе нашнавад. Хушбахтона, мардум ӯро аллакай шинохта буд ва дар ҳама ҷо аз дурустии далоили ӯ сухан мегуфтанд.

Бисёр хурсандибахш аст, ки пешниҳодоти Тоҳири Абдуҷаббор имрӯз пазируфта шудаанд ва пас аз ду даҳсола барномаҳои пешниҳод кардааш дар бахшҳои мухталифи соҳоти иқтисодиву иҷтимоӣ амалӣ мешаванд.

МО ҲАНӮЗ ҲАМ БОВАР ДОРЕМ

Шунидем, ки ин ҷавонмарди қавиирода, ватандӯсти асил ва ҷонфидои миллат имрӯз бистарӣ шудааст. Шабу рӯз аз даргоҳи Худованди мутаол таманно мекунем ва даст ба дуо мебардорем, то бародари моро шифои комил ато фармояд. Умедворем, ки Тоҳири Абдуҷаббор бемориро мисли соири мушкилоте, ки рӯ ба рӯяш омада буд, пушти сар мекунад ва боз бо афкори тоза ва судмандаш ба миллат ва ватани худ хидмат менамояд. Миллати тоҷик ҳеҷ гоҳе хидматҳои арзишманди ӯро дар роҳи ба даст овардани истиқлолияти комили кишвар фаромӯш нахоҳад кард ва исми шарифашон дар сафаҳоти таърих бо ҳуруфи заррин сабт гардидааст. Вучуди ӯ барои миллати тоҷик ҳамеша гарміву рушноӣ меоварад. Зеро, ӯ родмарди воқеӣ ва сарсупурдаи ин миллату Ватан аст! Он ҷо, ки Мавлавӣ мегӯяд:

Кори мардон равшаниву гармӣ аст,
Кори дунон ҳиллаву бешармӣ аст.



Маҳмуд ҚОСИМ,
донишманд

УСТОД, МОРО БУБАХШЕД!

(Изҳори сипос аз мақолаи Раҳматкарими Давлат «Фарзанди сулолаи ғурур ва озодӣ»).

«Фарзанди сулолаи ғурур ва озодӣ» – пурмуҳтавотарин мақола аз лиҳози дарки хиёнатамон ба рисолатест, ки онро ном Қадршиносист. Муносибате, ки лоиқ ба шинохти чеҳраи воқеан Бузургу Нотакрор – Тоҳири Абдуҷаббор аст, аслан ифодагари худшиносиву худогаҳист, ки мутаассифона, асолаташон дар пиндору гуфтору рафтори сокинони ин кишвари кулфатзада қариб, ки аз худ дарак намедиҳанд. Ин аст, ки ҳанӯз ҳам дарк накардаем, ки тайи садсолаҳои охир миллати сарсахту бадбахти тоҷик бузургвореро чун ин шахс дар арсаи Ақл, Номус, Виҷдон, Ватандориву Ватанпарварӣ муаррифӣ надоштааст. Дар баробари изҳори сипос аз ҳафтанома ва муаллифи мақола (Ҷасорати эшон моро муборак бошад!!!) аз Устод Тоҳири Абдуҷаббор пӯзиш металабам. Моро бубахшед Устод! Худое шаваду замоне ояд, ки ин қавм битавонад бигӯяд, ки лоиқи Шумост!

ДАР СӮГИ ФАРЗАНДИ СУЛОЛАИ ҒУРУР

ТОҲИРИ АБДУҶАББОР РОҲБАРИ ҶУНБИШИ МИЛЛӢ-ОЗОДИХОҲИИ ТОҶИКИСТОН ДАРГУЗАШТ

Имрӯз вақт лаҳзае барои миллати тоҷик ист кард. Дили фарзонамарде аз таппиш бозмонд, ки дар ҳар рагу пайвандаш дарди ин миллату ин сарзамин ҷараён дошт. Тоҳири Абдуҷаббор, муаллифи эъломияи Истиқлолияти Тоҷикистон, раиси ҷунбиши мардумии Растохез, ки тайи чанд моҳи ахир бар асари бемории саратон ранҷ мекашид, қабл аз зуҳри 21-уми апрел дар зодгоҳаш деҳаи Ашти ноҳияи Ашт даргузашт.

Тоҳири Абдуҷаббор 10-уми феврали соли 1946 ба дунё омадааст. Фаъолияташро нахуст ба унвони пажӯхишгари илмҳои иқтисодӣ дар Фарҳангистони улуми Тоҷикистон шурӯъ карда, баъдан вакили мардумӣ дар порлумони Тоҷикистон буд. Тоҳири Абдуҷаббор дар ба курсӣ нишондани забони форсии тоҷикӣ нақши боризе доштааст. Вай дар солҳои 1990 сарварии Ҷунбиши Мардумии Тоҷикистон – Созмони Растохезро бар ӯҳда дошт.

Бар асари даргириҳои сиёсӣ барои муддате дар муҳоҷират ба сар бурдааст. Аммо бинобар сангаргириҳои ҷонибҳои даргир ва шурӯъи муқовиматҳои низомӣ, ӯ аз ҷабҳа канор рафт ва дигар на ба ҷанг ва на ба оштӣ ҳамроҳ нашуд.

Тоҳири Абдуҷаббор аз фарзандони сарсупурда ва озодаи миллат буд, ки ҳанӯз дар солҳои побарҷойии Иттиҳоди Шӯравӣ ҳарфи истиқлолро мезад ва ҳаракати озодихоҳӣ ва худшиносии миллиро сарварӣ мекард. Замоне ӯ аз истиқлол мегуфт, ки ҳарфи истиқлол барои аксарият афсона буд. Ва ӯро барои ақидаи озодихоҳиаш маҳкум мекарданд. Ҳанӯз ҳам, вақте ки ҳукумат ба ҳарфаш амал кард, бархе аз доираҳои сиёсӣ аз гирифтани номаш ё ҳарос доштанд ва ё рашк мебурданд. Аммо сафҳаҳои таърих Истиқлоли ин Ватанро ба номи ӯ сабт кардааст.

Пас аз солҳои зиёди муҳоҷират, ӯ ба Душанбе баргашт ва дар Донишгоҳи байналмилалии шаҳри Душанбе дарс мегуфт. Аз муаллифони фаъоли нашрияи "Миллат" буд.

Маросими ҷанозааш имрӯз дар зодгоҳаш баргузор шуд.

Ҳафтаномаи "Миллат"
2009-04-21

ИТТИЛОИЯИ ХАБАРГУЗОРИҲО

Радиои "Озодӣ",
Раҳматкарими Давлат.

Даргузашти Тоҳири Абдуҷаббор, раҳбари ҷунбиши истиқлолхоҳии Тоҷикистон ва раиси созмони мардумии Растохез, қабл аз зуҳри рӯзи сешанбе ҷомеаи Тоҷикистонро лаҳзае такон дод ва сукут бахшид.

Тоҳири Абдуҷаббор донишманд ва рӯшанфикри беназири тоҷик буд, ки бо маҳзи фаро расидани имкони муборизаҳои истиқлолталабӣ ва озодихоҳӣ дар миёнаҳои солҳои 80-и асри гузашта бо ғулғула ва салобати хосе, ки монанди худро надошт, вориди саҳнаи фарҳангӣ ва баъдан сиёсати Тоҷикистон шуд.

Устод Тоҳир бо муаллифи мақола дар радиои "Озодӣ", соли 2008.

Мавҷи озодихоҳӣ ва ҳаракати равшанфикии Тоҷикистон дар ин айём созмони мардумии Растохезро ба миён овард. Ин созмон аслан аз устодони донишгоҳҳо ва фарҳангиёни тоҷик иборат буд. Аслиддини Соҳибназар, Бозор Собир, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Сотим Улуғзода ва Акбари Турсун ва соири донишмандони тоҷик аз муассисони ин созмон буданд. Ва Тоҳири Абдуҷаббор раҳбарии ин созмонро бар душ гирифт. Ин созмон як ҳадафи умда дошт ва он ҳам истиқлоли Тоҷикистон буд.

Аммо дар соли 1989 ва ибтидои соли 1990, ба маҳзи бештар мардумӣ шудан ва маҳбубият касб кардани ин ҷунбиш, дастгоҳи амнияти шӯравии пешин дар пайи бадном кардани ин созмон ва роҳбарони донишманди он шуд. Аввалин ин буд, ки бархе аз донишмандон таҳти фишори КГБ-и собиқ аз Растохез андаке канор рафтанд. Вале бо вуҷуди ин дар интихоботи порлумонии соли 1990 Тоҳири Абдуҷаббор тавонист бо шикаст додани рақиби худ ва он ҳам муншии Ҳизби коммунист ба порлумон роҳ ёбад. Ва аз он замон марҳилаи дигари фаъолиятҳои сиёсии Тоҳири Абдуҷаббор оғоз шуд.

Дар 24 августи соли 1990 ӯ ба порлумон тарҳи Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистонро пешниҳод кард. Порлумон онро он замон сад дарсад раъйи мухолиф дод. Аммо баъди як сол вакте табаддулоти давлатӣ дар сатҳи Шӯравӣ пеш омад ва дигар ҷамоҳир истиқлоли худро эълон карданд, ҳамин порлумон низ роҳе дигар ҷуз қабули пешниҳоди истиқлолро надошт. Ва тарҳи пешниҳодии ӯ дар **9-уми сентябри** соли 1991 бидуни таҳрир ва ислоҳ чун Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистон пазируфта шуд.

Даргузашти Тоҳири Абдуҷабборро хоса ҳамсафону ҳамроҳонаш дар ҷунбишҳои озодихоҳӣ бо таассуфи зиёде дарёфтанд. Ҳоҷӣ Акбари Тӯраҷонзода, козии собиқи мусалмонони Тоҷикистон, ки хамроҳи Тоҳири Абдуҷаббор вакили мардумӣ дар охири даъвати шурои Олии Тоҷикистон буд, мегӯяд, "*Хабари даргузашти бародари гиромӣ Тоҳири Абдуҷабборро шунидам. Воқеан, як такони бузурге барои ман аст. Мо ҳарду якҷо дар як интихоботи порлумонӣ ширкат кардем ва вакили Шӯрои олӣ шудем. Ман аз наздик бо он кас ошно шудам, чӣ қадар дилсӯзӣ барои миллат дошт. Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистонро ҳамон вақт навишта буд. Баъд ҷанги дохилии таҳмилӣ болоямон бор шуд ва дар солҳои ҳиҷрат дар Теҳрон ҳамроҳ будем. Агарчанд расман узви Иттиҳоди мухолифин набуданд, аммо ҳамеша дар машваратҳо ва нишастҳо барои эҷоди роҳи ҳал ва оштии миллӣ машваратҳои муфид медоданд. Ниҳоят фозил ва олим буданд, хушахлоқ ва ботавозӯъ буданд, миллатдӯст ва меҳандӯст буданд. Тамоми нишонаҳои инсони некро Худованд барояш арзонӣ дошта буд. Умед дорам, ки дӯстон ва пайравонаш кори ӯро идома хоҳанд дод. Худо ҷояшро ҷаннат кунад!*".

Тоҳири Абдуҷаббор баъди иҷлосияи 16-уми Шӯрои олии Тоҷикистон дар Хуҷанд, ки марҳилаи дигаре аз ҷанги дохилӣ ба дунболи он оташ гирифт, Тоҷикистонро тарк гуфт ва муддате дар Маскав, Теҳрон ва сипас Бишкек ба сар мебурд. Ва дар ин муддат ба иттиҳоди мухолифини мусаллаҳи давлат напайваст ва ба кори мутолиа ва тадрис дар донишгоҳ машғул буд. Аммо ҳаргиз нисбат ба сарнавишти ин миллат бетараф набуд.

Ҳайдаршоҳ Акбаров, вакили Шӯрои олии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум ва вазири кишоварзӣ дар ҳукумати Муросои миллӣ дар соли 1992, ки дах соли муҳоҷират дар Бишкекро бо Тоҳири Абдуҷаббор ба сар бурдааст, мегӯяд, «*Ӯ ба иловаи як мубориз, як донишманд ва рушанфики бепазире будааст, ки месазад даргузашташро ба ҳамаи онҳое, ки ба истиқлоли Тоҷикистон эътиқод доранд, тасаллият гуфт. Устод ҳамаи вуҷуди худро барои ин миллат бахшида буд. Поктарин ва самимитарин инсон буд. Касе буд, ки аввалин шӯълаи маърифатро дар ин қавм бедор кард. Шахсе, ки ҳамеша дар фикри наҷоти ин мардум буд. Шахсе буд дур аз ифрот ва тафрит, устоди фозил, донишманд ва ботаҷриба буданд. Ҳамин аст, ки даргузашти ӯро барои ҳамаи касоне, ки ба ин сарзамин ва истиқлоли у эҳтиром доранд, тасаллият арз мекунам*».

Тоҳири Абдуҷаббор дар охирин мусоҳибааш гуфтааст, ормони мо истиқлол буд, ки ба он расидем, ҳадафи мо озодихоҳӣ буд, ки ба он даст ёфтем, мо истиқлолталаб будем на мансабталош ва ба ин саодат расидем. Ҳоло муҳим нест, ки барномаҳои моро кӣ амалӣ мекунад, муҳим ин аст, ки онҳо амалӣ мешаванд.

Тоҳири Абдуҷаббор шояд танҳо вакили мардумие аз даъвати дувоздаҳум буд, ки дар барои таҷлил аз 15-солагии иҷлосияи 16 дар Хуҷанд

даъват нашуд. Ва пешниҳодгари андешаи истиқлоле буд, ки дар ҳеҷ чашни истиқлол роҳ наёфта буд. Аммо мегуфт, ба саодат расидаем.

Тоҳири Абдуҷаббор аз декабри соли 2008 маризиаш хуруҷ кард ва бо исрори дӯстонаш ба Теҳрон барои мудово фиристода шуд. Аммо ба анҷоми амали ҷарроҳӣ розӣ нашуд ва ба ватан баргашт. Муддате дар Душанбе ва баъд ҳам дар Хуҷанд ба сар мебурд. Бояд биафзоям, ки чанд дақиқа қабл аз расидани ин хабар масъулони Вазорати тандурустии Тоҷикистон дар тамос шуданд ва аз банда, ки охирин мақоларо рочеъ ба аҳволи Тоҳири Абдуҷаббор навишта будам, суроғаи ӯро гирифтанд, зеро, мегуфт он масъул, дар ягон беморхонаи Тоҷикистон бо супориши вазорат номи ӯро пайдо накардаанд, ман суроғаи ӯро додам ва баъди гузоштани гушӣ билофосила аз гӯшии дигаре хабари дагузашти Тоҳири Абдуҷабборро шунидам.

Чанд ҳафта ба ин ҷониб, матбуот ва расонаҳои Тоҷикистон низ пайваста аз ҳоли Тоҳири Абдуҷаббор мегуфтанд. Комили Бекзода, файласуфи тоҷик, аз ҷумлаи онҳост, ки менависад, зиндагии амалии Тоҳири Абдуҷаббор ба шеваи зиндагии Шамси Табрезӣ монанд буд, ғурури саркаш, қотеият, ҷасорат, устуворӣ ва шарофати инсонии дар ҳадди хеле боло ва болотар аз боло.

Чу барбастам рахти хеш аз ин хок,
Ҳама гӯянд, ки бо мо ошно буд.
Валекин кас надонист ин мусофир,
Чӣ гуфту бо кӣ гуфту аз куҷо буд?

Натиҷаи заҳматҳои Тоҳири Абдуҷаббор дар рисолае таҳти унвони "Чаро мо акиб мондаем?" гирд омадааст.

Маросими ёдбуди устод Тоҳири Абдуҷаббор дар Душанбе, 25 апрели соли 2009

Радиои ВВС,
Шамсияи Қосим

МЕЪМОРИ ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИКИСТОН ДАРГУЗАШТ

Шамсияи Қосим, хабарнигори радиои ВВС,

Субҳи рӯзи сешанбе, 21 апрел, Тоҳири Абдуҷаббор, раҳбари Ҷунбиши Мардумии Растохез ва аввалин нависандаи тарҳи Эъломияи Истиқлоли Тоҷикистон, дар синни 63-солагӣ дар зодгоҳаш, ноҳияи Ашт даргузашт.

Оқои Абдуҷаббор тайи чанд моҳи ахир аз бемории саратон ранҷ мебурд ва талошҳои пизишкон барои наҷоти ҷони ӯ чи дар Тоҷикистон ва чи дар Эрон натиҷае надод. Қарор аст ҷасади вай дар гӯристоне дар зодгоҳаш дар ноҳияи Ашт ба хок супурда шавад.

Тоҳири Абдуҷаббор тайи чанд соли ахир дар Донишгоҳи байнулмилалии шаҳри Душанбе дарс медод. Вай ба унвони коршиноси умдаи иқтисодӣ мақолоти зиёде дар нашрияҳои Тоҷикистон интишор додааст. Бештари мақолоти вай ба зарурати ҳифзи манофеъи миллии Тоҷикистон ва таъмини адолати иҷтимоъӣ муртабит буд ва ӯ аз тарафдорони сарсахти демукросӣ ва озодигаройӣ дар ин кишвар буд.

БУНЁНГУЗОРИ РАСТОХЕЗ

Фаъолияти оқои Абдуҷаббор нахуст ба унвони пажӯҳишгари улуми иқтисодӣ дар Фарҳангистони улуми Тоҷикистон шурӯъ шуд ва дар авохири солҳои 1980 вай аз мубтакирони аслии маҳфили мавсум ба "Ошкоро" буд, ки аз ҳифзи арзишҳои миллӣ сухан ба миён оварда буд.

Баъдтар, вай бо гурӯҳе аз тарафдорону ҳамандешонаш созмони мавсум ба Ҷунбиши Мардумии Тоҷикистон – Созмони Растохезро таъсис дод. Ин нахустин созмони расмии мухолиф бо ҳизби кумунист дар Ҷумҳурии Шӯравии Тоҷикистон ба шумор мерафт. Вале ин созмон дар фаъолияти худ бо мавонеъи зиёде рӯбарӯ шуд ва гуфта мешавад дастгоҳи иттилоъотии Шӯравӣ, КГБ бар фаъолияти аъзои ин гурӯҳ назорат мекард ва бо парокандани шоеъоте дар ҷомеъа талош дошт ононро дар чашми мардум бадном кунад.

Дар соли 1989 Тоҳири Абдуҷаббор ва рӯшанфикрони дигари тоҷик бо муборизаҳои тӯлонӣ муваффақ шуданд, ки забони форсии тоҷикӣ дар Тоҷикистон ба забоне расмӣ табдил шавад. Қонун дар бораи забон дар он замон тасвиб шуд.

Тоҳири Абдуҷаббор дар соли 1990 аввалин тарҳи Эъломияи Истиқлоли Тоҷикистонро навишт ва ба унвони узви порлумон ба Шӯрои Олӣ муъаррифӣ кард. Ҳарчанд ин тарҳ пазируфта нашуд, вале баъд аз як

сол, дар пайи кудетои моҳи августи соли 1991 ва фурӯпошии Иттиходи Шӯравӣ, порлумони Тоҷикистон ночор шуд аз мафодди ин тарҳ истифода кунад.

Дар замони оғози ҷанги дохилии солҳои 1992-1997 оқои Абдуҷаббор Тоҷикистонро тарк кард ва замоне дар Ирон ва сипас муддате дар Қирғизистон ба сар бурд. Вай дар Бишкек, пойтахти Қирғизистон, дар донишгоҳе ба тадрис машғул буд ва соли 2006 ба Тоҷикистон баргашт. Вай тӯли як сол натавонист дар шаҳри Хуҷанд шуғле барои худ пайдо кунад ва сипас ба Душанбе кӯчид ва то замони хурӯҷи бемориш дар ин ҷо ба сар мебурд.

ШАХСИЯТЕ НОТАКРОР

Акбари Тӯрачонзода, узви Маҷлиси Миллии Тоҷикистон, ки дар гузашта аз мухолифони давлат ба шумор мерафт, мегӯяд, ки даргузашти оқои Абдуҷаббор талафоти сангине барои озодандешони кишвар аст. Оқои Тӯрачонзода афзуд, ки дар замони ҳамкорияш бо Тоҳири Абдуҷаббор дар порлумони вақти Тоҷикистон шоҳид буд, ки вай чигуна тарҳи Қонуни асосӣ ва Эъломияи Истиқлоли Тоҷикистонро таҳия кард, дар ҳоле ки Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамчунон побарҷо буд.

Кабирӣ: "Миллати тоҷик дар даҳсолаҳои баъдӣ шахсияти пешрафтае назири Тоҳири Абдуҷаббор нахоҳад дошт."

Ба гуфтаи оқои Тӯрачонзода, ки дар замони муҳоҷират дар Эрон ҳамсояи Тоҳири Абдуҷаббор буд, вай ҳамчунин дар дастёбӣ ба сулҳи тоҷикон ва таҳияи тарҳи Созишномаи оштии миллӣ нақши муҳимме дошт. Ҳарчанд Тоҳири Абдуҷаббор он замон аз муборизоти сиёсӣ канор рафта буд.

Дар ҳамин ҳол, Муҳиддин Кабирӣ, узви порлумон ва раҳбари Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон, низ даргузашти Тоҳири Абдуҷабборро талафоти сангине барои мардуми ин кишвар, бавижа рӯшанфикрон ва миллатдӯстон хонд. Ба эътикоди оқои Кабирӣ, миллати тоҷик дар даҳсолаҳои баъдӣ шахсияти пешрафтае назири Тоҳири Абдуҷаббор нахоҳад дошт.

Оқои Кабирӣ: "Миллати тоҷик дар даҳсолаҳои баъдӣ шахсияти пешрафтае назири Тоҳири Абдуҷаббор нахоҳад дошт." Вай афзуд: *"Мутассифона, сиёсатмадорон ва рӯшанфикрони феълӣ ҳануз дар пояи андешаҳои даҳаи 1980 Тоҳири Абдуҷаббор қарор доранд ва бо гузашти солҳо мо метавонем танҳо бар пояи як дарсади андешаҳои вай бирасем."*

Муҳиддин Кабирӣ афзуд, ки оқои Абдуҷаббор дар тӯли ин солҳо мавзеъгирии худро таҳти таъсири ҳеҷ як омиле тағйир надод. *"Барои Тоҳири Абдуҷаббор танҳо андеша арзиш дошт, на мақом ё сарват."*

Оқои Кабирӣ афзуд, ки даргузашти Тоҳири Абдуҷаббор бароям мусибати азимест, зеро *"ба унвони як фарди тоҷик эҳсоси нотавонӣ ме-*

кунам ва хиҷолат мекашам, ки устод Абдуҷаббор дар ҳолати шигифтангезе дунёро тарк карданд ва мо натавонистем барояш кумак кунем."

"Ӯ МУҚАССИРИ ҶАНГ НАБУД"

Ахмадшоҳ Комилзода, аз дӯстони Тоҳири Абдуҷаббор, бар ин назар аст, ки вай барои Тоҷикистон шахсе нодир буд ва аз донишҳои зиёде дар бахши сиёсат, иқтисод ва иҷтимоъ бархурдор буд. Ҳамзамон инсони бузург ва ботаҳаммул буд. Окои Комилзода ба хотир меоварад, ки дар авосити даҳаи 1980-ум Тоҳири Абдуҷаббор, ки аз ҷонибдорони тасвиби Қонуни забони тоҷикӣ дар ин чумҳурии шӯравӣ буд, дар гардани худ шиъоре овехта буд ва дар хиёбонҳо мегашт ва тақозои қабули ин қонунро мекард.

Шокирҷон Ҳакимов: Дар фаъолиятҳои оқои Абдуҷаббор маворидиҳ нақзи қонун ошкор нашудааст.

Шокирҷон Ҳакимов: *"Додгоҳи олии Тоҷикистон собит кард, ки дар фаъолиятҳои оқои Абдуҷаббор маворидиҳ нақзи қонун ошкор нашудааст"*

Вале ба гуфтаи Шокирҷон Ҳакимов, муъовини ҳизби сусиёл-демукроти Тоҷикистон, он замон ниҳодҳои вобаста ба ҳизби кумунист тавонистанд дар миёни ҷомеъа ин шоеъотро пароканд, ки гӯё Тоҳири Абдуҷаббор аз мубтакирини аслии ҷанги дохилӣ дар ин кишвар буда бошад. Вале окои Ҳакимов афзуд, ки Додгоҳи олии Тоҷикистон собит кард, ки дар фаъолиятхои окои Абдуҷаббор маворидиҳ нақзи қонун ошкор нашудааст.

Бо ин вуҷуд, баъд аз бозгашт ба ватан, барои Тоҳири Абдуҷаббор дар пайдо кардани шуғли муносибе мавонеъ эҷод мекарданд ва ӯ ночор буд танҳо бо ҳукуқи андаке, ки аз тадрис дар Донишгоҳи байналмилалӣ ба даст меовард, ниёзи хонаводаи худро бароварда созад.

Ин дар ҳолест, ки бисёре аз шогирдон ва ҳамсангаронаш, ки узви чунбиши мардумии Растохез буданд, дар ниҳоят ба симатҳои баланди давлатӣ мансуб шуданд.

Окои Абдуҷаббор дар яке аз мусоҳибаҳои ахираш гуфта буд, ки ҳадафи Растохез расидан ба истиқлоли миллӣ буд ва ин ҳадаф ичро шуд. Мақомоти Тоҷикистон бисёре аз пешниҳодҳо ва андешаҳои вайро, ки замоне бо онҳо худашон мухолиф буданд, батадриҷ амалӣ кардаанд.

Вале вай бар ин бовар буд, ки истиклоли фардии шахрвандон дар Тоҷикистон то кунун таҳаққуқ наёфтааст, давлат то кунун дар умури маданӣ ва иқтисодии шахрвандон мудохила мекунад ва батадриҷ аз демукросӣ ва адолати иҷтимоъӣ фосила мегирад.

Тоҳири Абдуҷаббор бавижа аз вазъияти арсаи кишоварзӣ ва бидеҳкор шудани деҳқонон башиддат нигарон буд ва мақомоти бонки миллӣ ва сармоягузоронро дар таназзули ин арса мукассир медонист ва аз чумла тасмими давлат дар бораи гаравгузории заминро "иқдоме ба сӯйи феудолисм" хонда буд.

Ҷӯра ЮСУФӢ,
хабаргузории "Варорӯд".

ПИРИ РАСТОХЕЗ РАФТ

Тоҳири Абдуҷаббор, пири Растохези Тоҷикистон 21 апрели соли равон пас аз бемории тӯлонии саратони мағз дар зодгоҳаш – деҳаи Ашти ноҳияи Ашт ҷон ба ҷонофарин таслим кард ва ҳамон ҷо ба оғӯши хок супурда шуд.

Муҳри марг ба даҳоне пахш гардид, ки садову салои озодӣ дармедод, ба ҳангоме ки ҳамагон домани империяи кабири Шӯравии пароканда-шавандаро раҳо кардан намехостанд. Миқрози аҷал таноби умри инсонеро бурид, ки озодиву баробарии мардумро мехост, ҳатто мардумеро, ки як бурда нони бардагиро аз талоши озодагӣ авлотар медонистанд. Мурғи сиёҳи мамот дар косахонаи саре лона гузошт, ки моломоли андешаву афкори бикр буд, то роҳу пайроҳаҳои тозаи рушди миллату давлати моро нишон бидиҳад. Теғи бебоки фано дастеро чудо кард, ки барои миллати мо нахустин Маншури истиқлол навишта буд ва Растохези Ӯ аввалин гуле дар баҳори озодии давлати навини тоҷикон маҳсуб мешуд.

Тоҳири Абдуҷаббор яке аз чеҳраҳои барҷастаи Ҷунбиши миллӣ-озодихоҳии тоҷикон буд, ки бо талоши ӯ дар 14 сентябри соли 1989 Созмони Мардумии Растохез таъсис ёфт. Ӯ дар интихоботи парлумонии феврали соли 1990 дар рақобати сахт бо номзади ҳизби ҳукмрони коммунист пирӯз омад ва депутати Шӯрои Олии Тоҷикистон интихоб шуд. Чун бо дасисаҳои кӯтоҳандешони дохилӣ ва найранги маккорони хориҷӣ ҳаракати истиқлолталабии тоҷикон ба хоку хун кашонда шуд, Тоҳири Абдуҷаббор муддате дар Эрон паноҳанда шуд. Баъдан ба Қирғизистон омад ва то соли 2005 ба ҳайси мудири кафедраи Донишгоҳи байналхалқии Бишкек ифои вазифа кард.

Меҳри Ватан, хоҳиши аз наздик ба Ватану мардуми он хидмат кардан ӯро боз ба Тоҷикистони азиз овард. Ду соли охири умраш дотсенти кафедраи иқтисодиёти Донишкадаи фановариҳои инноватсионии Тоҷикистон буд.

Худованд хонаи охираташро пурнур гардонад ва ба аҳли хонавода ва наздикону пайвандонаш сабри ҷамил диҳад.

Бо ин рубоӣ номае ба рӯҳи устод Тоҳири Абдуҷаббор мефиристам:

Ту, эй Зардушти миллат, шод бошӣ,
Абад аз ранҷу дард озод бошӣ,
Дар ин манзил ҳама зилзилаҳо буд,
Ба зери манзили обод бошӣ!

*

СӮГНОМАҲОИ ИНТЕРНЕТӢ

Хабари даргузашти устод Тоҳири Абдуҷаббор дар миёни мардуми озодидӯсту воқеъбин вокунишҳои зиёде дошт ааст. Бавижа навиштаи журналист Раҳматкаримн Давлат дар мавриди бемории Устод Тоҳири Абдуҷаббор афроди зиёдеро ба сӯи зиндагӣ ва андешаҳои волои ин марди арзишманд савқ додаст. Ба сайтҳои хабариш ҳафтавори «Миллат» ва радиои «Озодӣ» аз номи садҳо пайравону ҳаводорон ва рӯшанфикрону мардуми бедор аз саросари дунё номаҳои тасаллият ва афсӯсу хайрхоҳона расидааст, ки мо ҳоло чанд намунаеро аз онҳо пешкаши шумо, хонандаҳои азиз, мекунем:

Карим аз Душанбе
22.04.2009 13:11

Тоҳири Абдуҷаббор инсони ҳақиқатҷӯ буданд, лекин мисли баъзе нафарон вазифа талаб набуданд. Ӯ бидуни ягон вазифаву мансаб барои миллату ватану халқаш хизмат кард...

Рӯҳашон шод бод.

Маросими ёдбуди устод Тоҳири Абдуҷаббор дар Душанбе, 25 апрели соли 2009

Нукра аз Душанбе
22.04.2009 12:55

Рӯҳи устод шод бод ва хонаи охирататаш обод. Мутаассифона, журналистони радио ва телевизионҳои давлатии Тоҷикистон Тоҳири Абдуҷабборро намешиносанд. Чунки саводи комил надоранд, мутолиа намекунанд, корашон фақат талош барои дарёфти вазифаҳо ва унвонҳои давлатист.

Сарвиноз аз Тоҷикистон
22.04.2009 11:15

Рӯҳашон шод бод!

Ӯ барои сулҳи миллаташ, меҳанаш, динаш вазифа нахост. Ӯ танҳо ҳақиқатро мехост...

Мансур аз Маскав
22.04.2009 08:56

Вой бар миллате, ки аз марги чунин фарзона ва абармардаш, ки тарҳи Эъломіяи истиқлолияташро таҳрир кардааст, ёд накунад. Хеле аламовар аст, ки телевизиону радиоҳои мо, ки шабу рӯз ғайр аз барномаҳои мусиқӣ чизе надоранд, ҳатто номи ин бузургмардро ба ёд намеоранд.

Рӯҳаш шод бод, номаш ҳамеша дар дили дӯстдорони миллати тоҷик бокӣ хоҳад монд.

Рашод

22.04.2009 08:24

Рафтани Тоҳири Абдуҷаббор аз ин олам, мусибати як оила, як деҳ, як ноҳия нест, мусибати миллати тоҷик аст! Шукрона бояд кард, ки ин марди бузург дар Тоҷикистон ба хок супурда шуд.

Тоҳири Абдуҷаббор падари Истиқлолияти Тоҷикистон аст. Барои патриотхои миллат бояд номи Тоҳири Абдуҷаббор ва Истиқлолият баробарвазн бошанд... Ба бародари азиз, ба журналисти саршиноси муосири тоҷик, ба нафаре, ки ба маънои томаш вожаи МИЛЛАТ барои ӯ азиз аст, Раҳматкарими Давлат, ки раҳмати Аллоҳ барои ӯ фаровон бод, арзи сипос мегӯям. Ай марди Худо, ту будӣ, ки таи рӯзхои охир ҳама аз ҳолу аҳволи Тоҳири Абдуҷаббор менавиштӣ. Ва ин буд, ки мардум ӯро дар зиндагиаш низ ба ёд оварданд. Вагарна пас аз маргаш ӯро ёд мекардем, шармандагиамонро дубора такрор мекардем.

Маҳмадраҳим

22.04.2009 03:39

Устодро аз охирҳои солҳои 80-ум мешинохтам. Хеле одами бофарҳанг, босавод, бомаданият, хайрхоҳ, миллатдӯст ва ватандӯст буданд. Миллат боз аз яке фарзандони барӯманди худ маҳрум шуд. Афсӯс. Илоҳо ҷоятон ҷаннат бошад, Устод!

Ghaffor аз Tojikiston

22.04.2009 02:53

Падари озодагӣ ва истиқлолхоҳии Тоҷик буданд.

Рӯҳаш шод бод!

Sodatsho аз Khorugh

21.04.2009 23:26

Устоди гиромиқадр!

Дунёро барои Шумо дӯзах карданд, аммо охирати шумо ҷаннати абадист! Омин!

Khushdil аз USA

21.04.2009 21:13

Рӯҳаш шод бод, Қаҳрамони Миллат!!!

О. Сафар

21.04.2009 20:59

Вакте аз ӯ пурсидам, ки барои донишҷӯёни тоҷик аз номи шумо чи паёме ё насиҳате бирасонам?

Гуфт: Бигӯед илм омӯзанд, ки ҳама ин мушкил, ки ба сари мардуми мо омад, аз бесаводӣ буд.

Худованд раҳматаш кунад!!! Омин.

Нигина аз Техрон
21.04.2009 18:44
Равонашон шод бод! Марди шариф буданд!

Faridun аз Pomir
21.04.2009 18:31
Устод худ миллат буд, маҳал надошт, баръакси миллати мо, ки имрӯз худ қабила аст. Равонаш шод бод!

Сино аз Машҳад
21.04.2009 18:12
Даргузашти устод Тоҳири Абдуҷабборро барои ҳамаи мардуми парешонрӯзгори тоҷик тасаллият мегӯям. Ӯ бидуни шак танҳо намунаи комили як рӯшанфикри озодаи тоҷик дар қарни бистум буд. Марде озода, озодандеш, хоксор, ботамкин, бекина ва пойбанд ба роҳу равиши худ.

Ҷои хушҳолист, ки дидгоҳи аксарият дар бораи он ҷавонмарди асил яксон аст. Ин худ далели шахсияти бебадали Тоҳири бузургвор аст.

Рӯҳаш шод ва хонаи охираташ обод бод!

Абдулло аз Санкт-Петербург
21.04.2009 18:07
Бо хондани ин хабар хеле табъам хира шуд ва бевосита ба худ гуфтам микрафони 6 абадан хомӯш шуд... Ростӣ, ки дар парлумони Тоҷикистон чандин сол аст, ки мисли микрафони 6 ҳич садо баланд намешавад. Афсӯс, дар ҷанозаашон ширкат карда наметавонам.

Устод Тохир аз тарроҳони бедории фикрии миллати тоҷик буд.

Рӯҳи ин марди Худо шод бод.

Мунаввар аз Душанбе
21.04.2009 16:30
Мо ҳама назди равони Ӯ карздорем.
Равонаш шод бод!

Dagi аз London
21.04.2009 16:13
Афсус, ки боз як рӯшанфикри арзишманди тоҷик даргузашт.

Дар воқеъ, ин як бадбахтии бузурге барои миллату мардуми Тоҷик аст. Тоҳири Абдуҷаббор яке аз аввалин рушанфикроне буд, ки мехост ин миллатро аз торикӣ ва зулмоти ғуломӣ берун биёварад ва занҷирҳоро бишканад. Вале, мутаассифона, ин ормон дертар насиби мардуми мо шуд.

Пайрав аз Кӯлоб
21.04.2009 15:14

Дар хотирам ҳаст, ки боре дар яке аз гуфтугӯҳои мустақими телевизионии аввали солҳои 90-ум нафаре пеш аз суол додан ба Тоҳири Абдуҷаббор чунин мурочиат карда буд:

– Ассалом, эй марди Худо.

Ва устод Тоҳири Абдуҷаббор фармуданд:

– Лутфи Худо бар Шумо бод! Ва баъд ба сӯҳбати хеш идома доданд.

Ба андешаи ман, ӯ намунаи беҳтарини марди фарҳангӣ ва латифгуфторӣ барои мо мардуми тоҷик буд.

Устод Тоҳири Абдуҷаббор дар Душанбе, соли 2007.

Толибшоҳ аз Душанбе
21.04.2009 14:44

Гӯянд марги олиме марги олам аст. Устоди гаронқадри мо, симбули озодӣ ва истиқлол ин ҷаҳонро падруд гуфт. Офтоби тобони ростиву адлу озодипарастӣ ғуруб кард. Вой, дареғо, сад ҳазор дареғ, марде аз дунёи номард рафт, ки бо сари танҳояш миллат буд. Аз он ки дар ҷанозаи ин азиз, ин бузурги миллат натавонистам ширкат бикунам, хеле мутаассифам. Ман имрӯз ҳар як вохӯрӣ, ҳар сӯҳбати худро бо он Тоҷики Бузург пеши назар меоварам. Ҳар чи мо имрӯз аз истиқлолу пешрафт дорем, бешак моли андешаву муборизаи Устод Тоҳир аст. Ӯ воқеан Тоҳир буд, пок буд, софу беғашу беолоиш буд, барояш то қиёмат месӯзам. Мо дар зиндагӣ ба кадри ин Марди Худо нарасидем. Ӯ сазовор ба ҳама мақому мартаба буд. Ӯ беҳтарин ва арзандатарин фарзанди миллати тоҷик дар тайи ҳамин 500 соли ахир буд. Худо раҳмат кунад Устоди азизи маро.

Зарина аз Душанбе
21.04.2009 14:04

Дар ҳақиқат, ӯ дуруст қайд карда буд: Сулҳ бе ҳич гуна қайду шарт ва тақсими мансабҳои давлатӣ сурат гирад.

Patriot аз Russia
21.04.2009 14:22

Аз хурдсолӣ то ҳол бисёр эҳтиромаш мекардам. Инсони ҳақиқатпараст буданд. Агар дар ҳукумати имрӯзаи Тоҷикистон 4 ё 5 кадр монанди устод Тоҳири Абдуҷаббор мебуд, бовар дорам Тоҷикистони азиз кайҳо аз бӯҳрони моливу энержӣ баромада буд!

www.millat.tj
www.ozodi.org

ТАЪЗИЯИ ХАБАРНИГОРИҲО

Зиндаву ҷовид монд, ҳар к-ӯ накуном зист,
К-аз ақибаш зикри хайр, зинда кунад номро.

Қишрҳои асил, озодихоҳ ва истиқлолталаби Тоҷикистон дар сӯги ҳамтабори боғурур, зуфунун ва намоди рӯшанфикриву ормонгароии хеш нишастаанд. Зимни эъломи ғамшарикии хеш, зикри ин нуктаро бамаврид мешуморем, ки Устод Тоҳири Абдуҷаббор ба амри тақдир дар Тоҷикистон, Ирон ва Афғонистон зист ва ҳамвора посдори азамату шукӯҳи ориёӣ буд. Истиқлоли воқеии Тоҷикистон ва ҳамбастагии форсизабонон аз ҷумлаи ормонҳои ҳақиқии ин марди озода ба шумор мерафт. Донишу андешаҳои барои рушди миллату кишвар муфид, лаҳни шевои форсӣ, тамкину оромиши маънодор, ҷасорату поймардии мисолзаданӣ, шикастанафсии орифона... дошт ва ин вижагиҳои шахсиятиаш буд, ки Устод Тоҳирро ба як чеҳраи мондагор мубаддал кард. Мутмаинем, мардуми тоҷик бо аз даст додани шарифмарде чун Тоҳири Абдуҷаббор бештар ба худ меояд ва Эъломияи истиқлоли иншокардаи ӯро ба ҷойгоҳи воқеияш хоҳад расонд.

Ёдаш гиромӣ ва роҳаш пурраҳрав бод!

Кормандони радиёи «Садои Хуросон»

*

Устод Тоҳири Абдуҷаббор чанд соли ахир бо радиоии ББС ҳамкорӣ дошт ва аз муносиботу самимияти кормандони ин идора изҳори қаноатмандӣ мекард.

Ба аҳли хонавода ва пайвандони устоди гиромӣ Тоҳири Абдуҷаббор, ки пас аз беморӣ даргузашт, изҳори ҳамдардӣ ва ҳамдилӣ мекунем. Даргузашти эшон мо ва бисёре аз мардуми кишварамонро андӯҳгин кард. Исми устод Тоҳири Абдуҷаббор ва андешаҳои ӯ дар дилу зеҳни ҳазорон тан аз мардуми озодипараст ва адолатхоҳи кишвар барои солҳову карнҳо боқӣ хоҳад буд ва наслҳои оянда ӯро ба унвони Меъмори истиқлоли Тоҷикистон ёд хоҳанд кард. Мо ба ҳамсар, фарзандон, наздикон, пайвандон, дӯстон ва дӯстдорони устод Абдуҷаббор, ки номашон бо мафоҳими истиқлол ва адолатчӯӣ тавъам аст, дар ин рӯзҳои ғамангез ва мусибатбор сабри ҷамил хоҳонем.

Кормандони дафтари Би-би-сӣ дар Тоҷикистон ва Лондон

МАРДЕ, КИ БА САОДАТ РАСИДААСТ

Даргузашти Тоҳири Абдуҷаббор, раҳбари ҷунбиши истиқлолхоҳии Тоҷикистон ва раиси созмони мардумии Растохез, қабл аз зуҳри рӯзи сешанбе, 21 апрели соли ҷорӣ ҷомеаи Тоҷикистонро лаҳзае такон дод ва сукут бахшид.

Тоҳири Абдуҷаббор донишманд ва рӯшанфикри беназири тоҷик буд, ки бо маҳзи фаро расидани имкони муборизаҳои истиқлолталабӣ ва озодихоҳӣ дар миёнаҳои солҳои 80-и асри гузашта бо ғулғула ва салобати хосе, ки монанди худро надошт, вориди саҳнаи фарҳангӣ ва баъдан сиёсати Тоҷикистон шуд.

Мавҷи озодихоҳӣ ва ҳаракати рӯшанфикрии Тоҷикистон дар ин айём созмони мардумии Растохезро ба миён оварда. Ин созмон аслан аз устодони донишгоҳҳо ва фарҳангиёни тоҷик иборат буд. Аслиддини Соҳибназар, Бозор Собир, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Сотим Улуғзода ва Акбари Турсун ва соири донишмандони тоҷик аз муассисони ин созмон буданд. Ва Тоҳири Абдуҷаббор раҳбарии ин созмонро бар душ гирифт. Ин созмон як ҳадафи умда дошт ва он ҳам истиқлоли Тоҷикистон буд.

Аммо дар соли 1989 ва ибтидои соли 1990, ба маҳзи бештар мардумӣ шудан ва маҳбубият касб кардани ин ҷунбиш, дастгоҳи амнияти шӯравии пешин дар пайи бадном кардани ин созмон ва роҳбарони донишманди он шуд. Аввалин ин буд, ки бархе аз донишмандон таҳти фишори КГБ-и собиқ аз Растохез андаке канор рафтанд. Вале бо вуҷуди ин дар интихоботи порлумонии соли 1990 Тоҳири Абдуҷаббор тавонист бо шикаст додани рақиби худ ва он ҳам муншии Ҳизби коммунист ба порлумон роҳ ёбад. Ва аз он замон марҳилаи дигари фаъолиятҳои сиёсии Тоҳири Абдуҷаббор оғоз шуд.

Дар 24 августи соли 1990 ӯ ба порлумон тарҳи Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистонро пешниҳод кард. Порлумон онро он замон сад дарсад раъйи мухолиф дод. Аммо баъди як сол вақте табаддулоти давлатӣ дар сатҳи шӯравӣ пеш омад ва дигар ҷамоҳир истиқлоли худро эълон карданд, ҳамин порлумон низ роҳе дигар ҷуз қабули пешниҳоди истиқлолро надошт. Ва тарҳи пешниҳодии ӯ дар **9-уми сентябри соли 1991** бидуни таҳрир ва ислоҳ чун Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистон пазируфта шуд.

Даргузашти Тоҳири Абдуҷабборро хоса ҳамсафону ҳамрохонаш дар ҷунбишҳои озодихоҳӣ бо таассуфи зиёде дарёфтанд. Ҳоҷӣ Акбари Тӯрачонзода, қозии собиқи мусалмонони Тоҷикистон, ки ҳамроҳи Тоҳири Абдуҷаббор вакили мардумӣ дар охири даъвати шурои Олии Тоҷикистон буд, мегӯяд: "Хабари даргузашти бародари гиромӣ Тоҳири Абду-

ҷабборро шунидам. Вокеан як такони бузурге барои ман аст. Тамоми нишонаҳои инсони некро Худованд барои ӯ арзонӣ дошта буд. Умед дорам, ки дӯстон ва пайравонаш кори ӯро идома хоҳанд дод!"

Тоҳири Абдуҷаббор баъди иҷлосияи 16-уми Шӯрои олии Тоҷикистон дар Хуҷанд, ки марҳилаи дигаре аз ҷанги дохилӣ ба дунболи он оташ гирифт, Тоҷикистонро тарк гуфт ва муддате дар Маскав, Теҳрон ва сипас Бишкек ба сар мебурд. Ва дар ин муддат ба иттиҳоди мухолифини мусаллаҳи давлат напайваст ва ба кори мутолиа ва тадрис дар донишгоҳ машғул буд. Аммо ҳаргиз нисбат ба сарнавишти ин миллат бетараф набуд.

Ёд бод аз нависандаи шаҳир Сотим Улугзода, ки аз рӯзҳои нахусти ташкили Созмони Растохез ҳамнишин ва маслиҳатгари устод Тоҳири Абдуҷаббор ва узви раёсати ин созмон буд.

Ҳайдаршоҳ Акбаров, вакили Шӯрои Олии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум ва вазири кишоварзӣ дар ҳукумати Муросои миллӣ дар соли 1992, ки дах соли муҳоҷират дар Бишкекро бо Тоҳири Абдуҷаббор ба сар бурдааст, мегӯяд: *«Ӯ ба иловаи як мубориз як донишманд ва рушанфикри беназире будааст, ки месазад даргузашташро ба ҳамаи онҳое, ки ба истиқлоли Тоҷикистон эътиқод доранд, таслият гуфт. Устод ҳамаи вуҷуди худро барои ин миллат бахшида буд. Поктарин ва самимитарин инсон буд. Касе буд, ки аввалин шӯълаи маърифатро дар ин қавм бедор кард. Шахсе, ки ҳамеша дар фикри наҷоти ин мардум буд. Шахсе буд, дур аз ифрот ва тафрит, устоди фозил, донишманд ва ботаҷриба. Ҳамин аст, ки даргузашти ӯро барои ҳамаи касоне, ки ба ин сарзамин ва истиқлоли ӯ эҳтиром доранд, таслият арз мекунам».*

Тоҳири Абдуҷаббор дар охирин мусоҳибааш гуфтааст, ормони мо истиқлол буд, ки ба он расидем, ҳадафи мо озодихоҳӣ буд, ки ба он даст ёфтем, мо истиқлолталаб будем, на мансабталош ва ба ин саодат расидем. Ҳоло муҳим нест, ки барномахои моро кӣ амалӣ мекунад, муҳим ин аст, ки онҳо амалӣ мешаванд.

Тоҳири Абдуҷаббор шояд танҳо вакили мардумие аз даъвати дувоздаҳум буд, ки дар таҷлил аз 15-солагии иҷлосияи 16 дар Хуҷанд даъват нашуд. Ва пешгоми андешаи истиқлоле буд, ки дар ҳеҷ ҷашни истиқлол роҳ наёфта буд. Аммо мегуфт, ба саодат расидаем.

Бемории Тоҳири Абдуҷаббор аз декабри соли 2008 хуруҷ кард ва бо исрори дӯстонаш ба Теҳрон барои мудово фиристода шуд. Аммо ба анҷоми амали ҷарроҳӣ розӣ нашуд ва ба ватан баргашт. Муддате дар Душанбе ва баъд ҳам дар Хуҷанд ба сар мебурд. Бояд биафзоям, ки чанд дақиқа қабл аз расидани ин хабар, масъулони Вазорати тандурустии

Тоҷикистон дар тамос шуданд ва аз банда, ки охирин мақоларо роҷеъ ба аҳволи Тоҳири Абдуҷаббор навишта будам, суроғаи ӯро гирифтанд, зеро, мегуфт он масъул, дар ягон беморхонаи Тоҷикистон бо супориши вазорат номи ӯро пайдо накардаанд, ман суроғаи ӯро додам ва баъди гузоштани гӯшӣ билофосила, аз гӯшии дигаре хабари даргузашти Тоҳири Абдуҷабборро шунидам.

Чанд ҳафта ба ин ҷониб, матбуот ва расонаҳои Тоҷикистон низ пайваста аз ҳоли Тоҳири Абдуҷаббор мегуфтанд. Комили Бекзода, файласуфи тоҷик, аз ҷумлаи онҳост, ки менависад, зиндагии амалии Тоҳири Абдуҷаббор ба шеваи зиндагии Шамси Табрезӣ монанд буд, ғурури саркаш, қотеият, ҷасорат, устуворӣ ва шарофати инсонии дар ҳадди хеле боло ва болотар аз боло.

Натиҷаи заҳматҳои Тоҳири Абдуҷаббор дар рисолае таҳти унвони "Чаро мо ақиб мондаем?" гирд омадааст.

*

Радиои «Озодӣ»,
Насибҷон Амонӣ, *19.05.2009*

ГИРОМИДОШТИ ТОҲИРИ АБДУҶАББОР ДАР АЛМААТО

Дар Алмаато, пойтахти Қазоқистон, маҳфили гиромидошти пешвои ҳаракати миллӣ-озодихоҳии Тоҷикистон Тоҳири Абдуҷаббор баргузор шуд.

Дар он Сафар Абдулло, яке аз дӯстони Тоҳири Абдуҷаббор, сухан гуфта, аз мақоми ин шахсияти фарзонаи миллати тоҷик ёд кард. Ба гуфтаи Сафар Абдулло, Тоҳири Абдуҷаббор аз шахсиятҳои истисноист, ки фақат дар андешаи миллат, Ватан ва ободиву озодии он буд ва барояш мансабу мақом ва ҷоҳу ҷалол арзише надошт. Сафар Абдулло гуфт, дар Тоҷикистон, ба вижа баъди даргузашти устод нашрияҳо дар бораи Тоҳири Абдуҷаббор мақолаҳои зиёде чоп карда истодаанд. Вале Устод дар зиндагиаш қадр нашуд ва чун бештари хирадмандон зиндагии душвореро аз сар гузаронд. Вале бо ин ҳам донишманди тоҷик шукр кард, ки пас аз марги Тоҳири Абдуҷаббор ӯро ёд мекунанд.

Вай гуфт: «*Пас аз марги устод Тоҳири Абдуҷаббор рӯзномаҳои Тоҷикистон, махсусан нашрияи "Миллат" бисёр мақолаҳои хуб чоп кард ва ба ҳадде арҷ гузоштанд, ки кош ин арҷгузорӣ дар давраи зиндагии Тоҳири Абдуҷаббор мебуд. Вале ҳоло ҳам, ки арҷ гузоштанд, шукр ки мардуми мо*

фарзандони фарзонаи хешро фаромӯш намекунад. Маълум аст, ки ин миллат ба қадри фарзандонаш мерасад. Имрӯз ҳам, ки мо дар ин ҷо ҷамъ омадем, бояд ҳамеша онҳоеро, ки ба миллати мо холисона хидмат кардаанд ва орзу доштанд, ки миллатамонро сарбаланд бубинанд, дар ёд дошта бошем ва ҳам талош кунем, ки орзуҳое, ки Тоҳири Абдуҷаббор ва ёронаш доштанд, амалӣ шавад. Хеле аз онҳо амалӣ шуданд ва хеле дигараш ҳам амалӣ бояд бишавад».

Дар маҳфил ҳамчунин гуфта шуд, Тоҳири Абдуҷаббор дар ҳамон давра чандин пешниҳод ба миён гузошт, ки онҳо, мутаасссифона, аз ҷониби ҳукумати вақти коммунистӣ ва порлумони коммунистгаро пазируфта нашуданд. Пешниҳодҳои вай дар бораи ташкил кардани артиши миллӣ ва баровардани пули миллӣ ва тамоми моликияти дар кишвар мавҷударо эълон кардани моликияти Тоҷикистон хеле дер ичро шуданд ва дар натиҷа ба кишвар зарари беҳисоб расид ва Тоҷикистон гирифтори ҷанги дохилӣ шуд. Нотиқон гуфтанд, ки Тоҳири Абдуҷаббор на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар Осиёи Марказӣ ягона шахсе буд, ки дар замони Шӯравӣ масъалаи истиқлолияти кишврашро ба миён гузошт ва ин баёнгари ҷасорату худшиносии олии ӯст. Ҳамаи ин ҷасорату худшиносӣ марбут ба он аст, ки гуфт Убайдулло Умарзода, яке аз донишмандони тоҷики мукими Қазоқистон, Тоҳири Абдуҷаббор шахси донишманд буд ва фақат дониш инсонро комил месозад.

Лаҳзае аз маросими ёдбуди Тоҳири Абдуҷаббор дар Алмаато, 19.05.2009.

Ҳамчунин, аҳли нишаст бо лавҳае, ки созмондиҳандагони маҳфил бахшида ба зиндагии Тоҳири Абдуҷаббор омода карда буданд, ошно шуданд. Дар он лавҳа аксҳои Тоҳири Абдуҷаббор дар Алмаато гузошта шудаанд. Донишманди тоҷик 7 моҳ дар Алмаато ба сифати мушовири як ширкати эронӣ фаъолият кард ва баъд боз дубора ба Бишкек баргашта буд. Бар илова, аҳли нишаст бо мақолаву рисолаҳои Тоҳири Абдуҷаббор ва матлабҳои дар бораи вай банашррасида ошно шуданд. Дар маҳфил ширкатдорон хабари дар Душанбе моҳҳои наздик ба чоп расидани асарҳои Тоҳири Абдуҷаббор ва китоби ба вай бахшидашударо гарм истиқбол карданд.

*



Мӯъмин ҚАНОАТ,
шоири мардумии Тоҷикистон

ТОҲИР ОЛИМОНА, ОРИФОНА ВА ТОҶИКОНА ЗИСТ

Тоҳири Абдуҷаббор як инсони нарм, боадаб, донишманд ва тахаммулпазир ва дар айни замон ҳадафманд буданд. Ба андозае, ки бархе гумон мекарданд, чандон ҷиддӣ набошад. Зеро хеле одӣ ва хоксор буд. Хеле баъдтар дар ҷараёни корҳо ӯро фаҳмиданд, вақте ки назарияҳои усулӣ ва илмии ҷиддии иқтисодӣ ва иҷтимоиро барои пешрафт ва оянда бинӣ пешниҳод кард. Аммо донишу ҷаҳонбии ӯ амиқ ва бунёдӣ буд. Як олим ва шахсияти одӣ ва қаторӣ набуд. Ҷаҳонбинии ӯ зиёдтар дар мабнои ахлоқи Муҳаммад Иқбол ва Маҳатма Гандӣ устувор буд. Вале андешаи Тоҳир беш аз ҳад инсондӯстона буд. Беш аз ҳад. Маҳз барои ҳамин мардум ӯро нафаҳмид. Зеро ҷомеа дар шароити фурӯпошии Шӯравӣ қарор дошт. Ва аз ҷониби дигар омодаи истиқлол набуд. Мардум фарҳанги зистан дар шароити истиқлолро надошт. Ба ин хотир ӯро хама нафаҳмид. Аммо ӯ ба дарки ҳарфҳое, ки мегуфт расида буд. Андешаҳои ӯ ҷаҳонӣ буданд. Вале гурӯҳҳои манфиатҷӯ ва мутаассиб бо дарки кӯчаки худ ба моҳияти андешаҳои ӯ нарасиданд. Ин гурӯҳҳо фар-

ҳанг ва андешаи миллӣ надоштанд ва бо зӯри бозу ва ё силоҳ мехостанд қазияро ҳал кунанд. Дар ин миён андешаи Тоҳир аз дигарон истиснобуд. Гуфтам, ӯ шогирди мактаби Маҳатма Гандӣ буд, ки бо хирадгароӣ мехост масъалаҳо ҳал шавад, ки нашуд, зеро ӯро нафаҳмиданд.

Ҳаракати ӯ ҳам замонавӣ буд, ҳам олимона буд, ҳам орифона ва ҳам аз рӯи ахлоқ тоҷикона буд. Афсӯс, ки ӯро дар ибтидо нафаҳмиданд.

Ба қадри чунин инсонҳои бузург вақте мерасанд, ки онҳо мурдаанд.

Албатта барои амалӣ шудани андешаҳояш барои Тоҳир дигар дер шуд, вале барои ҷомеаи Тоҷикистон амалӣ кардани он ҳанӯз ҳам дер нашудааст.

Аҳмадшоҳи КОМИЛЗОДА,
узви раёсати Созмони Растохез

ШОИСТАТАРИН МАРДИ АСРИ МО

Ӯ ПАРЧАМЕ АЗ ХИРАД АСТ

Жолаам ҳаргиз надорам тоби эҳсони касе,
Об мегардам, агар аз хок бардоранд маро.

Ин порашеъри пур аз ғуруру шикастанафсӣ, тамкину бурдборӣ шарҳи ҳоли мухтасарест аз Устод Тоҳири Абдуҷаббор, ки даргузашти зудрасидааш ҳама мардуми озодаманиш, Меҳанпараст, боғурур, воқеъбин ва хирадварзи ин марзу бумро бар хок нишонд. Ин абармарди таърихи миллат, яке аз саромадони муборизаи рохи демократия, файласуф ва иқтисоддони маъруфи тоҷик, муаллифи лоиҳаи Истиқлоли Тоҷикистон барои аҳли хирад роҳе рӯшан ба сӯйи озодагиву рӯшангароӣ офаридааст ва касоне, ки пойбанд ба усули хирадварзӣ ҳастанд, ӯро хуб дарк кардаанд. Аслан, дарди эҳтироми ҷойгоҳи шоистаи устод Тоҳир пас аз навиштаи пур аз самимияту нодиракории хабарнигори барчаста Раҳматкарими Давлат бо мақолаи арзишманде дар ҳафтавори ормонии «Миллат», ки ин саҳнаи хурду бовиқор аз рӯзи нахуст майдони андешаварзии Тоҳири Абдуҷаббор буд ва гузориши СМТ, ки бо заҳмати Зинатуллоҳи Исмоил журналисти варзида пахш шуд, сари забонҳо омад. Баъдтар донишмандони озодманиш ва қадршиносе чун Комил Бекзода, Зафар Мирзоён,

Маҳмуд Қосимӣ, Ибодуллоҳи Оқилпур, Азиз Хошок аз ин марди хирадманд ва пур аз донишу одамият сухан гуфтанд. Вале ба гуфтаи Авҳадӣ:

Гурги аҷал якояк аз ин галла мебарад,
В-ин галларо бубин чи осуда мечарад?

Ва даргузашти ин марди оқилу фарзона садҳо афроди баору номусро ба сӯг афканд. Шоири тавоно ва донишманд Устод Мӯъмин Қаноат, Бехрӯз Забеҳулло, Наҷмиддини Шоҳинбод, Қосими Бекмуҳаммад, Ҳикматуллоҳи Сайфуллоҳзода, Зафари Сӯфӣ... бо афсӯсу дареғ аз даргузашти Устод Тоҳир ва бо надомат аз қадрношиносии бархе ба ин марди раҳҷӯву раҳпаймои фарҳангу озодии миллат сухан гуфтанд.

Шаҳобуддини Фаррухёр аз Теҳрон, Алиризо Кирмонӣ ва Шафқати Раҷабиён аз Лондон, Меҳрварзи Ковиёнӣ аз Вашингтон, Диловари Хуросонӣ аз Кобул, шахсиятҳое аз Бухоро, Алмаато, Бишкек ва даҳҳо тане дигар аз дохилу хориҷ занг зада, аз даргузашти Устод Тоҳири Абдуҷаббор дареғу афсӯс мехӯрданд. Садои хаставу пурафсӯси Устод Бозор Собир аз роҳи дур ба гӯш мерасид: «Ҳайф шуде, сад дареғи Тоҳир!».

Ба сомонаҳои сершумори Интернет назар кардам. Садҳо одам аз гӯшаву канори дунё бо афсӯсу дареғ аз даргузашти Тоҳири Абдуҷаббор ва ҷою мақоми волои ӯ дар ҷомеаи тоҷик ёд кардаанд.

Он рӯз ва ду-се рӯзи дигар пай дар пай ба Муҷтамаи журналистон (ГЖК) рафтам. Рӯзи нашри ҳафтаномаҳо буд ва дидам, ки шумораи ҳафтаномаву маҷалаҳо дар кишварамон хеле афзудааст ва аз ин шукр гуфтам. Ба нашрияҳое, ки бештар даъвои рӯшангарӣ мекунанд, назар афкандам. Дар бештаринашон маводди кӯчабозорӣ, иғвогарона, нолозим ба табъ расида буд, аммо дар бораи Тоҳири Абдуҷаббор хабаре ҳам нанавишта буданд. Он рӯз магар хабари муҳимтаре аз ин буд, ки Тоҳири Абдуҷаббор – **Меъмори Истиқлоли Тоҷикистон** даргузаштааст. Қарор гузоштам, ки чун солҳои пешин дигар ҳеҷ гоҳ ба рӯи касифи ин нашрияҳо ҳатто назар намеафканам.

Дертар, рӯзе, ки ин мардум ба дарки бузургтарин неъмати дунё барои як миллат – Истиқлол расиданд, номи Тоҳири Абдуҷабборро парчаме баландафрошта хоҳанд кард. То он рӯз номи онҳое, ки дар саргаҳи муборизаи истиқлолхоҳӣ ҳамеша бо ӯ душманӣ варзидаву имрӯз бешармона лофи истиқлолхоҳӣ мезананд, аз забонҳо хоҳад афтид.

ЗУҲУРИ ШАХСИЯТ

22 июли соли 1989 дар толори Шӯрои Олии Тоҷикистон ҷаласаи порлумон масъалаи ба забони форсии тоҷикӣ додани мақоми давлатиро барасӣ мекард. Ба маҷлис ғайр аз депутатҳо намояндагони илму фарҳанг даъват шуда буданд. Устод Лоиқ Шералӣ ва Муҳаммад Осимӣ ба ман, ки чун хабарнигори телевизион барои таҳияи барнома дар он ҷаласа ширкат мекардам, барои расонидани баъзе иттилоот ба шахсони масъул супориш медоданд. Нишастагон мавзӯи мавқеъи забони ҳукмрони русиро

дар Қонуни Забон муҳокима мекарданд. Аксарияти кулли намояндагон, ки балегӯи дастгоҳи ҳизби ҳоким буданд, ҷонибдорӣ аз ворид кардани банди "забони русӣ ҳамчун забони муошрати байни миллатҳо" ба Қонуни Забон пуштибонӣ карданд, Танҳо Тоҳири Абдуҷаббор (даъватшуда дар ин ҷаласа) ягона касе буд, ки дар ин марҳалаи бунёдӣ дар он ҷаласаи таърихӣ қотеона садо баланд кард. Ин нахустин суханронии ӯ дар миёни депутатҳои дастболокунаки он замон буд, ки ҳама ҳайратзада ва гунгу карахт ба ӯ менигаристанд. Ӯ мегуфт: *«Агар забони русӣ ба масобаи забони муошрати миёни миллатҳо дар қонун навишта шавад, ба ин забон ҳукми фаъолияти озодона дода мешавад. Мафҳуми "забони муошрати байни миллатҳо" дар қонун мафҳуми галат аст. Дуруст аст, ки забони русӣ худ ба сари худ чунин вазифаро бар дӯш дорад. Шумо тасаввур кунед, ки ду нафар гайриҷумик ба ҳам бо ин забон, ки "забони муошрати байни миллатҳо" номида мешавад, бояд сӯҳбат кунанд, зеро дар қонун навишта шудааст, яъне онҳо бояд қонунро вайрон накунанд. Пас барои омӯзиши забони давлатӣ чи зарурате боқӣ мемонад? Ва агар ин ҳукм дар қонун ҷой дода шавад, бар зарари забони тоҷикӣ аст. Бе навиштани ин нукта дар қонун ҳам, намояндагони миллатҳои дигар бо забони барояшон қобили қабул метавонанд сӯҳбат кунанд ва ҳеҷ қонуне ба ин мухолифат намекунад. Бубинед, дар ин ҷо навишта шудааст, ки "озодона амал мекунад", ин чӣ маънӣ дорад?! То ҷое ки маълум аст,* ***озодона амал кардан – ин хислати забони давлатӣ аст».***

Вале ин пешниҳоди заковатмандонаи Тоҳири Абдуҷаббор аз сӯи депутатҳо қабул нашуд, зеро онҳо ба дарки ин маънӣ нарасида буданд ва ҳоло ҳам аксар ин масъалаи муҳимро намефаҳманд. Аз ин рӯ, ин масъала то ҳол ба ҳамон шакли ноқис вуҷуд дорад ва барои душмании забони мо ҳамчун масъалаи калидӣ боқӣ мемонад.

Аммо бузургтарин пешрафт дар он солҳои авҷи худшиносӣ қабули Қонуни забон буд, ки дар ҳамон ҷаласа ба тасвиб расид ва дар ин ҷода хидмати Устод Тоҳири Абдуҷаббор бештар аз дигарон аст. Зеро ӯ чанд моҳе пештар аз ин ташаббускори намоише бо ширкати чанд тан дар хиёбонҳои марказии Душанбе буд. Ӯ дар шонаи худ шиоре овехта аз мақомдорон ва мардум талаб мекард, ки ба забони форсии тоҷикӣ дар ватани худаш мақоми давлатӣ дода шавад.

Аз он ҷаласаи воқеан таърихӣ боз як лаҳзаи хеле гуворо дар ёдам мондааст, ки ман онро «шикасти хун ба шамшер» номидаам. Ҳангоме ки Устод Тоҳир ба сухан даромад, тамоми аҳли ҳузур саросар, ба сӯйи ӯ, ки назди микрофони акиби зал бо забони буррову шево, бо лаҳни тозаву гуворои форсии тоҷикӣ сӯҳбат мекард, нигаристанд. Мардуме, ки тақрибан ҳеҷ гоҳ чунин шеваи сухани волову беолоиши тоҷикиро нашунида буданд, он лаҳза ҳайратзада ба ӯ ва оҳанги гуфтори мантиқиаш гӯш медоданд. Аммо чун мантиқи ин сӯҳбатро намефаҳмиданд, пешниҳоди ӯро қабул накарданд. Ва баъдтар мақомдорон аз зуҳури ин падидаи

донишманд ҳаросида, ӯро ба ирониғарой, афғонгарой ва боз чиҳои дигар гунаҳкор мекарданд.

Ин лаҳза боз як нуктаи ҷолиб дошт. Ба вақти сӯҳбати Устод Тоҳир ман дар курсии паҳлӯи Гаварков – котиби якуми ноҳияи Дарбанд (он вақт Комсомолобод) нишаста будам. Дар поёни сӯҳбати устод ҷаноби Гаварков ба ман нигоҳ карда, ба хашм гуфт: «Зачем всё это надо?». Вай, ки пештар бо ман ошноии наздик дошт, ҳоло бо нигоҳи пурхашмаш мехост маро буғӣ кунад. Мисли барқ аз сарам ду андеша гузашт: нахуст, ҳатман забони мо мақоми давлатӣ мегирад; дигар, ин ки ӯ дар муқобили таъсиру нуфузи сухани волову талаби қатъии Устод Тоҳир маро ҳам чун тоҷик «гунаҳкор» медонист, ки ӯ барои ин кор «ҳақ» дошт. Ман оҳиста аз паҳлӯйи ӯ ба наздики Устод Тоҳир рафтам. Вақте ки қонунро бо раъйи аксари намояндагон қабул карданд, устод Тоҳир дар толор рост меистод, чашмонаш аз хушнудӣ барқ мезаданд.

Устод Тоҳири Абдуҷаббор бо Мирзошоҳи Акобир ва муаллифи мақола, соли 2008.

Ин лаҳза лаҳзаи зуҳури шахсияте буд, ки сар бар санг мезанад, аммо аз роҳаш барнамегардад, танҳо мемонад ва ба танҳоӣ пеш меравад. Ин гуна мардон дар сарнавишти миллатҳо ками андар каманд. Онҳо ному нанги миллаташон, ифтихори озодиву эътибори миллати худро дар хуни шарёнашон ҷой додаву сарбаландона, аммо бо хазор кулфату гирифторӣ, бо қомати афрошта, вале бо азобу шиканҷа ба сӯйи қуллаи максуд пеш мераванд. Дар ҳамон замон ва имрӯз ҳам даҳҳо ашхоси фазилатфурӯш, ҷоҳталабони беор дар рӯбарӯи Устод Тоҳир қарор гирифта, бо суханони бефарозу алфози бемаънии худ ӯро сарзаниш кардаанд. Аммо ин нукта якин аст, ки номи ин қабила мардум бо суханони бефарози худ, бо навиштаҳои тамаъҷӯёнаашон баробари маргашон аз ёдҳо зудуда хоҳад шуд.

ҚОНУНИ ЗАБОН ҲАНӮЗ ҲАМ НОҚИС АСТ

Имрӯзҳо, ки тарҳи қонуни нави Забон бояд бо пешниҳоди Раиси Ҷумҳури кишварамон таҳия, муҳокима ва тасвиб шавад, бори дигар бар сари мубориза ва андешаҳои Тоҳири Абдуҷаббор бармегардем. Ӯ нахустин касе буд, ки барои ҷою мақоми Забон тазоҳурот кард, дар таҳияи қонун иштирок кард ва барои қабули қонун мубориза кард. Дар замоне

ки фазои сиёсии кишвар боз шуд, ин қонун ҳокими ҷомеа буд, аммо бо дигар шудани ҳукумат, қонуни наве қабул шуд, ки барои рушди ҳукумати пойдори он заминаи дурусте мавҷуд нест. Душманони Забони Тоҷикӣ дар он давра аввал ба номи мубораки забони мо ҳамла оварданд ва вожаи модарӣ ва бунёдии он «форсӣ»-ро аз фарзандаш ҷудо карданд. Ёд доред, онҳо пас аз қабули ин пешниҳод дудаста қарсак зада ва дар расонаҳо гуфтанд, ки «забонро тоза кардем».

Албатта пешниҳоди Раиси Ҷумҳур барои таҳияи қонуни нав самимона ва аз сари нияти поки ғамхорӣ ба Забони Миллат ва Давлат аст. Аммо кӣ бовар карда метавонад, ки ин навбат ҳам қонун дуруст ва бунёдӣ таҳия ва қабул мешавад? Магар ҳамон душманони забон дар даргоҳҳои ҳукумат ва дар толорҳои барҳавои ин кишвар ҷой надоранд? Боз ин бор ҳам онҳо бо истифода аз бепарвоии сохибзабонон шогирдонашонро барои хароб кардани нуктаҳои ин қонун сафарбар намекунанд? Агар чунин набуд, онҳо чи тавр метавонистанд мардуми моро аз алифбои аслии худ, ки миллионҳо асарҳои бузурги сатҳи ҷаҳонӣ бо ин хат навишта шудааст, ба ин ҳадд битарсонанд.

Имрӯз, ки башарият ба сатҳи болои истифодаи иттилооти интернетӣ расидааст, магар кишвари мо дар ин арса ҳеҷ манбаи дурусти хабарӣ ва илмӣ дорад? Аммо бародарони ҳамзабони мо дар кишварҳои дуру наздик ҳазорҳо сайтҳои муқтадири хабариву илмиро ба ин забон мавриди истифода қарор додаанд ва ҳар касе, ки чашми ин хатро дорад, ба осонӣ аз онҳо истифода мекунад.

ДАҲОЛАТ ДАР КОРИ ДОХИЛИИ КИШВАРИ МО

Як далели дигарро ҳам мехоҳам ин ҷо зикр кунам, ки ба сиёсатҳои муғризонаи минтақавӣ ва азаматталабии ҳукматдорони Русия марбут аст ва он дар муқобили рушди фарҳангу забони миллати мо созмон дода шудааст. Ба наздикӣ бародарзодаам аз Сахалин занг зад. Гуфт, ки мехоҳад барои хонаводаашон каме пул равон кунад, аммо бонкҳои ин минтақа ному фамилияи маро қабул намекунанд. Бояд ман номеро ёбам, ки ҳатман охирчаспакҳои "ов", "ович" дошта бошанд. Номи каси дигарро барояш муаррифӣ кардам ва ба сиёсати "бародарона"-и ҳукуматдорони ин кишвар "аҳсант" хондам. Кор ба ҷое кашидааст, ки фарзандони тоҷик, ки ному насаби тоҷикӣ доранд, ночор пул сарф карда, дубора номи хонаводагиашонро ба русӣ бармегардонанд, пас барои ғарибкорӣ ба Русия мераванд. Дар дохили кишварамон ҳам мақомоти ҳукуматҳои маҳаллӣ дигар аз номгузории тоҷикӣ даст кашидаанд. Ташаббуси наҷиби Раиси Ҷумҳури мо Эмомалӣ Раҳмон дар ин ҷабҳа бо як зарбаи "бародарона" кариб, ки ба нестӣ расидааст. Ҳамин қадар мондааст, онҳо фармоне содир кунанд, ки ҳар касе ному фамилияи тоҷикӣ дорад, ба кишвари мо набиёяд. Номи ин гуна сиёсат – **даҳолат дар кори дохилии кишвари дигар** аст.

Дар ин рӯзҳое, ки бештарин хабаргузориҳои минтақавӣ ва форсии ҷаҳон даргузашти Устод Тоҳирро талафоте барои илму фарҳанги мо унвон кардаанд, хабаргузории русии "Сентразия", ки маълум аст, ба мақомоти ҷосусии кишваре хидмат мекунад, бо такя ба маълумоти хабаргузории русизабони Тоҷикистон "Азия-плюс" бо гузоштани сарлавҳае муғризона, тавтиъаҳои хоҷагонашро пас аз вафоти ин абармард ҳам идома додааст ва шояд захрашро барои охирин бор чакондааст, ки хостааст ба дардҳои бедавои империяхоҳияшон малҳам бишавад.

Аммо ин ба он маъност, ки баъзеҳо аз мурдаи Тоҳири Абдуҷаббор ҳам метарсанд.

МИТИНГ БАРОИ ТОҲИРИ АБДУҶАББОР

Соли 1998 як хабарнигори қирғиз ба Тоҷикистон омад ва пас аз чанд рӯзи ҳамкорӣ ба ватанаш баргашт. Ҳинни бозгашт гуфт, барояш чӣ хидмате анҷом бидиҳам. Гуфтам, дар Бишкек дӯсте дорам Тоҳири Абдуҷаббор, ӯро хабар бигир ва ба ман занг бизан. Пас аз як рӯз занг зад ва бо ҳаяҷон гуфт: *«Медонӣ, дар Бишкек ҳама ӯро мешиносанд, раиси ҷумҳури мо ӯро хеле эҳтиром мекунад, вай идеали ҳамаи донишҷӯён аст, дар дарсҳои иқтисодиаш ду донишманди Малайзия, як дониш-манди иронии муқими Амрико ду сол боз лексия мешунаванд. Ба наздикӣ як кори аҷоиб шудааст. Аз сабаби дарси бисёр кафедра як ҷуфти дарси ӯро ба устоди дигар додааст, донишҷӯёни ин гурӯҳ шиору плакат бардошта ба назди идораи ректор омадаанд, ки ба мо фақат Тоҳири Абдуҷаббор дарс бидиҳад».*

Пас аз шунидани ин хабар, дарҳол ба устод занг задам. Дар ҳуҷраи кориаш дар Донишгоҳи улуми инсонии Бишкек, ки дар он ҷо мудири кафедра буд, пайдош кардам. Пас аз ҳолпурсӣ гуфтам:

– Ҳа, устод, боз чӣ гап?

– Ҳадафи пурсишатро намефаҳмам, – гуфт аз он сӯи телефон. Одатан ӯ ҳеҷ гоҳ аз муваффақият ё мушкилоташ ҳарф намезад, вале мо ба ҳар роҳ дараки корҳояшро меёфтем.

– Охир, чи хел намефаҳмед, дар он ҷо ҳам боз митингу шиору плакат ташкил кардаед! – гуфтам бо ҷиддият. Садои хандаи самимона ва рӯҳнавозаш аз гӯшии телефон ба фазои хона печид. Писарам Комрон гуфт, ки ин садои хандаи устод Тоҳир аст. – Инро ба ту кӣ гуфт? – пурсид устод, гуфтам: – Ман дар он ҷо ҷосусҳо дорам ва ҳар қадами Шуморо ба ман хабар медиҳанд…

Ҳангоме ки ба диданаш рафтам, мо дар Алмаато вохӯрдем (воқеан, масъулони донишгоҳҳои ин шаҳр ҳам ҳангоми дар Душанбе будани Устод борҳо ба ман занг зада мегуфтанд, ки ҷояш дар мудирияти фалон кафедра холӣ аст, бояд ҳар чи зудтар биёяд). Воқеаи донишгоҳи Бишкекро ёдовар шудам. Гуфт, ки сатҳи маърифати донишҷӯён ва донишомӯзӣ дар ин шаҳр хеле болост ва аз мушкилоти донишгоҳҳои Тоҷикистон афсӯс хӯрд.

РАСТОХЕЗ ВА КГБ-И ШЎРАВӢ

Дар пайи пурсишҳои дурударози кормандони КГБ-и Тоҷикистон, ки борҳо фаъолони ҶМТ– Созмони Растохезро ба ин коргоҳи тарсбарангези таҷассусӣ даъват мекарданд, хеле аз мардуми сустирода ноаён аз созмон канор мерафтанд. Танҳо мардуми якрӯву қотеъ то охир ба ин ормони волои миллӣ собитқадам боқӣ монданд, ки имрӯз ҳам дар хиёбонҳои Душанбе сарбаландона қадам мезананд. Аммо худи устод Тоҳир ҳам бо дарки амиқи вазъи баъдӣ таъкид мекард, ки шахсиятҳои маъруфи кишвар, ки аъзо ва ҷонибдори созмони Растохез буданд, ба ҷаласаҳо даъват карда нашаванд, то дар атрофи номи онҳо камтар фитнаи сиёсӣ бисозанд. Ба ҳамин далел, устод Лоиқ ва чанде дигар, ки ҳанӯз вақти баршумурдани номи онҳо нарасидааст, ба ҷаласаҳо даъват карда намешуданд.

Устод Тоҳири Абдуҷаббор бо муаллифи мақола дар рӯзи Истиқлоли Тоҷикистон дар чорбоғи Рӯдакӣ, соли 2008.

Як масъули идораи КГБ бо номи Краснухин Устод Тоҳир ва мо аъзои раёсат ва масъулони рӯзномаи «Растохез»-ро ҳам борҳо пурсуҷӯ ва таҳдидҳое мекард. Бахусус, як давра пурсуҷӯйи растохезиён ва таҳдидҳои Краснухин ва дигар масъулони КГБ ба бачаҳои мо зиёд шуд. Ҳангоме ки дӯсти вафодори мо – узви созмон Беник Богдасарян нашрияро пинҳонӣ аз Литва меовард, дар ҳавопаймои Маскав-Душанбе дар қатори дуввум ҷой гирифта буд. Вай як бастаи мукаммали нашрияро дар пеши пояш зери курсии аввал ҷой дода будааст. Ҳангоми парвоз Қаҳҳор Маҳкамов, ки он давра ҳокими кишвар – Котиби якуми ҳизби коммунист буд, дақиқан дар болои бастаи рӯзномаҳои «Растохез» нишастааст. Беник дигар ба ҷуз хомӯшӣ чорае надошт. Ҳавопаймо он рӯз ба далели ҳавои номусоид дар фурӯдгоҳи Душанбе нанишаста, баргашта ба Хуҷанд рафт ва субҳи рӯзи дигар бо мусофиронаш мукаммал ба Душанбе расид. Рӯзнома базудӣ дастраси муштариёни муштоқи худ шуд ва хабари шӯхиомези «Маҳкамов "Растохез"-ро овардааст» низ таҷчилӣ ба КГБ расид, ки дарҳол Устод Тоҳир ва рӯзҳои дигар ҳамаи моро якояк ба назди Краснухин хонданд. Устод Тоҳирро намегӯям, аммо мо боқимондаҳо ҳама гуфтем, ки аз рӯзнома хабар надорем ва онро дар бозор аз дасти мардум харидаем. Сипас, Краснухин ба ман бо таҳдид гуфт: *«Мо медонем, ки ш рӯзномаро ту мебарорӣ, ҳамаашро медонем, ҳоло вақташ биёяд, мо бо ту дигар хел гап мезанем…»*.

ТАНИ ТАНҲО ВА БО РАСТОХЕЗ

Як далели дигар ҳам вуҷуд дошт; чанд тане аз роҳбарони сатҳи болои созмон, ки гумони ҳамкории онҳо бо КГБ ва хадафҳои ғаразноки 2-3 нафарашон бештар рӯшан шуда буд, ба ҷаласаҳо камтар даъват мешуданд, ки баъдтар Устод Тоҳирро бо гуноҳи мағрурӣ, яккароҳбарӣ ва монанди инҳо муттаҳам карданӣ мешуданд. Воқеият ин буд, ки амалан Устод Тоҳир аз ин кор хабардор ҳам намешуд, зеро мо аъзои раёсат ин гуна ашхоси машкукро ба ҷаласаҳо даъват намекардем. Онҳо бо дарки ин воқеиятҳо оҳиста-оҳиста созмонро тарк мекарданд. Ва шунидам, ки баъзеи онҳо ҳоло ҳам аз Устод Тоҳир шиква доранд.

Аммо мавзӯйи муҳим ин буд, ки худи Устод Тоҳир ошкор мегуфт, ки мо ҳеҷ чизе пинҳонӣ надорем ва аз ҳеҷ кас ибо ҳам намекунем. Дар чандин ҷаласаҳо намояндагони расмии КГБ иштирок мекарданд. Ба ҳамин асос, устод Тоҳир бо лутфи хоси худ мегуфт, ки *«агар ҳатто шайтон аз истиқлолияти Тоҷикистон пуштибонӣ кунад, мо бо ӯ ҳамкорӣ мекунем».*

Устод Тоҳир бар асоси хислати зотии маърифатпарастӣ ва хираде, ки дошт, ба ҳеҷ гурӯҳи сиёсӣ, мазҳабӣ, шахсиятҳои ҷудогонаи ҷомеа кина намеварзид ва мухолифати бадандешона надошт. Ӯ дар ҳеҷ ҷое касеро даъват накардааст, ки узви Ҷунбиши Мардумии Тоҷикистон – Созмони Растохез шавад.

Рӯзҳои душвори моҳҳои апрел ва майи соли 1992, ки ҳанӯз дар майдонҳои Душанбе гирдиҳамоиҳо идома доштанд, Устод Тоҳир ба унвони узви ситоди мухолифин ба хеле аз тадбирҳо ва амалҳое, ки аз сӯйи ин гурӯҳ карда мешуд, мухолифат нишон медод. Бахусус, талаби ӯ, ки мегуфт ба митингҳои дурудароз хотима дода шавад, хелеҳоро нороҳат мекард. Аммо мухолифати ӯ дар мавриди ба гарав гирифтани чанд нафар депутатҳо дар ин майдон боиси нороҳатии афроди алоҳида шуда буд. Як бегоҳӣ дар хаймае, ки аъзои Растохез менишастанд, Мирбобо Миррахимов даромад ва аризаи хориҷ шуданаш аз ин созмонро ба Устод Тоҳир дод.

– Мо барои шомил шудан ба созмон аз ҳеҷ кас ариза нагирифтаем ва барои хориҷ шудан хам ба касе мухолифат надорем, – бо тамкин ва оромона гуфт Устод. Миррахимов умед дошт, ки ақаллан чанд нафар ба Тоҳири Абдуҷаббор мухолифат мекунад ва "каҳр кардани ӯро" ба ҷанҷоле табдил медиҳанд. Аммо аввалин касе, ки хориҷ шудани ӯро хуш пазируфт, узви раёсати созмон Салими Шукрона буд, ки мехост дар бораи ин «амри хайр» сухане сазовор бигӯяд, аммо устод ба ӯ монеъ шуд. Вале сухани буррову баланди Азизи Хошок дар он миён ин «чаласа»-ро поён бахшид: *«Мо ин ҷо аз пушти Тоҳири Абдуҷаббор омадаем, агар мисли ту садтояш аз созмон бираванд, парвое надорем».* Баътар Миррахимов дар варақаи корӣ 237, ҷилди 16-уми парвандаи ҷиноии №695 нисбат ба Миррахимов М., Комилов А., Қосимов Х., Назаров Х. дар хотирахояш навиштааст: "...бегохии 22 апрели соли 1992 баъд аз дар иҷлосияи ШО тасдиқ шудани протоколи гуфтушунид бо гирдиҳамомадагон дар хаймаи Растохез ҷамъомад шуд.

Ман тамоми камбудиҳои Т.Абдуҷабборро гуфтам ва аз созмон рафтам. Доир ба ин камбудихо Салими Шукрона ҳам сухан гуфта, аз созмони Растохез баромад. А.Комил низ чунин рафтор кардааст". Тавре дида мешавад, мо бо Салими Шукрона то ҳанӯз узви созмон бокӣ мондаем ва ҳеҷ гоҳ андешаи хориҷ шудан аз созмонро накардаем. Миррахимов ҳамон вақт ҳам ин гуна афкору навиштахо дошт, ки мо ба хубӣ аз онҳо огоҳ будем ва дертар дигарон ҳам ин гуна амалҳоро дарк карданд.

Аммо ҳама ин гуна бозиҳо дар баробари маърифату шоистагиҳои Тоҳири Абдуҷаббор ночиз буд. Ҳатто бо гузашти солҳо ин қабил мардум натавонистаанд дар баробари қотеият, салобот ва камолоти инсонии ӯ заррае дошт бидиҳанд. Устод Тоҳир шахсе буд, ки дар бораи масъалае, ки наандешида буд ё намедонист, ҳарф намезад. Мо шоҳид ҳастем ва бо тамоми масъулият гуфта метавонем, ки Устод Тоҳир номи баъзе одамони хеле нангину беарзишро дар тамоми давраи ҳамкориву ҳамнишиниаш ҳатто боре ҳам ба забон намегирифт. Танҳо аз ноилочӣ гоҳе дар ҷараёни сӯҳбат бо дигарон "ӯ" ва ё "онҳо" мегуфту бас. Ба ҳамин далел, намояндагони ҳизбу созмонҳои гуногун, миллатхои мухталиф ва ҷараёнҳои ҳаргуна ва миллатхои ғайриточик узви ин созмон буданд, ҳатто омилони КГБ. Дар бораи афзоиши аъзо ва нуфӯзи Созмони Растохез дар он давра далелҳои зиёд мавҷуд аст. Ю. Кулчиков, С. Румянцев ва Н. Чичерина навишта буданд: "Бешубҳа, Растохез бузургтарин ҷумбиши шаҳрвандии Тоҷикистон аст ва на танҳо аз лиҳози теъдод, балки аз лиҳози имкониятҳои интеллектуалияш низ". (Гражданские движения в Таджикистане, Москва, 1990, сах. 48).

Устод Тоҳири Абдуҷаббор дар Теҳрон, соли 1996

ТОҲИРИ АБДУҶАББОР ВА ДЕПУТАТҲОИ ШО

Боре дар идораи Растохез Ҷонибеки Асрориён ва Холаҳмади Самеъ нишаста буданд, ки Тоҳири Абдуҷаббор аз ҷаласаи навбатии Шӯрои Олии Тоҷикистон баргашт. Ӯ озурдахотир ба назар мерасид. Аз ӯ пурсиданд, ки устод чӣ гап шудааст, бо ҳамон нороҳатӣ гуфт; депутатҳоро ҳақорат кардам.

Албатта, ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ ҳолат касе сухани дурушт гуфтани устод Тоҳирро ёд надорад, бинобар ин Ҷонибеки Асрориён бо ҳайрат мепурсад:

– Устод, чӣ дашноме ба депутатхо раво дидед?

– Ба онҳо гуфтам, ки Тоҷикистон гӯсфанди холаатон нест, ки ба хар касе хоҳед, бифурӯшед! – бо ҳамон ҷиддият посух мегӯяд Устод.

Ҷонибеку Холаҳмад хуб механданд ва мегӯянд: «Мо фикр кардем

модари касеро дашном додаед». Устод ҳам соддагии худро дарк карда, самимона механдад.

ҲАМА ҶОЙИ ИРОН САРОИ Ӯ БУДУ НАБУД

Дар солҳои душвори ҷанги дохилӣ пас аз озод шудан аз зиндони Душанбе, вақте ба Теҳрон омадам, ки Устод дар бахши русии радиои Ирон кор мекард. Чанд бор ба ин идора рафтам. Кормандони ин радио ба ҳадде ӯро эҳтиром мекарданд, ки носутуданӣ буд. Онҳо дар бораи дониши фаровони сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ӯ ба сурати ҳайратовар сухан мегуфтанд. Забондониашро барои худ мактаб медонистанд. Бояд бигӯям, ки бештарин мардуми Ирон дар ин соҳаҳое, ки гуфтам, дониши фаровон доранд, вале тавоноии Устод Тоҳирро мардона эътироф мекарданд.

Воқеан, устод забони русиро олӣ ва забони англисиро ҳам хуб медонист. Аммо бемуҳобо устоди забони форсӣ ва гӯишҳои тоҷикӣ, форсӣ ва дарии он буд. Агар мардона эътироф кунем, забондониву адабгуфтории ӯ ба бештарини журналистон, олимон ва мардуми гуногуни ҷомеи тоҷик таъсири гуворо ва гузашта аз ин боасаре доштааст. Мо пайравон ва шогирдони Устод ҳамеша дар партави сухандонӣ ва суханрониаш, ҷасорати бемисли инсониаш худро тарбия мекардем. «Одам ба ҳар забоне сухан мегӯяд, бояд тозаву белоиш сухан кунад», – мегуфт Тоҳири Абдуҷаббор. Ба ҳамин маънӣ мо бархе дар назди рӯҳи поки ӯ барои омӯзиши донишҳое ва сухан омӯхтану гуфтан худро қарздор медонем.

Боре ҳамроҳ ба Донишгоҳи Теҳрон рафтем ва ҳангоми воҳӯрӣ бо раиси ин донишгоҳ, устодро муаррифӣ кардам. – О, Устод Тоҳири Абдуҷаббор! – хитоб кард ӯ, – Бале, мешиносам, номашонро дар Интернет дида будам, навиштаҳояшонро хондаам.

Ман пешниҳод кардам, ки устодро дар донишгоҳ ба кор шомил кунанд. Гуфт: – Бо ифтихор. Аммо пас аз ду рӯз занг зад ва гуфт, ки бузургтарҳо розӣ нашудаанд ва узр хост.

Ҳамин гуна мардеро, ки аз Ватан бо тамғаи иронгароӣ берун ва дар ба дар шуда буд, дар Ирон ҳам барояш ҷойгоҳе қоил намешуданд. Аммо ӯ ҳамоно мардона ва бо лабханди барояш зебанда ин ҳамаро таҳаммул мекард ва эҳсоси асабоният ҳам намекард. Агарчӣ ин замон ман ҷойи ӯ аз қаҳр ба худ мепечидам.

Аммо дар ин сарзамин мардоне, ки ба қадри ҳиммату заҳмати устод Тоҳир мерасанд, кам нестанд. Мавридҳоеро аз саргузашти ин озодамард, ки қобили гуфтан ҳаст, зиёд ёд дорам, ки барои як матлаби дигар мегузорамаш. Ва ин ҷо овардани ҳаминро басанда медонам, ки нависандаи хушзавқ Наҷмиддини Шоҳинбод, ки ба унвони марди адабпарвар ва қадршинос дар ду моҳи бемориаш ҳамеша нигаҳбону ҳамнишини Устод Тоҳир буд ва дар мақолаи сӯгвориаш ачаб зебо нигоштааст: «Ман ба Ватани соҳибистиқлолам ягона хидматеро ҳалол меҳисобам, ки соатҳо дар бари Устод Тоҳир будам».

Дуруст гуфтаанд: Ё мард бош, ё дар хидмати мард!

Наҷмиддини ШОҲИНБОД,
нависанда

ЛОЛАҲОИ АШТ САРХАМИДААНД

Лолаҳои дашти Ашт сархамидаанд, табиат домони гиря сар додааст. Аз ин дашт 5 рӯз қабл бори охир ба зодгоҳи худ абармарди даврон, поягузори истиқлоли тафаккур Устод Тоҳири Абдуҷаббор мегузашт. Саҳнаи қатли Артур аз достони «Ғурмагас» ёдам омад. Тир мебориду Артур мижа намезад: «Ман ба марг тамасхур мекунам...».

Устод низ то лаҳзаҳои охирини умр бо вуҷуди он ки медонист барои зистан умед нест, аз ояндаи миллат ҳарф мезад: – Растан осону хестан мушкил. Хестану сохтан ормони Растохез аст. Фақат барои дифои истиқлолу ғурури миллӣ хестан лозим. Барои ғасби тахт, ҳукумат хестан ғарази хусусӣ аст…

Яке аз охирин гуфтаҳояш ин буд: – Аз бӯҳрони молӣ натарсед… бӯҳрони маънавӣ – Аҳриман аст...

5 рӯз… ва 5 соат… Расо 5 соат масофаи вақти сафари дунёи охират барояш ҷудо карданд. Издиҳоми мардумро фақат 5 соат барои видоъ ҳақ доданд. Илтиҷо ва хоҳиши дӯстони дур низ рад шуд: – Ҳеч мумкин нест! Мо мардумро алакай хабар кардем...

– Во дареғ!!! Мардуми хабаршудаву аз хидмату шуҷоати Устод бехабар...

Банда дар ду моҳи охир бо устод будам. Ман ба ватани соҳибистиқлол ягона хидмате, ки ҳалол меҳисобам – ин соатҳои дар паҳлӯи ӯ буданамро ҳисоб мекунам.

Дар хонаи устод се ҳисобкунак – яке барои барқ, дигаре барои газ ва сеюм ҳисобкунаки дӯстону душманон буд. Ҳисобкунаки шумори аёдаткунандагон – дӯстон аз ҳисобкунаки барқ бештар давр мезад. Раҳматкарими Давлат, Насибҷони Амонӣ, Адолати Мирзо, Ҳайдаршоҳи Акбаршоҳ, Аҳмадшоҳ Комилзода, Абдуқодири Абдукаюм… ҳар соат аз ҳоли Устод пурсон мешуданд...

Мурдан оғози зистан аст... Дар дили ҳазорон дӯстон, шогирдон зиндаву ҷовид аст…



Ҳайдаршоҳи АКБАР,
шоир ва донишманд

КӮҲЕ АЗИМ РЕХТ...

Кӯҳе азим рехт дар ин кӯҳна хокдон,
Кӯҳе, ки тег барбикашидӣ ба каҳкашон.

Кӯҳе, ки порае гар аз он уфтад ба баҳр,
Амвоҷи баҳр сар бизанад то бар осмон.

Дилҳо агар зи санг набуд, он гаҳ ин замин,
Дар сели ашк гарқ бигаштӣ ба як замон.

Огаҳ зи хеш гар бишавад ин гунуда қавм,
То рӯзи ҳашр мӯя кунад пиру ҳам ҷавон.

Хокам ба сар, чи гӯямат, эй миллати гариб,
Рафтанд сарворонату ту бехабар аз он.

Он андалеби минбару он кони маърифат,
Он беҳтарини аз ҳама беҳтар суханварон.

Он ифтихори миллату он махзани адаб,
Рамзи сахову иззату озодии баён.

Эй марҳами шикастадилон, ҳамнишини дил,
Баъди ту нест дар дили мо ҷуз гами гарон.

Эй мазҳари адолату меъмори Растахез,
Акнун ба растахез диҳанд адли ин ҷаҳон.

Нафсат чу пок буд, башорат муборак аст,
"Ё нафсу мутмаъинна" - туро нафс дар амон.

Ҷонибек АСРОРИЁН,
донишманд

ПАРЧИНИ РОЗҲО

Гумонам, ки Тоҳири Абдуҷаборро мешинохтам. Вале на ин тавр буд. Аз доираи андеша ва тафаккурам болотар ва хеле болотар маснад дошт. Тамкину таҳаммул, маърифат ва суханваришро ёд мекунам. Монои як фариштаи пеши назарам чилвагар мешавад, бо мӯйҳои мисли кафкобаи обшорони кишвар сафед. Виқору ғурури кӯҳистонӣ дошт ва зори пайсаву давлату дороӣ набуд. Шиква намекарду бадгӯӣ ҳам. Ҳама хусусиятҳоро дошт, ба ҷуз аз бадию зиштӣ. Пиндору ангорам дар борааш як лахт сапеди сапеданд ва мехоҳам зиндагиномаашро, ки монои докаи сафеди модарон сафеду намозӣ буд, бинависам. Вале дар ин амал оҷизам.

Дар ҳама ҳолат таҷриба кардам, ки аз худ берун набуд. Ғазабу саҳлангорӣ ва таърифу ситоиш ва лофгӯиро фурӯ менишонд – дар худ ва ҳамсӯҳбатон. Дар солҳои мудхиш барои мардуми тоҷик ӯ мачмӯаи тадбирҳо буд. Пас аз дунё гузаштанаш сӯҳбатҳоро, ки аз наздик бо ҳам доштем, аз ёдномаҳоям варақ мегардонам ва пушаймонам, ки ба қадраш нарасидем…

Рӯзе, ки дунёро тарк гуфт, дар ёд намегирам, чи ки дилам аз зиёнӣ миллат ва дунё хунук мешавад. Чи ки бозигаранду бозихунук. Рӯзе ҳафт аз фавти устод гузашта буд, ки сари хон нишастаҳо ба сифати устод Тоҳир меафзуданд. Пас аз фавташ ба бузургию худшиносӣ ва ватанпарастиаш тан медоданд. Вале дар зиндагиш анқариб ҳама аз ӯ дурӣ меҷӯстанд. Ва гоҳе медидамаш бо Аҳмадшоҳи Комил. Аз сӯҳбатҳо маълумам мешуд, ки Раҳматкарим ва чанд тани дигар аз устод Тоҳир хавф надоштанд. Вале нишастаҳо бо даҳону лабу забони равғанин аз беҳурматӣ ва беэътибории халқу давлат нисбати устод Тоҳир ҳарф мезаданд.

Дар сарам ин лаҳза суолҳое гардон буданд: Кист он халқу ҳукумат? Магар мо нестем, ки ин ҷамъиятро созмон додаем? Магар мо набудем, ки бо қисмат кардани доираи манфиат, гурӯҳеро, нафареро сиёҳи сиёҳ кардем. Вале ин замон бар газоф рӯсафедӣ дорем, ки рӯсиёҳимон беҳтар буд. Пикагӣ дар дилам намеғунҷид. Он рӯз ҳар қадар ки дар бораи Тоҳири Абдуҷаббор бӯҳтону дурӯғ мебофтанд, ҳамаро дар сари мардуми ба қавлашон ноҳақшинос мерехтанд. Вале изҳор намедоштанд, ки устод

Тоҳир буд, ки аз зиндагии якнавохти бенури мардум дилгир мешуд ва онхо низ қадди мағзи нон азизаш медонистанд.

Дар миён сухан аз боби он мерафт, ки расонаҳои ҳукуматӣ дар маҷмӯъ дониш ва андешаҳои Устодро истифода накарданд. Манзур ин буд, ки демократия дар матбуот вуҷуд надорад ва гӯё барои Тоҳири Абдуҷаббор ҳама дарҳо баста буданд.

Вале банда аз кинатӯзӣ, маломатгӯии рақибони устод ва лофзаниҳошон парҳез мекунам ва чанд пора ёдномаҳоро руйи варақ меоварам.

Рӯзи 9-уми сентябри соли 2008 буд. Бо хоҳиши хабарнигори радиои "Садои Душанбе" Инобат Икромӣ устод ба студия омаданд, то андешаву афкор ва бурду бохти чандсолаи иқтисодиётро мавриди баҳс қарор бидиҳанд. Ӯро Аҳмадшоҳи Комил ҳамроҳӣ мекард. Устод аз боби пешрафти сиёсӣ ва фарҳангӣ бо далел сухан мегуфт ва камбуду норасоиро дар иқтисодиёт муйшикофона байён дошт. Сӯҳбат хеле ҷолиб ва маърифатомӯз буд.

Банда, ки барномаро дар утоқи корӣ мешунидам, аз Аҳмадшоҳ хоҳиш кардам, ки устодро ба гап бигирад. Дар назди хонаи Радио гарму чӯшон вохӯрдем ва аз ғайриинтизор пайдо шуданам хеле шод буд. Тибқи машварати пешакӣ бо Аҳмадшоҳ, ки доштем суханро бо гила шурӯъ кардам:

– Устод, мемонед як ҷо бахузур кор кунем. Аз дасти Шумо гурезаву бадном шудем. Дар ҳамин ҷо ҳам аз дасти Шумо ба бало мондем...– бо гила гуфтам.

– Нафаҳмидам Ҷонибеки азиз,– ҳайрон ба ман нигариста як қулоб дуд кашиданд.

– Ними дунёро вайрон кардеду ҳаминро нафаҳмидед,– гӯё асабонӣ гуфтам ва афзудам,– ҳозир аз куҷо меоед?

– Аз радиои "Садои Душанбе", ки хоҳиш карданд чанд андешаамро аз боби истиқлолияти сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангӣ баён кардам. Сухани баде нагуфтам,– расмӣ ва дар ҳолати ҳузн посух дод Устод.

– Ман, ки ин ҷо роҳбарам, – қариб ки хандаам меомад, гуфтам, – шояд имрӯз охирин рӯзи кориам бошад...

– Маъзарат мехоҳам, Ҷонибеки азиз, маъзарат, узр мехоҳам, – илтиҷо мекард Устод. Ва маро бо пушаймонӣ ба оғӯш кашид.

Аҳмадшоҳ бесадо механдид. Дар ин ҳолат ду тан он чунон ҷилави хандаро дар додем, ки Устод ҳайронтар шуд. Чун аз ҳазлҳои мо огоҳ шуд ва спектакламон ошкор шуд, устод Тоҳир хушҳол гардид. Ба чашмони маҳзунаш нур давид. Он рӯз сешанбеи ҳафта буд. Се тан бо сабукрави Аҳмадшоҳ то бозори Саховат омадему асбоби фароғат муҳаё сохтем. Моро дар ҳавлии берун аз шаҳр Холаҳмад мунтазир буд.

Аз пешин то шом дар чорбоғи нимободи Холаҳмад аз ҳар боб сӯҳбат мекардем. Устод ҳазлҳои зебо доштанд ва қиссаҳои ҷолиб мекарданд.

Инсони воқеӣ буданд. Идомаи сӯҳбат дар хонаи мо вақеъ шуд. Устод Тоҳир бисёр мехост фарзандонамро бубинад, ошно шавад. Ва бештари вақтро ба онҳо додаву машғул шуд.

Саҳеҳтар бигӯям, бо Т.Абдуҷаббор замони шӯравӣ, ки дар АУ кор мекарданд, ошно шудам. Марди заковатманд ва ҷаҳонбинии билкул дигар дошт. Нигоҳаш ба атроф ва падидаҳои ҷамъиятӣ комилан аз дигарон тафовут дошт. Тарзи суханронӣ ҷолиб, ҳаводорони зиёд пайдо мекард.

Бо устод Тоҳир тамоми минтақаҳои ҷанубро сайр кардем. Мардумони зиёде ба дидораш меомаданд, аз муносибати самимиаш маънӣ мебардоштанд.

Дар ноҳияи Маскав (феълан ба номи Ҳамадонӣ) дар хонаи дӯстамон Ситамшо пешин мехӯрдем. Дар лаълие як навъ қаланфури аз тугма калонтар оварданд. Дар табақи калон шӯрбои классикӣ мехӯрдем. Устод бо ишора аз ман пурсиданд, ки ин чист. Посух додам, ки қаланфур. Пурсиданд, ки тунд аст? Гуфтам, ки начандон ва яке аз онро ба даҳон андохтам ва дар як гӯшае даҳон нигоҳаш доштам. Ӯ низ пайравӣ кард. Пас аз лаҳзае ба устод менигаристам, ки сарашро хам карда буд, то оби равони чашмонашро касе набинад. Сир бой намедод. Дигарон, пайхас карда бошанд ҳам, барои иззати устод дам дарун зада буданд.

Пас аз лаҳзае қаланфурҳои дарози ватанӣ оварданд. Якеашро ба даст гирифта ба устод муроҷиат кардам:

– Инаш зоти ватанӣ ва хеле хуб аст. Қаланфури тоҷикӣ.

– Бигир, дураш андоз то ба чашмам нанамояд,– ҷиддӣ таъкид кард ва афзуд,– онеш, ки хеле кучак буду ин қадар тунд, инаш-ку хеле бузург аст.

Бо ошкор шудани асрор, хона гӯё аз ханда таркид. Устод, ки бехабар монда буд:

– Мошоллоҳ, даҳонам ҳич тамъро эҳсос намекунад, хеле тунд будааст,– бо ханда илова кард. Хандаҳои хушрӯйи самимӣ дошт.

Ба устод эҳтироми самимӣ меварзидем, вале гоҳе аз соддагиаш истифода мекардам ва ҳич гоҳ хафа намешуд.

Дар ноҳияи Ховалинг, зери чанори Қазған, дар лаби чашмаи мусаффои Қазған менишастем. Чанд нафар аз ҷумла Шарофиддин ва Одил Ислом хушгӯй мекарданд. Шарофиддин хоҳиш кард, ки устод Тоҳир оши палав пазад. Мо тарафдор шудем.

Устод бо ханда ба қиссае пардохт, ки хеле ҷолиб буд: - "Ҳини таҳсил дар шаҳри Маскав инчунин вазифаро ба ман вогузор карда буданд. Бояд ба хона меҳмон меомад, дақиқтараш аз муаллимони кафедра. Зану мард. Ҳарчанд изҳор доштам, ки инчунин ҳунарро надорам, маҷбурам карданд. Ин ишора бад-он буд, ки аз вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд-Ҷ.А.) ҳастам, ош пӯхта метавонам. Ҳама чиз буд. Онҳо аз пайи кори худ рафтанд. Худам танҳо мондам. Пиёз андохтам, баъд гӯшт. Онҳоро зирбондам. Сабзию

об низ ҷобаҷо шуд.– Пас аз лаҳзае суханашро идома дод Устод,– як коса биринҷро шуста ба дег андохтам. Дег нисф нашуд. Б хиёлам кам буд, ки боз як-ду косаи дигар биринҷ илова кардам. Ба ростӣ, дамхобониро намедонистам. Осуда шудаму китоберо ба даст гирифтам. Замоне ба сари дег давидам, ки биринҷ аз дег берун меомад. Қисматеро дар зарфе гирифтам. Пас аз лаҳзае биринҷ боз зиёд шуд. Ман ҳамоно дар як зарф онҳоро мебардоштам, ки зарф пур шуд. Қисмати таг шавларо мемонд. Лекин меҳмонон таъриф карда мехӯрданд. Ба ҷуз аз тоҷикон, ки бад бад тарафам нигоҳ мекарданд. Пасон ба онҳо гуфтам, ки Шумо аз паҳлӯи дигари фаъолиятам дарак надоред. Ва барояшон зарфи пурбиринҷи нимхомро намудам." - Ӯ ҳикояро хатм кард.

– Агар инчунин мехохед, мепазам,– пас аз лаҳзае бо ханда омада буданашро ба ошпазӣ изҳор карданд Устод, вале мо нону обро авлотар донистем.

Қиссаҳо бар хотири он буд, ки аз инсони заминӣ будани Тоҳири Абдуҷаббор ёд кунем. Донишманд, бомаърифат ва ҳушманд буданд устод Тоҳир. Ва агар имкон даст медод, аз дигар мезистам шоистатар монои Тоҳири Абдуҷаббор.

Муаллифи мақола, донишманди тоҷик Ҷонибеки Асрориён дар маросими ёдбуди Тоҳири Абдуҷаббор, Душанбе, 25 апрели соли 2009.



Қосими БЕКМУҲАММАД,
донишманд

ҶОЙГОҲЕ, КИ БАРОИ ҲАМЕША ХОЛИСТ

Зикри хайри Устод Тоҳири Абдуҷаббор аз ин ба баъд бештару бештар хоҳад шуд, зеро шахсиятҳои ворастаро маъмулан пас аз даргузашташон қадр мекунанд ва ҳар миқдоре, ки фосила миёни онҳову мардум бештар бишавад, холӣ будани ҷою ҷойгоҳашонро дардноктар эҳсос мекунанд.

Дигар Устод Тоҳири Абдуҷаббор бе ниёз аз касеву чизе бо вичдони пок ва номуси барҳақ сутудании инсониву миллӣ роҳии манзили охират шуд. Шахсияте аз миёни мо рафт, ки ҳаргиз ниёзе ба касеву чизе надошт. Ва агар иддае аз дӯстону шогирдон аз он сухан ба миён оварданд, ки мақоме ё соҳибмансабе ба аёдаташ бираванд ва аз ӯ ҳолу аҳвол бипурсанд, ин сирфан барҳоста аз он эҳсос буд, ки хама ва бахусус ононе, ки имрӯз пушт ба курсиҳои мудириятии сутуҳи мухталиф заданд ва ба таври хастагинопазир шукри истиқлол мегӯянд, ба Устод Тоҳири Абдуҷаббор, ки парчамдори наҳзати истиклолхоҳӣ буд, хеле бидеҳкоранд.

Андешаҳои худро дар мавриди Устод ба замони дигар вомегузорам ва дар ин чанд дақиқа ба унвони зикри хайр саҳнаеро аз хотироти Бишкек – маҳалле, ки чандин соли умри худро дар он ҷо сипарӣ карда буд, пеши чашм меорам.

Устод Тоҳири Абдуҷабор дар Донишгоҳи улуми инсонии Бишкек дарс мегуфт. Таври маълум 5-10 соли пеш маоши устоди донишгоҳ чизе набуд, ки бо он битавон барои худу хонаводаи худ аз назари меъёрҳои имрӯзӣ зиндагии шоистаеро таъмин кард. Бавижа барои муаллимоне назири Устод Тоҳири Абдулчабор, ки ба истилоҳ ғариб буданду ҷуз хамон маоши ночиз манбаъи дигари даромад дар ихтиёр надоштанд. Чӣ бирасад ба ин гуна муаллимон, ки гоҳ-гоҳе сӯҳбатҳое аз он ба гӯш мерасид, ки хеле аз донишҷӯён ва бахусус он идда, ки нисбатан заъифанд, бо пардохти подош мушкили санҷишу имтиҳоноти худро осон мекунанд.

Иттифоқан сӯҳбатҳоеро аз қавли баъзе аз донишҷӯёни донишгоҳи ёдшуда шунида будем, ки Устод Тоҳири Абдуҷаббор дар миёни ҳамкорони хеш бо он ангуштнамост, ки ҳаргиз бар сари дониш савдогарӣ намекунад. Ва иттифоқе афтоду худам шоҳиди чунин саҳна шудам.

Ду-се нафар аз точикони муҳоҷири мукими Бишкек, ки шароити хуб ва даромади муносиб доштанд, гоҳ-гоҳе бо ҳар баҳонае ба устод кӯмаки молӣ мекарданд. Ва ҳамеша Устод ба сахтӣ розӣ мешуд. Мегуфт вазъияташ хуб аст, маошаш кифоят мекунад. Вале ҳама медонистанд, ки на ин асту на он. Ба ҳар ҳол он ҷавонмардони гавҳаршинос барояш мегуфтанд: «Устод мо вазифаи тоҷикии худамон медонем, то чунин кореро кунем. Шумо барои он ки моро нороҳат накунед, аз мо бипазиред, баъд аз он ихтиёратон…».

Ин чизро шояд ҳар каси дигар бо хушҳолӣ мепазируфт, аммо дар чунин вазъ шонаҳои Устод Тоҳири Абдуҷабор хамида ва чеҳрааш он қадар гирифтаву музтариб мешуд, ки гӯё муртакиби хатое шуда бошад.

Ва боре дар манзили яке аз он ҷавонмардони боҳиммат, ки зикрашон рафт, теъдоди зиёде аз точикони муҳоҷир даъват шуда будем. Зимни сӯҳбат аз ину он вай ба Устод рӯ овард ва хостори мусоидати ӯ барои ҳалли мушкиле шуд. Устод гуфт, агар коре аз дастам биёяд, бо камоли майл ичро хоҳам кард.

Хулосаи калом ин шуд, ки аз Устод хост, то ба як нафар аз донишҷӯёне, ки аз санҷиш ё имтиҳон нагузаштааст, баҳои хуб гузорад. Чеҳраи Устод гирифта шуд ва ба сахтӣ табассуме карду гуфт: *«Ҳоло ки то ин ҷояшро гуфтӣ, аз идомааш даст бикаш, зеро агар ному насабашро бифаҳмам, шояд дигар аслан ҳеч гоҳе натавонад аз ман баҳо бигирад. Бидонед, ки ман ҳаргиз донишро савдо намекунам…».*

Онҳое, ки наздиктар нишаста буданду дар ҷараёни ин гуфтугузор қарор гирифтанд, фикр карданд, ки кори баде шуд ва Устод қадри некиҳоеро, ки дар ҳаққаш карда буданд, ба ҷо наовард…

Вақте меҳмонӣ ба поён расиду ҳама пароканда шуданд, он шахс ба мошини ҳомили Устод нигоҳ мекарду мегуфт: *«Имрӯз ман беш аз ҳар чизе аз дарси Устод кайф кардам. Бовар дорам, ки ҳар каси дигар мебуд, гапамро мегирифт, вале Устод донишро нафурӯхт. Ифтихор мекунам, ки чунин тоҷик ҳам дорем. Аз ин ба баъд эҳтиромам ба вай садчанд хоҳад шуд…».*

Абдугаффори Камол ва Қосими Бекмуҳаммад дар маросими ёдбуди устод Тоҳири Абдуҷаббор, Душанбе, 25 апрели соли 2009.

Ва ба якин медонам, он шахс, ки ҳоло дар яке аз кишварҳои хориҷӣ ба сар мебарад, бо шунидани хабари шуми даргузашти Устод Тоҳири Абдуҷаббор қабл аз ҳама аз он таассуф мехӯрад, ки акнун чунин имкони ифтихорро аз даст додааст.

Ва чаро танҳо ӯ? На, имрӯз хелеҳо дар сӯги Устод нишастаанд.

*

Муҳиддин КАБИРӢ,
раиси ҲНИТ

ДАҲСОЛАҲО ИН МИЛЛАТ ТОҲИР НАХОҲАД ЗОД

Даргузашти Тоҳири Абдуҷаббор талафоти сангине барои мардуми кишвар, бавижа рӯшанфикрон ва миллатдӯстон аст. Миллати тоҷик дар даҳсолаҳои баъдӣ шахсияти пешрафтае назири Тоҳири Абдуҷаббор нахоҳад дошт. Мутаассифона, сиёсатмадорон ва рӯшанфикрони феълӣ ҳанӯз дар пояи андешаҳои даҳаи 1980 Тоҳири Абдуҷаббор қарор доранд ва бо гузашти солҳо мо метавонем танҳо бар пояи як дарсади андешаҳои вай бирасем. Ӯ дар тӯли ин солҳо мавзеъгирии худро таҳти таъсири ҳеҷ як омиле тағйир надод. Барои устод Тоҳири Абдуҷаббор танҳо андеша арзиш дошт, на мақом ё сарват. Даргузашти Тоҳири Абдуҷаббор барои ман мусибати азимест, зеро ба унвони як фарди тоҷик эҳсоси нотавонӣ мекунам ва хиҷолат мекашам, ки устод Абдуҷаббор дар ҳолати шигифтангезе дунёро тарк карданд ва мо натавонистем барояш кӯмак кунем.

Масъуд СОБИРОВ,
раиси ҲДТ

ЁДАТ БА ХАЙР, УСТОД ТОҲИР!

(Дар сари тобути устоди ҷавонмарг Тоҳири Абдуҷаббор)

Тоҷикистон дар шахси донишманди тавонои МИЛЛӢ – устод Тоҳири Абдуҷаббор нафареро аз даст дод, ки истиқлолияташ ба ӯ решапайванд аст. Ӯ яке аз нафароне буд, ки баҳри ба даст овардани истиқлолияти комили Тоҷикистон ҳамеша дар мубориза буд. Бешубҳа, сарнавишти Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамтақдири устод Тоҳири Абдуҷҷабор аст. Месазад, ки устод Тоҳирро муборизи роҳи ба даст овардани истиқлоли Тоҷикистон номид ва ӯ воқеан арзандаи ин унвони олист…

Ман, шахсан аз номи худам ва аз номи роҳбарияту аъзои Ҳизби Демократи Тоҷикистон аз марги бемаҳали устод Тоҳири Абдуҷаббор сахт андӯҳгин буда, ҳамдарду мотамсарои мардуми Тоҷикистон дар сари тобути эшон ҳастам.

Ёдат ба хайр, донишманди тавоною мубориз, устод Тоҳир. Шумо барои ҳамеша, бо мо ҳастеду дар дилу дидаед ва аз ин беш боз чӣ ҳам бигӯям!

Аҳмадшоҳи **КОМИЛЗОДА,**
журналист

ТАНҲО ҒАМЕ, КИ ДОШТ, ИСТИҚЛОЛИ ВОҚЕИИ МИЛЛАТ БУД

Чаро дивизияи 201 моли Тоҷикистон нашуд?

Ман борҳо шоҳид шуда будам, ки аз ҷумлаи мардони сиёсӣ марҳум Қадриддин Аслонов, Акбаршоҳ Искандаров, Ғоибназар Паллаев суханони Тоҳири Абдуҷаббори хеле бо эҳтирому самимият мешуниданд ва бо ӯ маслиҳат мекарданд.

Боре бо устод Тоҳир ба ҳузури Раҳмон Набиев, ки он вақт раиси ҷумҳури кишварамон буд, даромадем. Вазъи сиёсӣ ноором буд ва Набиев ҳам нигарони зиёд дошт. Ӯ ба истиқболи устод Тоҳир аз ҷояш баланд шуд ва «Ҳа, Тоҳири Абдуҷаббор, биёед, биёед!» гуфт. Мо нишастем ва устод Тоҳир мисли ҳамеша бо тамкину қотеъият ва дарки амиқи масъала гуфт:

– Раҳмон Набиевич, ман дубора бар сари ҳамон масъалаҳо сӯҳбат карданиям. Ҳоло ки вақт нагузаштааст, Шумо фармон бароред ва Дивизияи 201, марзҳои Тоҷикистонро моли кишварамон эълон кунед. Мо ҳақ дорем ҳиссаи худамонро аз қасрҳои Маскав ва дигар дороиҳои СССР талаб кунем. Охир, ҷумҳуриҳои дигар ин корро алакай карданд, баъд дер мешавад.

Набиев нигоҳашро аз рӯи устод Тоҳир намеканд. Ба назар мерасид, ки ӯ ҳарфҳои устодро хеле самимона гӯш мекунад. Аммо мо ҳарду дарк карда будем, ки ҳушу ёди ӯ дар ҷойи дигар аст, чашмонаш карахту нигоҳаш кунд буд. Баъди фурсате Набиев ба устод Тоҳир боз ҳам ҷиддитар нигариста, мисли ин ки нав аз хоб бедор шуда бошад, гуфт:

– Ҳа, Тоҳири Абдуҷаббор, гапатон дуруст, мо ин масъалая дида мебароем…

Мо аз утоқи кори президент берун шудем.

– Устод, Шумо дидед, ки Раҳмон Набиевич ҳатто суханони Шуморо нашунид, – гуфтам ман.

– Бале, вале охир гами ин мардумро кӣ мехӯрад, – гуфт дар посух. – Танҳо ӯст, ки метавонад ин масъалаҳоро ҳал кунад. Мардуми мо ҳама ба сиёсатбозиву мансабталошӣ афтода, масъалаҳои бунёдиро аз ёд баровардаанд. Фардо дер мешавад.

Ба назарам расид, ки аз даруни дили устод Тоҳир дуд баромад. Фармудаи боадолатонаи шоири тавонманд Маликушшуаро Баҳор ба ёдам омад ва онро барои устод хондам:

Дардо, ки кӯҳнакор вазирони мулки мо,
Сад бор нав шуданду накарданд кори нав.

– Қурбонат шавам! – хитоб кард устод бо табассуми фарох, ки аз шунидани шеъри бамавқеъ хушҳол шуда буд ва дасти маро фушурд.

Вале барои ҳалли масъалаҳои бунёдӣ кайҳо дер шуда буд!

Ойниҳол
БОБОНАЗАРОВА,
ҳуқуқшинос

Тохири Абдучаббор фарде буд вораста аз ҳар гуна шару шӯр, ки хеч гоҳе барои худаш зиндагонӣ накардааст. Балки зиндагиашро қурбони саодати миллати озода кард. Ӯ мисли кӯҳҳои азими Тоҷикистон сабуру ботаҳаммул буд. Эҳтироми дигаронро зиёд ба ҷо меовард. Вакте дар Қирғизистон буд, бар суроғаш рафтам. Ӯ парвои хеч чизро надошт, ҷуз ин ки аз Ватан мепурсид, аз вазъият, аз навгониҳо ва дастовардҳои Тоҷикистон мепурсид. Бояд иқрор кунам, ки дар миёни пешвоёни ҳаракати озодихоҳӣ дар Тоҷикистон ӯ бехтарин ватанхоҳу озодихох буд. Агарчӣ имрӯз дар Тоҷикистони сохибистиклол барои ӯ ҳайкал нагузоштаанд, аммо ҳайкали ӯ дар дилҳои фард-фарди ин миллат побарчост. Ман аз марги нобаҳангоми дӯст, хамватан ва як марди сохибандеша таассуф мехӯрам.

Ҳоҷӣ Акбари
ТӮРАҶОНЗОДА,
пешвои мазҳабӣ

Хабари даргузашти бародари гиромӣ Тоҳири Абдуҷабборро шунидам, ки воқеан як такони бузурге барои ман аст. Мо ҳарду якҷо дар як интихоботи порлумонӣ ширкат кардем ва вакили Шӯрои олӣ шудем, аз наздик ман бо он кас ошно шудам, ки чӣ қадар дилсӯзӣ барои миллат дорад. Аввалин бор Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистонро ҳамон вақт навишта буд. Баъди ҷанги дохилии таҳмилӣ дар солҳои ҳичрат дар Теҳрон ҳамроҳ будем. Агарчанд расман узви Иттиҳоди мухолифин набуданд, аммо ҳамеша дар машваратҳо ва нишастҳо барои эҷоди роҳи ҳал ва оштии миллӣ машваратҳои муфид медоданд. Ниҳоят фозилу олим, хушахлоқу ботавозӯъ ва миллатдӯсту меҳандӯст буданд. Тамоми нишонаҳои инсони некро Худованд барояш арзонӣ дошта буд. Умед дорам, ки дӯстон ва пайравонаш кори ӯро идома хоҳанд дод.

Худо ҷояшро ҷаннат кунад!

БӮИ БАҲОР РАФТ...



Марде ба вусъати ҳамаи рӯзгор рафт,
Нақши баҳор мондаву бӯйи баҳор рафт.

Гӯйӣ барои мову ту дигар баҳор нест,
Ин растахез омаду он растагор рафт.

Он рӯҳи устувор чу он кӯҳи пойдор,
Танҳо гузошт миллати беихтиёр, рафт.

Андӯҳи ӯ ба шонаи як духтари латиф,
Тобути ӯ ба гӯшаи танги диёр рафт.

Ай кош, ҳамнишини ту будам тамоми умр,
Сард аст зиндагӣ, агарат гамгусор рафт.

Имрӯз рӯзи мотами як қавми гофил аст,
Озодмарди рӯшану иззатмадор рафт.

Марде, ки бо замонаи рокид ситез кард,
Аз ҷабри ш замонаи бебандубор рафт.

Ҳар рӯз доги тоза ба дил мерасад зи дӯст?
Қофиладори силсилаи доғдор рафт.

Падруд, ай муаллими озодагони қавм,
Ҳиммат баланду нодираи рӯзгор рафт.

Дӯстмуҳаммади Дӯст, Ҳайдаршоҳи Акбар ва Азизи Хошок дар маросими ёдбуди устод Тоҳири Абдуҷаббор, Душанбе, 25 апрели соли 2009.



Ҳикматулло САЙФУЛЛОҲЗОДА,
донишманд, шаҳри Брюссел

ДАРГУЗАШТИ ЭҲЁГАРИ БУЗУРГ

Миллати дар тӯли таърих ҷафокашида ва имрӯз ҳам ҷафокаши тоҷик, ки натавонистааст, чеҳраҳои миллӣ ва таърихии худро дар марҳилаи зиндагии онҳо бишносад ва дарк кунад, мутаҳамили талафоти навбатӣ шуд. Ман барои ҳамаи бародарон, ки ин масъаларо дуруст дарк кардаанд ва дарди онро мекашанд, изҳори ҳамдардӣ ва таслият мекунам.

Бадбахтии бештар дар он аст, ки ин ҷаҳолат ва торикии хешро на танҳо қишрҳои миллат, балки бисёре аз доираҳои фарҳангӣ ва илмӣ низ дарк карда наметавонанд.

Имрӯз ҳаракати дар ҳоли ташаккули равшанфикрӣ, ки Тоҳири Абдуҷаббор яке аз эҳёгарони бузург ва саршиноси он буд, бо даргузашти эшон вориди марҳилаи сангин гашт. Барои онҳое, ки қобилияти дарки масъаларо доранд, мехоҳам бигӯям, ки ин инсони шариф масъулияти хешро дар назди миллат ва таърих сарбаландона иҷро кард.

Бовар дорам, ки рӯзе миллат дар шинохти афроди таърихии хеш тағдиди назар ва чеҳраҳои сиёсӣ, мазҳабӣ ва миллиро сарчин хоҳад кард ва ба худшиносӣ хоҳад расид. Ин як амри таърих ва табиии миллатест, ки онро барои худ фарз ва воҷиб медонад. Худованд, ҳидоятгари имрӯзу фардои мо бошад.

*

Ҳошим ХОЛЗОДА,
хабарнигор, шаҳри Машҳад

Даргузашти Устод Тоҳири Абдуҷабборро барои озодихоҳону истиқлолталабони Тоҷикистон таслият мегӯем, ки як Озодихоҳи асил ба маънии томи калима аз канорашон ё дурустараш сафи пешашон рафт. Агарчи ин талафот сахту сӯзон аст, аммо бояд модари тоҷикро ба парвариндани чунин фарзандоне озодавау тоҳир (пок) табрик ва шодбош гуфт. Ин миллат бояд Покмардоне чун Тоҳирро қурбон кунад, то ба ҳадди ормонии покӣ ва сарбаландӣ бирасад.

Устод ба оғӯши хок рафт…

Наврӯз ГУЛЗОД,
устоди ДДОТ



КИ ЧУН Ӯ ДИГАРЕ Н-ОЯД ЗИ МОДАР ДАР ЗАМИН

(БА МАРГИ ТОҲИРИ АБДУҶАББОР)

Само бар шоми ҳичрони замин ночор мегиряд,
Даруни синаи ҳасрат дили бемор мегиряд,
Таманно порасида бар висоли ёр мегиряд,
Чу тифле гашта аз модар ҷудо такрор мегиряд,
Фалак дар сӯгвори Тоҳири Ҷаббор мегиряд.

Дарахте босамар аз боги умедам хазон гардид,
Зи дида ашк ҷайҳунвор бар рӯям равон гардид,
Ба рӯи тобуташ эҳзон ато аз осмон гардид,
Сари шоистае хам пеш пои нокасон гардид,
Замин дар зери тобут чун ба рӯи дор мегиряд.

Туро, эй зиндагӣ, номарду ноҳамвор мехонам,
Басе ночизу бемаъниву нодаркор мехонам,
Туро бераҳм чун девонаи хунхор мехонам,
Ба гардан ҳалқаи маҳкумиат аз дор мехонам,
Дар он дам, ки ҷаҳон бар Тоҳири Ҷаббор мегиряд.

Саропо дарди миллат ҷой буд андар вуҷуди ӯ
Ба номи миллаташ ҳар як дуову ҳар суҷуди ӯ,
Ба номи миллаташ бахшида шуд буду набуди ӯ,
Саранҷом бӯйи миллат бар машом омад зи дуди ӯ,
Кунун миллат барояш зор булбулвор мегиряд.

Яке андар футувват буд бономусу нотакрор,
Яке андар набарди зиндагӣ шоиставу солор,
Надонистанд қадраш сокинони кӯчаву бозор,
Ки чун ӯ дигаре н-ояд зи модар дар замин такрор,
Аз ин рӯ, кас зи беқадрии одам зор мегиряд.

Аҷал, ту ҷомаи фурқат ба тан Гулзодро кардӣ,
Муқими маҳбаси мотам зи ғам озодро кардӣ,
Зи бедодӣ парешон хотири ободро кардӣ,
Макони гусса аз мотам дили бас шодро кардӣ,
Зи мотам то ба рӯзи ҳашр Маҷнунвор мегиряд.

Ғаффор МИРЗОЕВ,
файласуф

ЗИНДАГӢ ОЗОДИИ ИНСОНУ ИСТИҚЛОЛИ ЎСТ

Ӯ ба мо ниёз надошт, мо ба ӯ ниёз доштем

ЎРО НАМЕФАҲМИДАНД, АММО Ӯ РОҲАШРО МЕПАЙМУД

(Мо ба гуфтаҳояш дертар амал кардем)

Хабари фочиабори марги яке аз бузургтарин фарзандони барӯманди халқи тоҷик, равшанфикр ва парчамбардори озодиву истиқлолияти кишварамон дар қарни бистум Тоҳири Абдуҷаббор, ки рӯзи 21-уми апрели соли равон иттифоқ афтод, такон ва ларзиши сахте дар қалбҳои хазорон нафар ҳамватанони мо, ки хисси ватанхоҳиву истиқлолхоҳӣ барояшон бегона нест, ба вуҷуд овард. Зеро ин марги шахсияте буд, ки дар маркази ҳодисаву муборизаҳои шаддиди милливу озодихоҳӣ аз солҳои 80-уми қарни гузашта қарор гирифта, ливои истиқлолиятхохии Ватанамонро бо ҳамроҳии ҳамфикрону ҳаммаслакони равшанфикраш баланд бардошта, онро огоҳона, сабурона, қотеъона ва ҷавонмардона пеш бурд.

Ӯ ин рисолати таърихӣ ва идеоли худро алорағми тамоми мушкилоту маҳдудиятҳои дохиливу берунӣ сарбаландона то лаҳзаҳои охирини ҳаёташ идома дод. Гарчанде қадамҳои аввалини ин ҳаракат ба фочиаи бузурги миллӣ ҷанги шаҳрвандӣ сарбасар шуда бошад ҳам, инҳо омилхое буданд, ки онро дасти бегонагон матраҳ намуда буд. Тоҳири Абдуҷаббор аз ин фочиаи миллӣ то мағз-мағзи устухонаш ранҷ бурда, тамоми донишу малакаашро ба он равона мекард, ки бидуни ҳеҷ шарту талаб сулҳи тарафҳо баста шавад ва самти сохтори истиқлолияти миллӣ идома ёбад. Мутаассифона, ба иллати он, ки ҷомеа то ба ҳанӯз ба ин арзишҳои баланди башарӣ омода набуд, дар аксари кулли мавридхо ӯро намефаҳмиданд.

СССР-РО ТОҲИРИ АБДУҶАББОР БАРҲАМ НАДОД

(Агарчи хелеҳо мехостанд дубора бисозандаш, ки нашуд)

Иддае аз худихо ва тарафдоронаш ба умқи тафаккур ва назариёти ӯ сарфаҳм нарафта, ба ифроту тундравӣ ва муноқишаҳои дохилӣ даст заданд. Иддаи дигар, ки аз сохтор ва ҳокимияти пешин аламдида буданд, мехостанд аз мақом ва мавқеи ӯ сӯистифода намоянд. Рақибонаш аз вазъи баамаломада ва ноогохии оммаи мардум истифода карда, ҷомеаро бар зидди ӯ ва акидаҳояш мешӯрониданд, ки сабабгори ин бесарусомониҳои

замона ва барҳамхӯрдани СССР-и собиқ маҳз ӯ ва ин андешаҳояш мебошанд. Мардум намедонист, ки он идеология дар ҳамон лонае, ки ба вуҷуд омада буд, дар ҳамон лона барҳам дода шудааст. Ва мо маҷбур ҳастем, ки роҳу равиши худ ва ҳаракати худамонро худамон муайян кунем:

Дар ҷаҳон бо пару боли худ паридан омӯз,
Ки паридан натавон бо пару боли дигарон.

Дигар ба умеди касе мондан ва чизеро аз касе интизор шудан маънӣ надошт ва ҳар чӣ зудтар асосҳои давлати миллӣ ва истиқлолияти сиёсиву иқтисодии онро эҷод кардан лозим буд.

Тоҳири Абдуҷаббор, ки худ дар сиёсати давр ворид буд ва аз низоми идории русиву коммунистӣ огоҳӣ дошт ва дар хориҷи кишвар кору фаъолият карда буд, ин нуктаро хеле барвақт, ҳанӯз пештар аз замони бозсозии горбачёвӣ дарк карда буд. Ӯ мегуфт, ки фақат бо роҳи эълони истиқлолият метавонем ояндаи инкишофи кишвар ва халқамонро таъмин кунем.

Ӯ ҶОНИБДОРИ ЭВОЛЮТСИЯ БУД

(Аммо тарроҳон «революотсия» карданд)

Ӯ ҳаргиз тарафдори инқилоби ичтимоӣ ва дигаргун намудани сохти ҷамъиятӣ аз тариқи зӯрӣ набуд, балки хоҳони инкишофи эволюотсионии ҷамъият тавассути баланд бардоштани шуур ва худшиносии мардум ва эҷоди давлати соҳибистиқлоли миллӣ буд, ки дар он ҳаққу ҳуқуқи тамоми халқияту қавмиятҳо риоя карда шавад.

Ба андешаи ӯ, ин самти ногузири инкишоф барои ояндаи мо буд, ки бо истиқлолияти сиёсиву иқтисодӣ метавон ҷойгоҳи худро дар байни дигар кишварҳо таъмин кунем, то ин ки дастнигару мӯҳтоҷи дигарон набошем. Вале мутаассифона, ҷомеа ва ҳамсафарон барои дарки ин андеша омода набуданд. Аксари кулл интизор буданд, ки давлати пешин боз барқарор мешавад ва онҳоро аз сари нав ба оғӯши худ мегирад. Нидои истиқлолият ва эҷоди давлати миллӣ барои онҳо бегона ва дилхарош буд. Тоҳири Абдуҷаббор дар тӯли фаъолияти сиёсӣ ва ичтимоияш ба ҳайси раиси Созмони Мардумии Растохез ва депутати Шӯрои Олии Тоҷикистон ақидаҳои истиқлолиятхоҳӣ, давлатсозӣ ва озодихоҳияшро қотеъона пайгирӣ карда, онҳоро аз ҷиҳати илмиву назариявӣ исбот мекард. Раванди баъдинаи ҳодисаҳо дурустии ақидаҳои ӯро исбот намуд.

Ӯ ҶОНИБДОРИ ДАВЛАТИ МИЛЛӢ БО АРТИШИ МИЛЛӢ БУД

(Давлатмардон ба ҳарфаш гӯш надоданд!)

Дар самти сохтори истиқлолияти миллӣ яке аз масъалаҳои меҳварӣ, ки ӯ аз он дифоъ мекард, ин ба забони тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ буд. Хушбахтона, дар ин соҳа мо ба натичаҳое расидем, ки саҳми Тоҳири Абдуҷаббор дар он беандоза зиёд буд. Масъалаи дуюм, ин ташкили Артиши Миллӣ ва моликияти Тоҷикистон эълон кардани ҷузву томҳои ҳарбии

собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ буд, ки дар хоки Тоҷикистон мустақар буданд ва Тоҳири Абдуҷаббор ҳар чӣ зудтар амалӣ кардани ин масъаларо талаб мекард. Вале мутаассифона, бо сабабҳои барои ҳамаи мо маълум аз он моликияти ҳарбии Артиши Шӯравӣ, ки дар он ҳаққи мо низ буд, чизе нагирифтем.

Агар мо Артиши Миллии худро сари вақт месохтем, ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвари азизи мо ҳаргиз ба ин сурату ин миқёс ҷараён намегирифт. Замони қумондонсолорӣ, ки ҳар "калашникуф"-дор худро дар минтақае ҳоким эълон карда буд, ба амал намеомад.

Ӯ МЕГУФТ, ПУЛИ МИЛЛӢ РУКНИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛИСТ

(Давлатмардон ба даркаш дер расиданд!)

Масъалаи дигар, ки онро олимона матраҳ ва аз нигоҳи назариявӣ исбот ва пешниҳод мекард, ин дуруст ба роҳ мондани иқтисоди кишвар ва ба муомилот бароварданипули миллӣ буд. Ба андешаи ӯ, пули миллӣ бояд хеле барвақт, яъне ибтидои солҳои 90-ум ва бо назардошти хусусиятҳои миллӣ ва иқтисоди худамон бароварда мешуд. Аммо ҳокимони давр ба умқи ин масъала сарфаҳм намерафтанд ва пешниҳоди ӯро дар ибтидо аслан қабул накарданд. Ба вуҷуди он ки Тоҷикистон кишвари мустақил эълон шуда буд, мо муддати чанде дар ҳудуди пули русӣ "рубл" бо кишвари Русия боқӣ мондем ва гумон доштем, ки ин ҳолат метавонад доимо давом кунад. Оқибат моро ба миллионҳо доллар қарздор намуда, баъд пешниҳод карданд, ки аз доираи пули кишвари бегона берун равем ва пули худамонро барорем.

Ҳамин тавр, дар замони сарвазирии Абдуллоҷонов аввалин пули миллии мо бо сурат ва мусаввараи пули даврони Иттиҳоди Шӯравӣ бо тарзи таҳқиромез, бидуни ягон рамзу символикаи миллӣ фақат бо андозаи хурдтар ва навиштаҷоти тоҷикӣ ба муомилот бароварда шуд. Барномаи телевизионии РТР-и Русия дар гузориши худ ин хабарро матраҳ карда гуфта буд, ки дар Тоҷикистон тахаюлоташон кифоят накард, ки барои пули миллии худ мусаввараи ҷолиберо пайдо кунанд. Фақат соли 1999 бо дахолати бевоситаи сарвари кишвар Эмомалӣ Раҳмон пули миллии мо аз сари нав ба муомилот бароварда шуда, ному унвони муносиб ва мусаввараву рамзҳои арзандаро таҷассум кард. Дар рафти ислоҳоти иқтисодӣ мо дарк кардем, ки воқеан пули миллӣ яке аз рукнҳои асосии давлати соҳибистиқлол будааст ва ба қадри он бояд расид. Инро барои мо Тоҳири Абдуҷаббор хеле барвақт гуфта буд, вале ба дарки ин маънӣ дер расидем.

Ӯ БАРОИ ИСТИҚЛОЛИ ЭНЕРЖӢ ПОФИШОРӢ МЕКАРД

(Давлат бар гуфтааш амал кард)

Дигар аз самтҳое, ки Тоҳири Абдуҷаббор пофишории қатъӣ мекард, ин дар муносибат ба корхонаҳо ва нируғоҳҳои барқии кишвар буд. Ӯ аз

аввал то ба охир дар ин ақида буд, ки ин иншоот бояд фақат моликияти Ҳукумати Тоҷикистон бошад. Дар як маколаи илмӣ-таҳлилияш хеле пештар исбот намуда буд, ки ягон кишвари беруна барои мо нируғоҳҳоро бидуни манфиати худ сохтанӣ нест. Мо бояд ба умеди касе нашуда, роҳу воситаи сохтани онҳоро пайдо кунем. Чунончӣ аён мешавад, асли масъала то ба ҳанӯз дар ҳамин сатҳ боқӣ мемонад.

МАРДЕ ДАР МИЁНИ САД МУШКИЛ

(Вале хастагинопазир)

Гуфтаҳои дар боло овардашуда танҳо намунае аз самтҳо ва талошҳои ин марди барӯманд дар матни муборизаҳои истиқлолхоҳона ва озодихоҳонааш барои халқу Ватанаш буд. Ӯ ба вуҷуди фишору тазйиқ, таҳқиру нобарориҳо хаста нашуда, барои амалӣ шудани ин ақидаҳояш тамоми бурду бохт ва имконияти худро сарф кард. Боварӣ дошт, ки ин мушкилиҳо мегузаранд ва рӯзе Ватан ва ҳамватанонаш ба истиқлолияти аслӣ, ки маънии зиндагии ҳар як инсон аст, мерасанд.

САРМЕЪМОРЕ, КИ ҲЕЧ ГОҲ БА ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛ РОҲ НАЁФТ

(Ӯ бениёз буд, мо ба ӯ ниёз доштем)

Тоҷикистони мо имрӯз ба истиқболи ҷашни 20-солагии истиқлолияташ зина ба зина гом мегузорад. Ҳама хурду бузург, ҳама раису мудиру вазир то хизматчиву деҳқон, ҳатто он депутатҳое, ки дар ҷаласаҳои Шӯрои Олӣ сад дар сад ба муқобили Тоҳири Абдуҷаббор ва андешаи истиқлолталабиаш овоз медоданд ва ӯро аз ҳуқуқи сухангӯӣ маҳрум мекарданд, ба ин ҷашн омодагӣ мегиранд, аз бузургии истиқлол ҳарф мегӯянд ва худро дар дастёбӣ ба он саҳим мешуморанд. Аммо дар ин байн сармеъмори аслии матни ин истиқлолу озодӣ нест, чунончӣ дар ҷашнҳои пешина ҳам набуд. Ва шояд хоҳиши дар ин маъракаву сурудхониҳо иштирок карданро ҳам надошт. Зеро ба ин эҳтиёҷ надошт. Мо ба ӯ ва он назариёташ эҳтиёҷ доштем, на ӯ ба мо. Мо фақат баъди чандин соли душвориву дарбадаргардиҳо, муҳоҷирату сарсониҳо, бебаркиву бекадриҳо ба умқи гуфтаҳои ӯ сарфаҳм рафта истодаем. Дар вақташ ба қадри ӯ ва суханҳояш нарасидем.

Маросими ёдбуди устод Тоҳири Абдуҷаббор дар Душанбе, 25 апрели соли 2009.

МАРДИ БЕДОРИ МИЛЛАТ

(Ӯ акнун дар оғӯши хок хуфтааст)

Имрӯз дашту теппаҳои Ашт пур аз гулхои сурху арғувониянд, ки гӯё бар мотами Тоҳири Абдучаббор қабои хунин ба бар кардаанд ва болои хоки ӯро гулпӯш намудаанд. Дил аз беқадриву беманзалатии чунин фарзандони саршиноси миллат ба дод омада, мехоҳад ба сари хокаш биёяд ва бигӯяд, ки эй пораи хоки диёр оё ту медонӣ, ки чӣ шахсиятеро ба оғӯши худ гирифтаӣ ва киро дар канори худ дорӣ? Охир ӯ шахсест, ки тарҳи истиқлолу озодии Ману Туро эълом додааст ва тамоми ҳаёту мамоташро дар ин роҳ бахшидааст. Мо хамватанон ба қадри ӯ нарасидем ва шояд Ту, эй пораи хок, ба қадри ӯ бирасӣ ва каноратро барои ӯ болини гарм намоӣ ва ҷисми нахифашро навозиш кунӣ.

Ҳама қавму халқиятҳои олам, ки дар рохи тараққиёт ва саодати халқашон ба ҷое расидаанд, бузургону хирадмандони худро қадрдонӣ ва эҳтиром мекунанд, андешаҳои волои онҳоро дар пешравии ҷомеаашон истифода кардаанд. Императори рус Николайи I дар ибтидои қарни XIX, ки даврони эҳё ва болоравии маданияти русҳо ба ҳисоб меравад, баъди пазироии яке аз равшанфикрон ва маорифпарварони рус Александр Пушкин рӯзи кориящро хеле бобарор хисобида, изҳори хушҳолӣ кардаст. Ӯ гуфтааст, ки ман имрӯз кори бузургеро анҷом додаам ва бо хирадмандтарин марди кишвари Русия ҳамсӯҳбат шудам.

Шояд баъди сари мо рӯзе фарзандонамон ба қадри неъмати истиқлол бирасанд ва ба сари қабри Тоҳири Абдуҷаббор омада, бо изҳори сипосу эҳтиром дастагуле бигузоранд. Баъди он бо ифтихор бигӯянд, ки ман имрӯз кори бузургеро анҷом додаам ва ба сари қабри бузургтарин хамватани озодихоҳу истиқлолхоҳам гулчанбар гузоштаам. Фақат он вақт метавонем ба истиқлоли воқеиву ботинӣ бирасем ва фахр кунем.

Ёдаш ба хайр ва манзили охирататаш обод бод, устод Тоҳири Абдуҷабборро!

Сайид Муҳаммади Хайрхоҳ – сафири ҶИ Афғонистон, устод Мӯъмин Қаноат ва Пайванди Гулмурод – устоди ДМТ дар маросими ёдбуди устод Тоҳири Абдуҷаббор. Душанбе, 25 апрели соли 2009.

Ашӯрбой Имомов,
номзади илми ҳуқуқ,
дотсенти ДМТ.
"Ҷомеа", с.2009, 28 май.

ОЗОДМАРДИ ҶОНФИДО

Ёде аз фарзонафарзанди озордидаву иззатнадидаи тоҷик Тоҳири Абдуҷаббор

Бо гузашти рӯзҳою моҳҳо фироқи озодмарди зиндаёде чу Тоҳири Абдуҷаббор, азоби маҳрумият аз ӯ, ба аҳли ақлу фаросат гарон меафтад. Дигар он ҷасурмарди ҷонфидое, ки оид ба ҳар масоили гарони зиндагии мардум, ҳам дар сатҳи иқтисоду сиёсат, ҳам иҷтимоиёту маънавиёт, давлатдорию ҳифзи мустақилият сухани ҳақро ботамкину боасос ва беибо гӯяд, бо мо нест. Дигар пушту паноҳи ҳар фардро Худои мутаол ба худи ӯ вогузоштааст. Тоҳире нест, ки бе мансабу курсӣ, бе молу чиз, дар ғами беҳбудии зиндагии мардум, шарики ташвишу ғаму ғуссаи он бошад ва аз номаш сухани ҳақ гӯяд. Худои меҳрубон ба ӯ фақат синни мубораки пайғомбариро муносиб донистааст.

Дар ҳиҷрони аз номи мардум ҳақталошию ҳақгӯйӣ озодмардон ҳамеша худро сарфи назар кардаанд ва дар маҳрумияту нодорию бехудӣ зистанро насиб донистаанд. Ва аз ин тақдир боре гиламанд нагаштаанд ва шикояте надоштаанд. Вале онҳо аз ҷаҳолат, кундии ақлу заковат, бефарҳангӣ, худношиносию бардагии аксари мардум бо дарду ҳасрат ва таассуф рафтаанд. Ва ин таассуфу ҳиҷрон ҳамон орзӯи амалинашудаест, ки ҳам ҷисму ҳам ақлу заковати нобиғаро хазон сохтааст.

Ба мисли аксари фардоне, ки Тоҳири Абдуҷабборро дар марҳалаи бозсозии сохтори Шӯравӣ ва баъди вакили мардумӣ интихоб гаштани ӯ шинохтаанд, мулоқоту шиносоии мо ҳам, дар танаффуси байни ҷаласаҳои Шӯрои Олӣ ба вуқӯъ мепайваст. Ҳуҷраҳои кории барои Кумитаи назорати конститутсионӣ таъиншуда, ки банда он вақт фаъолият доштам, дар қабати сеюми бинои Шӯрои Олӣ ҷойгир буд. Дар байни ҷаласаҳо вакилон ба утоқи кориам медаромаданд ва оид ба баъзе масъалаҳои таҳия ва қабули қонунҳо сӯҳбатҳо баргузор мешуданд. Ҳар як баромади Тоҳири Абдуҷаббор дар музокироти порлумонӣ ва чопи мақолаҳояш дар саҳифаи рӯзномаҳо, сӯҳбатҳояш дар телевизиону радио он солҳо боиси диққату эътибор буд. Ҳам дар байни вакилон ва ҳам берун аз Шӯрои Олӣ пешниҳоду таклифҳои ӯро бо завқ шунида, ҳаққӣ будани ӯро дарк мекарданд. Вале барои қабули онҳо ҳанӯз тайёр набуданд. Баъзе аз мансабдорону вакилон пешниҳодҳои муфиди ӯро бо тамасхур, дигаре

бо истеҳзо шунида, майлу рағбати қабули онро надоштанд. Бо вуҷуди ҳанӯз дар Шӯрои Олӣ ҳукмронии якандешии коммунистӣ ӯ мавқеи худро дар сатҳи маърифати баланд ва ақлу фаросат ба гӯши ношунавои "вакилон" ва мардуми дар хоби гарон буда, расонидан мехост. Аммо якандешии онвақта хислати болшевикона дошта, роҳи баҳсу талоши созанда ва муколамаро намепазируфт ва бинобар ин таклифу пешниҳодҳои берун аз қолаби таффакури худро бо ҷангҷӯӣ ва ҳайҳуй пешвоз мегирифтанд. Азбаски аксарияти вакилон қобилияти гуногунандеширо дарк кардан ва одобу баҳсу талошро намедонистанд, нисбати ӯ дуруштию ҳарзагӯиро муносиб медонистанд.

Воқеан аввалин сӯҳбатҳои мо бо Тоҳири Абдуҷаббор дар хусуси лоиҳа ё меъёри қонунҳое авҷ мегирифт, ки дар Шӯрои Олӣ ва сохторҳои он баррасӣ мегаштанд ва ман мекӯшидам, ки роҳи дурусти ҳуқуқии ҳалли онро фаҳмонам. Дар марҳалаи майдонбароию шиоргӯии мардум ӯ аксаран дар хиҷолат буд. Зеро ки аз анбӯҳи мардуми аз маърифати ҳуқуқию сиёсӣ дурро ба кӯчаю майдон кашидан ва онро ба ихтиёри ҳар гуна ҳангомачӯю тундгароён гузоштан меҳаросид. Ҳодисаҳои февралии соли навадум як ҳушдори ваҳмангезе барои ҳамаи озодандешони тоҷик буд. Гарчи ҳукуматдорон тавонистанд, ки ташаббускорони қину қоли чавонмардони тоҷикро аз беруни кишвар нишон диҳанд, аммо аслан иҷрокунандаю ҳавасмандони такрори ин кирдор дар дохил низ кам набуданд. Инро Тоҳири Абдуҷаббор хуб дарк мекард ва аксаран даъвати мардумро ба майдон чандон намепазирфт. Воқеан агар касе ба барномаю ҳадафҳои созмони мардумии Растохез аз ибтидо боҳушу бекина назар андозад, дар он нишонаҳои даъват ба тундгароиро намебинад. Ва дар ҳадафи асосии он аз бедорсозии тоҷик аз хоби гарони бисёрасра ва даъват ба худшиносии асли хеш, чизи дигареро намебинад.

Аммо як зумра ҳангомаҷӯён, тамаъкорон ва чандрӯяҳо дар баробари озодандешони асл, ки воқеан мавқеи Тоҳири Абдуҷабборро дарк ва дастгирӣ мекарданд, дар атрофи ӯ ба худ ҷой ёфта, бо мурури дар ҷомеа эҳтиром пайдо кардани ин созмон, дар атрофи он ба мисли парвона давр мегаштанд. Чанде аз онҳо маҳз бо ҳамин роҳ худро маълуму машҳур сохтанд ва бо ишораи аввалини ҳукуматдорон ба мансабҳо соҳиб гашта, аввалину охирин шуда, санги маломатро ба сари ёрони хеш заданд. Барои онҳо ин мансаб чи аз ҳокимияти Шӯравии аз қудрат маҳрумгашта, чи аз тоифаи ба ҳифзи ҳукумати "конститутсионӣ" бархеста тӯҳфа шудааст, чандон фарқ надошт. Муҳимаш он буд, ки ба сари хони ҳукуматдорон даъват гарданд. Ҷойи тааҷҷуб ҳам нест, ки аз байни онҳо баъдан вазирон, мушовирони давлатӣ, вакилон ва ҳатто сафирон пайдо гаштанд. Вале ҳамаи онҳое, ки дар атрофи Тоҳири Абдуҷаббор бо мақсади неки бедории мардум ҷамъ гашта буданд, аз ин "ҳангомаҷуён" ҳаросида ё худро канор мегирифтанд ва ё кӯшиш ба харҷ медоданд, ки алангаи дар атрофи созмон сӯхта истодаро хомӯш созанд. Дар интиҳои кор онҳо аз

сиёсат дилгир гашта, хомӯширо пеша карданд ва ё муҳоҷиратро ихтиёр ва дар орзӯи бедории тоҷик дар мусофират нони қокро аз хони пур аз неъмати боминнат авло донистанд. Онҳо орзӯю ҳадафи худро ба фурӯш нагузоштанд.

Дар яке аз иҷлосияҳои Шӯрои Олӣ соли 1991 бахсу талош дар хусуси ба ҷавобгарӣ кашидани вакили халқ, раиси комиҷроияи шаҳри Душанбе Мақсуд Икромов хеле шиддат ёфт. Аз ҷумла, прокурори генералӣ Н.Ҳувайдуллоев дар хусуси гунаҳкор будани М.Икромов хеле истодагарӣ намуд. Дар танаффус дар дахлез бо Тоҳир рӯ ба рӯ омадем ва бо таассуф гуфт, ки ман бо Нурулло Ҳувайдуллоев хеле эҳтиром дорам, аммо намефаҳмам, ки чаро ӯ нисбати М. Икромов сахт часпидааст. Ба сӯи толори маҷлисгоҳ ишора карда, илова намуд, ки ба ин ҷанобон ҳарду ҳам даркор нестанд. Бо гузашти солҳо ин суханҳоро ба ёд оварда, ҳақ будани ӯро бештар дарк мекардам.

Мавриди вохӯрии дигар дар хусуси ҳиҷрати Н. Ҳувайдуллоев ба Хуҷанд афсӯс хӯрда, гуфт, ки чанд рӯз аз ин пеш харду сӯҳбат доштем ва барои ҳиҷрати он кас зарурате набуд. Вақте ки шодравон Нурулло Ҳувайдуллоевро хунхорони нобакор ба қатл расониданд, ҷасади ӯ баъди муоина дар мурдахонаи Қарияи Боло барои видоъ ба бинои Шӯрои Олӣ оварда, гузошта шуд. Пеш аз оғози маросим Тоҳир бо чашмони ашколуд дар он ҷой пайдо шуд. Ба ҷасад наздик гашта, афсӯс хӯрд, ки ана боз як фарзанди барӯманди миллатро аз даст додем ва хам шуда, болопӯши қатшударо рост намуд ва то анҷоми аёдат дар он ҷо бимонд.

Аз кашолсозию рӯйтобии роҳбарони ҷумҳурӣ аз қабули яроқу аслиҳа ва лавозимоти ҷангии шӯравии дар марзи Тоҷикистон буда Тоҳири Абдуҷаббор дар ҳайрат афтода буд. Дар ҷаласаҳои порлумонӣ ва берун аз он, ба таъҷилан соҳиб шудан ба ин моликият даъват мекард, ба вакилон мурочиат менамуд, вале мурвати гӯши онҳо фақат ба мавҷи ларзиши овози роҳбарон мувофиқ гардонида шуда буд. Аз ин рӯ, ақли солим на ҳар вақт ба кор меомад. Ҳатто барқияи охирин вазири мудофиаи ИҶШС ба роҳбарони Тоҷикистон оид ба таъҷилан муайян кардани муносибати ҷумҳурӣ барои соҳиб гардидан ба силоҳу мухимоти харбии дар марзи ҷумҳурӣ қарор дошта, онҳоро аз ҳолати бемасъулиятию манфиатҷӯйии хеш раҳо карда натавонист. Минбаъд он моликият талаву тороҷ гашта, ба тамоми хоки собиқ давлати Шӯравӣ паҳн гардид. Ва аҷаб нест, ки он яроқу аслиҳаро соҳибони нав ба "Фронти халқӣ" ва "мухолифини тоҷик" фурӯхта бошанд, то ки онҳо якдигарро бикушанд. Саҳнаи дар иҷлосияи Шӯрои Олӣ, аз минбари порлумонӣ ба вазири онвақтаи иқтисод Т.Ғаффоров мурочиат намудани Президенти Тоҷикистон Раҳмон Набиев ҳанӯз ҳам дар пеши назар аст. Ӯ аз вазир пурсид, ки "Тӯхтабой! Шумо гӯед, ки барои нигоҳбонии яроқу аслиҳаи шӯравии дар Тоҷикистон ҷой дошта, ҳар сол чӣ қадар маблағ зарур аст?".

Вазир чавоб гардонида буд, ки кариб ду миллиард рубл. Рахмон Набиев инро шунида, аҳли толорро хеле бо ҳаячон бовар мекунонд, ки барои Тоҷикистон ин яроқу аслиҳа зарурат надорад ва барои нигохубини он маблағи калон зарур аст, ки мо онро надорем. Ҳол он ки ақли солим тақозо мекард, ки нархи ҳар яке аз даҳҳо танки вазнин ва тайёраҳои ҳарбӣ бо "пулҳои чӯбини" онвақта аз як миллиард кам арзиш надоштанд ва дар ҳолати моликияти чумҳурӣ эълон доштани он харҷи худро худ бароварда метавонист. Вале "вакилони халқ" бо сарвари худ яксару якпо буданд.

Устод Ашӯрбой Имомов дар маросими ёдбуди устод Тоҳири Абдуҷаббор, Душанбе, 25 апрели соли 2009.

Пешниҳодҳои Тоҳири Абдуҷаббор дар хусуси таъҷилан гузаштан ба пули миллӣ, оид ба худпарокандашавии Шӯрои Олии даъвати охирин ва ташкили порлумони нави чумҳурӣ ва боз чанде дигар, ки ба манфиати соҳибихтиёрии Тоҷикистон ва миллати тоҷик дахл доштанд, ё бечавоб мемонданд ва ё вакилону вазирон баръакси он амал мекарданд. Он вақт ақли солим ба кор намеомад. Сарфи назар аз ҳамаи ин, Тоҳири Абдуҷаббор ҳамоно дар пешниҳодҳои худ истодагарӣ мекард.

Моҳи ноябри соли 1991 Тоҳири Абдуҷаббор бо вуҷуди хавфу хатари воқеӣ ба ҳаёташ, ба иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон дар Хуҷанд сари вақт ҳозир гашт. Дар рӯзу соатҳои тайёрӣ ба кори иҷлосия дар толори Қасри Ӯрунхӯҷаев аллакай ошкор шуда буд, ки тарҳи пешакии кӣ ба сари қудрат омадан ва чи тавр саркӯб кардани ақаллияти ба ном мухолифини порлумонӣ тайёр аст. Акнун фақат он тарҳро бе килу қол ба иҷро расонидан мондаасту халос. Бинобар ин, дар маслиҳату машварати гурӯҳҳои ғайрирасмии нимпорлумонию нимдавлатию нимҷамъиятӣ сухан аз роҳҳои ба зудӣ амалӣ намудани тарҳи кашидашуда мерафт. Дар чанде аз ин ҷаласаҳо иштирок доштам ва медидам, ки ҳар як пешниҳоди Тоҳири Абдуҷаббор оид ба дар доираи қонун, одобу ахлоқи порлумонӣ амал кардан, бо қатъияту дағалӣ рад карда мешавад. Дар яке аз ин машваратҳо иштирокдорони ҷаласа ба ман савол доданд, ки роҳи бекор кардани падидаи идораи президентӣ

чӣ гуна аст. Ҷавоб гуфтам, ки идораи президентӣ дар Тоҷикистон дар Конститутсия пешбинӣ шудааст ва то он даме, ки Конститутсия дар амал аст, онро бекор кардан илоҷ надорад. Аммо ҷавоби ман пеши чунин иқдомро гирифта натавонист ва идораи президентӣ бекор карда шуд.

Дар чанд рӯзи кори иҷлосияи шонздаҳум, ки Тоҳир иштирок дошт, ҳамаи соҳибмансабон ва думравон санги маломатро ба сари чанд нафар озодандешони дар толор ҳузур дошта заданд ва ҳатто аз ҳақорату таҳқири кӯчагӣ ҳам худдорӣ намекарданд. Фақат дар рӯзҳои охири кори ин иҷлосия ӯ толорро тарк кард. Он рӯзҳо мансабдорони мақомоти маҳаллӣ ҳам аз ҷасурии вакилон рӯҳ гирифта, дар маҳалҳо озодандешонро боздошту азият медоданд. Ҳатто дар баъзе деҳаҳо, ба монанди деҳаи Пунғази ноҳияи Ашт, гурӯҳи махсуси авбошон барои латукӯб ва бадномсозии озодандешон ташкил карда шуда буд. Онҳо мардуми соҳибақлро ба даҳшат андохта буданд. Аз ин рӯ, чанд мӯҳлате, ки Тоҳир дар зодгоҳаш мезист, барояш бехатар набуд. Маҳз бо истодагарии дӯстон ва падару модар, ӯ маҷбур гардид Ватанро тарк гӯяд.

Маъракаи сияҳсозии озодандешон дар он айём то ҳадде расида буд, ки аз ҳеҷ восита ҳазар намешуд. Дар яке аз ингуна маъракаи тӯҳмату бӯҳтон дар чандин рӯзнома ва воситаҳои ахбор хабарҳои супоришие пайдо гаштанд, ки гуё қиблагоҳи Тоҳири Абдуҷаббор аз фаъолияти фарзандаш норозӣ гашта, ӯро "ок" (нафрин) карда бошад. Худо медонад, ки он рӯзҳо ин бӯҳтон ба падари иззатманд ва бародарони обрӯманди ӯ чӣ гарониҳое овард. Аммо падару модаре, ки чунин фарзанди боақлу ҳушро тарбия намуда, ба воя расондаанд, аз ҳар кас беҳтар аз қалби ӯ боҳабаранд. Падар ба нохалафон нидо кард, ки ӯ ҳеҷгоҳ фарзанди худро нафрин накардааст, ҳамеша дар дуои тансиҳатию сарбаландиаш буда, аз Тоҳири худ фахр дорад. Намедонам, аз ин раддия дасту забони хабаргузорони дурӯғин хушк шуд ё не, вале онҳо дигар ҷуръат пайдо накарданд, ки аҳли оила ва мардуми бофарҳанги сарбаланди деҳаи Аштро муқобили ӯ гузоранд.

Чанд соли аввали муҳоҷирати Тоҳир аз ҳолу аҳволи ӯ маълумоте надоштам ва фақат мешунидам, ки бо як зумра равшанфикрони тоҷик дар Эрон мебошад. Бинобар ин, баҳорони соли 1996 бо амри тақдир, вақте ки ба ёдбуди бузургдошти сарвари аъзами давлати Эрон ҳазрати Имом Хумайнӣ даъват гаштам, ғайр аз қаноатмандию шукргузории дидани ин мулки бузург, инчунин имкони вохӯрӣ бо Тоҳир маро дилгарми ин сафар гардонид. Гурӯҳи калони шаҳрвандони Тоҷикистон рӯзҳои охири моҳи май бо даъвати тарафи Эрон ба Теҳрон расидем ва дар меҳмонсарои "Шаҳр" қарор гирифтем. Дар байни ҳамсафарон чанд кас толибилмони тоҷик, ки дар донишгоҳҳои ин кишвар таҳсил доштанд, низ буданд. Аз онҳо аз хусуси Тоҳири Абдуҷаббор пурсидам, онҳо ваъда доданд, ки ӯро дарёб карда, суроғаи моро месупоранд.

Рӯзи дуюми сафар баъди хӯроки шом дар миёнсарои калони

меҳмонсаро чашмам ба Тоҳир афтод, ки мунтазири мо буд. Аз вохӯрӣ хеле хушнуд гаштам. Дар ин асно ҳамсафарам Ҳадятуллои Файзулло низ бо мо ҳамроҳ шуд. Ва онҳо аз ҳоли якдигар хеле бо самимият пурсон гаштанд. Воқеан, Ҳадятуллои Файзулло шахси бофарҳанги озодандешест, ки дар чанде донишгоҳҳои чумҳурӣ аз забони арабӣ дарс мегӯяд ва дар ибтидо бо Тоҳири Абдуҷаббор яке аз таъсисдиҳандагони созмони Растохез буд. Мо меҳмонро ба чойхонаи самти рости миёнсаройи ҳутал роҳнамоӣ кардем. Дар он ҷо аллакай даҳҳо ҳамсафаронамон баъди хӯроки шом ба чойнушӣ оғоз карда буданд. Бо ворид гаштани мо ба чойхона як лаҳза хомӯшие толорро фаро гирифт ва мизи холиеро интихоб карда нишастем. Аҳли толор бо шитобу ҳарос чойхонаро тарк карданд. Ин саҳнаи хеле дилгиркунандае буд, ман аз Тоҳир хостам узр пурсам, вале ӯ бо табассум гуфт, ки ба чунин саҳнаҳо дар Ватан бисёр дучор шудааст, аммо дар мусофират бори аввал аст. Дар сари чойнӯшӣ аз ҳолу аҳволаш пурсон гаштем, ҷавоб дод, ки шукри Худо дар мусофират зиндагӣ ба маҷрои муайян даромадааст ва бо ҳамватанони дар Теҳрон буда зуд-зуд вомехӯрад. Ӯ аз мо аз хусуси зиндагии мардум пурсон мешуд.

Лаҳзае маросими ёдбуди устод Тоҳири Абдуҷаббор, Душанбе, 25 апрели соли 2009.

Дар айни сӯҳбат баъзе аз ҳамватанон чойхонаро бо шитоб тарк карда боз як-як ба он ҷо бечуръатона баргашта, ҳангоми вохӯрӣ мегуфтанд, ки як навъ кори таъҷилӣ доштанд ва ҳоло онро ба анҷом расонидаанд. Тоҳир бо лабханд ҷавоб медод, ки боке нест, муҳимаш он ки Шумо баргаштед. Дар омади гап, Ҳадятулло пурсиданд, ки оё пеш аз изҳороти худ дар хусуси қатъ ёфтани фаъолияти созмони Растохез Шарофиддин Имом бо Шумо дар тамос буд. Тоҳир ба савол бо савол ҷавоб гардонд, ки оё дар ин хусус дар Ватан, бо Шумо, ки яке аз роҳбарони ин созмон ҳастед, мувофиқа шудааст? Ҳарду иқрор шуданд, ки аз ин "ташаббус" бехабаранд. Як бегоҳии дигар Тоҳир ба меҳмонсаро омад, дар ҳамон чойхонаи дохили ҳутал сари пиёлаи чой хеле нишастем ва дар вақти гусел орзӯ кардем, ки минбаъд дар Ватанамон вомехӯрем.

Соли 1998 бо даъвати шӯъбаи Хазинаи Сорос дар Қирғизистон барои омӯхтани таҷрибаи кори онҳо чанде аз фаъолони ин хазина, аз ҷумла, Н. Табаров, О. Бобоназарова, С. Неъматуллоев, Н.Ятимов ва камина ба

шаҳри Бишкек омадем. Як бегоҳ ба ҳутали "Достик", ки дар он мезистем, якчанд ҷавонони тоҷик омада, моро ба рӯзи дигар, ба меҳмонӣ таклиф карданд. Бегоҳии дигар моро ба мошинаҳои худ ба канори шаҳр, ба собиқ шаҳраки немисҳо бурданд. Ҳавлие, ки мо дар назди он қарор гирифтем, ба хати роҳи оҳан наздик буд ва дар он ҷо моро чанде тоҷикписарон пешвоз гирифтанд. Дар байни онҳо шогирдам, хатмкарда факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Хайриддинро шинохтам ва аз ҳолу аҳволаш пурсон гаштам. Ӯ хам дар муҳоҷират дар шаҳрҳои Русия чанд сол гашта, ҳоло дар Бишкек қарор гирифта будааст. Ҳанӯз дохили меҳмонхона нагашта, ходими ҷамъиятию сиёсии тоҷик, собиқ аъзои Ҳукумати мусолиҳаи миллӣ, вазири кишоварзӣ Ҳайдаршо Акбарзода ба хавлӣ ворид гашт ва пас аз вохӯрии самимона ба кабати дуюм баромадем. Акнун дастурхон густурда буданд, ки аз поён овози "Устод омаданд" баланд шуд ва баъди лаҳзае Тоҳири Абдуҷаббор вориди меҳмонхона гардид. Мо ҳампахлу нишастем ва аз ҳолу аҳвол ва зиндагии ӯ дар ҷойи нав пурсон гаштам. Мухтасар гуфт, ки бо таклифи чанде ҳамватанонамон аз Теҳрон ба Бишкек омадааст ва дар Донишгоҳи байналмилалии ин ҷо ба кори омӯзгорӣ шӯрӯъ кардааст. Вазъи Бишкекро барои муҳоҷирони тоҷик мусоид дониста, дар ин самт эътибору ғамхории Президенти Қирғизстон Аскар Акоевро қайд намуд. Дар лаҳзаи сӯҳбат яке аз тоҷикписарон ба меҳмонхона даромада, моро аксбардорӣ намуд, ки аз он нишаст нишона мондааст. Бо соҳиби хона, соҳибкори ҷавони тоҷик Саидбек С. самимона хайрухуш карда, ба ҳутал баргаштем.

Бегоҳии дигар моро Сафарбеки Солеҳ, кинорежиссёри маъруфи тоҷик, собиқ ҳамсояам дар маҳаллаи Зарафшон, ки дер боз дар Бишкек истиқомат дошта, дар сафоратхонаи Эрон кор мекард, ба манзили худ бурд. Дар он ҷо Тоҳир бо ҷавоне сӯҳбат дошт. Дар рафти нишаст аз ӯ пурсидам, ки кай азми бозгашт ба Ватан дорад? Илова намудам, ки вазъи ҷумҳурӣ рӯ ба беҳбудӣ аст, Комиссияи оштии миллӣ кори худро ба анҷом мерасонад ва ғояи ваҳдат пойдор гашта, хусумату бадбинӣ хотима меёбад. Ӯ баъди андеша гуфт, ки оё дар Душанбе барояш ҷойи кор ёфт мешуда бошад. Гуфтам, ки дар мактабҳои олӣ имрӯз омӯзгорони соҳибунвон намерасанд, дар муассисаҳои илмӣ низ аҳвол ҳамин тавр аст. Ӯ ваъда дод, ки то анҷоми соли хониш дар ин хусус андеша мекунад. Инчунин аз ӯ пурсидам, ки холо бо кадом масоили илмӣ шуғл дорад ва чаро дар матбуоти ҷумҳурӣ чизе ба чоп намерасонад. Ҷавоб дод, ки масъалаҳои рушди ичтимоӣ ва иктисодӣ ҳамеша дар зери эътибор аст, аммо бо сабаби дастрас набудани сарчашмаҳои даркорӣ аз вазъи имрӯзаи Тоҷикистон, ӯ наметавонад ягон таҳлили ҷиддиро ба анҷом расонад. Илова намуд, ки аз барномаҳои ҳизбҳои нави сиёсӣ низ бехабар аст. Ваъда додам, ки барои дарёфт ва дастрас намудани онҳо кӯшиш мекунам. Воқеан, баъди бозгашт ба Душанбе яке аз китобҳоро дар хусуси ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон бо шиносе ба ӯ фиристодам.

Бо гузашти чанд сол барои иштирок дар семинари байналмилалие, як гурӯҳ ба Бишкек омадем. Рӯзи дуюм баъди анҷоми машғулият дар даромадгоҳи ҳутал бо шиноси деринаамон соҳибкор Саидбек рӯ ба рӯ омадем. Ӯ мунтазири мо будааст, баъди каме сӯҳбат гуфт, ки пагоҳ маросими буръёкӯбон дорад ва иштироки моро тақозо кард. Мо аз банд буданамон сухан кушодем, аммо ӯ гуфт, ки бегоҳирӯзӣ бароятон мошин меояд ва ҳатман биёед. Дар вақти ваъдагӣ барои моро бурдан дӯсти деринаамон Ҳайдаршо Акбарзода омада, маро ҳамроҳи ходими намоёни давлатию ҷамъиятии ҷумҳурӣ Одил Бердиев дар мошинаи худ ба ҷойи таъиншуда, канори шаҳр ба назди бинои нави боҳашамате овард. Сарсари роҳ Ҳайдаршоҳ нақл кард, ки Саидбек хонае бино карда имрӯз дӯстонро аз Ватан ва аз ин ҷо хабар кардааст.

Моро дар толори азими қабати сеюм, ба назди меҳмонони сершумор шинониданд, ки аксари онҳо аз Тоҷикистон маҳз барои иштирок дар ҳамин маросим омада будаанд. Ҳамон лаҳза Тоҳир низ пайдо гашта, ба назди мо омада нишаст. Яке аз ҳофизони шоистаи дар мусофират будаи тоҷик Амриддин Кабиров бо овози дилфиреби то андозае маҳзунаш, сурудҳои навини худро бо маҳорати баланд иҷро карда, меҳмононро лаззат мебахшид ва ба таамулу андеша, аз гардиши фалаку гузашти айём рӯҳафтода нашудан даъват менамуд.

Дар рафти сӯҳбат аз Тоҳир сабаби ба Ватан барнагаштанашро пурсидам. Бо овози маҳзун ҷавоб дод, ки вақте азми бозгашт қатъӣ мегашт, хабари қатли фарзанди содиқи миллат, рӯзноманигори обрӯманд Отахон Латифӣ расид ва ин азми мо пир шуд. Бо вуҷуди дар Донишгоҳи байналмилалӣ ҳамчун устод ва олими закӣ машҳур будан ва Тоҳир ҷисман ва рӯҳан хастаҳол менамуд. Баъдтар Ҳайдаршо дар хусуси сабаби ошуфтаҳолии ӯ гуфт, ки "Устод марди фикру андеша ва хаёл ҳастанд. Дар хусуси кайфияту лаззати зиндагӣ бепарвоанд ва биноан танҳоӣ охири охирон касро хаставу ошуфта месозад. Гарчи дар байни ҳамватанон ва шиносон ҳурмату эҳтироми беандоза доранд, вале носозии зиндагӣ бетаъсир наемонад. Хаёлмандии Устод то ҳаддест, ки аллакай чандин бор маоши худро то хона нарасонида, дар роҳ тӯъмаи дуздон кардаанд" ва илова намуд, ки вале аз касе тамаъе надоранд.

Инак, соли 2006 хушхабаре расид, ки Тоҳири Абдуҷаббор ба зодгоҳ баргаштааст. Дар охири моҳи августи он сол рӯзе телефони хона занг зад ва овози Тоҳирро шунидам, ки аз омадани худ ба Душанбе хабар медод. Ман бо хушнудӣ ӯро ба кулбаам даъват намудам ва сари чой хеле холпурсӣ кардем. Азбаски холо ӯ чойи кор надошт, барои аз рӯйи касби омӯзгорӣ чойи кор пайдо намудан азм кардем. Ба чандин кафедраҳои умумидонишгоҳии иқтисодӣ, факултетҳои иқтисодии ДМТ мурочиат кардем, бо баҳонаи сарбориҳо аллакай тақсим шудан, аз қабули ӯ сар мепечиданд. Охири охирон, дар Донишкадаи технологӣ ва инноватсионӣ ҷойи кор пайдо кард. Аз хонаи холии яке аз дӯстон, рӯзноманигори

маъруфи дар муҳоҷират буда Насибҷони Амонӣ, ҳуҷрае пайдо намуда, дар он танҳо мезист. Дертар дар яке аз вохӯриамон ӯро пурсидам, ки ҳолаш читур аст ва чаро шалпар менамояд. Гуфт, ки дар сарбориаш дарсҳои шифоҳии бисёр дорад, ҳатто баъзе рӯзҳо 8-10 соат дарс мегӯяд ва барои истироҳат вақт кам аст.

То ба касалӣ мубтало гаштан Тоҳир бо ҳамин минвол кор мекард. Илова ба ин рӯзноманигорон мунтазам ӯро ба сӯҳбат даъват намуда, аз ӯ оид ба масъалаҳои рӯзмарраи иҷтимоию иқтисодӣ маводи таҳлилӣ дархост мекарданд. Ӯ хислати дархостро бе ҷавоб гузоштан надошт ва илова ба ин, меҳнати рӯзноманигоронро қадр мекард. Бинобар ин, ҷисман имкони истироҳат надошт.

Дар оғози соли хониши 2008-2009 раёсат ба яке аз кафедраҳои умуми донишгоҳӣ барои аз фанҳои иқтисодӣ навиштани рисолаҳои курсӣ ва дипломӣ иҷозат дод. Ба ин муносибат дар ин кафедра барои ёздаҳ омӯзгор якбора ҷой пайдо шуд. Вақте ки дар як нишасти хоса мудири ин кафедра дар хусуси душвории дарёб кардани ҷавонони лаёқатнок ташвиш изҳор кард, ба ӯ тавсия намудем, ки Тоҳири Абдуҷабборро ба кор даъват намояд. Зеро онҳо якдигарро хуб мешинохтанд ва дар сафари хизматии дарозмӯҳлат якҷоя будаанд. Аммо мудири мӯҳтарам ба ташвиш афтода гуфт, ки ин корро карда наметавонад, чунки дар боло маъқул намедонанд. Мо гуфтем, ки ёздаҳ ҷавони бетаҷрибаро якбора ба кори устодӣ ҷалб кардан масъулияти ҷиддиест. Агар дар қатори онҳо ба монанди Тоҳири Абдуҷаббор омӯзгори пуртаҷриба ва олими намоён фаъолият намояд, аз ӯ ҳам омӯзгорони ҷавон ва ҳам донишҷӯён бурд хоҳанд кард. Вале мудир дар аҳди худ истодагарӣ кард.

Охирин, вохӯриамон бо Тоҳир моҳи октябри соли 2008 ба вуқӯъ пайваст. Ин дафъа рангу рӯяш парида ва беҳол менамуд. Дар хусуси саломатиаш гуфт, ки нотоб аст ва аз муоинаи тиббӣ гузашта истодааст. Минбаъд ба занги телефонӣ ҷавоб намегуфт ва баъдтар пурсуҷӯ карда, муайян сохтем, ки барои табобат ба Эрон рафтааст. Умедвор гаштем, ки табибони он ҷо шояд даъвои дарди ӯро биёбанд. Вале афсӯс, Худои мутаол ба ин марди наҷиб фақат синни пайғомбариро насиб дониста будааст.

Тоҳири Абдуҷаббор бо қалбу пурҳарорату дили озурда орзуҳои худро дар дил ниҳон дошта, дунёи фониро падруд гуфт. Аз Худои меҳрубон илтиҷо менамоем, ки охирати ин бандаи ҷонфидоро обод ва раҳмати худро насиб гардонад. Ҳамзамон тавре, ки Тоҳир мехост, мардуми ғафлатзадаи тоҷикро соҳиби ақлу фаросат, худогоҳу зирак ва дар ҳифзи манфиати хеш ҷасур гардонад. Омин.

*

Дорюши **РАҶАБИЁН,**
журналист

ПОРАҲОЕ АЗ ЁДВОРАҲО

Ба ёди устод Тоҳири Абдулҷаббор
1994-2009

Ҳамчунон аз канори ҷоддае пурғубор дар бахши навсохти ҳошияи Теҳрон фароз меравам. Гарди симони ҷодда дар дарзи кафшҳову шерозаи шалворам менишинад. Дар остонаи вурудии сохтмоне чаҳортабақа кафшҳову шалворамро метаконаму меафшонам.

Аз ин ҷо метавон тамоми шаҳри Теҳронро рӯи кафи даст дид, ки дар миёни анбӯҳе аз бетуну оҳан пушти пардаи захим (ғафс)-и ғубор тақрибан нопайдост. Дар ин маҳалли баланд сохтмони маскунии баланде ҳаст, ки маҳалли иқомати муҳоҷирони баландмақоми тоҷик аст ва дар баландтарин мақом ё табақаи он Устод зиндагӣ мекунад. Бар хилофи дигар ҳамроҳони баландмақомаш Устод танҳост.

Дар утоқи нишемани як хонаи духоба пушти як мизи анбошта бо китобҳои катуру бузург Устод бовиқору сарбаланд нишастааст ва аз пушти пардаи сигор ба ман нигоҳ мекунаду лабханде мезанад ва мепурсад:

– Кучоҳо мегардӣ, эй писар?

Моҷароҳои парерӯзу дирӯзу имрӯзамро барояш таъриф мекунам ва барномаҳои фардоямро бо ӯ дар миён мегузорам. Аз гузаштаҳо мегӯем. Аз Душанбеву саргардониҳо. Устод ошкоро хурсанд аст, ки ҷон ба саломат бурдаам.

Ҷӯёи ҳолаш мешавам. Мегӯяд, «Лаззоти фалсафа»-и Вил Дуронти омрикоиро мехонаду сер намешавад. Забони шевову баёни расои Аббоси Зарёб – мутарҷими порсии ин китоб мафтунаш кардааст. Ва бештар аз он мантиқи каломи худи Вил Дуронт. Устод китобро варақ мезанад ва сарсарӣ фасле аз онро бармегузинаду мехонад:

– Табиъат, ончунон ки гумон мекунем, боҳуш нест. Бидуни шак, мо кавданӣ (аблаҳӣ)-и бениҳояти худро аз ҳамин модарбузург ба ирс бурдаем.

Ва боз ба ман рӯ меораду намунаҳое аз кавдании башариро аз торихи муъосири худамон бозгӯ мекунад. Аз суханҳояш нами ашк меояд ва бӯи ҷигари сӯхта. Ва мегӯяд, дареғо, ки ин ҳамаро дар бораи миллате мегӯем, ки дар гузашта нигини дурахшони тамаддуни ҷаҳонӣ буда. Ин бор китоби ҳаҷими Arnold Toynbee (торихнигори барҷастаи британиёӣ) "A Study of History" ё «Мутолеъаи торих»-ро боз мекунад ва пораҳоеро аз зуҳуру суқути импротуриҳо бароям мехонад ва аз азамати импературиҳои эронӣ дар гузашта ва аз ин ки сиришти тамаддун ва фарҳанги мардумони ғайриэронии бисёре дар Ховари Миёна, Осиёи Миёна ва Осиёи Хурд (Туркия) хам эронист. Ва боз ба имрӯзи нагуни мо бармегардад.

Дафтари кӯчакаш пур аз вожаҳои ноошнои инглисист. Рузномаи «Tehran Times»-ро мурур мекунад, пораҳоеро бо садои баланд мехонад ва мани забоннафаҳм банди ҳайрат мемонам, ки Устод кай ва дар кучо забони инглисиро фаро гирифтааст.

Устод Тоҳири Абдуҷаббор бо Дориюши Рачабиён, Мирзо Шукурзода ва Беҳрӯзи Забеҳулло дар Теҳрон, соли 1995.

Китоберо аз ӯ вом мегираму аз хузури муборакаш мураххас мешавам. Устод таъкид мекунад:

– То метавонӣ, бихон. Ҳатман имрӯз на, фардо ба дардат хоҳад хӯрд. Баҳсҳои бехудаи сиёсиро канор гузор. Бихон.

***

Ҳилму меҳрубонӣ ва бештар аз ҳама сӯҳбатҳои хирадмандонаи Устод муътодам кардааст. Боз ҳам суроғи он хонаи баландро мегирам. Ин бор бо дӯстони дигар. Канори ҳам «Дар имтидоди шаб»-ро барои садумин бор тамошо мекунем, латифа мегӯему механдем ва ба фармудаҳои гаронбори Устод гӯш фаро медихем.

***

Ранги Устод ин бор зард аст. Мегӯяд, захми меъда азияташ мекунад. Аз Ӯ мепурсам, хӯрданӣ чӣ мехоҳад. Мегӯяд, ҳеҷ, ҳама чиз дар хона ҳаст. Пинҳонӣ аз фурӯшгоҳ ширу панир меоварам. Худам ҳам сармо хӯрдаам. Фикр мекунам сармое сабук бошад.

Аммо пас аз шом табуларзи шадид амонам намедиҳад. Устод исрор мекунад, ки дар хонааш бимонам ва се пату (кӯрпа)-ро рӯи рахтхобам меандозад.

Дар хилоли табуларз аз утоқи Устод садои заччаи ӯро мешунавам, ки дандонҳояшро фишурда ва нолаи ҷонкоҳ мекашад. Бегумон дарди захми меъдаи Устод сахттар аз табуларзи ман аст. Ба по мехезам. Замин даври сарам мечархаду дубора ба рахт меандозадам.

– Ширро бинӯш, то сард нашуда.

Овози бами Устод аз хобам бедор мекунад. Соъат ҳафти бомдод аст. Аз даруни финҷони доғи шир бухори гарм дар фазо пахш мешавад. Устод канори болинам нишастаасту холпурсӣ мекунад. Мегӯям, ба маротиб беҳтар шудаам, аммо шармандаи лутфи Устодам. Мегӯям, шунидам чӣ кадр дардатон зӯр буд, лозим набуд заҳмати овардани ширро бикашед. Мегӯяд, дарди захми меъдааш фурӯ нишаста ва маъмулан шабхо буруз мекунад.

***

Устод бароям таҷассуми Теҳрон шудааст. Ҳафтае нест, ки яке-ду бор суроғашро нагирам ва аз суханони пурбораш файз набарам. Ва ман танҳо нестам. Дӯстони азизе чун Беҳрӯзу Аҳмадшоҳу Хуршед ҳам пайваста канори Устоданд. Ин мард ин ҳамаро кай ва чӣ гуна фаро гирифта?

***

Акнун ифтихори ҳамкорӣ Устодро дорам. Ҳар ду дар бахши бурунмарзии Садои Эрон барномаҳои русӣ месозем. Устодро ин ҷо ҳама «оқои дуктур» садо мекунанд ва ҳама, бидуни истисно аз дониши бекарони русии ӯ баҳра мегиранд.

Сарохати калом ва бепардагуии Устод ин ҷо ҳам машҳуд аст. Раиси чадиди бахшамон оқои Маликӣ як охунди дасторбасар аст. Маликӣ ба утоқи кории кӯчаки ману Устод сар мезанад ва мепурсад:

– Оқои дуктур, ҳолатон чӣ тур аст?

Устод бо лаҳни шӯхӣ мегӯяд:

– Хубем, хоҷӣ-оқо. Аммо фазои ин ҷо бисёр хастакунанда аст. Намешавад, ки як дастгоҳи забти савт ин ҷо насб кунед ва чанд навори Гугушро гузоред, ки соъоти корамон ҳамроҳ бо хушию фароғат бошад?

Маликӣ музиёна табассумеро рӯи лабҳояш ҷарроҳӣ карду мустақиман ба утоқи Хушдил (раиси барномаҳои Урупову Омрико) рафт ва суханони Устодро ба ӯ мунтақил кард. Албатта, бо обу ранги охундӣ. Пас аз чанд рӯз узри Устодро хостанд.

Бузургвори мо ҳаме ба абрӯяш наоварду афсурда ҳам нашуд, аммо дубора дар чаҳордевории хонааш гир кард. Ва ин бор дар хона осори сирилликро ба дабираи порсӣ баргардон мекард. Аммо шуғли доимиашро ҳатто барои як рӯз канор нагзошт: андӯхтани сармояи дониш. Устодро ҳамеша пушти деворҳои китоб дар ҳоли мутолеъа мебинам.

***

Солҳо гузашт. Теҳрон дар замҳарири хотиротам хушкид, аммо тасвири Устоди азизу бовиқору пок ҳар чи барчастатар мешавад. Дигар танҳо садои Бузургвор аст, ки аз гӯшии телефун гӯшҳои пажмони моро навозиш

мекунад. Симои гарми ӯ пушти девори баланди китобҳояш дар тасаввур мавҷ мезанад. Дар ҳар расонаи ҷаҳоние, ки кор мекунам, дунболи баҳонае мегардам, то садову қудрати мантиқи Устод ба гушу ҳуши одамони бештаре бирасад. Ба замона нафрин мегӯям, ки муроқиби Бузургвори мо нест. Сифлапарварии чархро, ки мову шумо кашф накардаем.

Сабаб мапурс, ки чарх аз чӣ сифлапарвар шуд,
Ки комбахшии ӯро баҳона бесабабист.

(Ҳофиз)

Як байти дигари Ҳофиз ҳам гӯё шоҳиди ҳоли Устод аст:

Ҳофиз, қалами шоҳи ҷаҳон муқсими ризқ аст?
Аз баҳри маъишат макун андешаи ботил.

Устод касест, ки ҳаргиз ба хотири ризқу рӯзию маъишат андешаи ботил намекунад ва роҳи каж намеравад. Агар сириштӣ нопоке дошт, бо ин дарёи донише, ки дорад, метавонист виждону усулашро канор бигзораду ба бартарин мақомҳо бирасад.

Маросими ёдбуди устод Тоҳири Абдуҷаббор дар Душанбе, 25 апрели соли 2009.

Сари баландаш хамвора баланд бод!

Ландан. Бомдоди сешанбе, 21 оврил. Телефуни ҳамроҳамро аз зери болишт берун мекашам, то занги соъати шаммотаро хомӯш кунам. Паёме дорам. Аз азизе дурдаст: "Ustad Tahir passed away... Sorry for the bitter news." Кӯтоҳу кушанда, аммо на дур аз интизор.

Яке-ду рӯз пеш аз он вуҷудамро воҳимаи даргузашти Устод фаро гирифта буд ва соъати 4-и бомдод пушти сари хам шумораҳои дӯстонам дар Душанбеву Хуҷанду Панҷакату Аштро мечидам ва суроғи Устодро мегирифтам. Ҳамсари андӯҳгини Устод дар Ашт бароям гуфт, ки эшон тавони сӯҳбат карданро надоранд... Дӯстон ҳам гуфтанд, ки дигар умеде нест. Мехостам барои ду рӯз ҳам ки шуда, дар поёни ҳафта ба дидори Устод бирасам. Аммо Устод аҷала доштанд ва дар ҳамон оғози ҳафта морову чархи бадсиголро падруд гуфтанд.

Телевизюни Би Би Си мехост дар бораи Устод чизҳое бигӯям. Гичу манг будам ва намедонам дар он мусоҳибаи зиндаи 3-дақиқаӣ чиҳо гуфтам. Ҳар чи гуфтам, арзиши як рӯзи зиндагии ҳамосаии Устодро надошт.

Фардои он рӯзи шум чакомаи ноберо аз Беҳрӯзи Забеҳуллоҳи азиз хондам, ки табуларзи шабҳои теҳрониро бароям пас оварда ва ба ёди рӯзҳои ғамгусорӣ бо Устоду Беҳрӯзу Аҳмадшоҳу Хуршед дар Теҳрон уфтодам ва бароям ҳолати ғарибе даст дод, ки баёнаш мақдур нест:

Марде ба вусъати ҳамаи рӯзгор рафт,
Нақши баҳор мондаву бӯи баҳор рафт.

Гӯйӣ барои мову ту дигар баҳор нест,
Ин растахез омаду он растагор рафт...

***

Фариштa буд? На. Инсоне буд канори инсонҳои дигар бо сириште бартар аз фариштагоне, ки ҳанӯз ба дидорашон нарасидаем ва акнун ҳамроҳони ӯянд ва аз ҳамсириштu ҳамтабори худ беҳтар аз мо муроқибат мекунанд.

Дар замоне хато ва маконе хатотар ба дунё омад. Аммо дурусттар аз ӯ наметавон зист. Замоне ба дунё омад, ки тӯдаҳо гала-гала мағзшӯйӣ мешуданду дасту дил аз решаҳои хешу пеши худ мешустанду бебозгашт ба бегонагон мепайвастанд. Аммо замону макони хато ҳам ӯро ҳамранги ҷамоъат накард. Замона бо ӯ насохт, ӯ ҳам ҳаргиз бо замона насохт, балки ба ҷои он замонаро сохт.

Рӯзгоре буд, ки ӯ мегуфт «Тоҷикистон як кишвари мустақил, демукротик ва ҳуқуқбунёд аст» ва мавриди хандахариши дастаҷамъии намояндагони порлумон воқеъ мешуд. Дуруст як сол пас аз он ҳамин ҷумла ҷойгузини моддаи якуми Қонуни Асосӣ шуд, аммо танҳо пас аз он ки ҷумҳуриҳои мустақилли дигари Шӯравӣ лошаи иттиҳоди пешинро тиккапора мекарданд ва аз он танҳо устухон боқӣ монда буду бас.

Чашму зеҳни дурбину дурандеши ӯ пайваста роҳу чоҳро аз ҳам тамйиз медод, забони шевову баёни салиси ӯ бо садое қотеъу бурранда моро аз суду зиёни тасмимҳо ҳушдор медоду огоҳ мекард. Садои Устод, чи дар майдон ва чи аз пушти «микрофуни б», чун теғаи кӯҳе баланд абрҳои тираву торро медарид ва мустақиман бо виждони шунавандагонаш сӯҳбат мекард. Аз авони навҷавонӣ суханронихои Устодро аз наворфурӯшиҳо мехаридам ва аз баёни ӯ илҳом мегирифтам ва аз қудрати мантиқи ӯ шигифтзада мешудам. Ин садо то замоне баланду танинандоз буд, ки садои тонку туп гуши виждонро пора кард ва кишвар ба дасти бевиждонию бевиждонон уфтод.

Дар ҳамон тазоҳуроти 59-рӯза одамоне буданд, ки ғайбат ё набуди Устодро нишони «хиёнат»-и ӯ ба «ормон»-ҳои миллӣ медонистанд. Ҳамон афрод акнун ба осудагӣ рӯи курсии вазорату ваколатҳо нишастаанд, аммо Устод ҳаргиз ба ин хорию хиффат тан надод.

Дар ҷараёни он тазоҳурот, ки сароғози ҷанг буд, аз Устод пурсида будам, ки чаро канори раҳбарони ҷунбиш нест. Бисёр кӯтоҳу муфид посух дод: «Бӯи хун меояд» ва пушт карду рафт. Бо вуқуъи рӯйдодҳои пасин ба мантиқи вахшуронаи Устод имон овардам.

Ва чи хуб шуд, ки Устод ба даҳҳо курсие, ки пешкашаш карда буданд, нанишаст. Чун ҷойгоҳи ӯ кошонаи дили ҳазорон фарди худшинос аст. Ӯ ба хостаҳои умдаи худ расид: ба забони порсӣ мақоми расмӣ дод, ҳув-

вияти порсӣ (тоҷикӣ)-ро дар замири ҳазорон тан зинда кард, ба Тоҷикистон қонуни истиқлолашро дод ва ба бозмондагонаш як ҷаҳон суханону навиштаҳои хирадбор ба ҷо гузошт, ки шояд вуқӯъи бузургтарин хостаи ӯро ҳам муяссар кунад: рушди фарҳанг ва иртиқои сатҳи саводу дониши мардум ва бунёди як ҷомеъаи маданӣ.

– «То метавонӣ, бихон. Ҳатман имрӯз на, фардо ба дардат хоҳад хурд. Бахсҳои бехудаи сиёсиро канор гузор. Бихон».

– Ба рӯи чашм, Устоди поку мутаххар. Ва ба хотири шодмонии равонат. Ва ба хотири эҳёи Растохез.



Зафари СУФӢ,
журналист

ҒУРУБИ РАМЗИ ҒУРУР

Озодатарин ва сарбаландтарин мард моро тарк гуфт… Имрӯз мебоист парчамҳо поин меомад. Имрӯз мебоист мотами умумӣ эълом мешуд. Аммо…

Мо дар ҷойгоҳе набудему нестем, ки битавонем арзандаи Ӯ ба Ӯ арҷгузорӣ намоем. Ӯ бо ҳамон сарбаландӣ, хамон ғурури ба худаш хос, ҳамчунон самимона ошиқи ин марзу бум ва миллати азияткашаш, ману моро барои ҳамеша тарк кард. Моро, ки сазавори Ӯ набудем, тарк гуфт. Озодатарин, сарбаландтарин ва самимитарину боғуруртарин фарзанди ин диёр, устод Тоҳири Абдуҷаббор, моро тарк кард.

Ҳатман дар ин робита ҳама хоҳанд навишт, ҳам дӯстон ва ҳам бегонаҳо ва ҳам ошноёни бегонахӯ. Зеро ин як амри табиист. Зеро устод Тоҳири Абдуҷаббор он қадар бузург буд, ки месазад дар бораш ҳама бинависанд. Зеро ӯ он қадар ҳарфи гуфтан дошту гуфт, ки имрӯз ҳама дар бораи ӯ бигӯянду бинависанд ҳам боз ногуфтаҳое бокӣ хоҳад монд. Ӯ як Инсоне буд, ки бо тафаккури миллӣ ва ақлу ҳушёрӣ тавонист як насл, балки як асрро бедор кунад. Ӯ муаллифи эъломияи бузургтарин неъмати як миллат, яъне Эъломияи Истиқлоли Тоҷикистон буду хаст ва хоҳад

монд. Ҳеч ифтихоре барои як фарзанди фарзонаи миллат мисли устод Тоҳири Абдуҷаббор болотар аз муаллифи Эъломияи истиқлоли кишвар будан набуду нахоҳад буд.

Инҳо, ки имрӯз лофи истиқлолхоҳӣ мезананд, дар он солҳо, ки устод Тоҳири Абдуҷаббор салои озодӣ сар дода буд, сарсахттарин мухолифи истиқлоли тоҷик буданд ва имрӯз пас аз наздик ба ду даҳа ҳамчунон аз он руҳияи ғуломӣ берун наомадаанд. Аммо устод Тоҳири Абдуҷаббор дар ҳамон солҳои авҷи қудрати ҳукумати комунистӣ дар ростои дифоъ аз манфиати миллаташ тавонист қад алам кунад ва то охир чунин боқӣ монд.

Ӯ мисли ҳеч кас набуд, балки ҳеч кас наметавонад мисли Ӯ бошад. Озодатарин, поктарин, самимитарин, бериётарин, сарбаландтарин, меҳандӯсттарин, миллатдӯсттарин, озодтарин, мӯъҷазгӯтарин – ҳама хислатҳои неки Ӯ буд. Салобату шаҳомати ӯ дар айни хоксорӣ фақат ва фақат зебандаи Тоҳири Абдуҷаббор буду ҳаст. Худо шоҳид, ки ин чанд нуктаи парешонро бояд чанд моҳе қабл ҳангоми таҳияи мусоҳиба бо устод Тоҳири Абдуҷаббор рӯи коғаз меовардам. Аммо ба қавли худаш чарбзабониро дӯст надоштани устод аз як сӯ ва як суҳбати Ӯ дар мавриди масъалаи дигаре аз зиндагияш, ки дар муқаддимаи мусоҳиба оварда будам, маро водошта буд, ки аз навиштани чумлаҳои болоӣ худдорӣ кунам. Аммо дареғу дард, ки имрӯз, пас аз шунидани хабари моро тарк кардани устод онҳоро рӯи коғаз мекучонам…

Ӯ дар мушкилтарин лаҳзаҳои зиндагияш низ рашку ҳасади даҳҳо, балки садҳо нафарро меовард, ки дар авҷи қудрату рифоҳ буданд. Ӯ дар хонаи иҷорай низ болотару бартар аз даҳҳо кушкнишину қасрнишин буд. Онҳо бо ҳама дастдарозӣ ба ӯ рашк мебурданд, зеро ӯ қаноату сабре дошт, ки ҳеч як аз инҳо надоштанду надоранд. Ӯ он қадар муҳаббату алоқа ба ин миллату ватан дошт, ки нисфи онро инҳо надоштанду надоранд. Ӯ он қадар сарбаланд, он қадар боло буд, ки инҳо ба ҳама болотар рафтанҳояшон аз зинаҳои мансаб ба Ӯ нарасиданду наметавонанд расид. Қомати болои устод Тоҳири Абдуҷаббор дар фарохнои таърихи миллат барои ҳамеша сарбаландона устувор хоҳад буд ва ҳеч тӯфону боде наметавонад Ӯро такон бидихад, чи бирасад ба он ки аз он густара берунаш кунад. Ӯ ҳамеша якрӯ, якроҳ ва якмаром буд, яъне ҳамеша манфиатҳои миллаташро пуштибон буду дар ин роҳ содиқ монд, пас ҳеч тағйири низому сиёсатхо наметавонад ҷойгоҳи Ӯро дар таърихи миллат тағйир дихад. Ӯ ҳамеша ҳамчунин беназиру озода хоҳад монд, ҳарчанд имрӯз ману мо натавонистем арзандаи ҷойгоҳи ин каҳрамони воқеии миллат барояш охирин нафасҳои зиндагӣ дар марзу бумро фароҳам оварем. Вой бар ман! Вой бар мо, ки ҳамеша бузургонамонро дар хорӣ нигаҳ медорем, дар эҳтиёҷ ба коми марг равонаашон мекунем ва сипас ангушти афсӯсу надомат зери дандон мегирем…

Талошҳое, ки барои нодида гирифтан ва ё инкор кардани ҷойгоҳи устод Тоҳири Абдуҷаббор дар бедории миллӣ ва расидан ба истиқлол

сурат гирифта, монанди марому ҳадафҳои талошгарон дар ин росто муваққатӣ ва бебақо буду ҳаст. Ҳарчанд бозиҳову каҷбозиҳои давр онҳоро барои муваққат аз ҷойгоҳи арзандаашон дур дошта бошад ҳам, аммо мусалламан миллат як рӯз қаҳрамонҳояшро хоҳад пазируфт ва ба онҳо мутобиқи ҷойгоҳашон арҷ хоҳад гузошт. Ҳатман замони арҷгузорӣ ба фарзандони сарбаланду озодаву содиқи милат мисли Тоҳири Абдуҷаббор хоҳад расид.

Аммо он сӯҳбат, ки боиси то ба имрӯз кашидан ва оҳанги мотамӣ гирифтани ин навиштаҳо шуд. Банда барои мусоҳиба бо устод Тоҳири Абдуҷаббор ба манзили эшон рафтам, ки дар ошёнаи чоруми як хонаи чорошёна қарор дошт. Як хонае, ки воқеан хеле фақирона буд. Устод дар як уток, ки тирезае ба сӯи офтоб дошт, сукунат доштаанд. Дар ин уток як ҷойхобе иборат аз як бистару як пату ва як болишт буд. Дар гӯшаи уток, назди тиреза мизеву рӯи он компютере қарор гирифтааст. (Ман ин ҷумлаҳоро менависаму ҳамоно он манзараро пеши назар мебинам ва ҳамчунон дилам ба дард меояд ва ашк дар чашмонам мечархад…) Он рӯз устод гуфта буданд, ки ин манзили яке аз дӯстон аст, ки солҳост дар хориҷ аз кишвар иқомат дорад. Агар содатар гӯям устод дар синни шасту ду дар хонаи иҷора зиндагӣ доштанд. Як шахсияте, ки Эъломияи истиқлоли Тоҷикистонро навишта буд, дар пойтахти кишвари соҳибистиқлолаш иҷоранишин буд. Онҳое, ки раққосаҳоро соҳиби хона мекарданд, ҳеч гоҳ дар фикри Тоҳири Абдуҷаббору афроде мисли ӯ набуданд. Зеро инҳо шахсиятҳое буданду ҳастанд, ки ҳеч гоҳ ба оҳанги дигарон намерақсанд. Инҳо ҳамеша ҳарфи худро гуфтанду мегӯянд, ҳатто дар баҳои ҷонашон аз усулҳову арзишҳояшон рӯй намегардонанд…

Сухан кӯтоҳ, дар муқаддимаи мусоҳиба ба ҳамин иҷоранишин будани устод Тоҳири Абдуҷаббор ишорае карда будам. Аммо устод бо қотеъияти ба худашон хос исрор намуданд, ки ин бахшро бардорем. Гуфтам: чаро? Устод гуфтанд: Мардум ин қадар мушкил доранд, ки дили одамро ба дард меоварад, чӣ зарурат дорад, ки болои ғуссаи онҳо боз як ғуссаи дигаре изофа кунем? Дар Душанбе хона надоштани ман як мушкили шахсӣ аст, биёед, масоили шахсиро дар ин мусоҳиба ҷой надиҳем…

Ҷонибеки Асрориён, Маҳмуди Қосим, Акбаршоҳ Искандаров ва Абдуғаффори Камол дар маросими ёдбуди устод Тоҳири Абдуҷаббор, 25 апрели соли 2009.

Умедворам қудрати ҳофиза маро назди рӯҳи поки устод шармсор накунад, аммо бар ин боварам, ки сӯҳбати устод айнан чунин буд. Пас аз ин суханҳо як бори дигар қаноатпешаӣ, сарбаландӣ ва ҳамешаву дар ҳар ҳолат дар фикри мардум будани устод Тоҳири Абдуҷаббор бароям исбот шуд.

Ду рӯз баъд гӯшае аз ин сӯҳбатро бо ошное, ки беш аз бист сол аст мешиносаму инсоне шариф, хайрхоҳ ва баимону миллатдӯст аст, қисса кардам. Чунон мутаассир шуд, ки ашк дар чашмонаш чархид ва пешниҳод кард моҳонае барои устод ихтисос бидиҳад ва аммо бо таваҷҷӯҳ ба сарбаландиву озодагияш шояд устод Тоҳир мустақим аз номи ӯ ва ё ташкилоти ӯ ин моҳонаро напазирад. Бинобар ин бехтар аст ҳар моҳ маблағи мазкурро ба ҳисоби «Озодагон» интиқол дода ба устод ҳамчун мушовири ҳафтанома пардохт намоем. Ҳарчанд ин барнома, ба иллати бемории устод ва дар ин маврид анҷом нагирифтани сӯҳбати инҷониб бо Ӯ, ба зинаи амал нарасид, аммо имрӯз ба он хотир ёд кардам, ки мехоҳам таъкид намоям фарзандони сарбаланди дигари миллат ҳастанд, ки ҳозиранд барои шахсиятҳои сарафрозу озодае мисли устод Тоҳири Абдуҷаббор ҳар кореро анҷом бидиҳанд ва ҳамин силсила аст, ки арзишу усули озодагиро ҳифз хоҳад кард.

Аммо афроди, ба истилоҳ ҳамраҳони Ӯ, онҳое, ки дар Растохез ҳамроҳаш буданд ва ба назар мерасид то охир ба роҳи интихобшуда содиқ мемонанд, намедонам имрӯз пеши рӯҳи поки устод Тоҳири Абдуҷаббор ва фардо назди таърихи миллат чӣ посухе дошта бошанд. Охир ҳеч асроре нест, ки як рӯз фош нашавад. Даҳҳо тан намояндаи Растохез ба мансабҳои мухталиф дар ҳукумат расиданд. Албатта муҳим мансаб ҳам нест. Зеро устод Тоҳир ҳеч гоҳ барои мансаб талош надошт. Аммо муҳим пазируфтани тавоной, истеъдод ва қоил шудан ба ҷойгоҳи арзандаи як инсон, як сиёсатмадор, як олим дар ҷомеа буд. Онҳое, ки ҳеч гоҳ ба пояи устод Тоҳир нарасиданду нахоҳанд расид, ҳарчанд дар Растохез суханронии устодро шунида, огоҳии нисбие аз сиёсату иҷтимоъ пайдо карданд, худро чеҳраи сиёсӣ муаррифӣ намуданд, пас аз расидан ба мансаб, ки ҳатто бархе то вазирӣ ва ҷонишини вазирӣ буду ҳаст, устодро гӯё фаромӯш карданд. Ба назарам, ин амалашонро ду омил буду ҳаст: аввал, метарсиданд, ки робитаашон бо Тоҳири Абдуҷаббор метавонад таҳдиде барои бокӣ монданашон дар курсии мансаб мегардад. Дуввум, ва шояд муҳимтарин омил ин буд, ки аз рӯ ба рӯ омадан бо Тоҳири Абдуҷаббор шарманда буданд, рӯҳан хиҷолат мекашиданд. Зеро медонистанду медонанд, ки устод Тоҳири Абдуҷаббор аз ҳар кадоми онҳо дар ҳар ҷиҳат, яъне чи огоҳии сиёсӣ, чи илм, чи шуҷоат, чи бедорӣ, чи миллатдӯстӣ, чи инсоният… болотар буду ҳаст. Охир ҳеч чашме наметавонад дар баробари офтоб тоқат биёрад. Ин дар ҳолест, ки инҳо мисли чашмони бемор буданду ҳастанд ва дар баробари нур зуд ашкашон берун меояд…

Ба ҳар сурат, расми зиндагӣ ин буда ва ҳеч касро гурез аз дасти аҷал нест. Ӯ ҳам аз ин қоида истисно набуд. Дар он шахре, ки бо ӯву афкори ӯ бегонавор бархӯрд дошт, барои ҳамеша ин оламу ин хокдони бегонахӯро тарк кард. Аммо…

Инсон ҳамеша камолҷӯст ва камолот фақат дар талош барои истиқлол метавонад комил бошад. Аз ин дидгоҳ то замоне, ки миллат як фарзанди камолҷӯ дорад, то лаҳзае ки озодӣ ва истиқлол ҷузъе аз арзишҳо ва муқаддасоти миллат аст, пас, устод Тоҳири Абдуҷаббор зинда хоҳад буд. Ӯро мисли Абдуқодир Мухиддинов, Шириншо Шотемур, Нусратулло Махсум ва дигар озодихохони тоҷик ёд хоҳанд кард. Зеро ӯ дар солҳои 80-и садаи бист дар саргахи талош барои истиқлол ва озодӣ қоматбаландона қад алам карда буд.

Шоир ва донишманд Рустами Ваҳҳоб, нависандаи номдор Абдулҳамиди Самад – муовини раиси Иттиҳодияи нависандаҳои Тоҷикистон, нависандаи маъруф Ҷонибеки Акобир – раиси маҷаллаи «Садои Шарқ» ва журналистони шинохта Абдугаффори Қурбон ва Қиёмуддин Сатторӣ дар маросими ёдбуди устод Тоҳири Абдуҷаббор. Душанбе, 25.04.2009.

Насибҷон АМОНӢ,
Узви раёсати ҶМТ
–Созмони Растохез

АБАРМАРДЕ, КИ ПӮЁИ РОҲИ ХЕШ БУД

Мутафаккири чиноии даврони бостон Конфутсий гуфта буд, ки инсони шоиста аз паи дигарон намеравад. Яъне, ӯ бояд роҳу равиши вижаи хешро дошта бошад. Барои пайдо кардани чунин роҳ табиист, ки инсон бояд талоше кунад бесобиқа ва бо роҳу зиндагии абармардони гузаштаю имрӯза ошно гардад ва аз он панди судманде бардорад. Вақте бо зиндагию пайкор ва рӯзгори Устод Тоҳири Абдуҷаббор аз наздик ошно мешавед ё лаҳзае чанд аз сӯҳбати дилчаспу пурмӯҳтавои эшон баҳра баҳра бурда бошед, итминон ҳосил хохед кард, ки ин мард ва Созмони Мардумии Растохез, ки ӯву ҳамсафонаш ташкил карда буданд, дар зиндагӣ роҳи хешро пайдо кардаанд ва ҳеч аз он берун нашудаанд. Ин роҳест барои дарёфти ҳақиқату ростӣ, расидан ба худогоҳиву худшиносӣ ва озодиву истиқлол.

Дар замони Шӯравӣ, ки ағлаби мардум СССР-ро ватани озоду ободи хеш мехонданду Ленинро чун бут мепарастиданд, роҳи интихобкардаашон барои устод Тоҳири Абдуҷаббор ва ҳамсафонаш пурхатар ва басо сангин буд. Зеро мардум зери таъсири шадиди идеологияи Шӯравӣ монда, ғолибан ҳуввияти хешро аз даст дода, ҳам худ ва ҳам Худоро фаромӯш карда, бегонапараст шуда буданд. Дар он замон истиқлолу озодӣ барои ағлаби онон бегона буд ва ҳамон зиндагӣ зери фармон ва супориши Маскав барояшон ошно буд. Вале Устод Тоҳири Абдуҷаббор ва ҳамсафонаш нахуст дар маҳфили сиёсии "Рӯ ба рӯ", баъдан бо созмондиҳии Ҷунбиши Мардумии Растохез изҳор карданд, ки ҳар қавм ҳақ дорад аз фарҳангу забон ва суннатҳои хеш дифоъ кунад ва ба арзишҳои озодии баёну озодии виҷдон арҷ гузорад ва Пиндори нек, Гуфтори нек ва Кирдори нек шиори ахли ҷомиа бошад. Дар Барномаи Созмони Мардумии Растохез, ки соли 1989 ташкил гардид, ин нуктаҳо ба таври рӯшан баён ёфта буданд. Вале муҳимтарин масъалае, ки Тоҳири Абдуҷаббор ва созмони Растохез ба миён гузоштанд, озодиву истиқлолияти Тоҷикистон буд.

МУСТАҚИЛӢ ТАҲТИ РАҲБАРИИ МАСКАВ?

Устод Тоҳири Абдуҷаббор мегуфт, ки дар СССР ҷумҳурихои шӯравӣ ҳарчанд аз ҷониби Маскав идора мешуданд, вале дар сатҳи гуногуни сиёсиву фарҳангӣ қарор доштанд. Масалан, ҷумҳуриҳои канори Балтик

– Латвия, Литва ва Эстония дар асл худро ҷузъи Шӯравӣ ҳисоб намекарданд ва мегуфтанд, ки Шӯравӣ ҷумҳуриҳои ононро забт кардааст ва дер ё зуд онон ин "хонаи умеди ҷаҳон"-ро тарк хоҳанд кард. Вале дар Осиёи Марказӣ ва бавижа дар Тоҷикистон вазъ комилан дигар буд ва чун худогоҳиву худшиносӣ барин падидаҳо зери по шуда, ҷои онро бегонапарастӣ гирифта буд, ағлаби мардум худро бидуни Маскав тасаввур карда наметавонистанд, аз ин хотир чун дар мачлиси Шӯрои Олии Тоҷикистон депутат Тоҳири Абдуҷаббор масъалаи истиқлолияти Тоҷикистонро ба миён гузошт, ағлаби депутатҳо бо такя ба Қонуни асосии Тоҷикистони шӯравӣ гуфтанд, ки Тоҷикистон ҷумҳурии озоду мустақил аст ва зарурат ба озодии дигаре нест.

Вале Тоҳири Абдуҷаббор бепояву бемантиқ будани ин гуфтаҳоро собит намуд.

– Дар ҳайъати як кишвар кишвари дигаре наметавонад соҳибистиқлолу озод ва мустақил бошад, – гуфт ӯ. – Аз ин хотир ҳам Тоҷикистон ва ҳам дигар ҷумҳуриҳои шӯравӣ ба ном озоданд, вале дар асл фармонбардори Маскаванду бидуни иҷозаи он коре карда наметавонанд. Вале ҳамаи депутатҳои Шӯрои Олии Тоҷикистон ин ҳақиқати бебаҳсро дарк карда натавонистанд ва ба Эъломияи мустақилияти Тоҷикистон раъйи мухолиф доданд. (Ин нуктаро рӯзноманигори боистеъдод Раҳматкарими Давлат низ дар нашрияи "Миллат" басо дуруст ва пурра баён кардааст)

Вале ҳамаи ин талошу муборизаи Тоҳири Абдуҷабборро дар роҳи расидан ба озодиву истиқлолият суст накард. Баръакс ӯ ҳам дар маҳфилу гирдиҳамоиҳо ва ҳам тавассути нашрияҳое чун "Ҷавонони Тоҷикистон", "Сухан" ва "Растохез" озодиву истиқлолро чун олитарин неъмати зиндагӣ ба ҳамагон мефаҳмонд ва расидан ба ин ҳадафро марому мақсади ҳамагон медонист…

МАСКАВ ПЕШНИҲОДИ УСТОД ТОҲИРИ АБДУҶАББОРРО НАПАЗИРУФТ

Ба ҳамагон маълум аст, ки агар пешниҳодҳои Устод Тоҳири Абдуҷаббор дар бораи ташкили урдуи миллӣ, пули миллӣ, моликияти Тоҷикистон эълон кардани тамоми сарвату корхонаҳое, ки дар қаламрави кишваранд, роҳандозии минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва ғайра сари вақт пазируфта мешуданд, имкон дошт дар Тоҷикистон ҳам ҷанги бародаркуш намешуду ҳам кишвар ба ин ҳоли хароб гирифтор намегардид. Шигифтовар он буд, ки баъзеҳо ҳам дар ҳукумат ва ҳам дар Шӯрои Олӣ муҳимии ин пешниҳодҳоро дарк мекарданд, вале танҳо ба хотири он ки онҳо аз ҷониби раиси Созмони Мардумии Растохез пешниҳод мегарданд, аз онҳо ҷонибдорӣ намекарданд. Чун баъди Эъломи истиқлолият Раҳмон Набиев ва Шӯрои Олӣ пешниҳоди депутат Тоҳири Абдуҷабборро дар бораи моликияти Тоҷикистон эълон кардани тамоми сарвату корхонаҳо ва амволе, ки дар қаламрави кишваранд, напазируфт, дар натича дивизияи 201 ва чанд пурӯжаи низомии дигари ҷумҳурӣ дар ҳоли номуайян

монданд ва дере нагузашта моликияти Русия шуданд. Ба гуфтаи баъзеҳо дар фурӯдгоҳи ҳавоии низомии Айнӣ дар як рӯз ҳама ҳавопаймоҳои низомӣ ба Русия парвоз карданд ва ҳамаи ин моликияти Тоҷикистон, ки ҳар яке миллионҳо доллар қиммат дошт, дигар барнагаштанд. Чун дар аксари корхонаҳои саноатии Тоҷикистон сарварон аз ҷумлаи миллатҳои ғайриторик буданд, бисёр моликияти он корхонаҳо ба Русия ва дигар кишварҳои ҳамсоя кашонида шуданд. Ҳарчанд Шӯравӣ пош хӯрда буд ва Тоҷикистон ба истиқлол расида, вале сарварони ҷумҳурӣ, ки умре мутеи Маскав буданд, ба ҷои ин ки истиқлолияти ҷумҳуриро таҳвият бахшанд, ҳамоно умед доштанд, ки фардо, албатта, ин "иттиҳоди дӯстӣ ва бародарӣ" дубора эҳё мегардад. Онҳо ҳамоно садоқат ба Маскав доштанд, на ба Тоҷикистон. Аз ин хотир Тоҷикистон пули хешро аз ҳама охир баровард ва дар натиҷа аз ҳамаи ҷумҳуриҳои шӯравӣ ба Тоҷикистон пули Шӯравӣ – коғази беқурбшуда рехту бар ивазаш моликияти Тоҷикистон аз кишвар берун бурда шуд. Он замон ҳар кишваре пули хешро барвақт баровард, суди зиёд дид. Боз нуктаи дигари шигифтовар ин аст, ки пули аввалаи баровардаи мо низ шабеҳи пули Шӯравӣ буд ва боз бо ин амали хеш сарварони мо садоқати хешро ба Шӯравии аз байн рафта нишон доданӣ шуданд.

Бар илова, агар пешниҳоди Устод Тоҳири Абдуҷаббор дар бораи аз ҷониби мардум интихоб кардани раиси ҷумҳур соли 1988 қабул мешуд, ин имкон медод, ки мо ба истиқлолияти хеш зудтар даст ёбем. Ҳамаи ин нуктаҳо барои бисёриҳо рӯшан аст, вале на ҳамагон медонанд, ки агар Маскав низ соли 1991 пешниҳоди Устодро мепазируфт, аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ мардум ва ҷумҳуриҳои баъдан соҳибистиқлолшуда зарари бузург намедиданд...

Қабл аз баёни ин пешниҳоди донишманди тоҷик нуктаи дигареро, ки баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар Тоҷикистон, бавижа дар байни мардуми авом паҳн шуда буд, ёдовар шуданиам, ки ин ҳам баёнгари аз худогоҳиву худшиносӣ дур ва поин будани маърифати сиёсии бештари мардуми ҷумҳуриамон аст. Чун Шӯравӣ пош хӯрду Тоҷикистон мисли дигар ҷумҳуриҳо соҳибистиқлол гардид, ба ҷои шодиву нишот бархеҳо дар ҷустуҷӯи онҳое шуданд, ки ин "Иттиҳоди тавоно"-ро барҳам заданд. Дар ин феҳрист номи Тоҳири Абдуҷаббор дар ҷои аввал буд ва дар шаҳру деҳот овозаҳое паҳн мекарданд, ки гӯё маҳз Тоҳири Абдуҷаббор ва ҳамсафонаш ҳам ҳайкали Ленинро дар Душанбе барафканданду ҳам Иттиҳоди Шӯравиро барҳам заданд ва бисёриҳо ба ин овозаҳо бовар ҳам мекарданд...

– Мо намояндагони Созмони Растохез ва баъзе дигар ҷунбишу ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон барои истиқлолияти кишвар талош кардем ва ба ин муваффақ ҳам шудем, – гуфта буд Устод Тоҳири Абдуҷаббор. – Вале Шӯравӣ кишвари бо зӯр бунёдгардидае буд, ки ногузир бояд аз байн мерафт. Ва ин равандро сарварони се кишвари славянӣ – Русия, Украин ва Белорус ва ҳамчунин зиддияти Елтсину Горбачёв суръат бах-

шид. Вале Тоҳири Абдуҷаббор мехост Иттиҳоди Шӯравӣ ба гунае барҳам хӯрад, ки аз он ба халқу ҷумҳуриҳои тоза баистиқлолрасида газанде нарасад...

Аз 3 то 5 сентябри соли 1991 дар Маскав 5-умин анҷумани депутатҳои мардумии Иттиҳоди Шӯравӣ доир шуд ва ин анҷуман охирин кӯшише буд, барои дар ягон шакл нигоҳ доштани СССР. Дар он гурӯҳи депутатҳои мардумӣ аз Тоҷикистон низ ширкат доштанд. Устод Тоҳири Абдуҷаббор ягона депутате буд аз Осиёи Марказӣ, ки дар ин ҳамоиши бузург суханронӣ кард. Вай бо назардошти он, ки СССР дар ҳоли пошхӯрист, пешниҳод кард, ки дар ин замина конфедератсия ташкил карда шавад. Ҳадаф аз чунин пешниҳод, гуфта буд Устод Тоҳири Абдуҷаббор, ҳам ҷумҳуриҳои Шӯравӣ истиқлолияти сиёсии хешро соҳиб шаванду ҳамзамон муносибату ҳамкориҳои иқтисодӣ байни онон боқӣ бимонад. Зеро устод Тоҳири Абдуҷаббор чун иқтисодшинос ва ҷомиашиноси жарфбин дарк карда буд, ки якбора пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва гусаставу пора шудани занҷири робитаҳои иқтисодӣ барои ҳама ҷумҳуриҳо мушкилоти зиёдеро ба амал меоварад ва боиси аз кор мондани корхонаву иншоотҳои бузург мегардад.

Зеро дар Иттиҳоди Шӯравӣ муносибати иқтисодӣ байни ҷумҳуриҳои он чун занҷир ба ҳам пайванд буд: масалан, агар корхонаеро дар Маскав бунёд карда бошанд, чандин корхонаи дигар, ки ба он қисмҳои эҳтиётиву маводи зарурӣ мефиристод, дар дигар нуқоти кишвар – яке дар Қафқоз, дуввумӣ дар Осиёи Марказӣ ва севвумӣ дар Шарқи Дур ҷойгузин шуда буданд. Устод Тоҳири Абдуҷаббор пешниҳоди хешро бо далелҳои мӯътамад ба хозирон расонда, таъкид кард, ки конфедератсия роҳи ягона дуруст ва бидуни осебу газанд тавзеъ гардидани Иттиҳоди Шӯравист. Ин роҳест, барои ҳама ҷумҳуриҳои ба истиқлолрасида судманд, таъкид карда буд ӯ.

Ҳангоми танаффус марди солхӯрдае назди Тоҳири Абдуҷаббор омад ва баъди салому алайк дасти ӯро фишурда гуфт:

– Пешниҳоди басо ҷолиб кардед, хеле олӣ. Айнан он чизеро, ки ман дар андешаам будам, Шумо баён кардед, офарин!

Ин мард Станислав Шаталин – академики Фарҳангистони улуми Иттиҳоди Шӯравӣ ва машҳуртарин иқтисодшиноси Шӯравӣ буд...

Вале ҷумҳуриҳои Шӯравӣ яке аз паси дигаре бо шитобзадагӣ истиқлолияти хешро эълон карданд ва касе дар андешаи конфедератсияи пешниҳодкардаи ӯстод Тоҳири Абдуҷаббор нашуд. Ин донишманди бузург итминон дошт, ки ҷумҳуриҳо ҳангоми паради истиқлолиятхоҳӣ бурдборӣ карда, пайванду робитаҳои хешро нигоҳ медоштанд, мушкилоте, ки ба сари бархе аз он ҷумҳуриҳо, аз ҷумла, ба Тоҷикистон омад, пайдо намешуд.

УСТОД ТОҲИРИ АБДУҶАББОР ВА РАСТОХЕЗ

Ин ду ном, метавон гуфт, бо ҳам тавъаманд. Зеро чун Тоҳири Абдуҷаббор мегӯем, қабл аз ҳама ба ёдамон Созмони Мардумии Растохез мерасад ва шиори машҳури он "Пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек".

Зеро Тоҳири Абдуҷаббор ва ҳамсафонаш ин ҷунбиши мардумиро созмон дода, роҳи ояндаи хешро низ дақиқ муайян карданд. Роҳ ба сӯи истиқлолу озодӣ ва ҳифзу рушди фарҳангу суннатҳои мардумӣ. Дар ин роҳи пурпечутобу пурхатар, вале бошараф борҳо устод Тоҳири Абдуҷаббор ва Созмони Растохезро зарур шуд, ки бо дигар неруҳои сиёсии кишвар гирдиҳам омада, муборизаро барои ҳадафҳои волои хеш идома диҳанд.

Ҳамон солҳои аввали 90-уми садаи гузашта чун дар сари қудрат ҳизби яккатози Коммунист буду тамоми поясҳои ҳокимият дар хидмати он, чунин фаъолияти муштарак зарур буд, – ба хотир меовард Тоҳири Абдуҷаббор. – Аз сӯи дигар, ағлаби ҳадафҳои асосии мо – озодиву истиқлол ва демократияву ҷамъияти озод барои бисёр ахзоб ва созмонҳо мушобеҳ буданд. Вале Растохез дар он гирдиҳамоиҳо низ ҳамеша пӯёи роҳи хеш буд.

Ин нуктаро устод Тоҳири Абдуҷаббор дар як мусоҳибаи барномаи русии Телевизиони Тоҷикистон дар соли 1992 низ баён карда буд. Дар ин мусоҳиба, ки анқариб 1 соат идома дошт, ба пурсиши ду хабарнигори русзабон дар бораи ин ки ин пайванди Растохез бо дигар созмонҳои сиёсии Тоҷикистон, мисли Ҳизби демократу Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон то кай идома хоҳад ёфт, чунин посух дода буд:

– Фаъолияти муштараки мо, то он замоне ки ҳадафҳои асосиамон бо ҳам мутобиқат мекунанд, идома меёбад. Чун ҳадафҳо тағйир биёбанд, фаъолияти муштараки мо низ қатъ хоҳанд ёфт. Вале дар ин фаъолияти дастиҷамъӣ хама масъала бо машварати ҳамдигар ҳал шуда, тасмимгирӣ дастиҷамъӣ сурат мегирад.

Вақте дар Тоҷикистон ҷанги дохилӣ сар шуду сарварон ва ағлаби намояндагони ин иттиҳод кишварро тарк карданд, дар Теҳрон боз мавзӯи дар як ҷабҳа ҷамъ омадани нерӯҳои мухолифин ба миён омад. Вале Созмони Растохез тарафдори бо роҳи ҷанг ва зӯр ҳал кардани масъала набуд. Зеро ҳам ҳукумати Тоҷикистон ва ҳам нерӯи мухолифин аз ҷониби нерӯҳои берунӣ пуштибонӣ ва таъмини моливу низомӣ мешуданд ва маҳалтоҷикҳо аз ҳарду ҷониб бо силоҳи бегонагон хуни ҳамдигарро мерехтанд.

Чунин роҳи мубориза барои Созмони Мардумии Растохез қобили қабул набуд. Зеро барои созмон ва Тоҳири Абдуҷаббор чун рӯз рӯшан буд, ки харчанд ҷанги Тоҷикистон амали таҳмилӣ буд ва оташандозони он дар кишварҳои ҳамсоя ва собиқ ҳамтақдири мо буданд, вале ба ин низоъ кишварҳои хориҷаи дур низ ҳамроҳ гардиданд ва оташи ҷанг баландтар гардид. Аз ин хотир, Тоҳири Абдуҷаббор аз иттиҳоди мухолифин, ки дар Теҳрон дар ҳоли аз нав пайдошавӣ буд, берун шуд ва нахост, ки дар ин ҷанги бародаркуш ширкат ва онро чун дигарон сарварӣ кунад. Ӯ бо такя ба торихи чунин ҷангҳо дар як сӯҳбати хусусӣ гуфта буд:

– Ҷанги дохилӣ ҷанги худкушист ва оқибаташ танҳо пушаймонист ва ин ҷанг аз ягон ҷониб қаҳрамонӣ нест.

Минбаъд, дар соли 1996 дар шаҳри Алмаато боз кӯшише барои ба иттиҳоди мухолифон ҷалб кардани Растохез ва худи устод Тоҳири

Абдуҷаббор ба амал омад. Бо ин мақсад бархе аз аъзои Шӯрои Марказии Растохез ба пойтахти онвақтаи Қазоқистон шаҳри Алмаато даъват карда шуданд. Дар ин ҷаласа, ки ҳадафаш интихоби намоянда ба Иттиҳоди мухолифин буд, ихтилофи назар ба миён омад. Ағлаби ширкатдорон ва банда низ ҷонибдори ба иттиҳод пайвастани Растохез шудем. Вале Устод ба ин пешниҳод қатъан мухолифат карданд. Чун мо анқариб ҳама, ба ҷуз шодравон Маҳмадалии Давлаталӣ, ки аз Устод ҷонибдорӣ намуд, ба ӯ фишор овардем, то дар иттиҳод намояндагӣ кунад, ӯ қотеъона гуфт:

– Ҷангеро, ки имрӯз идома дорад, бо ҳар роҳ бояд хотима бахшид. Мо бояд дар ин бобат андеша кунем ва набояд ба оташи сӯзон карасин ё бензин резем! Ин амал хилофи хостаҳои Созмони Мардумии мост. Ҳар касе аз Шумо хоста бошад, дар ин иттиҳод намояндагӣ кунад, вале ман ин корро карда наметавонам.

Устод Тоҳири Абдуҷаббор бо нависанда Қодири Рустам ва муаллифи мақола. Алмаато, соли 2003.

Вақте ки мо ҳамоно дар хостаи хеш пофишорӣ мекардем ва банда бо норизоӣ аз мавқеи Устод гуфтам:

– Устод, охир мо ҳазорҳо нафар аз паи Шумо мерафтем…

Устод оромона ба ман ва дигарон посух дод:

– На, аз паи ман наравед, аз паи ҳақиқат равед. Ва баъд бо қатъият ба ҷаласа ва баҳси мо хотима гузошт.

– Ман намехоҳам, ки бозичаи дасти дигарон бошам! Ҳар касе инро хоҳад, ихтиёраш…

Устодро шодравон Маҳмадалӣ Давлаталӣ ҷонибдорӣ ва ба аҳли ҷаласа муроҷиат кард:

– Чаро ҳамаатон фишор меоваред? Устод назари хешро баён кард ва мо бояд онро қабул ё рад намоем, на ба эшон фишор оварем.

Вале дар охир Устод Тоҳири Абдуҷаббор таъкид кард, ки Растохез чун созмони мардумӣ ҳамеша аз корҳои хуби ҳукумат ва ҳар як созмони сиёсӣ пуштибонӣ мекарду ба амалҳои нодурусти онҳо мухолиф буд ва ҳамеша дар ин мавқеъ мемонад…

Албатта, ба чунин тасмимгирии устод Тоҳири Абдуҷаббор баъзе намояндагони Растохез ва дигар созмонҳои сиёсӣ назари мухталиф доштанду доранд. Вале алъон бо гузашти солҳо ва поёнёбии ҷанги дохилии панҷсола он нукта рӯшан шуд, ки ин ҷанг ҷанги бемаънӣ ва худкушии миллӣ буд, ки дар он бо силоҳи аҷнабиён ва дасти худи тоҷикон анқариб 150 ҳазор тоҷик кушта шуд. Устод Тоҳири Абдуҷаббор бо дурбинии ба

худ хос ва бо арҷгузорӣ ва пуштибонӣ аз роҳу мароми Ҷунбиши Мардумии Растохез, ки хилофи ҳамагуна зӯрию зӯроварист, ҳамон вақт чунин тасмим гирифта буд ва баъди гузашти солҳо ва рӯшан шудани бисёр паҳлӯҳои ин ҷанги бародаркуш мо, бисёриҳо фаҳмидем, ки чун ҳамеша мавқеъгирӣ ва тасмиму пешниҳоди ӯ дуруст будааст. Ва кунун дарк кардем, ба қавли журналисти шинохта Раҳматкарими Давлат "дасте, ки Қонуни истиқлоли Тоҷикистонро навиштааст" ва шахсе, ки ҳамеша ба роҳу равиши ҷунбиши мардумии Растохез содиқ аст, наметавонист дар он ҷанги бародаркуш ҷониберо пуштибонӣ ва оташи низоъро боз ҳам баландтар кунад...

Боз як нуктаи дигаре, ки гуфтанист, ин аст, ки Устод ҳангоми барасии масоили доғи кишвар ва ё байналмилалӣ ҳамеша ҳарфи охирро мегуфтанд, ҳарфе қатъӣ, асоснок ва аз ҳам ҷиҳат боэътимод. Вақте дар Тоҷикистон се чаҳор сол қабл атрофи муҳимтарин корхонаҳои санъатии кишварамон баҳсҳо ба миён омад, устод Тоҳири Абдуҷаббор пешниҳод карданд, ки се корхонаи бузург корхонаи арзизи Турсунзода, неругоҳҳои барқи Норак ва Роғун моликияти кишвар эълон карда шаванд ва ҳукумат чунин пешниҳодро пазируфт.Чанде пеш чун банда бо бойгонии Устод ошно шудам, ба як матлаби хурдакаки нотамоме чашмам афтод, ки он дар бораи ҷонибдорӣ аз сохтмони НБО Роғун ва сармоягузории он аз ҷониби мардум ва муҳимтар аз ҳама аз ҷониби давлат ва ё ширкати саҳомии Роғун баровардани коғазҳои қиматдор ва кафили амнияти сармояи мардум гардидани давлат буд. Дурустии ин пешниҳоди Устод низ, ки тақрибан беш аз яку ним сол пеш навишта шуда буд, имрӯз собит шуд ва ҳукумат айнан ҳам коғазҳои қиматдор баровард ҳам кафили амнияти сармояи мардум шуд. Бехтараш, ин матлабро ба пуррагӣ чоп мекунем, то худи хонандаи гиромӣ бо андешаҳои пайғамбаронаи Устоди бузургвор дар бораи сохтмони НБО Роғун, ки ҳукумат алъон аз он кор гирифтааст,ошно шавад.

ФИКРИ ДУРУСТ, ВАЛЕ...

Муроҷеати ҳукумат ба мардум барои ҳамкорӣ дар такмили сохтмони НБО Роғун, усулан, кори дуруст ва қобили дастгирӣ аст. Мардуми мо ва бисёр кишварҳои ҷаҳон чунин анъанаро доранд. Масалан, чанд сол пеш ҳукумати Қазоқистон ба мардуми кишвар мурочеъат карда, аз онҳо хоҳиш карда буд, ки ангуштарию гӯшвора ва дигар намудҳои зеваротиллоии худро ба давлат бисупоранд ва аз ин роҳ системаи молии кишварро тақвият бахшанд. Бисёре аз мардуми Қазоқистон ба ин хоҳоши ҳукумат вокуниши мусбат нишон доданд ва дар ҳалли мушкилоти давлати худ кӯмак расонданд. Ба ҳамагон маълум аст, ки дар замони Шӯравӣ бисёр пружаҳои муҳими иқтисодӣ аз роҳи ҳашар бо ширкати ҳамаи мардуми кишвар сохта шуда буд. Фикр мекунам, ки имрӯз ҳам аксарияти мардуми Тоҷикистон омодаанд, ки дар такмили сохтмони пружаи Роғун

ёрӣ расонанд. Вале бештари мардуми мо факиранд. Музди моҳворашон ҳатто барои зиндагии ғарибонаашон намерасад. Дар чунин шароит, наметавон интизор шуд, ки ҳамаи мардум музди як ё думоҳаи худро ба давлат хоҳанд супурд. Албатта, мардум мехоҳанд, ки дар ин кор ба давлат ёрӣ расонанд, вале тавонашро надоранд. Мушкили дигар он аст, ки давлати мо фасодзада аст. Мардум бовар надоранд, ки ҳар дирами пулҳои супурдаи онҳо воқеъан ҳам барои сохтмони Роғун сарф хоҳад шуд ва ҳукуматдорон он маблағҳоро пурра ё қисман ба киссаи худ нахоҳанд зад.

Илова бар ин, пулҳое, ки мардум аз гулӯи бачаҳояшон кашида, ба давлат медиҳанд, (маблағи 5-10 миллион) мушкилро ҳалл намекунад. Ба назари ман, беҳтар он аст, ки давлат (ҳукумат) ё "ширкати саҳомии Роғун" қоғазҳои қиматдор чоп кунанд ва онҳоро ба мардум, ба хоҳишмандон бифурӯшанд. Дар кишвар одамони пулдор, ҳатто дар миёни муҳоҷирон кам нестанд. Онҳо мехоҳанд дар обод кардани ватанашон саҳм бигиранд, сармоягузорӣ кунанд, корхонаю муассисаҳо бисозанд. Вале фасоди густарда, девонсолорӣ ва набудани эътимод ба кормандони дастгоҳи давлат онҳоро аз ин кор боз медорад. Давлат бояд кафили амнияти сармоя ва кору фаъолияти судманди онҳо шавад. Ин мушкилро осон мегардонад ва имконият медиҳад, ки на танҳо садҳо миллион, балки миллиардҳо доллар ба даст ояд ва пружаҳои муҳими кишвар сохта шаванд ва ба кор оғоз кунанд.

Устод Тоҳири Абдуҷаббор бо нависанда Қодири Рустам ва Сафар Абдулло – донишманди тоҷики муқими Алма-Ато дар Қазоқистон, акси соли 2003.

Шаҳобуддини ФАРУХЁР,
донишманд ва журналист,
аз шаҳри Теҳрон

МАРДЕ, КИ АЗ ИШҚИ МЕҲАНАШ, АЗ МАРДУМУ АЗ ЗАБОНАШ МЕБОЛИД

Навиштан дар бораи одамҳое, ки ба навъе эҳтиромамонро бармеангезанд, ҳам осон аст ва ҳам сахт. Осон аст аз он боб, ки мешиносемашон ва аз онҳо хотирае дар ёд дорем ва сахт аст аз он ҷиҳат, ки пардохтан ба ҳамаи вуҷӯҳи шахсияти онҳо дар як навишта намегунҷад.

Дар бораи устод Тоҳир – тарҷеҳ медиҳам, ҳама он вуҷӯҳро ва он ҳам танҳо ба чанд мактаъ аз хотирот ва ошноиям бо ӯ басанда кунам. Ин кор маро аз тавзехи бархе масоил мераҳонад, ки ҳар як ниёзманди муқаддамот ва зикри ҳаводисе аст, ки шояд ин ҷо ҷойи муносибе барои ёдоварии онҳо набошад.

Барои ин кор, ба авохири соли 1991 боз мегардам – рӯзҳои охири мавҷудияти Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ. То он ҷо ки дар хотир мондааст, ҳама ҷумҳуриҳои ин Иттиҳод эъломи истиқлолият карда буданд ва Горбачёв машғули навиштани охирин нутқи дабири куллиаш буд. Давлати Ирон ҳамзамон (дақиқан 18-уми озармоҳи 1370-и хуршедӣ) ҳайате ба раёсати Алиакбар Вилоятӣ – вазири умури хориҷаи вақт роҳи сафари даврайӣ ба ҷумҳуриҳои мусулмоннишин шуд ва барои расидан ба ин ҷумҳуриҳо бояд нахуст аз Маскав дидор мекард.

Ҳузури ман дар ин ҳайат, беш аз он ки ҷанбаи расмӣ дошта бошад, мавзӯйе шахсӣ буд. Дар ҳақиқат, фурӯпошии Шӯравӣ ба таври малмӯсе масири зиндагии маро дошт тағйир медод. Ҳамон гуна ки масири торих дар он рӯзҳо дошт тағйир мекард. Барои ҳокимони Ирон ин тағйири масир, агарчи ба зоҳир нобудии як душмани фарзӣ буд, аммо амалан ҷаҳон яке аз ду қутби худро аз даст медод ва таккутбӣ (яккутбӣ) мешуд ва ин барои онҳо, ки аз ракобати миёни ду қутб дар сиёсати хориҷиашон суд мебурданд, рухдоде хушоянд набуд.

Ман, аммо шахсан мехостам бубинам, оё тасмими дурусте аст; дафтари хабаргузорӣ дар Ланданро ба хотири бозкушоии дафтаре дар Тоҷикистон вобигзорам ё на.

Эътироф мекунам, ки дар иттихози ин тасмими хурд (хиради) ҳисобгар набуд, ки тасмими мегирифт, ки дар рӯзгори ҷавонӣ ҳамеша пойи устоди лолиён чӯбин аст.

Дар он рӯзҳои барзахӣ дидор бо Горбачёв маънӣ надошт ва дар нигоҳи Шеварнадзе ба Вилоятӣ, ангор ин пурсиш нуҳуфта буд ки: "хуб, бифармоед, барои чӣ омадаед" ва ҳарфҳо дар ҳадди аҳволпурсӣ буд ва ин ки саломи моро ба "аҳли байт" бирасонед.

Баъд аз зуҳри рӯзи дуввум рост рафтам ба сохтмони порлумони Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ, ҷое ки Елтсин бисоти раёсати Ҷумҳурии Русияашро мувақатан онҷо барпо карда буд – то сари сол, ки муддати иҷораи мустаъҷирони Кремлин ба сар меояд, биравад ва дар он ҷо мустақар шавад.

Елтсин чанд дақиқае вақт гузошта буд, ки бо Вилоятӣ акс ва филме бигиранд ва прутукулҳои ташрифотиро риоят кунанд. Бақия ҳам, аз ҷумла ман – рафта будем, ки фазои порлумонро дида бошем ва хиёбонҳои Маскав ва одамҳояшро дар охирин рӯзҳое, ки Шӯравӣ ҳанӯз ба исм барпо буд. Дар ҳавои сӣ дараҷаи зери сифр сардии диктаториро дар ҳама ҷо ва ҳама чиз ҳанӯз мешуд ҳис кард ва дид. Он рӯзҳо ва он лаҳзот ба истодан дар маъбади торих мемонд. Таърих дошт ба оромӣ аз пеши чашмонамон убур мекард.

Барои ман, аммо ҳамаи инҳо муқаддимае буд барои расидан ба Мовароуннаҳр ва Хуросони бузург. Фурӯпошии Шӯравӣ дар назарам – зоиши муҷаддади порае аз Ирон буд ва ман дар орзӯи дидори касе аз он мардум ва шунидани садои ошно ба ин сафар омада будам ва кашфи дубораи ҳар чизе, ки ба он тааллуқ дошт, ҳаяҷонзадаам мекард.

Дар Сарсаройи (Бӯстонсарой)-и бузурги порлумон – ҳамон ҷое, ки чанд моҳе баъд маҳалли таҳсини (қалъаи) мухолифини Елтсин шуд ва ӯ низ онро ба тӯп баст, чанд витринаи соддаи шишаӣ гузошта буданд ва чанд зани миёнсол, ки ба гумонам ҷавониашонро дар пушти ҳамон витринаҳо ба сар оварда буданд (масалан фурӯшанда буданд ва ман масалан – харидор). Матоашон филму дафтару коғаз буд ва ман мехостам дафтарчаеро, ки нишоне аз Шӯравӣ бар ҷилд дошт, ба ёдгор бо худ бубарам. Кори савдоро шурӯъ кардем, бе он ки ҳатто ҳарфе муштарак биёбем. Фурӯшандагон ҷуз русӣ каломе намедонистанд ва ҷуз рубл бе ҳеҷ пуле савдо намекарданд.

Кори ин тиҷорат дошт шикаст мехӯрд, ки ногоҳ садое ба форсии салис ва равон ва пуртанине – ба пурсиш аз канори ман ба гӯш расид, ки "кадом якеро мехоҳед?" Вақте баргаштам – марде бо қомати миёна, сурате кашида, риши профессорӣ табассуме бар лаб канорам истода буд. Ҳанӯз он ҳайрати ширинро бо худ дорам ва он хушоянде васфнопазиреро, ки навид медод …

Хеле зуд кори харидро вониҳодам ва ба шайдоӣ истодам ба пурсидан ва пурсидан, то донистам – яке аз намояндагони ғайриҳизбии мардуми Тоҷикистон дар Шӯрои Олии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ аст. Ӯ – устод Тоҳири Абдулҷаббор буд. Бе ҳеҷ тартибе ва одобе омада буд, то аввалин ҳайати расмии Иронро, ки ба Тоҷикистон мерафт, ба шеваи хеш пешвоз

бигирад. Хоксорона ва бериё истод ба сухан гуфтан ва сурогӣ ҳеҷ як аз аъзои расмии ҳайатро нагирифт, то худ бинамоянд.

Боисрор дафтареро, ки ба ҳавои нишони Шӯравӣ бар ҷилдаш қасди харидан доштам, саховатмандона харид ва ҳадя кард ва ман бо ифтихор пазируфтам ва номи устодро дар гӯшаи он бо хурсандӣ ба ёдгор сабт кардам. Ӯ нахустин тоҷик аз мардумони Фароруд буд, ки медидам. Марде, ки хеле зуд дарёфтам – инсоне ягона ва вижа аст ва то расидан ва истиқрор дар шаҳри Душанбе, андаке маро ба хато афканда буд, ки гумон мекардам, ки дар Тоҷикистон ҳама бо чунин равонӣ ва зебоӣ бо ман ба форсӣ сухан хоҳанд гуфт. Агарчи фарҳехтагоне чун ӯ кам набуданд ва бештарашонро мешуд дар марокизи фарҳангӣ ва донишгоҳӣ ёфт – ҳамонҳое, ки пас аз барқарории сулҳ, дар эҷоди давлати кунунӣ нақше бунёдӣ ба уҳда гирифтанд ва давлати миллии тоҷиконро барпо карданд.

Дар даврони иқоматам дар Тоҷикистон фурсати зиёде барои дидор бо устод Тоҳир фароҳам нашуд, чанд боре дар ҳаёҳуи миёнҳои сиёсат дар шаҳри Душанбе ҳамсухан шудем ва ҷанги ногаҳон дар ғафлати мардумӣ, (ки пеш аз ин – тақсимоти сталинӣ чанд пораашон карда буд), аз роҳ расид. Дасти сарнавишт ҳар касро ба гӯшае бурд ва устод Тоҳир бо ҳазорон иштиёқ ва орзӯ ба Теҳрон рафт. Инак, навбати маъшуқи ҷафокор буд, то таъми васлро талх кунад. Тоҳир Абдуҷаббор, ки ҳаргиз дар андешаи ҳеҷ ҷоҳу мансабе набуд, гумон мекард рӯзҳои гушанишиниаш ба дилдодагӣ дар Исфаҳон ва Табрез ва Шероз ва Нишопур ва Мозандарон ва Тус… бо Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Хайём, Аттор, Камоли Хуҷандӣ, Беҳзод… ва саранҷом кӯчаву паскӯчаҳои Теҳрон хоҳад гузашт.

Нахустин нишонаҳои чашмгири Теҳрон намунаи дигаргунае аз Шӯравии фурӯпошидаро арза мекард – шиорҳо ва тасвирҳо бар дару деворҳои шаҳр ва мамнӯъиятҳои бешумори кишвари исломӣ хеле зуд ба ёдаш овард, ки ин ҷо низ кишваре идеоложик аст – бо боядҳо ва нобоядҳои бешумор, ки бо чеҳраи миллии чун ӯ сари созгорӣ надорад. Бо ин вуҷуд устод Тоҳир тарҷеҳ дод бимонад ва лахте бо ёри ҷафопеша ба сар кунад. Барои гузарони зиндагӣ гузораш ба родюи бурунмарзӣ афтод, ки кори тарҷума аз форсӣ ба русӣ анҷом медод. Ҷои кораш дуруст дар чавори родию ва теливизиони арабии Ҷумҳурии Исломӣ қарор дошт. Ҷойе, ки шумори кормандонаш ба андозае зиёд буд, ки устод Тоҳир ҳар рӯз барои чанд соате эҳсоси дар Ирон буданро аз даст медод ва дар ҳоле ки садои сурудҳои арабӣ дар бораи Фаластин тамоми фазои корашро пур карда буд, менишаст ва матнҳои идеоложики исломиро ба русӣ бармегардонд.

Рӯзҳо ва ҳафтаҳои нахустро мешуд ба пои ғамзаҳои маъшуқ гузошт ва тоб овард, аммо рақиб бо он туршрӯиҳо ва забони ноошнояш ҳеҷ фурсате барои ҳеҷ ошиқе боқӣ намегузошт ва устод Тоҳир Теҳронро тарк кард ва ба Бишкек рафт. Ва ин поёни давраи пуркашокашӣ буд, ки ӯ ҳар рӯз бо коргузорони идеоложики ҳукумат дар родиюи бурунмарзӣ аз сармегузаронд.

Рӯзҳои икомати устод Тоҳир дар Бишкек ба тадрис дар донишгоҳ оғоз шуд ва идома ёфт. Агарчи қирғизҳо гиромиаш медоштанд, аммо бешак ин ҷо ҳам доғу дардҳои худро дошт ва хабарҳое, ки аз рӯзгору зиндагиаш мерасид, дӯстонашро дилхуш намекард. Ба сар бурдан бо навдавлатоне, ки дар кори таърихсозӣ ба гузаштаи тоҷикҳо чанг меандохтанд, чун ҳамеша сахт буд. Бо ин ҳол, дар кишвари туркон мамнӯъияте барои шунидани таронаҳои ироние ва тоҷикӣ ва афғонӣ вуҷуд надошт ва дастикам онҳо ҳам ҳам гоҳ-гоҳ таронаҳои Гугуш ва Аҳмад Зоҳирро аз телевизионашон пахш мекарданд, ки устод Тоҳир аз ҳаводорони ҳардуяшон буд.

Солҳои ахир Тоҷикистон бо таҳаввулоти навидбахше ҳамроҳ шуд, нафақат даврони оромиш ва сулҳ аз роҳ расида буд, ки ҳимояти посдошти арзишҳои миллӣ дар дастури кори давлат қарор дошт ва дуруст аст, ки пайкараи Фирдавсиро аз майдони аслии шаҳр бардошта буданд, аммо ба ҷояш амир Исмоили Сомониро гузошта буданд, ки паёме сареҳтар ва ошкортар ба ҳамаи меҳандӯстони тоҷик мефиристод. Ва устод омаданашро бо мақолаҳое, ки дар нашриёт ба чоп мерасонд, озмуд.

Устод Тоҳири Абдуҷаббор дар ҳалқаи дӯстонашон. Теҳрон, 1995.

Пас аз бозгашт ба Тоҷикистон, бештар дар бораи масоили иктисодии кишвар, ки тахасуси донишгоҳиаш буд, қалам мезад ва нигарони рӯзгори тоҷикҳое буд, ки дар Русия ба иҷбор кору зиндагӣ мекарданд.

Соли 2007 охирин боре буд, ки устодро дидам, бо ҳамон садо ва самимият ва содагие, ки дар Сарсаройи Шӯрои Олии Иттиҳоди Шӯравӣ дида будам. Филми мустанади "Як зимистони дигар"-ро месохтам, ки дар бораи об ва инержӣ дар Осиёи Миёна буд. Мавзӯе, ки ба далели мухолифати ӯзбакҳо ва туркманҳо ба Тоҷикистон, имконоти истифода аз он маҳдуд шуд ва мочарои пурдарду оҳи мардумиро гузориш мекард, ки дар канори манобеи азими об ва инержӣ нишастаанд, аммо бегонаҳо иҷозаи бахрабардорӣ аз онро намедиҳанд. Достони зимистонҳои хомӯш ва сарди ҳаммеханони таърихиамон буд ва устод Тоҳир дар фарози ин мустанад, он ҷо ки аз ӯ мепурсидам "агар рӯзе Тоҷикистон бар манобеъи

об мусаллат шавад, оё аз он ба унвони силоҳе дар баробари ҳамсоягоне, ки имрӯз душманӣ мекунанд ва монеъи сохти нерӯгоҳҳо мешаванд, баҳра хоҳад гирифт?" Устод Тоҳир бисёр зариф ва зиракона ба нуктае ишора кард ва дар ҳоле ки ин иддаоро рад мекард, сабаби ихтилофро низ мегуфт. Устод Тоҳир бо садое, ки ҳанӯз танини солҳои 92-ро дошт гуфт: "Давлат ва мардуми Тоҷикистон ба далели инсонӣ ҳеҷ гоҳ обро бар рӯи касе нахоҳанд баст, изофа бар он ки дар поиндашти рудхонаҳои Омударё, Сир ва Зарафшон, ки то Самарқанду Бухоро меравад, тоҷикҳо зиндагӣ мекунанд, ки ҳама бо мо хешанд ва аз як таборанд".

Соли баъд дар як рӯзи поизӣ хабар шудам, ки саратон роҳ бар гулӯи устод Тоҳир бастааст ва ӯ барои дармон дар Теҳрон аст. Пурсон-пурсон шуморае ёфтам ва занг задам ба хонаи Фаридун Ҷунайдӣ, ки гуфтанд он ҷост. Гуфтанд устод Тоҳир дар бемористон аст ва фардо ҷарроҳӣ хоҳад шуд. Аммо умеде нест.

Рӯзи дигар дар роҳи бемористон будам ва дар тамоми роҳ калимотро паи ҳам мекардам, то чумлае муносиби ҳол биёбам. Бешак, агар ҷарроҳиаш мекарданд, ӯ наметавонист сухан бигӯяд ва ёфтани каломе, ки бениёз аз посух бошад, душвор буд. Чизи зиёде наёфтам ва ниёзе низ ба ҳеҷ каломе нашуд. Гуфтанд лаҳазоте пеш устодро бидуни анҷоми ҷарроҳӣ бурдаанд. Баҳона карда буданд, ки зарраборни номуносиби қалбаш иҷозаи ҷарроҳӣ надодааст. Аммо пайдо буд, ки кор аз ҷарроҳӣ гузаштааст.

Дубора занг задам, саранҷом телефонӣ сӯҳбат кардем. Ба сахтӣ сухан мегуфт ва ҳамон ҳарфҳои пизишконро такрор кард ва гуфт рафтаанд, ки билети бозгашт бигиранд, то вақте шароити беҳтар шуд бозгардад ва дармонро идома диҳад. Гуфтам кори филм ба поён расида ва хушҳол мешавам, ки аввалин бинандааш бошад. Ташаккур кард ва қарор шуд, ки агар парвоз ба таъхир афтад, хатман биёяд ва мизбонаш бошам. Фурсате, ки дар тамоми солҳои ошноиамон ва ҳузури ӯ дар Теҳрон даст надода буд ва ин охирин гуфтугӯи ман бо устод Тоҳир буд ва ӯ ба парвозе, ки сарнавишт аз муддатҳо пеш ҷойе барои ӯ холӣ карда буд, расид ва ба шаҳри Хуҷанд бозгашт, то ба зодгоҳаш шаҳри Ашт наздик бошад. Дар миёнаҳои баҳор буд, ки барои ҳамеша рафт, дар ҳоле ки дигар ҳанҷарааш барои вогӯийи ҳеҷ ҳарфе ёриаш намекард.

Чанд рӯз пас аз рафтанаш лаҳзаҳои филмро мурур мекардам, он ҷо ки канори панҷара истода буд, то сухан бигӯяд ва насими хунуки берун озораш дод ва садояш гирифт, андаке истод ва бо ҳамон содагӣ ва бериёии ҳамешагӣ гуфт: "Барои Худо, магар бо ин садо мешавад сухан гуфт" ва ҳарду хандидем ва садояш аз он рӯзи ба ёд монданӣ дар Маскав ва нуткҳояш дар Мачлис (Порлумон)-и Тоҷикистон то ҳамин чумлаи охиринаш, хар гоҳ ки ба ӯ ва он рӯзҳо меандешам, бо ман аст ва ёдовари марде, ки ба Меҳанаш, ба ҳувияташ, ба мардумаш ва ба забону таърихаш ишқ меварзид ва аз баёни ин ошиқӣ ба худ меболид.

Мардони **МУҲАММАД,**
журналист



ОРИФЕ, КИ ҚАДРАШРО НАШИНОХТАНД

Замоне ки хабари шуми марги Тоҳири Абдуҷаббор, як шахсияти дорои ғурури саркаш, ҷасорат, қотеъият ва устуворӣ дар Душанбе-пойтахт расид ва дили садҳо миллатдӯсту ватанпарастро хун кард, шояд душманони ақидатӣ ва рақибони ӯ дар саҳнаи сиёсӣ оҳи сабуке кашиданд. Аммо бархе аз ин гуна афрод аз шунидани хабари марг тааасуф хӯрданд, ки чунин як абармард ва муборизи роҳи озодии миллат бо хорӣ аз дунё рехлат кард. Як шахсеро мешиносам, ки дар солҳои 1990 намояндаи Шӯрои Олӣ буду ҳамеша алайҳи Тоҳири Абдуҷаббор сухан мегуфт, ба пешниҳодҳои ӯ раъйи мухолиф медод ва аз ҷумлаи онҳое буд, ки барои маҳрум кардани оқои Абдуҷаббор аз сухан гуфтан ё аз тариқи телевизиюн пахш нашудани суханронии ӯ овоз дода буд. Зимнан, дар авоили даҳаи 1990 ҷаласаҳои Шӯрои Олии Тоҷикистон ба таври комил тавассути шабакаи телевизиюни кишвар пахш мешуд ва тамошобинони сершумор дошт. Ин намояндаи пешини порлумон, ки имрӯз аз ҳамаи мақомҳои давлатӣ рафтаву нафақахӯр ё бознишаста шудааст, аз талошҳои Тоҳири Абдуҷаббор барои Истиқлолияти миллӣ ва лоиҳаи пешниҳодии ӯ дар бораи Истиқлолияти Тоҷикистон дар моҳи августи соли 1990 ёдоварӣ карда ва иброз дошт, ки он замон аксарияти кулли намояндагони Шӯрои Олӣ ин гуна пешниҳодро "беақлона" ва "хаёлпарастона" хонда буданд. Ин намояндаи собиқи порлумон гуфт, ки ӯ ва вакилҳои коммунист, ки ҳудуди 90 дар сади намояндагони Шӯрои Олиро ташкил медоданд, ин иқдомро "чудоихохӣ" арзёбӣ карда ва ба оқои Абдуҷаббор тамғаи "душмани халқ ва давлати Шӯравӣ"-ро заданд.

Аммо раванди баъдии ҳодисаву таҳаввулоти сиёсӣ дурустии ақидаи ӯро собит кард ва пас аз як сол ин порлумони коммунистӣ санади Истиқлолияти Тоҷикистонро тасвиб карда ва Тоҷикистонро давлати мустақил эълом кард.

Пешниҳоди Тоҳири Абдуҷаббор, Аслиддин Соҳибназаров ва вакилони миллатпараст дар бораи ташкили Артиши Миллӣ низ ба мухолифати шадиди вакилони коммунист ва давлати вақти Тоҷикистон рӯ ба рӯ шуд. Ҳатто пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ, ки ҷамоҳири Шӯравии собиқ ҷузъу томҳои дар ҳудудашон будани Артиши муқтадири

Шӯравиро миллӣ карданд, давлати Тоҷикистон дар ин замина иқдоме накард. Ёдам меояд, марҳум Раҳмон Набиев, раиси ҷумҳури вақти Тоҷикистон дар як нишаст гуфта буд, ки *"Армияи миллӣ чи даркор? Охир мо-ва ягон кас ҳуҷум намекунад-ку! Барои армия нигоҳ доштан пули калон даркор"*. Ҳодисаҳои баъдии Тоҷикистон то чи ҳад тангназар ва кӯтоҳбин будани мақомоти ин кишварро собит кард. Тоҷикистон маҷбур шуд, ки баъдан техникаи ҷангию силоҳҳое, ки бояд аз Артиши Шӯравӣ мерос мерасид, бо қимати гарон харидорӣ карда ва Артиши Миллиро дар ҷойи холӣ ташкил кунад.

Ҳоло бо гузашти солҳо, зимни таҳлили ҳаводису таҳаввулоти он солҳо ба чунин натиҷа расидам, ки мушкили аслӣ мавзеъгирии вакилони коммунисту давлати вақти Тоҷикистон дар баробари вакилони рӯшанфикру ватанпарасте чун Тоҳири Абдуҷаббор буд. Чун ин афрод андешаҳои тозаю инқилобӣ ва миллии ӯро таҳаммул надоштанд ва ӯро душмани ақидатии худ мепиндоштанд, ҳар пешниҳоди Тоҳири Абдуҷаббор бо мухолифати шадид мувоҷеҳ буд. Алорағми гуфтаҳою пешниҳодоти Тоҳири Абдуҷаббору вакилони рӯшанфикру миллатдӯст амал кардани ниҳодҳои давлатӣ чи оқибатҳо фалокатборе барои иқтисод, иҷтимоъ ва дар маҷмӯъ барои давлату миллати тоҷик ба бор овард. Таъхир чи дар масъалаи ташкили Артиши Миллӣ бошад, чи ба муомилот баровардани пулии миллӣ, моро ба бӯҳронҳо ва мушкилоти шадид мувоҷеҳ кард...

"Мӯхтарам"

Ин вожа дар авоили солҳои даҳаи 1990, дар ҷараёни кори порлумони ҷадиди Тоҷикистон, ки чеҳраҳои тоза ва фавқуллодае дар он зуҳур карда буд, пайдо шуд. Яъне, дар замоне ки вожаҳои ноби тоҷикии форсӣ аз забони рӯшанфикорону донишмандон садо дода ва батадриҷ дар муколамаи ҷомеаи Тоҷикистон ба гӯш мерасид. Муаллифи вожаи "мӯхтарам" Тоҳири Абдуҷаббор, намояндаи порлумон буд, ки ба ҳамкорони худ бо лаҳни ширин ва меҳрубонона "Мӯхтарам раис" ё "Мӯхтарам вакил" гуфта муроҷиат мекард.

Барои бештари намояндагони порлумони он замон, ки мафкураю сирати коммунистӣ дошта ва ба ҳар таҳаввули миллӣ бо шубҳаю ҳарос менигаристанд, ин тарзи суханронӣ хушоянд набуд. Ҳарчанд бархе аз вакилони мардумӣ худро ҳамқадами даврони бозсозию таҳаввулот вонамуд карда ва вожаҳои тозаи тоҷикиро чаппаю роста ба замон меовардан. Чунончи, ин афрод вожаи ҷадиди "ноҳия"-ро "нойиҳа" ва "ваҳдат"-ро "вадҳат" талаффуз мекарданд.

Банда, ки дар он солҳо аввал ба унвони хабарнигори "Ҷавонони Тоҷикистон ва баъдан рӯзномаи "Садои мардум" аз ҷараёни кори порлумон гузоришҳо омода мекардам, борҳо шоҳиди тамасхуру ришханди вакилони коммунистмаоб ба наҳваи суханронии Тоҳири Абдуҷаббор шуда будам. Боре, генерал Мамадҷонов, комиссари низомии Тоҷикистон ба

дунболи сӯҳбати окои Абдуҷаббор ба назди баландгӯ омада ва бо тамасхуру истехзо *"Намедонам Шумоя ҷаноб гӯям-мӣ? Гапҳои худа дониста занед! Ман таклиф мекунам, ки гапҳои ин депутата аз телевизор шунавонда нашавад!"* Аз ин пешниҳод аксари кулли вакилони Шӯрои Олӣ тарафдорӣ карданд ва шоми он рӯз дар гузориши муфассали телевизиюни Тоҷикистон аз ҷараёни кори Шӯрои Олӣ акси Тоҳири Абдуҷаббор бидуни садо пахш шуд.

Воқеъан, ин вожа барои аввалин бор дар охирҳои соли 1989 ва аввалҳои соли 1990, дар ҷараёни тадорукоти қабл аз интихоботӣ ба Шӯрои Олии Тоҷикистон, ки Тоҳири Абдуҷаббор дар ин тадбир ба унвони номзад ширкат мекард, садо дода буд.

Раҳмони Муҳаммад, сокини рустои Ашт ва муъовини раиси Созмони Растохез дар ин русто дар аввалҳои солҳои 1990 дар бораи мушкилоту мавонеъи фаровон дар роҳи пешниҳоди номзадии Тоҳири Абдуҷаббор ба вакилии Шӯрои Олӣ ё порлумони Тоҷикистон ва пирӯзии ӯ дар ин муборизот чунин гуфт:



Раҳмони Муҳаммад, муъовини раиси ҶМТ – Созмони Растохез дар ноҳияи Ашт аз шахсиятҳои фаъол ва муборизи кишвар аст.

– Тақрибани моҳи сентябри соли 1989 ба ибтикор ва талошҳои як гурӯҳ ҷавонони рӯшанфикр дар рустои Ашт созмони аввалияи Ҷунбиши Растохез таъсис шуд. Тилав Расулзода, раис ва камина муоъвини раиси ин созмон интихоб шудам. Дар даврони бозсозӣ ва ошкорбаёнии горбачёвӣ насими озодандешӣ ва навҷӯйӣ ба ноҳияи Ашт низ расида ва мардум, ки аз ҳукумати якнавохт ва бюрократсии коммунистӣ хаста шудаю ташнаи тағйирот ва дигаргунӣ буданд. Дар ин марҳилаи хассос зухур кардани созмони ҷадиди Растохез бо аҳдофи эҳёи сунану арзишҳои миллӣ аз ҷониби акшори мухталифи рустои Ашт мавриди пуштибонии густарда қарор гирифт. Дар муддати кӯтоҳ теъдоди аъзои он зиёд шуда ва тавонист дар интихоботҳои шӯроҳои маҳаллӣ, ноҳиявӣ ва вилоятӣ номзадҳои худро пешбарӣ кунад. Дар интихоботи Шӯрои Олӣ ё порлумони Тоҷикистон аъзои созмони аввалияи Ҷумбиши Растохез аз номзадии Тоҳири Абдуҷаббор, раиси ин созмон ҳимояту тарафдорӣ карданд.

Дар аввал ниҳодҳои давлатӣ талошҳои зиёд ба харҷ доданд, то окои Абдуҷаббор ба унвони номзад сабти ном нашавад. Эҷоди чунин садду мавонеъи маснӯъӣ натиҷаи баръакс дода ва таваҷҷӯҳи мардум ба шахсияти Тоҳири Абдуҷабборро бештар кард. Дар бинои мактаби

рақами 42-и рустои Ашт бештар аз 800 нафар сокинон чамъ омада ва масъулони комиссияи ҳавзавии интихоботро даъват карданд. Аввал онҳо даъватро напазируфтанд, аммо исрори сокинони русто аъзои комиссияи интихоботро водор кард, ки дар хамоиш ҳозир шаванд. Дар хамин чаласа номзадии Тоҳири Абдучаббор ба интихоботи Шӯрои Олии Тоҷикистон расман сабти ном шуд. Рақиби оқои Абдучаббор дар ин интихобот Абдуҳамид Абдувалиев, муншии аввали ҳизби коммунисти ноҳияи Ашт буд, ки раҳбари воқеъии ноҳия махсуб мешуд.

Аввалин фитнае, ки ниҳодҳои давлатӣ алайҳи Тоҳири Абдучаббор барангехтанд, душмани ӯзбакзабонҳо талақӣ шудани ӯ буд. Дар варақаҳои паҳн гардида, гуфта мешуд, ки агар Тоҳири Абдучаббор вакил интихоб шавад сокинони ӯзбактаборро аз ноҳияи Ашт меронад. Аъзои Созмони аввалияи Растохез ба маҳаллҳои зисти ӯзбактаборҳо рафта ва тӯҳмату дурӯғин будани ин иддаро ташрех додаанд.

Аз сӯи дигар, хукуматдорони маҳаллӣ ва намояндагони ҳизби коммунист ба оқои Абдучаббор тӯҳмати дигаре зада ва ӯро аз созмондиҳандагони фоҷиаи февралии соли 1990 эълом карданд. Зимнан, дар ҳодисаҳои хунини моҳи феврали соли 1990 дар шаҳри Душанбе, ки бо хабари дурӯғини "вуруди фирориёни арманӣ ва тақсими хонаҳо ба ин гурезаҳо" шурӯъ шуд. Аммо баъдан ин омил комилан аз ба гӯшаи фаромӯшӣ афтоду дар ҳамоишу эътирозоти моҳи феврал масоили мубрами иҷтимоъие, чун бекорӣ ва факр матраҳ шуда буд. Дар чараёни ин ҳаводиси хунин худуди 30 нафар аз иштирокчиёни гирдиҳамоиҳои эътирозӣ кушта шуданд ва дар шаҳри Душанбе вазъияти фавкулодда эълом шуд.

Ҳамчунин, намояндагони хукумати маҳаллӣ ва ҳизби коммунист ба Тоҳири Абдучаббор тамғаи "чосуси Амрико" ва "чосуси Эрон"-ро часпонданд. Ба унвони "далел" бо шеваи эронӣ сӯҳбат кардани ӯ ва даъват барои бунёди чомеаи демукротӣ пешниҳод гардид. Аммо оқои Абдучаббор дар мулоқот бо мардум ин ҳама бӯҳтонҳоро накш дар об кард ва интихобкунандагон ба ӯ бовар карданд.

Воқеъан, дар пирӯзии оқои Абдучаббор 7 маркази раъйгирӣ дар рустои Ашт нақши аслӣ ва калидӣ дошта ва дар онҳо Тоҳири Абдучаббор аз 90 то 95 дар сади овозхоро ба даст овард.

Чи омилҳое боис шуд, ки Тоҳири Абдучаббор дар ин интиҳобот ба рақиби неруманд аз ҳизби хокими коммунист пирӯз шавад? Омили аслӣ ин чеҳраи чадиди бо ҳизби коммунист омезиш наёфта буд, ки бо мардум бо лаҳни оддӣ ва бо камоли зебою шево сӯҳбат мекард. Дуруст аст, ки ӯ ба мардум кӯҳи тилло ё зиндагии олӣ ваъда накард, аммо ӯ роҳҳои расидан ба ин гуна зиндагиро нишон дод. Дар мулоқотҳои қабл аз интихоботии Тоҳири Абдучаббор беш аз хазор нафар ширкат мекарданд ва сокинони рустоҳои атроф низ ҳозир мешуданд.

Барои бори нахуст мардум вожаҳои "мӯҳтарам", "хамин тур" ва "хоҳиш мекунам"-ро, ки хоси сӯҳбатҳои ӯ буд, шунида ва аз кироати ашъори осмонии Ҳофизу Румӣ ба вачд меомаданд.

То соли 1991 сокинони русто Ашт ва атрофи он ба далели набудани онтеннҳои мавҷқабулкунӣ аз тамошои телевизиюни Тоҷикистон маҳрум буданд ва камоли фасеҳу ширини тоҷикии форсиро аз забони Тоҳири Абдуҷаббор шуниданд. Баъди пирӯзии оқои Абдуҷаббор дар интихобот бо мусоъидати ӯ ва аз тариқи ҳашари сокинони рустои Ашт дар ин русто чунин онтенн бунёд шуда ва пахши телевизиюни Тоҷикистон оғоз ёфт.

Дар мубоҳисоти рӯ ба рӯ бо раиси кумитаи иҷроияи ноҳияи Ашт ва намояндаи Кумитаи ҳизби коммунист дар вилояти Ленинободи вақт, Суғди феълӣ низ оқои Абдуҷаббор бо далелу арқом аз барномаи қабл аз интихоботии худ ҳимоят карда ва ба суолоти таҳдору иғвоангези онҳо посухҳои сазовор медод.

Мардум воқеъан ташнаи демократияи воқеъӣ ва таҳаввулот буд, зеро интихоботҳои қаблӣ чуз бозии демукротӣ чизи дигаре набуд ва ин вазъ мардумро аз интихобот хаставу ноумед сохта буд. Бо вазидани насими таҳаввул ва демукросӣ мардум бедор шуда ва дигар имкони онҳоро аз тариқи зӯр идора кардан душвор шуда буд.

Пешниҳодоти мушаххас барои беҳбуди вазъи зиндагии мардум, назири бунёди корхонаҳои хурду миёна барои сокинони Ашт ҷолиб буд. Зеро мумкин буд, ба ин васила ҳам ҷавонон бо кор таъмин шуда ва ҳам маҳсулот дар бозорҳо фаровон гардад.

Хонаводаи Абдуҷаббор Калонов. Устод Тоҳири Абдуҷаббор бо падару модар ва бародаронаш. Вай дар қатори дуввум аз тарафи чап истодааст.

Шояд дар пирӯзии Тоҳири Абдуҷаббор дар интихоботи порлумонӣ зодаи рустои Ашт будани ӯ низ нақш дошта ва интихобкунандагон ӯро бар Абдуҳамид Абдувалиев, ки аз ноҳияи Хуҷанд буд, афзал хонданд.

Аз ҷониби дигар, хоксорию фурӯтании Тоҳири Абдуҷаббор дар муқобили кибру ҳавобаландии номзади ҳизби коммунист дар рӯҳияи интихобкунандагон асар гузошт. Абдуҳамид Абдувалиев бовар дошт, ки ба ҳайси раҳбари коммунистҳо дар ноҳияи Ашт бидуни мушкил дар интихобот пирӯз мешавад. Шояд ба ҳамин далел буд, ки ӯ аз мулоқот бо мардуми рустои Ашт сарфи назар кард. Дар ҳоле ки садҳо нафар барои ин мулоқот гирдиҳам омада буданд.

Дар ибтидои соли 1990 дар рустои Ашт беш аз 70 узви фаъоли Созмони Растохез фаъолият карда ва теъдоди ҳаводорони ин ҷунбиш хеле зиёд буд. Аммо баъд аз шурӯъи ҷанги дохилӣ дар Тоҷикистон мақомоти расмӣ Созмони Растохезро дар канори аҳзоби наҳзату демукрот ва Ҷунбиши "Лаъли Бадахшон" аз созмондиҳандагони нооромиҳо дар ин кишвар хонданд ва пас аз ба қудрат расидани ҳукумати феълӣ таъқибу озори аъзо ва тарафдорони ин ҷумбиш дар ноҳияи Ашт оғоз ёфт. Вақте гурӯҳи бозрасони умури дохила ва додситонӣ ба рустои Ашт омаданд ва манозили аъзои Растохезро кофтуков мекарданд, аъзои ин созмон гирдиҳам омада вазъиятро назорат мекарданд, ки мабодо аъзои гурӯҳи бозрасон ба хона маводи мухаддир ё силоҳ напартояд. Зеро чунин ҳодиса дар дигар рустоҳои ноҳия иттифоқ афтода ва афроди бегуноҳ бо ҷурми «ғайриқонунӣ нигоҳ доштани силоҳ» ё кашф шудани маводи мухаддир ба муддатҳои тӯлонӣ равонаи зиндон шуда буданд. Масалан, Нуриддин Саъдидинов, раиси Созмони Растохез дар ноҳияи Ашт, ки дар хона танҳо буд, гурӯҳи бозрасон таппончаеро дар манзилаш партофта ва баъдан ӯро барои ғайриқонунӣ нигоҳ доштани силоҳ муҳокима ва ба муддати 9 сол зиндонӣ карданд. Ҳарчанд дар таппонча пайи дасти оқои Саъдидинов ёфт нашуд, бо ин вуҷуд бо ин ҷурм ӯро ба маҳкама кашиданд.

Вақте гурӯҳи бозрасон ё тафтишотии умури дохила ва додситонӣ натавонистанд, аъзои Созмони Растохези рустои Аштро дар ягон амалҳои ғайриқонунӣ муттаҳам кунанд, онҳо барои ҷазо додани ин ашхос роҳи дигарро пеш гирифтанд. Яъне, аз тариқи комисариёи низомӣ дар бораи омӯзиши курсҳои семоҳа дар минтақаи Ромит, воқеъ дар атрофи шаҳри Душанбе барои аксари аъзои Растохез даъватномаҳо тавзеъ шуд. Вале ҳамагон гуфтанд, дар ҷанги бародаркуш ширкат нахоҳем кард. Агар додситонӣ мехоҳад алайҳи мо парвандаи ҷиноӣ боз кунад. Дигар ба мо кордор нашуданд.

Баъд аз поёни иҷлоси 16 Шӯрои Олии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд Тоҳири Абдуҷаббор ба рустои Ашт баргашт. Рӯҳаш шикаста ва навмед буд. Вақте аъзои Растохез суол карданд, ки «Устод, мо мағлуб шудем?» Ҷавоб дод, ки *«Натанҳо мо, балки тамоми мардуми Тоҷикистон мағлуб шуд»*. Оқои Абдуҷаббор чанд рӯз дар рустои Ашт зиндагӣ карда ва баъдан бо машварати дӯстон Тоҷикистонро ба қасди Қирғизистон тарк кард.

Санавбар Нуруллоева, раиси Кумитаи иҷроияи ноҳияи Ашт баъдан эътироф кардааст, ки дар авоили солҳои 1990 хабари аз Хуҷанд ба Ашт баргаштани Тоҳири Абдуҷабборро билофосила ба мақомоти вақти Тоҷикистон расонида, аммо аз ҷониби онҳо дастури ба ҳабс гирифтани ӯ дода нашудааст. Пас аз хориҷ шудани оқои Абдуҷаббор аз ноҳияи Ашт мавзӯъи зиндонӣ кардани ӯ матраҳ шуд.

Як нуктаи ҷолиб. Дар иҷлоси 16-и Шӯрои Олии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд Сангак Сафаров, фармондеҳи чабҳаи халқӣ Тоҳири Абдуҷабборро "оқипадар" хонда буд. Ӯлмаси Одил, хабарнигори радиои Тоҷикис-

тон дар рустои Ашт бо падари Тоҳир – бобои Абдуҷаббор ҳамсӯҳбат шуда ва аз ӯ дар бораи сиҳҳатии иддаои Сангак Сафаров суол карда буд. Ӯ чунин посух дода буд, ки *"Ҳама фарзандон барои ман азизанд, аммо ҷойи Тоҳир бароям азизтар аст".*

Вакте Тоҳири Абдуҷаббор даргузашт, дар маросими ҷанозаи ӯ дар рустои Ашт мардуми зиёд гирдиҳам омаданд. Ҳукуматдорони ноҳия тамоми чораҳоро андешиданд, то дар рӯзи мотам минтинг ё суханронихо баргузор нашавад. Маҷбур карданд, ки дар асри ҳамон рӯзи фавт ҷасади оқои Абдуҷабборро ба хок супоранд. Мардум аз ин иқдоми ҳукуматдорон чунин натиҷагирӣ карданд, ки онҳо на танҳо аз зиндаи Тоҳири Абдуҷаббор, ҳатто аз мурдаи ӯ низ тарсу ҳарос доштаанд. Марде, ки дар муборизоти шадиди миллию озодихоҳии дахаи 1980 дар Тоҷикистон **парчами истиқлолиятхоҳии кишварро** болои сар бардошта ва онро огоҳонаю қотеъона пеш бурда буд. Вале чашидан аз меваи Истиқлол ва ширкат дар ҷашнҳои он барои ӯ насиб накард.

Шояд бо гузашти солҳо мардуми мо ба қадру манзалати ин абармарди миллат ва муаллифи **Эъломияи Истиқлолияти Тоҷикистон** бирасанду барои ӯ мучассамаҳо эъмор кунанд? Шояд!

Устод Тоҳири Абдуҷаббор бо хонум ва наберагонаш, Хуҷанд, соли 1998.

СУГВОРӢ ДАР МАРОСИМИ ЁДБУДИ УСТОД ТОҲИРИ АБДУҶАББОР

БУЗУРГДОШТИ ТОҲИРИ АБДУҶАББОР ДАР ДУШАНБЕ

Маросими бузургдошти Тоҳири Абдуҷаббор, пешвои ҳаракати истиқлолхоҳии Тоҷикистон ва Раиси Созмони Мардумии Растохез субҳи рӯзи 25 апрел дар шаҳри Душанбе бо ширкати ёру дӯстон, маҳфилҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва рӯҳонии кишвар ва инчунин рақибони собиқи ӯ баргузор шуд.

Аммо зимни баргузории ин маросим, ҳамаи ҳозирин аз Тоҳири Абдуҷаббор ҳамчун шахсияти нотакрор, ориф, олим ва мутафаккир ёд карданд.

Мӯъмин Қаноат – шоири тавоно ва донишманд ва Муҳаммадҷон Шакурӣ – донишманди саршиноси тоҷик бо ёдоварӣ аз хислатҳои ҳамидаи инсонии ин абармард, таъкид бар он кардад, ки Тоҳири Абдуҷаббор муборизаҳои худро дар роҳи худшиносии миллӣ ва истиқлол аз муборизаи барои поксозии забон ва мақоми давлатӣ додан ба забони тоҷикӣ шурӯъ карда буд. Муҳаммадҷон Шакурӣ афзуд, ба фарқ аз аксари пешвоёни замони истиқлолхоҳӣ ва муборизаҳои демократӣ Тоҳири Абдуҷаббор шахсияте буд, ки ҳаргиз ҳарфи бидуни мулоҳиза назада буд ва манофеи миллиро бештар аз дигарон ташхис дода ва дарк карда буд.

Муҳаммадҷон Шакурӣ таъкид кард, ки дар ба курсӣ нишондани забони тоҷикӣ дар охирҳои солҳои 80 уми асри гузашта, хидматҳои Тоҳири Абдуҷаббор бениҳоят будааст.

Ҳочӣ Акбари Тураҷонзода, қозии собиқи мусулмонони Тоҷикистон, ки Тоҳири Абдуҷабборро яке аз ҳамсангарҳои содиқ дар муборизаҳои фарҳангӣ-сиёсии солҳои 90 қарни гузаштаи худ медонад, гуфт: – Тоҳири Абдуҷаббор барои ҳарчи зуд расидан ба сулҳ талош мекард ва агарчӣ узви ҳайати комиссиюни оппозитсиюн набуд, аммо машваратҳои хубе барои сулҳи пойдор медод. Ҳочӣ Акбар Тураҷонзода гуфт, ки Тоҳири Абдуҷаббор ба унвони як зоҳид буд.

Шодӣ Шабдолов – раиси Ҳизби коммунисти Тоҷикистон, ки низ дар маросими бузургдошти Тоҳири Абдуҷаббор ширкат дошт, бар минбар омад ва бо андӯҳи гарон марги ин соҳибдилро барои мардуми Тоҷикистон таслият гуфт. Шодӣ Шабдолов, афзуд, Тоҳири Абдуҷаббор як фарди истисноӣ буд, ки бо дониш, фаросат ва ҷасорататаш дар миёни рӯшанфикрони тоҷик фарқ мекард. Раҳбари коммунистони Тоҷикистон афзуд, агарчи ӯ дар муборизаҳои сиёсӣ яке аз сарсахттарин рақибони мо маҳсуб меёфт, вале ман тӯли ин ҳама муборизаҳои шадид ҳеҷ кинае аз ӯ дар дил надорам, зеро ӯ аз фарҳанги рақобати солим хуб огоҳ буд ва дар масоили сиёсӣ бисёр муаддабона бархӯрд мекард. Шодӣ Шабдолов аз ҳодисаҳои Баҳманмоҳи хунини соли 1990 ёдовар шуда, гуфт, Тоҳири Абдуҷаббор бо вуҷуди миллатдӯстӣ ва милатхоҳиаш, ҳеч гоҳе миллатчӣ набуд ва афзуд, ӯ аз ҷумлаи фарҳангиёни саршиносе буд, ки аз мардуми арманӣ аз барои ин тавтиаи нангин узрхоҳӣ кард.

Масъуд Собиров – раиси ҲДТ ва устоди донишгоҳи иқтисоди Тоҷикистон низ гуфт, ки ҳар тоҷике чунин зиндагӣ ва маргеро бояд орзу кунад. Зиндагии пок, беолоиш ва ҳамчунин даргузаште бо сари буланд, бо саре, ки ҳаргиз пеши касе хам нашуд.

Ҳамин гуна хотираи абармарди озода, ориф ва ворастаи миллат бо ҷамъи афроди саршиноси миллат, вакилони маҷлис, сафирони кишварҳои Афғонистон ва Ирон, намояндагони аҳзоби сиёсӣ, мақомот ва шахсиятҳои саршиноси сиёсӣ, устодони донишгоҳҳои Душанбе, ҳамандешон ва рақибони сиёсии собиқи ӯ гиромӣ дошта шуд. Ӯ аз ҷумлаи ангушт-шумор нафаронест, ки дар Тоҷикистон шахсияти ӯро ҳам ҳамандешон ва ҳам мухолифони андешааш эътироф кардаву барояш эҳтиром қоиланд.

Ҳафтаномаи "Миллат"

*

Мӯъмин ҚАНОАТ,
Шоири мардумии Тоҷикистон

Ду тан абармарди фарҳанги кишвар устод Тоҳири Абдуҷаббор ва устод Мӯъмин Қаноат. Душанбе, соли 2007.

– Ин лаҳза мо дар ҳоле қарор дорем, ки мухотаби мо дар ҳузури мо нестанд. Ва мо метавонем, ки танҳо бо рӯҳи эшон сӯҳбат кунем ва аз ёдҳое, ки дорем, бигӯем.

Ҳангоме ки чанд муддат бо Тоҳири Абдуҷаббор дар Теҳрон будем, нишонаи покӣ ва сифатҳои хуби инсониашро дар он лаҳзаҳо ман хуб эҳсос кардам. Боре субҳгоҳӣ дидам, ки кафшашонро бардошта мехостанд ба назди кӯҳнадӯз бибаранд, гуфтам, ки устод, биёед бароятон кафши нав бихарем, гуфтанд, ки ҳамин кифоят мекунад. Баъдтар, вақте ки он кас аз Теҳрон рафтанд, ман дар мавзеъи Кӯи Нафт дар ҳамон манзиле, ки мезистанд, ҷойгир шудам. Аз бойгонишон ин қадар китобе баромад, ки ба як ҷаҳони китобхона монанд буд ва китобҳои нодир ҳам буданд. Баъдтар ман як қисм аз ин китобҳоро ба дӯстон тақдим кардам ва қисмашро ҳамроҳи худам ба Душанбе овардам, ки ҳоло ҳам дар дасти ман ҳастанд.

Ва ҳар лаҳзае ки бо Тоҳир дучор мешудед ё менишастед, як чизи нав мегуфтанд. Ё чизи кӯҳан, ҳакимона буд, боарзиш буд. Як чизе мегуфтанд, ки дар мадди назари ҳеч кас набуд, яъне аз ҳамзамононаш каси дигар ҳамон мавзӯъро намедонист.

Ва вақте ки дар парлумон даромаданд, бори нахуст гуфтугӯи фарҳангҳо, муколамаи фарҳангҳоро барои аҳли маҷлис, барои ҷомеа пешниҳод карданд. Чун мардуми мо он вақт ба зӯрӣ такя мекарданд, ҳар кас як чизи нопӯхтаро парчам карда буд ва мардумро мехост аз думболи худаш бикашад, Тоҳир идеяи нави наҷоти ҷомеаи башариро пешниҳод карданд, 20-30 сол қабл аз ин. Вале касе набуд бифаҳмад, ки ин чист, чи мавзӯъ аст. Аммо ягона роҳи наҷот ҳамон буд, ки Тоҳир пешниҳод кард. Ва агар мардум ҳамон пешниҳод, ҳамон барнома, ҳамон ахлоқро мепазируфтанд, шояд, ки мардуми мо ба ҷанги шаҳрвандӣ, ҷанги бародаркуш, як ҷанги бефоида ва бесуд гирифтор намешуд.

Аммо Тоҳири Абдуҷаббор як нафаре буданд, ки ду раванд доштанд: ҳам ба реша ва ҳам ба пеш ва ҳар дуро ба ҳам пайванд мезаданд ва андешаи миллӣ, тафаккури худӣ дар ҳамин миён эҷод мешуд. Тавре мебинем, андешаҳои пешниҳодии Тоҳири Абдуҷаббор дар барномаҳои ҳукумати имрӯза сари кор омадаанд, яъне дар амал ҳастанд ва мардум аз рӯи онҳо амал мекунанд. Вале бисёре аз мардум, ки огоҳӣ надоранд, намедонанд, ки инро кӣ тарроҳӣ карда буд ва меъмори ин ақида, ин назария, ин ҷунбиш кӣ буд. Ва хайр аст, ки натиҷаи амалаш дар ҷомеа ҳаст. Агар худашро эътироф накунанд ҳам, вале натиҷаи ҳама андешаҳояш дар ҷомеаи мо дар амал аст.

Дигар, ёдашон ба хайр. Ин дафъа дар ҳузури худашон сӯҳбат намекунем.

Муҳаммадҷон
ШАКУРИИ БУХОРОЙӢ,
академик, узви раёсати ҶМТ-Созмони Растохез

– Мо имрӯз касеро аз даст додем, ки метавон гуфт чандин сол яке аз пешвоёни миллат буд. Дар муборизаҳо сарварӣ мекард, сухани асосиро мегуфт. Аз ниман солҳои 80-ум (садаи гузашта) Тоҳири Абдуҷаббор яке аз фаъолтарин раҳнамоҳо дар ҳама масъалаҳои ичтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва аввал фарҳангӣ, ки он солҳо муҳокима мешуд, буд.

Фаъолияти ӯ, чунон ки дар ёд дорам, аз масъалаи забон сар шуда буд. Дар ёд дорам, ки дар он солҳо як рӯз ба Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёт ба назди ман омад ва гуфт дар бораи забон мақола навиштаам. Гуфтам, чи зарурат аст, ки дар бораи забон мақола нависӣ? Албатта ӯ он вақт як одами ношинохта буд. Гуфт, ки хондам, дидам, ки бисёр мақолаи ҷиддӣ, дар бораи вазъи он рӯзаи забон ва пешниҳодоте дар мавриди он ки чӣ бояд кард, фардо забони мо чи гуна бояд бошад. Ва ба масъалаи забони мо ранги сиёсӣ дода буд, андак-андак, ҳар ҷо-ҳар ҷо ва дар бисёр маврид хеле аз суханҳо ҷиддӣ ва қатъӣ гуфта шуда буд.

Ман гуфтам, ки оё зарур аст, ки ҳамин рӯз ҳамин гуна мақола чоп шавад? Гуфт, ки ман чоп мекунам ва минбаъд бо ҳамин роҳ меравам. Пурсидам: Куҷо меравӣ? Гуфт: Ман худам медонам. Ҳақиқатан, ҳамон мақола, ки баъд чоп шуд, гӯё сароғози ҳама марому маслаки вай дар солҳои баъд буд. Мақола мақолаи бисёр хуб буд, яъне муборизаҳои Тоҳири Абдуҷаббор ҳам аз масъалаи забон оғоз шуда буд. Масъалаи забон муҳимтарин масъалае буд, ки ҳама масъалаҳои муҳими фарҳангӣ, ичтимоӣ, сиёсӣ ва ҳатто иқтисодӣ аз ҳамин масъала сар зада буд. Масъалаи забон дар замони Сомониён хам муҳимтарин масъала буд. Дар замони Сомониён мегуфтанд, ки забони форсии дарӣ забони киссаҳои шаб аст, форсии дарӣ достони Хусравон гӯяд, ин забон барои илм ва дигар соҳаҳои зиндагӣ қудрат надорад, ҳатто Берунӣ ҳам ин тур гуфта буд. Лекин Сомониён уламоро ҷамъ карданд, фатво гирифтанд, ки Қуръон тарҷума шавад, Қуръон тарҷумаи нағз шуд ва маълум шуд, ки забони дарӣ иқтидор доштааст, тавоно будааст ва баъд дар ҳама соҳаҳо барои худ роҳ кушод, ҳамин тӯр дар замони мо ҳам шуд.

Фаъолияти Тоҳири Абдуҷаббор на танҳо дар мақолаи якумаш, балки дар мақолаҳои дигараш низ чиддӣ буд ва масъалаи забонро дар ҷои ав-

вал мегузошт. Тоҳири Абдуҷаббор дар он солҳо, дар майдони мубориза яке аз пӯхтафикрҳо буд, ки худи хозир Мӯъмин Қаноат низ ишора карданд. Дар он солҳои задухӯрд, солҳои нооромӣ, солҳои сахтравӣ бисёр суханҳои нопӯхта ҳам гуфта шудаанд. Аммо пӯхтатарин суханҳоро Тоҳир мегуфт; чи дар Шӯрои Олӣ, чи дар митингҳо, нишастҳо, дар ҳама масъалаҳои муҳими он рӯзҳо суханҳои пӯхта мегуфт; беандеша, саросемавор ҳеҷ гоҳ сухан нагуфтааст. Бисёр касон, ки даъвои лидерӣ доштанд, хатоҳои калон карданд, лекин Тоҳири Абдуҷаббор дигар буд. Сухани савоб мегуфт, фаркаш аз дигарон дар он буд, ки агар дигарон ҳамон рӯзрову рӯзҳои пешинро танқид мекарданд, инкор мекарданд, аммо барномаи мусбат надоштанд, ё ин ки он чизеро ба унвони барнома пешниҳод мекарданд, як чизи очизе буд. Чизе чун барномаи мусбат мегуфт, ҳамин Тоҳири Абдуҷаббор буд. Пора-пора суханҳои ӯ дар матбуоти солҳои 80, 90 чоп шуда буд. Агар он пора-пораҳоро ҷамъ кунем, ба фикрам, як барномаи мукаммали мусбат дар бораи роҳбурди имрӯзу фардо ба даст хоҳад омад.

Ман дар ин ақидаам, ки Тоҳири Абдуҷаббор дар таърихи муборизаҳои миллӣ-озодихоҳии халқи тоҷик дар охири асри XX хеле мавқеи калон дорад. Албатта, мавқеъ ва ҷойгоҳи ӯ дар баёни андешаи миллӣ, дар муборизаҳои озодихоҳӣ кам-кам омӯхта хоҳад шуд. Барои муайян кардани ҷойгоҳи ӯ як созмоне лозим аст, ки суханҳои ӯро, гуфтаҳо ва навиштахои парокандаи ӯро ҷамъ оварем ва омӯзем, таҳқиқ кунем, он гоҳ симои Тоҳири Абдуҷаббор ба сифати як пешвои расофикр намоён мешавад.

Ёдаш ба хайр. Тоҳири Абдуҷаббор дар таърихи мо солҳои сол зинда хоҳад буд.

Гурӯҳе аз рӯшанфикрони тоҷик дар маросими ёдбуди Тоҳири Абдуҷаббор, 25 апрели 2009.

Шодӣ ШАБДОЛОВ,
Раиси Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон

– Мо бо Тоҳири Абдуҷаббор шиносоии дерина доштем. Солҳои пеш дар Афғонистон якҷо кор мекардем, баъдтар дар Шӯрои Олии Тоҷикистон вакил будем. Ман Тоҳири Абдуҷабборро ҳамчун олим, ҳамчун нотиқ хуб мешиносам, воқеан ӯ ҳам нутқ дошту ҳам қалам дошт. Чунин одамон камназиранд. Бисёр одамон хеле гап мезананд, вале чун қалам ба даст мегиранд, як сатр навишта наметавонанд. Чун бо қалам навишта нашавад, фикри мукаммал нест.

Ӯ аз ҷумлаи касоне буд, ки воқеан ҳам равшанфикранд. Албатта, барои шумо маълум аст, ки мавқеи сиёсии мо аз ҳамдигар тафовут мекард. Мо баҳсҳои зиде мекардем, вале як чиз мусаллам аст, ин ки ӯ як хосияте дошт ва ин одами фарҳангӣ будани ӯст. Вай ҳеч гоҳ сухани дуруште нагуфтааст, ки ба ҳайсияти ман, ё ҳамчун шахрванд ба ҳисси инсонии ман захме ворид карда бошад. На дар митингҳо, на дар баҳсҳои парлумонӣ чунин ҳарфе набуд, стенограмаи ин суханҳо ҳамааш мавҷуд аст; на дар маколаҳояш ва на дар суханоне, ки аз тариқи телевизиони ҷумҳурӣ пахш мешуд, он вақт телевизиони ҷумҳурӣ бисёр чизҳоро ошкор пахш мекард.

Ҳақиқати дуввуми Тоҳири Абдуҷаббор ин аст, ки ӯ ватандӯст ва миллатдӯсти ҳақиқӣ буд, миллатгаро набуд. Далел. Ёдатон ҳаст, ки соли 90-ум 40-42 нафар арманиҳо баъд аз таъқиби экстремистҳо ба Тоҷикистон омаданд ва ин ҷо низ одамоне пайдо шуданд, ки гуфтанд ин ҷо ҷои арманиҳо нест ва муттассифона, онҳо аз ин ҷо фирор карданд. Лекин иддае аз рӯшанфикрон, аз ҷумла устоди ман Муҳаммад Осимӣ ва Тоҳири Абдуҷаббор ба номи Амбарсумян – раиси Фарҳангистони улуми Арманистон номае ирсол карданд, ки меҳмонро қабул накардан ё радд кардан – ин хусусияти тоҷикӣ нест ва мо аз шумо ҳамчун шахси забардасти илм дар Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷаҳон ва аз тариқи шумо аз мардуми арман узр мехоҳем. Ҳоло ин гапҳоро гуфтан осон аст, вале он вақт ҷомеаи мо дар ҷӯшу хурӯш ва дарду алам буд.

Як хислати хеле волои Тоҳири Абдуҷабборро мехоҳам ёдоварӣ кунам. Он вақт ман котиби Комитети Марказӣ будам, вале боре ҳам нашунидаам, ки ӯ даъвои кадом вазифа карда бошад. Аз дигарон бисёр шунидем, худашон, хешу таборашонро вакил мекарданд, вазифа мепурсиданд. Аммо аз ӯ надидем, талоши ӯ фақат барои ормонҳои ватан ва миллат буд.

Ҷомеа мисли як оила аст, албатта дар оила ҷангу ҷанҷол ва хархаша мешавад, лекин баъди ҳамин баҳсҳо ва хархашаҳо оила бояд барҳам

нахўрад. Оилаи мо ба таври омм ватани мо – Тоҷикистон аст. Мо фарзандони як диёр ҳастем ва касе кадом мавқеи сиёсӣ бигирад, ихтиёр дорад. Ин аз рӯи ҳуқуқи башар аст ва дар Конститутсияи мо ҳам сабт шудааст. Вале бар асари баҳс набояд ватанро ба парокандагӣ бибарем, онҷуноне ки қариб дар солҳои 92-93 чунин ҳодиса рух доданӣ буд.

Ман бо истифода аз фурсат, аз номи худам ва аз номи вакили мардумӣ дар Маҷлиси Намояндагон аз ноҳияи Ашт Нозирҷон Солиҳҷонов, ки ин ҷо ҳузур доранд, ба хешу табор ва ёру дӯстони марҳум таъзия баён мекунем. Рӯҳашон шод бошад.

Ортиқи ҚОДИР,
Ҳунарманди мардумии ҶТ

– Устод Тоҳири Абдуҷаббор воқеан падарсолори демократияи тоҷик буданд. Дар фаъолияти Ҷунбиши Мардумии Тоҷикистон – Созмони Растохез танҳо манофеи миллӣ, ормонҳои миллат таҷассум ёфт. Устод Тоҳири Абдуҷаббор танҳо шахсе буданд, ки ин дарду армонҳои миллиро мароми зиндагии қарор дода буданд ва бо ҳамин дарду армон ин дунёро падруд гуфтанд. Дар фаъолияти устод Тоҳир ҳеҷ гоҳ ғаразҳои шахсӣ, талошҳои ҷоҳу мансаб вуҷуд надошт ва баъдан, ҳангоме ки мо соҳиби истиқлол шудем ва кишвари мо дигар давлати соҳибистиқлол эълон шуд, ҳамон андешаҳои волои устод Тоҳир, ки дар Эъломияи машҳури худ навишта буданд, ба тадриҷ ҷорӣ мешуд. Ва имрӯз мо мебинем, ки бештарин армонҳои ӯ дар ҷомеаи мо сари коранд. Мо давлату давлатдорӣ дорем, суруду парчам дорем, соҳиби Артиши миллӣ шудем, пули миллӣ дорем – ҳамаи ин аз ҷумлаи ормонҳои устод Тоҳири Абдуҷаббор буданд, ки нахустин бор ӯ ташкили ин қаринаҳоро пешниҳод карда буд ва ба рағми садҳо мухолифонашон ҳамеша ин мавзеъгириҳояшонро сарсахтона пуштибонӣ мекарданд.

Соли 1991 як сафари таърихие доштем ба Самарқанду Бухоро. Бо мошини худи устод мерафтем ва ронандаи мо Аҳмадшоҳи Комил буд. Мо дар Самарқанд дар шаби шеъри устод Бозор Собир иштирок кардем ва мардуми ҷамъомада дар баробари бо шӯру шавқ шунидани шеъри устод Бозор ҳамчунин талаб карданд, ки устод Тоҳир низ дар ин базм сухан бигӯянд. Ва мардум бо ҳамон шӯру шавқ ва ташнадилӣ сӯҳбати устод Тоҳирро шуниданд. Пас ба Бухоро омадем. Устод Тоҳир барои қадамгоҳи бузургони миллат он қадар муҳаббат доштанд, барои ин шаҳрҳои армонии мо дилашон месӯхт, он қадар бо ҳасрат сухан мекарданд. Мегуфтанд, ки дар тамоми даврањо хиёнат домангири миллати мо будааст ва ба сабаби ҳамин хиёнат мо шаҳру деҳоти бузургамонро аз даст додем ва имрӯз ҳам бархе кӯрдилону бездилон ба муқаддасоти мил-

лати мо хиёнат мекунанд. Ин шеъри олиро устод Бозор Собир ҳамон вақт эҷод карда буд:

ДАР БУНЁДИ РАСТОХЕЗ

Мо ҳамчу хуни мулк
Аз гардани буридаи Низомулмулк
ҷуръа, ҷуръа, ҷуръа чакидаем,
Мо ҳамчу борон
Аз шохаи «Дарахти Асурик»
қатра, қатра, қатра чакидаем.
Аз тору пуд
тика, тика, тика даридаем,
Аз ҳалқаҳои хеш
ҳалқа, ҳалқа, ҳалқа гусатаем.

Аз ҳафт шаҳри ишқ гузаштем,
Аз ҳафт курсӣ низ,
Дар курсие нанишастаем.

Ва бо ҳама ин рафтан
Агар ки решаи точик наканд,
Раҳмат ба хоки Бухоро,
Раҳмат ба хоки Самарқанд.

Мо ҳалқпораҳо,
Мо ҳалқаҳои халқ,
Мо қатраҳои халқ,
Халқе, ки халқ карда буд сад халқ,
Бояд, ки қатра, қатра, қатра ба ҳам оем,
Боист ҷуръа, ҷуръа, ҷуръа ба ҳам оем,
Пора, пора, пора ба хам васл шавем,
Ҳалқа, ҳалқа, ҳалқа баста шавем.
Ва бенишониро
Бенишона кунем.

Ин ҳарфҳои сахт,
Ин мисраҳои бофтаи ман,
Ин ҷумлаҳои тофтаи ман
Тозиёнаи бедорист!

Воқеан, устод Тоҳир марде фариштахӯ буданд ва мисли фариштa аз дунё рафтанд:

Ай миллати аламзадаи дилхароби мо,
Ороми туст, матлаб аз ин изтироби мо.
Гар дар раҳи наҷоти ту мурдем, баъди марг
Ёди ғами ту меравад аз туроби мо.

Ойниҳол БОБОНАЗАРОВА,
узви раёсати Ҳизби Демократи Тоҷикистон

– Устод Тоҳири Абдуҷаббор як шахсияте буд, ки роҳи мушаххаси худро дошт. Вай бо симои хеле зебои тоҷиконааш мисли кӯҳҳои Тоҷикистон ботамкин буд. Ман кам одамонеро дидаам, ки мисли ӯ дар ҳалли мушкилот талош карда бошанд. Вай дар ҳолатҳои мушкил ва ташаннуҷ ҳамеша кӯшиш мекард, ки тарафҳоро ба ҳам наздик кунад, ихтилофро бо роҳи сӯҳбат ва гуфтушунид ҳал кунад. Ҳангоме ки устод Тоҳир аз сӯҳбате ба қаҳр меомад, фақат ҳамин қадар мегуфт, ки «Аз барои Худо, бас кунед!», сухани сахте, ки барои дигарон мегуфт, ҳамин буд.

Рафтору гуфтор, одобу ахлоқи Тоҳири Абдуҷаббор худ намунаи олии як интелегент аст, ки мо ин намунаро дар ҷойи дигар бояд наҷӯем.

Даҳсолаҳо мегузарад, то мо мардуми тоҷик ба қадри ин нобиғаҳо мерасем. Хеле афсӯс мехӯрам, ки мо дар замони зиндагиаш натавонистем барои ӯ кори арзишманде бикунем, агарчи ӯ аз мо қоре ҳам намехост. Чанд бор дар Бишкек бо ӯ мулоқот кардам. Ҳангоми сӯҳбат агар касе мехост ҳукуматро танқид ё бадгӯйӣ кунад, фавран садо мебароварда: «Аз баҳри Худо бас кунед, биёед дар масъалаҳои муҳимтар сӯҳбат кунем». Ҳамеша даъват мекард, ки бо ҳукумат муросо кунед, барномаҳое бисозед, ки зиндагии мардум беҳтар шавад. Тоҳири Абдуҷаббор, воқеан як марди донишманди воло ва пеш аз ҳам инсон буд. Хеле кам сухан мегуфт, вале ҳар суханаш як ҷаҳон маънӣ дошт.

Ман хеле афсӯс мехӯрам, ки садо ва симои ҳукмат дар бораи Тоҳири Абдуҷаббор чизе пахш накарданд. Ман фикр мекунам, ки ҳукуматдорон бояд имрӯз ин ҷо меомаданд ва аз ин шахсият қадрдонӣ мекарданд.

Тоҳири Абдуҷаббор дар ёди хелеҳо ҳамчун Устод боқӣ мемонад. Рӯҳаш шод бод!

Мирзошоҳи Акобир – узви раёсати Растохез, Сотир Аминов ва шоири номдор Зиё Абдулло дар маросими ёдбуди устод Тоҳири Абдуҷаббор, 25 апрели 2009.

Мирзошоҳи АКОБИР,
Узви раёсати ҶМТ –
Созмони Растохез



– Агар дар Тоҷикистон касе аз ҳама бештар барои ба истиқлол расидани кишвари мо саҳм дошта бошад, устод Тоҳири Абдуҷаббор аст. Мо дигар касеро мисли ӯ дар ин роҳ муборизи якрӯ, собитқадам, донишманд, Меҳанпараст ва дилсӯз ёд надорем. Касони дигар ҳам гоҳе худро муборизи фаъол дар роҳи барқарории истиқлоли кишвар нишон доданӣ мешаванд, вале онҳо дар сояи тануманди дарахти муборизаи Тоҳири Абдуҷаббор нопадиданд.

Интихоби қотеъонаи роҳи мубориза, бо дарки пешомади нохушоянд ва гирифторӣ, сарбаландона ба ин ҷабҳа ворид шуда ва то охир якрангу якмаром мубориза кардан танҳо дар мисоли пайкори устод Тоҳири Абдуҷаббор дида мешаваду бас. Ин ҳама гӯёи шахсияти боҳушу донишманд, дур аз ҳама гуна ғаразу манфиатхоҳӣ аз заковати устод Абдуҷаббор шаҳодат медиҳад.

Даргузашти устод андӯҳи гаронест барои муборизони роҳи адолату пешрафти кишвар!

Шаҳрия АҲТАМЗОД,
шоир

– Ёдам меояд, солҳои 90-уми садаи гузашта буд. Мо бо Ирону Афғонистон роҳе надоштем ва намедонистем, чи тавр бо ҳамзабонони худ роҳи дӯстиву мулоқот пайдо кунем. Ва дар ин миён устод Тоҳири Абдуҷаббор дар саҳнаи зиндагии кишвари мо пайдо шуданд, ки дар бораи ҳамзабонои мо ва дар бораи ҳама чиз хеле маълумоти фаровон доштанд. Аз ҳам муҳимаш ин буд, ки ӯ бо забони ширину гуворо ва лаҳни зебои форсии тоҷикӣ хеле устодона сӯҳбат мекарданд, ки ҳамаи моро ба сӯи кашида буданд. Ҳар кадоми мо кӯшиш мекардем, ки бо ӯ наздик бошем ва сӯҳбаташонро аз наздик бишнавем. Мо чанд тан аз шоирони ҷавони он замон аз Искандари Хатлонӣ (Рӯҳаш шод бод!) хоҳиш кардем, ки мехоҳем бо Тоҳири Абдуҷаббор нишасте дошта бошем. Ин сӯҳбат муяссар шуд ва мо гуфтем:

– Устод, мо мехоҳем, ки Шумо сӯҳбат кунед ва мо бишнавем. Ва ун кас гуфтанд, ки охир шумо бояд сӯҳбат кунед, ки шоиред.

Устод Тоҳир хеле боадабона, тоҷикона, бо лафзи ширин ва шеваи рангин сӯҳбат мекарданд ва мо аз сӯҳбаташон ҳаловат мебурдем. Ҳама ҳавои сӯҳбати ҳалвоии ӯро доштем.

Баъдтар донистам, ки устод донишманди бузурги иқтисод ҳастанд

ва медидам, ки зиндагӣ ва шахсияти эшон муродифи қаҳрамони шеърам буд, муродифи дӯст доштан буд. Ӯ орзӯи шеъри ман муродифи васли се кишвари ҳамзабон Ирону Афғонистону Тоҷикистон буд, ки дар шеърам васф мекардам.

Устод Тоҳир арзишҳои рӯҳониву маънавиро бештар аз дигарон арҷ мегузошт. Мо ифтихори милливу ватанодориро ба сурати дуруст аз ӯ омӯхтаем. Ба қавли Ҳофизи азиз:

Ҳаргиз намирад он, ки дилаш зинда шуд ба ишқ,
Сабт аст дар ҷаридаи олам давоми мо.

Рӯҳашон шоду ҷояшон ҷаннат бошад!

Мирзо НАСРИДДИН,
нависанда



– Устод Тоҳири Абдуҷаббор ягона шахсе буданд, ки аз рӯи дониши худ сухан мекарданд, дар ҳоле ки бештаринҳо ҳанӯз ҳам сухан гуфтанро наомӯхтаанд. Ҳангоме ки устод дар порлумон Эъломияи истиқлолиятро пешниҳод кард, касе ба ҷонибдории ӯ овоз надод, чунки мардум он вақт ба дарки истиқлолият нарасида буд. Акнун мо фаҳмидем, ки Итиқлолият чи будааст. Ман мехоҳам бигӯям, ки бубинед, устод Тоҳир аз мо мардуми кишвар чи қадар пеш рафта будаанд.

Имрӯз, ки беҳтарин гули сари сабади кишвар дар ин ҷо ба поси хотири ин абармард ҷамъ омадааст, худ гувоҳи садоқати мардум ба устод Тоҳири Абдуҷаббор аст. Рӯҳашон шод, ҷояшон ҷаннат бод!

Тоҷинисо АЗИЗОВА,
узви раёсати ҶМТ – Созмони Растохез

– Тоҷикистон бо даргузашти Тоҳири Абдуҷаббор талафоти бузурге дод. Зеро ӯ барои ба даст овардани истиқлолияти Тоҷикистон бештар аз дигарон талошу мубориза кардааст. Ӯ касе буд, ки пеш аз ҳама масъалаи ташкили пули миллӣ, артиши миллӣ, марзу буми озоди ин миллатро пешниҳод карда буд. Ҳоло ки ин оромонҳои воло бештараш дар ҳукми амал ҳастанд, мо бояд аз рӯҳи поки устод Тоҳир миннатдор бошем.

Устод Тоҳир ҳамеша аз фазои истиқлоли кишвар ва марзу буми озоди он бо ифтихор сухан мегуфтанд. Воқеан, ин ҳамон фазову ҳавое буд, ки ӯ солҳои пеш дар ҷаласаву нишастҳои зиёди ҳукумат ва порлумон пешниҳод мекарданд, вале анқариб ҳама ба ин гуна пешниҳодоти ӯ мухолифат мекарданд. Имрӯз бештарин ормонҳои Тоҳири Абдуҷаббор рӯи коранд ва онҳое ҳам, ки ба ин пешниҳодот мухолиф будунд, аз неъмати

Истиқлол ва аз озодии Тоҷикистон самаранок баҳра мебаранд.

Устод Тоҳир пеш аз ҳама як устоди бузурги иқтисоддон буданд ва дар роҳи ислоҳоти иқтисодии кишвар хеле кӯшиш мекарданд. Ӯ буд, ки аввалин бор барномаи ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистонро таҳия кард.

Рӯҳаш шоду манзили охирататаш обод бод!

Нуриддини САЪДИДДИН,
Раиси созмони аввалияи Растохез дар ноҳияи Ашт



ШАФАҚЕ БУД, ХОМӮШ ШУДАН НАДОШТ

Мо, инсонҳо меоему меравем. Баъд аз сари мо низ меоянду мераванд. Косаи давр ҳама вақт ҳамин тавр гирдгардон аст. Аммо чунон бояд зист, ки аз хеш нақши некӯ гузорӣ, дилеро дарёбӣ, уфтодаеро такягоҳ бошӣ, ба халқу миллати хеш содиқона хизмат намоӣ. Қадру қиммат ва манзалати инсон ҳам дар ҳаёт дар ҳамин аст.

Чун сухан аз шахсияти нотакрор, фарзанди барӯманди миллат Тоҳири Абдуҷаббор меравад, месазад номи ӯро бо як ифтихори бузурги ватандӯстӣ ва инсоншиносӣ ёдоварӣ кард. Оре, ӯ инсоне буд комил, инсоне буд некирода, инсоне буд ҷасоратпешаву ҷонсӯзи миллат. Вай аз зумраи ҳамон зиёиёни рӯшанфикру равшанзамире буд, ки дар солҳои Бозсозии горбачёвӣ ва минбаъд дар даврони истиқлолияти Тоҷикистон барои тантанаи ҳақиқату адолат талош меварзид, мубориза мебурд, то ин, ки Тоҷикистонро чун ҷумҳурии шукуфону мардумашро осудаҳол бубинад.

Тоҳири Абдуҷабборро вусъати ҳаракати демокративу ошкорбаёнӣ ба маҷрои сиёсӣ, ба майдони ҷаҳду талошҳои беқиёс ворид намуд. Маҳз дар ҳамин давраи шиддатёбии муборизаҳои сиёсӣ ӯ бо дӯстонаш ба Созмони Мардумии Растохез бунёд гузошт, ки ҳадафаш ба даст овардани истиқлолияти кишвар, таъмини озодиву демократия, беҳбуди зиндагии мардуми Тоҷикистон буд. Ӯ дар ҷараёни муборизаҳои сиёсӣ обутоб ёфт ва ҳамчун як фарди пешқадами ҷасур ба сафи пеши сангари муборизаи истиқлолхоҳӣ баромад.

Пас аз интихоб шудани Тоҳири Абдуҷаббор ба вакилии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ҷамъиятиву сиёсии ӯ хеле густариш ёфт ва дар байни халқ маҳбубияти зиёде пайдо намуд. Ӯ дар ҳар баромаду суханрониҳояш дар ҷаласаҳои Шӯрои Олӣ ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳими иқтисодӣ ва иҷтимоиро ба миён мегузошт, ки дар пешрафт ва шукуфоии Тоҷикистон, тантанаи демократия, ошкорбаёнӣ, баланд бардоштани маърифати мардум, беҳтар намудани тарзи идороти давлатӣ ба аҳамияти калон молик буданд.

Тоҳири Абдуҷаббор барои дигаргунсозиҳои ҳаёти ҷомеа котеъона мубориза мебурд ва барои раҳоӣ аз мушкилоти пеши рӯ барномаҳои хеле муҳимм арза мекард. Вале мақомдорони дур аз дарки ин мушкилот ва дар банди ҷоҳу мансаб ба ин андешаву барномаҳои ватандӯстонаву донишмандонаи вай ҷоҳилона мухолифат мекарданд. Ӯ наздик шудани бесарусомониҳо бар асари ихтилофи назарҳо ва камбудиву норасоиҳои ҷойдоштаро дарк мекард ва худро ба маҷрои муборизаҳо мезад, то андаке ҳам бошад дар боло бурдани маърифат, ки асоси пешгирӣ аз мушкилот аст, саҳме бигирад.

Тоҳири Абдуҷаббор шоҳиди вокеаҳои фочеабору хунини Баҳманмоҳи соли 1990 буд. Пас аз он ки мардуми кишвар ба ду майдони муборизаи ба ҳам зид таксим шуданд, хамеша аз оқибати фоҷиабори ин вокеа хушдор медод. Таҳдиди ошкори ин раванди шумро ба тақдири миллат ҳис мекард ва ҳамеша ҳаммаслаконашро маслиҳат медод, ки сабру таҳаммулро пеша кунанд ва ба ақли солим такя намоянд.

Ҷанги шахрвандӣ пеш аз ҳама ба зиндагиву муборизаи ӯ зарбаи ҳалокатовар зад. Дар оғози ҷанг муборизаи чандинсолаи равшанфикрони тоҷик барои истиқлолият ва харакати демократӣ, ки дар сари он устод Тоҳири Абдуҷаббор меистод, миёншикан шуд. Мардони баору номуси миллат, ки тайи солҳо дар муборизаҳои пинҳону ошкор тарбия шуда ва ба як нерӯи солоре табдил шуда буданд, бо ҳидояти манфиатҷӯёни бегона ва ба дасти одамони худӣ мавриди куштору ғорат, кундаву зиндон қарор гирифта, бештаринашон Ватанро тарк карданд.

Вай аз мухолифони сарсахти идомаи ҷанги шахрвандӣ ва таксими мансаб буд. Дар чанд мулоқоту музокироте, ки миёни тарафҳои даргири Тоҷикистон ширкат карда буд, хамеша қотеъона поён бахшидани мухолифат, ҳарчи зудтар ба Ватан бозовардани паноҳандагон ва бидуни қайду шарт имзо кардани Созишномаи сулҳро талаб мекард, ки ба ҳамин сабаб дар миёни тарафҳо мавқеи танҳоиву бетарафиро ишғол кардааст. Вале вай дар ин марҳилаи мубориза, ки амалиёти мусаллаҳона дошт, боз ҳам қотеъона канор рафт ва ба ҳеч яке аз тарафҳо ҳамроҳ нашуд. Аммо устод имзои Созишномаи истиқрори сулҳро дар 27.06.1997 дар шахри Маскав "осоише барои мардум" хонда буд.

Дар он солҳои пурфоҷиа барои Тоҳири Абдуҷаббор барин марди рӯшанфикр, донишманди беназири иқтисод, фалсафа, устоди соҳаи ҷомеашиносӣ ва фарҳанг, ки барои гурӯхе аз мардум "душман" шуда буд, хеле душвору гарон буд. Бузургиаш дар он буд, ки ҳама мушкилотро бо таҳаммули ба худ хос пушти сар мекард.

Рӯзгори беаҳд ва зиндагии бераҳм ҳам ба ӯ бевафоӣ кард. Дар айёми ҷӯшу хурӯши зиндагиаш ба ҳаёт падруд гуфт. Вай дар дил орзӯҳои зиёде дошт аммо... Ёд дорам, дар солҳои 1988-89, вақте ки дар кишвар лоиҳаи Қонуни забон муҳокима мешуд, Тоҳири Абдуҷаббор ба унвони яке аз ташаббускорони мақоми давлатӣ гирифтани забони форсии тоҷикӣ хеле серкору серташвиш шуда буд. Вай дар баробари эҷоди мақолаҳои пуразриш бо гурӯҳҳои мухталифи ҷомеа дар бораи роҳҳои расидан ба истиклол ва мақоми давлатӣ касбкардани забони миллат мулоқоту сӯҳбатҳои судманде барпо мекард.

Устод Тоҳири Абдуҷаббор дорои хислатҳои наҷиби инсонӣ, марди

оқил, донишманди беназир ва сиёсатмадори коршиносе буд. Ба хусус, барои мо дӯстонаш мусаллам аст, ки вай як шахсияти нотакрор, хоксору фурӯтане буд ва ба хусус дар қаринаи муошират хислатҳои волое дошт. Дар сӯҳбатҳои илмӣ бо далелҳои ҷиддии мантиқӣ сухан мегуфт, аммо дар ҳалқаи ёру дӯстон, бо ахлоқу тамкини хоси худ ва дурандешона сӯҳбат мекард. Ман ҳеҷ гоҳ надида будам, ки ӯ касеро озор додав а ё шахсияти касеро паст зада бошад. Вай одатан ҳамсӯҳбатонашро ба сабру таҳаммул даъват мекард, аз дидаву шунидаҳояш аз мизони ақлу заковат хулоса мебароварда.

Зуд-зуд ба зодгоҳи азизаш Ашти бостонӣ меомад. Мо дӯстонаш медонистем, ки дар чанд соли охир дар Донишгоҳи улуми инсонии Қирғизистон дарс мегуфт. Ҳамдиёрони мо, ки аз Қирғизистон меомаданд, мегуфтанд, ки ӯ дар миёни шогирдону ҳамкасбонаш чун устоди донишманд, ғамхору меҳрубон ба ҳурмату эҳтироми хосе қадрдонӣ мешавад. Вай ҳамеша аз истиқлоли кишвар бо хотири болида ва қаноатмандӣ сухан мегуфт. Тоҳири Абдуҷаббор, ҳарчанд ки чанд соли охир дар мусофират мезист, вале бо ёди ватани азизаш нафас мекашид. Ҳамеша аз дигаргунсозиҳои даврони Истиқлолият, торафт обрӯ ва нуфуз пайдо кардани Тоҷикистон дар арсаи байналхалқӣ сӯҳбат мекард.

Устод Тоҳири Абдуҷаббор бо зану фарзанду наберагонаш, Хуҷанд, соли 2005.

Ҳангоми бемориаш мо, дӯстонаш зуд-зуд ба аёдаташ мерафтем. Ҳарчанд бемориаш хурӯҷ мекард, вале рӯҳи шикастнопазираш ӯро сарбаланду зиндадил нишон медод. Ба назар мерасид, ки ҳатто марг ҳам рӯҳи ӯро мутеъ карда наметавонад...

Бале, Тоҳири Абдуҷаббор ба ҳаёт мардонавор омад ва ба он мардонавор падруд гуфт. Ба гуфтаи шоир:

Зиндаву ҷовид монд, ҳар кӣ накӯном зист,
К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.

Хотираи дурахшони ӯ дар дилу дидаи фарзандону пайвандон, ҳамкорону ҳаммаслаконаш, ҳамаи онҳое, ки вайро аз наздик мешинохтанд ва чун яке аз шахсиятҳои барҷаста эътирофаш мекарданд, абадӣ нақш хоҳад баст. Номи Тоҳири Абдуҷаббор ҳамсанги Истиқлоли Тоҷикистон аст.

Мо, мардуми ноҳияи Ашт бо номи неку кори неки ин фарзанди барӯманди диёрамон ифтихор мекунем. Ҷасорати Тоҳири Абдуҷаббор шафақеро мемонд, ки ҳеҷ хомӯш шудан надошт. Ӯ ҳам дар сухан ва ҳам дар амал марди ҷасуре буд, дунёи маърифаташ ба як дунёи пурғановат мемонд. Шояд чандин солҳо мегузарад, ки боз модари тоҷик мисли ӯ фарзандони баору номус, фазилатпешаву дурандешро таваллуд кунад.

Ҷамолиддини ***МУСАМИР,***
иқтисодчӣ

ДАР СӮГИ ФАРЗАНДИ СУЛОЛАИ ҒУРУР

Ман, ки анқариб 20 сол мешавад ба рӯзномае чизе нанавиштаам, бароям хеле душвор аст овардани чанд сатре болои вараки сафеди мисли дили софу поку беолоиши фарзонамарди озодандештарини миллат – Сармеъмори истиқлолияти Тоҷикистони азиз устод Тоҳири Абдуҷаббор.

Вале, имрӯз нанавишта натавонистам, чунки субҳи имрӯз, яъне 22.04.2009 аз тариқи бахши тоҷикии радиои «Озодӣ» хабари марги бармаҳали ин Инсони Шарифро шунидам, сахт такон хӯрдам ва ду маротиба, ҳангоме ки назди тиреза машғули ришгирӣ ва омодаи ба кор рафтан будам, хеле талх ва дарунокӣ бесадо гиристам, ҳамон гуна ки мардон мегиранд. Ин ҳангом ҳамсарам, ки ранҷур аст ва бо дасти ҷароҳатдор ва гаҷбаста болои рахт рӯяш сӯйи девор мехобид, бо ман сӯҳбат дошту суолҳое медод ва дигар ҷавобе намешунид (чунки дигар маҷоли суҳан гуфтан надоштам), ҳоли маро бо чашмони пуроб дида бо таҳайюр гуфт: «Барои Тоҳири Абдуҷаббор гиристӣ?» Бо душворӣ ҳамоно, ки маҷоли ҳарфе ба даҳан овардан надоштам, бо овози гиряолуд ва дардолуд, гуфтам: «Оре. Дар сӯгвории чунин абармард (бо истилоҳи бародарам Раҳматкарими Давлат «Фарзанди сулолаи ғурур»), ки тамоми буду шуд ва ҳаёту мамоташро барои имрӯзу фардои ин миллати ҷафокашида қурбон кард (ҳақиқат ҳамин аст), месазад ҳар нафаре, ки хуни тоҷикӣ дар шараёнаш ҷорист ва нангу номусу ғурури тоҷикӣ дорад, бояд беихтиёр бигиряд, тамоми миллат бигиряд ва мотам бигирад. Чунки вазнинии ин талафоти бузурги миллатро танҳо чунин касон метавонанд дарк кунанд, на соҳибмақомони мансабталош.

Мутаассифона, аксари мардуме, ки ҳанӯз ҳам дар хоби ғафлатанд ва гаронии ин талафоти бузурги миллатро дарк накардаанд (аслан, айби мардум ҳам нест, чунки зимомдорони вақт бо мудирияти ноӯҳдабароёна ва то ҷое хиёнаткорона бо бештар кардани мушкили рӯзгор мардумро ғофил аз дарки маънавиёт кардаанд). Ин сатрҳоро пушти компутар ҳангоме менависам, ки соат аз 10-и шаб убур кардаву ҳанӯз ҳам ба худ наомадаам, агарчи медонам дар хона фарзандонам ва нахустнабераи дӯстрӯякам бозгашти маро бесаброна интизоранд. Вичдонам ва арвоҳи поки ин озодмард нагузоштам, ки фориғ аз кор ин сӯгномаро нанигошта хона биравам. Рӯҳаш шоду манзили охираташ обод бод устодро. Номаш бо гуфтору рафтораш тавъам буду пок буду пок рафт. Ёдаш ба хайр!

Бо камоли эътиқод ва эҳтиром,
22 апрели соли 2009, соати 22-30.



Саёфи МИЗРОБ,
журналист

БА ҶОИ ТАЪЗИЯ...
Рӯҳи Тоҳири Абдуҷабборро наранҷонед!!!

Бадтарин чизе, ки барои Тоҳири Абдуҷаббор буд, дурӯягӣ ва фурӯмоягӣ буд. Чаро аз ин шурӯъ кардам? Зеро он фардҳое, ки устод Тоҳирро фурӯхта буданд, аз сари тарс, тоҷикона, ноҷавонмардона ва ғуломтабиатона... имрӯз гирди номи Тоҳири фавтида ғул-ғула меафгананд. Пештоз хоҳам навишт, ки ҳич гоҳ шогирд ва пайрави устод набудаам, то мудаийин гумон набаранд, ки матлабе бар сапедкунии ҳуд хоҳам навишт: Худо нишон надиҳад! Ҳарчанд бо Устод риштаи рафоқат дошта, вале дӯст ва пайраваш набудам. Агар ман пайгири Тоҳир мебудам, ба устод содиқ мемондам; амсоли Раҳматкарими Давлат, Аҳмадшоҳи Комил... Воқеан ин 2 аз нафароне буданд, ки то лаҳзаи охир дар канори устодашон буданд, ки ҳалолашон бод! Инҳо буданд, ки Устод даме табассум бар лаб дошту дар Ватан ҳудро замонаке бегона эҳсос намекард; ҳарчанд бехона буд! Дигар шогирду ҳамфикрони устод, ки бархе ҷомаи вазирӣ ба бар дошту бархи дигар бизнесу тиҷорат аз Ӯ бурида буданд. Танҳо як тани дигар Ҷумъахони Алимӣ, ҷавонтарин доктори илм ва камбизоаттарин фард дар Кӯлоби бостонӣ, ҳатто дар лаҳзаҳои хатарзо, ки Растохезиён "ростахезчӣ" ва "вовчик" буданд, борҳо дар сӯҳбат бо ман, аз тариқи радиои "Озодӣ" аз устод ва ибтикороту ормонҳои одилонаи тоҷикиаш Ӯ ҳифз мекард ва ҳудро намояндаи ҷумбиши мардумии Растохез дар Кӯлоб мехонд; дар соли 1998-2000!!!

Чаро "Озодӣ" гуфтем? Имрӯз ин радио аз Устод дар сайтҳои ҳуд пайкара мегузорад; бо доду воҳу аҳу вах аз Ӯ ёд мекунад. Ва ин доду фарёд шахсан ба ман, ҳамчун шоҳиди як моҷарои радиои "Озодӣ" бо Устод басе сахт мерасад, ки дигар бачаҳои "Озодӣ", агар бачаанд, бояд дар хотир дошта бошанд: Дар хотир ҳатман бояд дошта бошанд, ки вакте ҳуқуқҳои Устод дар ин расона поймол шуд ва иронихои фурӯхташудаи "Озодӣ", ки сари тоҷикони бахши гуфторҳои тоҷикии ин радио ҳукмронӣ доштанд, Тоҳири Абдуҷаборро хор намуданд, "кидат" карданд, ишон хомӯш буданд: Ҳама! Агар марданд, бигзор посух гӯянд, ки чунин набуд...

Тоҳири Абдуҷаборро маҳз радиои "Озодӣ" аз Бишкек – ватани дувумаш ба Тоҷикистон хонд ва ӯро ба ҳайси коршинос-эксперт ба кор

фаро гирифт. Барои шарҳи гузоришоти ин расона Устод бояд маблағи ночизе мегирифт; агар бигирем, ки Ӯ, чуноне ки "Озодӣ" мегӯяд ягонаи офоқ ва бузургтарин сиёсатмард буд (шахсан ман бар ин гуфта бар боварам!), маблағи пардохтаи "Озодӣ" "мизер" буд. Агар хато накунам, барои ҳар шарҳ ҳудуди $10-15. Устод рӯзе то бар 2-3 гузориши хоми мо ташреҳи сиёсӣ мегуфт, ки обурӯи "Озодӣ" бар осмон дакка мехӯрд. Устод воқеан универсал буданд ва дар ҳар мавзӯъ ташреҳи ноб мегуфтанд. Аммо, то ҷое ман дар хотир дорам, ягон гуфтаи Устод зидди ормонҳои миллӣ набуд. Баракс, Ӯ кӯшиш мекард, ки бо ҳар ташреҳи воқеан беназири худ аз манофеи миллаташ пуштибон бошад. Ва шояд ҳамин миллатпарастии Устод ба раҳбарияти вақти ин расона хуш наомад. Ба ҳамин тартиб, як хонумаки ирониӣ, бо исми Турфе, турфа коре кард, ки ба Устод дар тӯли 3 мох 28 сомонӣ(?!?!) гонорар ҷудо намуд.

Устод, ки сахт ба пул ниёз дошт, бо ҳамон ғурури бикри худ, он пулро нагирифт ва аз Радиои "Озодӣ" бадар рафт…

Шахсан ман ва Раҳматкарим Давлат талошҳо кардем, ки ҳаққи Устодро "Озодӣ" бидиҳад. Вале куҷо! Турфе бо лагандбардорони худ, ки сафашон басе бештар буд, ба Устод пайсае надоданд (мутмаинан пуштибонҳои тоҷикаки ҳаррангаи ин хонумак ҳатман аз тариқи Инет аз Аврупо ба ман посух хоҳанд гуфт: ин посухҳоро хонед ва лагандбардоронро шиносед!!!). Журналистони "Озодӣ" ҳама хомӯш буданд: Ин хомӯширо ман дар тӯли 12 соли кор дар ин расона садҳо бор мушоҳида кардаам. Вале фикри хоме доштам, ки ҳадди ниҳоӣ ин хомӯшии ғуломонаи мо дар баробари ҳуқуқҳои фарде ҳамчун Тоҳири Абдуҷаббор мешиканад: Нашикаст! …Устодро шикастем. Сахт. Маънан. Зеро Ӯ аз бачаҳои Прага умеди бештар дошт, ки худи ишон сазоворанд! Онҳое, ки имрӯз дар ин расона фаолият доранду худро нофи замин ва гули миллат мешуморанд, хомӯштар аз дигарон буданд. Зеро ҳаросу тарс аз як хонумаки ирониӣ доштанд. Хулласи калом, ба ин кормандони Радиои Озодӣ намезебад, ки имрӯз думболаи ҷанозаи Устод Тоҳири Абдуҷаббор ҳангома хезондаву бар имиҷи худ замм кунанд. Ҳадди аққалл, ҳамкорони гиромӣ пеши виждони худ шарм кунед, чун аз миллату Худо шарм намедоред.

Хонандаи гиромӣ! Ҳар чизе, ки дар ин радио перомуни зиндагиномаи Устод менависанд, агар мутааллиқ ба қалами Раҳматкарим аст, хонед. Хонед, ки ӯ бар Ӯ содиқ буд. Ман шахсан бо Раҳматкарим дӯст нестам; душман ҳам нестам: Тем более ҳамшахрӣ нестам! Вале ҳақиқатро бояд гуфт, охир! Дигар матлаберо дар бораи Устод аз сомонаи ин радио нахонед. Нахонед, ки рӯҳи Устод озурда мешавад; на танҳо аз онҳое, ки Ӯро ранҷонида буданд ва мубтало ба умқи бенавоӣ намуданд – яъне кормандони масъули Радиои Озодӣ, ки ҳам аз шумо – хонандагони гиромӣ, ки пас аз мутолиаи ин сутур аз моҷаро огаҳ шудед…Ба як тартибе "Озодӣ" ҳам Устодро кушта буд: маънан ва бебозгашт…

Рӯҳат шод бод Устод! Ин ягона матлабе буд, ки барои осудагии рӯҳат ин ҷо нигоштаам. Худо раҳматат кунад, ки бас бузург марде будӣ:

Фишонад гӯркан гар хок бар сар,
Зи мотам нест, дорад дарди дигар!

Раҷаби МИРЗО,
журналист

«МАРО ФУРӮХТАН МУМКИН, АММО ХАРИДАН ИМКОН НАДОРАД!»

Ин принсипро баъди Тоҳири Абдуҷаббор кӣ идома хоҳад дод?

Ба Маликшо Неъматов – раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Тоҷикистон ҳарфҳои гуфтаи ман дар матлаби ҳафтаи гузашта сахт расидааст. Он қадар сахт, ки дар анҷумани ахири Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон дар пеши яксаду чанд ҷавони ҷамъовардааш ман ва ман барин ҳоро «кӯрдилу нотавонбин» хонда, боз ҳам мисли қартаи соли 2004 гуфтааст, ки моро кадом як созмонҳо маблағгузорӣ мекунанду ҳадафамон нооромии ҷамъият аст. Ҳарфҳои шинос аз як одами на он қадар шинос.

Аслан ман ба ин бовар ҳастам, ки ҷавононе, ки ба мансабҳои ҳукуматӣ раҳ меёбанд, ба ғайр аз вазифаву рисолате, ки дар назди онҳо мегузоранд, ҳамчунин муваззафанд барои ҷомеа маълум намоянд: онҳо мисли мансабдорони собиқ андеша ва амал намекунанд. Яъне онҳо принсипҳое доранд, ки ба ҳеҷ чиз иваз карданашон мумкин нест. Ин принсипҳо бояд бозгӯи ҷаҳони имрӯз бошанд.

Аммо… Маликшо Неъматов чанд вақти охир дар мағзи ҷавонон андешаеро бор карданист, ки аз пушти «онҳое, ки нони хӯрдан надоранд», нараванд.

Ман дар муқобили ин мегӯям: дар кишваре, ки ҳазорон мушкил дорад, бо либосҳои фохиру мошинҳои гароннарх гаштани одамони бовиҷдон, хосатан агар онҳо мансабдори давлатӣ бошанд, аламовар, ҳатто нангин аст. Барои ин мисол ҳам овардам аз натиҷаҳои аудити Бонки миллӣ дар замони раёсати Муродалӣ Алмардон, ки боиси гуфтугузори чиддӣ дар дохилу хориҷи кишвар шудааст. Мисоли дигар аз замони раҳбарии Оятулло Хумайнӣ дар Эрон аст, ки вақте барояш кондитсионер тӯҳфа меоранд, ӯ рад карда мегӯяд, вақте чунин асбобро дар хонааш раҳ хоҳад дод, агар шаҳрванди қатории кишвараш чунин асбобро соҳиб гардад. Вале дар Тоҷикистон баъзеҳо танҳо онҳоеро муваффақу ватандӯст медонанд, ки «нони хӯрдан доранд».

Соли 1991, вақте Давлат Худоназаров номзадиашро ба президентӣ гузошт, ба ӯ таъна заданд: одаме, ки худ хона надорад, чӣ гуна метавонад Тоҷикистонро соҳибӣ кунад?

Соли 2005 ман ҳам, вақте барои пешбарии номзадиам ба вакилии Маҷлиси намояндагон эъломияи тақрибан холии молу амволамро ба ҳавзаи интихоботӣ пешниҳод намудам, ба он бо шубҳа назар карданд: мумкин нест бо ин шӯҳрати доштааш чунин бенаво бошад ва эъломияро хеле мавриди бозпурсӣ ҳам қарор доданд.

Хулоса, дар Тоҷикистон бовар надоранд, ки одамоне ҳам ҳастанд тамоми имконоти доштаашонро барои рисолати худ сарф мекунанд. Барои онҳо сарвату дороӣ муҳим нест. Вале хеле кам мепурсанд, ки масалан фалонӣ чаро дар як муддати кӯтоҳ хеле сарватманд шуд? Ва ҳам чаро мансабдорони тоҷик розӣ намешаванд маълумоти эъломияи дороии худро барои ҷомеа пешниҳод кунанд?

Прокурори генералӣ як бор намедонам, бо шӯхӣ гуфта буд, ё ҷиддӣ, ки чунин ҳолат метавонад барои дуздону ғоратгарон раҳ кушояд...

Дар банди ин андеша ва баррасии он будам, ки чаро Маликшо Неъматов ахиран ба қароре омад, ки мушкилоти соҳаашро дар танҳоӣ наметавонад ҳал бикунад ва писари калонии Эмомалӣ Раҳмонро дар Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон барои худ муовин намуд, ки шумхабаре расид: Устод Тоҳири Абдуҷаббор даргузаштааст!

Ростӣ, барои ман доиман Устод Тоҳир намунаи он «бенавоҳое» буду ҳаст, ки ба гардани на ҳамаи «номуваффақҳо» таънаи бисёр задан мумкин аст. Оё кӣ метавонад сатҳи саводу ҷаҳонбинии Ӯро бо дилхоҳ вазири феълии тоҷик баробар донад? Оё Ӯ наметавонист, агар ҳадаф зиндагии шахсиаш буд, онро бароварда созад? Оё Ӯ наметавонист аз ҳисоби «сифоизаҳо» мансаб бигираду дороӣ ҷамъ биёварад?

Халифабобо Ҳомидов, Шарофиддин Имомов ва дигарон, ки замоне муовини раиси Созмони мардумии Растохез буданд, чаро тавонистанд ба мансабҳои давлатӣ бирасанду Тоҳири Абдуҷаббор не? Оё Ӯ аз онҳо ватани худро камтар дӯст медошт, ё ба он хизмат кардан намехост?

Як дӯсти ман, баъди натиҷаи аудити Бонки миллӣ гуфт, ман ҳам тайёрам ба ивази 800 миллион доллар Тоҷикистонро мисли онҳо дӯст дорам, агар меъёри ватандӯстӣ ҳамин аст...

Не! Устод Тоҳир шахси принсипиалӣ буд. Дар Тоҷикистон аз чунин одамон, ки ақидаи худро ба ҳеҷ ваҷҳ иваз намекунанд, сахт метарсанд! Вагарна оё медонед, ки мухолифати Устод бо роҳбарияти мухолифини собиқ сари ин буд, ки Ӯ намехост мухолифин дар музокироти сулҳ шарти мансаб гузоранд ва ошкор кунанд, ки ҳадафашон мансабхоҳист? Оё медонед, ки Ӯ дар замони Ҳукумати муросои миллӣ ҳам мансаб нагирифт? Оё медонед, ки Ӯ хонаашро фурӯхту пули онро барои Растохез сарф карду баъдан то дами марг бехонаву дар буд?

Шояд намедонед ва агар медонед, шояд бовар намекунед: наход одаме ҳам бошад, ки зиндагии худро қурбони зиндагии дигарон кардан мехоҳад!

Ин бадбахтист! Аслан одамоне ба самимияти дигарон бовар намекунанд, ки худ самимӣ нестанд. Бовар кунед, вагарна шумо ҳам самимиятро

аз даст хоҳед дод. Аммо самимӣ оне хоҳад буд, ки дар зиндагиаш арзишҳое дораду онҳоро ҳамеша ҳифз мекунад.

Тоҳири Абдуҷаббор бо сари баланд ва ғурури инсонӣ ин ҷаҳонро падруд гуфт. Рӯзи ҷанозааш ба даҳҳо нафаре, ки як вақт дар гирди Ӯ парвона буданд, занг задам, то маълум кунам, ки ба ҷанозаи Устод рафтаанд ё не?

Аз баъзеашон посухи манфӣ гирифтаму онҳоро ҳақорат кардам, баъзеи дигарашон тилфони худро набардоштанд. Аммо акнун аз ҳамкасбонам – аз нашрияҳои Тоҷикистон хоҳиш мекунам: аз ҳамаи онҳое, ки Устод Тоҳирро мешинохтанд, як бор пурсед: Ба ҷанозаи Тоҳири Абдуҷаббор рафта будед?

Ва сурати ҳамаи онҳоеро, ки дар ин маърака ширкат надоштанд, тахти унвони «Инҳо хиёнаткоранд!» чоп кунед. Онҳое, ки ба дӯстиву акида хиёнат мекунанд, ҳеҷ арзише надоранд. Бигузор шикамҳои дамидаву сарвати бисёре доранд!

Баъди ин, ҷавонони Тоҷикистон дар хулоса хато нахоҳанд кард: аз пушти кӣ бираванд ва аз пушти кӣ не!

*

Маннон МАХСУМОВ

МИЛЛАТ ЗАРШИНОС АСТ
Бояд институти фалсафа номи Тоҳири Абдуҷабборро гирад

Аз вафоти устод Тоҳири Абдуҷаббор тамоми мардуми Тоҷикистон ғамгину махзун шуданд.

Мо шахсеро аз даст додем, ки воқеан соҳиби пиндору гуфтору рафтори нек буд ва дар замираш ба ҷуз аз озодиву соҳибихтиёрии Тоҷикистон ва саодати миллат ҳадафи дигаре надошт. Андешаҳои озодихоҳӣ, худшиносию худогоҳӣ ва давлатсозии ӯ ҷовидона хоҳанд монд. Миллат дар ҳақиқат заршинос аст. Соли таърихии 2008 (Соли бузургдошти забони тоҷикӣ ва 1150 солагии устод Рӯдакӣ) нашрияи бонуфузи «Миллат» олими маъруф ва мутафаккири тоҷик Тоҳири Абдуҷабборро иқтисоддони беҳтарини соли 2008 эълон кард. Устод Тоҳир бӯҳрони иқтисодиро, ки имрӯз ҷаҳонро фаро гирифтааст, пешгӯӣ карда буд ва шояд роҳҳои беҳтару хубтари рафъи онро ҳам медонист…

Шоири ҷавони тоҷик Фазлиддин Собирзода менависад:

Чист Истиқлол? Дур аз бандагӣ,
Бар муроди хеш кардан зиндагӣ.
Ҳиммату номусу имон доштан,
Бо ҳунар, бо илм сар афроштан.

Афсӯс, ки мо неъмати худодод – Истиқлолиятро баъди таърихи 27.06.1997 дарк мекардагӣ шудем.

Дар масоили худшиносиву ватанхоҳӣ миллату халқҳои туркзабон байни худ мухолифат намекунанд. Барои онҳо Ватан, замин ва забонашон мукаддас аст. Бубинед чӣ тавр коммунистони асил – Сафармурод Ниёзов (Турк-манистон), Нурсултон Назарбоев (Қазоқистон), Ҳайдар Алиев (Озарбой-ҷон) ва Ислом Каримов (Узбакистон) кишварҳояшонро бо роҳи худого-хии миллӣ ба сӯйи рушду тараққиёт бурданд.

Аммо ҳамон солҳо дар порлумони Тоҷикистон бо пешниҳоди як тан коммунисти матинирода, ки имрӯз низ дар даст мандати вакилӣ дорад, устод Тоҳири Абдуҷабборро аз ҳуқуқи сухангӯйӣ, ки суханҳояш саршор аз дарду ормонҳои миллӣ буд, маҳрум сохта буданд.

Сарсупурдагони маънавии роҳи озодиву истиқлолият ҳеҷ гоҳ наме-миранд, онҳо дар дили миллат зинда мемонанд.

Барои абадӣ нигоҳ доштани хотираи неки инсони бузург, асосгузори ғояҳои озодию соҳибистиқлолии Тоҷикистон, бо дарки масъулияти ҳақиқати таърихи навини тоҷикон ва сипосгузории миллату давлат дар назди устод Тоҳири Абдуҷаббор ба Институти фалсафаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон номи ӯ дода шавад.

Шаҳри Истравшан

Гурӯҳе аз рӯшанфикрони тоҷик дар маросими ёдбуди Тоҳири Абдуҷаббор, 25 апрели 2009.

Ҳошими **ХОЛЗОДА,**
журналист,
шаҳри Машҳади Эрон

ҶАҲОНЕРО ДИГАРГУН КАРД ЯК МАРДИ ХУДОГОҲЕ

Ёдкарде аз Устод Тоҳири Абдуҷаббор дар чиҳилумин рӯзи даргузашти андӯҳборашон

МАРГУ ЗИНДАГИИ ТӮФОНӢ

Гузашти рӯзгор моро аз рӯзи марги Устод Тоҳири Абдуҷаббор дуртару дуртар мебарад. Шахсияти камназире, ки торихи миллати тоҷик номи ӯро ба унвони Меъмори истиқлол ва саромади ҷунбиши миллӣ-истиқлолталабии Тоҷикистон дар китоби заррини худ ҷой додааст. Мардуми Тоҷикистон ва дӯстону пайравон акнун осори Устод Тоҳирро аз вараҳҳои таърих меҷӯянд ва садои расояшро ба навори хотираҳо супурдаанд... Марги номбурда тӯфонӣ фаро расид, ҳамон тавре ки худи ӯ дар охири солҳои 80-уми қарни гузашта тӯфонӣ вориди майдони муборизаҳои истиқлолталабӣ ва озодихоҳӣ шуд ва ҳамон аём бо таъсиси Созмони Мардумии Растохез растахезу дигаргуние дар ҷаҳони андешаҳо ва муборизаҳои миллии тоҷикон падид овард. Тоҳири Абдуҷаббор хеле зуд бо садоқати рафтор, самимияти кирдор ва фасоҳати гуфтор дар саҳнаи рӯзгор ва дар миёни анбуҳи муддаиёни муборизаи миллӣ ҷойгоҳи вижа пайдо кард. Бо гузашти замон ин хайли анбуҳ ба далели сустии иродаҳо, тангии назарҳо ва носолимии ниятҳо парокандаву тунук шуд, аммо тоҳирон (покон)-е чун Тоҳири Абдуҷаббор ба ҳузури худ дар саҳнаи кору пайкор барои истиқлол ва ободии меҳан идома доданд. Дар ин саҳна боз ҳам Устод Тоҳир буд, ки ростқоматтару бошарофаттар ба чашм мехӯрд, чун ростиву шарафро бо мақому манфиати зудгузар иваз ва обрӯро бо оби чӯ баробар накард. Ӯ дар ин роҳи пур дардисар, вале пуршараф аз дасти замонаи каҷрафтор, ёрони сустниҳод ва бадхоҳони бадсигол сахтиҳои зиёде кашид, «калушдепутатҳо» монеъи суханрониҳояш аз тариқи микрофони маъруфи 6 мешуданд. Маҳбуси собиқадоре, ки бар асари

оташу хунбозиҳои соли 1992 мубаддал ба «қаҳрамон» шуда буд, аз минбари иҷлосияи 16-ум ноҷавонмардона таҳқираш намуд, Растохези созмондодаашро ибтидо аз дарун заъиф ва сипас мамнӯъ карданд, маҷбур ба тарки Ватан ва зиндагӣ дар ғурбат шуд, пас аз бозгашт ҳам дар пойтахт рӯзи хуше надошт ва то охири умр дар ин шаҳр иҷоранишин буд.

Оре, шахсияте, ки Эъломияи истиқлоли ҷумҳурии Тоҷикистонро иншо карда буд, дар пойтахти ин ҷумҳурии акнун соҳибистиқлол чунин ҳолу рӯзе дошт. Афсусу алам, ки ин Шаҳр бо калонҳояш, дар вопасин солҳои зиндагӣ барои Устод Тоҳири фарзона як сарпаноҳи беминнат ва рӯзгори беташвиш муҳайё накард то битавонад бо фароғи хотири бештар ва ба шакли бехинатар аз хираду таҷрубаи гаронбаҳои хеш дар хидмати ҷомеа бошад, аёми ҷонсӯзи беморӣ дар ин ҳама беморхона як кате барои дармонаш ҷудо накарданд ва пас аз марг ҳам як ваҷаб хоку як қаброро барои орамиданаш дар назар нагирифтанд... Шояд дар ҳар куҷои дунё ин гуна воқеияти талх, ки андешманди фарҳехтае чун Тоҳири Абдуҷаббор бо он рӯ ба рӯ буд, ғайри қобили қабул шуморида шавад, аммо на дар кишвари мо ва на барои бисёре аз мо ва раҳбаронамон…

Ӯ ХУД БА ТАНҲОӢ ЯК МИЛЛАТ БУД...

Ҳамон тавре аксари ҳамсафон ва ҳаводорон дар хотирот ва сугномаҳои худ таи ду моҳи охир гӯшзад кардаанд, аз вижагиҳои барҷастаи Устод Тоҳир ин буд, ки перомуни мушкилоту сахтиҳои худ ҳаргиз лаб ба шикоят накушуда ва ҳамвора ҳалли масоили мардумро бар масоил ва мушкилоти шахсӣ афзал медонист. Бисёре аз сахтиҳои кашидаи ӯ ба хотири мардумдорӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ, на шахсиву гурӯҳӣ буд. Тоҳири Абдуҷаббор таи муборизаи беш аз 20 солаи фарҳангӣ-сиёсӣ собит кард, ки дилсӯзи мардуми тоҷик ва ошиқи истиқлолу озодии миллату меҳан буд. Вай бо ин ИШҚ зиндагӣ мекард ва то охирин тавону нафас ба аҳду паймони фитрии хеш, ки ҳамоно талош дар роҳи озодӣ, ободӣ ва истиқлоли комили Тоҷикистон буд, пойбанд монд. Агар ҷуз ин буд, бо он донишу хирад ва ҷасорату мантиқе, ки дошт, метавонист соҳиби бехтарин зиндагӣ шавад, ба мақому маснад расад, болонишини маҷлисҳо гардад, вале ба ҳама ин имкониятҳо пушт гардонд, чун намехост ва наметавонист ба ормони хеш ва миллату кишвар пушти по занад. Аз замоне ки дар нимаи дуюми солҳои 80-ум вориди арсаи муборизаҳои фарҳангӣ-сиёсӣ шуд то охир ҳамроҳи мардум боқӣ монд. Чи он замон, ки дар муборизаҳо, мунозираҳо ва майдонҳо буд, чи он замон, ки дар мухолифат бо муборизаи мусаллаҳона худро канор кашид, ҳамвора дар миёни мардум ва дар фикри миллат ва Ватан боқӣ монд. Тоҳири Абдуҷаббор ба ҳайси як рӯшанфикр ва чеҳраи илмӣ-фарҳангӣ маромаш ин буд, ки тағйирот дар ҷомеа аз роҳи талоши фарҳангӣ-сиёсӣ амалӣ шавад. Ӯ марди пайкори фикрӣ-фарҳангӣ буд, на пайкори размӣ ва қудратталабӣ. Аз ҳарфҳои ӯст, ки; «қудрату мансаб фардро аз мардум дур

мекунад»... Дар ҳамин росто буд, ки дар даврони муборизаҳои фикрӣ ва ороми майдонӣ аз раҳбарони аслии ҳаракатҳои мардумӣ ба шумор мерафт. Аммо чун бар асари барномарезихои хоричӣ ва дурнаандешихои дохилӣ раванди тағйирот ба самти ҷангу хунрезӣ кашида шуд, сукутро бартар аз мочароҷӯӣ донист ва барои муддате канор рафт.

Мухимтарин коре, ки дар ин солҳо кард, мушорикат дар танзими барномаҳои сулҳу оштӣ ва бозсозии баъдиҷангӣ буд. Ҳамзамон бо фаро расидани Сулҳ яке аз волотарин орзуҳо ва хостаҳои Тоҳири Абдуҷаббор ва ҳамфикронаш бароварда шуд. Вале ҳанӯз шароит барои кори пурҷӯшу хурӯши илмӣ ва назари ин тоифа фароҳам набуд. Ба хамин хотир барои чанд соли дигар дар дори ҳиҷрат бокӣ монд. Таи ин муддат ба дарсу мутолиа ва андӯхтани бештари улуму таҷрубаҳои башарӣ ва ҷаҳонӣ идома дод ва худро барои пайкорҳои тозаи фикриву фарҳангӣ дар чиҳати ободиву шукуфоии Тоҷикистони азиз ва миллати ранҷкашидаи тоҷик омода мекард. Бад-ин тартиб Устод Тоҳири Абдуҷаббор ба кишвар баргашт ва бидуни ҳеч идаъо ва хостаи сиёсӣ-шахсӣ худро дар сангари хидмат ба миллат қарор дод. Танҳо силохи ӯ дар ин сангар китобу қалам ва хосили талошҳояш баёни андешаҳои корсозу зарурӣ барои пешрафти механу миллат буд, аз зарурати таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва моликияти миллӣ эълон шудани тарҳҳои бузурги саноатӣ ва энержӣ гирифта то бознигарӣ дар қонуни забон ва сармоягузорӣ рӯи бахши илму маориф ва тарбияи кадрҳои коромади миллӣ. Дар хулосаи ин матолиб месазад гуфт, ки ӯ худ ба танҳоӣ як миллат буд.

Устод Тоҳири Абдуҷаббор дар дафтари радиои ББС, соли 2008.

СӮГНОМАҲО БА УСТОД ТОҲИР

Даргузашти нобаҳангоми Устод Тоҳири Абдуҷаббор дар рӯзи 21 апрели соли 2009 пӯяндагони роҳи озодиву истиқлоли вокеии Тоҷикистон ва дилсӯзони ин марзу бумро ба сӯг нишонд. Ҳамсафону дӯстдорони ин марди бузург ар хотираҳо ва сӯгномаҳо чакидахои эхсоси ошуфтаи хешро аз ин талафоти ҷуброннопазир бозгӯ карданд. Албатта ин ҷараён бо нигоштаи пурэхсоси Раҳматкаримии Давлат «Фарзанди сулолаи ғурур ва озодӣ» ҳанӯз дар замони ҳаёти Устод Тоҳир оғоз шуда буд ва дар сафхахои нашрияҳои «Миллат», «СССР», «Озодагон», «Вароруд»... ва торнигорҳо ва сомонаҳои интернетие то муддате идома пайдо кард. Ҳар кадоме аз иродатмандон ба лаҳни хосе аз Устоди шодравон ёд кардаанд, ки якояшон хотирмону ҷолиб ва чашмнавоз ҳастанд. «Тоҳир олимона, орифона ва тоҷикона зист» (Устод Мӯъмин Қаноат), «Устод Тоҳир зоҳид, олим ва

фозил буд» (Ҳоҷӣ Акбар Турачонзода), «Ҳайкали ӯ дар дили фард-фарди ин миллат побарчост» (Доктор Ойниҳол Бобона-зарова), «Андешаҳои ӯ барои рушди Тоҷикистон буд» (нависанда Абдул-ҳамид Самад), «Шоистатарин инсони асри мо» (рӯзноманигор Аҳмад-шоҳи Комилзода), «Рамзи сахову иззату озодии баён» (Ҳоҷӣ Ҳайдаршоҳи Акбар), «Устод ҳушдор медоданд, ки мо огоҳу бедор бошем» (ровӣ Ортиқи Қодир), «Намоди рӯшанфикрӣ ва муаллими озодагони қавм» (рӯзноманигор Бехрӯзи Забехуллоҳ), «Намунаи олии равшанфикрӣ, тахаммулпазирӣ, инсоният ва мадоро» (рӯзноманигор Абдулғаффори Камол), «Падари миллат» (рӯзноманигор Дориюши Рачабиён), «Эҳёгари бузург ва саршиноси ташаккули равшанфикрӣ» (сиёсатшинос Ҳикматуллоҳ Сайфуллоҳзода), «Рамз ва намоди бедории миллии тоҷикон» (рӯзноманигор Аъзами Хуҷаста), «Ҷои ӯ ҳамеша холист» (рӯзноманигор Қосими Бекмуҳаммад»), «Ватандӯсти асил ва ҷонфидои миллат» (рӯзноманигор Ибодуллоҳи Оқилпур), «Озода ва вораста» (донишманд Зафари Мирзоён)... Зикри ҳамаи гуфтаҳо ва навиштаҳо дар бузургдошти Устод Тоҳири Абдуҷаббор дар маҷоли ин мақола нест, вале наметавонам аз як чумлаи содда ва дар айни ҳол самимии Шоҳмансури Шоҳмирзо, пажӯҳишгари тоҷики муқими Теҳрон чашм бипӯшам, ки метавонад хулосаи хубе барои арзёбиҳои боло пиромуни ҳаёт ва фаъолияти Тоҳири Абдуҷаббор бошад: «Аз нишонаҳои бузургии Устод Тоҳир ин аст, ки ҳама пас аз маргаш аз ӯ бо бехтарину нағзтарин суханҳо ёд мекунанд». (Зимнан ҳаминчо ҳам вазифаи инсонии худ медонам, ки аз ҳамёриҳои ҳамаи касони ғамшарик ба Устод Тоҳир дар даврони бемориаш бавижа аз Ҳайдаршоҳи Акбар, Раҳматкаримии Давлат, Наҷмиддини Шоҳинбод, Шоҳмансури Шоҳмирзо, доктор Фаридуни Ҷунайдӣ – донишманди ironӣ, Бехрӯзи Забехуллоҳ, Шамсиддини Саидзод бо дастури Мухиддини Кабирӣ ёд ва қадрдонӣ кунам.)

МАРГ МУШКИЛ, ЗИНДАГӢ МУШКИЛТАР АСТ

Инак миллати тоҷик боз як фарзанди фарзонаи худро ба роҳи охират гусел кард. Рӯҳи буланди муаллифи Эъломияи Истиқлоли Тоҷикистон «дар гушаи танги диёр» орамидааст ва гӯйӣ назорагари мо вомондагон аст, ки чи гуна ба масъулият ва вазифаи худ дар ҷиҳати ҳифзи истиқлоли миллӣ амал мекунем. Бояд гуфт, ҷои холии Устод Тоҳир аз он ҷо бештар эҳсос мешавад, ки миллати мо ба бовари аксари соҳибназарон ба мизони зиёде ниёз ба такомул дорад то ба сатҳи як миллати воқеӣ, бедор, огоҳ, мутамаддин ва комилистиқлол бирасад ва вучуди шахсиятҳои боризе чун Тоҳири Абдуҷаббор метавонист ба бехтару зудтар тай шудани масири ин такомул ва шукуфоӣ ёрӣ расонад. Албатта ин нуктаро ҳам набояд аз назар дур дошт, ки ҳар миллате, аз чумла тоҷикон дар ростои расидан ба ормонҳои воло ва пӯёиву моноӣ (мондагорӣ) маҷбур ба додани қурбониҳо, пушти сар кардани мушкилот ва баҳра гирифтан аз таҷрубаҳои

торихӣ ва таквияти захираҳои маънавию моддӣ аст. Аз ҳамин манзар шинохт ва намунабардорӣ аз вежагиҳои шахсиятӣ, илмӣ ва муборизотии чеҳраи мондагоре чун Устод Тоҳири Абдуҷаббор барои имрӯзу ояндаи ҷомеа як амри судманд мебошад. Ҳаминҷо ҳам қайд кунем, ки Тоҳири Абдуҷаббор чун ҳар инсони хокии дигар ва бахусус чун як чеҳраи сиёсӣ наметавонист аз камбудиҳо ва иштибоҳот орӣ бошад. Аммо шарти инсоф ва мантиқ ин аст, ки мо бубинем ва бисанҷем, ки ӯ дар қиёс бо ҳамсафону ҳамтарозони хеш чӣ ҷойгоҳеро доро будааст ва кадом пилла дар тарозуи фаъолиятҳои шахсӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ин марди ба диёри боқӣ шитофта вазнинтар аз дигаре аст. Шакке нест дар ин муқоиса саҳми хубиҳо ва фазилатҳову ҳикматҳои сарнавишти Устод Тоҳир ба маротиб бештар аст. Бандаи ҳақир дар пайи мушоҳидаҳои шахсӣ ва баррасии рафторҳои сиёсӣ ва иҷтимоии чеҳраҳои матраҳи беш аз 20 соли охири Тоҷикистон мисли бисёре аз ҳамфикрон ба ин натиҷа расидаам, ки Тоҳири Абдуҷаббор яке аз самимитарин ва дилсӯзтарин ашхос барои кишвар ва миллат буд ва ин боиси ифтихори мост, ки ҳамдаврони ӯ будаем. Аммо афсус, ки фақат пас аз даргузашти ӯ дарк мекунем, ки чи инсони арзишманде будааст. Шояд на, балки дақиқан ин хислати тоҷиконаи мост, ки баъди аз каф рафтани неъмат ба чанд оҳу афсус басанда мекунем ва боз ба қадрношиносии маъмулӣ идома медиҳем.

Қавмҳои дигар гавҳаршиносанд ва ба қадри гавҳарҳои маънавӣ ва миллии худ мерасанд ва аз ҳамин лиҳоз ҳам роҳи пешрафтро пуршитобтар тай кардаву мекунанд. Лек мо ҳанӯз ба ин ҳақиқати одӣ пай набурдаем, ки яке аз далелҳои ноҳинҷориҳо ва ақибмондагиҳои мо аз рӯи ғаразварзиҳо нарасидан ба қадри бузургони воқеӣ ва истифода накардан аз заковату дироят ва хираду илми онҳост. Ҳамлаҳо ва фишорҳои таблиғотии солҳои охир суратгирифта бар алайҳи чеҳраҳои саршиноси ҷомеа, аз ҷумла марҳум Тоҳири Абдуҷаббор намунаи ин қадрношиносиҳост. Ҳатто мутаассифона, ин қадрношиносиҳо пас аз марги онон низ сурат гирифтаву мегирад, ки ҳоҷат ба баёнашон нест. Бояд қабул кард, ки ҷомеаи мо ба андозаи кофӣ шахсияти шоиста ва дилсӯзу коромад барои рушди меҳану миллат надорад ва агар ба қадри андак сармояҳои миллие дар ихтиёр дошта нарасем, мушкилотамон на кам, балки беш аз пеш мешавад. Шояд ин ҳарфҳо хеле ормонӣ ба гӯш расанд, вале танҳо каме андешаву таҳлил кофист то бароямон рӯшан шавад тарбия ва рушди чеҳраҳои саршиносе чун Устод Тоҳир ба осонӣ муяссар намешавад. Дар идома ва ба тартиб ба чанд хусусияти ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва эътиқодии Устод Тоҳир ишора мекунем то моҳияти баҳси мо бештар рӯшан шавад.

ҲИКМАТҲОИ САРНАВИШТИ ТОҲИРИ АБДУҶАББОР

1. Ростӣ ва садоқат

Ин вежагии шахсияти Тоҳири Абдуҷаббор аз сабабҳои аслии маҳбубияти вай дар назди хосу ом будааст. Салими Аюбзод аз ҳамсафони

солҳои 80-уми Устод Тоҳир чунин менависад: «Устод Тоҳир на танҳо нотиқи маҳкамсухан, балки як инсони кушодадил, нармху ва меҳрубон низ буданд ва ин хислатҳо сабаб мегашт, ки одамон ба ишон майл кунанд, зуд унс бигиранд, ба ӯ бовар оранд ва дили худро барояш боз кунанд».

2. Шикастанафсӣ, хоксорӣ ва зуҳдпешагӣ

Охирин боре, ки Устод Тоҳирро зиёрат кардам, тобистони соли 2006 дар назди фурӯшгоҳи «Садбарг» буд. Бо яке аз ошноён, ки фориғуттаҳсили Донишгоҳи Файсали Покистон буд, саргарми сӯҳбат будем, ки ба ногоҳ Устодро дидем, ки бо ҳамон салобат ва фурӯтании ҳамешагӣ дар миёни сели ҷамъияти шаҳр намоён шуд. Баъди холпурсӣ ва сӯҳбати кӯтоҳи самимие, Устод бо лабханди хоси худ гуфтанд, ки дастгоҳи видеоиро барои таъмир додаанду чанд боре барои пас гирифтан ба таъмиргоҳи воқеъ дар ошёнаи болоии «Садбарг» рафту омад кардаанд ва гуфтанд шояд ин дафъа дуруст карда бошанд. Ва ҳамин тавр бо ҳамон самимият ва салобат хайрухуш карданду рафтанд. Пас аз рафтани Устод ман ба он ошноям гуфтам: «Ишонро шинохтӣ, Устод Тоҳири Абдуҷаббор буданд». Ӯ тааҷҷуб кард ва гуфт: «Боварам намешавад, Тоҳири Абдуҷаббор ҳамин одам бошад». Ман дар ҷавоб чизе нагуфтам ва фақат ба худ андешидам, ки дар зеҳнияти аксари мо шахсиятҳои хоксор ва бекарру фар намеғунҷанд, мо одат кардаем, ки шахсиятҳоро бо шаклу шеваи мутафовит аз худ бубинем... Аммо Устод Тоҳир аз ҷумлаи истисноҳо буд ва ба ҳамин иллат ҳам бисёриҳо ҳанӯз шинохти дурусте аз ӯ надоранд.

Устод Тоҳири Абдуҷаббор дар соли 1998

Ба ҳар ҳол фурӯтанӣ ва хоксории Устод забонзади ҳамаи ошноёну пайравони ӯ аст ва ҳамин хислат буд, ки вайро аз маҳфилҳо ва нишасту барҳост бо ҳокимону соҳибнуфузони ҷомеа дур нигоҳ медошт ва ин аз ифтихороти ӯ буд. Ҳол он ки бисёре аз ҳамроҳони Тоҳири Абдуҷаббор дар идомаи роҳ маҳз ба далели надоштани ин хусусият фирефтаи ҳавасҳои моддӣ ва зудгузар шуданд ва дар ниҳоят беобрӯ гардиданд. Аз забони Устод Саид Абдуллоҳи Нурӣ шахсан шунидаам, ки мегуфт: «Агарчи оқои Тоҳири Абдуҷаббор дар бархе масоил бо мо ҳамфикр набуд, вале фурӯтанӣ, ростӣ, садоқат, тамаънаварзӣ ва якрӯву якқавл буданаш қобили эҳтиром ва эътирофи инҷониб аст». Зимнан Устод Тоҳир низ нисбати равоншод Нурӣ назари муҳаббатомез дошт. Вай дар яке аз сӯҳбатҳо бо радиёи «Озодӣ» дар августи соли 2006 аз ҷумла чунин гуфтааст: «Дар чанд сӯҳбате, ки бо он кас доштам, афсӯс мехӯрданд аз ҳодисаҳое, ки ба сари халқи тоҷик омад ва

дар садади он буданд ҳар чӣ зудтар он хотима дода шавад, дар Тоҷикистон оромиву осоиш ҳукфармо шавад, мардуми муҳоҷир баргашта биёянд ва ба зиндагии осоиштаву кору бори худ машғул шаванд. Ман якин дорам, ки ин ҳадафи олии Абдуллоҳи Нурӣ буд».

3. Пайравӣ аз ҳусни тафоҳум ва ҳалли масоил аз тариқи мусолиматомез

Боризтарин намунаи ин хусусияти Устод Тоҳир дар пуштибонии ӯ аз музокирот ва созишномаи сулҳ ҳувайдо шудааст. Ӯ сулҳро на ба хотири касби мансаб ё ғарази гурӯҳӣ ва ҳизбӣ мехост, балки ба унвони як амри муқаддас ва ҳаётӣ барои Тоҷикистон қабул дошт.

4. Эҳтиром ба тарафи мухолиф

Шодӣ Шабдолов, раиси Ҳизби коммунист иқрор кардааст, ки агарчи дар замони ҳамкорӣ дар Шӯрои Олии собиқ бо Тоҳири Абдуҷаббор ихтилофи назарҳои зиёде миёни онҳо вуҷуд дошт, вале ҳеч гоҳ Тоҳир дар гуфтугузорҳо бо тарафи мухолиф аз таҳқиру тавҳин ва расидан ба иззати нафс кор нагирифтааст. Ҳамин тавр нисбати ҳукумати кунунии Тоҷикистон назари муътадил дошт. Агарчи бархе барномаҳои ин ҳукуматро танқид мекард, аммо аз барномаҳои ба суди ҷомеа ва барои рушди кишвар дар назар гирифтаи ҳукумату давлат истиқбол мекард. Ӯ аз аввалин касоне буд, ки дар моҳи марти соли 2006 зимни мусоҳиба бо ҳафтаномаи "Миллат" аз иқдоми Раиси ҷумҳур барои дар канор гузоштани пасванди "ов" аз ному насаб ҳимоят кард.

5. Унси пайваста бо китоб ва мутолиаи ҳамешагӣ ва талош барои ёд гирифтани чизи тоза

Ин одат аз манбаъҳо ва сабабҳои аслии маърифати волои Устод Тоҳир буд ва аз ҷумлаи нукоте буд, ки дар мулоқот бо ошноён ва ҷавонон ҳамвора мавриди таъкид қарор медод. Ин дар ҳолест, ки бисёре аз зиёибашараҳо дар ҷомеа ба мутолиа одат надоранд. Ҷои китобро дар зеҳну атвори ин тоифа шаробу кабоб гирифтааст ва ин аз омилҳои аслии бадбахтии фикрӣ ва иҷтимоии онҳост.

6. Орӣ будан аз эҳсоси маҳалгароӣ

Маҳалгароӣ аз ҷумлаи харобиовартарин дардҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи мост, ки мутаассифона бисёре аз чеҳрахои шинохта ҳам ба он гирифтор шудаанд. Устод Тоҳир дар ин иртибот ҳам як чеҳраи истисноӣ буд ва нисбат ба ин падида нафрати амиқ дошт. Ӯ Тоҷикистонро бо тамоми манотиқ ва фарҳангу лаҳҷахояш қабул дошт ва ҳамагонро ба ин масъалаи сарнавиштсоз даъват мекард. Бесабаб набуд, ки дар аёми беморӣ ва даргузашти Устод бузургтарин ҳамёрӣ ва ҳамдардиҳоро ғайриҳамшаҳриёнаш карданд. Ӯ чи дар зиндагӣ ва чи дар марг марзи маҳалро шикаста буд.

7. Фасоҳат дар калом ва лафзи ширини форсӣ-тоҷикӣ

Тоҳири Абдуҷаббор ба воситаи дониши амиқ, мутолиаи бардавом ва зиндагӣ дар кишварҳои форсигӯи Ирон ва Афғонистон соҳиби гӯиши

зебо ва гӯшнавози модарӣ буд. Ин гӯиш ҳанӯз дар солҳои 80-ум ва бахусус замони ҳузур дар порлумони вақт қишрҳои гуногуни ҷомеаи Тоҷикистон ва хориҷ аз онро шефтаи худ карда буд. Таъкиди вай ба вахдати форсизабонон ҳам аз ҳамин реша об мехӯрд.

8. Назарияпардозӣ ва тарҳи андешаҳои созанда

Устод Тоҳири Абдуҷаббор аз ҷумлаи нодиртарин рӯшанфикрони мо буд, ки назарияпардозӣ ва тарҳи нақшаву барномаҳоро шеваи кори худ қарор дода буд. Боз ҳам гӯшзад кардан бамаврид аст, ки аз ҷумлаи омилҳои мушкилофарин барои кишвари мо набуди назарияҳо ва тарҳҳои оянданигар ва калидӣ аст. Устод Тоҳир бо иншои Эъломияи истиқлол ин равияро поягузорӣ кард ва пасонтар тарҳҳои дигаре низ дар масъалаи Қонуни Асосӣ ва Илму Маориф пешниҳод кард.

9. Таъкид ба мантиқ

Устоди зиндаёд ҳамвора талош мекард дар сӯҳбатҳо ва мавзеъгириҳояш мантиқ, инсоф ва эътидолро риоя намояд. Ҳамин масъала боис шуда буд, то ҳатто аксари мухолифонаш ба дидгоҳҳояш эҳтиром бигузоранд ва гоҳо ҳам таслими мантиқу далели ӯ мешуданд.

10. Побандии амиқ ба ормони истиқлолталабӣ ва ободии кишвар

Аз барҷастатарин хусусиятҳои зиндагии Устод Тоҳир бархурдорӣ аз истиқлоли фикрӣ ва рафторӣ буд. Ҳамин хислат дар сатҳи васеътар нигоҳи ӯ ба кишвар ва давлатдории тоҷиконро низ асосгузорӣ карда буд. Ормони аслии Устод Тоҳири Абдуҷаббор расидан ба истиқлоли воқеии Тоҷикистон буд ва бо ин ормон ба ҷаҳони ҳастӣ падруд гуфт. Рӯҳаш шод!

УСТОД ТОҲИР, МО ВА ОЯНДА

Устод Тоҳири Абдуҷаббор ба торих пайваст. Шахсе бахше аз торихи тоҷикон шуд, ки фардои обод ва озоди Ватанро орзу мекард ва дар ин роҳ азхудгузаштагиҳо намуд. Ӯ саломатӣ, обрӯ, осоиш ва эътибори худро нисори ин ҳадафи воло кард. Аз ин рӯ баҳо додан ба сарнавишти Устод Тоҳир дар чаҳорчӯби танги як созмон ё як қишр ва пешаву вазифа (ҳамон тавре ки бархе доирахо мехоҳанд ӯро фақат чун муассиси Растохез ва ё чун як донишманди иқтисод бишиносанд) нораво аст. Ӯ дар қолаби бузургу муқаддаси Миллат ва Меҳан кобили таъриф аст. Аз ин нигоҳ вазифаи ҳамаи қишрҳо, бавежа рӯшанфикрон, қаламбадастон ва ҳукуматдорон аст, ки ёду хотираи ин чеҳраи миллиро зинда нигоҳ доранд.

Нашрияҳоро лозим аст, ташаббуси нашрияи "Миллат"-ро дар бузургдошти Устод Тоҳири Абдуҷаббор ҷонибдорӣ ва дунболагирӣ кунанд. Рӯшанфикрон ва хамсафону пайравон нишастҳои илмӣ доир кунанд ва осору афкори ин андешмандро ба риштаи нақду баррасӣ кашанд, барои ӯ нишасти бузургдошт доир кунанд. (Намояндагони ин табақа бидонанд, агар ин корҳоро анҷом диҳанд, фардо дигарон ҳамин иқдомро барои онон такрор хоҳанд кард, вагарна сарнавишти дигаре дар интизорашон

аст.) Онҳо метавонанд ва бояд аз Раиси ҷумҳур ва дигар мақомот дархости гиромидошти Устод Тоҳирро намоянд, то рӯҳияи миллӣ (на миллигароӣ, ки дар афкори бузургоне чун Тоҳири Абдуҷаббор ҳаргиз ҷой надошт) ва ҳисси ватанпарастӣ дар ҷомеа пурранг гардад. Дар шароити имрӯз, ки хатарҳое аз дохил ва хориҷ Тоҷикистонро таҳдид мекунад, рӯҳияву эҳсоси зикршуда метавонад дар рафъи хатарҳо кӯмакрасон бошанд. Ҳукуматдорон бидонанд як мунтақиди беғараз, беидаъо ва донишмандро аз даст додаанд ва агар ба хотири андешаҳо ва иқдомоти миллиаш дар роҳи гиромидошти Устод Тоҳир ва ӯ баринҳо хурдтарин иқдоме ҳам кунанд, ба обрӯяшон зам хоҳад шуд. Ин интизор бавежа аз он соҳибмансабоне меравад, ки замоне дар маҳфили "Рӯ ба рӯ" ва Растохез ҳамроҳи Тоҳири Абдуҷаббор буданд.

Вокуниши мардум ба қазияи даргузашти Устод Тоҳири Абдуҷаббор бори дигар нишон дод, ки ӯ як чеҳраи мардумӣ буд ва ҳамчунон боқӣ хоҳад монд. Миллати тоҷик ҳам, то замоне ки ингуна фарзандони дилсӯз ва фидоиро дар худ мепарваронад, аз рушд боз нахоҳад монд!

Сухани сӯгвории устод Мӯъмин Қаноат дар маросими ёдбуди устод Тоҳири Абдуҷаббор, 25 апрели 2009.

НАВИШТАҲОИ ТОҲИРИ АБДУҶАББОР ДАР МАТБУОТ

Тоҳири АБДУҶАББОР,
"Садои Шарқ", №8, 1989.

МУҲИТИ ЗИСТ ВА ЗАБОН

Таи даҳсолаи охир дар ҷумҳурии мо бар асари як силсила иштибоҳот ва каҷравиҳо теъдоди зиёди масъалаҳои ҷиддӣ ва печидаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба вуҷуд омадаанд, ки онҳо ногузир ба инкишофи фарҳанги миллӣ, хусусан ба рушди забони модарии мо таъсири манфӣ ворид намуда, бо мурури замон онро ба сарҳади таназзул расондаанд.

Вале мақомоти расмӣ дар ҷараёни солҳои зиёд онҳоро нодида гирифта, чунин вонамуд месохтанд, ки гӯё ҳама чиз хуб аст ва ба ваҷҳи аъло пеш меравад. Аз минбарҳои пасту баланд дар мавриди "муваффақиятҳои бузурги иқтисодӣ" ва "гул-гул шукуфтани фарҳангу забони халқи тоҷик" сӯҳбат мекарданд... Албатта, чунин равия на танҳо боиси ҳалли масъалаҳои пешомада нагардид, балки вазъиятро бадтар сохт.

Имрӯз ҳолати забону фарҳанги халқи тоҷик хеле вахимтар шудааст ва ин амр тӯдаҳои васеи мардум, хусусан аҳли илму адаб ва равшанфикрони тоҷикро ба ташвиш ва нигаронӣ андохтааст.

Ҷои хушист, ки дар ин авохир ба шарофати бозсозию ошкорбаёнӣ ин масъала аз доираи сӯҳбатҳои хусусӣ берун омада, ба саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо ва барномаҳои телевизиону радио роҳ ёфтааст. Намояндагони табақот ва қишрҳои гуногуни ҷомеа ақоид ва назариёти худро ба алоқамандӣ ва дилсӯзии тамом иброз менамоянд, ки онҳо мавриди писанд ва қабули мардуми тоҷик қарор гирифтаанд.

Хусусан як силсила мақолаҳо ва гуфтору баёниҳои шоирону нависандагон ва олимони номию мӯҳтарами мо, аз ҷумла Гулрухсор, Лоиқ, Б.Собир, А.Истад, М.Қаноат, Ӯ.Кӯҳзод, М.Шукуров, А.Турсунов, Ш.Рустамов, А.Сайфуллоев, Р.Ғаффуров, Р.Амонов, М.Диноршоев ва дигарон, ки ба диққати мардум ҳавола шудаанд, фавқулодда пуразиш ва дилчасп буда, дар равшан сохтани моҳияти масъала ва идроку фаҳмиши дурусти он хизмати босазое анҷом доданд. Ҳамчунон конференсия ноябри соли 1988 пиромуни масоили ҳусни баён ва муносибати байни миллатҳо доир гардиданд, дорои аҳамият буданд. Таи мақолаҳо ва баёниҳо, вазъи қонунии забони тоҷикӣ таҳлил ва зарурати беҳтар намудани он таъкид шудааст. Бад-ин манзур пешниҳод гардидааст, ки ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шавад. Билоасари онҳо Шӯрои Олии

Тоҷикистон коммисияеро ташкил дод, ки он машғули баррасии пешниҳодҳои мардум ва тартиб додани Лоиҳаи қонуни корбасти забонҳо дар ҷумҳурии мо мебошад.

Ҳоло баҳсу мунозира дар атрофии ин масъала ҷараён дорад. Дар миёни анбӯҳи мактубҳою мақолаҳо ва талабномаҳои барҳаки мардум мақолаҳое низ ба табъ расиданд ва садоҳое ҳам гӯшрас мегарданд, ки аз тангназарии муаллифону гӯяндагони онҳо шаҳодат медиҳанд. Онҳо мухолифи мақоми давлатӣ додан ба забони тоҷикӣ буда, зарурати чунин иқдомро бидуни асосу далели маъқул рад мекунанд ва ё таҳти шубҳа қарор медиҳанд. Баъзе талаб намуданд, ки дар баробари забони тоҷикӣ ба забони русӣ ҳам мақоми давлатӣ дода шавад. Бархе ҳам пешниҳод намуданд, ки се забон – тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбакӣ – мақоми давлатӣ гирад. Иддае низ тақозо доранд, ки дар Тоҷикистон танҳо забони русӣ забони давлатӣ эълон гардад. Чунин ақидаю пешниҳодхоро дар мақолаҳои С.Раҷабов ва К.Митюкова "Сверяясь с историей. Размышления о межнациональных отношениях после дискуссии в Академии наук" ("Коммунист Таджикистана", 24.12.88), Р.Ҳошимов "Вернутся к истокам ленинской национальной политики" ("КТ" 19.02.89), Ю.Исҳоқӣ, М.Ғуломов, Х.Каримов "Право выбора" ("КТ" 22.02.89), М.Муродов "Не впасть бы в крайность" ("КТ" 23.02.89), "Внести ясность" ("КТ" 23.02.89), дар баёнияҳои баъзе аъзои коммисияи Шӯрои Олӣ оид ба тартиб додани лоиҳаи қонуни забонҳо ("КТ" 25.02.89), дар гуфтори як идда ашхоси дигар, ки дар хабари ТоҷикТА зикр шудааст ("КТ" 4.03.89) ва ғайра метавон дарёфт намуд. Мутолиаи мақолаҳо ва баёнияҳои мазкур нишон медиҳад, ки муаллифони онҳо мавзӯъро ҳамачониба ва амиқ дарк накардаанд, аз бисёр ҷиҳатҳои он огоҳӣ надоранд ва нисбат ба забони тоҷикӣ беэҳтиромӣ зоҳир намуда, поймол шудани ҳуқуқи халқи тоҷикро нодида мегиранд.

Масалан, дар мақолаи доктори илми ҳуқуқшиносӣ С.Раҷабов ва номзади илми таърих К.Митюкова аз таҳлили ҳолати ногувори забону фарҳанги мардуми тоҷик ва чигунагии муносибати байни миллатҳо дар Тоҷикистон асаре ёфт намешавад, ҳарчанд ки мақола "Дар муқоиса бо таърих. Андешаҳо дар бораи муносибати байни миллатҳо пас аз баҳс дар Академияи илмҳо" ном дорад. Дар маҷмӯъ мақолаи мазкур аз гуфтори парешон, мутазод, мушкук ва ҷумлаҳои умумию иттиҳомоти беасос иборат буда, ҳадафи аслии он рад намудани пешниҳодхои аҳли маҷлис ("Мизи мудаввар"), аз ҷумла ақоид ва тақозои нависандаи ин сатрҳо дар бораи мақоми давлатӣ додан ба забони тоҷикӣ мебошад. Онҳо хонандаро ба сайри таърих (албатта, аз дидгоҳи худашон) даъват намуда, хотирнишон месозанд, ки Тоҷикистон гӯшаи ақибмондаи Русия буд, ҳеҷ гоҳ талаботи худро бо нон қонеъ намесохт... Тоҷикон саросар бесавод ва ақибмонда буданд... Бо кӯмаки бародарони бузург, яъне халқи рус босавод шуданд, нони серӣ ёфтанд мактабу роҳҳо сохтанд... Аммо на хама инро дар хотир доранд, дар дарсҳо роҷеъ ба ин нақл намекунанд...

Ин гуфтори обшуста ва таблиғотиро аз бисёр касон, ҳам аз ашхоси бесаводе, ки аз кӯчаи таърих нагузаштаанд, ҳам аз як теъдод шахсони дорои унвонҳои илмӣ ва ҳам аз бархе кормандони масъули органҳои ҳизбию давлатӣ борҳо шунидаем.

Аввал аз ҳама бояд тазаккур дод, ки Тоҷикистон ҳеҷ гоҳ ҷузъи давлати Русия набудааст, балки дар натиҷаи сиёсати таҷовузгарона ва забткоронаи ҳукумати подшоҳии он кишвар муддати кӯтоҳе таҳти тасарруфи он қарор доштааст, яъне мустамликаи Русия будааст. Биноан, Тоҷикистонро "ноҳия ё гӯшаи ақибмондаи Русия буд" гуфтан нашояд.

Сониян, дуруст аст, ки қабл аз инқилоб Тоҷикистон сарзамини пешрафта набудааст, ҳамчунон ки имрӯз ҳам аз пешрафту тараққии воқеӣ хеле дур аст. Вале баёни ин матлаб ба ин шакл ("гӯшаи ақибмондаи Русия") чунин маънӣ медиҳад, ки гӯё Тоҷикистон гӯшаи ақибмондаю Русия кишвари пешрафта будааст, дар ҳоле ки Русия низ, ба истисноӣ баъзе шаҳрҳояш, дар маҷмӯъ як кишвари ақибмондаи зироатӣ буд.



Мовароуннаҳру Хуросон аз қадимулайём бо истеҳсоли ғалладу на танҳо аҳолии худ, балки мардуми навоҳии ҳамсояро низ таъмин мекардааст.

Дар мавриди "ҳеҷ гоҳ нони серӣ надоштани тоҷикон" бояд гуфт, ки ин гуфтори беасос ва дурӯғ аст. Пӯшида нест, ки минтақаҳои Мовароуннаҳру Хуросон аз қадимулайём яке аз манотиқи пешрафтаи зироатӣ буда, истеҳсоли гандум на танҳо эҳтиёҷоти аҳолии худ, балки зарурати мардуми навоҳии ҳамсояро низ таъмин мекардааст. Кам шудани ҳаҷми истеҳсоли ғалла ва қонеъ нагардидани талаботи мардум аз ҳисоби гандуми маҳаллӣ дар ин авохир натиҷаи мустамликадорӣ ва сиёсати иқтисодии носолими ҳукумат таи даҳсолаҳои гузашта мебошад. Дар ҷое ки қариб тамоми заминҳои беҳтарин ва обиро барои киштӣ пахта ихтисос дода бошанд ва ҳама чизро, ҳам ғаллакорию боғпарварӣ, ҳам полизкорию молдорӣ ва хатто мухити зисту саломатии мардумро қурбони пахтакорӣ карда бошанд, дар ҷое ки майдони зироати гандум то ҳадде кам шуда бошад, ки имрӯз фақат 11 фоизи майдони киштро ташкил диҳад. (Народное хозяйство Таджикской ССР в 1986г. Д., 1987, с. 83) ва он ҳам дар шароити иқлими гарму камбориши Тоҷикистон (!) асосан заминҳои лалмӣ бошад, магар мумкин аст, ки ҳолат таври дигар бошад? Албатта, не. Ҷои шакк нест, ки ин сиёсати ғайриоқилона ва ин ҳолати ғайри қобили таҳаммул аст. Барои баланд бардоштани самарабахши истеҳсолот ва дараҷаи некӯаҳволии мардум ва ҳифзи мухити зисту саломатии одамон лозим аст, ки таркиби соҳавии истеҳсолоти

хоҷагии қишлоқ ба таври ҷиддӣ тағйир дода шавад. Яъне, мебояд, ки ба ғаллакорию боғдорӣ, сабзавоту полизкорӣ ва молдорию истеҳсоли хӯроки чорво диққати махсус дода шавад ва ин соҳаҳо ҷои сазовори худро ишғол кунанд. Барои ин лозим аст, ки майдони кишти пахта ҳадди ақал ба андозаи 50-60 фоиз кам ва мутаносибан майдони зироатҳои дигар зиёд гардад. Дар ин сурат зарурат ба истифода нуриҳои минералӣ ва моддаҳои заҳрноки кимиёвӣ низ ба маротиб камтар хоҳад шуд ва ба мардум муяссар хоҳад шуд, ки аз ғизои солим ва безаҳр тановул кунанд.

Аз бобати кӯмакҳои иқтисодии халқи рус ва дигар миллатҳои бародар дар ин ҷо фақат ҳаминро мехоҳам зикр намоям, ки ҳеҷ кас аҳамияти онро инкор намекунад. Аммо масъалаҳои печида ва мураккаби ҳамкориҳои иқтисодии байни ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз ҷумла, муносибатҳои иқтисодии Тоҷикистон бо соири ноҳияҳои кишварро набояд чунин соддалавҳона ва якҷониба таъбир кард. Хусусан, ки бисёр чиҳатҳои ин мавзӯъ ба андозаи кофӣ мутолиа ва равшан нашудаанд. Дар маҷмӯъ, ба ақидаи ман, таърихи пешрафти иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистон таи солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ хеле печида ва пурфоҷиа будааст ва эҳтиёҷ бар он дорад, ки таври ҳамаҷониба, воқеъбинона ва беғаразона таҳқиқу барасӣ шавад.

Роҷеъ ба он ақидаи роиҷ, ки гӯё то инқилоби Октябрь "тоҷикон саросар бесавод буданд", бояд тазаккур дод, ки ин иддаои дурӯғ ва дур аз ҳақиқат буда, сохтаю пардохтаи як теъдод шовинистон ва лаганбардорони онҳо мебошад. Албатта, ҳеҷ кас исрор намекунанд, ки тоҷикон пеш аз инқилоб саросар аҳли савод буданд. Вале воқеиятро нодида гирифта, ҳамаи тоҷиконро бесавод шумурдан – ин яъне поймол кардани ҳақиқат аст. Дар бораи он ки чунин гуфтори дурӯғ ба иззати нафси мардум чӣ гуна таъсир мерасонад, ҷои гап ҳам нест. Ҳар касе, ки бо таърихи халқи тоҷик ошноӣ дорад ва беғаразонаю воқеъбинона онро таҳқиқ намудааст, ба хубӣ медонад, ки халқи тоҷик то инқилоб саросар бесавод набуд. Теъдоди зиёди мактабу мадрасаҳо машғули таълиму тарбия буданд ва қишри сершумори мардуми босавод ва соҳибмаърифат мавҷуд буд. Масалан, дар ибтидои асри XX танҳо дар як шаҳраки Душанбе, ки дар ҳудуди 20 ҳазор аҳолӣ доштааст, 13 мактаб ва 2 мадраса фаъолият мекардааст. (К.Расулов. "Душанбе", "ҶТ", 5.02.89). Дар шаҳраки Ховалинг бошад, 7 мадраса будааст, ки дар ҳар кадоми он 80-100 нафар ва бештар аз он таҳсил мекардаанд. (А.Саидзода. "Мадрасаҳои Ховалинг куҷо шуданд?", "ҶТ", 5.02.89)

Зимнан савияи таълими бисёр фанҳо, хусусан илмҳои иҷтимоӣ хеле баланд буд ва фориғони он мактабу мадрасаҳо, тавре ки як идда олимон изҳор медоранд, дар риштаҳои забону адабиёт, фалсафаю мантиқ, таъриху забоншиносӣ ва назмшиносию санъати суханварӣ донишҳои амиқ касб менамуданд ва аксари онҳо аз ашхоси соҳибмаълумоти имрӯз бартарӣ доштанд. Албатта, системаи таълиму тарбияи он замон аз нуқсону камбудиҳо холӣ набудааст, вале тамоман инкор намудани он хатои маҳз аст.

Инро ҳам набояд фаромӯш кард, ки халқи тоҷик танҳо аз тоҷикони муқими Тоҷикистони имрӯза иборат нест. Мардуми Самарқанду Бухоро ва бисёр ноҳияҳои дигар, ки имрӯз бинобар сабабҳои маълум аз ҳудуди Тоҷикистон берун мондаанд, низ тоҷик мебошанд. Магар онҳо низ саросар бесавод буданд? Ҳаргиз не. Ба ҳамагон маълум аст, ки шаҳрҳои асосии халқи тоҷик дар тӯли ҳазорсолаҳо яке аз бузургтарин ва маъруфтарин марказҳои илму фарҳанг дар Машриқзамин буданд. Мактабу мадрасаҳо ва доираҳои адабии онҳо дар тамоми минтақа ва берун аз он шӯҳрат доштанд. Ононе, ки аз босаводии халққо ҳарф мезаданд, чаро аз ин ҳақиқати таърихӣ чашм мепӯшанд?

Бесавод хондани халқи тоҷик маънои инкори таърихро дорад, дар ҳоле ки ин миллат дар ғузашта даҳҳо нобиғаҳои ҷаҳониро ба дунё овардааст.

Муаллифони мақолаи мазкур изҳор доштаанд, ки сиёсати миллии ленинӣ ҳам дар замони ҳаёт будани Ленин ва ҳам баъд аз марги он таври пайгирона ва билоинҳироф амалӣ шудааст. "Самти ҳаракат (сиёсати миллӣ – Т.А.) – навиштаанд онҳо, – он қадар дуруст муайян шуда буд, ки солҳои шахспарастӣ ва карахтӣ натавонистанд онро тағйир диҳанд". Ва сарфи назар аз иштибоҳот ва ҷиноят, "таи солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ дар амри расидан ба баробарии воқеӣ миёни халқҳо, муваффақиятҳои бузург ба даст оварда шудааст".

Бо дарназардошти воқеияти зиндагӣ наметавон ба ин ақида розӣ шуд. Агар, дар ҳақиқат сиёсати миллӣ таври дуруст танзим шуда ва таи солҳои шахспарастӣ ва карахтӣ бидуни тағйир ва инҳироф амалӣ шуда бошад, пас "кҷравиҳо дар фаъолияти идеологии ҳизб" ва "тазйику, саркӯб намудани халққо" чӣ маъно дорад?

Агар қарорҳои анҷуманҳои Х ва ХII Партияи Коммунистӣ дар бораи "маҳаллӣ" сохтани дастгоҳи давлат ва "таври озодона ва бемонеа созмон додани зиндагии миллӣ дар ҷумҳуриҳо" амалӣ шуда бошад, пас чаро органҳои ҳукумат ва идораи давлатии Тоҷикистон ба ин андоза "ғайримаҳаллӣ" шудаанд ва хислатҳои миллӣ, ҳатто забони худро аз даст додаанд?

"Дар солҳои 1937-1938, – навиштаанд муаллифон, – дар Тоҷикистон ҳамаи онҳое, ки аз тарафи халқ ба сифати беҳтарин намояндагони мардум ба вазифаҳои давлатӣ пешбарӣ гардида буданд, нобуд сохта шудаанд". Саволе ба миён меояд, ки он ба татбиқи сиёсати миллӣ иртибот дорад: оё аз тарафи кӣ ва барои чӣ онҳо нобуд сохта шудаанд? Агар ин кор бинобар иродаи халқи тоҷик сурат гирифта бошад, пас чунин хулоса бар-

меояд, ки ё онҳо "беҳтарин намояндагони халқ" набудаанд, мардум ба иллате дар ҳолати гумроҳӣ қарор доштаанд ва натавонистаанд манофеи худро дарк кунанд.

Агар онҳо (арбобони давлатии Тоҷикистон) чиноятеро содир накарда бошанд ва на тавассути халқи тоҷик ва хости он, балки бар хилофи иродаи он нобуд сохта шуда бошанд, пас чунин бармеояд, ки халқи тоҷик дар кору фаъолияти худ озод набудааст ва имконияти онро надоштааст, ки аз рӯи хоҳишу иродаи худ амал кунад ва "зиндагии миллии худро тавриозодона ва бемонеа созмон диҳад". Агар ҳолат чунин будааст (тавре ки аз мақолаҳои докторони улуми таърих Р.Масов ва Ш.Султонов бармеояд, дар ин кор халқи тоҷик ихтиёр надоштааст. ("Т.С". 9.01.89, "ГМ". 14.01.89). Пас оё гуфтори муаллифони мақола дар бораи "инкишофу тараққиёти сиёсати миллӣ" ва "таъмин намудани истиқлолият ва соҳибихтиёрии воқеии ҷумҳурии Тоҷикистон" ҳақиқат дорад?

Муаллифони мақола аз ҷумлаи арбобони саркӯбшуда Шотемур ва А.Қосимовро ёдовар шудаанд ва қайд намудаанд, ки мо дар бораи онҳо маълумоти кам дорем. Дуруст аст: мо воқеан дар бораи арбобони мазкур ва садҳо ва ҳазорҳо нафар фарзандони қурбоншудаи халқ чизе намедонем. Чаро? Магар дар китобҳои таърих ва адабиёти дигар роҷеъ ба онҳо маълумоти кофӣ мавҷуд асту мо аз танбалии хеш онҳоро нахондаем? Албатта, не! Иллати асосӣ дар ин ҷост, ки **мактаби мо танҳо ба ном мактаби миллист**, чун танҳо дарсҳо ба забони тоҷикӣ сурат мегиранд. Аммо **мазмуну мӯҳтавои китобҳои дарсӣ хислати миллӣ надоранд.** Бисёр китобҳои дарсӣ, аз ҷумла китобҳои фанни таърих аз тарафи олимони тоҷик ва барои мактабҳои тоҷикӣ тартиб дода нашудаанд. Бинобар он, дар онҳо ҳама он чӣ ки барои тарбияи фарзандони воқеии халқи тоҷик зарур аст, мавҷуд намебошад. Ҳатто китобҳои дарсии забону адабиёти тоҷик аз асолату вижагиҳои миллӣ бархурдор нестанд. Онҳо таҳти таъсири шадиди китобҳои дарсии забону адабиёти рус сохта шудаанд. Китобҳои дарсии граматикаи забони тоҷикӣ ва русиро муқоиса намуда, метавон яқин ҳосил намуд, ки забонҳои мухталифанд. Дар мавриди омӯзишгоҳҳою техникумҳо ва донишгоҳҳои олии Тоҷикистон бояд гуфт, ки онҳо аз бисёр чиҳат ҳатто ба зоҳир ҳам хислати миллӣ надоранд, чун дар онҳо раванди таълим ба забони тоҷикӣ ё ҳеҷ сурат намегирад ё хеле кам сурат мегирад. Ин ҳолат боиси пойин омадани сифати тарбияи кадрҳо гардида, ба пешрафти иқтисодию ичтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон таъсири манфӣ расонда ва мерасонад.

Магар чунин ҳолат натиҷаи амалӣ намудани сиёсати миллии ленинӣ аст? Оё ин ҳама оқибати таҳрифи он сиёсат аст? Ба назари ман, дар кишвари мо таи даҳсолаҳои гузашта принсипҳои ленинии сиёсати миллӣ ба таври бояд ва шояд риоя нашудааст ва иллати бисёр масъалаҳо ва мушкилоти пешомада, аз ҷумла яке аз сабабҳои асосии таназзули забону фарҳанги мо иборат аз дур шудан аз асли он сиёсат мебошад.

Барои тасдиқи ин матлаб каме поинтар далелу бурҳонӣ кофӣ оварда хоҳад шуд. Дар ин ҷо фақат ин нуктаро бояд таъкид намуд, ки дар амри баррасӣ ва тафсиру баёни равандҳои печида ва басо мураккаби иҷтимоӣ набояд ба саҳлангорию зоҳирбинӣ ва беандешагию сиёсатбозӣ роҳ дод. Зеро ҳар ҷое, ки сиёсату сиёсатбозӣ густариш меёбад, бар ростгӯию ҳақпарастӣ ҷой наметонад ва ногузир рукуди илму маърифат фаро мерасад. Ҳаводис ва падидаҳои мураккабе, ки имрӯз дар ҷомеаи мо зуҳур намудаанд, решаҳои амиқ доранд ва намоёнгари масъалаҳои мушкили мо мебошад. Биноан, бидуни мутолиаи амиқ ва ҳамаҷониба хулосаҳои сатҳӣ ва соддалавҳона баровардан, гумонҳои худро ба яқин додан ва бидуни далелу асос мӯҳру тамғаи "миллатчӣ" ва иттиҳомоти дигар ба мубоҳиси худ бастан оқибати нек нахоҳад дошт.

Аммо муаллифони мӯҳтарам на танҳо аз таҳлили амиқи вазияти феълии ҷомеа ва падидаҳои он имтино варзидаанд, балки ҳатто кӯшиш накардаанд, ки гуфтори дигаргонро дар замина ба хубӣ дарк намуда, дар муқобили онҳо акидаҳои худро бо далелҳои маъқул иброз бидоранд. Онҳо бидуни ҳеҷ гуна асосе ширкаткунандагони "мизи мудаввар", аз ҷумла бандаро, ба "шиорбозӣ", "маҳалчигӣ" (яъне миллатчигӣ – Т.А.) "таноқизот" ва "бемантиқӣ" муттаҳам намудаанд.

Чунин иддаои беасос, албатта, наметавонанд, далели ҳақбаҷониб будани муддаиён бошад. Зеро, *ҳамон тавре ки маълум аст, инкори соддаи кадом як воқеа (факт), ҳанӯз далели адами он намебошад.*

Агар муаллифони мақолаи мазкур мухолифи ақидаи ман бошанд, пас чаро бахс намекунанд? Чаро бо далелу бурҳон онро рад намуда, фикри худро исбот намекунанд? Ё умед доранд, ки мо бояд ба суханони хушку холии онҳо бовар кунем?

Онҳо навиштаанд, ки "Ҷабборов қотеона изҳор намуд, ки дар ҷумҳурии Тоҷикистон миллатчигӣ мавҷуд нест..." Аввал ин ки ман борҳо гуфтаам ва боз такрор мекунам, ки танҳо фикру мулоҳизаи худро баён мекунам ва ба ҳеҷ ваҷҳ даъвои ҳақиқати мутлакро надорам. Биноан, дар ин ҷо калимаи "қотеона" бечо аст.

Сониян ман чунин изҳори ақида намуда ва менамоям, ки дар ҷумҳурии мо, дар миёни аҳолии маҳаллӣ, яъне тоҷикон ҳисси миллатчигӣ вуҷуд надорад. Дарвоқеъ ман ягон нафар тоҷикеро надидаам, ки он худро ё миллати худро ба миллати дигар муқобил гузошта тоҷиконро миллати истисноӣ, бехтар ва болотар аз миллатҳои дигар ҳисоб кунад. Тавре ки маълум аст, миллатчигӣ маҳз аз ҳамин, яъне миллати худро бехтар ва болотар аз ҳама ҳисоб кардан иборат аст.

Таърих гувоҳ аст, ки халқи ситамдида ва ҷафокашидаи тоҷик дар тӯли қарнҳои зиёд борҳо мавриди ҳамлаю таҷовузи қабилаҳо ва халқҳои гуногун гардидааст. Ӯро талаву тороҷ ва ғорату қатл намудаанд, шаҳру деҳоташро ба харобазор табдил додаанд. Вале халқи тоҷик дигарбора зинда мешуд, ба по мехест, боз шаҳру деҳотро обод мекард, иқтисод ва

илму фарҳангро инкишоф медод, сарвати бебаҳои маънавӣ меофарид. Ӯ муқовимат мекард, барои ҳифозати истиқлолияту озодӣ мубориза мебурд. Аммо ҳеҷ гоҳ ба хоки дигаре ҳамлаю таҷовуз накардааст, халқи дигареро қатлу ғорат ва ситам накардааст. **Башардӯстӣ, заҳматкашӣ, меҳмондӯстӣ ва раҳму шафқат аз хислатҳои хоси тоҷикон будааст.**

Албатта, ман аслан хаёли онро надорам, ки тоҷиконро дар қиёфаи идеалӣ тасвир кунам. Баръакс, ба назари банда, мо, тоҷикон, аз нуқсону камбудиҳо ва аз одату анъанаҳои нолозим ва ҳатто музир холӣ нестем. Қисмати зиёди мардум аз лиҳози иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ фаъол нестанд, дараҷаи огоҳии онҳо баланд нест. Ғамангезтар он аст, ки мо бисёр хислатҳои наҷиби миллӣ ва арзишҳои волои маънавиро аз даст дода, аз баъзе ҷиҳатҳо, ҳатто аз он чи будаем, бадтар шудаем...

Аммо барои муттаҳам намудани тоҷикон ба миллатчигӣ ҳеҷ гуна асосе вуҷуд надорад. Ҳисси ғамхорӣ нисбат ба миллати худ ва сарнавишти он, муҳофизати фарҳангу забон ва арзишҳои маънавии миллӣ, дилбастагӣ ба таърихи халқ, гиромӣ доштани ёди гузаштагони худ ва эҳтирому вафодорӣ ба расму оин ва анъанаҳои миллӣ ба ҳама халқу миллатҳои хос аст ва он на танҳо як ҳисси наҷибу хислати неки инсонист, балки барои ҳар фарзанди миллат ҳам фарз ва ҳам қарз аст. Ин гуна эҳсосот дар вуҷуди афроди миллатҳои "кӯчак", ки дар иҳотаи миллатҳои "бузург" зиндагӣ мекунанд ва хоҳ-нохоҳ таҳти таъсири хурдкунандаи онҳо қарор мегиранд, бештар ва барҷастатар мушоҳида мегардад. Ин як ҳолати табиӣ мебошад ва набояд онро ба миллатчигӣ нисбат дод, зеро чунин кор иштибоҳи бузург ва хатои фоҳиш хоҳад буд.

Ҳамин гуна саҳлангорию кӯтоҳандешӣ дар соири қисматҳои мақола низ ба назар мерасад. Чунончи, муаллифон аз ҳодисаҳои Кӯҳистони Қарабоғ ва Эстония ёдовар шуда, онҳоро "падидаҳои манфӣ, бадманиш ва миллатгароёна" тавсиф намудаанд. Саволе ба миён меояд, ки оё муаллифони мӯҳтарам аз тафсилоти он ҳодисахо огоҳии комил доранд? Оё тамоми ҷавониби онҳо ва иллатҳои ба вуқӯъ пайвастанашонро ҳамаҷониба таҳлилу таҳқиқ намудаанд? Фикр мекунам, ки не. Агар чунин бошад, магар лозим буд, ки бо шитобзадагӣ он ҳаводисро чунин яксон таъбир кунанд?

Ба назари банда, месазад, агар дар он "ҳаводис" аввал аз ҳама андӯҳи бузург ва фоҷеаи садҳо ҳазор нафар одамон ва дарду алами миллионҳо нафар қазоқҳо, арманиҳо ва эстониҳоро (на танҳо онҳоро), ки аз сарнавишти ноҷури халқи худ ба изтироб омадаанд, ташхис намоем. Фикр мекунам, ки бештар воқеъбинона ва мантиқӣ хоҳад буд, агар онҳоро ҳамчунон натиҷаи иштибоҳот ва таҳрифи сиёсати миллии ленинӣ таи даҳсолаҳои охир арзёбӣ кунем.

Мутаассифона, гуфторҳои беасосу зоҳирбинона дар бораи **забони тоҷикӣ ва мақоми он** кам нестанд. Ин ҳолат шаҳодат медиҳад, ки бисёр касон, аз ҷумла як идда олимону кормандони масъули ҳизбӣ ва давлатӣ мӯҳтавои мавзӯъ ва аҳамияти онро ба қадри лозим дарк накардаанд.

Аммо мавзӯи баҳс хеле ҷиддӣ буда, решаҳои васею амиқ дорад. Бисёр ҷавониби он ҳанӯз бо андозаи кофӣ мутолиа ва баррасӣ нашудааст ва эҳтиёҷ ба шарҳу эзоҳи бештар дорад.

Биноан, баъзе аз ақоид ва андешаҳои худро пиромуни ин мавзӯъ иброз медорам, то бошад, ки мушкилоти масъала ва роҳҳои ҳалли он равшантар гардад.

* * *

Аввал аз ҳама ин нуқтаи бас муҳимро бояд тазаккур дод, ки **забон яке аз аломатҳои асосӣ ва унсурҳои худшиносии миллат буда, ҳамзамон ҷузъи муҳимтарин ва пуразиштарин сарват ва ганои маънавии онро ташкил медиҳад.** Ҳама гуна пешрафти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии миллат дар забони ӯ таҷассум ёфта, онро ба пояҳои баландтар мерасонад. Биноан, беҳуда нест, ки забон ба сифати нишонаи пешрафти ҷамъият шинохта шудааст. Миллатҳои аз ҳар ҷиҳат рушдёфта ва озод, ки пешрафти онҳо умдатан бар пояи авомили дохилӣ устувор мебошад, яъне нерӯи пешбаранда дар вуҷуди худи он миллат нуҳуфтааст, дорои забони ғанӣ, пуробуранг ва тавоно мебошанд. Ва баръакс, халқҳои ақибмонда ва мутеъ, ки аз авомили худи рушду инкишоф бархурдор нестанд ва ё ба иллате аз онҳо маҳрум шудаанд, маъмулан забони ғанӣ надоранд, хазинаи луғавиашон маҳдуд аст.

Ҳама гуна пешрафти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии миллат дар забони ӯ таҷассум ёфта, онро ба пояҳои баландтар мерасонад.

Аз ҷониби дигар, забон дар пешрафти миллат нақши муҳим дорад, зеро тамоми ганои маънавӣ тасассути он фаро гирифта мешавад. Ҳар насли ҷадид, ҳамзамон бо аз бар кардани забони модарии худ, аз андӯхтаҳои фарҳангии ниёгони хеш баҳраманд мегардад ва ба ҳайси фарзанд ва давомдиҳандаи рӯзгор ва ҳастии ниёгони худ рушду камол ёфта, сарвати маънавии гузаштагони худро соҳиб мешавад ва онро ганитар сохта, ба ояндагон ба масобаи пурбаҳотарин ганҷ ба мерос мегузорад ва бад-ин тартиб қарзу масъулияти худро дар баробари гузаштагон ва ояндагон адо мекунад.

Чун ҳама гуна донишу маърифат ва маонӣ ва мазомини мухталиф дар қолаби мафоҳим ва калимот рехта шудаанд ва аз тариқи онҳо фаро гирифта мешаванд, аз ин рӯ хуб донистани забоне далели бисёр донистан аст ва ин амр худ василаи рушду такомули тафаккур ва зеҳни инсон буда, аз ин роҳ шароити пешрафти фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсии миллатро фароҳам месозад.

Албатта, ин мухтасар барои аҳли назар маънии тозае нест. Дар ин ҷо ҳадаф аз зикри он, аввалан, ба ёд овардани он маънии аз ёд рафта аст, ки омили умдаи ҳамагуна рушду тараққӣ иборат аз инсони бомаърифат, озод, мутафаккир ва соҳибҳунар мебошад ва, сониян, бори дигар таъкид намудани аҳамият ва арзиши фавқулоддаи забон ва забондонӣ аст. Ҷои ифтихор ва сарбаландии мост, ки ниёгон ва бузургони мо забони хеле ғанӣ, рангин ва зебову шеворо бароямон ба мерос гузоштаанд. Вале мо ворисони ин неъмати гаронбаҳо ва ганҷи маънавӣ, то чӣ андоза аз он баҳра бардоштаем? То чӣ андоза онро медонем, ҳифз мекунем, ғанои бештар бахшида ба наслҳои оянда вомегузорем? Яъне, масъулият ва қарзи худро чӣ гуна адо менамоем?

Мутаассифона, бояд иқрор шуд, ки хеле бад. Вокеан, имрӯз савияи забондонии аксарияти мардуми мо хеле поин аст ва вазъи забони модариамон сахт ногувор ва изтиробангез аст.

Барои исботи ин нукта ҳоҷат бар овардани далелу бурҳони зиёд нест. Ҳамин қадар кофист, ки *як ба атроф бингарем ва ба тарзи гуфтору шеваи баёни мардум гӯш бидиҳем, то яқин ҳосил шавад, ки дар чӣ вартаи душвор қарор гирифтаем* ва чӣ масоили бузург ва мушкиле дар пеш дорем.

Имрӯз, дар замони "маҳви комили бесаводӣ" ва "гул-гул шукуфтани фарҳанги миллат", аксарияти мардуми мо, – ин **ворисони яке аз зеботарин ва ғанитарин забонҳои ҷаҳон – дар донистани забони модарии худ ба ҳадде очизу нотавон шудаанд, ки ҳатто наметавонанд фикри худро ба соддагӣ, дуруст ва бидуни саҳву хато баён кунанд.** Ба ҳангоми сӯҳбат аз калимаҳои бегона фаровон истифода мекунанд ва ин боиси гӯшхарош, мубҳам ва олуда шудани забон шудааст. Аз ҳусну малоҳат ва фасоҳату зебоии баён ҳоҷати гап ҳам нест.

Ҳар гоҳ ба забони тоҷикӣ сухан гуфтани аксари коргарон, деҳқонон, равшанфикрон ва кормандони ҳизбу давлати худро мешунавем, аз забони қосир, шикаста, беобуранг ва олудаи онҳо, аз ачзи камол ва нотавонии тифлонаи онҳо эҳсоси дард ва шармсорӣ мекунем.

Ин ҳолат худ баёнгари он ҳақиқати талх аст, ки тӯдаҳои васеи мардум, мутаассифона, то зинаҳои болоии рушди фарҳангӣ нарасидаанд ва аз маонии баланду афкори дилписанд, аз он ғанои маънавӣ, ки дар тӯли қарнҳо тавассути ниёгон андӯхта ва дар қолаби суханҳо рехта шудааст, бенасиб ё камнасиб мондаанд.

Ин **фақри маънавӣ** корро ба таназзули фарҳанг, таҳриби пояҳои ахлоқ, ривоҷи фисқу фасод, ришвахӯрию авомфиребӣ, пулпарастию чоҳталабӣ, хӯи ғуломию хушомадгӯӣ, лоқайдию бегонагӣ, майпарастию нашъамандӣ ва амсоли онҳо хасоили номатлуб ва дур аз фазоили инсонӣ кашондааст. Бар хилофи ақидаи роич мабнӣ бар ин, ки гӯё таи даҳсолаҳои охир забони тоҷикӣ аз ҳисоби калимаҳои интернасионалӣ рушду ғанои бештар ёфтааст, дар вокеият мо ба таназзули забони гуфтор ва таҳрир рӯ ба рӯ шудаем. Метавон гуфт, ки **ин вазъи ногувор бузургтарин нуқсони**

ҷомеаи мо буда, ҳамзамон сади роҳи пешрафти он шудааст *ва оқибатҳои бас мудҳиш ва хатарнок дар пай дорад.*

Имтино варзидан аз ин ҳақиқат ва нодида гирифтани он ҷинояти бас бузург ва нобахшиданист, зеро ин мавзӯъ – мавзӯи сарнавишти миллат ва ҳастию нестии он мебошад. Дар ин ҷо аз шарҳу эзоҳи бештари ин маънӣ худдорӣ намуда, танҳо андешаи шоираи маҳбубамон Гулрухсорро ёд меорем, ки гуфтааст: *"Марги миллат аз марги забони ӯ огоз меёбад"*. Олими амрикоӣ Ирвин Грин низ ба ин маънӣ ишора намуда чунин изҳор доштааст: *"Ҳар гоҳ шахсе забони худро аз даст медиҳад, ӯ ногузир аз тамоми фарҳанги худ маҳрум мешавад"*.

Ва аммо иллати чунин падидаи номатлуб дар чист ва мо чӣ гуна ба ин ҳолати ногувор расидаем?

Ҳамон тавре ки қаблан ишора шуд, забони миллат инъикосдиҳанда ва баёнгари аҳволи он мебошад. Бинобар он сабабҳои таназзули забонро дар чигунагии зиндагии моддӣ ва маънавии ҷомеа бояд суроғ кард. Дар ҳақиқат ҳам, ин ҳолати ногувор натиҷаи як муҳити иҷтимоии номусоид ва носозгор барои рушду тараққии фарҳангу забони миллат мебошад, ки он худ бар асари як силсила равандҳои таърихӣ ва иштибоҳоти ҷиддӣ дар тартиб ва танзими сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва ҳам шеваҳои амалӣ кардани он ба миён омадааст. Теъдоди зиёди масоили сиёсӣ, идеологӣ ва ҳуқуқӣ низ бар он "мӯҳри" худро гузоштаанд. Дар ин ҷо саъй хоҳам кард, ки баъзе аз онҳоро то андозае шарҳ бидиҳам.

Яке аз сабабҳои ҳолати ногувори забони тоҷикӣ дар ҷумҳурии мо, ба ақидаи ман, иборат аз даст кашидан аз алифбои арабиасоси тоҷикӣ-форсӣ ва ба ивази он дар соли 1929 ҷорӣ кардани алифбои лотинӣ ва баъдан дар солҳои 1939-1940 гузаштан ба алифбои русӣ (кириллица) мебошад. Ин амале буд носавоб ва комилан ғалат, зеро як силсила масъалаҳои мушкилу печида ва оқибатҳои манфиро ба бор овард. Аз ҷумла, бар асари он дар байни имрӯз ва гузаштаи халқи тоҷик садди бузурге эҷод ва риштаи инкишофи таърихи мо қатъ гардид. Ин амал дар роҳи фаро гирифтани ғанои маънавии ниёгонамон монеа ба вуҷуд оварда, мардумро мисли фарзандони ятим ва бепадар аз мероси фарҳангии гузаштагонамон маҳрум ва дур сохт, ки ин ҳама боиси фикру нотавонии забони наслҳои имрӯз шудааст.

Аз ҷониби дигар, ин сиёсати ғайриоқилона корро бад-он кашонд, ки тоҷикони муқими кишвари мо аз ҳамзабонони хориҷии худ – мардуми Эрону Афғонистон ҷудо монданд ва робитаҳои фарҳангию адабӣ бо онҳо гусаста шуд, ки ин амр бидуни шак ба рушди забон ва адабиёти тоҷик таъсири манфӣ ворид кард.

Ҳаққо ки:

Ҳар ки ӯ аз ҳамзабоне шуд ҷудо,
Бенаво шуд, гарчи дорад сад наво.

(Ҷалоиддини Румӣ)

Ҳамон тавре ки маълум аст, дар Эрону Афғонистон ва ҳам дар Ҳинду Покистон осори гаронбаҳои бузургони қуруни гузашта ва шуарою нависандагони муосири ин кишварҳо ва соири кишварҳои ҷаҳон борҳо нашр шуда ва ҳам тавассути олимон ва муҳаққиқони онҳо корҳои зиёде дар таҳқиқи осори адабию фарҳангии бузургони мо анҷом дода шудааст, рисолаю мақолаҳои зиёд таълиф ва нашр шудааст. Аммо мардуми мо аз онҳо комилан бебаҳра мондаанд, зеро ба китобу мақаллаҳо ва рӯзномаи он кишварҳо дастрасӣ надоранд ва гузашта аз он аксарияти мутлақи тоҷикони шӯравӣ онҳоро хонда ҳам наметавонанд. Ҳадди ақал барномаҳои телевизионии Эрону Афғонистон дар Тоҷикистон пахш намешавад, то мардум битавонанд аз каломи фасеҳу ширин ва баёни малеҳу рангин баҳраманд шаванд.

Ҳамчунон бояд илова кард, ки *алифбои русӣ (кириллица), ки мо имрӯз аз он истифода мекунем, наметавонад тамоми хислатҳои фонетикии забони тоҷикиро ифода кунад.* Аз ҷумла, алифбои мазкур имконият намедиҳад, ки фарқи байни садонокҳои кӯтоҳ ва дароз ба хубӣ ташхис шавад, зеро онҳо бо як ҳарф ифода мешаванд. Барои мисол, дар калимаҳои меҳр, меҳмон, меҳргон, солеҳ, беҳтар… ва дар калимаҳои зебо, дебо, бекор, бедил, меҳан, сероб…, садоҳои миқдоран ва ҳам сифатан мухталиф бо як ҳарфи "е" ифода ёфтаанд. Ё худ, дар калимаҳои дил, фикр, ҳосил, соҳил, инсон, имом… ва дар калимаҳои шир, амир, панир, имон, замир, занҷир… зарияи ҳарфи "и" овозҳои аз ҷиҳати дарозӣ гуногун ишора шудаанд. Ин ҳолат боиси ба вуҷуд омадани иштибоҳот дар талаффузи калимаҳо ва норасоиҳои ҷиддӣ дар таълим ва омӯзиши забон гардида ва мегардад.

Албатта, бо дарназардошти ин матлаб саволҳое ба миён меояд, ки оё чӣ гуна ва ба кадом асос аз алифбои пешин даст кашида, алифбои дигарро ҷорӣ намуданд? Ин гуна тасмим аз тарафи кӣ ва чаро иттихоз шуд? Оё ин мавзӯъ дар маърази муҳокимаи мардум гузошта шуда буд ва ё ҷабран таҳмил гардид? Мутаассифона, аксарияти мутлақи ҳамватанони мо наметавонанд ба ин саволҳо ҷавоб бидиҳанд. Онҳо ҳамчунон намедонанд, ки чаро номи падар ва исми фомилии мо, тоҷикон, ба шакли русӣ ба иловаи суффикси "ов", "ова" ва "евич", "евна" сохта мешаванд? Чаро номҳои зебо ва анъанаҳои мо, масалан, Аҳмади Носирӣ имрӯз ба Ахмед Насырович Насыров табдил шудааст? Чӣ касе чунин амали бечо ва ношоистаро роиҷ сохтааст? Дар ин бора чизе намегӯянд, наменависанд. Лозим аст, ки ба ин саволҳо ҷавоб гуфта шавад ва ҳақиқати ҳол ошкор гардад. Умед аст, ки олимони таърихшиноси мо аз таҳқиқ ва баёни ин мавзӯъ ва соири масоили мубҳами таърихамон кӯтоҳӣ нахоҳанд варзид.

Иллати дигари таназзули забони тоҷикӣ дар он нуҳуфтааст, ки таи солиёни гузашта сиёсати ғайриоқилона нисбат ба дин ва мазҳаби мардум пеш гирифта шуд ва аҳкоми Қонуни асосии кишвар мабнӣ бар озодии сухан ва вичдон риоя нагардид. Таблиғоти густурдаи зидди мазҳаб, таъ-

қибу саркӯб намудани аҳли дин ва имон, поймол намудани ҳуқуқи онҳо, таҳқиру тавҳини эҳсосот ва шахсияти онҳо, харобу вайрон сохтани масҷиду мадрасаҳо, ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ, мамнӯъ ва нобуд сохтани китобҳои муқаддас ва ҳазорон ҳазор рисолаву китобҳои пуразриш дар улуми мухталиф аз ҷумла фалсафа, адабиёт, забон, таърих, тибб ва ғайра таъсири сахт манфӣ ба зиндагии маънавии мардум аз ҷумла, ба ҳолати забони он ворид намуданд.

Ин аъмоли хилофи қонун ва дур аз хасоили башардӯстӣ боиси зуҳур ва густариши рӯҳияи нигилистӣ, дур шудани мардум аз ҳама он чи, ки дар тӯли қарнҳо эҷод шуда буд ва бино бар сабабҳои маълум обу ранги мазҳабӣ дошт, гардид. Возеҳ аст, ки дар мухити исломӣ фарҳанги маънавии мардум наметавонист обу ранги мазҳабӣ надошта бошад. Ва агар чунин мебуд, арзише намедошт. Зеро ислом ба масобаи ҷаҳонбинӣ ва шуури иҷтимоӣ тамоми ҷавониби зиндагӣ ва фаъолияти ҷомеаро дар бар гирифта, нормаҳои ахлоқ, рафтору кирдор, зиндагии хонаводагӣ ва иҷтимоии одамонро таъин ва танзим менамуд. Дар чунин шароит адабиёт ба сифати муҳимтарин ҷузъи фарҳанги миллӣ ва инъикосдиҳандаи воқеияти рӯзгор, ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонист аз ин ҳақиқати зиндагӣ бар канор монад ва онро зарияи образҳои бадеӣ тасвир намояд.



Яке аз сабабҳои ҳолати ногувори забони форсии тоҷикӣ гузаштан ба алифбои русӣ (кириллица) мебошад.

Биноан табиист, ки дар осори бузургони мо истисноду иқтибосҳо аз Қуръону Ҳадис, киноязу ишораҳо ба гуфтори пайғамбари ислом ва ёрони ӯ, нақлу ривоёти динӣ ба ҳадди фаровон дида мешавад. Зимнан, он ҳама бо мақсадҳои мухталиф истифода шуда, аксаран барои ифодаи маонии баланди фалсафӣ, андешаҳои амиқи ирфонӣ ва андарзҳои ҷовидона хидмат кардаанд. Аз ин ҷост, ки бидуни огоҳӣ аз Ақоиду Саҳеҳ ва дини ислом, хусусан Қуръону Ҳадис, дарки саҳеҳ ва амиқи мероси адабии халқи тоҷик, билхусус осори ҷовидонаи Хайём, Саъдӣ, Мавлонои Румӣ, Ҳофиз, Бедил, Ҷомӣ ва дигарон басо мушкил ва баъзан ҳатто ғайриимкон мебошад.

Бо дарназардошти ин матлаб метавон гуфт, ки даст кашидан аз алифбои классикӣ, ки зарияи он ганои маънавии беш аз ҳазорсолаи мардум мучассам шудааст, рад кардану наҳ задан ва дур андохтани тамоми "осори динӣ" (яъне, ҳама он чиро ки бо алифбои қалбӣ навишта буданд) дар воқеияти амр маънии теша задан бар решаҳои таърихии миллатро дошт, бар решаҳое, ки ниҳоли фарҳанги маънавии онро оби зиндагонӣ мебахшид.

Ин ҳолат дар шароити таъқибу маҳкум ва саркӯб намудани аҳли дин ва равшанфикрони тоҷик, дар шароити ҳукмронии ҷабру зулм ва тарсу ваҳми ҳамагони на танҳо мардумро барои омӯхтан ва фаро гирифтани мероси ниёгони худ во намедошт, ташвиқ намекард, балки ҳатто ҳама гуна майлу рағбати онҳоро аз бех бармеканд.

Ҳамзамон бо нобуд сохтани осори хаттӣ ва одамони бесавод (тавре ки аз гуфтори калонсолон бармеояд, дар он замон на танҳо мулло будан, балки ҳатто алифбои классикиро донистан ва хондаю навишта тавонистан хатар доштааст, зеро одамонро ба ин "ҷурм" таъқибу таъбид мекарданд. Бинобар он бисёр касон худро ба бесаводӣ мезаданд), таблиғоти васеъ ба роҳ андохта шуд, ки "то инқилоби Октябр тоҷикон саросар беса-вод буданд ва танҳо аз баракати инқилоб соҳиби хату савод ва китобу маълумот шуданд". Бар асари ин гуна таблиғоти дурӯғ, ки то ба ҳол идома дорад, дар зеҳни мардум, хосатан ҷавонон фикри хато роҳ ёфта, руҳияи нигилистӣ бештар шудааст ва эшонро бар он доштааст, ки нисбат ба фарҳанги миллӣ беэътиноӣ ва дилсардӣ зоҳир намоянд.

Чунин ба назар мерасад, ки ба ҳар тартиб кӯшиш ба амал омада, то аз лавҳи хотири мардум осори гузаштагону ёди ниёгон пок гардад ва он ҳама чизро фаромӯш карда, аз "ман"-и худ маҳрум ва мисли навзоде гардад, ки аз он ҳар чӣ сохтану ба ҳар роҳ даровардан осон бошад... **Чӣ ситам бар рӯхи мардум! Чӣ ҷиноят мудҳиш!** Ин гуна аъмол якчо бо авомили дигар боиси пеш омадани чунин вазъияти ғамангез шудааст, ки холо аз мушоҳидааш дили реш-реш дорем. Чунин аст, қисмате аз натоиҷи татбиқи сиёсати бехирадона ва ҳатто ҷиноятқорона, ки алайҳи фарҳанги миллат ба дунёи маънавии он равона шуда буд.

Иллати дигари таназзули забони тоҷикӣ ба фаъолияти воситаҳои ахбори ҷамъиятӣ ва ҳунари кино вобаста аст. Ҷои шак нест, ки имрӯз воситаҳои ахбори ҷамъиятӣ, яъне рӯзномаҳову маҷаллаҳо ва радиову телевизион, беш аз ҳар вақт таъсири бузург бар рӯҳияи мардум дошта, дар ташаккул ва тарбияи афроди ҷомеа нақши муҳимро иҷро менамояд. Возеҳ аст, ки вобаста ба чигунагии шакл ва мазмуни матолиби нашршаванда, таъсири онҳо мумкин аст мусбат ва ё манфӣ бошад. Васоили иттилооти ҷамъии Тоҷикистон дар инкишофи забони тоҷикӣ дар маҷмӯъ таъсири мусбат надоштанд. Онҳо комилан таҳти тобеияти органҳои ҳизбӣ ва давлатӣ қарор дошта, аз озодӣ ва ихтиёр бархурдор нестанд ва бад-ин сабаб асолат ва хосияти худро аз даст додаанд. Қисмати зиёди матолиби онҳо иборат аз матолиби рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои марказӣ, аз қабили "Правда", "Известия" ва ғайра мебошанд, ки бо шитобкорӣ ва таҳтуллафзӣ тарҷума шудаанд. Аз ин рӯ сохти ҷумлаҳои тоҷикӣ бештар шабеҳи ҷумлаҳои русӣ шудаанд. Бар иловаи он, оҳиста-оҳиста ба ивази калимот ва ибораҳои тоҷикӣ, калимот ва ибораҳои русӣ маъмул ва роиҷ шудаанд. Дар натиҷа забони воситаҳои ахбори ҷамъӣ он ҳама зебоӣ, нафосат, ҷазобӣ, ғано ва обу ранги худро гум кард. Ин ҳолат, дар навбати худ, ба

забони шифохӣ ва таҳрири мардум таъсири манфӣ ворид намуд. (Ҷои хушист, ки дар ин авохир забони васоили иттилооти ҷамъӣ хеле бехтар ва рангинтар шудааст. Вале ҳанӯз ҷои хотирҷамъӣ нест).

Маълум аст, ки ҳунари кино аз ҷумлаи муҳимтарин ҳунарҳост ва он ба зиндагии ҷомеаи имрӯз ба ҳадди васеъ роҳ ёфта, дар ташаккул ва тарбияи зебопарастии (эстетикии) инсонҳо нақши муҳим дорад. Аммо аз бахти бади мост, ки аксарияти мардуми Тоҷикистон имконияти онро надоранд, ки аз ин василаи муҳим ба андозаи лозим истифода намуда, бо ҷаҳонбинӣ ва таҷрибаи зиндагии дигарон ошноӣ ҳосил кунанд, ақоид ва назариёти созандагони филмҳоро дақиқ ва амиқ дарк намоянд ва аз ин роҳ худро ва забони худро ғанитар созанд.

Иллаташ он аст, ки дар тамоми кинотеатрҳои Тоҷикистон, ҳатто дар дурафтодатарин деҳаҳо, ки мардум забони русиро ҳеҷ намедонанд, филмҳо бо забони русӣ намоиш дода мешаванд. Аксари филмҳое, ки ба воситаи телевизион намоиш дода мешаванд, низ ба забони русианд. Ҳатто киностудияи "Тоҷикфилм" маҳсулоти худро ба забони тоҷикӣ истеҳсол намекунад ва намоиш намедиҳад. (Ҳоло дар бораи каммаҳсул будани ин студия, сифати пасту соддалавҳона ва дур аз ҳақиқати зиндагӣ будани аксари филмҳои он гап намезанем. Масалан, ин ки чаро тоҷикон дар вуҷуди қаҳрамонони филмҳо худро, шеваи зиндагии худро, мушкилот, ғаму шодӣ ва андешаҳои худро намебинанд, намешиносанд ва дарнамеёбанд, низ як сӯ мегузорем). Вазъи мавҷуда на танҳо ба инкишофу ғанои забони модарии мардум мусоидат намекунад, балки ҳатто боиси бадтар олуда шудани он мегардад.

Пӯшида нест, ки муддати умри ҳама гуна падидаҳо бар он зарурате вобаста аст, ки боиси зуҳури онҳо шудааст. Дар сурати аз байн рафтани зарурат, ногузир падидаи марбута низ аз миён хоҳад рафт. Забон ба мисли ҳар кадом падидаи дигар, то замоне зиндаву фаъол бокӣ мемонад ва рушд мекунад, ки мардум бар он зарурат дошта бошанд, ба таври васеъ истифода намоянд, забон тамоми вазоифи худро, аз ҷумла вазоифи иҷтимоии худро ба ӯҳда дошта бошад ва дар микёси ҷомеа пайваста иҷро намояд.

Бо дарназардошти ин нукта, метавон гуфт, ки яке аз иллатҳои асосии таназзули забони тоҷикӣ иборат аз маҳдуд намудани соҳаи истифодаи он мебошад. Мутаассифона, бар асари риоят накардани сиёсати миллии ленинӣ дар Тоҷикистон таи даҳсолаҳои гузашта соҳаи фаъолияти забони тоҷикӣ ба ҳадде маҳдуд шудааст, ки хатари нобудии он дар чумхурии мо пеш омадааст.

Дар тамоми муассисаҳо ва корхонаҳои давлатӣ, дар қисмати зиёди мактабҳои миёнаи махсус, омӯзишгоҳҳо ва донишгоҳҳои олӣ ва ҳам дар институтҳои илмию таҳқиқотии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аз истифода монда ва ҷои онро забони русӣ гирифтааст. Ҷамъомаду митингҳо ва маҷлису машваратҳои расмию ғайрирасмӣ низ маъмулан ба забони русӣ

гузаронида мешаванд. Забони тоҷикӣ ҳамчунон аз соҳаи коргузорӣ берун афтодааст. Дар натиҷа кор ба ҷое кашидааст, ки тоҷикон барои дар Тоҷикистон таври мӯътадил зиндагӣ ва кор кардан маҷбуранд, ки забони русиро ҳам биомӯзанд, зеро донистани танҳо забони модарӣ кифоя нест. Ин ҳолат аз бисёр ҷиҳат тоҷиконро дар вазъи нобаробар бо аҳолии русизабон гузоштааст. Чунин нобаробарӣ ҳам ба фаъолияти иҷтимоию сиёсӣ, ҳам дар рушди забони тоҷикӣ ва ҳам фарҳанги миллӣ таъсири ногувор расонда ва мерасонад.

Яке аз сабабҳои дигари бад шудани вазъи забони тоҷикӣ дар соҳаи иқтисод нуҳуфтааст. Аҳамияти иқтисод ҳамчунон пояи моддии инкишофи фарҳанги маънавӣ ба ҳамагон маълум аст. Ҳамчунон маълум аст, ки таи солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ муваффақиятҳои чашмгир дар ин соҳа ба даст оварда шудааст. Вале бо он ҳам Тоҷикистон ба сатҳи баланди инкишофи иқтисодӣ нарасидааст. Хосатан, агар мо сатҳи пешрафти иқтисоди ҷумҳурии худро на дар муқоисаи соли 1913, балки бо дарназардошти муқтазиёти замони имрӯз ва сатҳи инкишофи кишварҳои пешрафта бисанҷем, ба хубӣ ошкор мегардад, ки ҷумҳурии мо яке аз кишварҳои ақибмонда буда, иқтисоди он бештар хислати аграрӣ дорад. Соҳаи асосии иқтисоди Тоҷикистон зироат ва молдорӣ буда, он ҳам яктарафа ва ғайриоқилона созмон дода шудааст. Зироати асосии хоҷагии қишлоқ пахта буда, он моҳиятан ба якказироат табдил ёфтааст. Майдони кишти пахта бештар аз 60 фоизи заминҳои обии мавриди истифодаи Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Дар хоҷагии қишлоқи мо қариб нисфи кормандони хоҷагии халқи Тоҷикистон машғули кор мебошанд. Дар ҳоле ки дар миқёси Иттиҳоди Шӯравӣ ин шохис фақат 19 фоиз, дар кишварҳои пешрафта фақат 2-5 фоизро ташкил медиҳад. Агар ин нуқтаро ҳам дар назар бигирем, ки тоҷикон камтар аз 1/4 ҳиссаи синфи коргари моро ташкил медиҳад ва он ҳам бисёрашон коргарони беихтисос мебошанд, возеҳ мегардад, ки аксарияти мутлақи тоҷикон дар зироату молдорӣ ва соири шуғлҳои камсамар масруфи кор мебошанд. Ҳамчунон пӯшида нест, ки истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ба андозаи лозим механиконида нашуда, асосан бар меҳнати дастӣ асос ёфтааст. Тибқи маълумоти Комитети давлатии эҳсоияи Тоҷикистон, бештар аз 90 фоизи кормандони кишоварзӣ ва молдорӣ машғули меҳнати дастӣ мебошанд (Народное хозяйство Тадж. ССР, в 1986г. Д., 1986, с.151). Аз ин сабаб дар маҷмӯъ, сатҳи самарабахши кор баланд нест. Бар иловаи он бинобар каҷравиҳо дар сиёсати нархгузорӣ меҳнаткашони деҳот дар муқобили кори пурмашаққату тоқатфарсо ва иҷборӣ дар шароити сахти иқлимӣ музди хеле ночиз мегирифтанд ва ҳоло низ вазъ чандон тағйир накардааст. Тасодуфӣ нест, ки Тоҷикистон аз лиҳози самарабахшии кор ва даромади сарона дар яке аз ҷойҳои охир қарор дорад. Масалан, музди моҳвори кормандони хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон дар соли 1987 ба ҳисоби миёна камтар аз 140 сӯмро ташкил дод, ки он аз дараҷаи умумииттифоқӣ хеле поинтар аст.

(Народное Хоз-во Тадж. ССР за 1987г. Д., 1988, с.108-109; Нар. Хоз. СССР за 70 лет. М., 1987, с.434, 435). Зимнаи инро ҳам бояд дар назар дошт, ки агар дар Иттиҳоди Шӯравӣ бештар аз 57 фоизи аҳолӣ машғули кор бошанд, миқдори кормандони хоҷагии халқи Тоҷикистон фақат 28 фоизи аҳолиро ташкил медиҳад (Нар. Хоз. СССР за 70 лет, с.373, 411; Нар. Хоз-во Тадж. ССР в 1987г. с.140-150).

Аз ин чунин бармеояд, ки аввалан, дар ҷумҳурии мо маъмулан оилаҳои калон ва серфарзанд мебошанд, ва, сониян, теъдоди зиёди мардуми қобили кор машғули кор намебошанд ва аз ин рӯ даромад ҳам надоранд.

Аз ин ҷо дарки ин матлаб мушкил нест, ки даромади саронаи мардуми мо, хосатан аҳли деҳот хеле ночиз аст. Воқеан, дар сурате ки аъзои хонаводаи як нафар марди деҳқон иборат аз 6-7 нафар бошад (ин як хонаводаи маъмулӣ ва начандон калони тоҷикон дар деҳот аст), пас маблағи 140 сӯм маоши моҳвори он ба ҳар нафар 20 сӯмӣ мерасад. Ин маблағ ҳатто барои нони хушки аҳоли ин гуна хонавода кифоят намекунад. Барои танҳо бо ғизои солим таъмин кардани чунин хонавода дар шароити нарху навои имрӯз ҳадди ақал 450-500 сӯм зарур аст. Барои рафъи эҳтиёҷоти дигар (либос, асбобу анҷоми рӯзгор, рахти хоб, бистару болин, радиову телевизион, яхдону мошини колошӯӣ ва ғайра) ҳамчунон маблағи зиёде (аз рӯи ҳисоби тахминии банда, ҳар моҳе 500-600 сӯм) зарур аст. Бар иловаи он маблағеро, ки барои сохтани чанд дар хона, тӯю меҳмониҳо, азою хайрот ва соири кор зарур аст, дар назар бигирем, ба хубӣ ошкор мегардад, ки хонаводаҳои деҳқонҳое, ки даромади моҳвораашон аз 140-150 ва ҳатто аз 200 сӯм таҷовуз намекунад, дар ниҳояти фақру бенавоӣ зиндагӣ мекунад ва аз ғизои солиму мукаммал, бисёр васоили зиндагӣ ва хадамоти маишӣ маҳруманд. Пӯшида нест, ки чунин вазъи иқтисодӣ ба инкишофи ҷисмӣ ва фикрии кӯдакон ва навҷавонон таъсири бағоят манфӣ дорад. Тасодуфи нест, ки Тоҷикистон аз ҷиҳати бемориҳо ва маргу мири кӯдакон дар кишвар яке аз ҷойҳои аввалро ишғол мекунад. Масалан, дар соли 1986-87 дар маҷмӯъ аз ҳар 1000 нафар 6,8 нафар фавт намуда бошад, фавти кӯдакони то 4-сола – 17,4 нафар ва то 1-сола – 48,9 нафар аз ҳар 1000 нафарро ташкил додаст (Нар. хоз-во Тадж. СССР в 1987г. Д., 1988, с.146).

Бештарин хонаводаҳои мардуми мо чи дар замони Шӯравӣ ва чи дар имрӯз дар ҳоли камбизоатӣ ба сар мебаранд.

Даромади ками мардум дар шароити болоравии нарху наво ва камбуду норасоии бисёре аз амволу хидамоти мавриди ниёзи аҳолӣ боиси хеле поин будани сатҳи зиндагонии моддӣ ва маънавии қисмати зиёди

аҳолӣ, хусусан мардуми деҳот шудааст. Чун қимати зиндагӣ ҳамвора боло меравад ва маоши мадум барои рафъи эҳтиёҷоташ кифоят намекунад, биноан садҳо ҳазор нафар одамон маҷбуранд, ки даст ба корҳои изофӣ бизананд ва тамоми вақти холӣ ва рӯзҳои истироҳати худро ба хотири ба даст овардани чанд сӯми дигар сарф кунанд, то буҷети хонаводаашонро андаке ҳам бошад, зиёдтар созанд. Аз ин ҷост, ки бештари ҳамватанони мо имконият ва вақту соати кофӣ надоранд, то ба таври мунтазам ба омӯхтани адабиёти бадеӣ, сиёсӣ, илмӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра машғул шаванд ва аз ин роҳ ба ҷаҳони маънӣ ва каломи бадеъ ошно шаванд ва бо фаро гирифтани гуна-гуна донишҳо забони худро низ бештар ва беҳтар равнақ бахшанд. Чун таи муддати зиёде ҳол бад-ин минвол буда ва ҳаст, дар зеҳни бисёр одамон, одамоне, ки дар як муҳити носолими иҷтимоӣ, дар шароити фосид шудани ахлоқи табақаи ҳокима ва ривоҷ ёфтани ҷоҳталабӣ, ришвахӯрӣ ва авомфиребӣ зиндагӣ мекунанд, микробу чизу пулпарастӣ нуфуз карда ва эшонро аз арзишҳои маънавӣ дур сохта ва ба ҳадде расонда, ки дар назари онҳо шаробу кабоб ва мошину дача аз сухани фасеҳу каломи зебо ва аз ашъори ҷовидонаи Саъдиву Ҳофиз ва Бедилу Мавлоно арзиши бештар пайдо кардааст. Ва ин худ нишони рукуди муҳити маънавист, ки авоқиби бас хатарнок дорад.

Дар чунин шароит бисёр касон ҳатто он чизеро ки дар мактаб ва ё донишгоҳ фаро гирифтаанд фаромӯш мекунанд. Агар ин нуктаро ҳам дар назар бигирем, ки сифати таълим дар мактабҳо ва донишгоҳои олӣ аз ҳадди лозим хеле поинтар аст ва ҳам бинобар авомили мухталиф, аз ҷумла, ба иллати ҷалб намудани шогирдон ба корҳои саҳро, аксарияти онҳо ба ҳангоми таҳсил донишу маълумоти хуб касб намекунанд, равшан мегардад, ки чаро захираи луғавии бисёре аз ҳамватанони мо чунин маҳдуд аст ва дар санъати суханварӣ ба ҳадди ғайри кобили таҳаммул нотавон ва заифанд.

Албатта, иллати зуҳуроти ин падида ҳамчунон вобаста ба он аст, ки таи даҳсолаҳои охир қонуни иқтисодии сотсиализм – тақсимот мувофиқи меҳнат, риоят нашуда ва намешавад. Бар хилофи муқтазиёти ин қонун дар ҷомеа тақсимоти мусовиёна ривоҷ пайдо кард. Адами вобастагии сатҳи зиндагии моддии кормандон ба миқдор ва сифати корашон дар бисёр ҳолатҳо боиси беаҳамият шудани арзишҳои маънавӣ, суст шудани талабот ба кори пурмаҳсул ва сифати тарбияи кадрҳо гардид. Ин дар навбати худ боиси он шуд, ки дар зеҳни шогирдони мактабҳо ва донишҷӯёни донишгоҳҳо ҳисси бемасъулиятӣ ва бетафовутӣ эҷод шудааст. Теъдоди зиёди донишҷӯён на дар сурӯғи донишҳои амиқ ва ҳамаҷониба, балки ба хотири гирифтани диплом ба донишгоҳҳои олӣ рӯй меоваранд. Зеро дар шароити ба истилоҳ "мусовот" ("уравниловка") аксаран танҳо доштани диплом кофист, ки сохиби он сарфи назар аз дараҷаи тахассус ва маҳорату лаёқати касбиаш бо вазифаю маош таъмин шавад. Баноан, агарчи донишҷӯён ба ихтиёри худ ба донишгоҳҳо меоянд, таълиму тар-

бияи онҳо, ҳамон тавре ки дар мактабҳо роиҷ шудааст, бештар хислати иҷборӣ дорад. Ин ҳолат раванди тарбияи кадрҳои баландихтисосро хеле мушкил ва сифати таълимро поин намуда, дар роҳи фаро гирифтани донишҳои амиқ, аз ҷумла омӯхтани забон монеа эҷод мекунад.

Дар ниҳоят бояд гуфт, ки бисёре аз сабабҳои вазъи ногувори забони тоҷикӣ ба чигунагии фаъолияти органҳои ҳукумат ва идораи давлатӣ вобаста аст. Дар кишвари мо давлат бо тамоми органҳои он ба як мошини бузург ва қудратманд табдил шудааст, ки ҳама чизро дар бар мегирад, ҳама корро созмон медиҳад ва тамоми масъалаҳои марбути фаъолият ва зиндагии ҷомеаро ҳаллу фасл мекунад. Дар ҷомеаи мо, маъмулан, ҳеҷ коре ё амале бидуни ихтиёр, роҳбарӣ ва ширкати органҳои ҳизбӣ ва давлатӣ сурат намепазирад. Аз ҷониби дигар, мардум, одамони оддӣ дар муқобили ин дастгоҳи нерӯманд хеле заифу нотавон буда, ҳуқуқ, озодӣ ва ихтиёри комил надоранд, дар кори қонунгузорӣ ва иттиҳози тасомим дар масоили сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ширкат намекунанд ё хеле кам ҳисса мегузоранд.

Бо назардошти ин нукта метавон гуфт, ки *органҳои ҳукумат ва идораи давлатӣ дар таназзули забони тоҷикӣ нақши муҳим бозиданд.* Дарвокеъ, ин ҳолати ногувор аз бисёр чиҳат натиҷаи амалӣ намудани як силсила иқдомоти сиёсӣ мебошад. Аз ҷумла, **қарор дар бораи даст кашидан аз алифбои тоҷикӣ-форсӣ,** ки таъсири мудҳиш ба сарнавишти забону фарҳанги мо дошт на аз тарафи мардум, балки тавассути органҳои ҳизбию давлатӣ қабул ва амалӣ шудааст. Ташаббускор ва созмондиҳандаи сиёсати шум ва доманадор бар зидди зиёиён, рӯҳониён ва аҳли дину мазҳаб ва таъқибу нобуд сохтани онҳо низ ҳамин органҳо буданд ва бо ин амали хеш зарбаи шадид бар пайкари фарҳанги маънавии миллат ворид намуданд.

Масъалаҳои номгузорӣ, тағйири номҳои шаҳру деҳот ва кӯчаву муассисаҳо низ аз ҷумла салоҳиятҳои органҳои ҳукумат ва идораи давлатӣ мебошад. Маҳз ба "кӯшишу ғайрати" онҳо бисёр шаҳру деҳот, аксарияти кӯчаву хиёбонҳо, колхозу совхозҳо ва муассисаҳову корхонаҳои Тоҷикистон имрӯз номҳои ноҳинҷор ва ғайри тоҷикӣ доранд. Барои мисол, аз ҷумлаи 200 колхозу совхозҳои пахтакори Тоҷикистон танҳо камтар аз 40-тояш номи тоҷикӣ доранду бас. Ба "шарофати" онҳо тоҷикон то ба ҳол филмҳоро асосан ба забони русӣ тамошо мекунанд. Албатта, номҳои зебо ва анъанавии тоҷикӣ на ба ихтиёри мардум шакли русӣ гирифта, бо иловаи суффиксҳои "ов", "ова" ва "ович", "овна" навишта мешавад.

Бисёре аз камбудию нуқсонҳои соҳаи маориф ва тарбияи кадрҳо низ ба фаъолияти органҳои давлдатӣ, пеш аз ҳама назорати маориф, ки тасдиқ намудани китобҳои дарсӣ ва программаҳо, тасвиби мундариҷа ва таркиби онҳо, таксими соатҳои дарсӣ барои омӯхтани мазмунҳои гуногун ва ҳаллу фасли бисёр масъалаҳои марбути таълиму тарбияро ба ӯҳда

дорад, вобастаанд. Маҳз бо дахолати ин вазорат миқдори соатҳои дарсӣ барои омӯхтани забон ва адабиёти тоҷикӣ ва таърихи халқи тоҷик ба андозаи қобили мулоҳиза кам карда шудааст, ки он боиси бесаводии тӯдаҳои васеи мардум дар масъалаҳои таърих, адабиёт ва забони тоҷикӣ шудааст.

Ин ки дар бисёр донишгоҳҳо ва муассисаҳои таълимии Тоҷикистон раванди таълим ба забони русӣ сурат мегирад ва аз ин сабаб сифати тарбияи кадрҳо поин шудааст, бе ширкати ин вазорат амалӣ нагардидааст. Сабаби ниҳоят кам будани китобҳои дарсӣ ба забони тоҷикӣ ва паст будани сифати онҳо ҳамчунон ба фаъолияти ин вазорат вобаста аст.

Тавре ки дар боло зикр гардид, яке аз сабабҳои асосии бад шудани вазъи забони тоҷикӣ иборат аз берун афтодани он аз доира истифода дар соҳаҳои идораи давлатӣ, коргузорӣ, илм ва маҳофили расмию ғайрирасмӣ мебошад. Иллати асосии ин ҳолат ҳамчунон ба фаъолияти органҳои ҳизбию давлатӣ вобаста аст. *Онҳо, ки дар ҷомеа нақши ҳалкунанда ва роҳбарикунандаро доранд, муошират ва коргузориро ба забони русӣ ба роҳ монда, ташкилоту корхонаҳои дигар ва аҳолияро низ маҷбур сохтанд, ки ба онҳо пайравӣ намуда, дар тартибу танзими аснод, ҳисобот, мукотибот ва ғайра аз забони русӣ истифода кунанд.*

Чунин ба назар мерасад, ки ин ҳолат натиҷаи омилҳои зерин мебошад: Аввалан, органҳои ҳукумат ва идораи давлатии Тоҷикистон аз ихтиёр ва истиқлолияти кофӣ дар ҳалли масъалаҳои чумҳурии мо бархурдор нестанд ва яқинан дар солҳои гузашта низ бархурдор набудаанд. Бар иловаи ин онҳо ба ҳадди лозим пухта ва корогоҳ набудаанд ва аз ин рӯ оқибати ҳамчунини амали носавоб, яъне дур андохтани забони тоҷикӣ аз соҳаҳои дар боло зикршударо натавонистанд дарк намоянд ва аз ихлоли ҳуқуқ ва манофеи миллат ҷилавгирӣ накардаанд.

Сониян, ба дастгоҳи давлат ва органҳои идорӣ ба паймонае васеъ ашхоси бемасъулият, норасида ва каммаърифат, ки аз хусусиёти ин сарзамин, аз расму оин ва фарҳанги мардум огоҳ нестанд ва ё комилан бетафовутанд ва нисбат ба онҳо дилсӯзӣ зоҳир намекунанд, ҷалб шудаанд.

Ҳамчунон омили бас муҳим иборат аз он аст, ки таи даҳсолаҳои охир мардуми зиёд аз ноҳияҳои дигари Иттиҳоди Шӯравӣ ба Тоҷикистон муҳоҷират намуданд. *Аксарияти онҳо дар шаҳрҳо сукунат ихтиёр намуда, дар органҳои ҳукумат ва идораи давлатӣ дар вазоратхонаҳо, муассисаҳо, корхонаҳо ва ғайра хеле зуд ва осонӣ дохили кору вазифа шуданд.* Надонистани забони тоҷикӣ ва хусусиёти мардуми мо барояшон ҳеҷ гуна монеа эҷод накард ва аммо *донистани забони русӣ онҳоро дар вазъи болотар аз аҳолии маҳаллӣ қарор дод ва барояшон имкониятҳои бештар ва мусоидтар фароҳам овард.*

Бояд гуфт, усулан ҳеҷ касе мухолифи муҳоҷирати мардум аз ҷое ба ҷои дигар нест. Аммо ҳеҷ ҷои шак нест, ки ин амал бояд ҳадду андозае дошта бошад. Ҳар гоҳ миқдори муҳоҷирин аз ҳадди маъқул таҷовуз ку-

над, боиси пеш омадани масъалаҳо ва мушкилоти зиёд дар соҳаҳои мухталифи зиндагии ҷомеа мешавад. Ин нуқта хусусан барои ҷумҳуриҳои нисбатан кӯчак ба мисли Тоҷикистон аҳамияти фавқулодда дорад.

Дарвоқеъ, муҳоҷирати теъдоди зиёди мардуми ғайри тоҷик ба Тоҷикистон оқибатҳои печида ва номатлубро ба бор овард. Дар ин ҷо танҳо баъзе аз онҳоро, ки ба мавзӯи баҳс иртибот дорад, тазаккур медиҳем. Аввалан, муҳоҷирати зиёд таносуби байни аҳолии маҳаллӣ ва ғайри маҳаллиро дар Тоҷикистон, хусусан дар шаҳрҳои он хеле тағйир дод. Барои мисол, дар Душанбе – маркази сиёсӣ, фарҳангӣ ва илмии ҷумҳурии мо, аҳолии ғайри тоҷик ба андозае зиёд шудааст. ки *акнун тоҷикон дар пойтахти давлати худ ақалиятро ташкил медиҳанд, ки инро наметавон падидаи мусбат арзёбӣ намуд.*

Сониян, ин амр боиси ба вуҷуд омадани муҳити ноҳамгун ва носозгор дар ҷомеаи мо ва бархӯрду омезиши фарҳангҳову арзишҳои маънавии гуногун шудааст. Зимнан як нуқтаи бас муҳимро бояд тазаккур дод, ки *фарҳанги миллии халқи тоҷик дар муқобили фарҳанги муҳоҷирон дар ҳолати нобаробар ва мутеъ қарор гирифт.* Зеро муҳоҷирон умдатан аз фарҳанги "миллати бузург" ва дорои қудрати сиёсӣ намояндагӣ карда, ҷузъи лоинфак ва давом ё як шохаи фарҳанги воҳид ва нерӯманди Русия дар Тоҷикистон мебошанд. Аз ин рӯ, фарҳанги миллии мо на бо фарҳанги ақалияти миллӣ, балки бо фарҳанги миллати бузург ва дорои қудрати сиёсию фармонраво, яъне бо фарҳанги Русия рӯ ба рӯ шуд. Биноан, дар Тоҷикистон таи даҳсолаҳои охир на фарҳанги миллати асосӣ – тоҷикон, ба ақаллиятҳои миллӣ таъсир ворид кард, балки фарҳанги "ақаллият" (муҳоҷирон) таъсири шадид бар фарҳангу забони мо ворид кард. На таъсири мутақобила ва ба ҳам наздику ғанишавии дуҷониба, балки таъсири якҷониба ва мутеъ сохтану танг кардани майдони фаъолияти забону фарҳанги мо ба вуқӯъ пайваст.

Дар саросари Тоҷикистон амалан забони русӣ ҳукмфармо буд. Ҳама навиштаҷот ба русӣ буд ва ин шиоре, ки мебинед, бозмондаи ҳамон замон аст, ки ҳанӯз бар сари бомҳои Душанбе ҷилвагар аст.

Дар чунин ҳолат, ҳукумати Тоҷикистон бинобар он ки ихтиёру салоҳияти кофӣ надошт ва надорад, на танҳо аз забону фарҳанги миллӣ ҳимоят накард, балки ҳатто дар амри бештар ба таҳти тасир мондани онҳо мусоидат намуд. Бинобар ин, ба ивази он ки муҳоҷирини ба Тоҷикистон омада забони тоҷикиро ёд гиранд, тоҷикон маҷбур шуданд, ки забони русиро биомӯзанд ва ба истилоҳ "дузабона" шаванд.

Дар натиҷаи афзудани теъдоди муҳоҷирон ба Тоҷикистон ва ҷойгузин шудани онҳо дар дастгоҳи давлат ва идораҳою муассисаҳои он, нақши забони русӣ сол то сол бештар шуда, мутаносибан эътибори забони тоҷикӣ камтару истифодаи он маҳдудтар ва он аз доираи идораи давлатӣ, коргузорӣ ва илм дур андохта шуд. Ҳамчунон вазифаи дигари забони тоҷикӣ, яъне забони муошрати байни миллатҳо низ ба забони русӣ вогузошта шуд ва он забони асосии маҷлисҳою митингҳо ва ҷамъомадҳо шуд.

Густариши рӯзафзуни забони русӣ дар соҳаҳои дар боло зикр шуда ва ҳам *дар кӯдакистонҳою мактабҳо, омӯзишгоҳҳою донишгоҳҳо, дар радиову телевизион, рӯзномаҳо ва дар кӯчаю бозор корро ба ҷое кашонд, ки акнун дар ҳама ҷо алфози русӣ нисбат ба тоҷикӣ бештар ба гӯш мерасад.* Ин ҳолат боиси сахт олуда шудани забони аксарияти мардуми тоҷик ва аз ин рӯ сақилу норавон ва беобурангу зананда шудани он шудааст.

Бадтар аз ҳама, ин муҳити сермиллат ва ноҳамгун аст, ки дар он арзишҳои маънавии гуногун, ночӯр ва ҳатто мухолифи ҳамдигар вучуд доранд, барои рушди солими инсон мусоидат намекунад ва ҳатто мумкин аст таъсири манфӣ ба раванди ташаккулёбии насли наврас ва ҷавонон бирасонад. Бояд гуфт, ки то алҳол ба ин масъалаи хеле муҳим ва ҷиддӣ таваҷҷӯҳи лозим мабзул нагардидааст ва тавре ки аз баҳсу мунозирахои имрӯз бармеояд, бисёр касон онро ба хубӣ дарк накардаанд. Олимони мӯҳтарам С.Рачабов ва Митюкова бошанд, моҳияти масъаларо аслан нафаҳмида, дар мақолаи худ, ки қаблан аз он ёд шуд, гуфтори бандаро дар ин замина ба "бемантикӣ" нисбат додаанд. Бинобар он лозим аст, ки дар ин ҷо баъзе аз ҷавониби он мухтасаран шарҳ дода шавад.

Аввал аз ҳама бояд тазаккур дод, ки пурарзиштарин ва муҳимтарин сармояи ҳама гуна ҷомеа ва ҳамзамон шарти асосии инкишофу пешрафти он худи инсон мебошад. Инсони ҳамаҷониба рушдёфта, поктинат, огоҳ, мутаффаккир ва озод, ки то зинаҳои баланди маърифат расида ва дорои вахдати вучуд мебошад: инсоне, ки бар пояи маҳками донишҳои амику васеъ ва арзишҳои волои маънавӣ устувор аст; яъне, инсоне, ки ба сатҳи камолот расидааст. Зимнан, *чунин инсонҳо, на танҳо омили умдаи пешрафти ҷомеа, балки ҳамчунин ҳадафи асосии он мебошанд.* Ва ҳар қадар теъдоди онҳо зиёд бошад, ба ҳамон андоза ҷомеа ғанитар, рангорангтар, пешрафтатар буда, дорои имконияти бештар ва авомили худи рушд хоҳад буд. Табиист, ки сатҳи зиндагии моддии мардум низ баланд хоҳад буд. Ташаккулёбии инсон – як раванди басо печида, буғранҷу мушкил ва тӯлонӣ аст. Муҳим он аст, ки ин раванд бояд мудовим, билоинкито ва ҳадафманд бошад. Зимнан, донишҳо ва арзишҳои маънавии тозае, ки бо гузашти айём фаро гирифта мешаванд, бояд бо андӯхтаҳои қалбӣ на дар ҳолати тазод, балки дар тавофут ва пайванди ногусастанӣ бошанд ва якдигарро инкор ва наҳӣ насозанд. *Ҳар пораи навбати зиндагӣ бояд*

Имрӯзи инсон бояд аз дирӯз ва фардои он аз имрӯз барояд. Дав-раҳои мухталифи умри инсон набояд аз ҳам чудо бошанд ва ё якдигарро инкор кунанд. Хулласи калом, тамоми зиндагии инсон бояд мисли як порчаи яклухт дорои мазмун ва мӯҳтавои мутавофиқ ва бо ҳам созгору пайваста бошад ва миёни "ман" ва "худ"-и инсон на ихтилоф, балки созиш вучуд дошта бошад. Танҳо дар чунин сурат раванди билоинқитои рушд ва ҳусули ваҳдати вучуди инсон имконпазир мегардад. Ва ин амр пойдорӣ ва устувории инсонро аз лиҳози равонӣ ва иҷтимоӣ таъмин менамояд, ки ин ҳолат ҳам барои зиндагии шахсии афрод ва ҳам чигунагии ҷомеа бағоят муҳим аст. Вале барои расидан ба ин поя (ваҳдати вучуд) бар иловаи шароити дигар ҳамчунон муҳити сифати муайяну мушаххас ва аз лиҳози шеваи зиндагӣ, одобу ахлоқ, расму оин, рафтору чаҳонбинӣ ва арзишҳои фарҳангию маънавӣ якхела, созгор ва ҳамгун зарурат аст.

Нақши муҳит, хосатан дар марҳилаҳои аввали ташаккулёбии инсон, хеле бузург аст. Зеро кӯдакон ва наврасону ҷавонон асосан ба сифати объекти (мафъул) таъсири муҳит зоҳир мешаванд. Дилу дида ва гӯшу ҳуши онҳо ба рӯи дунё боз буда, идроки ҳисси онҳо хеле тез ва гирост. Аммо тафаккури мантиқии онҳо ҳанӯз ба ҳадди лозим рушд наёфтааст ва таҳлилу таҷзияи равандҳои печида ва ҷилвахои рангини зиндагӣ аз тавони онҳо берун аст. Баноан, падидаҳо ва ҳаводиси муҳитро бо ҳама хубиҳош ва бадиҳош ба таври механикӣ, ғайриогоҳона ба ҳофизаи худ месупоранд.

Ҳар гоҳ инсон на танҳо аз нигоҳи ҷисмӣ, балки аз лиҳози ақлӣ низ ба пояи балоғат мерасад, таъсири муҳит бар он торафт камтар мешавад ва ӯ худ дар нақши фоил зоҳир мегардад. Албатта, рушд ва инкишофи инсон ба сӯи камолот қатъ намешавад, вале идроки муҳит ва арзишҳои ҷадиди фарҳангӣ умдатан огоҳона сурат мегирад. Биноан, ашхоси камолёфта дар муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангии ноошно андӯхтаҳои худро на танҳо аз даст намедиҳанд, балки мумкин аст, аз тариқи қабул ва ҳазми арзишҳои маънавии ҷадид, ки таври интихобӣ сурат мепазирад, ҳатто ғанитар созанд.

Аммо вақте ки наврасон ва ашхоси ноболиғ дар муҳити ҷадид, ноҳамгун ва ё бегона, ки арзишҳои гуногун, мутазод ва рафтору ахлоқи бароҳшон ноошно ҳукмрон аст, қарор мегиранд, ба осонӣ худро "гум" мекунанд. Ба онҳо эҳсоси бегонагӣ, тазалзул, бесуботӣ, ноустуворӣ ва ранҷ даст медиҳад. Зиндагӣ дар чунин муҳит, бароҳшон мушкил мешавад, зеро арзишҳои маънавӣ ва таҷибаи зиндагии онҳо, ки дар муҳити дигаре андӯхтаанд, мумкин аст камарзиш ё нолозим воқеъ шавад. Онҳо маҷбур мешаванд, ки бисёр чизҳоро дубора аз сар шурӯъ кунанд. Зимнан мумкин аст, ки бо мурури замон ҳама он андӯхтаҳои фарҳангии худро, ки қаблан дар бадали солҳои зиёди умри хеш дарёфта буданд, ба иллати "нолозим" будан, қисман ё тамоман фаромӯш кунанд. Онҳо шеваи зиндагӣ, рафтору

кирдор ва арзишҳои муҳити ҷадидро, мисли кӯдаки бетачриба, таври механикӣ ва тақлидкорона фаро мегиранд, нусхабардорӣ мекунанд. Аксаран ин кор ба осонӣ муяссар намешавад.

Солҳо мегузарад, то ин ки онҳо битавонанд ба муҳити ҷадиди иҷтимоӣ комилан одат гиранд ва нақшҳои тозаи худро ба хубӣ иҷро намоянд. Барои бисёр касон иҷрои ин кор аслан муяссар намешавад. Дар натиҷа чунин ашхос наметавонанд, то ба сатҳи ваҳдати вуҷуд, пойдории равонӣ ва ягонагию ҳамоҳангии дунёи маънавии худ бирасанд ва онро ҳифзу тақвият кунанд. Онҳо худро дар вазифаҳо ва нақшҳои иҷтимоияшон оҷизу нотавон эҳсос мекунанд, ба худ боварӣ ва итминон надоранд ва аз ин рӯ дар зиндагӣ муваффақ намешаванд, хосатан дар ҷое, ки муқтазиёти муҳит ҷиддӣ ва сахт бошад. Шуури онҳо ноҷур, "пора-пора" ва пуртазод мегардад. Арзишҳои фарҳангие, ки қаблан андӯхтаанд, дар назарашон то андозае беаҳамият мешавад ва дар айни замон аз арзишҳои ҷадид низ комилан розӣ ва қонеъ намешаванд, нисбат ба онҳо эътибору эътимоди комил ҳосил намекунанд. Аз ин рӯ, арзишҳои ҷадид, ки пурра "ҳазм" нашудаанд ва дар зеҳну қалбашон нанишастаанд, таври автоматӣ рафтору кирдори онҳоро таъйин намекунанд, зеро ин ҳолат маъмулан дар сурате имконпазир мегардад, ки он арзишҳо дар оғози ташаккулёбии инсон, яъне дар овони кӯдакӣ, фаро гирифта шуда бошад. Бар иловаи он, арзишҳои қаблан андӯхта, хосатан дар шароити идома доштани робитаҳо бо муҳити "аввалӣ", ба осонӣ намегузоранд, ки арзишҳои ҷадид "ҷои" онҳоро бигиранд.

Дар натиҷа, инсоне ба бор меояд, ки *маҳсули таъсири мутақобила ва омезиши фарҳангҳо ва тамаддунҳои мухталиф мебошад, вале ба ҳеҷ яке аз онҳо сад дар сад тааллуқ надорад.* Дунёи маънавии он пур аз тазодҳо ва пора-пора аст ва ҳар пора аз қофилаи дигар. Ӯ метавонад ҳам Саъдию Ҳофиз ва ҳам Пушкину Достоевскийро бихонад, ҳам О.Ҳошим, Ҷ.Муродову З.Нозимро ва ҳам Ф.Шаляпину Л.Зыкина ва А.Пугачёваро бишнавад, вале ҳеҷ яке аз онҳо ӯро мутаассир намесозад, ба шӯру шавқ ё дарду риққат намеорад, эҳсосоти амиқу тарабангез ва ё хузноварро дар қалби онҳо бедор намекунад. Ӯ ба мисли матои рангинест, ки аз порчаҳои гунгуни таври маснӯӣ бо ҳам часпонида сохта шудааст.

Ин ҳолат аломати ноқис будани шахсияти чунин ашхос мебошад ва онҳо бо номи "маргинал" мусаммо шудаанд. Албатта, вобаста ба шароити муҳит ва чигунагии таъсири авомили мухталифи он дараҷаи маргиналии ашхос метавонад мухталиф бошад. Вале дар маҷмӯъ ин падидаи бадфарҷом аст. Зеро чунин ашхос аз фарҳанги миллии хеш ва арзишҳои маънавии он бехабар ва дур мондаанд. Аз ин рӯ нисбат ба онҳо беэътиноӣ ва қадршиносӣ зоҳир мекунанд. Дар воқеъ, масалан, як нафар фарзанди тоҷик танҳо дар сурате ба қадри Саъдию Ҳофиз, Мавлоною Бедил ва дигар худовандони маънӣ мерасад ва осори гаронмояи онҳоро дурусту амиқ дарк карда метавонад ва аз шунидани як порча шеъре аз онҳо ба

вақд меояд, ки бисёр таҳсил карда, ғанои маънавии миллати худро фаро гирифта бошад, аз доираи оддӣ ва мутаориф берун омада, ба пояи баланди маърифат расида бошад, каломи бадеъ ва маонии баландро парастиш кунад. Яъне бо тамоми тору пудаш мансуби фарҳанги миллии тоҷик ва оганда аз арзишҳои маънавии он бошад.

Мутаассифона, теъдоди ашхоси маргинал дар ҷомеаи мо, хусусан, дар байни кормандони ҳизбу давлат ва зиёиён кам нест. *Онҳо бидуни шак дар поин омадани эътибор ва нуфузи забони тоҷикӣ ва олудаю гӯшхарош шудани он ва ҳамчунон хору беқадр шудани фарҳанги миллӣ "саҳми" худро гузоштаанд.*

Бар асари муҳоҷирати беандозаи аҳолии ғайри тоҷик ба Тоҷикистон ва ба вуҷуд омадани муҳити ноҳамгун ва мутаноқиз оқибатҳои номатлуби дигар низ ба бор омадааст. Аз ҷумла, аз шиддат ёфтани масъалаи ба кор ва хона таъмин намудани аҳолӣ бархӯрди арзишҳои мухталифи маънавӣ ва поин омадани қадру қимати фарҳанги миллии тоҷик, тахриби пояҳои ахлоқ ва ривоҷ ёфтани чиноятқорӣ, адами тағйироти чиддӣ дар сохтори иҷтимоии миллати тоҷик дар натиҷаи "тақсими кор" байни аҳолии маҳаллӣ ва ғайри маҳаллӣ *(барои аҳолии маҳаллӣ асосан кор дар деҳот, дар хоҷагии қишлоқ, барои муҳоҷирон – шаҳр, идора, саноат)*, ривоҷ ёфтани рӯҳияи пулу чизпарастӣ, лоқайдӣ ва бетафовутӣ, адами ғамхорӣ ва муносибати дилсӯзона нисбат ба ин сарзамин ва сарнавишти он, сахт олуда ва тахриб шудани муҳити зист ва дар ниҳоят, аз тезутунд шудани муносибати байни миллатҳо метавон ёдовар шуд. *Яке аз иллатҳои асосии чунин падидаи ҳузнангези ҷомеаи мо* – худсӯзонию худкушии духтарон ва ҷавонзанони тоҷик, ба назари банда, ҳамчунон **дар тазодҳои муҳити зисти ноҳамгуни мо** *ва бархӯрди арзишҳои мухталифи маънавӣ нуҳуфтааст.* Аммо баррасӣ ва шарҳу эзоҳи ин масоил як баҳси муфассал ва алоҳидаро иҷоб менамояд.

Барои аҳолии маҳаллӣ асосан кор дар деҳот – дар соҳаи кишоварзӣ, барои муҳоҷирон – шаҳр, идора, саноат муқаррар шуда буд.

Албатта, ҳукумати Тоҷикистонро лозим буд, ки тамоми оқибатҳои ногувори ин равандро дар назар гирифта, миқёс ва самти муҳоҷирати аҳолиро танзим ва маҳдуд кунад ва чораҳои лозимро биандешад, то соҳаи истифодаи забони тоҷикӣ маҳдуд нагардад.

Вале он на танҳо аз муҳоҷирати беҳаду андоза ҷилавгирӣ накард, балки ҳатто ба хотири иҷрои планҳои машкуки истеҳсолӣ миқдори зиёди коргарон ва мутахассисонро аз дигар ноҳияҳо даъват ва ҷалб намуда,

бо додани имтиёзҳо ва муҳайё сохтани шароити мусоид барои онҳо раванди мухоҷиратро афзоиши бештар бахшид.

Дар айни замон, ҳукумати ҷумҳурии мо ба масъалаи истифодаи самарабахши қувваҳои кори Тоҷикистон ба ҳадди лозим таваҷҷӯҳ накард. Ҳарчанд ки дар аксари ноҳияҳои зироатии Тоҷикистон аз солҳо ба ин тараф масъалаи бо кори пурсамар таъмин кардани аҳолӣ ҳал нашудааст ва биёр дехоти мо аз касрати аҳолӣ ва бекорӣ ба танг омадаанд, ҳукумати Тоҷикистон шароити мусоиди маишӣ ва иҷтимоию фарҳангиро барои ба паймонаи васеъ ҷалб кардани мардуми деҳот ба шаҳрҳо ва истеҳсолоти саноатӣ муҳайё насохт. Дар ҷараёни шаҳрсозӣ ва танзими маҳалҳои сукунати мардум на танҳо анъанаҳо ва расму оини миллӣ ва хусусиятҳои рӯзгордории мардуми тоҷик дар назар гирифта нашуда ва намешавад, балки ба мардуми тоҷик имконияту иҷоза намедиҳанд, ки дар шаҳрҳо, тавре ки лозим медонад, барои худ хонаву ҷой дуруст кунанд ва ҳатто барои он идда ҷавононе, ки аз ночорӣ розианд дар хонаҳои барои тоҷикон номуносиб ва номусоиди шаҳрҳо зиндагӣ ва кор кунанд, ба осонӣ сарпаноҳе намедиҳанд. Ононе, ки аз деҳот ба қасди сукунат ба шаҳрҳо меоянд, маҷбуранд, ки 15-20 сол дар ба дару кӯй ба кӯй оовараву сарсон бигарданд, то ба яке аз он хонаҳои бетонӣ, ки ба шароити иқлимӣ ва урфу одати мардуми мо ҳеҷ мувофиқ нестанд, ба сифати "соҳибхона" дохил шаванд. Шаҳрҳои мо, алалхусус шаҳри Душанбе, бо доштани чунин шароити номусоид барои мардуми маҳаллӣ, на танҳо мардуми деҳотро ҷазб намекунанд, балки аз худ дур меандозанд.

Тасодуфӣ нест, ки имрӯз баъд аз сипарӣ шудани беш аз 70 сол аз барқарор шудани Ҳокимияти Шӯравӣ **миқдори тоҷикон дар шаҳрҳо ва хусусан дар байни коргарон ва кадрҳои соҳибтахассуси корхонаҳои саноатӣ ва сохтмон хеле ночиз аст.** *Ин амр дар таҳаввулу тараққии миллат ва забону фарҳанги он бетаъсир намондааст.*

Ин ҳама, ба акидаи банда, натичаи тахриф ва дур рафтан аз усули ленинии сиёсати миллӣ мебошад, ки он умдатан, дар бехадду андоза марказият ёфтан ва бюрократӣ шудани ҳукумат, поймол кардани принсипҳои демократия ва худидоракунӣ зоҳир шудааст. Ин ҳолат боиси фишору тазйиқ ва диктату фармонравоии органҳо ва идорахои марказӣ, накзу тахаллуфи истиқлолият ва соҳибихтиёрии ҷумҳуриҳо, ба эътибор нагирифтани манофеи онҳо, маҳдуд кадани ҳукуқи халқҳо дар ҷихати рушду инкишофи озод ва мустақил шудааст. Дар шароити як кишвари хеле бузург ва сермиллат органҳо ва идораҳои марказӣ натавонистанд, ки масоили пешомадаро сари вакт ташхис ва ҳал кунанд. Органҳои ҳукумат ва идораи давлатии ҷумҳурии мо, ки аз мустақилӣ ва салоҳиятҳои лозим бархурдор нестанд ва дар ҳар қадам, ҳатто барои ҳалли масоили ночиз ва хурду реза ба органҳои марказӣ мурочиат мекунанд, хамчунон дар рафъи фаврии мушкилот оҷиз мондаанд. *Онҳо хосияту мушаххасоти ҳукумати соҳибихтиёр ва комилҳуқуқро аз даст дода, амалан ба як ҷузъи*

механизми бузург ва камҳаракати идораи давлатии кишвар ва иҷрокунандаи гӯш ба фармони сиёсати органҳои марказӣ табдил ёфтаанд.

Яке аз сабабҳои чунин ҳолат, ба назари ман, иборат аз он аст, ки ба ҳангоми ташкил додани органҳои ҳукумат ва идораи давлатӣ принсипҳои демократии сохтмони давлати миллӣ риоя намешуданд. Ҳарчанд ки зоҳиран интихобот сурат мегирифт, дар амал мансабдорони органҳои давлатӣ аз "боло" таъйин мешуданд. Аз ин ҷост, ки *роҳбарон ва кормандони дастгоҳи давлат ва идораҳои он на дар хидмати мардум, балки дар болои он қарор гирифтанд ва аз кору фаъолияти хеш на ба мардум, балки ба органҳои марказӣ, ки онҳоро тақаррур намудаанд ва ҳар лаҳза метавонанд таъвиз кунанд, ҳисобот медоданд ва медиҳанд.*

Адами риояти принсипҳои демократия ва назорати воқеии мардум аз болои органҳои ҳукумат ва идораи давлатӣ боиси бештар бюрократӣ шудани онҳо, нуфузи ашхоси ҷоҳталаб ва нолоиқ ба он дастгоҳ ва ривоҷ ёфтани падидаҳои манфӣ, аз қабили фасод, ришвахӯрӣ ва соири нобасомониҳо шудааст.

Манофеъ ва мақосиди ин дастгоҳи бюрократии давлатӣ, ки дорои механизми махсуси худсозӣ мебошад, аз манофеъ ва армонҳои мардум аз бисёр ҷиҳат тафовут пайдо кард. Бад-ин сабаб органҳои давлатӣ на танҳо ба хотири рафъи эҳтиёҷот ва бароварда сохтани орзӯҳои мардум иқдом намекунанд, балки аксар вақт онҳоро нодида мегиранд.

Албатта, чунин ҳолат наметавонист, оқибатҳои нек дар пай дошта бошад ва тавре ки зиндагӣ нишон дод, вай меваҳои талх ба бор овард. Ривоҷу равнақ ёфтани усули фармонравоӣ дар умури идорӣ, таҳрифи принсипҳои демократия, ҷабран тахмил кардани иродаи "раҳбарони" худхох, ба эътибор нагирифтани қонунҳои айнии инкишофи ҷомеа, маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои фардӣ, пуркудратии органҳои ҳукумат ва оҷизу нотавонии мардуми оддӣ, то ба ҳадди ифрот идеологӣ сохтани тамоми соҳаҳои зиндагӣ, таҳти фишор қарор додани шахсияти инсонҳо ва омилҳои дигар, ногузир ҷомеаи моро ба мушкилоти зиёд ва масоили бас печида ва ҷиддӣ рӯ ба рӯ сохтанд.

Чунинанд баъзе аз сабабҳое, ки ба назари банда, **ба таназзули забони тоҷикӣ дар Тоҷикистон оварда расонданд.**

Ҷои хушист, ки ба шарофати бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ бисёр чизҳо тағйир ва беҳбуд меёбанд. Ҳамакнун гомҳои маҳкам дар роҳи эҳёи принсипҳои сотсиализм ва демократия ва баланд бардоштани накши шӯрохою инсони заҳматкаш бардошта шудааст. Агарчи то ба демократияи воқеӣ ва фаъолияти баланди ичтимоӣ ва сиёсии тӯдаҳои васеи мардум ҳанӯз хеле фосила дар миён аст, самти умумии ҳаракати мо, фаъолияти рӯзафзуни мардум ва пуштибонии қатъии онҳо аз аҳдофи бозсозӣ, ислоҳоти муҳиме, ки ҳоло амалӣ хоҳад шуд, умеду имони моро бар ҳалли муваффақонаи бисёр масоил ва мушкилоти дарпешистода бештар ва қавитар месозад.

Албатта, **ҳеҷ ҷои шак нест, ки вазъияти мавҷудаи забону фарҳан-ги миллии мо низ бояд ислоҳ шавад ва забони модарии мо дубора эҳё ва мақому мартаба ва эътибору нуфузи худро соҳиб шуда, воқеан ба "пояи миллат" ва давлати он табдил гардад.** *Гузашта аз он, ин масъала ба ҳуқуқи миллат иртибот дорад ва набояд он аз ин ба баъд ҳам поймол гардад.* Магар саволе ба миён меояд, ки оё чӣ гуна метавон ба эҳёи забони тоҷикӣ даст ёфт? Чӣ тадбирҳое андешида шаванд, то масъала ҳал гардад?

Возеҳ аст, ки барои эҳёи забон бояд омилҳо ва сабабҳое, ки боиси таназзули он шудаанд, рафъ гарданд. Албатта, барои ин бояд корҳои зиёде анҷом гирад. Дар ин ҷо кӯшиш мекунем, то баъзе аз тадбирҳои лозимро зикр намоем. Бо дарназардошти он ки ҳоло коммисияи Шӯрои Олии Тоҷикистон машғули барасии ақидаю пешниҳодҳои мардум пиромуни ин масъала мебошад ва ҳам ба Пленуми КМ КПСС оид ба масъалаҳои муносибатҳои байни миллатҳо омодагӣ гирифта мешавад, фикр мекунам, ки баёни ин матолиб аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

Аввал аз ҳама бояд гуфт, ки дар шароити мавҷуда *яке аз муҳимтарин тадобири эҳёи забони тоҷикӣ ва мақому эътибори он дар ҷомеаи мо* ҳамоно **мақоми давлатӣ додан ба забони тоҷикӣ дар Тоҷикистон аст ва ин як амри зарурӣ ва ҳатмист.** *Пешниҳодот ва талаби мардум, аз ҷумла аҳли адабу илм ва равшанфикрони мо дар ин бобат комилан дуруст ва маъқул аст.* Возеҳ аст, ки ин гуна тадбир аз ночорӣ аст ва зимнан кӯчактарин нияти садама задан ба забони дигар миллатҳо дар назар нест. Ин матлабро ҳамагон бояд ба хубӣ дарк кунанд. *Имрӯз забони тоҷикӣ дар вазъияти бӯҳронӣ қарор дошта, фавқулодда ба ҳимоят ва пуштибонии давлат эҳтиёҷ дорад.* Ҳамогон огоҳанд, ки сиёсати ғалату бехирадона ва ҷабран болои мардум тахмил шуда буд, ки корро ба ин ҷойҳо кашонд. *Акнун ҳукумати мо ба сифати қудрати нерӯманди мардумӣ, бояд ба нидои халқ гӯш фаро дода, талаби барҳақ ва одилонаи онро қонеъ созад ва дар ҷиҳати рафъи оқибатҳои манфии иштибоҳот ва ҷиноёти қаблан содиршуда гом бардорад, то ин ки забони тоҷикӣ аз вазъи ногувор наҷот ёбад ва заминаи рушду равнақи баъдии он фароҳам гардад.* Барои расидан ба ин ҳадаф лозим аст, ки дар қаламрави Тоҷикистон истифодаи забони тоҷикӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъмин ва тазмин гардад. *Аз ҷумла мебояд, ки таълиму тарбия дар кӯдакистонҳо, мактабҳо, техникумҳо, омӯзишгоҳҳо ва донишгоҳҳои олӣ ва кору коргузорӣ дар тамоми муассисаҳои илмӣ, корхонаҳо, идораҳо, вазоратхонаҳо ва дастгоҳи давлат ба забони тоҷикӣ созмон дода шавад.* Албатта, барои амалӣ шудани ин матлаб лозим аст, ки роҳбарону кормандони ҳизбию давлатӣ, вазоратхонаҳою идораҳо ва муассисоту корхонаҳо **забони тоҷикиро ба хубӣ бидонанд.**

Ин амал (истиқрори мақом ва мартабаи забони тоҷикӣ) барои он зарур аст, ки фарзандони халқи тоҷик на гунгу безабон ва оҷизу нотавон, балки ба сифати инсонҳои фозил, бомаърифат, фаъол ва мисли ниёгони худ су-

ханшиносу зебопараст ва башардӯст ба камол расанд ва ниҳоят, битавонанд, ки дар хоки худ тамоми масоили хурду бузурги худро зарияи забони модарии худ ҳаллу фасл кунанд. **Ин ҳаққи табиӣ ва қонунии халқи тоҷик аст ва ҳеҷ касе набояд дар ин кор ба вай монеъ шавад!**

Аз ин ҷо дарки ин матлаб мушкил нест, ки *ба забони тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ ҳадаф нест, балки василаи ҳалли бисёр масоили муҳим ва сарнавиштсози миллат аст, ки аз солҳо ба ин тараф ба миён омада, то кунун бидуни ҳал мондаанд.* Бинобар он бояд як силсила тадбирҳо ва чорабиниҳо андешида шавад ва амалӣ гардад.

Возеҳ аст, ки дар шароити мушаххаси ҷумҳурии мо дар иртиботи ин мавзӯъ як теъдод мушкилот пеш меоянд. Яке аз онҳо – масъалаи забони муоширати байни намояндагони миллатҳост, ки ин вазифаро то ҳол забони русӣ иҷро мекунад. Ҳоло аз таҳлили тамоми ҷавониби ин масъала худдорӣ карда, фақат ҳаминро тазаккур медиҳам, ки *агар забони тоҷикӣ забони давлатӣ ва забони русӣ – забони муоширати байни миллатҳо эълон гардад, дар он сурат яқинан вазъи фалокатбори мавҷуда ҳеҷ тағйир нахоҳад кард.* Биноан, пешниҳод мекунам, ки танҳо забони тоҷикӣ ба сифати забони давлатии Тоҷикистон эълон гардад ва вазифаи забони муоширати байни миллатҳоро низ иҷро кунад.

Дар огози солҳои навадуми садаи гузашта даҳҳо ҳазор мардум дар кӯчаҳои Душанбе ба пуштибонӣ аз ҳуқуқи миллат ва забони худ тазоҳурот карда буданд.

Дар иртибот пешниҳодҳои дагар мабнӣ бар забони давлатӣ эълон намудани забонҳои русӣ ва ӯзбакӣ бояд гуфт, ки муаллифони онҳо ба назари ман, моҳияти мавзӯъро ба хубӣ дарк накардаанд ва ё аз тангназарии хеш вазъияти пешомадро нодида мегиранд. **Сухан дар бораи ҳуқуқи миллат ва манофеи он меравад**, *на дар бораи ашхоси алоҳида ё намояндагони миллатҳои дигар дар Тоҷикистон, масъалаи забони русӣ – марбути миллати рус аст ва миллати рус аз чандсад ҳазор нафар намояндагони он, ки дар Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, иборат нест.* Забони тавоно ва рушдёфтаи русӣ дар кишвари паҳновари Русия забони давлатӣ аст ва ҳеҷ чизе ва ҳеҷ касе бар он тахдид намекунад ва эҳтиёҷоте ҳам надорад, ки миллатҳои дигар бар ҳимояи он бархоста, онро ба сифати забони давлатӣ дар ҷумҳуриҳои миллӣ эълон кунанд. Айни ин чизро дар мавриди забони ӯзбакӣ ва забонҳои дигар метавон

гуфт. Дарки ин маънӣ мушкил нест, ки имрӯз дар Тоҷикистон забони тоҷикӣ дар ҳолати ногувор ва мӯҳтоҷи ҳимоя аст, на русӣ ё ӯзбакӣ. **Дар Тоҷикистон ҳуқуқи тоҷикон поймол шудааст, на русҳо ва ин забони тоҷикӣ аст, ки аз доираи истифодаи қонунии худ дур андохта шудааст,** *на русӣ ё ӯзбакӣ.* Илова бар он забони давлатӣ эълон шудани забони тоҷикӣ ба забони русӣ ҳеҷ гуна таъсир ва таҳдид намекунад. Вале додани мақоми давлатӣ ба забони русӣ дар Тоҷикистон зарбаи мудҳише хоҳад буд ба забону фарҳанги миллати тоҷик.

Гузашта аз он, дар Тоҷикистон бар иловаи забони тоҷикӣ забони давлатӣ эълон кардани забонҳои русӣ ва ӯзбекӣ, маънии поймол кардани принсипҳои ленинии баробарҳуқуқии миллатҳо ва забонҳоро дорад ва аслан хилофи демократия ва ақли солим мебошад… *Барои таъмини баробарҳуқуқӣ кофист, ки дар ҷумҳурӣ танҳо як забон – забони миллати асосӣ* ***забони давлатӣ*** *бошад.*

Дар мавриди ононе, ки худ забони тоҷикиро намедонанд ва ё хуб намедонанд ва аз ин рӯ тақозои ду (ё се) забони давлатиро мекунанд, бояд гуфт, ки онҳо аз сабаби дарки амиқ надоштанашон мехоҳанд манофеи миллатеро қурбони манофеи шахсии худ созанд.

Ҳамчунон дар мавриди ононе, ки зарурати дар мактабҳои олӣ ба забони тоҷикӣ таълим додани фарзандони халқи тоҷикро рад мекунанд, бояд гуфт, ки чунин мафкура баҳонае беш нест. Возеҳ аст, ки фориғони донишгоҳҳои Тоҷикистон умдатан дар миёни мардуми тоҷик кор ва зиндагӣ хоҳанд кард ва *мардум ба духтурону инженерон ва агрономҳою мутахассисони кордону ҳолдон зарурат доранд, на ба кадрҳои гунгу нодон.* На танҳо эҳёи забону фарҳанги миллати тоҷик, балки пешрафти иқтисодию ичтимоии Тоҷикистон ҳамин чизро тақозо мекунад.

Зимнан, инро ҳам бояд хотирнишон кард, ки мақоми давлатӣ додан ба забони тоҷикӣ дар Тоҷикистон маънии маҳдуд кардани ҳуқуқи намояндагони миллатҳои дигарро надорад. Албатта, лозим аст, ки тадобири зарурӣ барои инкишофи мӯътадили онҳо андешида шавад.

Дар иртиботи ин мавзӯъ ногузир масъалаи дузабонӣ ва бисёрзабонӣ пеш меояд. Вақтҳои охир дар ин бора зиёд гап мезананд ва маъмулан чунин изҳор медоранд, ки дузабонӣ барои мо ҳатмӣ ва зарурист. Дар рӯзномаи "Коммунист Таджикистана" борҳо бо ҳарфҳои дурушт ин шиорро нашр кардаанд, ки "Двуязычние – норма нашей жизни" (яъне "Дузабонӣ – мароми зиндагии мост").

Ба назари ман, дар ин маврид ба саҳлангорӣ ва кӯтоҳандешӣ роҳ дода шудааст. Аввал аз ҳама *саволе пеш меояд, ки оё дузабонӣ чӣ маънӣ дорад ва ба кадом асоси ҳуқуқӣ чунин мафкура талқин мешавад?* Ҳамагон бояд дузабона бошанд ё қисмате аз аҳолӣ? Агар на ҳама, пас кадом қисми мардум бояд ду забонро донанд? Ва чаро дузабонӣ мароми зиндагии мост?

Агарчи тафсири соддагароёнаи истилоҳоти мазкур роиҷ аст, вале

возеҳ аст, ки танҳо дар сурате метавон касеро дузабона ва ё бисёрзабона номид, ки он ду забон ё бештар аз онро бахубӣ донад. Аммо ба хубӣ донистани забон чӣ маънӣ дорад? То чӣ андоза касе бояд забонеро фаро гирад, то ки шоистаи ин ном бошад? Оё зинаи поинтарин, ки баъд аз он забондонӣ оғоз мегардад, кадом аст?

Ба назари ман, ҳангоми муайян намудани ин зинаи поинтарин ё ҳадди ақали луғатҳо ва калимаҳо, бояд ин нукта мадди назар гирифта шавад, ки забон – ин василаи маърифат, муошират ва фаъолияти гуногун мебошад, ки аксаран дар ягонагӣ зоҳир мешаванд. Биноан, касеро танҳо дар сурате метавон забондон ҳисобид, ки агар ӯ забонро ба андозае, ки барои иҷрои мақосиди дар боло зикршуда зарурат аст, фаро гирифта бошад. Яъне бо ин забон дар мавзӯъҳои маишӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, адабӣ ва ихтисосӣ, ақаллан битавонад озодона ва беғалат гуфтори дигаронро фаҳмад, худ сухан кунад, хонад ва нависад.

Возеҳ аст, ки барои расидан ба чунин савия хеле заҳмат кашидан ва вақти зиёде сарф кардан зарур аст. Албатта, ҷои шак нест, ки инсон ҳар қадар забонҳои зиёдро фаро гирад, ба ҳамон андоза барояш беҳтар аст. Донистани забонҳои зиёд фазилати бузург ва муфид аст, хосатан имрӯз, ки тақсими байналхалқии кор, ҳамкориҳо, алоқаҳо ва вобастагии мутақобилаи кишварҳо ва халқҳо беш аз ҳар вақт амиқтар ва густурдатар шудааст.

Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки *дузабонӣ ё бисёрзабонӣ то чӣ андоза зарур ва имконпазир аст?* Албатта, гап дар бораи як гурӯҳи муайяни одамон, кормандони баъзе соҳаҳо, аз ҷумла илм намеравад. Онҳо бинобар хусусияти корашон ба донистани чанд забон эҳтиёҷ доранд ва ҳам аз имконоти лозим ва ҳатто баъзан истеъдоди хуб ҳам бархурдоранд. Гап дар бораи тӯдаи васеи мардум аст, ки дар ноҳияҳои мухталиф аз ҷумла, дар деҳот зиндагӣ ва кор мекунанд. Оё дар сурати риоя шудани тамоми ҳуқуқҳои инсон ба онҳо лозим аст, ки забони дуюмро низ бидонанд? Агар зарур аст, пас чаро? Ба кадом асос? Ва дар ниҳоят, оё онҳо метавонанд, ки ду ё се забонро, хусусан русиро, ки хеле печида ва мушкил аст, фаро гиранд? Хосатан дар ҷое, ки ҳатто барои дуруст омӯхтани як забон – забони модариашон – шароит ва вақти кофӣ надоранд, оё ин кор имконпазир аст? Равшан аст, ки ин аз тавони онҳо берун ва ғайриимкон аст. *Ба хубӣ донистани забон ё забонҳо танҳо дар сурате имконпазир аст, ки он таври муназзам омӯхта ва дар тӯли зиндагӣ пайваста такмил дода шавад.*

Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, ҳатто дар чунин ҳолат на ҳамеша натоиҷи матлуб ба даст меояд. Бисёре аз онҳое, ки дар тӯли солиёни мутамодӣ, таври муназзам ба забони русӣ сӯҳбат мекунанд, менависанд ва дар кору зиндагии худ аз он истифода мекунанд, тавонистанд, ки ба қадри кофӣ онро фаро гиранд ва беғалату тоза гап зананд. Бисёр ашхосе, ки ба вазифа ва унвонҳои баланд соҳиб шудаанд, на танҳо ба забони русӣ,

балки ба забони модарии худ низ таври дуруст сӯҳбат карда наметавонанд.

Ба ҳар сурат фарз мекунем, ки тӯдаҳои васеи мардум бо заҳмати зиёд як забони дигарро фаро гирифта дузабона шуданд. Хуб, баъд чӣ? Баъд барои он ки забони омӯхтаашонро фаромӯш накунанд, лозим аст, ки ҳамеша ва фаъолона онро истифода баранд, яъне пайваста ба он забон сӯҳбат кунанд, хонанд, нависанд, шунаванд ва ғайра. Вагарна меҳнату вақти барои омӯхтани он сарфшуда беҳуда барбод меравад.

Аммо дар куҷо ва чӣ гуна онро истифода кунанд? Агар аз забони дуввум ба ивази забони модарии худ истифода кунанд, (ки он ҳам як муҳити марбутро иҷоб мекунад), пас ин кор боиси фаромӯш шудани забони модариашон мешавад. Ва агар ҳаду забонро ҳамзамон истифода кунанд, дар он сурат забонашон ба ҳадде олуда мешавад, ки ҳар инсони бомаърифат аз он нафрат мекунад. Ашхосе, ки ба шеваи махлут ва олуда гап мезанад, яъне ҳеҷ яке аз ду забонро ба хубӣ намедонанд, ногузир ба инсонҳои ноқис ва маргинал табдил меёбанд, ки ин ҳолат аз бадбахтии онҳо ва ҷомеа шаҳодат медиҳад.

Ҳамон тавре ки мебинем, ин масъалаи хеле ҷиддӣ ва мушкил аст. Бинобан, бидуни мутолиаи ҳамаҷониба қабул кардани қарорҳои беасос ва ба дараҷаи сиёсати расмӣ бардоштани дузабонӣ, ҷабран таҳмил кардани он болои мардум ба қимати гарон тамом шуда, оқибатҳои манфӣ ба бор меорад. Чунин оқибатҳо аллакай зоҳир шудаанд. Аз ҷумла, *вазъи бади забони тоҷикӣ, олудагии он, маҳдудияти муқтазиёти маънавии мардум, аз ҷиҳати сиёсӣ ва иҷтимоӣ фаъол набудани онҳо, хароб шудани пояҳои ахлоқ ва ғайра натиҷаи ҳамин гуна сиёсат аст.*

Бо дарназардошти ин матолиб оё зарур аст, ки ин қадар заҳмат ва вақт ба харҷ дода, мардумро дузабона созем? Хосатан, ки самараи он дар муқобили масорифи бузург хеле ночиз ва ҳатто манфӣ аст?

Магар беҳтар нест, ки нерӯи мардум аввал аз ҳама барои ҳалли масъалаҳои муҳими иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва экологӣ равона шавад? Ҳалли ин масъалаҳо ҳамчунон кору заҳмат ва маблағу вақти хеле зиёдро талаб мекунад. *Аммо умри инсонҳо кӯтоҳ ва корҳои муҳимтар аз дузабонӣ дар зиндагӣ бисёранд.* Масрафи ғайриоқилонаи вақти танги мо боиси зоеъоти бузург ва беҳуда дар миқёси ҷомеа мегардад. Ба ҳар сурат, масъалаи дузабонӣ набояд дар утоқҳои ором ва дарбастаи як теъдод ашхоси соҳибмансаб ҳал шавад. Онро бояд мардум ҳал кунад, зеро мустақиман ба ҳуқуқ ва манофеи миллат ва ҳар шахс дахл дорад ва ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки дар ин кор ба ҷабру зӯрӣ роҳ диҳад. Омӯхтани забони дуюму сеюм бояд комилан ихтиёрӣ бошад.

Гузашта аз он ҳукумати ҷумҳурии мо мукаллаф ва муваззаф аст, ки иродаи халқро ба инобат гирифта, шароити лозимро барои рушду пешрафти солими миллат дар асоси пояҳои худи он фароҳам созад.

Ҳамчунон лозим аст, ки роҳҳои маъқул ва самарабахши ҳалли мас-

ъалаҳое, ки дар замина пеш меоянд, ҷустуҷӯ ва пайдо карда шавад. Яке аз роҳҳои ҳалли ин масъала, ба назари ман, иборат аз тарбияи теъдоди зиёди тарҷумонҳои баландихтисос хоҳад буд. Онҳо метавонанд ки алоқаи байни халқҳо ва адабиёту фарҳангҳои моро таъмин намоянд. Ғайр аз он бо кӯмаки онҳо мумкин аст, ки адабиёти гуногун, аз ҷумла адабёти илмӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума ва ба паймонаи васеъ нашр шавад. Чунин шеваи кор аз ҷиҳати иқтисодӣ муфидтар ва аз нигоҳи иҷтимоӣ ва сиёсӣ маъқултар хоҳад буд.

Дар мавриди мулоқот ва муоширати хусусии намояндагони миллатҳои гуногун бояд гуфт, ки дар сурати лузум онҳо ба осонӣ метавонанд дар ҳудуди чандсад калимаҳои маъмулро аз фонди луғавии забони ҳамсӯҳбати худ фаро гиранд. Ин кор худ ба худ, ба шакли табиӣ сурат мегирад. Вале фаро гирифтани чунин миқдор калимаю ибораҳо ҳанӯз маънои дузабониро надорад.

Дар он солҳо ҳама рӯшанфикрон аз мақоми давлатии Забони форсии тоҷикӣ пуштибонӣ мекарданд. Ҳунармандони маъруф Ҳабибулло Абдуразоқов, Фаррух Қосимов ва нависандаи хушсалиқа Муҳаммадзамони Солеҳ дар майдони тазоҳурот, акси соли 1991.

Муҳим он аст, ки бараванди табии таъсири мутақобилаи фарҳанги халқҳо ва аз ғанои маънавии якдигар баҳраманд шудани онҳо набояд ҷабран мудохила кард. Ин амал натиҷаи хуб нахоҳад дошт.

Ҳамон тавре ки қаблан ишора шуд, **мақоми давлатӣ додан ба забони тоҷикӣ** ҳадаф нест, балки васила аст. Ҳадаф – **эҳёи забон ва фарҳанги миллист.** Агар дақиқтар бигӯем, *мақсади асосӣ – тараққӣ ва пешрафти ҳамаҷонибаи ҷомеа, миллат ва худи инсон аст.* Забону фарҳанг маҳсули ҷомеаи инсонӣ буда, пешрафти онҳо ба пешрафти ҷомеа вобаста аст ва ҳамзамон барои пешрафти ҷомеа аст. Аммо ҷомеа иборат аз инсонҳост ва чигунагии ҳолати инсонҳо ва сатҳу пояи камолоти онҳо чигунагии ҳолат ва дараҷаи пешрафти ҷомеаро таъйин мекунад.

Аз ин ҷост, ки бояд тамоми тадобири лозима иттихоз ва амалӣ шавад, то як муҳити иҷтимоии мусоид ва созгор барои ташаккул ва рушди солими инсон, инсони озод ва баркамол, ки ҳам шарти пешрафти ҷомеа ва ҳам ҳадафи он аст, эҷод гардад. Возеҳ аст, ки ба ин мақсад бояд як силсила масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, идеологӣ ва ҳуқуқӣ ҳал карда ша-

вад. Чун давраи ташаккулёбии инсонҳо дар оила, кӯдакистонҳо ва мактабу донишгоҳҳо мегузарад, биноан онҳо таваҷҷӯҳи махсуси ҷомеа ва давлатро талаб мекунанд. Албатта, барои тарбияи атфоли тоҷик дар кӯдакистонҳои тоҷикӣ дар ҳама ҷо бояд шароити лозим фароҳам оварда шавад ва кори тарбия дар кӯдакистонҳо ба маротиб бештар гардад. Бояд дар кори таълиму тарбия ва барномаҳои дарсии мактабҳо ва донишгоҳҳо тағйироти ҷиддӣ ворид гардад ва ҳам базаи моддӣ ва техники онҳо бо дарназардошти тақозои замон ва дастовардҳои илму техника таҷдид ва тақвият гардад. Зимнан **таваҷҷӯҳи махсус ба омӯхтани забон, адабиёт ва таърихи халқи тоҷик мабзул гардад ва бад-ин манзур соатҳои дарсӣ барои ин фанҳо хеле зиёд карда шавад.** *Китобҳои дарсии ҷадид тавассути олимони тоҷик тартиб ва нашр гарданд. Вазорати маорифи Тоҷикистон аз ҳуқуқ ва салоҳиятҳои васеъ бархурдор бошад ва набояд ҳама он чизеро, ки аз марказ мерасад, тӯтивор такрор ва тақлид кунад. Мактабу донишгоҳҳои Тоҷикистон бояд симои худ ва мазмуну мӯҳтавои миллии худро дошта бошанд.* Зарурати беҳбудии мазмун ва забони китобҳои дарсие, ки аз русӣ тарҷума мешаванд, ба ҳама аён аст.

Ҳамчунон мебояд, ки осори адабӣ ва илмии шоирон, нависандагон ва мутаффаккирони тоҷик ва соири миллатҳо (ба забони тоҷикӣ) ба миқдори зиёд нашр карда шавад.

Ба хотири таъмин кардани иртибот ва пайванди имрӯзу гузаштаи халқи тоҷик ба эҳёи забону фарҳанги миллат лозим аст, ки хатои фоҳиши содиршударо ислоҳ намуда, **дубора дар сар то сари Тоҷикистон ба алифбои классикӣ баргардем.** Тақозои шоири номии мо Гулрухсор ("Ҷ,Т" 8.03.89) ва талаби мардум дар ин бобат комилан дуруст ва барҳақ аст. Ақоиди як идда ашхос, ки дар ин чиҳат баҳоначӯй ва мушкилтарошӣ мекунанд, ҳеч асосе надорад.

Албатта, омӯхтани алифбои классикӣ таври хусусӣ, дар маҳфилу курсҳо ва бо кӯмаки рӯзномаҳо имконпазир аст. Вале ин роҳ роҳи ҳалли масъала нест. Ба қавли мардум "уштурро бо кафлез об додан" нашояд. Ба ақидаи ман, *лозим аст, ки таи як ду соли оянда тамоми корҳои муқаддимотиро анҷом дода, гузаштан ба алифбои қалбӣ дар ҳама ҷо огоз гардад. Дар мактабҳо омӯхтани алифбои мазкур бояд аз синфи аввал шурӯъ шавад. Ҳамзамон дар синфҳои дигар (2-10) ва ҳам дар омӯзишгоҳҳою донишгоҳҳо омӯхтани он огоз гардад, то ба тадриҷ дар як муддати кӯтоҳ алифбои феълӣ комилан ба алифбои классикӣ иваз шавад. Зимнан, барои калонсолон ташкил кардани курсҳои "маҳви бесаводӣ" кори мушкил нахоҳад буд.*

Бояд гуфт, ки омӯхтани алифбои классикӣ ва иваз намудани алифбои имрӯза бо он, тавре ки баъзе касон тасаввур мекунанд, кори мушкил нест ва вақту масорифи чандон зиёдро ҳам талаб намекунад.

Барқарор кардани алифбои классикӣ, на танҳо моро бо ниёгонамон, бо таърихи халқи худ пайванд медиҳад ва аз ин тариқ моро бештар месозад, балки ҳамчунон ба эҳё ва равнақи забону фарҳанги миллии мо

мусоидат хоҳад кард. Ба иловаи он *ба ислоҳи ғалатҳое, ки имрӯз дар навиштану талаффуз кардани калимаҳо ҷой дорад, кӯмак хоҳад намуд, зеро он алифбо ба хислатҳои фонетики забони мо бештар мувофиқ мебошад.* Гузашта аз он имконияте ба вуҷуд меояд, ки мардуми мо китобҳо, маҷаллаҳо ва рӯзномаҳои кишварҳои ҳамсояро мутолиа кунанд ва аз дастовардҳои фарҳангию маънавии онҳо баҳраманд шаванд.

Албатта, *барои истифодаи васеъ аз нашрияҳои кишварҳои ҳамсоя, хусусан Эрон ва Афғонистон, лозим аст, ки робитаҳои мустақими фарҳангӣ ва илмӣ бо онҳо барқарор гардад ва табодулаи осори адабӣ, илмӣ ва ҳунарӣ ба таври васеъ ба роҳ монда шавад.*

Бо дарназардошти он ки номҳои одамон ва шаҳру деҳот дар таърихи ҳар кадом халқу кишвар ва худшиносии миллат аҳамияти калон дорад, зарур аст, ки **шаклҳои қаблии номҳои тоҷикон роиҷ гардад, яъне аз илова намудани суффиксҳои "ов", "ова", "ович" ва "овна" ба номи падару фамилияи тоҷикон сарфи назар шавад.** *Ҳамчунон дар сар то сари Тоҷикистон номҳои ноҳинҷор ва ғайри тоҷикии шаҳрҳою деҳаҳо, колхозу совхозҳо, муассисаҳою корхонаҳо ва маҳаллаҳою кӯчаҳо ба номҳои таърихӣ ва зебои тоҷикӣ иваз карда шавад.*

Ҷои хушист, ки дар ин авохир ҷашнҳои миллӣ ва анъанавии тоҷикон аз ҷумла ҷашни Наврӯз ва Меҳргон дубора зинда ва таври васеътар истиқбол гирифта мешаванд ва ҳукумати мо низ ба он бо дидаи хайрхоҳона менигарад. Ин иқдоми нек аст, вале мусодиф сохтани ин ҷашнҳо ба рӯзҳои якшанбе кори носавоб аст. Зарур аст, ки онҳо ба вақту замонашон, яъне ҷашни Наврӯз дар рӯзи аввали моҳи фарвардин (ҳамал), ки мусодиф бар 21 (22) моҳи март аст ва ҷашни Меҳргон дар рӯзи 16 меҳрмоҳ (мизон), ки мусодиф бар 7-уми октябр мебошад, ҷашн гирифта шаванд ва ин рӯзҳо расман рӯзҳои таътили ҳамагонӣ эълон шавад.

Тавре ки дар боло зикр шуд, воситаҳои ахбори ҷамъиятӣ ба забону фарҳанги мардум таъсири бузург доранд. Биноан *мебояд, ки барои забони ғанӣ ва ҷаззобу дилчасп шудани забон ва мазмуну мундариҷаи онҳо тадбирҳои зарур андешида шаванд. Бад-ин манзур лозим аст, ки* **аксари матолиби рӯзномаҳою маҷаллаҳо ва радиову телевизион бояд аз аввал ба забони тоҷикӣ иншо шаванд.** *Матолибе, ки аз дигар забонҳо тарҷума мешаванд, бояд таҳтуллафзӣ набошанд ва боиси хароб шудани ҳусни забон нашаванд.* Дар шароити кунунӣ (кам будани коғаз, кадрҳои боистеъдод ва ғайра) ба назари ман, бехтар хоҳад буд, ки агар аз нашри рӯзномаҳои районӣ ва вилоятӣ сарфи назар гардад ва ба ивази онҳо адади нашр ва теъдоди саҳифаҳои рӯзномаю маҷаллаҳои марказӣ зиёдтар гардад, то ҳамаи мардуми тоҷикзабони Тоҷикистон аз онҳо баҳраманд шаванд. Барои бехтар ва рангинтар сохтани мазмуну мундариҷаи воситаҳои ахбори ҷамъиятӣ *лозим аст, ки аз тафсилоти зиёд ва ҷузъии хабарҳои иқтисодӣ коста шавад ва бештар матолиби дилчасп пиромуни масоили муҳими иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ғайра нашр гардад.*

Албатта, бояд хабарҳо дар бораи авзои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳанги ҷаҳон хеле бештар ва зудтар нашр гарданд. Ҳочати гап нест, ки бояд дар ҳар шумораи рӯзномаҳо шеъру ҳикояҳо ва ҳаҷвияҳою тасвирҳои саргармкунанда нашр шаванд.

Ин нуқта ҳам қобили тазаккур аст, ки воситаҳои ахбори ҷамъиятӣ бояд аз соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти бештар бархурдор бошанд.

Ба ақидаи ман, *беҳтар аст, ки як* ***нашрияи озод, ки тобеъияти ҳеҷ кадом органҳои ҳизбӣ ва давлатиро надошта бошад,*** *таъсис гардад. Ин гуна нашрия дар иҷрои додани афкору ақоиди тӯдаҳои васеи мардум ва фаъол сохтани онҳо метавонад хидмати босазоеро анҷом диҳад.*

Ҳамчунон лозим аст, ки дар Тоҷикистон филмҳо асосан ба забони тоҷикӣ намоиш дода шаванд. Барои расидан ба ин ҳадаф бояд киностудияи "Тоҷикфилм" инкишоф ва тавсиаи бештар ёбад. Албатта, масъалаи кадрҳо ва тақвияи базаи моддӣ ва техникии он ҳал гардад. Дар ин бобат ба таври васеъ намоиш додани беҳтарин филмҳои эронӣ, афғонӣ ва филмҳои кишварҳои дигари ҷаҳон, ки ба забони форсӣ (дарӣ) дубляж шудаанд, хеле муфид хоҳад буд. Рӯи кор омадани чунин инсони бомаърифат ва пуристеъдод – мисли Давлат Худоназаров ва як идда кормандони ҷавони бомаҳорат дар киностудияи "Тоҷикфилм" умедовр месозад, ки онҳо метавонанд масъалаҳо ва мушкилоти мавҷударо дар муддати кӯтоҳ ҳал кунанд.

Ҳамчунон бо дарназардошти ҳукми Қонуни асосии кишвар мабнӣ бар озодии виҷдон ва аҳамияти дин дар эҳёи арзишҳои ахлоқӣ ва башарӣ ва ҳам хусусияти осори ниёгони мо лозим аст, ки дар муносибати давлат ба дин ва диндорон бозсозии куллӣ амалӣ гардад, *омӯхтани таърихи дин ва нашри китобҳои динӣ (Қуръону Ҳадис) ба алифбои классикӣ ба роҳ монда шавад.*

Ҷои шак нест,ки бидуни ҳалли як силсила масъалаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ эҳё ва рушди забону фарҳанги миллии мо муяссар нахоҳад шуд. Аввал аз ҳама бояд тамоми чораҳои зарурӣ андешида шаванд, то сатҳи зиндагии моддии мардум баланд гардад. Барои ин лозим аст, ки сохтори феълии иқтисоди миллӣ, таркиби соҳавии он ва тақсимоти мавҷудаи қувваҳои корӣ ба таври куллӣ тағйир дода шавад.

Бояд як иқтисоди бисёрсоҳа, мутавозин, мустақил, муттакӣ бар худ ва худтаъминкунанда танзим гардад. Албатта, ин амр ба ҳеҷ вақҳ иштироки фаъоли Тоҷикистонро дар тақсими байналхалқии кор чи дар миқёси Иттиҳоди Шӯравӣ ва чи берун аз он истисно намесозад. Ҳадафи асосӣ – инкишофи баланди қувваҳои истеҳсолкунанда, самарабахшии кор ва истиқлолияти иқтисодӣ мебошад. Қонуни иқтисодии сосиализм – тақсимот мувофиқи кор, бояд дар сатҳи ҷумҳурӣ амалӣ шавад, яъне Тоҷикистон, бояд ба ҳисоби хоҷагии пурра гузарад ва принсипҳои асосии он – мустақилӣ, худидоракунӣ ва худмаблағгузориро сад дар сад татбиқ намояд. Албатта, барои ин аввал аз ҳама бояд як силсила масъалаҳои муш-

кил, аз ҷумла масъалаи нархгузорӣ ва андоз аз гардиш (даврон) ва ривоҷ додани бозор, хусусан бозори воситаҳои истеҳсолот ҳал гардад. Шарҳу эзоҳи ин масъалаҳои хеле печида гуфтори алоҳида ва доманадорро талаб мекунад. Дар ин ҷо фақат ҳаминро бояд зикр кард, ки *бар асари механизми мавҷудаи нархгузорӣ ва андоз аз гардиши даромади миллии Тоҷикистон таври дуруст ҳисоб ва таъйин намешавад,* яъне аз будаш хеле камтар нишон дода мешавад, зеро нархи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва ашёи хом паст буда, тамоми меҳнати ҷамъиятии барои истеҳсоли онҳо сарфшударо ифода намекунад ва як қисми арзише, ки дар хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон ба вуҷуд оварда мешавад, на дар даромади миллии Тоҷикистон, балки дар даромади он ноҳияҳое, ки маҳсулоти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистонро ба сифати ашёи хом истифода мебаранд, ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар натиҷа даромади он ноҳияҳо аз будаш зиёдтар ва даромади Тоҷикистон камтар вонамуд мешавад. *Арзиши мазкур ҳангоми ба гардиш афтодани маҳсулоти тайёри корхонаҳои саноатӣ ба шакли андоз аз даврон ба буҷети марказӣ интиқол меёбад ва баъдан аз тариқи буҷети марказӣ тақсим ва истифода мешавад.* Аз ин ҷо тасаввуроти нодурусте ба миён омадааст, ки гӯё Тоҷикистон даромади каму сарфи зиёд дорад ва аз ҳисоби кӯмак (дотация) зиндагӣ мекунад. Ин комилан дуруст нест.



Бидуни ҳалли як силсила масъалаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ эҳё ва рушди забону фарҳанги миллии мо муяссар нахоҳад шуд.

Аз ҷониби дигар, бар иловаи паст будани нархи хариди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ қимати маҳсулоти саноатӣ, хусусан мошину трактороҳо, комбайну механизмҳо ва як идда маҳсулоти мавриди эҳтиёҷи мардум таи солҳои ахир хеле баланд рафтааст, ки ин ҳама боиси тақсими дубораи даромади миллӣ шудааст.

Бояд гуфт, ки ин гуна ҳолатҳо хилофи қонунҳои иқтисодии сосиализм, хилофи адолати иҷтимоӣ ва натиҷаи дур рафтан аз онҳо мебошад. Бинобар ин пайгирона амалӣ кардани бозсозӣ дар ин соҳа ва ба даст овардани соҳибихтиёрии комил дар умури иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ барои Тоҷикистон як амри зарурӣ мебошад. Зимнан, лозим аст, ки дар тамоми соҳаҳои иқтисоди ҷумҳурии мо, дар зироат ва молдорӣ усулҳои нави хоҷагидорӣ пайгирона татбиқ шавад. Вале дар ин амр мушкилоти зиёд мавҷуд аст. Аввал аз ҳама, масъалаи зиёд будани аҳолии деҳот ва кам будани замин аст. Дар сурати ҷорӣ кардани системаи иҷораи хонаводагӣ, ки усули беҳтар ба назар мерасад, майдони кишти мавҷуда (дар

ҳудуди 800 ҳазор га) барои як қисмати ночизи аҳолии деҳот кифоят мекунаду бас. Миқдори зиёди мардуми деҳот бояд ба корҳои дигар, аз ҷумла ба соҳаҳои саноат, сохтмон, нақлиёт ва соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ ҷалб ва ҷазб шаванд. Бад-ин манзур бояд соҳаҳои мазкур (саноат, сохтмон, нақлиёт, хадамоти маишӣ ва ғайра) ҳам дар шаҳрҳо ва ҳам дар деҳот тараққӣ дода шаванд. Зимнан зарур аст, ки саноат дар шаҳр ва хусусан дар деҳот бо дарназардошти зарурати коркарди ашёи хоми зироатӣ ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри саноати сабук, хӯрокворӣ ва масолеҳи бинокорӣ инкишоф дода шавад. Ин кор аз чанд ҷиҳат муфид аст. Аввал ин ки теъдоди зиёди мардуми аз зироат фориғ шуда ба корхонаҳои саноатӣ ва дигар муассисот ҷалб мешаванд ва аз ин роҳ масъалаи бекорӣ то андозае ҳал хоҳад шуд. Дигар ин ки дар худи Тоҷикистон кор кардани ашёи хом ва истеҳсол намудани маҳсулоти тайёри саноатӣ ҳаҷми даромади миллиро зиёд ва дараҷаи некӯаҳволии мардумро баландтар хоҳад кард.

Ҳамчунон лозим аст, ки як қисми аҳолии деҳоти Тоҷикистон ба шаҳрҳо ҷалб шаванд ва ба ин максад дар шаҳрҳо шароити мусоиди кору зиндагӣ барои онҳо фароҳам оварда шавад. Ин кор ҳамчунон дар амри тағйир додани таносуби байни аҳолии маҳаллӣ ва ғайри маҳаллӣ дар шаҳрҳои Тоҷикистон, эҷоди муҳити иҷтимоии ҳамгун ва созгор барои инкишофи забону фарҳанги миллӣ ва рафъи бисёр мушкилоти иҷтимоӣ мусоидат хоҳад кард. *Дар маҷмӯъ "тоҷикӣ" сохтани шаҳрҳо, яъне зиёд намудани теъдоди тоҷикон нисбат ба намояндагони миллатҳои дигар ва "симои миллӣ" додан ба кӯю маҳаллаҳо ва кӯчаю хиёбонҳои онҳо як амри зарурист.* Дар бароварда сохтани ин амр бояд тамоми чорабиниҳои зарурӣ андешида шаванд. Аз ҷумла лозим аст, ки аз омадани аҳолии ғайри тоҷикзабон ба Тоҷикистон (барои сукунати доимӣ) ҷилавгирӣ шавад.

Возеҳ аст, ки **ҳалли ин мавзӯъҳо бештар ба фаъолияти органҳои ҳукумат ва идораи давлатии Тоҷикистон вобаста аст.** Барои он ки ҳукумати Тоҷикистон битавонад ин ҳама масоилу мушкилотро дар сари вакт ва муваффақона ҳал кунад ва инкишофи ҳамаҷониба ва босуръати ҷумҳурии моро таъмин кунад, *ӯ бояд аввалан соҳибихтиёр, мустақил, дорои ҳуқуқу салоҳиятҳои васеъ барои ҳалли тамоми масоили иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии Тоҷикистон бошад. Сониян, ӯ бояд як ҳукумати миллӣ бошад, яъне хусусият, расму ойин, анъанаҳо ва манофеи халқи тоҷикро ба хубӣ бидонад ва арзишҳои маънавию фарҳангии онро амиқан дарк ва қадр кунад.* Аз ин рӯ, **лозим аст, ки аксарияти мутлақи кормандони дастгоҳи давлат ва идораҳои он аз тоҷикон иборат бошад.**

Ҳамчунон барои он ки ҳукумат ва органҳои давлатӣ воқеан хислати демократӣ дошта, дар хидмати мардум қарор гиранд, зарур аст, ки беҳтарин намояндагони халқ, фарзандони бомаърифат, корогоҳ, ғамхор ва содиқи миллат тавассути худи мардум интихоб ва ба дастгоҳ ва идораҳои он пешбарӣ шаванд. Ин кор, албатта, бедор ва фаъолу огоҳ будани тӯдаҳои васеи мардумро талаб мекунад.

Ба ҳар сурат, ин матолиб бояд дар Қонуни Асоси Тоҷикистон зикр ва тавассути он танзим гардад.

Дар маҷмӯъ мебояд, ки Қонуни Асосии Тоҷикистон ҷиддан тағйир ва такмил дода шавад ва дар он принсипҳои асосии демократия ва ҳуқуқу мукаллафиятҳои мардум, органҳои ҳукумат ва идораи давлатӣ ва ташкилоту созмонҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ таври дақиқ ва мушаххас зикр гарданд. Дар Қонуни Асосӣ бояд пешбинӣ гардад, ки масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва экологӣ (аз ҷумла, масъалаҳои сохтмони корхонаю иншооти бузург, ки ба табиати Тоҷикистон таъсир мерасонанд) бидуни муҳокимаи хамагонӣ ва розигии мардуми маҳаллӣ ҳал нахоҳанд шуд.

Зимнан дар Қонуни Асосӣ ҳуқуқу озодиҳои васеъ барои афроди ҷомеа, аз ҷумла **озодии сухан ва виҷдон** на танҳо пешбинӣ гардад, балки *механизмҳои зарурӣ барои таъмини онҳо тартиб ва танзим шавад. Зеро, ба ақидаи ман, ҷомеа танҳо дар сурате метавонад пешрафт намояд, ки афроди он озод бошанд, озодона фикр кунанд, озодона ва бидуни ҳарос андешаҳо ва ақоиди худро баён карда битавонанд.* Суханварӣ ва озодии сухан хислати ҷомеаи инсонӣ аст ва тафовуту имтиёзи он аз ҷумла ҳайвонот низ дар хамин аст. Биноан тасодуфӣ нест, ки озодии сухан ба сифати яке аз шартҳои асосии демократия талқин шудааст. Волтер ин маъниро хеле хуб баён кардааст: "Ман ба ақидаҳои шумо нафрат дорам, вале барои он ки шумо битавонед онҳоро баён кунед, ман ҳозирам ҳатто ҷони худро фидо кунам". Чунин аст моҳияти низоми демократӣ. Дар ҷое, ки демократия (яъне – хукумати халқӣ) вуҷуд дорад, мардумон барои ибрози андешаҳои худ аз касе иҷоза намепурсанд (чун худ соҳибихтиёранд) ва агар як теъдод ашхос дар ҷое ҷамъ омада суханронӣ кунанд, шахрдорону соҳибмансабонро табларза намегирад ва аз паи фишор овардан болои онҳо намешаванд, чунки ба мардуми худ эътимод ва такя доранд. *Дар ҷое, ки аз шундани ҳақиқат ҳарос доранд ва озодии фикру баёнро маҳдуд месозанд, табиист, ки наметавонад демократия вуҷуд дошта бошад. Дар чунин ҳолат дер ё зуд ҷомеа ногузир ба таназзул ва сукут мувоҷеҳ мегардад. Таърих инро борҳо собит кардааст.*

Ба ҳар ҳол, тавре ки мебинем, масъалаҳою мушкилоти зиёд дар пеш аст. Ҳал кардани онҳо, расидан ба як ҷомеаи мураффаъ ва эҳёи забону фарҳанги миллӣ ба фаъолият ва кору заҳмати ҳамачонибаи тамоми мардум, ҳар фарди ҷомеа вобаста аст.

*

МАҚОЛАҲОИ ТОҲИРИ АБДУҶАББОР ДАР ҲАФТАНОМАИ "РАСТОХЕЗ"

Тоҳири АБДУҶАББОР (НЕКЗОД),
Нашрияи "Растохез",
№1, майи 1990

РАСТОХЕЗ ҚИЁМАТ НЕСТ!

Ҷомеаи дардманди мо гирифтори ҳазорон мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию экологӣ гардида аст, ки онҳо боиси нороҳатию бадбахтиҳои зиёди мардум шудаанд. Метавон гуфт, ки бузургтарин ва сахттарин бадбахтии мо – ин фақри маънавист, яъне бесаводию каммаърифатии мост. Ва аз ҳама бад он аст, ки на ҳама бемаърифат будани худро дарк мекунанд. Бисёриҳо гумон доранд, ҳар касе, ки хондаю навишта метавонад ва гузашта аз он соҳиби гувоҳномаю диплом бошад, босаводу бомаърифат аст.

Бесаводии чунин шахсон ба ҷомеа зарари калон мерасонад. Зеро онҳо бесаводии худро намедонанд ва аз нодонӣ худро донои ҷаҳон мешуморанд, гумонҳои ботили худро ба яқин дода, мардумро фиреб медиҳанд, аз мақому мансаби худ истифода бурда, афкори пучу бемаънии худро ҷабран ба сари дигарон бор мекунанд ва онҳоро ба рохи ғалат мебаранд. Онҳо аз бемаърифатӣ манфиатҳои худро болотар аз манфиатҳои ҷомеа мегузоранд ва барои расидан ба мақсадҳои шуму ғаразолуди худ қонун ва адлу инсофро поймол мекунанд, аз ҳеҷ гуна сияҳкорию палидиҳо рӯ намегардонанд, ошкоро ба дуруғгӯию авомфиребӣ ва иғвогарӣ мепардозанд.

Намунаи чунин авомфиребию иғвогариҳоро дар фаъолияти ТоҷикТА, ки худ лӯхтаки беиродаю гӯшбафармони як теъдод мансабдорони ҳизби Коммунисти Тоҷикистон мебошад, метавон бахубӣ мушоҳида кард. Ин дастгоҳи дурӯғбофӣ, ки таи даҳсолаҳои охир ба бесаводию мардумфиребӣ машҳур шудааст, дар ин авохир хабарҳоеро таҳти унвони "Сир охир фош мешавад" (Т.С. 23.02.90) ва "Растохез чист?" (Т.С. 02.90) таҳия ва аз рӯзномаҳою радио нашр намудааст, ки онҳо аз мақсади шуму иғвогаронаи муаллифону ҳомиёнаш шаҳодат медиҳад.

Агар ТоҷикТА, дурустараш муаллифони он хабарҳо аҳли саводу маърифат мебуданд, магар маънии калимаи тоҷикии Растохезро, ки он аз

таркиби вожаҳои "раст" (растан, растанӣ) ва "хез" (хестан) иборат буда, маънии ба мисли растанӣ сабз шудан, баланд шудан, раҳоӣ ёфтан (аз ақибмондагию таназзул) ва тараққӣ кардану пешрафт карданро дорад ва муродифи арабии он "эҳё" ва русии он – "возрождение" мебошад, дар луғатҳо (ва он ҳам дар луғатҳои нокис) меҷустанд? Агар онҳо мақсади шуму иғвогарона намедоштанд, магар калимаи Растохезро "шӯру ғавғо, ҳангома, ғалоғула, қиёмат" маънидод мекарданд ва "китобу маҷаллаҳоро варақ зада", дар суроғи "материалҳои марбути ташкилотҳои Растохез мешуданду Созмони Мардумии Растохези Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ба кадом як ташкилотҳои Растохез, ки гӯё дар Афғонистону Ирон вуҷуд доштаанд, иртибот медоданд?

Аввал ин ки, ба қавли мутахассисони афғоншиноси мо, дар Афғонистон ҳеҷ гоҳ ташкилоте бо номи Растохез вуҷуд надоштааст. Дар Ирон бошад, дар замони шоҳ ҳизби сиёсие бо номи "Растохези миллати Ирон" мавҷуд буд, на ҷабҳаи халқии Растохез. Сониян, чунин ном доштани ҳизби сиёсии Ирон худ далели он аст, ки Растохез маънии "эҳё, пешрафт, тараққӣ"-ро дорад, на "шӯру ғавғо ва қиёмат"-ро, вагарна онҳо дар номи ҳизби худ ҳеҷ гоҳ калимаи Растохезро истифода намекарданд. Муаллифони хабари "Растохез чист?" аз бесаводии худ ин нуктаи содда ва мусалламро дарк накарда, шояд гумон карда бошанд, ки ирониҳо мисли ТоҷикТА бесаводанд ва биноан "қиёмат"-ро аз "эҳёю пешрафт" фарқ карда наметавонанд.

Дуруст аст, ки дар адабиёти динӣ ибораи "рӯзи растохез" ба маънии маҷозӣ ба ивази калимаи "қиёмат" истифода шудааст ва он киноя бар он ривоятест, ки тибқи он рӯзи қиёмат ҳамаи мурдагон дубора зинда мешаванд ва ба по мехезанд. Аммо ин маънии маҷозиро ба маънии аслии калима, яъне "эҳёю тараққӣ" чӣ муносибат аст? Магар чунин таъбири ТоҷикТА авомфиребӣ нест?

Ва билохира чӣ бадӣ дорад, агар калимаи Растохез – номи созмони халқии Тоҷикистон, – замоне дар номи ҳизби сиёсии Ирон истифода шуда бошад?

Биноан бо яқин метавон гуфт, ки навиштаи ТоҷикТА дар бораи ин ки гӯё "бисёр сокинони Тоҷикистон савол медиҳанд, ки калимаи Растохез чӣ маънӣ дорад ва пештар (?! -Т.А) ба ҳамин ном ташкилотҳо буданд (?! -Т.А) ё не?" дурӯғ аст ва дурӯғ будани он аз калимаҳои "пештар... буданд" низ ҳувайдост, зеро касе, ки аз будану набудани чунин ташкилотҳо огоҳ набошад, дар пурсиши худ феъли замони гузаштаро истифода намекунад ва агар огоҳ бошад, чунин савол намекунад. Чунин савол вақте гузошта мешавад, ки агар пурсанда мақсади дигаре дошта бошад. Он саволҳо ва он ҷавобҳо сохтаю пардохтаи бархе аз кормандони ТоҷикТА ва силсилаҷунбонҳои пушти пардаи он мебошад, ки онҳо яқинан мақсади нопоке доранд, ҳарчанд ки зоҳиран дар он хабар он мақсад ба таври равшан ифода нашудааст.

Вале дар хабари дигари ТоҷикТА ки таҳти унвони "Сир охир фош мешавад" нашр шудааст, ки дар он мақсади шум возеҳтар эҳсос мешавад.

Албатта, хонандаи равшанзамир он хабарро хонда дар хайрат мемонад ва савол мекунад, ки охир кадом сир ошкор мешавад? Агар корманди радиои "Озодӣ" ба сокини ш. Душанбе Т. Абдуҷбборов телефон карда, дар мавриди созмони Растохез ва акидаи сарварони он дар бораи воқеаҳои Озарбойҷону Арманистон савол карда бошад ва агар узви Растохез А. Холиқзода тавассути телефон ба намояндаи "Саюдис" – Фронти халқии ҶША Литва гап зада бошад, пас ин ба фочеаи 12-14 феврал дар Душанбе чӣ алоқа дорад? Агар алоқа дошта бошад, пас чаро ТоҷикТА онро фош намегӯяд ва возеҳу равшан наменависад, ки нооромиҳои 12-14 февралро созмони Растохез ташкил намудааст? Баъд аз каме андеша кардан хонандаи бориқбин мефаҳмад, ки ин як бозии иғвогарона асту ғаразе дар миён аст. Мақсад аз нашри он хабарҳо иборат аз бавҷуд овардани чунин ақида дар байни мардум аст, ки гӯё ба нооромиҳои 12-14 феврал Растохез алоқа дорад ва ҳатто мумкин аст ташкилкунандаи он бошад. Мақсади дигар – аз бехабарии омма ва поин будани сатҳи огоҳии сиёсии он сӯиистифода бурда, мардумро гумроҳ кардан ва аз асли воқеа, аз сабабҳои асосии он ва гунаҳкорони хунрезӣ дур кардан аст.

Ҳукуматдорон бисёр мехостанд воқеаҳои баҳманмоҳи соли 1990-ро ба дӯши Созмони Растохез бор кунанд ва бо ин роҳ нирӯҳои тозазуҳурро аз саҳнаи сиёсат дур кунанд, вале баъдтар ин сиррашон фош шуд.

Созандагони филми мустанад дар бораи ҳодисаҳои 12-14 феврал, ки онро 3 ва 6 март телевизион нишон дод, низ ҳамин мақсадро доштанд. Агар онҳо мақсади иғвогарона намедоштанд, магар навореро, ки дар он роҳпаймоии як идда аъзои Растохез сабт шудааст ва он 26 январи соли ҷорӣ ба аломати эътироз нисбати аз тарафи кормандони ҳизбию давлатӣ поймол шудани қонуни интихобот сурат гарифта буд ва ҳеҷ алоқае ба ҳодисаҳои 11-14 феврал надорад, дар аввали филми худ монтаж мекарданд? Онҳо бо ин амали сохтакоронаи худ боиси дар байни мардум ба вуҷуд омадани фикри ғалате шуданд, ки гӯё роҳпаймоии 26 январ ба ҳодисаҳои 11-14 феврал алокае дорад. Як идда одамони бемағз баъд аз дидани он филм ҳатто чунин "хулоса" баровардаанд, ки нооромиҳои 12-14 февралро созмони Растохез ташкил карда аст.

Аммо воқеият чунин аст, ки созмони Растохез ба он ҳодисаҳо ҳеҷ алоқае надорад ва баъд аз авҷ гарифтани нооромиҳо бинобар даъват ва маслиҳати роҳбарони Тоҷикистон як идда аъзои он барои ором намудани мардум ва ҷилавгирӣ кардан аз хунрезиҳо кӯшишу талошҳо кардаанд. Ин ҳақиқат ба ҳамаи шоҳидони ҳодисаҳои 12-14 феврал ва митинги 18 феврал ва ҳам ба роҳбарони Тоҷикистон бахубӣ маълум аст. Дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки агар воқеият чунин бошад, пас чаро дар бораи Растохез бӯҳтонҳо паҳн мекунанд ва он аъмоли иғвогаронаи ТоҷикТА ва телевизиони Тоҷикистон аз баҳри чист? Чаро як идда мансабдорони ҳизбию давлатӣ Созмони Растохезро чашми дидан надоранд ва кӯшиш мекунанд, ки ба ҳар роҳ онро сиёҳу бадном кунанд ва ҳатто маҳв созанд? Ва аслан Растохез чӣ гуна созмон аст, аъзои он киҳоянд ва марому мақсадаш чист? Ба хотири баланд бардоштани фаъолияти сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии мардум ва ҷалб намудани онҳо ба раванди бозсозӣ Созмони Растохез – Ҷабҳаи Халқии Тоҷикистон, ба таърихи **14 сентябри соли 1989** таъсис шуд, ки дар он фарзандони равшанфикру бедори халқ – аз ҷумлаи коргарону деҳқонон, муаллимону табибон, шоирону нависандагон, олимону инженерон ва ғайра ҷамъ омадаанд.

Мақсаду мароми Созмони Растохез дар Оиннома ва Барномаи он ба таври возеҳу равшан инъикос ёфтааст, ки асоситарини онҳо иборат аз:

– Раҳоӣ ёфтан аз вазъи ногувору бухронии мавҷуда аз тариқи бозсозии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва таъмин намудани рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон;

– Баланд бардоштани сатҳи зиндагии моддӣ ва маънавии мардум;

– Мубориза ба хотири аз байн бурдани ҷабру зулм, истисмор, нобаробариҳою беадолатиҳо, фисқу фасод, авомфиребию бадахлоқӣ, дуздию порахӯрӣ;

– Аснавсозии ғояҳои ахлоқии ҷомеа бар асоси арзишҳои волои умумиинсонӣ ва эҳёи ахлоқи некӯю писандидаи ниёгон.

– Тағйир додани системаи мавҷудаи бюрократӣ, ба таври васеъ демократӣ сохтани ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа, ба вуҷуд овардани як низоми воқеан демократӣ, ки дар он тамоми қудрат ба халқ ва Шӯроҳои мардумӣ тааллуқ дошта бошад ва баландтарин мақомро дар ҷомеа инсон, инсони бомаърифату заҳматкаш дошта бошад. Инсонҳо набояд мисли имрӯз мутеъ ғулом ва фармонбардору дастнигари ҳизбу хукумат ва идораҳои бюрократии он бошанд, балки озоду соҳибихтиёр ва соҳибмулку соҳибдавлат бошанд.

– Додани ҳуқуқу озодиҳои васеъ ба афроди ҷомеа ва таъмин намудани адолати иҷтимоӣ дар ҳама соҳаҳои зиндагӣ;

– Босуръат инкишоф додани иқтисоди миллӣ ва тағйиру тавсеа додани таркиби соҳавии он;

– Бо кори пурсамар таъмин намудани ҳамаи ашхоси бекор ва зиёд намудани даромади аҳолӣ;

– Ҷиддан тағйир додан ва беҳтар кардани системаи таълиму тарбия, назарияи мактаби миллӣ;

– Муҳофизати осори фарҳангии ниёгон ва эҳтиром ба расму оин ва анъанаҳои неки миллӣ;

– Эҳёю рушди фарҳанги миллӣ, аз ҷумла татбиқи ҳамаҷонибаи қонуни забон, баргаштан ба алифбои ниёгон дар саросари Тоҷикистон;

– Аз байн бурдани олудагии муҳити зист ва муҳофизату беҳтар кардани ҳолати он;

– Муҳофизати сиҳати аҳолӣ, беҳтар сохтани шароити кору зиндагонии мардум, хосатан аҳли деҳот.

– Таъмин намудани соҳибихтиёрии сиёсӣ ва мустақилияти иқтисодии Тоҷикистон ва бад-ин манзур моликияти ҷумҳурии Тоҷикистон эълон кардани замин, об, фазо, тамоми сарватҳои табиӣ ва ҳамаи корхонаҳою муассисот, воситаҳои истеҳсолоту инфраструктураи иқтисодию иҷтимоии дар қаламрави Тоҷикистон воқеъшуда;

– Таъмини муносибатҳои дӯстона ва бародарона ва ҳамкориҳои ҳамаҷониба бо тамоми халқҳою кишварҳои ҷаҳон, хосатан бо ҷамоҳири ИҶШС ва кишварҳои ҳамсоя.



ШАҲОДАТНОМАИ

Созмони Растохез дар 21 июни соли 1991 аз сӯи давлати Тоҷикистон номнавис шуд. Шаҳодатномаи Созмони Растохез.

Ҳамон тавре ки мебинем, дар барномаи Созмони Растохез мақсаду орзӯҳои неки халқи мо инъикос ёфтааст ва дар он ҳеҷ чизе, ки хилофи адлу инсоф ва ахлоқи инсонию қонунҳои башарӣ бошад, аслан вуҷуд надорад. Созмони Растохез бар зидди ҳеҷ кадом халқе ё миллате нест. Баръакс, он тарафдори сулҳу амният, дӯстию рафоқат ва баробарию бародарии ҳамаи халқҳою миллатҳо мебошад.

Созмони Растохез ба хотири ҳимояи ҳаққу ҳуқуқи поймолшудаи мардум ва аз байн бурдани беадолатиҳо ба вуҷуд омадааст ва барои таъмин намудани растохези халқи тоҷик ва Тоҷикистон, яъне аз хоби ғафлат бедор намудани мардум, аз қайди ғуломию дармондагӣ ва фақру бенавоии моддию маънавӣ наҷот додани онҳо, ба хотири даст ёфтан ба пешрафту тараққии иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ, барои эҳёю рушди забону фарҳанги таназзулёфтаи мо мубориза мебарад.

Созмони Растохез бар зидди системаи мавҷудаи бюрократӣ бар зидди диктатураи ҳизб, ки даҳсолаҳо боз инҷониб принципҳои социализму демократия, адлу инсоф ва ахлоқи инсониро поймол карда меояд, мубориза мебарад. Растохез тарафдори қаҳқат, адолат, озодӣ ва баробарию барадарӣ аст ва мекӯшад, ки ҳеҷ касе (гурӯҳе, ҳизбе) болои касони дигар ҳукумату фармонравоӣ накунад, ҳаққи дигаронро нахӯрад. Ҳама ва ҳар кас озоду соҳибихтиёр бошад ва факат аз ҳисоби кору заҳмати худ зиндагӣ бикунанд.

Равшан аст, ки ин ҳама марому мақсадҳои Растохез танҳо дар сурате амалӣ шуда метавонад, ки агар системаи бюрократии ҳизбию давлатӣ ҷиддан тағйир дода шавад ва як низоми воқеан демократӣ (мардумӣ) эҷод гардад. Вале мансабдорони дастгоҳи ҳизбию давлатӣ, ки аксаран ба хону амирҳои вилоятҳою ноҳияҳои худ табдил шудаанд, ба ҳеҷ ваҷҳ намехоҳанд, ки Барномаи Растохез амалӣ шавад ва онҳо ҳукуматро ба дасти мардум дода, аз мақому мансаб ва имтиёзҳои худ маҳрум шаванд. Аз ин ҷост, ки таи нӯҳ моҳи гузашта онҳо кӯшиш карданд, ки номи Растохез дар ҳеҷ ҷое шунида нашавад ва мардум аз марому мақсадҳои он огоҳ нашаванд, садои эътирози худро баланд накунанд ва зиндагии орому роҳати мансабдорони чаласаводро халалдор накунанд.

Маҳз барои ҳамин теъдоди зиёди мансабдорон ҳам дар Кумитаи Марказӣ ва ҳам дар кумитаҳои вилоятию ноҳиявии ҳизб аз созмони Растохез метарсанд ва роҳи душманиро нисбат ба он пеш гирифта, дар ҳаққи он дурӯғу бӯҳтон паҳн мекунанд, дар шаҳрҳою деҳот аъзои Растохезро таъқибу таҳдид мекунанд, ҳукуқҳои граждании онҳоро поймол намуда, ба онҳо фишор меоранд. Маҳз барои ҳамин то ин вақт нагузоштанд, ки Барномаю Оинномаи Растохез нашр шавад ва мақолаҳое, ки тавассути хабарнигорони АПН, "Коммунист Таджикистана" ва ғайра дар бораи Растохез таҳия шуда буданд, дар рӯзномаҳо чоп шаванд. Баъзе кормандони телевизион ва рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон"-ро низ барои ҳамин ҷазо доданд, ки онҳо мусоҳибаи раиси Растохезро (Ҷ.Т. 31.12.89) нашр карданд. Сабаби чоп нашудани мактубу мақолаҳои мардум, ки ҷавобан ба хабарҳои иғвогаронаи ТоҷикТА ба редаксияи рӯзнома фиристода шудаанд, низ ҳамон аст.

Маҳз бо ҳамин сабаб котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон Маҳкамов Қ. М. қатъиян розӣ нашуд, ки бо иштироки аъзои раёсати Растохез ва мансабдорони ҳизбию давлатӣ дар бораи ҳодисаҳои 11-14 феврал сӯҳбате ороста, онро аз тариқи телевизион ва радио нашр намоем, то ҳама аз ҳақиқати ҳол огоҳ шаванд. Аммо...

Дурӯғу бӯҳтон паҳн кардан дар ҳаққи номзадҳои равшанфикри халқ ва хабарҳои иғвогаронаи ТоҷикТА (*"Сир охир фош мешавад" ва Растохез чист?*) ва филми мустанади сохтакоронае, ки рӯзҳои 3 ва 6 март аз тариқи ТВ намоиш дода шуд, ҳеҷ тасодуфӣ набуданд. Онҳо ба мақсади бадном кардани Растохез ва номзадҳои ватанпарасту вафодори мардум маҳз дар рӯзҳои интихоботи депутатҳои халқии Тоҷикистон нашр карда шуданд.

Ва мардуми бехабару ноогоҳ он хабарҳоро хондаву шунида ба доми фиреб афтоданд ва аксаран на фарзандони арзандаи халқро, балки мансабдорони чаласаводу чоҳталабро ба Шӯрои Олӣ интихоб намуданд.

Ҳамон тавре ки дидем, дастгоҳи бюрократӣ ба мақсади худ ноил шуд: аксарияти мутлақи депутатҳои Шӯрои Олиро мансабдорони ҳизбию давлатӣ (котибони КМ, кумитаҳои ҳизби вилоятҳою ноҳияҳо, раисону директорҳо ва ғ.) ташкил доданд. Ба Шӯрои Олӣ фақат як нафар коргар, ду нафар деҳқон, се нафар ходими дин ва даҳ нафар олим интихоб шуданду бас. Дар мачмӯъ беш аз 93 фоиз депутатҳои Шӯрои Олии Тоҷикистон узви ҳизби коммунистӣ мебошанд (агарчи аъзои ин ҳизб фақат 2,5 фоизи аҳолиро ташкил медиханд) ва онҳо бештар фармони ҳизбро ичро мекунанд, на иродаи халқро.

Растохез зидди дастгоҳи бюрократии ҳиз-бию давлатӣ ва мансабдорони бемаърифати он мебошад ва мехоҳад, ки ҳеҷ ҳукумат дар болои мардум набошад, тамоми қудрат бояд ба халқ тааллуқ дошта бошад.

Бад-ин тартиб дастгоҳи бюрократии ҳизбию давлатӣ тавонист, ки ҳукуматро дар дасти худ нигоҳ дорад, мақому мансаб ва имтиёзҳои худро хифз кунад, ва ин натичаи бемаърифатии ҳамагонӣ буд. Бемаърифатии роҳбарону мансабдорони ҳизбию давлатӣ, бемаърифатии тӯдаҳои васеи мардум. Агар роҳбарону мансабдорон маърифате медоштанд, дарк мекарданд, ки имрӯз, дар ин марҳилаи сарнавиштсоз, мо ба як Шӯрои Олии комилан ҷадид, ба депутатҳои дигаре, ки дорои маърифату диди васеъ ва афкору ақоиди тоза мебошанд ва роҳҳои ҳалли мушкилоти моро медонанд, зарурат дорем, на ба мансабдорони чаласаводу консервативӣ, ки мардумро ба сарҳади қашшоқию нобудӣ расонданд.

Агар мансабдорони ҳизбию давлатии мо, аз ҷумла муншии (котиби) аввали кумитаи ҳизби ш. Душанбе Ҷ. Каримов ва муншии дуюми ноҳияи Октябри ш.Душанбе А. Костыря ва амсоли онҳо аҳли саводу маърифат мебуданд, аъзои Растохез ва равшанфикрони тоҷикро "моҷароҷӯёни сиёсӣ" (политические авантюристы) наменомиданд ва намегуфтанд, ки "*аъзои Растохез даъвои қудрату ҳукумат мекунад*", зеро агар ҳирси чоҳталабӣ ва ҷаҳл ақли онҳоро тира намекард, бахубӣ дарк мекарданд, ки ашхосе, ки зидди мансабу мансабдорон мебошанд, дар талоши мансаб намегарданд. Растохез зидди қудрати (ҳукумати) диктатурии мавҷуда, зидди дастгоҳи бюрократии ҳизбию давлатӣ ва мансабдорони бемаъ-

рифати он мебошад ва мехоҳад, ки ҳеҷ ҳукумат дар болои мардум набошад, тамоми кудрат бояд ба халқ тааллуқ дошта бошад ва сухани нихоӣ – сухани халқ бошад. Органҳои идорӣ тавассути халқ интихоб шаванд ва комилан тобеи халқ, таҳти назорати халқ бошанд ва иродаю хостаҳои халқро амалӣ кунанд, яъне дар Тоҷикистон низоми тоталитарӣ ва диктатураи ҳизб аз байн бурда шуда, низоми демократӣ эҷод гардад.

Пас чӣ гуна Созмони Растохез қудратеро, ки вуҷуд надошта бошад, талаб кунад, ё мансаберо талош кунад, ки худ зидди он аст ва мехоҳад он кудрату он мансабро аз байн барад? Агар котиби Президиуми Шӯрои Олии Тоҷикистон А. Қосимова аҳли саводу маърифат мебуд, аз минбари Пленуми КМ ҲК Тоҷисистон (16.02.90) намегуфт, ки "Барнома ва Оинномаи Созмони Растохез – ин барномаи сарнагун кардани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон аст" (КТ, 18.02.90). Агар ӯ аҳли маърифат мебуд, мефаҳмид, ки ҳокимияти мавҷудаи Тоҷикистон ҳокимияти Шуравӣ нест, балки як диктатура аст ва низоми ҷамъиятии мо низ аз сотсиализм ва демократия фарсаҳҳо дур аст... Агар ӯ магзи шахшудаю тафаккури колабӣ намедошт, медонист, ки дар ҷумҳурии мо "таҳти роҳбарии хирадмандонаи ленинчиёни матин" ва ҳизби коммунистӣ амалан ҷамъияти сотсиалистӣ сохта нашуд. Ҷомеаи мо аломатҳою сифатҳои асосии сотсиализмро надорад ва ҳукумат ҳамон тавре ки 73 сол қабл аз ин дар дасти халқ набуд, ҳоло ҳам дар дасти мардум нест. Агар ӯ бо маърифат мебуд, мефаҳмид, ки Созмони Растохез на бар зидди ҳокимияти Шӯравӣ, балки бар зидди Ҳукумати диктатурии мавҷуда, бар зидди ҳукумати авлодии мансабдорони бемаърифат мебошад.

Агар тӯдаҳои васеи мардуми бечораи мо ҳама бомаърифат ва бедору худшинос мебуданд, намегузоштанд, ки як идда роҳбарони ноӯҳдабарою худобехабар ҳакку ҳуқуқи онҳоро поймол карда, афроди ҷомеаро мисли ғуломон тобею фармонбардори худ созанд. Агар сатҳи маърифати халқи мо баланд мебуд, маҳз ҳамин А. Қосимова дар ҳаққи модарону хоҳарони мо чунин таҳқирро дар саҳифаи "Ориентиры"" (№ 10, 1989, с.5) нашр намекард: "*Наши молодые женщины в 20-25 лет имеют уже от двух до пяти детей. И это часто внебрачные дети. Ведь выдают замуж за определенную сумму.*" Агар ин гуфтахоро тарҷума кунем, маълум мешавад, ки занҳои 20-25 солаи тоҷик фоҳишаанду фарзандони онҳо ҳаромӣ. Шумо чӣ мегӯед?! Агар сатҳи огохии сиёсии мардум баланд мебуд ва чӣ будану чӣ вазифа доштани Шӯрои Олиро медонистанд, ҳангоми мулоқот бо номзадҳои худ савол намекарданд ки *"шумо ба сифати депутати Шӯрои Олӣ ба мо чӣ сохта медиҳед? Ҳаммому мағоза месозед, роҳамонро асфалтпӯш мекунед, бо об таъмин мекунед...?"* Онҳо ба ваъдаҳои дурӯғину авомфиребона, ба чӯбу тахта, калӯшу помбарх ва қанду собун фирефта шуда, мансабдорони нолоиқу камсаводро, ки ҷомеаи моро гирифтори бӯхрону таназзул сохтаанд, ба органи олии қонунгузории Тоҷикистон интихоб намекарданд...

Маҳз бо ҳамин сабабҳо **мо ба растохези миллӣ эҳтиёҷ дорем, мо бояд растохез кунем, моро растохези миллат мебояд...**

Тоҳири АБДУҶАББОР
(НЕКЗОД),
Нашрияи "Растохез",
№2, июли 1990

ОЁ ТОҶИКИСТОН СОҲИБИХТИЁР АСТ?!

Дигар пӯшида нест, ки Тоҷикистон яке аз ақибмондатарин ва қашшоқтарин ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ мебошад ва ин матлабро ҳатто онҳое, ки то имрӯз асосан ба дурӯғбофию худтаърифкунӣ ва авомфиребӣ машғул буданд, маҷбур шуданд, ки аз минбарҳои баланд иқрор кунанд.

Иқрор шуданд, ки иқтисоди мо бӯҳронию бозорамон касод шудааст, забону фарҳангамон таназзул ёфтааст муҳити атрофамон сахт ифлосу заҳролуд гардида ва сатҳи зиндагии мардум ба ҳадде поин омада, ки аксун қариб 60 дар сади аҳолии ҷумҳурӣ дар ҳолати фақру бенавоӣ умр ба сар мебаранд. Ҳазорон нафар бекор намедонанд, ки даст ба чӣ коре зананд ва чи гуна қути лоямуте пайдо кунанд ва хонабардӯшон ҳайронанд, ки ба кадом дар сар халанду чӣ тавр сарпаноҳе ёбанд.

Зимомдорони мо барои раҳоӣ ёфтан аз ин вазъи фалокатбору бӯҳронӣ чӣ тадбиру чораҳо мебинанд?

Назарияи (консепцияи) ба истилоҳ "худидоракунӣ ва худмаблағгузорӣ", ки бино бар амри марказ тавассути ҳукумати Тоҷикистон таҳия шудааст, моҳиятан аз назарияи ҳукумати марказӣ чандон тафовут надорад ва ҳадафи он бо каме тағйирот нигоҳ доштани системаи мавҷуда аст. Яъне боз ҳамон тобеияти ҷумҳурӣ, ки боиси пеш омадани вазъи бӯҳронии мо шудааст. Назарияи "гузаштан ба иқтисоди тиҷоратӣ" (субҳоноллоҳ, чӣ истилоҳест!), ки тавассути ҳукумати марказӣ пешниҳод шудааст ва ҳукумати Тоҷикистон намедонад, ки бо он чӣ кунад (яқинан "хуб, тақсир, мо розӣ" хоҳад гуфт).

Равшан аст, ки яке аз сабабҳои асосии вазъи бӯҳронии мо ба чигунагии системаи сиёсии кишвар ва фаъолияти органҳои ҳизбию давлатии Тоҷикистон вобаста аст.

Дар моддаи 76 Қонуни Асосии Иттиҳоди Шӯравӣ ва моддаи 68 Қонуни Асосии Тоҷикистон зикр шудааст, ки Тоҷикистон яке аз ҷумҳуриҳои соҳибихтиёри Иттиҳоди Шӯравӣ мебошад. Вале ин гуфтор танҳо дар рӯи коғаз аст. Ҳарчанд ки Тоҷикистон дорои ҳудудҳои муайян, қонуни асосӣ, органҳои олии қонунгузорӣ, ҳукумат ва идороти давлатӣ мебошад,

вале моҳиятан ин ҳама як завоҳири фиребанда аст, зеро органҳо ва идороти давлатии Тоҷикистон худ салоҳияту ихтиёре надоранд ва тобеи органҳою идороти марказӣ буда, иродаю фармонҳои марказро итоату амалӣ менамоянд. Биноан, Тоҷикистон, халқи тоҷик дар воқеият аз соҳибихтиёрии сиёсӣ ва мустақилияти иқтисодӣ бархӯрдор нест.

Агар мо соҳибихтиёр мебудем, магар иқтисоди мо чунин заифу ноқис, тобею яктарафа мебуд? Агар мо ихтиёр медоштем, магар забону фарҳанги мо таназзул мекард, магар мо рӯҳи падарон ва ниёгони худро таҳқир карда, аслу насаби худро фаромӯш мекардем, магар аз анъаноти миллии худ, аз алифбои ниёгон даст мекашидем? Магар мо наметавонистем сарватҳои табиии худро муфт надода, оқилона истифода кунем ва баҳри беҳбудии зиндагии мардум сарф намоем? Агар мо ихтиёр медоштем, аксарияти шаҳрҳою корхонаҳою муассисот ва кӯчаю хиёбонҳои мо ба ивази номҳои маҳаллӣ номҳои ғайритоҷикӣ ба худ мегирифтанд ва магар Хуҷанд – Ленинобод мешуду Мӯъминобод – Ленинград? Магар дар миёни шаҳру деҳоти мо, ки аксарияти мутлақи сокинонашон мусулмон мебошад, фермаҳои хукпарварӣ сохта мешуд ва бо чунин кор анъаноти миллию муътақидоти мазҳабии мардумро таҳқир мекарданд? Агар халқи тоҷик соҳибихтиёр мебуд, магар мазмуну мӯҳтавои китобҳои дарсӣ ва шеваҳои таълиму тарбияи фарзандони мо ва чиро хондану чиро нахондани онҳоро мансабдорони болонишин аз марказ муайян мекарданд, он ҳам мансабдороне, ки аз фарҳанги миллии мо ва хеш хеҷ хабаре надоранд?

Агар Тоҷикистон соҳибихтиёр мебуд, магар котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон (ва акнун раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон низ) дар минбари баланди Маскав аз раф. Мураховский ва Горбачёв М.С. бо зориву тавалло илтимос мекард, ки иҷоза диҳанд, то як мушт нахи пахтаи худро ба Югославия фурӯхта, ба ивазаш тухми чуворимакка харем?

Агар чумҳурии мо ихтиёр медошт, магар барои ҳалли кучактарин масоил, ҳатто барои ба кор гирифтани ду-се нафар ба "Бунёди Забон" ва тасдиқ намудани акти масрафи тармими як мошини кӯҳна ба марказ мурочиат карда, иҷозат мепурсид? Агар мо ихтиёр медоштем...

Ҷумҳурӣ танҳо дар сурате метавонад воқеан чумҳурӣ бошад, яъне амалан соҳибихтиёр бошад, ки иқтисоди миллии худро дошта бошад ва тамоми масоили иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангии худро худ ҳаллу фасл намояд. Аммо *Тоҷикистон дар воқеият як қисми мутеи* "Комплекси воҳиди иқтисоди кишвар" аст, на як организми мукаммалу мустақил ва худтанзимкунанда. Ин организми ноқису маъюби иқтисоди чумҳурии мо шадидан таҳти таъсири омилҳои беруна қарор дорад ва ҳадафҳою самтҳои фаъолияти он асосан дар берун аз хоки чумҳрӣ, яъне аз марказ (Масков) таъин ва танзим мегардад. Тасодуфӣ нест, ки беш аз 90 дар сади истеҳсолоти саноати чумҳурии мо таҳти тобеияти вазоратхонаҳою идороти марказӣ қарор дорад. Амаликунандаи чунин сиёсати шум

дар Тоҷикистон Партия Коммунистии Тоҷикистон (отряди ҲКИШ) буда, ки таи даҳсолаҳои охир "баҳри иҷрои қарорҳои анҷуманҳои ҲКИШ" кору пайкор намуда, ҳаққу ҳуқук ва манофеи миллии халқи тоҷикро поймол сохтааст ва дар натиҷа кор ба ҷое кашидааст, ки акнун ҷумҳурии мо танҳо бо ном ҷумҳурӣ асту бас.

Ҳамчунин номи кишвари мо – Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сусиёлистӣ (ИҶШС) – мантиқан ба мазмуну мӯҳтавои он чандон мувофиқ нест. Зеро мафҳуми ИҶШС чунин маънӣ дорад, ки чанд (15) ҷумҳурии соҳибихтиёр ва мустақил бар асоси созишнома бо ҳам иттиҳод бастаанд ва зимнан ҳеҷ кадоми онҳо барҳам нахӯрда, балки, тавре ки аз номи "Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои..." бармеояд, ба сифати ҷумҳуриҳои соҳибихтиёри Шӯравӣ боқӣ мондаанд, вагарна дар номи кишвар калимаҳои "Иттиҳод" ва "ҷумҳуриҳо" изофӣ мебуд. Аммо кучостанд он ҷумҳуриҳои соҳибихтиёр? Дар кишвари мо онҳо танҳо ҳукми беҷое дар Қонуни Асосӣ ва ҳукуматҳои лӯхтакмонанде бо ном соҳибихтиёру дар асл беихтиёр боқӣ мондаанд. Акнун эътироф шудааст, ки давлати мо давлати Шӯравӣ нест, балки як низоми диктатурӣ, тоталитарӣ аст ва сохти иҷтимоии моро низ бо тамоми маънӣ сохти сотсиалистӣ гуфтан нашояд.

Қадриддин Аслонов – раиси вақти Шӯрои Олии Тоҷикистон дар 9 сентябри 1991 қарори тасдиқи Эъломияи Истиқлоли Тоҷикистонро имзо ва онро дар ҳузури мардум қироат кард. Аммо вакилон аз ин рӯйдоди бузург хуш набуданд.

Бад-ин тартиб, ИҶШС танҳо номи шартии як давлати тоталитарии сермиллат, то ба ҳадди ифрот марказонидашуда ва абарқудрате, ақибмондае мебошад, ки силоҳи зарравию рокитҳои байникуравӣ дорад лек нони серӣ не.

Ҳоло вақти он расидааст, ки мо, тамоми халққои кишвар, бо дарки ин воқеияти талхи зиндагӣ аз гуфтор ба амал гузарем ва ҷомеаи худро бар асоси принципҳои демократия ва адолати иҷтимоӣ куллан бозсозӣ кунем.

Барои ин аввал аз ҳама лозим аст, ки маънии аслии мафҳуми "Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сусиёлистӣ" баркарор гардад, яъне соҳибихтиёрии сиёсӣ ва мустақилияти иқтисодии ҳар кадом ҷумҳуриҳои кишвар амалан таъмин ва тазмин гардад ва онҳо таври довталабона ва иҳтиёрӣ иттиҳоду ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи иқтисодиву техникӣ, илмию фарҳангӣ ва сиёсиро бар асоси созишномаи ҷадид муттакӣ бар принсипҳои баро-

бархукукӣ, дӯстию бародарӣ ва мудохила накардан ба умури дохилии якдигар таъмин намоянд. Аз ин рӯ, қарорҳои ҳукуматҳо ва созмонҳои иҷтимоии ҷумҳуриҳои Наздибалтик, Русия, Молдава, Украина, Белорус, Гурҷистон ва дигар ҷумҳуриҳо дар мавриди эълон намудани соҳибихтиёрии сиёсӣ ва мустақилияти иқтисодишон қобили дастгирӣ ва пуштибонӣ мебошад. Зеро озодӣ, соҳибихтиёрӣ ва ё мустақилӣ ҳаққи қонунӣ ва табиии ҳар як халқ ва ҷумҳурӣ буда, ҳеҷ кас ва ҳеҷ нерӯе ҳақ надорад, ки озодию истиқлолияти халқе ё миллатеро маҳдуд кунад ва ё зӯран болои он ҳукумат кунад.

Оё Тоҷикистон, халқи тоҷик ҳам метавонад соҳибихтиёр ва мустақил бошад? Оё Шӯрои Олии Тоҷикистон дар ҷаласаи навбатии худ эъломияеро дар бораи соҳибихтиёрии сиёсӣ ва мустақилияти иқтисодии Тоҷикистон тасдиқ ва нашр менамояд, ки бар асоси он Қонуни Асосии Тоҷикистон аз нав тартиб ва танзим шавад? Албатта, барои таъмин намудани соҳибихтиёрию мустақилияти Тоҷикистон лозим аст, ки тамоми хок, сарватҳои табиӣ, об, фазо, тамоми корхонаҳо ва муассисаҳо ва инфраструктураи иқтисодиву иҷтимоии дар қаламрави Ҷумҳурӣ воқеъшуда бояд моликияти ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардад ва истифодаву бахрабардории онҳо танҳо бар асоси қонунҳои Тоҷикистон сурат гирад. Муносибат ва ҳамкориҳои иқтисодию техникӣ ва илмию фарҳангии Тоҷикистон бо марказ ва дигар ҷумҳуриҳои бародар ва бо кишварҳои хориҷӣ бар асоси мувофиқатномаҳои мустақими дуҷониба ва ё бисёрҷониба таъйин ва танзим гардад.

Ин нукта мусаллам аст, ки пешрафту тараққӣ фақат дар шароити озод будани афроди ҷомеа, дар шароити низоми демократӣ муяссар шуда метавонаду бас. Лиҳозо, то замоне ки ин системаи бюрократии ҳизбию давлатӣ побарҷо бошад, мо наметавонем ба пешрафту тараққӣ ноил шавем. Ҳамзамон бо ба даст овардани мустақилияту соҳибихтиёрӣ бояд системаи сиёсии мавҷударо ҷиддан тағйир дод ва як низоми вокеан демократӣ, як ҳукумати мардумӣ эҷод гардад. Бад-ин манзур мебояд, ки қонуни ҷадид дар бораи ҳукумат қабул гардад ва бар асоси он ҳизби коммунистӣ комилан аз ҳукумат дур ва ҷудо сохта шавад ва қудрати давлатӣ сад дар сад ба халқ ва намояндагони интихобшудаи он супурда шавад. Зимнан фаъолияти ҳизби коммунистӣ ва соири аҳзоби сиёсӣ дар дастгоҳи ҳукумат, вазоратхонаҳо, хосатан дар возорати дохила, кумитаи бехатарии давлатӣ, дар урду (армия) ва ҳам дар идораҳои маҳкамаю додгустарӣ (суд ва прокуратура) ва дар системаи маориф ва илм қатъиян манъ карда шавад. Дар маҷмӯъ ҷомеаи мо аз таҳти таъсири идеологияи догматикӣ раҳоӣ ёбад.

Кору фаъолияти ин органҳо бояд ҷиддан тағйир дода шавад. Онҳо то алҳол дар хидмати як идда мансабдорони олирутбаи ҳизбӣ қарор доранд ва асосан, онҳоро муҳофизат мекунанд, на халқу давлатро.

Моро лозим аст, ки афроди ҷомеаро аз тарбиятгарони бетарбия ва чалласаводу бемаърифат раҳо созем. Бигузор, халқи тоҷик, ҳар фарди

ҷомеа роҳу равиш ва шеваи зиндагии худро худ муайян кунад. Охир ба кадом асос ҳизбе, ки фақат як қисми кӯчаки ҷомеаро ташкил медиҳад ё гурӯҳи ашхоси кӯрсаводу бефарҳанг, ки дар қиёфаи мансабдорони ҳизбию давлатӣ зоҳир мешаванд, болои халқ ҳукумат мекунанд ва иродаи носавобу аҳмақонаи ботили худро ба мардум ҷабран таҳмил мекунанд? Чаро тамоми мардумро мисли ғулом таҳти тобеияти худ даровада, ба онҳо амру фармон содир мекунанд? Ба онҳо кӣ чунин ҳақро додааст? Мо бояд бандагиро (ғуломиро) тарку озодиро ихтиёр кунем. Халқи тоҷик бояд соҳибихтиёр бошад. Ҳаққо, ки устод Лоҳутӣ дуруст фармудааст:

Зиндагӣ охир сар ояд, бандагӣ даркор нест,
Бандагӣ гар шарт бошад, зиндагӣ даркор нест...

Тоҳири АБДУҶАББОР (НЕКЗОД),
нашрияи "Растохез",
№4, октябри 1990

ПЕШГУФТОР Ё ҲАҚИҚАТИ ҲОЛ ДАР БОРАИ РАСТОХЕЗ

Ҳамватанони азиз! Хонандагони мӯҳтарам!

Барнома ва Оинномае, ки дар даст доред, ҳанӯз тобистони соли 1989 тавассути як идда зиёиёни ватанпараст, аз ҷумла А. Холиқзода, Ҳ.Ҳабибуллоев, С. Мастонзод, Х. Ҳамидов, Ҳ. Абдул, Аҳмадҷонзода, Ҳ.Файзуллоев, нигорандаи ин сатрҳо ва дигарон таҳия ва тартиб шуда, дар маҷлиси муассисони созмони Растохез (14.09.89) тасдиқ шуда буд. Қарор буд, ки дар аввали соли ҷорӣ (1990) анҷумани Созмони Растохез даъват гардад ва дар он бо дарназардошти фикру мулоҳизаҳои мардум таҳриру тадқиқ ва такмил сохта шуда, таври ниҳоӣ тасдиқ гардад ва бар асоси он кору фаъолияти Ҷунбиши Мардумии Растохез ба роҳ монда шавад. Зеро Растохез моҳиятан як ҷабҳаи мардумӣ (фонти халқӣ) буда, дар барномаи он муҳимтарин масоили зиндагии ҷомеаи мо инъикос ёфтаанд, масоиле, ки ба зиндагии имрӯзу фардои ҳар як сокини ҷумҳурии мо дахл дорад ва дар назди ҳар кас ва ҳамаи мо истодааст ба ҳалли онҳо ҳамаи мо манфиатдорем.

Оиннома ва Барномаи Растохез ҳанӯз дар моҳи сентябри соли гузашта (1989) бо мактуби расмӣ ва протоколи маҷлиси муассисон ба Шӯрои Олии Тоҷикистон ва шахрдории ш. Душанбе ва баъдан ба КМ ҲК, Шӯрои Вазирони Тоҷикистон супурда шуда буд. Зимнан аз мақомоти расмӣ

хоҳиш намуда будем, ки созмонро ба қайд гирифта, дар ичрои вазифаҳояш ҳамкорӣ намоянд. Ҳамчунон нусхаҳои Оинномаю Барнома ба рӯзномаҳои "Тоҷикистони советӣ", "Ҷавонони Тоҷикистон", "Комсомолец Таджикистана" ва ғайра пешниҳод шуд, то онро барои хонандагон нашр намоянд. Бигзор ҳар кас онро хонда фикру мулохизаҳои худро гӯяд, агар нуқсону камбудиҳо дошта бошад, ошкор созанд, то онро ислоҳ намуда, беҳтар созем.

Аввал дар рӯзномаҳо изҳор доштанд, ки ҳатман чоп хоҳанд кард. Вале баъд аз сипарӣ шудани чанд муддат мегуфтанд, ки: "Албатта, барнома хеле хуб аст. Мо мехостем чоп кунем, вале аз "боло" манъ карданд..."

Чанд дафъа бо роҳбарони ҳизбу давлат, аз ҷумла бо Қ. Маҳкамов, Ғ. Паллаев, И. Ф. Дедов, А. Қосимова, Н. Ҳувайдуллоев, Ш. Шабдолов, О. Латифӣ ва дигарон дар КМ ҳизб ва Шӯрои Олии Тоҷикистон пиромуни Барномаю Оинномаи Растохез мулоқот доштем, баҳсу музокира кардем. Мепурсидем, ки кучои Барномаи Растохез ба шумо маъқул нест? Чӣ камбудӣ дорад? Дар ҷавоб баъзе масоили ҷузъиро пеш меоварданд ва аксаран аз гуфторашон маълум мешуд, ки ба моҳияти бисёр масъалаҳои дар барнома зикршуда сарфаҳм нарафтаанд. Баъд аз шарҳу эзоҳи мо баъзеашон мегуфтанд, ки "мебахшед, мо забони тоҷикиро нағз намедонем. Барои хамин Барномаро нағз нафаҳмидем..." Ваъда медоданд, ки бо Растохез ҳамаҷониба ҳамкорӣ хоҳанд кард ва "ба наздикӣ онро ба қайд хоҳанд гирифт".

Аммо дар амал теъдоди зиёди мансабдорону кормандони ҳизбӣ ва давлатӣ якҷо бо косалесону лагандбардорони зархариди худ нисбат ба Растохез роҳи душманиро пеш гирифта, дар шаҳру ноҳияҳо ва корхонаю муассисаҳо, дар байни мардум дар ҳаққи Растохез бӯҳтон мезаданд ва пайваста дӯруғҳо мебофтанд. Ҳатто овоза паҳн карданд, ки "ин барномаи асосии Растохез нест. Растохез як барномаи пинҳонии дигар дорад. Он мехоҳад, ки ҳукумати Шӯравиро дар Тоҷикистон барҳам дода, ҷумҳурии исломӣ созад. Растохез миллатчӣ аст, мехоҳад, ки русҳоро аз Тоҷикистон пеш кунад...".

Халқи рус як зарбумасали хеле хуб дорад ва он чунин ифода шудааст: "Каждый судит по мере своей испорченности". Ҳақ асту рост. Он мансабдорони бюрократ ва чоплусони бехирад, ки худ ба дурӯғгӯию дурӯягӣ, балки садруягӣ одат кардаанд ва рӯзе, ки чанд дурӯғ нагӯянд, хобашон намебарад, хаёл мекунанд, ки дигарон низ мисли эшонанд. Агар онҳо бемаърифат намебуданд, мефаҳмиданд, ки Растохез сиёсатбозию дурӯягӣ намекунад, зеро "он, ки дурӯғгӯй бошад, зидди дурӯғгӯй мубориза намебарад, чун ин маънии зидди худ мубориза бурданро дорад".

Растохез фикру ақидаи худро кушоду равшан баён мекунад ва ҳозир аст, ки гуфтори дигаронро бишнавад ва агар тарафи муқобил бо далелу бурҳон ақидаи худро исбот намояд, омодааст, ки онро қабул кунад. Растохез зидди низоми тоталитарӣ, зидди дастгоҳи партократию бюрократӣ, зидди беадолатию риёкорӣ, амру фармонфармоӣ, зулму истисмор,

ришвахӯрию ҷохталабӣ ва фиску фасод буда, тарафдори ҳақиқат, адолат, баробарҳуқуқию бародарӣ, сулҳу сафо, тараққию пешрафт ва озодию ободии халқу ватан мебошад, барои барпо кардани давлати демократии ҳуқуқбунёд мубориза мебарад.

Ин, албатта, ба мансабдорони ҳизбию давлатӣ маъқул нест, зеро дар сурати ба вуҷуд овардани низоми демократӣ, ба дасти мардум супурдани ҳукумат, онҳо аз мақому мансаб ва имтиёзҳои худ маҳрум хоҳанд шуд. Ин аст сабаби асосии душмании онҳо нисбат ба Растохез. Мансабдорони ҳизбию давлатӣ, хосатан пас аз ҳодисаҳои моҳи феврали соли 1990 ба мақсади гумроҳ сохтани мардум, рӯпӯш кардани асли ҳодисаю гунаҳкорони асосии он ва зарба задан ба созмони Растохез таблиғоту ташвиқот ба роҳ андохтанд, ки ба он ҳодисаҳо Растохез шарик аст ва хатто мумкин аст, ки ташкилкунандаи он бошад. Теъдоди зиёди мардуми гумроҳшудаи мо ҳам ба ин доми фиреб афтода ба он дурӯғу бӯҳтонҳо бовар карданд. Вале чунон ки мегӯянд, "офтобро бо доман пӯшонида намешавад". Ҳақиқат дер ё зуд ба рӯи об мебарояд, ниқоби дурӯғгӯёну ҷиноятқорон аз рӯяшон меафтад ва чеҳраи ҳақиқии сиёҳи онҳо ба ҳамагон ошкор мешавад. Бо вуҷуди он ҳама дурӯғу бӯҳтон имрӯз аксарияти мардум ҳам дар ҷумҳурии мо ва ҳам берун аз он фаҳмиданд, ки асли воқеа чӣ буд, фаҳмиданд, ки Растохез рӯҳониёни мӯҳтарам ва равшанфикрони ватанпараст он ҳодисаҳоро ташкил накардаанд. Онҳо фақат кӯшиш намуданд ва тавонистанд, ки хунрезию нооромиҳоро қатъ намоянд ва инро комиссияи махсуси Шӯрои Олии Тоҷикистон низ дар гузориши худ тасдиқ кардааст. Чархи таърихро боздошта намешавад. Гардун ҳамеша дар ҳаракат асту ҷомеа низ тағйир мекунад, ба пеш меравад.

Ҳарчанд ки ҳукуматдорони мо зидди Барномаи Растохез буданду ҳастанд ва дар ҳама ҷо дод заданд, ки Барномаи Растохез нодурусту ғалат аст, зидди ҳукумати Шӯроӣ аст ва ғайра, вале таи як соли гузашта як қисми масъалаҳою мақсадҳое, ки дар Барномаи Растохез зикр шуда буданд, ногузир ҳалли худро ёфтанд. Аз ҷумла, ҳамон тавре ки Растохез талаб мекард, моддаҳои 6 ва 7 аз Қонуни асосӣ бардошта шуд. Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистон, ки тарҳи онро аъзои Растохез соли 1989 таҳия карда буданд ва ба душвориҳои зиёд 17.08.1990 дар "Тоҷикистони советӣ" чоп шуд, дар Сессияи дуввуми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ (августи с. 1990) аз ҷониби депутатҳои мӯхтарами Тоҷикистон рад шуд, ки ин аз савияи фарҳанги аксари намояндагони халқ шаҳодат медиҳад.

Талаби созмони Растохез дар бораи эҳё намудани тарзи номгузории анъанавии тоҷикон, дубора баргардондани номҳои таърихии шаҳру деҳот ва кӯчаю хиёбонҳо дар Шӯрои Олии Тоҷикистон қисман қабул шуд.

Созмони Растохез бар асоси Барномаи худ Консепсияи мустақилияти иқтисодии Тоҷикистонро таҳия карда, ба ҳукумат пешниҳод намуд. Он ҳанӯз дар моҳи январи 1990 дар рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" (30.01.90) нашр шуда буд. Ҳарчанд ки он аз тарафи мардум ва теъдоди зиёди олимону мутахассисон мавриди қабул ва пуштибонӣ қарор гирифт,

вале ҳукуматдорони мо ва як идда олимони лагандбардор онро напазируфтанд. Аммо баъд аз чанд моҳ Шӯрои Олии Русия ва ҷумҳуриҳои дигар қонунҳое қабул карданд, ки мазмуни онҳо қариб сад дар сад ба мазмуни консепсияи Растохез мувофиқ аст ва ниҳоят мансабдорони мо низ мачбур шуданд, ки дар бораи мустақилияти иқтисодии ҷумҳурӣ ҳарф зананд.

Дар барномаи Растохез ҳанӯз беш аз як сол қабл аз ин зарурати аз нав сохтани Иттиҳоди Шуравӣ, тартиб додан ва ақд намудани Созишномаи ҷадиди иттиҳод ва ба вучуд овардани Иттиҳоди давлатҳои мустақилу соҳибихтиёр зикр шуда буд, ки онро мансабдорони хизбию давлатӣ ва як идда "олимони" лагандбардор бо қаҳру ғазаб рад намуданд. Вале баъд аз 8-9 моҳ ҳукумати Русия ва баъдан президенти Иттиҳоди Шӯравӣ М.С. Горбачев расман дар бораи Созишномаи чадиди Иттиҳод ва эҷоди "Иттиҳоди давлатҳои соҳибихтиёр" ("Союз суверенных государств") масъала гузоштанд. Ва танҳо баъд аз он ҳукуматдорони мо низ тарсида-тарсида ин мавзӯъро ба забон оварданд. Ин гуна мисолҳое, ки дуруст ва ҳаққонӣ будани Барномаи Растохез ва маромў мақсадҳои онро исбот менамояд, зиёданд. Вале бо таассуф бояд қайд кард, ки қарору қонунҳое, ки тавассути Шӯрои Олии Тоҷикистон то ҳол қабул шуданд, аксаран номукаммал ва дорои камбудиҳою нуқсонҳои ҷиддӣ мебошанд. (Барои мисол, чунинанд лоиҳаи қонунҳо дар бораи моликият, замин ва алалхусус, Эъломияи истиклолияти Тоҷикистон). Аз ин рӯ, масъалахою мушкилоти ҷомеаи моро ба таври куллӣ ҳал карда наметавонанд.

Гузашта аз он бисёре аз масоилу мақсадҳо ва вазифаҳои дар Барномаи Растохез зикршуда ҳанӯз мисли як кӯҳи бузург дар назди халқи мо, хар як сокини ҷумҳурии мо истодаанд ва ҳалли худро талаб мекунанд. Бинбар он ба ҳар яки мо ва ба ҳамаи мо лозим аст, ки он масоилу мушкилоти ҷомеаи худро ба хубӣ дарк кунем ва ҳама як ҷо муттаҳид шуда, ба ҳалли онҳо бикӯшем, аз бӯҳрону таназзул начот ёбем, халқу ватани худро озоду обод созем, зиндагии орому осуда ва лоики инсонро барои ҳамагон таъмин кунем, яъне растохези миллати худро амалӣ созем.

Бо ин уммед Созмони Растохез дер ҳам бошад, Барнома ва Оинномаи худро ба миқдори бештар нашр намуда, ба дикқати ҳамватанони азиз пешкаш мекунад ва аз ҳамагон таманно дорад, ки онро мутолиа кунанд, фикру мулоҳиза ва пешниходҳои худро ба раёсати СР бифиристанд, то ин ки бо дарназардошти онҳо Барномаю Оинномаро бехтару хубтар созем. Созмони Растохез созмони мардум, созмони ҳамаи Шумо ва барои Шумо аст. Ба сафҳои созмони Растохез бипайвандед ва мақсадҳои неку начиби онро амалӣ намоед!

Бо эҳтиром,
Тоҳири АБДУҶАББОР,
раиси Созмони Растохез
сентябри соли 1990. ш. Душанбе



Коршиносон нақши Созмони Растохезро дар мубориза барои Истиқлолияти Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мекунанд. Агарчи даврони пас аз эъломи истиқлол печидагиҳо ва мушкилоте доштааст, вале имрӯз ҷомеаи ҷаҳон кишвари моро танҳо ба туфайли Истиқлолаш мешиносад.

Тандис аз ҳафтавори "Миллат".

БАРНОМАИ СОЗМОНИ РАСТОХЕЗ – ҶУНБИШИ МАРДУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Олитарин арзишҳои инсонӣ, аз ҷумла озодию озодандешӣ, ахлоқи ҳамидаю башардустӣ, ҳақиқатгӯию ҳақиқатпарастӣ, адолати иҷтимоию баробарҳуқуқии инсонҳо ва халқҳо, дӯстию ҳамкории миёни онҳо ҳамеша муҳимтарин пояҳои ҳастии ҷамъияти инсонӣ ва умдатарин шартҳои мавҷудияту бақо ва тараққию пешрафти он будаанд ва мебошанд. Дар ҳама асру замон мардумони тамоми кишварҳои ҷаҳон, махсусан шахсони огоҳу равшанзамир, пайваста кӯшиш мекарданд, ки арзишҳои олии инсонӣ дар ҷамъият мавқеи баланд дошта, сармашқи зиндагии одамон бошанд. Зеро дар ҳар ҷое, ки ин арзишҳо аз доираи муқаддасот ва эътибору эҳтироми мардум берун монанд ва ҳисси молпарастию ҷоҳталабӣ, беадолатию авомфиребӣ ва ҷабру зулм дастболо шаванд, ҷамъият ҳатман гирифтори бемориҳои гуногун шуда, дар охир ба карахтию нестшавӣ мерасад.

Дар ҷамъияти мо арзишҳои муқаддас бекадру поймол шудаанд. Аз ин рӯ, муддатест, ки ҷамъияти мо сахт бемор аст. Он дар банди ақибмондагии иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ мебошад.

Имрӯз ҷамъияти мо роҳи наҷотро дар бозсозӣ, яъне дар тағйироти ҷиддии ҳамаи соҳаҳои зиндагии хеш мебинад. Бозсозӣ роҳест, ки моро аз ақибмондагию бенавоӣ, қашшоқии маънавию фасод ва мутеию

нобарориҳо ба сӯи озодию баробарҳуқукӣ, дӯстию бародарӣ ва тараққию пешрафт мебарад, ба эҳёи нав, яъне растохези ҳамаи миллатҳо, аз ҷумла миллати тоҷик мусоидат мекунад.

Аммо бозсозӣ танҳо дар сурате амалӣ шуда метавонад, ки оммаҳои васеи мардум мақсадҳои онро дастгирӣ намуда, дар татбиқи он бошуурона ва фаъолона иштирок намоянд.

Акнун мардум бедор шудаанд ва фаҳмиши сиёсию фаъолияти ватанпарастонаи онҳо торафт зиёд мешавад.

Дар ин замина созмони Растохез (СР) ба сифати ташкилоти умумихалқӣ ва сиёсӣ мувофиқи моддаи 51 Қонуни Асосии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сӯсиёлистӣ (ИҶШС) ва моддаи 49 Қонуни Асосии Ҷумҳурии Шӯравии Сӯсиёлистии (ҶШС) Тоҷикистон ба вуҷуд омад, ки одамони равшанфикру огоҳ ва ҳамақидаю ҳамназарро муттаҳид намуда, барои ҳарчи зудтару беҳтар амалӣ сохтани мақсадҳои бозсозӣ фаъолият мекунад.

Мақсадҳои асосии СР-и Ҷумҳурии Шӯравии Сӯсиёлистии Тоҷикистон аз инҳо иборатанд:

– берун шудан аз ақибмондагӣ бо роҳи бозсозии куллии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъият ва давлат дар Тоҷикистон;

– таъмин намудани тараққиёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон;

– баланд бардоштани сатҳи зиндагии моддӣ ва маънавии мардум;

– таъмини адолати иҷтимоӣ;

– эҳёи забону фарҳанги миллӣ ва анъанаҳову русуми писандидаи ниёгон;

– навсозии ҳаёти ҷамъият дар асоси арзишҳои олии умумиинсонӣ;

– аз байн бурдани ҷабру зулм, истисмор, нобаробарию беадолатиҳо, фисқу фасод, авомфиребию бадахлоқӣ, тарсу ваҳми ҳамагонӣ;

– ба вуҷуд овардани як давлати ҳақиқатан демократӣ ва ҳуқуқбунёд;

– расидан ба як ҷамъияти озод ва шукуфон, ки дар он мақоми баландтаринро инсон, инсони комил ва озод дошта бошад, инсоне, ки шиору сармашқи зиндагиаш арзишҳои олии умумиинсонӣ ва башардӯстӣ мебошад;

– ҳифзи муҳити зист ва сиҳати аҳолӣ.

Барои расидан ба ин мақсадҳо, ба ақидаи СР зарур аст, ки дар системаи сиёсӣ, соҳаҳои иқтисоди миллӣ, ҳуқуқ, фарҳанг ва муносибатҳои ҷамъиятӣ як қатор дигаргуниҳои ҷиддӣ ба вуҷуд ояд.

1. МАСЪАЛАҲОИ СИЁСӢ ВА ҲУҚУҚӢ

Яке аз сабабҳои асосии ба бӯҳрон (кризис) гирифтор шудани ҷамъияти мо ба хусусиятҳои системаи сиёсии кишвар ва фаъолияти он вобаст аст. Аз ин рӯ лозим аст, ки:

– Дастгоҳи идории фармонфармоӣ тағйир дода шавад ва дар ҳама ҷо системаи худидоракунӣ ҷорӣ гардад.

– Режими бюрократӣ, ки то ба имрӯз устувор аст, пурра аз миён бардошта шуда, дар ҷои он як низоми воқеан халқӣ, демократӣ ба миён ояд.

– Тамоми органҳои Ҳокимияти давлатӣ аз поин то боло, яъне аз Шӯроҳои маҳаллӣ то Шӯрои Олии Тоҷикистон аз тарафи мардум интихоб шаванд ва пурра таҳти назорати мардум қарор дошта, хостаҳою иродаи мардумро амалӣ кунанд. Ба ин органҳо шахсоне интихоб шаванд, ки дорои маълумоти амиқу хамаҷониба, ҷаҳонбинии васеъ, ҷасорату мардонагӣ, истеъдоду маҳорати коргузорӣ, ҳисси дилсӯзию ғамхорӣ нисбат ба мардум ва мушкилоти онҳо бошанд.

– Интихобот бояд озод, демократӣ, бевосита ва умумӣ бошад. Намояндагони мардум дар органҳои хукумат бояд манфиати халқро ҳимоят кунанд ва на ба ном, балки воқеан хизматгузори мардум бошанд.

– Органҳои ҳукумат ва идораи давлатӣ маҳдуд ва миқдори кормандони он ҷиддан кам карда шавад. Зимнан ба коллективҳои корхонаю муассисаҳо ва колхозу совхозҳо ҳуқуқу имкониятҳои васеъ дода шавад ва системаи худидоракунӣ ба таври васеъ амалӣ гардад.

– Растохез акида дорад, ки доираи фаъолияти ҳизб ва давлат чудо бошад ва ҳизби коммунист ба корҳои давлатдорӣ ва фаъолиятҳои иқтисодӣ мудохила накунад.

– Ҳукумати ҶШС Тоҷикистонро Шӯрои Олии Тоҷикистон ташкил диҳад ва он мутобиқи қонунҳои Тоҷикистон, бо дарназардошти манфиати мардум фаъолият кунад.

– Ҳукумати ҶШС Тоҷикистон дар назди мардум ва Шӯрои Олии Тоҷикистон масъул бошад.

– Мардум бояд аз фаъолияти органҳои ҳокимият ва идораи давлатӣ пурра бохабар бошад, то битавонанд дар ҳолати зарурӣ ба онҳо таъсир расонанд. Аз ин рӯ, принципҳои ошкорбаёнӣ бояд хар чӣ бештар паҳн шуда қувват гиранд ва ҳамаи қонуну қарорҳое, ки аз тарафи Шӯрои Олӣ, раёсати он, Шӯрои Вазирони Тоҷикистон ва органҳои маҳаллии идораҳои давлатӣ кабул мешаванд, бояд базудӣ нашр шаванд. Тамоми китобхою хуччатҳое, ки дар фондҳои махсуси китобхонаю архивҳо маҳфузанд, бояд дастраси ҳама гарданд.

– СР кӯшиш мекунад, ки принципи масъулияти тарафайни "давлат ва мардум", ки яке аз асосҳои ҷиддии бунёди давлати хукуқӣ мебошад, ҳакикатан ба сурати воқеӣ таъмин шавад.

– Лозим аст, ки ба таври доимӣ маълумоти муфассал ва дақик дар бораи фаъолияти корхонаю муассисаҳо ва идораву вазоратхо чоп карда шаванд, то хама аз вазъияти мавҷуда огоҳ бошанд ва аз ин рох дар кори идораи он иштирок намоянд.

– Ҳамчунон СР лозим медонад, ки дар сохти сиёсии ИҶШС ва муносибати байни ҷумҳуриҳои кишвар тағйироти ҷиддӣ ворид гардад. Бо дарназардошти хакки таъини сарнавишти миллатҳо ва комилҳуқукию сохибихтиёрии онхо, шартномаи нав байни ҷумҳуриҳои Иттиходи

Шуравӣ ба имзо расад, ки он Иттиҳоди ҷумҳуриҳои давлатҳои мустақил ва соҳибихтиёри сусиёлистиро дар амал таъмин намояд.

– Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд як давлати комилҳуқуқ ва соҳибихтиёр бошад ва тамоми масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар Тоҷикистон мувофиқи манфиати худ мустақилона ҳал кунад.

– Муносибати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳукумати марказӣ, ҷумҳуриҳои дигари Иттиҳоди Шӯравӣ ва давлатҳои ҷаҳон дар асоси мувофиқатномаҳо, аз рӯи принципҳои баробарҳуқуқию эҳтиромӣ дутарафа, дахл накардан ба корҳои дохилии якдигар сурат гирад.

– СР талаб менамояд, ки ҷавонони ҷумҳурӣ хизмати ҳарбиро дар Тоҷикистон адо намоянд.

– Қонуни Асосии (Конститутсияи) Тоҷикистон бояд ҷиддан тағйир ва такмил дода шавад. Ин кор бояд аз тарафи органҳои қонунгузори Тоҷикистон мувофиқи дархости мардуми ҷумҳурӣ амалӣ гардад.

– Қонуни асосии Тоҷикистон бояд мутобиқи арзишҳои олии умуминсонӣ, принципҳои асосии ҷамъияти демократӣ, худмуайянкунии миллатҳо, эъломияи Созмони Милали Муттаҳид дар мавриди "Ҳуқуқи башар" ва дигар ҳуҷҷатҳои мӯътабару мӯҳтарами байналмилалӣ, расму оин ва суннатҳои миллии халқи тоҷик ва манфиати миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб ёбад.

– Дар Қонуни Асосии Тоҷикистон барои гражданинҳои ҷамъият ҳуқуқу озодиҳои васеъ ва бештар пешбинӣ гардад. Ҳуқуқу озодиҳои гражданинҳо, аз ҷумла озодии сухан, афкору ақида, виҷдон, матбуот, митингу маҷлисҳо, роҳпаймоию намоишҳо, ҳаққи рафтуомади озодона ба кишварҳои хориҷӣ ва ғайра амалан татбиқ ва ҳифз гардад.

– Мавҷудияти назариёт ва ақидаҳои гуногун дар ҷомеа ногузир аст. Озодона баён намудани фикру ақида ва баҳсу мунозираи боодобона дар байни аъзои ҷамъият бояд як ҳолати оддӣ ва табиӣ бошад ва хатто ташвиқу тарғиб шавад. Зеро озодию озодандешии инсонҳо яке аз шартҳои муҳими пешрафти ҷамъият мебошад.

– Шахсони алоҳида ва созмонҳои иҷтимоию сиёсӣ бояд аз воситаҳои ахбори оммавӣ ба таври васеъ истифода намоянд ва ба воситаи онҳо афкору ақидаҳои худро изҳор кунанд.

– Зимнан барои изҳори ақида ва назариёт ҳеҷ касе набояд ба таъқибу фишор ва тӯҳмат дучор гардад. Гражданинҳо аз тарсу ҳароси ҳамагонӣ, ки дар даҳсолаҳои гузашта дар шароити режими тоталитарӣ, зӯроварӣ дар хуну мағзи одамон ҷой гирифтааст, бояд раҳоӣ ёбанд.

– Тамоми масъалаҳои баҳсталаб бояд ба воситаи гуфтушунид ҳаллу фасл шавад. Таъқиб намудану фишор овардан ва тӯҳмат намудан ба одамон барои ақидаи сиёсию мазҳабиашон қатъиян манъ карда шавад.

– СР муқобили ҳама гуна ҷабру зӯрӣ ва маҳдуд намудани ҳуқуқи инсон буда, тарафдори он аст, ки ҳамаи масъалаҳоро ихтилофот ва зиддиятҳо бо роҳи гуфтушунид ва баҳсу музокираҳои маслиҳатомез ҳаллу фасл шаванд.

– Дар Қонуни Асосӣ ҳуқуқу ваколатҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ, органҳои ҳукумат ва идораҳои давлатӣ, масъулияти онҳо дар назди Қонун ва ҷамъият дақиқан муайян карда шаванд.

2. МАСЪАЛАҲОИ ИҚТИСОДӢ

СР чунин ақида дорад, ки иқтисод, фаъолияти истеҳсолӣ мақсади асосӣ не, балки заминаи моддӣ ва воситаи пешрафту камолоти маънавии инсон ва ҷамъияти инсонӣ мебошад. Инсон на барои истеҳсоли неъматҳои моддист (тавре ки имрӯз мавҷуд аст) балки истеҳсоли неъматҳои моддӣ барои инсон аст. Аз ин рӯ, фаъолияти истеҳсолии Ҷамъият бояд дорои хислату рӯхияи инсонӣ ва башардустӣ бошад.

Асосу пояҳои моддии истиқлолияти сиёсиро мустақилияти иқтисодӣ ташкил медиҳад. Бе мустақилияти иқтисодӣ соҳибихтиёрии сиёсӣ, миллат наметавонад барои рушду тараққии забону фарҳанг ва маънавиёти худ шароити заруриро ба вуҷуд орад. Аз ин рӯ, тобеияти иқтисодию сиёсӣ ногузир ба ақибмондагию нотавонӣ ва ниҳоят ба нобудии миллат мерасонад. Ҳоло иқтисоди Тоҷикистон як ҷузъи комплекси вохиди иқтисоди Иттиҳоди Шӯравӣ (КВИИШ) мебошад ва тамоми хислату хосияти як иқтисоди миллиро, яъне як организми ягонаву воҳиди иқтисодиро надорад ва таркибу таносуби соҳаҳо низ ғайриоқилона мебошад. Бинобар ин иқтисоди Тоҷикистон дар ин шаклу ҳолат ва таркиби мавҷудааш, яъне ба сифати ҷузъи КВИИШ ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад истиқлолияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди моддию маънавии онро таъмин намояд.

Аз ин рӯ, лозим аст, ки мафҳуми "Комплекси воҳиди иқтисоди Иттиҳоди Шӯравӣ" ва мазмуну маънии он бояд дигаргун гардад.

Ҳар кадом аз Ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон бояд дорои иқтисоди миллии хеш бошад, ки он ба сифати як организми мустақил ташаккул ва такомул ёфта, асоси моддии истиқлолияту соҳибихтиёрии ҷумҳуриҳо ва миллатҳои кишвари моро таъмин намояд.

Албатта, ин ба ҳеҷ ваҷҳ маънии маҳдуд намудани робитаю ҳамкориҳои байни ҷумҳуриҳоро надорад. Маълум аст, ки имрӯз ҳеҷ кишваре наметавонад бидуни иштироки васеъ дар ҷараёни тақсими байналмилалии кор пешрафти иқтисодии худро таъмин намояд. Тоҷикистон низ дар ин процесси умумиҷаҳонӣ фаъолона иштирок намуда, бо ҳамаи ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва дигар кишварҳои ҷаҳон алоқа ва ҳамкориҳои ҳамаҷониба хоҳад дошт, вале на ба сифати як ҷузъи мутеъ ва номустақили КВИИШ, балки ҳамчун як ҷумҳурии соҳибихтиёру баробарҳуқуқ.

Барои расидан ба мустақилияти иқтисодӣ лозим аст, ки тамоми сарзамини ҷумҳурӣ, манбаъҳои табиӣ ва сарватҳои зеризаминии он, аз ҷумла хок, об, конҳою ҷангалҳо, кӯлу дарёҳо ва ҳам тамоми корхонаю муассисаҳо, инфраструктураи иқтисодию иҷтимоии дар қаламрави Тоҷикистон воқеъшуда, моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва халқи он эълон гардад.

Ҳамаи муассисаву корхонаҳо, банкҳо, шабакаю системаҳои алоқа, нақлиёт, барқ ва ғайра, ки дар ҳоки Тоҷикистон вокеъ шудаанду ҳоло ба вазоратҳои умумииттифоқӣ тобеъ мебошад, бояд пурра ба ихтиёри ҷумҳурии Тоҷикистон гузаранд.

Тартибу танзими планҳои тараққии иқтисодию иҷтимоӣ, идораи истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва истифодаи маҳсулоти ҷамъиятию даромади миллӣ бояд дар ихтиёри ому томи ҳукумат ва мардуми Тоҷикистон бошад.

Лозим аст, ки дар ташкилу таъсис ва идораи иқтисоди миллӣ нақши Шӯроҳои намояндагони мардум баланд бардошта шавад.

Ба хотири амалӣ намудани ин ҳадаф ташкилёбии буҷети давлат аз поин ба боло сурат гирад, яъне қисмате аз даромади корхонаю муассисаҳо ба сифати андоз (молиёт) ба буҷети шӯроҳои маҳаллие, ки корхонаҳо дар он ҷо воқеъ шудаанд, дохил гардад ва баъдан аз буҷетҳои маҳаллӣ дар асоси нормативҳои муайян ба буҷети ноҳияҳо ва вилоятҳо ва аз он ба буҷети давлати Тоҷикистон гузаронда шавад. Ҷумҳуриҳо дар навбати худ қисмате аз даромадашонро ба буҷети марказӣ дохил хоҳанд кард.

СР тарафдори гузаштани Тоҷикистон ба мустақилияти иқтисодӣ буда, лозим медонад, ки ҳисоби хоҷагӣ ва шаклҳои наву пешқадами хоҷагидорӣ дар ҳамаи корхонаю муассисаҳо ва ҳам дар сатҳи районҳою вилоятҳои Республика татбиқ шаванд.

СР чунин ақида дорад, ки барои бомуваффақият амалӣ намудани ҳисоби хоҷагӣ дар сатҳи ҷумҳуриҳо, вилоятҳо, районҳо ва корхонаю муассисаҳо, бояд ислоҳоти куллии системаи нархгузорӣ сурат гирад, то ки нобарориҳо, беадолатиҳо ва нобасомониҳои ин соҳа аз байн бурда шавад ва нархҳо ҳадалимкон арзиши воқеии молҳоро ифода кунанд ва қиммати молҳо дар асоси миқдори кори ҷамъиятие, ки барои истеҳолашон ба харҷ рафтааст, муайян карда шавад.

Додугирифт ва мубодилаи мол ҳам дар дохили Тоҷикистон ва ҳам байни республикаҳо аз рӯи талаботи қонуни арзиш сурат гирад, яъне ҳангоми доду гирифт принципи баробарии арзиши маҳсулот риоя шавад.

СР чунин ақида дорад, ки қонуни арзиш бояд яке аз муҳимтарин танзимкунандаи иқтисоди миллии Тоҷикистон бошад. Бояд як силсила ислоҳоти чиддие гузаронда шавад, то фаъолияти васеи қонуни номбурда имконпазир гардад.

Ба ин мақсад лозим аст, ки шаклу усулҳои ҳисобу китоби арзиши мол, даромади холис ва даромади миллӣ ҳам дар сатҳи республикаҳо, ҳам дар сатҳи вилояту районҳо ва ҳам корхонаю муассисаҳо тағйир дода шавад. Ба ақидаи СР, бояд аз механизми "андоз аз гардиш" пурра даст кашида шавад.

СР тарафдори шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти давлатӣ, кооперативӣ, шахсӣ, хусусӣ, ҷамъиятӣ, омехта ва инкишофи озодонаи онҳо мебошад; ташаббус ва фаъолиятҳои истеҳсолии заҳмат-

кашонро дастгирӣ менамояд. Муҳимтарин шарти фаъолиятҳои истеҳсолии корхонаю муассисаҳо, аз ҷумла корхонаҳои давлатӣ, аз байн бурдани ҳама гуна бахракашӣ ва истисмори инсон аз тарафи инсон, қатъиян риоя кардани принципҳои адолати иҷтимоӣ мебошад.

Корхонаю муассисаҳо бояд фаъолияти худро мустақилона дар асоси ҳисоби пурраи хоҷагӣ пеш баранд ва мудохилаи органҳои идораи давлатӣ ба фаъолияти истеҳсолии онҳо ҳаддалимкон маҳдуд гардад. Ба ақидаи ҶР лозим аст, ки таркиби соҳавии иқтисоди миллии Тоҷикистон ҷиддан тағйир дода шавад. Соҳаи асосии иқтисодии Тоҷикистон – зироаткорӣ бояд аз зери бори гарони якказироат – пахтакорӣ раҳоӣ ёфта, ба кишоварзии бисёрсоҳаи пешрафта ва мучаҳҳаз бо техникаи ҳозиразамон табдил ёбад. Майдони киштӣ пахтаро то 50-60 фоиз кам карда ба ивази он боғу токпарварӣ, полизкорӣ, истеҳсоли ғалла, лӯбиёгиҳо ва хӯроки чорво тараккӣ дода шавад, ки ин худ боиси пешрафти чорводорӣ ва зиёд шудани гӯшту шир, равғану панир ва инчунин дигар маҳсулоти чорводорӣ хоҳад гардид.

Пешрафти саноат ва таркиби соҳавии он бояд пеш аз ҳама дар асоси истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ ва қувваҳои истеҳсолкунандаи Тоҷикистон ба хотири ҳар чӣ бештар қонеъ гардондани эҳтиёҷоти мардум сурат гирад.

Аз таъсис ва тараккӣ додани соҳаҳо ва корхонаҳои саноатие, ки барои пешрафти иқтисодии Тоҷикистон ба андозаи кофӣ мусоидат намекунанд ва ё боиси сахт олуда шудани муҳити зист мешаванд, сарфи назар шавад ва чунин корхонаҳо баста шаванд. Ҳамчунон дар марҳилаи ҳозира аз сохтани корхонаҳои саноатие, ки манбаъҳои ашёи хомашон дар қаламрави Тоҷикистон мавҷуд намебошад ва ҳам маҳсулоти онҳо дар дохили Тоҷикистон мавриди истифода қарор намегирад, сарфи назар гардад.

Тоҷикистон бояд на манбаи ашёи хом, балки содиркунандаи маҳсулоти тайёр бошад. Аз ин рӯ лозим аст, ки соҳаҳои гуногуни саноати коркарди ашёи хом хусусан, саноати сабуку хӯрокворӣ ва масолеҳи бинокорӣ дар ҳамаи районҳои республика тараккӣ дода шавад. Соҳаҳои сохтмон, наклиёт, алоқа ва хизмати маишӣ босуръат тараккӣ намояд.

Таъсис ва босуръат тараккӣ додани корхонаҳои хурд ва миёна дар шаҳру деҳоти ҷумҳурии мо ба хотири таъмин намудани қувваҳои башарӣ бо кори пурсамар ва аҳолии Тоҷикистон бо маҳсулоти мавриди зарурат аз ҷумлаи вазифаҳои аввалдараҷа ва таъхирнопазир мебошанд.

ҶР тарафдори ҳамкориҳои васеъ ва ҳамаҷонибаи иқтисодию техникӣ бо ҳамаи ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ ва тамоми кишварҳои ҷаҳон буда, дар ҳоки Тоҷикистон ташкил ёфтани корхонаю муассисаҳои муштаракро, ки дар пешрафти босуръати иқтисоди миллӣ ва истеҳсоли маҳсулоти аълосифат саҳм гузоранд, дастгирӣ мекунад.

Давлат ва ҳукумати Тоҷикистон ин гуна масъалаҳоро бояд комилан мустақилона ва мувофики манфиатҳои миллии ҷумҳурӣ ҳаллу фасл намояд.

3. МАСЪАЛАҲОИ ЭКОЛОГӢ
(Муҳофизати муҳити зист ва сиҳати мардум)

Ин нукта бебахс аст, ки инсон ва ҷамъияти инсонӣ зода ва парвардаи табиат ва ҷузъи ҷудонашавандаи он мебошад. Аз ин рӯ, саломатии инсонҳо бевосита ба вазъи муҳити зист ва табиат вобаста аст.

Имрӯз дар натиҷаи сиёсати ғайриоқилона ва фаъолияти торочгаронаи аксари вазоратҳо ва идораҳои давлатӣ, дар натиҷаи бетафовутӣ ва муносибати тангназаронаю бераҳмонаи баъзе гражданҳо муҳити зисти мо хеле хароб, олуда ва ифлос шудааст.

Ҳоло дар зироати Тоҷикистон аз ҳама бештар нуриҳои минералӣ ва заҳрҳои химиявӣ истифода мешаванд. Ба ҳар гектар замин дар ҳудуди 600-800 кг нуриҳои минералӣ ва то 40 кг заҳрҳои гуногун андохта мешавад, дар ҳоле ки дар минтақаҳои дигари ҷаҳон истифодаи онҳо чанд баробар камтар аст.

Корхонаҳои саноатӣ, дастгоҳҳои барқии ҳароратӣ, воситаҳои нақлиёт ва ҳам худи инсонҳо ҳар сол ҳазорҳо тонна чангу дуд ва касофату моддаҳои заҳрдорро ба гирду атроф, ба домани табиат меандозанд. Корношоям шудани алафзору чаманзорҳо дар натиҷаи аз ҳад зиёд кардани саршумори чорво, дахолати ғайриоқилона ба равандҳои табиӣ боиси боз ҳам бештар харобу олуда шудани табиат шудааст.

Олудагии муҳити мо, заҳрогин шудани хок, об, ҳаво, сабзавот, меваҳо, гӯшту шир ва намудҳои дигари ғизо ба хадде расидааст, ки он ба сиҳати мардум сахт таъсир карда, хатари нобудии ҳамагонро ба бор овардааст.

Муромурии беҳад зиёди мардум, махсусан кӯдакон ва пахн шудани гуна-гуна бемориҳо дар ҷамъияти мо натиҷаи сахт заҳролуд шудани табиати ҷумҳурии мо мебошад.

Бинобар он мубориза барои аз байн бурдани олудагии муҳити зист, муҳофизати табиат ва беҳтар намудани ҳолати он, ба ақидаи СР, яке аз муҳимтарин вазифаҳои давлат ва мардуми мо ба шумор меравад. Мубориза барои покию зебоии табиат – ин мубориза барои саломатии мардум, покии рӯҳи он ва таъмини саодати одамон мебошад.

Барои ҳифзи табиат ва сиҳатии мардум лозим аст, ки:

– сиёсати иқтисодии ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаъолиятҳои истеҳсолии аъзои ҷамъият бо назардошти мақсадҳои экологӣ танзим ва амалӣ гардад;

– тамоми корхона ва муассисаҳо бояд тавре фаъолият кунанд, ки муҳити зистро хароб насозанд;

– муассисаҳое, ки фаъолияташон боиси олудагии муҳити зист мегардад, бояд баста шаванд;

– ба сохтмони корхонаҳои нав, ки мумкин аст табиатро олуда созанд, иҷозат дода нашаванд;

– комиссияҳои экологии давлатӣ ва комиссияҳои мустақили иборат аз намояндагони мардум бояд тарҳи корҳонаю муассисаҳои навро ба хубӣ омӯзанд ва танҳо бо розигии онҳо сохтмони корхонаю дастгоҳҳои нав оғоз гардад;

– ҳамчунин комиссияҳои махсусе ташкил шаванд, ки фаъолияти корхонаю муассисаҳо ва сифати маҳсулоти онҳоро, хусусан маҳсулоти зироатӣ ва саноати хӯрокворириро назорат намоянд. Чунин комиссияҳо бояд аз салоҳияти васеъ бархӯрдор бошанд;

– аз истифодаи нуриҳои минералӣ ва заҳрҳои кимиёвӣ дар соҳаи зироат комилан даст кашида шавад;

– барои баланд бардоштани ҳосилнокии кишоварзӣ ва молдорӣ аз тарзу усулҳои безарар, масалан, аз системаи киштгардон, поруҳои маҳаллӣ, шеваҳои биологӣ ва ғайра истифода шавад. Аз ин рӯ, таносуби таркиби соҳавии зироат ва молдорӣ ҷиддан тағйир дода шавад;

– нормаҳои нав ва ба маротиб камтари миқдори нитрат ва дигар моддаҳои зарарнок дар таркиби маҳсулоти хӯрокӣ муқаррар гардад ва риояи онҳо дар ҳама ҷо таъмин шавад;

– маҳсулоти хӯрокие, ки бештар аз нормаҳои муқарраршуда нитрат ва навъҳои дигари маводи заҳролуд доранд, бояд нобуд сохта шуда, шахсоне, ки онро ба фурӯш мерасонанд, ба ҷавобгарӣ кашида шаванд;

– миқдори маблағе, ки аз бюҷети давлатӣ барои муҳофизати табиат пешбинӣ мегардад, зиёд карда шавад. Ҳамчунон корхонаю муассисот ва шӯроҳои маҳаллӣ бояд аз бюҷети худ ҳар сол маблағи муайянеро барои муҳофизати муҳити зист ва беҳтар намудани он сарф намоянд;

– "тарбияи экологӣ"-и оммаи васеи мардум ба таври васеъ ба роҳ монда шавад. Бо ин мақсад дар ҳамаи мактабҳо ва донишгоҳҳо "Экология" ба сифати фанни махсус омӯхта шавад. Ҳамчунин бо воситаҳои ахбори оммавӣ масъалаҳои экологӣ ба мардум маълум шавад ва онҳо ба муҳофизати табиат ва муносибати оқилонаю дилсӯзона нисбат ба он таблиғу ташвиқ гарданд;

– муҳофизати табиат вазифаи тамоми халқҳо ва кишварҳои ҷаҳон мебошад. Аз ин рӯ, ҳукумат ва мардуми Тоҷикистон дар амри муҳофизати табиат ва обод сохтани он бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон ҳамкорӣ намуда, якҷо бо онҳо амал кунанд;

– ҳамчунон лозим аст, ки Тоҷикистон минтақаи озод аз силоҳи атомӣ эълон гардад ва халқу ҳукумати Тоҷикистон барои нобуд сохтани тамоми захираҳои аслиҳаи зарравӣ, кам кардани силоҳи оддӣ ва таъмину таҳкими сулҳу амният ва дӯстию бародарии ҳамаи халқҳо ва кишварҳои ҷаҳон муборизаи баранд.

4. МАСЪАЛАҲОИ МИЛЛӢ ВА ФАРҲАНГӢ

Тавре ки акнун эътироф шудааст, дар даҳсолаҳои охир дар кишвари мо сиёсати миллӣ на танҳо ба таври бояду шояд татбиқ нашуд, балки ҳатто ҷиддан таҳриф гардид. Дур шудан аз асли сиёсати миллӣ, вайрон намудани принципҳои демократия, аз ҳад зиёд марказият ёфтани қудрати сиёсию иқтисодӣ дар дасти вазорату идораҳои марказӣ, амалӣ намудани накшаҳои шубҳаноку фаъолиятҳои иқтисодии ғайриоқилона дар маҳалҳои мухталифи кишвар боиси ҷиддан маҳдуд шудани ҳуқуқу мустақи-

лияти ҳукумати ҷумҳуриҳо ва халқҳо, пеш омадани мушкилоти зиёди иқтисодию ичтимоӣ ва сиёсӣ, таназзули забону фарҳанги халқҳои сокини Иттиҳоди Шуравӣ ва тезутунд шудани муносибати байни миллатҳо гардидааст. Имрӯз масъалаи миллӣ ба яке аз масъалаҳои дардноки кишвар табдил ёфтааст ва ҳалли одилонаи худро металабад.

Ба ақидаи СР лозим аст, ки сиёсати миллӣ дар кишвари мо комилан тағйир дода шавад ва ҳаққи таъини сарнавишти миллатҳо на танҳо эътироф, балки амалан таъмину тазмин гардад.

СР мӯътақид бар он аст, ки ҳар як миллат сарфи назар аз шумораш ҳаққи зиндагӣ ва пешрафти моддию маънавиро дорад. Он метавонад ва бояд тамоми масъалаҳои иқтисодию ичтимоӣ ва сиёсию фарҳангии худро мустақилона ва бо майлу хоҳиши худ ҳаллу фасл намояд.

СР тақозо мекунад, ки масъалаҳои миллӣ ва муносибати байни миллатҳо аз рӯи адолату инсоф, бо назардошти принципҳои демократия ва баробарҳуқуқии миллатҳо ҳал шаванд. СР тарафдори дӯстию бародарӣ ва ҳамкории ҳамаҷонибаи миллатҳо буда, расму оин ва забону фарҳанги онҳоро эҳтиром ва ҳимоят менамояд. Он муқобили ҳамагуна бузургманишӣ, миллатгароӣ, низои миллӣ ва таҳқири ҳиссиёти миллию мазҳабӣ мебошад.

Бинобар он ки Тоҷикистон ватани таърихии тоҷикон, маъвои инкишофу пешрафти миллати тоҷик ва забону фарҳанги он мебошад, СР лозим медонад, ки дар ин сарзамин тамоми шароити лозим барои бақою пешрафти миллати тоҷик ва эҳёи забону фарҳанги он фароҳам оварда шавад. Аз ҷумла лозим аст, ки тамоми нуқсонҳою иштибоҳот, каҷравиҳо, беадолатиҳое, ки дар давоми даҳсолаҳои гузашта дар масъалаи миллӣ ҷой доштанд, бартараф гарданд. Соҳибихтиёрию комилҳуқуқии миллати тоҷик дар тамоми арсаҳо таъмин ва тазмин гардад.

Принципи "маҳалӣ" сохтани дастгоҳи давлат амалӣ шавад, яъне аксарияти мутлақи кормандони органҳои давлатӣ аз намояндагони бомаърифату дилсӯзи миллати таҳҷоӣ иборат бошанд, то онҳо битавонанд вазъи мураккаби ҳозираро амиқан дарк намуда, бо кору фаъолияти содиқона ва хастагинопазир эҳёю пешрафти миллатро таъмин намоянд.

Забони форсии тоҷикӣ дар сар то сари Тоҷикистон ба сифати забони давлатӣ маъмул гардад ва ҳамчунин вазифаи дигари хеш, яъне вазифаи забони муошарати байни намояндагони миллатҳои гуногуни сокини Тоҷикистонро низ ба ӯҳда дошта бошад. Забони русӣ ба сифати воситаи муомилаи байни ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ метавонад мавриди истифода қарор гирад ва шинохта шавад.

Сиёсати оқилонаи демографӣ танзим ва татбиқ гардад ва муҳоҷирати беҳадду андозаи аҳолӣ ба Тоҷикистон (барои истиқомати доимӣ) пешгирӣ шавад.

Ба хотири эҳёи забону фарҳанги таназзулёфтаи мо ва пайванди наслҳои имрӯз гузаштагонамон ҳар чи зудтар иваз намудани алифбои имрӯза (кириллӣ) бо алифбои классик дар сар то сари Тоҷикистон таъмин гардад.

Ба ин мақсад омӯхтани алифбои классикӣ дар ҳамаи мактабҳо аз синфи I то 11 ва омӯзишгоҳу донишгоҳҳо ва ҳам дар корхонаю муассисаҳо амалӣ гардад, дастгоҳҳои таҷҳизоти лозима таҳия ва табъу нашри адабиёти мухталиф ва рӯзномаю маҷаллаҳо бо алифбои классикӣ ба таври васеъ ба роҳ монда шавад.

Бехтарин осори адабию ҳунарӣ ва илмии шоирон, нависандагон ва олимони тоҷик ва дигар халқҳои ҷаҳон дар тарҷума ба миқдори зиёд нашр гардад.

Кори таълиму тарбия ҷиддан тағйир дода шавад. Программаҳои таълими мактабу донишгоҳҳо бо назардошти талаботи замон дигаргун гардад. Назарияи мактаби миллӣ тартиб ёфта татбиқ шавад.

Ҳамкорихои васеъ ва ҳамаҷонибаи фарҳангӣ бо кишварҳои ҳамзабон ва тамоми халқҳои ҷаҳон амалӣ гардад.

СР талош хоҳад варзид, то ҳуқуқи тоҷикон, ки берун аз марзҳои имрӯзаи Тоҷикистон истиқомат доранд, комилан риоя шавад ва пайванду ҳамкории онҳо бо тоҷикони Тоҷикистон мустаҳкаму доимӣ гардад.

СР тақозо менамояд, ки шаклҳои анъанавии номгузории тоҷикон эҳё шаванд, номҳои ғайритоҷикӣ ва ношинами шаҳру дехот, кӯча, хиёбонҳо ва корхонаю муассисаҳо, ки таи солҳои охир дар натиҷаи бемасъулиятии роҳбарон ва поймол намудани ҳуқуқу анъанаҳои миллати тоҷик ба вуҷуд омадаанд, бо номҳои шевои тоҷикӣ иваз карда шаванд.

СР тарафдори ҳамзистии осоишта ва сулҳомези намояндагони миллатҳои гуногун дар Тоҷикистон ва риояи ҳуқуқи граждании онҳо мебошад.

Дар айни замон намояндагони миллатҳои ғайритоҷик бояд русуму анъанаҳои миллии тоҷикон ва муқаддасоти онҳоро эҳтиром намоянд, забони тоҷикиро биомӯзанд ва дар бозсозии куллии ҷамъият, ҳифзи муҳити зист ва таъмини инкишофи ҳамаҷонибаи Тоҷикистон фаъолона иштирок кунанд.

СР боварии қавӣ дорад, ки амалӣ гаштани нуктаҳои асосии ин барнома бозсозии кулли ҷамъиятро дар ҳама соҳаҳои зиндагӣ таъмин менамояд.

СР барои амалӣ гардонидани ин барномаи худ ба қувваю ғайрат, истеъдоду муташаккилии тамоми мардуми поктинати Тоҷикистон такя менамояд.

Барномаи мазкур дар маҷлиси муассисони СР, ки дар ш. Душанбе 14 сентябри соли 1989 доир гардид, мухокима ва тасдиқ шудааст.

ОИННОМАИ СОЗМОНИ РАСТОХЕЗ – ҶУНБИШИ МАРДУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. МАТЛАБҲОИ УМУМӢ

1.1. Растохез ҷунбиши мардумӣ ва сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар натиҷаи боло рафтани фаъолияти ичтимоию сиёсии мардум, бинобар зарурати бозсозии амику ҳамаҷонибаи ҳаёти ҷумҳурӣ

мувофиқи моддаи 6.7.51 Қонуни Асосии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сусиёлистӣ (ИҶШС) ва моддаи 6.7.49 Қонуни Асосии Ҷумҳурии Шӯравии Сусиёлистии (ҶШС) Тоҷикистон таъсис ёфтааст ва сиёсати бозсозии ҷомеаи моро дастгирӣ намуда, дар амалӣ шудани он фаъолона иштирок мекунад.

1.2. Созмони Растохез (СР) комилан мустақил ва соҳибихтиёр буда, дар чаҳорчӯбаи Қонуни Асосӣ ва қонунҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Барнома ва Оинномаи худ амал мекунад ва талош меварзад, ки нишондодҳои "Эъломияи ҷаҳонии ҳукуқи башар"-и Созмони Милали Муттаҳид (СММ), "Мувофиқатномаҳои Хелсинки" ва "Созишномаҳои Вена" риояю амалӣ шаванд.

1.3. Растохез бо тарзҳои қонунӣ ва демократӣ, тахти шиори инсондустӣ, ошкорбаёнӣ, ҳақиқатҷӯӣ, озодӣ, баробарӣ ва бародарӣ фаъолият карда, ҳама гуна зулму ситам, ҷабру зӯрӣ ва табъизу нобаробариро рад мекунад.

2. УЗВИЯТ БА СОЗМОН

2.1. Ҳамаи шахсоне, ки Барнома ва Оинномаи СР-ро эътирофу риоя мекунанд, сарфи назар аз нажоду миллат, мазҳабу хизбият, касбу кор ва вазъи ичтимоиашон метавонанд аъзои СР бошанд.

2.2. Аъзои СР ҳар моҳ ҳаққи узвият месупоранд ва дар ичрои вазифаҳои созмон фаъолона иштирок мекунанд.

2.3. Ба аъзогии СР шахсоне, ки синнашон аз 16 болотар аст, пазируфта мешаванд.

2.4. Қабул ба аъзогӣ дар маҷлиси гурӯҳи ибтидоӣ сурат мегирад.

2.5. Аъзои СР ҳаққи иинтихоб кардан ва интихоб шудан ба органҳои роҳбарикунандаи созмонро доранд. Онҳо метавонанд дар муҳокимаи ҳама гуна масоили мавриди баҳс фаъолона иштирок намуда, фикру ақидаи худро озодона баён кунанд. Зимнан, озодии баён ва эҳтиром ба ақидаву назариёти якдигар ва ҳатто мухолифот барои ҳамагон шарт аст.

2.6. Узвият ба СР комилан ихтиёрӣ буда, ҳар кас метавонад бинобар майлу хоҳиши худ узви созмон бошад ва ё аз сафи он хориҷ шавад.

2.7. Он аъзои созмон, ки Барнома ва Оинномаро риоят намекунанд, бар асоси пешниҳод ва розигии аксарияти аъзои гурӯҳи ибтидоии созмон аз сафи он хориҷ карда мешаванд.

3. СОХТИ СОЗМОН

3.1. Органи олии СР анҷумани намояндагон мебошад, ки ҳар сол як дафъа баргузор мешавад. Анҷумани ғайринавбатӣ аз рӯи зарурат барпо шуда метавонад.

3.2. Намояндагон дар маҷлиси бахшҳои шаҳрию ноҳиявии СР интихоб ва ба анҷуман фиристода мешаванд. Миқдори намояндагонро раёсати СР муайян мекунад.

3.3. Ҳуқуқ, салоҳият ва вазифаҳои анҷуман:

– гузориши раёсати созмонро мешунавад ва тасдиқ мекунад;

– мақсад ва вазифаҳои созмонро таъмин ва тасдиқ намуда, равия ва тарзҳои фаъолияти СР-ро муайян менамояд;

– Барнома ва Оинномаи СР-ро тағйир ва ё такмил медиҳад, тасдиқ мекунад;

– ҳайати раёсат ва раиси СР, ҳайати тафтишот, муҳаррир ва ҳайати таҳририяи нашрияи созмонро интихоб менамояд;

– масъалаҳои гуногунеро, ки аз тарафи раёсати созмон ва бахшҳои он пешниҳод мешаванд, мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

3.4. Дар давраи байни анҷуманҳо раёсати СР амал мекунад, ки он дорои салоҳият ва вазифаҳои зерин мебошад:

– ба роҳ мондан ва пеш бурдани кори рӯзмарра барои амалӣ сохтани мақсаду вазифаҳои СР ва қарорҳои анҷумани намояндагони он;

– таъсис намудани гурӯҳҳои корӣ ва комиссионҳои махсус назар ба зарурат ва имконият, тақзими кору фаъолияти онҳо;

– намояндагӣ аз СР дар анҷуманҳою ҷаласот ва ҷамъомадҳои органҳои ҳукумат ва идораи давлатию созмонҳои иҷтимоии ҷумҳурӣ ва ҳамкорӣ бо онҳо дар ҳалли масъалаҳои мухталиф;

– таъмину танзими ҳамкориҳои СР бо созмонҳои иҷтимоию сиёсие, ки дар кишвар ва хориҷ аз он фаъолият мекунанд;

– омӯзиши эъломи масъалаҳои муҳими иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангии ҷомеа;

– додани ахбору маълумот ба аҳли ҷамъият дар хусуси фаъолияти созмон;

– интихоби муовинҳо ва дабири масъули раёсати СР;

– ҷамъбасти афкору андешаҳои аҳли ҷомеа ва ба органҳои роҳбарикунандаю салоҳиятдори Ҷумҳурӣ пешниҳод намудани натиҷаи онҳо.

3.5. Барои ҳаллу фасли масъалаҳои ҷорӣ раёсат аз ҳисоби ҷойнишинон ва роҳбарони гурӯҳҳои корӣ садорат ташкил менамояд.

3.6. Дар коллективҳои меҳнатии корхонаю муассисаҳо, идораҳо, колхозу совхозҳо, донишгоҳу донишкадаҳо ва омӯзишгоҳу мактабҳо, гурӯҳҳои ибтидоии СР таъсис ёфта, фаъолият мекунанд. Гурӯҳҳои ибтидоии СР дар миқёси ноҳияҳо ва шаҳрҳо муттаҳид шуда, метавонанд бахшҳои ноҳиявӣ ва шаҳрии СР-ро эҷод намуда, фаъолияти худро якҷоя пеш баранд.

Фаъолияти гурӯҳҳои ибтидоӣ ва бахшҳои ноҳиявию шаҳрӣ аз тарафи Шӯрои онҳо танзим ва роҳбарӣ мешавад.

3.7. Гурӯҳҳои ибтидоӣ ва бахшҳои шаҳрию ноҳиявии СР аз ихтиёру салоҳиятҳои васеъ бархурдор буда, фаъолияти худро дар асоси Барномаю Оинномаи созмон мустақилона пеш мебаранд.

3. 8. Ҳамаи органҳои интихобии СР тамоми масъалаҳоро бо маслиҳату машварат ҳаллу фасл менамоянд, қарору дастурҳои худро дастҷамъона содир намуда, роҳбарии корро низ дастҷамъона ичро менамоянд.

3.9. Раёсати СР қарорҳои худро дар маҷлисҳояш бо аксарияти овозҳо қабул менамояд, ба шарте ки дар маҷлис на камтар аз се ду ҳиссаи ҳайати раёсат ҳозир бошад.

4. МАСЪАЛАҲОИ МОЛӢ

4.1. СР дорои мол ва маблағи пулӣ мебошад, ки аз манбаъҳои зерин ҳосил мешавад;

– пуле, ки ба сифати ҳаққи узвият аз аъзои СР ҷамъ карда мешавад;

– даромад аз фурӯши нашрияҳо ва ғайра;

– маблағе, ки ба сифати хайрия аз тарафи созмонҳо, корхонаю муассисаҳо ва шахсони алоҳида ба ҳисоби СР гузаронида мешавад.

4.2. Пулу моли СР барои иҷрои мақсадҳои дар Барномаю Оиннома пешбинишуда, аз ҷумла барои пардохтани харочоти амалӣ намудани тадбиру чорабиниҳои гуногун, табъу нашри китобу маҷаллаҳо, ахбору ҳафтаномаҳо, маоши моҳвору сафарҳарҷиҳои вазифадорон, хариди таҷҳизоту сомони мавриди зарурат, ҳаддалимкон расонидани кӯмакҳои моддӣ ба эҳтиёҷмандону офатзадагон ва ғайра истифода мешавад.

4.3.Фаъолияти молиявии даромаду харочоти СР таҳти назорати ҳайати тафтиш сурат мегирад. Ҳайати тафтиш аз фаъолияти молии СР ба анҷумани намояндагон ҳисобот медиҳад.

5. МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚӢ

5.1. Растохез созмони ҳуқуқӣ ("шахси ҳуқуқӣ") буда, аз тамоми ҳуқуқу салоҳиятҳои дар Қонуни Асосии ҶШС Тоҷикистон ва соири Қонунҳои марбута пешбинишуда бархӯрдор аст. Бахшҳои шаҳрию ноҳиявии СР ҳамчунин аз ҳамагуна ҳуқуқу салоҳиятҳои дар Қонунҳои Ҷумҳурӣ пешбинишуда бархӯрдор мебошанд.

5.2. СР ва бахшҳои шаҳрию ноҳиявии он дорои мӯҳру коғазҳои расмӣ – бланк мебошанд. Онҳо ҳисоби худро дар банкҳо доранд ва маблағҳои худро дар он нигоҳ дошта, бино бар савобдиди хеш аз он истифода мебаранд.

Раис ва муовини он салоҳияти гирифтани маблағҳои дар банк будаи созмон ва истифодаи онро доранд.

5.3. СР ҳақ дорад, ки ба фаъолияти нашаротӣ, яъне ба табъу нашри китобу маҷаллаҳо, рӯзномаю ҳафтаномаҳо ва ғайра машғул шавад.

5.4. СР ва бахшҳои он аз пардохти андози давлатӣ озоданд.

5.5. Фаъолияти СР танҳо бо қарори Анҷумани намояндагони СР қатъ мегардад.

5.6. Раёсати СР дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе воқеъ аст.

5.7. ***Оиннома мазкур дар маҷлиси муассисони СР, ки дар шаҳри Душанбе 14 сентябри соли 1989 барпо гардид, мухокима ва тасдиқ шудааст.***

Тоҳири АБДУҶАББОР,
раиси Созмони
Растохез,
Нашрияи "Дунё"
("Растохез"),
№1, майи 1991.

МОРО МАЪРИФАТ МЕБОЯД...

Мусалламан, пояи зулму истибдод ва асорат ҷаҳлу нодонӣ аст ва шарти озодию пешрафт – донишу маърифат мебошад. Халқи бомаърифат, халқе, ки фарзандони он аз донишу маълумоти ҳамачониба бархурдор бошанд, огоҳу худшинос бошанд, ҳеҷ гоҳ асорату ғуломиро намепазирад, ҳеҷ гоҳ тобеи фармонбардори ҳокимони "худӣ" ё аҷнабӣ намегардад. Ӯ озод мебошад. Озодиро мепарастад, азизу муқаддас медонад, зеро озодӣ, соҳибихтиёрӣ шарти мавҷудияту бақои халқ аст, шасти пешрафту осоиш ва саодату зиндагии мураффаҳи он мебошад.

Ҷои таассуф аст, ки тӯдаҳои васеи мардуми мо ба андозаи кофогоҳу худшинос нестанд, намедонанд, ки бар онҳо чӣ мегузарад, ба чӣ ҳолати фалокатбор афтодаанд, огаҳ нестанд, ки то чӣ андоза аз озодӣ маҳруманд, дар тобеи вобастагӣ, дар ниҳояти фақру бенавоӣ, дар муҳити фосиди иҷтимоӣ ва касоди маънавӣ умр ба сар мебаранд.

Ин ҳама натиҷае аст, ки дар кишвари мо таи даҳсолаҳои охир тӯдаи мансабдорони ҷоҳталабу риёкор, ки худ аз неъмати донишу маърифат бенасиб буданд, ба хотири мақому мансаб ва манфиатҳою имтиёзҳои худ, ба ҳар роҳ кӯшиданд, ки халқро дар бехабарию гумроҳӣ нигаҳ доранд, то мардум аз ҳаққу ҳуқуқи худ огоҳ нашаванд ва барои адолату инсоф талош накунанд.

Онҳо пайваста ҷабру зулм ва қатлу хунрезӣ мекарданд, мардумро ба тарсу ваҳми ҳайвонӣ андохта, ҳукуқу озодиҳои онро ваҳшиёна поймол мекарданд ва мекунанд. Зимнан ҳамвора дурӯғ мегуфтанд, фиреб мекарданд ва ба ин васила парда ба рӯи аъмоли шуму ҷиноятқоронаашон меандохтанд.

Мансабдорони хизбию давлати мо, аз фарти бесаводӣ, чунин пиндоштанд, ки ақли кулл ҳастанд ва фақат онҳо асрори ҳастиро медонанд ва аз роҳу равиши дурусти зиндагӣ огоҳанд. Танҳо онҳо медонанд, ки тарзи зиндагии ҷомеа бояд чӣ гуна бошад ва инсонҳо чӣ гуна кору фаъолият

кунанд. Онҳо худро доҳиёну падарони халқу миллатҳо эълон намуда, ҳаққи роҳбарӣ кардану сухан гуфтанро бар худ мунҳасир карданд ва мардумро аз имконияти фикр кардану изҳори акида кардан маҳрум сохта, маҷбур карданд, ки мисли рамаи гусфандон тобеъ итоаткор бошад, амру фармони роҳбарони роҳгумкардаро бе чуну чаро иҷро карда, ба ҳар чару пастие, ки ҳидоят кунанд, биравад. Онҳо кӯшиш карданд, ки халқро ба ғулом ё роботи зинда табдил диҳанд ва бояд иқрор шуд, ки кӯшишашон чандон бесамар набуд.

Онҳо ватани моро ба зиндони бузург ва халқро ба асирон табдил дода, бешармона онро "социализми мутараққӣ" номиданд. Режими диктатураи худро "давлати демократӣ" (яъне умумихалқӣ, мардумӣ) гуфтанд. Империяи мустамликадории нимафеодалиро – "Иттиҳоди чумҳуриҳои Шӯравии социалистӣ" ном гузоштанд. Ҷумҳурихои иттиҳодиро ба дараҷаи вилоятҳои тобеъ бесалоҳият расонда, ҷумҳуриҳои соҳибихтиёр вонамуд карданд. Халқҳоро миллатҳоро порча-порча карда, аз озодию истиклолият маҳрум намуданд ва онҳоро тобеъ даснигари худ сохта ба сарҳади нобудӣ расонданд. Забону фарҳанги халқҳоро олудаю хароб сохтанд, ба решаҳои маънавиёти онҳо бераҳмона табар заданд, мардумро аз аслу насаб ва анъанаҳою муқаддасоти худ ҷудо карда, рӯҳи онҳоро куштанд ва ин ҳама ҷиноятҳои таърихии худро беҳаёна "тараққиёти миллатҳои сосиалистӣ ва бойшавию гул-гулшукуфии забону фарҳанги онҳо" номиданд.

Як хирвор қонун вазъ карда, эълон намуданд, ки давлати мо қонунӣ аст ва ҳуқуқу озодиҳои афроди ҷомеаро ҳимоят мекунанд, вале дар асл дастгохи ҳизби коммунист ва давлати, ба истилоҳ шӯравӣ, ҳаққу ҳуқуқи халқҳоро поймол карда, қонуни беқонуниро дар кишвар ҷорӣ карданд. Роҳбарони ҳизби коммунист режимҳои монархиро (подшоҳиро) наҳ зада, аз худашон шоҳаншоҳ сохтанд ва даъвои оламгирӣ карданд. Кам монда буд, ки даъвои худоӣ ва пайғамбарӣ кунанд. Худро мулҳид (бедин) эълон карда, ҳазёни идеологии худро ба "дини муқаддаси коммунистӣ" табдил доданд, ки он бештар ба мазҳаби бутпарастӣ шабоҳат дорад. Таи муддати 70 соли ахир он қадар буту бутчаҳо сохтанду хамачо барои саҷда гузоштанд ва он қадар тимсолу тасвирҳояшонро ба дару деворҳо заданд, ки акнун миқдори онҳо ба ҳар сари аҳолӣ бештар аз ҳар чизи дигар мерасад. Агар маблағҳои барои истеҳсоли бутҳою тимсолҳо ва "китобҳои муқаддас" сарфшуда барои мактабу маориф харҷ мешуд, савияи маърифати мардум хеле болотар мебуд.

Беҳуда нест, ки ҳизби коммунист ва ҳукуматдорони мо аз маърифат, аз эътирофи ҳуқуқи инсон, аз озодию озодандешии афроди ҷомеа қадди аҷал метарсанд, зеро агар тӯдаҳои васеи мардум босаводу бомаърифат бошанд, ҳаққу ҳуқуқи худро бишносанд, аз ҳама чиз огоҳ бошанд ва дар талаби адлу инсоф шаванд, дар он сурат бемаърифатии ба истилоҳ роҳбарон ошкор мешавад ва дигар онҳо наметавонанд ба гардани халқ савор шуда, онро истисмор кунанд, ҳукумат кунанд.

Онҳо мехоҳанд, ки мардум бесаводу бехабар бошад, фикр накунад, гуфтори роҳбаронро бовар карда, тӯтивор такрор кунад, ба қутти лоямуте қаноат карда, бардавор кор кунад ва ба хотири "тараққиёти бемислу монанд" ва "гулгул шукуфтанҳо" аз "партияи ҷоноҷон" ва "ҳукумати меҳрубон" то охират миннатдор бошанд, барои "ғамхориҳои падаронаашон" як умр "раҳмат" гӯянд ва аз "қарорҳои таърихии съездҳою пленумҳои партия рӯҳбаланд шуда" бо қувваи садчанд меҳнат кунанд, то сари синаи роҳбарони хурду бузург аз ордену медалҳо пур шавад ва эшон бо азми маҳкамтару беҳаёии бештар ба тахти ҷамшедӣ нишаста, бо шукӯҳу ҷалил ҳукумат кунанд.



Аксари журналистон, шоирону нависандагони маддоҳ ва олимон тобеъ дастнигари табақаи ҳоким буданд, ба мадҳу ситоиши хоҷагони худ машғул буданд ва ҳастанд.

Бо ин ҳизби коммунист тамоми воситаҳои иттилооти ҷамъиро, яъне рӯзномаҳою маҷаллаҳо, радиёву телевизион ва ғайраро зери дасти худ гирифта, онро ба олату василаи таблиғоту дурӯғпароканӣ, авомфиребӣ ва ахмақ кардани мардум табдил дода буданд. Як гурӯҳ ходимони шӯъбаи идеологии ҳизб, ки бо догмаҳои садсола "мусаллаҳ" шудаанд ва аксаран худашон ҳам ба он сарфаҳм намераванд, аз худ қозӣ-ул-қуззот тарошиданд ва ҳаққи қазоват кардану фатво доданро бар худ мунҳасир сохтанд. Онҳо худро ҳамабину ҳамадон шумурда, худ муайян мекарданд, ки дар саҳифаҳои матбуот ва барномаҳои радиёву телевизион чӣ матолибе нашр шаванду кадомаш не. Маҳз онҳо таъйин мекарданд, ки барои мо, мардум чӣ чизҳоро хондану навиштан ва гуфтану шунидан мумкин асту чӣ чизҳо мумкин нест. Ба олимону ҳунармандон ва шоирону нависандагон "тавсия" мекарданд, ки чиро "таҳқиқ" кунанду чиро тараннуму тавсиф намоянд. Ба коргарону деҳқонон дастур медоданд, ки кадом гуфтори доҳиёни кабирро замзама кунанд ва аз кадомаш "илҳом гирифта зарбдорона меҳнат кунанд". Ба мардум мефармуданд, ки кадом мусиқиро бишнаванд, чӣ тарз либос пӯшанд ва чӣ гуна фикр кунанд.

Аксари ходимони васоили иттилооти ҷамъӣ, шоирону нависандагони маддоҳ ва олимони унвондору бешлм, ки тобеъ дастнигар ва эҳсондидаи табақаи ҳокима буданд, ба мадҳу ситоиши хоҷагони худ ва таърифу тасдиқи гуфтору кирдори онҳо машғул буданд ва ҳастанд. Тасвири айнии зиндагии талхи мардум, мушкилоти рӯзгори он, орзую умедҳо ва ақидаҳою афкори афроди ҷомеа ба саҳифаҳои матбуот роҳ намеёфт.

Фарди тоҷик дар гуфтори радиёву телевизион, матолиби матбуот ва дар вуҷуди "қаҳрамонони" филмҳою намоишномаҳои театрҳо худро намешинохт, андешаҳои худ ва олами ботинии худро намедид. Гуё ӯ ҳеҷ вуҷуд надошт, дарду ғам ва зиндагии бефурӯғи он кирои гап намекард... Шояд тоҷикон ҳанӯз ба андозаи лозим "тарбияи коммунистӣ" наёфтаанд ва аз ин рӯ лоиқи тасвиру тамсил нашудаанд?

Татбиқи чунин сиёсати дадманишона, ки ҳоло ҳам аз бисёр ҷиҳат идома дорад, беасар намондааст. Тӯдаҳои васеи мардум ба ҳадде аз масоили доғи зиндагӣ, аз сиёсату давлатдорӣ дур шудаанд, ки акнун бисёр касон ба дарки равандҳои сарнавиштсози ҷомеа қодир нестанд, тавони ҳамаҷониба фикр ва таҳлил кардани падидаҳои рӯзгорро аз даст додаанд.

Маҳдудияти фаъолияти фикрӣ ва зоҳирбинию хушбоварии соддалавҳонаи бисёр касон ба ҳаддест, ки онҳо гуфтори "болонишинон" ва навиштаҳои қаламкашони матбуотро бидуни шакку шубҳа бовар мекунанд, агарчи дурӯғи маҳз бошад ҳам. Зеро онҳо аз сиёсату сиёсатбозиҳо ва фиску фасоди он бехабаранд. Онҳо намедонанд, ки дурӯғгӯию фиребгарӣ, дурӯягию мунофиқӣ ва ҳилаю найранг барои сиёсатмадорон, дурусттараш барои ҳукуматдорони ҷоҳталабу мансабпараст ҳам касб асту ҳам ҳунар.

Пӯшида нест, ки чунин соддагию хушбоварии кӯдакона ва бемаърифатии ҳамагонӣ аз як тараф ва худхоҳию ҷоҳталабии ҳукуматдорон аз ҷониби дигар, барои ҷомеа оқибатҳои мудҳиш ба бор меоварад. Алоими дахшатзои он аллакай намудор шудааст.

Биноан, моро мебояд ки аз хоби ғафлат бедор шавем, ҳолати худ ва ҷомеаи худро ба хубӣ дарк кунем, ҳақшиносу ҳақталаб бошем, маҳдудияту бетафовутиро як сӯ гузорем, ҷаҳлу нодониро дур андохта, донишу маърифатро соҳиб шавем, барои озодию ободии халқу ватан, барои зиндагии беҳтари фарзандони худ талош кунем.

Вагарна таърих, наслҳои оянда моро нахоҳанд бахшид...

Устодон Тоҳири Абдуҷаббор ва Раҳими Мусалмониёни Қубодиёнӣ дар ҳалқаи дӯстон, Теҳрон, соли 1996.

Тоҳири АБДУҶАББОР,
раиси Созмони Растохез,
Номзади илми иқтисод.
Нашрияи "Дунё"
("Растохез"),
№1, майи 1991.

ВОЙ БАР ҲОЛИ МО!

Бидуни шак, райъпурсие, ки 17 марти соли равон сурат гарифт, яке аз рӯйдодхои ҷолиби рӯзгори мо буд. Таи муддати беш аз 70 соли охир ҳукуматдорони ба истилох Шӯравӣ бори аввал бо халқ машварат карданд. Ва инро мумкин буд ба сифати иқдоми нек арзёбӣ намуд, агар бо нияти поку холис, бидуни фиребу найранг амалӣ мешуд. Мутаассифона, чунин нашуд.

Ба ҳама маълум аст, ки имрӯз дар кишвар ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ дар авҷ аст. Халкҳо барои озодию истиқлолияти худ, барои раҳоӣ ёфтан аз тасаллути Империя талош доранд. Дар чунин шароит, ҳукуматдорон ба мақсади дароз намудани умри империяи фартут райъпурсиро ба авомфиребии махз табдил доданд. Онҳо саволи сохтакорона ва мантиқан ғалатро тартиб дода, бо камоли беҳаёӣ ба мардум таҳмил карданд.

Аммо умри дурӯғ кӯтоҳ аст. Агарчи бо ҳазор тақаллубкорӣ эълон карданд, ки "аксарият ба тарафдории иттиҳод овоз доданд", вале ҳамон тавре ки мебинем, халкҳо аз рохи худ барнагаштаанд, муборизаро барои ба даст овардани истиқлолияти худ пайгирона идома медиханд.

Як нуктаи дигари ҷолиб, ки дар ҷараёни райъпурсӣ равшан гардид, ин буд, ки барои ҳизби коммунист ва ҳукуматдорони Тоҷикистон озодию истиқлолияти халки точик арзишу ахамияте надорад. Онҳо як бори дигар нишон доданд, ки фармонбардори марказ ва ичрокунандаи амру дастурҳои он мебошанд. Онҳо ба хотири таъмин кардани бақои империя ошкоро ба гумрох кардани мардум пардохтанд ва барои ин аз тамоми воситахо, аз чумла аз воситахои иттилооти омма ба таври васеъ истифода бурданд. Рӯзномаҳо ва радиёву телевизион бо амри "хоҷагони худ" дар фиреб додани аҳолӣ низ ҳиссаи "арзандаи" худро гузоштанд. Ҳамаи онҳо пайваста таблиғ мекарданд, ки ҳама бояд ба тарафдории бақои "иттиҳоди шуравӣ, ҳамчун федератсияи таҷдидёфта" овоз диҳанд ва зарурати онро бо гуфтори бемаънии ашхоси чаласавод ва дурӯғҳои фаровон "асоснок" мекарданд. Аммо дар бораи он ки саволи райъпурсӣ чӣ маънӣ дорад, аз бахри

чист ва "ҳа" ё "не" гуфтан то чӣ андоза ба манфиатҳои миллии халқи тоҷик мувофиқ аст, чизе намегуфтанд. Ҳатто кӯшиш карданд, ки "ақидаҳои мухолиф" ба гӯши касе нарасад.

Як мисол меорем. Дар аввалҳои моҳи март мурочиатномаи чанд нафар депутатҳои халқии Тоҷикистон, ки дар он нуқсонҳои саволи райъпурсӣ ва тариқи ислоҳ намудани онҳо зикр шуда буд, ба Шӯрои Олии Тоҷикистон ва идораҳои рӯзномаҳо, аз ҷумла ба идораи рӯзномаи "Садои мардум" супорида шуд, то мардум онро дар саҳифаҳои рӯзномаҳо хонда, аз моҳияти масъала огоҳ шавад, ба доми фиреб наафтанд.

Интизор мерафт, ки агар рӯзномаҳои ҳизбӣ онро чоп накунанд ҳам, "Садои мардум" ба табъ хоҳад расонд. Хосатан, ки муҳаррири он М.Шералиев гуфта буд, ки рӯзномаашон минбари мардум аст. Ӯ дар сӯҳбате ба хабари нашрияи "Растохез", ки дар он ба вазифаи муҳаррири рӯзномаи "Садои мардум" интихоб шудани М. Шералиев зикр шуда буд ва ҳамчунон илова гардида буд, ки М. Шералиев "ба Маҳкамов ваъда додааст, ки аз хати кашидаи вай берун намебарояд..." ва "Одамон рӯзномаи навро "Садои дарбор" ном кардаанд", ишора намуда, бо эътироз гуфта буд, ки "рӯзномаи мо садои дарбор нест. Нашрияи "Растохез" моро таҳқир кардааст..." (Ростӣ, порсол ман ҳам ба чунин ақида будам, зеро "Садои мардум" ҳанӯз нашр намешуд ва маълум набуд, ки чӣ гуна хоҳад шуд. Вале баъдтар маълум шуд, ки ҳақ ба чониби "Растохез" будааст: пешгӯии он дуруст баромад).

Ба ҳар сурат, муҳаррири "Садои мардум" мурочиатномаро қабул карда, ваъда дод, ки дар 3-4 рӯзи оянда чоп хоҳад кард. Аз миён 5-6 рӯз гузашт, вале мурочиатнома чоп нашуд. Аз муҳаррир сабабашро пурсидам. Посух дод, ки "Аслонов Қ.А. (раиси Шӯрои Олӣ) ба чопаш иҷозат надод..."

Акнун, биёед, каме андеша кунем. Аввалан, Аслонов Қ.А. чӣ ҳақ дорад,ки чоп кардани Мурочиатномаи депутатҳои халқии Тоҷикистонро манъ кунад?! Оё ин амали раиси Шӯрои Олӣ (органи олии қонунгузорӣ!) поймол кардани қонун нест?! Сониян, агар ин рӯзнома садои дарбор не, балки воқеан Садои мардум бошад ва муҳаррири он М.Шералиев ваъда надода бошад, ки аз хати кашидаи роҳбарон берун намебарояд, чаро нидои намояндагони мардумро чоп накард, чаро давида пеши Аслонов рафт, ки он "мурочиатнома ба мардумро" чоп кунам ё не? Ва чаро аз хати кашидаи Аслонов берун набаромад? Магар худи М.Шера-лиев қонунро намедонад? Ё қонун барои ӯ арзише надорад? Ва ё барои муҳарррир – Аслонов қонун аст?

Саввум, М.Шералиев марди таҳсилкарда ва босавод аст, бисёр чизҳоро мефаҳмад. Гузашта аз ин, депутати халқи Тоҷикистон аст ва бояд манфиати халқро ҳимоя кунад. Биноан худи ӯ вазифадор буд, ки садои худро бар зидди ин беадолатӣ баланд кунад ва мардуми бехабарро аз ин авомфиребӣ огоҳ кунад. Чаро накард?! Фарзан, агар ӯ моҳияти масъаларо

дарк накарда бошад, аз нимкосаҳои зери коса бехабар бошад, пас чаро баъд аз сӯҳбат бо ман ва хондану тасдиқ кардани мазмуни муроҷиатнома ин корро накард?! Чӣ ӯро маҷбур кард, ки нисбат ба халқи тоҷик, ки худ фарзанди он ва намояндаи он аст, бетафовут бошад, барои озодию истиқлолияти халқи худ, ки пуразиштар ва муқаддастар аз он чизе нест, талош накунад? Тарсид? Аз кӣ? Аз Маҳкамов? Аз Аслонов? Аз КМ ҳизби коммунист, ки худ узвияти онро дорад? Аз мансаби худ, ки мабодо аз даст наравад? Худи Маҳкамову Маҳкамовҳо ва Аслонову Аслоновҳо кистанд, ки кас бояд аз онҳо битарсад? Президент? Раиси шӯрои олӣ? Хайр чӣ? Магар онҳо аз дигарон ҳуқуқи бештар доранд ва ё болотар аз қонунанд? Магар Маҳкамов қасам нахӯрда буд, ки қонунҳоро риоя хоҳад кард? Ва умуман, чаро мо бояд аз рост, аз ҳақиқат битарсем? Чаро аз дурӯғ натарсем? Магар бадтарин гуноҳ барои инсон ӯ дурӯғ гуфтан нест? Оё мақому мансаб ин қадар арзиш дорад, ки ба хотири он одам вичдони худро доғдор кунад, дурӯғ гӯяд, сар ҳам кунад ва ҳатто хиёнат кунад?!

Албатта, ман мефаҳмам, ки ҷомеаи мо ҷомеаи мутамаддин нест, бунёди ҳуқуқӣ надорад, ҳама чиз дар он сарчашма аст ва биноан саволҳои дар боло гузошташуда, соддалавҳона ба назар мерасад. Ман медонам, ки дар кишвари мо, ҳамон тавре ки баъзеҳо китобҳои хушмуқоваро барои ороиши хона ва назарфиребӣ мехаранд, Қонуни Асосӣ ва дигар қонунҳо барои фиреб додани соддалавҳон ва хориҷиён қабул шудаанд, на барои иҷро кардан. Ман медонам, ки ҳукуматдорон қонуни нонавиштаи худро доранд, ки моҳияти он фармонравоӣ, зӯрӣ ва қонуншиканӣ кардан аз тарафи мансабдорон ва итоату иҷро кардани амри табақаи ҳоким барои фуқаро аст. Бародарони рус беҳуда намегӯянд, ки "прав тот, у кого больше прав". Ман медонам, ки Маҳкамов ба маънии томаш президент нест, Қ.Аслонов ӯ раиси Шӯрои Олӣ нест, онҳо дастнишондаю тобеи "Марказ" буданду ҳастанд ва қасами президентӣ дар бораи риоя кардани қонун ва ҳимоят кардани ҳуқуқи инсон, ки онро Маҳкамов ба азоб ба забон оварда, як маросими рамзӣ буду бас. Вале чун онҳо мансуби дастгоҳи пуркудрати тоталитарие мебошанд, ки барои он мафҳумҳои ҳуқуқи инсон, шарофату вичдон, савобу гуноҳ ва адлу инсоф беарзиш асту танҳо ба сифати ниқоб истифода мешавад, метавонанд ба сари авом хеле бадбахтиҳо биёранд.

Ҳамчунон маълум аст, ки ҳизби коммунист ҳамеша болотар аз қонун меистод, ба ин роҳу бо он роҳ қонунро поймол мекард ва таи муддати беш аз 70 сол он қадар қонуншиканӣ кардааст, ки ҳисобаш дар китобҳо намегунҷад. Ва ҳоло ҳам ин хӯи бади худро тарк накардааст, ки мисоли онро дар фаъолияти ҳизби коммунист ва ҳукуматдорон дар арафаи райъпурсӣ дида метавонем. Тавре ки маълум аст, баъд аз нашри қарори ШО ИШ, роҳбарони Тоҷикистон, ки ҳама коммунистанд, изҳор доштанд: "референдум нагузаронем ҳам мешавад". Ин аллакай оғози поймол кардани ҳуқуқи мардум буд, зеро хостанд, ки мардумро напурсида, тақдирашро ҳал кунанд. Баъдтар ваъда доданд, ки "дар Тоҷикистон ба та-

рафдории Иттиҳод 99,9% овоз хоҳанд дод. Мо инро таъмин мекунем". Ин хилофрафтории дигар буд, зеро "роҳбарон" роҳи зӯрӣ, фишороварӣ ва тақаллубкориро пеш гирифтанд, дар ҳоле ки аз рӯи қонуни райъпурсӣ ҳама гуна зӯрӣ, фишороварӣ ва фиребгарӣ манъ аст. Бо он ҳам, дар КМ ва дар кумитаҳои вилоятию ноҳиявӣ бюрою маҷлисҳо ороста, ба ҳама дастур доданд, ки "натиҷаи мусбати райъпурсиро ба ҳар роҳ таъмин намоянд". "Қарори КМ ҲКИШ чунин аст" ӯ гуфтанд котибҳо. Ва КМ ҳизб ходимони "барҷаста"-и худро ба ҳамаи шаҳрҳою ноҳияҳои ҷумҳурӣ равон кард, то мардумро ба тарафдории Иттиҳод таблиғ кунанд. Тамоми рӯзномаҳо ва радиёву телевизион аз як тараф ва ташвиқотчиёни ҳизби коммунист дар марказу ноҳияҳо аз ҷониби дигар, ҳама бо тамоми қувва кӯшиш карданд, ки асли моҳият ва мақсади референдумро аз мардум пинҳон ва баръакс, ҳатто ба дурӯғ гуфтану фишор овардан ва тарсондани мардум пардохтанд. Аксари фиристодагони ҳизби коммунист ва ҳамдастони маҳалии онҳо дар ноҳияҳо овоза паҳн карданд, ки "ҳар касе ки" "ҳа"-ро хат занад, ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, то 10 ҳазор сӯм ҷарима месупорад. Ва умуман, агар мо "не" гӯем, аз иттиҳод ҷудо шавем (?), халқи тоҷик аз гуруснагӣ хоҳад мурд..." ва ғайра ва ҳоказо. Бар иловаи он ки муроҷиатномаи 5 нафар депутатҳои халқии Тоҷикистонро дар рӯзномаҳо чоп накарданд (ба истисноӣ "Сухан", ки адади нашраш маҳдуд аст), ҷараёни мубоҳисаро дар сессияи Шӯрои Олӣ пиромуни ин мавзӯъ ба мардум нишон надоданд. Ҳамчунон мансабдорони ҳизби коммунист дар ҳама ҷо ба мулоқоти мардум бо намояндагони созмони Растохез ва ҲДТ монеа эҷод мекарданд ва дурӯғ паҳн мекарданд, ки Растохез ва ҲДТ зидди иттиҳод мебошанд". Билохира, дар бисёр ҷойҳо даста-даста бюллетенҳои пешакӣ тайёр карда шударо гумоштагон ба қуттиҳо бурда партофтанд. Ҳисоби бюллетенҳо низ дар дасти худашон буд...

Дар ниҳоят, бо ин ҳама қонуншиканию ҳаромкориҳо ба хоҷагонашон арз карданд, ки 96,4% халқи тоҷик ба тарафдории Иттиҳод овоз дод, яъне фармон содиқона иҷро шуд. Ин ҳама дурӯғу риёкорӣ, ин ҳама фиребу найранг аз баҳри чӣ буд? Чаро ҳизби коммунист, ҳукуматдорони мо шарофатмандона ба мардум нафаҳмонданд, ки саволи референдум авомфиребона аст ва мақсади он минбаъд ҳам поймол кардани ҳуқуқу озодиҳои халқ аст?

Дар тӯли таърих ҳамаи халққо ва миллатҳо ҳамеша барои озодию истиқлолияти худ талошу мубориза кардаанд ва мекунанд. Ҳеҷ гоҳ чунин нашудааст, ки халқе бо ихтиёри худ аз озодии худ даст кашида, довталабона ба тобеияту ғуломӣ розӣ шуда бошад, аммо ҳизби коммунист бо тамоми қувва кӯшиш кард, ки халқи тоҷик ба тарафдории минбаъд ҳам таҳти ниқоби "Иттиҳоди Шӯравӣ" бокӣ мондани империяи мустамликадорӣ овоз диҳад, яъне минбаъд ҳам тобеъ бошаду ҳукуматдорони марказ аз болои он ҳукмравой кунанд.

Чаро? Чаро ба ҷои он ки барои ба даст овардани ҳаққу ҳуқуқи поймол-

шудаи халқи тоҷик талош кунад, баръакс барои дар асорат мондани он кӯшиш кард? Чаро ҲК ба халқи тоҷик хиёнат кард?

Ба ин ҳама саволҳо як ҷавоб ҳаст ва он ин аст, ки ҳизби коммунисти Тоҷикистон ҳеҷ гоҳ ҳизби мустақил ва соҳибихтиёр набуд, яъне ҳизби коммунисти Тоҷикистон набуд ва нест. Он танҳо як отряди ҲКИШ дар Тоҷикистон аст ва ҳамеша фармону қарорҳои роҳбарони ҲКИШ-ро иҷро мекард ва мекунад. Маҷоли муҳокима ва ё рад кардани қарорҳои КМ ҲКИШ надошту надорад. Гузашта аз он, барои чунин кор тавону имконият ҳам надорад, зеро аксари аъзои ҳизб, аз чумла мансабдорони он, одамони чаласавод буданду ҳастанд. Онҳо қонуниятҳои рушду такомули ҷомеа, миллат ва инсонро ба андозаи кофӣ намедонанд, дунёи маънавиашон тангу тор аст. Чун аксарашон дар зинаҳои аввали маърифат боқӣ мондаанд, ҳатто тавони таҳлили дидаву шунида ва хондаашонро надоранд. Вазифаи онҳо "якдилона маъқул кардани қарорҳои таърихии ҳизб" ва "сафарбар кардани мардум барои пурраю барзиёд иҷро кардани планҳои партия" буд ва ҳаст.



Дар шароите ки муборизаи барои раҳоӣ ёфтан аз тасаллути Империя авҷ гирифтааст, ҳукуматдорон ба мақсади дароз намудани умри империяи фартут райъпурсиро ба авомфиребии маҳз табдил доданд.

Зимнан, чун Марказ (КМ ҲКИШ) ба коммунистони маҳалӣ чандон боварӣ надошт, дар ҳама ҷо ӯ аз КМ ҲК ҷумҳуриҳо сар карда, то ба комитетҳои ҳизбии ноҳияҳо, ӯ гумоштагони худро ба сифати котибҳои "дуюм" таъйин мекард, ки аксаран риштаи ҳама корҳо дар дасти онҳо буд. Бар иловаи он сарпарастон (кураторҳо) аз КМ ҲКИШ тамоми фаъолияти коммунистони ҷумҳуриро назорат мекарданд...

Чун аксарияти мутлақи роҳбарони органҳои идораи давлатӣ аз раиси Шӯрои Вазирон сар карда то вазирону мудирони шӯъбаҳо, раисону директорони колхозу совхозҳо ва муассисаҳо ва раисони кумитаҳои иҷроияи вилоятҳою ноҳияҳо – узви ҳизби коммунист буданд ва мебошанд, биноан ҳукумати Тоҷикистон низ дар ихтиёри КМ ҲКИШ ва таҳти фармони он қарор дошт ва дорад (албатта, аз тариқи отряди худ дар Тоҷикистон).

Ба ин тартиб, ҳизби Коммунисти Тоҷикистон ҳамчун отряди ҲКИШ таи муддати беш аз 70 соли охир ба сифати олат ё василаи амалӣ кардани сиёсати мустамликадории марказ (КМ ҲКИШ) дар Тоҷикистон хизмат кард ва мекунад.

Азбаски ҲК ва ҳукумати Тоҷикистон давоми дастгоҳи идории империя дар чумҳурии мо ё ба дигар гӯем, дасти Маскав дар Тоҷикистон буданд ва мебошанд, табиист, ки ҳамеша дар хидмати марказ қарор доштанд ва доранд, на дар хидмати халқи тоҷик. Онҳо манфиатҳои империяро ҳимоят мекунанд, на манфиатҳои миллии халқи тоҷикро.

Аз ин рӯ, ба ақидаи ман, ҳизби коммунист ва ҳукуматдорони Тоҷикистон ҳаққи маънавӣ надоранд, ки раҳбару раҳнамои халқи тоҷик бошанд, хосатан дар чое, ки худ намедонанд, ки роҳ кадом асту ба кучо бояд рафт. Гузашта аз ин, бино бар он ки сиёсати ғайриоқилонаро пеш гирифта, иқтисодро ба ҳолати бӯҳронӣ ва чомеаро ба лаби чар расондаанд ва ба болои он пайваста қонуншиканию авомфиребӣ мекунанд, аз рӯи конун ҳам чои онҳо дар сари давлат нест.

Вале бо он ҳам, тавре ки мебинем, онҳо ҳукумат мекунанду мо итоат. Ва то замоне ки мо марази бемаърифатӣ, худношиносӣ, маҳалгароӣ, вобастагии моддию маънавӣ, итоаткории бечуну чаро ва тарсу ваҳмро аз худ дур насозем, чунин ҳукумат ва чунин ҳолатро хохем дошт ва он моро ба сӯи асорату нобудӣ хоҳад кашонд.

Пас чаро ин ҳама беадолатиро таҳаммул мекунем? Чаро барои ҳақиқат, барои адолат, барои ҳуқуқу озодиҳои худ талош намекунем? Чаро сарҳаму итоаткорем? Чаро метарсем?

Албатта, ман мефаҳмам, ки савол кардан осон аст. Аммо зиндагӣ хеле печидатар ва мураккабтар аст. Дар ин режими фосиду худозада ҳама мӯҳтоҷ, ҳама вобаста, ҳама дасткӯтаҳу дастнигаранд. Ҳама аз он метарсем, ки агар бо амри вичдон сар боло кунем, дар талаби ҳакикату адолат шавем, мумкин аст, ки аз вазифа, аз мансаб маҳрум шавем, аз мансабе, ки барои як гурӯҳ ашхос манбаи айшу ишрат аст, аз кору вазифае, ки барои бисёр касон ягона воситаи пайдо кардани кути лоямут мебошад. Зиндагӣ ширин аст, чон азизу умр кӯтоҳ. Ҳар кас зану фарзанд дорад. Онҳо нону хонаю либос мехоҳанд. Дар давлати бардаписанди мо барои ҳақталошӣ нону либос намедиҳанд. Ҳатто баръакс, аз нону хонаву либосат маҳрум мскунанд. Дар ин мулки худобехабарон хони пурнозу неъмат, осоиши хонаводагӣ ва мақому мансаб маъмулан аз роҳи дуздӣ, фиребу найранг, тамаллуккорию лаганбардорӣ ва зулму зӯрӣ ҳосил мешавад, на аз баракати фитрату маърифат. Дар чунин шароит на ҳар кас метавонад ба хотири кадом ақида ва андешаҳои мубҳам, ки маълум нест – кай амалӣ мешавад, ба моли дунё пушти по занад, нафсро дар банд ораду рӯҳро озод кунад ва дар ин мухити фосид аз дасти дарози хочагону аз таъну маломати фурӯмоягон наҳаросад. Ин кор ба ҳар кас муяссар намешавад... Ин системаи зормондаи мо, ин ҳукуматдорони фурӯмоя ва бефар-

ҳанги мо буданд, ки мардумро ба пояи ғуломӣ кашонданд ва таи муддати беш аз 70 сол ҳар чӣ нишони озодию озодманишӣ ва маърифату худшиносӣ буд, бо зӯру бо фиреб аз мардум дур карданд... Ин ҳама маълум аст.

Вале ин нукта ҳам мусаллам аст, ки барои инсон нанг аст, ки пеши каси дигаре сар хам кунад, итоату ғуломӣ кунад, зеро ҳатто саг пеши саге сар хам намекунад.

Вой бар мо, ки хӯи гуломӣ пеша кардаем! Сад вой бар мо, ки аз гуломии худ огаҳ наем! Огаҳ наем, ки оқибати гуломӣ – нобудӣ аст...

Магар вақти он нарасидааст, ки мо бедор шавем, худро бишносем, ҳаққи худро талаб кунем, озодию истиқлолияти худро соҳиб шавем ва худро аз вартаи нобудӣ наҷот диҳем!?

Тоҳири АБДУҶАББОР,
нашрияи "Растохез",
№11, марти1992,
№14, майи 1992.

ИСТИҚЛОЛИЯТ МУҚАДДАС АСТ

Шукри беҳад, ки дар интиҳои соли 1991 бузургтарин империяи мустамликадории "комунистӣ" – ИҶШС (СССР) аз ҳам пошида шуд ва халқҳои сокини он озодию истиқлолияти худро ба даст оварданд, ҷумҳуриҳои миллӣ аз қайди тобеъият раҳо ёфта, ба давлатҳои мустақилу соҳибихтиёр табдил шуданд. Ин рӯйдоди муҳими торихӣ – орзӯи деринаи халқҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ буд ва месазад, ки ин пирӯзии бузургро бар ҳамаи ҳамватанони азиз ва мардумони давлатҳои мустақили тозабунёд муборакбод гӯем ва онро гиромӣ дорем!

Албатта, барҳам хӯрдани ИҶШС амри тасодуфӣ набуд. Баъзеҳо акида доранд, ки сиёсати бозсозӣ, демократисозӣ ва ошкорбаёнӣ корро ба ин ҷо кашонд. Ин иштибоҳи маҳз аст. Бисёр кишварҳои ҷаҳон муддатҳо пеш аз ин роҳи демократисозӣ ва ошкорбаёниро пеш гирифта буданд ва ҳоло ба дараҷаи демократияи воқеӣ ва озодии сухан расидаанд. Вале ин на танҳо боиси тақсиму пароканда шудани он давлатҳо нагардид, балки муттаҳидии бештар ва тараққиёти босуръати онҳоро таъмин намуд. Сиёсати бозсозию демократисозӣ барои раҳоӣ бахшидани ИҶШС аз бӯҳрони иқтисодию иҷтимоӣ ва мустаҳкам кардани он пеш гирифта шуда буд ва ба ҳеҷ ваҷҳ суқути империяро дар назар надошт.

Аммо дар ҷараёни бозсозӣ аз баракати ошкорбаёнӣ тазодҳое рӯ

заданд, ки дар ниҳоди ҷомеа, дар сохтори сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоийи ИҶШС нуҳуфта буданд. Ин тазодҳо дар ибтидои ташаккулёбии Империяи Русияи подшоҳӣ бар асари сиёсати таҷовузкоронаи он кишвар ва забту тобеъ кардани сарзамину халқҳои дигар ба вуҷуд омада буданд ва баъд аз сарнагун кардани ҳукумати подшоҳии Русия (соли 1917) низ аз байн нарафтанд, зеро "Инқилоби Октябр" ва Созишномаи соли 1922 (дар бораи таъсиси ИҶШС) озодию истиқлолияти халқҳоро амалан таъмин накард. Давлате, ки таи муддати қариб 70 соли охир бо номи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сусиёлистӣ маъруф буд, моҳиятан на Иттиҳоди Ҷумҳуриҳо (яъне иттиҳоди давлатҳо) буд, на шӯравӣ на сусиёлистӣ. Дар асл он як давлати воҳиди ба ҳадди ниҳоӣ марказонидашудаи тоталитарие буд, ки ҳаққу ҳуқуқи халкро поймол мекард, яъне давоми ҳамон Империяи мустамликадории Русия буд. Беҳуда нест, ки хориҷиҳо ИҶШС-ро Русия ва ҳамаи сокинони онро русҳо меномиданд. Агар он воқеан Иттиҳоди ҷумҳуриҳо мебуд, ҷумҳуриҳои миллӣ ба сифати давлатҳои соҳибихтиёр боқӣ мемонданд. Аммо дар собиқ "ИҶШС" ҷумҳуриҳо аз истиқлолияту ҳуқуқҳои худ комилан маҳрум шуда, ба воҳидҳои идории давлати унитарӣ табдил ёфта буданд, яъне фақат бо ном ҷумҳурӣ буданду бас.

Илова бар он **"Иттиҳоди Шӯравӣ" давлати "Шӯравӣ" ҳам набуд, зеро ҳокимият на дар дасти шӯроҳо**, балки дар ихтиёри дастгоҳи ҳизби коммунист (политбюрою СеКа-ҳо, обкомҳою райкомҳо ва котибони онҳо) қарор дошт. Шӯроҳо ва ҳукумат ба шумули додситонҳову додгустариҳо, ки роҳбаронашон асосан аъзои ҳизб буданд, зери фармони ҳизби коммунист фаъолият мекарданд.

Ҳизби коммунист низ ба маънии томаш ҳеҷ гоҳ ҳизб (яъне ташкилоти ҷамъиятӣ) набуд, балки ба қисми таркибии ҳокимияти давлатӣ ба ҳастаи системаи сиёсӣ табдил ёфта, режими диктотураи партократиро дар саросари кишвар ҳукмфармо сохта буд. Роҳбарони чаллаасводу азаматталаби он амалан ҳокимони мутлақи империя буданд.

Гузашта аз он, **ИҶШС давлати сутсиёлистӣ ҳам набуд**. Агарчӣ дар Қонуни Асосии кишвар тамоми воситаҳои истеҳсолот моликияти халқ эълон шуда бошад ҳам, дар воқеият мардум аз моликият ва аз дав-лату давлатдорӣ комилан ҷудо ва дур карда шуда буданд. Тамоми "халқи Шӯравӣ" ба коргарони кироя, деҳқонони крепостной ва ғуломону ходимони мутеъу фармонбардор табдил дода шуданд. Ҳамаи дороию сармояи кишвар дар ихтиёри табақаи ҳоким – хизби Коммунист қарор гирифт ва дастгоҳи ин ҳизб ва бузургтарин монополисти ҷаҳон табдил ёфта буд.

ИҶШС (Империяи Русия) – ин давлати тоталитарии нимфеодалию нимсармоядорӣ тавъам бо унсурҳои ғуломдорӣ, ки бо шеваҳои ғайри иқтисодӣ идора мешуд бар пояи зулму зурӣ, истисмору нобаробарӣ ва поймол кардани ҳуқуқу озодиҳои халқҳо ва инсонҳо асос ёфта буд ва бад-ин сабаб таназзулу нобудии он ногузир буд. Таърих гувоҳ аст, ки ҳама гуна низомҳои мустабиду истеъморгар дер намепоянд. *ИҶШС низ ҳамчун империя ҳамчун низоми бугикунандаи озодии халқҳо дер ё зуд бояд барҳам мехӯрд ва билохира суқут кард.*

Суқути империяи "коммунистӣ" натиҷаи қонунии равандҳои айниҷамеа мебошад. Сабабҳою омилҳои асосии густариши бӯҳрони иқтисодию сиёсӣ, шаддат ёфтани мавҷи эътирозу норозигиҳо алайҳи беадолатиҳо, фасоди иҷтимоӣ истисмору истеъмор, боло рафтани сатҳи огоҳии сиёсии мардум ва худшиносии миллӣ, рӯи саҳнаи сиёсӣ омадани нирӯҳои миллӣ-озодихоҳӣ дар тамоми ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ (хосатан дар Латвиё, Литвиё, Эстониё, Молдовиё, Русия, Украин, Белорус, Арманистон, Гурҷистон, Озарбойҷон ва ғайра) мебошанд.

Бо камоли таасуф бояд изҳор кард, ки *Шӯрои Олӣ ва ҳукумати ҷумҳурии мо дар амри ба даст овардани истиқлолияти давлати Тоҷикистон хидмати шоистае накардаанд.* Онҳо на танҳо барои озодӣ ва ҳаққу ҳукуқи халқи тоҷик талош накардаанд, балки ҳатто баракс бар зидди он амал карданд. Парлумони коммунистӣ ва коммунистроҳбаронитоҷикистон таи 2-3 соли охир борҳо собит карданд, ки онҳо ҳамчун дастнишондаҳои Маскав ҳамеша муҳофизи империя ва хидматгузорони собиқи Марказ буданду мебошанд. Бахубӣ ошкор гардид, ки онҳо аз неъмати маърифат бебаҳра мондаанд ва аз ин рӯ, манфиатҳои миллии халқи тоҷик ва масоили давлату давлатдории онро наметавонанд дарк кунанд. *Барои онҳо фақат мақому мансаб ва ҷоҳу ҷалол лозим аст ва ба хотири он тайёранд, ки ҳама чиз ва ҳама касро қурбон кунанд.*

Ба ёд оред, ки раҳбарони ҳизби коммунист ва ҳукумати Тоҷикистон (аз қабили Қ.Маҳкамов, П.Лучинский, Ҷ.Каримов, Веселков ва дигарон) якҷо бо лабайгӯёни интелегентнамояшон чӣ гуна бар зидди мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ – муҳимтарин пояи миллат ва давлати мо баромаданд ва бо чӣ мунофиқиҳо аксари моддаҳои Қонуни забонро таҳриф карда, онро ба як санади пурихтилофу корношоям табдил доданд. **Гузашта аз он, се сол аст, ки ҳатто ба тадбиқи ҳамон қонуни дасту пошикаста мухолифат мекунанд.**

Ба хотир биёред, ки дар аввалҳои соли 1990 раҳбарони Тоҷикистон лоиҳаи алтернативии *Консепсияи мустақилияти иқтисодии Тоҷикистон*ро, ки созмони Растохез тартиб ва пешниҳод карда буд ва аксари равшанфикрони ҷумҳурӣ онро тарафдорӣ карда буданд, рад карда бо амри марказ консепсияеро қабул карданд, ки он ба ҳеҷ вачҳ мустақилияти Тоҷикистонро таъмин намекард.

Ба ёд биёред, ки порлумони Тоҷикистон дар моҳи августи соли 1990, пас аз он ки аксари ҷумҳуриҳо истиқлолияти худро эълон намуданд, ночор (аз қатор намонем гуфта) санадеро бо номи *"Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистон"* қабул кард, ки он моҳиятан санади тобеияти халқи тоҷик буд, на истиқлолияти он. Дар айни замон лоиҳаи алтернативии *"Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистон"*-ро, ки созмони Растохез таҳия ва пешниҳод карда буд ва таъмини истиқлолияти вокеии Тоҷикистонро дар назар дошт, Шӯрои Олӣ напазируфт.

Ба хотир биёред, ки дар охири соли 1990 ва июни соли 1991 Шӯрои Олии Тоҷикистон лоиҳаи аз Маскав расидаи "Паймони Иттиходи

Ҷумҳуриҳои соҳибихтиёр"-ро, ки ҳадафи он минбаъд ҳам нигоҳ доштани империя ва поймол кардани ҳукуку озодии халқҳо буд, бо чӣ шитобзадагӣ, бидуни мухокимаи ҷиддӣ тасдиқ кард ва аммо лоиҳаи *"Шартномаи иттиҳоди давлатҳои мустақил"*-ро, ки созмони Растохез пешниход карда буд ва метавонист истиқлолияти комили Тоҷикистон ва соири ҷумҳуриҳоро таъмин намояд ва аз бисёр чиҳат комилтару беҳтар буд, ҳатто нахост баррасӣ кунад.

Ба ёд биёред, ки раҳбарони коммунистмазҳаби ҷумҳурӣ бо фармони хоҷагони маскавиашон дар моҳи марти соли 1991 ҳангоми раъйпурсӣ бо чи макру фиреб ва дасисабозиҳо халқи тоҷикро гумроҳ карданд, то ин ки умри империя ва мақому мансаби худро дароз кунанд...

Ҳамин гуна аз чандин қарору қонунҳои Шӯрои Олӣ ва Ҳукумати Тоҷикистон метавон ёдовар шуд, ки онҳо мухолифи озодию истиқлолият ва манофеи миллии халқи тоҷик буданд...

Давлати Шӯравӣ дар бунёдаш бо беадолатӣ асос ёфта буд ва ҳамон гуна суқут кард.

Хушбахтона, халқҳо ва нирӯҳои озодихоҳи ҷумҳуриҳои дигар он санадҳоро напазируфтанд ва бо ҷасорату мардонагӣ барои озодию истиқлолият ва баробарҳуқуқию адолат талош карда, яке аз паи дигар истиқлолияти давлатии худро эълон доштанд. **Дар натиҷа бунёди империя ба ларза омад, дар авохири соли 1991 ба суқут мувоҷеҳ шуд.**

Порлумони Тоҷикисотн санади истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро низ танҳо *баъд аз саркӯб шудани кудатои 19-21 августи соли 1991 ва амалан пароканда шудани ИҶШС* қабул кард. Яъне порлумони мо дар бораи истиқлолияти ҷумҳурӣ замоне лаб кушод, ки ба қавли мӯҳтарам Ҳоҷӣ Акбари Тӯраҷонзода Тоҷикистонро се талоқ дода танҳо гузошта буданд.

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки ҳукуматдорони мо базудӣ фаромӯш карданд (ё сарфаҳм нарафтанд?!), ки Тоҷикистон худро давлати озод эълон кардааст. Онҳо таи муддати чор моҳи баъдӣ коре накарданд, ки шоистаи давлати мустақил бошад ва ё барои амалӣ кардани қонуни истиқлолияти давлатии Тоҷикистон равона карда шуда бошад. Ишон мисли пештара фармонбардори "Марказ" буданд, "бо Маскав маслиҳат" мекарданд ва кӯр-кӯрона аз паи он мерафтанд.

Агар ҷумҳуриҳои дигар аз паи таҳкими истиқлолияти худ намешуданд, агар Украину Русия ва Беларус Созишномаи Минскро дар бораи ИДМ ба имзо намерасониданд ва Шартномаи соли 1922 ва Қонуни Асосии ИҶШС-ро беэътибор карда, ҳукумати марказиро барҳам намедоданд аз эҳтимол дур нест, ки қонуни Истиқлолияти Тоҷикистон ба ёди ҳукуматдорони мо намерасид.

Ба ҳар тартиб, мо аз ҳаракати муборизони озодихоҳонаи халқҳои собиқ ИҶШС ва талошҳои пайгиронаи ҳукуматҳои Латвиёю Литвиё, Эстониё, Русия, Украину Белорус, Арманистону Молдавиё, Гурҷистону Озарбойҷон ва амсоли онҳо соҳиби истиқлол шудем, вагарна бо вуҷуди талошҳои нирӯҳои ватанпарасту озодихоҳи худ, бо ин ҳизби коммунист ва вакилону вазирони коммунистмазҳабе, ки дорем, шояд ба ин зудиҳо мушкили мо осон намешуд ва ба истиқлолият намерасидем. Вакилони мӯхтарами мардум Шарифбеки Ёкубзода ва Аслиддини Соҳибназар дар ин бобат дуруст мегӯянд, ки *"истиқлолияти Тоҷикистон қариб муфт ба даст омад"*. Аммо вой ба ҳоли ин халқи бечора, ки ҳокимонаш ақалан намедонанд, ки бо ин истиқлолияти мисли раҳмати худо бар мо расида, чӣ кунанд.

Ба ҳар сурат, акнун ки Тоҷикистон дар арсаи байналмиллалӣ расман ба сифати давлати мустақил арзи вуҷуд кардааст, муҳимтарин вазифаи халқ ва ҳукумати мо иборат аз амалан таъмин ва таҳким намудани истиқлолияти сиёсию иқтисодии ҷумҳурӣ мебошад.

Ҷои хушист, ки дар як муддати кӯтоҳ қариб як сад кишвари ҷаҳон, аз ҷумла қудратҳои Ғарбу Шарқ истиқлолияти давлати моро ба расмият шинохтанд ва дар садади барқарор кардани робитаҳои дипломатӣ ва ривоҷ додани ҳамкориҳои иқтисодию фарҳангӣ бо Тоҷикистон мебошанд. Мо ба онҳо, хусусан ба мамолики ҳамзабону бародари худ Ирону Афғонистон, ки аввалин сафоратхонаҳои худро дар Душанбе ифтитоҳ намуданд, изҳори сипос менамоем ва хоҳони онем, ки пайвандҳои гуногуни миёни мо ва онҳо ҳар чи зудтар истиқрор ва густариш ёбад. Ҳамчунон хурсандибахш аст, ки Тоҷикистон ба узвияти Созмони Миллали Муттаҳид (СММ) пазируфта шуда ва дари созмонҳои дигари байнулмиллалӣ низ ба рӯи давлати мо боз аст. Ин ҳама далели он аст, ки давлати мустақили Тоҷикистон ба сифати суъекти ҳуқуқи байналмиллалӣ шинохта шуд ва ин амр дар таъмину таҳким ва ҳимоя намудани истиқлолияти давлати мо нақши муҳим дорад.

Вале мо бояд ин нуктаро ба хубӣ дарк кунем, ки **истиқлолияти Тоҷикистон ҳанӯз дар рӯи коғаз аст ва хатари аз даст додани он, хатари дубора ба қайди тобеияту вобастагӣ гирифтор шудани мо ҳанӯз аз байн нарафтааст.** Нирӯҳо ва омилҳое вуҷуд доранд, ки ба истиқлолияти давлати Тоҷикистон таҳдид мекунанд. Онҳо ҳам дар хориҷ ва ҳам дар дохили ҷумҳурӣ амал мекунанд.

Аз ҷумлаи **хатарҳои берунӣ пеш аз ҳама бояд нирӯҳои азаматталаби Русия**ро зикр кард. Ба сафи онҳо бисёре аз роҳбарону ходимони собиқ ҳизби коммунист ва давлати Шӯравӣ, комплекси ҳарбию саноатӣ, афсарону генералҳои қувваҳои мусаллаҳ, иддаи зиёди собиқ депутатҳои халқи ИШ, бархе аз вакилону кормандони давлати Русия ва аҳзоби сиёсии он, "собиқадорони ҷангу меҳнат" ва амсоли онҳо дохил мешаванд.

Ин нирӯҳо барои барқарор кардани Империя (таҳти ниқоби ИҶШС) ҷидду ҷаҳд доранд ва барои расидан ба мақсадҳои шуму зиддиинсонии худ аз ҳеҷ васила ҳатто аз истифодаи қувваю силоҳ рӯ намегардонанд.

Сару садоҳои онҳоро ҳам дар анҷумани депутатҳои халқи ИҶШС ва Шӯрои Олии ИҶШС борҳо дидаву шунидаем ва ҳам дар ин авохир дар толорҳою дар хиёбонҳо низ мушоҳида кардаем.

Изҳороти як гурӯҳ собиқ депутатҳои халқи Ичшс (ниг. "Голос Таджикистана", 10.03.92) ва кӯшиши онҳо барои доир намудани анҷумани депутатҳои ИҶШС (17.03.92) бо мақсади барҳам додани истиқлолияти ҷумҳуриҳо ва барқарор кардани ИҶШС ҳамчун давоми Империяи Русияи подшоҳӣ далели равшани ин гуфтор аст.

Бемаърифативу ҷаҳолати азаматталабон ба ҳаддест, ки мафҳумҳои ҳуқуқи миллат, баробарҳуқуқии халқҳо, озодии инсон, адолат, ахлоқи инсонӣ ва эҳтироми соҳибихтиёрии дигарон бароятшон бегона ва беарзиш аст. Онҳо намехоҳанд ё наметавонанд бифаҳманд, ки ҳар миллат – чӣ тоҷику чӣ рус, чӣ арману чӣ қирғиз, чӣ латишу чӣ укроин – зотан соҳибихтиёр аст ва сарнавишти худро фақат худаш бояд муайян кунад ва ҳеҷ касе ё нирӯе ҳақ надорад, ки озодию соҳибихтиёрии халқи дигареро маҳдуд ё поймол кунад. Зеро чунин амал – зиддиахлоқӣ ва зиддиинсонӣ мебошад.



Гурӯҳе аз ҷавонони Созмони Ҷавонони Озод ба пуштибонӣ аз Эъломияи истиқлоли Тоҷикистон дар даромадгоҳи Порлумон даст ба гуруснанишинӣ заданд. ***Дар акс:*** *устод Тоҳир бо ин ҷавонон.*

Возеҳ аст, ки дар сурати ба сари қудрат омадани чунин нирӯҳои сиёҳу иртиҷоӣ (бояд гуфт, ки дар шароити мавҷудаи Русия) дар ҷое, ки сатҳи шуури сиёсӣ ва ҳуқуқии тӯдаҳои васеи мардум чандон баланд нест ва ҳам вазъияти иҷтимоиву иқтисодӣ хеле ноустувор мебошад, (чунин чиз аз эҳтимол дур нест) мумкин аст фоҷиаи бузурге пеш ояд.

Хатари дигаре, ки истиқлолияти моро аз берун таҳдид мекунад, ин дубора **ривоҷ ёфтани наҳзати пантуркизм дар Осиёи Миёна** мебошад. Ин ҳаракати шовинистӣ дар солҳои 20-ум ба халқи мо зарари бузург расонд, боиси порчаю тақсим шудани тоҷикон ва аз Тоҷикистон ҷудо кардани муҳимтарин марказҳои таърихӣ ва илмию фарҳангии халқи тоҷик Самарқанду Бухоро ва ғ. гардид. *Имрӯз низ хаёли барпо кардани "Туркистони бузург", ки Тоҷикистонро низ эҳтиво кунад, азаматталабони туркзабонро ба ҷунбиш овардааст.* Чун дар матбуоти мо дар ин бобат як силсила матолиб ба табъ расидаанд, мо дар ин ҷо аз баёни муфассали он худдорӣ мекунем.

Дар **дохили Тоҷикистон аз ҷумлаи омилҳое, ки ба истиқлолияти**

ҷумҳурӣ хатар эҷод мекунанд, инҳоро бояд зикр кард: нотавонию бесалоҳиятии ШО ва Ҳукумати Тоҷикистон ва дар онҳо набудани азми қотеъ барои таъмину таҳкими истиқлолияти давлати мо; дар хоки ҷумҳурӣ мавҷуд будани қисмҳои харбие, ки тобеи давлати мо нестанд; набудани Қувваҳои мусаллаҳи худи Тоҷикистон; акибмондагию вобастагию иқтисодӣ ва қарзӣ накардани пули миллии Тоҷикистон; фаъолияти коммунистие, ки тарафдори барқарор кардани ИҶШС мебошанд; мавҷудияти ашхоси манқурсифату вобастаи собиқ ИҶШС дар зинаҳои гуногуни дастгоҳи идораи давлатӣ ва ҳам дар байни зиёиён; поин будани сатҳи худшиносии миллӣ ва фарҳанги сиёсии тӯдаҳои васеи мардум ва ғайра, ки ин ҷо баъзеи онҳоро мухтасар шарҳ медиҳем. Маълум аст, ки масъулияти ҳифозат ва мустаҳкам намудани истиқлолияти ҳар давлат пеш аз ҳама ба ӯҳдаи ҳукумат, ба дӯши вакилону вазирон ва раисони он мебошад. Бурду бохти сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ, пешрафт ё акибмондагии иқтисодию иҷтимоии он ба ақлу заковат, донишу маҳорат ва ҷаҳонбинию фаъолияти ҳукуматдорон сахт вобастагӣ дорад. Сиёсатмадорону роҳбарони давлат вазифадоранд, ки донишу маърифати баланд, ҷаҳонбинии васеъ, рӯҳияи ватанпарастию озодихоҳӣ ва тавони кашидани бори вазнин солориро дошта бошанд. Онҳо бояд аз конуниятҳои давлату давлатдорӣ ва рушду такомули миллату ҷомеа огоҳ бошанд ва ҳамеша чанд қадам пештар аз дигарон қарор гирифта, пешомадҳои зиндагӣ ва роҳу равиши фаъолиятҳои баъдии давлатро муайян кунанд, тавре ки манфиати ҳамагон дар он бошад. *Бешараф аст ҳар он касе, ки аз ин сифатҳо бархӯрдор набошад, тавони кашидани бори сангини солориро надошта бошад, надонад, ки роҳ кӯҷост, вале даъвои роҳбарӣ кунад! Бадбахт аст он миллате, ки ин маъониро набинад ва ҳар полоиқеро, ки пеш ояд, ба роҳбарӣ гузинад!...*

Мутаассифона, аз муддатҳост, ки мо роҳбарони худро надоштем, зеро "хоҷагони маскавӣ"-и мо ин "саодат"-ро бар мо раво надиданд. Онҳо ҳаққи ба мо роҳбарӣ карданро бар худ гирифта буданд ва ҳар қасеро, ки аз миёни мо бо чунин сифатҳо пайдо мешуд, бо ҳар роҳ нобуд мекарданд. Онҳо таи даҳсолаҳои зиёд фалсафаи бехудию шикампарастӣ ва навкарию фармонбардориро талкин намуда, дар зеҳни мардум ҷой доданд. Хоҷагон бар худ аз миёни мо навкар ҷустанд, навкарони содику фармонбардор. Ва содиктарин навкарони худро бар сари мо ба роҳбарӣ гузоштанд. Бисёре аз вакилону вазирон ва зимомдорону раҳбарони имрӯзаи мо ҳамон мансабдорони фармонбардори дирӯзаанд. Онҳо, ки ба тобеияту итоаткорӣ одат кардаанд ва аз озодию озодандешӣ ва тавони бо акли худ мустақилона кор кардан махруманд, ҳанӯз натавонистаанд бахубӣ дарк кунанд, ки *Тоҷикистон дигар як вилояти тобеи империя нест, акнун он як давлати озоду мустақил аст ва ин ҳолати сифатан навест, ки роҳу равиши дигар ва рафтору кирдори дигареро талаб мекунад.* Шояд онҳо ҳанӯз нафахмидаанд, ки масъулияти бузурге ба дӯш доранд, масъулият дар

назди халқу ватан, масъулият аз бобати таъмину таҳкими истиқлолияти Тоҷикистон, аз бобати дурустӣ ё нодурустии сиёсати дохилию хориҷии он, аз бобати таъмини амнияти халқи тоҷик ва зиндагии осоиштаи он. *Гуфтаанд, ки агар гуломи озодшуда аз озодӣ сухан гӯяд, аз гуфтораш бӯи гуломӣ ояд.* Бештари вакилону вазирони мо (ва ҳатто иддае аз "Равшанфикрон" низ) ба ҳамон ғуломони озодшуда мемонанд, ки ҳанӯз озодии худро дарк накардаанд, чӣ будани маънии озодиро намедонанд, намедонанд, ки давлати мустақил бояд чӣ гуна бошад ва чӣ кор кунад. Аз гуфтору кирдори онҳо бӯи ғуломӣ меояд.

Аз ин ҷост, ки онҳо ба ҷои пешгоми ҷомеа будан, мисли говони аз пода монда, аз равандҳои иҷтимоию сиёсӣ дер мемонанд ва аз ақиби ҳаводиси рӯзгор мераванд. Бад-ин сабаб Шӯрои Олӣ ва Ҳукумати Тоҷикистон, ҳамон тавре ки барои соҳибихтиёрии халқи тоҷик талош накарда буд, имрӯз дар амри таъину таҳким намудани истиқлолияти ҷумҳурӣ сустӣ мекунад. Аз ин ҷост, ки ШО-и мо дар моҳи декабри соли гузашта бидуни андеша ва муҳокимаи ҷиддӣ Созишномаи Минск ва Алма-Аторо дар бораи (ИДМ) тасдиқ намуда, дар ҳоле ки дар он як қатор шароити номатлуб, аз ҷумла урдуи воҳид, пули воҳид, фазои воҳиди иқтисодӣ дар саросари қаламрави ИДМ пешбинӣ шуда буд.

Вакилону вазирони мӯҳтарам ин нуктаи бебаҳсро дарк накардаанд, ки фазои воҳиди иқтисодӣ, пули воҳид ва қувваҳои мусаллаҳи воҳид сифатҳои (атрибутҳои) давлати воҳид (унитарӣ) мебошанд ва дар сурати ба ин роҳ рафтан ҷумҳуриҳо дер ё зуд аз истиқлолияти худ маҳрум мешаванд ва ИДМ ба ин ё он шакл мумкин аст боз ба ҳамон империя табдил ёбад. Онҳо нахостанд бифаҳманд, ки Тоҷикистон бидуни қувваҳои мусаллаҳи худ, бидуни пули миллии худ ва дигар унсурҳои зарурӣ наметавонад давлати озоду мустақил бошад ва ногузир тобею вобастаи дигарон мегардад ва ҳама гуна равандҳои манфии иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии ҷумҳуриҳои дигар, аз ҷумла Русия, бевосита ба Тоҷикистон ҳам таъсири манфӣ мерасонанд. Мисоли онро мо аллакай дидем: баъд аз баланд кардани нархҳо дар Русия, нарху наво дар ҷумҳурии мо низ даҳҳо баробар баланд шуданд ва зиндагии мардуми моро ба маротиб бадтар карданд.

Вакилону вазирон андеша накарданд, ки агар мо урдуи миллии Тоҷикистонро ба вуҷуд наорем ва ба нигоҳ доштани Қувваҳои Мусаллаҳи воҳиди ИДМ розӣ шавем, пас ба кадом асоси ҳуқуқӣ ҷавонписарони Тоҷикистон, гражданинҳои як давлати мустақил дар давлати дигаре хидмати аскарӣ мекунанд ва агар мо пули миллии худро ҷорӣ накунем, пас чӣ гуна метавонем иқтисоди миллии худро танзим намоем ва онро аз таъсири манфии омилҳои беруна муҳофизат кунем?

Кӣ кафолат дода метавонад, ки азаматталабони Русия, агар худо накарда ба сари қудрат бирасанд, барои пахш кардани истиқлолияти Тоҷикистон аз Қувваҳои Мусаллаҳ истифода намекунанд? Ва ё кӣ тазмин карда метавонанд, ки онҳо аз муҳимтарин омили (ричаги) иқтисодӣ – пули воҳид, аз ҳамон рубли коғазие, ки корхонаҳояш дар Русия (на дар

Тоҷикистон!) воқеъ шудаасту шабу рӯз чоп мешавад, барои аз ҷиҳати иқтисодӣ варшикаст кардани Тоҷикистон ва тобеи худ сохтани он истифода намебаранд? Ҳеҷ кас!

Дар чунин шароит бесалоҳиятию бечуръатӣ ва нотавонии вазирону вакилони мо ба истиқлолияти давлати мо хатари ҷиддӣ ба бор меоварад.

Ҳамчунон розӣ шудани ҳукуматдорони мо ба нигоҳ доштани Қувваҳои Мусаллаҳи воҳиди ИДМ ва мавҷудияти қисмҳои ҳарбии тобеи "Марказ" дар қаламрави Тоҷикистон, дар шароите, ки намояндагони ҷумҳурии мо дар Қувваҳои Мусаллаҳ ва ҳайъати фармондеҳии он ҳеҷ нуфузе надоранд, барои ҳифзи истиқлолияти Тоҷикистон бехатар нест.

Ҳизби Комунист, ки амалан роҳбари давлат буд, солҳо мардумро бо шиори коммунизм фиреб медод.

Кумитаи амнияти миллии Тоҷикистон, собиқ КБД /КГБ/низ бағумон аст, ки барои ҳимояти манофеи миллии халқи тоҷик хидмат кунад. Ин дастгоҳ ҳамеша зери фармони Марказ буд ва ба хотири ҳимояти манфиатҳои Империя амал мекард. Ин органи пурқудрат, ки тамоми *сиру асрори давлати моро* дар даст дорад ва робитаи худро аз Маркази собиқ ҳанӯз накандааст, дар ҳолати зарурӣ мумкин аст дубора барои саркӯб кардани халқи тоҷик ва пахш кардани истиқлолияти он аз тарафи азаматталабон мавриди истифода қарор гирад. Азбаски таркибу ташкили ин орган, ҳайату вазифаҳо ва робитаҳои он то ба ҳол бидуни тағйир боқӣ мондааст, касе наметавонад кафолат диҳад, ки он ба халқи тоҷик вафодор хоҳад буд.

Омили дигаре, ки ба истиқлолияти Тоҷикистон хатар эҷод мекунад, **ҳизби ба истилоҳ Коммунисти Тоҷикистон** мебошад. Ин ҳизб, билхоса, дастгоҳи роҳбарикунандаи он, ҳеҷ гоҳ хислату рӯҳияи миллӣ надошт ва ҳоло ҳам надорад. (Он идда коммунистоне, ки рӯҳияи миллӣ доштанд, сафҳои ин ҳизбро тарк карданд). Он таи муддати 70 соли охир ҳамчун отряди (қисми таркибии) КПСС ҳамеша зери фармони Марказ қарор дошта, барои мустаҳкам кардани Империя ва дар тобеияту асорат нигоҳ доштани халқи тоҷик содиқона хидмат кард. Маҳз ба воситаи ҳамин ҳизб сиёсати истеъмории Марказ дар Тоҷикистон татбиқ гардид. Мансабдорону мансубони ин ҳизб, ки асосан аз ашхоси чаласаводу чоҳталаб иборат буданд, натавонистанд ба моҳияти идеологияи коммунистӣ ва сиёсати истеъмории он сарфаҳм раванд ва ба хотири мақому мансаб шуда, ба манфиатҳои миллии халқи тоҷик ва озодию истиқлолияти он хиёнат карданд. Маҳз ба "шарофати" роҳбарии хирадмандонаи ин ҳизб

истиқлолияти мо зери по шуд, иқтисоди миллии мо маъюбу маслук, вобаста ба касод гардид, забону фарҳанги мо рӯ ба таназзул овард, миллати мо аз расму оин, алифбо ва сарватҳои моддию маънавии худ ҷудо шуда, кам монда буд, ки дар ватани худ беҳудуду беватан шуда, тоҷик будани худро фаромӯш кунад ва ба "ҳомосоветикус" табдил ёбад.

Тавре ки мебинем, имрӯзҳо коммунистони мо (албатта на ҳамаашон) аз марги империя сахт андӯҳгин буда, ашки ҳасрат мерезанд ва орзӯи барқарор кардани империяро доранд ва аҷаб нест, ки дар ин кор бо азаматталабони Русия ҳамдастӣ кунанд. Дар рӯзномаи коммунистон "Голос Таджикистана" чоп кардани изҳороти депутатҳои азаматталаб дар бораи зарурати барҳам задани истиқлолияти ҷумҳуриҳо ва барқарор кардани ИҶШС (яъне Империя) ва аз тарафи як теъдод коммунистони соҳибмансаби мо ошкору пинҳон тарафдорӣ кардани чунин санади нангину зиддихалқӣ далели равшани ин фикр мебошад. Бовар кардан душвор аст, вале ин ҳақиқатро ҳамагон мушоҳида карданд, ки дар иҷлосияи Шӯрои Олии Тоҷикистон рӯзи 12.03.92, вақте ки мӯҳтарам Ҳоҷӣ Акбар Тӯрачонзода масъалаи Изҳороти собиқ депутатҳои халқи ИҶШС-ро бардоштанд ва пешниҳод карданд, ки он ҳамчун таҳдиди ошкор ба истиқлолияти давлати Тоҷи-кистон маҳкум карда шавад ва онҳое, ки барои иштирок кардан дар Анҷумани зиддиқонунӣ ба Маскав мераванд, ба ҷавобгарӣ кашида шаванд, бисёр коммуниствакилон норозиёна мағал бардоштанд.

Гурӯҳе аз мардум алайҳи вакилони Порлумон, ки муқобили Эъломияи истиқлолият раъй дода буданд, бо тазоҳурот муқобилият нишон медоданд.

Ва замоне ки Муроҷиатномаи Шӯрои Олии Русия дар бораи маҳкум кардани "Изҳороти депутатҳои ИҶШС" қироат ва ба овоз монда шуд, аз ҷумлаи қариб 180 нафар вакилони дар толор буда, фақат 110 нафар ба тарафдории он овоз доданду халос! 18 нафар – зид ва 29 нафар – бетараф буданд...

Гузашта аз ин, рӯзи дигар Ш. Шабдолов (муниши КМ ҳизби Коммунисти Тоҷикистон) изҳороти гурӯҳи коммунистонро қироат кард, ки дар он аз тарафи Шӯрои Олии Тоҷикистон дастгирӣ шудани Муроҷиатномаи Шӯрои Олии Русияро, яъне маҳкум кардани он изҳороти нангинро зери шубҳа гузошт.

Инро ақли кас бовар намекунад, бовар намекунад, ки вакилони **халқи тоҷик(!)** дар **Шӯрои Олии(!)** давлати мустақили Тоҷикистон бар зидди озодию истиқлолияти халқи тоҷик овоз диҳанд! Охир ин ҳақиқати баҳснопазир аст, ки давлате, ки истиқлолият надорад, давлат нест,

Ватане, ки озод набошад, Ватан нест ва халқе, ки соҳибихтиёр набошад, маҳкум ба нобудӣ аст!... Наход, ки коммуниствакилон инро надонанд?! Агар медонанд, пас чаро онҳоеро, ки ба озодии ватани мо таҳдид мекунанд, маҳкум накарданд?! Шояд барои он ки таи даҳсолаҳо манфиатҳои онҳо бо мавҷудияти Империяи тоталитарӣ сахт вобаста буд?! Шояд барои он ки мақому мансабҳои баланд ва имтиёзҳои зиёдро аз дасти хоҷагони Марказишон мегирифтанду акнун, баъд аз суқути Империя, аз мансабҳои баланд маҳрум мешаванд ва биноан мехоҳанд, ки империяро дубора барқарор карда, боз ба маснади ҳукмравоӣ бирасанд?! Шояд...

Иллатҳои рафтори онҳо фаҳмост, вале бахшиданӣ нест, зеро ин бори аввал нест, ки манфиатҳои ҷонии халқи тоҷикро мефурӯшанд. Факат таи 2-3 соли охир чунин кор чандин бор такрор шуд. Вой ба ҳоли ин халқи бечора, ки чунин коммуниствакилонро дорад, коммуниствакилонеро, ки озодиашро намехоҳанд, маоши кофию нони серӣ дода, наметавонанд ва ҳатто намехоҳанд, ки ақаллан заминҳоро дар ихтиёраш гузоранд, то ки худаш (халқ) шиками фарзандонашро сер кунад... Албатта, талху ногувор аст, вале ҳақиқат аст, ҳақиқати талхи рӯзгори имрӯзаи мо...

Ҳамчунон дар Тоҷикистон якчанд **гурӯҳҳои мухталифи аҳолӣ вуҷуд доранд, ки онҳо тарафдори истиқлолияти Тоҷикистон набуданд, барои он талош накардаанд**, намекунанд ва дар сурати фаро расидани фурсати муносиб, мумкин аст, бар зидди он (истиқлолияти Тоҷикистон) амал кунанд.

Ба гурӯҳи аввал иддае аз *роҳбарону кормандони баландрутбаи корхонаҳою муассисаҳо ва идораҳою кооперативҳо* дохил мешаванд, ки бо корхонаҳою муассисоти Русия ва дигар ҷумҳурихои собиқ ИҶШС вобастагию робитаҳои амиқи иқтисодию техникӣ доштанду доранд. Халалдор ва ҳатто муваққатан канда шудани робитаҳои иқтисодӣ ба манфиатҳои шахсию гурӯҳии чунин роҳбарон таъсир мерасонад. Онҳое, ки ҳамеша маоши зиёд мегирифтанд (ҳоло маоши моҳвори баъзеашон ба 20-25 хазор сӯм мерасад), аз тағйир ёфтани шарту шароити доду гирифт ба харос афтодаанд, зеро қатъ шудани робитаҳо ва коҳиш ёфтани ҳаҷми истеҳсолот, мумкин аст боиси кам шудани даромади онҳо гардад. Ин падидаю рӯхияи нав нест. Дар солҳои авҷ гирифтани ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ дар Ҳиндустон, иддаи зиёде аз буржуазияи компрадории он кишвар, ки бо сармоядорони англис манофеи муштарак дошт, истиқлолияти Ҳиндустонро тарафдорӣ накарда буд. Дар дигар кишварҳо низ чунин ҳолат дида шудааст.

Ба гурӯҳи дигари он як идда "*равшанфикрони" маҳаллӣ (тоҷику ӯзбак)* дохил мешаванд, ки манфиатҳояшон ба назму низоми гузашта вобаста буд. Онҳо ба фаъолияти механизми идораи Империя худро мутобиқ сохта, аксаран "чои худро" дар он ёфта буданд. Забони тоҷикиро нағз намедонанд ва аз дунёи маънавии халқи тоҷик бехабаранд. Бархе аз онҳо мактабҳои русиро хатм карда "маълумоти олӣ"-ро дар хоричи ҷумҳурӣ

касб кардаанд. Кору фаъолияташон асосан ба забони русӣ сурат мегирад, агарчӣ аксарашон забону фарҳанги миллати русро ҳам ба хубӣ намедонанд. Ин гуна ашхоси чала (маргинал) манқуртсифату аз тағйироту таҳаввулоти пеш омада хуш нестанд, намехоҳанд, ки истиқлолияти Тоҷикистон ва ҷорӣ намудани забони тоҷикӣ зиндагии орому маъмули онхоро ҳалалдор кунад, ба омӯхтани забону алифбои тоҷикӣ маҷбур созад ва ё боиси иваз шудани мақоми иҷтимоияшон гардад.

Чунин тағйироту пешомадҳо, ҳамчунон барои *теъдоди касири аҳолии русзабони* чумҳурӣ мавриди писанд нест. Онҳо то дирӯз ба сифати намояндагони миллати ҳоким дар Тоҷикистон аз баъзе имтиёзҳо ва мақоми хоси иҷтимоӣ бархурдор буданд ва акнун дар натиҷаи барҳам хӯрдани ИҶШС ва мустақил шудани Тоҷикистон, аз он имтиёзот махрум хоҳанд шуд. Гузашта аз он маҷбур мешаванд, ки забону фарҳанг ва таърихи халқи тоҷикро биёмӯзанд, ба расму оин ва шеваи зиндагии мардуми мо унс бигиранд, қонунҳои Тоҷикистонро риоя кунанд. Албатта, ин на ба ҳама хушоянд аст. Аз ин рӯ, теъдоде аз онҳо барои барқарор кардани "ИҶШС" манфиатдоранд.

Ҷои шак нест, ки дар байни русзабонон мардуми ҳақпарасту озодидӯст зиёданд ва онҳо мисли русзабонони Латвиёю Литвиё, ки аксарашон истиқлолияти он ҷамоҳирро тарафдорӣ карданд, сидқан ҷонибдори Тоҷикистони мустақил ва демократӣ мебошанд. Вале ашхосе, ки андешаҳои азаматталабонаю бузургманишона доранд, дар миёнашон кам нестанд. Ба ҳар сурат, лозим аст, ки ҳукуқу манфиатҳои чунин гурӯҳҳои аҳолӣ дар назар гирифта шавад ва мутобиқи нормаҳои ҳуқуқи байнулмиллалӣ ҳаддалимкон таъмин гардад.

Билохира, як омили муҳими дигар, ки таҳкими истиқлолияти Тоҷикистонро мушкил месозад, иборат аз **сатҳи поини фарҳанги сиёсии тӯдаҳои васеи мардум** мебошад.

Аксари мардуми мо аз дарки амиқи масоили давлату давлатдорӣ ва моҳияти тағйироти сиёсии рухдода ва сабабҳои он хеле дуранд. Онҳо манофеи миллии худро ҳанӯз нашинохтаанд ва огаҳ нестанд, ки яке аз иллатҳои асосии бадбахтиҳои мо, касоди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии мо – дар тобеияту вобастагии ҷумҳурӣ ва ҳукмравоии низоми тоталитарӣ мебошад. Онҳо ба хубӣ дарк накардаанд, ки шарти асосии мавҷудияту бақои миллат ва тараққию пешрафти он – истиқлолияти давлатӣ ва озодию баробарҳуқуқии афроди ҷомеа мебошад. Онҳо огоҳ нестанд, ки соҳиби давлат ва манбаи қудрати давлатӣ худи халқ мебошад ва усулан давлат бояд дар хидмати халқ бошад, на халқ дар хидмати давлат.

Вазифаи ҳар як давлат – муҳофизат кардани озодию истиқлолият ва амнияту осоиши халқ, ҳимоят кардани ҳуқуқҳои мардум, ҳар як инсон ва расондани кӯмак ба эҳтиёҷмандон мебошад. Давлате, ки дар хидмати мардум набошад, барои пешрафти ҷомеа шароит муҳайё накунад ва бо зӯру бо ҷабр халқро тобеи худ созад, он давлат мардумӣ на, балки дав-

лати диктатурӣ ва зиддихалқӣ аст. Чунин давлат мардумро ба ақибмондагию таназзул ва тобеияту бадбахтиҳо гирифтор мекунад.

Мутаассифона, на ҳамаи ҳамватанони мо ба ин гуна матолиб таваҷҷӯҳ мекунанд. Аз таъсири ҷабру зулм ва таъқибу фишорҳо ва саркӯб карданҳо таи солиёни зиёде тарсу ваҳм дар вуҷудашон ба ҳадде ҷой гирифтааст, ки бисёр касон ҳатто ҷуръат намекунанд, масоили сиёсиро муҳокима намоянд ва ё ба умури давлатдорӣ мудохила кунанд. Фикр мекунанд, ки давлат як кудрати осмонӣ асту ҳар номаъқулие, ки аз вай сар занад, равост.

Аз ин ҷост ки бисёр касон ба озодию истиқлолияти Тоҷикистон бетафовутӣ зоҳир мекунанд, гӯё ки ин мавзӯъ ба онҳо дахл надошта бошад, *барояшон ҳеҷ фарқ надорад, ки дар давлати озод мустақил зиндаги мекунанд ё дар кишвари тобеъ; ҳукуматашон диктатурӣ аст ва ё мардумӣ.*

Ин ҳаҷвия ҳамон замон дар мазамати вакилони истиқлолбезор чоп шуда буд. Нашрияи "Растохез", №6, 1991.

Андешаи онҳо маъмуланд дар атрофи шикамашон мечархад ва бештар аз он ҳарф мезананд, ки "дар замони Брежнуф, вақте ки СССР буд, ҳама чиз фаровону арзон буд, ҳоло ки СССР нест ва демокра-тия шудааст, ҳеҷ чиз нест, қиматӣ омадааст..."

Намефаҳманд, ки ин бӯҳрони иқтисодию қиматӣ ва ин ҳама низоъҳо натиҷаи ҳамон сиёсати зиддимардумии Брежнофу брежнуфҳо, оқибати ногузири режими тоталитарӣ аст ва мо имрӯз "лаззати" ҳамон ҳосилеро мечашем, ки тухмашро солҳо пеш аз ин кошта буданд. Аз демократия бошад, дар Тоҷикистон, ҳамон тавре ки дар гузашта нишоне набуд, ҳоло ҳам дараке нест. Ҷолиб он аст, ки имрӯзҳо дар бораи ба "гуноҳи демократия" барҳам хӯрдани давлати Шӯравӣ (ИҶШС) беш аз ҳама онҳое ҳарф мезананд, ки худ чӣ будани демократӣ ва моҳияти "давлати Шӯравӣ"-ро аслан намефаҳманд. Агар касе аз онҳо бипурсад, ки "давлат чист ва сифату рукнҳои он кадоманд?" ва ё "ашколи давлатдорӣ кадомҳоянду режими авторитарӣ аз давлати демократӣ чӣ фарқ дорад?", дар ҷавоб гунгу лол мешаванд ва ё ҳазён мегӯянд. Албатта, чунин холат на аз дараҷаи баланди маърифат ва фарҳанги сиёсии ин гуна ашхос, балки аз гумроҳии онҳо шаҳодат медиҳад ва ин гумроҳӣ дар шароити кунунӣ хатар дорад, зеро нирӯҳои сиёҳу азаматталаб аз ин ҳолат мумкин аст, бар зидди истиқлолияти мо истифода кунанд. Онҳо метавонанд дасисаю иғво ва таблиғоти сӯъ ба роҳ андохта, мардумро гумроҳ кунанд (тавре, ки дар феврали соли 1990, март ва сентябри соли 1991 гумроҳ кардаанд)

ва моро дубора тобеъ созанд. Аз эҳтимол дур нест, ки онҳо ба барангехтани низоми миллӣ, ривоҷ додани маҳалгароӣ ва чудоӣ андохтан дар миёни нирӯҳои озодихоҳ даст зананд ва бад-ин тариқ вазъи иҷтимоии Тоҷикистонро ноором сохта, ба "пешрафти иқтисодии ҷумҳурӣ халал расонанд ва эътирозу норозигии мардумро зиёд карда, аз он ба нафъи худ истифода кунанд.

Биноан лозим аст, ки тӯдаҳои васеи мардум аз масоили сиёсӣ огоҳ ва якпораю муттаҳид бошанд, дар умури давлатдорӣ фаъолона ширкат намоянд ва барои ҳифзи озодию истиқлолияти Тоҷикистон бо қатъият талош кунанд, вагарна таъмину таҳкими истиқлолияти мо басо мушкил хоҳад буд.

Ба ҳукумати мо лозим аст, ки ҳарчи зудтар аз идеяи ношудании Қувваҳои Мусаллаҳи воҳид даст кашида, Вазорати мудофиа ва Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистонро ба вуҷуд орад, тамоми қисмҳои ҳарбиро дар хоки Тоҷикистон воқеъ шударо (ба шумули қувваҳои сарҳадӣ) бо ҳамаи таҷҳизоту лавозимоташон ба ихтиёри худ гирад. Ҳамчунон масъалаи тақсим намудани лавозимоти ҳарбии собиқ ИҶШС, хусусан техникаи ҳарбӣ ва яроқу аслиҳаро якчоя бо чумҳуриҳои дигар ҳал намояд ва ҳаққи худро ба даст орад.

Созишномаи чадидро дар мавриди ҳамкории Қувваҳои Мусаллаҳи давлатҳои тозабунёди шомили ИДМ ва дифои муштарак аз таҷовузи нирӯҳои ғайр тартиб ва имзо кунад.

Лозим аст, ки қонунҳои зарурӣ дар бораи фаъолияти *Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон* ва хидмати аскарӣ, аз ҷумла дар бораи хидмати алтернативӣ тартиб ва тасдиқ шавад.

Тадбирҳои зарурӣ барои ҳимоя кардани *бозори миллии ҷумҳурӣ* андешида шаванд. Аз ҷумла бидуни таъхир пули миллии Тоҷикистон таҳия шавад, муайян кардан ва масъалаи ҷорӣ намудани он бар шумули курбу нархҳои табодулаи пул ҳал шавад.

Органҳои гумрук ва механизми фаъолияти онҳо такмилу таҳким шаванд.

Ҳарчи зудтар масъала дар бораи *табааи Тоҷикистон*, ҳуқуқу озодиҳои онҳо, аз ҷумла рафту омади озоди шаҳрвандон ба кишварҳои хориҷӣ ҳал гардад ва шартҳои пазируфтани ашхос ба шаҳрвандӣ ва вазифаҳои шаҳрвандони ҷумҳурӣ муайян шавад. Зимнан муқаррар гардад, ки ҳар як шаҳрванд метавонад фақат табааи як давлат бошад. Бидуни таъхир харачу марачи мавҷуда дар *нарху наво* аз байн бурда шавад, сиёсати нархгузорӣ бо дарназардошти андозаи музди коргарону деҳқонон ва зиёён танзим гардад, яъне нархҳо ба сатҳи даромади мардум мутобиқ бошад, вагарна дере нагузашта фоҷиаи иқтисодӣ ва сиёсӣ ҷумҳурии моро ба ларза хоҳад овард.

Ҳамчунон лозим аст, ки дар як муддати кӯтоҳ *ислоҳоти бунёдӣ дар молдорӣ, саноати сохтмон, тиҷорат, илму маориф* амалӣ гардад ва дастгоҳи идорӣ ва сармоягузорӣ ба тамоми соҳаҳо зиёд карда шавад, то ин

ки тараққиёти босуръати иқтисоди миллӣ таъмин шавад ва вобастагии мо аз дигарон ҳарчи бештар коҳиш ёбад.

Дар ҷиҳати барқарор кардани робитаҳои мустақим бо кишварҳои ҷаҳон ва густариши ҳамкориҳои иқтисодию техникӣ ва ҷалб намудани сармояи хоҷагӣ ба иқтисоди Тоҷикистон барои сохтани корхонаҳои саноатӣ чораҳои таъҷилӣ андешида шавад.

Узвияти Тоҷикистон дар ИДМ ва ҳамкориҳо бо давлатҳои шомили он бояд бар асоси баробарҳуқуқӣ, эҳтироми озодию истиқлолияти тарафайн ва кӯмаку дастгирии якдигар сурат гирад ва ба ҳеҷ вачҳ боиси маҳдуд шудани истиқлолияти давлатии мо нагардад.

Дар ниҳояти амр чигунагии тақдири ИДМ ба риояти принципҳои фавқулзикр вобаста аст. Агар баъзе аз давлатҳои қудратманди ИДМ аз мавқифи зӯроварию табъиз баромад кунанд, ҳуқуқу озодиҳои дигаронро эҳтиром накунанд, аз тариқи нарху наво ва омилҳои дигари иқтисодӣ роҳи фишор овардану фоида кашиданро пеш гиранд, дар он сурат, ИДМ оянда нек нахоҳад дошт ва Тоҷикистон аз узвияти он бояд даст кашад. Ва умуман, ҳар як мавзӯе, ки ба сарнавишти миллати мо дахл дорад, аз ҷумла масъалаи дохил шудан ба ИДМ, бояд фақат тавассути худи халқ ва бо розигии ӯ ҳаллу фасл шавад. *Фақат халқи тоҷик ҳақ дорад муайян кунад, ки дар Тоҷикистон чи гуна назму низом бошаду чи гуна давлат, бо кадом давлат паймони дӯстию хамкорӣ бандаду бо кадомаш не, бо кӣ ҳамроҳ шаваду аз кӣ – ҷудо.* Чунин ҳақро на ҳукуматдорон доранду на коммунистон ва на созмонҳою аҳзоби дигаре. Ҳар қонуну қароре ё муоҳидае, ки бе розигии халқ қабулу имзо шуда бошад, эътибор надорад. Созишномаи соли 1922 дар бораи таъсиси СССР барои халқи тоҷик ғайриқонунӣ ва беэътибор буд, зеро аз халқ напурсида буданд, ки Тоҷикистон ба он (СССР) ҳамроҳ шавад ё не.

Лозим аст, ки мардум аз масоили сиёсӣ огоҳ ва муттаҳид бошанд, дар умури давлатдорӣ фаъолона ширкат кунанд ва барои ҳифзи озодию истиқлолияти Тоҷикистон бо қатъият талош кунанд, вагарна таъмину таҳкими Истиқлолияти мо басо мушкил хоҳад буд.

Созишномаи ИДМ бе маслиҳати мардум имзо шуд ва ШО Тоҷикистон "нархи сабзию пиёзро напурсида" онро тасдиқ кард. Ҳамин гуна мансабдорони мо дар бораи зарурати нигоҳ доштани урдуи вохиди ИДМ

ҳарф мезананд, дар ҳоле ки мардум намехоҳанд, ки фарзандонашон ба давлатҳои дигар ба аскарӣ фиристода шаванд ва аз он ҷо мурдаашонро биёранд. Пас ба ҳукуматдорони мо кӣ иҷозат додааст, ки бе маслиҳати мардум он санадҳоро имзо кунад ва ба ақли маҳдуди худ тақдири халқро ҳал кунанд?

Ин худсариҳо то ба кай? То ба кай мо қонуншикании ҷоҳталабонро таҳаммул мекунем? То ба кай манфиатҳои миллии мо, озодию истиқлолияти Ватани мо қурбони манофеи мансабдорони бемаърифату манқуртони шикампараст мегардад?

Озодию истиқлолияти Тоҷикистон ва халқи тоҷик барои мо муқаддас аст ва дар баробари он монофеи ҳеҷ касе, ё гурӯҳе ва ё ҳизбе арзише надорад. Ҳар як сокини ин Ватан – аз деҳқон то раиси ҷумҳур вазифадор аст, ки барои таъмину таҳким ва ҳимояи он то ҷон дар бадан дорад, мубориза барад. Ҳар касе, ки бар зидди озодию истиқлолияти халқу Ватан амал мекунад – он душмани халқ ва хоини Ватан аст ва он, хоҳ чӯпон бошад, хоҳ вазир, хоҳ деҳқон бошад, хоҳ вакил ва хоҳ коргар бошад, хоҳ раиси ҷумҳур, бояд дар назди халқ ҷавоб гӯяд ва иншооллоҳ, ҷавоб хоҳад гуфт!!!



Ин акси ҳамон лаҳзаест, ки устод Тоҳири Абдуҷаббор аз лоиҳаи Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистон дифоъ мекард, вале порлумони Тоҷикистон сад дар сад ба муқобили он раъй дод. Акси соли 1991.

НАВИШТАҲОИ ТОҲИРИ АБДУҶАББОР ВА МУСОҲИБАҲО БО Ӯ ДАР ХАБАРГУЗОРИҲО

Тоҳири АБДУҶАББОР,
нашрияи "Сухан",
№1(12), 31 январи 1991.

РАХНАЕ ДАР СУКУТИ САНГИН

Чеҳраи шинос

Бо вазиши боди айём имрӯз рахнаҳое чанд бар деворҳои сангини дайри хамӯшиву ғафлат ворид шуда. Лек танҳо рахнаҳое. Садои чанд "бегона"-е, ки намояндаи "мазҳаби ғайр"-анд ва пойгоҳи ин дайр омадаву садо мекунанд, ба гӯши дайрнишинон намерасад.

Кистанд соҳибони ин садоҳо ва онон чӣ ҳадаф доранд?...

***Маълумотнома:** Тоҳири Абдуҷаббор, 44 сола, ғайриҳизбӣ, номзади илми иқтисод, корманди АУ Тоҷикистон, намояндаи мардум дар Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, раиси Ҷунбиши Мардумии Тоҷикистон – Созмони Растохез, муаллифи лоиҳаҳои алтернативии "Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистон", "Консепсияи мустақилияти иқтисодии Тоҷикистон", дорандаи ҷоизаи маҷаллаи "Садои Шарқ" барои беҳтарин мақолаи публисистӣ (бо унвони "Забон ва муҳити зист") дар соли 1989.*

Тоҳири Абдуҷаббор. Ин ном ва шахсияти ӯ, ки атрофаш шарҳе чанд дар маълумотнома овардем, имрӯз дар байни мардум ва "шахсони расмӣ" ақидаҳои гуногунеро ба майдон овардааст.

Аксарияти мардум ҳангоми гузоришоти ҷаласаҳои Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, шоҳиди талошҳо ва пешниҳодоти Тоҳири Абдуҷаббор ҳангоми ҳаллу фасли масъалаҳо ва қабули қонуни қарорҳои муҳим гардиданд. Ҳамчунин шоҳиди он лаҳзаҳое низ буданд, ки дар қатори чанд нафари дигар, суханони ӯро мебуранд ва ё сухангӯй наемонанд. Дар сурати гӯш кардан ҳам раёсат аз аксарияти пешниҳодоти ӯ сарфи назар менамояд. Илова бар ин, тай як соли охир атрофи шахсият ва фаъолияти ӯ дар рӯзномаҳои расмии ҷумҳурӣ мақолоти мухталифе нашр гардиданд.

Ин ҷой барои кушоиши баъзе гиреҳҳо ва шинос сохтани чеҳраи ӯ фишурдаи сӯҳбатеро ба хонандагони "Сухан" пешкаш мекунем.

– Инак, имрӯзҳо ҷаласаи чоруми парлумони ҷумҳурӣ хатм шуд. Шумо чун узви парлумон ба фаъолияти он чӣ гуна баҳо медиҳед?

– Аз ҷаласаи аввал шурӯъ, фаъолияти парлумон дар фазои ғайридемократӣ мегузарад, ки ин барои хамагон чун рӯз равшан аст. Охир пеш аз оғози хар ҷаласаи парлумон, пленуми навбатии КМ Ҳизби Коммунист баргузор мегардад, ки аксарияти ба ном намояндагони мардум, ки рохбаронанд, вазифаҳои мушаххасе мегиранд, то дар рафти ҷаласаҳо аз доираи мавзӯот ва хатти муайян берун намонанд. Аксари дар толор нишастагон низ, тахти фишори раёсат дар овоздиҳӣ ба масъалаҳои

муҳимтарин аз мустақилият маҳруманд. Чун солҳои пешин "ягонагии партия ва халқ" дар аксар мавридҳо бартарӣ дорад. Аксари қонунҳои қабулшуда шитобкорона ва пур аз нуқсон мебошанд, ки ҳангоми татбиқ боз нуқсонҳои зиёдеро ба бор хоҳанд овард.

– Вобаста ба ин нуқта оё парлумони моро ба маънои том мардумӣ гуфтан мумкин аст?

– На.

– Чаро? Охир аъзоёни парлумонро мардум интихоб кардаанд.

– Дар он сурат парлумонро мардумӣ гуфтан мумкин аст, ки намояндагони он дарди мардумро бигӯянд ва дар ибтидо худро намояндаи мардум эҳсос кунанд. Дар холате ки аксари намояндагони имрӯза худро аввалан намояндаи Кумитаи Марказӣ ё роҳбар эҳсос мекунанд, парлумон чӣ гуна метавонад мардумӣ бошад. Намояндаи ҳақиқии мардум дар порлумон бояд фаромӯш кунад, ки ӯ чӣ мансабу вазифае дорад.

Аз матни телеграмма:

Шӯрои Олии Тоҷикистон, ба депутат Тоҳири Абдуҷаббор.

Аҳсан ба мардонагию мардумпарастии шумо ва ҳамфикронатон Бозор Собир, Насриддинов, Азимов ва дигарон, ки дар байни ҳамин қадар вазифапарастон, консерваторон, маҳалчиён ва бюрократон дарди дили мардумро баён ва ҳимоя мекунед. Шумо гумон накунед, ки халқ ба монанди суруки гӯсфанд ҳаст, ки ба сӯи кадом дарвоза ронед, ба ҳамон меравад. Не, мо ҳама чизро мефаҳмем ва дарк мекунем. Рӯзе меояд, ки халқ дастболо мешавад ва ҳокимият ба дасти халқ мегузарад. Хоҳишмандам суханони маро тазмин ба ҳама расонед.

Бо эҳтиром Алимаҳмад Раҳмонов, ноҳияи Илич. 5.12.90.

– Аз муборизаҳои пешазинтихоботӣ чанд сухане мегуфтед. Рақиби шумо кӣ буд ва маъракаи интихоботӣ чӣ гуна сурат гирифт?

– Дар Душанбе огоҳ шудам, ки номзадии маро аз ноҳияи Ашт ба намояндагии халқ дар Шӯрои Олӣ пешбарӣ кардаанд. Маро чанд нафаре огоҳ карданд, ки беҳуда ба Ашт наравам. Зеро рақиби ман муншии кумитаи ҳизбии ноҳия А.Абдувалиев будааст ва ӯ бояд ҳатмӣ намояндаи халқ интихоб шавад. Дар маъракаи интихоботӣ асари он огоҳкунихоро хубтар дарк кардам. Дар маҳалҳои ӯзбакнишини ноҳия атрофи номи ман дурӯғҳои зиёде паҳн кардаанд. Ҳангоми вохӯрӣ баъзе интихобкунандагон чунин саволҳое медоданд, ки оё рост аст, ки агар ман намояндаи халқ интихоб шавам кӯшиш мекунам мактабҳои ӯзбакиро банданд ва умуман ӯзбакҳоро аз Тоҷикистон бадар созанд?

Ҳамчунин мақолаҳои тӯҳматомезро дар ҳаққи ман ба шакли таъҷилӣ нусхабардорӣ ва тарҷума карда дар қишлоқҳо паҳн карданд.

– Мегуфтед, ки аз интихобкунандагони худ чӣ дархостҳое гирифтед ва то имрӯз кадоме аз онҳо иҷро шудаанд?

– Аввалан бояд бигӯям, ки ба интихобкунандагон ба хотири гузаш-

тани номзадии худ ваъдаҳои зиёду бардурўғе накардаам. Дархостҳои асосӣ бошанд, ин сохтмони бурҷи телевизионӣ дар ноҳия барои қабули барномаҳои телевизиони тоҷик, сохтмони як силсила корхонаҳои саноатӣ барои бо кор таъмин кардани бекорон, беҳтар кардани соҳаи маориф ва чанде дигар. Бо кўмаки гурўҳе аз интихобкунандагон сохтмони бурҷи телевизионӣ дар ноҳия анҷом ёфт ва барои иҷрои дигар дархостҳо низ имрўз кўшиш дорем.

– Дар рафти чандин ҷаласаҳои парлумон шахсан мушоҳида кардам, ки ҳангоми пешниҳодоти шумо ҳам дар раёсат ва ҳам дар толор ё миёни сухани шуморо мебуранд ва ё аз он сарфи назар мекунанд. Шумо дар ин муҳит худро бегона ҳис намекунед ва оё дар ниҳоди шумо эҳсосе пайдо нашудааст, ки ҳамаашро ба сўе ҳаво диҳеду равед?



Вакилони Порлумон, ки дар соли 1990 хамагӣ бар зидди Эъломияи истиқлолият буданд, соли 1991 ночор ба ҷонибдории Истиқлоли кишвар раъй доданд.

– Дар ҳақиқат нисбати шахси ман ва чанд нафаре дигар баъзан аз сўи бархе аз роҳбарон кундзеҳнӣ ва тангназариҳо зоҳир мешавад. Дар ин мавридҳо эҳсос мекунам, ки дарки масъалаҳои умдатарин барои аксарият аҳамияте надорад. Ва ростӣ, ҳам худро бегона ҳис мекунам ва чандин бор эҳсосе низ пайдо шудааст, ки тамоми чизҳоро сарфи назар кунаму толорро тарк гўям. Аммо…

Аз матни телеграмма:

Бигзор табрики рўҳафзои мо, омўзгорон ба шумо фарзанди барўманди миллати тоҷик рўҳу равони тоза бахшад. Тавоно бод ҳар фарде, ки барои бахту саодати миллат кўшиш ба харҷ медиҳад!

Мўҳтарам Тоҳир Абдуҷабборов, ба шумо дар кори сессия рўҳбаландӣ таманно дорем.

Коллективи омўзгорони мактаби миёнаи рақами 2-и ба номи Ҷўрақул Разҷонов, ноҳияи Ғарм. 5.12.90

– Дар шароити мураккаби феълӣ ва дар ҳар давру замон барои ҳар миллати кўчаку бузург шахсиятҳои сиёсӣ (лидер) зарур аст. Ба ақидаи шумо шахсияти сиёсӣ чӣ гуна хислатҳоро бояд доро бошанд?

– Ба ақидаи ман шахсияти сиёсӣ ё худ лидер бояд дорои ҷаҳонбинии васеъ, донишҳои ҳамаҷониба, ҷасорату мардонагӣ, мустақилият, бофарҳанг ва нутқи саҳеҳ бошад. Ин гуна шахс ҳамчунин дардҳои мардумро нек бишносад ва илоҷи давои онро донад. Аз миллатгароиву маҳалгароӣ орӣ бошад. Барои мақому мансаб ва ҷоҳу ҷалол талош наварзад. Манфи-

атҳои шахсӣ ва дар зарурат хешро қурбон кунад. Хуллас ин гуна шахс бо маънии том бояд фидокор бошад, аммо на дар сухан. Ба гуфтаи устод Бозор Собир:

Эй, ватанбозон, ватанбозӣ ҳунар нест,
Эй, суханбозон, суханбозӣ ҳунар нест.

– Агар бароятон ҷавобаш душвор набошад, имрӯз дар Тоҷикистон, киҳоро шахсиятҳои сиёсӣ ҳисоб мекунед.

– Ин суол ростӣ бароям хеле душвор аст. Дар ин маврид бояд бигӯям, ки дар тӯли ҳафтод сол мардуми оддӣ ба сиёсат кордор набуд. Ва он гурӯҳҳе, ки дар сари қудрат буданд (аз ҷумла, дар ҷумҳурии мо) бозичаи дасти марказ буда, ҳеҷ гоҳ мустақилият надоштанд. Мансабдорони имрӯз бошанд, давоми ҳамин силсилаи соҳибқудратон мебошанд, ки ҳеҷ гоҳ шахсиятҳои сиёсӣ набуданд. Зеро аксар аз хислатҳое, ки шахсияти сиёсӣ ва ходимони давлатӣ бояд доро бошанд, орианд. Шояд аз он "мавҷи навин"-е, ки ба майдони фаъолият омаданду ҳанӯз ба пуррагӣ имконоту қудрати эшон кашф нашудааст, зумрае аз шахсиятҳои сиёсӣ зуҳур намоянд. Охир, кӣ танзим дода метавонад, ки ҳатто дар байни роҳбарони хоҷагихои кӯчаку бузург, ки то имрӯз танҳо ичрокунандаи амрҳои боло мебошанд, шахсияти волое нуҳуфта нест? Ҳарчӣ набошад, феълан аз зикри номи мушаххасе худдорӣ мекунам. Ва фикр мекунам, ки чеҳраҳои як зумра шахсиятҳо, худ барои мардум шинос мебошанд.

– Чун раиси Ҷунбиши Мардумии Растохез нуктаеро шарҳ медодед, ки Растохез сзмони мардуми танҳо тоҷикзабонон аст ё тамоми мардуми Тоҷикистон?

– Растохез ҳаракати мардумии тамоми халқҳову қавмҳои Тоҷикистон, новобаста ба миллату халқият ва ҷаҳонбиниву мазҳаби онҳост.

– Нуктаи дигар. Оё мақсади ниҳоии Растохез низ монанди ҳаракатҳои дигари мардумӣ дар Литва, Ҳаракати умумимиллии Арманистон, "Рух"-и Украина ба даст овардани ҳокимият нест. Зеро онҳо низ дар ибтидои фаъолияти худ, гӯё ин мақсадро надоштанд?

– На. Мақсади ниҳоии Растохез ба сари қудрат омадан нест. Дар ин боб Созмони Растохез аз ҳизбҳои сиёсӣ фарқ дорад. Зеро ҳар гуна хизб манфиати гурӯҳи муайянеро ҳимоя мекунад ва муҳимтарин мавзӯи он ҳокимият аст. Барои Созмони Мардумии Растохез, муҳимтарин мавзӯъ – ин ҳамаи масоили иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоию сиёсии ҷомеа мебошад. Барои мо усулан фарқ надорад, ки дар сари қудрат кадом ҳизб аст. Муҳимаш он аст, ки ин ҳизб аз ӯҳдаи ҳалли масоили умдаи ҷомеа барояд.

– Растохез ҳарчанд ҳаракати мардумист, лек имрӯз дар байни мардум атрофи он ақоиди мухталиф вуҷуд дорад. Вобаста ба ин, дар бораи пешомадҳои созмони мардумӣ чӣ андеша доред?

– Дарвоқеъ имрӯз дар атрофи Растохез ақоиди мухталиф мавҷуд аст.

Ин чанд сабаб дорад. Аввалан, то ба ҳол ҳукуматдорон нагузоштанд, ки барнома ва оинномаи он рӯи чопро бинад, то ҳамагон бифаҳманд, ки Растохез чӣ гуна созмон аст, чӣ мақсад дорад. Дуввум, аз тариқи васоити ахбори умум атрофи фаъолияти он хабарҳои тӯҳматомезу дурӯғ паҳн мекунанд. Ҳамчунин дастгоҳи бюрократии мавҷуда, бо тамоми васоит ҳам дар марказ, ҳам дар маҳалҳо аз пастии сатҳи огоҳии сиёсии мардум истифода карда Растохезро сиёҳном мекунанд. Аз ҷумла, роҳпаймоиеро, ки Растохез моҳи январ созмон дода буд, сабт карда, баъди воқеаҳои февралӣ бо ин воқеаҳо пайваста аз тариқи телевизион нишон доданд. Дар маҳалҳо бошад, таъқибу фишор то имрӯз давом дорад. Як моҳ пештар, моро ҳамроҳи Бозор Собир барои вохӯрӣ ба яке аз мактабҳои ноҳияи Орҷоникидзеобод даъват карданд. Баъди чанд рӯзи вохӯрӣ роҳбарони ҳизбиву шӯравии ноҳия, директории мактаб ва чанд муаллимро хоста ба онҳо таҳдиди аз кор озод карданро кардаанд. Ин ҷо бояд нуқтаеро шарҳ диҳем, ки дар хулосаи комиссияи Шӯрои Олӣ, ки барои таҳқиқи воқеаҳои февралӣ тартиб шуда буд, равшану хоно навишта шудааст, ки Растохез ба он воқеаҳо ҳеҷ марбутияте надорад. Лек гурӯҳи манфиатдоре то имрӯз ба найрангу бӯхтон машғуланд.

– Вобаста ба ин мавзӯъ, муносибати Растохез бо изҳоби сиёсии мавҷуда чӣ гуна сурат мегирад?

– Ин ҷо танҳо як нуктаро гуфтаниам. Мо аз оғози фаъолият сиёсати ҳамкориро бо тамоми аҳзоб пешаи худ қарор додем. Лек роҳбарони ҳизби ҳокими Коммунист нисбати мо сиёсати мухолифиро пеш гирифтаанд. Хусусан баъди воқеаҳои февралӣ, ки дар атрофи номи Растохез бӯхтону дурӯғҳоро паҳн кардаанд. Ҳарчанд роҳбарони ҳизби Коммунист хуб огоҳӣ доранд, ки дар ба эътидол овардани вазъият ва оромии мардум дар аснои воқеаҳои февралӣ ва баъди он нақши Растохез бузург аст, лек худро нодида мегиранд.

– Дар ҷаласаи охирини парлумон Президенти ҷумҳурӣ интихоб шуд. Вобаста ба ин мехостам саволе пеш орам. Чаро шумо худро барои президентӣ пешниҳод накардед?

– Аввалан касе, ки отифаи инсонӣ дошта бошад, набояд барои вазифаву мансабе талош кунад. Илова бар ин, муҳити интихоботи баргузоршуда ғайридемократӣ буд. Раиси ҷумҳуре, ки ин тарз интихоб шудааст, аз пуштибонии мардум бархӯрдор буда наметавонад. Ба ақидаи ман, дар мӯҳлати наздиктарин бояд интихоботи умумихалқӣ сурат гирад ва Раиси ҷумҳуриро мардум интихоб кунад, то фаъолияти ӯ бештару беҳтар бор оварад. Дар масъалаи номзадии худ бошад, дар сурати интихоботи умумихалқӣ низ боз фикр мекардам.

– Саволи маъмулӣ. Аз шоирони пешину имрӯзӣ киҳоро меписандед?

– Аз гузаштагон Саъдиву Мавлоно, Бедилу Хайём ва худованди маънӣ Ҳофизро. Аз имрӯзиён Бозор Собиру Лоиқ.

– Мақбултарин хислати инсон бароятон чист?

– Хирад ва шарофат.

Аз матни телеграмма:

Сессияи Шӯрои Олии Тоҷикистон, ба депутат Тоҳири Абдуҷаббор. Аз шумо беҳад миннатдорам. Мардонагии бештарро хоҳонам.

Мирзоҳамид Мирзоев, духтур аз ноҳияи Мастчоҳ.

– Ташаккур барои сӯҳбат. Ба шумо, мо низ бурдборӣ ва мардонагӣ хоҳонем.

P.S Чанд матни телеграммаҳое, ки ин ҷо овардаем, танҳо дар ду рӯз дастраси Тоҳири Абдуҷаббор шудаанд ва онҳо низ танҳо қисмате мебошанду халос. Ин гувоҳии он аст, ки мардуми ноҳияҳои мухталифи ҷумҳурӣ ба ӯ эътиқод доранд.

Сӯҳбатнигор Собири РУСТАМ.

Гурӯҳе аз ширкаткунандагон дар маросими ёдбуди устод Тоҳири Абдуҷаббор, 25 апрели соли 2009.

Тоҳири АБДУҶАББОР,
раиси Созмони мардумии Растохез, депутати халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон
"Садои мардум", 20 сентябри 1991.

Мусоҳиб Қироншоҳи Шарифзода

НОМЗАДИ МО ШАХСЕСТ ДАРДОШНОИ МАРДУМ

(Мусоҳиба)

– Мӯҳтарам Тоҳири Абдуҷаббор! Лутфан бигӯед, ки интихоботи умумихалқии раиси ҷумҳурӣ аз ҷониби созмони Растохез чӣ гуна пазируфта шуд?

– Интихоби умумихалқии раиси ҷумҳурӣ метавон гуфт, талаби деринаи мо буд. Зиёдтар аз ду сол боз созмони Растохез тақозо дошт, ки вазифаи раиси ҷумҳурӣ таъсис дода, интихоботи умумихалқии он гузаронида шавад. Бинобар ин, созмони мо қонуни интихоботи раиси Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар маҷмӯъ бо хушнудӣ пазируфт. Дар баробари ин масъалаҳое ҳастанд, ки ба ақидаи мо чандон қабул намебошанд. Масалан, беҳтар мебуд барои ба қайд гирифтани номзадҳо, ҷамъоварии на 10 ҳазор имзо, балки 100 ҳазор, ақаллан 50 ҳазор имзо муқаррар мегардид. Агар ин тавр мешуд, қонун барои ваҳдати мардум, барои аз байн бурдани ихтилофоти эҳтимолӣ ва осонтар шудани раванди интихобот бештар мусоидат мекард. Ҳамчунин беҳтар мебуд, агар интихобот охирҳои моҳи ноябр ва ё аввалҳои моҳи декабр сурат мегирифт, зеро мардум фурсати зиёдтаре барои ошноӣ бо номзадҳои раиси ҷумҳурӣ дар ихтиёр медоштанд ва метавонистанд шоистатаринро интихоб кунанд.

– Мавқеи созмони Растохез дар маъракаи сиёсии интихоботи раиси ҷумҳурӣ чӣ гуна хоҳад буд?

– Созмони мардумии Растохез ҳеҷ гоҳ дар талаби қудрати сиёсӣ набуд ва нест. Мо борҳо таъкид намудем ва ин нукта дар барномаи мо низ зикр шуда, ки мақсади Растохез тағйир додани системаи сиёсии Тоҷикистон ва эҷоди чунин низоми мардумист, ки дар он ҳукумат ба мардум тааллуқ дошта бошад.

Созмони Растохез ҳамеша зидди низоми фармонфармоӣ, низоми диктатурӣ буд ва ҳаст, зидди он аст, ки қудрати давлатӣ дар дасти гурӯҳе ё хизби сиёсие қарор гирад. Ҳукумат бояд аз они мардум, барои мардум ва дар хизмати мардум бошад, на ин ки мардум дар хизмати ҳукуматдорон.

Аз ин рӯ, созмони Растохез хилофи ҷоҳталабону мансабталошон аст, вале дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ наметавонад бетафовут бошад. Созмони мо тарафдори он аст, ки ба мақоми раиси Ҷумҳури Тоҷикистон шахси бомаърифат, огоҳ ва содиқи ин халқу Ватан интихоб шавад. Раиси ҷумҳури оянда шахсе бошад, ки аз дардҳои мардум, мушкилоти ҷомеа огоҳ ва роҳҳои наҷоти ҷомеаро аз ҳолати бӯҳронии мавҷуда донад. Чун СР барномаи мушаххаси ислоҳоти ҷомеаи моро дорад, биноан, барои амалӣ сохтани он талош хоҳад кард ва бо ин мақсад дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ ширкат хоҳад варзид.

– Пас, Растохез ба вазифаи раиси ҷумҳурӣ номзади худро пешбарӣ кардааст?

– Ҳанӯз созмон дар ин бора тасмиме нагирифтааст. Вале анқариб Шӯрои марказии СР ҷаласаи худро доир намуда, дар мавриди пешбарии номзад ба вазифаи раиси ҷумҳурӣ ба қарори қотеъ хоҳад омад.

– Гумон мекунам, ба раиси ҷумҳурӣ номзадҳои зиёд пешбарӣ мешаванд. Дар ҳолати дар даври аввал ноком гирдидани номзади пешбаринамудаи худ созмони Растохез дар марҳалаи дуюми интихобот киро ҷонибдорӣ хоҳад кард?

– Агар кор ин тавр сурат гирад, он номзад (номзадҳоеро) дастгирӣ хоҳем кард, ки бо СР ҳамфикру ҳамақида ҳастанд ва мехоханд аҳдофи СР-ро амалӣ намоянд.

– Интихобот маъракаест, ки нерӯҳои сиёсиро гурӯҳбандӣ мекунад. Ва хоҳ-нохоҳ иттиҳод ва ё ихтилофоти гурӯҳҳо арзи вуҷуд хоҳад намуд. Растохез дар ин маврид чӣ шеваи муносибатро пеш гирифтанист?

– Мо омода ҳастем дар ин маърака бо тамоми нерӯҳои демократӣ якҷоя, муттаҳид фаъолият барем. Албатта, ба шарте ки барнома ё мақсадҳои онҳо хилофи ҳадафҳои волои Растохез набошад.

– Дар сиёсат чунин ҳам мешавад, ки баъзеҳо ба хотири комёбӣ барои муддати кӯтоҳ чунин ҳамкориро ваъда диҳанду дар асл ҳамақида намебошанд?

– Чӣ, гумон мекунед дар Растохез ба асли воқеа, ба самимият ё вонамудсозии ин гунаҳо сарфаҳм намераванд? Рафту чунин ҳолат пеш ояд, мо албатта, шахсияти номзадҳои раиси ҷумҳурӣ, дараҷаи донишу маърифат ва тавони кори онҳоро дар назар хоҳем гирифт.

– Агар номзадии худи Шуморо ба вазифаи раиси ҷумҳурӣ пешбарӣ намоянд, оё розӣ мешавед?

– Аслан, ман ҳеҷ гоҳ хоҳиши соҳибӣ ба мансаб надоштам ва имрӯз ҳам надорам. Лекин чун як силсила андешаҳоро дар ислоҳи ин ҷомеа дорам ва агар бубинам, ки номзадҳои пешбаришуда майлу хоҳиши амалӣ кардани он мақсадҳоро надошта ё тавони онро надошта бошанд, дар он сурат маҷбур мешавам, ки агар мардум номзадиамро пешбарӣ намоянд, розӣ шавам. *

Тоҳири АБДУҶАББОР,
Раиси ҶМТ – Созмони Растохез,
ҳафтаномаи "Сухан",
№ 7, аз 13.02.1992

БАҲМАНМОҲИ ХУНИН ДАСИСАЕ БУД...

(Мусоҳиба)

Баъди чанд соати саршавии воқеоти хунини баҳманмоҳ базудӣ ғайричашмдошт гунаҳкоронро "дарёфтанд" ва аз тариқи родиову телевизиони тоҷик эълом доштанд, ки "як гурӯҳ нашъамандон, ифротиён, дуздон, бадмастон, авбошон" даст ба бетартибиву хунрезӣ заданд. Он вақт дар ин номгӯй Растохез набуд. Он вақт ҳукуматдорон барои ором кардани мардум аз Растохез кӯмак пурсиданд, вале баъди "оромкарданҳо" ба гурӯҳи "созмондеҳи хунрезиҳо" номи Растохезро ҳамроҳ карданд.

Аммо вақте дар дигар минтақаҳои Иттиҳоди Шӯравӣ чунин хунрезиҳову бетартибиҳо ба вуқӯъ пайвастанду ҳар дафъа "як гурӯҳи ифротӣ, нашъаманд, авбош, дузд ва бадмаст"-ро гунаҳкор эълон мекарданд, мардуми бехабар фаҳмид, ки ин "гунаҳкорон" бофтаанд, ин ҷо гап дигар аст. Бегуноҳии Растохезро ҳам дертар қариб ҳама фаҳмиданд. Аз ин рӯ, мо қарор додем, ки бо раиси Созмони Растохез – Ҷунбиши Мардумии Тоҷикистон, намояндаи халқи ҷумҳурӣ Тоҳири Абдуҷаббор сӯҳбат ороем ва ба баъзе торикиҳо рӯшанӣ андозем.

– Чунин ба назар мерасад, ки воқеаҳои хунини баҳманмоҳи соли навади Душанбе ва воқеаҳои хунини дигар, ки то ва баъди он дар ҷумҳуриҳои гуногуни мамлакат паиҳам рух медоданд, шабоҳати зиёд доранд ва аз рӯи як нақша танзиму амалӣ шудаанд. Ба ёд биёред воқеаҳои Тифлис, Боку, Ӯш, Фарғона, Вилнюс ва амсоли онҳоро. Мақсади ин амалиёт ба вуҷуд овардани нооромиҳо, эҷоди фазои тарсу ваҳму бесомонӣ ва ба мардум "фаҳмондан"-и он ки "бинед, бозсозӣ ва демократия чӣ дод, бехтараш баргардем ба сохтору сиёсати пешинаамон".

Ҳамаи ин ходисаҳо дасисаҳои палидонаи душманони бозсозиву демократия буданд. Равандҳои навини ҷомиа бунёди давлати худкомаи онҳоро пайваста суст мекард, империя ва ҳокимияти диктатурии онҳоро дар хатар гузошта буд. Дар Тоҷикистон мақсади асосии ин амалиёт зарба задан ба нерӯҳои миллӣ ва ватанпараст, сахт тарсонидани мардум, ҷорӣ кардани вазъи фавқулоддаву соати комендантӣ, ғалаба кардан дар интихоботи намояндагони мардумӣ ва аз ин роҳ пойдор намудани режими тоталитарӣ ва тобеи марказ дар Тоҷикистон буд. Чунки моддаи 6 ва 7 аз Конститутсия бардошта мешуд ва дар ин маврид шӯроҳоро ба даст гирифтан лозим буд. "Эҷод"-и ин дасиса барои мансабдорони ҳизбӣ боз аз он чиҳат лозим буд, ки дар Тоҷикистон пеш аз интихобот эътиборашон

миёни мардум ба андозаи назаррас коста буд ва баръакс обрӯи равшанфикрону озодипарастон пайваста боло мешуд ва тақрибан панҷоҳ нафарашон имкони дар интихобот ғалаба кардан ҳам доштанд. Умуман, ин "ҳодисаҳо" бояд як силсила мушкилоти ҷонибдорони диктатураро осон мекард ва чунин ҳам кард.

– Созмони мардумии Растохез ният дошт, ки рӯзи 17 феврал гирдиҳамоии бисёрҳазорнафара ташкил бидиҳад. Ва ин пеш аз "ҳодисаҳо" дар тамоми ҷумҳурӣ эълон шуда буд. Оё мумкин буд, ки воқеаҳои "хунин"-ро ҳамон рӯз ба роҳ андозанд?

– Гумон мекунам, ки ҳадафи дигари ҳукуматдорон пешгирӣ кардани гирдиҳамоии рӯзи 17-ум буд. Чунки он метавонист ба натиҷаи интихобот таъсири бузург расонад. Аз тарафи дигар, гирдиҳамоии Растохез мебоист дар ҷои дигар, дар стадиони "Спартак" доир гардад. Ва онро мо идора мекардем. Яъне, он ҷо барои дасисабозиҳои ҳокимони вақт имконият маҳдуд буд. "Ҳодисаҳо"-ро бошад дар ҷои барояшон хеле мувофиқ ташкил карданд – дар сероҳаи марказии Душанбе, ки ҷамъ шудани одами зиёде аниқ буд. Ва боз он чиз барои "тарҳрезон" муҳим буд, ки ҳазорҳо нафари тасодуфан ҷамъшуда "бесоҳиб", яъне бесарвар буданд. Имкони ҳама гуна дасиса мавҷуд буд.

Бинои ҳукумат дар рӯзҳои ҳодисаи Баҳманмоҳ (23-24 феврали соли 1990).

– Онҳо дасисаю иғвоҳо созмон доданду баъд барои ором кардани мардум аз Растохез ёрӣ хостанд?

– Бале, мо то ҷое, ки тавонистем, барои роҳ надодан ба хунрезӣ кӯшиш ба харҷ диҳем.

– Чаро ҳукуматдорон аз созмони Растохез чунин тарс доштанд ва дар ҳақи он дурӯғу бӯҳтонҳо паҳн карда, онро сиёҳ карданӣ шуданд?

– Аввал ин ки созмон рӯз ба рӯз қувват мегирифт, ҷонибдорони он зиёд мешуд, шӯхрааш меафзуд. Ин аз як тараф ҳукуматдорон ва мансабдорони ҳизбро тарсонда бошад, аз ҷониби дигар ва муҳимтар аз ҳама, ҳадафҳои Растохез онҳоро ба таҳлука оварда буд. Растохез аз рӯзи таъсисаш таъмини озодию истиқлолияти Тоҷикистон, аз байн бардоштани моддаи 6 ва 7 Конститутсия, аз дасти ҲК гирифтан ва ба шӯроҳо супурдани ҳукумат, фаъолияти ҳизб, аз байн бурдани системаи тоталитарӣ ва эҳёи суннатҳои миллиро ормонҳои волои хеш қарор дода буд. Ин ҳадафҳоро ҳукуматдорон ҳатто шунидан намехостанд ва дар ҳама ҷо

Растохезро чун созмони миллатгаро сиёҳ карданӣ мешуданд ва наме-монданд Оиннома ва Барномаи он чоп шавад.

– Ҳарчанд худи Шумо дар Душанбе набудед, Шуморо ҳам рӯзҳои баҳ-манмоҳи хунин ҳадафи ҳуҷуми хеш қарор доданд...

– Бале, чӣ ҳуҷуми ноҷавонмардона ва дурӯғу бӯҳтони беҳисобе. Ман он рӯзҳо чун номзад ба депутатӣ дар ноҳияи Ашт бо мардум вохӯриҳо доштам ва аз нооромиҳо аз тариқи ТВ Маскав огоҳ шуда, рӯзи 15 феврал ба Душанбе омадам. Дар Ашт бошад, эълон карданд, ки маро чун созмон-диҳандаи бетартибиҳо дасту по баста ба Маскав бурдаанд! Рӯзи 23 фев-рал – ду рӯз қабл аз интихобот "Сир охир ошкор мешавад" ном бӯҳтон-номаро дар ҳама рӯзномаҳои асосии чумҳур чоп карда, аз он ҳазорҳо ва-рақа сохтанд ва борҳо тавассути родиё шунавониданд, ки ману ҳамса-фонам ва дигар рӯшанфикронро дар арафаи интихобот бадном созанд... Аз ҳама шигифтовараш он ки он рӯзҳо роҳпаймоии 26 январро, ки му-қобили қонуншиканиҳои ҳукуматдорон ташкил карда будем, бо рӯйдоди баҳманмоҳ пайваста, "филми хуҷҷатие" таҳия карданд ва гӯё бо ин боз моро гунаҳкорони воқеоти хунин нишон доданӣ ва гуноҳҳои бешумо-рашонро сари мо бор карданӣ шуданд. Онҳо дар маъракаи интихоботи Раиси чумҳур ҳам бо афтонидани ҳайкали Ленин ин усули озмудашудаи худро бори дигар истифода бурданд...

– Аммо гунаҳкорони воқеаҳои баҳманмоҳ, ки онҳо эълон карданд, бегуноҳ баромаданд. Ҳам Бӯрӣ Каримов, ҳам Нур Табар, ҳам Абдулло Ҳабиб ва ҳам худи Шумову созмони Растохез. Пас гунаҳкори ҳақиқӣ кист?

– Гунаҳкорони ҳақиқӣ роҳбарони онвақтаи ҲК Тоҷикистон ва хоҷа-гони дар Маскав будаи онҳо. Прокуратураи чумҳурӣ дар мавриди воқе-аҳои баҳманмоҳ ба ғайр аз дурӯғ чизе нагуфта, ҳанӯз ҳам муайян накарда, ки кӣ фармони ба мардуми бесилоҳ тир парронданро додаст. Аввалҳо гуфтанд, ки мардуми ҷамъшуда яроқнок буд ва худ якдигарро парронда. Вақте муайян шуд, ки тирҳо аз силоҳҳои аскарон бурун ҷастаанд, гуф-танд, ки онҳо худ бе фармоне барои ҳимояи хеш яроқро истифода кар-даанд. Вале ин ҳама бофтаи дасисабозон аст. Аскар бе фармон тир холӣ намекунад.

– Ва шумораи бегуноҳоне, ки аз дасти дасисабозон шаҳид гаштанд, оё ҳамагӣ 25 нафар аст?

– Шумораи шаҳидон хеле зиёдтар аст ва шумораи маҷруҳон низ. Вале волидону наздикони шаҳидону маҷруҳон ҷиддӣ даъво намекунанд, ки барои муайян намудани гунаҳкорон делои ҷиноӣ кушоянд. Ин, албатта, таассуфовар аст. Чаро нисбати Қаҳҳор Маҳкамов ва ҳамдастонаш делои ҷиноӣ кушода нашавад ва ҷиддӣ тафтиш бурда нашавад?

– Суоли охирин: Бегуноҳии Растохез-ку расман собит ва эътироф шуд ва аз тарафи дигар баъзе аз муҳимтарин мақсаду ҳадафҳои созмон амалӣ шуданд. Пас сабаб чист, ки то ҳол баъзеҳо ба он ба назари шубҳа ва ҳат-то тарс менигаранд?

– Чунки мо то ҳол ба пояи миллат нарасида ва мардум манофеи миллии худро дарк накардааст. Дар натиҷаи сиёсати 70-солаи тоталитарӣ тоифаи одамон ба ҳаде ба идеяҳои зиддимиллии коммунистӣ гаравида, бемаърифат, зудбовару гумроҳ шудаанд, ки то ҳол аз Растохез – Ҷунбиши Мардумӣ меҳаросанд, оинномаву барномаи онро нахондаанд, аз мақсадҳояш огоҳ нестанд ва аз ин рӯ дар қайди бӯҳтон ҳастанд, ки аз тарафи ҷиноятқорон паҳн карда шудаанд. Вале умри ин бӯҳтонҳо кӯтаҳ аст ва дер ё зуд назари мардум ба Растохез чун ба воқеаҳои хунини Баҳманмоҳ ба куллӣ тағйир меёбад.

Сӯҳбатнигорон:
Камоли Қурбониён,
Насибҷон Амонӣ



Ҳақиқати воқеаи нангини Баҳманмоҳ бо гузашти вақт ифшо шуд, вале марги ҷавонони ин сарзамин, ки дар ин ҳодиса кушта шуда буданд, барои ҳокимони дохиливу берунӣ арзише надошт. Санги ёдбуди шаҳидони ин воқеа, ки дар наздики майдон гузошта шуда буд, дар соли 2008 аз сӯи ҳукумати имрӯзӣ канда ва нобуд карда шуд. Санги ёдбуди шаҳидон ба ин тартиб дар холигоҳи майдони миёнҷоии чойхонаи Роҳат ва қасри Раиси ҷумҳур меистод.

Бокам аз туркони тирандоз нест,
Таънаи тироваронам мекушад.

Тоҳири Абдуҷаббор
"Миллат", 07. 09. 05

ОЗОДИХОҲ БУДЕМ, НА ҚУДРАТТАЛАБ

Мусоҳиба бо Тоҳири Абдуҷаббор вакили Шӯрои Олии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум ва муаллифи нахустин тарҳи Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистон

– Андешаи он ки Тоҷикистон бояд кишвари мустақил бошад, кай дар зеҳнатон нахустин бор пайдо шуд? Оё шумо он рӯзро ёд доред?

– Дақиқан ёдам нест, вале хеле пеш буд.

– Қабл аз бозсозӣ?

– Бале. Аммо дар замони бозсозӣ ин андешаҳо тақвият ёфтанд. Ба ҳайси мутахассиси иқтисод, ман огоҳии бештар доштам ва медонистам, ки ҳукумати Тоҷикистон дар ҳаллу фасли масоили иқтисодию ичтимоӣ ихтиёре надорад. Дар чумҳурихои дигар низ вазъ чунин буд. Беш аз 85 фоизи муассисоту корхонаҳое, ки дар Тоҷикистон буданд, дар ихтиёри Маскав карор доштанд. Тақдири замину обу захираҳои табиӣ ва нерӯи кори Тоҷикистон низ дар Маскав ҳал мешуд. Расман, танҳо корхонаҳои хурду резаи вазорати хидмати маишӣ дар ихтиёри Тоҷикистон буд. Вале он ҳам бидуни иҷозаи вазоратҳои Маскав коре кардан наметавонист. Дигар ҳама вазорату корхонаҳои Тоҷикистон тобеъи "Марказ" буданд. Фаъолияти онҳо аз он ҷо тарҳрезӣ ва идора мешуд. Қариб ҳамаи, ба истилоҳ, роҳбарони Тоҷикистон, аз Маскав таъйин ва ё аз кор барканор карда мешуданд. Равшан аст, ки дар чунин шароит онҳо фармонҳои Маскавро ичро мекарданд, на хостаҳою иродаи халқи тоҷикро. Кӯтоҳи сухан, мо як "ҳукумати" дастнишондае доштам, ки он ихтиёре надошт ва бе иҷозати "Марказ" наметавонист кореро ичро намояд. Як мисол. Ба гуфтаи муовини директори "Бешкентводстрой", онҳо мехостанд барои меҳмонхонаашон 200 метр чит харида, рӯйҷоию пӯши болишт бидӯзанд. Вай тамоми ҳуҷҷатҳоро бо имзои вазоратхонаҳои дахлдори Тоҷикистон ҷамъ намуда, ба назди мудири амбори комбинати бофандагии Душанбе рафтааст, то 200 мет чит бигирад. Мудири анбор коғазҳои ӯро ба замин андохта, гуфтааст, ки "Намедиҳам. Иҷозаю фармони вазоратхонаи Тоҷикистон эътибор надоранд. Агар бихоҳӣ чит бигирӣ, рав, иҷозаи Вазорати саноати сабукро аз Маскав биёр". Чунин мисолҳо фаровонанд ва ҳама далели онанд, ки ҳукумати Тоҷикистон ихтиёру салоҳияте надошт. Ин буд, ки мушкилоту

Устод Тоҳири Абдуҷаббор пас аз бозгашт аз муҳоҷират дар соли 2000.

масоили мубрами кишвар баҳангом ва дуруст ҳал намешуданд ва ё дар тӯли солҳои зиёд лоинҳал мемонданд.

Албатта, ин аз рӯи адолат набуд. Афзун бар ин, ба Қонуни асосии кишвар низ мутобиқат намекард. Вале воқеъият чунин буд. Яъне, гуфтору ҳукми Қонун як чиз буд, амал чизи дигар. Агар ба таври кулл бигӯем, он давлате, ки бо номи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ вуҷуд дошт, ба маънии томаш на шӯравӣ буду, на сотсиалистӣ. Ва дар он чо на ҷамоҳире вуҷуд доштанду на иттиҳоде. Дар воқеъ он як давлати воҳиди унитарӣ буд.

Гузашта аз он, дар солҳои 70 ва 80 зери шиори "баҳамназдикшавии миллатҳо ва ба вуҷуд овардани ҷомеаи ҷадиди Шӯравӣ" раванди "русисозии" халқҳои Шӯравиро шиддат бахшиданд. Ин сиёсат боиси маҳдуд шудани забону фарҳанги миллӣ дар ҷумҳуриҳо, аз ҷумла дар Тоҷикистон гардид. Доираи корбурди забону фарҳанги халқи тоҷик бештару бештар танг мешуд. Хусусан, дар корхонаҳою муассисот ва коргузории давлатӣ. Ин буд, ки равшанфикрони тоҷик ба ҳимояти забону фарҳанги худ бархостанд ва талаб карданд, ки халқ ва ҳукумати Тоҷикистон ихтиёроти бештар дошта бошанд ва аҳкоми Қонуни Асосӣ эҳтирому риоя шаванд. Яъне ҳамаи халқҳои Шӯравӣ баробарҳуқуқ бошанд ва дар миёни гуфтор ва кирдори ҳукуматдорон фосила набошад. Ин нуктаҳоеанд, ки дар он айём борҳо гуфтаю навишта шуда буданд. Аз ҷумла, дар баёноту маколаҳои ман. Ва имрӯз дуруст будани ин гуфторро ҳамагон, аз ҷумла олимону сиёсатмадорони Русия ҳам эътироф кардаанд. Вале он рӯзҳо чунин ҳарфҳо писанди ҳукуматдорон набуданд.

Билохира, дар натиҷа талошҳои равшанфикрон ва мардуми Тоҷикистон дар солҳои **1998 Қонун дар бораи мақоми давлатӣ додан ба забони форсии тоҷикӣ** тасвиб гардид. Моҳияти, ин Қонун сохибихтиёрии халқи тоҷикро дубора таъйид кард. Вале ҳукуматдорону мардум ин маъниро дуруст дарк накарданд. Аз ин рӯ, аҳкоми ин Қонун бо гузашти замон ба мисли дигар қонунҳо дар рӯи қоғаз монданд.

Рӯиҳамрафта, метавон гуфт, ки дар авоили давраи бозсозӣ ҳадафи асосӣ аз байн бурдани риёкорию қонуншиканиҳо, мутобиқати гуфтору амали ҳукуматдорон, таъмини адолату баробарҳуқуқии халқҳо ва додани озодиҳои бештар ба мардуми Шӯравӣ дар чаҳорчӯби Қонуни Асосии мавҷуда буд. Ба ҳар сурат, бештари равшанфикрон боварӣ доштанд, ки ҳамаи айб дар ҳукуматдорон аст ва агар иштибоҳот ислоҳ шавад ва фосилаи байни гуфтору кирдор аз байн бурда шавад ва он чи ки дар Қонуни Асосӣ ҳаст, амалӣ шавад, мушкилот ҳал хоҳад шуд.

Аммо бо гузашти замон равшантар мешуд, ки он чи ки ҳаст танҳо натиҷаи "иштибоҳоти баъзе мансабдорон" нест, балки як сиёсати огоҳонаи "Марказ" аст. Дар ин сурат танҳо истиқлолияти давлатии Тоҷикистон метавонист роҳи ҳалли мушкилоти мо бошад. Ин буд, ки мо масъалаи истиқлолияти давлатии кишварро ба миён гузоштем.

– Шумо кай ошкор гуфтед, ки Тоҷикистон бояд мустақил бошад?

– Солҳои 1988-89 буд. Ман бо ҳамкории баъзе аз ёрон *Консепсияи мустақилияти иқтисодии Тоҷикистонро* таҳя намудам, ки он дар рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" чоп шуда буд. Баъдан варианти алтернативии *"Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистон"*-ро навиштам ва ба Шӯрои Олӣ пешниҳод кардам, ки матни он ҳам дар рӯзнома чоп шуда буд. Ҳангоми баҳсу баррасии мавзӯъ дар ҷаласаи Шӯрои Олии Тоҷикистон, пас аз он ки варианти пешниҳодкардаи моро напазируфтанд, ман варианти савуми эъломияи истиқлолияти Тоҷикистонро пешниҳод кардам, ки онро ҳам напазируфтанд. Аммо пас як сол он пешнҳод аз ҷониби Шӯрои Олӣ пазируфта шуд ва **9 сентятри соли 1991** истиқлолияти давлатии Тоҷикистон расман эълон шуд.

Гурӯҳе аз фарҳангиёни кишвар дар маросими ёдбуди устод Тоҳири Абдуҷаббор. Душанбе, 25 апрели соли 2009.

Ин орзӯи равшанфикрони тоҷик ва мардуми огоҳи кишвар буд ва дар ниҳоят он бароварда шуд. **Ман, бо истифода аз фурсат, ҳамаи ҳамватанонамонро ба муносибати солгарди ин чашни фархунда муборакбод мегӯям.** Албатта, ҳадафи асосии равшанфикрон озодии ҷомеаи озод аст. Вале то замоне ки халқ озод набошад, наметавон озодии инсонҳоро таъмин кард. Яъне шарти аввали озодии инсонҳо истиқлолияти халқу Ватан аст. Аз ин рӯ, мо барои истиқлолияти Тоҷикистон талош кардем.

Озодию истиқлолият ҳаққи табии инсонҳою қавмҳо аст ва талош барои он як амри табиӣ аст. Мутафаккири бузурги Фаронса Ж. Ж Руссо дар таърифи одам гуфтааст: *"Инсон мавҷуди озод аст, агар озод набошад, инсон нест"*. Ҳамчунон, инсонро "мавҷуди оқил" номидаанд. Ақл танҳо бо озодӣ маъно дорад, ба ҷабр на. Агар ин маънӣ дуруст аст, пас кӣ мехоҳад, ки озод набошад, яъне инсон набошад? Аз ин ҷост, ки дар тӯли таърих ҳамаи инсонҳо ва халқҳо барои озодии худ мубориза кардаанд ва мекунанд…

– Шумо ин ҳарфҳоро дар солҳои 1988-90, яъне, замоне ки давлати воҳиди Шӯравӣ побарҷо буд, мегуфтед ва истиқлолияти Тоҷикистонро талаб мекардед. Оё ин кор хатар надошт? Оё шумо дарк мекардед, дар сурати побарҷо мондани шӯравӣ шуморо ва мисли шумо равшанфикронро чӣ сарнавиште пеш меояд?

– Албата ин дарк вуҷуд дошт ва ин хатар буд. Мумкин буд, ҳукумат озодихоҳонро таъқибу саркӯб ё зиндонӣ кунад. Вале равшанфикрон, он-

ҳое, ки озодандеш буданд, дар ҳама давру замон ҳамин гуна рафтор мекарданд. Яъне барои озодии инсон талош мекарданд. Ва истиқлолият арзиши онро дорад, ки инсонҳо барои он талош кунанд. Зеро зиндагӣ дар тобеъият маънӣ надорад.

Аз дидгоҳи фарохтар, мубориза барои озодӣ – як навъ мубоизаи доимӣ байни нируҳои некию бадӣ аст. Танҳо нируҳои бадӣ, яъне инсонҳои бад мекӯшанд, ки дигаронро зери фармони худ оранд ва бар дигарон ҳукумат кунанд. Инсонҳои нек, баръакс, мехоҳанд, ки ҳама озод бошанд.

– Гуфтан мумкин аст, яъне Шумо дар он вақт омода будед, ки барои истиқлол бо Маскав ҳато биҷангед?

– Бале (механдад). Албатта манзур ҷанги ҳарбӣ нест, балки мубориза барои истиқлолият бо шеваҳои сиёсӣ, аз роҳи баҳсу гуфтушунид. Албатта, ин кори осону зудрас нест. Ҳанӯз солҳои 30 ва солҳои 60-70 низ ин масъалаҳо матраҳ буданд. Ва касоне, ки ин беадолатиҳородарк мекарданд, онҳоро зиндонӣ мекарданд, ё дасткам аз вазифа барканор менамуданд.

– Он замон ҳамроҳ бо Шумо киҳо буданд, ки дар бораи истиқлол меандешиданд?

– Бештари равшанфикрони тоҷик ва мардуми огоҳи шаҳру деҳоти ҳамаи навоҳии Тоҷикистон ин матлабро пуштибонӣ мекарданд.

– Агар бозсозӣ намешуд, кӯшиши истиқлолхоҳӣ дар Тоҷикистон ба вуҷуд меомад?

– Бале, ба вуҷуд меомад. Вале, шояд, мурод дертар ҳосил мешуд. Яъне теъдоди афроде, ки ба ин ҷараён кашида шуданд, шояд ба ин андоза васеъ ва зиёд намебуд. Аммо онҳое, ки воқеиятро дарк мекарданд ва медиданд, ки дар ин ҷо як беадолатӣ вуҷуд дорад, ҳамеша буданд, ҳам дар солҳои 60-у 70 ва ҳам 80-ум.

– Аммо ба шакли созмонҳои сиёсӣ набуданд.

– На, расман набуданд. Гурӯҳҳои мухолифи сиёсати давлат вуҷуд доштанд. Ҳам дар Русия, ҳам дар Украина, ҳам дар ҷумҳуриҳои дигар буданд афроде, ки назари мухолиф доштанд. Вақте медиданд, ки дар ҷомеаи Шӯравӣ гуфтор якеву амал дигар аст, онҳоро интиқод мекарданд. Аммо фаъолияти ошкору расмии аҳзоби мухолиф дар он замон имконпазир набуд.

– Ба фикрам, агар Болтику Қафқоз, ҷумҳуриҳои пешрафтаи Шӯравӣ даъвати истиқлолхоҳӣ намекарданд, Тоҷикистон пешоҳанг намешуд.

– Бале. Нақши Тоҷикистон дар ин наҳзат бисёр маҳдуд аст. Ба ҳар сурат, наметавон гуфт, ки дар Тоҷикистон ба таври васеъ як наҳзати оммавии озодихоҳӣ вуҷуд дошт. Албата, мардуми зиёд дар ин наҳзати озодихоҳӣ ширкат карданд. Аммо мардуми зиёде буданд, ки аслан ин мавзӯъро дарк накарданд ва дар ин раванд ширкат надоштанд.

Дар ҷумҳуриҳои дигар, масалан, дар ҷумҳуриҳои Назди Балтик, мардум аз хурд то бузург, аз ҷӯпон то раиси ҷумҳур, комунистону ғайри ҳизбҳо, ҳама ин мавзӯъро дарк карда буданд ва барои истиқлолияти дав-

лати худ фаъолонаю якдилона мубориза карданд. Дар он чоҳо гуфтанд, ки мо, ҳама, пеш аз ҳама латиш ҳастем, литвонӣ ҳастем, ё эстонӣ ҳастем, барои мо забону фарҳанги мо азизтар аз мақому мансаб аст. Ва ин корро карданд.

– Истиқболи мардумиро аз истиқлол шумо чӣ гуна дарёфтед? Ҳамон лаҳза шуморо касе табрик кард?

– Бале. Равшанфикрон, албатта, изҳори хушҳолӣ мекарданд. Вале дар рӯҳия ва рафтори ҳукумат ва ҳукуматдорон, гӯё тағйироти чиддие сурат нагирифта буд. Ва ҳатто то чанд моҳи дигар ҳам ҳукумат эҳсоси онро надошт, ки ҳоло Тоҷикистон давлати мустақил аст ва он дар назди халқи худ масъулият дорад. Ва бояд як силсила корҳоро бисёр базудӣ анҷом диҳад. Хусусан, корҳое, ки ба эҷоду таҳкими поягҳои давлати навбунёд, ба таъсиси урдуи миллӣ, базудӣ сохтану фаъол кардани як силсила сохторҳою ниҳодҳои фавқуллода муҳим; таъсиси Бонки миллӣ ва пули миллӣ ва ғайра иртибот дорад. Эҳсосу дарки ин масъалаҳо барои ҳукумадорон базудӣ муяссар нашуд. Шояд барои он ки онҳо омодагӣ надоштанд.

– Шумо чӣ фикр доред: зиндагии имрӯзаи мо хуб аст, ё давраи Шӯравӣ?

– Метавон гуфт, ки "бад буд, бадтар шуд". Дар муқоиса ба замони Шӯравӣ имрӯз ҳолати иқтисодии мардум бадтар шудааст…

– Шумо намояндаи Шӯрои олии Тоҷикистон дар Шӯрои олии ИҶШС низ будед. Чӣ гуна ба ин ҳайат ворид шудед ва оё ҷаласаи охирини Шӯрои олии ИҶШС-ро дар ёд доред?

– Маро Шӯрои Олии Тоҷикистон ба ин кор муваззаф сохта буд. Қарор буд, ки Шӯрои Олии ИҶШС ҳадди акал то тобистони соли дигар кор бикунад, то поягҳои ҳуқуқии ҳамкориҳою робитаҳои иқтисодию техникӣ миёни ҷумҳуриҳоро таъмин намояд. Аммо 8 декабр намояндагони Русияву Украина ва Беларусия санади лағви ИҶШС ва ба вуҷуд овардани ИДМ-ро имзо карданд. Сипас, дар охири моҳ ҳукумати Русия дар бораи қатъи фаъолияти порлумони Шӯравӣ қарори худро эълон намуд. Ва ҳамин гуна кор нотамом монд. Агар дар ҳамон замон порлумон ИҶШС фаъолият мекард, вариантҳои беҳтари ислоҳоти иқтисодӣ ва корҳои иқтисодии байни ҷамоҳири ИҶШС имконпазир буд. Ва авзоъ ба ин шакл бад намешуд.

Гурӯҳе аз рушанфикрони кишвар дар маросими ёдбуди устод Тоҳири Абдуҷаббор. Душанбе, 25 апрели соли 2009.

Тоҳири АБДУҶАББОР,
ҳафтаномаи "Рӯзи нав",
14 октябри 2003

МАН СИЁСАТМАДОР НАБУДАМ, НЕСТАМ ВА НАМЕХОҲАМ БОШАМ

(Мусоҳиба)

– Баъди рафтан аз Тоҷикистон бори севвум аст, ки Шумо боз ба ватан меоед. Мақсади сафари Шумо ин дафъа чист? Оё дар Тоҷикистон мондан намехоҳед?

– Қабл аз ҳама мақсад аз омаданам ба Душанбе ин аст, ки мехоҳам баъзе аз ҳуҷҷатҳои дар Бишкек ба наздикӣ гумкардаамро аз нав барқарор кунам. Зимнан, дар он фикр ҳастам, ки агар дар ин ҷо кори муносибе пайдо кунам, дар ватан бимонам ва кор кунам.

– Масалан, барои Шумо чӣ гуна кор муносиб буда метавонад?

– Дар Бишкек устоди донишгоҳ ҳастам ва аз назарияи иқтисод, аз иқтисоди байналмилал ва муносибатҳои пулии миёни давлатҳо дарс мегӯям. Фикр мекунам, дар ин мавзӯҳо ва масоили онҳоро ба хубӣ огоҳам ва агар дар ин риштаҳо ба донишҷӯёни тоҷик дарс бигӯям, судманд хоҳад буд. Дар гузашта ин дарсҳо дар Тоҷикистон роиҷ набуданд, вале имрӯз ба онҳо зарурати бештаре эҳсос мешавад.

Устод Тоҳири Абдуҷаббор ба ҳангоми пуштибонӣ аз тарҳи Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистон дар порлумон, соли 1991.

– Яъне метавон имрӯз хулоса кард, ки Шумо комилан аз сиёсат канорачӯӣ мекунед ва ба он баргаштан ҳам намехоҳед?

– Албатта, маълум аст, ки ҳар як узви ҷомеа ба ин ё он тарз бо сиёсат сарукор дорад. Хоҳ чӯпон, хоҳ муаллим ё мақомоти баландпояи давлат, хуллас ҳар узви ҷомеа ба таври мустақим ё ғайримустақим ба сиёсат дахл дорад. Вале агар ба мафҳуми танги ин мафҳум бигӯем, ман сиёсатмадор набудам, нестам ва намехоҳам бошам. Ман як корманди илм ҳастам ва барои ман таҳқиқи падидаҳо ва рӯйдодҳои зиндагии ҷомаъа муҳимтар аст. Яъне кори ман ин аст, ки ҳолати мавҷудаи ҷомеъа ва дастовардҳою мушкилоти онро баррасӣ намуда, шароит ва роҳҳои ҳалли мушкилот ва пешрафти онро равшан созам ва ба пурсишҳое аз қабили "вазъи мо чигуна аст?", "оё мушкиле ҳаст ва дастовардҳои мо

кадом аст?", "чӣ бояд кунем, ки зиндагии мо бехтар шавад?" ва ба монанди инҳо посух ёбам.

– Аммо ҷомеаи мо одат кардааст, ки ба равандҳои сиёсиву иқтисодӣ бештар онҳое таъсир расонида метавонанд, ки як вазифаи маъмурӣ доранд...

– Табиист, ки дар ҷомеаи ақибмонда ҳамаи масъалаҳо ба фаъолияти ҳукумат бастагӣ дорад, яъне онҳое, ки бевосита машғули ҳамин гуна корҳо ҳастанд. Ҷомеаи мо ҳанӯз аз зинаи анъана берун наомадааст. Мардуми мо ҳанӯз дарк накардаанд, ки маҳз онҳо, яъне мардум, соҳиби ин кишваранд ва ҳукумат бояд хизматгори онҳо бошад ва тавре бояд тавре рафтор намояд, ки хостаҳо ва манофеи мардум ҳифз шавад. Аслан, мардум бояд бигӯянд, ки ҳукумат чи корро ба чи тартиб анҷом бидиҳад. Мутаассифона, мо одат кардаем, ки ҳукуматро як чизе дар болои ҷомеа қарордошта арзёбӣ бикунем ва имкон бидиҳем, ки ҳарчи мехоҳад, бикунад ва ҳарчи нахоҳад, накунад. Ин тарзи фаҳмиш хоси ҷомеаи ақибмонда ва низомҳои истибдодию тоталитарӣ аст. Дар мо то ҳанӯз дарк накардаанд, ки маҳз онҳо ҳукуматро мехӯронанду мепӯшонанд. Пас, бояд мардум бигӯяд, ки мо ин гуна назму низомеро ва кадом ҳукумату ҳукуматдоронро мехоҳем.

– Оё солҳои 90-уми асри гузаштаро, ки баъзан ҳамчун "солҳои тиллоӣ" ё "демократияи тиллоӣ" муаррифӣ мешаванд, ба ҳамин равия нисбат додан мумкин аст?

– Умуман, тавре гуфтам, ҷомеаи мо ҳанӯз ҳам аз назму низоми системаи анъанавӣ ё асримиёнагӣ берун наомадааст. Рӯиҳамрафта, низоми мавҷуда дар замони Шӯравиро метавон низоми феодализми давлатӣ номид. Яъне ҳатто дар солҳои низоми Шӯравӣ ҳам ҷомеъаи мо аз низоми асримёнагӣ берун нашуда буд. Ба назари ман, вазъи кунунӣ хеле бадтар аз он аст, ки 10-15 сол пеш буд. Ҳоло бар иловаи феодалҳои замони Шӯравӣ (раисони колхозҳою совхозҳо) арбобкамолҳою одинаҳои нав зуҳур кардаанд, ки шуморашон торафт меафзояд.

– Аммо мегӯянд, ки ин як хусусияти капитализм аст...

– На. Ин хоси низоми феодалӣ аст.

– Чаро Шумо ҳатто дар замони Ҳукумати мусолиҳаи миллӣ ягон вазифаи маъмурӣ нагирифтед, то дар ислоҳи ин камбудиҳо саҳм гузоред?

– Онҳое, ки аз мақсаду мароми мо огоҳанд, хуб медонанд, ки мо ҳеҷ гоҳ мансабхоҳ набудем ва нестем. Ман ҳеҷ гоҳ майли кор кардан дар дастгоҳи ҳукуматро надоштам ва имрӯз ҳам надорам. Талоши мо барои он буд, ки ҳамаи мо дар як хонаи муштараке бо номи Тоҷикистон зиндагӣ кунем. Ман ва бисёре аз равшанфикрони тоҷик мехостем, ки дар кишварамон адолату ободӣ бошад. Фасоду палидиву чиноятқорӣ набошад. Дар ҷомеъа инсон мақоми аз ҳама болотарро дошта бошад ва ҳар кас мисли инсони озод ва соҳибихтиёр зиндагӣ кунад. Аммо шарти аввали озодии афроди ҷомеъа таъмин намудани соҳибихтиёрии халқ аст. Халқи

мо аз соҳибихтиёрӣ маҳрум буд. Тоҷикистон як вилояте буд дар як давлати унитарӣ. Аз ин рӯст, ки мо барои ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва рушди фарҳанги миллии худ кушидем. Бино бар ин ҳаракати мо ба монанди ҷунбишҳои озодихоҳонаи ҳамаи халқҳои собиқ Шӯравӣ як ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ буд.

– Пас имрӯз рисолати худро Шумо иҷрошуда меҳисобед?

– То андозае, бале.

– Яъне?

– Яъне имрӯз Тоҷикистон, дар рӯи коғаз ҳам бошад, кишвари мустақил аст. Ҳамон вақт ва имрӯз ҳам ҳамагон бар онанд, ки шарти аввали ҳалли тамоми масоили иқтисодию иҷтимоӣ ва хусусан, фарҳангии як миллат истиқлолияти он кишвар аст. То замоне кишвар истиқлолият надошта бошад, ин масоил ҳам ҳал намешавад. Ҳанӯз 15 сол пеш гуфта будам, ки инсон на барои тавлиди маҳсулот, на барои истеҳсоли пахта ба дунё меояд, балки барои он кор мекунад, ки эҳтиёҷоти моддию маънавии худро таъмин кунад ва мисли инсон зиндагӣ кунад.

Вақте мо мегуфтем, ки мардуми Тоҷикистон дар хонаи худ бояд дорои ҳама гуна ҳуқуқҳои фитрӣ бошанд, ин маънои онро надошт, ки мо ҳуқуқи дигаронро паст мезанем. Манзури мо ин буд, ки мо набояд зери фармони касе бошем ва на фармонравои каси дигаре.

– Як сиёсатмадори шинохтаи Тоҷикистон дар як сӯҳбате иброз дошта буд, ки мамлакат танҳо дар сурате метавонад пешрафт дошта бошад ва як давлати абарқудрат шавад, ки аҳолиаш аз 60 миллион зиёд бошад. Шумо ба ин фикр розӣ мешавед?

– Ба назари ман, ин ақида, ки як миллати қӯчак наметавонад иқтисоди пешрафта дошта бошад, чандон дуруст нест. Бештари кишварҳои ҷаҳон давлатҳои хурд мебошанд. Дар миёни онҳо кишварҳои пешрафта кам нест. Масалан, Сингапур, ки як ҷазира аст ва ҳамагӣ 3,5 миллион аҳолӣ дорад, даромади солонаи аҳолии кишвар ба сари ҳар як нафар қариб 34 ҳазор доллар аст. Ё ки Швейтсарияро бигирем. Он як кишвари ободу пешрафта аст. Даромади саронаи мардум дар ин кишвар дар ҳудуди 44 ҳазор доллар аст. Ин худ далели он аст, ки ҳамагуна кишвар чӣ хурд, чӣ бузург метавонад пешрафта бошад.

– Имрӯз танзими оила ба яке аз самтҳои сиёсати Тоҷикистон табдил ёфтааст. Ин раванд то кадом андоза метавонад ба пешрафти иқтисод мусоидат кунад ва то кадом андоза халал расонад?

– Албатта, ин масъаларо бо ду се ҷумла наметавон равшан сохт. Воқеан, танзими оила ин як амри зарурии ҳамаи кишварҳост, вале мавзӯи муҳим он аст, ки ин кор чӣ гуна сурат мегирад. Кишварҳои пешрафта аслан ба ин масъала дахл намекунанд. Дар он ҷо мавзӯи чанд фарзанд доштан, ё надоштан дар ихтиёри худи хонаводаҳост. Албатта, давлат барои хонаводаҳои серфарзанд кӯмакҳои зиёде ҳам мекунанд. Ҳатто кӯмак дар ин кишварҳо ба маротиб бештар аз он аст, ки дар замони Шӯравӣ ба модарони серфарзанд мекарданд. Бо вуҷуд он, дар кишварҳои пешрафта

аҳолӣ зиёд намешавад. Масалан, тайи 10-15 соли охир аҳолии кишварҳои Аврупои Ғарбӣ коҳиш меёбаду афзоиш не. Сабаби ин дигар аст. Аммо дар кишварҳои ҷаҳони саввум мекӯшанд, ки сиёсати танзими хонаводаро амалӣ кунанд, то ин ки аҳолии кишвар бо суръати зиёд афзоиш наёбад ва мушкилоти зиёди иқтисодию иҷтимоиро ба бор наёрад. Вале тайи даҳсолаҳои гузашта онҳо натавонистанд, ки ба ин ҳадаф бирасанд. Зеро вазъияти ин гуна давлатҳо дигар аст. Ин ба Тоҷикистон ҳам дахл дорад. Мутаассифона, дар мо ба ин гуна масоил таври огоҳона ва дуруст бархӯрд намекунанд. Дар мо ҳатто як кори хубро тавре метавонанд анҷом бидиҳанд, ки натиҷаи бад ба бор орад.

– Имрӯз Тоҷикистон наздик 1 миллиард доллар қарз дорад ва тақрибан 1,5 миллион аҳолиаш дар хориҷи кишвар кор мекунанд. Оё бо ин роҳ метавонад истиқлолияти иқтисодиашро таъмин кунад?

– Аз назари ман, имрӯз мавзӯи истиқлолияти иқтисодӣ бояд таври дигар матраҳ шавад. Дар гузашта гуфтаи Ленинро, ки: "истиқлолияти сиёсӣ бидуни истиқлолияти иқтисодӣ маънӣ надорад", бештари кишварҳои ҷаҳон асли сиёсати худ қарор дода буданд. Аммо имрӯз вазъи ҷаҳон комилан тағйир кардааст ва кишварҳои ҷаҳон бештар ба сӯи ҳамгароӣ мераванд. Ҳоло иқтисоди ҷаҳонӣ ба сифати як организми воҳид шакл мегирад ва дар ин шароит ҳеҷ кишваре, чӣ хурду чӣ бузург наметавонад истиқлолияти иқтисодии худро ба маънии томаш таъмин кунад, яъне ҳама гуна маҳсулоти мавриди ниёзи худро дар кишвари худ истеҳсол кунад. Аз ин рӯ, кишварҳои ҷаҳон бар он мекӯшанд, ки дар дохили кишвар он соҳаҳои иқтисоди миллиро рушд диҳанд, ки заминаҳои мусоид барои он вуҷуд дорад ва дигар навъҳои маҳсулоти мавриди ниёзи худро аз кишварҳои дигар дарёфт кунанд. Ин роҳи дурусти таъмин кардани самарабахшии иқтисодӣ аст. Тоҷикистон низ мебояд, ки дар ҳамин самт ҳаракат кунад.

Ва кишвареро, ки дар он ҳанӯз ҳам кори кишоварзиро бо гову хар анҷом медиҳад, пешрафта номидан мумкин нест.

Истиқлолияти иқтисодӣ ба маънии анъанавиаш маъноӣ онро дорад, ки кишвар бояд дорои иқтисоди бисёрсоҳа бошад ва ҳамаи соҳаҳоро, аз ҷумла мошинсозии сабуку вазнин, саноати кӯҳӣ, саноати электронӣ, ҳавонавардӣ, электротехника ва ғайраро ба вуҷуд орад. Аммо имрӯз бештари кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонанд, ки ҳамаи соҳаҳоро дошта бошанд. Тамоми кишварҳо имрӯз дар андешаи он ҳастанд, ки соҳаеро ривоҷ бидиҳанд, ки дар онҳо маҳсулот арзонтар

ва хубтар истеҳсол мешавад, то ба ин восита чизҳои арзони худро ба дигарон бидиҳанд ва аз онҳо чизҳои арзон бигиранд. Зимнан, ҳамгароии иқтисодии кишварҳои ҷаҳон тавре бояд сурат бигирад, ки баробарҳукукии кишварҳо поймол нагардад, яъне ҳеҷ кишваре назди касе тобеъу дастнигар набошад. Ин ҳадаф дар ҷое бароварда мешавад, ки кишварҳо имконоти худро нек бишносанд ва соҳаҳои тахассусии худро муайян намоянд. Мутаассифона, Тоҷикистон то ба ҳол маълум накардааст, ки ба кадоме аз соҳаҳои иқтисод авлавият бидиҳад. Барои ин мебояд равшан сохт, ки барои рушди кадом соҳаҳо дар мо заминаи мусоид вуҷуд дорад ва ба рушди онҳо авлавият бидиҳем. Дуруст аст, ки имрӯз мо имконият надорем, ки баъзе аз навъҳои маҳсулотро тавлид кунем, аммо фардо ин гуна имкон ба вуҷуд меояд ва ё бояд ин гуна имконро тадриҷан ба вуҷуд оварад.

Ба назари ман, Тоҷикистон дар соҳаҳои саноати сабук, саноати кӯҳӣ, туризм, энергетика,саноати микроэлектроника ва ғайра заминаҳои хуб барои рушд дорад. Масалан, рушди босуръати саноати дӯзандагиро дар Тоҷикистон метавон таъмин намуд. Имрӯз мо 1 тон пахтаро ҳамчун ашёи хом ба нархи ҳазор доллар мефурӯшем. Аммо бояд ба назар гирифт, ки фоидаи мо даҳчанд мебуд агар онро дар шакли маҳсулоти тайёр ба фурӯш мебаровардем. Зеро мо ки имрӯз ашёи хом, яъне пахтаро содир мекунем, метавонем коркарди онро дар кишвар ба роҳ монем ва бад-ин тариқ ҳам барои ҳазорон нафар мардуми кишвар ҷои кор муҳайё созем ва ҳам ба маротиб бештар даромад ҳосил кунем. Хусусан ки ҳамарӯза талабот ба либосҳои пахтагӣ дар дунё меафзояд.

– Мутаассифона, то ба имрӯз ҳукумат ва аҳзоби сиёсӣ барномаи хоси пешрафти иқтисодии Тоҷикистонро пешниҳод накардаанд. Шумо ояндаи Тоҷикистонро чӣ гуна мебинед?

– Барои ояндаро дидан аввалтар зарур аст имрӯзро бинем. Таҳлили дурусти равандҳои имрӯзаро арзёбӣ кунем. Ман, ки дар хориҷ аз кишвар ба сар мебарам, ҳоло намедонам, ки ҳукумат ва аҳзоби сиёсӣ чӣ барномаҳоеро тарҳрезӣ намудаву амалӣ мекунанд. Албатта, хеле хуб мебуд, агар барномаҳои мушаххас вуҷуд дошта бошанд, аммо мутаассифона, аз сӯҳбат бо он рафиқоне, ки дар ин ҷо доштам, маълум шуд, ки ин гуна барномаҳо вуҷуд надоранд. Аслан ин вазифаи ҳукумат ва олимони кишвар аст, ки ба ин мавзӯҳо таваҷҷӯҳ бикунанд. Дар соли 1991 мо тасмим гирифта будем, ки як барномаи рушди иқтисодиву иҷтимоии Тоҷикистонро таҳия ва ба ҷомеа пешниҳод кунем, то дар атрофи он баҳсҳо сурат бигирад ва дастҷамъона ба натиҷае бирасем. Мутаас-сифона, бо сабабҳои маълуми сиёсӣ иҷрои ин кор сурат нагирифт. Ба ақидаи ман, ҳоло ҳам дер нашудааст, зеро мавзӯъ мавзӯи муҳим аст.

Имрӯз гуфтан мехоҳам, ки ҷомеаи мо дар дурохае, ҳатто чорроҳае қарор дорад. Ҳарчанд ки мардум ва ҳукумат ин маъниро дуруст дарк накардаанд ва аз ин рӯ, дар интихоби дурусти яке аз роҳҳо кӯшиш ба харҷ надодаанд ва намедиҳанд.

Аслан бубинед, ки дар ҷомеаи мо дигаргуниҳои бунёдӣ сурат мегиранд, аммо бидуни ихтиёру интихоби мардум. Масалан, ҳоло гузор аз низоми сусиёлизм ба низоми сармоядорӣ ҷараён дорад, аммо дар ин кор мардум ихтиёре надоранд. Яъне мардуми Тоҷикистон ба ихтиёри худ на аз низоми сусиёлистӣ даст кашиданд ва на роҳи эъмори низоми иқтисоди бозаргониро пеш гирифтанд. Ин ҳама аз тарафи ҳукуматдорон бидуни дар назар гирифтани раъйи мардум ва тақлидкорона сурат мегирад. Аз ин ҷост, ки ин дигаргуниҳо хеле ба кундӣ ва ба шеваҳои нораво амалӣ мешаванд. Чун тӯдаҳои васеи мардум ба ин дигаргуниҳо омода набуданд ва моҳияти онро дуруст дарк накарданд, нисбати онҳо назари нек надоранд. Ҳатто имрӯз вожаи "демократия" як вожаи манфӣ ва масхара шудааст. Зеро онҳо намедонанд, ки демократия чист. *Дар гузашта дар кишвари мо ҳеҷ гоҳ низоми мардумсолорӣ набуд ва ҳоло ҳам нест. Мо фақат режимҳои истибдодӣ ва амирону ҳокимони мустабид доштем.* Онҳо мардуми моро ба ғуломӣ одат кунонида буданд. Мардум ба дарки ин нарасидаанд, ки ҳеҷ кас аз ҳеҷ вазиру амир кам нест ва ҳарфи мардум низ бояд шунида шавад.



Қонуни Асосӣ (Конститутсия)-ро дар кишвари мо бо ширкати огоҳонаи тамоми мардуми кишвар насохтааанд. балки он нусхаи кӯркӯрона рӯйбардоршудаест аз Конститутсияи кишварҳои дигар аст.

– Аммо дар Конститутсияи мо навишта шудааст, ки мо як давлати демокративу дунявӣ ҳастем...

– Дуруст аст, вале Қонуни асосии мо танҳо дар рӯи коғаз аст ва ҳанӯз амал намекунад. Барои он ки ин Конститутсияро мо бо ширкати огоҳонаи тамоми мардуми кишвар насохтаем. Он нусхаи кӯр-кӯрона рӯйбардоршудаест аз Конститутсияи кишварҳои дигар. Аз ин рӯ, ҳатто онҳое, ки ин Конститутсияро "сохтаанд" ва ба тарафдории он раъй додаанд, аксаран намедонанд, ки вожаи "конститутсия" чӣ маънӣ дорад ва қонун чист. Агар ин тавр набуд, ин бадбахтиҳо ҳеҷ гоҳ рух намедоданд. Демократия, яъне мардумсолорӣ бояд назму оромиш ва заминаҳои пешрафтро дар кишвар таъмин намояд.

– Шумо гуфтед, ки мехостед барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистонро таҳия кунед. Оё имрӯз чунин барнома пешниҳод карда метавонед ва гузашта аз ин, агар ҳукумат чунин барномаро пешниҳод кунад, дар амалӣ гаштани он иштирок мекунед?

– Дар ҳақиқат, пас аз истиқлолияти давлатиро касб кардани Тоҷикистон, моҳи сентябри соли 1991 Созмони Мардумии Растохез қарор

карда буд, ки чунин барномаеро таҳия ва ба ҷомеа пешниҳод кунад. Солҳои баъдӣ низ дар ҳамин фикр будем ва ҳоло ҳам чунин андешаро дорем. Вале мушкил ин аст, ки онро кӣ амалӣ мекунад.

Он солҳо мо хеле чизҳо гуфта будем ва онҳоро баъдтар амалӣ карданд, вале хеле дер ва на ба он шакле, ки мебоист. Масалан, мо талаби истиқлолият мекардем, агарчи он замон иддае ба ин зид буданд. Шукр, беш аз дах сол аст, ки истиқлолияти кишварро бо рақсу пойкубиҳо ҷашн мегиранд. Мо дар мавриди пули миллӣ мегуфтем, он замон зид баромаданд, ҳоло пули миллӣ ҳаст. Мо дар бораи зарурати таъсиси артиши миллӣ сухан гуфтем, талош кардем, накарданд. Ба ақидаи мо, агар он замон мо артиши миллӣ медоштем, хеҷ гоҳ дар Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ сурат намегирифт. Сӯҳбатҳое доштем дар мавриди ислоҳи низоми иқтисодиву иҷтимоӣ, ҳукуматдорон қабул надоштанд, имрӯз худи ҳукумат сари ин масъала ҳарф мезанад. Ҳоло ҳам мо дар фикре ҳастем, ки як барномае пешниҳод кунем, аммо муҳим он аст, ки кӣ ва чӣ гуна онро амалӣ мекунад. Зеро ҳатто як барномаи хубро мумкин аст тавре амалӣ кунанд, ки натиҷаи мусбат надиҳад. Пешниҳод кардани барнома нисфи кор аст, муҳим амалӣ кардани он аст.

– Пас шояд барои амалӣ кардан ба сари қудрат омадан зарур бошад?

– На, на. Ин шарт нест. Барнома барои ҳамагон аст ва бо ширкати тамоми мардум бояд амалӣ шавад. Дар сари қудрат онҳое бояд бошанд, ки лаёқати онро доранд. Ман як олим ҳастам, на аҳли сиёсат. Сиёсат ва талоши қудрат кори аҳзоби сиёсӣ аст, на кори созмонҳои иҷтимоӣ. Соли 1989 ман гуфта будам, ки ман тарафдори онам, ки дар ҷомеа ҳизбҳои зиёд набошанд ва ҳамагон дар атрофи аҳдофи миллӣ муттаҳид шаванд, на барои ҳадафҳои гурӯҳӣ ё маҳаллӣ талош кунанд. Бояд тавре амал кард, ки манфиати ҳамагон дар пеши назар бошад, на як қишри ҷомеа. Дар Тоҷикистон даҳҳо ҳизбу созмонҳо ба вуҷуд омаданд ва ин худ далели набудани ваҳдату якпорчагии мардуми кишвар буд. Мо метавонем тарҳеро дар бораи роҳҳои пешрафт ва эҷоди як ҷомеаи мутамаддин пешниҳод кунем, аммо бар он меандешем, ки он то чӣ андоза қобили дарки дигарон хоҳад буд ва гузашта аз он, чӣ гуна амалӣ хоҳад шуд. Зеро имрӯз дар ҷомеаи мо ваҳдати назар дар бисёр масоил заиф аст ва болотар аз он мутобиқи манофеи баъзе гурӯҳҳои ҷомеа намебошад.

– Бурӣ Каримов дар як мусоҳибааш дар "Бизнес и политика" гуфта буд, ки ман як барномаи омодашудаеро дорам, ки роҳи раҳоӣ аз бӯҳрони мавҷударо нишон медиҳад, аммо инро танҳо ба Президент Раҳмонов хоҳам дод. Ин аз чӣ далолат мекунад?

– Ба фикри ман, ҳатто агар Президент як барномаеро тарҳрезӣ мекунад, онро бояд ба мардум пешниҳод кунад. Ҳар ҳизбу ҳаракат ва ҳар шаҳрванди қаторӣ ҳам бояд барномаи худро ба мардум пешниҳод кунад ва мардум бояд бигӯяд, ки онро қабул мекунад ё на. Албатта, ин ҳаққи Бурӣ Каримов аст, ки барномаи худро ба Президент пешниҳод мекунад, ё ба мардум. Шояд ӯ фикр мекунад, ки чун дар садри олӣ Президент ни-

шастааст, танҳо бо қудрати ӯ метавон ин барномаро амалӣ кард. Аммо хусусияти як ҷомеаи солим ин аст, ки ҳар ҳарф ба мардум гуфта шавад ва пас аз ин ба амалӣ карданаш шурӯъ бикунад. Мо ҳам нияти пешниҳод кардани як барномаро дорем ва мақсади мо ба вуҷуд овардани баҳс дар атрофи ин барнома аст. Қабул кардан ё накардани барнома барои мо муҳим нест. Муҳим он аст, ки мардум битавонанд сари он ақидаҳои худро баён карда тавонад.

– Шумо муаллифи нахустин Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистон ҳастед. Он чӣ гуна эъломия буд ва чӣ гуна пазируфта шуд?

– Бале, мо лоиҳаи алтернативии Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистонро соли 1990 пешниҳод карда будем ва он мутобиқи ахдофи барномаи мо буд, ки ҳанӯз соли 1989 таҳия шуда буд. Вале мутаассифона, он замон варианти пешниҳодкардаи мо пазируфта нашуд ва аммо соле баъд онро қабул карданд.

– Имрӯз назари Шумо ба он чӣ ки ба истиқлолияти Тоҷикистон дахл дорад, чӣ гуна аст?

– Аввалан, ки ман хеле хуш ҳастам, ки мардуми Тоҷикистон соҳибихтиёр шудаанд. Албатта, ин истиқлолият ҳанӯз комил нест. Бисёриҳо бар ин назаранд, ки Тоҷикистон ҳоло ҳам таҳти таъсири дигарон қарор дорад. Барои мисол, яке аз рӯзномаҳои Қазоқистон навиштааст, ки Тоҷикистон протекторати Русия аст. Дар матбуоти Русия ҳам гоҳо чунин гуфторҳо ба назар мерасанд. Агар вокеъбинона ба масъала назар афканем, ин суханон ҷон доранд. Албатта, таъмини истиқлолияти комил кори осоне нест. Дар ҳар сурат, агар Тоҷикистонро мо бо кишварҳои дигар, аз ҷумла кишварҳои назди Балтика муқоиса бикунем, мебинем, ки истиқлолияти Тоҷикистон ноқис аст. Ҳоло муҳимтар аз ҳама он аст, ки мо дарк кунем, чаро чунин аст, иллаташ чист ва чигуна метавон пояҳои истиқлоли миллиро мустаҳкам кард. Ин як мавзӯи доманадор аст ва дар як сӯҳбати кӯтоҳ ман наметавонам онро пурра баён кунам.

Устод Тоҳири Абдуҷаббор дар рӯзи истиқлоли Тоҷикистон, 9-уми сентябри соли 2008.

– Оё имкон дошт, ки ин истиқлолият аз соли 1991 то ба имрӯз комил гардад?

– Бале. Бисёре аз кишварҳои собиқ Шӯравӣ ҳамвора кӯшиданд, ки истиқлолияти давлати худро таҳким бахшанд ва дар ин рох хеле муваффақ шуданд. Аммо дар Тоҷикистон вазъ ба гунаи дигар аст. Сабаб он аст, ки дар Тоҷикистон ва дар маҷмӯъ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ

на ҳамаи мардум ва хусусан, ҳукуматдорон аҳамияти истиқлолиятро дарк ва барои он талош карданд. Равшанфикрони озодихоҳи тоҷик дар талаби истиқлолият шуданд, вале роҳбарони кишвар онро қабул надоштанд ва ҳатто моро туҳматҳо заданд. Дар зеҳни бисёриҳо ҳамин туҳматҳо боқӣ мондаанд. Мардум таҳти таъсири ҳамин туҳматҳо монд ва қобилияти дарки дурусти масъаларо гум кард. Онҳо дарк накарданд, ки ин манфиати кулли мардум аст, ё як гурӯҳ.

Озодӣ ва истиқлолият ҳаққи табиии инсонҳо ва халқҳо мебошад. Тамоми мардуми ҷаҳон дар тӯли таърих барои озодию истиқлолияти худ мубориза бурдаанд. Муҳаққиқи номии инглис Лорд Актон навиштааст, ки *таърихи башар ин таърихи мубориза барои озодӣ аст*. Аммо бахше аз мардуми кишвари мо истиқлолиятро нахостанд ва ҳатто бар зидди он иқдом карданд. Ба ин маънӣ, бисёре аз олимон ва сиёсатшиносони кишварҳои дигар низ ишора кардаанд ва инро сабаби тӯлонӣ будани вазъи бӯҳронӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ донистаанд.

– Дар муддате ки Шумо дар ҳориҷи кишвар ба сар мебаред, бо нафаре аз мақомоти баландпояи Тоҷикистон, масалан Президент вохӯрие доштед? Агар не, чунин имкон фарохам ояд аз ӯ чӣ мепурсидед?

– На. Чунин мулоқот сурат нагирифтааст, аммо агар чунин имкон ба вуҷуд меомад, аз Президент мепурсидам, ки чаро дар ҷомеаи мо вазъ чунин аст? Олимҳои мо ва ҳукумат ба чӣ кор машғуланд? Кӣ тасмим гирифт, ки ислоҳот ба чунин шакл сурат бигирад? Ва ба ҳамин монанд саволҳои дигар.

– Баъзе овозаҳо ҳастанд, ки Шумо мушовири ҳуқуқии Президенти Қирғизистон ҳастед. Ин овоза то куҷо воқеият дорад?

– На, набудам. Танҳо ба ҳайси мудири кафедраи Донишгоҳи гуманитарии ин кишвар фаъолият дорам.

– Шумо яке аз фаъолони майдони сиёсат дар ибтидои солҳои навадум будед. Пас аз оғози ҷанги шаҳрвандӣ ва кишварро тарк гуфтани мухолифини собиқ, Шумо чаро дар чараёни музокирот ширкат надоштед?

– Мо ҳама корро кардем, ки ин ихтилоф пеш наояд, ҷанг нашавад. Баъдан ҳам, ки ин низоъҳо сурат гирифтанд, барои расидан ба сулҳу оштӣ талош кардем. Яъне ҳар кореро, ки аз дастамон омад, кардем, то тарафҳо сулҳ кунанд. Аммо чаро ба ИНОТ напайвастем? Сабаб ин аст, ки мо ҳамагон дар масъалаи ҳарчи зудтар расидан ба сулҳу оромӣ ҳамназар будем ва дар ин роҳ хамгом будем. Аммо хеле масоиле буданд ва ҳастанд, ки дар мавриди он мо назари хоси худро доштему дорем.

– Байни Шумову роҳбарони собиқи оппозитсиюн имрӯз ягон ҳамкорӣ ё ихтилофе вуҷуд дорад?

– Ҳеҷ гуна ҳамкорӣ вуҷуд надорад ва мавзӯи ихтилоф ҳам дар миён нест.

– Агар дар интихоботи соли 2006 мардум Шуморо ба маснади Президентии кишвар номзад пешниҳод кунанд, розигӣ медиҳед?

– Бори дигар таъкид мекунам, ки ман як корманди илм ҳастам ва ҳеҷ гоҳ майли кор кардан дар дастгоҳи ҳукуматро надоштам ва надорам. Дар охири солҳои 80 ва аввалҳои солҳои 90 аз ҷониби ҳукумат бар ман пешниҳод шуда буд, ки ба дастгоҳи ҳукумат шомил гардам. Вале ман онро напазируфтам. Ҳоло ҳам чунин майле надорам.

Андешаи ман ингуна аст, ки мо ҳама як хона дорем ва он Тоҷикистон аст. Ҳамагӣ дар он зиндагӣ мекунем ва мехоҳем, ки он обод бошад. Сарварии ин хонаро бояд касе бояд ба ӯҳда бигирад, ки лаёқату истеъдоди иҷро кардани вазифаҳои басо сангин ва пурмасъулияти раҳбарии кишварро дошта бошад.

Сӯҳбати Раҷаби Мирзо,
Фарҳоди Милод

Устод Тоҳири Абдуҷаббор дар мулоқоти нахустини тарафҳои даргири тоҷик дар Покистон соли 1994 пешниҳод кард, ки ҳар ду тараф бидуни шарту шароит созишномаи сулҳро имзо кунанд ва паноҳандагонро ҳарчи зудтар ба кишвар баранд. Аммо созишнома бо тақсими мансаб дар соли 1997 ба имзо расид. ***Дар акс: Устод Тоҳир дар Исломобод, соли 1994.***

Тоҳири ***АБДУҶАББОР,***
радиои Би-Би-Си, 17.09.2004.

РАСТОХЕЗ СОЗМОНИ ОЗОДИХОҲ БУД
(Мусоҳиба)

Сӯҳбаторо Сӯҳроби Зиё – хабарнигори Би-Би-Си

Шунавандагони азиз, дуруд бар Шумо! Дар барномаи имшаби "Гуфтугӯи ошкор" дар истудиёи бахши форсии Би-би-си дар шаҳри Душанбе Тоҳири Абдуҷаббор, узви пешини порлумони Тоҷикистон ва раиси Созмони Мардумии Растохез ширкат доранд.

– Оқои Абдуҷаббор, хӯш омадед ба ин сӯҳбат. Пас аз оғози ҷанги дохилӣ Шумо аз саҳнаи сиёсии Тоҷикистон комилан фосила гирифтед ва беш аз даҳ соли ахир дар хориҷ аз кишвар иқомат доштед. Оё тасмими бозгашт ба Ватан душвор набуд?

– Тайи ин муддат ман дар Ирон, Қазоқистон ва Қирғизистон будам. Дар Қирғизистон, дар Донишгоҳи байналмилалӣ ва Донишгоҳи академии идории назди раёсати ҷумҳурии ин кишвар тадрис мекардам. Қасди худам ҳам борҳо ин буд, ки биёям ин ҷо ва дӯстон ҳам мегуфтанд, ки дар назарияи иқтисод ва иқтисоди байналмилал, шукри худованд, ки донишҳое дорем ва омӯзиши ин фанҳо барои донишҷӯёни тоҷик ҳам муфид хоҳад буд. Билохира имрӯз омадам ин ҷо.

– Хонаводаи Шумо ҳам ин ҷо ҳаст ё дар хориҷ аз Тоҷикистон?

– Дар Тоҷикистон ҳаст, мунтаҳо дар Душанбе нест.

– Акнун ки ба Тоҷикистон баргаштед, машғули чӣ кор ҳастед?

– Дар назар дорам, ки дар донишгоҳ тадрис бикунам.

– Тоҳири Абдуҷаббор ба унвони раҳбари Созмони Растохез дар оғози ҳаракати миллӣ ва мардумӣ дар Тоҷикистон дар авохири даҳаи 1980-и милодӣ ба унвони яке аз чеҳраҳои муҳими сиёсӣ матраҳ буд. Аммо дар бештари маворид Созмони Растохезро дар канори аҳзоби дигари сиёсии он вақт яке аз сабабгорони оғози нооромиҳои сиёсӣ дар авоили даҳаи 1990-и милодӣ ва сипас табдили ин нобасомониҳо ба ҷанги дохилӣ медонанд. Шумо ба унвони раҳбари ин созмон ин иттиҳомро мепазиред?

– Ба ҳеҷ ваҷҳ! Ба назари ман, чомеъаи мо, бештари мардуми Тоҷикистон аз маърифати сиёсӣ ва вокеъиятҳо хеле дуранд. Чанд рӯз пеш мардум истиқлоли Тоҷикистонро ҷашн гирифтанд ва хеле маросими пуршукӯҳ буд. Ин андешаи кӣ буд? Ин андешаи мо буд! Он чизе, ки мо барои он талош кардем. Дар замоне ки Тоҷикистон истиқлолият надошт, ба

масобаи як вилояти давлати империторияи Русия буд ва ҳукуматдорони Тоҷикистон дар ин ҷо аз ҳама гуна ҳаққу ҳуқуқ ва салоҳият маҳрум буданд. Онҳоро ҳар вақте мехостанд, аз Москав аз кор мегирифтанду ба кор мегузоштанд. Ва халқи тоҷик, ҳам ҳамин тавр, ҳеҷ гуна ҳаққу ҳуқуқ надошт. Забону фарҳангаш поймол шуда буд. Ва мо вазифаи худ донистем, ки дар чаҳорчӯби ҳатто ҳамон қонунҳое, ки мавҷуд буданд, талош кунем, ки мо ҳам дар хонаи худ зиндагӣ мекунем, ҳаққу ҳуқуқ дорем, халқи тоҷик меросбари як фарҳанги бузургу бостонӣ ҳаст ва ҳақ дорад дар хонаи худаш забону фарҳангашро ҳифз бикунад. Он вақт ҳукуматдорон зидди ин чиз буданд, чунки онҳо афроди дастнишондаи Маскав дар Тоҷикистон буданд.

– Зимнан, Шумо ба унвони яке аз муаллифони аввалин тарҳи Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистон ҳастед. Дар оғоз сабабҳои нооромиҳои Тоҷикистонро ба Маскав ишора кардед. Далели ин иддаъо чӣ ҳаст?

– Беҳтар аст бигӯем, мояи ихтилофе, ки байни равшанфикрони тоҷик, аҳзобу созмонҳои тозабунёд ва ҳукумати Тоҷикистон вуҷуд дошт, чӣ ҳаст. Мо ба ҳеҷ вачҳ мухолифи ягон ҳукумат набудем ва нестем. Мо мухолифи сиёсати онҳо будем.

Соҳибихтиёрии Тоҷикистон ва халқи тоҷикро талаб кардем, ба хотири ин ки онҳо битавонанд ба он тавре ки лозим аст ва савоб медонанд, масоилашонро худашон ҳал кунанд. Ва касоне, ки аз берун ҳастанд ва дарки ин воқеъиятҳоро надоранд ва аксар вақт гуфторашон мутобиқи манофеъи миллии халқи тоҷик нест, ба онҳо фармонравоӣ накунанд. Аз ин хотир, мо гуфтем, ки низоми демукросӣ бехтар аст, яъне ҳокимияти халқ ва ин ки мардум ихтиёри халлу фасли ин корҳоро дошта бошад. Ва низоми демукросӣ мухолифи низоми сусиёлистӣ ҳам нест. Ва билохира чун наҳзати миллӣ ва озодихоҳӣ дар сартосари Шӯравӣ, хосатан дар қисмати аврупоии он рушд карда буд ва иттиҳоди Шӯравӣ фурӯ пошид, тамоми 15 чумҳурӣ, аз ҷумла Тоҷикистон истиқлолияти худро эълом кард. Бо ҳамин метавон гуфт, ки рисолати аслии созмони Растохез иҷро шуд, яъне он ба муроди худ расид.

– Дар пайи иҷрои тавофуқоти сиёсии сулҳ, Созмони Мардумии Растохез низ дар канори Ҳизби Демукрот ва Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ҳаққи аз саргирии фаъолияти расмӣ дар қаламрави Тоҷикистонро ба даст овард. Аммо ин созмон то ҳол дар Тоҷикистон фаъол нест. Сабаб чист?

– Созмони Растохез созмони озодихоҳ буд. Ҳадафаш истиқлолияти кишвар буд, ки ин мурод хосил шуд. Баъдан низоъи дохилӣ шурӯъ шуд. Созмони Растохез барои истиқлолият, барои озодӣ талош кард, на барои қудрат. Ангезаи мавзӯъҳои баъдӣ, низоъи баъдӣ тақсими қудрат буд. Мо қудратталаб набудем.

– Зимнан дар раванди музокироти сулҳи тоҷикон созмони Шумо ширкат дошт?

– То ҷое тавонистем ба ин кор мусодат кардем ва кӯшиш кардем, ки ҳар чи зудтар ин муросо ва оштӣ ҳосил шавад. Шукри худованд, ин кор ҳам шуд. Аммо бояд гуфт, ки тайи ин солҳо дар ин кишвар мубориза барои қудрат буд. Пештар, ки ҳукумати Тоҷикистон қудрате надошт, салоҳияте надошт, ихтиёри он дар дасти Маскав буд. Пас аз он ки русҳо зоҳиран дасташонро аз ин ҷо кӯтоҳ карданд ва ба ҳоли худ машғул буданд, дар ин ҷо нерӯҳое барои талоши қудрат мубориза карданд. Мо озодӣ хостем, на қудрат.

– Шумо дар гузашта узви порлумони Тоҷикистон ва дар саҳнаи сиёсии кишвар ҳам чеҳраи бисёр матраҳ будед. Ҳоло мӯътақидед, ки Созмони Растохез вазифаи худро анҷом дода, оё тасмими бозгашт ба фаъолиятҳои сиёсиро надоред?

– Ман ҷонибдори он ҳастам, ки мардуми Тоҷикистон худашон тасмимашонро бигиранд, чун имрӯз онҳо аз назари қонун ин ҳақро доранд ва касе ҳам набояд мамониат кунад. Мавзӯъи дигар ин аст, ки оё имрӯз Тоҷикистон воқеъан соҳибистиқлол ҳаст ё не? Ва оё ҳадафи ниҳойии равшанфикрон, ки озодии инсон ва эҷоди як ҷомеъаи озод аст, амалӣ шудааст? Дар ин маврид метавонам бигӯям, ки на ин тавр нашуда! Ман, албатта ин солҳо дур будам ва огоҳии чандоне аз воқеъиятҳои Тоҷикистон надоштам, аммо он тавре ки мебинам, ин ҳадафҳо ҳанӯз дар пеш аст.

Устод Муҳаммадҷон Шакурӣ бо Сӯҳроби Зиё ва Фурқат Саидов дар маросими ёдбуди устод Тоҳири Абдуҷаббор, 25 апрели 2009.

– Оқои Абудачаббор, шумо дар мусоҳибаи ахири худ бо ҳафтаномаи "Миллат" вазъи иқтисодии имрӯзи Тоҷикистонро дар муқоиса бо даврони Шӯравӣ бадтар тавсиф мекунед. Ба назари Шумо, аз чӣ роҳҳо дар як муддати кӯтоҳ ва ҳар чи сареъ Тоҷикистонро аз ин бӯҳрони иқтисодӣ метавон раҳо кард?

– Манобеъи табиӣ ҳамонгуна дар Тоҷикистон вуҷуд дорад. Шукри худованд, нерӯи кории хубу босавод ҳам дорем – агарчи микдори зиёдашон парешон шудаанд, вале ба ҳар сурат мардуми мо дар муйқоиса бо кишварҳои ҷаҳони саввум хеле босаводу хуб ҳастанд. Ин омили бисёр муҳим аст. Чизе, ки барои мо намерасад, ин сармоя ва текнулужӣ аст. Мунтаҳо барои ҷалби сармояи хориҷӣ ва текнулужӣ чизи аз ҳама мухим як фазои озоди сармоягузорӣ дар кишвар аст. Он чизе, ки ҳанӯз ман дар

ин ҷо намебинам. Аслан мафҳуми "фазои озоди сармоягузорӣ" ҳовӣ аз ҳашт-даҳ шохиси бисёр муҳим аст. Аз ҷумла, суботи сиёсӣ, дараҷаи маҳорати мардум, сатҳи андозҳо, адами фасод, ришвахӯрӣ, фаъолияти озодонаи сармоягузорон дар кишвар ва хориҷ аз он – шароите ҳастанд, ки сармоягузорони хориҷиро ҷалб мекунанд.

Яъне, як ҳукумати солеҳе, ки бидонад таҳти кадом шароит ин сармоя ҷалб мешавад. Ҳукумати мо имрӯз мехоҳад, ки ин сармоягузорӣ, текнулужии ҷадидро ҷалб кунад, бахшҳои зиёди иқтисоди кишварро рушд бидиҳад, вале танҳо хостан кам аст. Он шароитро бояд муҳайё кард. Аз ҷумла пойгоҳи ҳуқуқии сармоягузорони хориҷӣ дар Тоҷикистон ва тоҷикҳо дар хориҷ аз кишвар.

– Аммо аз сӯйи дигар, вақте ки масалан як ширкати русӣ ҳозир аст барои пружаҳои энержии Тоҷикистон 2 миллиард дуллор сармоя гузорад, фикр намекунед, ки онҳо аз ин риск ё хатаре, ки Шумо ба он ишора мекунед, огоҳ набошанд?

– Ин як мавзӯъи хос аст ва шароити онҳо хос аст. Онҳое, ки аз Русия масалан ин корро мехоҳанд бикунанд, таҳти кадом шароит мехоҳанд ин корро анҷом бидиҳанд? Ва оё ин мувофиқи манофеъи миллии Тоҷикистон ҳаст ё на? – Мавзӯъ ин аст. Ман огаҳ нестам ва наметавонам бигӯям, ки таҳти кадом шароит ҳукумати Тоҷикистон онҳоро ҷалб мекунад – яъне сармоягузорони хориҷиро барои рушди эенржии Тоҷикистон, масалан барои Роғун, Сангтӯда ва пружаҳои дигаре, ки дар ин ҷо бояд эҳдос бишаванд. То ҷое ки ман аз сӯҳбатҳое, ки дар моҳҳои апрел ва майи имсол дар Русия буд ва аз он огоҳ ҳастам, метавонам бигӯям ки онҳо мехоҳанд сад дар сад ин пружаҳо моликияти онҳо бошад. Аммо ба назари ман, соҳаи энергетика дар тамоми кишварҳо муҳимтарин соҳаест, ки агар давлат ихтиёри онро аз даст бидиҳад, ин хатари бисёр зиёд барои кишвар дорад. Агар давлат мехоҳад истиқлолияти сиёсӣ дошта бошад, аввал пояҳои иқтисодии худро таҳким бикунад.

– Ҳамон гуна ки Шумо дар оғози сӯҳбат ёдовар шудед, чанд соли ахир дар кишвари ҳамсояи Қирғизистон кор ва зиндагӣ доштед. Ба назари шумо оё хатари такрори ба истилоҳ "инқилобҳои рангин"-и мисли ҳаводиси Қирғизистон ба Тоҷикистон таҳдид намекунад?

– Дар ҳама гуна ҷомеъа, фарқ намекунад Тоҷикистон аст, Чин аст, Амрико аст, Аврупо аст, Ҳиндустон аст – дар ҳар ҷое ки фақр ҳаст, албатта вазъи иҷтимоъӣ нобасомон хоҳад буд, яъне суботи сиёсӣ ва иҷтимоъӣ аз байн хоҳад рафт. Назари ман ин аст, ки инқилоб қобили содир нест. Ин кори ҳар кишвар аст, ҳар мардум аст. Ягон кишвар дар дунё ҳеҷ вақт инқилоберо содир накарда ва наметавонад бикунад. Агар, фаразан як таҳаввулот ё табаддулоте ҳам боис шавад, вале он оянда надорад. Инқилоб дар Тоҷикистон ё ҳар кишваре дигар, танҳо дар зеҳни мардум бояд бошад. Яъне таҳаввулот, дигаргуниҳо дар зеҳни мардум бошад ва агар мардум онро битавонанд, амалӣ кунанд.

– Дар ин муддате ки пас аз бозгашт дар Тоҷикистон иқомат доред, оё пешниҳоде ба Шумо барои ҳамкорӣ аз сӯи давлат сурат гирифта ё не?

– То хол ба ягон нафар аз мақомоти давлатӣ сару кор надоштам ва дар тамос ҳам набудам ва сӯҳбат ҳам накардам. Албатта ман дар риштаи иқтисод, шукри худованд, тахассус дорам ва хеле чизҳое, ки дар замонаш гуфта будам, ки агар ин корро имрӯз накунед, фардо дер мешавад ва боиси талафот мешавад, имрӯз яқин доранд, ки ман ҳақбаҷониб будам ва ҳамон вақт мебоист ин корро кард. Ҳамеша назари ман ин аст, аз ман гуфтан аст ва ҳар касе, ки ҳаминро дарк мекунаду дармеёбаду истифода мекунад, хуб, аммо агар накард ҳам, ман коре надорам.

– Ташаккур аз Шумо барои ин сӯҳбат!

(Ин мусоҳибаи родиёӣ дар 17-уми сентябри соли 2004 дар барномаи Маҷаллаи Осиёи Миёнаи Би-би-си пахш шудааст.)

Устод Тоҳири Абдуҷаббор бо Зайд Сайидов – вазири пешини саноати Тоҷикистон ва Сайидиброҳими Муҳаммадназар. Теҳрон, соли 1997.

Тоҳири АБДУҶАББОР,
радиои Озодӣ, 2005.

ҲУКУМАТ ОН ҲАНГОМ АҚИБМОНДАТАР АЗ ТӮДАҲО, ЯЪНЕ РАВШАНФИКРОН БУД ВА ҲАМА МУШКИЛОТ АЗ ҲАМИН БАРХОСТ

(Мусоҳиба)

– Мӯҳтарам, Устод Тоҳири Абдуҷаббор, лутфан бигӯед, ки майдони Шаҳидон чӣ тур ташкил шуд ва дар гирдиҳамоиҳои он киҳо ва намояндагони кадом аҳзобу созмонҳо ширкат мекарданд?

– Рости гап, ман аз ангезаи ин гирдиҳамоӣ ва дар бораи ин ки 24 март чунин тазоҳурот доир мегардад, каблан огоҳ набудам. Ман он рӯз, тибқи мувофиқаи қаблӣ, ба назди муовини сарвазир рафта будам. Соати 9 ё 10, агар иштибоҳ накунам,бо ҷаноби Муравёв мулоқот таъйин карда будем ва дар он дар мавриди ҳалли баъзе масоили иқтисодӣ баҳс кардем. Баъдан қарор шуд, ки дар масоили газ ба Ӯзбакистон занг занем ва ман боз соати 2 биёям. Баъди мулоқот чун ба берун ба долони табақаи сеюм баромадам, аз тиреза дидам, ки дар саҳни бинои Шӯрои Олӣ анбӯҳи одамон ҳудудан 50-100 нафар истодаанд. Пурсидам, ки чи гап аст, гуфтанд, ки бачаҳо ҷамъ шуданду мехоҳанд бо раиси ҷумҳур сӯҳбат кунанд. Рости гап, чун ман телевизор надоштам, аз асли гап бехабар будам. Баъдан бароям гуфтанд, ки рӯзи пеш раиси Маҷлис (Сафаралӣ Кенҷаев) бо вазири дохила (Навҷувонов) сӯҳбати васеъ дошт ва он аз телевизион ҳам пахш шудааст ва дар он сӯҳбат раиси Маҷлис (Порлумон) вазирро таҳқир кардааст. Аз ин хотир, гурӯҳе аз ҷавонони бадахшонӣ бо аломати эътироз ба ин чо омадаанд, то аз ин ба раиси ҷумҳур шикоят бикунанд. Ба ҳар сурат, ман дар он ҷо истодам ва ҳамин вақт Саидмуродов, ки он ҳангом дар ҳукумат кор мекарданд, омаданд. Чун кам-кам борон мебориду бачаҳо либоси сабук пӯшида буданд, ба эшон гуфтам, ки бо ҷавонон сӯҳбат кунед, то онҳо ҷавобашонро бигиранду дар ин ҷо наистанд. Зеро имкон дошт, баъди ягон ду соат чун дар донишгоҳу омӯзишгоххо дарс ба охир мерасад, мардум ҳам бисёртар шаванду мушкил низ зиёда гардад. Он кас гуфтаи маро таъйид кард, вале ҳамзамон афзуд, ки ҷавонон ба назди раиси ҷумҳур омаданд. Раиси ҷумҳур он ҳангом дар маҷлис будаанд ва баъди каме фурсат эшон ҳамроҳи ягон даҳ нафар аз маҷлис баромада омаданд. Мо бо хам салому алейк кардем ва ман ба раиси ҷумҳур гуфтам:

– Мардум ба назди Шумо омадаанд ва онҳо дар берун истодаанд ва Шумо бехтар аст, ки бо онҳо сӯҳбат кунед, ки дар он ҷо наистанд ва бираванд.

Раиси ҷумҳур гуфтанд, ки ман чӣ бикунам? Ман гуфтам, ки ҳамаи онҳоро ва ё ҳадди ақал 5-6 намояндаашонро бихоҳед ва бо онҳо сӯҳбат кунед ва пурсед, ки чӣ мехоҳанд ва ҷавобашонро бидиҳед. Розӣ нашуданд ва гуфтанд:

– Ин мавзӯъ ба Навҷувонов дахл дорад ва худаш биёяд, баъд гап мезанем. Ман ба онҳо ҳоло чӣ мегӯям?

Ман ба эшон гуфтам:

– Онҳо бачаҳои ҷавон ҳастанд, писарам гӯед, додарам гӯед, пурсед, ки чӣ мехоҳанд,ҷавобашам бидиҳед, бигӯед, ки биравед, баъди чанд рӯз биёед, ман мавзӯъро ҳал мекунам ва ба Шумо натиҷаашро мегӯям. Аммо раиси ҷумҳур розӣ нашуданд ва гуфтанд, ки баъди сӯҳбат бо Навҷувонов назари худро хоҳанд гуфт. Ман ҳам ҳеч чиз нагуфтаму рафтам ва соати 2 мувофиқи ваъда дубора назди Муравёв омадам, ки ҳанӯз ҷавонон он ҷо истодаанд ва шумораашон зиёдтар ҳам шуда. Соате баъд чун коре доштам, дубора аз паи он кор рафтам ва бегаҳ, мисли ин ки Навҷувонов ҳам омада буд ва дар ҳузури раиси ҷумҳур сӯҳбате шуд. Ба сӯҳбат чанде аз раҳбарони ҳукумат, худи раиси Маҷлис ва панҷ-шаш намояндагони бачаҳои дар саҳни бинои Шӯрои Олӣ ҷамъомада даъват шуда буданд. Талаби ҷавонон ҳамин буд, ки чун раиси Маҷлис бадахшониҳоро таҳқир кардааст, аз ин хотир бояд вай аз онон расман узр пурсад, вагарна онҳо аз даъвоҳои худ даст нахоҳанд кашид ва аз майдон нахоҳанд рафт. Вале Кенҷаев ба ин талаб розӣ нашуд ва аслан гуфт, ки ҳеч узр намепурсад. Ҳамин тавр, сӯҳбат ба ҷое нарасид ва қарор шуд, ки Навҷувонов рафта бо ҷавонон сӯҳбат кунад. Лекин дигарон ҳамроҳи вай ба майдон набаромаданд. Ман гуфтам, ки беҳтар мешуд ҳадди ақал касоне, ки ин ҷо нишастаанд, ҳамроҳи Навҷувонов берун шуда бо онҳо сӯҳбат бикунанд ва чун каме торик ҳам шуда буд, тавре ҷавононро ҷавоб бидиҳанд, ки дар он ҷо наистанд ва бираванд...



Устод Тоҳири Абдуҷаббор бо Насибҷон Амонӣ дар Алмаато, соли 2003.

– Агар ҳамаи Шумо ба назди гирдиҳамомадагон баромада сӯҳбат мекардед, шояд онҳо пароканда мешуданд...

– Бале, тавре қаблан гуфтам, мавзӯъ ҳам ин буд, ки агар онҳо ба назди ҷавонон мебаромаданд ва шикояти онҳоро мешуниданд ва агар ҷавоби омода ҳам надоштанд, ҳадди ақал мегуфтанд, ки шумо ба хонаҳоятон биравед, мо мавзӯъро таҳқиқ мекунем ва баъди чанд рӯз ҷавобашро ба шумо мерасонем ва ё шумо биёед, ба шумо ҷавоб медиҳем. Вале ин кор нашуд... Фақат Навҷувонов баромада бо чанд нафар аз намояндагони

майдон, ки дар берун истода буданд, сӯҳбат карданд, вале онҳо қаноатманд нашуданд. Биноан онҳо шаб дар майдон монданд. Рӯзи дигар ман ба хотири бачаҳо ба майдон омадам, ки онҳо он ҷо истодаанду мавзӯъ ҳамон чун пештара монда ва шумораи одамон ҳам дар ҳоли зиёд шудан аст. Барои ҳамин ман боз кӯшиш кардам, ки ба ҳар сурат раҳбарони ҳукуматро розӣ созам ва шахсан худи Набиев ва ё ягон каси дигар, ки масъулият дорад, бо онҳо сӯҳбат кунанд, то ин ки ҷавонон дар он ҷо наистанду бираванд. Зеро ҳаво ҳамоно чандон гарм набуд ва бориши борон давом мекард. Аз ин хотир рӯзи дигараш ман кӯшиш кардам, ки бо Набиев сӯҳбат кунам, вале муяссар нашудам ва он рӯз то бегоҳ истодам ва ба ман гуфтанд, ки баъзе мулоқот доранд, аз ин хотир рӯзи дигар сӯҳбат кунем. Ҳамин тавр он рӯз ба рӯзи дигаре мегузашт ва тақрибан се-чаҳор рӯз ман дар он ҷо, яъне дар долони табақаи сеюм аз паи ин шудам, ки бо раиси ҷумҳур мулоқот кунам. Рӯзи сеюм ё чаҳорум гуфта буданд, ки фардо субҳ биё, сӯҳбат мекунем, ҳоло раиси ҷумҳур банд аст. Субҳ соати 8 омада то соати тақрибан 3 интизор шудам. Гуфтанд, ки раиси ҷумҳур наомадааст. Ман ҳам хаста ва ҳам басо асабӣ шудам ва гуфтам, ки ин чӣ гуна аст, ки гуфтанд соати 8 биё ва ҳоло соат 3 мешаваду дараке нест. Ҳатто ёваронаш нагуфтанд, ки ҳоло мунтазир нашав ва фалон соат меояд ё намеояд ва фақат онҳо як нуктаро такрор карданд, ки дар утоқаш нест. Ба ҳар сурат ман интизор истодам ва тақрибан соатҳои севу ним аз утоқи раиси ҷумҳур, аз тарафи дигари раҳрав муовини раиси ҷумҳур Нарзулло Дӯстов ва Нурулло Ҳувайдуллоев берун шуданд. Чун онҳо ба наздам расиданд, ман баъди салому алайк бо озурдагӣ ба онҳо гуфтам: – Охир ин чӣ гап аст, мардум ба ин ҷо ба назди раиси ҷумҳур омаданд, то арз кунанд ва чанд рӯз аст ин ҷо истоданд, агар ҳатто бегона ва ҳар касе ҳам мебуд, ҳадди ақал мебаромад ва мегуфт, ки чи гап ва як саволу ҷавобе мекард. Хайр, агар онҳо ҷои дигар мерафтанд, ҳарфи дигар буд, Вале онҳо пеши раиси ҷумҳур омаданд. Чӣ гап аст, ки мулоқот намекунанд. Ба ман ҳам гуфтанд, ки соати 8 биё ва ман то ин вақт мунтазир ҳастам ...

Ҳамин тавр чун як миқдор шӯридам, Ҳувайдуллоев гуфтанд, ки ман ҳозир мебинам, раиси ҷумҳур бояд дар дафтараш бошад. Ман он ҷо истодам ва эшон ҳамроҳи Дӯстов сӯи дафтари раиси ҷумҳур рафтанд ва баъди тақрибан 5-10 дақиқа берун шуданду гуфтанд, ки ҳастанд ва ман ҳамроҳашон сӯҳбат кардам ва соати 5 маҷлис мешавад ва дар он ҷо ин масъаларо ҳал мекунанд. Соати 5 баромадам, ки маҷлис ҳам нашуда ва касе ҳам дар он ҷо набуд. Гуфтам, шояд фардо шавад ва фардо ҳам омадам ва аз субҳ то бегоҳ боз он ҷо истодам, вале на имкони мулоқот кардан шуду на касе он ҷо буд ва ба ҳар сурат мегуфтанд, ки нестанд. Баъд ман хеле ноумед ва асабӣ шудаму гуфтам:

– Ҳамин мардум бегона нестанд ва барои додхоҳӣ пеши раиси давлати худ омаданд. Агар бад ҳастанд, агар нек ҳастанд, агар ноҳақ ҳастанд,

вақте касе пеши дарат меояд, бояд ки баромада ҳамроҳаш гап бизанӣ. Чанд рӯз ман аз пайи ҳамин кор ҳастам ва дар ҳамин долон аз субҳ то бегоҳ нишастаам, вале муроде ҳосил намешавад ва ваъда медиҳанду коре ичро намекунанд. Баръакс, ҳамон рӯз дидам, ки гирдогирди тирезаҳои бино сарбозонро гузоштаанд, мили автоматашон сӯи майдон. Майдонро аз боло, аз табақаи саввум нигаристам, гумон мекардӣ, ки мардум чун дар кафи даст бошанд. Агар Худо накарда, ягон дасисае шавад, мумкин аст, ки инҳо тирпарронӣ кунанд ва мардуми зиёд захмиву кушта шаванд. Бо чунин андешаҳо аз бино берун шуда, роҳ ба сӯи чойхонаи Роҳат пеш гирифтам. Дар ҳамон ҷо, рӯ ба рӯи чойхона дар биное, ки фурӯшгоҳи Зиннат буд, Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон дафтар дошт. Чун ба он ҷо расидам, дар паси бино Давлат Усмону Шодмон Юсуф сӯҳбат доштанд. Наздашон рафтаму гуфтам, ки чанд рӯз аст, ман аз паи раиси ҷумҳур ҳастам, то сӯҳбат бикунам, ки раиси ҷумҳур арзи мардумро бишнаванду ҷавоб бидиҳанд. Вале ҳеч муяссарам нашуд ва дигар барои ман раиси ҷумҳур мурд ва ман дуояшро хонда омадам. Вале баръакс дар табақаи сеюм аскарону милисаҳо, ки мили силоҳашон сӯи майдон нигаронида шудааст, истодаанд ва Худо накунад, ки як ҳодиса шавад. Барои ҳамин, биёед, назди мардум биравем ва аз онҳо хоҳиш кунем, ки он ҷо наистанд ва ба хонаҳояшон бираванд. Баъд як таври дигаре бо онҳо мешавад сӯҳбат кард. Вале Давлати Усмон гуфт, ки не, баъди чанд рӯз рӯза тамом мешавад, баъд мардуми зиёд ба майдон меоянд ва мо маҷбур мекунем, ки ҳукумат талабҳоямонро қабул кунад. Тақрибан Шодмон ҳам, мисли ин ки ба ҳамин нукта розӣ буд, ба ҳар сурат пешниҳоди маро напазируфтанд. Ба ҳамин гуна, мардум дар рӯзҳои баъд бештару бештар ҷамъ омаданд ва гирдиҳамоӣ ҳам тӯлонӣ шуда дар он ҷо мисли ин ки то 2 апрел давом кард.

– Яъне, тавре Шумо гуфтед ва аз сӯҳбататон бо Давлати Усмону Шодмони Юсуф бармеояд, баъди ин ки бародарони бадахшонӣ ба майдон омаданд ва чанд рӯз он ҷо буданд, намояндагони баъзе гурӯҳҳои иҷтимоӣ барои идомаи гирдиҳамоӣ омодагӣ гирифтанд? Ин нукта дуруст аст?

– Бале. Дигар дар майдон хайма заданд ва чун шаб ҳаво сард буд ва мардум он ҷо бештар шуд, хаймаҳо низ зиёдтар шуд. Зимнан, ба майдон раҳбарони Ҳизби наҳзати исломиву Демократ ва бачаҳои мо ҳам омаданд ва мардум як талабномае иборат аз 8-10 банд омода карданд.

– Бигӯед, ки нуктаҳои асосии талабнома чи буданд?

– Ҳоло дақиқан дар ёдам нест, вале як нуктааш ин буд, ки раиси Маҷлис аз вазири дохила ба хотири ин ки ӯву бадахшониҳоро таҳқир карда буд, узр бипурсад. Бандҳои дигараш тақрибан марбути забон буд, ки ҳарчанд қонун қабул шуда буд, вале он ичро намегардид ва ҳукумат бояд кӯшише бикунад. Ду-се банд дар бораи масоили доғи рӯз, аз ҷумла, таваҷҷӯҳ кардан ба ҳоли мардуму ба бенавоиву ин тур ҳарфҳо буд.

– Метавон гуфт, ки дар он гирдиҳамоӣ иттиҳоди неруҳои мухолифин ба вуҷуд омада буд ва бигӯед, ки ба ин иттиҳод кадом аҳзобу ҷунбишҳо шомил шуда буданд?

– Намешавад гуфт, ки иттиҳоде ё чизе буд, агар расман бигӯем, на, чунин иттиҳод набуд. Ҳамин тур шуд, ки аҳзобу созмонҳо ба ҷонибдорӣ аз мардум бархостанд – ҳам Ҳизби демократ ва ҳам Наҳзати исломӣ, ҳам бародарони мо омаданд ва ҳам созмони Лаъли Бадахшону чанд гурӯҳи дигар пайвастанд ва аз ҳар тараф одамон меомаданд ва хаймаҳои худро мезададанд ва шабу рӯз дар он ҷо буданд. Зимнан кӯшиши ҳама ва шахсан ман ин буд, ки ҳар чи зудтар як гуфтугӯе сурат бигирад ва мардум ба хонаҳои худ бираванд, ки дар он ҷо истодан кори хуб набуд.

– Оё кӯшиши Шумо дар бораи ҳарчи зудтар ба хонаҳои худ бурдани мардумро ҳама намояндагони дигар созмонҳо, ки ҳамроҳатон буданд, ҷонибдорӣ мекарданд?

– Бале, тақрибан андеша ҳамин буд ва дар майдон як ҳайъат ташкил шуда буд ва ҳама умед бар ин доштанд, ки онҳо рафта сӯҳбат ва масъалаҳоро ҳал мекунанд ва имрӯз нашавад, фардо мардум ба хонаҳои худ мераванд. Вале ин мулоқот басо суст ҷараён мегирифт ва аслан бисёр рӯзҳо муяссар намешуд, ки мулоқот бикунанд. Масалан, имрӯз ба соати 3 мулоқот таъйин мекарданд, он ба соати чаҳор, ба панҷ ва ба фардову пасфардо мегузашт. Ҳамин тур рӯзҳо мегузаштанд. Зимнан, аз тарафи намояндагони ҳукумат ва Маҷлис (порлумон) як комиссиюн дар бораи баррасӣ кардани фаъолияти вазири дохила ташкил шуд ва ман ҳам ба он шомил будам. Тақрибан як ҳафта ва ё бештар комиссиюн фаъолият кард. Мавзӯъ ин буд, ки гӯё вазири дохила Навҷувонов як мошинро ғайриқонунӣ ва гӯё як хонаи дигар бидуни навбат гирифтааст. Вале зимни сӯҳбатҳо ва ошноӣ бо ҳуҷҷатҳо маълум шуд, ки ин ҳама иттиҳомот нодуруст аст ва ӯ ягон кори ғайриқонунӣ накардааст ва гуноҳҳое, ки раиси Маҷлис мехост ба гардани вай бор кунад, беасос аст ва дуруст нест. Билохира, баъди беш аз ягон ҳафта кори комиссиюн ҳам анҷом ёфту он бояд дар сессия садо медод, вале раиси комиссиюн сарвазир Акбар Мирзоев бемор ва дар бемористон буд ва ман аз муовини раиси комиссиюн дархост кардам, ки ӯ хулосаи кори комиссиюнро ба ҳамагон маълум намояд, вале вай ин корро накард ва гуфт, ки ин корро худи раис бояд бикунад ва бо ҳамин хулосаи комиссиюн эълон нашуд. Зимнан, чун ҳамин тур хунукназариву беаҳамиятӣ зиёд шуд ва инро бештар ба кори дастгоҳи Маҷлис марбут медонистанд, талабе ба миён омад, ки Маҷлис, яъне парлумон пароканда карда шавад ва интихоботи ғайринавбатӣ, яъне пеш аз муддат сурат бигирад. Зеро ин парлумон 94 дарсад аз коммунистони мансабдор иборат буд ва бештари онҳо ашхоси бесалоҳият буданд ва тавони кор дар ниҳоди қонунбарор надоштанд. Ағлаби онҳо раисони колхоз, директорони совхозҳо ва котибони ҳизб, буданд ва намедонистанд қонун чист ва кори парлумон комилан ҷавобгӯи талаботи замон

набуд, чунки вазъият босуръат тағйир мекард ва дар бораи тағйиротҳои чиддӣ қарорҳое қабул мекарданд, вале пояи ҳуқуқии онҳо аслан вучуд надошт. Барои сохтани пояҳои ҳуқуқии онҳо парлумон бояд доимо амал мекард, вале депутатҳо соле се-чор дафъа барои ду-се рӯз ҷамъ мешуданду аз қонунҳо чизе нафаҳмида, фақат даст мебардоштанд ва воқиан ҳам дар ҳамон шароит ба вуҷуд овардани як парлумоне, ки доим амал мекунад ва он аз одамони босаводу бофарҳанг ва аз вазъи мавҷуда огоҳ иборат бошад, зарур буд, то он дар ин марҳилаи ҷадид як пояи қонунии зиндагии ҷомиаро бисозад ва ин кор танҳо дар сурате анҷом дода мешуд, ки пеш аз мӯҳлати муайяна парлумон кори хешро мунҳал бикунад, яъне пароканда шавад ва дубора интихобот шавад, то ин ки одамони лоиқу арзанда, ки тавони анҷоми чунин корҳоро дошта бошанду чунин вазифаро ба ӯҳда бигиранд, интихоб бишаванд. Ва ман фикр мекунам, ки дар ҳамон ҳангом муҳимтарин талаб ва масъалаи доғи рӯз ҳамин буд ва ин пешниҳоди комилан дуруст буд.

Маросими ёдбуди устод Тоҳири Абдуҷаббор дар Душанбе, 25 апрели соли 2009.

– Яъне он вақт парлумон парлумони ҳирфавӣ набуд ва депутатҳо маошхӯр ҳам набуданд...

– На,на, ҳеч чизе набуд. Фақат мисли пештараҳо, ки як чизе ба номи парлумон ҳаст, вале амалан вучуд надорад ва он аз ашхоси тасодуфиву бесавод ва касоне, ки ҳеч лаёқати кор дар чунин ниҳод надоранд, иборат буд, чунки дар замони Шӯравӣ парлумон лозим набуд ва он ҳеч аҳамият надошт ва номаш буд ва худаш набуд ва он рӯз низ ҳамин гуна буд. Ин дар ҳоле ки вазъият дигар шуда буд ва мебоист, ки пояҳои ҳуқуқии як ҷомиаи ҷадидро мерехтанд ва ин парлумоне, ки дар соли 1990 интихоб шуда буд, аслан тавони ин корро надошт. Касоне дар парлумон буданд, ки дар андеша ва ғами ҳифзи мақом ва манофеву мансаби худ буданд ва тақрибан ин парлумон ва Кумитаи Марказии ҳизб ҳарду як чиз буданд, чунки касоне, ки дар он ҷо буданд, дар парлумон низ ҷой гирифта буданд ва онҳо ба ҳеч вачҳ наметавонистанд, ки барои пешрафт ва зиндагии ҷомиа дар шароити ҷадид коре бикунанд.

– Яъне аз рӯи гуфтаи Шумо, гирдиҳамое, ки бо талаби кӯчаки мардуми Бадахшон шурӯъ шуду талабашон аз онҳо узр хостани раиси Маҷлис буд,

ба гирдиҳамоии бузург табдил ёфт ва дар ин маврид баъзе коршиносон мегӯянд, ки дар он давра парлумон ҳам аз як ниҳоди қонунбарор ба ниҳоди ичроя табдил ёфта буд ва ин бештар дар гуфтаҳои худи раиси Парлумон Сафаралӣ Кенчаев ба мушоҳида мерасид ва моҷарои вай бо вазири дохила ҳам таъйид ба ин гуфта буд. Назари шумо дар ин маврид чист?

– Бале, аслан тавре гуфтам, парлумон ба ном буд ва дар асл ҳеч набуд ва вазоифи бузурге, ки дар пеш истода буд, онро наметавонист ичро бикунад. Аз ин лиҳоз, ман воқиан розӣ будам ва қабл аз ин ҳам тақрибан дар авоили соли 1992 ба Кенчаев гуфта будам, ки ту як дуруст фикр бикун, ки ҳамин парлумон кори худро анҷом дода битавонад, яъне иваз шавад ва чун навад дарсад касоне, ки дар парлумон ҳастанд, онҳо вазифаи худро намедонанд ва тавони ин корро надоранд. Аз ин хотир маслиҳат бикунед ва ин дафъа, вақте намояндагони мардум меоянд, мавзӯъро дар миён бигзор, ки ҳамин тур корҳои бисёр бузург дар пеш аст ва Шумо тавони ин корҳоро надоред. Биёед, шояд бо дар назардошти вазъи феълӣ ва таҳаввулоте, ки сурат мегирад, маслиҳат бикунем ва худи Парлумон қарор барорад, ки як интихоботи ғайринавбатӣ сурат гирад. Ин кор, масалан, дар се-чор моҳи оянда, яъне то тобистон гузаронида шавад ва Маҷлис, яъне парлумон нав шавад. Ин барои Тоҷикистон ва тамоми мардуми он мавзӯи фавқулъодда муҳим буд. Вале онҳо аз паси ин корҳо не, баръакс дар талоши мансаб буданд.

– Дар ин гирдиҳамой, чӣ тавре гуфтед, ҳамаи аҳзоби сиёсӣ ва чунбишҳои мухолифон ширкат доштанд ва талабҳои зиёди сиёсӣ ба миён гузошта шуданд ва ин гирдиҳамоӣ дар он давра дар қаламрави Шӯравии собиқ яке аз аввалин тазоҳуротҳои бузурги мардумӣ буд. Шумо нақши ин тазоҳуротро дар бедориву худогоҳии минбаъдаи мардуми тоҷик чӣ тур арзёбӣ мекунед?

– Бале, дар он шароит метавон гуфт, ки чунин гирдиҳамоиҳои пурдавом бо ширкати анбӯҳи зиёди мардум падидаи нодир буд. Дар гузаштаҳо муддати 70 сол ҳамин гуна гирдиҳамоиҳои мардумӣ сурат намегирифт ва ин баёнгари бедории мардуми тоҷик буд. Онҳо дар масоили ичтимоиву иқтисодиву сиёсии ҷомиа андеша мекарданд ва дарки дуруст доштанд, ки вазъ хуб нест ва он бояд дигар шавад. Онҳо талабҳои худро аз тариқи ширкат кардан дар ҳамин гуна гирдиҳамоиҳо иброз мекарданд ва он талабҳо воқиан ҳамаашон талабҳои дуруст буданд. Рӯзҳои аввал талаб танҳо ин буд, ки раиси Маҷлис ба хотири таҳқире, ки карда буд, узр бипурсад ва Қонуни забон бояд риоят шавад ва ҳукумат дар беҳбуди зиндагии мардум таваҷҷӯҳ бикунад. Фақат баъд аз ҳафтаи якуму дуюм чун диданд, ки ин қадар мардум дар майдон шабу рӯз ҳасту касе ба ҳолашон таваҷҷӯҳ надорад ва ҳатто намехоҳанд ҳамроҳашон мулоқот бикунанд, нахуст талаб гузоштанд, ки раиси Маҷлис аз вазифааш биравад ва баъдтар чун ба ин мавзӯъ ҳам ҳеч таваҷҷӯҳ нашуд, он масъала пеш омад, худи парлумон, ки сабабгори ба вуҷуд омадани мушкилоти Тоҷикистон

аст ва тавони ҳал кардани масоили онрӯзаи кишварро надорад, пароканда шавад ва интихоботи нави пеш аз муддат сурат гирад. То ҷое, ки ёд дорам, тақрибан то охири ин муддат, яъне 20-25 рӯзи гирдиҳамоӣ дар бораи истеъфои дастгоҳи ҳукумат ва ё раиси ҷумҳур ҳарфе набуд, танҳо таваҷҷӯҳ бар ин буд, ки раиси Маҷлис шахсест дар вазифааш нолоиқ ва ӯ бояд ба истеъфо равад ва худи парлумон ҳам беҳтар аст, ки дубора интихоб шавад ва мардум касони лоиқеро, ки тавони кор дар он ҷо доранд, интихоб кунанд.

– Муносибати рӯшанфикрон, аҳли адаб, ҳунармандон ва умуман аҳли ҷомиа ба ин гирдиҳамоиҳо чӣ гуна буд?

– Бубинед, хеле мардуми шаҳр пуштибонӣ мекарданд, бисёрашон гоҳ вақт меомаданд ва мерафтанд. Баъзеҳо норозӣ буданд ва ҷонибдори хатти маши ҳукумат буданд, баъзеҳо тақрибан дудила ва дар мобайн монда буданд. Ин ҷо як нуктаро низ бояд ёдовар шуд. Чун мардуми зиёд ба майдон омаданду хаймаҳо ҳам зиёд шуд ва онҳо бо хаймаҳояшон кӯчаҳоро ҳам банд карданд, ба рафтуомади мардум музоимат эҷод шуд. Ман чанд дафъа кӯшиш кардам, ки роҳро банд накунанд, вале ман на ҳамеша дар майдон будам ва бештар аз паи музокироту кори комиссиюн ва чанд кори дигар мегаштам ва гоҳе ба майдон сар мезадам ва боз ҳам роҳҳо банд буд ва мисли ин ки хатти троллейбус ҳам аз кор монда буд ва одамон пиёда рафтуомад мекарданд ва ин боиси норозигии мардум мешуд. Дар он ҷо баландгӯҳо гузошта буданд ва шабу рӯз сӯҳбатҳо давом мекард ва тақрибан ҳар кас бихоҳад баланд мешуд ва ҳар чизе, ки дар андеша дошт, хоҳ дуруст ва хоҳ нодуруст, баён мекард. Табиист, ки дар чунин ҳолат ҳарфҳои носанҷидаву ғалат ҳам гуфта мешуданд. Гоҳе ба ман рафиқони мо изҳор мекарданд, ки имрӯз ин тур ҳарфҳо гуфта шуд ва ман ба онҳо мегуфтам, ки шумо набояд ба ин чиз роҳ медодед . Аслан ҳар чизе, ки гуфта мешавад, бояд воқеият дошта бошад ва аз рӯи одоб бошад, на берун аз ин. Аз сӯи дигар, касони зиёде ҳам аз ҷумлаи равшанфикрон, намояндагони аҳзоби сиёсӣ ва созмонҳо омада сӯҳбат мекарданд ва аз ин нигоҳ тақрибан ин гирдиҳамоӣ як мактаби бедорӣ ё худшиносии мардум шуда буд. Ҳамчунин дар чанд гиридҳамоие, ки пештар аз он низ доир шуда буд, сӯҳбатҳои зиёд атрофи масоили гуногуни ҷомиа гуфта мешуд ва мардум дарди дил мекарданд ва зимнан андешаҳои якдигарро мешуниданд ва фикр мекунам, ин як нав омили бештар шудани огоҳии мардум ҳам шуда буд. Вале дар тазоҳурот чизҳои зиёд мешавад ва мавзӯъ ин буд, ки ҳеч кас чунин андеша надошт, ки мо муддати зиёд дар ин ҷо меистем. Ба ҳар тартиб, ин гирдиҳамоии пурдавом на ба он хотир буд, ки мардум омада ба муддати зиёд гирдиҳамоӣ кунанд, балки интизор буданд, ки ҳамин лаҳза ва зиёд бошад ҳамин рӯз мавзӯъ ҳал мешавад ва то бегоҳ хама мераванд ва имрӯз нашуд, фардо ва ин беш аз бист рӯз идома кард. Ниҳоят 21 апрел байни намояндагони ҳукумат ва гирдиҳамомадагон тавофуқе ҳосил шуд ва рӯзи 22 аз субҳ онҳо майдонро шустанд, пок карданд ва ҷорӯб карданду рафтанд.

– Умуман баъд байни ҳукумат ва гирдиҳамомадагон як музокироте, ки гуфтед доир шуд ва ё не?

– Билохира чунин музокирот байни ҳукумат ва намояндагони майдон доир шуд. Албатта, он пора-пора дар чанд рӯз сурат гирифт ва билохира ба чунин мувофика расиданд, ки интихоботи пеш аз муддати парлумон сурат мегирад дар тирамохи ҳамон сол. Дар ин муддат парлумон даъват шуд ва маҷлиси он гузашт ва баъзе мавзӯъҳоро баррасӣ карданд ва худи парлумон дар ин масъалаҳо қарор қабул кард ва бо ҳукумат ҳам сӯҳбат карданд ва ҳукумат низ ба пешниҳодҳои ҷамъомадагон мувофикати хешро иброз кард. Ба ҳар сурат, чизи муҳим ин буд, ки интихоботи парлумон пеш аз муддат, яъне на дар соли 1994, балки тақрибан тирамоҳи ҳамон соли 1992 бояд сурат мегирифт. Ин мувофиқа ҳосил ва чунин тасмим гирифта шуда буд.

– Акнун, модом ки талабҳо иҷро ва гирдиҳамомадагони Майдони Шаҳидон пароканда шуданд, баъд чи тур ба истилоҳ Майдони Озодӣ пайдо шуд?

– Қиссааш маълум аст, гурӯҳе аз онҳое, ки албатта кудратталаб буданд ва ғаразҳои худро доштанд, рафта бо шӯрандозӣ мардумро ҷамъ карда ба мошинҳо савор карда, ба майдон оварданд. Рӯзи 24 апрел онҳо ба Душанбе расиданд ва гирдиҳамоии худро оғоз карданд ва баъдан тамоман беназмиву бемаънигихо аз ҳамон ҷо шурӯъ шуд. Ба дунболи майдони Озодӣ дубора дар майдони Шаҳидон низ мардум ҷамъ шуданд ва рӯбарӯистии ду майдону як навъ мухолифат оғоз шуду оқибат корро ба ноамниву ҷангу ҷидол кашонд.

– Муносибати шумо ба майдони Озодӣ чӣ гуна буд? То ҷое, ки мо иттилоъ дорем, шумо гуфта будед, ки онҳо ҳам ҳаққи баргузор кардани гирдиҳамоӣ ва ибрози назар ва баёни фикр доранд, вале баъзеҳо ба ин гуфтаи шумо розӣ набуданд…

– Бале, ҳамон рӯз, мисли ин ки рӯзи якшанбе буд, мо ҳамроҳи бародарон мехостем кадом тарафе берун аз шаҳр биравем. Ба ҳар сурат, хабар омад, ки ба майдони Озодӣ мардум омадаанд ва қарор аст, ки дар майдони Шаҳидон ҳам кадом чизе бишавад. Мо рафта бо раҳбарони Ҳизби нахзати исломиву Ҳизби демократ ва дигарон сӯҳбат кардем. Ман гуфтам, ки ба майдони Озодӣ омадаанд, хеле хуб; ҳама ҳақ доранд гирдиҳамоӣ кунанд. Мову шумо кариб як мох дар майдон будем ва онҳо ҳам ҳак доранд. Фақат бехтар аст, ки ҳеч кас аз ҷонибдорони мо ба майдони Озодӣ наравад. Гирдиҳамомадагони майдони Озодӣ ҳам харфашонро мегӯянд ва хуб, агар шаб меистанд ва рӯзҳои дигар ҳам меистанд, ихтиёрашон. Агар ҷаласаи парлумон ҳам даъват мешавад ва ягон тасмиме мегиранд, хеч гапе нест. Зеро мо пофишорӣ кардем ва ин корҳоро ичро карданд. Онҳо ҳам мардуми Тоҷикистон ҳастанд ва ҳак доранд ин корро бикунанд. Ба ин гуфтаҳои ман тақрибан мувофиқаи ҳама сарварон ҳосил шуда буд, вале рӯзи дигараш чун ба шаҳр баромадем, дидем, ки мардум

ба майдони Шаҳидон ҳам ҷамъ шудаанд. Баъд ман рафта гуфтам, ки дирӯз маслиҳат дигар буд, чаро боз имрӯз ба майдон баромаданд ва ин кори хуб нест. Гуфтанд, ки не ҳамин тур, мардум барои чанд соат ҷамъ шуданд ва мо иҷоза додем. Гуфтам, агар ин тур аст, барои чанд соат, хайр аст, вале зинҳор шаб наистанд. Яъне як-ду соат, ки он ҷо ҳастанд, ҳадафашонро бигӯянду пароканда шаванду бираванд.

– Он гирдиҳамоии дубора дар майдони Шаҳидонро кӣ доир карда буд?

– Валлоҳ, хабар надорам, ки кӣ доир карда буд ва чӣ гуна буд. Фақат ҳамин қадар ёдам ҳаст, ки дар Қозиёт ҳам роҳбарони Ҳизби демократ ва ҳам раҳбарони Ҳизби наҳзати исломӣ ҷамъ шуда буданд ва ман дар он ҷо гуфтам, ки мо ҳамин қадар гирдиҳамоӣ кардем ва онҳо ҳам дар майдони Озодӣ ҳақ доранд, гирдиҳамоӣ бикунанд ва касе аз ин ҷо ба майдон наравад.

– Онҳо ба гуфтаҳои шумо розӣ шуданд?

– Бале, рӯзи аввал ки ин сӯҳбат буд, мувофиқ шуданд ва дар майдон ҳам касе набуд. Тавре гуфтам, рӯзи дигар чун ба шаҳр омадам, дидам, ки мардум ба майдон баромаданд ва гуфтанд, ки мо фақат барои ду соат иҷоза додем. Гуфтам, ки зинҳор шаб наистанд ва бираванд ва ба ин ҳам розӣ шуданд. Рӯзи дигараш омадам, ки дидам хаймаҳо задаанд ва ҳастанд ва… Агарчи ман гуфтам, ки чаро ин тур кардед, ин хуб нест. Гуфтанд, ки раҳбарон иҷоза доданд, ки мо хайма бизанем. Дар ҳар сурат, ин кор хуб набуд. Ман ҷонибдори ин будам, ки ҳар кас ҳақ дорад, гирдиҳамоӣ карда, агар ҳадафе дорад, бигӯяд. Ин ҳукумат ё ниҳодҳои дигар ҳастанд, ки бояд худашон қазоват бикунанд, бубинанд, ки агар ҳақ бошад, қабул кунанд ва агар ноҳақ бошад, рад кунанд. Вале баён кардани андешаҳои худро набояд манъ кунанд, яъне хама кас ҳақ дорад, ҳарфашро бигӯяд. Мавзӯи дигар аст, ки то чӣ андоза касе ҳақ аст ва ё ноҳақ аст, инро бояд таври дуруст бар асоси қонун қазоват бикунанд.



Рӯзи якшанбе хабар омад, ки ба майдони Озодӣ мардум омадаанд ва қарор аст дар майдони Шаҳидон ҳам кадом чизе бишавад. Ман гуфтам, ки ҳама ҳақ доранд гирдиҳамоӣ кунанд.

– Баъд гиридиҳамоии ду ҷониб чӣ қадар давом карду бо чӣ анҷомид?

– Мисли ин ки рӯзи 7 май гирдиҳамоиҳо тамом шуд ва рӯзи 5 ё 6 ум майдони Озодӣ холӣ шуд. Рӯзи 7 ум як санади ниҳоии музокирот байни ҳукумат ва мухолифон ба имзо расид ва як ҳукумати, ба истилоҳ, Мусолиҳаи миллӣ гӯиё таъсис шуд…

– Бубахшед, ҷараёни таъсиси Ҳукумати мусолиҳаи миллӣ чӣ гуна буд?

– Муддати тӯлонӣ, яъне шояд як ҳафта ҳам бештар дар Чорбоғи ҳукумат, ки дар рӯбарӯи Донишгоҳи тибб аст, гурӯҳе аз намояндагони ҳукумат ва ҳайъате аз намояндагони мухолифон пайваста музокира доштанд. Дар бораи ин ки дар ҳукумат киҳо лоиқи кор ҳастанду метавонанд кори худро пеш бибаранд ва киҳо на – сӯҳбатҳо зиёд буд.

– Шумо ҳам ширкат доштед?

– Бале. Вале на ҳама вақт ва гоҳе авқот ман ҳам дар он ҷо будам ва атрофи масъалаи киҳо дар ҳукумат лаёқати кор надоранд ва киҳо аз мухолифон ба ҳукумат шомил шаванд, баррасӣ мекарданд. Баъдан ин мавзӯъ дар мулоқоти ниҳоӣ ҳам баррасӣ шуда буд ва рӯиҳамрафта аз тариқи парлумон се-чор нафарро ба дастгоҳи ҳукумат пешбарӣ карда буданд. Аз мухолифон ба ҳайъати раисаи Шӯрои Олӣ мисли ин ки Ҳоҷӣ Акбар Тӯрачонзода ва боз як нафари дигар пешниҳод шуданд. Ба дастгоҳи ҳукумат се-чор нафари дигар пешбарӣ шуданд, як нафар раиси радиотелевизион таъйин шуд. Рӯиҳамрафта ба 33 вазорату кумитаҳое, ки дастгоҳи давлат дошт, 8 нафар намояндаи мухолифон шомил шуданд.

– Умуман бардошти умумии шумо аз ҳамин гирдиҳамоиҳо чӣ гуна аст?

– Ман чунин андеша дорам, ки охири солҳои 80 ва авали солҳои 90 мардуми тоҷик, бавижа равшанфикрон, воқеан бедор шуда буданд. Дар ин ҷо нисбат ба соири чумҳуриҳо бедорӣ бештар дида мешуд ва мардум аз ҳоли хеш огоҳ шуда буданд. Воқиан мардум аз сатҳи хеле поини зиндагӣ, гуна-гуна мушкилот, бекорӣ ва хеле корҳои нодуруст дар ҷумхурӣ огоҳ ва аз он норозӣ буданд. Биноан ҳама ҷонибдори як навъ дигаргуниву беҳбудӣ буданд. Интизори он буданд ва талаби онро ҳам доштанд. Ҷунбишҳое, ки дар кишвар буд, ҳамааш дар ҳамин замина буд ва барои пиёда сохтани ин хостаҳо буд. Зимнан, на ҳамаи мардум омодаи чунин чизҳо буданд ва шароити хосе буд, вале рӯиҳамрафта равшанфикрон аз сатҳи маҳдуди маҳал берун шуда буданд ва манофеи умумии тамоми Тоҷикистон ва тамоми миллатамонро ифода мекарданд ва мехостанд, ки бар нафъи тамоми мардум барои беҳбудии вазъи Тоҷикистон дар оянда дигаргуниҳо бишавад ва ин гуна беҳбудӣ мебоист, ки дар тамоми риштаҳо ва соҳаҳои зиндагии ҷомиа сурат бигирад ва ин кори бузурге буд. Вале онҳое, ки ба сари қудрат буданд, бисёрашон дарки ин чиз ва дигарашон тавон ва ҳам хоҳишашро надоштанд ва бадбахтӣ дар ин буд. Чунин ихтилофе пеш омада буд, ки ҳукумат ақибмондатар аз тӯдаҳо буд, яъне тӯдаҳо – равшанфикрон пешрафт карда буданд, вале ҳукумат бо ҳамон мафкураи солҳои пешин бокӣ монда буд. Гузашта аз он дар Тоҷикистон ҳеч вақт таи 70 сол ҳукумат набуд ва акнун ҳукумат дар ҳоли тоза ба вуҷуд омадан буд ва он ҳоло рӯи пой ҳам наистода буд, ки боз парешон шуду аз байн рафт. Яъне, агар дар Тоҷикистон ҳукумат мебуд, ҳеч гоҳ дар ин ҷо ягон ҳодисаи баде сурат намегирифт. Ман сад дар сад ба ин бовар дорам. Вале гурӯҳҳои ҳукуматталаб буданд ва барои он талош карданд. Зимнан онҳо дар ғами манфиатҳои худ буданд, яъне онҳо мехос-

танд бо истифода аз қудрат, яъне ҳукумат амволи мардумро дуздӣ бикунанд ва бигиранду моликияти худ бисозанд. Кӯркӯрона аз қонунҳои ҷадиде, ки дар Русия иттихоз мешуд, рӯйбардорӣ мекарданду тақрибан медиданд, ки ҳоло мавзӯи тағйиротҳо ё ислоҳотҳои иқтисодӣ дар пеш аст, касе, ки дар сари қудрат бошад, он метавонад соҳиби молу мулк шавад. Яъне моликияти мардум тақсим мешавад ва касе, ки дар сари қудрат бошад, аз он истифода мекунад ва метавонад соҳиби молу мулк шавад. Аз аввал ҳам хелеҳо қудратхоҳу мансабпараст буданд ва ба онҳо гурӯҳҳои тоза ҳам ҳамроҳ шуданд ва рӯиҳамрафта ҳарчи бадбахтиву нооромӣ ба Тоҷикистон омад, ба хотири ҳамин чизҳо буд. Яъне аввал ҳукумат набуд ва он чизе, ки бо номи ҳукумат ба вуҷуд омада буд, ҳанӯз ба пои худ наистода буд ва се-чор моҳи баъд тақрибан аз моҳи май умуман дар Тоҷикистон ҳукумат набуд. Он чизе, ки дар муддати 70 сол буд, он албатта ҳукумат набуд, балки як навъ администратсия ё идорае буд, ки зимомаш, яъне ҷилаваш дар дасти Маскав буд ва ҳар амре, ки аз он ҷо меомад, ичро мекард. Ҳар касеро, ки Маскав мехост, ҳамон рӯз аз кор барканор мекард ва ҳар касеро бихоҳад, ба он ҷо мегузошт. Онҳое, ки дар Кумитаи марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистону ҳукумати Тоҷикистон нишаста буданд, аслан ҳеч салоҳият надоштанд, ки коре бикунанд ва ё қароре қабул кунанду онро амалӣ намоянд. Ҳама фармон дар он ҷо мешуд. Мегӯянд дар Душанбе роҳбарони Тоҷикистон, вақте аз Маскав занг мешуд, ҳатто аз ҷояшон бархоста гӯширо боло мекарданд…

– Рӯйдодҳои онвақта, яъне гирдиҳамоиҳои тӯлонии майдони Шаҳидон дар қавӣ гардидани иртиботи байни мухолифон, бахусус аҳзоби сиёсиву ҷунбишҳои мардумӣ ягон нақше дошт?

– Дар он вақт тақрибан ду тараф буд – яке ҳукумат, дигаре мардум…

– Майдон ҳам чунин буд?

– Бале аҳзоби сиёсиву созмонҳои тозабунёд табъан аз ҷониби мардум буданд. Он тараф – Ҳизби коммунист, яъне ҳизби ҳоким ва ҳукумат. Гуфтани ин ки ин аҳзобу созмонҳо иттиҳод карданд, тавре қаблан низ таъкид кардам, ин шояд ҳарфи чандон дуруст набошад. Беҳтар аст, бигӯем, ки онҳо якҷо буданд, яъне дар як тарафи сангар. Яъне, ҳукумат бо Ҳизби коммунист аз як тараф ва аз тарафи дигар – мардум ва чун ин аҳзобу созмонҳо аз манофеи мардум ҷонибдорӣ мекарданд, чун гирдиҳамоӣ шуд, ҳамаи инҳо бо мардум буданд, яъне дар рӯбарӯи ҳукумату ҳукуматдорон истода буданд. Вале расман кадом иттиҳоде нашуда буд, яъне мавзӯи иттиҳоди расмӣ дар миён набуд, яъне ба ҳар ҳол сурат нагирифт ва ба хотири ин ки масалан, то ба ҳол ва дар он вақт ҳам барномаву оинномаи Ҳизби наҳзати исломӣ, масалан, чоп нашуда буд. Онро ман каме хонда будам, вале бароям бисёр чизҳо норавшан буданд. Иттиҳод дар ҷое сурат мегирад, ки як асосе барои муштаракии ҳадафҳо вуҷуд дошта бошад. Созмони Растохез барномаву оинномаи худро чоп карда ба дастгоҳи ҳукумату ба ҳама ҷо супорида буд ва он эълом шуда буд ва аз он огоҳ

буданд ва ҳадафи асосии он ба даст овардани истиқлолияти Тоҷикистон, рушду тавсиаи фарҳанги миллӣ, забон ва ҳимояти манофеи Тоҷикистон буд ва аз ин лиҳоз он ба ҳама дахл дошт, яъне фарқ намекард барои мо, ки он узви ҳизб ва ҳатто коммунист аст ё нест, масалан пайрави ягон мазҳаб аст ё нест. Барои он ки он чизе, ки ман гуфтам, яъне Истиқлолияти Тоҷикистон ва ҳифзи манофеи он, барқарор кардани ҳаққу ҳуқуқи поймолшудаи мардуми Тоҷикистон ба ҳама дахл дошт – ҳам ба коргар ва ҳам ба деҳқон, ҳам ба дастгоҳи ҳукумату ҳам равшанфикрон, ҳам ба диндору ҳам бедину фаразан ё пайрави мазоҳиби мухталиф ё аҳзоби мухталиф, яъне барои ҳамагон дахл дошт ва дар ин марҳила ин хостаҳое буд, ки тамоми равшанфикронро муттаҳид мекард ва тақрибан мақсади ҳамаи онҳо ҳамин буд. Аз сӯи дигар Созмони Растохез ҳизб набуд. Ҳизб сохтор ва ҳадафҳои сиёсӣ дорад. Ҳадафҳои сиёсӣ ба маънои расидан ба қудрат. Созмони Растохез ин гуна ҳадаф надошт, ҳадафе дошт умумимиллӣ барои ҳамагон. Ҳизби наҳзати исломӣ метавонист ҳадафҳои худро дошта бошад, яъне ки дар ҷиҳати ба даст овардани истиқлолияти Тоҷикистон ва барқарор кардани озодиҳои сиёсиву иқтисодии мардум ҳамагон муштарак буданд, ин як тарафи масъала. Вале ба ғайр аз ин мумкин буд ҳадафҳои дигаре бошад, ки ин аҳзобу созмонҳоро аз ҳам ҷудо мекард, яъне фарқ дар ин миён буд ва чигунагии ин ҳадафҳо барои ҳамагон равшан набуд. Ман то дер замон ҳам мегуфтам, ки Ҳизби наҳзати исломӣ ба қавли Кант шайъ дар худ аст, яъне чизе, ки чандон равшан нест ва тамоми марому мақсадҳои он комилан равшан нест ва баррасиву арзёбӣ нашуда ва иттиҳод танҳо дар ҷое имконпазир аст, ки ҳамаи ҳадафҳо ва тарзи расидан ба онҳо равшан арзёбӣ шуда бошад ва ҳар кас битавонад бигӯяд, ки бале ин мувофиқи аҳдофи мо ҳаст ё нест, яъне қобили қабул ҳаст ё нест. Ин кор ҳеч гоҳ нашуда буд. Ҳарчанд ман солҳо берун аз кишвар ҳастам, вале то ҷое медонам, ба назарам, то ба ҳол ҳам ин ҳолат боқӣ монда.



Устод Тоҳири Абдуҷаббор дар Бишкек – пойтахти Қирғизистон, январи соли 1997.

– Тасмимгирии шумо, манзурам сарварони мухолифин – Созмони Мардумии Растохез, Ҳизбҳои демократ ва Наҳзати исломӣ ва созмони Лаъли Бадахшон дар рӯзҳои гирдиҳамой чӣ гуна сурат мегирифт?

– Аслан дар майдон гӯё як раёсати гирдиҳамоӣ таъсис шуда буд ва дар он намояндагони ҳам Созмони Растохез, ҳам Ҳизби демократ, ҳам созмони Лаъли Бадахшон ва Ҳизби наҳзати исломӣ буданд ва як дафъа ҳамин тавр маслиҳат шуда буд, ки ҳама талабҳоро бинависем ва ба асоси ин талабҳо бо ҷониби ҳукумат мулоқоту гуфтугӯ бикунем ва ҳамин кор шуда буд ва баъд аз он, тавре қаблан гуфтам, ҳар рӯз интизор будем, ки мулоқот сурат мегирад, масъалаҳо баррасӣ мешавад ва ба як натиҷа мерасанд. Вале ҳар рӯз ин кор маътал мешуд ва то ҷое, ки ёдам ҳаст, мавзӯи машвараву ягон чизи ҷиддӣ баъд аз он нашуда буд.

Ман фикр мекунам, ки гирдиҳамоии моҳи март ва апрел дар Тоҷикистон тақрибан ҳамон чизе буд, ки назирашро дар Укроин охири соли гузашта дидем. Тақрибан ба ҳамон равия, комилан ором, яъне талаб гузоштан ва интизори шунидани ҷавоби ҳукуматдорон ба дархостҳои мардум комилан бо роҳи сиёсӣ, бо роҳи осоишта ва бидуни хеч гуна зӯроварӣ. Яъне мардуми ҷамъомада комилан осоишта ва аз роҳи сиёсӣ, яъне гирдиҳамоӣ ҳадафи хешро баён карда буданд. Зеро гирдиҳамоӣ яке аз роҳҳои сиёсӣ ва каналҳои расонидани дархостҳои худ ба гӯши ҳукуматдорон аст ва чизе беш аз он нест. Аммо ҳарфе ё андешае дар бораи ин ки дар Тоҷикистон ин рӯёрӯи ба кадом бархурди мусаллаҳона бианҷомад, дар фикри касе ҳам набуду касе инро интизор ҳам надошт ва ҳатто тобистони он сол, ки дар ину он ҷо бархурдҳо сурат мегирифт, ба назари аҳзоби сиёсӣ ин як чизи ғайритабиӣ ва ғайриинтизор менамуд ва онро чун як тасодуфе медонистанд, ки дигар такрор намешавад. Вале он чизе, ки баъдан сурат гирифт, мантики он комилан дигар аст.

Тирамоҳи соли 2005 родиои Озодӣ силсилагуфторе дар бораи рӯйдодҳои соли 1992 ва аз ҷумла гирдиҳамоиҳои майдони Шаҳидон ташкил намуд ва бо ин мақсад бо шахсиятҳои сиёсии Тоҷикистон – ширкаткунандагони он рӯйдодҳо сӯҳбат доир кард. Устод Тоҳири Абдуҷаббор он ҳангом дар Қирғизистон кору фаъолият мекарданд ва чун банда хабарнигори родиои Озодӣ дар ин кишвар ва ҳам Қазоқистон будам, бахти ҳамсӯҳбат шудан бо эшон насибам гардид, ки аз чунин ҳадяи тақдир басо сарфарозам.

Сӯҳбаторо Насибҷон АМОНӢ,
хабарнигори радиои Озодӣ
дар Қазоқистон ва Қирғизистон,
Бишкек, соли 2005.

Тоҳири АБДУҶАББОР,
донишманди тоҷик
"Миллат", 07.09.2005

ДОНИШ ВА ПЕШРАФТ

Дар Тоҷикистон, тавре ки маълум аст, таи 10-15 соли ахир соҳаи илму маориф, ба монанди дигар соҳаҳои иқтисоди кишвар, таназзул кардааст ва дар ҳолати ногувор қарор дорад. Шумори зиёди муаллимони мактабҳо аз кор рафтаанд, сифати омӯзишу парвариш пойин омадааст. Пояҳои моддию техники мактабҳо хеле сустанд, муаллимони баландихтисосу ботаҷриба, китобу дафтар ва васоили техникии таълим намерасанд. Мазмуну мӯҳтавои китобҳои дарсӣ низ мувофиқи талаботи замон нестанд. Ва гуна-гуна мушкилоти дигар. Ин ҳама боиси пойин амадани сатҳи дониши шогирдон шудааст. Дар миёни хонандагон майлу рағбат ба илм омӯзӣ камтар шудааст ва пешаи муаллимӣ аз доираи эътибору эҳтиром афтодааст. Раванди тарбияи кадрҳо дар донишгоҳҳои кишвар низ боиси нигаронӣ аст. Ба гуфтаи устодони донишгоҳҳо, чун бисёре аз хонандагон дар мактабҳо дониши кофӣ намегиранд, дар мактабҳои олӣ низ ба душвориҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Онҳо аз роҳҳои ғайри қонунӣ баҳо гирифта, соҳиби диплом мешаванд, аммо соҳиби дониш не. Ин аст, ки шумори дипломдорони чаласаводу бефарҳанг то рафт афзоиш меёбад. Ва ин ҳолат барои ояндаи кишвар хатари бузург дорад.



Бисёре аз хонандагон дар мактабу донишгоҳҳо дониши кофӣ намегиранд, онҳо аз роҳҳои ғайри қонунӣ баҳо гирифта, соҳиби диплом мешаванд, аммо соҳиби дониш не.

Дар барномаи рушди иқтисодии Тоҷикистон зикр шудааст, ки дар мактабҳо "сифати таълим бад шудааст ва савияи дониши хонандагон дар ҳамаи зинаҳои маъорифи кишвар пойин омадааст" ва лозим аст, ки вазъият ислоҳ гардад, то ин ки "сифати захираҳои меҳнатӣ баланд бардошта шавад".

Агарчи дар Барнома иллати вазъи пешомада ва роҳҳои ислоҳи он зикр нашудааст, вале равшан аст, ки сабаби асосии таназзули системаи илму маориф, ба таври кулл – бӯҳрони иқтисодӣ ва адами таваҷҷӯҳи лозим ба ин соҳа аст. Агар ба таври хос гӯем, ин ҳолат пеш аз ҳама натиҷаи кам будани музди кори омӯзгорон ва ночиз будани сармоягузорӣ барои тақвияти пояҳои моддию техникии системаи маориф аст. Дар ҷое

ки дастмузди омӯзгорон барои харидани ҳатто як халта орд намерасад, ҳолат наметавонад таври дигар бошад. Савол ин аст, ки ҳукумат бар асоси кадом муҳосиботу меъёрҳо маоши кормандони муассисоту корхонаҳои давлатиро, аз ҷумла маоши муаллимону олимонро дар ҳудуди 40-50 ё 70 сомонӣ муқаррар кардааст? Бар асоси қонуни бозор? Аммо ҳукми қонуни бозор ин аст, ки ҳадди ақали музди як коргари оддӣ набояд камтар аз арзиши зиндагии вай ва аҳли хонаводааш бошад. Имрӯз арзиши зиндагии фақиронаи як нафар дар як моҳ беш аз 150 сомонӣ ва як хонаводаи чорнафара, дар ҳудуди 600-700 сомонӣ аст. Яъне маоши омӯзгорон чанд баробар камтар аз арзиши зиндагии фақирона аст.

Қонуни бозор ҳамчунон ҳукм мекунад, ки дар бозор, рӯиҳамрафта, бояд арзишҳои боҳам баробар мубодила шаванд. Ин ҳукм низ дар Тоҷикистон риоят намешавад. Олимону омӯзгорон дорои тахассуси баланд мебошанд ва кори басо муҳиму боарзишро барои ҷомеа анҷом медиҳанд. Метавон гуфт, ки арзиши кори якмоҳаи онҳо на камтар аз 1000 сомонӣ аст. Аммо дар бадали он арзиши ба маротиб камтарро дарёфт мекунанд. Яъне ҳиссаи бештари кори онҳо муфт аст. Он ба кисаи кӣ меравад? Албатта, ин аз рӯи адлу инсоф нест ва ба ҳеч вачҳ ба пешрафти иқтисоду фарҳанги ҷомеа мусоидат намекунад. Чунин сиёсат комилан ғалат аст ва он корро ба махви саводу илму маърифат мекашонад. Ва ин мумкин аст, пайомадҳои басо ногувор ва ҷуброннопазир дошта бошад.

Пӯшида нест, ки шарти суботу пешрафти ҷомеа – маърифати баланду зиндагии осудаи мардум ва адлу инсоф аст. Ва таъмин намудани адлу инсоф дар ҷомеа ва мусоидат ба пешрафти он вазифаи аввалин ва муҳимтарини ҳукумат аст. Албатта, Ҳукумати Тоҷикистон дар Барнома зарурати "беҳтар кардани сифати кори мактабҳо ва баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон"ро эълон кардааст. Вале эълон кардани ин ҳадаф кофӣ нест, онро бояд ҳар чи зудтар амалӣ кард. Ва барои ин пеш аз ҳама мебояд, ки музди кори омӯзгорону олимон, табибон, коргарону кишоварзон ва дигар кормандони давлат ба маротиб боло бурда шавад, то онҳо ба меҳнати ҳалолу кори пурсамар ташвиқ гарданд. Ин кор аз рӯи адлу инсоф хоҳад буд ва на танҳо сифати омӯзишу парваришро боло мебарад, он ҳамчунон ба рушди иқтисоди кишвар суръат мебахшад ва ҳамзамон ба кам шудани фасоди иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Гузашта аз ин, мебояд ин нуктаро дар назар гирифт, ки дар замони мо дониш ба муимтарин сармояа омили пешрафт табдил шудааст. Дар ҷомеаҳои суннатӣ омили асосии тавлид ва сармояи асосии миллатҳо - замин буд. Ҳар кишваре ё афроде, ки замини бештар дошт, сарватманд ҳисоб мешуд. Пас аз инқилоби санъатӣ аҳамияти замин пойин омада, аҳамияти сармоя, яъне корхонаҳою муассисаҳо боло рафтанд ва ба сармояи асосӣ табдил шуданд. Дар ҷомеаи санъатӣ онҳоеро бою сарватманд меномиданд, ки заводу фабрикаҳо ва корхонаҳои зиёд дошта бошанд.

Аммо тайи даҳсолаҳои ахир пешрафти илму техника вазъиятро дигаргун кард. Ҳоло кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ба марҳилаи тозае ворид шудаанд, ки онро ҷомеаи варосанъатӣ ва ё иттилоотӣ меноманд. Яке аз вижагиҳои ҷомеаи нав ин аст, ки дар он аҳмияти замину сармоя пойин омада, нақши дониш ва технология боло рафтааст ва дониш ба сармояи асосӣ табдил ёфтааст. Имрӯз он кишварҳое ғанию сарватманд ҳисоб мешаванд ва нақши муҳимро дар иқтисоду сиёсати ҷаҳон доранд, ки сатҳи донишу маърифати мардумашон баланд аст ва дорои илму технологияи пешрафта мебошанд.

Дар ҳоли ҳозир қариб ҳамаи кишварҳои ҷаҳон мекӯшанд, ки аз ин раванд пас намонанд, зеро ояндаи халқу Ватанашон дар ин роҳ аст. Аз ин ҷост, ки дар кишварҳои пешрафта ҳамасола даҳҳо ва садҳо миллиард долларро барои таҳқиқоту пешрафти илму техника сарф мекунанд ва ба дастовардҳои бузургу ҳайратангез нойил мегарданд.



Мебояд ин нуктаро дар назар гирифт, ки дар замони мо дониш ба муҳимтарин сармоя ва омили пешрафт табдил шудааст.

Кишварҳои рӯ ба инкишоф низ сармоягузорихоро барои рушди ин соҳа ва баланд бардоштани сатҳи дониши мардуми хеш сол ба сол афзунтар месозанд. Таҷрибаи даҳаҳои ахир нишон дод, ки омили муҳими пешрафти кишварҳо сатҳи баланди донишу маҳорати афроди ҷомеа мебошад. Кишварҳои Ҷаҳони саввум, ба сабаби пойин будани сатҳи дониши мардум ва белаёқатии коргузоронашон, натавонистанд кӯмакҳои молию қарзаҳои хориҷиро ба таври дуруст истифода кунанд ва пешрафти иқтисодию ичтимоии худро таъмин кунанд. Дар натиҷа, қарзаҳои зиёди хориҷӣ на танҳо барои халли мушкилоти иқтисоди онҳо мусоидат накард, балки садди роҳи пешрафт гардид.

Аз ин рӯ, иқтисоддонон ба чунин натиҷа расиданд, ки барои таъмин намудани пешрафти босуръати кишвар, мебояд ки пеш аз ҳама бо худи инсонҳо сармоягузорӣ шавад, яъне сатҳи донишу маърифати мардум баланд бардошта шавад ва мутахассисони зиёд барои ҳамаи соҳаҳои иқтисоди кишвар тарбия шаванд, то онҳо аз манобеъю сармояҳои дохилию хориҷӣ ба таври муассир истифода намуда, пешрафти ҳамаҷонибаи ҷомеаро таъмин кунанд. Ва имрӯз бештари кишварҳои ҷаҳон чунин сиёсатро пеш гирифтаанд. Ҳукумату мардуми Тоҷикистон бояд аз онҳо ибрат гиранд.

*

Тоҳири АБДУҶАББОР,
донишманди тоҷик
"Миллат", 21/09/2005

НАМОИШГОҲИ ЧИН

Чин яке аз кишварҳоест, ки босуръат пешрафт мекунад. Маҷмӯъи маҳсулоти нохолиси ин кишвар ҳамасола дар ҳудуди 8-10 % афзоиш меёбад. Чунин пешрафт натиҷаи ислоҳоте мебошад, ки дар ин кишвар амалӣ мешавад. Ҳукумати Чин дар оғози даҳаи 80 роҳи гузаштан ба иқтисоди омехта ва рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои ҷаҳонро пеш гирифта буд. Таи солҳои гузашта раҳбарони Чин тавонистанд, ки ислоҳоти иқтисодиро тадриҷан ва муваффақона амалӣ кунанд ва мардумро озодтару фаъолтар созанд. Ҳамзамон ба онҳо муяссар шуд, ки сармоягузорони хориҷиро ба кишвар ҷалб намоянд ва шумори зиёди корхонаҳои саноатӣ сохта шавад. Ин буд, ки Чин, на танҳо гирифтори бӯҳрони иқтисодӣ нашуд, балки ҳамвора рушд кард ва имрӯз ба яке аз қудратҳои муҳими иқтисодию сиёсии ҷаҳон табдил шудааст.



Чин ҳамвора дар суроғи бозорҳое мебошад, ки дар он ҷо битавонад колоҳои бесифати худро бифурӯшад. Чунин бозорҳо дар кишварҳои ақибмонда, ба мисли Тоҷикистон мавҷуд аст.

Табиист ки Чин ба мисли ҳамаи кишварҳое, ки босуръат рушд мекунанд, ниёз ба бозорҳои хориҷӣ дорад, то ҳарчи бештар маҳсулоти худро ба кишварҳои дигар содир кунад ва ба ивази он мавод ва колоҳои мавриди ниёзи худро аз дигарон харидорӣ намояд. Ин ниёзмандиҳо ҳадафҳои асосии сиёсати хориҷии Чинро таъйин мекунанд. Ҳукумати Чин мекӯшад, ки созишномаҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаро бо давлатҳои дуру наздик акд намуда, робитаҳои сиёсию ҳамкориҳои иқтисодӣ ва техникиро бо онҳо ривоҷ диҳад, то ҳарчи бештар ба бозорҳои кишварҳои дигар роҳ ёбад.

Маҳсулоти Чин ба бисёр кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла ба мамолики Ғарб содир мешавад. Чин ба кишварҳои пешрафта маҳсулоти нисбатан хушсифитро содир мекунад ва бо нархҳои арзонтар ба фурӯш марасонад. Ин гуна маҳсулот дар корхонаҳои саноатие, ки таи солҳои охир дар навоҳии шарқӣ ва "манотиқи озод"-и кишвар бо ҷалби сармоя ва технологияи хориҷӣ сохта шудаанд ва дорои кайфияти хуб мебошанд, тавлид мешаванд. Вале, рӯиҳамрафта, сифати маҳсулоти бисёр корхонаҳои Чин ҳанӯз мувофиқи стандартҳои ҷаҳонӣ нест. Хусусан, маҳсулоти корхонаҳое, ки дар навоҳии ғарбии кишвар воқеъ шудаанд, тавони рақобатро надоранд. Бештари корхонаҳои ин навоҳӣ аз технологияи муосир

бархурдор нестанд ва сифати маҳсулоташон хеле поин аст. Бино бар ин, дар бозорҳои кишварҳои пешрафта харидор надоранд. Зеро дар кишварҳои пешрафта сатҳи даромад ва тавони харидории мардум хело баланд аст ва онҳо танҳо маҳсулоти хушсифатро меписанданд.

Аз ин рӯ, Чин ҳамвора дар суроғи бозорҳое мебошад, ки дар он ҷо битавонад колоҳои бесифати худро ба фурӯш расонад. Равшан аст, ки чунин бозорҳо дар кишварҳои ақибмонда, ба мисли кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон мавҷуд аст. Зеро дар ин кишварҳо, аз як сӯ, ҳаҷму таркиби тавлидоти дохилӣ ҷавобгӯи тақозои мардум набуданду ҳоло ҳам нестанд ва бинобарин дар бозор камбуди колоҳо эҳсос мешавад. Аз ҷониби дигар, дар ин ҷо сатҳи даромади мардум хеле пойин аст ва бештари мардум тавони харидани колоҳои хушсифату гаронқиматро надоранд. Аз ин рӯ, онҳо омода ҳастанд, ки колоҳои мавриди ниёзи аввалияи худро бо қиматҳои арзонтар харидорӣ кунанд, агарчи сифати хуб надошта бошанд.



Дар авоили солҳои 90 низ ба бозорҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ сели колоҳои бесифати Чин сарозер шуда буд ва тоҷирон аз ноогоҳии мардум ба суди худ истифода карда буданд.

Намошгоҳи колоҳои чинӣ, ки таи се рӯзи гузашта дар пойтахти Тоҷикистон баргузор шуд, далели равшани ин гуфтор аст. Дар воқеъ, ин намошгоҳ набуд, балки дӯконҳои фурӯши колоҳои бесифати манотиқи ғарбии Чин, яъне навоҳии худмухтори Шинҷону Уйғури он кишвар буд. Ин рӯзҳо маҳали баргузории намоишгоҳ, ҳамеша пуродам буд ва бештари мардум на барои ошно шудан бо маҳсулоти саноатии Чин, балки барои харидани чизҳои арзон омада буданд. Колоҳои намоишгоҳ асосан аз чойнаку пиёла, дегу коса, либос, порчаҳои рангини занона, пардаю лиҳоф, абзори хона, телевизору видиё, ва дигар колоҳои мавриди ниёзҳои аввалия иборат буданд. Агарчӣ қариб ҳамашон хушсифат набуданд, танҳо ба хотири он, ки нархашон аз нархҳои бозор каме поинтар буд, мардуми зиёд аз онҳо харидорӣ карданд. Тоҷирони чинӣ ду-се рӯз пештар бо нархҳои бозорҳои Душанбе ошно шуда, бо дарназардошти онҳо ба колоҳо худ нархгузорӣ карда буданд. Ин буд, ки қимати онҳо аз нархи бозор тафовути ҷиддӣ надошт ва дар баъзе маворид ҳатто аз қимати бозор болтар буд. Гузашта аз ин, дар рӯи ҳеҷ кадом аз колоҳо асноди лозима аз кабили мушаҳасот, паспорт, сертификат ва ғайра дида намешуд. Ин ҳама далолат бар он мекард, ки ҳадафи асосии онҳо бозорёбӣ барои колоҳои бесифатшон ва ба даст овардани суди бештар аст, на ошно сохтани мардуми Тоҷикистон ба "дастовардҳои" саноати Чин.

Бояд гуфт, ки дар авоили солҳои 90 низ ба бозорҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ сели колоҳои бесифати Чин ва баъзе кишварҳои минтақа сарозер шуда буд ва тоҷирон аз ноогоҳии мардум ва камбуди колоҳо дар бозор ба суди худ истифода карда буданд. Ҳоло дар Қазоқистону Қирғизистон мардум огоҳтар шудаанд ва мекӯшанд, ки колоҳои бесифати Чинро харидорӣ накунанд ва ё танҳо аз маҳсулоти саноатии манотиқи шарқии Чин, ки сифаташ нисбатан беҳтар аст, харидорӣ кунанд. Онҳо дарёфтаанд, ки харидани чизҳои арзон вале бадсифат, ба иқтисоди хонаводаҳо ва кишвар зарар дорад. Бинобарин, ҳукуматҳои ин кишварҳо мекӯшанд, ки аз ворид кардани колоҳои бадсифат ба кишварашон ҷилавгирӣ кунанд.

Ҳукумати Тоҷикистонро низ мебояд, ки сиёсати дурусту ҳисобшудаи тиҷорати хориҷии кишварро, ки хайри ҳамагон дар он бошад, тадвин ва амалӣ кунад ва аз ҳамаи тоҷирон талаб намояд, ки меъёрҳои тиҷорати байни давлатҳоро риоят кунад.

Албатта, беҳтарин роҳи ҳалли ин гуна масоил он аст, ки иқтисоди кишвар босуръат пешрафт кунад, бекорӣ аз байн бурда шавад, даромади мардум ва қудрати харидории онҳо ба маротиб бештар гардад ва мардум мӯҳтоҷи колоҳои арзону бесифат набошанд. Ҳамчунон ин вазифаи ҳукумат аст, ки мардумро аз мушахасоти колоҳо ва нарху навои онҳо дар бозорҳои хориҷӣ ҳамвора огоҳ созад. Барои ин лозим аст, ки ҳукуматдорон аз пойин то боло дорои маърифат ва тахассуси баланд бошанд ва ҳамвора дар пайи ҳалли мушкилоти кишвар бошанд. Дар чунин ҳолат бисёр масоил худ ба худ ҳал хоҳанд шуд.

Тоҳири АБДУҶАББОР,
донишманди тоҷик
"Миллат", 27/09/2005

НАРХҲО ҲИКОЯТ МЕКУНАНД

Дарки чигунагии фаъолияти механизми иқтисоди Тоҷикистон ва шаклгирии нарху навои колоҳо дар бозорҳо кори басо мушкил аст. Маъмулан, дар ҳамаи кишварҳо нархи колоҳоро таносуби арзаю тақозо муайян мекунад ва ҳаҷми тақозо ба сатҳи даромади мардум вобастагӣ дорад. Аммо дар бозорҳои Тоҷикистон чунин нест. Дар ин ҷо ин қонуни бозор амал намекунад. Қимати колоҳо ба сатҳи даромади мардум созгор нестанд. Ин носозгориҳо на танҳо дар мавриди колоҳои воридотӣ, балки дар мавриди маҳсулоте, ки дар дохили кишвар тавлид ва арза мешаванд, низ возеҳан ба чашм мехӯрад. Чунин ба назар мерасад, ки Тоҷикистон кишвари таноқизот аст.

Мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ, хатти фақр дар ҳудуди 2 доллар дар як рӯз ва ё қариб 200 сомонӣ дар як моҳ таъйин шудааст. Яъне касоне, ки масорифи зиндагишон дар як моҳ камтар аз 200 сомонӣ аст, мардуми фақир ба шумор мераванд. Дар Тоҷикистон қимати зиндагии фақиронаи як нафар дар ҳудуди 160 сомонӣ дар як моҳ, тахмин шудааст, аммо музди миёнаи кормандон дар ҳудуди 50 сомонӣ ва ҳадди ақали маош ба андозаи 12,5 ва нафақаи бознишастагон 4 сомонӣ таъйин шудааст.

Дар айни замон, дар бозорҳо қимати як халта орд – 50 сомонӣ, як дона нон – то 1-1,5 сомонӣ, як литр шир – 1-2 сомонӣ, як кило равғани наботӣ – 3,0-3,5 сомонӣ, як кило биринҷ – 2,5-4 сомонӣ, гӯшт – 8 сомонӣ, мева – то 4 сомонӣ, қанд – 2 сомонӣ, бодом – 15-20 сомонӣ, мавиз – 7-14 сомонӣ, як дона харбуза ё тарбуз – 4-6 сомонӣ як қуттӣ сигарет – то 5 сомонӣ, як бор ғизо хӯрдан дар ошхонаҳо аз 8-15 сомонӣ, як ҷуфт кафш – то 50-100 сомонӣ, як даст либоси занона – 500-1000 сомонӣ, либоси мардона – то 1800 сомонӣ, кироияи як квартираи ду ё се утоқа дар як моҳ – 300-500 сомонӣ, қимати як квартираи 3 ё 4 утоқа – 45000-90000 сомонӣ аст. Дар бораи қиматҳои бисёре аз абзори хонаю рӯзгор, аз қабили яхдону ӯчоқи баркӣ, мизу сандалӣ, телевизору видиёмагнитофон, мошини рахтшӯю компютар ва дигар амволи воридотӣ ҳоҷати гап ҳам нест.



Дар кишвар иқтисоди пуштипарда ва фаъолиятҳои ғайриқонунӣ ривоҷи густарда дорад.

Дар назари аввал, кас ҳайрон мешавад, ки агар даромади мардум ин қадар ночиз аст, чи гуна мумкин аст ки нархи колоҳо ба ин андоза баланд бошанд? Ва дар чунин шароит мардум чи гуна зиндагӣ мекунанд?

Вале, агар ба мавзӯъ тавачӯхи бештар кунем, хоҳем дарёфт, ки масъала хеле печидатар аст. Нархҳо аз он ҳикоят мекунанд, ки дар шароити хоси Тоҷикистон ба раванди ташаккули нархҳо омилҳои зиёде таъсир мерасонанд, аз ҷумла авомили ғайрииқтисодӣ.

Рӯйхамрафта, нархҳои бозорҳои кишвар баёнгари онанд, ки:

1. Дар вокеъ ҳам аксарияти мардуми кишвар зери хатти фақр зиндагӣ мекунанд. Агар дақиқтар гӯем, онҳо зиндагӣ намекунанд, балки фақат рӯз мегузаронанд.

2. Ба эҳтимоли қавӣ, он ҳама омори расмӣ дар бораи маошот чандон дақиқ нестанд.

3. Дар кишвар иқтисоди пуштипарда ва фаъолиятҳои ғайриқонунӣ (он чи ки ба русӣ "теневая экономика" гуфта мешавад) ривоҷи густарда дорад, яъне гурӯҳҳое аз афроди ҷомеа даромадҳои зиёди ғайриқонунӣ доранд ва тавони харидори онҳо хело баланд аст ва ин боиси болоравии нархҳои бозор мегардад. Густариши сохтмоникушкҳою қасрҳо ва кӯчаҳои пур аз мошинҳои гаронқимати шаҳр низ далели ин муддаост.

4. Дар кишвар рақобати озод хеле маҳдуд аст ва фаъолияти сохторҳои монополистию олигополистӣ ба нарху навои бозор шадидан таъсир мерасонанд. Бинобар он ки қонуни зиддимонополӣ риоят намешавад, механизми нархгузорӣ низ кор намекунад, яъне қонуни арзаю тақозо нархи колоҳоро тайин намекунад.

5. Баланд рафтани нархо то андозае натиҷаи мавҷудияти муассисот ва афроди хориҷӣ дар кишвар мебошад.

6. Омили дигаре, ки ҳаҷми тақозоро зиёд мекунад ва ба нархҳои бозор таъсир мерасанд, ин мардикорони тоҷик мебошанд, ки ба сад заҳмат дар берун аз кишвар кор мекунанд ва дастмузди худро ба Тоҷикистон, ба хонаҳошон мефиристанд. Ва авомили дигар.

Бояд гуфт, ки ҳолати мавҷуда метавонад пайомадҳои басе ногувор дошта бошад. Аввал ин ки ин ҳолат ба ҳеҷ вақт ба пешрафти иқтисоди кишвар мусоидат намекунад. Ҳатто баракс. Дигар ин ки носозгорӣ байни даромади мардум ва нарху навои бозор боиси дуборафу себора тақсим кардани даромади миллӣ ба суди гурӯҳе ё гурӯҳҳое аз ҷомеа мешавад ва ин нобаробариҳои иҷтимоиро боз ҳам бештар ва амиқтар месозад. Ин ҳолат, дар навбати худ, боиси бештар ривоҷ ёфтани фасоди иҷтимоию ахлоқӣ мегардад ва авзои ҷомеаро муташанниҷ месозад.

Аҷаб он аст, ки дар чунин шароит, эҳсоси нигаронию норозатӣ аз ҷониби мақомоти расмӣ ва матбуоти кишвар, ба вижа аз барномаҳои телевизиони Тоҷикистон камтар дида мешавад. Дар ҳоле ки дар кишварҳои дигар, агар аз аз ин гуна масоил ҳатто яктои он рӯнамо шавад, масалан агар мизони таваррум ё бекорӣ 1% боло равад, матбуоту масъулини кишвар шабу рӯз баҳсу талош мекунанд, то роҳи ҳале пайдо кунанд. Аммо дар кишвари мо, дар ҷое ки тибқи омори расмӣ, даромади саронаи мардум нисбат ба соли 1990 се баробар кам шудааст, шумори бекорон ба 30-35 % нерӯи кор расидааст ва фақру бенавоӣ падидаи фарогир шудааст, аз телевизиони Тоҷикистон (Сафина) пайваста аз "комёбиҳою дастовардҳои бузург ва гул-гулшукуфии кишвар" таи 14 соли ахир сухан мегӯянд.

Тавре ки мегӯянд, "ба даҳонашон асал". Худо кунад, ки кишвари мо ва ҳама кишварҳои ҷаҳон ҳамеша гул-гул шукуфон бошанду ҳамвора дастовардҳои бузург насибашон гардад ва аз мушкилоту фасоду дурӯғу риёкорию бадкорию зӯровариҳо дур ва дар амон бошанд. Вале воқеиятҳоро дуруст шинохтан ва ҳамеша рост гуфтан хам аз фармудаҳои Худост ва шарти амонат аст.

Ба ҳар сурат, он мушкилоте, ки зикр шуд, мувофиқи аҳдофи ҳукумату ҷомеа нест. Бино бар ин, ҳукумати Тоҷикистонро мебояд, ки дар ҷиҳати ислоҳи вазъи мавҷуда ҷиддан гом бардорад.

*

Тоҳири АБДУҶАББОР
"Миллат", №2, 12 январи 2006.

МИЛЛАТ ВА ОРМОНИ ОН

Бисёре аз андешаҳои равшанфикрони тоҷик, аз ҷумла пешниҳодоти инҷониб, ки 15-20 сол пеш аз ин баён шуда буданд, ҳоло амалӣ шудаанд ё мешаванд.

Пеш аз он ки дар бораи ормони миллӣ ҳарф занем, беҳтар аст, нахуст як нигоҳи гузаро ба мафҳумҳои "миллат" ва "ормони миллӣ" бияндозем. Ва сипас бингарем, ки оё мо ормони миллӣ дорем ва агар дорем, он чи аст? Ормон – яъне орзӯ аст. Одамон чизеро орзӯ мекунанд, ки онро надошта бошанд, ё чизеро, ки ҳоло доранд, вале мехоҳанд, ки дар оянда ҳам онро дошта бошанд. Мафҳуми "ормони миллӣ" хостар аз мафҳуми "ормон" аст. Яъне он, ормони миллӣ, на ҳамаи орзӯҳои бешумори инсонҳост, балки як ё чанд орзуест, ки ҳамагон ё бештари афроди миллат онро дар дил мепарваранд. Он ба суди ҳамагон аст ва дар бораи он ҳамагон ё аксари мардум ҳамназаранд. Ормони миллӣ, маъмулан, ҳадафи хеле бузургу муҳиммест, ки афроди ҷомеаро муттаҳид месозад ва бештари мардум барои расидан ба он мекӯшанд. Маъмулан, дарёфтану баён кардани ормони миллӣ кори рӯшанфикрону давлатмардон аст. Афроди ҷомеа бештар дар паи ҳадафҳои зиндагии рӯзмараи худ мегарданд ва камтар бар масоили ом меандешанд. Вале дар мароҳили муҳимми таърихи кишвар, масалан, дар марҳлаи ташаккулёбии миллат, он фарогир мешавад.

МИЛЛАТ

Миллат – зинаи болотарест дар сайри такомули ҷомеа. Он як организми воҳиди ичтимоӣ аст, ки дар заминаи забону фарҳангу арзишҳои муштарак, густариши равобити иқтисодию ичтимоӣ байни маҳалҳо ва ба вуҷуд омадани бозори миллӣ ташаккул меёбад. Зимнан, касби маърифати бештар ва расидани афроди ҷомеа ба пояи худшиносӣ ва эҷоди давлати миллӣ ин равандро такмил менамояд. Миллат, агарчи маҷмӯаи афрод аст, вале вижагиҳое дорад, ки ҳар кадом аз афрод ба танҳоӣ онро надоранд. Миллат на танҳо такягоҳи афроди ҷомеа аст, он ҳамчунон мардумро бо неъматҳо ва хидамоте таъмин мекунад, ки ҳамагон ба онҳо ниёз доранд, вале ҳеч кас ба танҳоӣ наметавонад онҳоро ҳосил кунад. Дар ҷое, ки миллат шакл гирифта бошад, маъмулан, афроди ҷомеа худро мансуби он организми воҳид медонанд, забону фарҳанг ва арзишҳои миллии худро гиромӣ медоранд ва барои ободию амнияти сарзамину

ҳаммиллатҳошон омодаи фидокорӣ мебошанд. Дар миёни афроди миллат эҳсоси ҳамбастагию бародарӣ вуҷуд дорад ва маъмулан, онҳо бо якдигар хамкорию рафокат мекунанд.

Миллатро метавон ба андоми инсон ташбеҳ кард. Ба монанди он, ки сару тану дастҳою пойҳо ва... ҳама аҷзои як пайкаранд, афроди ҷомеа низ аъзои як миллатанд ва неку бади худро бо ҳам мебинанд. Ҳамон гуна ки агар даст ё пойи одам осеб бинад, тамоми организм ранҷ мебарад, агар касе ё касоне аз афроди миллат (хоҳ ошно, хоҳ ноошно) осеб бинанд, тамоми миллат зарар мебинад. Бинобар ин, афроди бомаърифат раво намедоранд, ки бар дигарон осебе расад. Албатта, инсонҳо яксон нестанд. Аз ин рӯ, дар байни афроди ҷомеа, ба вижа дар байни афроди каммаърифату ноогоҳ бо сабабҳои гуногун ихтилофот пеш меояд ва ҳатто дар баъзе ҳолот ихтилофоти хеле ҷиддӣ. Аммо, дар ҷое ки манофеъи миллӣ матраҳ аст, он ихтилофот фурӯкаш мешавад.

ОРМОНИ МИЛЛӢ

Ормони миллӣ дар мароҳили мухталифи зиндагии миллат мумкин аст обу ранги гуногун дошта бошад. Дар марҳилаи ташаккулёбии миллат ҳадафи асосӣ – пешрафт кардану ба пояи миллат расидан аст. Дар ин давра, маъмулан, ҳисси худшиносию миллатгароӣ авҷ мегирад, хусусан дар ҷое, ки дар роҳи ташаккулёбии миллат мушкилоту мамониятҳо мавҷуд бошад. Масалан, дар ҷое ки халқ озоду соҳибихтиёр набошад, зери фармони бегонагон қарор дошта бошад ва арзишҳои миллӣ дар хатар бошанд. Ҳамаи ҷунбишҳои миллӣ-озодихоҳӣ ҳамин вижагиро доштанд. Ин як навъ вокунишии миллати мазлум дар муқобили нирӯҳои золим аст. Дар чунин ҳолат, ҳадафи асосӣ иборат аз ба даст овардани истиқлолият ва эҷоди давлати миллӣ аст. Пас аз касби истиқлолият, ба таҳкиму тақвияти пояҳои давлати миллӣ ва таъмини амнияти он мепардозанд.

Баъд аз ҳалли ин масоил, ҳадафи асосии миллат пешрафти иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангӣ мешавад. Дар ин марҳила ҳадафҳои пешин беранги камаҳмият мешаванд, агарчи, мумкин аст, тамоман аз байн наравванд. Миллатҳои рушдёфта кам кам ба ин натиҷа мерасанд, ки ҳеҷ миллате наметавонад ҳамаи масоили худро ба танҳоӣ ҳал кунад ва ягона роҳи ҳалли мушкилот – ҳамкориҳои судманду густарда бо кишварҳои дигар аст. Яъне дарки он бештар мешавад, ки тафриқаю душманиҳо шоистаи инсонҳо нест ва *"банни одам аъзои якдигаранд" ва ҳатто "ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст"*. Чунин рӯҳия хоси марҳалаи болотари рушди миллатҳо аст. Аммо на ҳамаи миллатҳо ба ин поя расидаанд.

Ҳоло, бо дарназардошти нукоти боло, бингарем, ки оё мо миллат шудаем ва ормони миллӣ дорем ё на. Зоҳиран, посух мусбат аст. *Бештари нишонаҳои миллат дар ҷомеаи мо машҳуд аст. Забону фарҳанг ва одобу русуми миллии худро дорем. Ифтихороти миллиро ҳам.* Аммо, сатҳи худшиносии тӯдаҳои васеъи мардум хело пойин аст. Эҳсоси ҳамбастагию

ҳамдилӣ ва масъулият дар баробари имрӯзу фардои миллат камтар дида мешавад. Барои афроди миллат тамоми маҳалхою навоҳии Ватан ва мардуми он азиз аст ва ҳисси миллӣ болотар аз ҳисси маҳал аст. *Аммо дар Тоҷикистон маҳалгароӣ ривоҷ дорад, на ҳисси миллӣ. Аз ин беморӣ ҳатто "равшанфикрон" баркапор намондаанд. Гузашта аз ин, бархе аз ҳамватанони мо мансубият ба диниро муҳимматр аз мансубият ба миллат медонанд.*

Гуфтугӯю баҳс дар миёни афроди миллат як амри табиӣ ва ҳатто зарурӣ аст. Зеро ин кор шарти пешрафт ва ба суди миллат аст. Аз ин рӯ, афроди миллат бо якдигар баҳс мекунанд, вале ҷанг намекунанд. Аммо дар Тоҷикистон баракс аст: баҳс кардан расм нашудааст, вале ҷанги нангин сурат гирифт. Ҳоло муҳимм нест, ки тарроҳони ин моҷаро киҳо буданд ва чи ҳадафхое доштанд. Муҳимм ин аст, ки гурӯҳе ё гурӯҳҳое аз мардуми мо олати дасти бегонагон шуданд ва ба хотири ҷоҳу мол даст ба тоҷиккушӣ заданд. Ин корест, ки бо рӯҳияи миллӣ созгор нест. Ҷанги дохилӣ худ нишони он аст, ки дар кишвар ё қавмҳои мухталиф вуҷуд доранд ва манофеъи онҳо бо ҳам созгор нестанд, ё мардуми он ҳанӯз ба пояи миллат нарасидаанд.

Манофеъи миллӣ дар он аст, ки миллат ҳукумати солеҳу солим дошта бошад. Аз кадом маҳал будани аъзои ҳукумат бароят ҳеҷ муҳим нест.

МАНОФЕЪИ МИЛЛӢ

Манофеъи миллӣ дар он аст, ки миллат ҳукумати солеҳу солим дошта бошад. Бинобар ин, миллат зимоми ҳукуматро ба дасти ашхоси кордону содиқ ва покдоману шоиста месупорад. Аз кадом маҳал будани аъзои ҳукумат бароят ҳеҷ муҳимм нест. Аммо дар Тоҷикистон ҳангоми тақсими мансабҳо пеш аз ҳама ба қавму маҳал менигаранд, на ба кордонию шоистагии шахс, яъне манофеъи миллиро қурбони манофеъи шахсӣ мекунанд.

Ин ҳама далолат бар он мекунад, ки агарчи тоҷикон беш аз ҳазор сол пеш аз ин ҳамчун халқ ташаккул ёфта буданд, вале раванди ташаккулёбии миллати тоҷик ҳанӯз ба поён нарасидааст. Албатта, мардуми мо аз рӯҳияи созандагӣ бегона нестанд. Замоне ҳатто пештози дигарон будаанд. Иллати асосии ин пасмондагӣ – авомили сиёсӣ, пеш аз ҳама, тохтутозҳои аквоми бегона, тақсиму пора кардани сарзамини мо ва ҳукумати тӯлонии режимҳои истибдодӣ будааст. Маҳз ҳамин будааст, ки раванди ташаккулёбии миллати моро хело печида ва ҳатто мутавақкиф сохтааст. Бо ин ҳама, майл ба сӯи пешрафту такомул дар ҷомеаи мо, бавижа дар миёни афроди огоҳу равшандил ҳамеша зинда будааст.

Ҳоло дар кишвари мо марҳилаи тозае оғоз шуда ва имконоти бештар барои густариши раванди ташаккулёбии миллат фароҳам омадааст. Дар ин марҳила ҳадафи асосӣ иборат аз расидан ба пояи миллати рушдёфта аст. Ин ҳадаф таҳкими истиқлолияти давлатӣ, рушди забону фарҳанг миллӣ дар заминаи пешрафти иқтисод, илму техника, ислоҳоти системаи омӯзишу парвариш ва боло бурдани тахассусу маърифати сиёсии мардум ва ҳалли масоили дигарро дар бар мегирад. Албатта, ин кори соддае нест. Хусусан, дар ҷое ки сатҳи маърифати ҳукуматдорон ва ҷомеа пойин бошад. Бинобар ин, доштани ҳукумати солеҳе, ки иборат аз ашхоси покдоману кордон ва бомаърифату содиқ ба миллат бошад ва битавонад фасоду қонуншиканиҳоро решакан ва адлу додро дар ҷомеа таъмин намояд, фавқуллода муҳимм аст.

Расидан ба зинаи миллати рушдёфта ба суди ҳамагон аст. Ин ҳамон ҳадафест, ки метавонад ва бояд ҳамагонро муттаҳид созад. Шояд ҳоло дар ҷомеаи мо ин ҳадаф ба андозаи кофӣ фарогир нашуда бошад, вале афроди равшанфикри кишвари мо ин андешаро доштанду доранд. Ин асл муҳимм аст. Зеро андешаҳои дуруст дер ё зуд фарогир мешаванд ва билохира таҳаққук меёбанд, чунон ки бисёре аз андешаҳои равшанфикрони тоҷик, аз ҷумла пешниҳодоти инҷониб, ки 15-20 сол пеш аз ин баён шуда буданд, ҳоло амалӣ шудаанд ё мешаванд. Барои мисол, дар авохири солҳои 80 ва аввали солҳои 90-уми садаи гузашта мо дар бораи зарурати бозсозии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ташкили Итиҳоди Давлатҳои Мустақил, таъмини истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, таъсиси нирӯҳои мусаллаҳи Тоҷикистон, Бонки миллӣ ва пули миллӣ, таъсиси пости райиси ҷумҳур ва интихоби он аз ҷониби мардуми Тоҷикистон, ворид намудани тағйирот дар Қонуни Асосӣ ба мақсади таҳаққуки низоми мардумсолорӣ, озодии андешаю баён, ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ ва сиёсию иқтисодии шахр-вандон, таъмини рушду мустақилияти иқтисоди кишвар, ислоҳоти дастгоҳи ҳукумат, гузаронидани ислоҳот дар системаи маориф, ҷиддан тағйир додани мазмуну мӯҳтавои китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимии мактабу донишгоҳҳо ва раҳо кардани онҳо аз кайду бандҳои сиёсию идеологӣ, ҳимояти забону фарҳанги миллӣ, тадриҷан гузаштан ба алифбои форсӣ, густариши робитоҳои ҳамаҷониба бо тамоми кишварҳои ҷаҳон, бавижа бо Ирону Афғонистон ва... ибрози ақида намуда, дар замина пешниҳодҳо карда будем. Он замон ҳукуматдорон мухолифи пешниҳодҳои мо буданд. Аз ҷумла, онҳо мухолифи истиқлолияти Тоҷикистон ва сохтани ниҳодҳои давлати мустақил буданд, вале имрӯз он ниҳодҳо сохта шудаанд, истиқлолиятро бо ташкили маросими бошукӯҳу раксу пойкӯбиҳо таҷлил мекунанд...

Агарчи на ҳамаи андешаҳои равшанфикрони мо ва на ба таври дилхоҳ амалӣ шудаанду мешаванд, вале умед аст ки дар оянда дарки бехтару бештари онҳо хосил мешавад ва ҳукуматҳои бомаърифаттар ба онҳо таваҷҷӯҳи бештар мабзул хоҳанд дошт.

Бо ин умед, мехаҳам нукоте чанд дар бораи моҳияти низоми иҷтимоие, ки ба назари ман, матлуб аст ва ба эҳтимоли зиёд, бештари равшанфикрони мо низ ҳамин андешаро доранд, мухтасаран баён намоям.

БЕЗОРӢ АЗ РЕЖИМҲОИ ИСТИБДОДӢ.

Рӯиҳамрафта, назму низомҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодие, ки мо доштему дорем, ба хеҷ ваҷҳ хирадпазир набуданду нестанд. Дар тӯли садаҳо дар сарзамини мо режимҳои худкомаю истибдодӣ ва ҳукуматҳои истеъморию тоталитарӣ ҳукмфармо буданд. Муносиботи байни табақаи ҳоким ва мардум муносиботи хоҷагию бандагӣ буд. Дуруст аст, ки дар замони Шӯравӣ пешрафтҳою дигаргуниҳои ҷиддӣ рӯнамо шуданд: **Тоҷикистон ҷумҳурӣ (республика) эълон шуд ва ҳатто "соҳиби" Қонуни Асосӣ гардид.** *Вале, мутаассифона, инҳо бештар дар рӯи коғаз буданд. Амалан, дар Тоҷикистон на Қонун, балки афроди дастнишондаи Маскав ҳукумат мекарданд.* Мансабдорони мо зери фармони Маскав буданду фармонравои мардуми Тоҷикистон.

Он замон ҳукуматдорон мухолифи истиқлолияти Тоҷикистон буданд, вале имрӯз ҷашни истиқлолро бо ташкили маросими бошукӯҳу рақсу пойкӯбиҳо таҷлил мекунанд...

Қонуни Асосии имрӯзаи мо, агарчи холӣ аз камбудиҳо нест, вале бехтар аз он аст, ки буд. *Аммо, мушкил ин аст, ки Қонун дар ҷомеаи мо ҳоким нест. Ҳукуматдорони мо, ки қариб ҳама зодаю парвардаи даврони шӯравиянд ва ҳамаи он бемориҳою нуқсонҳоро дар батни худ доранд, зери шиорҳои нав бо ҳамон шеваҳои дерину ошнои замони шӯравӣ ҳукумат мекунанд.* Фақат ришвахорию беҳаёӣ ва бемаърифатӣ бештар шудааст. Ин аст, ки дар муносиботи иҷтимоӣ дигаргуниҳои ҷиддӣ рӯнамо нашудааст. Аз мардумсолорӣ ном ҳасту нишоне нест. Ба мисли гузаштаҳо ҳуқуқу озодиҳои мардум эҳтирому риоят намешавад, шеваҳои амру фармондеҳӣ ба зердастон ва муносиботи иқтисодии ғайриодилона, ба вижа дар деҳот, ҳамоно роиҷ аст.

Равшан аст, ки режимҳои худкомаю мустабид ва тоталитарӣ бузургтарин сади роҳи пешрафти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеъа мебошанд. Чунин назму низом мардумро гирифтори гуна-гуна мушкилот сохта, зиддиятҳои иҷтимоъиро тезу тунд менамояд ва оромию суботро аз миён мебарад. Он шахсияти одамро хароб мекунад ва боиси густариши чинояткорию фасод ва таназзули маънавию ахлоқӣ мегардад. Аз ин рӯ, ашхоси равшанфикру озодандеш мухолифи режимҳои худкомаю тоталитарӣ ва идеологияи бардагӣ мебошанд. Ба ақидаи онҳо, чунин назму низом аз рӯи адолат нест, шоистаи одам нест.

ҲАДАФ – ҶОМЕАИ ОЗОД.

Муроди равшанфикрон – ҷомеаи озоду обод аст, яъне ҳамон низоме, ки бархе онро "ҷомеаи маданӣ" ном кардаанд. Озодию ободӣ бо ҳам пайванди ногусастанӣ доранд. Озодӣ шарти ободӣ аст. Кишваре обод аст, ки мардумаш озод бошад. Дар айни замон, мадум аз озодии бештар бархурдор мешаванд, агар кишваршон обод бошад, яъне иқтисоди пешрафта ва даромади зиёд дошта бошад ва неъматҳои мавриди ниёзи мардум фаровон бошад.

Ҳадафи аслии озодихоҳон – рушду такомули маънавии инсонҳо ва фарҳанги ҷомеа аст. Барои ин мебояд, ки инсонҳо ва ҷомеъа озод бошанд. Ҷомеаи озод шарти озодии инсонҳо аст. То замоне ки озодии ҷомеа таъмин нашавад, озодии афроди он низ муяссар намешавад. Ин буд, ки озодихоҳони тоҷик барои истиқлолияти халқу Ватани худ талош карданд, то заминаи озодии инсонҳо фароҳам ояд. Ҳоло ормони онҳо – рушди ҳамаҷонибаи кишвар ва расидан ба зинаи ҷомеаи озод аст, ки моҳияти онро метавон мухтасаран чунин тавсиф кард.

Ба ақидаи озодихоҳон, инсонияти инсонҳо танҳо дар шароити озод буданашон таҳаққуқ меёбад ва ин дар ҷомеаи озод муяссар мешавад. Дар ҷомеъаи озод ҳамаи инсонҳо озоданд. Онҳо на тобеъи касеанд ва на касе мутеъи онҳост. Яъне, касе пеши касе сар хам намекунад, маддоҳию дурӯғгӯйӣ ва риёкорӣ намекунад, чун ин кор барои инсон нораво аст. Озодагию сарбаландӣ ва ростию ҷавонмардӣ аз ахлоқи онҳост. Аз ин рӯ, озодагон намехоҳад, ки бар каси дигаре ҳукумат кунанд ва ба ҳеҷ сурат ҳукумати дигаронро ҳам намепазиранд. Озодихоҳон озодиро барои хамагон мехоҳанд, зеро бовар доранд, ки инсон танҳо дар ҷое метавонад озод бошад, ки ҳамаи афроди ҷомеъа озод бошанд. Зеро, озодӣ дар миёни бардагон – озодӣ нест. Аз ин ҷост, ки орзӯю шиори озодихоҳони тоҷик чунин буду ҳаст: **"зиндагӣ кардан ҳамчун инсони озод дар миёни мардуми озод"**. Ва ин матлаб бархоста аз ин андешаи воло аст, ки ҳамаи инсонҳо озод офарида шудаанд ва ҳама бо ҳам баробаранду бародар. Ва **озодӣ ҳаққи сиришти (табиии) ҳамаи инсонҳо аст.** Маънии аслии **ҷомеъаи маданӣ**, яъне ҷомеъаи озод, ҳуқуқӣ ва ғайрисиёсие, ки дар он волотарин мақомро ҳукумат не, балки **инсонҳо** доранд, низ дар ҳамин аст. Файласуфи бузурги Олмон Карл Поппер гуфтааст: **"ҳадаф ва ғояти тамаддун – инсоният, хирадгарӣ, баробарӣ ва озодӣ аст" ва, аз ин рӯ, "инсонҳо мекӯшанд, то ҷомеъаи озод падид оваранд".**

Албатта, озодӣ мафҳуми нисбӣ аст. Инсон ҳо, хамчун "мавҷуди ичтимоӣ", наметавонанд озод аз ҷомеа ва қуюдоти маъқули он бошанд. Манзури ман аз озодии инсон – эҳтирому риояти ҳамаи ҳуқуқҳо ва озодиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ичтимоӣ ва фарҳангии ҳар фарди ҷомеъа аст, на озодии ахлоқи ғайриинсонӣ ва кирдори зишти одамакҳои девсират. Масъалаи асосӣ – масъалаи чигунагии ҳукумат ва муносибати он бо афроди ҷомеа, муносибати байни мардум ва соҳибони қудрат (ба русӣ "власть",

анг. "Power"), пеш аз ҳама қудрати сиёсӣ ва иқтисодӣ аст. Мавзӯъи чигунагии ахлоқи ҷомеа низ ба андозаи зиёд ба ҳукумат бастагӣ дорад. Ҳукумат метавонад омили муҳими парвариш густариши ахлоқи накӯ ва адлу дод дар ҷомеа бошад, ё баракс, мумкин аст сарчашмаи фасоду бадкирдорӣ бошад. Ин ба сатҳи маърифати ҳукуматдорон ва ҷомеа вобаста аст. Рӯиҳамрафта, қудрат гароиш ба фасод дорад. Ба гуфтаи Лорд Актон, **"қудрат фасод меофарад, қудрати мутлақ – фасоди мутлақ"**. Аз ин рӯ, масъалаи маҳдуд кардани ҳукумат ва зери назорат қарор додани фоъолияти он ҳамеша муҳим буда ва ҳаст.

Ба андешаи озодихоҳон, дар ҷомеъа бояд қонун ҳоким бошад, на афрод. Он ҳам қавонине, ки бар пояи адлу дод устувор бошад. Қонунҳое, ки одилона набошанд, худ қонун нестанд. Қонунгузорон қонунҳоро ба намояндагӣ аз мардум ва бар асоси иродаи мардум тадвин ва эълон менамоянд. Ҳаққи вазъ кардани қонунҳо аз они мардум, яъне соҳибони аслии қудрат, аст, на ҳукуматдорон. Қавонин бояд тавре танзим шаванд, ки ҳеч касе натавонад дар болои ҷомеа қарор гирад ва бар дигарон ҳукумат кунад. Ҳукумат кардани фарде ё гурӯҳе бар дигарон – ин таҳқир кардани шахсияти инсон аст ва ин кор на танҳо дур аз фазоили инсонӣ аст, балки ҷиноят аст, зеро маънии поймол кардани ҳукуқи сиришти (табиии) инсонҳоро дорад. Ва онҳое, ки бар дигарон ҳукумат мекунанд ва ҳукуқҳои одамонро поймол мекунанд, худ инсони озод нестанд, балки ҷинояткоранд. Онҳо дар банди ҷаҳолатанду ғуломи нафси ҳайвонии хеш. Ба гуфтаи файласуфи бузурги Юнон Арасту, **"дар ҷое, ки ҳукумати қонун нест, дар он ҷо ҳеҷ гуна давлате наметавонад вуҷуд дошта бошад… ва онҳое, ки мехоҳанд дар ҷомеъа қонун не, балки одам ҳукумат кунад, ба хости худ унсури ҳайвонӣ ворид мекунанд"**.



Орзӯю шиори озодихоҳони тоҷик чунин буду ҳаст: "зиндагӣ кардан ҳамчун инсони озод дар миёни мардуми озод".

Зери фармони дигарон рафтан, мутеъи дигарон будан низ таҳқир бар одамият аст. Аз ин рӯ, набояд касе зери фармони каси дигаре бошад. Бузургони мо бар ин маънӣ таъкидҳо кардаанд. Аз ҷумла Шайх Аттор фармудааст: **"Шоистаи одамӣ нест, ки касе чунони хешро бар худовандӣ баргузинад ва мутеъи ӯ бошад"**. Тобеъият кардан аз дигарон – худ нишони нохудогоҳию кӯрдилӣ аст ва, ба гуфтаи Муҳаммад Иқбол, маҳз аз бебасарӣ аст, ки одам ба ин хорӣ тан медиҳад ва бандагии одамро мекунад, дар ҳоле ки ҳатто сагҳо ин корро намекунанд:

Одам аз бебасарӣ бандагии одам кард,
Гавҳаре дошт, назри Қубоду Ҷам кард,
Одам аз хӯйи ғуломӣ зи сагон хортар аст,
Ман надидам, ки саге пеши саге сар хам кард.

Абатта, *озодии инсон маънои онро надорад, ки ҳар ваҳшисифату девонамизоҷ ҳар чи хоҳад бикунад. Озодӣ – бебандуборию ваҳшигарӣ нест. Дар ҷомеъаи мутамаддин ашхоси ваҳшию девонаро занҷирбанд мекунанд, на озод.* Зеро худсарию бебандубории бехирадон корро ба ҳукумати зӯрон мекашонад ва ҳама гуна озодиро аз миён мебарад. Ба гуфтаи донишмандон, озодӣ – пеш аз ҳама хукумати хирад аст, ҳукумати қонун ва ахлоқ аст, эҳтирому риояти озодии дигарон аст, ҳукумат бар худ аст, на бар дигарон. Дар ҷомеа, ба гуфтаи файласуфи бузурги Олмон К.Ясперс, як нафар **"метавонад ба ҳамон андоза озод бошад, ки дигарон ба он андоза озоданд"**. Яъне озодии дигарон – марз ё ҳудуди озодии ҳар фард аст. *Қонун ва ҳукуматро барои он месозанд, ки мардум аз озодӣ бархурдор бошанд ва аз бебандуборию ҳарзагии ҷоҳилон дар амон. Қонун бояд ҳуқуқу озодиҳои инсонҳоро эълон намояд ва давлат бояд посдору таъминкунандаи аҳкоми қонун бошад ва бояд тавони онро дошта бошад, ки нагзорад аз озодӣ сӯъи истифода кунанд.* Қонун, озодӣ ва давлат бояд ба иттифоқи якдигар пеш бираванд. Қонуну озодӣ бидуни қудрат мумкин аст харчу марҷ ба бор орад, қонуну қудрат бидуни озодӣ истибдод аст ва қудрат бидуни озодию қонун барбарият аст.

Озодӣ – меваи маърифат аст ва такягоҳи он ахлоқи накӯи инсонӣ аст. **"Озодиро некон дӯст доранд, ҳарзагию бебандубориро – бадон"**, гуфта буд сиёсатмадори Ингилистон Милтон. Аз ин рӯ, равшанфикрон мехоҳанд, ки сатҳи маърифати мардум баланд бошад ва аз чигунагии аҳволи худ ва ҷомеа огоҳ бошанд, то битавонанд дуруст доварӣ ва амал кунанд. Дар ҷое, ки сатҳи маърифати ҷомеа ва ҳукуматдорон поин аст, ва афроди ҷомеъа рафтору кирдори нек надоранд, озодӣ маҳол аст; дар он ҷо ҷаҳлу факр ва бебандуборию бедодгарӣ ҳоким аст. Дар чунин ҷое ҳукумати худкома на василаи таъмини эҳтирому риояти қонун ва ҳукуқу озодиҳои мардум, балки манбаъи бедоду фасод аст, василаи маҳдуд ва нобуд кардани озодии инсон аст. Дар он ҷо ҳукуматдорон на пуштибон, балки душмани озодиянд. Сиёсати ҳукуматдорони ҷоҳилу мустабид ҳамеша зидди озодӣ, яъне зиддиинсонӣ будааст, зеро ҳадафи ҳукуматхоҳон – соҳиб шудан ба қудрат аст, ҳукумат кардану мол андӯхтан аст, на таъмини озодию ободии ҷомеъа.

Ба гуфтаи донишмандон, **қудрат – яъне тавони таҳмил кардани иродаи худ бар дигарон аст. Он василаест барои дубора тақсим кардани даромади миллӣ.** Ҳадафи қудратталабон таъмин кардани манофеъи молии худ аст. Дар ҷомеъаҳои пасмонда мақсади қудратталабон асосан ҳамин аст, яъне ҳукумат кардан бар дигарон ва, бо истифада аз қудрат, дубораю себора тақсим кардани даромади миллӣ ба суди хеш аст. Дурӯғгӯию фиребгарӣ ва қонуншиканию риёкорӣ шеваи маъмули аҳли сиёсат аст. Аз ин рӯ,

соҳибназарон гуфтаанд, ки сиёсат палиду ҳокимон чиноятқоранд. Ҳукуматхоҳию қудратталабӣ хислати ашхоси палиду ваҳшӣ аст, зеро ҳисси ҳукумат кардан бар дигарон бархоста аз ғариза (инстинкт) аст ва ғариза хоси зинаи ҳайвонӣ аст, на вижагии инсонҳои бохирад. Танҳо афроди фурӯмоя ва чиноятқор, онҳое ки на аз рӯи хиради инсонӣ, балки аз рӯи ғаризаи ҳайвонӣ амал мекунанд, дар талаби мансабу қудрат мегарданд, зеро мақсадашон фармонравоӣ бар дигарон ва дуздию ғорат кардани моли мардум аст.

Бинобар ин, бузургони мо ҳокимонро "дузд" ва молашонро "ҳаром" хондаанд. Аттори Нишопурӣ низ моли дунёро "мурдор" ва ҳукуматдоронро "лошахӯр" номида, гуфтааст, ки **"лошахӯр худ бадтар аз мурдор аст"**. Донишманди Фаронса Жозеф Прудон ҳам навиштааст, ки **"моликият – амволи дуздӣ аст ва моликон ё дузданд, ё бачаи дузд"**.

Танҳо дар чомеаи озод, дар чое ки инсонҳои озоду сарбаланд ва бомаърифат зиндагӣ мекунанд, хукумат ҳам ранги дигар хоҳад дошт ва вазоифи худро дар чиҳати таъмини ҳуқуқу озодиҳои афроди чомеа ва ободию амнияти кишвар ба таври шоиста метавонад ичро кунад.

Ин чо мачоли он нест, ки дар бораи чигунагии ниҳодҳои ичтимоию сиёсӣ ва шеваҳои фаъолияти онҳо дар шароити чомеаи озод ба тафсил изҳори назар кунем. Шароити айнию зеҳнии кишвар низ барои сохтани чунин чомеа ҳоло мусоид нест. *Вале баҳс кардан пиромуни имрӯзу фардои чомеа ва масоили он муфид аст. Чунин баҳс дастикам ин мазиятро дорад, ки дар чараёни он ба ин масоил таваччӯҳи бештар хаҳанд кард ва сатҳи маърифати сиёсии тӯдаҳо боло хоҳад рафт.* **Аз ин рӯ, бояд аз кормандони нашрияи "Миллат" миннатдор буд, ки заминаи гуфтугӯро дар атрофии чунин масоил фароҳам кардаанд.**

Устод Тоҳири Абдучаббор дар дафтари ҳафтавори "Миллат", соли 2008.

Тоҳири Абдуҷаббор,
донишманди тоҷик
"Миллат", №11,
23 марти 2006.

"СЕМЬЯ" – АКАЕВРО СУҚУТ ДОД

Тоҳири Абдуҷаббор, доктори илми иқтисод, аз соли 1996 устоди Донишгоҳи гуманитарии Бишкек, баъдан мудири кафедраи иқтисоди байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии Қирғизистон ва ахиран профессори Донишкадаи идораи давлатии назди Раёсати ҷумҳурии Қирғизистон, вакили мардумии Шӯрои Олии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум, роҷеъ ба таҳаввулоти Қирғизистон ва минтақа бо хабарнигори "Миллат" сӯҳбат кард.

– Ба назари Шумо, ки солҳост ба равандҳои дохилии Қирғизистон ошно ҳастед, омили таҳаввул ва ба истилоҳ инқилоби лолаии Қирғизистон чӣ буд?

Акаев як олим буд, як рӯшанфикр буд ва мехост барои кишвараш кори нек кунад ва саранҷом нахост, ки хун бирезад.

– На танҳо дар Қирғизистон, балки дар тамоми ҷамоҳири шӯравии пешин ва аз ҷумла Осиёи Марказӣ раванди таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва иқтисодии пасошӯравӣ ҷараён дорад. Ин равандҳо ҳанӯз ба поён нарасидаанд ва албатта ба шеваҳои мухталиф дар ҳоли ҷараён ҳастанд. Ва иллати аслии таҳаввулоти радикалӣ ё тезу тунд, ба назари ман, фақр аст. Аксари мардум нодор ҳастанд ва зиндагии худ-ро ба мушкилоти алим пеш мебаранд.

Омили дигари зътирозҳо бекорӣ аст. Дар Қирғизистон шумораи бекоронро, ки ба Русия ва ба Қазоқистон барои кор рафтаанд, ҳудуди 700 ҳазор тахмин мекунанд. Дар дохили худи кишвар низ шумори бекорон зиёд аст ва дар бисёре аз деҳот зиндагӣ тақрибан номумкин шудааст. Ва мардум меояд тарафи шаҳрҳо ва хусусан ба Бишкек, дар ҳоле ки дар шаҳрҳо низ пайдо кардани кор мушкил аст. Яъне бекорӣ ва адами машғулият сабаби умдаи ин норозигӣ буд.

Ва як омили дигари баборандаи нооромиҳо фасод ё коррупсия аст, ки густариши бисёр амиқ ёфта буд. Ин ҳол хоси ҳама кишварҳои Шӯравии пешин аст, аммо ҷамоҳири Осиёи Марказӣ ва Русия аз лиҳози фасод ва фасодзадагӣ мақоми бисёр баланд доранд. Ин ҳол дар ҳар кучое боиси талош барои қудрат мешавад. Ҳоло он ки талоши қудрат ин ҷо дар замони Шӯравӣ оғоз шуда буд ва унсурҳои чиноӣ низ ба гурӯҳҳои қудратталаб ва ҳукумат, хусусан сохторҳои қудратӣ пайваста буданд. Вале ша-

роити идеологӣ ба онҳо иҷозаи зиёд ошкор шуданро намедод, аммо муносибатҳои бозорӣ боис гашт, ки ин гурӯҳҳо ба сурати ошкор фаъолият кунанд. Яъне талоши қудрат миёни онҳое, ки баъди сукути Шӯравӣ ба сари кор омада буданд, аз ҷумлаи кухнагароён ва чӣ аз ҷумлаи навгароён камокон дар тамоми тӯли ин солҳо идома кард ва гузашта аз ин қудратталабони нав, яъне нирӯҳои нав ба ин ҷараён пайвастанд. Ва ҳадафи қудратталабӣ маълум аст, ки андӯхтани мол аст. Яъне дар замони сусиёлизм моликият умумӣ буд, моликият аз мардум буд ва баъди даст кашидан аз сусиёлизм масъалаи тақсими ин моликият пеш омад. Ва касоне, ки дар сари қудрат буданд, имкони бештар доштанд, ки ин моликиятро бо қимати бисёр ночиз аз они худ кунанд. Дар ҳама кишварҳои паҳнои Шӯравӣ ин корро карданд ва мекунанд. Ва ин кор барои мардуми кӯчаву бозор ва шаҳру деҳот, ки зиндагишон хуб нест, фақрзада ҳастанд ва дар айни ҳол мебинанд ин моликиятро кӣ соҳибӣ мекунад, табиист, ки хушоянд нест. Мардум ҳама чизро мебинад, ҳам васоили наклияи гурӯҳҳои наздики ҳукумат, қасрҳову кушкҳои наздикон ва фарзандони мансабдоронро ва ҳам ривочи фасодро мебинад. Дар ҳоле ки музди миёнаи маош дар Қирғизистон ба ҳангоми ҳамин таҳавуллот 50 доллар буд. Даромади солона ба сари аҳолӣ 400-450 доллар буд. Яъне ҳукуматдорон дар гуфтор ба як кор машғул буданд, вале дар асл мардум медонист, ки онҳо ба чӣ кор машғул ҳастанд. Рӯиҳамрафта ин ҳама норозигии мардумро ба тадриҷ бор оварда.

Гузашта аз ин интихоботи порлумонии пуртакаллуби соли 2005 боиси такони ҷиддӣ додани афкори ҷомеа шуд. Бисёре аз ҳукуматдорон кӯшиданд, ки наздикон ва атрофиёни худро номзад кунанд ва вориди порлумон созанд. Хешу пайвандон ва фарзандони Раиси ҷумҳур низ номзад шуданд. Дар шаҳру навоҳӣ ва китъаҳои раъйдиҳӣ аз мардум хоҳиш мекарданд, ё пул медоданд ва ё таҳдид мекарданд, ки ба фалон ё фалон кас раъй бидеҳ. Ва кор аз эътироз ба ҳамин шурӯъ шуд ва ба тағйири қудрат анҷом ёфт.

– Ҷаноби Абдуҷаббор, дар сукут додани Аскар Акаев, ки ба ҳар ҳол як рӯшанфикр ва олим эътироф мешуд, "нақши" хонаводаи ӯ – ҳамсар ва фарзандонаш чӣ гуна буд? Чун расонаҳои хабарӣ аксаран расвоии кори ӯро ба номи хонавода марбут мекунанд.

– Гуфтам, ки мардум аз вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ҳамеша норозӣ буд. Ва бар иловаи он ҳамин ба истилоҳ хонавода ё тавре мегӯянд "семья"-и Раиси ҷумҳури пешини кишвар ба шумули ҳамсараш, духтараш, писараш бисёр нақши муҳим дошт. Инҳо баҳонаи ошкоре барои мухолифатҳо ва ба вуҷуд омадани норозигиҳои мардум медоданд. Ба хотири он ки ҳама медонистанд, ки бисёр корхонаҳо ва моликияти давлатро онҳое, ки дар сари қудрат буданд, аз они худ карданд. Ва ҳукуматдорон аз пулҳое, ки аз хориҷ ба сурати грант ё кӯмаки бебозгашт меомад, низ истифода мекарданд. Акнун аз ҳисоботҳо ва гузоришҳои порлумон, додситонӣ ва гурӯҳҳои ҳуқуқӣ бармеояд, ки дар он ҷо фасодкорӣ бо истифода

аз қудрат бисёр ривоҷ доштааст. Ва ҳамин тавр хонавода дар ин миён нақши муҳимро иҷро кард.

– Омилҳои хориҷӣ то кучо дар таҳаввулот ё инқилоби лолаҳо муассир буд?

– Албатта, Қирғизистон як кишваре нест, ки битавонад ба сари худ бошад. Табиист, ки омилҳои хориҷӣ таъсиргузор ҳаст, мисли ҳар кишвари кӯчаки дигар. Замоне Русия бисёр нуфуз дошт. Вале баъдан, ки Русия ба кори худ саргарм шуд, нуфузи Ғарб ҳам афзуд. Як силсила кӯмакҳо ва мусоидатҳо ба созмонҳои ғайриҳукуматӣ сурат гирифт. Аммо ман надидам, ки Ғарб шароити худро дикта карда бошад, то ҳанӯз албатта. Ин ки мегӯянд матбуот озод бошад, андеша озод бошад, фаъолияти ҳукумат таҳти назари мардум бошад ва амалкарди ҳукуматдорон шаффоф бошад, ин арзишҳо хоси Амрико ва Аврупо ва ҷои дигар набуду нест. Ин меъёри ақли солим аст. Инро дар тамоми дунё мехоҳанд. Албатта қуд-ратҳои бузург ғаразҳои сиёсӣ ҳам доранд, ин комилан равшан аст, вале муҳим ин аст, ки мо дар ин миён манофеи худро мешиносем ё не, ва ба он амал мекунем ё не. Ва дар лаҳзаи ахир ман фикр мекунам, ки нақши Русия дар таҳаввулоти Қирғизистон манфӣ буд. Агар Аскар Акаев дар ду рӯз кабл аз суқут, рӯзҳои 22-23 март лаҳни худро таҳти таъсири Русия иваз намекард ва бо мардумаш бо лаҳни пешинааш сӯҳбат мекард, то интихобот ва бидуни ин ҳама расвой бокӣ мемонд. Яъне мисли ҳамеша омода мебуд, ки бо мардум бинишинад, бишнавад ва масоилро ҳал бикунад, чун то интихобот фурсати зиёде боқӣ намонда буд. Дар тирамоҳ бояд интихоботи Раёсати ҷумҳурӣ доир мешуд. Аммо Аскар Акаев ба сурати ногаҳон бо лаҳни барояш бегона сӯҳбат кард. Ин назари бисёре аз дӯстон ва донишмандони қирғиз низ ҳаст.

Хонавода ва атрофиёни Акаев, ки бо фасод даст доштанд, як марди хайрхоҳро ба чунин рӯзе гирифтор карданд.

Ба ҳар сурат агар дар дохили як кишвар заминаи таҳаввулот ба вуҷуд наомада бошад, ҳеҷ касе, ҳеҷ абарқудрате наметавонад чизеро иваз бикунад. Агар коре ҳам мекунад, барои як муддати кӯтоҳ ва беасар хоҳад шуд. Барои ҳамин ман фикр мекунам, ки ин ҳама замина дар дохили ҷомеаи Қирғизистон нуҳуфта буд ва ин хоси ҳамаи ҷомеаҳои дар ҳоли гузор мебошад ва ин гузор дар минтақа идома дорад.

– Ба ҳар ҳол агар карор бошад ба як калима ба ин пурсиши ман посух бигӯед, чӣ хоҳед гуфт, ки ҳукумати феълии Қирғизистон чи гуна ҳукумат аст, ғарбгаро, русиягаро ва ё як ҳукумати миллӣ?

– Ин як ҳукумати миллӣ аст. Шахсиятҳои зиёди донишманд, чавонони

таҳсилкарда ва боҳуш дар ҳукумати Аскар Акаев низ буданд ва дар порлумон низ. Дар ин ҳукумат ин гуна ашҳос бештар ҳастанд ва муҳимтар аз ҳама шахсиятҳои зиёди ватанпараст ва ҷавонони донишмандро медонам, ки вориди ин ҳукумат шуданд. Ин ҳукумат кӯшиш мекунад на зиёд зери бори Амрико биравад ва на зери таъсири Русия. Масалан, ҳукумати Қирғизистон имрӯз талош мекунад аз ҳузури нирӯҳои ҳардуи ин кишварҳо ба суди иқтисод ва манофеи миллии худ истифода кунад. Вале ҳамоно бояд гуфт, ки фасод ва фасодкорӣ вуҷуд дорад, бо вуҷуди он ки ҳукумати феълӣ барномаи аслии худ мубориза бо фасод ва таъмини озодиҳои сиёсӣ ва маданиро унвон кардааст. Муваффақияташ аз ҳамин натиҷаи мубориза бо фасод вобаста хоҳад буд.

– **Ҷаноби Абдуҷаббор, шумо гуфтед, ки ин равандҳо ғайри ихтиёр хоси ҳамаи кишварҳост. Бубинед, Аскар Акаев, акнун ҳамоишҳои раисони дигари ҷумҳуриҳои Осиёи Миёнаро аз телевизион мебинад, ки замоне ҳамнишини инҳо буд ва кишвараш ҷазираи демукросӣ унвон дошт. Инҳо ҳам медонанд, ки бояд аз таҷрибаи Қирғизистон сабақ гирифт. Ва ин кишварҳо чӣ бардоште барои худ кардаанд? Чун гуфтед заминаи ҳамаи таҳаввулот мушкилоти иҷтимоӣ дар ҷомеа мебошад.**

– Инҳо агар сабақе ҳам гирифта бошанд, сабақи лозим нагирифтаанд. Дар Қирғизистон мардум норозӣ буданд ва эътироз карданд. Онҳо наомаданд, ки Аскар Акаевро аз мақомаш дур кунанд. Онҳо омаданд, ки бигӯянд, чаро ту Раиси ҷумҳур ҳастӣ, вале ин ҳама бедодӣ дар кишвар сурат мегирад ва ту, ки кафили Қонуни асосӣ ҳастӣ, пеши роҳашро намегирӣ. Вале дар ин миён як гуна нирӯҳое, ки кулоҳакҳои сафед ба сар доштанд, пайдо шуданд, байни худ сангпартоӣ карданд ва боз гум шуданд ва мардуми таҳрикшуда ҷониби қасрҳои ҳукумат рафтанд ва Аскар Акаев ҳам бо хонаводааш фирор кард.

Ба ҳар ҳол, бояд гуфт, ки он мард як олим буд, як рӯшанфикр буд ва мехост барои кишвараш кори нек кунад ва нахост, ки хун бирезад. Ин бисёр муҳим аст. Ин ки ба хотири мансабаш хунрезӣ накард, далели он аст, ки оқилтар аз атрофиёнаш аст. Ва атрофиёнаш, ки бо фасод даст доштанд, ба сари ӯ об рехтанд. *Яъне ҳамон, ба истилоҳ хонавода як марди хайрхоҳро ба чунин рӯзе гирифтор карданд.*

Мавзӯи дигар ин аст, ки Аскар Акаев бо вуҷуди огоҳӣ ва донишмандӣ ва хайрхоҳиаш наметавонист ба танҳоӣ ҳама корро ҳал бикунад. Агар ҳукумат саропо аз кадрҳои донишманд, огоҳ ва ватандӯст иборат набошад, ки ба як нақша амал кунанд, барномаҳо наметавонад амалӣ шавад. Ҳарфи хуб гуфтан, хайрхоҳ будан як чиз аст, амал кардан кори дигар аст.

Қирғизистон як ҷазираи демукросӣ буд, вале инқилоб он ҷо сурат гирифт. Ман бояд бигӯям, ки табаддулот ё инқилоб содир шуда наметавонад. Мешавад, ки дар як хонаи ҳамсоя таҳаввуле пеш биояд, аммо дар хонаи ҳамсояи дигар бо вуҷуди доштани вазъи мушобеҳ чизе рух

надиҳад. Яъне инқилоб қобили содир кардан нест. Он дар зеҳни мардум ба вуҷуд меояд. Мардум вақте эҳсос мекунад корҳое мешавад, ки қобили таҳаммул нест, иқдом мекунад. Ва механизми демукросӣ интихобот аст ва интихобот барои ҳамин лозим аст. Яъне маънои интихобот табдил кардани ҳукумат бидуни хунрезӣ ва бидуни ҷангу ҷидол аст. Мардум меояд ва бо оромӣ мегӯяд, ки ҳамин гурӯҳ ваъдаи зиёд кард, вале кор накард, кишварро дучори фасод кард ва мо касеро интихоб мекунем, ки беҳтар бошад. Яъне бо роҳи осоишта баровардани ҳаққи мардум дар таъйини ҳаққи худ. Таърифи соддаи интихобот ҳамин аст. Касе чизе наметавонад ба ин изофа кунад. Вагарна ҳазор кӯтоҳӣ низ дорад.

Дигар ин ки дар Қирғизистон ба Қонуни асосӣ се дафъа ислоҳ ворид шуд ва Қонуни асосӣ чизе нест, ки ҳар рӯз даст-хуши тағйирот шавад ва ҳар рӯз усули асосӣ иваз шавад. Зеро Қонуни асосӣ усули асосӣ аст ва ин усул бояд ҳар рӯз иваз нашавад. Зеро солҳо мехоҳад то он чи ки мо ба унвони усул пазируфтаем, ба бовар ва анъана табдил шавад ва он гоҳ аст, ки мешавад онро усул гуфт. Ва ин ки биоем ва ба манфиати худ ҳар кадоме аз мо онро тағйир диҳем, усул кучо мемонад. Ин тамоил дар дигар кишварҳо низ мушоҳида мешавад, ки аз пайомади он бояд андеша кунанд. Коршиносони байналмилалӣ омили кунди равандҳои минтақаи моро тамоили худкомагӣ медонанд.

Дар Қирғизистон ба Қонуни асосӣ се дафъа ислоҳ ворид шуд. Қонуни Асосӣ чизе нест, ки ҳар рӯз дастхуши тағйирот шавад

Яъне ҳукумат бояд битавонад, ки ҳамеша худро нав кунад. Яъне касоне, ки дар сари ҳукумат ҳастанд, бояд барои пешрафти низом кӯмак кунанд, мардумро битавонанд аз қафои худ бибаранд. Ҳукумат бояд мардумро аз пайи худ бибарад, вақте ҳукумат аз мардум ақиб монд, он ҳол боиси норозигӣ мешавад. Мутаассифона, ҳукуматдорон ин корро намекунанд, балки баръакс мехоҳанд, ки вазъи ба вуҷуд омадаро консерватсия кунанд.

Бидуни нигаронӣ ва воҳима аз таҳаввулот бояд масъалаҳоро ҳал кард. Сабақ ин аст, ки як бор бояд ҳукуматдорони минтақа андеша кунанд, ки чаро дар Аврупо наздики як аср аст, ки дигар инқилоб намешавад. Зеро ниёз ба инқилоб намондааст. Ва заминаҳои инқилобро бояд рафъ кард, дар ҳоли интизор ба сар бурдан ва нигаронӣ аз он фоида надорад.

– Ташаккур.

Мусоҳиб Раҳматкарими Давлат

Тоҳири Абдуҷаббор
"Миллат", №17, 4 майи 2006.

РОҒУН БОЯД МОЛИ ДАВЛАТИ ТОҶИКИСТОН БОҚӢ МОНАД

Ҳукумати Тоҷикистон ба мақсади рушд додани соҳаи энержии барқ тасмим гирифтааст, ки дар Роғун, Сангтӯда ва дигар навоҳии кишвар як силсила нирӯгоҳҳои барқи обӣ сохта шавад. Амалӣ кардани ин нақшаҳо Тоҷикистонро аз бӯҳрони энергетикӣ наҷот медиҳад ва вобастагии кишварро аз нафту гоз камтар намуда, барои рушди иқтисоди кишвар заминаро мусойид месозад.

Албатта, барои бунёди ин нирӯгоҳҳо сармоя ва техноложии ҷадид лозим аст. Вале имконоти кишвар дар ин ҷиҳат хеле маҳдуд аст. Бинобар ин, ҷалб кардани сармояи хориҷӣ барои ҳарчи зудтар сохтани ин пружаҳо як амри ногузир аст. Зимнан, масъалаи муҳим ин аст, ки сармояи мавриди ниёзро аз кучо ва тахти кадом шароит бояд дарёфт кард.



Беҳтар он аст, ки Ҳукумати Тоҷикистон сармояи лозимаро аз кишварҳо ва созмонҳои молие, ки гаразҳои сиёсӣ надоранд, дарёфт кунад.

Тавре ки маълум аст, сохтмони нирӯгоҳҳои бузург дар Роғун ва Сангтӯда-1 ба ширкати русии "РУСАЛ" вогузор шудааст. *Зимнан, саҳми ширкати мазкур дар ин пружаҳо дар ҳудуди 75-80% тахмин шудааст.* **Ин бадон маъност, ки ин пружаҳо амалан моликияти Русия мешаванд ва он кишвар, ҳар тавре ки хоҳад, аз онҳо истифода мекунад: хоҳад барқро ба Тоҷикистон мефурӯшад, хоҳад ба кишварҳои дигар.** Ба ин нукта раиси кулли нирӯгоҳи барқи Сангтӯда В. Чернишенко низ ишора намуда, гуфтааст: *"Мо, яъне Русия, аз ин пружа пеш аз ҳама манфиатҳои молиро интизорем... Ҷонибҳои саҳмгузор, имкон дорад барқро ба қиматҳои муносиб ба хориҷ аз Тоҷикистон содир кунанд. Агар Тоҷикистон хоҳад, метавонад ҳаққи худро ба андозаи саҳмаш дар дохили кишвар фурӯшад..."*

Яке аз ангезаҳои муҳиме, ки "РУСАЛ"-ро ба сохтмони он нирӯгоҳҳо ҷалб кардааст, ин аст, ки ин ширкат тасмим гирифтааст *дар Тоҷикистон ду ё се корхонаи дигари алюминий бисозад.* Чунин корхонаҳо бузургтарин

масрафкунандаи нирӯи барқ мебошанд ва нирӯгоҳҳои Роғуну Сангтӯда пеш аз ҳама барои онҳо кор хоҳанд кард, на барои эҳтиёҷоти иқтисоду мардуми Тоҷикистон. **Аз ин роҳ, Русия мехоҳад бо истифода аз барки арзони Роғуну Сангтӯда, мавқеъи худро дар бозорҳои ҷаҳонии алюминиум ва энержии барқ тақвият бахшад.** *Ин кор мувофиқи нақшаҳои ҳукумати Русия аст, ки он ба манзури табдил додани кишвараш ба "давлати бузурги энергетикӣ" сиёсати тавсеъаталабии иқтисодиро пеш гирифтааст.*

Пӯшида нест, ки Русия дар ин ҷо на танҳо манофеъи иқтисодӣ, балки ҳамчунон *ҳадафҳои сиёсиро* думбол мекунад. Русия кишварҳои тозаистиқлоли Шӯравии пешинро, аз ҷумла кишварҳои Осиёи Марказиро минтақаи манофеъи геополитикии худ мешуморад ва дар пайи он аст, ки бо роҳҳои иқтисодию сиёсӣ онҳоро зери нуфузи худ нигаҳ дорад. Бо ин мақсад, Русия мекӯшад, ки манобеъи нафту гоз, нирӯгоҳҳои барқӣ ва корхонаҳои муҳими ин кишварҳоро моликияти худ созад ва ё тахти назорати худ бигирад, пойгоҳҳои низомии худро дар ин ҷо мустақар намояд ва ин кишварҳоро ҳарчи бештар вобастаи худ сохта, дар сурати лузум аз он корхонаҳою пойгоҳҳо ба масобаи абзори фишороварӣ истифода кунад. Ва бад-ин тартиб, ҳам суди иқтисодӣ барад ва ҳам ба ҳадафҳои сиёсии худ бирасад. Моҷароҳои ахири Русия бо Украина, Гурҷистон, Молдовиё ва бархе кишварҳои дигар далели ин муддаост.

Бинобар ин, ба Русия додани чунин пружаҳои бузургу муҳими Тоҷикистон кори дуруст нест. Дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон корхонаҳои бузурги саноъатӣ, бавижа пружаҳои энергетикиро, ки дорои аҳамияти истратежӣ мебошанд, дар ихтиёри давлат нигаҳ медоранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба кишварҳои хориҷӣ намедиҳанд, зеро ин кор истиқлолияти кишварро шадидан ба хатар меандозад.

Албатта, ин нирӯгоҳҳо бояд сохта шаванд, вале онҳо бояд дар ихтиёри давлати Тоҷикистон ва дар хидмати мардуми кишвар бошанд. Бехтар он аст, ки Ҳукумати Тоҷикистон сармояи лозимаро аз кишварҳо ва созмонҳои молие, ки ғаразҳои сиёсӣ надоранд, дарёфт намояд. Ҳанӯз дер нашудааст.



Устод Тоҳири Абдуҷаббор ҳанӯз дар моҳи майи соли 2006 бар зарурати моликияти Тоҷикистон эълом кардани Нирӯгоҳи барқи обии Роғун таъкид карда буд. Ҳукумати Тоҷикистон дар соли 2009 ба дарки ин зарурат расид.

*

Тоҳири Абдуҷаббор
"Миллат", №38, 28 сентябри 2006,
№39, 5 октябри 2006.

СУДУ ЗИЁНИ МУҲОҶИРАТИ НИРӮИ КОР ВА ЗАРУРАТИ ТАНЗИМИ ОН

Муҳоҷирати нирӯи кор падидаи тозае нест, вале дар садаи 20, бавижа тайи 40-50 соли ахир ин раванд шиддати бештар ёфтааст. Дар ҳоли ҳозир беш аз 100 млн нафар аз аҳолии кпшварҳои мухталифи чаҳон ба раванди муҳоҷират кашида шудаанд. Иллати асосии муҳоҷирати нирӯи кор ин аст, ки оҳанги рушди иқтисод ва афзоиши аҳолӣ дар кишварҳои ҷаҳон яксон набуду нест. Бархе аз онҳо, бавижа мамолики аврупоӣ ва Амрикои Шимолӣ тайи як-ду садаи охир босуръат пешрафт карданд. Дар натиҷа самарабахшии кор, даромади миллӣ ва сатҳи зиндагии мардуми онҳо хеле боло рафт. Ҳоло дар кишварҳои пешрафта ҳадди аққали музди кори яксоата аз 6 то 12 доллар таъин шудааст ва даромади саронаи миллии онҳо то ба 25-35 ҳазор доллар расидааст. Аммо аксари кишварҳои Осиё, Африқо ва Амрикои Лотин, ки дар гузаштаҳо мустамликаи кишварҳои Ғарб буданд, ҳанӯз ҳам аз ҳолати ақибмондагӣ берун наомаданд. Онҳо пас аз расидан ба истиқлолияти давлатӣ, бавижа дар нимаи дуввуми садаи 20 ба дастовардҳои чашмгир нойил шуданд, вале мушкилоти зиёди иқтисодию иҷтимоӣ ҳанӯз домангири онҳо мебошад. Даромади саронаи миллӣ аксаран камтар аз 1000 доллар аст. Музди кор ва сатҳи зиндагӣ дар муқоиса ба кишварҳои пешрафта ба маротиб пойинтар аст. Ба сабаби баланд будани суръати афзоиши аҳолӣ ва кам будани сармоягузориҳо бекорӣ торафт зиёдтар мегардад. Ин ҳама ногузир боиси густариши муҳоҷирати нирӯи кор мешавад.

Бархе аз кишварҳои Шӯравии пешин, аз ҷумла Тоҷикистон низ ҳамин ҳолатро доранд. Тоҷикистон, ки дар замони Шӯравӣ ҳам иқтисоди пешрафта надошт, таи солҳои ахир бар асари моҷароҳои дохилӣ, ислоҳоти муқаллидонаю бедодгаронаи иқтисодӣ, таваррумн сарсомовар ва бӯхрони амиқи иқтисодӣ ба ҳолати бадтар гирифтор шуд: даромади мардум ба маротиб кам шуд, бекорӣ авҷ гирифт ва сатҳи зиндагӣ пойин омад. Мардум ба ночор аз пайи ризқу рӯзӣ роҳи муҳоҷиратро пеш гирифтанд ва Тоҷикистон ба яке аз кишварҳои содиркунандаи нирӯи кор табдил ёфт. Ҳар сол садҳо ҳазор коргарони тоҷик барои кор ба кишварҳои дигар муҳоҷират мекунанд. Ин падида, ки рӯйиҳамрафта, ба таври худҷӯш сурат мегирад, аз нигоҳи иқтисодӣ то чӣ андоза муфид аст?

Моҳияти муҳоҷирати нирӯи кор ин аст, ки ин омилҳои тавлид аз кишваре, ки он нисбатан арзон аст, ба кишваре, ки арзиши он нисбатан болотар аст, ҳаракат мекунад ва дар он ҷо бо самараи бештар истифода мегар-

дад. Аз нигоҳи иқтисодӣ ин кор ҳам барои кишвари содиркунанда ва ҳам барои кишвари пазирандаи нирӯи кор судманд аст, ба шарте ки он ба таври муназзам, бо риояти ҳуқуқи коргарон ва мукаррароти кишварҳо сурат бигирад. Зимнан, кишвари мизбон суди бештар мебарад, хусусан дар ҷое, ки кишвари содиркунандаи нирӯи кор вобастаю заиф бошад.

Ҷунин ҳолат дар муносибати байни кишварҳои Шӯравии пешин, бавижа байни Тоҷикистону Русия дида мешавад. Қавонину мукаррароти Русия аз ҳадди эътидол ҳанӯз хеле дуранд ва барои муҳоҷирон мушкилоти зиёд эҷод менамоянд. Илова бар ин, мақомоти Русия ва бархе кишварҳои ҳамсоя ба муҳоҷирон рӯи хуш нишон намедиҳанд ва дар муносибат бо онҳо ба табъизу қонуншиканиҳо роҳ медиҳанд. Милисаҳои Русия ва Қазоқистон бо баҳонаҳои мухталиф муҳоҷирони тоҷикро боздошту азият ва "ҷарима" мекунанд ё аз кишваршон берун мекунанд. Корфармоён низ муҳоҷиронро ғуломвор кор мефармоянд ва аксаран музди хело ночиз медиҳанд ва ё ҳич музде намедиҳанд. Давлати Тоҷикистон ҳам, бо вуҷуди кӯшишҳояш, аз пуштибонию ҳимояти шаҳрвандони муҳоҷири худ амалан оҷиз мондааст. Аз ин рӯ, дар бозори кор мавзеъи корфармоён қавӣ ва мавзеъи коргарони муҳоҷир заиф аст. Ин аст, ки корфармоёни Русия аз кори муҳоҷирони тоҷик ба маротиб бештар суд мебаранд. Рӯиҳамрафта, ҷанбаҳои мусбати омадани муҳоҷирон ба Русия чунинанд:

1. Кишвари мизбон, яъне Русия, бидуни хеҷ гуна харочот нирӯи кори тарбияёфта ва омадаи корро муфт дарёфт мекунад ва аз он ба суди хеш баҳрабардорӣ мекунад.

2. Корфармоёни он кишвар ба муҳоҷирон музди хело камтар аз арзиши кори онҳоро мепардозад. Илова бар ин, онҳо аз бобати бимаи иҷтимоъии муҳоҷирон низ пул намепардозанд. Ва аз ин роҳ маблағи зиёдеро сарфа мекунанд.

3. Нирӯи кори арзон боиси пойин омадани қимати колоҳои кишвари мизбон ва боло рафтани тавони рақобати онҳо мегардад.

4. Муҳоҷирон, аксаран, корҳои сахту душвореро, ки мардуми бумӣ аз онҳо ибо меварзанд, ба ӯҳда мегиранд. Онҳо бештар дар бахшҳои сохтмон, истихроҷи конҳо, роҳсозӣ ва хидамот кор мекунанд ва ба пешрафту ободии кишвари мизбон ҳисса мегузоранд.

5. Муҳоҷирон боиси афзудани ҳаҷми арзаю тақозо ва маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар мегарданд, яъне ба рушди иқтисоди кишвари мизбон мусоидат менамоянд.

6. Муҳоҷирон, ки асосан афроди ҷавону фаъол мебошанд, вазъи демографии кишвари мизбонро бехтар менамоянд.

7. Илова бар инҳо, муҳоҷирони тоҷик ба яке аз манбаҳои даромади мақомоти интизомӣ, марзбонон, нозирони роҳ ва аносири чиноии Русия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ табдил ёфтаанд. Онҳо аз роҳи фишору зӯроварӣ киссаи муҳоҷирони тоҷикро холӣ мекунанд.

8. Нуктаи муҳими дигар ин аст, ки Ҳукумати Русия барои расидан ба

аҳдофи сиёсии худ аз муҳоҷирон ба масобаи абзори фишор овардан ба Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Шӯравии пешин истифода мекунад.

Ҷанбаи манфии вуҷуди муҳоҷирон дар кишвари мизбон ин аст, ки баъзан, бавижа ҳангоми афзудани бекорӣ ва ё боло рафтани ҳисси миллатгароии афроди азаматталаби Русия, мумкин аст, ихтилофоти қавмӣ пеш ояд ва авзои ҷомеа муташанниҷ гардад.

Хулас, муҳоҷирати коргарони тоҷик ба Русия барои он кишвар хело муфид аст.

Суду зиёни муҳоҷирати нирӯи кор барои Тоҷикистон.

Муҳоҷирати нирӯи кор аз Тоҷикистон барои кишвар ҳам муфид ва ҳам зиёновар аст. *Ҷанбаи мусбати* муҳоҷирати коргарони тоҷик ин аст, ки:

1. Тоҷикистон ҳар сол аз ҳисоби мардикорони тоҷик маблағҳои зиёдеро (аз 500-600 миллион то 1 милиард доллар) дарёфт мекунад.

2. Дигар ин, ки бекорӣ ва ташаннучи иҷтимоӣ дар кишвар то андозае коҳиш меёбад.

3. Савум ин ки бисёре аз муҳоҷирон таҷрибаи кор ва тахассусу донишҳои тоза касб мекунанд, бо фарҳангу шароити зиндагии кишварҳои дигар ошно мешаванд. Ин ҳама боиси беҳтар шудани сифати нирӯи кор мегардад.

4. Дар ниҳоят, бархе аз онҳо мумкин аст дар эҷоду рушди корхонаҳои тавлидӣ дар кишвари худ хисса гузоранд.



Мардуми тоҷик дар Русия ба унвони нирӯи кори арзонтарин истифода мешаванд.

Ва аммо *ҷиҳатҳои манфии* муҳоҷирати нирӯи кор барои кишвари мо чунинанд:

1. Мардуми тоҷик фарзандони худро бо захмат ва харочоти зиёд тарбия карда, ба воя мерасонад, ба онҳо донишу тахассус меомӯзонад ва омодаи кор меосозад. Аммо онҳо ба чои он ки дар кишвари худ пурмаҳсул кор кунанд ва Ватани худро обод кунанд, ба кишварҳои дигар мераванд, дар натича аз донишу таҷриба ва нирӯи созандаи онҳо дигарон бахраманд мешаванд, на Тоҷикистон.

2. Зиёни дигаре, ки ба кишвари содиркунандаи нирӯи кор ворид мешавад – ин аз кишвар "рафтани ақлҳо", яъне аз даст додани донишмандону мутахассисони варзида мебошад. "Муҳоҷирати ақлҳо" мушкилотро бештар месозад, хусусан дар чое, ки кишвар ба онҳо сахт ниёз дорад. Зиёни кишвари содиркунанда аз ин бобат муодили 10-15% маҷмӯъи маҳсулоти нохолиси кишвар арзёбӣ мешавад.

3. Афзун бар ин, бештари муҳоҷирони тоҷик дар Русия дар риштаи тахассуси худ кор намекунанд ва бо гузашти замон аз донишу маҳоратҳои касбии худ маҳрум мешаванд. Онҳо мушкилот ва харочоти зиёдро мута-

ҳаммил шуда ба Русия мераванд, вале бисёрашон ҳафтаҳою моҳҳо дар сурогӣ кор мегарданд. Ин ҳама барои Тоҷикистон зоеъоти бузург аст.

4. Муҳоҷирати нирӯи кор хамчунон гуна-гуна мушкилоти иҷтимоию фарҳангӣ ба бор меорад. Илова бар ин, ки муҳоҷирон аз кору зиндагии иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангии кишваршон дур мемонанд, муҳоҷират ба муносиботи байни афроди хонаводахо ва раванди тарбияи фарзандон таъсири манфӣ мерасонад ва боиси ҷудоию аз ҳам пошидани хонаводахо, бад шудани саломатӣ ва ахлоқи иҷтимоъӣ мегардад.

5. Муҳоҷирони тоҷик дар мухити бегона, ноошно ва номеҳрубон ва аксаран дар шароити номусоид ва зери таҳдиду фишори рӯҳӣ кору зиндагӣ мекунанд, ба гуна-гуна беадолатиҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Ин ҳама ба ҳолати рӯҳии онхо таъсири манфӣ мерасонад, ахлоқи онхоро хароб месозад. Чун аксари онҳо забони русиро хуб намедонанд ва имкони дурусту муназзам омӯхтани онро ҳам надоранд, ба ночор забони кӯчагӣ ва носолими русиро ба таври механикӣ (ноогоҳона) фаро мегиранд. Ин боиси олудаю гӯшхарош шудани забони онҳо мегардад. Бисёрашон на забони тоҷикиро хуб медонанд, на забони русиро. Бархе ба забони омехта (нимтоҷикию нимрусӣ) сӯҳбат мекунанд. Ба онҳо хатари "маргинал" шудан таҳдид мекунад. Яке аз сабабхои он ки таи солҳои истиқлолият вазъи забони тоҷикӣ беҳтар нашудааст, ҳамин аст.

6. Гузашта аз инхо, кишвар мумкин аст аз шумори зиёди шахрвандони худ маҳрум шавад. Бекорию нодорӣ дар Ватани худ, аз як сӯ, ва шароити сахту ногувори кору зиндагӣ дар ғурбат ва номеҳрабонихои макомоти кишвари мизбон, аз сӯи дигар, муҳоҷирони тоҷикро маҷбур месозад, ки ба ҳар роҳ, аз ҷумла аз роҳи ташкили хонавода дар он ҷо, шахрванди он кишвар шаванд ва аз таъқибу фишори макомоти интизомӣ раҳоӣ ёбанд. Ин аст, ки қариб 30% мардикорони тоҷик дар кишварҳои мизбон арӯсӣ карда, дар он ҷо мондагор шудаанд.

7. Ҳамчунон, яке аз пайомадҳои номатлуби муҳоҷирати нирӯи кор ин аст, ки эътимоди ҷомеа ба ҳукумат коҳиш меёбад. Дар чунин шароит хатари фирори сармоя аз кишвар ва муташанниҷ шудани авзои сиёсӣ бештар мегардад.

Ин ҳама далели он аст, ки рӯиҳамрафта, ҷанбахои манфии муҳоҷирати нирӯи кор барои кишвари содиркунанда (Тоҷикистон), хело бештар аз суди он аст.

Зарурати танзими муҳоҷирати нирӯи кор аз Тоҷикистон. Агарчи фаъолияти муҳоҷирон аз нигоҳи иқтисодӣ барои кишварҳои пазирандаи нирӯи кор хеле муфид аст, вале ҳукуматҳои ин кишвархо мекӯшанд, ки раванди муҳоҷиратро бо дарназардошти эҳтиёҷоти иқтисод ва ҳадафҳои сиёсии худ танзим ва маҳдуд кунанд.

Аммо кишварҳои содиркунандаи нирӯи кор, ки барояшон зиёни муҳоҷират, рӯйиҳамрафта, бештар аз мафодаш ҳаст, дар ин маврид бепарвоӣ зоҳир мекунанд. Онхо, маъмулан, кишварҳои ақибмонда ва гирифтори гуна-гуна мушкилот мебошанд ва аксаран ҳатто тавони танзими

бозори нирӯи корро надоранд. Чун ҳукумат наметавонад мардумро бо кори пурсамар таъмин намояд, онҳоро ба ҳоли худ мегузорад. Мардуми бекору фақир ба ночор аз паи кор ба кишварҳои дигар мераванд ва ранҷу азоби ғурбатро таҳаммул карда, лукмаи ноне барои худ ва хонаводаҳошон пайдо мекунанд. Бад-ин тартиб ҳам дарди сари ҳукуматдорон камтар мешавад ва ҳам даромаде ҳосил мешавад, ки он барои пардохти вори-доти кишвар зарур аст. Албатта, ин шеваи хуби истифодаи нирӯи кор нест, вале беҳтар аз он аст, ки омили тавлид тамоман истифода нашавад ва дар Ватани худ бекору гурусна бошад. Яъне дар ҳолати мавҷуда *"аз баду бадтар бадашро интихоб мекунанд"*.

Қариб 30% мардикорони тоҷик дар кишварҳои мизбони арӯсӣ карда, дар он ҷо мондагор шудаанд.

Равшан аст, ки чунин аҳвол наметавонад дер давом кунад. Зеро муҳоҷирати пурдавоми мардуми зиёд барои ояндаи ҷомеа пайомадҳои басе ногувор ва ҷуброннопазир дорад. Илова бар ҷанбаҳои манфии дар боло ёдшуда, аз кишвар рафтани шумори зиёди коргарони ҷавону фаъол боиси пойин омадани самарабахшии кор ва кунд шудани оҳанги рушди иқтисоди кишвар мегардад.

Ҳоло аксарияти мутлақи муҳоҷирони тоҷик ба Русия мераванд. Сабаб он аст, ки аз як сӯ, Русия ба нирӯи кори арзон ниёз дорад, ва аз сӯи дигар, бисёре аз тоҷикҳо забони русиро каму беш медонанд. Илова бар он, рафту омад ба он кишвар бидуни раводид (виза) сурат мегирад. Робитаҳои солҳои пешин низ ҳанӯз аз ёд нарафтааст. Зимнан, фаъолияти аксарияти муҳоҷирони тоҷик дар Русия ғайриқонунӣ маҳсуб мешаванд ва онҳо мавриди таъқибу фишори мақомоти он кишвар қарор мегиранд. Ва ҳатто гоҳу ногоҳ аз он кишвар берун карда мешаванд. Бисёр кормандони идороти марбутаи давлати Тоҷикистон, ба ҷои он ки ба ҳимояти шаҳрвандони ҷабрдидаи худ бипардозанд, ба тиҷорати паспортҳо машғуланд. Онҳо паспортҳоеро, ки беш аз 2 ё 3 доллар арзиш надоранд (масалан, дар Қирғизистон қимати паспорт 1,5 доллар аст), ба муҳоҷирони тоҷик ба қимати 50-100 доллар ва ҳатто бештар аз ин мефурушанд. Бо вуҷуди ин, муҳоҷирати коргарон ба Русия идома дорад ва поёни он ҳанӯз дида намешавад. Ин ҳолат барои истиқлолияти Тоҷикистон хатар дорад, зеро вобастагии иқтисодию сиёсии Тоҷикистонро аз Русия бештар месозад.

Нуктаи муҳими дигар ин аст, ки иқтисоду сиёсати кишварҳо ҳамвора дар ҳоли тағйиру таҷдид аст. Пас аз марҳилаи болоравии иқтисод, маъмулан, давраи рукуд ва бӯҳрони иқтисодӣ пеш меояд ва ин ба муносиботи байни давлатҳо, бавижа давлатҳои вобаста таъсири ҷиддӣ мерасонад. Бинобар ин, ҳукуматҳо тарҷеҳ медиҳанд, ки "ҳамаи тухмҳоро дар як

сабад нагузоранд", яъне мекӯшанд худро вобастаи як бозор ё як кишвар насозанд, балки бо кишварҳои зиёд ҳамкорӣ дошта бошанд ва рискҳоро тақсим кунанд, то ин ки дар сурати пеш омадани тағйироти номатлуб онҳо дар яке аз кишварҳо варшикаст нашаванд. Муҳоҷирати коргарони тоҷик ба Русия низ аз ин қойида истисно нест. Мумкин аст, ки рӯзе ҳукумати Русия бо сабабҳои мухталиф дарвозаҳои худро ба рӯи муҳоҷирони тоҷик бибандад. Дар ин сурат Тоҷикистон ба бӯҳрони шадид рӯ ба рӯ хоҳад шуд. Эҳтимоли чунин пешомад хело зиёд аст.

Ҳафтаи гузашта дар парлумони Русия масъалаи муҳоҷирони ғайриқонуниро баррасӣ карданд ва бештари аъзои парлумон изҳор доштанд, ки бояд аз омадани муҳоҷирони ғайриқонунӣ ба Русия ҷиддан ҷилавгирӣ шавад ва ҳам муҳоҷирон ва ҳам корфармоёни Русия, ки муҳоҷиронро ба кор қабул мекунанд, ба ҷаримаҳои сангин ва ба зиндон маҳкум карда шаванд. Қарор аст, ки мавзӯъ бори дигар (дар қироати дуввум) дар ҳафтаҳои оянда дар Думои давлатии Русия пайгирӣ шавад ва муқаррарот дар бораи ҷаримаҳои сангин ва зиндонӣ кардани хилофкорон ба тасвиб расад. Дар чунин сурат, имкони кор дар Русия барои муҳоҷирони тоҷик хеле маҳдуд мегардад. Зеро пас аз ин корфармоёни Русия онҳоро ба кор қабул нахоҳанд кард. Сабаб он аст, ки то ба ҳол аксарияти муҳоҷирон ғайриқонунӣ кор мекарданд. Ин барои корфармоёни Русия хело муфид буд, зеро онҳо, аз як тараф, ба муҳоҷирон музди кам медоданд ва, аз сӯи дигар, аз бобати кори муҳоҷирон ба давлат андоз намесупурданд. Аммо пас аз ин, агар онҳо маҷбур ша-ванд, ки муқаррароти ҷадиди давлатро риоя кунанд, ба кор пазируфтани муҳоҷирон барояшон ба андозаи кунунӣ судовар нахоҳад буд. Бинобар ин, соли оянда муҳоҷирони тоҷик, мумкин аст, ба мушкилоти бештар рӯбарӯ шаванд.

Заминаи кори муҳоҷирони тоҷик на танҳо дар Русия, балки дар дигар кишварҳо, аз ҷумла дар мамолики Шарқи Наздику Миёна низ бояд фароҳам оварда шавад.

Ин ҳама далолат бар он мекунад, ки ҳукумати Тоҷикистон бояд як сиёсати ҳисобшуда ва маъқули истифодаи нирӯи корро тадвин ва бо дарназардошти ҳамаи суду зиёнҳои муҳоҷирати нирӯи кор онро танзим намояд. Пеш аз ҳама мебояд бар он кӯшид, ки бештари муҳоҷирони тоҷик дар Ватани худ кор кунанд ва музди кофӣ дарёфт намоянд. Албатта, нақшаҳои ҳукумат дар ҷиҳати сохтани нирӯгоҳҳои баркӣ, роҳҳо ва баъзе корхонаҳои санъатӣ хеле муҳиманд ва заминаи пешрафтро мусоид месозанд. Вале онҳо барои бо кор таъмин намудани садҳо ҳазор нафар бекорон кофӣ нестанд.

Мебояд, ки шароити мусоид барои таъсису рушди корхонаҳои тавлидӣ, бавижа корхонаҳои хурду миёна дар ҳамаи навоҳии кишвар ба вуҷуд оварда шавад. Барои ин лозим аст, ки девонсолорию коғазбозӣ, ришваситонию конуншиканиҳо аз байн бурда шуда, кори таъсису бақайдгирии корхонаҳо тамоман соддаю осон гардад. Чуноне ки дар кишварҳои пешрафта ҳамаи ин кор фақат дар як идора дар зарфи як соат анҷом дода мешавад. Ҳукумат аз мудохилаи бечо ба фаъолияти корхонаҳо ва инҳисорталабии гурӯҳҳои манфиатҷӯ ҷилавгирӣ намуда, сармоягузоронро ташвиқу дастгирӣ намояд, то фазои сармоягузорӣ барои сармоягузорони дохилию хориҷӣ мусоид гардад ва ҳиссаи зиёди мухоҷирони тоҷик дар Ватани худ кор кунанд. Ҳамзамон лозим аст, ки ҳадди ақали музди кор дар кишвар то ба андозаи арзиши "сабади колоҳои масрафӣ" боло бурда шавад.

Дар айни замон, ҳукумат бояд дар ҷиҳати ҳимояти ҳуқуқи муҳоҷирон дар кишварҳои мизбон, боло бурдани сатҳи маҳорати касбию дониши ҳуқуқии коргарон, рафъи навоқису ҷанбаҳои манфии муҳоҷират амалан кор кунад. Ҳамчунон, лозим аст, ки заминаи кори муҳоҷирони тоҷик на танҳо дар Русия, балки дар дигар кишварҳо, аз ҷумла дар мамолики Шарқи Наздику Миёна низ фароҳам оварда шавад. Барои ин лозим аст, ки байни Тоҷикистон ва он кишварҳо созишномаҳои марбута ба имзо расанд ва рафтуомади мардум ба он кишварҳо осон гардад.

Тоҳири АБДУҶАББОР

«Миллат», №41, 19 октябри 2005.

ДЕМОКРАТИЯ ИН НЕСТ

Ҷои хушист, ки афкори иҷтимоъӣ дар кишвари мо кам-камак ҷон мегирад. Шумори зиёде аз ҳамватанони мо андешаҳои худро пиромуни масоили муҳими зиндагии ҷомеъа баён менамоянд ва чуну чарою бахсҳо мекунанд. Зимнан, ВАО, бавижа нашрияҳои мустақил дар интишор ва рушди афкори иҷтимоъӣ мусоидат менамоянд. Аз баракати фаъолияти онҳо таи солҳои ахир як силсила матолиби ҷолиб пиромуни масоили муҳиму доғи рӯзгори мо ба табъ расидаанд. Нависандагони мақолаҳо дар бораи масоили иҷтимоъию иқтисодии кишвар бо дилсӯзӣ изҳори назар кардаанд. Ин шоистаи сипосгузорӣ аст.

Зимнан, чунин ба назар мерасад, ки бисёриҳо аз истилоҳоти калидии улуми иқтисодию сиёсӣ бардоштҳои мухталиф ва ҳатто зидду нақиз доранд. Бавижа аз истилоҳи "демократия". Баъзеҳо онро мусбату матлуб мешуморанд. Аммо дигарон, баракс, онро мафҳуми манфӣ меҳисобанд. Бисёр касон ҳамаи падидаҳои баду норавоии ҷомеаро, бавижа фасоди иҷтимоию ахлоқӣ, таназзули иқтисоду фарҳанг, болоравии нархҳо ва пойин омадани сатҳи зиндагӣ, ривочи ҷурму ҷиноят, қонуншиканиҳои

кормандони давлат, густариши бемаърифатию бесалоҳиятӣ ва бадкориҳою ришвахорихо дар идорахою муассисоти давлатӣ, дар системаи тандурустию маорифро... ба низоми демократӣ нисбат медиҳанд ва дар ҳаққи демократияю демократхо носазо мегӯянд. Масалан, мӯхтарам Ҷ. Содиқ, нависандаи мақолаи "Суруди сол" ё "фоҷеаи сол" ("Миллат", №47, 27.07.06) аз "нуқсонҳо ва хизмати хирсона"-и телевизиони тоҷик, аз "ёвапардозиҳои нимчашоирон ва бемаънигию бешармии ситораҳои ҷавони тоҷик" ба танг омада, навиштаанд: *"Тфу, бар ҳамон демократияе, ки ба асолати миллати ман созгор нест!!! Агар демократия ин аст, ки тавассути телевизион рони зани тоҷикро... дидан мумкин аст, пас зиҳӣ бар коммунизм!"*.

Муаллифи мақолаи "Демократияи кӯркӯрона..." ("Тоҷикистон", №405) мӯхтарам Ҷ. Ҳабибов навиштаанд: *"демократия гуфта мо ҳама чиз, ҳатто боварию эътиқодро аз даст додем. Демократия гуфтему клубу китобхонаҳоро ба магозаҳои шаробфурӯшӣ, видеосалонҳо, дискоклуб-ҳо табдил додем. Ин дискоклубҳо ва марказҳои дилхушиву фарогатгоҳҳо ба макони фисқу фуҷур табдил ёфтаанд... Ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ падидаи ҳамин демократияи бардурӯг аст"*. Муаллиф ҳамчунон аз рафтори ғайриинсонии баъзе табибон, ки *"барои пул шуда модарони солимро ба ҷарроҳӣ тавсия менамоянд... ва бо роҳи ҷарроҳӣ тифлаконро аз батни модар гирифтаанд"*, ва аз *"ришвахорию беинсофии аъзои комисиони озмун"-и донишгоҳҳо мисолҳо оварда, бо тамасхур аз қавли ҳолдонҳо навиштаанд, ки "ин талаботи "демократия" ва давлати демократӣ аст. Демократияаш чизи хуб будааст. Ҳатто тороҷу горат, беинсофию беадолатиро раво мебинад"*.

Нохушӣ аз ислоҳоти иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар дар мақолаи ҷомеашиноси мӯхтарам Рустами Камол "Кому в Таджикистане жить хорошо?" ("Вароруд", 7.06.06) равшантар баён шудааст. Эшон навиштаанд: *"хусусигардонӣ ("приватизация") дар Тоҷикистон иҷборию харобиовар буд ва дар ҷараёни он моликияти мардум (давлат) ба тороҷ ("прихватизация") рафт ва муассисаҳои саноатӣ ва "ҷойҳои равғанӣ" ("доходные места") тақсим шуданд... ва "тоҷикони нав" аз роҳи фиребу тороҷ кардани моликияти умумихалқӣ миллионҳо доллар андӯхтанд... Фасоду ришвахорӣ ривоҷ меёбад... Кормандони давлат, бо ин ки яксад ё дусад сомонӣ музд мегиранд, касру кушкҳо месозанд ва дар ҷазоири Қанору дар Малайзиё истироҳат мекунанд... Нобаробариҳои иҷтимоӣ густариш ёфт. Бойҳо бойтар шуданду бенавоён бенавотар... Кишоварзӣ ва дигар бахшҳои иқтисод таназзул кард ва иқтисоди гайриқонунӣ (теневая экономика) густариш ёфт... Музди кор ночиз аст, аммо нархи маводи хӯрока, барқ, гоз, телефон боло меравад... Ва дар чунин ҳолат тоҷикони нав бешармона аз демократия ҳарф мезананд... Муаллимону мубаллигон ба саволи "дар чи гуна ҷомеа зиндагӣ мекунем?" тӯтивор посух медиҳанд: "дар давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ..."*. Аммо *"суханбозиҳо дар*

бораи он, ки мо ҷомеаи (давлати) ҳуқуқбунёд месозем, амалан маънои гузаштан ба капитализмро дорад. Ин ҳамон капитализме аст, ки кишварҳои Ғарб ҳоло онро "низоми демократӣ" меноманд"... Мӯҳтарам Т.Ҷалилов (доктори улуми иқтисод, профессор...) низ дар мақолаи худ "Что стоит признать капитализм?", зимни интиқод аз вазъи нобасомони мавҷуда навиштаанд, ки гузор ба иқтисоди бозор ин моҳи-ятан гузаштан ба капитализм аст ва ҳоло ин низом (капитализм) дар кишвар қариб шакл гирифтааст. Вале ҳукуматдорон, бинобар сабабҳои идеологӣ ва бароятон норавшан будани рох..., инро тайид намекунанд ("Вароруд", 19.07.06).

Тавре ки мебинем, муаллифони мӯҳтарам аз падидаҳои нописанд ва бадкориҳои мураввақ дар ҷомеа ҳарф мезананд ва онҳоро барҳақ интиқоду мазаммат мекунанд. Вале чаро ин ҳама падидаҳои манфию нораворо натиҷаи демократия ва ё вижаи низоми демократӣ медонанд? Рост аст, ки он ҳама падидаҳои нохуш дар кишвар ҷой доранд, вале оё демократия ҳам вуҷуд дорад? Агар далели онҳо танҳо моддаи аввали Қонуни Асосӣ бошад, ин далели кофӣ нест. Дар Қонуни Асосӣ "Тоҷикистон давлати демократии ҳуқуқбунёд..." эълон шудааст, вале ин ҳанӯз маънои онро надорад, ки кишвари мо дарвоқеъ ҳам давла-ти демократӣ аст. Дар ин ҷо аз гуфтор то амал фосила зиёд аст. Метавон гуфт, ки дар Тоҷикистон андешаи сохтани ҷомеаи демократӣ вуҷуд дорад ва дар оянда, агар худо хоҳад, мумкин аст, он то андозае амалӣ гардад.

Дар кишвар як миқдор фазои демократӣ ба вуҷуд омадааст, вале Тоҷикистон ҳанӯз кишвари демократӣ нест.

Бинобар ин, дуруст нест, ки он ҳама воқеъиятҳои нафратангезро ба демократсӣ, яъне ба чизе ки ҳоло вуҷуд надорад, нисбат диҳанд. Он ҳама демократсӣ нест. Демократия – ин намоишгоҳи танҳои бараҳнаю ронҳои урёни занону духтарон нест. Зӯроварию бебандуборӣ, бедодгарию фасодкорӣ, торочгарию одамкушӣ, дуздию ҳаромхӯрӣ, дурӯғгӯию фиребгарӣ... низ аз вижагиҳои демократия нест. Ин ҳама нишони фурӯмоягӣ, ҳамоқат ва ваҳшоният аст, на хосияти демократсӣ.

Биёед ба маънои ин вожа як назар андозем ва сипас доварӣ кунем. Демократия – яке аз шаклҳои ҳокимияти давлатӣ аст. Он аз ду калимаи юнонӣ ("демос" – мардум ва "кратос" – ҳукумат) иборат аст ва маъноаш "ҳукумати мардум, ё ҳукумат ба василаи мардум" аст. Ба ибораи дигар, онро "ҳукумати мардум бар худ" меноманд. Дар забони форсии тоҷикӣ онро "мардумсолорӣ" мегӯянд. Ин низомест, ки дар он ҳукумат (қудрати

давлатӣ) ба мардум тааллуқ дорад. Мардум, аз ҷумла муаллифони мӯҳтарам, манбаъи қудрат ва соҳиби қудрат (ҳукумат) мебошанд. Аз инҷо, агар ҷумлаи мӯҳтарам Ҷ. Содиқро ба тоҷикӣ бинависем, чунин мешавад: "Тфу бар ҳукумати мардум". Чун дар ин истилоҳ фоъили ҳукумат мардум аст, пас, мантиқан ин "туф" ба мардум, пеш аз ҳама ба демократҳо... мерасад. Вале, шак нест, ки эшон чунин чизеро дар назар надоранд... Аммо, агар Тоҷикистон давлати демократӣ аст ва шумо, мардум, соҳиби ҳукумат ҳастед, чаро гузоштед, ки суннатҳои миллӣ зери по шаванд, моликияти давлат ба тороҷ равад, бекорӣ авҷ гирад, миллат мардикори бегонагон гардад...? Агар тасмимгиранда шумо, мардум, ҳастед, чаро иҷоза додед, ки як гурӯҳ номардумон аз "коммунизми биҳиштосо" даст кашида, мардумро ба сӯи "капитализми манфуру дӯзахӣ" баранд?...

Дар ҳар сурат, агар низоми демократӣ хушоянд нест, пас, кадом низом хуб аст? Рӯиҳамрафта, ду шакли давлатдорӣ вуҷуд дорад. 1. Низоми салтанатӣ (ё "Мо-нархия", вожаи юнонии "monarchia" – ҳукумати як нафар). 2. Низоми ҷамҳурӣ (ё Республика, вожаи лотинии "Res pablika" – кори умум, кори мардум). Ҳукумати демократӣ барои низоми ҷумҳурӣ хос аст. Ва ин ду истилоҳ тақрибан ҳаммаъно мебошанд. (Ҳоло аз шакли дигари ҳукумат, ки "аристократия" ("ҳукумати як гурӯҳ") аст, сарфи назар мекунем). Фарқи асосии ин ду низом дар он аст, ки дар низоми салтанатӣ соҳиби қудрат як нафар аст ва он (шоҳ, султон, амир) иродаи худро бар мардум таҳмил мекунад. Вале дар низоми демократӣ – соҳиби қудрати давлатӣ мардум аст. Ва мардум ба таври мустаҳим ё ғайри мустақим (яъне ба воситаи намояндагони худ) бар худ ҳукумат мекунанд. Дар демократияи ғайримустақим мардум барои иҷрои вазоифи умумӣ ҳукуматро месозанд ва бахше аз ихтиёроти худро ба он месупоранд. Ба гуфтаи донишмандон, низоми демократӣ беҳтар аз низоми салтанатӣ аст, зеро дар низоми демократӣ: а) инсон мақоми баланд дорад ва б) мардум метавонанд бо роҳи осоишта, бидуни хушунату зӯроварӣ ва бе ҷангу ҷидол ҳукуматро дигар кунанд, дар ҳоле ки дар давлатҳои салтанатӣ ҳукуматро, маъмулан, аз роҳи ҷангу зӯроварӣ ғасб мекунанд ва мардуми зиёд талаф мешавад. Бинобар ин, баъзеҳо гуфтаанд, ки *"демократия – шеваи бидуни хушунату зӯроварӣ дигар кардани ҳукумат"* аст.

Ин кор аз тариқи интихобот сурат мегирад. Зимнан, вожаи "интихобот" ба чанд нуктаи муҳим далолат мекунад: а) дар кишвари демократӣ **ҳаққи созмон додани ҳукуматро фақат мардум** доранд. Зеро дар ни-зоми ҷумҳурӣ (демократӣ) волотарин мақом – мардум ва болотарин ар-зиш – инсон аст. б) Дар кишвар мардум соҳиби ҳукумат мебошанд. в) Ҳоким (президент...) дар хидмати халқ аст, на соҳиби қудрат. Ва ҳукумат бояд ҳамон кореро кунад, ки мардум фармудааст. Яъне ҳукумат бояд иродаи мардумро, ки дар Қонуни асосӣ зикр шудааст, иҷро кунад). Раъй додан ба ҳангоми интихобот маънои онро дорад, ки **мардум** (интихобкунандагон) **бахше аз ҳуқуқҳои худро муваққатан, яъне ба таври**

амонат (маъмулан, барои 4 сол) **ба шахси интихобшуда месупоранд**, то кори тасмимгирӣ ва идораи давлатро **аз номи мардум** ва ба суди мардум иҷро кунад. Шахси интихобшуда (президент, намояндаи мардум дар парлумон) маҳз ба хотири ин, ки бахше аз ҳуқуқҳои мардумро дарёфт кардааст, ҳаққи гап задан аз номи мардумро ва тасмим гирифтанро пайдо мекунад. Чунин ҳукумат, ҳукумати қонунӣ ҳисоб мешавад ва иҷрои қарору қонунҳои он барои ҳамаи афроди ҷомеа ҳатмӣ аст, зеро онҳо аз номи мардум қабул мешаванд ва **иродаи мардумро** ифода мекунанд. Ҳукумате, ки ин ҳуқуқро аз мардум дарёфт накарда бошад, яъне ҳукуматро бо зӯр ғасб карда бошад ва ё аз роҳи тақаллуби раъйи мардум ба сари кудрат расида бошад ва ё худро болотар аз ҷомеа қарор диҳад, ҳукумати қонунӣ нест, балки ҷинояткор аст ва мардум ҳақ доранд ба он итоат накунанд, онро барандозанд. Хулас, мардум ҳукуматро аз роҳи интихоб кардан месозанд, яъне интихобот механизми созмон додани ҳукумати қонунӣ аст. Бинобар ин, демократияро баъзан чунин таъриф мекунанд: демократия – шеваи созмондеҳии (ташкил кардани) ҳукумат аст. Агар ба русӣ гӯем, "демократия – это форма организации государственной власти".

Ҳукумат бояд иродаи мардумро, ки дар Қонуни асосӣ зикр шудааст, иҷро кунад.

Барои интихоб кардан, аз ҷумла барои интихоб кардани ҳукумати мардумӣ камаш се шарт лозим аст. а). **Шарти аввал** – озодии инсон ва халқ аст. Инсон замоне метавонад интихоб кунад, ки вай озод бошад. Дар ҷое ки инсон (халқ) озод набошад, усулан, ҳич гуна интихобот имконпазир нест. б). **Шарти дуввум** ин аст, ки дар пеши инсони озод камаш ду нафар (ду роҳ, ду чиз…) бояд истода бошад, то интихобгар аз миёни онҳо якеро интихоб кунад. в). **Шарти саввум** ин аст, ки интихобкунанда бояд ҳар кадом аз шахсони интихобшавандаро ба хубӣ бидонад, аз вижагиҳо, тавоноӣ ва тарафҳои неку бади онҳо огоҳ бошад, то битавонад беҳтарашро интихоб кунад. Дар ҷое ки ин се шароит мавҷуд набошад ва ё як ё ду шароит нарасад, интихоб кардан имконпазир нест.

Албатта барои интихоби режими сиёсӣ ва фаъолияти пурсамари он як шарти дигаре ҳам лозим аст, ки онро маъмулан нодида мегиранд. Ин шарт – мавҷудияти ҳадафи муштарак аст, яъне мавҷудияти як ё якчанд ҳадафи умумӣ, ки ҳама ё бештари афроди ҷомеа онро дарк карда бошанд, ба сифати ҳадафи худ пазируфта бошанд. Интихоби ҳукумат ҳадаф нест, балки василаи расидан ба он ҳадаф ё ҳадафҳои ҷомеа (миллат) аст. Маҳз ин ҳадафи муштарак аст, ки мардумро муттаҳид мекунад ва ҳамдилию якпорчагии афроди ҷомеаро таъмин менамояд. Ин дар натиҷаи рушди

маънавию фарангии ҷомеа, дар натиҷаи худшиносӣ ва расидан ба пояи миллат ҳосил мешавад. Ин дар ҷое муяссар мешавад, ки афроди ҷомеа аз доираи қавму маҳал фаротар рафта бошанд ва ҳар кас худро мансуби як организми воҳид (миллати худ) эҳсос кунад ва манофеъи миллиро манофеъи шахсии худ бидонад. Агар ин ҳадафҳо муштараку умумӣ набошанд, интихобот ба мушкилот рӯ ба рӯ мешавад ва ё аслан имконпазир нахоҳад буд.

Равшан аст, ки интихоби ҳукумат – танҳо оғози кор аст. Ин ҳанӯз маънои онро надорад, ки дар ҷомеа низоми демократӣ барпо шудааст. Чизи муҳим – рафтору кирдори ҳукумат аст. Маъмулан, интизор меравад, ки ҳукумати демократӣ дар хидмати халқ хоҳад буд ва иродаи мардумро амалӣ хоҳад кард. Вале ин кор замоне мешавад, ки иродаи мардум равшану возеҳ шакл гирифта бошад, мардум дар тасмимгириҳо амалан иштирок кунанд ва тавони назорат кардан бар фаъолияти ҳукуматро дошта бошанд. Аммо ин на ҳамеша муяссар мешавад, бавижа дар кишварҳои ақибмонда, дар ҷое ки мардум дар масоили сиёсӣ фаъол нестанд ва пояҳои ахлоқи ҷомеа мустаҳкам нест. Дар ин ҷо маҷоли пардохтан ба ин масоили ихтисосӣ нест, вале як нукта бояд гуфта шавад, ки ҳатто дар сурати мавҷуд будани ҳама шартҳои дар боло зикршуда, имкони кҷравиҳо ва хилофкориҳои ҳукумат аз байн намеравад. Зеро гароиш ба хилофкорӣ хислати ҳукумат аст.

ҲУКУМАТ – БАДӢ АСТ. Гуфтаанд, ки ҳама гуна ҳукумат (қудрат) бад аст. Аз ҷумла, ҳукумате, ки аз роҳи демократӣ сохта мешавад, "моҳи беайб" нест. Он ҳам сад гуна нуқсонҳо дорад. Зеро ҳукумат – дастгоҳест, ки бадиро дар зоти худ дорад. Тавофути ҳукуматҳо фақат дар он аст, ки миқдори бадӣ дар яке камтар ва дар дигаре бештар аст. Сарвазири пешини Инглистон У. Черчилл ба ин маънӣ ишора карда гуфтааст (баъзеҳо ин гуфторро ба президенти пешини ИМА Ф. Рузвелт нисбат додаанд): "демократӣ шакли бади ҳукумат аст, агар аз шаклҳои дигараш сарфи назар кунем". Яъне ҳукумати демократӣ ҳам бад аст, вале дигар шаклҳои ҳукумат бадтар аз он аст. Низоми демократӣ дасткам ин мазиятро дорад, ки мардум метавонанд ҳукумати бесалоҳияту нолоиқро оромона иваз кунанд, дар ҳоле ки дар низоми салтанатӣ чунин коре имконпазир нест ва *то замоне ки шоҳи золим намирад, мардум аз шарри он раҳо намешаванд.* Муҳимтар аз ин дар низоми демократӣ ҳуқуқу озодиҳои афрод (то андозае) таъмин мешавад, аммо дар низоми салтанатӣ аз он ҳарфе нест. Дар низоми салтанатӣ гоҳе мумкин аст, ки шоҳ шахси бомаърифату додгар бошад ва корҳои неку муфидро барои ҷомеа анҷом диҳад. Вале ҳеҷ кафолате нест, ки шоҳи дигар низ дорои чунин сифатҳо хоҳад буд. Таърих гувоҳ аст, ки аксари шоҳон шоистаи ин маком набудаанд. Пас низоми демократӣ агарчи бад аст, вале низоми салтанатӣ – бадтар аз он аст. Дар ин ҷо интихоб байни бад ва бадтар аст ва дар кишварҳои пешрафта аз баду бадтар бадашро – яъне низоми демократиро интихоб кардаанд.

РЕЖИМИ СИЁСӢ – НИЗОМИ ИҚТИСОДӢ НЕСТ. Нависандагони мӯҳтарам байни режими сиёсӣ ва низоми иқтисодӣ фарқ намегузоранд. Бинобар ин якешон демократияро дар муқобили коммунизм гузоштаанд (Ҷ. Содиқ: "*Агар демократия ин аст, пас зиҳӣ бар ту коммунизм*"), дигаршон – онро мувофиқ бо сотсиализм (Ҷ. Ҳабибов: "*демократияи воқеӣ …танҳо дар замони Шӯравӣ буд*") ва саввумӣ айни капитализм ҳисобидаанд (Р. Камол: "*Ин ҳамон капитализме ҳаст, ки кишварҳои Ғарб ҳоло онро "низоми демократӣ" меноманд*"). Ин чандон дуруст нест. Ни-зоми иқтисодӣ як чиз асту режими сиёсӣ – чизи дигар. (Агарчи онҳо бо ҳам иртибот ва таъсири мутақобил доранд). Низоми иқтисодии кишвар, мумкин аст сармоядорӣ (капиталистӣ) бошад, мумкин аст – сотсиалистӣ. Вале режими сиёсӣ дар ҳар ду ҳолат ҳам мумкин аст демократӣ бошад. Дар воқеъ, ҳам кишварҳои капиталистӣ ва ҳам кишварҳои сотсиалистӣ расман худро кишвари демократӣ меномиданд ва меноманд. Зимнан, кишварҳои Ғарб иддао мекунанд, ки демокрсии воқеӣ танҳо дар мамолики онҳо амалӣ шудаст. Давлати Шӯравиро ба тоталитаризм ва риоят накардани усулҳои асосии демокрасӣ муттаҳам мекарданд. Идеологҳои Шӯравӣ, баръакс, таблиғ мекарданд, ки "режими сиёсии кишварҳои Ғарб танҳо ба ном демокрасӣ мебошад. Дар воқеият онҳо фақат манофеъи табақаи ҳоким, яъне сармоядоронро ҳимоят мекунанд ва дар ғами мардум нестанд". Раҳбарони Шӯравӣ мегуфтанд, ки "демократияи воқеӣ фақат дар Шӯравӣ вуҷуд дорад. Дар ин ҷо давлати умумихалқӣ сохта шудааст…". Баъзе кишварҳои сотсиалистӣ номашонро ҳам "демократӣ" гузошта буданд. Масалан, "Ҷумҳурии демократии Германия", "Ҷумҳурии халқӣ-демократии Корея" ва…

Ҳукумат мумкин аст бо шеваи демократӣ созмон ёфта бошад, вале амалан метавонад ба режими худкома ё диктатурӣ ва ё ҳатто истибдодӣ табдил шавад.

Хулас, бояд ду нуктаро дар назар гирифт: 1. *Режими сиёсии давлат аз низоми иқтисодию иҷтимоъии он фарқ дорад.* 2. *Режими сиёсӣ мумкин аст расман як чиз эълон шавад, вале амалан чизи дигар бошад.* Яъне ҳукумат мумкин аст бо шеваи демократӣ (аз роҳи интихобот) созмон ёфта бошад, вале амалан ба режими худкома (авторитарӣ) ё диктатурӣ, ва ё ҳатто истибдодӣ табдил шавад. Ё баръакс. Шоҳоне буданду ҳастанд, ки барои озодии мардуму ободии диёрашон корҳое карданд, ки демократҳо ҳасад мебаранд. Барои мисол, шоҳи Испониё Хуан Карлоси дуввум, таи 20-30 соли ахир дар кори таъмин кардани ҳуқуқу озодиҳои мардум ва ба

пояи кишварҳои пешрафтаи Аврупо расондани кишвараш хидматҳои бузургро анҷом дод. Аз сӯи дигар, ҳастанд кишварҳое, ки худро "давлати демократию ҳуқуқбунёд" эълон кардаанд, агарчи дар он ҷо аз демократияю ҳуқуқ нишоне нест ва аслан намедонанд, ки қонун чӣ асту ҳуқуқ кадом аст…

ДАР ТОҶИКИСТОН ДЕМОКРАСӢ НАБУДУ НЕСТ. Бо назардошти нукоти боло, бингарем, ки оё Тоҷикистон давлати демократӣ аст ё на. Расман, "Тоҷикистон давлати демократии ҳуқуқбунёд…" эълон шудааст. Зоҳиран ниҳодҳо ва унсурҳои давлати демократӣ дар кишвар бунёд шудаанд ва ё мешаванд. Ҳукумат аз роҳи интихобот созмон дода мешавад. Ҳукуматдорон аз демократия ва қонун ҳарф мезананд, органи қонунгузорӣ (парламент) таъсис шудааст, ҳизбҳои сиёсӣ ба вуҷуд омаданд, матбуоти мустақил вуҷуд дорад… Вале вокеият ин аст, ки дар сарзамини мо таи камаш ҳазор соли ахир ҳеҷ гоҳ ҳукумати демократӣ набудааст, ҳоло ҳам нест ва дар ояндаи наздик шуданаш маҳол аст. Ба чанд далел тавоҷҷӯҳ кунед:

1) Мардуми мо озод набуданд ва ҳоло ҳам озод нестанд. Озодихоҳони мо барои истиқлолият талош карданд, то халқи тоҷик аз тобеъият раҳо шавад, худаш ҳокими худ бошад ва ба майлу муроди хеш зиндагӣ кунад... Истиқлолияти халқ расмаи эълон шуд, вале мардум ҳанӯз аз рӯҳияи тобеъияту бандагӣ озод нашудаанд. Нишонаҳои ғуломсифатӣ, яъне маддоҳию чоплусӣ, зону задан дар пеши "калонҳо", дурӯғу риё, ҷоҳталабию молпарастӣ дар ҷомеаи мо зиёд шудаасту кам не.

2) Аксари мардуми мо дар замони Шӯравӣ ҳам худро соҳиби ҳукумат эҳсос намекарданд ва ҳоло ҳам чунин эҳсосро надоранд. Яъне мардум амалан соҳиби ҳукумат набуданд ва нестанд. Тасаввури онҳо дар бораи ҳукумат чунин буд, ки ҳукумат як қудратест дар болои ҷомеа қарор гирифта ва ҳар чи хоҳад мекунад ва мардум бояд бандавор итоат кунанд. Чунин пиндор бепоя набуд, ҳақиқат дошт. Ҳатто дар замони Шӯравӣ, ки Тоҷикистон расман ҷумҳурӣ эълон шуда буд, мардум амалан фармонбардор буданд, на соҳиби ҳукумат. Тасодуфӣ набуд, ки як депутати ШО Тоҷикистон (ҳамзамон райиси колхози номдор) дар соли 1991 дар яке аз ҷаласоти ШО гуфта буд: "Чаро ин қадар бо райис баҳс мекунӣ? Қоида ин аст, ки агар дар болои сарат ҳатто як чӯбро рост карда монанд, ту бояд ба он итоат кунӣ". Ин суханон баёнгари психологияи (рӯҳияи) аксарияти мардуми мо, нишонаи сатҳи пойини маърифати сиёсии ҷомеа буд.

3) Механизми созмондеҳии ҳукумати демократӣ фалаҷ аст. Агарчи дар кишвар аз замони Шӯравӣ то ба имрӯз гоҳ-гоҳе интихобот ба роҳ андохта мешавад, вале ин назарфиребӣ аст. Дар Тоҷикистон ҳеҷ гоҳ интихобот ба маънии томаш сурат нагирифтааст ва ин кор базудӣ муяссар намешавад. Зеро шартҳое, ки барои интихобот заруранд, дар гузаштаҳо набуданд ва ҳоло ҳам ба вуҷуд наомадаанд.

4) Дар низоми демократӣ иштироки мардум дар тасмимгириҳо, дар тадвину танзим ва тасвиби қонунҳои зиндагии ҷомеа, маъмулан, аз тариқи намояндагони мардум дар органи қонунгузорӣ (парламент) сурат мегирад. Дар ин орган бояд касоне аз мардум намояндагӣ кунанд, ки донишу тахассуси хело баланд дар риштаҳои мухталифи улуми ҷомеашиносӣ, бавижа дар риштаи ҳуқуқ, иқтисод, фалсафа ва сиёсат дошта бошанд, аз мушкилоти мардум ва фикру ақидаҳои онҳо ва аз роҳҳои расидан ба ҳолати матлуб огоҳ бошанд. Онҳо бояд иртиботи доимӣ бо мардум, бо интихобкунандагони худ дошта бошанд, ба онҳо аз фаъолияти худ гузоришҳои муфассал диҳанд, бо мардум маслиҳату машваратҳо бикунанд. Аммо чунин парламенти коршоямро мо дар замони Шӯравӣ ҳам надоштем ва ҳоло ҳам надорем. Ҳоло ҳам касонеро ба ин ниҳод "интихоб" мекунанд, ки тавону лаёқати кор дар парлумонро надоранд. Сабаб ин аст, ки аз як сӯ, сатҳи маърифати сиёсии мардум пойин аст. Онҳо намедонанд, ки парламент ҷои котиби хизбу райиси колхоз ва ё сарояндаи хушовоз нест. Аз сӯи дигар, довталабони курсии парламент низ он қадар ақли солиму вичдон надоранд, ки ошкоро бигӯянд: "Ҳой, мардум! Қонунсозӣ кори ман нест. Ин корро ба касе супоред, ки тавонашро дошта бошад". Дар натиҷа, мо парламенте дорем, ки аъзои он ба даҳони "райис" менигаранд ва дар як соат 20 (!) масъаларо "дида мебароянд".

Истиқлолияти халқ расмаи эълон шуд, вале мардум ҳанӯз аз рӯҳияи тобеъияту бандагӣ озод нашудаанд.

Маҷлис (парламент) ҷои таъзиму такбири мансабдорон нест, балки ҷои баҳсу талошҳо, ҷои баёну исбот кардани дурустӣ ё нодурустии андешаҳо ва пешнависи қонунҳо аст. Гоҳе барои исбот ва ё рад кардани як андеша ва ё пешнависи як қонун рӯзҳо ва ҳафтаҳо кам аст. Танҳо баррасиҳои дақиқу амиқ ва баҳсҳою табодулаи назарҳо дурустии қавонинро таъмин мекунад. Маҳз барои ҳамин он ниҳодро "парламент" номидаанд. (Парламент аз вожаи фаронсавии "Parler" сохта шуда аст ва маънояш "гуфтугӯ кардан, баҳс кардан" аст). Аврупоиҳо нек дарёфтанд, ки бехтар аст, масоили ҷомеа аз роҳи баҳсу гуфтушунидҳои афроди донишманд ҳал карда шаванд, на аз роҳи ҷангу ҷидоли мардуми ноогоҳ. Бинобар ин, дар Ингилистон парламент ҳанӯз дар карни 13 мелодӣ таъсис шуда буд. Ҷолиб аст, ки ниёкони мо ҳанӯз чанд ҳазор сол пеш аз ин аз чунин равишҳо истифода мекарданд. Муаррихи маъруфи Юнони Бостон, Ҳерадот дар китоби худ "Таърих" овардааст, ки *баъд аз сарнагун кардани ҳукумати истибдодии пешина, "форсҳо маҷлис оростанд ва пиромуни масъалаи таъсиси ҳукумати ҷадид баҳсҳо карданд"*. Зимнан, яке пешниҳод

кардааст, ки бояд ҳукумати мардумӣ (демократӣ) сохта шавад. Дигаре бар он будааст, ки ҳукумати як гурӯҳ афроди шоиста (аристократия) беҳтар аст... Дар ниҳоят, Дорюш, ки ҳанӯз ба маснади шоҳӣ нарасида будааст, ҷиҳатҳои хубу бади низоми мардумсолорӣ ва ҳукумати шоистагонро баршумурдааст ва изҳори назар кардааст, ки дар шароити мавҷуд барои кишвар "низоми шоҳӣ (монархия) муносибтар аст". Таваҷҷӯҳ кунед, ки ҷаласаи ин "парламент" қариб 2500 сол пеш аз ин сурат гирифта аст. Вале дар кишвари мо бисёриҳо имрӯз ҳам дарк накардаанд, ки вазифаи намояндаи мардум дар парламент тақсими калӯшу қанд нест, балки сохтани қонунҳои зиндагии ҷомеа аст. Онҳо фикр намекунанд, ки барои ин кор донишҳои амиқу васеъ лозим аст ва супурдани он кор ба афроди ҷаласаводу нолоик бар зарари ҷомеа аст. Агар инро медонистанд, парламенти мо "парламенти киссагӣ" намешуд. Ақалан, пеши роҳи бедодгариҳо ва фасоду бадахлоқиҳоро мегирифт. Дар омади гап инро ҳам бояд гуфт, ки дар кишвари мо вуҷуди парламенти дутабақа (маҷлиси намояндагон ва маҷлиси олӣ) ҳеч зарурат ва асосе надорад. *Барои Тоҷикистон вуҷуди "Маҷлиси намояндагон" сад дар сад кофӣ аст, ба шарте ки он вазифаи худро дуруст иҷро кунад.*

5) Ҳукуматдорон на танҳо худро хидматгузорони мардум намедонанд, балки баръакс, хоҷавор дар болои ҷомеа қарор гирифтаанд. Усули демократӣ ин аст, ки онҳо, аз президент то ҳокимони вилоятҳою ноҳияҳо, бояд пайваста бо интихобкунандагони хеш мулоқот кунанд, ба онҳо шахсан ҳисобот диҳанд, ки чи корҳоро чи гуна анҷом доданд, чи натоиҷе ба даст оварданд ва чи мушкилоте ҳанӯз дар пеш аст ва аз мардум бипурсанд, ки чи тасмимҳое бояд гирифта шавад. Вале дар кишвар чунин кор расм набуд ва ҳоло ҳам нест. Амалан, ҳукумат болонишину фармонраво ва мардум хокнишину фармонбардор аст.

6) Шеваҳои кору фаъолияти ҳукумат ҳамон аст, ки дар замони Шӯравӣ буд. Зеро ҳукуматдорони мо асосан ҳамонҳое ҳастанд, ки дар замони Шӯравӣ буданд. Таи солҳои гузашта мақому мансабҳо аз нав тақсим шудаанд, вале табақаи ҳоким дигар нашудааст. Усулҳои асосии идора кардани давлат низ ҳамон аст, ки буд. Аксарияти коммунистҳо худро демократ эълон карданд ва кӯркӯронаю муқаллидона роҳи гузор ба иқтисоди бозорро, яъне роҳи капитализмро, пеш гирифтанд ва бо ин мақсад ба ислоҳоти иқтисодӣ, ба "хусусигардонии моликияти давлатӣ" даст заданд. Аммо пеш аз он, ки ба чунин тағироти бунёдӣ даст зананд, аз "соҳибони давлат", яъне аз мардум, напурсиданд, ки ба ин рох биравем ё на. Дар ҷомеаи демократӣ бе иҷозаи мардум чунин корҳоро намекунанд.

7) Дар кишвар механизми босамари назорат бар ҳукумат ба вуҷуд наомадааст. Аз як сӯ, парламент коршояму мустақил нест. Он "киссагӣ" (ба гуфтаи русҳо, "карманный") аст. Органҳои ҳифзи ҳуқуқ ҳам мустақил нестанд, дар пайи тантанаи қонун ва адолат намегарданд. Аҳзоби сиёсии қавӣ нест. Афроди равшанфикр кам дорем. Мо қишри равшанфикронро

надоштем ва ҳоло ҳам надорем. Матбуоти мустақил ва журналистони огоҳ низ зиёд нестанд. Озодию амнияти онҳо таъмину тазмин намешавад. Дар айни ҳол, сатҳи маърифати сиёсию ҳуқуқии мардум хеле пойин аст. Онҳо тавони назорат кардан бар фаъолияти ҳукумат ва ба ҷавобгарӣ кашидани ҳукуматдорони хилофкорро надоранд. Аз сӯи дигар, ҳама гуна ҳукумат дорои манофеъи гурӯҳию корпоративӣ мебошад ва гароиш ба фасод дорад. Ин ногузир боиси дур шудани ҳукумат аз мардум мегардад. Дар чунин шароит, яъне дар ҷое ки парламент ва маҳкамаҳою додситониҳо комилан мустақил нестанд, фаъолияти ҳизбҳои сиёсию созмонҳои иҷтимоъӣ суст аст ва матбуот ба андозаи кофӣ озод нест, ҳукумати "демократӣ" мумкин аст, ба гардани мардум савор шавад ва ба осонӣ ба режими авторитарӣ ва ҳатто ба диктатура табдил ёбад. Чунин хатар бештар кишварҳои ақибмондаю фақирро таҳдид мекунад. Зеро фақр монеъи болоравии сатҳи маърифати ҷомеа ва боиси таназзули ахлоқи иҷтимоъӣ ва густариши фасоду беадолатиҳо мегардад. Дар чунин ҳолат, ҳукумат ба осонӣ аз зери назорат берун мешавад ва роҳ ба сӯи худсариҳою бедодгариҳо ҳамвор мегардад.



Ҳукуматдорон на танҳо худро хидматгузорони мардум намедонанд, балки баръакс, хоҷавор дар болои ҷомеа қарор гирифтаанд.

Ба ақидаи донишмандон, низоми демократсӣ дар кишварҳое сохта мешавад, ки даромади саронаи миллӣ на камтар аз 2000 доллар бошад. Ва агар сатҳи даромади саронаи миллӣ бештар аз 5 ҳазор доллар бошад, низоми демократсӣ устувор ва халалнопазир мегардад. Дар Тоҷикистон, тибқи омори расмӣ, даромади саронаи миллӣ 320 доллар аст. 65-70% мардум зери хатти фақр зиндагӣ мекунанд. Агарчи музди миёнаи кормандон то ба 70-80 сомонӣ (25 доллар) боло рафтааст, вале он ба зиндагии "бихӯру намур"-и як нафар намерасад. Қиматҳо ҳам пайваста боло мераванд. Беш аз як миллион ҳамватанони мо ба ночор азоби ғурбатро мекашанд, то лукмаи ноне барои аҳли хонавода-ҳошон пайдо кунанд. Онҳо на имкони хондану боло бурдани сатҳи дониши худро доранд, на маҷоли андеша кардан дар боби масоили сиёсии кишварашонро... На ҳукумат аз ҳуқуқҳои онҳо амалан пуштибонӣ мекунад, на онҳо дар ғами некию бадиҳои ҳукуматанд. Ҳар кас ба ҳоли худ: мардум ба ҳоли худ, ҳукумат ба ҳоли худ... Яъне ҳукумат вазоифи худро иҷро намекунад ва касе ҳам парвои онро надорад. Албатта, ин ҳама демократия нест. Ҳукумати мардум он аст, ки ҳамвора дар ғами мардум, дар

хидмати мардум бошад, иродаи мардумро амалӣ кунад ва адолати иҷтимоъиро таъмин намояд.

Як нуктаи муҳими дигар. Иқтисод ва сиёсати ҳар кишвар, чунон ки иқтисоддонон мегӯянд, ойинаест, ки дар он чигунагии ҳукумат ва мардуми кишвар бозтоб мешавад. Агар дар ойина чеҳраи зебою қомати мавзуни иқтисоду сиёсати кишварро намебинем, ин айби ойина нест, балки айби худи мо аст. Он акси ҷомеаи мост, тасвири сатҳи маърифату рафтори иҷтимоии мост, ки дар ойинаи зиндагӣ афтодааст. Ба сухани дигар, сатҳи донишу тахассуси мо ва ахлоқи иҷтимоии мо чи гуна бошад, низоми иқтисодию сиёсии мо низ ҳамон гуна мешавад. Андешаи низоми демократӣ – мансуб ба тамоми башар, аз ҷумла ниёкону бузургони мо аст. Вале ҳукумати мардумиро, яъне низоми демократиро, ҳар миллат дар Ватани худ бо ақли худ ва бо дастони худаш месозад. Он аз осмон намеафтад. Ва аз кишвари дигар ҳам ба шакли тайёр оварда намешавад. Ҳатто агар бихоҳанд. Демократиро дар кишвари мо на амрикоиҳо ва на аврупоиҳо, ки дар ин кор таҷрибаи зиёд андӯхтаанд, намесозанд ва сохта ҳам наметавонанд. Ин фақат кори мардум ва ҳукумати мост. Ва масъалаи он ки чи натиҷае ба даст меояд, вобаста ба сатҳи донишу маърифати сиёсии мардум ва ҳукумат аст. Тасаввур кунед, ки меъморе нақшаи хонаи хуберо дар рӯи коғаз мекашад: Каси дигар, агар мутахассиси сохтмон бошад, аз рӯи он нақша хонаи зебое месозад, ки бинанда ҳавас мекунад. Вале дигаре, агар мутахассис набошад, аз рӯи ҳамон нақша биное месозад, ки бештар ба оғили гов шабоҳат дорад, на ба хонаи инсон. Дар мавриди чигунагии ҳукумат назму низоми ҷомеа низ ҳамин гуна аст. Тоҷикистонро "давлати демократии ҳуқуқбунёд" эълон кардан – ин нишони он аст, ки ҳадафи ҷомеа тайин ва эълон шудааст. Вале сохмони он хонаи матлуб ҳанӯз дар пеш аст. Ва ин кор маърифати баланду ахлоқи накӯ ва дарки дурусту талошҳои пайгиронаи ҳамагонро, бавижа ҳукуматдоронро мехоҳад. Сиёсатҳои иқтисодию фарҳангии ҳукумат ва фаъолияти равшанфикрони мо таи як ду соли ахир хело умедбахш ба назар мерасанд. Онҳо метавонанд барои расидан ба худшиносию пешрафти ҷомеа мусоидат кунанд. Вале лозим аст, ки ҳар кас худаш бикӯшад, ки ба зинаҳои баландтари маърифат бирасад ва рафтори неки инсонӣ дошта бошад. Замоне ки ҳамагон ё бештари мардум ба он пояҳои баландтар бирасанд, он тасвире ки дар ойинаи иқтисоду сиёсати кишвари мо бозтоб мешавад, обу ранги дигаре, марғубтаре хоҳад дошт...

*

Тоҳири Абдуҷаббор
"Миллат", №48, 7 декабри 2006

ОМИЛҲОИ ВАҲДАТКУШ ВА ВАҲДАТЗО

Яке аз масоили муҳими ҷомеаи мо иборат аз масъалаи худшиносӣ ва расидан ба ваҳдати миллӣ аст. Зеро он – худшиносию ваҳдат, шарти бақои миллат ва давлат аст. Дар тӯли садаҳо сарзамини мо майдони тохту тозу ҳукмронии бегонагон буд. Ин боиси таксиму пора шудани сарзамину халқ ва хору олуда шудани забону фарҳанги мо гардид. Ҳоло ки Тоҷикистон расман мустақилу соҳибихтиёр шудааст, имкони хотима додан ба парешонию аз худбегонагиҳо ва расидан ба ваҳдату худшиносии халқи мо фароҳам омадааст. Ин аст, ки равшанфикрони мо ба зарурати бардоштани гомҳои муассир дар ин роҳ таъкид мекунанд. Ҳукумат ҳам дар кӯчаю бозорҳо ва аз тариқи ТВ шиори "ваҳдат"-ро таблиғ мекунад. Аммо равшан нест, ки ҳукумат чи гуна ваҳдатро мехоҳад: ваҳдати сиёсиро ё ваҳдати фикриро? Ва аз кадом роҳҳо мехоҳад онро таъмин кунад? Дар замони Шӯравӣ ҳам шиорҳои "ваҳдати ҳизбу халқ", "якпорчагии халқи Шӯравӣ" ва амсоли инҳо кам набуданд. Аммо оқибат на ваҳдат, балки чудоӣ пеш омад. Ин худ далели он аст, ки танҳо бо шиор додан мурод ҳосил намешавад. Лозим аст, ки як силсила шароит ва омилҳои ваҳдатзо таҳкиму тақвият шаванд ва омилҳои ваҳдаткуш хунсо гарданд, он гоҳ мурод ҳосил мешавад.



Ба ақидаи донишмандон, низоми демократӣ дар кишварҳое сохта мешавад, ки даромади саронаи миллӣ на камтар аз 2000 доллар бошад.

Равшан аст, ки *муҳимтарин омили ваҳдат* – **ишқу алоқа ба Ватан, ба забону фарҳанг аст**. Албатта, мардуми мо чунин дилбастагиро доранд. Вале он, аксаран, аз ҳадди қавму маҳал фаротар намеравад. Барои ваҳдати миллӣ ин кам аст. Ҳамчунон дарки ин маънӣ лозим аст, ки *ҳар яки мо фарзанди як миллат ва як сарзамин ҳастем ва ҳар ваҷаби ҳоки Ватан ва ҳамаи афроди ҷомеа барои мо ба мисли падару модар ва хоҳару бародар азизанд.* Аммо имрӯз дар ҷомеаи ақибмондаи мо на ҳар кас чунин эҳсосро дорад. Дарки ин ҳақиқат маърифату худшиносии бештарро мехоҳад.

Мутаассифона, шароити мавҷуда барои расидан ба чунин маърифат чандон мусоид нест. Дар ҷое ки бештари мардум фақиру бенаво бошанд ва имкони харидану хондани китобу рӯзномаю маҷаллаҳоро надошта

бошанд, кариб нисфи аҳолии қобили кор ҳар сол 6-8 моҳ дур аз хонаю диёри худ бошанд ва барои пайдо кардани як лукма нон дар муҳити бегонаю номеҳрубон азоби ғурбатро таҳаммул кунанд ва ҳамвора зери таъсири забону фарҳанги бегона қарор дошта бошанд; дар кишваре, ки ҳар сол садҳо асари пуразриш ба чоп нарасад ва на танҳо дар деҳоташ, балки ҳатто дар шаҳрҳояш китобфурӯшиҳо тухми анқо шуда бошад; дар чое, ки ҳукуматдорон бесалоҳият, фосид ва кару гунг бошанд – расидан ба пояи вақдату худшиносӣ кори сахт мушкил аст. Бузургтарин монеъа дар роҳи худшиносию вақдати мардум фақр аст. Зеро ҳар чо ки фақр ҳаст, дар он чо ақибмондагӣ ҳаст, бемаърифатӣ ҳаст, чаҳлу фасод ҳаст, бедодгарӣ ҳаст, ихтилоф миёни манофеъи табақоти чомеа ҳаст ва низоъу нифоқ ҳам ҳаст. Ҳар чо ки иқтисод таназзул кунад, фақр густариш меёбад, фарҳанг ва арзишҳои маънавию ахлоқӣ беқадр мешаванд ва фасоду табоҳӣ авч мегирад. Нобаробариҳои иҷтимоӣ амиқтар мегарданд ва барои мардуми фақир роҳ ба сӯи маърифат баста мешавад. Яъне фақр чаҳл мезояд ва чаҳл пасмондагии иқтисодию сиёсӣ ва фарҳангии чомеаро бештару амиқтар мекунад. Ва ин ҳолат ақибмондагию чаҳли бештар ва густариши зулму бедод ва таззодҳои иҷтимоъиро ба бор меорад... Ин ҳама, яъне фақру нобаробарии иҷтимоӣ, беадолатӣ, бемаърифатӣ, фасод, риоят нашудани ҳукуқу озодиҳои мардум омилҳои вақдаткуш мебошанд, на омилҳои вақдатзо. Барои он ки дар чомеа вақдат бошад, лозим аст, ки худшиносии мардум боло равад. Яъне лозим аст, ки мо худро нек бишносем, аз гузаштаҳою имрӯзи худ огоҳ бошем, ва бар ояндаи худ биандешем. Барои ин мебояд, ки сатҳи донишу маърифати мардум баланд бошад. Барои ин лозим аст, ки системаи маориф ва илму фарҳанги муосиру пешрафта дошта бошем ва сифати "сармояи инсонӣ"-ро беҳтар созем. Барои ин лозим аст, ки фақру бекорӣ аз миён бардошта шавад ва ҳамагон зиндагии мураффаху шоиста дошта бошанд... Барои ин лозим аст, ки илму техника ва иқтисод пешрафт кунад, самарабахшии кор ва даромади мардум боло равад... Барои ин лозим аст, ки мардум аз ҳукуқу озодиҳои бештар бархурдор бошанд, фасоду девонсолорӣ аз миён бардошта шавад, дар чомеа адолати иҷтимоӣ ва қавонини хирадпазир ва рафтори нек ҳукмфармо гардад... Барои ин лозим аст, ки назму низоми иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии кишвар на танҳо дар сухан, балки амалан ислоҳ гардад ва сиёсатҳои давлат бар пояи адолат ва ростӣ устувор бошад. Зеро дар чое ки адолату ростӣ набошад, дар чое ки дурӯғу риё ва зӯроварӣ ривоч ёбад, дар он чо вақдат намешавад ва давлат ҳам дер намепояд... Хулас, таъмини рифоҳи иқтисодию адолати иҷтимоӣ, маърифати баланду худшиносии мардум, ҳукуқу озодиҳои инсон, озодии баён ва таҳаммулу мадоро мухимтарин омилҳои вақдати чомеа мебошанд.

ЗАРУРАТИ БАҲС. Пояи вақдат ҳамдилӣ аст, ҳамдилӣ дар масоили омми иҷтимоию сиёсӣ. Он дар чое муяссар мешавад, ки ҳар кас афкори дигаронро бо ақли худ бисанчад ва ба дуруст будани онҳо яқин ҳосил кунад. Ва ин дар натичаи табодули афкор ва гуфтугӯю бахсҳо миёни аф-

роди ҷомеа имконпазир мегардад. Инсонҳо, табиатан, ҳақҷӯю ҳақталабанд. Аммо ҳақиқат на ҳамеша ошкору аён аст. Аксаран, масоили иҷтимоию сиёсӣ басо печидаю буғранҷ мебошанд ва афроди ҷомеа дар бораи онҳо назариёти мухталиф доранд. Бинобар ин, барои бартараф кардани ихтилофот ва расидан ба ҳамфикрӣ гуфтушунидҳо ва баҳсҳои муаддабонаю мантиқӣ зарур аст. Зеро, чунон ки мегӯянд, "ҳақиқат – зодаи баҳс аст" ва "ҳар чо, ки баҳс нест, ҳақиқат нест". Ҳадаф аз баҳс дуруст шинохтани ҳақиқат аст. Дар раванди баҳс ҳақиқат равшантар мешавад ва дурустӣ ё нодурустии андешаҳо ошкортар мегардад. Агар андеша дуруст бошад, он тайид ва пазируфта мешавад. Ин барои ҳамагон муфид аст. Агар андеша нодуруст бошад, ботил будани он собит мешавад. Ин ҳам кори неку муфид аст, зеро он имконият медиҳад, ки одамон аз андешаи бо-тил раҳо шаванд ва бо роҳи хато нараванд. Ин аст, ки Суқроти ҳаким гуфтааст: "*аз некиҳо ду чиз накӯтар аст. Яке гуфтани айби ёрон бар эшон ва дигаре – намудани айби ман бар ман. Аз ин ду кори нек барои ман дуввумӣ писандидатар аст, чун боис мешавад, ки ман аз айби худ пок ва комилтару беҳтар шавам*". Бузургон ва аҳли адаби мо низ борҳо ба ин нукта таъкид кардаанд. Масалан, Асири Исфаҳонӣ гуфтааст:

Ба даврон ду касро агар дидамӣ,
Ба гирди сари ҳар ду гардидамӣ,
Яке он ки гӯяд бади ман ба ман,
Дигар он ки пурсад бади хештан.

Ҳукумат ҳам дар кӯчаю бозор ва аз тариқи ТВ шиори "ваҳдат"-ро таблиғ мекунад. Аммо равшан нест, ки ҳукумат чи гуна ваҳдатро мехоҳад: ваҳдати сиёсиро ё ваҳдати фикриро?

Бинобар ин, дар ҷое ки ваҳдати миллӣ ва ҳамбастагии афроди ҷомеаро мехоҳанд, гуфтугӯю баҳсҳоро дар ҷомеа на танҳо маҳдуд намекунанд, балки баръакс онро ташвиқу тарғиб мекунанд. Чунин равиш барои кишварҳои мутамаддину пешрафта хос аст. Масалан, президенти пешини Фаронса – Ф.Миттеран ба вазирони давлати худ супориш додааст, ки аз тариқи ВАО дар ҷомеа баҳсҳо ба роҳ андозанд ва таваҷҷӯҳи мардумро ба масоили мухталифи кишвар ҷалб намоянд, то фаронсавиҳо мушкилоти ҷомеаро нек бишносанд ва дар пешрафти кишвар фаъолона саҳм бигиранд. Зеро "баҳс мушкилоти моро равшан ва имкони сиёсатҳои ғалатро камтар месозад", гуфтааст ӯ. Яке аз давлатмардони номии Амрико – Томас Ҷефферсон низ ба зарурати баҳс ва озодии баён таъкид карда, гуфтааст, ки "*иштибоҳот бехатар мешаванд, агар ошкоро рад кардани онҳо мумкин бошад*". Ин барои онҳое, ки ақоиди нодурустро баён мекунанд, низ муфид аст, зеро онҳоро аз иштибоҳот пок ва беҳтар месозад.

Хулас, барои ваҳдату ҳамдилии ҷомеа гуфтугӯю баҳсҳои мудовим, ковиши ҳақиқат ва шинохти дурусти воқеиятҳои зиндагӣ зарур аст. Он

имконият медиҳад, ки ҷомеа аз иштибоҳот ва айбу нуқсонҳо пок шавад, мардум огоҳу бамаърифат ва кишвар пешрафтаю мутамаддин гардад. Зимнан, шарти муҳим ин аст, ки гуфтугӯю баҳсҳо бояд комилан озодона ва хайрхоҳона бошанд ва ҳеҷ касе андешаи худро бар дигарон таҳмил накунад. Яъне мардум бояд андешаҳои худро озодона баён кунанд ва озодона онҳоро қабул ё рад намоянд. Ҳамчунон лозим аст, ки шарти дигари баҳс – *бурдборию мадоро ва эҳтиромуу таҳаммули андешаҳои дигарон – риоя шавад.* Танҳо дар ин сурат андешаҳои ростин бар дил менишинанд ва ҳамдилию ваҳдати назар ҳосил мешавад.

Албатта, ин дар ҷое имконпазир аст, ки ҳукумат озодии андешаю баёнро маҳдуд накунад ва матбуоти озоду мустақил вуҷуд дошта бошад. Озодии андешаю баён ва матбуот нишони солим будани ҷомеа ва солеҳ будани ҳукумат аст. Дар ҷомеаи солим ба ҳақиқату адолат ва арзишҳои волои инсонӣ арҷ мениҳанд, озодии андешаю баёнро тазмин ва табодули афкор ва баҳсу нақди оқилонаю боадабонаро ташвиқ мекунанд. Ҳукуматдорони покдоману шоиста ва хайрхоҳи халқу Ватан мекӯшанд, ки ҳамаи фаъолиятҳо комилан шаффоф бошанд ва аз тариқи баҳсу гуфтугӯҳо роҳҳои беҳтари ҳалли мушкилоти ҷомеа пайдо шавад, масоилу нуқсонҳо сари вақт ошкор ва бо ширкати ҳамагон бартараф гардад. Дар чунин ҷомеа аз гуфтани ҳақиқат намеҳаросанд, озодии баён ва матбуотро маҳдуд намекунанд, балки онро ташвиқу пуштибонӣ менамоянд.

АЗ ОЗОДИИ МАТБУОТ КӢ МЕТАРСАД? Гуфтаанд, ки ҳақиқат равшанӣ мехоҳад, дурӯғ – торикӣ. Аз ошкор шудани ҳақиқат, аз матбуоти озод ва гуфтугӯю баҳсҳо онҳое метарсанд, ки ҳисобашон пок набошад, яъне онҳое, ки дузду ғоратгар, чаласаводу бефарҳанг, фосиду худхоҳ, фиребгару қаллоб, ҳаромхӯру истисморгар, одамкушу таҷовузгар… бошанд. Онҳо мекӯшанд, ки озодии андешаю баёнро маҳдуд ва матбуоти мустақилро маҳв созанд. Ин нишони бемор будани ҷомеа ва фосиду нолоиқ будани ҳукумат аст. Дар чунин ҷомеа маҷоли ошкор кардани дардҳо ва даво кардани онҳо наметонад. Ва ҷомеа ба сӯи табоҳӣ меравад. Зеро "ҳар ҷо ки баҳс нест, ҳақиқат нест", ҳар ҷо ки рӯи нуқсонҳоро беадолатиҳо ангушт мегузоранд ва онҳоро ошкору интиқод ва илоҷ намекунанд, балки пинҳон медоранд, ҳар ҷо ки парастиши ҳокимону мадҳу санои нопокон роиҷ аст, дар он ҷо умеди хайр нест. Тавре ки соҳибназарон гуфтаанд, ҷомеае, ки нақид нест, муқаллид мешавад ва тақлидкорӣ оқибати бад дорад. Ҷомеае, ки мехоҳад пеш равад ва обод шавад ва аз нуқсонҳо пок шавад, бояд аввал аз ҳама боби тафаккурро боз кунад, яъне нек (амиқ) андешидан ва дуруст шинохтани вокеиятҳои зиндагиро талқин кунад, озодии инсонҳо, озодии андешаю баён ва озодии матбуотро таъмин намояд.

Дар кишварҳои ба мисли Тоҷикистон ақибмонда, дар ҷое ки сатҳи зиндагӣ ва маърифати мардум пойин аст, маъмулан ковишҳо ва баҳсу гуфтугӯҳои ошкору васеъ дар масоили муҳими зиндагии ҷомеа камтар сурат гирифта ва мегирад. Дар чунин ҷавомеъ расм нашудааст, ки мардум ҳамдигарро бодиққат бишнаванд, гуфтори дигаронро дар тарозуи

ақл бисанҷанд ва дар бораи дурустӣ ва нодурурстии он бо овардани далоили маъқул ибрози назар кунанд ва аз ин рӯҳ дар равшан шудани ҳақиқати ҳол саҳм гиранд. Аксаран, усул ва одоби баҳсро риоят намекунанд. Бисёриҳо бидуни овардани далоил андешаи дигаронро "рад" мекунанд ва ё мавзӯи баҳсро канор гузошта, ба шахсияти гӯянда мечаспанд. Албатта, ин роҳи равшан кардани ҳақиқат нест. Баръакс, он ихтилофотро бештар месозад. Сабаб ин аст, ки фарҳанги баҳс ва гуфтугӯҳои хайрхоҳонаю ҳақҷӯёна дар ҷомеаи мо ҳанӯз ҷо наафтодааст. Ин натиҷаи он аст, ки дар гузаштаҳо халқи мо аз истиқлолияти давлатӣ ва озодии андешаю баён маҳрум буд ва матбуоти мустақил ҳам вуҷуд надошт. Мутаассифона, ҳоло ҳам он, тавре ки мебояд, таъмин нашудааст.

Шукр ки имрӯз аз баракати истиқлолияти Тоҷикистон дар кишвар нашрияҳои нисбатан мустақил фаъолият мекунанд ва назариёти гуногунро бозтоб менамоянд. Онҳо матолиби ҷолибе пиромуни масойили мухими ҷомеа ва ё дар бораи фаъолияту камбудиҳои ҳукумат ба чоп мерасонанд, вале гуфтугӯи ҷиддӣ дар бораи онҳо хело кам сурат мегирад. Мақомоти марбутаи ҳукумат низ худро ба нодонӣ мезананд, гӯё кару гунг бошанд. Фаъолияти ҳукумат шаффоф нест. Бинобар ин мардум аз воқеиятҳои зиндагии ҷомеа ва аъмоли давлат огоҳии кофӣ надоранд. Аз ин рӯ, бисёриҳо ба овозаю гумонҳо такя мезананд. Қаламкашон низ дар ин шароит, мумкин аст дар гуфтори худ ба иштибоҳот ва интиқодоти беҷо рӯҳ диҳанд. Вале ҳукумат, ки усулан аз ҳолати мавҷуда бояд комилан огоҳ бошад ва сиёсатҳои худро бар асоси таҳлили амиқи маълумоти дақиқ тадвин ва амалӣ намояд, дар бораи фаъолияту ҳадафҳояш маълумоти муфассалу дақиқ ба мардум арза намедорад. Аксаран хатто матолиби нашршударо таъйид ё рад намекунад ва бадин тариқ шакку гумонҳо ва овозаҳою нобовариҳоро бештар доман мезанад. Дар натиҷа байни ҳукумат ва мардум чудоӣ пеш меояд. Ин ба хеҷ рӯй ба ваҳдату ҳамдилӣ мусоидат намекунад.

Дар ҷое ки адолату ростӣ набошад, дар ҷое ки дурӯғу риё ва зӯроварӣ ривоҷ ёбад, дар он ҷо ваҳдат намешавад ва давлат ҳам дер намепояд.

Яке аз вижагиҳои дигари ҷомеаи мо ин аст, ки мардум хислати озодагию хирадгароиро, ки замоне хоси ниёкони мо будааст, аз даст додаанд. Бар асари тасаллути сиёсии ҳукуматҳои мустабиду бегона дар тӯли садаҳои зиёд, мардум ба фармонбардорию бардасифатӣ одат кардаанд. Ва ин ба рӯҳия ва рафтори мардум таъсироти манфӣ расондааст. Таъсироте, ки аз он бисёриҳо ҳанӯз раҳойӣ наёфтаанд. Ин аст, ки то ба ҳол

мо бештар аҳли бовару таслим ҳастем, на аҳли таҳқиқу тафаккур. Мо камтар андеша мекунем, ки аз он ҳама гуфтору баёнияҳои бешумор кадомаш дурусту кадомаш ғалат аст ва агар дуруст аст, ба чи далел, ва агар нодуруст аст, чаро нодуруст аст. Мардум аксаран ба мақоми иҷтимоъии гӯянда таваҷҷӯҳ мекунанд, на ба маънии гуфтори он. Агар гӯянда соҳиби мақому мансаб бошад, гуфтори ӯро дуруст, қобили боварӣ ва пазириш медонем. Агар шахс мақоми баланд надошта бошад, ба суҳани ӯ таваҷҷӯҳ намекунем. Чунин рафтор хоси бардасифатон аст. Бардаҳо суханони хоҷаашонро бе чуну чаро мепазиранд, ҳатто агар гуфтори бемаънӣ бо-шад. Хушомадгӯйию чоплусӣ ва маддоҳию бутсозӣ аз "калонҳо", ки дар ҷомеаи мо дар ин авохир ба авҷ расидааст, аз нишонаҳои бардасифатӣ аст. Чунин рафтор ба дарки ҳақиқат ва пешрафти моддию маънавии ҷомеа мусоидат намекунад. Худованди бузург ақлро ба инсонҳо барои он додаст, ки бо ёрии он ҳақиқатро бишносанд, дар ҳама чиз ковишу таҳқиқ кунанд ва ба ҷуз ростӣ ҳеҷ харферо напазиранд, ҳатто агар гуфтори ҳукамо бошад. Бузургони мо бар ҳақ гуфтаанд: **"мангар ки кӣ мегӯяд, бингар ки чӣ мегӯяд"**. Яъне мо бояд ба маънӣ таваҷҷӯҳ кунем, на ба гӯянда. Сухани дурустро бояд пазируфт, ҳатто агар гадо ва ё душман гуфта бошад ва гуфтори нодурустро бояд рад кард, ҳатто агар шоҳ ва ё дӯст гуфта бошад. Албатта, барои шинохтани ҳақиқат маърифат лозим аст. Вале раҳо шудан аз хӯйи бардагӣ ва рӯй овардан ба тааққулу тафаккур нахустин шарти пешрафт аст. Ҳамаи дастовардҳо ва пешрафтҳои башар дар натиҷаи фаъолиятҳои ақлонӣ, дар натиҷаи ковишу таҳқиқ ҳосил шудааст. Зимнан, усули муҳим ин аст, ки аз ҳеҷ касе ҳеҷ андешае пазируфта намешавад, то замоне ки дуруст будани он исбот нашавад. Яъне ҳеҷ касе наметавонад пешакӣ иддао кунад, ки ҳақ бо ӯст. Ҳатто донишмандон, ки як умр дар риштаи худ таҳқиқ мекунанд, чунин иддао намекунанд, зеро медонанд, ки имкони хато дар масъалае аз масоил ҳамеша вуҷуд дорад, яъне ҳеҷ касе аз иштибоҳ масун нест. Биноан, Саъдии бузургвор фармудааст, ки "*агарчи рост аст, ту ба эҳтимол бигӯй*". Ин андарзи ҷовидонаи Саъдӣ на танҳо барои риояти одоби сухан аст, балки ҳамчунон ишорате бар он аст, ки ҳақиқат душворёб аст ва он дар остини ҳеҷ касе нест. Бидуни шакку тардид пазируфтани сухани дигарон, ҳатто бузургон, дуруст нест. Дари андеша бояд ба рӯи ҳамагон боз бошад ва ҳар кас ҳақиқатро ба ақли худ шиносад. Яке аз бузургтарин файласуфони садаи ХХ, Карл Попер низ ба ин нукта таъкид карда, дар китоби худ ("Ҷомеаи боз ва душманонаш") навиштааст, ки "*агар бино бошад, ки тамаддуни башар зинда бимонад, ... мо бояд одати дам фурӯ бастан ва сар фуруд овардан дар баробари бузургмардонро аз худ дур кунем*", зеро "мардони бузург чи басо муртакиби хатоҳои бузург мешаванд". Ин нукта барои ҷомеаи мо хеле муҳим аст. Одати бут сохтану сачда кардан ба "калон"-ҳо ва чун дурри маънӣ чилва додани гуфтори обшустаю зерипоуфтода ва хатто ғалати онҳо муддатҳост, ки дар кишвари мо роиҷ аст ва дар ин авохир он на танҳо коста нашуда, балки густариш ёфтааст.

Имрӯз лозим аст, ки аз одати "бингар, ки **кӣ** мегӯяд" даст кашида, ба ҳикмати "бингар, ки **чӣ** мегӯяд" рӯй оварем. Ин танҳо роҳи дурусти шинохти ҳақиқат ва расидан ба ваҳдату ҳамдилӣ аст.

ВАҲДАТИ СИЁСӢ Ё ВАҲДАТИ ФИКРӢ? Барои таъмини бақою пешрафти давлат ваҳдати сиёсию ҳамдилии афроди ҷомеа лозим аст, на ваҳдати фикрӣ. Ваҳдати фикрӣ дар ҷомеаи инсонӣ усулан имконпазир нест. Шумо наметавонед ду нафареро пайдо кунед, ки яксон фикр кунанд ва дар тамоми масоил ваҳдати назар дошта бошанд. Сабаб ин аст, ки инсонҳо гунагунаанд. Онҳо аз лиҳози ҷинсӣ, синну сол, истеъдод, тавоноии зеҳнӣ, хӯю рафтор, сатҳи дониш, тахассус, таҷрибаи зиндагӣ, ва аҳдофу тамоюлот аз якдигар фарқ доранд. Шеваи зиндагӣ ва ҷойгоҳи иҷтимоъии инсонҳо низ яксон нест ва аз масоили сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоъию фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ ба як андоза огаҳӣ надоранд. Гузашта аз ин, зарфият, завқу салиқа, ҳолоти равонӣ ва дидгоҳу дидаҳо мухталифанд. Бинобар ин, дарёфтҳо ва бардоштҳои онҳо низ гуногунанд. Ҳатто дарку фаҳми як матлаб аз ҷониби марду зан, пиру ҷавон, мумкин аст, яксон набошад, агарчи, зоҳиран, ҳама бо як забон гап мезананд. Баъзан гӯянда як чизро дар назар дорад, шунаванда чизи дигареро мефаҳмад. Агар ин нуктаро ҳам дар назар бигирем, ки ҳақиқат, аксаран, ошкор нест ва шинохти он чустуҷӯю ковиши мудовимро мехоҳад ва ҳатто дар чунин ҳолат шинохти он (ҳақиқат) на ҳамеша ва на бар ҳамагон муяссар мешавад, ба чунин натиҷа мерасем, ки вуҷуди ақоиду назариёти гуногун дар бораи масоили сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоъию фарҳангии кишвар як амри табиӣ ва ногузир аст. Ин аст, ки ҳамназарӣ миёни одамон басо мушкил ва дар бисёр маворид дастнаёфтанӣ аст.

Комисиюни оштии миллӣ масъулияти муҳимро иҷро кард, вале натавонист ваҳдати воқеии мардумро ба вуҷуд биоварад.

Вале дар низомҳои тоталитарӣ, дар ҷое ки ваҳдати фикриро талқин мекунанд, ин воқеъиятро нодида мегиранд. Ҳукуматдорони ҷоҳилу фурӯмоя, ба манзури таъмини бақои ҳукумати худ, як силсила догмаҳои идеологиро ба ҳукми қонун дароварда, риояти онҳоро аз ҳамагон талаб мекунанд ва андешаҳои муғоирро ботил меҳисобанд. Онҳо системаи омӯзишу парвариш ва матбуотро зери назорати худ мегиранд ва мекӯшанд, ки ҳамагон пойбанду пайрави як идеология бошанд, яксон фикр кунанд, зери фармону таҳти "раҳбарии пешвоён" кору зиндагӣ кунанд. Онҳо озодии баён ва матбуотро маҳдуд сохта, андешаҳои носавоби худро

ба зӯр ба сари дигарон бор мекунанд ва мекӯшанд, ки одамонро ба мавҷудоти фармонбардор, ба абзори кор табдил диҳанд. Вале чунин рафтор ба ҳеҷ рӯй инсонҳоро ба ҳам наздик намесозад. Зеро, ҳамдилӣ маҳсули шинохт аст ва шинохт бе баҳс ҳосил намешавад. Амру фармон, зӯроварӣ ва мутлақгароӣ роҳи ваҳдат нест. Баръакс, вақте ки афроди чаласаводу фурӯмоя, ки аз андешаҳои воло ва фазоили инсонӣ баҳрае набурдаанд, хоҷавор ба мардум фармонравоӣ мекунанд ва роҳу равиши зиндагӣ ёд медиҳанд, вақте ба мо мефармоянд, ки чиро бихонем ва чиро нахонем, аз андешаҳои кӣ пайравӣ кунем ва аз кӣ пайравӣ накунем, чиро бигӯем ва чиро нагӯем, вақте бо ақли кӯтоҳу фаҳми ноқиси худ дар бораи ҳама чизу ҳама ҳама кас доварӣ ва ҳукм содир мекунанд, натанҳо ваҳдату ҳамдилӣ ҳосил намешавад, балки дилмондагию ихтилофот пеш меояд. Ва ин ҷо-меаро аз пешрафти моддию маънавӣ боз медорад.

Бинобар ин, лозим аст, ки дар ҷомеъа озодии андешаю баён ва матбуот таъмин гардад. Зимнан, ба такрор бояд гуфт, ки риояти одоби суҳан, бурдборию мадоро ва таҳаммули андешаҳои дигарон (ҳатто агар онҳо нописанд бошанд) шарт аст. Волтер – нависандаи бузурги Фаронса гуфта буд, ки "*ман аз андешаҳои шумо нафрат дорам, вале омодаам ҷони худро фидо кунам, то шумо битавонед онҳоро баён кунед*". Инро бояд ҳамеша дар ёд дошта бошем. Дар ин сурат, имкони ҳамдилӣ бештар ва сахву хато камтар мешавад. Ва ҳатто агар иштибоҳе сурат мегирад, он фарҷоми бад нахоҳад дошт, чун дигарон онро ислоҳ хоҳанд кард. Чунин равиш барои ҳамагон муфид аст.

Замимаҳои арзишманде, ки барои ваҳдати мардуми форсизабон ба вуҷуд омадааст, қобили эҳтироми бузург ва лоиқи истифодаи бештар аст. Ин замина бар пояи заруратҳои таърихӣ ва ба дасти сиёсатмардони кишварҳои форсизабон муяссар шудааст. ***Дар акс:*** *Мулоқоти нахустини саронӣ тарафҳои даргири тоҷик Имомалӣ Раҳмон ва Сайид Абдулоҳи Нурӣ бо миёнҷигарии Бурҳониддин Раббонӣ – раиси ҷумҳури вақти Афғонистон, Хустдеҳ, Афғонистон 17-19 майи соли 1995.*

Тоҳири АБДУҶАББОР,
Нашрияи "Миллат",
6 декабри соли 2007.

РОҒУНРО БЕ РУСИЯ ҲАМ МЕТАВОН СОХТ

Мусоҳиб Шодмони КАРИМ

– Устод чаро дар ҷаласаи ахир, ки ба муносибати Иҷлосияи 16-и ШО баргузор шуд, ширкат накардед?

– Маро даъват накарданд.

– Кишвари мо 16-умин соли истиқлолияташро истиқбол кард. Оё мо гуфта метавонем, ки тайи ин солҳо бӯҳрони иқтисодӣ паси сар шуд?

– Мутаасссифона, ҳанӯз на. Кишвар ҳанӯз аз бӯҳрони иқтисодӣ берун нашудааст. Маҷмуи маҳсулоти нохолиси миллии мо то ба ҳол ба сатҳи соли 1990 нарасидааст. Усулан, тайи ин солҳои гузашта кишвар метавонист дастовардҳои хубтаре ҳосил кунад, вале чунин нашуд. Албатта, ин сабабҳои айнию зеҳнии худро дорад.

Тоҷикистон худ дар замони Шӯравӣ як кишвари ақибмонда буд, мушкилоти зиёде дошт. Фурӯпошии ИШ ва гусаста шудани пайвандҳои иқтисодӣ миёни чумҳуриҳо ва корхонаҳо ба иқтисод таъсири бад гузошт. Низоми дохилӣ ва бесуботӣ зарбаи дигаре буд ба пайкари иқтисоди заифи мо. Вале бо вуҷуди ин ҳама, иқтисоди кишвар метавонист хело зудтар рӯ ба болоравӣ гузорад, ба монанди Чин, сол ба сол натичаҳои беҳтар ҳосил кунад, агар сатҳи маърифати хукуматдорон баландтар мебуд ва иқтисоди кишвар ба таври оқилона, ба шеваҳои илмӣ идора мешуд. Аммо иқтисоди кишвар мудирияти дуруст надошт, ислоҳоти иқисодӣ ба таври кур-курона амалӣ ва муқаллидона сурат гирифт. Ин аст, ки кишвар ба ҷои пешрафт, ба мисли дигар кишварҳои шӯравии пешин, ба бӯҳрони шадиди иқтисодӣ гирифтор шуд. Дар бисёр соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ саноати тавлидот нисбати соли 1990 ду-се баробар пойин омад.

Ҳоло дар кишвар марҳилаи болоравии иқтисод ҷараён дорад ва ин умедворкунанда аст. Аммо бояд гуфт, ки ин рох росту хамвор нест, пастию баландии зиёде дар пеш аст.

– Пешравии кишвар ба истиқлолияти энержӣ вобастагии зиёд дорад. Роҷеъ ба ин чӣ гуфта метавонед?

– На танҳо кишвари мо, балки ҳамаи кишварҳои ҷаҳон барои пешрафт ба энержии зиёд ниёз доранд ва масъалаи истиқлолияти энержетикӣ барои ҳамаи кишварҳо хеле муҳим аст. Хусусан барои Тоҷикистон, ки аз захоири

бузурги нафту гоз бархӯрдор нест. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки кӯшишҳои ҳукумати Тоҷикистон дар ҷиҳати расидан ба истиқлолияти энергетикӣ сиёсати дуруст ва вокеъбинона аст. Имрӯз такмили сохтмони Нирӯгоҳи барқии обии Роғун ва як силсила нирӯгоҳҳои дигар як амри зарурӣ ва хело муҳим барои пешрафти иқтисоди Тоҷикистон аст. Сохтмони ин нирӯгоҳҳо ва пайванди роҳҳои кишвар ба шоҳроҳҳои кишварҳои ҷанубӣ ва шарқии Осиё истиқлолияти энержии кишварро таъмин хоҳад кард ва ин амр як ҷо ба рушди инфраструктураи иқтисодӣ заминаи пешрафти босуръати кишвари моро муҳайё месозад. Бори дигар мегӯям ин дуруст аст ва зарурият дорад. Тоҷикистон, ки аз манбаи нафтӣ чандон ғанӣ нест (харчанд мегӯянд мо манобеи зиёди нафтӣ дорем), онҳо ба таври комил баррасӣ нашудаанд, ки баҳрабардорӣ кунем. Имрӯз сари ин ҳарчанд баррасӣ шурӯъ шудааст, ба ҳар сурат ҳоло мо мушкил дорем.

Бояд таъкид кард, ки баҳри пешрафти иқтисодиёти Тоҷикистон масъалаи барқ хеле муҳим аст. Талоши ҳукумат дар ҷиҳати сохтани нирӯгоҳҳои барқии обӣ ва роҳҳои байни вилоятҳои мухталифи кишвар сиёсати дуруст ва маъқул аст.

– Сари сохтмони Нирӯгоҳи барқи обии Рогун баҳсу талошҳо хеле зиёданд. Ахиран ҳукумат тасмим гирифт, ки сохтмони онро бо қуввааи худӣ анҷом бидиҳад. Оё Тоҷикистон қудрати иҷрои ин корро дорад?

– Ба назари ман, ин ин тасмими комилан дуруст аст. Нирӯгоҳҳо бояд сохта бишаванд ва ҳарчи зудтар. Барои ин кор мебояд, ки аз ҳама гуна имконот ва манбаъҳо, чӣ аз сармояҳои дохилӣ ва чӣ хориҷӣ истифода шавад. Зимнан, мавзӯи муҳим аст, ин нирӯгоҳҳо бояд ҳатман моликияти халқи Тоҷикистон бошанд ва дар ихтиёри ҳукумати кишвар бимонанд. Соҳаи энергетика ва корхонаҳои муҳими иқтисоди Тоҷикистон бояд моликияти мардуми Тоҷикистон ва ҳукумати кишвар бошанд. Онҳо ба ҳеҷ вачҳ набояд моликияти афрод ва ё ширкатҳои дигар кишварҳо шаванд. Агар ин нирӯгоҳҳо ва корхонаҳо моли Тоҷикистон ва дар хидмати Тоҷикистон набошанд, кишварро вобаста ва дастнигари дигарҳо месозанд. Набояд фаромӯш кард, ки истиқлолияти иқтисодӣ ва соҳибихтиёрии иқтисодии Тоҷикистон барои мо муҳимтарин арзиш аст. Ин танҳо ақидаи ман нест, балки тамоми кишварҳои ҷаҳон чунин сиёсатро пеш гирифтаанд ва ҳамаи ҳукуматҳо мекӯшанд, ки муҳимтарин корхонаҳои иқтисоди кишварашонро дар ихтиёри худ нигаҳ доранд, то битавонанд сиёсати иқтисодию иҷтимоии худро мустақилона амалӣ кунанд ва мӯҳтоҷу дастнигари бегонагон набошанд.

Иқтисоди мо ҳанӯз хеле заифу ақибмонда аст ва дар марҳилаи ҳозир тоза ба болоравӣ оғоз кардааст. Аз ин рӯ, мо ба нерӯи барқ бештар ниёз дорем. Агар ихтиёри нерӯи барқ дар дасти бегонагон бошад, ҳукумати Тоҷикистон наметавонад сиёсатҳои иҷтимоиву иқтисодии худро таври лозим амалӣ кунад. Дар чунин сурат, Тоҷикистон мӯҳтоҷи дигарон мешавад ва мумкин аст дигарон ба ҳукумати мо аз роҳҳои мустақим ва

ғайримустақим фармонравоӣ кунанд. Бинобар ин, ман фикр мекунам, ки сохтмони нирӯгоҳҳо ва корхонаҳои мухталиф бояд бо қувваи худи Тоҷикистон ва кӯмакҳои молии кишварҳои дигар – кишварҳое, ки ғаразҳои сиёсӣ надоранд, сохта бишаванд. Фикр мекунам ин кор кор сад дар сад имконпазир аст. Шарт нест, ки мо ба ин сохмон яку якбора 2 млрд. доллар сармоягузорӣ кунем. Мо метавонем аз ҳисоби буҷаи давлатӣ ва сектори хусусии Тоҷикистон сармояи лозимаро тайи чанд сол ба тадриҷ ҷалб кунем ва ба сохтмони он идома бидиҳем. Шояд дар ин сурат сохтмон ва такмили нирӯгоҳ муддати бештареро дарбар гирад. Мо барои сохтани нирӯгоҳҳо ва корхонаҳо қувваи кори фаровон дорем. Камбуди мо – муаҳассисон ва як миқдор таҷҳизоти техникию технологӣ аст, ки онҳоро метавон аз кишварҳои дусту хайрхоҳ ва аз онҳое, ки ғарази сиёсӣ надоранд, дарёфт кард.

– Фикри шумо нибати кишвари Русия дар масъалаи сохтмони Нирӯгоҳи Рогун чӣ гуна аст? То ҷойе маълум аст, Ширкати "Русал" боре бар ин кор даст зад ва ахиран ақибнишинӣ кард. Имрӯз боз сару садоҳо зиёданд, ки Русия дар сохтмони НБО-и Рогун саҳм гузоштанист?

– Ман фикр мекунам, бехтар он аст, ки Тоҷикистон дар ин кор ба умеди Русия нашавад. Кишварҳои дигар, аз ҷумла кишварҳои ҳамсоя майл доранд, ки дар ин кор ширкат бикунанд, ширкати беғаразона. Барои мисол, ҳануз дар аввали соли 1990 ҳукумати Покистон изҳори омодагӣ дошт, ки барои такмили НБО-и Роғун дар ҳудуди 700 ё 800 млн. доллар кӯмаки молӣ кунад. Мутаасссифона, он замон ба ин мавзӯъ таваҷҷӯҳ накарданд ва баъдар, ки Русия пойи худро дар миён гузошт, ҳамаи корро карданд, то ин мавзӯъ ҳарчанд бештар кашол ёбад ва сари вақт сурат нагирад. Ба назар мерасад, ки *Ширкати "Русал" ҳам ба ғайр аз манофеи шахсии худ ва манофеи Ҳукумати Русия кадом назари дигаре ин ҷо надошт ва надорад.* Шояд ин як навъ рамзе буд барои кашол додани сохтмон, ки Тоҷикистон, бинобар камбуди барқ ва энержӣ харчи бештар дастнигари дигарон бошад ва натавонад мушкили худро дар бахши энержӣ зудтар ҳал бикунад. Ҳадафи аслӣ кашол додани кор буд. **Ман мутмаинам, ки Ширкати "Русал" дар Тоҷикистон фаъолияти дуруст, тавре ки ба манофеи милли Тоҷикистон бошад, анҷом надода ва намедиҳад.**

Барои ҳамин дар оянда ҳам **Тоҷикистон бояд кӯшиш бикунад, ки бидуни Русия ин сохтмонро такмил бидиҳад** ва маблағи лозимаро аз манбаи дохилӣ ва хориҷӣ дарёфт бикунад. Тоҷикистон, дар сурати ба ин ҷалб шудани Русия, бояд сад дар сад соҳибихтиёрии кишвар, соҳибихтиёрии маруми кишвар ва соҳибихтиёрии ҳукумати кишварро дар назар бигирад. Ҳукумати Тоҷикистон бояд ҳангоми баррасии ин масъала комилан соҳибихтиёр бошад ва ҳама ҷиҳатҳои мусбию манфии пешниҳодхои Русияро баррасӣ бикунад ва танҳо дар сурати қобили қабул будани онҳо, яъне ба манфиатҳои миллии Тоҷикистон созгор будани шарту шароити пешниҳодоти он кишвар ва эҳтирому риоя кардани

соҳибихтиёрию комилҳуқуқии ҳукумат ва мардуми мо ҷониби Тоҷикистон метавонад ба ширкат кардани Русия дар такмили сохмони ин нирӯгоҳ розӣ шавад. Яъне саҳмгирии Русия дар ин кор бастагӣ дорад, пеш аз ҳама ба он ки вай таҳти кадом шароит мехоҳад ин корро анҷом бидиҳад. Агар мисли пештара иддао кунад, ки 75 ё 80 сади саҳмияи нирӯгоҳро соҳиб шавад (ба мисли он ки 75 дар сади саҳмияи нирӯгоҳи "Сантӯда-1" ба ихтиёри Ширкати "РАО ЕЭС"-и Русия дода шудааст ва он иддао карда аст, ки 86 дар сади саҳмия дар ихтиёри Русия гузошта шавад), ин ба ҳеҷ ваҷҳ қобили қабул нест. Ин поймол кардани манфиатҳои миллии Тоҷикистон аст.

Бино бар ин, иқдомоти ҳукумати Тоҷикистон дар ҷиҳати бо кувваи худ анҷом додани сохтмони нирӯгоҳҳо ва корхонаҳо равиши дуруст аст.

– Бидуни соҳаи энержӣ кадом соҳаҳо ба пешрафти кишвар таконе дода метавонанд?

– Мо дар баъзе соҳаҳои иқтисод бартариҳои мутлақу нисбӣ дорем, ки онҳо метавонанд заминаи маҳкаме барои соҳаҳои тахассусии иқтисоди Тоҷикистон бошанд. Ҳама кишварҳо пеш аз ҳама чизеро тавлид мекунанд ва ё соҳаеро пеш мебаранд, ки дар он бартарие дошта бошад. Зеро он бартариҳо имконият медиҳад, ки бо харочоти камтар маҳсулоти хушсифат ва бозоргир тавлид кунанд, маҳсулоте, ки дар бозорҳои дохилию хориҷи харидор дорад ва рақобат карда метавонад. Тоҷикистон конҳои гуногун ва хушсифат дорад. Ин ҳама захираҳои саршори таббиӣ, шароити иқлими мусоид барои парвариши гуна-гуна маҳсулоти кишоварзӣ, бавижа меваю сабзавот ва пахтаю пила ва нирӯи кори арзон заминаи хубест барои сохтани шумори зиёди корхонаҳои саноатӣ ҳам дар бахши саноати сабук ва ҳам дар бахши истихроҷ ва коркарди конҳо ва ҳам дар бахши саноати хӯрокворӣ. Бинобар ин, бояд корхонаҳои коркарди пахта, меваю сабзавот, алюминиум ва гуна-гуна захираҳо таббиӣ дар дохили Тоҷикистон сохта шавад. То ба ҳол бештари маҳсулоти кишоварзию саноатии мо асосан ба шакли хом ба хориҷи кишвар содир мешавад, хусусан пахтаю алюминиум. Ин кори дуруст нест. Ин сиёсат сиёсати кишвари вобаста аст, на кишвари соҳибистиқлол. Ҳануз 400-500 сол пеш давлати Инглисистон тасмим гирифта буд, ки аз хориҷи кишвар маводи хомро ворид кунад ва маҳсулоти ниҳоиро ба кишварҳои дигар фурӯшад. Инглисҳо яке аз беҳтарин роҳи пешгирифти кишвар ва беҳтар кардани зиндагии мардумашро дар ҳамин мебинад. Агар Тоҷикистон ин роҳро пеш бигирад ва аз манобеъи таббиӣ дуруст истифода кунад, гузашта аз ин маҳсулотро дар дохили кишвар коркард кунад ва пас аз он маҳсулоти ниҳоиро содир кунад, даромади кишвар чандин маротиба афзун мешавад. Фурӯши пахта низ аз ҳамин қабил аст. Коркарди он дар дохили кишвар чандин маротиба фоидаи бештар медиҳад, ҳамин гуна бахши алюминиум ва металҳои ранга низ. Коркарди ин маҳсулот дар дохили кишвар имконият медиҳад, ки ҳазорон нафар мардуми бекор бо кор таъмин шаванд.

Дар ҳоли ҳозир чизҳое, ки аз алминиум сохта мешаванд, аз Чину аз Туркия ба кишвар ворид мешаванд.

Ба ғайр аз ин, Тоҷикистон намудҳои дигари захираҳои таббиӣ дорад, ки матавонанд ашёи хом барои корхонаҳои саноатӣ бошанд. Ба рох андохтани нирӯгоҳҳо ва тавлиди барқ дар Тоҷикистон заминаи пешрафти ҳамин гуна корҳо шуда метавонад.

– Дар бораи сохтани корхонаҳо чӣ назар доред?

– Бучаи Тоҷикистон ҳоло ба андозаи кофӣ бузург нест. Гузашта аз ин, он самарабахшу дуруст истифода намешавад. Кишвари мо ба эҷоди корхонаҳои мухталиф дар соҳаҳои гуногун ниёз дорад, бо ҷалби сармояи хориҷӣ. Мо имрӯз на танҳо ба сармоя, балки ба технолоҷӣ низ ниёз дорем. Кишвари мо технолоҷии пешрафта надорад. Аммо корхонаҳое, ки сохта мешаванд, бояд технолоҷии муосиру пешрафта дошта бошанд, то ки маҳсулти хуб бароранд. Маҳсулоте, ки дар бозори ҷаҳонӣ рақобат карда тавонад. Кишварҳои пешрафта аз он технолоҷӣ бархӯрдоранд.

Барои Тоҷикистон зарур аст, ки сармояи мустақим ва технолоҷии пешрафтаи хориҷиро ба кишвар ҷалб кунад. Барои ин бояд ба фазои сармоягузорӣ дар кишвар мусоид карда шавад. Мутаассифона, фазои мусоид дар кишвар ҳоло пурра ба вуҷуд наомадааст. Манзури ман, суст будани заминаи ҳуқуқии ин гуна фаъолият аст. Дигар ин ки девонсолорӣ, амру фармондиҳӣ, мудохили бечо ва норавои ҳукуматдорон ба кори субъектҳои иқтисодӣ, фасоди дастгоҳи давлатӣ ва рафтори носавоби кормандони он дастгоҳ сармоягузоронро дилсард месозад.

Гурӯҳе аз ширкатдорони маросими ёдбуди устод Тоҳири Абдуҷаббор дар Душанбе, 25 апрели соли 2009.

Вақтҳои ахир ҳукумат ва парлумони Тоҷикистон чанд дастуру қарор барои ҷалби сармоягузорон қабул карданд, ин хуб аст. Илова бар ин, захираҳои фаровон, кувваи барқи арзон ва нирӯи кори арзони Тоҷикистон сармоягузорро ҷалб мекунад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки агар барои ҷалби сармоядорони хориҷӣ фазои солиму мусоид мӯҳайё карда шавад, имконияти рушди босуръати соҳаҳои гуногуни саноати Тоҷикистон фарохам меояд.

– Дар мавриди аз тарафи давлат ба нақша гирифтани истеҳсоли ин ё он маҳсулоти кишоварзӣ чӣ гуфта метавонед?

– Тоҷикистон роҳи иқтисоди бозаргониро пеш гирифтааст. Дар ша-

роити иқтисоди бозаргонӣ амру фармон норавост. Агар касе соҳиби корхона ё замин аст, худаш бояд тасмим бигирад, ки кадом намуди маҳсулот ё зироатро кишту парвариш кунаду кадомашро – не, суду зиёни хоҷагиҳо ба ухдаи худашон аст. Агар ҳукуматдорон тасмим мегиранд ва хоҷагиҳоро маҷбур месозанд, ки чи кишт кунанд, пас масъулияти суду зиёни кор низ бояд ба уҳдаи ҳукуматдорон бошад. Вале дар чунин сурат онро дигар низоми иқтисоди бозаргонӣ номидан мумкин нест.

Метавон гуфт, ки солҳои баъдӣ қимати пахта дар бозори ҷаҳонӣ боло хоҳад рафт ва парвариши ин зироат хеле судовар хоҳад шуд. Аммо имрӯз ҳолати кишоварзон бӯҳронӣ аст ва сабаби аслии он дар системаи идорӣ ва ислоҳоти насанҷидаи соҳаи кишоварзӣ, дар мудохилаи нораво ва беҷои ҳукуматдорони маҳаллию марказӣ ба кори хоҷагиҳои деҳқонӣ ва системаи бедодгаронаи миёнаравону сармоягузорон аст.

Чанде пеш аз тарафи ҳукумат қароре ба тавсиб расид, ки тибқи он ҳеҷ кас набояд ба фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ мудохила кунад. Ин тасмими дуруст аст. Лозим аст, ки касе мудохила мекунад, бояд масъулияти корро ҳам ба гардан бигирад. Мансабдорон, дар сурати зарар дидани хоҷагӣ, бояд ҳисоротро ҷуброн кунанд, яъне ҳангоми ба даст наовардани 2-3 ҳазор доллар даромад аз 1 гектар замин давлат ё мансабдор бояд ин зиёнро аз кисаи ҳдаш ҷуброн кунад. Ин маънои онро дорад, ки бо амру фармон наметавон ҷомеаи бозаргонӣ сохт.

Вақте замин дар ихтиёри деҳқон гузошта мешавад, бояд ӯро ба ҳолаш гузорем, то ки худаш бо ақли худаш кор кунад ва бубинад дар бозор кадом маҳсулот зарур аст ва думболи он биравад. Фармон додан ба деҳқон ва мудохила дар кори онҳо аз тарафи мансабдорон, намояндагони ҳукумат ва маҳал – ин кори ғалат аст. На давлат ва на мансабдорони ҳукумат, ки дар маҳалҳо ҳастанд, набояд ба кори деҳқон мудохила кунанд.

Миёнаравҳо ва сармоягузороне, ки ба ҳар роҳ ба гардани деҳқони бечора қарзҳоро бор мекунанд, ба таври маснуъӣ пахтакориро ба бӯҳрони азим дучор кардаанд. Ин кор аз инсоф дур аст. Аз ибтидо ислоҳот дар соҳаи пахтакорӣ ба таври дуруст ба роҳ монда нашуда буд. Дар натиҷа пешрафти кишоварзӣ ҳосил нашуд. Ҳамаи ин натиҷаи сиёсати нодуруст ва ғалат аст.

– Ин ҷо саволе пеш меояд; деҳқон, ки саводи дурусти ҳуқуқӣ надорад ва ба таври кур-курона пеш меравад, чӣ кор бояд кунад?

– Бале. Бархе аз миёнаравҳою корчалонҳои мо ҳамаи инро ба нафъи худ истифода мекунанд. Агар ҳар як ҳукукшинос ё иқтисодчӣ дар доираи нохия фаъолият мебурд ва болои кори деҳқон ва миёнаравҳо назорат мекард, онҳо ба мушкил дучор намешуданд. Мутаасссифона, баъзеҳо аз ноогоҳии деҳқонон ва аз хоҷагиҳои деҳқонӣ сӯйистифода ва кисаи худро пур мекунанд. Маҳсулоте, ки деҳқонон истеҳсол мекунанд, ба суди миёнаравҳо меравад. Ин аз рӯи адолат нест ва ҳукумат дар ин маврид кӯтоҳии зиёде дорад. Бояд ҳар қадами фучуристҳо ва мансабдорони маҳалҳо

зери назорат бошад ва ҳар дирами сарфшуда мавриди таҳқиқ қарор бигирад. Маъмулан, фучеристҳо пахтаро бо қимати бисёр ночиз мехаранд ва бо нархҳои гарон ба фурӯш мерасонанд. Ҳамчунон, фучеристҳо маводи мавриди зарури деҳқонро (аз қабили сӯзишворӣ, нуриҳои минералӣ ва ғайра) бо нархи дучанду сечанд, зиёдтар аз нархи бозор, ба кишоварзон мефурӯшанд. Вақте ки ҳосилро меғундоранд, фучеристҳо пули он маводро аз деҳқонон меситонанд. Дар натиҷа, деҳқони заҳматкашидаба аз замин ҷуз чанд банд ғузапоя ва маоши ночиз дигар чизе намегирад. Дигар ҳама ба кисаи фучеристҳо ва миёнаравҳо меравад.

Бар асоси арқоми расмӣ, имрӯз дар Тоҷикистон камтарин музди меҳнатро деҳқонон доранд – 48 сомонӣ дар як моҳ. Ин ба нони хушки деҳқон намерасад. Онҳо чӣ гуна зиндагӣ мекунанд? Ин аз рӯи адолати инсонӣ нест, ки як нафарро маҷбур бисозӣ ҳам кор бикунад ва ҳам мӯҳтоҷ бошад.

– Пас, оё мо гуфта метавонем дар давоми 16 сол соҳибкорӣ дар кишвар ба ҷойе нарасидааст?

– Бале. Ин ҳама ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ натиҷаи дилхоҳ наовард. Баъзеҳо ба хотири ҳавою ҳавас ба ин роҳ рафтанд, бидуни ин ки онро баррасӣ кунанд ва маълум созанд, ки оқибати кор ба кучо мекашад. Метавон гуфт, ки вазъи мавҷуда мумкин аст бадтар шавад. Хусусан, агар замини хоҷагиҳо ба сифати гарави қарзи бонкӣ пазируфта шавад. Дар чунин сурат, мумкин аст ки тамоми заминҳо дар дасти як гурӯҳ пулдорону миёнаравҳо ва бонкдорону мансабдорон таҷаммӯъ шавад. Ин як низоми феодализми классикӣ хоҳад буд ва он ба ҳеч вачҳ ба пешрафти соҳаи кишоварзӣ ва умуман иқтисоди Тоҷикистон мусоидат нахоҳад кард. Дар шароити мавҷуда ин роҳи дуруст нест ва оқибати бисёр бад дорад. Аслан ҳадафи ҳама гуна ислоҳоти пешрафти иқтисод, ба даст овардани самараи бештар ва даст ёфтан ба зиндагии беҳтар аст. Ислоҳот ҳадаф не, балки васила аст, василаи расидан ба ҳадаф. Вақте ки ислоҳот вазъиятро беҳтар не, балки бадтар мекунад, он ба дарди кӣ мехӯрад? Дар чунин сурат бояд пурсид, кӣ чунин пешниҳодҳоро кардааст ва кӣ онро амалӣ кард? Ӯ бояд ҷавоб бигӯяд. Агар дар ҳолати мавҷуда гуфтори раиси Бонки миллӣ амалӣ шавад ва қисми зиёди заминҳо ба унвони гарав дар дасти як гурӯҳ миёнаравҳо ва бонкҳо қарор бигиранд ва мардум аз заминҳои худ маҳрум шаванд, дар Тоҷикистон (барои он, ки 70 дар сади аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд), ҳолати ногуворе пеш меояд, ки онро тасаввур кардан мушкил аст. Мебояд, ки мутаҳассисон ва ҳукумати кишвар дар ин бора ба дурустӣ фикр кунанд.

*

НАВИШТАҲОИ ТОҲИРИ АБДУҶАББОР АЗ БОЙГОНИИ ХУСУСИАШ

Тоҳири Абдуҷаббор,
27.09.2005.

ИСЛОҲОТИ БАҲСБАРАНГЕЗИ СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН

Имрӯз кишоварзӣ яке аз муҳимтарин соҳаҳои иқтисоди Тоҷикистон аст. Дар ин бахш беш аз 60 % машғулон кор мекунанд ва қариб 40% маҷмӯи маҳсулоти нохолиси кишвар ба даст меояд. Бинобар он ки таи солҳои 90 ҳаҷми тавлидоти кишоварзӣ – 26% ва маҳсулоти молдорӣ – 75% коҳиш ёфта буд ва камбуди маҳсулоти кишоварзӣ боиси боло рафтани қиматҳо гардида аст, дар Барномаи рушди иқтисодии Тоҷикистон ба зарурати рушди босуръати ин соҳа таъкид шудааст. Пешбинӣ шудааст, ки то соли 2015 тавлидоти кишоварзӣ беш аз ду баробар афзоиш хоҳад ёфт ва Тоҷикистон аз лиҳози тавлиди гандум, меваҷоту сабзиҷот, равғани наботӣ ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ ба пояи худкифоӣ хоҳад расид. Ҳамзамон афзоиши тавлидоти пахта ва консарвҳои гуногун ва содироти онҳо дар назар гирифта шудааст.

Бино бар он ки дар кишвар имконоти тавсеъаи заминҳои кишт хеле маҳдуд аст, барои расдан ба ҳадафҳои зикр шуда роҳи рушди интенсивӣ, яъне истифодаи дастовардҳои илм, таҳкими базаи моддӣ-техникӣ ва боло бурдани самарабахшии кор дар ин соҳа пешбинӣ шуда аст. Ҳамчунон тасмим гирифта шудааст, ки сохтори воҳидҳои кишоварзӣ дигаргун карда шавад, яъне ба ҷои колхозу совхозҳо воҳидҳои хурдтари кишоварзӣ, ки хоҷагиҳои деҳқонӣ ё фермерӣ нимида шудаанд, ташкил гарданд. Қонун дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар соли 2002 ба тасвиб расидааст ва дар ҳоли ҳозир дар ҳудуди 80% колхозу совхозҳо ба хоҷагиҳои деҳқонӣ табдил шудаанд. Қарор аст, ки раванди таҷдиди колхозу совхозҳо ва таъсиси хоҷагиҳои деҳқонӣ то ахири соли 2006 ба анҷом расад.

Дар бораи ҳадафи ислоҳот чунин овардаанд, ки "сохтори мавҷудаи корхонаҳои давлатию кооперативҳои кишоварзӣ ба талаботи муносибатҳои бозорӣ созгор нест. Бинобар ин яке аз ҳадафҳои асосии ислоҳоти аграрӣ – бунёди сохторҳое мебошанд, ки ба талаботи иқтисоди бозаргонӣ ҷавобгӯ бошанд…".

Ин чумла мавзӯъро чандон равшан намекунад. *Аввал ин ки ҳама гуна ислоҳот ҳадаф нест, балки василаи расидан ба ҳадаф аст.* Ҳадафи ин ислоҳот яъне таҷдиди сохтор бояд ба даст овардани натоиҷи беҳтар, яъне зиёд кардани ҳаҷми тавлидоти кишоварзӣ бошад. Азбаски самарабахшии кор дар колхозу совхозҳои мавҷуда ба андозаи кофӣ баланд набуданд,

ҳукуматдорон шояд ба чунин натиҷа расида бошанд, ки тақсим кардани колхозҳою совхозҳо ба хоҷагиҳои хурдтари деҳқонӣ роҳи ҳалли мушкилот аст. Вале таҷдиди сохтор на ҳамеша натоиҷи беҳтарро тазмин мекунад. Хоҷагиҳои деҳқонӣ низ мумкин аст камсамар бошанд. Хусусан дар ҷое ки онҳо аз колхозҳои мавҷуда фарқи чандоне надошта бошанд. Дар гузашта аксари воҳидҳои кишоварзӣ иборат аз колхозҳо буданд ва қонунан онҳо корхонаҳои давлатӣ набуданд ва ба осонӣ метавонистанд бо риояти қавонини бозор фаъолият кунанд. Барои ин лозим буд, ки қонун риоят шавад. Вале дар амал колхозҳо ба корхонаҳои давлатӣ табдил ёфта буданд ва ҳеҷ гуна ихтиёре надоштанд. Инро ба таври ғайримустақим созандагони қонун низ тайид кардаанд. Ҳукумат нақшаҳои фаъолияти тавлидии онҳоро тайин мекард ва аъзои колхозҳо ба монанди деҳқонони вобастаю мутеъ маҷбур буданд ки он нақшаҳоро иҷро кунанд. Ин буд сабаби асосии самарабахш набудани фаъолияти колхозҳо.

Иқтисоддонон бар онанд, ки, *рӯиҳамрафта, самарабахшии кор дар корхонаҳои давлатӣ камтар ва дар корхонаҳои хусусӣ бештар аст.* Ба ин далел, ки дар корхонаҳои давлатӣ зери фармон кор мекунанд, ва аммо соҳибони корхонаҳои хусусӣ аз ихтиёроту истиклолияти иқтисодӣ бархурдоранд ва ба майлу ихтиёри худ ва бо дар назардошти нарху навои бозор барои ба даст овардани суди бештар кор мекунанд. Албатта, ин низом самарабахшии бештари корро таъмин мекунад, аммо адолати иҷтимоъиро таъмин намекунад. Аз ин ҷост, ки бисёр кишварҳо ба мақсади боло бурдани ҳаҷми тавлидот низоми сармоядории муосирро ихтиёр мекунанд ва ба корхонаҳои хусусӣ ихтиёроту озодиҳои бештар дода, фаъолияти онҳоро тобеъи қавонини бозор месозанд. Дар айни замон ҳукуматҳо бо истифода аз шеваҳои мухталиф мекӯшанд, ки адолати иҷтимоӣ низ ҳадалимкон риоят шавад.

Сохтори мавҷудаи корхонаҳои давлатию кооперативҳои кишоварзӣ ба талаботи муносибатҳои бозорӣ созгор нест.

Ҳадаф аз бозсозиҳою ислоҳоти бунёдӣ дар кишварҳои Шӯравии пешин низ ҳамин буд, яъне бо истифода аз механизми бозор боло бурдани самарабахшии кор ва ҳаҷми тавлидот буд. *Вале чаро ин корро ба шеваҳои номаъқулу бедодгарона амалӣ карданд ва кишварро ба коми бӯҳронҳои шадидтару мушкилоти бештар андохтанд, ин баҳси ҷудогона аст.*

Ба ҳар ҳол, колхозҳо, яъне хоҷагиҳои дастаҷамъӣ ва ё кооперативҳои кишоварзӣ, ки аз рӯи қонун корхонаи ғайри давлати буданд, дар сурати амалан риоят кардани қонун ва додани озодию мустақилияти бештар

ба онҳо, чунон ки дар қонуни хоҷагиҳои деҳқонӣ пешбинӣ шудааст, ба механизми бозор комилан созгор буданд ва хеҷ зарурате барои таҳсиму хурд кардани онҳо набуд. Хусусан, ки ин амал кишоварзонро ногузир ба як силсила мушкилоти тоза рӯба рӯ месозад. Пеш аз ҳама, воҳидҳои хурди тавлидӣ аз он бартарии хело муҳиме, ки корхонаҳои бузургтар доранд ва "сарфаҷӯӣ аз миқёс" ном дорад, маҳрум мешаванд. Ин боиси нисбатан боло рафтани масорифи тавлиди ҳар воҳиди маҳсулот ва пойин омадани тавони рақобат кардан дар бозорҳо мешавад. Афзун бар ин, барои хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ дастрасӣ ба абзору васоити техникӣ, порухои минералӣ, маводи кимиёӣ, қарза ва дигар авомили мавриди ниёз хело мушкилтар аст ва бозорёбӣ низ кори соддае нест. Ба назар мерасад, ки ин вазоифро ширкате ё чанд ширкати абаркудрат, ки бо номи сармоягузорон ёд мешаванд, ба ӯҳдаи худ гирифтаанд. *Онҳо қариб тамоми хоҷагиҳои деҳқониро зери фармони худ овардаанд ва аз мустақилияту соҳибихтиёрие, ки дар қонун пешбинӣ шудааст, маҳрум сохтаанд.* Ба гуфтаи кишоварзон, сармоягузорон тухмию маводи сӯхт ва нурихои минералӣ, маводи кимиёию дигар васоили мавриди зарурати тавлидотро ба кишоварзонон бо киматҳои хело баланд таҳмил мекунанд ва онҳоро ба маблағи садҳо миллион доллар қарздор кардаанд. Кишоварзон кор мекунанд, музд намегиранд ва аммо қарзашон сол то сол афзунтар мегардад. Ба гуфтаи хабарнигори телевизиони Тоҷикистон, сармоягузорон маводи кимёиро ба яке аз хоҷагихои вилояти Кӯлоб бо қиматҳои гарон овардаанд, вале хеле дер. Чун ҳашараҳо ба киштзор зиён расондаанд, хосили пахта хело кам шудааст. Аммо сармоягузорон ба исрор қарзаро талаб мекунанд. Дар навоҳии дигар низ аҳвол ҳамин гуна аст.

Сармоягузорон қариб тамоми хоҷагиҳои деҳқониро зери фармони худ овардаанд ва аз мустақилияту соҳибихтиёрие, ки дар қонун пешбинӣ шудааст, маҳрум сохтаанд.

Агарчи таи чанд соли ахир, сарфи назар аз мулоҳизоти дар боло зикр шуда хоҷагиҳои деҳқонӣ, дар ҳамаи навоҳии кишвар ташкил шудааст ва шумори онҳо қариб 21 ҳазор расидааст, вале мушкилоти ин соҳа камтар ва вазъи кишоварзон беҳтар нашудааст. Барои он ки соҳаи кишоварзӣ бо суръат пешрафт кунад ва ҳадафҳои дар Барнома зикр шуда бароварда шаванд, лозим аст, ки воҳидҳои тавлидии кишоварзӣ ва кишоварзон на танҳо аз рӯи қонун, балки дар амал ҳам аз озодию соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти иқтисодӣ бархурдор бошанд. То замоне ки онҳо тобеъю вобастаи сармоягузорон ва ё кадом оргони дигар бошанд, пешрафт муяссар нахоҳад шуд.

*

Тоҳири АБДУҶАББОР
23.02.06.

ВИЖАГИҲОИ МАРҲИЛАИ ГУЗАРИШ ДАР ТОҶИКИСТОН

Маълум аст, ки роҳи рушди иқтисоди бозор ҳамвор нест. Он фарозу нишебҳо дорад. Бинобар ин, кишварҳое, ки бо ин роҳ мераванд, се мушкили асосӣ доранд: таваррум, таназзул ва бекорӣ. Таваррум, маъмулан, дар марҳилаи болоравии иқтисод ва таназзулу бекорӣ дар замони бӯҳронҳои иқтисодӣ дида мешавад. Аз ин рӯ, муҳимтарин ҳадафҳои сиёсати иқтисодии давлатҳо иборат аз боло бурдани сатҳи тавлидот ва пойин овардани сатҳи бекорӣ ба ҳангоми рукуд ва таъмин намудани суботи қиматҳо дар бозор дар давраи болоравии иқтисод мебошад.

Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Шӯравии пешин, ки дар марҳилаи гузор ба иқтисоди бозор қарор доранд, бо ҳамин гуна мушкилот рӯбарӯ ҳастанд. Вале шароит ва авомили зоҳндаи ин мушкилот ва шеваҳои барҳӯрд бо онҳо дар ин ҷо ба гунаи дигар аст. Мушкил дар он аст, ки иқтисоди бозор барои ин кишварҳо падидаи тозаю ноошно аст. Бештари мардум аз нигоҳи моддию равонӣ ба ин низом омода набуданд ва он бароҳшон ҳатто номатлуб буд. Роҳи гузор ба иқтисоди бозорро ҳукуматҳо пеш гирифтанд ва ба ислоҳоти иқтисодию иҷтимоӣ, пеш аз ҳама ба хусусигардонии моликияти давлатӣ даст заданд. Зимнан, гузор ба низоми ҷадид на ба сурати тадричӣ (чуноне, ки дар Чин амалӣ мешавад), балки ба шеваҳои ифротӣ ва нодурусту бедодгарона сурат гирифта ва мегирад. Ин ҳолат боис шуд, ки иқтисоди ин кишварҳо на танҳо боло нарафт, балки баракс бештар сукут кард.

Нуктаи муҳими дигар ин аст, ки дар ин ҷо ислоҳоти иқтисодӣ ҳамзамон бо дигаргуниҳои сиёсӣ, яъне дар замони фурӯпошии давлати Шӯравӣ оғоз шуд. Давлати Шӯравӣ як муҷтамаъи воҳиди иқтисодӣ буд ва ҳар кадом аз ҷумҳуриҳо як қисми онро ташкил медод. Онҳо бидуни якдигар аз нигоҳи иқтисодӣ ноқис буданд. Яъне онҳо дар замони Шӯравӣ тавре марзбандию таъсис шуда буданд ва иқтисодашон ба гунае рушд мекард, ки ҳар яки онҳо ба танҳоӣ натавонанд ба масобаи як организми худкифои иқтисодӣ фаъолият кунанд. Пас аз фурӯпошии Шӯравӣ робитаҳои иқтисодӣ байни корхонаҳои ҷумҳуриҳои тозаистиқлол мушкил ё гусаста шуд. Ин ҳолат бӯҳрони иқтисодиро даман зад ва ногузир таназзули шадидро ба бор овард. Дар айни замон, сиёсатҳои молию пулии Русия боиси таваррумӣ сарсомовар гардид ва ҳамаи кишварҳоеро, ки дар ҳавзаи пули Русия, яъне рубл буданд, аз ҷумла Тоҷикистонро шадидан мутаассир сохт. Ин буд, ки дар ин кишварҳо бӯҳрони иктисодӣ, афзоиши бекорӣ ва таваррумӣ шадид ҳамзамон сурат гирифт. Ин ҳолат раванди берун омадан аз

бӯҳронро мушкилтару тӯлонитар сохт. Хусусан, барои чумҳуриҳое, ки аз лиҳози сиёсию иқтисодӣ ҳанӯз вобастаи Русия буданд ва роҳи иқтисоди бозорро ҳам ноогоҳонаю мукаллидона пеш гирифта буданд.

Дар солҳои 90-ум, дар шароити таназзули иқтисод, авҷ гирифтани бекорӣ ва таварруми шадид, мебоист, ки пеш аз ҳама суботи иқтисоди кишвар барқарор гардад. Бинобар ин, ҳадафи асосии Ҳукумати Тоҷикистон ва дигар мамолики ҳамсуд – маҳор кардани таварруми саркаш ва таъмин намудани суботи қиматҳои бозор буд, то ин ки шароит барои болораии иқтисод ва пойин овардани сатҳи бекорӣ мусойид гардад. Барои расидан ба ин ҳадафҳо, давлатҳо, маъмулан, аз абзорҳо ва шеваҳои гуногун истифода мекунанд. Муҳимтарини онҳо – сиёсати молӣ ва сиёсати пулӣ мебошад. Албатта, сиёсати даромадҳо ва танзими воридоту содирот низ нақши муҳим дорад. *Зимнан, шарти муҳим ин аст, ки ин сиёсатҳо бояд бар асоси шинохти дақиқи шароити мавҷуда тадвин ва сари вақту дуруст амалӣ шаванд ва дар сурати тағйир ёфтани авзоъ тасҳеҳ шаванд.* Барои ин лозим аст, ки ҳукуматдорон донишу маърифати баланд дошта бошанд. Аммо, ба иллати маҳдудияти будҷа, амалан вуҷуд надоштани пули миллӣ ва системаи бонкӣ, бесалоҳиятию бетаҷрибагии кадрҳо ва низоъи дохилӣ, ҳукумати Тоҷикистон имкони онро надошт, ки сиёсатҳои молию пулии худро мустақилона тадвин ва аз абзорҳои марбута ба таври муассир истифода кунад. Бинобар ин, таваррум бӯҳрони иқтисодӣ хеле амику тӯлонӣ шуд.

Ба иллати маҳдудияти будҷа, амалан вуҷуд надоштани пули миллӣ ва системаи бонкӣ, бесалоҳиятию бетаҷрибагии кадрҳо ва низоъи дохилӣ, ҳукумати Тоҷикистон имкон надошт, ки сиёсатҳои молию пулии худро мустақилона тарҳрезӣ ва онҳоро амалӣ кунад.

Ҳоло таваррум саркаш маҳор шуда ва суботи нисбии қиматҳо таъмин шудааст ва болоравии иқтисод оғоз ёфтааст. Дар ин марҳила ҳадафҳои асосии кишвар – афзоиши тавлидоти миллӣ, аз байн бурдани бекории иҷборӣ ва боло бурдани сатҳи зиндагии мардум мебошад.

ЧАРО СИЁСАТҲОИ МОЛИИ ТОҶИКИСТОН КАМСАМАРАНД?

Дар марҳилаи кунунӣ муҳимтарин ҳадафи сиёсати иқтисодии Тоҷикистон иборат аз боло бурдани сатҳи тавлидоту даромади мардум ва аз байн бурдани фақру бекорӣ мебошад. Албатта, барои расидан ба ин ҳадафҳо лозим аст, ки сармоягузориҳои бузург сурат гирад, корхонаҳои

зиёд дар ҳамаи бахшҳо, бавижа дар бахши тавлидоти моддӣ сахта шаванд. Ҳамчунон лозим аст, ки сифати "сармояи инсонӣ", яъне сатҳи донишу тахассуси кормандони ҳамаи бахшҳои иқтисоди кишвар ҷиддан боло бурда шавад, яъне садҳо ҳазор нафар мутахасисону кормандони моҳир барои кор дар риштаҳои мухталифи иқтисод тарбия шаванд. Барои ин мебояд, ки системаи омӯзишу парвариш аз поён то боло ҷиддан ислоҳ шавад. Ин кор ҳам маблағҳои зиёдро металабад.

Каму зиёд кардани молиёт низ дар шароити кишвари фақрзада мушкилро ҳал намекунад, агарчи рӯи об баровардани иқтисоди пушти парда мумкин аст даромади давлатро ба маротиб бештар созад.

Аммо иҷрои ин корҳои муҳим дар шароити мавҷуда басо мушкил аст, зеро имконоти молии кишвар хеле маҳдуд аст. Ҳукумат тавони онро надорад, ки харочоти худро аз хисоби будҷа ба маротиб афзоиш дихад ва ҳазинаи сохтмони корхонаҳои зиёдро ба ӯҳда бигирад. Бахши хусусӣ низ хеле заиф аст ва багумон аст, ки дар солҳои наздик даст ба сохтани пружаҳои бузург занад. Албатта, соҳибкорон метавонанд дар сохтани корхонаҳои хурду миёна дар шаҳрҳою дехоти кишвар саҳми фаъол дошта бошанд. Вале дар ин роҳ чанд монеъа вуҷуд дорад. Яке ин ки таъсису сабти ном кардани корхонаҳо ва фаъолияти онҳоро сахт мушкил сохтааст. Ин кор саргардониҳои зиёд дорад ва аксаран бидуни ришва додану "ҳомӣ" ёфтан ҳал намешавад.

Дигар ин, ки дар бисёр маворид гурӯҳҳои инҳисорталаб бозорҳоро байни худ тақсим кардаанд ва ба гуфтаи бисёриҳо, "онҳо намегузоранд, ки каси дигаре ба бозор ворид шавад". Ҳатто дар сурати пушти сар кардани ин монеъаҳо кор осон намешавад, зеро даҳҳо нафар нозирону муфаттишон аз идороту органҳои мухталиф пайиҳам "ташриф меоранд ва то "нахӯранд", ором намегузоранд".

Саввум ин, ки алорағми изҳороти мукуррари ҳукумат дар бораи зарурати рушди корхонаҳои хурду миёна, соҳибкорон аз ҷониби давлат амалан дастгирию пуштибонӣ намешаванд. Баракс, девонсолорию фасоди ҳукуматдорон соҳибкоронро дилсард месозад.

Ин худ далели он аст, ки қавонини марбута ҳам ноқисанд ва ҳам риоят намешаванд. *Дар кишвар қонун не, балки "зӯр" ҳоким аст.* Бинобар ин, лозим аст, ки заминаҳои ҳуқуқии таъсису фаъолияти корхонаҳои тавлидӣ ҷиддан ислоҳу такмил шавад ва ҳукумат аз мудохилаи бечо ба фаъолияти корхонаҳо даст кашида, озодию мустақилияти онҳоро амалан таъмин намояд. Ин боиси бехтар шудани фазои сармоягузорӣ ва ташвиқи соҳибкорони дохилию хориҷӣ мегардад ва ҳамзамон механизми бозорро фаъол месозад.

Ҳукумат, бинобар маҳдуд будани имконот ва камасар будани сиёсати молӣ, умеди худро ба ҷалби сармояи хориҷӣ бастааст. Аммо дар ин росто низ нукоти мубҳам зиёд аст. Гирифтани қарзаҳо аз манобеъи хориҷӣ матлуб нест, зеро дар ҳоли ҳозир қарзи хориҷии Тоҷикистон хеле бештар аз

будҷаи кишвар аст ва зиёдтар намудани он хатар дорад. *Гузашта аз ин, муассисоти байналмиллалӣ ва кишварҳои хориҷӣ мумкин аст дар ин шароит ба додани қарза розӣ нашаванд ва ё таҳти шароити сангин қарз бидиҳанд. Ин ба нафъи Тоҷикистон нест.* Роҳи дигар, яъне ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ бехтар ба назар мерасад. Вале мушкил ин аст, ки фазои сармоягузорӣ дар кишвар чандон мусоид нест.

Бинобар ин, масъалаи мусоид сохтани фазои сармоягузорӣ дар кишвар имрӯз яке аз муҳимтарин масоил аст. Ҳамзамон мебояд, ки шеваи коргузорӣ ва муносибати ҳукумат бо бахши хусусӣ дигаргун шавад. Бехтар он аст, ки як барномаи муфассали рушди иқтисоди кишвар бо ширкати намояндагони бахши хусусӣ тарҳрезӣ гардад ва ҳукумати кишвар сиёсатҳои молию пули худро ба манзури таҳаққуқи ҳадафҳои он барнома тадвин ва амалӣ намояд.

Тоҳири АБДУҶАББОР,
06 марти 2006

СИЁСАТҲОИ ТОҶИКИСТОН

Яке аз вижагиҳои системаи бозор (бозаргонӣ) ин аст, ки рушди иқтисод хислати даврӣ дорад, яъне иқтисоди кишвар баъд аз афзоишу болоравӣ ба ҳолати бӯҳронӣ дучор мешавад. Дар замони рукуд, ки маъмулан, аз чанд моҳ то 1,5-2 сол давом мекунад, ҳаҷми тавлидот пойин меояд ва шумори бекорон афзоиш меёбад. Сипас оҳиста оҳиста кишвар аз ҳолати бӯҳронӣ берун меояд ва иқтисод босуръат афзоиш ёфта, ҳаҷми тавлидоти миллӣ ба сатҳи болотар мерасад. Дар ин марҳила, ки 5-6 сол ё бештар давом меёбад, бекорӣ кам мешавад, муздҳо зиёд мешаванд ва бозорҳо равнақ меёбанд. Вале мушкили дигар пеш меояд: мумкин аст қиматҳо кам-кам боло раванд..., то замоне ки дубора замони рукуд оғаз гардад... Бинобар ин, ҳамаи давлатҳое, ки ба роҳи сармоядорӣ (иқтисоди бозор) пеш мераванд, мекӯшанд, ки бо се мушкили бузург – **рукуди иқтисод, бекорӣ ва таваррум** – муборизе кунанд. Аз ин ҷост, ки муҳимтарин ҳадафҳои сиёсати иқтисодии давлатҳо иборатанд аз: *боло бурдани сатҳи тавлид, (рушди иқтисод), пойин овардани сатҳи бекорӣ ва таъмин намудани суботи қиматҳо дар бозор.*

Зимнан, сиёсати рушду такомули бахшҳои иқтисоди кишвар, густариши равобити иқтисодии хориҷӣ ва таъодули содироду воридот, суботи нархи пули хориҷӣ ва... масоили дигар дар чаҳорчӯби сиёсатҳои иқтисоди калон бо дар назардошти манофеъи иқтисоди кишвар ва вазифаҳои (дар пеш истода) мубрами рӯз ва дурнамои он матраҳ ва ҳаллу фасл мешаванд. Муҳимтарин абзорҳо барои ҳалли ин мушкилот ва расидан ба ҳадафҳои иқтисоди калон – ин мудохилаи мустақими давлат ба равонд-

ҳои иқтисодӣ (**сиёсати молӣ:** афзудани харочот ва кам кардани молиёт) ва ё ба шеваи ғайримустақим танзим намудани иқтисод (**сиёсати пулӣ:** контроли арзаи пул барои таъсиргузорӣ ба нархҳои баҳра, ташвиқи сармоягузорӣ ё баракс), **сиёсати даромадҳо** (музди кор) ва **сиёсати иқтисоди хориҷӣ** мебошад.

Ҳукумати Тоҷикистон, ки роҳи гузор ба иқтисоди бозорро пеш гирифтааст ва бад-ин манзур тайи солҳои ахир як силсила ислоҳоти иқтисодиро амалӣ кардааст, дар тадвину амалӣ кардани сиёсатҳои иқтисодӣ мушкилоти фаровон дорад. Яке аз вижагиҳои иқтисоди Тоҷикистон ин аст, ки дар ин ҷо бӯҳрони иқтисодӣ, афзоиши бекорӣ ва таваррумии шадид ва тӯлонӣ ҳамзамон сурат гирифт. Ва ин мушкили кишварро мушкилтар сохт. Дар ин шароит ҳадафи асосӣ маҳор кардани таваррумии саркаш ва таъмин намудани суботи қиматҳои бозор буд. Ҳоло ки ин мушкил ҳал шуда ва болоравии иқтисод оғоз ёфтааст, ҳадафҳои асосии кишвар – *афзоиши тавлидоти миллӣ, аз байн бурдани бекорӣ ва боло бурдани сатҳи зиндагии мардум* мебошад. Ҳукумати Тоҷикистон барои расидан ба ин ҳадафҳо *зарурати афзудани сармоягузориҳо ва сиёсати ташвиқи сармоягузорон барои эҷоди корхонаҳои тавлидӣ, ба вижа корхонаҳои хурду миёна дар манотиқи мухталифи кишварро борҳо эълон намудааст.* ***Вале амалӣ кардани он хеле мушкил аст.*** Нахуст ин ки, будиҷаи кишвар хеле маҳдуд аст ва ҳукумат имкони сармоягузориҳои қобили мулоҳиза аз ҳисоби будиҷаро надорад. Бинобар он умеди бештар *аввалан*, ба ҷалби сармояи хориҷӣ баста аст. *Дигар* ин ки фазои сармоягузорӣ дар кишвар ҳанӯз ба андозаи кофӣ мусойид нест ва ин соҳибкорони дохилию хориҷиро ҷалб намекунад. *Саввум* ин, ки шеваҳои ғайри мустақими ташвиқи сармоягузорӣ аз роҳи амалӣ кардани сиёсати пулу қарза сурат намегирад. Сабабаш – *набуди мустақилияти ҳукумати Тоҷикистон, камсалоҳиятии он, вобастагии шадиди сиёсию иқтисодӣ аз Русия мебошад.* Иллати ин падидаи ҷадиду камназир на танҳо фурӯпошии ИШ ва гусаста шудани робитаҳои иқтисодии байни корхонаҳо ва нооромиҳои кишвар буд, балки ҳамчунон ва шояд бештар он буд, ки дар кишвар роҳи ислоҳоти иқтисодиро пеш гирифтанд ва он ҳам бидуни омодагии лозим, кӯр-кӯрона тақлидкорона ва ба шеваҳои нодуруст амалӣ мешавад. *Вобастагии сиёсию иқтисодии Тоҷикистон аз Русия низ таъсири манфӣ дошт:* таваррум аз он ҷо буд. Гушнаҳо нон мехоҳанд, тоҷикони нав – кӯшиши анбошти сармоя дар кӯтоҳтарин муддатро мекунанд. Музди каму эҳтиёҷоти бисёр зиёд – иштиҳои калон (дар муқоиса ба гузаштаҳо) ва дардисари бештар, рукуди таваррумӣ – ҳамаи ин дар маҷмӯъ ба мушкилоти сиёсатҳои Тоҷикистон мушкили дигар зам кардааст.

Зимнан, *равшан аст, ки сиёсат натиҷаи мусбат хоҳад дод, агар он дуруст ва бо дарку шиносхти дақиқи воқеъиятҳои мавҷуда тадвин шуда бошад ва дуруст амалӣ шавад.* Шарти ин кор донишҳои дуруст дар бораи вазъи мавҷуд ва чигунагии вазъи матлуб ва имконоти мавҷуда ва ше-

ваҳою абзори таҳаккуки сиёсат аст. Донишу маҳорати баланди кормандони дастгоҳи ҳукумат ва ҳамоҳанг сохтани ҳадафҳо бо соҳибкорон ва мардум ва ҷалби онҳо дар тадвину татбиқи он барномаҳо яке аз роҳҳои пешрафти сиёсат мебошад. Дар сурати камбуди дониш ва нодуруст муайян кардани ҳадафҳо ва шеваҳои расидан ба ҳадафҳо натиҷаи мусбат ба даст намеояд. Дар баробари ин шадидан лозим аст, ки хатти маш ва усулҳои расидан ба ҳадаф (амалӣ кардани хатти маши сиёсӣ) бо дарназардошти пешомадҳо ва тағйироти баамалоянда мушаххас карда шавад.

Ба назар мерасад, ки дар ин кор ҳукумати Тоҷикистон чандон муваффақ нест. Нахустин барномаи рушди иқтисоди кишвар танҳо баъд аз 10-12 соли истиқлолияти кишвар тадвин шуд ва он ҳам чандон воқеъбинона нест. Пеш аз ҳама дар сиёсатҳои ҳукумати Тоҷикистон мустақилият ва шафофият эҳсос намешавад

Дар сурати фурӯхтани Корхонаи алюминиюм мумкин аст, соҳиби нави он яке аз ширкатҳои Русия, ба эҳтимоли зиёд, ширкати "РУСАЛ" хоҳад буд, ки ин амал ба манофеи миллӣ хатари ҷиддӣ дорад.

Ислоҳоти иқтисодӣ дар Тоҷикистон идома дорад. Тахмин мешавад, ки имсол низ бархе аз корхонаҳои хурду бузурги кишвар, аз ҷумла корхонаи алюминиум фурӯхта хоҳанд шуд. Ин корхона барои иқтисоди кишвар хеле муҳим аст. Дар ҳоли ҳозир он беш аз 50% содироти Тоҷикистонро таъмин менамояд. Афзун бар ин, чанде пеш *Раиси ҷумҳур ба зарурати коркарди бештари алюминиум ва тавлиди маҳсулоти ниҳоӣ аз он дар дохили кишвар таъкид карда буд. Бидуни шак, ин андешаи солиму дуруст аст, зеро амалӣ кардани он ҳам даромади давлатро ба маротиб бештар месозад ва ҳам шумори зиёди мардум бо кор таъмин мешаванд.* ***Вале агар ин корхона фурӯхта шавад, нақшаи тавлиди маҳсулоти ниҳоӣ аз алюминиум дар дохили кишвар мумкин аст зери суол афтад. Хусусан, агар онро яке аз ширкатҳои хориҷӣ соҳибӣ кунад.*** *Чун имкони харидани он аз ҷониби шаҳрвандони Тоҷикистон хеле заъиф аст, метавон гуфт, ки соҳиби нави корхона яке аз ширкатҳои Русия, ба эҳтимоли зиёд, ширкати "РУСАЛ" хоҳад буд.* Усулан, чандон муҳим нест, ки соҳиби ҷадиди корхона кӣ мешавад, ба шарте ки ғаразҳои сиёсӣ дар миён набошад ва корхона пурсамар ва мувофиқи манофеъи миллии Тоҷикистон фаъолият кунад – ин ба манфиати кор аст. *Вале агар ғаразҳои сиёсӣ дар миён бошад, манофеи миллӣ зери хатар меравад.* Ин ки Корхонаи алюминиюм, гӯё ба хотири олуда шудани муҳити зист боиси ихтилофоти байни Тоҷикистону Узбакистон шудааст, аз ҷумлаи мухолифатҳои кишвари ҳамсоя мебошад.

Аслан, ба миён овардани ин шеваи муборизаи сиёсӣ аз тарафи ҳукуматдорони Узбакистон бар асари ғаризаҳои сиёсии ҳукумати ин кишвар аст ва ин ҳукумати метавонад ҳар лаҳза роҳи дахолатҳояшро дигар кунад. Ва чунин ба назар мерасад, ки ҳукумати ин кишвар мехоҳад ба корҳои ҳамсояҳо, бавижа Тоҷикистон ба шеваҳои гуногун дахолат кунад ва бо ин усул дар сиёсати минтақа нақши худро бештар равшан созад. Зеро пас аз суқути Шӯравӣ ҳукумати ин кишвар нақши пештараи худ – "раҳбари кишварҳои Осиёи Миёна"-ро бохтааст, ки аз ин ҳолати рухдода як миқдор нороҳат аст.

Бо ин ҳама, агарчи ислоҳоти Тоҷикистон ба шеваҳои бедодгарона ва ғоратгарона сурат гирифта ва мегирад, вале натиҷаҳои назаррас ҳосил шудааст: *унсурҳо иқтисоди бозор ба вуҷуд омадаанд ва механизми он каму беш кор мекунанд.*

Муайян кардани сиёсатҳои иқтисодии Тоҷикистон ва чигунагии низоми иқтисодию иҷтимоии кишвар кори соддае нест. Танҳо чизе, ки бо итминон метавон гуфт ин аст, ки дар кишвар дигаргуниҳои бунёдӣ сурат гирифта ва мегирад, ин аст, ки Ҳукумати кишвар эълон кардааст, ки аз низоми сусиёлистӣ даст кашида, роҳи гузор ба иқтисоди бозор, яъне низоми сармоядориро пеш гирифтааст ва бад-ин манзур ислоҳоти бунёдии иқтисодию иҷтимоиро амалӣ мекунад. Ин бад-он маъност, ки давлат аз барномарезию танзими иқтисод ва аз идораи кишвар бо шеваҳои амру фармондеҳӣ даст кашида, кори танзиму тавзеъи маҳсулоти миллиро ба ӯҳдаи бозор вогузор кардааст ё вогузор хоҳад кард. Албатта, ин танҳо хоси Тоҷикистон нест. Қариб ҳамаи кишварҳои сусиёлистии пешин чунин роҳро пеш гирифтаанд. Аммо натоиҷи кор дар ин кишварҳо яксон нест. Дар кишварҳои соҳили Балтик ва бархе мамолики дигари аврупоӣ дастовардҳои чашмгире ҳосил шудааст: механизми бозор кор мекунад, иқтисод хуб пешрафт мекунад, даромадҳо ва сатҳи зиндагии мардум хеле боло рафтааст.

Аммо дар Тоҷикистон аҳвол ба гунаи дигар аст. Дар ин ҷо агарчи бештари корхонаҳоюмуассисот хусусӣ шудаанд ва баъзе унсурҳои бозор хусусан дар бахши тиҷорат ба вуҷуд омадааст, вале бозор ҳанӯз вазоифи худро иҷро намекунад, яъне масъалаи чи навъ колоҳо, чигуна ва барои киҳо тавлид карданро бозор таъйин намекунад. Дар ин масойил ҳанӯз ҳукумат тасмим мегирад ва мекӯшад, ки ба мисли гузаштаҳо ҳама зери фармону тахти "раҳбарии хирадмандонаи" ҳукуматдорон кору зиндагӣ кунанд. *Яъне ҳукумат ҳанӯз аз амру фармондеҳӣ даст накашидааст.*

*

Тоҳири АБДУҶАББОР,
17 марти 2006

БА КУҶО МЕРАВЕМ?

Беш аз сад сол аст, ки халқи тоҷик давраи таҳаввулотро аз сар мегузаронад. Андешаҳои тоза ва кӯшишҳои берун шудан аз қайду бандҳои ҷомеаи суннатӣ ва гузаштан ба низоми сармоядорӣ ҳанӯз дар охирҳои садаи 19 ва ибтидои садаи 20 рӯнамо шуда буданд. Вале бо омадани болшевикон роҳу равиш ва самти ҳаракат тағйир ёфт. Дар кишвар роҳи сохтани ҷомеаи коммунистиро пеш гирифтанд ва 70 сол "тахти раҳбарии хирадмандонаи ҲК ва давлати Шӯравӣ" мо ба ин роҳ рафтем, дурусттараш моро ба ин роҳ бурданд. Дар нихоят, ҳукуматдорон, яъне коммунистҳо аз сохтмони коммунизм даст кашиданд ва роҳи гузор ба иқтисоди бозорро пеш гирифтанд. Ҳоло ҳукуматдорони мо, ки асосан иборат аз ҳамон коммунистони замони Шӯравӣ мебошанд, моро ба сӯи ҷомеаи сармоядорӣ мебаранд. Яъне марҳалаи гузариш ҳанӯз ҳам идома дорад.

Дар Душанбе ва шаҳрҳои дигар манзилҳои муҷалале бунёд шудааст, ки соҳибони онҳо аксаран масъулони ҳукумат ва ё шахсони наздик ба онҳоянд. Вале манбаи даромади молии ин одамон хеле машкук аст.

Албатта, ин роҳи тозае нест. Кишварҳои пешрафта онро чандсад сол пештар аз мо тай карда буданд. Вале раванди гузори мо ба низоми ҷадид дар шароити дигаре сурат мегирад. Бинобар ин, он вижагиҳои худро дорад. Дар кишварҳои Ғарб гузор аз низоми феодалӣ ба низоми сармоядорӣ муддати хеле зиёдро дарбар гирифт. Дар он ҷо ҳам раванди анбошти сармоя тӯлонӣ буд ва ҳам эъмори ҷомеаи санъатӣ. Дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Шӯравии пешин мекӯшанд, ки ин роҳро дар муддати ба маротиб кӯтоҳтар тай кунанд. Бинобар ин, мардуми мо гирифтори мушкилоти иқтисодию фишорҳои рӯҳии бештар мебошанд.

Дар Ғарб тахриби ҷомеаи суннатӣ ва гузор ба ҷомеаи санъатӣ ҳамзамон бо инқилобҳои илмию техникӣ ва таҳаввулоти амиқ дар идеолоҷӣ ва ҷаҳонбинии мардум сурат мегирифт. Озодии андешаю баён ва ковишу навовариҳо бештар мешуданд. Сатҳи донишу тахассуси ҷомеа торафт баландтар мешуд ва мардум ба таҳаввулоту шароити ҷадиди фаъолиятҳои иқтисодӣ бештару бештар омода мешуданд. Ҳамзамон бо пешраф-

ти илму техника самарабахшии кор боло мерафт, сармояи зиёд анбошта мешуд, корхонаҳои санъатии тоза ба тоза ва бузургтару пурсамартар сохта мешуданд ва дигаргуниҳои ҷиддӣ дар сиёсату идеолужии кишварҳо рӯнамо мешуданд ва муносиботи иқтисодию иҷтимоӣ ва фазои ҳуқуқию маънавии ҷомеа таҳаввул мекард. Рӯиҳамрафта, ин марҳалаи гузор муддати 200-300 солро дар бар гирифт.

Аммо дар Тоҷикистон бештари мардуми мо ба шароити иқтисоди бозор омода набуданд. Сатҳи донишу тахассуси онҳо низ ҷавобгӯи муқтазиёти замон нест. Озодии андешаю баён ва раҳоӣ аз таасубҳою қайду бандҳои ҷомеаи суннатӣ низ ҳанӯз танҳо орзӯи равшанфикрон аст.

Дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Шӯравии пешин ҳамон равандҳо, ҳамин дигаргуниҳо сурат мегиранд, ба ин тафовут, ки *аввалан*, ин равандҳо дар муддати басо кӯтоҳтар сурат мегиранд; *дуввум*, шароити таърихию сиёсӣ дигар аст. Ҳоло раванди ташаккулёбии бозори ҷаҳонӣ ва иқтисоди воҳиди ҷаҳон бо суръат ҷараён дорад. Марзҳои кишварҳо то рафт шаффофтару бозтар мешаванд ва дигар наметавонанд садди роҳи воридоту содироти колоҳо, сармоя, нирӯи кор ва ба вижа иттилоот бошанд. *Севвум*, эҳтиёҷот дигар аст, яъне хеле бештар аз гузаштаҳо аст, яъне барои таъсиси корхонаҳои санъатӣ сармояи бештар ва техноложии муосир лозим аст, то фаъолияти он пурсамар бошад. *Чаҳорум*, эҳтиёҷоти мардум ва таркиби тақозою масрафи онҳо ба маротиб бештар аз имконоти онҳо аст. Аз як сӯ, сатҳи даромаду имконоти молии онҳо маҳдуд аст, вале аз сӯи дигар, дар натиҷаи таъсири сатҳи болою таркиби мутанаввеъи масраф дар кишварҳои пешрафта ва таблиғоти густардаи онҳо аз тариқи васоити ахбори дастаҷамъӣ ("демонстрационный эффект"), онҳо низ мехоҳанд, ки ҳамаи он колоҳо ва амволи кишварҳои пешрафтаро дошта бошанд. Яъне хоҳишҳои мардуми ин кишварҳо бо имконоти воқеъии онҳо созгор нест: Имконоти маҳдуди иқтисодӣ дар шароити як кишвари ақибмонда аз як тараф ва майли масраф ва зиндагӣ кардан ба мисли кишварҳои пешрафта аз ҷониби дигар, чигунагии мушкилоти ин кишварҳоро таъйин мекунад. *Яъне мушкил ин аст, ки ин кишварҳо пасмондаанд, вале мехоҳанд ҳаҷму таркиби масрафи кишварҳои пешрафтаро дошта бошанд.* Зеро эҳтиёҷоти марфӯъношуда, тақозои мавқуф гузошташуда хеле зиёд аст. Яъне "гушна" мебошанд ва мехоҳанд ҳар чи зудтар "сер" шаванд, ҳар чи зудтар сармояи зиёд биандӯзанд, ҳар чи зудтар санъатӣ шаванд, ҳар чи зудтар хонаҳои муҷаллалу муҷаҳҳаз бо тамоми анвоъи васоили техникию майишӣ, мошинҳои гуногуну ком-пютару соткаю... дошта бошанд. Вале равшан аст, ки бароварда сохтани ин ҳама хоҳишҳои бепоён фақат бо меҳнати ҳалол муяссар намешавад. Бинобар ин, барои расидан ба ин ҳадафҳо даст ба аъмоли ношоиста мезананд ва бархе аз ҳеҷ гуна пастию палидиҳо ва фиребу найранг ва ҳатто чинояткорӣ ҳазар намекунанд. Дар ҷомеа ҷоҳталабию дурӯғу риёкорӣ, фасоди ахлоқию таназзули маънавӣ, бемаърифатию бефарҳангӣ густариш

меёбад, арзишҳои ахлоқию инсонӣ бекадр мешаванд. Фароянди чунин рафтор инҳитоти ҷамеаю давлат аст.

Гуфтаанд, ки дар (зери ин гунбади кабуд, дар дунёи бемаънии одамон, дунёи бӯқаламун) дар ин дунёи пуршарру шӯр ҳеҷ чизи тозае нест. Ҳама чизи тоза нусхаи падидаи фаромӯшшуда аст, такрори гузаштаҳост. Фақат, дар шароити нав обу ранги тозае доранд. Ҳамон талошҳои мазбӯҳона аз баҳри қонеъ сохтани нафси амора, ҳамон озмандиҳо, ҳамон шарру шӯру тапиданҳою давиданҳои бемаънию хастакунанда, ҳамон равандҳои сиёсию ичтимоӣ ва иқтисодӣ. Ҳамон ихтилофоту ҳамон карию кӯриҳо, ҳамон якдигарнофаҳмию носозгориҳо. Ҳамон масеҳосифатию ворастагии афроди маъдуду ҷаҳолати бепоёну ғуломсифатии тӯдаҳо, ҳамон созандагию ҳамон худкушиҳо, ҳамон зодану мурданҳо…

Дар ин дунё ҳама чиз гузарон аст, ҳама чиз ҳамвора дар ҳоли тағйиру таҳаввул аст, ҳама чиз фанопазиру нестшаванда аст, ҳеҷ чизи истою устувор ва ҷовид нест. Вале дар ин сарзамин дар тӯли садаҳо сукути нисбӣ хукмфармо буд. Ҷомеъа ба монанди мурдобе буд, ки аз ҳама гуна пешрафту таҳаввул ба дур аст.

Гурӯҳе аз ширкаткунандагон дар маросими ёдбуди устод Тоҳири Абдуҷаббор, Душанбе, 25 апрели соли 2009.

Тоҳири АБДУҶАББОР,
23.04.06.

РАВШАНФИКРОН ВА ИДЕОЛОГИЯ
"Ҷуръати донистанро дошта бош"

Дар ин сарзамин тайи садаҳои зиёд тасаллути сиёсии аҳвоми бегона, режимҳои истибдодӣ ва идеологияи бандагӣ ҳукмфармо будааст ва ин амр боиси гусаста шудани раванди пешрафти ҷомеъа гардидааст.

Хӯ гирифтан ба тобеъият ва пайомадҳои он. Тавре ки маълум аст, халқи тоҷик дар гузашта давлати бузургу тавоно ва сарзамини басо паҳновар доштааст ва дар давоми садаҳои зиёд яке аз пешрафтатарин халқҳои ҷаҳон будааст ва дар пешрафти тамаддуни башарӣ нақши хеле муҳим бозидааст. Дар ин сарзамини бузург мардуми озода ва сарбаланд зиндагӣ мекардаанд ва озодагию ҷавонмардӣ ва ростию додгарӣ муҳимтарин вижагии ниёкони мо – ориёиҳо будааст. Аз ин рӯ, мардуми ориёиро **"озодагон", "мардон" ё "озодмардон"** мегуфтаанд, ки инро метавон дар осори бисёре аз шоирону нависандагони мо низ мушоҳида кард. Барои намуна:

Ҷу бисёр аз ин достон бигзарад,
Касе сӯи **озодагон** нангарад.
(Фирдавсӣ).

Ва ё:

Туркон ба пеши **мардон**, з-ин пеш дар Хуросон,
Буданд хору оҷиз ҳамчун зани сароӣ,
Имрӯз шарм н-ояд **озодазодагон**ро,
Карданд ба пеши туркон пушт аз тамаъ дутоӣ.
(Носири Хусрав).

Вале дар натиҷаи тасаллути сиёсию идеологии бегонагон, халқи тоҷик на танҳо аз ҳукумати миллӣ ва тавони муҳофизати худ аз шарри таҷовузгарони бегона маҳрум шудааст, ӯ ҳамчунон аз **истиқлолияти фикрӣ** аз имконоти рушди андешаҳои сиёсию иқтисодӣ ва илму техника низ ба дур мондааст. Мардум маҷоли онро надоштаанд, ки ба майлу муроди хеш кору зиндагӣ кунанд, дар эҷоди ҳукуматҳо ва умури идораи кишвар ширкат намоянд ва дар бораи масоилу падидаҳои сиёсию иҷтимоии ҷомеа ба таври васеъ ковиш ва андешаю баҳс кунанд. Режимҳои салтанатию тоталитарӣ ва ҳокимони фурӯмояю мустабид, бо истифода аз зӯр ва мубаллиғони зархаридшон, рӯҳияи ғуломиро талқин кардаанд, то мардумро дар зери фармони худ нигаҳ доранд. Дар кишвар озодии андешаю баён аз байн бурда шуда, як фазои тираву тор, як истибдоди идеологӣ ҳукмфармо гардидааст. *Дар натиҷа, мардум рӯҳияи озодагию*

озодандеширо аз даст дада, аз асли худ дур шудаанд ва ба фармонбардорию бандагӣ хӯ гирифтаанд. Раванди табиии рушду такомули ҷомеъа гусаста шудааст ва он аз худравию худсозӣ ва навоварӣ боз мондааст. **Зеро рушди маънавӣ ва пешрафти фарҳанги ҷомеъа танҳо дар шароити озодии сиёсӣ имконпазир аст**, на дар шароити режимҳои истеъморию истибдодӣ. Аз ин ҷост, ки бештари дигаргуниҳои сиёсию идеологӣ ва иҷтимоию иқтисодие, ки дар ин сарзамин то ин замон ба вуқӯъ пайвастааст, натиҷаи рушду такомули дарунии ҷомеаи мо набудаанд. Он ҳама назму низом ва расму ойинҳо дар ин сарзамин нарӯидаанд, аз даруни ҷомеъаи мо сар назадаанд ва парвариш наёфтаанд. Он ҳама дигаргуниҳо аксаран бидуни иродаю ихтиёри мардуми мо сурат гирифтаанд ва натиҷаи ҷабран тахмил кардани иродаи бегонагон будаанд.

Дар воқеъ, тавре ки маълум аст, ислом на дини падарони мост ва на мо ба ихтиёри худ онро қабул кардаем. Пеш аз ислом дар сарзамини паҳновари мо ойини зардуштӣ роиҷ будааст, ки бахше аз мардуми Ирону Ҳинд имрӯз ҳам аз он пайравӣ мекунанд. Дар миёни мардуми мо низ баъзе аз унсурҳои он ҳанӯз ҳам боқист. Дар садаи 3 мелодӣ ва садаҳои баъдӣ ойинҳои Монию Маздак ва будоию масеҳӣ низ дар миёни мардуми мо интишор ёфтааст. Тозиён пас аз забт кардани сарзамини мо кӯшидаанд, ки ҳамаи ин оинҳоро аз миён бардоранд ва ба ҷои онҳо дини исломро бо зӯри шамшеру табар ба сари мардуми мо бор кунанд, то ин ки халқи моро то абад тобеъи худ гардонанд. Ҳокимони тангназару фурӯмоя ва мутаасиби даврони баъдӣ (турку муғулу манғит) низ дар ин кор басо кӯшиш ба харҷ додаанд.

Тавре ки маълум аст, *низоми пӯсидаи феодалию ҳукуматҳои мустабидро, ки то аввалҳои садаи 20 дар сарзамини мо ҳукмрон буд, мо аз байн набурдаем. Ин корро русҳо анҷом доданд.* Ҳамчунон низоми сармоядорӣ натиҷаи рушду такомули равандҳои иқтисодию ичтимоии халқи тоҷик набуд. Унсурҳои низоми сармоядориро дар охирҳои садаи 19 ва аввалҳои садаи 20 русҳо ба Осиёи Миёна оварданд ва болшивикон онро якчо бо феодализми пӯсидаи ин сарзамин бо зӯр аз байн бурданд. Андешаҳою мафоҳими сиёсӣ, аз қабили ҳукукҳои инсон ва шаҳрванд, баробарӣ, ҳукумати қонун, низоми мардумсалорӣ, муносиботи нави иҷтимоию иқтисодӣ, низоми навини омӯзишу парвариш ва ғайра, ки хоси низоми сармоядорӣ аст ва дар ин авохир ба забону фарҳанги мо ворид шуданд, низ маҳсули рушди худи ин ҷомеа набуданд.

Низоми сотсиалистиро ҳам дар кишвари худ мо насохтаем. Ин русҳо буданд, ки баъд аз инқилоби соли 1917 бо зӯри силоҳ низоми кӯхнаро аз байн бурданд ва ба ҷои он низоми сотсиалистиро дар Русия ва дар Осиёи Марказӣ барпо карданд ва таи даҳсолаҳои баъдӣ идеологияи кумунистию низоми, ба истилоҳ сотсиалистиро пойдор нигаҳ доштанд.

Сиёсати бозсозии сотсиализмро ҳам на мо, балки худи русҳо "аз боло" оғоз карданд. Дар Тоҷикистон (ва дар маҷмӯъ дар ОМ) онро ба мисли

ҳамаи дигар сиёсатҳои Маскав "маъқул" шумурда, зоҳиран пуштибонӣ карданд, вале дар амал дигаргунии чашмгире рӯнамо нашуд. Дар солҳои 1985-91 донишмандону сиёсатмдорони Русия, Украин ва ҷумҳуриҳои назди Болтику Қофқоз тайи мақолоту баёнияҳои худ аз минбарҳои пасту баланд, аз ҷумла аз минбари Анҷуманҳои намояндагони халқҳои ИҶШС (Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сусиёлистӣ – баргирифта аз русӣ ИҶШС – Союз Советских Социалистических Республик), иштибоҳоту нуқсонҳои низоми мавҷуда ва сиёсатҳои ғалати ҲКИШ (Ҳизби Кумунисти Иттиҳоди Шӯравӣ – баргирифта аз русӣ ҲКИШ – Коммунистическая Партия Советского Союза) ва ҳукуматро ошкор ва сахт танқид карданд. Дар рӯзномаҳою маҷаллаҳо ва родиёю тилвизиони Русия ва дигар ҷумҳуриҳои бахши Аврупоии Иттиҳоди Шӯравӣ (ИШ) даҳҳо ва садҳо мақолоту гуфторҳои ҷиддӣ нашру пахш шуданд, ки тамоми мардуми Шӯравиро ба ҳаяҷон оварданд. Номи чунин шахсиятҳои илмию сиёсӣ ба мисли Сабчаку Попов, Сахарову Яковлев, Шмелёву Афанасев, Нуйкину Евтушенко, Горбачеву Ельцин.... ва даҳҳою садҳо олиму сиёсатмадори дигар ба сари забонҳо афтод.



Ин тандис тақассуми хеле рӯшани сиёсати ҳукумати Шӯравист.

Вале таи ин давра аз ҷониби мақомоти расмии Тоҷикистон ва афроди вобастаи онҳо садое баланд нашуд. Агарчи мушкилоту масоили мо камтар аз Русия ва ё дигар ҷумҳуриҳо набуданд, ягон мақолае ё баёнияи ҷиддие дар бораи нуқсонҳою иштибоҳоти сиёсати ҲКИШ ва ҳукуматдорони марказию маҳаллӣ, дар бораи назария ва амалияи сотсиализм дар ИҶШС ва бавижа дар Тоҷикистон, ба табъ нарасид. Намояндагони Тоҷикистон дар анҷуманҳои халқҳои ИҶШС ҳамчунон хомӯш буданд. Агарчи мо Фарҳангистони улум, даҳҳо донишгоҳҳо ва садҳо нафар олимону омӯзгорон доштем, таи 60-70 соли гузашта ягон мақола ё рисолаи ҷиддӣ дар бораи норасоиҳои назарияи сотсиализм ва раванди сохтмони он дар кишвар навишта нашуд. Ҳар чизе, ки навишта ва гуфта шуд, асосан аз "маъқул" донистану "пуштибонӣ" кардани сиёсатҳои раҳбарони ҳизбу давлат ва мадҳу санои онҳо иборат буд. Гӯё дар ин сарзамин ба ақли солим қаҳтӣ омада буд. Агарчи ҳама чиз аён буд, вале арзёбию баён нашуд. Албатта, ақлҳои солим, ашхоси бомаърифату рашандил дар миёни мардуми мо ва ҳатто дар ҲКИШ ва ҳукумати кишвар кам набуданд. Вале назму низом ва сиёсати ҲКИШ ба гунае буд, ки аз тарси ҷон касе лаб во намекард. Нахуст, ин ки Тоҷикистон, агарчи ба монанди ҷумҳуриҳои дигари Иттиҳоди

Шӯравӣ расман (яъне аз рӯи қонун) давлат эълон шуда буд ва Қонуни Асосию парчами миллию ҳукумату дигар нишонҳои як давлатро дошт, вале дар воқеъият на давлат буду на ҷумҳурӣ. Он на ҳукумате дошту на ихтёроте. Тоҷикистон дарвоқеъ мустамликаи Русия буд ва ба монанди дигар вилоятҳои Русия аз Маскав идора мешуд. "Раҳбарон"-и ҲК Тоҷикистон ва идораҳою вазоратхонаҳои ба ном ҳукумати Тоҷикистон ҳама дастнишондаҳои Маскав буданд ва танҳо амру фармонҳо ва нақшаҳои Маскавро иҷро мекарданд. Онҳоро аз боло то пойин аз Маскав таъйин мекарданд ва аз Маскав барканор мекарданд. Ҳар касеро, ки дар иҷрои фармонҳои ҳукуматдорони Русия сустӣ мекард, базудӣ ҷазо медоданд. Халқи тоҷик дар таъйин ё барканор кардани "раҳбарон" нақшею таъсире надошт. Пас аз қатлиомҳои солҳои 20 ва "чистка"-ҳои (поккориҳои) паёпайи даҳсолаҳои баъдӣ, ҳамагон дарёфта буданд, ки "агар ҷони солим хоҳӣ, ба ҷуз аз мадҳу санои ҲКИШ ва Ҳукумати Шӯравӣ ҳеҷ магӯ". Онҳое, ки ҳатто каме интиқод ё эътироз мекарданд, тамғаи "унсури буржуазӣ", "душмани халқ","миллатчӣ", "зиддисоветӣ", "антипартийный" ва… ба пешонаашон мезаданд. Сипас ё мекуштанд, ё зиндонаш мекарданд, ё якҷо бо хонаводааш ва хешу табораш ба Сибир бадарға мекарданд, ё ҳадди ақал аз вазифа барканор мекарданд. *Аммо узви ҲКИШ шудан ва пайваста садоқату вафодории худро ба мақомоти ҳизбу давлати Шӯравӣ нишон додан ва таърифу тамҷиди онҳоро кардан – роҳи асосӣ ва шарти муҳимми расидан ба мақому мансаб, соҳиб шудан ба "ҷойҳои гарм"у "нони равғанӣ" ва роҳи осони ришва гирифтану дуздӣ кардан ва мол андӯхтану "мӯҳтарам" шудан буд.* Аз ин рӯ, бисёр касон узви ҳизб мешуданд, то аз неъматҳою имтиёзот истифода кунанд. Онҳо ҳатто то зинаҳои болои мақомоти ҳизбу давлат роҳ меёфтанд, агарчи аз марксизму назарияи сотсиализм огоҳие надоштанд.

Раҳбарони ҲК марксизмро ба як догма, ба як навъ мазҳаб табдил дода буданд ва ба монанди дигар мазҳабҳо, чуну чаро кардану шакк овардан ва баҳс карданро намепазируфтанд. Онҳо танҳо бовару итоат кардан ва имон овардану мадҳу сано гуфтанро мехостанд. Табиист, ки дар чунин шароит, дар ҷое ки ҳақиқатпарастию ростгӯӣ "гуноҳ" асту, фармонбардории кӯр-кӯронаю хушомадгӯӣ – ҳусн аст, дар миёни зердастон, дар ҷомеъа хӯю рафтори ғуломона пайдо ва густариш меёбад. Байни гуфтору кирдор ва андешаю баён фосила эҷод мешавад ва дурӯғу риёкорӣ сиккаи роиҷ мегардад. Бисёр дидаем, ки як корманди боҳушу огоҳ дар сӯҳбатҳои хусусӣ гуфтори пучу бемаънии раҳбарони ҳизб ва ё руасои идораҳою муассисаҳоро сахт танқид мекард, онҳоро бемағзу аблаҳу… мехонд, вале дар ҷаласаҳо онҳоро таърифу тавсиф мекард. Зарбулмасали русии "Ты начальник – я дурак; я начальник – ты дурак" ("Ту раис – ман аблаҳ; ман раис – ту аблаҳ") ҳукми қонунро дошт. Чун аксари раҳбарону кормандони муассисоти илмию донишгоҳҳои Тоҷикистон низ узви ҲКИШ буданд ва аз дасти он мансабу ҳуқуқ мегирифтанд, чорае надоштанд.

ҷуз ин ки сиёсату фармонҳои ҲКИШ-ро "маъқул" дониста, онро "сармашқи кори худ" қарор диҳанд, ҳатто агар бидонанд, ки ғалат аст. Албатта чунин ҳолат равони одамро тахриб мекунад ва шахсияти касро мекушад. Вале дар чунин шароит, мардум офияти худ ва хайри хонаводаи худро "дар карию кӯрию гунгӣ" медиданд. Охир, ба гуфтаи нависандаи маъруфи Туркия Азиз Несин, "хар кас зану фарзанд дорад ва агар аз худ гузарад ҳам, наметавонад аз хайри зану бачааш бигзарад". Илова бар ин, бисёре аз онҳо тоҷик набуданд ва ё тоҷиконе будад, ки аз фарҳангу арзишҳои миллии мо дур шуда, комилан дар хидмати Маскав қарор гирифта буданд. Бо дарназардошти нукоти дар боло баёншуда ва ҳам адами истиқлолияти сиёсию фикрии мардуми тоҷик, ҳолати нӯқаронаи раҳбарони Тоҷикистон, сатҳи пойини маърифати сиёсии ҷомеъа, зердасту ночор будан ва хӯи бардагӣ доштани бештари мардум, мушкил нест бифаҳмем, ки чаро бо вуҷуди он ҳама мушкилоту масоил аз арбобони ҳизбу давлат ва аз "интеллигенсия"-и Тоҷикистон садое, эътирозе баланд нашуд.

Ин худ нишону далели равшани он буд, ки дар ин сарзамин, на танҳо тӯдаҳои мардум огоҳу озод нестанд, балки "раҳбарони" ба истилоҳ давлати Тоҷикистон низ ихтиёре надоранд ва дар мақоми нӯқарони "Марказ" ҳастанд.

Ин буд, ки ман бори нахуст дар моҳи июни соли 1989 таи номае ба дабири авали КМ ҲК Тоҷикистон ва сипас дар мақолае, ки дар рӯзномаи "Комсомолец Таджикистана" чоп шуд, пешниҳод кардам, ки дар Тоҷикистон пости (мақоми) президенти кишвар таъсис шавад ва он, президент, аз ҷониби тамоми мардуми Тоҷикистон интихоб гардад. *Мурод аз ин пешниҳод – шикастани механизми тобеъияти раҳбарони Тоҷикистон аз Маскав ва ба даст овардани озодию ихтиёроти бештар барои онҳо ва кишвар буд.* Чун президент – баландтарин мақом дар системаи идории як кишвар аст, интихоби он аз тарафи мардум аз нигоҳи ҳукукӣ ин маъноро дорад, ки Тоҷикистон як давлати соҳибихтиёр аст ва раҳбарони он ҳаққи ҳукумат карданро аз мардуми Тоҷикистон ба даст меоранд, на аз Маскав ва дар назди мардуми худ масъулият дорад, на дар пеши Маскав. Албатта, ман медонистам, ки ҳатто президенти Тоҷикистон ҳам сад дар сад соҳибихтиёр нахоҳад шуд ва лагоми он ҳам дар дасти Маскав хоҳад буд, чуноне ки ҳатто баъд аз барҳам хӯрдани ИШ президентҳои Тоҷикистон, ба монанди котибони обкомҳои собиқ, барои "салому таъзим кардан" ба Маскав мерафтанд. Вале умед буд, ки ҳукумати Тоҷикистон боҷуръаттар ва бештар аз пеш дар ғами мардуми худ хоҳанд шуд. Афсӯс, ки он замон раҳбарони Тоҷикистон ин ва чандин пешниҳодҳои баъдии ману дигар равшанфикрони тоҷикро напазируфтанд…

Котиби аввали КМ ҲК Тоҷикистон дар посух ба ман гуфт, ки "*ин кор ношуданӣ аст. Имрӯз интихоби ҳатто як раиси колхоз ё ноҳия бе ҷанҷолу кашмакаш намегузарад. Ту хаёл мекунӣ, ки интихоби президенти кишвар кори осон аст?*". Ман аз рӯи мантиқ ҳарф мезадам – ӯ аз рӯи

вақеъиятҳо. Ӯ холати кишварро ва чигунагии хӯю хислати атрофиёнаш, бозиҳои пуштипардагии гурӯҳҳои қудратталаби дохили ҳизби кумунист ва сатҳи пойини огаҳии мардумро хуб медонист ва дуруст арзёбӣ мекард. *Ман, ки аз он вижагиҳо, аз ихтилофоти дохили ҳизбу ҳукумат огоҳ набудам, фикр мекардам, ки мардуми мо хеле огоҳу бомаърифатанд ва беҳтар аз онанд, ки ӯ мегӯяд. Гузашта аз ин, ман бовар доштам, ки ҳарфи мантиқию дурустро ҳамагон мепазиранд ва бояд бипазиранд, ҳатто агар ба судашон набошад.* Дарвоқеъ, ҳамаи онҳое, ки ман мешинохтам (асосан аҳли илму адаб, кормандони фарҳангистони улум, донишгоҳҳо, матбуот…), мардуми огоҳу рашанфикр ва ғамхори халқу Ватани худ буданд ва бар хилофи ҳукуматдорону ҳукуматталабон, ҳеҷ гуна ғарази шахсӣ надоштанд. Бино бар ин, далели ӯ, ба назари ман, чандон қонеъкунанда набуд. Гузашта аз ин, ӯ ҳеч нагуфт, ки худи андеша дар бораи президенти Тоҷикистон, усулан дуруст аст ё не. Агар ӯ воқеъиятро таъйид мекард ва мегуфт, ки "дарвоқеъ ҳам, ҳуқуқҳои халқи тоҷик риоят намешавад, забону фарҳанги мо зери по шудааст ва мардуми мо ҳақ доранд, ки дар Ватани худ, дар хонаи худ мисли инсон зиндагӣ кунанд ва забону фарҳанги худро ҳимоят кунанд. Ва интихоби президенти Тоҷикистон, шояд, яке аз роҳҳои ҳалли ин мушкилот бошад… Вале ҳанӯз замони ин кор нарасидааст…", шояд сӯҳбати мо ранги дигар мегирифт…

Ба ҳар сурат, дар ҳоле ки раҳбарони ҳизби кумунисту ҳукумати чумҳуриҳои дигари ИШ (барои намуна, чумҳуриҳои назди Болтика ва ҳатто Ӯзбакистон) аз ҳаққу ҳукуқи мардуми худ ошкоро пуштибонӣ карданд, раҳбарони ҲК ва ҳукумати Тоҷикистон таи солҳои баъдӣ (1990 ва 1991) ҳам аз ҳаққу ҳукуқи халқи тоҷик ошкоро пуштибонӣ накарданд. Ҳадди *ақал як бор, барои таскини дил, нагуфтанд, ки "эй, рафиқон! Ин ҷо Тоҷикистон аст ва тоҷикон ҳақ доранд, ки дар хонаи худ мисли тоҷик зиндагӣ кунанд".* Агар Маҳкамов чунин мегуфт, тавре ки ман чанд бор ба ёрони худ гуфта будам, мо омода будем, ки ӯро ба сари худ бардорем. Зеро дар он замон ягона масъалаи муҳим – мавзӯъи сохибихтиёрии халқи тоҷик буд ва бахше ҷонибдори он буданд ва бахше (асосан раҳбарони ҳизбу ҳукумати Тоҷикистон) – зид. Ва ин танҳо чизе буд, ки бештари равшанфикрони тоҷикро мухолифи сиёсати ҲК ва хукумати кишвар, аз ҷумла ШО, ки ҳама аз кумунистон иборат буд, сохта буд. *Гуфтаи Маҳкамов, дар бораи ин ки сатҳи маърифати сиёсии мардум поин аст ва аз ин рӯ миёни навоҳию манотиқи кишвар ихтилоф бештар аст, то иттиҳод – воқеъбинона ва дуруст буд.* Инро рӯйдодҳои баъдӣ низ исбот карданд. Вале, ба ҳар сурат, ба назари ман, мухолифати ҲК ва хукумати Тоҷикистон барои эҷоди давлати миллии Тоҷикистон ва ба таъхир андохтани он, иштибох буд. **Ман мӯътақидам, ки агар мо давлати миллӣ медоштем, агар сари вақт урдуи миллӣ ташкил мешуд ва Кумитаи амният ва Вазорати кишвар на дар хидмати Маскав, балки сад дар сад дар ихтиёри давлати Тоҷикистон мебуд, хунрезиҳои моҳи феврали соли 1990, митингҳои**

пурдавом, кандани пайкараи Ленин, ҷанги дохилӣ ва таназзули иқти-сод ва маорифу фарҳанги кишвар, ки ҳама натиҷаи тавтеъаҳои душманони халқи тоҷик буданд, ҳеҷ гоҳ сурат намегирифт. *Агар мо давлати миллӣ медоштем, дастикам ҳақиқати он ҳама рӯйдодҳо, сабабҳою омилҳо ва тарроҳону амаликунандагони онҳо то ба ҳол пӯшида намемонданд. Агар мо ҳукумати миллӣ медоштем, он, аввалан, намегузошт, ки чунин фоҷеъаҳо пеш оянд ва ба фарзи маҳол, агар чунин чизе сурат мугирифт, ҳукумати миллӣ онро ҳамаҷониба барасӣ мекард ва ба ҷои сӯзондани ҳуҷҷатҳои муҳим дар бинои Кумитаи Марказии ҲК ва Кумитаи Амнияти Тоҷикистон дар моҳи маи соли 1992, ба ҷои дурӯғбофию пинҳон кардани воқеъиятҳо, ҳақиқати ҳолро ба мардум мегуфт ва гунаҳкоронро ба сазои амалашон мерасонд.* Донишмандон гуфтаанд, ки **"ҷони халқе, ки давлати миллии худро надошта бошад, ҳамеша дар хатар аст"**. Таърих гувоҳ аст, ки ин маънӣ сад дар сад дуруст аст.

Бозмондаҳои идеулужии шӯравӣ чи дар Русия ва чи дар Тоҷикистон барои давлати аздастрафтаашон ҳанӯз ҳам ашки ҳасрат мерезанд, вале тааҷубовар ин аст, ки тоҷикони ин равия ҳеҷ гоҳе дар бораи ҳаққу ҳуқуқи мардуми тоҷик ҳарфе намезананд.

Дар ин миён, танҳо бахше аз равшанфикрони тоҷик ва созмону ҳизбҳои тозабунёд буданд, ки дар мақолоту баёнияҳои худ сиёсатҳои нодурусти ҲҚИШ ва беадолатиҳои ҳукуматдорон дар Тоҷикистонро танқид карданд ва демократсию соҳибихтиёрии халқҳоро, аз ҷумла халқи тоҷикро талаб мекарданд. Озодихоҳони тоҷик, бавижа Созмони Мардумии Растохез умед доштанд, ки *агар дар кишвар низоми мардумӣ (мардумсолорӣ) мустақар гардад ва ҳукуматро мардум интихоб кунанд, ҳукуматдорони Тоҷикистон дар хидмати мардум хоҳанд буд ва аз ҳаққу ҳуқуқ, забону фарҳанг ва манофеъи миллии мардуми кишвар пуштибонӣ хоҳанд кард.* Вале хоҷаҳо ва ғуломакони таҳҷоишон ба синаҳои озодихоҳон ханҷар заданд. Таърих такрор мешавад…

Бад-ин тартиб, дар Тоҷикистон назарияю амалияи сохтмони "сотсиализм" ва фаъолиятҳои ҲҚИШ ба таври васеъ баррасию накд нашуд. Гузашта аз он, халқи тоҷик барҳам додани низоми сотсиалистиро ҳам талаб накард, чун на танҳо тӯдаҳои васеъи мардум, балки ҳатто кумунистони мо моҳияти сотсиализмро дуруст намедонистанд ва ҳоло ҳам намедонанд. Сотсиализмро болшевикони Русия сохтанд. Кумунистони он кишвар, бар асари сиёсати ғалату фасодкорӣ ва амали ғайриодилонаи

худ, он низомро ба ҳолати бӯҳронӣ расонданд ва худашон ба бозсозии сотсиализм шурӯъ карданд. Дар ниҳоят, худашон аз он низом даст кашиданд. *Халқи тоҷик, ҳамон тавре ки дар сохтмони социализм ихтиёре надошт, дар барҳам додани низоми коммунистӣ низ саҳме надорад.* Мардуми мо, дурустараш ҳукуматдорони Тоҷикистон, ки зери фармони русҳо кӯр-кӯрона ба сӯи "коммунизм" мерафтанд, акнун кӯр-кӯронаю муқаллидона, ба пайравӣ аз русҳо, гӯё аз сотиализм даст кашидаанд.

Ҳамин гуна, халқи тоҷик на дар эҷоди давлати ба ном Иттиҳоди Шӯравӣ ихтиёре дошт ва на дар кори барҳам додани он. Он давлате, ки ба номи Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) вуҷуд дошт, дар асл на давлати Шӯравӣ буд, на сосиёлистӣ ва дар он ҷо на ҷамоҳире буду на иттиҳоде. Дарвоқеъ, он як давлати воҳиди тоталитарӣ буд. Дақиқтар бигӯем, ҳамон империяи мустамликадории Русия буд, ки *дар асри 19 дар натиҷаи сиёсати таҷовузгаронаи ҳукумати подшоҳии Русия ва забт кардани Осиёи Миёна ва дигар сарзаминҳо сохта шуда буд. Пас аз ба сари қудрат расидани болшивикон номашро ИҶШС гузошта буданд.* Вале моҳияти сиёсати он дигар нашуд. Моҳиятан ИҶШС – ҳамон империяи тоталитарии Русия буд ва беш аз пеш озодию истиқлолияти халқҳо ва забону фарҳанги онҳоро зери по мекард… Он ҳамчунон **давлати ғайри қонунӣ буд,** *зеро Созишномаи соли 1922 дар бораи сохтани ИҶШС на бо хоҳишу розигии миллатҳо, балки зери фишору таҳдиди сарони давлати Русия тавассути чанд нафар "намояндагони Ҷумҳуриҳои Шӯравӣ" имзо шуда буд.* Ин воқеъиятҳоеанд, ки онҳоро дар Ғарбу Шарқ ҳама медонанд ва таи солҳои ахир донишмандону сиёсатмардони Русия, аз ҷумла донишмандони маъруфи таърих, иқтисод ва сиёсати он кишвар Ю.Н.Афанасев, Г.Х.Попов, А.Н.Яковлев, Р.Медведев, А.Арбатов, О.Латситс, Э.Паин ва дигарон низ борҳо эътироф кардаанд. *Маҳз сиёсати азаматталабонаю бузургманишонаи Русия, кӯшишҳои раҳбарони он дар ҷиҳати русисозии халқҳои ғайрирус ва иштибоҳоту беадолатиҳои ҳизби коммунист ва давлати Шӯравӣ боиси авҷ гирифтани ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ гардид, ки он оқибат ба фурӯпошии Империя анҷомид.* Фурӯпошии ИШ натиҷаи бероравии худшиносии миллатҳо (асосан дар ҷумҳуриҳои қисмати Аврупоии ИШ) ва авҷ гирифтани муборизаи онҳо бар зидди сиёсатҳои ғалати миллии сарони ҲҚИШ буд. Чун ҲҚИШ ҳам қудрати сиёсиро дар ИШ дар даст дошт ва ҳам сохтмони низоми сотсиалистиро раҳбарию идора мекард, заработ ба ҲҚИШ, ҳамзамон заработ ба сотсиализм гардид ва ин низом низ барҳам хӯрд. Ва аммо раҳбарони Тоҷикистон ва бештари мардуми мо дар ин равандҳо низ нақше надоштанд. Ба ҳар сурат, вақеъият ин аст, ки ҳукуматдорон ва бештари мардуми мо бар зидди Империяи Русия барнахостанд, барои озодию истиқлолияти халқу Ватани худ мубориза набурданд ва барҳам додани низоми сосиалистиро низ талаб накарданд.

Гузашта аз инҳо, имрӯз чунин вонамуд мешавад, ки гӯё мо аз низоми сотсиализм ва аз режими тоталитарӣ даст кашида, ба сӯи демократӣ ва

иқтисоди бозаргонӣ меравем. Вале равшан аст, ки *ин роҳро ҳам мо огоҳона ба ақлу ихтиёри худ интихоб накардаем…*

Хулоса, хеҷ кадоми ин назму низомҳо ва роҳу равишҳоро мо ба ақли худ нашинохтаем ва ба ихтиёри худ қабул ё рад накардаем. Ин ҳама дигаргуниҳо маҳсули рушду такомули дарунии ҷомеаи мо набудаанд. Моро ба ин роҳҳо дигарон бо зӯр бурдаанд. Мо фақат, мисли бардагон (ё рамаи гӯсфандон), ба ҳар ҷое, ки рондаанд, рафтаем, ё мисли кӯроне будему ҳастем, ки дигарон кашон-кашон ба ин ҷою ба он ҷо бурдаанду мебаранд. Ва мо ҳам, бе он ки бидонем – ба кучо ва чаро мебаранд, зери фармони дигарон итоаткорона қадам мезанем. Мо намедонем, ки дар он ҷое ки моро мебаранд, моро чи рӯзгоре интизор аст ва оё ин ҳама дигаргуниҳое, ки сурат мегиранд, мувофиқи манфиатҳои миллии мо ҳастанд ва ояндаи беҳтареро барои тамоми мардуми мо таъмин мекунанд ё на. Ва аслан ҳеҷ моро напурсидаанд ва намепурсанд, ки чи мехоҳем ва ба кучо мехоҳем биравем. Хоҷаҳои ваҳшисифату нӯкарони зархариди онҳо, ки аз фурӯмоягишон иддаои сарварию раҳбарӣ доштанду доранд, моро гӯё ба ҷое мебаранд. Ва мо ҳам, мисли ғуломон, бидуни чуну чаро, бидуни эътироз меравем… Ба ҳар ҷое, ки баранд..., хоҳ ба ҷаҳаннам…

Дар бораи ин, ки аз ҷиҳати илму техника ва технологияи муосир ҷомеъаи мо то чи андоза ақиб мондааст, хоҷати гап ҳам нест. **Сиёсати хирадситезона ва идеологияи илмкуши ҳокимони мустабиду "рӯҳониён"и ҷоҳил** *дар дарозои садаҳо мардуми моро аз ҳама гуна пешрафти илму техника ба дур нигаҳ доштааст.* Дар ҳоле ки дар кишварҳои Аврупоӣ ва бисёр кишварҳои дигар, аз баракати озодии андешаю баён ва ҷунбиши равшангарӣ ва рушди илми таҷрибию назарӣ, дар чандсад соли ахир ба дастовардҳои ҳайратангез ноил шудаанд ва имрӯз ҳатто ба таҳқиқи сайёраҳои дигар пардохтаанд, дар ин сарзамин ҳеҷ навоварие дида нашудааст. Имрӯз дар кишвари мо мардум аз гуна-гуна васоили техникӣ, аз мошину трактор, аз қатору (поезду) ҳавопаймо, аз родиёю телевизион, видиёю кампютер ва ҳазорон гуна абзори техникӣ ва маҳсулоти санъатӣ истифода мекунанд, вале дар ихтроъ кардану сохтани ҳеҷ кадоми онҳо камтарин саҳме нагирифтаанд. Агарчӣ дар замони Шӯравӣ мардуми мо то андозае бо дастовардҳои илму техника ошноӣ ҳосил карданд ва ҳатто донишгоҳҳою фарҳангистони улум бунёд шуданд ва як теъдод олимони барҷаста зуҳур карданд, вале, рӯиҳамрафта, мо аз сатҳи лозима хеле дурем. *Гузашта аз ин, дар солҳои ахир, бар асари сиёсати бехирадонаи ҳукуматдорони кунунии кишвар, сатҳи маориф дар Тоҷикистон ба гунаи фалокатбор поин амадааст. Оқибатҳои даҳшатангези ин кор баъд аз солҳо намудор мегарданд.* **Зарбаи мудҳише, ки ҳоло ба системаи илму маорифи Тоҷикистон зада мешавад, ин, амалан, зарба ба пайкари халқи тоҷик, ба ояндаи он аст, ва онро тайи даҳсолаҳои зиёд ҳам наметавон ҷуброн кард.** Ин комилан равшан аст ва танҳо нокисулақлон наметавонанд инро дарк кунанд.

Ин ҳама далели он аст, ки бар асари аз даст додани истиқлолияти сиёсӣ, тақсиму пора шудани сарзамин ва халқи тоҷик ва дар натиҷаи дар тӯли садаҳои зиёд зери хукмравоии сиёсию идеологии бегонагон қарор гирифтани он, раванди табиии пешрафти ҷомеаи мо гусаста шудааст ва он аз худравию худсозӣ, аз рушду такомули дарунӣ боз мондааст.

Бинобар ин ки тайи садаҳои зиёд дар кишвари мо режимҳои тоталитарию ҳокимони худкома ва идеологияи бардагӣ ҳукмфармо будааст, **бештари мардуми мо рӯҳияи озодагию озодандеширо аз даст дода, аз асли худ бегона шудаанд ва ба ночор ба тобеъияту фармонбардорӣ, ба хӯйи ғуломӣ одат кардаанд.** Озодагон ба бандагон мубаддал шудаанд. Ба гуфтаи шоир ва мутафаккири бузурги Иқболи Лоҳурӣ:

"Мулкро ойини салмонӣ намонд,
Хоки Ирон монду **ironӣ** намонд"....
(**ironӣ**, *яъне орёӣ, тоҷик, мардуми озоду сарбаланд*).

Нишонаҳои бемаърифатию азхудбегонагӣ ва хӯйи ғуломӣ дар тамоми соҳаҳои зиндагии ҷомеъаи мо – ҳам дар сиёсат, ҳам дар иқтисод, ҳам дар шеваи кори порлумону хукумати Тоҷикистон, ҳам дар гуфтору кирдори бисёр касон бахубӣ ошкор аст. Ин нишонаҳо бавижа дар рӯйдодҳои солҳои 90, ки давраи муборизаи халққои Шӯравӣ барои истиқлолиятшон буд, ба равшанӣ намоён шуданд.

Таърих гувоҳ аст, ки тамоми халқҳои дунё ҳамеша барои озодию истиқлолияти худ мубориза кардаанд. Барои намуна, халқи бузурги Ҳиндустон беш аз сад(!) сол барои озодии мардуму Ватани худ мубориза кардааст ва саранҷом дар соли 1947 ба муроди хеш расидааст. Ҳамин гуна тамоми халқҳои мазлуми Осиёю Африқо ва Амрикои Шимолию Ҷанубӣ дар натиҷаи муборизаҳои пурдавом соҳиби истиқлолият шуданд. Дар ин авохир кишварҳои Аврупои Шарқӣ низ ба озодӣ расиданд. Онҳо барои озод шудан аз султаи ҲКИШ, аз бахри сотсиализм ҳам гузаштанд ва бо шитоб худро ба домани "душманони" дирӯзаашон – НАТО (Созмони низомии Атлантики Шимолӣ) ва Иттиҳодияи Аврупо андохтанд, то ҳар чи зудтар аз шарри Маскав халос шаванд. Онҳо аз Русия чун аз вабо фирор карданд ва мекунанд. Чанде аз кишварҳои дигари Шӯравии пешин (аз ҷумла Украина, Гурҷистон, Молдовиё...) низ дар паи ҷустуҷӯи чунин роҳе ҳастанд. Ин ҳама далели дуруст будани андешаи таърихшиноси англис Лорд Актон аст, ки гуфтааст: **"рӯиҳамрафта, таърихи башар – таърихи муборизаи барои озодӣ аст".** Файласуфи бузурги Олмон Карл Ясперс низ навиштааст, ки *"ҳамаи халққо, ҳамаи инсонҳо... якдилона дар талаби озодиянд... Ва ҳама корҳое, ки инсонҳо бар он мекӯшанд, ба хотири озодӣ аст", зеро "чун озодӣ аз даст биравад, ҳама чиз аз даст меравад".* (Карл Ясперс, "Смысл и назначение истории", М., 1994, с.166)

* Вале дар Тоҷикистон мо шоҳиди чизи дигаре будем, чизе ки гузаштаҳои дурро ба ёд меорад. Қариб ду ҳазор сол пеш аз ин, замоне ки дар Руми бостон ғуломонро озод мекарданд, баъзе аз ғуломон ба назди хоҷагони

худ меомаданд ва хоҳиш мекарданд, ки онҳоро дубора ба ғуломӣ бипазиранд. Зеро онҳо чунон ба хӯи ғуломӣ одат карда буданд, ки намедонистанд чи гуна озодона зиндагӣ кунанд. Дар солҳои 1989-93 дар Тоҷикистон, мутаассифона, мо рафтори ғуломонаи ҳукуматдорону бахше аз мардуми кишварамонро дидем. Бештари раҳбарони ҳизби кумунисту ҳукумати Тоҷикистон дар чунин марҳалаи сарнавиштсоз, на танҳо ягонагии мардуми кишварро таъмин накарданд ва якҷо бо мардуми кишвар барои озодию истиқлолияти халқу Ватани худ талош накарданд, балки баракс, **онҳо ва бахше аз сокинони кишвар бар зидди озодию истиқлолияти халқи тоҷик ва рушди забону фарҳанги он бархостанд.** *Онҳо, ки солиёни зиёд бандагии русҳоро мекарданд ва гурӯҳе ҳам дар хидмати ӯзбакҳо қарор доштанд, даст ба домани русҳою ӯзбакҳо зада, гуфтанд, ки мехоҳанд пас аз ин ҳам гуломи онҳо бошанд.* **Онҳо парчами давлати империи Русияро баланд карда, бо фармону кӯмаки ҳарбии урусҳою ӯзбакҳо бар зидди равшанфикрону ватанпарастони тоҷик бархостанд** *ва ба ҷои он ки аз забону фарҳанг ва ҳаққу ҳуқуқи миллати худ посдорӣ кунанд, ба куштори озодихоҳони тоҷик пардохтанд. Яъне онҳо як бори дигар бемаърифатию табиати гуломонаи худро зоҳир карда, худро ба домани хоҷаҳошон андохтанд ва якҷо бо лашкариёни ӯзбаку рус ба тоҷиккушӣ даст заданд.*

Дар гузаштаҳо низ чунин хиёнатҳо борҳо сурат гирифтааст, яъне гурӯҳе аз ҳамватанони мо ба душманони таҷовузгар пайваста, якҷо бо онҳо ҳаммиллатони худро саркӯб кардаанд.

Дар акс: *Хурӯҷи нирӯҳои Шӯравӣ аз Афғонистон, соли 1979.*

* Ҷолиб аст, ки дар гузаштаҳо низ чунин хиёнатҳо борҳо сурат гирифтааст, яъне гурӯҳе аз ҳамватанони мо ба душманони таҷовузгар пайваста, якҷо бо онҳо ҳаммиллатони худро саркӯб кардаанд. Намунаҳои чунин хиёнаткориҳою худкушиҳо дар навиштаҳои бисёре аз таърихнигорону пажӯҳишгарон, аз ҷумла дар китоби "Тоҷикон"-и Б.Ғафуров оварда шудааст. Аз ин рӯ, баъзеҳо мо, тоҷиконро "худкушу бегонапарвар" номидаанд. Ҳолдоне бо ишора ба он рӯйдодҳо гуфтааст, ки *"дар тӯли беш аз ҳазор соли ахир ҳамвора корамон калтакхӯрию саркӯбшавӣ будааст. Гоҳ моро задаанд, гоҳ мо худро. Ҳай бар сари мо заданду мо ҳай бар сари худ задаем, ки ҳеҷ магзе дар сарҳомон намондааст ва акнун ҳар чи меку-нем, нишоне аз бемагзию аблаҳӣ дорад...".*

Пас аз фурӯпошии ИШ ҳукуматҳои ҳамаи кишварҳои сотсиалистии пешин ба манзури иҷоди назму низоми навин ислоҳоти бунёдии иқти-

содию сиёсиро оғоз карданд ва он то ба ҳол идома дорад. Мутахассисон ва аҳли сиёсат иқтисоддонон ва сиёсатмадорон бар онанд, ки кишварҳои Шӯравии пешин ҳоло дар марҳилаи гузор ба иқтисоди бозаргонӣ қарор доранд Тайи солҳои ахири ҳукумати Шӯравӣ бисере аз равшанфикрон дар бораи зарурати идеоложизудоии ҷомеа, бавижа ниҳодҳо ва сохторҳои давлатӣ зиёд ҳарф мезаданд. Зеро идеоложии ҳоким хислати мутлақу фарогир дошт. Он ба як догма табдил ёфта, ҳамаи соҳаҳои зиндагии ҷомеаро иҳтиво мекард ва аз мардум риояти бечуну чароро талаб мекард, яъне озодии андешаю баёнро аз инсонҳо салб намуда буд. *Ин ҳолат боиси рукуди иқтисоду фарҳанг гардида, садди роҳи пешрафти ҷомеа шуда буд.* Яъне идеологияи марксизм-ленинизм, ки ба мақсади эҷоди як назму низоми ҷадид ва таъмини озодии инсонҳо ва ҷомеаи додгар амалӣ мешуд, дарвоқеъ натоиҷе ба бор овард, ки мувофиқи ниятҳои аслиаш набуд. Бархе бар онанд, ки дар ИШ андешаҳои Маркс дуруст амалӣ нашуданд, яъне таҳриф шуданд ва зери шиори сотсиализму коммунизм як омезаи капитализму феодализми давлатӣ сохта шуд. *Ҷолиб он аст, ки чунин ҳолат дар таърих борҳо иттифоқ афтодааст, яъне борҳо чунин ҳолат пеш омадааст, ки беҳтарин ниятҳо дар амал бадтарин натоиҷро ба бор овардаанд.* Ҳамин гуна аст сарнавишти бисере аз идеоложиҳо ва андешаҳои сиёсию иҷтимоӣ, аз чумла дину ойинҳои зардуштӣ, масеҳӣ, ислом, коммунистӣ, либиролӣ, мардумсолорӣ ва дигар идеологияи хурду бузург, ки тайи садаҳои ахир дар кишварҳои мухталиф амалӣ шудаанд.

Дар кишвари ақибмонда, маъмулан, афкори иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ низ ақибмонда аст. Ин ҳолат ҳам дар маҳдуд будани доираи андешаҳо ва ҳам дар умқи ками онҳо зоҳир мешавад. Ин ақибмондагӣ дар он зоҳир мешавад, ки <u>аввалан</u>, доираи андешаҳо хело маҳдуданд ва масоилу мавзӯъҳои зиёдеро дар бар намегиранд. Бисёр маъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангии ҷомеа таҳлилу таҷзия ва бозтоб намешаванд. <u>Дигар</u> ин ки андешаҳо ба андозаи кофӣ амиқ нестанд. <u>Саввум</u>, ин ки онҳо (андешаҳо) ба таври дурусту дақиқ баён намешаванд. *Мушкили ин аст, ки дар бисёре аз риштаҳои улум мафоҳиму истилоҳоти пазируфтаю ҳазмшуда ҳанӯз вуҷуд надорад ё бисёриҳо аз вуҷуди онҳо огоҳ нестанд огоҳии дуруст надоранд.* Бинобар ин, дар ҷомеаи мо аз мафоҳиму истилоҳоти муҳиму калидӣ истифодаи дуруст сурат намегирад. Ва ин, яъне корбурди нодурусти онҳо, боиси ғалатфаҳмиҳо ва ҳатто ихтилофи назарҳо мегардад.

"Куфр – пӯшондани (пинҳон кардани) ҳақиқат аст" *(Абдурауфи Мухлис. "Тафсири "Анвори Қуръон").*

Тоҷикистон аз ҷумлаи чунин кишварҳост. Дар ин сарзамин дар тӯли садаҳои зиёд режимҳои истибдодию истеъморӣ ҳукмфармо буданд ва бад-ин сабаб афкори сиёсию иқтисодӣ рушд наёфта буд. Дар шароити режими тоталитарии давлати Шӯравӣ низ афкори иҷимоӣ, ба ижа афкори сиёсӣ дар кишвари мо рушд накард. Зеро зиндагии маънавӣ ва рушди афкори иҷтимоӣ танҳо дар шароити озодии сиёсӣ имконпазир аст. *Ва*

ҳар ҷо ки идеология бар афкори мардум ҳоким ва илм тобеъи сиёсат бошад, дар он ҷо пешрафт намешавад. Ин нуктаест, ки дурустии онро таърих собит намудааст ва донишмандони зиёде бар он таъкидҳо кардаанд. Фақат як мисол. Президенти Фарҳангистони (Академияи илмҳои) Чин дар оғози даҳаи 80 садаи гузашта, ба ин нукта ишора намуда гуфта буд, ки "натиҷаи фаъолияти олимони ҷомеашиносии Чин дар 30 соли гузашта баробари сифр (нол) аст. Сабаб он аст, ки дар Чин илм тобеъи сиёсат ва пойбанди идеоложии ҳоким буд. Ҳар ҷо ки чунин аст, ҳақиқат ошкор намешавад ва илм пешрафт намекунад".

Дар замони Шӯравӣ сатҳи донишу маърифати мардуми кишвар, аз ҷумла мардуми Тоҷикистон дар муқоиса бо гузаштаҳо хеле боло рафт. Дар кишвар макотибу донишгоҳҳо ва муассисоти илмӣ таъсис шуданд, мутахассисони зиёд дар риштаҳои мухталиф тарбия шуданд ва як силсила олимони барҷаста зуҳур карданд. Вале бо ин ҳам, метавон гуфт, ки афкори иқтисодию сиёсӣ дар Тоҷикистон дар даврони Шӯравӣ рушд наёфта буд. Он ҳанӯз ҳам мисли гузаштаҳо зайиф аст ва ҷавобгӯи муқтазиёти замон нест. Агарчи дар кишвар таҳаввулоти амиқ бунёди сурат мегирад, афкори сиёсию иқтисодӣ оҳоро бозтоб намекунад, таҳлилу таҷзия ва таъмиму натиҷагирӣ намекунад ва роҳу равишҳои ҳалли мушкилотро пешниҳод намекунад. Аз ҷараёни зиндагӣ хело акиб мондааст. Яке аз сабабҳои чунин ҳолат он аст, ки *дар замони Шӯравӣ озодии андешаю баён вуҷуд надошт. Дар шароити режими тоталитарӣ илму маърифат тобеъи сиёсат буд ва муҳаққиқон маҷоли баён кардани андешаҳои мугойир ва мухолифи идеологияи ҳокимро надоштанд. Хусусан, дар Тоҷикистон ва дигар ҷамоҳире, ки соҳибихтиёр набуданд.* Онҳо маҷбур буданд, ки "таълимоти марксизм-ленинизмро ягона таълимоти дуруст ва илмӣ" шумурда, ба он такя кунанд ва "сиёсатҳои хирадмандонаи ҲКро маъқул дониста, онҳоро пуштибонӣ ва амалӣ намоянд". Чунин рафтор хоси ҳама гуна ҷомеаи тоталитарӣ мебошад.

Афкори иқтисодию сиёсӣ дар Тоҷикистон дар даврони Шӯравӣ рушд наёфта буд ва ҳанӯз ҳам заъиф аст ва ҷавобгӯи муқтазиёти замон нест.

Равшан аст, ки сину сол, таҷрибаи зиндагӣ, касбу кор, зарфиятҳо ва тавоноии зеҳнии афроди ҷомеа мухталиф аст. Бино бар ин, сатҳи дониш, бардоштҳо ва шеваи тафаккуру баёни онҳо яксон нест. Яке саводаш ба ҳаддест, ки наметавонад номи худро дуруст бинависад. Фонди луғавии бисёриҳо аз хазор ё ду хазор вожа таҷовуз намекунад. Бо вуҷуди маҳдудияти донишу огаҳохои хеш, ӯ худро донои ҷаҳон меҳисобад ва дар бораи ҳама чизу ҳама кас қотеъона доварӣ ва ҳукм мекунад. Дигаре ба монанди

"доиратулмаъорифи зинда" аст, аз адабу ирфон ва улуми гузаштаю имрӯзи башар баҳраманд шудааст. Ба водии ҳайрат расида ва аз "нодон" будани хеш огоҳ шудааст. Аз ин ру, андешаҳо ва боварҳои инсонҳо низ мухталифанд ва аз ҳам дуру ҳатто бо ҳам нозосгор. Агар инро ҳам дар назар бигирем, ки инсонҳо табиатан завқҳои мухталиф ва эҳсосу ғаризаҳои мутафовит доранд, баъзеҳо ҳарису мағруру худбину ҷоҳталаб ва бадкораю дарандахӯянд, баъзеҳо ҳалиму меҳрубону кариму сахӣ... янд, равшан мешавад, ки хамфикрию якрангӣ дар тамоми масоил миёни инсонҳо имконпазир нест. Ин як амри табиист ва барои ҷомеа ба чуз аз тахаммул кардани гуногунрангии андешаю рафтори инсонҳо чорае нест.

Бузургон гуфтаанд: "Бандаро раҳо кунӣ, озод нашавад". Яъне банда мумкин аст аз қайду бандҳои хоҷааш раҳоӣ ёбад, вале танҳо бо ин амал ба пояи инсони озод намерасад. Зеро барои инсони озод шудан маърифате лозим аст, ки банда онро надорад. Мо худ шоҳиди дурустии ин андеша ҳастем. Дар "ҷумҳурии озоду мустақил ва давлати демократику ҳуқуқбунёд..."-и худ мо рӯҳияи озодагию ворастагиро камтар мебинем. **Аз гуфтори родиёю телевизион, аз матолибу баҳсҳои нашрияҳо ва аз сӯҳбатҳои ҳамватанонамон андешахою гуфтори ғуломона комилан ошкор аст, аз онҳо бӯи ғуломӣ меояд.** Эҳтирому арҷ гузоштан бар дигарон ва фурӯтанию хоксорӣ ва риояти одоби сухан ғуломӣ нест, балки ҳусн аст ва нишони фарҳанги волои шахс аст. *Вале таърифу тавсифи бечо, бутсозӣ, дурӯғу риё ва чопалусию косалесӣ, чокарӣ... гуломӣ аст. Ғулом на танҳо он аст, ки зархариду тобеъи касе бошад ва маҷбур бошад, ки амру фармони хоҷаашро бе чуну чаро итоат ва иҷро кунад; ғулом, беш аз ҳама он аст, ки рӯҳи озод надошта бошад, пойбанди андешаю гуфтори дигарон ва ё зери фармони ҳавою ҳавасҳои худ бошад.* **Вижагии инсони озод доштани андешаи озод аст. Зеҳни ӯ бояд аз ҳама гуна догмаҳо ва пешдовариҳо пок ва омодаи шунидани андешахои мухталиф ва таҳлилу таҷзия кардани онҳо ва нек шинохтану натичаи дуруст гирифтан аз онҳо бошад.** Баъзеҳо дар бандагӣ озоданд, дигарон – дар озодӣ ғулом. Эпиктетус расман ғуломи як марди сарватманди румӣ буд, вале рӯҳи озод дошт. Хеле касоне будаанду ҳастанд, ки зохиран озоданд, вале дар вокеъ ғуломанд. Онҳо рӯҳи озод надоранд, бандаи андешаю гуфтори дигарон ва ҳавою ҳавасҳои хешанд...

(Ин навиштаи устод Тоҳири Абдуҷаббор ба назар нотамом аст ва мо идомаашро натавонистем то ҳанӯз пайдо кунем. Аммо дар ҳамин миқдори бадастомада ҳам андешаҳои ворастаи ин доништманд хеле рӯшан ва омӯзанда ҳастанд, ки онро ба ихтиёри биниши шумо вогузоштем).

Тоҳири АБДУҶАББОР,
12.10.06

САБАБҲОИ ГУСТАРИШИ ФАСОД ДАР ТОҶИКИСТОН

Яке аз мушкилоти доғи Тоҷикистон фасод аст. Он мисли торҳои анкабут тамоми бахшҳои фаъолияти ҷомеаро фаро гирифтааст. Барасиҳои Маркази таҳқиқоти истратежии Тоҷикистон ва муассисаҳои байнулмилалӣ нишон медиҳад, ки фасодкорӣ дар ҳамаи зинаҳои идораи давлатӣ, дар корхонаҳои санъатию кишоварзӣ, муассисоти тиббию тиҷоратӣ, дар мактабҳою донишгоҳҳо, ҳатто дар оргонҳои муҳофизати ҳуқуқ ривоҷ ёфтааст. Дар ин миён кормандони комитаҳои андозу гумрук, амволи давлатӣ, маҳкамаю додситониҳо ва муассисаҳои молӣ бештар олудаи фасод мебошанд. Ин аст, ки Тоҷикистон яке аз фосидтарин кишварҳои ҷаҳон шинохта шудааст.

МАФҲУМИ ФАСОД

Маъмултарин шакли фасод дар муносибот бо мақомоти давлатӣ – ришвахорӣ аст. Тавре ки мегӯянд, дар кишвар ҳеч мушкиле бидуни ришва осон намешавад. Робитаҳои хешу таборӣ, маҳалгароию қавмгароӣ, ёру ошнобозиҳо, дуздии амволи давлатӣ, зӯроварӣ ва "харидани мансабдорон" низ дар густариши фасод нақши муҳим дорад. *Мансабдорони воломақом хешу табор ва ҳамшаҳриҳояшро сарфи назар аз донишу лаёқатшон ба курсиҳои мансаб мешинонанд. Аксаран, ба ивази пули нақд ва ё насия.* Онҳое, ки аз чунин роҳ соҳиби мансаб мешаванд, аз афроди вобастаю корафтода ришва мегиранд ва дар ин кор низ хушу табор ва ёру ошноҳо нақши миёнаравро иҷро мекунанд. Баъзеҳо мансабҳои давлатиро "мехаранд", яъне ҳазорҳо доллар ришва дода, соҳиби мансаб мешаванд. Равшан аст, ки ҳадафи чунин афрод, пеш аз ҳама, бо истифода аз мансаб ришва ситондан ва ба даст овардани пули бештар аст. Зимнан, дар ҷараёни кор як ҳиссаи маблағҳои ҷамъ кардаашонро ба мақомоти болотару болотар мерасонанд.

Натиҷаи ришвахорӣ, пеш аз ҳама, ин аст, ки соҳибкорону тоҷирон маблағҳои ба сифати ришва додаашонро ба қамати колоҳо зам мекунанд. Аз ин рӯ, қиматҳо дар бозор боло мераванд. Мардум ба ночор колоҳоро бо қиматҳои баланд харидорӣ мекунанд. Яъне, дар ниҳояти кор, ришваро аксаран тоҷирону соҳибкорон не, балки мардум, харидорон мепардозанд. Албатта, **ин як механизми пинҳонии истисмори мардум аз ҷониби табақаи ҳоким аст.** Болоравии қимати колоҳо ҳамзамон боиси пойин омадани рақобатпазирии онҳо мегардад. Ин амр соҳибкоронро аз сармоягузорӣ ва густариши тавлидот боз медорад ва бад-ин тартиб садди роҳи

пешрафти иктисод мегардад. Фасод боиси густариши нобаробариҳои ичтимоъӣ ривоҷи беадолатиҳо, суст шудани эътимоди мардум бар ҳукумат, фосидтар шудани ахлоқ мегардад ва рушди солими ичтимоию фарҳангӣ ва суботи сиёсии кишварро ба хатар меандозад.

ЗУҲУРОТИ ФАСОД ДАР ТОҶИКИСТОН

Муҳимтарин сабаби густариши фасод ин аст, ки тамоми ихтиёрот ва ҳаққи тасмимгирӣ дар дасти идораҳои давлатӣ аст. Фаъолияти корхонаҳою муассисоти кишвар ба тасмимҳои онҳо вобаста аст. Ҳукуматдорони Тоҷикистон имрӯз ҳам бо шеваҳои замони шӯравӣ кор мекунанд. Онҳо, агарчӣ аз демократсию иқтисоди бозор ҳарф мезананд, вале дар асл мекӯшанд, ки дар кишвар ҳамагон тобеъу вобастаи онҳо бошанд, ҳама зери фармони онҳо кору зиндагӣ кунанд, ҳатто корхонаҳои бахши хусусӣ.

Сабаби муҳими дигари ривоҷи фасод – **фақр** аст. Дар кишвар музди кор, аз ҷумла музди кормандони давлат хеле ночиз аст. Дар ҳоле ки музди миёнаи кор барои як ҳафта зиндагии фақирона намерасад, бисёриҳо мекӯшанд, ки бо меъёрҳои кишварҳои пешрафта зиндагӣ кунанд, хонаҳои бошукӯҳу муҷаҳҳаз бо тамоми ашёю абзори рӯзгор, телевизору видио, компютару телефонҳои сайёр, мошинҳои гаронқимат ва дигар васоили майишатро дошта бошанд. Бинобар ин, онҳо барои бароварда сохтани эҳтиёҷоти худ ва аҳли хонаводаашон даст ба аъмоли ғайриқонунӣ мезананд. Илова бар ин, сатҳи маърифати ҳуқуқии мардум, ба вижа кормандони идороти давлатӣ хеле пойин аст. Аз ин рӯ, онҳо наметавонанд нафси худро маҳор созанд ва ба нони ҳалол қаноат кунанд.

Як сабаби дигари густариши фасод – **набудани адолати ичтимоӣ дар ҷомеа аст.** *Дар ҷое ки камтар аз 10% аҳолӣ ҳиссаи бузурги даромаду сарвати кишварро соҳиб мешавад ва ҳукуматдорон шадидан олудаи фасод мебошанд*, ин ба ҳолати равонӣ ва рафтори мардум таъсири манфӣ мерасонад ва худдорӣ кардан аз аъмоли ношоистаро мушкилтар месозад.

Заъфу норасоиҳои қавонини мавҷуда, набудани шаффофият дар фаъолияти ҳукуматдорон, сустию вобастигии маҳкамаҳо ва нотавонии ҷомеа дар ҷиҳати назорат аз болои фаъолияти ҳукумат, заминаро барои густариши фасод мусоид сохтааст.

ФАСОД АЗ ВИЖАГИҲОИ ҶОМЕАИ АҚИБМОНДА АСТ

Албатта, он дар кишварҳои пешрафта низ ҷой дорад, вале ба паймонаи камтар. Дар миёни кишварҳои фасодзада пеш аз ҳама кишварҳои ақибмонда, кишварҳои шӯравии пешин, аз ҷумла Тоҷикистон қарор доранд. дар ҷое ки сатҳи зиндагӣ пойин аст, аксари мардум фақиру бенавоянд, фақру нобаробариҳои ичтимоъӣ амиқ аст, дар ҷое ки сатҳи маърифат, ба вижа маърифати ҳуқуқии мардум ва ҳукуматдорон пойин аст, адолати ичтимоъӣ таъмин нест, дар ҷое ки дар ҷомеа қонун муътабару муҳтарам нест, дар ҷое ки ҳукумат тамоми ихтиёротро ба дасти худ гирифта бошад, ногузир фасод густариш меёбад.

Фасод яке аз шаклҳои зуҳуроти бедод аст, истисмор аст. Василаи расидан ба ҳадафҳои нопок аст. Роҳест, ки гурӯҳеро ба рифоҳи моддӣ мерасонад, вале ҷомеаро – ба таназзул, ба табоҳӣ. Бузургон гуфтаанд, ки бунёди зулм андак бувад. Падидаҳои иҷтимоъӣ ба монанди дуди оташи бешӯъла дар оғоз ноаёну ниҳонӣ пайдо мешаванд ва камкамак ошкор ва ба сӯхтори бузург табдил мешаванд. Ва он гаҳ ҳамагон аз он огаҳ мешаванд ва садои "оташ, оташ" баланд мешавад.

РОҲҲОИ ПОКСОЗИИ ҶОМЕА АЗ ФАСОД

Ҳукумати Тоҷикистон муборизаро бар зидди фасод оғоз кардааст. Даҳҳо нафар аз кормандони идораҳою муассисоти давлатӣ ба ҷурми ришвахорӣ боздошту маҳкум шудаанд. Вале равшан аст, ки аз роҳи боздошту маҳкум кардани чанде аз ришвахорон наметавон фасодро решакан кард, зеро мубориза бо фарҷоми фасод-корӣ иллатҳои онро аз байн намебарад. *Барои пок кардани ҷомеа аз фасод лозим аст, ки* **авомилу сабабҳои он аз байн бурда шаванд.** Яъне пеш аз ҳама, мебояд, ки шеваҳои фаъолияти ҳукумат дигар шавад. Лозим аст, ки *ҳукуматдорон аз амру фармондеҳӣ ва мудохилаи бечо ба фаъолиятҳои иқтисодии корхонаҳою муассисоти кишвар даст кашанд, мустақилияту соҳибихтиёрии шахсони ҳуқуқӣю физикӣ қонунан ва амалан таъмин карда шавад.* Барои ин лозим аст, ки *ҳуқуқу салоҳиятҳои ҳукумат ҷиддан маҳдуд гардад ва усули худгардонӣ дар маҳаллот ҷорӣ шавад. Ҳукуматҳои маҳаллӣ (деҳа, ноҳия ва вилоят) набояд аз ҷониби ҳукумати марказӣ таъйин шаванд, балки бояд аз тарафи мардуми маҳалҳо интихоб шаванд ва зери назорати мардум кор кунанд.* **Ҳукуматҳои ҳамаи ноҳияҳою вилоятҳо ва кишвар бояд зуд зуд таҷдид шаванд.** Зеро муддати зиёд ба сари қудрат мондани ҳукуматдорон онҳоро фосид месозад ва ин боиси густариши фасод дар ҷомеа мегардад. Илова бар ин, ҷомеаро аз раванди навовариҳо ва пешрафт боз медорад, хатари рукуду бар ҷой мондани кишварро ба бор меорад.

Тоҷикистон яке аз фосидтарин кишварҳои ҷаҳон шинохта шудааст.

Яке аз муҳимтарин омилҳои мубориза бар зидди фасод парламент мебошад. Он дар ҳамаи кишварҳо хам вазифаи қонунгузориро ичро мекунад ва хам бар фаъолияти ҳукумат назорат мекунад. Барои он ки парламенти Тоҷикистон садди роҳи густариши фасод дар кишвар шавад, лозим аст ки он хеле қавӣ ва амалан мустақил бошад. Мутаассифона, парламенти мо чунин нест. *Илова бар он, дар Қонуни Асосии ҷадид ҳуқуқу салоҳиятҳои он хело маҳдуд карда шудааст.* **Бисере аз ҳуқуқу вазифаҳои парламент ба президент вогузор шудааст. Яъне мувозинати баёни органи**

қонунгузорӣ ва ҳукумат аз байн рафтааст. *Дар тарозуи қудрати давлатӣ паллаи парламент хеле сабук ва паллаи президент басо сангин шудааст.* Ба ҳадде, ки иҷрои он ҳама вазифаҳо аз тарафи президент аслан ғайриимкон аст. Албатта, ин ба суди кор нест. Чунин ҳолат ногузир боиси густариши фасод мешавад.

Ҳамин гуна барои мубориза бар зидди фасод хеле муҳим аст, ки шохаи дигари қудрат, яъне маҳкамаҳою додситониҳо тобеъу вобастаи ҳукумати иҷроия набошанд. Дар Қонуни Асосӣ омадааст, ки онҳо мустақиланд ва танҳо тобеъи қонун мебошанд. Вале амалан чунин нест. Гузашта аз ин, худи ин ниҳодҳо беш аз ҳама олудаи фасод шудаанд. Яъне онҳое, ки бояд бемориҳои ҷомеаро даво кунанд, худ бемор шудаанд. Қонунҳои одилона ва маҳкамаҳои мустақилу додгар, ки дар ҳама ҳолатҳо фақат аз рӯи адолат ҳукм содир мекунанд, дар коҳиши фасод ва беҳбуди ахлоқи иҷтимоъӣ нақши бузург доранд. Амали одилонаи ҳукуматдорон фасодро камтар месозад. Ҳатто дар кишварҳои фақир.

Роҳи пурсамари мубориза бар зидди фасод – **таъмин кардани пешрафти иқтисод, аз байн бурдани фақр ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум аст**. Сохтмони роҳҳо, нирӯгоҳҳои баркӣ ва корхонаҳои хурду бузурги тавлидӣ дар риштаҳои гуногуни саноъ ва кишоварзӣ бекориро камтар ва зиндагиро бехтар месозад, сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии мардумро боло мебарад ва ин ҳама заминаҳои фасодро маҳдуд месозад.

Ҳамчунон хело муҳим аст, ки фаъолияти ҳукумат комилан шаффоф бошад, озодии андешаю баён ва озодии матбуот таъмин карда шавад. Дар ҷое ки матбуоти озоду мустақил масоили зиндагии ҷомеа ва фаъолияти ҳукуматдоронро холисона бозтоб менамояд ва мардум аз чигунагии корҳо ба хубӣ огоҳ мешаванд ва ахзобу созмонҳои иҷтимоӣ фаъолона ба корҳои ҳукумат назорат ва айбҳои онро ошкору интиқод мекунанд, имкони качравию фасодкорӣ камтар мешавад.

Кӯтоҳи сухан, *мубориза бар зидди фасод амри зарурӣ аст, аммо он дар сурате натиҷаи мусбат ба бор меорад, ки* **сабабҳои фасод аз байн бурда шавад,** *яъне ҳукумат маҳдуд ва шеваи кори он дигаргун гардад, фақру бекорӣ аз миён равад, сатҳи зиндагӣ ва маърифати мардум боло равад, корхонаҳои тавлидӣ аз озодию мустақилияти бештар амалан бархурдор гарданд, ва ҳукуматдорон бомаърифату покдоман бошанд, назорати доимии ҷомеа бар фаъолияти ҳукуматдорон амалӣ шавад ва адлу дод дар ҷомеа ҳукмфармо гардад.*

*

Тоҳири АБДУҶАББОР,
28.10.06.

ВИЖАГИҲОИ ИНТИХОБОТИ ПРЕЗИДЕНТ ДАР ТОҶИКИСТОН

То интихоботи президенти Тоҷикистон (6.11.06) рӯзҳои башумор мондааст. Ҳоло маъракаи таблиғотӣ ва мулоқоти номзадҳо бо мардум дар авҷ аст. Дар ин маърака номзадҳои панҷ ҳизби сиёсии Тоҷикистон – Ҳизби халқӣ-демократӣ, Ҳизби коммунист, Ҳизби сотсиалист, Ҳизби аграрӣ ва Ҳизби ислоҳоти иқтисодӣ ширкат доранд. Ду ҳизби дигар – Ҳизби демократ ва Ҳизби сотсиал-демократи Тоҷикистон интихоботро таҳрим кардаанд ва Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон аз пешниҳод кардани номзад худдорӣ кардааст. Довталабони мансаби президентӣ ҳамарӯза аз тариқи телвизион сӯҳбат мекунанд, матбуоти кишвар гуфтору барномаҳои онҳоро интишор менамояд. *Агарчи ҳамаи номзадҳо иддаои пирӯзӣ дар интихоботро доранд, вале мардум гуфтори онҳоро ҷиддӣ намегиранд. Зеро дар байни онҳо муборизаи шадид ва рақобати ҷиддӣ эҳсос намешавад.* Онҳо на танҳо баҳсу талош намекунанд, нукоти заъфи барномаҳои якдигарро таҳлилу интиқод намекунанд, балки бештар ба изҳори эҳтиром ба президенти феълӣ ва тавсифи "хидматҳои бузурги ӯ" машғуланд. Ин аст ки бисёриҳо ба интихоботи қарибалвуқӯъ таваҷҷӯҳ зоҳир намекунанд. Бисёриҳо ҳатто майл надоранд, ки ба ҳавзаҳои интихоботӣ бираванд ва ба яке аз номзадҳо раъй бидиҳанд. Зеро, ба ақидаи онҳо, натиҷаи ин маъракаи сиёсӣ пеш аз пеш маълум аст. Касе шакк надорад, ки таи солҳои оянда кадоме аз номзадҳо ба курсии президентӣ менишинад.

Коршиносон низ бар инанд, ки дар интихобот фақат номзади ҲХДТ, яъне президенти феълӣ баранда хоҳад шуд. Номзадҳои дигар ҳизбҳо қариб ҳеч шонсе надоранд. Мардум онҳоро дуруст намешиносанд. *Бисёриҳо чунин ақида доранд, ки иштироки номзадҳои ҳизбҳои коммунисту сотсиалист ва аграрию ислоҳоти иқтисодӣ дар интихобот як бозии сиёсӣ аст.* Ва ин бозиро ҳукумат ба роҳ андохтааст, то вонамуд созад, ки дар кишвар интихоботи воқеъӣ баргузор мегардад ва мардум метавонанд аз миёни чанд номзад якеро интихоб кунанд.

Дар интихобот, маълулан, ду омил нақши муҳим дорад. Яке барномаи аҳзоб ва дигаре – шахсияти номзадҳо. Барномаҳои ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон (ба истиснои барномаи ҲК) аз ҳам тафовути чиддию усулӣ надоранд. Ҳамаи онҳо ҷонибдори "давлати демократии ҳуқуқбунёд, таъмини ҳукуку озодии шаҳрвандон, вахдату худшиносӣ, пешрафти иқтисод, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, таъмини адолати иҷтимоӣ..." мебошанд. Зимнан, номзади ҳизби аграрӣ ба соҳаи кишоварзӣ ва номзади ҳизби ислоҳоти иқтисодӣ ба зарурати зудтар амалӣ кардани ислоҳоти

иқтисодӣ ва ривоҷ додани корхонаҳои хурду миёна бештар таъкид мекунанд. Аммо ин масоил дар барномаи ҳизби ҳоким низ зикр шудаанд. Гузашта аз ин, масоили усулӣ нестанд. Дар ин маврид танҳо барномаи номзади ҲК тафовути усулӣ дорад. Вай зарурати эҳёи колхозҳои замони Шӯравиро таблиғ мекунад. Вале дар бораи навоқиси колхозҳо ва роҳҳои ҳалли мушкилоти онҳо чизе пешниҳод намекунад.

Маъмулан, ҳангоми интихобот номзадҳо ҳарфҳои ҷолиб мегӯянд, ваъдаҳои зиёд медиҳанд, вале пас аз расидан ба сари қудрат аксаран ваъдаҳои худро иҷро намекунанд. Масалан, дар барномаи Ҳизби халқӣ-демократӣ нукоти ҷолиб кам нест. ҲХДТ – ҳизби ҳоким ва райиси он президенти кишвар аст. Аксари мансабдорону кормандони идораҳои давлатӣ узви ин ҳизб мебошанд. Яъне ин ҳизб имконоти амалӣ кардани барномаи худро дорад. Вале бештари ҳадафҳою вазоифи он ҳамоно дар рӯи коғаз мондаанд. *Ҳизб эълон кардааст, ки ҳадафаш ҷомеаи демократии ҳуқуқбунёд аст. Вале амалан дар кишвар режими худкома мустақар шудааст. Хизб озодии сухан, виҷдон, матбуот ва гуногунандеширо усули асосии фаъолияти хеш вонамуд кардааст. Вале дар кишвар озодии андешаю баён ҳанӯз таъмин нашудааст.* Ҳукуматдорон гуногунандешӣ ва афкори интиқодиро таҳаммул намекунанд, ба кормандони нашрияҳои мустақил фишор меоранд. Дар барномаи ҳизб омадааст, ки ҲХДТ "ҷонибдори иқтисоди бозорӣ ва намудҳои гуногуни моликият мебошад, ташаббуси тоҷирону соҳибкорон ва рақобати озодро дастгирӣ менамояд ва барои решакан кардани ришвахорӣ ва девонсолорӣ мубориза мекунад". *Аммо Тоҷикистон яке аз фасодзадатарин кишварҳои ҷаҳон мебошад. Кормандони идораҳои давлатӣ қоғазбозию ришвахориро ба авҷи аъло расондаанд.* Онҳо на танҳо корхонаҳои хурду миёнаро дастгирӣ намекунанд, балки дар роҳи рушди онҳо монеъаҳои ҷиддӣ эҷод мекунанд. Гурӯҳҳои инҳисоргаро ба онҳо мачоли кор карданро намедиҳанд ва ба ҳар роҳ рақобати озодро маҳдуд мекунанд.

Илова бар ин, аксарияти мардум аз барномаҳои аҳзоби сиёсӣ огаҳӣ надоранд. Аз ин рӯ, наметавонанд тасмим бигиранд, ки барномаи кадом ҳизб бехтар аст. Бинобар ин, онҳо бештар ба шахсияти номзадҳо таваҷҷӯҳ мекунанд. Равшан аст, ки дар ташаккулёбии афкори мардум дар мавриди номзадҳо васоити ахбори умум нақши муҳим дорад. Матбуот, ба вижа телевизион ва нашрияҳои давлатӣ ҳамвора ба таърифу тавсифи президенти феълӣ машғуланд ва ҳамаи дастовардҳои кишварро ба вай нисбат медиҳанд. Аз гуфтори телевизион чунин бармеояд, ки дар ин кишвар фақат як нафар сардор ҳасту дигарон ҳама бесаранд. Ва ҳама кор – аз сохтани пружаҳои бузург то тармими бинои мактаби деҳа – "ба дастур ва таҳти раҳбарии хирадмандонаи сарвари давлат" сурат мегирад. Албатта, чунин таблиғоти густарда беасар намемонад. Вале ҳар гоҳ дар ин кор ифрот мекунанд, он боиси ришханду тамасхури мардум мегардад. Ба ҳар сурат, бар асари таблиғоти густарда мардум номзади ҳизби ҳо-

кимро хуб мешиносанд, вале аз сифатҳою лаёқати номзадҳои дигар ба андозаи кофӣ огаҳӣ надоранд. Бинобар ин, шонси дигар номзадҳо хеле кам аст.

Заъфу нотавонии номзадҳои довталаб ва ҷаззоб набудани барномаҳои онҳо бартарии номзади Ҳизби халқӣ-демократиро равшантар месозад ва ба суди он тамом мешавад. ҲКТ, ки дар соли 1924 аз ҷониби болшевикони Русия сохта шуда буд ва то ахири соли 1991 ҳукуматро дар ихтиёр дошт, ҳоло хеле заъиф шудааст. Агарчи пас аз фурӯпошии Шӯравӣ ин ҳизб худро мустақил эълон карда, *Барномаи худро каме тағйир додааст, вале шеваи кор ва ҳадафҳои усулии он иваз нашудаанд. Он ҳамоно ҷонибдори сотсиализм ва эҳёи Иттиҳоди Шӯравӣ мебошад.* Ин ҳизб дар гузашта андешаи мустақил надошт ва ҳоло ҳам надорад. Бинобар ин, Барномаи он холӣ аз маҳдудиятҳою нуқсонҳо нест. Аъзои он (дар ҳудуди 45 ҳазор нафар) асосан аз афроди миёнасолу калонсол иборатанд. Нуфузи ҳизб дар ҷомеа торафт камтар мешавад.

Заъфу нотавонии номзадҳои довталаб ва ҷаззоб набудани барномаҳои онҳо бартарии номзади Ҳизби халқӣ-демократиро равшантар месозад ва ба суди он тамом мешавад.

Ҳизбҳои сотсиалист, аграрӣ ва ислоҳоти иқтисодӣ, ки як-ду сол пеш таъсис шудаанд, дар ҷомеа пойгоҳи васеъ ва обрӯю эътиборе надоранд. Шумори аъзои ҳар кадомшон аз 1-2 ҳазор нафар тачовуз намекунад. Онҳо медонанд, ки дар интихобот пирӯз нахоҳанд шуд ва барои он талош ҳам намекунанд. Накши онҳо барҷаста сохтани шахсияти номзади ҳизби ҳоким аст.

ҲХДТ расман дар соли 1994 таъсис шуда буд. Он худро баёнгари манофеъи тамоми мардуми кишвар мешуморад. Аксари аъзои он дар гузашта коммунист буданд. Пас аз фурӯпошии давлати Шӯравӣ ва аз сари қудрат барканор шудани ҲК, дере нагузашт, ки онҳо, яъне коммунистҳо, худро "демократ" эълон карданд ва ҲХДТ-ро таъсис доданд, то ба сари қудрат боқӣ монанд. Имрӯз аксари мансабдорони кишвар узви ин ҳизб мебошанд. *Вижагии аҳзоби сиёсии Тоҷикистон дар он аст, ки қариб ҳамаи онҳо "аз боло" сохта шудаанд ва баёнгари афкору манофеъи табақоту ақшори мухталифи ҷомеа нестанд.* Аз ин рӯ, пояҳои васеъи иҷтимоӣ надоранд. Ин аст ки онҳо, ба вижа ҳизби ҳоким дар муборизаҳои сиёсӣ, хосатан ба ҳангоми интихобот, ба аъмоли номашрӯъ даст мезананд, аз имконоти моддию молии давлат ба суди хеш истифода мекунанд ва ҳатто

аз сохтакорию тақаллуби натоиҷи интихобот парҳез намекунанд. Чунин шеваи кор дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Русия борҳо ба мушоҳида расидааст.

Ҳамаи интихоботе, ки то ҳол дар Тоҷикистон баргузор шуда буданд, холӣ аз чунин нуқсонҳо набуданд. Бинобар ин, созмонҳои байнулмиллалӣ натоиҷи онҳоро дар бештари ҳолот эътироф накардаанд. Имрӯзҳо ҳукумати Тоҷикистон ба такрор таъкид мекунад, ки интихоботи қарибалвуқӯъ комилан озоду демократӣ хоҳад буд ва бо риояти муқаррароти қонун сурат хоҳад гирифт. Шояд ин дафъа интихобот воқеъан ҳам бидуни сохтакориҳо сурат бигирад. Зеро ҳоло таносуби неруҳо дар кишвар ба гунаест, ки ҳочат ба аъмоли номашрӯъ намондааст: ҳарифон ҳамсанг нестанд, бартарии номзади ҲХДТ дар муқоиса бо дигар номзадҳо комилан ошкор аст. Аз ин рӯ, хонгоми интихобот аксари мардум ба номзади ҲХДТ рай хоҳанд дод.

Ба муддати 7 соли дигар ба сари қудрат мондани президенти феълӣ, аз як тараф, ба суди кор аст. Зеро вай тачрибаи зиёд андӯхтааст, аз вазъи кишвар, аз мушкилоти мавҷуда огоҳ аст, иҷрои бархе барномаҳои муҳими иқтисодиро оғоз кардааст ва метавонад бидуни таваққуф онҳоро идома диҳад. *Ҳимояти вай аз забону фарҳанги миллӣ низ имрӯз хело муҳим аст. Ба назар мерасад, ки президент майл дорад, ки Тоҷикистон аз вобастагии яктарафа раҳойӣ ёбад ва ҳамкориҳои иқтисодию сиёсии худро бо кишварҳои мухталифи минтақа ва ҷаҳон густариш диҳад.* Ин барои тахкими истиқлолияти Тоҷикистон ва рушди ояндаи он хеле муҳим аст. Дар сурати интихоби мучаддад, президент метавонад ин сиёсатро идома бидихад.

Аммо, аз сӯи дигар, муддати зиёд ба сари қудрат мондани як нафар ва ё як гурӯҳ ашхос, усулан, кори дуруст нест. Он боиси густариши фасод ва бар ҷой мондани кишвар мегардад, ҷомеаро аз пешрафт боз медорад. Ҳадаф аз тағйиру тачдиди ҳукумат навоварӣ, интишори афкори тоза ва таҳаввулу пешрафт аст. Ҳукумати ҷадид, маъмулан, роҳу равишҳои тозаро пеш мегирад, ба осонӣ ба шароити тағйирёбанда мутобиқ мешавад ва шеваҳои ҷадиди идораи кишвар ва ҳалли мушкилоти онро ба кор меандозад. Масоилу мушкилоти иқтисодию ичтимоии Тоҷикистон кам нест: факр, бекорӣ, фасод, ақибмондагӣ, таназзули маъориф ва тандурустӣ, болоравии нарху наво… Ҳалли ин мушкилот диди тоза, равишу усулҳои тоза ва ғайриоддиро ичоб мекунанд. Маъмулан, мардум умедвор мешаванд, ки бо рӯикор омадани раҳбари ҷадид ҳайати ҳукумат низ тағйир мекунад ва он, ҳукумати нав, бисёр масоили иқтисодию ичтимоъии ҷомеаро ҳал хохад кард. Аммо барои ин лозим аст, ки ҷомеа рӯҳияи дигаре дошта бошад. *Ба ҳар сурат, шояд президенти феълӣ пас аз интихоби муҷаддадаш дар ҷиҳати ҳалли мушкилоти кишвар ҷиддан иқдом кунад?*

*

Тоҳири АБДУҶАББОР,
14.04.06.-14.09.06

МУШКИЛОТИ ПАХТАКОРОНИ ТОҶИКИСТОН

ДУРНАМОИ РУШДИ КИШОВАРЗӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Ҳукумати Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки ба таҳаввулоти соҳаи кишоварзӣ суръат бахшад. Дар Барномаи ислоҳот ба зарурати тезондани ислоҳоти замин, эҷод кардани манобеъи алтернативии молӣ барои кишоварзон, такмил додани заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ, даст кашидан аз муқаррар кардани плонҳои тавлиди пахта ва зудтар ҳал кардани масъалаи қарзи хоҷагиҳои пахтакор таъкид шудааст. Барои баррасии қарзи хоҷагиҳо ва замони пардохти онҳо ва ҳалли масоили дигар, таъсиси як комиссиони босалоҳият пешбинӣ шудааст. Ҳамчунон, ба гарав мондани асноди истифодаи замин ва ҳосили ояндаи пахта мачоз дониста шудааст. Амалӣ кардани тадобири ёдшуда, бегумон, ба пешрафти кишоварзӣ мусоидат хоҳад кард. Аммо дар Барномаи ислоҳот нуқоти мубҳам ва норасоиҳо низ ҷой дорад. Бинобар ин дурнамои ин соҳа чандон равшан нест.

Ба ақидаи мутахассисони Бонки Ҷаҳонӣ (БҶ), дар деҳоти Тоҷикистон се модел ё намуди заминдорӣ ва муносиботи тавлидӣ имконпазир аст. Яке аз моделҳо – **"статус-кво"**, яъне бидуни тағироти ҷиддӣ боқӣ мондани ҳолати мавҷуда аст. Дар ин сурат кишоварзон аз тобеъияту вобастагӣ озод намешаванд ва ба монанди замони Шӯравӣ зери фармони ҳукуматдорон дар хоҷагиҳои ба ном деҳқонӣ ва ё колхозу совхозҳо баҳри иҷрои плонҳои давлат кор мекунанд. Ин, дарвоқеъ, як навъ феодализми давлатӣ аст ва он кишоварзонро ба боло бурдани самарабахшии кор ҳавасманд намекунад. Афзун бар ин, набудани рақобат дар бозорҳои қарза ва авомили тавлид, камсамар будани фаъолияти корхонаҳои пахтатозакунӣ, мушкилоти содирот ва бори сангини қарзи хоҷагиҳо монеъи рушди ин соҳа мешавад. Зимнан, ҳиссаи бештари даромадро миёнаравҳои бонуфуз ва раҳбарони хоҷагиҳо соҳиб мешаванд ва ин ҳам ба афзоиши маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат намекунад. Бинобар ин, ба назари мутахассисони БҶ, боқӣ мондани вазъи мавҷуда пешрафти ин соҳаро таъмин намекунад.

Модели дигар – ин **системаи заминдории "латифундӣ"** аст. Чунин шакли заминдорӣ дар бархе аз кишварҳои Амрикои Лотин роиҷ аст ва шабоҳати зиёд ба феодализми суннатӣ дорад. Имконоти рушд ёфтани чунин муносибот дар кишвар зиёд аст. Зеро сармоягузорону миёнаравҳое, ки имрӯз кишоварзонро қарздору вобастаи худ сохтаанд, метавонанд,

бо истифода аз нукоти мубҳами Барномаи ислоҳот, хоҷигиҳои деҳконӣ ва колхозу совхозҳоро бештар қарздор кунанд ва дар бадали қарз заминҳои онҳоро соҳибӣ карда, ба заминдорони калон табдил шаванд. Дар ин сурат, мо дубора арбобкамолҳою одинаҳоро хоҳем дошт. Ба ақидаи мутахассисони Бонки ҷаҳонӣ, агарчи ривоҷёфтани чунин муносибот дар деҳоти Тоҷикистон мумкин аст ба болоравии ҳаҷми тавлидот мусоидат кунад, вале зиндагии мардумро беҳтар намекунад. Зеро ҳиссаи бузурги даромад ба киссаи як гурӯҳи хурди латифундистҳо, яъне арбобкамолҳои навбаромад хоҳад рафт. Ин на танҳо ба пойин омадани сатҳи фақр мусоидат намекунад, балки баракс боиси густариши нобаробариҳои иҷтимоӣ мегардад. Ва чунин ҳолат суботи сиёсии кишварро ба хатар меандозад.

Роҳи савум, **роҳи пурра ва ба таври ошкору одилона** амалӣ кардани Барномаи ислоҳот ва дигар тадобири лозима дар деҳот аст. Дар натиҷаи ба деҳқонон додани замин, эҷоди шумори зиёди хоҷагиҳои деҳконӣ (фермерӣ), таъмин кардани мустақилияту озодии фаъалиятҳои иқтисодии онҳо ва ба вуҷуд овардани бозорҳои омилҳои тавлид ва маҳсулоти кишоварзӣ, самарабахшии кор боло хоҳад рафт. Ин боиси зиёд шудани даромаду ҳавасмандии кишоварзон ва афзоиши ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ хоҳад шуд.

Ҳиссаи бештари даромадро миёнаравҳои бонуфуз ва раҳбарони хоҷагиҳо соҳиб мешаванд, вале ба афзоиши маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат намекунанд.

Ба иллати камсамару ғайриодилона будани вазъи мавҷуда талафоти солонаи Тоҷикистон ба андозаи 90 миллион доллар арзёбӣ шудааст. Аммо рушди хоҷагиҳои деҳконӣ имконият медиҳад, ки даромади кишоварзон аз пахтакорӣ то 330 миллион доллар афзоиш ёбад ва шумори зиёди мардум бо кор таъмин шаванд. Ҳамчунон маблағе, ки ба сифати молиёт ба буҷаи давлат ворид мешавад, ба андозаи қобили мулоҳиза зиёд хоҳад шуд.

ҚАРЗИ ХОҶАГИҲОИ ПАХТАКОР ЧАРО ЗИЁД МЕШАВАД?

Дар Тоҷикистон қарзи хоҷагиҳои пахтакор то рафт зиёдтар мешавад. Тибқи оморе, ки дар мақоллаи "Қарзҳои хоҷагиҳои пахтакор ва ислоҳоти иқтисодӣ" (№1 марти 2006) ба чоп расидааст, таи 6 соли ахир қарзи хоҷагиҳо аз сармоягузорон 3,5 баробар зиёд шуда, дар оғози имсол ба 280 млн доллар расидааст. Дар кишвар дар майдони қариб 290 ҳазор

гектар пахта кишт мешавад. Ба чои он ки пахтакорон аз ҳар гектар майдони кишти пахта камаш 1000 доллар даромади соф ба даст оранд, ба ҳисоби миёна аз ҳар гектар қариб ҳазор долларӣ қарздор шудаанд. Дар бисёр ноҳияҳо ҳатто хеле бештар аз ин. Масалан, қарзи яке аз хоҷагиҳои деҳконии ноҳияи Масчоҳ ба 10 ҳазор доллар расидааст.

Ба гуфтаи кормандони вазорати кишоварзӣ, сабабҳои асосии афзоиши қарзи хоҷигиҳои пахтакор чунин будааст:

1. Пойин омадани нархи нахи пахта дар бозори ҷаҳонӣ таи солҳои ахир, бавижа дар соли 2001.

2. Боло рафтани нархи маводи сӯхт, нурихои минералӣ ва дигар маводи мавриди зарурати парвариши пахта.

3. Риоят накардани муқаррарот аз ҷониби сармоягузорон ва озмандию худсариҳои онҳо дар муомила бо хоҷагиҳои деҳқонӣ, аз ҷумла ба қиматҳои гарон ба кишоварзон фурӯхтани маводи кимёӣй, таҷҳизот ва маводи сӯхт ва сари вақт нарасондани онҳо, хеле арзон харидани пахтаи хом аз кишоварзон ва хело дер пардохтани ҳаққи деҳқонон.

4. Нобасомониҳо ва худсарию хилофкориҳо дар истифодаи манобеъи молӣ ва ба максадҳои дигар сарф кардани маблағҳои барои парвариши пахта тахсисёфта.

5. Риоят накардани технологияи парвариши пахта аз ҷониби кишоварзон, камбуди васоили техникӣ, маводи кимёӣй, бавижа нуриҳои минералӣ. Қариб ду баробар камтар аз меъёрҳои таъйиншуда истифода кардани нуриҳои минералӣ дар пахтазор.

6. Қариб 2 баробар пойин омадани ҳосили пахта аз ҳар гектар бар асари нуқсонҳои зикршуда.

7. Пойин будани сатҳи маърифати ҳуқуқии роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ ва бетаваҷҷӯҳии онҳо ба шароити қарордодҳои хариду фурӯши пахта ва маводи мавриди зарурат.

8. Нуқсонҳои ҷиддӣ дар татбиқи ислоҳоти кишоварзӣ ва ба дӯши хоҷагиҳои навбунёд бор кардани қарзҳои хоҷагиҳои пешин.

Дар Тоҷикистон бо тавсияи коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ ба мақсади ҳалли масъалаи қарзи хоҷагиҳо Комиссияи Мустақил таъсис шудааст ва гурӯҳи мутахассисони дохилию хориҷӣ ба баррасии қарзи хоҷагиҳои деҳқонӣ оғоз кардаанд, то маблағи қарзи хоҷагиҳоро ва иллати онро дақиқан муайян созанд. Барои баррасӣ 12 хоҷагии деҳқонӣ интихоб шудааст ва тасмим гирифта шудааст, ки таи 4 моҳи оянда ин кор анҷом ёбад ва роҳҳои ҳалли масъала пешниҳод гардад. Зимнан, яке аз масъулини Бонки Осиёии Рушд изҳор дошта, ки ба маблағи 800 ҳазор доллар ёрии техникӣ барои анҷом додани баррасии қарзҳо ва мабдаъи 12 миллион доллар ба сифати грант барои дастгирӣ кардани фаъолияти Комиссияи Мустақил дар ҷиҳати ислоҳот ва таъмини рушди соҳаи пахтакорӣ ихтисос дода хоҳад шуд.

Албатта, ин ҳама тадбирҳои нек ва заруриянд. Бидуни ҳалли ин мушкил ва аз дӯши кишоварзон бардоштани ин бори сангин наметавон аз таназзули ин соҳа ҷилавгирӣ кард ва ба рушди он умед баст. Хуб аст, ки билохира, зарурати ислоҳи вазъи нобасомони ин соҳа дарк шуда ва тасмимҳо гирифта шудааст.

МУШКИЛ ДАР КОР НЕ, ДАР БОР АСТ...

Сол ба сол зиёд шудани қарзи хоҷагиҳои деҳқонии Тоҷикистон як падидаи ғайриоддӣ аст. Бовар кардан мушкил аст, ки кишоварзон бо заҳмати зиёд пахтаро кишту парвариш ва ҷамъоварӣ кунанд ва дар бадали музди хело ничиз ба миёнаравону сармоягузорон биспоранд ва ба болои ин қарздор ҳам шаванд. Ин хеле шигифтангез аст.

Сабаби асосӣ дар он аст, ки норасоиҳои ҷиддӣ дар заминаҳои ҳуқуқӣ ва раванди созмон додани хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фаъолияҳои тавлидию бозаргонии онҳо вуҷуд дорад.

Усулан, дар шароити муътадилии бозор тавлиди ҳама гуна маҳсулоти мавриди ниёзи мардум, аз ҷумла пахта, судовар аст. Зеро ҷомеа ба маҳсули он ниёз дорад ва омода аст, ки кимати муносиберо барои он бипардозад, вагарна чунин маҳсулотро ҳеч тавлид намекарданд. Пахтаро дар бисёр кишварҳо, аз ҷумла дар Амрико, Миср, Чин, Ҳинду Покистон ва дигар мамолик, киштупарвариш мекунанд ва ин кор барояшон судманд аст. Зимнан, тавлидкунандагоне, ки дар ин бахш бартариҳои табиӣ ва ё иктисобӣ (техноложӣ) доранд, суди бештар ба даст меоранд. Албатта, бар асари тағйир кардани нархи бозор андозаи суди онҳо каму зиёд мешавад, ба вижа дар кӯтохмуддат. Вале дар дарозмуддат, дар сурати "босубот будани шароити дигар", ҳатто онҳое, ки дар ин бахш бартарии чандоне надоранд, аз ин муомила зиён намекунанд.

Тоҷикистон аз ҷумлаи кишварҳоест, ки дар тавлиди пахта бартарии табиӣ дорад. Шароити иқлимии кишвар барои парвариши пахта хело мусоид аст. Афзун бар ин, нирӯи кор фаровон ва хеле арзон аст. Ҳаҷми такозо ба ин маҳсулот низ дар бозорҳои дохилию хориҷӣ торафт бештар мешавад. Яъне муҳимтарин заминаҳо ва омилҳои фаъолияти судманд дар кишвар муҳайё аст. Дар чунин шароит, тавлиди пахта дар Тоҷикистон, усулан, наметавонад зиёновар бошад. Пас, қарздор шудани пахтакорон сабабҳои ғайрииқтисодӣ дорад.

Фаъолияти тавлидӣ дар ду холат мумкин аст камсамар ё бесамар бошад. Яке ин ки, тавлидкунандагон озоду мустақил набошанд ва аз натоиҷи кори худ бахраманд нашаванд. Яъне кишоварзон, ба монанди дех-

қонони тобеъю вобастаи низоми феодалӣ, ба ночор зери фармони заминдорон кор кунанд ва самараи онро дигарон соҳибӣ кунанд ва аз ин рӯ ба зиёд кардани ҳаҷми маҳсулот ҳавасманд набошанд. Ҳолати дувум он аст, ки маҳсулоти тавлидшуда дуздида ва ё ба ғорат бурда шавад. Дар ҳар ду ҳолат натиҷа як аст: тавлидкунандагон аз самараи кори худ камнасиб ё бенасиб мемонанд, яъне даромад ғайриодилона тақсим мешавад. Дар натиҷа, гурӯҳе сарватманд ва дигарон гирифтори фақр мешаванд. Дар Тоҷикистон ҳамин ҳолатҳо дида мешавад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки сабаби асосии зиёдшавии қарзи пахтакорон дар шеваҳои созмондеҳии кор ва тақсими натоиҷи он аст. Афзудани карзи хоҷагиҳои деҳқонӣ, пеш аз ҳама, натиҷаи амалан озоду мустақил ва соҳибихтиёр набудани пахтакорон ва зери диктату фармони ҳокимон қарор доштани онҳост. Агарчи дар Тоҷикистон, хоҷагиҳои деҳқонӣ, тибқи қонун, хоҷагиҳои мустақил эълон шудаанд ва ба сифати шахсони воқеъӣ ва ё ҳуқуқӣ дорои ҳаққи мустақилана муайян кардани таркиб ва шеваи фаъолияти худ мебошанд, вале аксари деҳқонон аз ин муқаррарот огоҳ нестанд ва аз он истифода намекунанд. Ҳукуматдорону сармоягузорон низ аҳкоми қонунро амалан риоят мекунанд ва бо рафтори худ бори дӯши пахтакорон шудаанд.

Кӯтоҳи сухан, сабаби асосӣ дар он аст, ки норасоиҳои чиддӣ дар заминаҳои ҳуқуқӣ ва раванди созмон додани хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фаъолиятҳои тавлидию бозаргонии онҳо вуҷуд дорад. Рӯиҳамрафта, мушкили мо – мушкили бемаърифатӣ аст. Бемаърифатию чаласаводии қонунгузорон, ки корашон асосан раъй додан ба тарҳҳои хоми аз қавонини Русия рӯбардоршуда иборат аст, бемаърифатию худкомагии бисёри ҳокимону мансабдорон, ки намехоҳанд аз фармонравоӣ даст бикашанд ва ҳуқуқу соҳибихтиёрии кишоварзонро амалан риоят кунанд, бемаърифатию озмандии миёнаравону сармоягузорон, ки "обро лой карда, моҳӣ мегиранд" ва бемаърифатии кишоварзон ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки ҳаққу ҳуқуқи худро намедонанд ва онро ҳимоят намекунанд.

МУШКИЛОТИ ПАХТАКОРОНИ ТОҶИКИСТОН

Пахтакорӣ мумкин аст дар оянда ба яке аз соҳаҳои пешрафта ва судовари иқтисоди Тоҷикистон табдил ёбад, агар системаи муносиботи феодалӣ дар деҳот барҳам хурад ва истисмори шадиди деҳқонон хотима ёбад. Аммо имрӯз ин танҳо орзӯ аст. Имрӯз ин соҳа дар ҳолати бӯҳронӣ қарор дорад. Мушкилоти пахтакорон солҳост, ки ҳал намешаванд. Пас аз се баробар кам шудани ҳаҷми истеҳсоли пахта дар миёнаи солҳои 90, таи солҳои 1999-2003 пешрафтҳое ҳосил шуда буд. Вале порсол ҳаҷми истеҳсоли пахта дубора кам шуд ва нақшаи соли 2005 фақат ба андозаи 73% иҷро шуд. Агарчи нақшаи имсола ба андозаи 60 ҳазор тон камтар аз соли гузашта аст, вале иҷро шудани он ҳам зери савол аст. Бавижа дар вилояти Суғд. Ин сабабҳои зиёд дорад. Имсол дар баъзе навоҳӣ,

бар асари камбуди боришоту об, пахта нарӯид ва ё хуб насабзид. Илова бар ин, дар бисёр заминҳо ҳашарот, хусусан малах ниҳоли пахтаро нобуд кард. Маводи кимёӣ ва нуриҳои минералӣ ҳам сари вақт расонда нашуданд. Узбакистон бо баҳонаҳои мухталиф, аз ҷумла дар иртиботи ҷашни истиқлоли худ, интиқоли бензину дизал, рӯғаниёт ва дигар маводи мавриди зарурати Тоҷикистонро маҳдуд ва ё маътал намуд. Ба ин сабаб қимати маводи сӯхт дар Тоҷикистон ҳафтаи гузашта то ба 1 доллар боло рафт ва ин ба фаъолияти кишоварзон бетаъсир наметонад. Илова бар ин, имсол майдони киштӣ пахта ба андозаи 10% камтар аз соли пешин аст.

Пахтакорон, ки дар бадали заҳмати фаровон музди ночиз мегиранд ва ё ҳеч музд намегиранд, барои зиёд кардани ҳаҷми маҳсулот ва самарабахшии кор ҳавасманд нестанд.

Аммо сабаби асосии ҳолати бӯҳронии соҳаи пахтакорӣ дар кишвар - бӯҳрони муносиботи тавлидӣ дар деҳот ва бесамар ё камсамар будани ислоҳоти кишоварзӣ аст. Таи солҳои гузашта ҳукумат ба ислоҳоти ин соҳа даст зад. Қариб ҳамаи колхозу совхозҳоро ба хоҷагиҳои деҳқонӣ табдил доданд, вале усули идораи онҳо дигар нашудааст. Хоҷагиҳои деҳқонӣ аз рӯи қонун мустақилу соҳибихтиёр эълон шудаанд, вале амалан аз соҳибихтиёрӣ бархӯрдор нестанд. Ҳукуматдорони маҳаллию марказӣ ба шеваҳои замони Шӯравӣ бар онҳо фармонравоӣ мекунанд, нақшаҳои кор ва фаъолияти тавлидии хоҷагиҳоро тайин мекунанд. Системаи бонкии кишвар хеле зайиф аст ва кишоварзонро бо қарза ва маблағи зарурӣ таъмин намекунад. Бозори озоди авомили тавлид вучуд надорад. Дар чунин шароит расондани маводи зарурӣ, фурӯши маҳсули кишоварзӣ ва таъйин кардани нарху наворо сармоягузорон ва миёнаравҳо ба дасти худ гирифтаанд. Онҳо нуриҳои минералӣ, васоити техникӣ ва маводи сӯхтро ба қимати хеле гарон ба хоҷагиҳои деҳқонӣ бор мекунанд ва пахтаро бо нархи арзон аз онҳо мегиранд. Ин аст ки хоҷагиҳои пахтакор аз кори худ на танҳо суд намебаранд, балки қарздор мешаванд. Қарзи онҳо торафт меафзояд ва ҳоло ба 300 млн доллар расидааст. Ин ба яке аз мушкилоти асасии кишоварзон табдил ёфтааст. Ҳукумат барои барасӣ ва ҳалли ин мушкил комисионе таъсис намудааст, вале кори он ҳанӯз ба ҷое нарасидааст.

Пахтакорон, ки дар бадали заҳмати фаровон музди ночиз мегиранд ва ё ҳеч музд намегиранд, барои зиёд кардани ҳаҷми маҳсулот ва самарабахшии кор ҳавасманд нестанд. Имрӯз пахта барояшон зироати

судовар нест. Зиндагишонро таъмин намекунад. Бисёрихо кишоварзиро тарк карда, аз пайи ризку рӯзӣ ба бозор ё ба кишварҳои дигар мераванд. Бинобар ин, дар мавсими ҷамъоварии пахта нирӯи кор намерасад ва ҳукуматдорон шогирдони макотиб ва донишгоҳҳоро иҷборан ба ин кор ҷалб мекунанд. Майдони киштӣ пахта ҳам сол ба сол камтар мешавад. Ба гуфтаи коршиносон, бар асари риоят накардани системаи киштгардон ва шӯру беҳосил шудани заминҳо, ҳар сол даҳҳо ҳазор ҳектар заминҳои киштӣ аз даст мераванд.

Ин ҳама боиси он шудааст, ки ҳосили пахта аз ҳар ҳектор ба хисоби миёна то ба 1,5 тон пойин омадааст. Даромад аз ин миқдор пахта ҳатто харочоти парвариш ва ҷамоварии онро намепӯшонад. Равшан аст, ки чунин шароит мумкин аст ба сукути комили пахтакорӣ анҷом ёбад. Усулан, пахтакорон метавонанд аз ҳар ҳектор 3,5-4 тон ва бештар аз он ҳосил гиранд. Вале барои ин мебояд, ки системаи идорӣ ва муносиботи феодалӣ, ки ҳоло дар соҳаи кишоварзӣ ҳукмфармост, комилан дигаргун гардад. На танҳо дар гуфтор, балки дар амал.

Тоҳири АБДУҶАББОР,
таҳлилгари тоҷик,
радиои ББС,
18 майи соли 2007

ОЁ ИТТИҲОДИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ МУМКИН АСТ?

Раиси ҷумҳури Тоҷикистон дар паёми ҳуд ба порлумони ин кишвар зимни баршумурдани дастовардҳои солҳои гузашта, мушкилоти мавҷуд ва нақшаҳои ҳукумат барои оянда, ба зарурати густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ миёни кишварҳои минтақа таъкид намуд.

Эмомалӣ Раҳмон изҳори итминон кард, ки «амният ва суботи минтақа, рушди устувори иқтисодӣ, рафъи мушкилоти давраи гузариш ва дар маҷмӯъ таъмини истиқлоли сиёсию иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ танҳо аз тариқи ҳамкории фаъол ва пурсамари минтақавӣ метавонад амалӣ гардад». Вай ҳамчунин пешниҳод кард, ки дар Осиёи Марказӣ як созмони ҷадид таъсис гардад. Ба ақидаи оқои Раҳмон, ин созмон бояд бар асоси баробарҳукукии комили аъзои он бунёд шавад ва дар байни кишварҳои узви ин созмон ҳаракати озодонаи колоҳо, сармоя ва нерӯи кор таъмин шавад. Барои ин лозим аст, ки дар минтақа фазои воҳиди ҳукукӣ эҷод шавад…

Бозоре муштарак

Метавон гуфт, ки моҳиятан, президенти Тоҷикистон хостори таъсиси «бозоре муштарак» дар Осиёи Марказӣ шудааст. «Бозори муштарак» зинаи севвуми иттиҳоди байнулмилалии иқтисодист ва намунаи хуби он дар солҳои 70 ва 80 садаи гузашта дар Аврупо таҳаққуқ ёфта буд.

Бояд гуфт, ки дар Осиёи Марказӣ (ОМ) масъалаи таъсиси чунин созмоне ҳанӯз дар оғози солҳои 90 садаи гузашта матраҳ шуда буд. Он замон сарони кишварҳои минтақа дар шаҳри Олмотӣ (пойтахти Қазоқистон) тасмим гирифта буданд, ки «Созмони ҳамкориҳои иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ»-ро таъсис бидиҳанд. Чунин созмоне дар соли 1994 расман бунёд шуд. Вале ба иллатҳои мухталиф ин созмон вазоифи ҳудро ичро накард ва дар оғози соли 2002 ба ҷои он «Созмони давлатҳои Осиёи Марказӣ»-ро таъсис доданд. Қарор буд, ки дар дохили ин созмон фазои воҳиди иқтисодӣ эҷод гардад ва тайи солҳои баъдӣ он ба «бозори муштарак» табдил ёбад.

Сарони кишварҳои узви Созмони давлатҳои Осиёи Марказӣ дар соли 2003 тасмим гирифтанд, ки дар чорчӯби ин созмон кунсерсиюмҳои обу барқ, маводди хӯрока ва кунсерсиюми ҳамлу нақл сохта шавад.

Дар охири соли 2004 Русия низ ба ин созмон пайваст ва дар соли 2005 тасмим гирифтанд, ки ин созмонро бо «Созмони ҳамкориҳои иқтисодии АвруОсиё» якҷо созанд. Бад-ин тартиб, ин созмонро амалан аз байн бурданд. Аммо дар ин авохир президенти Қазоқистон, Нурсултон Назарбоев дубора ба ин мавзӯъ рӯй овардааст. Вай ҳангоми сафари ахираш ба Бишкек (апрели 2007) бо президенти Қирғизистон чанд санади муҳиммро дар мавриди эҷоди «Иттиҳоди кишварҳои Осиёи Марказӣ» ба имзо расонд. Зимнан, президенти Қирғизистон Қурмонбек Боқиев изҳор дошт, ки Узбакистон ва Тоҷикистон низ ба ин иттиҳод тавачӯҳ доранд. Пешниҳоди президенти Тоҷикистон ин назарро таъйид мекунад, агарчи онҳо мумкин аст шаклҳои мухталифи чунин иттиҳодеро дар мадди назар дошта бошанд.



Аз минаҳои ҳукумати Узбакистон эҳтиёт бояд буд!

Туркистон, хонаи хама?

Ҷолиб аст, ки тайи 10-15 соли ахир дар Осиёи Марказӣ кӯшишҳои таъсиси созмонҳои мухталифи байнулмилалӣ ва ё пайвастан ба онҳо кам набудааст.

Дар солҳои 90 қарни гузашта ҳангоми сафарҳои раиси чумҳурии Туркия, Тугут Озал (1992 ва 1993) ба Озарбойҷон ва кишварҳои туркзабони Осиёи Марказӣ тавофуқи назари сарони ин кишварҳо дар бораи таъсиси «Иттиҳоди кишварҳои туркзабон» ҳосил шуда ва дар ин замина прутукуле ҳам ба имзо расида буд.

Пас аз марги ногаҳонии Тугут Озал, раиси ҷумҳурии Узбакистон Ислом Каримов ин корро идома дод ва китоберо зери унвони «Туркистон – хонаи муштараки мо» ба чоп расонд. Вале сард шудани муносиботи байни Узбакистон ва Туркия ва фазои номусоъиди сиёсию иқтисодии минтақа ин масъаларо ба ҳошия кашонд.

Нависандаи маъруфи қирғиз Чингиз Айтматов низ бо мақсади пуштибонӣ аз андешаи таъсиси иттиҳоди кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соли 1995 созмоне бо номи «Туркистон – хонаи муштараки мо» таъсис дод, вале он ҳам дер напойид.

Дар соли 1993 кишварҳои Осиёи Марказӣ ба «Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ (ЭКО)» шомил шуданд. Сипас бештари онҳо ба созмонҳои «Минтақаи тиҷорати озод», «Итиҳоди гумрукӣ», «Иттиҳоди АвруОсиё» пайвастанд. Зимнан, шумори зиёди созишномаҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаро низ имзо карданд. Аммо ин кӯшишҳо аксаран бесамар монданд. Ба гуфтаи коршиносон, тайи солҳои гузашта «Кишварҳои ҳамсуд» беш аз 1,5 ҳазор санади мухталифро ба имзо расондаанд, вале 90 дарсади онҳо дар руйи коғаз мондааст.

Дар дохили Иттиҳоди Кишварҳои Ҳамсуд низ мебоист «фазои воҳиди иқтисодӣ», яъне «бозори муштарак» эҷод шавад. Вале дар муддати 15 соли гузашта ин ҳадаф амалӣ нашуд ва ҳоло ин созмон ба суйи нобудии комил пеш меравад.

Созишномаҳои «Иттиҳоди кишварҳои Осиёи Марказӣ», «Минтақаи тиҷорати озод» ва «Иттиҳоди гумрукӣ» сад дарсад дар рӯйи коғаз монданд. Ояндаи «Иттиҳоди Авруосиё» низ зери суол аст ва наметавон бар он ҷиддан умед баст.

Чанде пеш дар мулоқоти ахири сарони кишварҳои ҳамсуд бархе аз онҳо бори дигар тасмим гирифтанд, ки то поёни соли равон як иттиҳоди гумрукӣ таъсис намоянд. Аммо ин тасмим ҳам ба гумон аст, ки дар ояндаи наздик амалӣ шавад.

Носозгории ҳадафҳо

Сабаби асосии бесамар ва ё камсамар будани талошҳо ин аст, ки ҳадафҳои сиёсии ин кишварҳо бо эҳтиёҷоти иқтисодии онҳо созгор нестанд. Аз як тараф, онҳо мехоҳанд, ки иқтисодашон пешрафт кунад ва даромадашон боло равад. Барои ин лозим аст, ки иқтисоди давлатҳо ба андозаи кофӣ боз бошад ва колоҳо, сармоя ва нерӯи кор озодона байни кишварҳо ҳаракат кунанд. Ва ин аз роҳи таъсис кардани иттиҳодияҳои иқтисодии байнулмилалӣ муяссар мешавад.

Аммо, аз сӯйи дигар, ин давлатҳои ҷавон мекӯшанд, ки истиқлоли худро ҳифзу таҳким намоянд ва аз тобеъияту вобастагиҳои замони пешин раҳоӣ ёбанд. Бад-ин манзур, онҳо унсурҳо ва ниҳодҳои давлати мустақиллро таъсис ва фаъол сохтанд, қонунҳо, пули миллӣ ва молиёти гумрукиро ҷорӣ намуданд ва кӯшиданд, ки воридоту содироти колоҳо ва ҳаракати сармояву нирӯи корро зери назорат бигиранд ва бо дарназардошти манофеъи миллияшон танзим намоянд.

Ҳимояти бозорҳои дохилӣ ва пуштибонӣ аз тавлидкунандагони ватанӣ низ яке аз вазифаҳои муҳимми давлат аст. Ин ҳама ҳаракати колоҳо ва авомили тавлидро маҳдуд сохт ва дар роҳи густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ ва иҷрои созишномаҳои байнулмилалӣ монеъаҳо эҷод кард. Ин аст, ки мақомоти ин давлатҳо барои густариши тиҷорату ҳамкориҳои иқтисодӣ бо ҳам созишномаҳо мебанданд ва аммо дар амал бар хилофи он рафтор мекунанд.

«Сарзаминҳои аздастрафта»

Илова бар ин, як силсила омилҳо ва мушкилоти дигаре низ ҳастанд, ки ба густариши ҳамкориҳо миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ халал мерасонанд.



Русия дар Тоҷикистон пойгоҳи низомӣ, чанд қисми ҳарбӣ ва хеле ниҳодҳои дигари низомию стратегӣ сохтааст.

Яке аз омилҳои муҳимм ин аст, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Русия аз нигоҳи иқтисодию сиёсӣ ҳамвазну ҳамсанг нестанд ва ҳадафҳои мухталиферо дунбол мекунанд. Ва ин боъиси адами эътимод ба якдигар, бавижа ба Русия гардидааст. *Дар ҳамин ҳол, бархе аз давлатмардони Русия то ҳол умеди «бозпас гирифтани сарзаминҳои аздастрафта»-ро аз сар дур накардаанд.* Онҳо Осиёи Марказиро, ки дорои захоири бузурги нафту гоз, об, энержӣ ва дигар анвоъи маҳсулоти санъатию кишоварзӣ мебошад, минтақаи манофеъи миллӣ ва истратежии худ медонанд ва мекӯшанд, ки аз роҳҳо ва шеваҳои гуногун (иқтисодӣ, сиёсӣ ва низомӣ) ин кишварҳоро дар доираи нуфузи худ нигаҳ доранд.

Табиист, ки кишварҳои минтақа дар баробари чунин сиёсатҳо ва иддаъоҳои бузургманишонаю азаматталабонаи Русия вокуниш нишон медиҳанд ва дар ҷиҳати амалӣ кардани созишномаҳои мунъақида шитоб намекунанд.

Ихтилофоти марзӣ

Мушкили дигар, ихтилофоти марзӣ байни кишварҳои Осиёи Миёна аст, ки аз замони Шӯравӣ ба мерос мондааст. Тавре ки маълум аст, дар солҳои 20-уми садаи гузашта давлати Шӯравӣ марзҳои ҷумҳуриҳои Осиёи Марказиро худсарона ва бидуни дарназардошти воқеъиятҳо таъйин карда буд. Тайи солҳои баъдӣ низ борҳо тағйироти ҷузъӣ ворид карда шуд. Пас аз касби истиқлол, давлатҳои навбунёди минтақа ба таҳқиқу таҳкими марзҳои давлатии худ пардохтанд. Дар ҷараёни ин кор захмҳои кӯҳна тоза шуданд ва ихтилофоту иддаъоҳои марзӣ руйи об баромаданд.

Ин ихтилофот боъиси тира шудани муносиботи байни давлатҳо ва ҳатто бархӯрдҳои мусаллаҳона дар марзҳои бархе аз кишварҳои Осиёи Марказӣ (назири Узбакистону Туркманистон) гардид.

Ҳамчунин, байни давлатҳои ОМ дар мавриди тақсиму истифода аз манобеъи табиъӣ, бахусус нафту гоз ва обҳои Омударё ва Сирдарё ихтилофот вуҷуд дорад. Тарафҳо дар масоили зистмуҳитӣ низ ҳамназар нестанд. Ин ҳама ба густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Рақобатҳои минтақаӣ

Гузашта аз инҳо, сарони Қазоқистону Узбакистон бо ҳам рақобат доранд ва ҳар кадом мекӯшанд, ки худ ба сифати пешвои ОМ шинохта шаванд. Дар айни замон, имконоти иқтисодию молӣ ва сатҳи пешрафти санъатии кишварҳои ОМ яксон нест.

Агарчи ҳамаи давлатҳои ОМ худро давлати демукротик эълом кардаанд, вале дар ҳамаи онҳо режимҳои худкома (авторитарӣ) устувор шудааст. Ҳамаи ҳукуматҳои ин кишварҳо роҳи гузор ба иқтисоди бозорро пеш гирифтаанд, вале оҳангу шеваҳои ислоҳоти иқтисодию сиёсӣ ва натоиҷи онҳо хеле фарқ мекунад.

Қазоқистону Қирғизистон дар ин роҳ то андозае пеш рафтаанд, вале Узбакистон ва бавижа Туркманистон хеле ақиб мондаанд. На танҳо сиёсати дохилӣ, балки сиёсати хориҷии ин кишварҳо ва самтҳои густариши равобити онҳо низ фарқ мекунад. Президенти Қазоқистон дар кори таъсису таҷдиди иттиҳодҳои байнулмилалӣ хеле фаъол аст, аммо Туркманистон аз ширкат дар ин созмонҳо канорачӯйӣ мекунад.

Раиси ҷумҳурии Узбакистон то ин авохир мекӯшид, ки аз таҳти нуфузи Русия дур шавад ва истиклоли бештари кишварашро таъмин кунад. Ба ин сабаб, ҳамкориро бо созмонҳое, ки дар он Русия нақши муҳимм дорад, раво намедид ва бештар майл ба сӯи Ғарб дошт. *Аз ин рӯ, бо кишварҳои дигари ОМ, аз ҷумла Тоҷикистон, ки ба сабабҳои маълум зери бори Русия рафта буд, муносиботи нек надорад ва режими раводидро («виза»-ро) барои мардуми ин кишвар ҷорӣ намуда, тиҷорати хориҷӣ ва рафтуомади мардуми Тоҷикистонро басо душвор сохта аст.*

Афзун бар ин, заминаҳои ҳуқукию имконоти иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ мухталиф аст. Ҳадафҳошон низ гуногун ва ҳатто зидду нақиз аст. Дурнамои рушди иктисодию сиёсии ин кишварҳо чандон итминонбахш нест.

Заминаҳои ноҳамвор

Равшан аст, ки дар чунин шароите ичрои созишномаҳои имзошуда ва ё таъсиси созмони ҷадиди байнулмилалӣ, ки бар пояи баробарҳуқуқии комили кишварҳо бунёд шавад ва эҳтирому риъояти ҳуқуқҳои шахрвандон ва манофеъи миллии ҳар кадом аз кишварҳои шарикро таъмину тазмин намояд, кори содаю осоне нест.

Усулан, ҳамаи кишварҳо ба хамкориҳои иқтисодӣ ниёз доранд. Бавижа, кишварҳои Шӯравии пешин, ки ҳанӯз ба худкифоӣ нарасидаанд. Табиист, ки онҳо дар пайи густариши робитаҳо ва эҷоди анвоъи мухталифи созмонҳои иқтисодии байнулмилалӣ мебошанд. Вале эҷоди созмонҳои иқтисодии байнулмилалӣ дар ҷое имконпазир ва муассиру муфид хоҳад буд, ки як силсила заминаҳо ва шароити мусоъид вуҷуд дошта бошанд.

Коршиносони умури иқтисод чунин ақида доранд, ки барои таъсиси иттиҳодияҳои иқтисодии байнулмилалӣ дастикам шароити зерин лозим аст:

– Кишварҳои узви созмон (иттиҳодияи иқтисодӣ) бояд ҳадафҳои муштарак дошта бошанд,

– Баробарҳукукии кишварҳои узви иттиҳодия (созмон) бояд комилан риъоят шавад,

– Онҳо каробатҳои фарҳангӣ, забонӣ, таърихӣ ва ҷуғрофиёӣ дошта бошанд,

– Ҳамкорихо бояд мутақобилан муфид бошанд,

– Низоми сиёсию хукукии онҳо мушобех бошад,

На ҳамаи шароит дар минтақаи ОМ ва барои таъсиси як созмони ҷадиди байналмиллалӣ вуҷуд дорад.

– Имконоти иқтисодӣ ва сатҳи пешрафти онҳо аз якдигар фарқи зиёде надошта бошад,

– Ҳеҷ кадом аз кишварҳо иддаъои бузургманишӣ накунад ва ҳадафҳои бартариҷӯйӣ надошта бошад,

– Онҳо бо ҳам душманию ихтилофоти чиддӣ надошта бошанд.

Тавре ки мебинем, на ҳамаи ин шароит дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва дар маҷмӯъ дар миёни кишварҳои собиқи Шӯравӣ вуҷуд доранд. Бинобар ин, метавон гуфт, ки таъсиси як созмони ҷадиди байнулмилалӣ дар ин минтақа ва фаъолияти мудовиму пурсамари он кори соддаю осоне нахоҳад буд.

*

Тоҳири АБДУҶАББОР,
раиси Созмони Растохез.
"Фараж", № 22 (24),
31 майи соли 2007.

МУРОДИ РАСТОХЕЗ ОЗОДӢ БУД

(Мусоҳиба)

Сӯҳбаторо Хуршеди Атоулло – сармуҳаррири «Фараж»

Андешаҳо дар мавриди омилҳои дар саҳнаи сиёсии Тоҷикистон пайдо шудани Созмони Мардумии Растохез якранг нестанд. Баъзе мегӯянд, ки ҳадаф аз таъсиси он армонҳои сирф миллӣ буд, баъзеи дигар, идеяи ҳаракатро таҳмилшуда аз берун медонанд. Дар асл, муроди ин Созмони Мардумӣ чӣ буд? Андешаи таъсиси он аз кучо сарчашма гирифтааст ва чӣ заминаҳое барои таъсиси он мусоидат кардаанд? Бо нияти посух ба ин суолҳо, "Фараж" сӯҳбате орост бо раиси Созмони Мардумии Растохез, иқтисодшиноси маъруф Тоҳири Абдуҷаббор.

– Дар мавриди маҳфили сиёсии "Рӯ ба рӯ" андешаҳо гуногунанд. Баъзеҳо имрӯз даъво пеш меоранд, ки чун давраи ошкорбаёнӣ буд, ба хотири пиёда кардани сиёсати президент Горбачёв, бо ташабуси баъзе роҳбарони комсомоли ҷумҳурӣ ин маҳфил ташкил карда шуд, то ин ки мардум фикри худро гуфта тавонанд ва доираи ин фикр зери назорати комсомол бошад. Андешаи Шумо чӣ гуна аст?

– Шояд ин андеша дуруст бошад. Ман ба маҳфили "Рӯ ба рӯ" замоне рафтам, ки кори он оғоз шуда буд, яъне як ё ду ҷаласаи ин маҳфил баргузор шуда буд. Он замон мардум, бавижа ҷавонон ва донишгоҳиён хело бедор ва фаъол шуда буданд. Мушкилоти ҷомеаи мо кам набуд, минҷумла, мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ. Хусусан, масъалаи маҳдуд шудани доираи корбурди забони тоҷикӣ зиёиёни моро ба ташвиш андохта буд.

Нахустин митинги ҷавонони мо, ки ба таври худҷӯш дар назди бинои ШО Тоҷикистон сурат гирифта буд, дар иртиботи хамин масъала буд. Албатта, сиёсатҳои "ошкорбаёнӣ" ва "демократисозӣ", ки онро роҳбарони ҲКИШ дар он рӯзҳо пеш гирифта буданд, ба бедории мардум мусоидат карда буд. Дар чунин шароит шояд роҳбарони Тоҷикистон бо мақсади зери назорати худ гирифтани андешаҳои рафтори зиёиёну ҷавонон ташкил додани маҳфили "Рӯ ба рӯ"-ро беҳтар дониста бошанд. Ба ҳар сурат, ин маҳфилро дар назди Кумитаи комсомолии кишвар таъсис доданд ва сарпарастии онро Ҷумъахон Исоев (устоди ДДТ) ва Зафар Саидов (яке аз масъулони Кумитаи комсомолии Тоҷикистон) ба ӯҳда

гирифтанд. Дар яке аз ҷаласоти фаъолони маҳфил, ки дар Кумитаи Комсомол доир шуда буд ва ман ҳам дар он ширкат доштам, маслиҳат шуд, ки роҳбарони вазоратхонаҳо ва идораҳои ҳукумати Тоҷикистон ба маҳфил даъват шаванд ва бо онҳо гуфтугӯю баҳсҳо сурат гирад, то мардум ба саволҳои худ аз мақомоти масъул ҷавобҳо дарёфт кунанд. Ҳадафи маҳфил, матраҳ кардани мушкилоту масоили ҷомеа ва ҷалб кардани таваҷҷӯҳи ҳукуматдорон ба он масоил буд. Кори маҳфил ба ин шакл идома ёфт, он обрӯю эътиборе касб кард. Ширкаткунандагони он торафт зиёдтар мешуданд. Дар ҷараёни ин гуфтугӯю баҳсҳо зиёиён бо ҳам ошно мешуданд ва дар миёни ҳамфикрон дӯстию рафоқат пайдо мешуд. Ман ҳам дар он ҷо ба чандин нафар аз олимону муаллимони донишгоҳҳо ошно шудам.

– Аммо, бо итминон метавон гуфт, ки нерӯи таҳрикдиҳанда барои таъсиси Созмони Мардумии Растохез, маҳз маҳфили "Рӯ ба рӯ" буд?

– Бале, метавон гуфт, ки маҳфили "Рӯ ба рӯ" то андозае ба таъсиси Растохез мусоидат кард. Он имконияти онро фароҳам оварда буд, ки афроди ҳамфикру ҳамақида якдигарро бишиносанд ва дар мавриди фаъолиятҳои баъдишон бо ҳам машварат кунанд. Агар дуруст андеша кунем, он вақт мардум худашон рӯҳан ба ин чиз омода шуда буданд. Танҳо имкон то якдигарро шиносанд ва муттаҳид шаванд. *Ман қаблан дар мавзӯи забони тоҷикӣ чанд сӯҳбатҳо миёни мардум ва мақолаҳо дар рӯзномаҳо доштам ва ҳама фикрҳоямро дар он ҷо иброз карда будам.* Албатта, рӯҳяи ва афкори инсонҳо дар як рӯз ташаккул намеёбад. Ин кори тӯлонӣ аст. Аксари онҳое, ки ба ин маҳфил меомаданд, дар мавриди масоили сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангии ҷомеа, дар мавриди муносиботи Марказ ва Тоҷикистон ва сабабҳои хор шудани забону фарҳанги миллӣ афкору андешаҳои худро доштанд. *Рӯҳияи таҷаддудхоҳӣ ва ислоҳотталабӣ дар миёни равшанфикрони мо пеш аз таъсиси маҳфили "Рӯ ба рӯ" ҳам вуҷуд дошт.* Барои он ки ба дурустии ин нукта якин ҳосил кунед, кофист, ки ба мақолаҳои дар он солҳо чопшудаи равшанфикрони тоҷик ошно шавед. Албатта дар он солҳо на ҳамаи мақолаҳоро чоп мекарданд. Хусусан, андешаҳои интиқодиро. Барои мисол, дар соли 1988 пас аз як суханрониҳои банда дар толори Фарҳангистони улуми Тоҷикистон дар рӯзномаи "Коммунист Таджикистана" мақолаи ду нафар олимони Фарҳангистони улуми Тоҷикистон чоп шуд, ки дар он маро ба миллатчигӣ муттаҳам карда буданд. Маънои миллатчӣ ин аст, ки миллате худро болотар аз миллати дигар ҳисоб кунад. Аммо ман ҳеҷ гоҳ чунин иддаое накарда будам ва ҳоло ҳам чунин иддаоро надорам. Ҳатто баръакс. Аксаран, ба миллати худ ба назари интиқодӣ менигарам. Бояд гуфт, ки мо тоҷикон камбудиҳои зиёд дорем ва сазовори интиқод ҳам ҳастем. Вале ҳеҷ гоҳ миллатчӣ набудем ва дигаронро бадтар аз худ намешуморидем. Ман фақат аз ҳаққу ҳуқуқи поймолшудаи тоҷикон дар Тоҷикистон ҳимоят кардам.

Ба ин маънӣ, ман мақолае навиштам (албатта, ба забони русӣ) ва бурдам ба рӯзномаи "Коммунист Таджикистана". Аз муҳаррираш хоҳиш

кардам, ки аз рӯи одоб мақолаи ҷавобии маро ҳам чоп кунанд. Аввал розӣ шуд. Аз миён чанд ҳафта гузашт, вале чоп накард. Иллаташро пурсидам. Гуфт, ки чоп нахоҳад кард. Чанд моҳ пеш Даврон Ашӯров (мудири шӯъбаи КМ ҲК), ки марди вокеан фозил ва дилсӯз буданд, ба мо, кормандони Академия (Фарҳангистони улум), гуфта буданд, ки "дар бораи мушкилоти ҷомеа мақолаҳои вокеъбинона бинависед". Гуфтем: чоп нахоҳанд кард. Гуфтанд: "агар чоп накунанд, ба ман гӯед. Ман чора хоҳам дид". Ин буд, ки як нусхаи мақоларо ба эшон бурдам ва хоҳиш кардам, ки онро бихонанд ва ҳар чизе, ки нодуруст бошад, бароям бигӯянд...

Пас аз як ё ду моҳ гуфтанд, ки "аз баҳри моҷаро бигзар"... Ҳамин гуна буд сарнавишти мақолаҳои даҳҳо нафар равшанфикрони тоҷик – онҳоро ё тамоман чоп намекарданд ё бо ихтисороти зиёд нашр мекарданд. Ин ҳама далели он аст, ки равшанфикрони мо рӯҳи бедор доштанд. Аммо дар ҷараёни баҳсҳои маҳфили "Рӯ ба рӯ" онҳо аз назариёти якдигар огоҳии бештар ҳосил намуданд. Ва ин хидмати маҳфили "Рӯ ба рӯ" буд, ки афроди ҳамфикр гирди ҳам омаданд.

Мо, 5-6 нафар аз ширкаткунандагони маҳфили "Рӯ ба рӯ", дар чойхона ва ё дар хонаи яке аз дӯстон ҷамъ меомадем ва дар бораи таъсиси як созмони васеъи умумимиллӣ сӯҳбатҳо мекардем. Пас аз чандин мулоқот тасмим гирифтем, ки Барнома ва Ойинномаи Созмони мардумиро омода созем. Ин корро ба ман супориданд ва ман онро навиштам. Қарор буд, ки то омода шудани Барномаю Ойиннома ва гузаронидани ҷаласаи муассисон, касе аз ин кор огоҳ нашавад, зеро мумкин буд, ки ҳукумат ба мо маҷоли таъсис кардани Созмонро надиҳад, яъне пеш аз маҷлиси муассисон моро пароканда созад. Устоди ДДТ – муаллими мӯхтарам, марди фозилу ватанпараст Абдуқодир Холиқзода (рӯҳашон шод бод) пешниҳод карданд, ки ҷаласаи муассисонро дар яке аз толорҳои ДДТ баргузор кунем. Як рӯз кабл аз ҷаласаи муассисон дар хонаи яке аз дӯстон ҷамъомади васеътар (бо ширкати 25-30 нафар равшанфикрони тоҷик) баргузор шуд ва як бори дигар Барномаю Ойинномаро баррасӣ кардем. Аз ҳозирин хоҳиш шуд, ки равшанфикрони фаъолро ба ҷаласаи фардо даъват намоянд. Албатта, бидуни сару садо. Бегоҳи рӯзи дигар дар яке аз толорҳои ДДТ 250-300 нафар ҷамъ омаданд ва Барномаю Ойинномаро баррасию тавсиб карданд ва ҳайати раёсати созмонро ба теъдоди беш аз 80 нафар аз ҷумлаи шоирону нависандагон ва дигар равшанфикрони тоҷик интихоб намуданд. Дар мавриди номи Созмон чанд пешниҳод шуд,

Абдуқодир Холиқзода –устоди пешини ДМТ яке аз созмондиҳандагони ҶМТ – Созмони Растохез буд.

аз ҷумла Растохез. Чун ҳадафи асосии Созмон озодию соҳибихтиёрии халқи тоҷик ва Тоҷикистон (дар чорчӯби ИШ) ва дубора дарёфтан ва зинда кардани ҳуввияти миллии тоҷикон буд, номи "эҳё" (ба русӣ "возрождение") муносиб буд. Вале "эҳё" вожаи арабӣ аст. Мо мехостем, ки номи тоҷикӣ бошад. Вожаи "эҳё" ба тоҷикӣ Растохез аст. Бинобар ин муваққатан (то анҷумани Созмон) ҳамин ном пазируфта шуд.

– Андешаҳое ҳам буд, ки гӯё ҳукумат ҷонибдори ба қайд гирифтани Растохез ва фаъолияти он буд...

– Не. Баръакс. Аз ҳамон оғози кор ҳукумат, дурусттараш ҳизби ҳоким (ҲК), мухолифи фаъолияти Растохез буд, зеро барномаи мо ва онҳо ба ҳам созгор набуданд. Мо соҳибихтиёрии халқи тоҷик ва рушди забону фарҳанги миллиро мехостем, аммо ҲК – сотсиализми тоталитарӣ ва тобеияти халқи моро. *Мо тибқи қонун Протоколи ҷаласаи муассисон ва Барномаю Ойинномаи Созмонро бо замми номае ба Президиуми Шӯрои Олӣ ва ҳукумати Тоҷикистон супоридем ва аммо ба ҲК нададем.* Зеро қонунан он як созмони ҷамъиятӣ буд ва иртиботе ба ин корҳо надошт. Албатта, амалан вазъ дигар буд. Вале мо тибқи Қонун рафтор кардем. Пас аз муддате маро ШО даъват карданд ва дар ҳузури Раиси президиуми ШО Ғ.Паллаев ва муовинашон Дедов ва чанде аз кормандони олиртабаашон дар бораи Барномаи Растохез баҳсҳо кардем. Оқои Дедов пешниҳод карданд, ки Растохезро созмони сиёсию ҷамъиятӣ не, балки Созмони фарҳангӣ нависем, то сабти ном кардану фаъолияташ осон шавад. Ман гуфтам, ки дар кишвари мо ҳеҷ масъалае нест, ки ба сиёсат вобаста набошад. Ҳамаи матолибе, ки дар Барнома омадааст, хатто масоили фарҳангӣ, ҷанбаи сиёсӣ дорад. Эшон ба ин нукта розӣ шуданд ва пурсиданд, ки ин ҳама масоилро чӣ гуна ичро хоҳед кард? Гуфтам, ки ҳамаи матолиби Барнома масоили тамоми сокинони кишвараند ва ҳалли онҳо вазифаи ҳамагон, пеш аз ҳама, вазифаи ҳукумати Тоҷикистон аст. Мо он масоилро матраҳ кардем ва агар дар Барнома нуктаи нодурусте хаст, шумо онро нишон диҳед, ман ҳамин ҳоло онро хат мезанам. Билохира, онҳо гӯё розӣ шуданд, ки матолиби Барнома вокеъбинона аст... Мо борҳо ба шаҳрдорӣ нома навишта, хоҳиш кардем, ки ба мо як утоқе бидиҳанд, то фаъолияти худро идома диҳем. Вале номаҳои мо бечавоб монданд, дар ҳоле ки бисёри ҷамъиятҳои акалиятҳои миллӣ аз чунин шароит бархурдор буданд. Барои мисол, ҷамъияти ӯзбакҳо дар бинои Вазорати хориҷаи Тоҷикистон чанд утоқро дар ихтиёр дошт. Ин ҳама нишони он аст, ки ҳукумат ба Созмони Растохез натанҳо рӯйи хуш нишон намедод, балки мавриди фишор қарор медод ва дар ҳаққи мо тӯҳмату бӯҳтонҳо паҳн мекард. Баъдтар мо мачбур шудем, ки ба маҳкамаи нохияи Рохи оҳани шаҳр мурочиат кунем ва ба маҳкама кашидани баъзе аз тӯҳматгаронро талаб кунем...

– Агар мо бигӯем, ки Ҷунбиши Мардумии Тоҷикистон – Созмони Растохез шахсиятҳоеро ба ҷомеа муаррифӣ кард, ки онҳо баъдан шахсияти сиёсӣ шуданд, шояд хато набошад. Ба ин мисол шуда метавонад собиқ вазири адлияи Тоҷикистон Халифабобо Ҳомидов, мушовири давлатии

президенти Тоҷикистон, Шарофиддин Имомов. Чизи дигар ин ки соли 1990 Ҳизби Демократи Тоҷикистон ба қайд гирифта шуд ва қишри асосии ин ҳизбро шахсиятҳои саршинос аз Созмони Растохез ташкил мекарданд. Пас чунин андеша пайдо мешавад, ки ин шахсиятҳо аз Растохез ба ҳизби демократ гӯё барои пиёда кардани ҳадафҳояшон омада буданд, зеро чаҳорчӯби Растохез барояшон тангӣ мекард?

– Шояд ин нукта ҳам дуруст бошад. Ба ҳар ҳол баъзе аз ёрон, аз ҷумла Абдуқодир Холиқзода чанд бор чунин андешаро ба миён гузошта буданд. Ба ақидаи эшон, таъсис додани як ҳизби сиёсӣ, маъмулан тартибу интизом дорад ва ба аъзои худ супоришҳо медиҳад ва иҷрои онро талаб мекунад. Аммо дар созмони мо пайравону ҷонибдорон буданд ва ба таври ихтиёрию довталабона фаъолият мекарданд. Бо он ҳам, мо дар ин кор шитоб накардем. Зеро ҳизб манофеъи як бахши ҷомеаро ифода мекунад ва барои қудрат талош мекунад. Аммо ҳадафҳои мо ҳадафҳои умумимиллӣ буданд ва дар марҳилаи ҷунбишҳои миллӣ-озодихоҳӣ мебоист, ки ҳамагон дар бароварда сохтани он саҳм гиранд. Аз ин рӯ, созмони Растохез ба рӯи ҳамагон боз буд... Аммо онҳое, ки ҷонибдори ҳизб буданд, Ҳизби Демократро таъсис намуданд ва мо ҳам хайрхоҳи онҳо будем.

Мо тайи фаъолиятҳои баъдии Созмон як силсила санадҳои муҳимро, аз ҷумла *"Консепсияи мустақилияти иқтисодии Тоҷикистон", "Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистон", "Лоиҳаи созишномаи ҷадиди Иттиҳоди давлатҳои мустақил"* ва ғайраро ба ҷомеа ва ҳукумати Тоҷикистон пешниҳод кардем, ки онҳоро аввал напазируфтанд, вале бо гузашти замон, онҳо амалӣ шуданд ва ё мешаванд.

Албатта, на ба он тавре ки мо мехостем. Пешниҳодҳои мо дар мавриди таъсиси *Бонки миллӣ, пули миллӣ, урдуи миллӣ* ва бархе аз ниҳодҳои дигар низ дар аввал рад шуд, вале баъдтар зарурати онҳоро дарк кар-данд... Зарурати таъсиси мақоми президенти Тоҷикистонро соли 1989 ба мӯҳтарам Маҳкамов (котиби якуми ҲК Тоҷикистон) пешниҳод карда будам ва сипас дар ин бора мақолае навиштам, ки он дар рӯзномаи "Комсомолец Таджикистана" чоп шуд, ки дар Тоҷикистон мақоми президенти Тоҷикистон таъсис карда шавад. Баъдан, он кас маро даъват карданд, сӯҳбат кардем. Ман далели ин пешниҳодро гуфтам, яъне котиби якуми ҳизб, ҳатто котиби райкому обком он вақт Маскав рафта, барои кор иҷозат мегирифтанд, яъне касе, ки аз тарафи Маскав дар ин ё он вазифа таъин мешавад, табиист, ки пойбанди он аст, на дар хидмати мардуми тоҷик. Барои ҳамин ман ба Маҳкамов гуфтам, ки беҳтар аст мақоми президенти Тоҷикистон таъсис шавад. Аввал ин ки мақоми олӣ дар як давлат аст ва маънои онро дорад, ки мо соҳибихтиёр ҳастем. Баъдан, чун президентро халқ интихоб кунад, он вақт ӯ кореро барои мардум анҷом медиҳад. Аммо он кас инро қабул накарданд ва гуфтанд, «ин кор ношуданӣ аст. Инро ту намедонӣ, имрӯз ҳатто интихоб кардани як раиси колхоз амали душворе аст. Ин метавонад низоъро ба бор орад». Он кас ақидаи худро дошт, ман ақидаи худро. Ман фикр мекунам, ки он кас

воқеъбин буданд, шароити Тоҷикистонро беҳтар медонистанд. Мо бошем, танҳо равшанфикрону зиёиёнеро мешинохтем, ки ҳамаашон воқеан андешаи хуб ва амали солим доштанд. Он кас шароитҳои маҳалливу қавмиро беҳтар медонистанд. Ман хеле баъдтар фаҳмидам, ки дар ҳукумати онвақтаи Тоҷикистон чор гурӯҳи маҳаллӣ будааст, ки аз маҳалҳои алоҳида намояндагӣ мекарданд, бо машварати якдигар кадр таъйин мекарданд. Яъне назардошти манфиатҳо, муросо ба хотири мансаб будааст. Ман фикр мекардам, ки ин мавзӯъ бисёр сода аст...

– Аммо дар минбаъд ҳам Ҳизби Демократ ва ҳам Созмони Мардумии Растохез, ҳам Созмони Мардумии "Лаъли Бадахшон" ва дигар созмонҳо дар талошҳои минбаъда зери нуфузи Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон монданд. Ва агар хато накунам, Шумо чун роҳбари Созмони Мардумии Растохез, баъди он ки дар Афғонистон Иттиҳоди нерӯҳои опозитсиони Тоҷикистон таъсис шуд, дар он ҳуҷҷат имзо нагузоштед.

Гурӯҳе аз ширкаткунандагон дар маросими ёдбуди устод Тоҳири Абдуҷаббор, 25 апрели соли 2009.

Вақте сулҳ шуд ва мувофиқи шартномаи сулҳ сӣ дарсади мансабҳо ба Иттиҳоди нерӯҳои оппозитсион гузошта шуд, табиист, хидматҳои Созмони Мардумии Растохезро "фаромӯш" карданд. Ба фикри Шумо, ин амали одилона буд ё на?

– Тавре дар боло гуфтам, ҳадафи мо баррасии мушкилоти мардум ва пешниҳод кардани назариёти худ ба ҳукумат буд, на талоши мансаб. Ба андешаи шахсии ман мансабталабӣ кори зишт аст. Ҳадафи мо озодӣ буд, озодии инсон. Ва он замоне муяссар мешавад, ки халқ соҳибихтиёр бошад. Ин мурод – Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон расман ҳосил шуд. Онҳо бояд худашон талош кунанд, ки амалан ҳам озод бошанд. Дар маҷмӯъ, назари ман ин аст, ки инсонҳо дар ҳама кор бояд худашон тасмим гиранд. Ман мӯътақидам, ки ҳатто ба ҷаннат ба зӯрӣ набояд бурд. Мо барои қудрат талош накардаем ва парвои онро ҳам надорем.

– Ташаккур барои сӯҳбат!

*

Тоҳири АБДУҶАББОР,
06.06.07

ГУСТАРИШИ ҲАМКРИҲОИ ИҚТИСОДӢ МИЁНИ ТОҶИКИСТОН ВА ҚАЗОҚИСТОН

Таи солҳои ахир ҳамкориҳои иқтисодӣ миёни Тоҷикистону Қазоқистон густариш меёбад. Барои ин, дар ҳар ду кишвар шароити мусоид вуҷуд дорад. Пеш аз ҳама, муносиботи сиёсии ду кишвар торафт беҳтар мешавад. Ба ин мулоқоту музокироти намояндагон ва сарони ду кишвар мусоидат мекунад. Таи 2-3 соли ахир раҳбарони Тоҷикистону Қазоқистон ҳам дар чорчӯби созмонҳои "Кишварҳои ҳамсуд", "ЕврАзЕС" ШОС ва дигар Созмонҳои минтақавӣ ва ҳам ҳангоми сафарҳои расмӣ бо ҳам мулоқоту гуфтушунидҳои судмандро анҷом додаанд ва созишномаҳои густариши робитаҳои дуҷонибаро ба мувофиқа расондаанд. Дар ин росто нахустин сафари расмии Президенти Тоҷикистон ба Қазоқистон, ки дар моҳи апрели соли 2005 сурат гирифт, хело муҳим буд. Дар ҷараёни ин сафар, сарони Тоҷикистон ба Қазоқистон масоили таҳким ва густариши ҳамкориҳои дуҷонибаро дар бахшҳои иқтисод, тичорат, саноеъ, энержӣ ва ғайра баррасӣ намуданд ва ба зарурати беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва ҷалби сармояҳои Қазоқистон ба Тоҷикистонро таъкид карданд. Ҳамзамон як силсила созишномаҳои дуҷониба дар бораи густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони корӣ, рушди рафтуомади автомобилҳои байналмиллалӣ, ҳамкорӣ дар бахши иттилоот ва муборза бар зидди ҷиноятҳои иқтисодиро ба имзо расонданд. Зимнан, байни вазоратҳо ва кумитаҳои давлатии ду кишвар низ созишномаҳои ҳамкорӣ имзо шуданд.

Рӯиҳамрафта, дар ҳоли ҳозир кариб 70 санади ҳамкориҳои дуҷониба имзо шудааст. Ин санадҳо заминаи ҳуқуқии густариши ҳамкориҳо дар бисёр соҳаҳоро таъмин менамоянд. Комисиюни иқтисодии байни ҳукуматҳои Тоҷикистону Қазоқистон, ки ба таври муназзам масоили густариши ҳамкориҳои иқтисодии ду давлатро баррасӣ мекунад, ҳамчунон ба ин кор мусоидат мекунад.

Тоҷикистон захираҳои саршори табиӣ ва нирӯи кори арзон дорад. Чизе ки барои пешрафти босуръати иқтисоди кишвари мо намерасад, ин сармоя аст. Қазоқистон, ки босуръат пешрафт мекунад, ба нирӯи кор ва баъзе намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ ниёз дорад. Яъне ба он чизхое, ки мо дорем, вале дуруст истифода намекунем. Вазъи иқтисодии Қазоқистон дар замони Шӯравӣ ҳам хело беҳтар аз Тоҷикистон буд. Аммо таи 10-15 соли ахир вай тавонистааст, ки бо истифода аз болоравии қимати маводи сӯхт дар бозори ҷаҳонӣ, коркард ва содироти нафту гозро ба маротиб афзоиш диҳад ва сармояҳои зиёд бияндӯзад. Яъне Қазоқистон

имрӯз сармоя дорад ва онро барои сохтани шаҳрҳо ва корхонаҳои хурду бузурги санъатӣ ва рушди соҳаи хидматрасонӣ дар кишвари худ ва барои сармоягузорӣ дар кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла дар Русия, Украина, Гурҷистон, Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ҳамсуд сарф мекунад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки Тоҷикистону Қазоқистон ба якдигар ниёз доранд, якдигарро такмил мекунанд, бозори фурӯши маҳсулоти якдигар мебошанд. Ин ки Тоҷикистону Қазоқистон нисбати якдигар ғаразҳою иддаоҳои сиёсӣ надоранд, балки муносиботи дӯстонаро таҳким мебахшанд, заминаи густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманди иқтисодиро бар асоси усулҳои баробарҳуқуқӣ ва эҳтироми якдигар мусоидтар месозад.

Ин аст, ки таи ду соли ахир ҳаҷми тиҷорат миёни ду кишвар беш аз ду баробар афзоиш ёфт ва аз 100 млн доллар дар соли 2005 то ба 215 млн доллар дар соли 2006 расид. Албатта, ҳаҷми содироти мо ба Қазоқистон чанд баробар камтар аз ҳаҷми воридотамон аз он кишвар аст. Агарчи ин таносуб ба суди мо нест, вале дар марҳилаи кунунӣ ин як амри ногузир аст. Албатта, ҳукумати Тоҷикистон бояд бикӯшад, ки сармояҳои хориҷӣ, аз ҷумла сармояҳои Қазоқистон, пеш аз ҳама, барои сохтани корхонаҳои нави тавлидӣ ва таҷдиди технологии корхонаҳои мавҷуда равона шавад, то имконоти содиротии кишвар бештар гардад ва дар солҳои наздик таносуби содироту воридоти кишвар ба суди Тоҷикистон тағйир кунад.



Тоҷикистону Қазоқистон нисбати якдигар ғаразҳою иддаоҳои сиёсӣ надоранд, балки муносиботи дӯстонаро таҳким мебахшанд,

Ширкатҳо ва Бонкҳои Қазоқистон сармоягузорӣ ба иқтисоди Тоҷикистонро оғоз намуданд. Тобистони соли 2006 ширкати қазоқии "Казинвест минерал" комбинати ғанисозии Адрасмонро, ки ба истихроҷ ва ғанисозии сурбу нукра машғул аст, харидорӣ намуд ва ҳоло дар садади таҷдиди таҷҳизоти он корхона мебошад. Дар октябри соли 2006 "АТФ Бонк"-и Қазоқистон бо "Соҳибкорбанк"-и Тоҷикистон дар бораи харидани 75% саҳмияҳои қоғазҳои қиматноки ин бонк тавофуқ ҳосил намуд. Ду моҳ пеш (дар апрели 2007) ширкати "БЕЙБАРС ва К"-и Қазоқистон беш аз 50% саҳмияҳои ширкати саҳомии "Оби Зулол"-и Тоҷикистонро харидорӣ кард. Ҳафтаи гузашта ҷониби Қазоқистон омадагии хешро барои сармоягузорӣ ба пруҷаҳои истихроҷи конҳои ангишт ва таҷдиди сохтмони як сисила ниругоҳҳои барқӣ ва гармирасони Тоҷикистон изҳор намуд.

Муассисаҳои молии Қазоқистон низ фаъолияти худро дар Тоҷикистон густариш медиҳанд. Дар моҳи майи соли 2005 яке аз бузургтарин бонкҳои

Қазоқистон – "Банк ТуранАлем" дар Душанбе намояндагии худро ифтитоҳ кард ва дар садади шарик шудан ба бархе аз бонкҳои Тоҷикистон мебошад. Дар охири соли гузашта базургтарин бонки Қазоқистон – "Казкомерцбанк" низ намояндагии худро ифтитоҳ кард. Дар моҳи марти имсол намояндагии бузургтарин ширкати телекомуникационии Қазоқистон – "Казахтелеком" дар Душанбе расман таъсис шуд. Ширкати ҳавонавардии Қазоқистон – "СКАТ" низ тобистони соли гузашта филиали худро дар Душанбе ифтитоҳ карда буд. Ҳамин гуна дигар муассисоҳои моли Қазоқистон – "Бонки рушди Қазоқистон", "Фонди инвестиционии Қазоқистон" ва "Ширкати давлатии бимаи қарзаҳои содиротӣ ва саҳмия-гузориҳо" ва ғайра низ бо чунин ниятҳо аз Тоҷикистон дидан карданд. Албатта, ба бозори молии Тоҷикистон ворид шудани бонҳои Қазоқистон ва дигар кишварҳо ба фаъолияти муассисаҳои молии Тоҷикистон бетаъсир наметонад. Ҳамин ҳоло баъзе кормандони онҳо нигаронанд, ки мумкин аст, рақобат дар бозори молӣ шиддат ёбад ва суди онҳо камтар шавад. Воқеъан ҳам, метавон гуфт, ки дар ояндаи наздик дар Тоҷикистон нархи қарза ва пасандозҳо поин хоҳад омад ва ин ба фаъолияти сармоягузорон ва пешрафти иқтисоди кишвар мусоидат хоҳад кард. Албатта, ба шарте ки муассисоти молии дохилаю хориҷӣ бо ҳам маҳрамона созиш накунанд ва дар бозор рақобатро аз байн набаранд. Чунин пешомад аз имкон дур нест, хусусан дар кишварҳои ақибмонда ва фасодзада ба мисли Тоҷикистон. Ҳоло бозори молии Тоҷикистон хислати олигополӣ дорад ва яке аз сабабҳои гарон будани қарзаҳои бонкӣ низ дар ҳамин аст. Равшан аст, ки чунин ҳолат ба пешрафти иқтисоди кишвар мусоидат намекунад, ҳатто баръакс, сади роҳи пешрафт мешавад. Барои пешрафти иқтисод озодии тавлидкунандагон ва рақобати солими онҳо дар бозорҳо лозим аст. Бинобар ин, омадани сармоя ва муассисаҳои молии Қазоқистон ва дигар кишварҳо ба Тоҷикистон, мумкин аст, боиси беҳтар шудани вазъи бозорҳои кишвар гардад. Ба ҳар сурат, густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ миёни ду кишвар кори муфид аст.



Муассисаҳои молӣ, бонкҳо ва чандин ташкилотҳои дигари Қазоқистон фаъолияти худро дар Тоҷикистон густариш медиҳанд.
***Дар акс**: намое аз Остона - пойтахти нави Қазоқистон.*

Тоҳири АБДУҶАББОР,
таҳлилгари минтақа аз Тоҷикистон,
радиои ББС, 14 августи соли 2007

ҲУЗУРИ ФАЗОЯНДАИ ЧИН ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Бишкек, пойтахти Қирғизистон, мизбони намояндагони аршади узв ва нозири Созмони ҳамкориҳои Шонғҳой будааст.

Агарчи Паймони Шонғҳой дар ибтидои ташкили он дар авоили соли 2001 ҳамкориҳои низомӣ ва амниятии кишварҳои узвро дунбол мекард, аммо аҳдофи иқтисодӣ дар чанд соли ахир аз аҳдофи муҳимми ин созмони минтақаӣ ба шумор меравад.

Дар ҳамин робита, он чи ки ба гуфтаи нозирони масоили минтақа аз аҳаммияти зиёде бархурдор аст, ҳузури Чин, аз аъзои ташкилдиҳандаи ин созмон аст, ки ба далоили мухталифе нақши рангиро, бавижа дар масоили иқтисодии ин созмон дорад.

Чин яке аз кишварҳои бузурги минтақа ва ҷаҳон аст. Иқтисоди он басуръат рушд мекунад. Маҷмӯъи маҳсулоти нохолиси дохилии Чин ҳамасола то 10-12 дарсад афзоиш меёбад. Ҳаҷми тавлиди колоҳои масрафӣ дар ин кишвар низ дар ҳоли афзоиш аст. Табиъист, ки дар чунин кишваре масрафи энержӣ хеле зиёд аст ва сол ба сол бештар мешавад. Пешбинӣ шудааст, ки тайи 10-15 соли оянда масрафи нафт дар Чин 2-2,5 баробар афзоиш хоҳад ёфт.

Аз ин ҷо равшан аст, ки Чин ба бозорҳои фурӯши маҳсулоти худ ва хариди маводди сӯхти (нафт, гоз, энержӣ) ниёз дорад. Бино бар ин мекӯшад, ки равобити тиҷоратӣ ва ҳамкориҳои иқтисодиро бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон густариш бидиҳад.

Воридоти осон ва арзон

Кишварҳои Осиёи Марказӣ, рӯйиҳамрафта, ҳудуди 70 милион ҷамъият доранд, вале дар бисёре аз риштаҳо саноеъи пешрафта надоранд ва мачбуранд, ки аксари анвоъ ва намудҳои колоҳои санъатиро аз хориҷ ворид кунанд.

Аз ин рӯ, ин кишварҳо бозори хубе барои колоҳои чинӣ мебошанд. Далели ин амр яке он аст, ки дар кишварҳои Осиёи Миёна қудрати хариди аксари мардум боло нест. Бинобар ин, мардуми ин кишварҳо ба ҷойи хариди маҳсулоти ғарбӣ, бештар колоҳои нисбатан арзони чиниро харидорӣ мекунанд.

Омили муҳимми дигар ин аст, ки масорифи ҳамлу нақли колоҳо аз Чин ба кишварҳои минтақа зиёд нест ва дар қимати колоҳо таъсироти ҷиддие намегузорад. Ин аст, ки ҳаҷми тиҷорати Чин бо кишварҳои Осиёи

Марказӣ сол ба сол афзоиш меёбад. Барои мисол, бар асоси гузоришҳо ҳаҷми табодули коло байни Чин ва Қазоқистон дар соли гузашта ба 10 милёрд дулор расид ва ҳамасола то 30 дарсад афзоиш меёбад. Тиҷорати Чин бо Қирғизистон, Тоҷикистон ва Узбакистон низ бо суръати болое густариш меёбад. Аммо алорағми ин маворид, чизе, ки боъиси нигаронии туҷҷор ва дастандаркорони содирот ва воридоти кишварҳои Осиёи Марказӣ мешавад, пеш аз ҳама ин аст, ки дар аксари маворид кайфияти колоҳои чинӣ пойин аст.

Нигаронии дигар ин аст, ки содиркунандагони чинӣ аз шеваҳои «носолим ва ғайри муҷоз»-и бозори рақобат монанди кӯмакҳои молӣ, пуштибонии давлат, имтиёзҳои гумрукӣ ва ғайра истифода мекунанд, ки ин боъиси пойин омадани тавони рақобатпазирии колоҳои дохилӣ, аз кор уфтодану варшикастагии корхонаҳои ватанӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ мегардад.

Кишварҳои Осиёи Марказӣ, аксари колоҳои санъатиро аз хориҷ, бавижа Чин ворид кунанд, ки аксаран кайфияти паст доранд.

Тарози нобаробар

Дар натиҷа, таъодули воридот ва содироти ин кишварҳо бо Чин аз байн меравад ва тароз (ё болонс)-и тиҷорати хориҷӣ ба зарари кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ба суди Чин аст. Масалан, дар соли 2006 Тоҷикистон маблағи 159 милион дулор колоҳои мухталифе ворид кард, дар ҳоле ки содироти ин кишвар ба Чин танҳо 10 милион дулор буд.

Дар тӯли панҷ моҳи аввали соли равон низ Тоҷикистон ба Чин фақат маблағи чаҳор милион дулор коло содир карда, вале маблағи 77 милион дулор колоҳои чиниро ворид кардааст. Болонси тиҷоратии кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ ҳам бо Чин манфӣ аст.

Манфӣ будани болонси тиҷорати хориҷӣ, худ ба худ нигаронкунанда аст ва агар чунин ҳолате сол ба сол такрор шавад, мумкин аст системи молии кишварро бо хатароти ҷиддӣ мувоҷеҳ созад. Ин масъала бахусус барои Тоҷикистон, ки болонси тиҷорати хориҷии он тайи солҳои зиёде ҳамвора манфӣ буда, хеле муҳимм аст.

Агар давлати Тоҷикистон дар ҷиҳати рушди саноеъ, афзоиши тавлиди колоҳои хушсифат (бо кайфияти боло) барои бозорҳои дохилию хориҷӣ тадобире лозим наяндешад ва бо истифода аз баъзе абзорҳои қонунӣ бозори дохилиро аз рақобати носолими хориҷӣ ҳимоят накунад ва аз ин роҳҳо болонси тиҷоратиро ба суди Тоҷикистон тағйир надиҳад, ин кишвар мумкин аст бо вазъи хеле ногуворе рӯбарӯ шавад.

Сармояи Чин дар минтақа

Чин дар кишварҳои Осиёи Марказӣ на танҳо тиҷорати муваффақе дорад, балки ҳамкориҳои иқтисодиро низ бо ин кишварҳо густариш медиҳад. Сармоягузорони чинӣ дар минтақа бештар ба саноеъи нафту гоз, истихрочи филизот ва арсаи иртиботот таваччӯҳ зоҳир мекунанд.

Чин бо Қазоқистон, Узбакистон ва Туркманистон, ки дорои захоири бузурги маводди сухт мебошанд, дар рушди саноеъи нафту гоз ва бо Тоҷикистону Қирғизистон дар рушди арсаи энержӣ ва сохтмони роҳҳо ҳамкорӣ мекунад. Давлати Чин барои ичрои чунин пружаҳое қарзҳои дарозмуддат ва боимтиёз медиҳад. Албатта, ичрои чунин пружаҳо ба пешрафти иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ мусоъидат мекунанд, вале онҳо барои Чин ҳам муфид мебошанд.

Чин дар иқтисоди Қазоқистон бо сохтани корхонаҳои истихроҷ ва полоиши нафт, истихрочи маъодини дорои уронюм, сохтмони лӯлаҳои нафтрасонӣ аз Қазоқистон ба Чин ва ғайра саҳм мегирад. Ширкатҳои чинӣ беш аз 50 дарсади корхонаҳои бузурги полоиши нафт дар шаҳри Шимкент ва шумори зиёде аз фурӯшгоҳҳои бензин дар Қазоқистонро соҳиб шудаанд.

Дар ҳоли ҳозир сохтмони як лӯлаи нафтрасонӣ аз Атасу (Қарағанда, Қазоқистон) ба Алашанкоу (Чин) ба поён расидааст. Сохтмони лӯлаи дигари нафтрасонӣ аз Қазоқистон ба Чин идома дорад. Ҳамчунин сохтмони як лӯлаи нафтрасонӣ аз Туркманистон ба Чин (аз тариқи Узбакистон) имсол оғоз мешавад.

Пружаҳои Чин дар Тоҷикистон

Давлати Чин бо Тоҷикистон дар сохтмони роҳҳо ва ичрои пружахои энержӣ ва ҳамчунин ичрои бархе пружаҳои истихроҷу коркарди маъодин ҳамкорӣ мекунад. Барои ичрои ин пружаҳо Чин маблағи 720 милюн дулор қарзи дарозмуддат ва боимтиёзро дар ихтиёри Тоҷикистон қарор додааст.

Дар ҳоли ҳозир аз ҳисоби ҳамин қарзҳо мутахассисони чинӣ ба сохтани роҳҳои мошингард байни манотиқи шимолӣ ва марказию шарқии Тоҷикистон ва хатти интиқоли барқ аз марказ ба шимоли ин кишвар машғуланд.

Ичрои ин пружаҳо ҳам барои Тоҷикистон ва ҳам барои Чин муфид аст. Сохти ин роҳҳо Тоҷикистонро бо Узбакистон, Қирғизистон, Чин ва кишварҳои дигар мепайвандад ва кишварро аз бунбасти иртиботи раҳо намуда, дастрасӣ ба обҳои озодро мумкин месозад ва заминаи пешрафти иқтисод ва тиҷорати хориҷии кишварро фароҳам мекунад.

Ҳамзамон бунёди ин роҳҳо интиқоли колохои чиниро ба бозорҳои Тоҷикистон ва кишварҳои дигари минтақа осон мекунад. Мусоъидат ба ичрои пружаҳои тавлиди барқ дар Тоҷикистон ва Қирғизистон имкон медиҳад, ки миқдори зиёди энержӣ аз ин кишварҳо ба манотиқи ғарбии Чин, ки ба он ниёз доранд, интиқол дода шавад.

Нерӯгоҳи Зарафшон

Тибқи созишномаи тарафайн, қарор аст, ки дар ояндаи наздик сохтмони нерӯгоҳи обӣ дар рӯдхонаи Зарафшон тавассути мутахассисони чинӣ оғоз шавад. Вале, бино ба гузориши расонаҳо, ширкати чинии Синехидру иҷрои корҳои мукаддамотӣ дар ин маҳаллро мутаваққиф кардааст. Далели ин иқдом мухолифати Узбакистон бо иҷрои ин пружа ва фишори мақомоти узбак бар ширкати чинӣ талаққӣ мешавад.

Албатта, муносиботи сиёсии Тоҷикистону Узбакистон чандон ризоятбахш набуда ва шояд бархе аз гурӯҳҳои сиёсӣ дар давлати он кишвар, ки аҳдофи ғаразолуд доранд, бо эҳдоси нерӯгоҳҳои обӣ дар Тоҷикистон мухолифат кунанд.

Вале дар маҷмӯъ баъид аст, ки ҳукумати Узбакистон ба чунин коре иқдом кунад. Зеро сохтани нерӯгоҳҳо дар рӯдхонаҳои Тоҷикистон ба суди Узбакистон ва кишварҳои дигари минтақа ҳам хаст, бавижа дар дарозмуддат.



Бархе аз гурӯҳҳои сиёсӣ дар давлати Узбакистон, ки аҳдофи ғаразолуд доранд, ба эҳдоси нерӯгоҳҳои обӣ дар Тоҷикистон, минҷумла нерӯгоҳи Зарафшон мухолифат мекунанд.

Дар ин миён, эҳтимол меравад, ки ҳадафи аслии ширкати чинӣ аз мутаваққиф кардани кор дар пружаи нерӯгоҳи Зарафшон, боло бурдани қимати кор ва дарёфти суди бештаре бошад. Ба ҳар сурат, иҷрои ин пружа ва чанд пружаи дигар дар навоҳии марказӣ ва чануби Тоҷикистон мумкин аст аз ҷониби мутахассисони чинӣ ба анҷом расонда шавад.

Чанд рӯз пеш, як ширкати бузурги чинӣ, мавсум ба «Гурӯҳи Истихроҷгари Зичин» (Zijin Mining Group Co. Ltd) тасмим гирифтааст, ки 75 дарсад аз саҳмияҳои корхонаи муштараки истихроҷи тиллои «Зарафшон»-ро, ки ба як ширкати британиёӣ (Commonwealth & British Mineral Ltd) таъаллуқ дошт, харидорӣ кунад.

Ин ширкати чинӣ ҳамчунин дар назар дорад барои тавсеъаи корҳонаи истихроҷи тиллои «Зарафшон», ки дар ноҳияи Панҷакент воқеъ аст, 100 милион дулор сармоя гузорад. Ин ҳама баёнгари рушди ҳамкориҳои иқтисодии Чин бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва тақвияти ҳузури он кишвар дар минтақа аст.

Рақобатҳои минтақаӣ

Равшан аст, ки фаъолияти Чин дар Осиёи Марказӣ ба масобаи рақобат бо дигар кишварҳои бузург, пеш аз ҳама бо Русия ва Амрико маҳсуб мешавад, ки дар минтақа нуфуз ва ҳадафҳои худро доранд. Албатта,

байни Чин ва Русия дар бисёр масоил ихтилофоте вуҷуд дорад, ки дар оянда мумкин аст ба муносиботи ду кишвар таъсироти ҷиддӣ бирасонад.

Вале дар ҳоли ҳозир Русия ва Чин якҷо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ аъзои Созмони ҳамкориҳои Шонгҳой (СҲШ) мебошанд ва ин вазъ имкон медиҳад, ки ин ду кудрати минтақаӣ ҳузури худро дар Осиёи Миёна «конунан» тақвият бидиҳанд ва муштаракан дар муқобили манофеъи Амрико қарор бигиранд.

Бояд гуфт, ки муносибот ва шеваи бархурди Чин ва Русия бо кишварҳои Осиёи Марказӣ яксон нест. Чин иддаъоҳои сиёсию бузургманишона надорад ва агар дошта бошад ҳам, то кунун ба шеваи ошкор зоҳир накардааст. Чин бидуни фишору таҳдид, орому осон бозорҳои Осиёи Марказиро тасхир мекунад, вале Русия равиши дигаре дорад. Маскав Осиёи Марказиро минтақаи ҳифзи манофеъи жиюполитикии худ эълом карда ва мекушад, ки кишварҳои минтақаро дар доираи нуфузи худ нигаҳ дорад ва барои расидан ба ин ҳадаф аз созмонҳои байнулмилалӣ, назири Созмони Ҳамкориҳои Шонгҳой низ истифода мекунад.

Нақши Гурӯҳи Шонгҳой

Созмони Ҳамкориҳои Шонгҳой дар ибтидо (соли 2002) ба манзури таъмини амният дар навоҳии сарҳадии Чин, ҳалли баъзе ихтилофоти марзӣ миёни Чин ва кишварҳои ҳаммарзи он (Русия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон) ва коҳиши нерӯҳои низомӣ дар сарҳади ин кишварҳо таъсис дода шуда буд.

Ҳадафи дигари Чин ором кардани ҷудоихоҳони уйғур дар навоҳии ғарбии он кишвар (бавижа ноҳияи худмухтори Шинҷону Уйғур) буд. Барои расидан ба ин ҳадаф Чинро лозим буд бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамкорӣ кунад ва ба таъмини суботи сиёсӣ дар минтақа мусоъидат намояд. Дар Қазоқистон, Қирғизистон ва Узбакистон шумори зиёде аз уйғурҳо сукунат доранд ва аз наҳзати милии уйғурҳои Чин пуштибонӣ мекунанд.

Дар он солҳо авзоъи сиёсии Афғонистон бӯҳронӣ буд ва метавонист ба суботи кишварҳои Осиёи Марказӣ ва навоҳии мусалмоннишини Чин ҳам таъсироти манфӣ бирасонад.

Эҷоди Созмони ҳамкориҳои Шонгҳой ба ҳалли ин масоил мусоъидат кард. Вале тайи солҳои баъдӣ масъалаи густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ дар чорчӯби ин созмон аҳаммияти бештаре касб кард.

Табиъист, ки дар Созмони ҳамкориҳои Шонгҳой ду кишвари бузург – Русия ва Чин нақши асосӣ ва фаъол доранд. Зимнан, тамоюлоти онҳо мухталиф аст.

Иқтидоргароии Русия

Чин бештар ба ҳамкориҳои иқтисодӣ такя мекунад, вале Русия мехоҳад, ки чанбаи сиёсию низомии ин созмонро барҷастатар созад ва онро

дар муқобили Амрико ва Созмони Паймони Отлантики Шимолӣ (НОТУ) қарор бидиҳад ва ба ин васила аз густариши нуфузи Амрико чилавгирӣ кунад.

Бо ин ҳадаф, вазири дифоъи Русия дар моҳи апрели соли 2006 кишварҳои узви ин созмонро ба иттиҳоди низомӣ даъват кард. Аммо тарафи Чин дар баробари он хомӯшӣ ихтиёр кард. Баъдтар Русия дар садади он шуд, ки ба Созмони Ҳамкориҳои Шонгҳой ранги дигаре бизанад, яъне онро шабеҳи Паймони Амнияти Дастаҷамъии кишварҳои ҳамсуд гардонад, вале Чин ин иқдомро батундӣ радд кард. Ҳоло раиси ситоди нерӯҳои мусаллаҳи Русия, женерол Юрий Балуевский, дар мулокоти сарварони ситодҳои нерӯҳои мусаллаҳи кишварҳои узвигурӯҳи Шонгҳой, ки ҳафтаи гузашта дар шаҳри Урумчии Чин баргузор шуд, дубора зарурати муттаҳид кардани нерӯҳои мусаллаҳи кишварҳои узви ин Созмонро матраҳ кардааст.

Дар Созмони ҳамкориҳои Шонгҳой ду кишвари бузург – Русия ва Чин нақши асосӣ доранд. вале тамоюлоти онҳо мухталиф аст.

Ба гуфтаи хабарнигорони рӯзномаи «Независимая Газета», чопи Маскав, Русия дар андешаи он аст, ки ба ҷойи Паймони лағвшудаи Варшав, паймони чадиди низомию амниятӣ (Паймони Шонгҳой) эҷод шавад. Окои Балуевский гуфтааст: «Фаъолиятҳои пурсамари иқтисодӣ дар чорчӯби Созмони ҳамкориҳои Шонгҳой бидуни таҳкими амнияти минтақа ва бидуни ширкати ниҳодҳои низомии кишварҳои узв имконнопазир мебошад».

Вай ҳамчунин изҳор доштааст, ки пешниҳодҳои худро дар мавриди эҷоди як иттиҳодияи низомӣ чаҳор мох пеш ба кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои Шонгҳой ирсол дошта, вале то ҳол посухе дарёфт накардааст.

Ниёз ба рушди иқтисодӣ

Ба назар мерасад, ки талошҳои Русия дар ин чиҳат ноком хоҳанд монд, ҳадди ақалл дар марҳилаи феълӣ. Зеро Чин (яке аз «бозигарони» аслӣ) дастикам дар марҳалаи кунунӣ дунболи манофеъи сиёсӣ нест ва ба эҷоди як паймони низомӣ таваччӯҳ зоҳир намекунад.

Кишварҳои Осиёи Марказӣ дар пайи таҳкими истиқлоли хеш ва таъмини пешрафти иқтисод ва ҳалли мушкилоти худ мебошанд. Онҳо мехоҳанд аз вобастагиҳои якҷониба раҳо шаванд. Ин кишварҳо дарвоқеъ ба ҳамкориҳои иқтисодӣ бештар ниёз доранд, то ба ракобатҳои сиёсию низомӣ.

Аз ин ҷост, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷонибдори густариши муносиботи нек ва ҳамкориҳои пурсамари иқтисодӣ бо ҳамаи кишварҳои

ҷаҳон, аз ҷумла Амрико ва Иттиҳодияи Аврупо мебошанд. Ҳукуматҳои Қазоқистон, Тоҷикистон ва то андозае Қирғизистон дарвоқеъ ба чунин сиёсате тамоюл доранд. Бехуда нест, ки ҳамкориҳои иқтисодӣ ба ҷанбаи асосии фаъолияти Созмони ҳамкориҳои Шонгҳой табдил шавад.

*

Тоҳири АБДУҶАББОР,
13.08.07.

ИСЛОҲОТ ҲАДАФ НЕСТ...

Ҳама гуна ислоҳот, ба вижа ислоҳоти бунёдӣ, амали дарднок аст ва шикасту рехтҳо дорад. Он муносиботи иқтисодию иҷтимоӣ ва низоми сиёсии ҷомеаро тағйир медиҳад, шеваҳои маъмули зиндагӣ ва арзишҳои иҷтимоиро дигаргун месозад. Ба ин кори хатарнок дар ҷое даст мезананд, ки ҷомеа ба мушкилоти хело ҷиддӣ гирифтор бошад ва имкони аз роҳи табиӣ батарафу ҳалу фасл шудани он мушкилот мавҷуд набошад ва ё кам бошад. Он ба монанди амали ҷаррохӣ аст. Духтур замоне ба амали ҷаррохӣ даст мезанад, ки касалӣ хеле ҷиддӣ бошад ва барои шифо ёфтани бемор чораи дигаре намонда бошад. Ҷомеаи мо аз муддатҳо пеш бемор буд. Нишонаҳои он ҳанӯз дар замони Ҳукумати Шӯравӣ ошкор шуда буд ва инро мутахассисони иқтисод ва бархе аз ҳукуматдорон хуб медонистанд. Бинобар ин, 20-25 сол пеш раҳбарони ИШ роҳи ислоҳоти навбатиро пеш гирифтанд, ки он бо номи "сиёсати бозсозӣ" маъруф шуд. Албатта, ҳадафи он бехтар кардани вазъи иқтисоди кишвар дар чорчӯби низоми мавҷуда буд, на тағйироти бунёдии низоми сотсиалистӣ. Вале дар ниҳоят кор ба тағйироти бунёдии низом кашид ва ҳамаи кишварҳои Шӯравии пешин роҳи "иқтисоди бозор", яъне роҳи сармоядориро пеш гирифтанд. Ин ки чаро коммунистҳо ба ногаҳ ба капитализм дил бастанд ва ишқи чунуномези онҳо ба ҷоҳу мол ҷомеаро ба кучо бурду мебарад, мавзӯъи баҳси ҷудогона аст. Дар ин ҷо сӯҳбат аз ислоҳот ва ҳадафҳои он дар кишвари мо аст.

Вазъи иқтисоди Тоҷикистон дар замони Шӯравӣ ҳам хуб набуд. Иқтисод мо – ақибмондаю бӯҳронӣ, самарабахшии кор ва сатҳи зиндагӣ мардум – пойин, саноату кишоварзӣ, маорифу тандурустӣ ва фарҳанги ҷомеа – дар таназзул буд, бекории ошкору ниҳон ва "иқтисоди пушти парда" густариш меёфт. Зарурати ислоҳоти бунёдӣ ва даво кардани дардҳои ҷомеа комилан равшан буд. Ҳукуматдорони мо даст ба ислоҳоти бунёдӣ заданд. Онҳо аз низоми сотсиалистӣ, аз иқтисоди плонӣ даст кашида, ба капитализм рӯй оварданд. Ҳоло 10-15 сол аст, ки ба мақсади

гузаштан ба "иқтисоди бозор" дар ҳамаи бахшҳои иқтисоди кишвар, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои саноату кишоварзӣ ва тиҷорат ислоҳот мегузаронанд. Дар ин муддат қариб ҳамаи (93%) корхонаҳои хурду бузурги санъатӣ ва муассисоти тиҷоратию хидамоти маишӣ хусусӣ гардонда шудаанд. Ислоҳот дар деҳот ба намуди тақсим кардани колхозҳою совхозҳо ва ба вуҷуд овардани хоҷагиҳои нисбатан хурди деҳқонӣ зоҳир шудааст ва чунин равиш дар соҳаи кишоварзӣ ҳамоно идома дорад.

Саволе пеш меояд, ки натиҷаи ислоҳот, натиҷаи ин "хусусисозиҳо" ва тақсиму порча-парчасозиҳо чи буд? Натиҷа чунин шуд, ки шикасти иқтисодӣ ва нодориву фақр – дар авҷ, маорифу тандурустӣ нобаробариҳои иҷтимоӣ аз ҳад гузашта, гурӯҳе сарватманд (бой) шудаанд, аксарияти (70-80%) мардум дар ҳолати фақру бенавоӣ умр ба сар мебаранд, фасоди ахлоқӣ – фарогир... Ин ҳама ва он, ҷомеаи мо, ниёз ба ислоҳот дорад.

Ҳукумати нав ҳама корхонаҳои санъатӣ, колхозу совхозҳоро ба номи ислоҳот ба касоне бахшиду дод, вале аз ислоҳот, аз тавлидот ва аз пешрафти иқтисодӣ намунаи хубе дида намешавад.

Равшан аст, ки ислоҳот (амали ҷарроҳӣ) ҳадаф нест, балки василаи расидан ба ҳадаф аст, яъне роҳи ҳалли мушкилот (ё шифо бахшидан ба бемор) аст. Ҳадаф аз ислоҳот (дар ҷомеаи мо) – боло бурдани ҳаҷми тавлидот, афзоиши даромади миллӣ, беҳтар кардани зиндагии мардум ва рушди маорифу фарҳанг аст. Ислоҳот танҳо дар сурате маънӣ дорад, ки дар натиҷаи амалӣ кардани он ҷомеа ба ин ҳадафҳо даст ёбад. Оқилон беморро ба назди табиб мебаранд, на ба пеши чӯпон ё тракторчӣ. Зеро табиб солҳо дар ин ришта омӯзиш ёфта ва тахассусу маҳорат ҳосил карда аст. Ӯ метавонад дардро ташхис намояд ва доруҳои шифобахшро таъйин кунад. Зимнан, табиби ҳозиқ синну сол, ҳолати равонӣ ва дигар вижагиҳои беморро дар назар мегирад ва барои ҳар кас доруи хос таъйин мекунад. Зеро як дору барои як бемор муфид бошад, вале барои каси дигаре, ки ҳамон дардро дорад, мумкин аст, муфид набошад. Равшан аст, ки ин кори ҳар кас нест.

*

Тоҳири АБДУҶАББОР,
иқтисоддони тоҷик,
радиои ББС, 10 январи 2008

ГАРАВГУЗОРИИ ЗАМИН: РӮ БА ФЕУДОЛИСМ

Порлумони Тоҷикистон ахиран муқарраротеро ба тасвиб расонд, ки тибқи он кишоварзон метавонанд дар изои дарёфти вом ё эътибороти молӣ аз бонкҳо «ҳаққи истифода» аз заминҳоеро, ки дар ихтиёри онҳост, ба гарав гузоранд.

Ба ғуфтаи манобеъи давлати Тоҷикистон ин муқаррарот барои поён додан ба бӯҳрони арсаи кишоварзӣ ва коҳиши мизони қарзҳои деҳқонон аз ширкатҳои сармоягузор мавсум ба «фючер» эъмол мешавад.

Вале ин иқдом баҳсҳои шадидеро дар пай дошта ва бархе коршиносон аз эҳтимоли маҳрумияти бахши аъзаме аз мардуми Тоҷикистон, ки рӯзии онҳо аз арсаи кишоварзӣ ба даст меояд, ҳушдор додаанд.

Дар матлаби зер, Тоҳири Абдуҷаббор, иқтисоддони тоҷик авомили бӯҳрони кишоварзӣ дар Тоҷикистонро ба баррасӣ гирифта ва аз паёмадҳои эҳтимолии гаравгузории замин ё «ҳаққи истифода аз замин» ҳушдор медиҳад. Зимнан, Би-би-си омода аст назароти мухталиферо дар ин бора чоп кунад.

Муқойир бо Қонуни асосӣ

Пӯшида нест, ки миёни ғуфтор ва кирдори аҳли қудрату сарват фосила зиёд аст. Бавижа, дар кишварҳои ақибмонда. Зимомдорон дар Тоҷикистон ҳамвора аз ғамхориҳои бедареғи худ нисбат ба мардум ва талошҳояшон барои озодию ободии кишвар ҳарф мезананд, вале чун аз минбару маҷлисҳо берун мешаванд, ғуфтори худро фаромӯш мекунанд ва ба ғуфтаи Ҳофиз «чун ба хилват мераванд, он кори дигар мекунанд».

Бадтар он аст, ки қонунгузорони тоҷик гоҳо аҳкоми ҳуқуқие содир мекунанд, ки бо Қонуни Асосии ин кишвар созгор нестанд. Намунаи чунин носозгориҳо тасвиби муқарраротест, ки порлумони Тоҷикистон ахиран (12. 12. 2007) ба тасвиб расонд. Ин муқаррарот шомили «тағйиру иловаҳо ба кодекс (қонун)-и замин» аст.

Тибқи он, кишоварзон ҳангоми гирифтани вом (қарз) аз бонкҳо «метавонанд ҳаққи истифода аз (сертификат ё гувоҳномаи) заминро ба гарав бигзоранд ё онро чун авроқи қиматдор бифурӯшанд…». Моҳиятан, ин қонуни хусусисозии замин аст, қонуне, ки бо Қонуни асосии Тоҷикистон муғойират дорад.

Тибқи Қонуни Асосӣ, дар Тоҷикистон замин дороии ҳамагон (давлат, миллат, ҷомеъа) аст, на моли хусусии афрод. Он дар ихтиёри кишоварзон

гузошта шудааст, то ишон аз он барои тавлиди маҳсулоти кишоварзӣ истифода намоянд. Аз ин рӯ, кишоварзон ҳақ надоранд заминҳоро бифурӯшанд ва ё ба гарав бигузоранд.

Чашмпӯшӣ аз раъйи мардум

Дигар ин ки дар Қонуни асосии кишвар омадааст, ки «Тоҷикистон давлати демократии ҳуқуқбунёд...» мебошад. Яъне дар ин кишвар қонунан мардум соҳиби қудрат мебошанд ва дар масоили муҳимм тасмими ниҳоиро бояд мардум бигиранд, на намояндагони онҳо.

Порлумони Тоҷикистон метавонад танҳо қонунҳоеро ба тасвиб бирасонад, ки мардуми кишвар бо онҳо мувофиқ бошанд. Аммо дар ин масъалаи муҳимм раъйи мардумро напурсиданд, дар ҳоле ки мебоист аввал масъаларо бо тамоми ҷузъиёт ва паёмадҳои эҳтимолии он ошкору возеҳ бо мардум дар миён мегузоштанд ва пас аз баҳсу баррасиҳо ва комилан равшан шудани суду зиёни он, як раъйпурсии ҳамагонӣ (референдум) ба роҳ андохта, назари мардумро муъайян месохтанд.

Ба гуфтаи коршиносон, арсаи кишоварзии Тоҷикистон дар бӯҳроне амиқ фурӯ рафтааст.

Агар мардум чонибдори хусусӣ шудани замин бошанд, пас мебоист нахуст Қонуни Асосиро тағйир дод ва сипас мутобиқи он қонуни заминро ислоҳ кард.

Кишвари камзамин

Яқинан метавон гуфт, ки дар шароити кунунӣ аксари мардуми Тоҷикистон бо хусусӣ сохтани замин мухолиф мебошанд. Зеро онҳо дар ин кор таҷрубаи талхе доранд. Бар асари хусусигардонии муассисоти санъатӣ, мардум ҳама чизро аз даст доданд, садҳо ҳазор нафар аз чойи кор ва маъош маҳрум шуданд. Акнун танҳо чизе, ки барояшон бокӣ монда, як порча замин аст.

Дар натиҷаи хусусигардонии замин, мумкин аст бисёре аз мардум аз як порча замин ҳам маҳрум шаванд. Албатта, хусусисозии замин худ ба худ кори баде нест. Он мумкин аст боъиси болоравӣ ва самарбахшии кор ва ҳаҷми маҳсулот гардад.

Дар бисёре аз кишварҳои дигар замин доройии хусусӣ аст ва кишоварзон аз он ба таври самарбахш истифода мекунанд. Дар кишварҳои пешрафта факат 3-5 дарсади нирӯи кор машғули кишоварзӣ мебошанд.

Воҳидҳои кишоварзӣ заминҳои зиёд (ҳар кадом 100-200 ҳектор ва бештар) доранд ва бо васоили фаннӣ мучаҳҳаз мебошанд. Вале шароити Тоҷикистон ба гунаи дигар аст. Дар ин кишвари кӯҳистонӣ беш аз 70 дарсади мардум дар деҳот (рустоҳо) зиндагӣ мекунанд ва кору фаъолияти аксари онҳо ба кишоварзӣ, ба замин вобаста аст. Аммо дар муқоиса бо

шумори ҷамъият, замини ҳамвору қобили кишт дар Тоҷикистон зиёд нест. Бавижа заминҳои обӣ кам аст (камтар аз 700 ҳазор ҳектор ё факат 0,08 ҳектор ба сари ҳар нафар).

Аз як тараф, камбуди заминҳои кишоварзӣ ва аз сӯйи дигар, норасоиҳо дар созмондеҳӣ ва идораи кор аз мушкилоти асосии арсаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон аст.

Бӯҳрони кишоварзӣ

Солҳост, ки арсаи кишоварзӣ гирифтори бӯҳрони иқтисодист ва ниёз ба таҳаввулот дорад. Аммо ислоҳоти солҳои ахир (тақсиму порча-порча кардани колхозу совхозҳо) бӯҳрони ин арсаро амиқтар сохт.

Сабаби ин бӯҳрон рафтори номунсифонаи фучеристону сармоягузорон аст, ки маводди мавриди ниёзи кишоварзонро бо қиматҳои бағоят болотар аз нархи бозор ба деҳқонон мерасонданд ва маҳсулоти кишоварзиро бо нархҳои хеле арзон аз деҳқонон мегирифтанд.

Дар натиҷаи ин гуна фаъолияти носолими миёнаравҳо (сармоягузорону фучеристҳо) ва бонкҳо хоҷагиҳои деҳқонӣ (воҳидҳои кишоварзӣ) қарздор шуданд ва тайи солҳои ахир қарзи онҳо пайваста афзуда ва холо ба 500 милион дулор расидааст. Дар чунин шароите, агар санади истифода аз замин ба гарав гузошта шавад ва деҳқонон натавонанд қарзҳои худро бипардозанд (яқинан, ки наметавонанд), заминҳои деҳқонон дар муддате кӯтоҳ ба дасти бонкҳо ва гурӯҳи кӯчаке аз афроди пулдор хоҳад уфтод ва Тоҷикистон ба як кишвари феудолӣ табдил хоҳад шуд.

Дар замони Шӯравӣ ва пас аз он дар Тоҷикистон амалан низоми феудолисми давлатӣ ҳукмфармо буд. Воҳидҳои кишоварзӣ ба шеваи роиҷи «фармондеҳӣ аз боло» идора мешуданд ва мешаванд. Кишоварзон, бавижа колхозҳо (хоҷагиҳои дастаҷамъӣ) аз истиқлол ва ихтиёроти кофие бархӯрдор набуданд ва ҳоло ҳам бархӯрдор нестанд. Нақшаҳои тавлиди маҳсулоти кишоварзӣ аз ҷониби ҳукуматдорон таъйин мешуд ва ҳоло низ ин равиш идома дорад.

Ин яке аз сабабҳои камсамар будани фаъолияти кишоварзон аст. Бо амалӣ шудани муқарроти ҷадид дар мавриди гаравгузории замин низоми феудолисми клосикӣ дар Тоҷикистон конунан истиқрор хоҳад шуд.

Ислоҳот: васила ё ҳадаф?

Равшан аст, ки ислоҳот ҳадаф нест, балки василаи расидан ба ҳадаф аст. Ҳадафи ҳама гуна ислоҳот боло бурдани сатҳи тавлидот, даромади мардум ва бехтар кардани ваъзи зиндагии онҳо мебошад.

Суол ин аст, ки оё эҳёи низоми феудолӣ ба болоравии ҳаҷми тавлидоти кишоварзӣ ва бехтар шудани сатҳи зиндагии мардум кӯмак хоҳад кард? Яқинан метавон гуфт, ки на.

Яке аз аъзои порлумони Тоҷикистон гуфт, ки «ҳадаф аз тасвиби мукарароти ҷадид назорати муассир бар наҳваи истифода ва тақсими одило-

наи замин мебошад». Албатта, ин суханони мубҳам мавзӯъро равшан намесозанд.

Ҳадафи аслии қонунгузорон рӯшантар хоҳад шуд, агар таваҷҷӯҳ кунем, ки он ба суди чи касоне тамом мешавад. Чанд моҳ пеш аз ин, Муродалӣ Алимардонов, раиси Бонки миллии Тоҷикистон дар мавриди зарурати эҷоди бозори замин изҳори ақида карда буд. Вай аз ҷумла гуфт, ки *«кишоварзон метавонанд санади (сертификати) истифода аз заминро барои гирифтани қарз аз бонкҳо ба гарав гузоранд ва ё ба масобаи когазҳои қиматдор дар бозори замин бифурӯшанд. Ин имконият медиҳад, ки сохаи кишоварзӣ аз ҳолати бӯҳронӣ берун ояд»*, яъне қарзҳоро ба фучеристҳо бонкҳо хоҳанд пардохт.



Тибқи Қонуни Асосӣ, дар Тоҷикистон замин моликияти ҳамагон (давлат) аст, на моликияти хусусии афрод. Аз ин рӯ, кишоварзон ҳақ надоранд заминҳоро бифурӯшанд ва ё ба гарав бигузоранд.

Бозие печида

Агар инро ҳам дар назар бигирем, ки аксари сармоягузорону фучеристҳо кормандони баландпояи бонкҳо мебошанд, равшан мешавад, ки бидуни раъйпурсии ҳамагонӣ ворид кардани чунин тағйирот ба қонуни замин ба суди бонкҳо ва афроди пулдор аст.

Ин як бозии ҳадафдор ва печидаест. Аввал колхозу совхозҳоро (воҳидҳои кишоварзии дастаҷамъиро) тақсиму пора-пора ва заъиф сохтанд. Сипас онҳоро муҳтоҷу вобастаи сармоядорону фучеристҳо карданд. Сармоягузорону фучеристҳо дар ҳамдастӣ бо бархе аз сарварони воҳидҳои кишоварзӣ бо истифода аз гуна-гуна фиребу найранг ва бедодгариҳо тайи чанд соли ахир қарзҳои миёншиканро ба дӯши кишоварзон бор карданд. Акнун бонкҳо ба майдон баромаданд ва дар пайи амалӣ кардани муқаррароти ҷадид мебошанд.

Онҳо якҷо бо ҳукуматдорон тасмим гирифтаанд, ки пас аз ин кишоварзон на аз миёнаравҳо, балки мустақиман аз бонкҳо қарз бигиранд. Зимнан, масъалаи пардохти қарзҳои кишоварзон ба таълиқ андохта шудааст ва маълум нест, ки сарнавишти онҳо ва суди солонаи онҳо чӣ хоҳад шуд.

Саволе пеш меояд, ки бонкдоронро ба кишоварзӣ чи кор аст ва чаро онҳо, ки мутахассисони умури кишоварзӣ нестанд, дар ҳалли мушкилоти ин арса дахолат мекунанд? Агар онҳо дар ғами пешрафти иқтисоди кишваранд ва дилашон ба ҳоли кишоварзон месӯзад ва аз ин рӯ дархошонро ба рӯйи кишоварзон боз мекунанд, пас чаро ин кори хайрро пеш аз ин накарданд?

Баҳраи миёншикан аз қарз

Барои пешрафти кишоварзӣ ва дигар риштаҳои иқтисоди Тоҷикистон қарзҳои арзону боимтиёз ва дарозмуддат лозим аст. Вале нархи қарзҳои бонкҳои Тоҷикистон хеле гарон (солона 30-36 дарсад) аст.

Илова бар ин, бонкҳо фақат қарзҳои кӯтоҳмуддат медиҳанд ва аз онҳо фақат тоҷирон истифода мекунанд. Яке аз иллатҳаи гарон будани нархи колоҳо дар бозорҳои Тоҷикистон ҳам ҳамин аст. Чунин қарзҳо барои кишоварзону соҳибони корхонаҳои санъатӣ қобили кабул нест.

Ҳафтаи гузашта дар як сӯҳбати телевизиюнӣ як бозаргон иброз дошт, ки бонкҳо бояд нархи баҳра аз қарзҳоро пойин биёранд ва муддати онро дароз кунанд, то кишоварзон битавонанд аз онҳо истифода кунанд. Корманди бонк дар посух гуфт: «Мо наметавонем қарзҳои арзону дарозмуддат бидиҳем. Шумо, кишоварзон, маҳсулоти худро дар бозор бо нархҳои болотаре бифурӯшед...». Агар бонкҳо ҳозир нестанд, ки нархи қарзро пойин биёранд, пас онҳо мушкили кишоварзонро осон намекунанд.

Аз ин рӯ, барои дарёфти қарз мурочеъа кардан ба бонкҳо кори беҳуда хоҳад буд. Ба назар мерасад, ки ҳадаф аз тасмимоти ахир ин аст, ки кишоварзон шадидан вобастаи бонкҳо шаванд, то бонкҳо натоичи дилхоҳашонро ба даст оранд.

Эҳтимоли маҳрумият аз замин

Амалӣ шудани ин қонун мумкин аст паёмадҳои ногуворе дошта бошад. Дар вазъияти феълӣ эҳтимоли зиёде вуҷуд дорад, ки кишоварзон дар бадали вомҳои сангин санадҳои заминро ба гарав гузошта ва батадриҷ аз ҳаққи истифода аз заминҳояшон маҳрум шаванд.

Бонкҳо ва афроди пулдор мумкин аст аввал санадҳои замин ва баъдтар заминҳоро соҳиб шуда ва батадриҷ ба феудолҳои навпое табдил шаванд.

Аз ҷониби дигар, бонкҳо ва афроди пулдор мумкин аст аввал санадҳои замин ва баъдтар заминҳоро соҳиб шуда ва батадриҷ ба феудолҳои навпое табдил шаванд. Бархе аз аъзои порлумон бо нигаронӣ аз чунин паёмадҳо бо тасвиби ин муқаррарот мухолифат карданд, вале суханони онҳо беасар монд. Ҳамчунон метавон гуфт, ки муъомилоти санадҳои истифода аз замин аз рӯйи нархҳои бозор сурат хоҳад гирифт ва ба эҳтимоли зиёд бахше аз заминҳои Тоҷикистон дороии хусусии сармоядорони хориҷӣ хоҳад шуд.

Онҳо бештар ба истифода аз васоили фаннӣ такя хоҳанд кард ва дар

чунин сурате аҳволи кишоварзон бадтар хоҳад шуд. Зеро бар асари чунин ислоҳот садҳо ҳазор нафар аз деҳконон аз замин маҳрум шуда, шуғли кишоварзӣ ва деҳотро тарк карда ва рӯй ба шаҳрҳо хоҳанд овард. Дар муқобил, шаҳрҳои Тоҷикистон ҳанӯз омодаи пазируфтани мавҷи муҳоҷирони рустоӣ нестанд. Дар ин ҷо бароямон на манзил ҳасту на ҷойи кор. Онҳо баночор ба сафи бекорон ва муҳоҷирони корӣ пайваста, ба кишварҳои дигар хоҳанд рафт ва азобу сахтиҳои бештари ғарибиро хоҳанд кашид.

Албатта ин вазъ боъиси нороҳатии феудолҳои навпо ва ҳукуматдорон нахоҳад шуд. Зеро Тоҷикистон «дар ҳоли гузор ба иқтисоди бозорист». Ба ақидаи бисёр касон, ки аз маънии аслии ин низом огоҳ нестанд, ҳадафи асосии иқтисоди бозорӣ андӯхтани пулу сарвати зиёд аст ва чигунагии васила барои онҳо муҳимм нест.

Тоҳири АБДУҶАББОР,
таҳлилгари тоҷик,
радиои ББС, 30 апрели 2008

ДАВЛАТ ВА ҶОМЕЪАИ ШАҲРВАНДӢ

Ҳарчанд мафҳуми «ҷомеъаи маданӣ» ё «ҷомеъаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон пас аз касби истиқлоли ин кишвар вирди забонҳо шуда ва то кунун баҳсу баррасиҳои зиёде перомуни он сурат гирифтааст, вале ба назар мерасад, ки бисёре аз коргузорон ва ҳатто пажӯҳишгарони маҳаллӣ ба дарки дурусти он нарафтаанд.

Ахиран гуфтугӯҳое бар сари ин ки оё ҷомеъаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон вуҷуд дорад ё чи гуна онро бояд эҷод кард, вижагиҳо ва нишонаҳои он, аҳаммият ва суду зиёни он матраҳ шуда ва дар матлаби зер Тоҳири Абдуҷаббор, соҳибназар дар масоили иҷтимоъӣ ба баррасии он пардохтааст:

Тайи солҳои ахир бархе аз зиёиён дар бораи ҷомеъаи шаҳрвандӣ (ҷомеъаи маданӣ) ва зарурати бунёди он дар Тоҷикистон суханҳо мегӯянд. Ҷолиб ин аст, ки ҳукуматдорони кишвар ҳам гӯё мухолифи чунин ҷомеъае нестанд ва ҳатто гаҳгоҳе бо оҳанги хайрхоҳона аз он ҳимояти лафзӣ мекунанд. Вале наметавон гуфт, ки ин матлаб натиҷаи андешаҳои амиқ ва дарки дурусти мавзӯъ аз ҷониби ишон, бавижа ҳукуматдорон аст.

Ба назар мерасад, ки ин гуфтугӯҳо бештар муқаллидона ва ё тақлидӣ аст. Зеро агар ҳукуматдорон мохияти мавзӯъро ба некӣ медонистанд ва сидқан муътақид ба арзишҳои ҷомеъаи шаҳрвандӣ буданд, рафтору кирдори онҳо метавонист ба гунаи дигаре бошад. Дастикам, муҳиммтарин арзишҳои низоми демукросиро риъоят мекарданд.

Мушкилоти Тоҷикистон дар роҳи пешрафт ин аст, ки дар ҷомеъаи ин кишвар афкори сиёсию иҷтимоъӣ рушд наёфтааст. Иллат он аст, ки дар ин сарзамин тайи садаҳои зиёд идеулужиҳо ва режимҳои тоталитарӣ ё яккатоз ҳукмфармо буда ва мардум аз ҳуқуқи сиёсӣ ва озодии андешаву баён маҳрум буданд.

Ҳукуматҳои мустабидду бегона ва нукарони зархариди онҳо тобеъияту бандагиро талқин мекарданд, на баҳсу баррасиҳо ва ковишҳои илмиро. Аз ин рӯ, дар ин сарзамин андешаҳои озодихоҳона ва навгароёна реша нагирифтанд ва борвар нашуданд.

Дар садаи гузашта мардуми Тоҷикистон низоми сусиёлистиро таҷруба карданд, вале на ба ихтиёри худ. Идеулужии он низом дар ин диёр нарӯйида буд. Онро ба ин ҷо русҳо оварданд ва пас аз 70 сол худи русҳо аз он низом (сусиёлизм) даст кашиданд. Дар Тоҷикистон низ чунин карданд.

Дар Русия роҳи «демукросӣ» ва иқтисоди бозориро пеш гирифтанд. Дар Тоҷикистон кӯр-кӯрона аз пайи русҳо рафтанд. Яъне ин ҳама таҳаввулот амали муқаллидона ё тақлидӣ буд, на огоҳона. Мардум аз нигоҳи фикрию равонӣ омодаи ин дигаргуниҳо набуданд. Ҳоло фазои сиёсии кишвар андаке боз шудааст, вале ҳанӯз баҳсу баррасиҳои ҳамачониба перомуни масоили иқтисодию сиёсӣ, аз ҷумла дар бораи низоми мардумсолорӣ ва ҷомеъаи шаҳрвандӣ, сурат нагирифтааст. Имконоти сохтани чунин ҷомеъае дар шароити Тоҷикистон ва ҷонибҳои мусбату манфии он мавриди баҳс қарор нагирифтааст. Ба ҳар сурат, дар ҷомеъа ин андеша фарогир нашудааст ва дар миёни тӯдаҳо дарки амиқи он вуҷуд надорад.

Албатта, «ҷомеъаи шаҳрвандӣ» мафҳуми тозае нест. Онро файласуфи бузурги Юнони бостон Арасту (дар садаи чаҳоруми пеш аз милоди Масеҳ) ба маънои «ҷомеъаи мардумони озод ва бо ҳам баробар» ба кор бурда буд.

Дар садаҳои 17-18 мелодӣ ин мафҳум дар мукобили давлатҳои мутлақгарои феудолӣ гузошта мешуд. Ба таъбири имрӯз, ҷомеъаи шаҳрвандӣ – ҷомеъаест озод, ҳуқуқӣ ва ғайрисиёсӣ. Ҷомеъае, ки дар он волотарин мақомро ҳукумат не, балки инсонҳо доранд. Ҷомеъаи шаҳрвандӣ на танҳо мухолифи низоми демукросӣ нест, балки онро таъмиқу такмил менамояд. Ниҳодҳои ҷомеъаи шаҳрвандӣ дар чаҳорчӯби давлати демукротик фаъолият мекунанд. Вижагӣ дар ин аст, ки давлати демукротик бештар ранги сиёсӣ дорад, аммо ҷомеъаи шаҳрвандӣ умдатан ҷомеъаи ғайрисиёсист ва мардум дар иқтисод, фарҳанг, масоили иҷтимоъӣ ва дигар бахшҳои зиндагӣ камтар вобастаи давлат (ҳукумат) мебошанд, бештар мустақилона рушд мекунанд.

Дар чунин ҷомеъае нақши ҳукумат маҳдудтар ва ҳуқуқу озодихои мардум васеътар аст. Он ҳадафхои озодиҳохонро бехтар ифода мекунад. Ба гуфтаи донишманди бузурги олмонӣ Карл Поппер, «инсонҳо мекӯшанд,

то ҷомеъае озод падид ованд», зеро «ҳадаф ва ғояти тамаддун – озодӣ, инсоният, баробарӣ ва хирадгаройӣ аст». Гароиш ба озодӣ барои инсонҳо як амри табиист. Инсонҳои ҳаққпараст ҳамеша дар пайи озодӣ будаанду ҳастанд ва пайваста бар зидди бедодгариҳо, бар зидди асорату бандагӣ ва ҷабру ситами ҳокимони аҷнабию хоназод мубориза кардаанду мекунанд. Зеро онҳо муътақиданд, ки озодӣ – шарти зиндагии инсонӣ аст.

Аз ин рӯ, озодиҳоҳон ҷонибдори низоми демукротик ва ҷомеъаи шаҳрвандӣ мебошанд ва онро дар муқобили режимҳои истибдодию истеъморӣ мегузоранд. Зеро низоми мардумсолорӣ (демукросӣ) метавонад озодии бештари инсонҳоро таъмин кунад.

Ин мавзӯъ дар Тоҷикистон хеле муҳимм аст, зеро дар ин сарзамин дар тӯли садаҳои зиёд режимҳои феудолию салтанатӣ ва мутлақгарою тоталитарӣ ҳукмфармо буданд, режимҳое, ки мардумро аз ҳуқуқу озодиҳои сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангӣ маҳрум сохта буданд. Нерӯҳои озодиҳоҳи кишвари Шӯравии собиқ, аз ҷумла дар ҷумҳурии Тоҷикистон дар талаби низоми мардумсолорӣ (демукросӣ) буданд ва умед доштанд, ки агар мардум соҳиби давлат ва қудрат шаванд, низоми оқилонаю одилонатареро бунёд хоҳанд кард ва тобеъияту нобаробариҳоро аз байн бурда, ҳуқуқу озодиҳои тамоми сокинони кишварро таъмин хоҳанд кард.



Мушкилоти Тоҷикистон дар роҳи пешрафт ин аст, ки дар ҷомеъаи ин кишвар афкори сиёсию иҷтимоъӣ рушд наёфтааст.

Натиҷаи талошҳои озодиҳоҳон буд, ки давлати тоталитарӣ ва ё яккатози Шӯравӣ фурӯ пошид ва давлатҳои тозабунёд худро давлатҳои демукротик эълом карданд. Вале дар аксари ин кишварҳо амалан низоми демукротик сохта нашуд, афроди ҷомеъа озоду соҳибихтиёр нашуданд.

Агарчи аз замони касби истиқлол ва эъломи давлати демукротик беш аз 17 сол сипарӣ шуд, вале аксари ин кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон, аз демукросӣ ҳанӯз фарсаххо дуранд.

Шартҳои мардумсолорӣ

Таҷрубаи давлатҳои Шӯравии пешин бори дигар нишон дод, ки барои сохтани давлати демукротик, бавижа ҷомеъаи шаҳрвандӣ, танҳо расман эълон кардани он кофӣ нест. Шарти муҳиммтар он аст, ки сатҳи маърифати сиёсию ҳуқуқии ҳукуматдорон ва мардум баланд бошад ва эҳтирому риъояти қонун барои ҳамагон ҳатмӣ бошад.

Онҳо бояд озодманиш ва муътакид ба усулҳои демукросӣ ва арзишҳои волои инсонӣ бошанд. Ҳамчунон лозим аст, ки иқтисоди кишвар пешрафта ва сатҳи зиндагии мардум, илму фарҳанг ва афкори иҷтимоъӣ ба андозаи кофӣ боло бошад.

Ба ақидаи иқтисоддонҳо, дар кишваре ақибмонда, дар чое ки даромади саронаи миллӣ камтар аз 5000 дулор бошад, низоми босуботи мардумсолорӣ маҳол аст. Ҳоло дар Тоҷикистон ҳеч кадоме аз ин шароит вуҷуд надорад. Тоҷикистон дар гузаштаҳо низ кишваре ақибмонда буд ва ҳоло ҳам чунин аст. Даромади саронаи миллӣ дар ҳудуди 350-400 дулор аст, яъне он яке аз фақиртарин кишварҳои ҷаҳон маҳсуб мешавад.

Системи омӯзишу парвариш ва беҳдошт ва илму фанн дар гузаштаҳо ҳам вазъи хубе надошт, вале тайи солҳои ахир ҳолат (дар муқоиса бо замони Шӯравӣ) бадтар шудааст, ки бехтар не. Сатҳи маърифати сиёсию ҳуқуқии бештари мардум хеле пойин аст. Онҳо ҳануз аз зери бори идеулужиҳои тутолитарӣ ва аз хуйи бардагӣ раҳоӣ наёфтаанд, хеле содаю хушбоваранд ва ба осонӣ ба доми фиреби сиёсатбозони дохилию хориҷӣ меуфтанд. Аз ҷониби дигар, сатҳи маърифати ҳукуматдорон низ хеле пойин аст. Бештари онҳо барои иҷрои вазоифи худ донишу тахассуси лозимро надоранд. Онҳо ҳанӯз ба андозаи кофӣ таҷрубаи давлатдорӣ ҳосил накардаанд, дар баробари имрӯзу фардои халқу ватан эҳсоси масъулият намекунанд, манофеъи шахсию гурӯҳияшонро болотар аз манофеъи миллӣ мегузоранд.

Озмандию афзунталабӣ, ки барои як корманди давлат бузургтарин гуноҳ аст, боъис мешавад, ки бархе аз масъулон «дар фурсати муносиб» манофеъи миллиро қурбони манфиъатҳои шахсӣ кунанд. Онҳо милионҳо дулор пули давлат (миллат)-ро ба кисаи худ мегузоранд, корхонаҳои давлатиро тақрибан ба таври ройгон моли худ месозанд, мефурӯшанд ва ё дар ихтиёри «дӯстон» мегузоранд…

Афзун бар ин, дар бисёр маворид ҳукумат манофеъи хоси худро дорад, манфиъатҳое, ки аксаран бо манофеъи миллӣ созгор нестанд. Он ниҳодест, ки мансабдоронро фосид месозад. Аз ин рӯ, лозим аст, ки фаъолияти ҳукумат комилан шаффоф ва ҳамвора зери назорати мардум бошад.

Вале мардуми Тоҷикистон тавони назорат ва арзёбии фаъолияти ҳукуматро надоранд. Зеро аз як сӯ, фаъолияти ҳукумат шаффоф нест ва аз сӯйи дигар, сатҳи маърифати сиёсию ҳуқуқии мардум пойин аст. Парлумон, маҳкама, ҳизбҳои сиёсӣ ва расонаҳо, аз рӯйи қоъида, бояд комилан мустақил бошанд. Онҳо бояд фаъолияти ҳукуматро зери назорат гирифта, қаҷрафториҳою қонуншиканиҳои эҳтимолии ҳукуматдоронро ошкор созанд ва аз он ҷилавгирӣ намоянд. Аксари ин ниҳодҳо дар Тоҷикистон мустақил нестанд. Бино бар ин, онҳо наметавонанд вазифаҳои худро бадурустӣ иҷро кунанд. Аз ин ҷо равшан аст, ки шароит барои сохтани давлати демукротики ҳуқуқбунёду додгар ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоид нест.

Ин аст, ки дар кишвар аз демукросӣ ва ҳатто аз ҷомеаи шаҳрвандӣ сухан мегӯянд, вале рафтору кирдори ҳукумат бо усули демукросӣ муғойират дорад. Иллат он аст, ки табақаи ҳоким дигар нашудааст. Он фақат номашро тағйир дода, аммо моҳияташро не.

Дар замони Шӯравӣ ҳукуматдорон ба хотири касби макому мансаб узви ҳизби кумунист мешуданд, агарчи моҳияти афкори кумунистиро дуруст намедонистанд ва бар он содиқ набуданд. Пас аз касби истиқлоли Тоҷикистон, аксари онҳо худро демукрот эълон карданд ва қудратро ҳифз карданд. *Мансабдорони кумунисти собиқ базудӣ Ҳизби халқӣ-демукроти Тоҷикистонро таъсис доданд ва ба он пайвастанд, агарчи аз андешаҳои демукротик ҳам огаҳии кофӣ надоштанду надоранд.* Танҳо чизе ки медонанд, ин ба мансаб расидан, амру фармон додан ва бо истифода аз қудрат мол андухтан аст. Ин аст, ки онҳо акнун бо шеваҳои бароямон ошно, яъне бо амру фармондеҳӣ «давлати демукротик» месозанд.

Равшан аст, ки бо чунин сатҳи маърифат ва бо чунин шеваҳо сохтани низоми демукротик ва ҷомеъаи шаҳрвандӣ маҳол аст. Баръакс, чунин рафтору кирдор ҷомеъаро аз демукросӣ дуртар месозад, онро ба сӯйи низоми салтанатӣ мекашад. Майли шадиди бархе аз ҳукуматдорон ба сӯйи феудолисм комилан ошкор аст... *Нишонаҳои онро метавон дар рафтору кирдори ҳукуматдорон ва вобастагони онҳо, дар гуфтору фаъолияти расонаҳои хабариҳи давлатӣ, ки аз субҳ то шом ба мадҳу санохонӣ ва рақсу сурудхонӣ машғуланд, мушоҳида кард.* Бехуда нест, ки коршиносон низоми сиёсии Тоҷикистонро «режими худкома» (авторитарный режим) меноманд.



Агарчи аз замони касби истиқлол беш аз 17 сол сипарӣ шуд, вале Тоҷикистон аз демукросӣ ҳануз фарсахҳо дур аст.

Ба чунин гароиш чанд омили дигар, аз ҷумла авоқиби вазнини моддиюравонии низоъи дохилӣ, таназзули системаи маъориф ва сатҳи дониши насли ҷавон, густариши фақр, бекорӣ ва фасоди ахлоқӣ, парешону овора ва саршикаста шудани мардум низ мусоъидат мекунад.

Бинобар ин, истиқрори низоми воқеъан демукротик дар ин кишвар кори сахле нест. Шояд барои ин муддати зиёде лозим шавад, он ҳам дар сурате, ки равшанфикрони мо пайваста дар ин самт кор кунанд ва ҳукуматдорон монеъа иҷод накунанд.

Дар ҳар сурат, интишори чунин андешаҳо дар ҷомеъаи мо падидае мусбат аст. Он аз пешрафти афкори ичтимоъӣ шаҳодат медиҳад. Метавон умедвор шуд, ки дар оянда дар ин кишвар, мумкин аст, на танҳо дар гуфтор, балки дарвоқеъ ҳам низоме демукротик ва ҷомеъаи шаҳрвандӣ сохта шавад ва давлат муҳиммтаринвазифаи худро ичро кунад, яъне ҳақиқат пирӯз шаваду адолат таъмин гардад.

*

Тоҳири АБДУҶАББОР,
иқтисоддони тоҷик,
радиои ББС, 4 июли 2008

ШАФФОФИЯТ, АСЛИ МУБОРИЗА БО ФАСОД

Ҳукуматҳоро барои иҷрои як силсила вазоифи барои ҷомеъа муҳимм сохтаанд, вазоифе, ки зиндагии ҳамагон ба онҳо вобаста аст. Аз ин рӯ, ҳамагон ба фаъолияти ҳукумат таваҷҷӯҳ доранд ва мехоҳанд, ки аз чигунагии аҳволи давлат огоҳ бошанд. Аз суйи дигар, ҳукуматдорон мукаллафанд, ки дар бораи кору бори худ, дар бораи вазъи иқтисодию ичтимоъии кишвар, дастовардҳову мушкилоти он ва тарҳҳои давлат барои оянда ба таври муназзам иттилоъоти дақиқу мафассалро дар ихтиёри мардум бигзоранд.

Яъне фаъолияти ҳукуматдорон бояд комилан шаффоф бошад ва зери назорати мардум (пажӯҳишгарон, порлумон, аҳзобу созмонҳои сиёсӣ ва расонаҳо) карор дошта бошад. Чунин равиши кор яке аз шартҳои фаъолияти ҳукуматҳои демукротик аст.

«Режими худкома»

Тоҷикистон, агарчи расман давлати демукротик эълом шуда, аммо дарвоқеъ чунин нест. Дар ин кишвар муҳиммтарин усули демукросӣ риъоят намешавад. Ҳукумат вазоифи худро тавре ки мебояд, иҷро намекунад ва дар баробари мардум эҳсоси масъулият надорад. Аз ин рӯ, бархе аз коршиносон давлати Тоҷикистонро «режиме худкома» меноманд.

Бисёре аз мансабдорон ғарқи фосод шудаанд ва ҷомеъаро низ олудаи фасод месозанд. Фасоди молию ахлоқӣ тамомии сохторҳои давлатӣ ва бисёре аз корхонаҳою муассисоти кишварро фаро гирифтааст. Табиъист, ки дар чунин шароите, шаффофият маҳол аст, зеро он фасодро ошкор месозад. Ҳукуматдорон намехоҳанд, ки фаъолиятҳои ношоистаи онҳо ошкор гардад. Онҳо мекӯшанд аъмоли норавои худро бо гуфтор ва омори дурӯғин пардапӯш кунанд.

Бинобар ин, мардум аз фаъолияти бисёре аз корхонаҳою муассисоти бузурги давлатӣ, аз кабили ширкатҳои «Барқи тоҷик», «Тоҷик эйр», «Роҳи оҳан», «Тоҷикгаз», «Талко», Бонки миллию бонкҳои тиҷоратӣ ва дахҳо корхонаҳои дигар иттилоъоти дақиқу равшан надоранд.

Вале ҳамагон натоиҷи кори онҳоро мебинанд ва эҳсос мекунанд, ки он, ба вижа, фаъолияти ширкатҳои обу барқу гозрасонӣ ва муассисоти бонкӣ ризоятбахш нест. Ширкатҳои мазкур на танҳо мушкилоти ҷомеъаро осон намекунанд, балки бештар месозанд. Аз ин рӯ, рафтору кирдори онҳо хеле машкук ба назар мерасад.

Бӯҳронҳои ҳамасола

Тайи чанд соли ахир Тоҷикистон гирифтори бӯҳрони энержӣ аст ва сол ба сол он амиқтар мегардад. Мардуми ҳамаи навоҳӣ ва вилоёти кишвар ба иллати норасоӣ ва ё набудани обу барқу гоз дар азобанд. Онҳо наметавонанд ҳатто барои кӯдакони худ хӯроки гарм бипазанд.

Ҳукумат расондани барқу гозро маҳдуд кардааст. Дар фасли зимистон мардуми аксари деҳоти Тоҷикистон аз барқу гоз тамоман маҳрум мешаванд. Дар шаҳрҳо аз тарафи субҳ ва шом як-ду соъати барқ медиҳанд, ва он ҳам на ҳамеша. Агарчи зимистони имсол гузашту тобистон фаро мерасад, вале маҳдудият дар барқрасонӣ ҳанӯз ба поён нарасидааст. Ҳоло ҳам дар бисёре аз деҳот ва шаҳрҳои Тоҷикистон, аз ҷумла дар шаҳри Хуҷанд ва атрофи он, дар як шабонарӯз фақат чанд соъат барқ медиҳанд. Аз ин рӯ, вазъи мардуми шаҳрҳо, бавижа сокинони хонаҳои бисёртабақа, хеле бад аст.

Дар ин хонаҳои бетунӣ дар тобистон ба ҳадде гарм аст, ки нафаси одам мегардад ва дар зимистон ба мисли Сибириё сард аст. Чун солҳост, ки дар маҳаллоти шаҳри Хуҷанд марказгармӣ кор намекунад, бисёриҳо аз ночорӣ барои гарм кардани хонаҳои худ аз ангишт ё зуғолсанг истифода мекунанд ва ин гаҳгоҳе боъиси беморӣ ва марги одамон шудааст.



Дар зимистони имсол, ки хеле сарду тӯлонӣ буд, даҳҳо нафар аз сармо ва аз дуди ангиштсанг ҷони худро аз даст доданд.

Марг дар сармо

Дар зимистони имсол, ки хеле сарду тӯлонӣ буд, даҳҳо пиру ҷавон ва кӯдакон аз сармо ва аз дуди зуғолсанг ҷони худро аз даст доданд. Шумори зиёде аз корхонаҳои тавлидӣ ва муассисоти тиббию омӯзишӣ ба иллати камбуд ва ё набудани барқ аз кор монданд.

Зараре, ки бар асари ин бӯҳрон ба иқтисоди Тоҷикистон расидааст, тибқи омори расмӣ, беш аз садҳо милион сомонӣ будааст. Вале шигифтангез аст, ки дар айни замон, корхонаи «Талко» ва барҳе аз маҳаллаҳои пойтахт ҳамеша бо барқ таъмин буданд. Оё сокинони он маҳаллаҳо бехтар аз дигар мардуми кишваранд?

Ё шояд, иллаташ он аст, ки соҳибони ин хонаҳо ва он корҳонаи «давлатӣ» дар курсиҳои баланди сохторҳои давлатӣ нишастаанд ва бароъшон дулорҳое, ки аз содироти олуминиюм мерасад, муҳиммтар аз ранҷу азоби мардум аст?

Дар ҳар сурат, иллати камбуди шадиди барқ барои мардум ҳамчунон равшан нест. Тибқи иттилоъоти расмӣ, дар нерӯгоҳҳои обии Тоҷикистон ҳар сол беш аз 17 милёрд килувот-соъат нерӯ тавлид мешавад.

Барқ кучо шуд?

Илова бар ин, дар фасли зимистон дар ҳудуди 2-3 милёрд киловотсоъат нерӯи барқ аз кишварҳои ҳамсоя (Узбакистон, Қирғизистон ва Туркманистон) харидорӣ мешавад. Ин дар ҳолест, ки ниёзи солонаи Тоҷикистон ба барқ дар ҳудуди 22-23 милёрд килувот соъат тахмин шуда аст. Агар ин омор дуруст бошад, пас тавлидоти дохилӣ ва воридоти барқ, рӯиҳамрафта, бояд 80-85 дарсади ниёзҳои кишварро қонеъ созад. Яъне дар тӯли шабонарӯз мардум ва корхонаҳо бояд дар тӯли 18-19 соъат бо барқ таъмин бошанд. Вале тавре ки зикр шуд, фақат 4-5 соъат барқ медиҳанд. Чаро?

Бигирем, ки бахши зиёди барқро корхонаҳои санъатию бахши хадамот масраф мекунанд. Вале воқеъият ин аст, ки бисёр корхонаҳо тамоман аз кор мондаанд ва ё ба сабаби камбуди барқ қисман кор мекунанд. Аксари дӯконҳою фурӯшгоҳҳои шаҳрҳо бо шамъ кор мекунанд. Пас, миқдори 10-12 милёрд килувотсоъат барқе, ки тавлид ва харидорӣ мешавад, дар кучо масраф мешавад? Ин равшан нест. Метавон тахмин кард, ки ё миқдори тавлид ва воридоти барқ дарвоқеъ чанд баробар камтар аз омори расмӣ аст ё масрафи барқ чанд баробар бештар аз миқдори тавлидшуда аст. Аммо воқеъият чи гуна аст?

Масъулон дар ин бора иттилоъоти дақиқу равшан намедиҳанд. Чаро? Шояд барои он бошад, ки дуздию қонуншиканиҳо дар ин бахш хеле зиёд аст ва масъулон намехоҳанд, ки он ошкор шавад?

«Ҳалворо ҳаким хӯраду...»

Тоҷикистон ба пешрафти босуръати иқтисоди миллӣ ниёз дорад. Барои ин мебояд, ки дар кишвар шумори зиёди корхнаҳои санъатӣ сохта шаванд. Бад-ин манзур бонкҳои кишварро мебояд, ки қарзҳои арзон ва боимтиёзро дар ихтиёри соҳибкорон бигзоранд ва аз ин роҳ ба пешрафти иқтисоди кишвар мусоъидат намоянд.

Вале рафтори Бонки миллӣ ва бонкҳои тиҷоратии Тоҷи-кистон бар хилофи ин аст. Онҳо сиёсати «пулҳои арзон»-ро не, балки сиёсати «пулҳои гарон»-ро амалӣ мекунанд. Тайи 5-10 соли ахир мизони судоварии (рубҳи солонаи) қарзҳои бонкӣ аз 30-36 дарсад пойин наомада аст. Танҳо аз оғози ҳамин сол нархи қарзҳоро ба таври истисноӣ фақат барои кишоварзони панбакор пойин оварданд.

Равшан аст, ки барои соҳибкорон чунин қарзҳои гарон қобили кабул нест. Аз он танҳо тоҷироне, ки ба воридоти колоҳо машғуланд, метавонанд истифода кунанд. Онҳо колоҳои воридшударо дар бозорҳои дохилӣ бо қиматҳои дучанду сечанд болотар аз нархи харидашон ба фурӯш мерасонанд ва бахше аз суди худро ба бонкдорон медиҳанд.

Табиъист, ки чунин сиёсати бонкҳо боъиси болоравии нархҳои бозор мегардад. Яъне бонкҳои Тоҷикистон ба ҷойи он ки аз болоравии нархҳо ҷилавгирӣ кунанд, худ ба таваррум доман мезананд. Чунин амали бонкҳо ба пешрафти иқтисоди кишвар мусоъидат намекунад.

Ин худ нишони пойин будани сатҳи маърифат ва ҳарису озманд будани бархе аз бонкдорони кишвар аст. Онҳо дар сухан ҷонибдори пешрафту шукуфоии ҷомеъа мебошанд, аммо дар амал бар хилофи он рафтор мекунанд.

Моҷарои Сандуқи Пул

Ширкатҳо ва муассисоти мазкур на танҳо бо мардуми кишвар, балки дар муъомила бо созмонҳои молии байнулмиллалӣ низ аз рафтори нораво худдорӣ намекунанд. Онҳо аз вомҳою кӯмакҳои молие, ки кишварҳою созмонҳои байнулмиллалӣ ба халқи тоҷик мерасонанд, нодуруст ва ба таври ғайриконуни истифода мекунад.

Чанде пеш бархе аз нашрияҳои дохилӣ ва хориҷӣ дар бораи моҷарои байни Сандуқи Байналмиллалии Пул ва Бонки миллии Тоҷикистон хабару маколаҳо ба чоп расонданд. Дар маколаҳо омадааст, ки Бонки миллӣ тайи чанд соли ахир Сандуқи Байнулмилалии Пулро шаш бор фиреб додааст. Аз ҷумла, то соли 2005 Бонки миллии Тоҷикистон аз Сандуқи Байнулмилалии Пул маблағи 47 милюн дулорро гӯё барои «паст кардани сатҳи фақр» гирифта, вале онро барои хадафҳои дигар мавриди истифода қарор додааст.

Бонки миллии Тоҷикистон гӯё як миқдор аз захоири тиллои Тоҷикистонро дар кадом ниҳоде ба унвони гарав барои гирифтани қарз гузошта, вале дар гузориши худ ба Сандуқи Байнулмилалии Пул дар ин бора хабар надодааст. Дар посух ба номаи эътирозии Сандуқи Байнулмилалии Пул, раиси феълии Бонки миллии Тоҷикистон гирифтани қарз ва истифодаи нодуруст аз онро эътироф карда ва гуфтааст, ки он маблағҳоро раиси пешини Бонки миллӣ, ки ҳоло муъовини нахуствазир аст, дар арсаи кишоварзӣ масраф кардааст.

Вале он маблағҳо на ба арсаи кишоварзон, балки ба эҳтимоли зиёд, ба фючеристҳо дода шудааст. Ин аст, ки Сандуқи Байнулмилалии Пул тасмим гирифтааст, ки фаъолияти Бонки миллӣ, ширкатҳои «Барки тоҷик» ва «Талко» бозрасӣ шавад.

Беэътимодӣ

Усулан, ин кор вазифаи ниҳодҳои марбутаи ҳукумати Тоҷикистон аст. Вале он ниҳодҳо вазоифи худро, тавре ки мебояд, иҷро намекунанд ва ё нуксонҳою конуншиканиҳо ва фасодкориҳоро пинҳон медоранд, яъне худи онҳо низ ба фасодкорӣ шарик мешаванд. Ин аст, ки созмонҳои молии байнулмиллалӣ ба ин ширкатҳо ва масъулони кишвар эътимод надоранд ва кори бозрасиро ба кумисиюни бетарафи байнул-миллалӣ супурдаанд, то ҳақиқатро ба руйи об бароранд.

Албатта, беҳтар буд, агар ин корро чанд сол қабл аз ин анҷом медоданд, зеро фасод дар дастгоҳи ҳукумат ва корхонаҳои Тоҷикистон падидаи тоза нест. Аз ин рӯ, ачаб нест, ки муассисоти молии байнулмилалӣ

гарчи инро медонистанд, то ин авохир онро нодида гирифтанд. Шояд бархе аз намояндагони онҳо, ки бо ниҳодҳои ин давлат ҳамкорӣ доранд, дар ин кор шарик бошанд? Ба ҳар сурат, тасмими онҳо дар мавриди бозрасии фаъолияти бонки миллӣ ва бархе корхонаҳои бузурги давлатии Тоҷикистон кобили ҳимоят аст.

Равшан аст, ки агар дар пайи бозрасӣ, фасоди молии ин муассисот таъйид шавад, шакку тардиди ин созмонҳо ба яқин табдил мешавад ва равобити онҳо бо Тоҷикистон тағйир хоҳад кард. Ин як амри табиъист, зеро ҳеч созмони бонуфузи байнулмиллалӣ намехоҳад бо ҳукумати фасодкору бадноме ҳамкорӣ кунад ва беобрӯ шавад. Вале ин барои Тоҷикистон ва иқтисоди он таъсироти манфӣ хоҳад дошт.

Мубориза бо фасод

Бинобар ин, ҳукумати Тоҷикистонро лозим аст, ки бо тамоми нерӯ бар зидди фасодкорон мубориза кунад, ҳамаи кормандони фасодзадаро бидуни истисно ва сарфи назар аз мақому мансабҳояшон аз вазифа барканор ва ба сазои аъмолашон бирасонад ва шаффофияти комили фаъолияти ҳукуматро дар тамоми зинаҳо таъмин намояд.

Ҳукумати Тоҷикистонро лозим аст, ки ҳамаи кормандони фасодзадаро бидуни истисно аз вазифа барканор кунад.

Билохира, ин вазифаи қонунии ҳар як ҳукумат аст. Ва иҷрои ин вазифа метавонад ҳукумати кишварро аз хатари бадномӣ наҷот диҳад. Дар омади гап, бояд гуфт, ки талаби муаллифони мақолаҳои чопшуда комилан дурусту қонунӣ аст ва қобили пуштибонӣ мебошад.

Воқеъан ҳам, масъулони дастгоҳи ҳукумат бояд аз тариқи матбуъот ба мардум гузориши муфассалу дақиқ бидиҳанд, ки Тоҷикистон тайи 16-17 соли ахир аз кадом давлатҳо ва созмонҳои молии байнулмиллалӣ барои иҷрои кадом корҳо қарзҳо ва кӯмакҳои ройгон (бебозгашт) дарёфт кардааст. Ва ҳар қарз кай, аз кӣ, таҳти кадом шароит ва барои чӣ дарёфт шудааст ва он қарзҳо чи гуна ва дар кучо (барои сохтани кадом муассисоти санъатию кишоварзӣ) масраф шудаанд ва ҳосили он сармоягузориҳои хоричӣ чӣ будааст. Яъне он қарзҳо то чӣ андоза самарабахш истифода шудаанд.

Мақомоти марбутаи Тоҷикистон ҳамчунин бояд бигӯянд, ки кай ва чӣ миқдоре аз ин қарзҳо пардохта шудаанд ва чӣ миқдоре ҳанӯз пардохта нашуда ва тибқи созишномаҳо, қарзҳои боқимонда кай бояд пардохта шаванд.

Шаффофият муҳимм аст

Мардум инро бояд бидонанд, зеро он қарзҳоро на ба шахсони чудогона, балки ба халқу давлати Тоҷикистон додаанд ва баргардондани онҳо ба души мардуми кишвар аст ва дар оянда ҳам чунин хоҳад буд. Қоидаю қонунҳои доду гирифти қарзҳои байнулмиллалӣ чунин равишро талаб мекунад. Агарчи масъулони кишвари мо ба қавонини байнулмилалӣ беэътиноӣ мекунанд, вале масъулони дигар кишварҳо ва созмонҳои байнулмиллалӣ муқарраротро хуб медонанд, худашон онро риъоят мекунанд ва риъояти онро аз дигарон низ тақозо менамоянд. Онҳо медонанд, ки кай, ба кӣ, чӣ қадар, таҳти кадом шароит ва барои чӣ қарз додаанд. Агар масъулон ин оморро «фаромӯш» карда бошанд, ба осонӣ метавон ҳамаи маълумоти лозимаро аз вомдиҳандагон дарёфт намуд.

Барои ҳар пажӯҳишгар (муҳаққиқ), бавижа, барои ҳукумат, агар хоста бошад, ҳеч мушкил нест, ки омори лозимаро ба даст орад ва як силсила барасиҳоро анҷом дода, ҳақиқати ҳолро комилан равшан созад ва ба огаҳии мардуми хеш бирасонад.

Дар ҳар сурат, ростию ҳалолкорӣ ва шаффофияти комил дар фаъолияти ҳукуматдорон ва корхонаҳои давлатӣ муҳиммтарин вазифаи ҳукумат аст ва чунин равиш ба суди ҳамагон ҳам ҳаст.

Тоҳири АБДУҶАББОР,
иқтисоддони тоҷик,
радиои ББС, 27 августи 2008

ЧАНД ҲАДАФ ДАР ЯК СОЗМОН

Ҷаласаи навбатии сарони давлатҳои Созмони Ҳамкориҳои Шонғҳой, ки таи солҳои ахир аҳамияти он то рафт бештар мешавад, ба таърихи 28 августи имсол дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад.

Қарор аст, ки дар ҷаласа бархе аз масойили густариши таъмики ҳамкориҳои иқтисодии кишварҳои узви ин Созмон баррасӣ ва дар замина асноди марбута ба имзо бирасанд. Ҳамчунон, ҷавониб дар мавриди масоили муҳими байнулмиллалӣ табодулаи назар хоҳад гирифт. Масъалаи таҳкими сулҳу субботи минтақа, ва дар ин росто мусоидату ҳамкорӣ кардани кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкориҳои Шонғҳой ба Афғонистон дар чиҳати муътадил сохтани авзоъи сиёсӣ ва рушди иқтисоди он кишвар аз мавзӯъоти дигари мулоқоти сарони кишварҳои ин Созмон хоҳад буд.

Дар иртибот ба дигаргун шудани авзоъи байнулмиллалӣ, мумкин аст, масъалаи густариши Созмон ва ба узвият пазируфтани баъзе кишварҳои дигар низ мавриди баррасӣ қарор бигирад.

Аз ахдофи амниятӣ то ахдофи иқтисодӣ

Эъломия дар бораи таъсиси ин Созмон дар соли 2001 дар шаҳри Шонгҳойи Чин дар ҷаласаи сарони панҷ кишвар – Чин, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Русия ба тасвиб расида буд. Тасмим дар бораи таъсиси Созмон низ дар соли 1996 дар ҳамон шаҳр, яъне Шонгҳой, гирифта шуда буд. Аз ин рӯ, онро «панҷгонаи Шонгҳой» меномиданд. Пас аз ҳамроҳ шудани Узбакистон, онро «шашгонаи Шонгҳой» номиданд.

Ҳадаф аз таъсиси ин Созмон – таъмини амният дар навоҳии сарҳадии аъзои Созмон, ҳалли баъзе ихтилофоти марзӣ миёни Чин ва кишварҳои ҳаммарзи он Русия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон ва таклили нирӯҳои низомӣ дар марзҳои ин кишварҳо буд.

Дар Созмони Ҳамкориҳои Шонгҳой ду кишвари бузург – Русия ва Чин нақши фаъол ва тайинкунанда доранд, аммо тамоилоти онҳо мухталиф аст.

Зимнан, Чин ҳадафи дигаре ҳам дошт. Он иборат буд аз ором кардани ҷудоихоҳони уйғур дар навоҳии ғарбии он кишвар – ноҳияи худмухтори Шинҷону Уйғур. Барои расидан ба ин ҳадаф хеле муҳим буд, ки Чин бо кишварҳои Осиёи Миёна ҳамкорӣ кунад ва ба таъмини суботи сиёсӣ дар ин минтақа мусоидат намояд. Зеро дар Қазоқистон, Қирғизистон ва Узбакистон шумори зиёди уйғурҳо сукунат доранд ва онҳо аз наҳзати миллии уйғурҳои Чин пуштибонӣ мекунанд.

Дар он солҳо авзои сиёсии Афғонистон бӯҳронӣ буд ва он метавонист ба суботи кишварҳои Осиёи Миёна ва навоҳии мусалмоннишини Чин таъсири манфӣ расонад. Таъсиси ин Созмон ба ҳалли он масоил мусоидат кард.

Русия дуввумин кишвари кудратманд дар ин созмон аз замони таъсиси он бештар рӯи масоили амниятӣ дар минтақа таъкид мекард ва бад-ин васила мехост нуфузи суннатии худ дар минтақаи Осиёи Миёнаро ҳифз кунад.

Бад-ин тартиб, дар ибтидо ин Созмон бо мақсади ҳалли ихтилофоти марзӣ байни кишварҳои аъзо ва таъмини амнияту суботи сиёсӣ дар минтақа таъсис шуда буд. Вале таи солҳои баъдӣ масъалаи густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ дар чорчӯби ин Созмон аҳамияти бештар касб кард. Зеро ҳамаи ин кишварҳо ба рушди тиҷорат ва ҳамкориҳои иқтисодӣ ниёз доранд.

«Чин иқтисодро тарҷеҳ медиҳад »

Чин яке аз кишвари бузурги минтақа ва ҷаҳон аст. Иқтисоди он, ба вижа тавлиди колоҳои масрафӣ, бо суръат (9-10 % дар сол) рушд мекунад.

Табиист, масрафи энержӣ дар иқтисоди ин кишвар хеле зиёд аст ва сол ба сол ниёз ба енержӣ афзоиш меёбад.

Пешбинӣ шудааст, ки таи 10-15 соли оянда масрафи нафт дар ин кишвар 2-2,5 баробар афзоиш хоҳад ёфт. Аз ин рӯ, Чин аз як сӯ ба бозорҳои фурӯши маҳсулоти худ ва аз сӯи дигар ба дастрасӣ ба захоири нафту гоз дар Осиёи Миёна ниёз дорад. Барои мисол, дар соли 2006 Тоҷикистон аз Чин ба маблағи 159 млн доллар колоҳои мухталиф ворид кардааст, дар ҳоле ки содироти мо ба Чин фақат 10 млн доллар будааст. Дар соли 2007 ҳаҷми тиҷорати ду кишвар ба 283 млн доллар расидааст, яъне қариб 80% зиёд шудааст. Зимнан, содироти Тоҷикистон ба Чин ба маблағи 8,3 млн ва воридоти мо аз Чин ба маблағи 275 млн доллар будааст.

Аз сӯи дигар имконоти Русия ҳам дар солҳои ахир ба далели даромадҳои ҳангуфти он аз ҳисоби афзоиши баҳои нафту гоз дар бозорҳои ҷаҳон барои судури фаровардаҳои худ ба кишварҳои Осиёи Миёна ва сармоягузорӣ дар иқтисоди ин кишварҳо афзоиш ёфтааст. Ҳамзамон, Русия ва Чин ҳамкориҳои иқтисодиро бо кишварҳои Осиёи Миёна густариш медиҳанд. Сармоягузорони ин ду кишвар дар ин минтақа бештар ба саноеъи нафту гоз, металуржӣ ва хутути мувосилотӣ таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд.

Бархе аз коршиносон густариши фаъолияти Чин дар Осиёи Миёнаро ба масобаи рақобат бо дигар кишварҳои бузург, пеш аз ҳама, рақобат бо Русия ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, ки дар ин минтақа ҳадафҳои худро доранд, талаққӣ мекунанд. Албатта, ин то андозае дуруст аст.

Байни Чин ва Русия дар бисёр масоил ихтилофот вучуд дорад ва он мумкин аст, дар оянда ба муносиботи ду кишвар таъсири чиддӣ расонад. Вале дар ҳоли ҳозир ин ду кишвар, ки нақши асосиро дар Созмони Ҳамкориҳои Шонгҳой доранд, мекӯшанд, ки нуфузи худро дар Осиёи Миёна таҳким намоянд ва муштаракан дар муқобили манофеъи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико қарор гиранд.

Чунин рӯҳия дар ин авохир дар иртиботи бархурди низомӣ байни Русия ва Гурҷистон ва ҷонибдории Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва кишварҳои Ғарб аз Гурҷистон тақвияти бештар ёфт. Ин мумкин аст, боиси розӣ шудани Русия ба пазируфтани кишварҳои дигар, масалан, Ирон, ба Созмони Ҳамкориҳои Шонгҳой гардад.

Русия ва Чин

Равшан аст, ки муносибот ва шеваи бархурди Чин ва Русия бо кишварҳои Осиёи Миёна яксон нест. Чин иддаоҳои сиёсию азаматталабона надорад. Ва агар дошта ҳам бошад, онро то ҳол ба таври ошкор зоҳир накардааст. Он кишвар бидуни фишору таҳдидҳо, оромуроҳат бозорҳои Осиёи Миёнаро тасхир мекунад.

Вале Русия равиши дигар дорад. Он Осиёи Марказиро минтақаи манофеъи жиюполитикии худ зълон кардааст ва мекушад, ки кишварҳои

ин минтақаро дар доираи нуфузи худ нигаҳ дорад. Барои расидан ба ин ҳадаф мекушад, ки аз имконоти сиёсию иқтисодии худ ва аз Созмони Ҳамкориҳои Шонгҳой истифода кунад. Ин равишест, ки кишварҳои тозаистиқлоли Осиёи Миёнаро нороҳат месозад.

Табиист, ки дар Созмони Ҳамкориҳои Шонгҳой ду кишвари бузург – Русия ва Чин нақши фаъол ва тайинкунанда доранд. Аммо тамоилоти онҳо мухталиф аст. Чин бештар ба ҳамкориҳои иқтисодӣ такя мекунад, вале Русия мехоҳад, ки чанбаи сиёсию низомии ин созмонро бачастатар созад ва онро дар мукобили ИМА ва Созмони Паймони Атлантики Шимоли (НАТО) қарор дихад ва бад-ин васила аз густариши нуфузи ИМА чилавгирӣ кунад.

Русия Осиёи Марказиро минтақаи манофеъи жиюполитикии худ эълон кардааст ва мекӯшад, ки кишварҳои ин минтақаро дар доираи нуфузи худ нигаҳ дорад. Барои расидан ба ин ҳадаф мекушад, ки аз имконоти сиёсию иқтисодии худ ва аз Созмони Ҳамкориҳои Шонгҳой истифода кунад.

Кӯшишҳои Русия дар соли 2006 дар чихати муттаҳид кардани нирӯҳои мусаллахи кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкориҳои Шонгҳой ва эҷоди Паймони ҷадиди низомӣ далели ин иддаъост. Ба назар мерасад, ки талошҳои Русия дар ин чихат ноком хоҳанд монд. Ҳадди аққал дар марҳалаи феълӣ. Зеро Чин, яке аз «бозигарони» асосӣ ба иҷоди паймони низомӣ майл зоҳир намекунад.

Кишварҳои Осиёи Миёна ҳам дар паи таҳкими истиқлолияти хеш ва таъмини пешрафти иктисоду ҳалли мушкилоти иҷтимоии худ мебошанд. Онҳо бештар ба ҳамкориҳои иктисодӣ ниёз доранд, на ба ракобатҳои сиёсию низомӣ.

Ин аст, ки онҳо ҷонибдори густариши муносиботи неку ҳамкориҳои пурсамари иктисодӣ бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Иттиҳодияи Аврупо мебошанд. Ҳукуматҳои Қазоқистон, Тоҷикистон ва то андозае Қирғизистон майл ба чунин сиёсат доранд. Бехуда нест, ки ҳамкориҳои иқтисодӣ ба ҷанбаи асосии фаъолияти Созмони Ҳамкориҳои Шонгҳой табдил ёфтааст.

*

Тоҳири АБДУҶАББОР,
рӯшанфикри тоҷик,
радиои ББС, 9 сентябри 2008

ОЁ БА ИСТИҚЛОЛИ КОМИЛ ДАСТ ЁФТАЕМ?

Имрӯз ҳабдаҳ сол аз замони эъломи Тоҷикистон ба унвони кишваре мустақилл аз давлати собиқи Шӯравӣ гузашт. Вале то кунун таърихи комиле ва ҷомеъе аз талошҳои озодихоҳии тоҷикон ва эъломи истиқлоли ин кишвар навишта нашудааст. Дар матлаби зер, Тоҳири Абдуҷаббор, аз раҳбарони фаъоли ҷунбиши истиқлолталабии Тоҷикистон дар авохири аҳди Шӯравӣ, хотироти худро, аз ин ки чигуна ин кишвар эъломи истиқлол кард ва то чӣ ҳадд ормонҳои истиқлолхоҳӣ ба даст омада, ироа кардааст.

Дар авохири солҳои 1989-90 дар Иттиҳоди Шӯравӣ дигаргуниҳои бузурге руй дод ва ҷамоҳири собиқи Шӯравӣ дар садади он шуданд, ки ҳарчи зудтар истиқлоли худро эълом кунанд ва дар ин замина санадҳои ҳуқуқие таҳия карданд.

Дар Тоҷикистон низ як матни эъломия дар тобистони соли 1990 ба чоп расид, вале ба назари ман, ин санад истиқлоли Тоҷикистонро таъмин намекард, зеро онро ҳукуматдорон ҳамин тур беҳадаф ва намоишкорона таҳия карда буданд. Ба ҳамин хотир, мо бо маслиҳати дӯстон дар Созмони Мардуми Растохез онро баррасӣ кардем ва ман эъломияи олтернотивие таҳия кардам, ки аз ду бахш иборат буд. Дар бахши аввал назароти интиқодии худро дар мавриди эъломияи ҳукумат навиштам. Дар бахши дуввум, ки дар ҳудуди 25-30 модда иборат буд, ин мавзӯъро матраҳ кардам, ки *Тоҷикистон ба унвони як давлати мустақил бояд чигуна давлате бошад, чи тағйироте дар Қонуни Асосӣ ворид карда шавад ва ҳуқуқу озодиҳои инсон аз чӣ иборат бошад ва чӣ гуна бар мабнои қонун тазмин гардад ва низоми давлатдории мо чӣ гуна бошад.* Ин санадро таҳия кардем ва ба рӯзномаҳо пешниҳод кардем, вале мутаассифона, аксарашон қабул накарданд, фақат муаллими мӯҳтарам, Мазҳабшо Муҳаббатшоев, ки он замон сардабири нашрияи расмии «Ҷумҳурият» буданд, пазируфтанду чоп карданд, мунтаҳо бахши интиқодии он ҳазф шуд ва бахши дуввумаш чоп шуд. Баъдтар, ки ҷаласаи Шӯрои Олӣ баргузор шуд, дар он ҷо ҳар ду нусхаи эъломияи истиқлоли Тоҷикистон мавриди баррасии намояндаҳо қарор гирифт.

Равшан аст, ки он замон намояндаҳои порлумон аслан огаҳии чандоне аз мавзӯъ надоштанд, яъне пешопеш онро баррасӣ накарда буданд, андешаи солим ҳам нисбат ба ин эъломия надоштанд. Ҳамин тур омаданду раъй доданд. Вақти раъйдиҳӣ ба забони раиси маҷлис менигаристанд, агар вай мегуфт, ки «раъй бидиҳен», барои раъйи мувофиқ тугмаро пахш

мекарданд ва агар мегуфт «на, кабул накунен», албатта раъйи мухолиф медоданд. Мо бисёр баҳсу талошҳое кардем. Ба ҳар сурат ҳарду матн барасӣ шуд ва дар ниҳоят як матни тоза таҳия шуд, ки махлуте аз матни ҳукумат ва чанд банд аз эъломияи истиқлоли созмони Растохез буд.

Ба ҳар сурат, ин матни тоза мавриди қабул ва ризояти ман набуд, ба ин хотир ки ҳарчанд дар баъзе масоили ҷузъӣ ҳукуку салоҳияти бештари Тоҷикистон пешбинӣ шуда буд, аммо руйиҳамрафта, ҳамон тобеъияти Тоҷикистон аз Маскав аз ҳар лиҳоз дар ин матн пешбинӣ шуда буд, яне тағйироти куллие дар он дида намешуд.

Ба ҳамин хотир, ман баъд аз баҳсу талошҳои зиёд, варианти севвуми Эъломияи истиқлолро пешниҳод кардам. Албатта матне, ки мо пешниҳод кардем, нашр шуд ва он ҳаҷмаш калон буд, баъзе чизҳо муфассалан дар он оварда шуда буданд. Вале чун дигар фурсате набуд, ман дар як ҷумла мухтасар кардам, яъне ҷумлае навиштам, ки ҳама чизҳои дигар ба он вобаста буд ва пешниҳод кардам, ки бинависем: **«Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати мустақилл, демукротик ва ҳуқуқбунёд аст»**. Онро ба раъй монданд ва чун тоблу рӯшан шуд, диданд, ки ҳама раъйи мухолиф додаанд. *Албатта, ман эътироз кардам, ки ҳадди ақалл ман, ки муаллифи ин пешниҳод хастам, бояд мухолифи худ раъй надода бошам.* Дар толор ханда баланд шуд, ман ки назди микрофун истода будам, пушти сарамро нигоҳ кардам ва маълум шуд *намояндае, ки дар паҳлӯйи ман менишаст, ба ҷойи ман ҳам тугмаи мухолифро зер карда буд.* Ҳарчи талоше кардем, мунтаҳо санаде ба тасвиб расид, ки истиқлоли Тоҷикис-тонро таъмин намекард. Лекин ба ҳар сурат, икдоме буд, ки нисбат ба гузашта як навъ пешрафт маҳсуб мешуд.

Рӯшанфикрон ба ин назаранд, ки нахустин касе, ки барои ба истиқлолият расидани Тоҷикистон муборизаи якрангу қотеона бурдааст, Тоҳири Абдуҷаббор аст.

Баъдан талоши созмони Растохез ва нерӯҳои озодихоҳ дар кишвар идома ёфт ва як сол пас ман *санади дигаре таҳия кардам, ки бисёр калонҳаҷм ва аз ду қисмат иборат буд.* Қисмати аввалаш дар бораи лағви созишномаи соли 1922, яъне созишномае, ки бар асоси он Иттиҳоди Шӯравӣ бунёд шуда буд. Албатта ин созишнома тақаллубӣ буд, зеро он замон касе назари мардумро напурсида буд, мардум ҳам аз он огоҳ набуданд, мунтаҳо чанде аз ба истилоҳ раҳбарони кишварҳо ҷамъ шуда ва

онро имзо карда буданд. Ба назари ман, бояд аввал ин санадро лағв мекарданд. Аз ин рӯ, матни созишномаи ҷадидеро дар бораи иттиҳоди ҷадиди давлатҳои мустақилл бо бандҳои зиёд ва бо тафсилоташ навиштам ва дар аввали соли 1991 ба рӯзномаҳо пешниҳод кардам. Вале ҳеч рӯзномае ҳозир нашуд онро чоп кунад. Ман матни русиящро ҳам таҳия кардам ва бо мактубе расмӣ ба Шӯрои Олӣ барои барасӣ пешниҳод кардам.

Мутаассифона, дар Шӯрои Олӣ, ки моҳҳои апрел-май баргузор шуд, намояндагон ҷуръат накарданд, ки онро баррасӣ кунанд ва ҳамин тавр монд. Вале дар он солҳо тибқи маъмул ҳар ҳарфе, ки мо мегуфтем ва менавиштем, маъмурони Кумитаи амният, ки сад дарсад дар хидмати Маскав буд, онро дастрас мекарданд ва ба Маскав мефиристоданд. Баъдан аз ин санад, аз онҷи ба Иттиҳоди Шӯравӣ марбут мешуд, дар охири он сол барои таҳияи баъзе асноди ҳуқуқӣ дар Маскав хеле истифода карданд.

Ба ҳар сурат, як матни созишномаи ҷадид, ки аз Маскав таҳия шуда буд, ба Душанбе расид, мо онро баррасӣ кардем ва он ҳам ба назари мо ноқис буд ва ба ҳеч ваҷҳ истиқлоли комили кишварҳоро таъмин намекард. Мо назароти худро гуфтем ва талаб кардем, ки ин матн ҳам таҷдиду такмил шавад ва дар тобистони соли 1991 намунаи дигаре ҳам барои имзои саронӣ ҷамоҳири Шӯравӣ омода карданд. Қарор буд ин санад 21 август имзо шавад, вале ду рӯз пеш ҳаводиси мавсум ба «ГКЧП» иттифоқ афтод. Чанде аз вазирон ва мақомоти дигари баландпоя Михойил Горбачёвро бо роҳи кудето аз қудрат дур карданд. Мо ононро маҳкум кардем, вале бархе аз раҳбарони вақти Тоҷикистон аксҳои Горбачевро аз деворҳо барканданд ва ба Маскав барқияҳо фиристоданд ва пуштибонии худро аз ин кудето иброз доштанд.

Мо рӯзи дигар бо иҷозаи шахрдорӣ тазоҳуроте эътирозӣ ба роҳ андохтем ва мардуми зиёде дар майдони марказии шаҳри Душанбе ҷамъ шуданд. Бар асари фишорҳои мардум, ки озодӣ ва истиқлол талаб мекарданд, Шӯрои Олӣ ҳам ҷаласаашро оғоз ва ин мавзӯъро барасӣ кард. Зимнан, мо чанд тан аз намояндаҳои маҷлисро ба Маскав даъват карданд ва мо дар ҳудуди 15-20 нафар барои ширкат дар анҷумани намояндагони миллатҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ба он ҷо рафтем. Пас аз бозгашт ба Душанбе дидем, ки дар майдон мардум ҳанӯз ҳам зиёд буданд ва талаби истиқлол мекарданд.

Дар ҷаласаи Шӯрои Олӣ ҳам машварату маслиҳатҳои зиёде байни ҳам радду бадал карданд ва билохира тасмим бар ин шуд, ки бале, дигар кишварҳо ҳама эъломи истиқлол карданд ва Тоҷикистон ҳам агар истиқлоли худро эълом кунад, хуб аст. Ва ин корро ба раиси кумитаи ҳуқуқ ва қонунгузории Шӯрои Олии Тоҷикистон, мӯҳтарам Нурулло Ҳувайдуллоев, вогузор карданд. Эшон ҳам пешниҳод карданд, ки моддаи аввали Қонуни асосии Тоҷикистон ислоҳ карда ва ба ин шакл навишта шавад, ки *«Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати демукротик, мустақилл ва ҳуқуқбунёд*

аст». Ҳамин як чумларо ман соле пеш пешниҳод кардам ва онҳо напазируфта буданд. Ин дафъа раиси маҷлис ҳам гӯё мойил буд, ки намояндаҳо раъйи мувофиқ диҳанд ва ҳама раъйи мувофиқ доданд ва якдигарро ба муносибати истиқлол табрик мегуфтанду хушҳолӣ мекарданд.

Ба мардуме ҳам, ки дар майдон буданд, ин хабарро расонданд ва онҳо ҳам хеле хушҳол шуданду якдигарро ба оғӯш мегирифтанд ва нидоҳои **«Зинда бод Тоҷикистони мустақилл!» ва «Озодиву истиқлол!»** ва ғайра баланд шуд.

Ин руйдод **9-сентябри соли 1991** иттифоқ афтод, яъне як сол баъд аз он ки **Эъломияи Нахустини Истиқлол** пазируфта шуда буд, эъломияе, ки хом буд ва мо бо муҳтавои он мувофиқ набудем. Ва дар ин як сол намояндагони давлат ва порлумон тақрибан фаромӯш карда буданд, ки санаде ба номи Эъломияи истиқлол тасвиб шуда буд. Мунтаҳо тафовут ин буд, ки ин бор моддаи аввали Қонуни Асосиро низ тағйир доданд ва ин шуд эъломияи истиқлоли Тоҷикистон ва аз он баъд мо ба масобаи як давлати мустақилл зухур кардем. *Албатта ҳазорон нафар дар хиёбонҳо аз он рӯйдод истиқболи гарм карданд ва бо хушҳолӣ онро пазируфтанд,* мунтаҳо *ҳукуматдорон аслан сарфаҳм нарафта буданд, ки Тоҷикистон ба масобаи як давлати мустақилл чӣ маънӣ дорад ва чӣ гуна бояд ин давлатро сохт.*

Эъломи Истиқлоли Тоҷикистонро дар 9 сентябри соли 1991 мардуми рӯшанфикру бедори тоҷик бо нидои хушҳоливу сарбаландӣ истиқбол гирифтанд.

Дар гузашта метавон гуфт, ки Тоҷикистон моҳиятан ба масобеҳи вилояте аз давлати воҳиди Русия буд. Ба истилоҳ чумҳуриҳое, ки шомили он буданд, тақрибан ба масобеҳи вилоятҳои Сибириё ё қисматҳои дигари Русия шинохта мешуданд ва як кудрати бузурги идорӣ бо сарварии ҳизби кумунисти Иттиҳоди Шӯравӣ мамлакатро идора мекард.

Албатта кудатои маъруф ба «ГКЧП» натичаи бадтар дод. Онҳое, ки дар ин кудато даст доштанд, намехостанд, ки созишномаи чадиде ба имзо бирасад ва сохтори идораи кишвар тағйир кунад. Онҳое, ки хохони истиқлоли бештари чумҳуриҳои худ буданд, аз ин рӯйдод ба ҳарос омаданд ва фаҳмиданд, ки бо Маскав ҳеч гуна созише наметавонад сурат

бигирад. Ва онҳо умедҳои охирини худро канданд ва базудӣ чанд ҷумҳурӣ пайиҳам истиқлоли худро эълом карданд.

Озарбойҷониҳо ҳам, ки як намояндаашон бо ман шинос буд, муроҷиъатномае аз номи мардум ва ҳукумат ва нерӯҳои демукротики Озарбойҷон ба халқи шарифи Тоҷикистон ва ҳукумат ва Шӯрои Олии Тоҷикистон оварданд ва дар он омада буд, ки «Шумо аз кӣ камед? Шумо ҳам як миллати кадимӣ ва бисёр бофарҳанг ҳастед ва бояд истиқлоли худро эълом кунед ва мустақилл бошед». Ман ин номаро ба раҳбарони Тоҷикистон супурдам, онҳо хонданд ва рӯҳияи онҳо низ тағйир кард.

Бо ин ҳол, пас аз эъломи истиқлол низ мақомот дарк накарданд, ки чӣ шуд. Охир як давлати дигаре ба вуҷуд омад, давлате, ки дар замони Шӯравӣ ноқис буд ва *ҳоло бояд ҳамаи аркони ин давлатро дар зудтарин фурсат месохтанд.* Вале моҳҳо гузаштанд ва ҳатто соле ҳам сипарӣ шуд, вале давлат ва раҳбарони Тоҷикистон аслан гӯё ёдашон рафта буд, ки ин корҳоро бояд анҷом дод. Онҳо ба тақсими мансаб машғул шуданд ва метавон гуфт, ки муддати зиёде дар Тоҷикистон ҳукумат набуд. Онҳо аслан фаромӯш карда буданд, ки ин дигар як давлати мустақилл аст ва дар назди мардум барои чигунагии давлату давлатдорӣ, пешрафти иқтисодию сиёсии кишвар масъул аст. Ҳеч коре накарданд, ки дар зудтарин фурсат аркони як давлати мустақиллро бисозанд. *Ба ҷойи ин, ба ҷанҷоли тақсими қудрату вазифаву мансаб машғул буданд ва мутаассифона, кор ба онҷо расид, ки як сол пас Тоҷикистон ноором шуд.* Нерӯҳои мухталиф руйи кор омаданд ва ҳадафашон мансаб буд.

Дар ин таҳаввулот албатта *нақши Русия ва Узбакистон зиёд буд.* Соли 1992 дар Хуҷанд, вақте ки ҷаласаи Шӯрои Олӣ баргузор шуд, маълум буд, ки нооромиҳои бештаре дар пеш аст, зеро метавон гуфт *вилояти Ленинобод (Суғди кунунӣ)-ро нерӯҳои Русия ва Узбакистон ғасб карда буданд.* Дар он ҷо танкҳову нерӯи ОМОН ва лашкариёни ин ду кишвар роҳҳоро баста буданд, гӯё ба хотири таъмини амнияти ҷаласаи Шӯрои Олӣ, вале дарвоқеъ сохтмоне, ки дар он ҷаласа мегузашт, ба ду бахш, байни Русия ва Узбакистон, тақсим шуда буд ва нерӯҳои хориҷӣ раванди ҷаласаи Шӯрои Олии Тоҷикистонро кунтрул мекарданд. Дар он ҷо суханони хуб зиёд гуфта шуд, хама ба оштиву якдигарфаҳмӣ даъват мекарданд ва муҳиммтарин санаде, ки тасвиб шуд, муроҷиатномаи Шӯрои Олии Тоҷикистон ба кишварҳои ҳамсуд буд. Аз эшон даъват карда шуд, ки ба оромишу осоиштагии Тоҷикистон кӯмак кунанд ва нерӯҳои таъмини сулҳи худро ба ин кишвар бифристанд, то дигар нооромӣ нашавад. Намояндагони ҳарду тараф, ҳам мухолифон ва ҳам минтақаи Кӯлоб дар ин ҷо ҳузур доштанд, ба якдигар ҷома пушонданду оши оштӣ хӯрданд. Ман фикр мекардам, ки ин рӯйдоди хубе буд, гарчи баъзе тардидҳо вуҷуд дошт, ки онҳо чандон самимӣ нестанд. Яъне нерӯҳое буданд, ки метавонистанд ин созишро баҳам бизананд.

Ба ҳар сурат, чунин шуд ва ман ҳам хурсанд будам, ки онҳо ба мувo-

фиқа расиданду оромӣ ҳосил шуд. Рафтам ба деҳа, то аз хешовандон хабар бигирам, вале чун роҳ баста шуд, имкони бозгашт ба Душанберо надоштам ва дар онҷо мондам. Дар ин миён, аз телевизиюн дидам, ки ба Душанбе бо танку тӯпҳо аз Узбакистон ворид шуданд. Яъне вақте ки президенти имрӯза (Эмомалӣ Раҳмон) раиси тозаи маҷлис интихоб шуд, ман хабар ёфтам, ки мардум дар Душанбе бо гулдаста ба истгоҳи роҳи оҳан рафта буданд, ки аз ӯ пешвоз бигиранд. Вале инҳо як ҳафта пас бо танку тӯпҳо аз Узбакистон ба Тоҷикистон ворид шуданд ва ҷанг оғоз шуд. Мутассифона, касе интизори ин чизҳоро надошт. Вале бархӯрдҳо оғоз шуд ва дар зимистону баҳори *соли 1993 ҳавопаймоҳои ҷангии Узбакистон ва танкҳои Русия бо шиддати бештаре ба саркӯбии нерӯҳои озодиҳоҳи Тоҷикистон шурӯъ карданд*. Албатта тарҳи инро пештар кашида буданд ва пас аз он ки окои Раҳмонуф раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон интихоб шуд, *дафъатан ҷаласа мутаваққиф шуд ва ӯ ба шаҳри Тирмиз, дар ҷануби Узбакистон, рафт ва дар он ҷо музокироти маҳрамонаи Русия, Узбакистон* ва раҳбари ҷадиди Шӯрои Олии Тоҷикистон баргузор шуд. Онҳо нақшаҳои пештари худро мисли ин ки як бори дигар чек карданд ва гуфтанд, ки ҳамин тур бояд идома бидиҳанд.

Пас аз як ҳафтаи ҷаласаи 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон дар Хуҷанд, ҳукумати нав бо танку тӯпҳо аз Узбакистон ба Тоҷикистон ворид гардид ва ҷанг оғоз шуд.

Ба ин тартиб, чанд соли дигар низоъи байни манотиқи мухталифи Тоҷикистон, яъне ҷанги шаҳрвандӣ идома ёфт ва шукр, ки дар соли 1997 созишномаи сулҳ имзо шуд ва ҳоло кишвар орому осуда ва рӯ ба пеш-рафти иқтисодию ичтимоъӣ ниҳодааст.

Аблатта, ман фикр намекунам ормонҳое, ки мо дар мавриди истиқлоли Тоҷикистон дар авоили даҳаи 1990 доштем, сад дарсад ба даст омада бошад. Аслан истиқлоли давлати Тоҷикистон, ки мо баҳри он талош кардем, барои ин буд, ки мардум озод бошанд.

Яъне шарти аввали озодии мардум истиқлоли давлат аст, яъне агар давлат озод бошад, мардум озод мешаванд, дигар касе аз берун бар мо намегӯяд, ки «шумо ин ҷо бираведу он ҷо биншинед» ва бар мардуми мо андешаҳои худро таҳмил намекунад. Давлат дигар соҳибихтиёр аст ва худаш метавонад назму низоми одилонаю дурусте ва ё роҳҳои пешрафти иқтисодии худро таъйин кунад ва ба масири пешрафт ворид шавад. Мутаассифона, пас аз эъломи истиқлоли Тоҷикистон мақомот ба ин роҳ нарафтанд ва мардум озод нашуданд, истиқлол дар руйи коғаз ҳосил шуд, *вале давлати Тоҷикистон амалан озод нашуд, зери таъсири нерӯҳои*

беруна, хусусан Русия ва Узбакистон буд. Ва мардум ҳам озод нашуданд. Ин буд, ки иқтисоди кишвар на танҳо пешрафт накард, балки рӯ ба таназзул ниҳод ва маҷмӯъи маҳсулоти дохилии Тоҷикистон тақрибан дувуним-се баробар камтар шуд ва вазъият бадтар шуд.

Ва ҳатто имрӯз пас аз гузашти ин кадар сол мардум худро ҳанӯз ҳам озод хис намекунанд, тарс доранд ва мудохилаи давлат дар умури иқтисодӣ хамчунон ба мушоҳида мерасад. Агарчи эълом карданд, ки Тоҷикистон ба низоми иқтисоди бозорӣ мегузарад ва ислохоте ҳам дар ин замина анҷом доданд ва давраи гузариш ҳам сипарӣ шуд, вале ҳукумат ҳамчунон ба шеваҳои хоси даврони Шӯравӣ амал мекунад.

Мақомот дар кори мардум, дар умури кишоварзон ва муассисоти санъатӣ мудохила мекунанд ва гуна-гуна мушкилот ва мавонеъ барои пешрафти иқтисодӣ эҷод мекунанд. Ин амр шароитеро, ки барои пешрафти иқтисодӣ, иҷтимоъӣ ва фарҳангии Тоҷикистон лозим аст, ба вуҷуд намеорад, балки садди роҳ шудааст.

Бо камоли таассуф, метавон гуфт, ки имрӯз ҳам дар Тоҷикистон он чизҳое, ки мо мехостем, яъне озодии кишвар, озодии инсонхо ва озодии афроди ҷомеъа, ба таври комил ба даст наёмадааст.



Устод Тоҳири Абдуҷаббор бо Раҳматкарими Давлат –хабарнигори варзида, Нарзуллоҳи Латиф – шореҳи варзиш, Муҳаббати Аслонзода – рушанфикри тоҷик ва Нуруллоҳи Абдулло – ҳунарманди маъруф, Душанбе, соли 2008.

Тоҳири АБДУҶАББОР,
раиси Созмони Растохез.
"Озодагон",№34,35,36, август-сентябри соли 2008.

ДАВЛАТ ПУЛ НАДОРАД

(Мусоҳиба бо донишманди тоҷик Тоҳири Абдуаҷаббор)

Солҳост ин мавзӯъ мисли як дарди гунг ва газанда дар ниҳодам реша давонда ва пурсишҳои зиёде дар иртибот ба он дар магзам пажвок мезанад. Ман ба унвони як ҷузъе аз ин мардуми азиятдида ва азияткаш, ки бо иллатҳои мухталиф дастхуши сарнавишти на он қадар ширин буда, ҳамеша дар фикри решаёбии он мушкилоте будаам, ки боиси азобу ранҷи мардумам шуда ва мешавад. Ҳарчанд ҷуз рӯи коғаз кучонидан ва дар ин бора бо чанд тан коршинос сӯҳбат кардан кори дигаре аз дастам намеояд, боз наметавонам онро ба дасти фаромӯшӣ биспорам ва чанд сол аст, ки ин мавзӯъ ҳамчунон азобам медиҳад. Беш аз ин, агар ҳар як аз фарзанди пажӯҳишгар, иқтисоддон, рӯзноманигор ва қаламбадасти миллат дар мавриди решаёбии мушкилот фикр мекарду роҳҳои бурунрафт аз онро ҷустуҷӯ менамуд, бидуни шак имрӯз вазъ хеле беҳтар аз он мебуд, ки ҳоло дорем. Намедонам онҳое, ки ба хотири машғул шудан ба ҳаллу фасли ин мавзӯъ моҳона мегиранд ва ба иборате зиндагияшон аз ҳамин ҳисоб таъмин мегардад, ин пурсишҳоро, ки магзи маро мегазад, аз худ доштаанд ё не?! Ба ҳар сурат, чаро мо ба ин рӯз гирифтор шудем? Охир тоҷикро чи ба сар омада, ки фарҳанги тавлид ё истеҳсолро наздик аст фаромӯш кунад? Ин чи ҳолест, ки мо ҳатто колоҳоеро, ки тавлидаш хеле осон ва бо тақҳизоти хеле сода анҷом мегирад, аз хориҷ ворид мекунем? Оё дар ин ҷаҳон, ки суръати рушди болое дорад, бо ин вазъи имрӯз мо метавонем баробар бо дигар мардум пеш равем, бо онҳо баробар бошем, ё фақат масрафкунанда хоҳем буд ва сол аз сол аз онҳо ақиб мемонему баъд аз чанд сол сарнавиштамон мисли он мардуме хоҳад шуд, ки дар фаромӯшхонаи таърих бенишон шудаанд? Оё фоҷеаи истеъмолкунанда будан бо ин вазъи иқтисодии кишвар моро ба завол

Устод Тоҳири Абдуҷаббор бо нигорандаи сӯҳбат Зафари Сӯфӣ – сармуҳаррири нашрияи "Озодагон".

маҳкум нахоҳад кард? Оё сиёсати иқтисодии Тоҷикистон ҷавобгӯи ниёзҳо ва заруратҳои мардуми ин кишвар ҳаст?

Ҳангоме ки бузургтарин кишварҳои ҷаҳон бо рушди боло ва имконоти фаровон аз ҳамакнун барои 50 соли оянда рушди иқтисодияшонро барасӣ ва барномарезӣ мекунанд оё мо ҳам, ки шояд садҳо баробар бештар аз онҳо ниёзмандем, чунин як барномаи роҳбурдии рушди иқтисодӣ дорем? Чаро бархе давлатмардони мо раҳбар буданро роҳи афзудани дороиҳои шахсӣ меҳисобанд ва бидуни ҳеч нигаронӣ аз фардои чунин як хиёнат ба ватан заминҳои кишоварзиро мефурӯшанд? Чаро дар ҳамаи дунё одамон аз маҳсули корхона ва муҷтамаъҳои кишоварзӣ баҳрабардорӣ мекунанду мо ин корхонаҳоро аз байн мебарем ва муҷтамаъҳои тавлидӣ, мисли фермаҳои мургпарварӣ ва чорводориро хароб мекунему ҳудуди онро ба сифати замин мефурӯшем? Ин чи фарҳанге, ки дар ҳоли голиб шудан бар мо мебошад? Оё мо тавони пирӯз омадан бар фарҳанги масрафгароиро дорем? Оё мо мардуми тавлидкунанда хоҳем шуд? (Манзурам фақат тавлиди маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатӣ нест, балки пешрафти илм ва техноложиро дар мадди аввал бояд қарор диҳем.) Оё вазорати маориф барои рушди илм ва густариши фарҳанги илмсолорӣ дар ҷомеа ва ормони насли наврас табдил шудан афроди олим ва кашшофу ихтироъгар чи барномае дорад?... Сухан кӯтоҳ, ин пурсишҳо ва суолҳое ба он монанд чанд сол аст, ки дар магзи ман пажвок мезанад ва гоҳе дар сӯҳбатҳои коршиносон барои бархе аз онҳо посухҳо пайдо мекунам...

Ин навбат ҳамсӯҳбати камина пажӯҳишгар ва донишманди иқтисоддон, шахсияти шинохта ва беш аз ҳама инсони дилсӯзи миллат, устод Тоҳири Абдуҷаббор аст. Ҳарчанд оғози сӯҳбати мо дар мавзӯоти дигар ва доманаи он ҳам фаротар аз Тоҷикистон буд, аммо нахустпурсиши ман аз устод дар ин маврид буд, ки арзёбии эшон аз вазъи имрӯзи истеҳсолот дар Тоҷикистон чи гуна аст?

– Вазъи иқтисодии Тоҷикистон имрӯз хуб нест. Ҷомеаи мо гирифтори сад гуна мушкил аст, мушкилоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, ки ҳама бо ҳам вобаста ҳастанд. Иқтисоди Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, аз солҳои 80-и садаи гузашта аз пешравӣ боз монда буд. Бинобар ин, он солҳоро "давраи рукуд (ба русӣ: "застойный период") мегуфтанд. Яке аз сабабҳои пеш гирифтани сиёсати "бозсозӣ" ("перестройка") низ ҳамин буд. Мақсади он гузаронидани баъзе ислоҳот ва суръат бахшидан ба пешрафти иқтисоди кишвар буд.

Дар солҳои 90 сатҳи тавлидот дар ҳамаи давлатҳои шӯравии пешин шадидан (2-2,5 баробар) поин омад. Ба болои ин, бар асари "озод" кардани нархҳо дар Русия, ҳамаи кишварҳои узви ИДМ-ро таваррумии шадид фаро гирифт. Нарху навои бозор то ба 2500-3500 % боло рафт. Чунин ҳолати ғайриоддиро дар илми иқтисод "рукуди таваррумӣ" (ба русӣ "стагфлятсия") меноманд. Поин омадани сатҳи истеҳсолот, болоравии сарсомовари нархҳо, бекурбшавии даромади аҳолӣ ва музди кори

коргарон, поин омадани сатҳи зиндагии мардум ва дигар мушкилоти пешомада асосан натиҷаи сиёсатҳои хому ҳисобнашудаи ҳукумати Русия ва кӯр-кӯрона пайравӣ кардани ҳукумати Тоҷикистон ва дигар давлатҳои ИДМ аз он сиёсатҳои ғайриоқилона буд.

Дар нимаи дувуми солҳои 90 пойинравии сатҳи истеҳсолот ва болоравии шадиди нархҳо боздошта шуд ва дар авохири солҳои 90 раванди болоравии иқтисод оғоз гардид. Таи 5-6 соли ахир иқтисоди кишвари мо ҳамасола ба андозаи 6-8 ва гоҳе то 10% боло рафтааст. Вале сатҳи тавлидоти миллии Тоҷикистон ҳанӯз ба сатҳи соли 1990 нарасидааст. Тибқи арқоми расмӣ, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти нохолиси кишвар (ММН) дар соли 2006 қариб 70 дар сади соли 1990-ро ташкил дода аст, яъне ҳанӯз ба андозаи 30% камтар аз соли 1990 будааст.

Бояд гуфт, ки маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар як омори куллӣ аст. Он ҳамаи маҳсулотеро, ии мардуми Тоҷикистон дар тӯли як сол дар ҳамаи муассисаву корхонаҳои саноатӣ, кишоварзӣ ва дар бахши хадамоту сохтмон тавлид мекунанд, дар бар мегирад, Яъне ММН ҷамъбасти натиҷаи кори яксолаи сокинони Тоҷикистон аст ва бо суръат зиёд шудани он нишони кори пурсамари мардуми кишвар аст. *Мутаассифона, соли гузашта суръати пешрафти иқтисоди мо чандон зиёд набуд. Имсол ҳам, тавре мушоҳида мешавад, вазъи иқтисодии кишвар хуб нест.* Дар бахши саноат таи шаш моҳи гузашта нисбат ба ҳамин муддати соли гузашта дар ҳудуди чаҳор дар сад камтар маҳсулот тавлид шудааст. Вазъи кишоварзӣ ҳам чои таъриф надорад. Зимистони гузашта хеле сард буд ва аксари кишоварзон натавонистанд заминҳоро сари вақт барои киштн баҳорӣ омода созанд. Дар бисёр хоҷагиҳо ба сабаби камбуд ё набудани барқ насосҳои обкашӣ кор намекарданд... Дар баҳор борон хело кам борид. Аз ин рӯ, дар бархе аз навоҳии Тоҷикистон, хусусан дар водиҳо камбуди об мушохида мегардад. Дар шимоли Тоҷикистон дар аксари навоҳӣ бинобар камбуди об натавонистанд, ки заминҳои киштшударо,хусусан заминҳои пахтаро обёрӣ кунанд, ғизо (нуриҳои минералӣ) диҳанд. Бинобар ин, дар бисёр чойҳо, ба вижа дар навоҳии шимоли кишвар, ниҳолҳои пахта ба хубӣ рушд накардаанд. Тобистон ба поён мерасад, вале дар бисёр заминҳо қади ниҳоли пахта аз як-ду вақаб болотар нашудааст. Бо ин вазъи мавҷуд мушкил аст, ки кишоварзон имсол битавонанд ҳосили зиёд ҷамъоварӣ кунанд ва нақшаи пешбинишударо амалӣ намоянд. Соли гузашта ин нақша дар ҳудуди 70-75 дар сад иҷро шуда буд ва имсол, фикр мекунам, аз он ҳам камтар хоҳад шуд.

Дар бахши саноат низ мушкилот зиёд аст. Бисёр корхонаю муассисоти хурду бузурги санъатии кишвар ё тамоман аз кор уфтодаанд ва ё бо нисфи иқтидори худ фаъолият доранд. Дар моҳи июни имсол қариб 30% корхонаи саноатӣ аз кор мондааст. Тавре ки дар боло зикр шуд, дар шаш моҳи соли равон ҳаҷми тавлидоти саноатӣ қариб 4% камтар аз ҳамин давраи соли гузашта будааст. Ин ҳолат сабабҳои зиёд дорад: камбуди барқ дар

зимистонубаҳор, кӯҳнаю фарсуда шудани мошинолоту таҷҳизот (фондҳои асосӣ), нуқсонҳои ҷиддӣ дар мудирият ва барномарезии кор, нарасидани ашёи хом, маводи сӯхт, мушкилоти ҳамлу нақли онҳо аз хориҷи кишвар, хусусан аз тариқи Узбакистон, номуназзамии бозорҳо, пойин будани сифати маҳсулот ва тавони ракобат дар бозорҳои дохилию хориҷӣ, набудани пуштибонию дастгирии корхонаҳо аз ҷониби давлат, бори сангини андозҳо, девонсолорию фасоди густурда дар идораҳои давлатӣ ва ғайра.

Вазъият на танҳо дар саноату кишоварзӣ, балки дар бархе дигар бахшҳои иқтисоди кишвар, ба вижа дар саноеи энержӣ, нафту гозрасонӣ, ҳадамоти иҷтимоӣ ва сохтмон низ ризоиятбахш нест. Танҳо дар бахши тиҷорат, ба вижа тиҷорати хориҷӣ афзоиши чашмгире ба назар мерасад. Зимнан, падидаи ташвишовар ин аст, ки таи солҳои ахир ҳаҷми воридот хело бештар аз содирот аст. Барои мисол, дар 6 моҳи гузашта ҳаҷми воридоти кишвар ба750 млн. доллар расидааст, ки ин ду баробар бештар аз содирот аст. Тавозуни манфии тиҷорати хориҷӣ падидаи дилхоҳ нест, ба вижа дар дарозмуддат. Он пайомадҳои хатарнок дорад ва мумкин аст, садди роҳи пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар гардад, иқтисоди кишварро хароб ва вобастаи дигарон созад. *Кишвари муваффақ он аст, ки ҳаҷми содироташ баробари воридоташ бошад ва ё содироташ каме бештар аз воридоташ бошад.* Сиёсати тиҷорати хориҷии кишвар бояд тавре танзим гардад, ки чунин балонс (баробарӣ) муяссар шавад.



Камбуди барқ боиси пойин рафтани сатҳи тавлидот дар бештарин арсаҳо шудааст.

Барои ин мебояд, ки бисёре аз колоҳои воридотӣ дар дохили кишвар тавлид гардад. *Ҳоло оддитарин маҳсулоте, ки мумкин буд истеҳсоли онро хеле ба осонӣ дар Тоҷикистон ба роҳ монд, дар кишвар тавлид намешавад ва тоҷирон онро аз хориҷ ворид мекунанд ва бо қимматҳои ду-се баробар дар бозор арза менамоянд.* Албатта, ин барои Тоҷикистон ва сатҳи зиндагии мардум бетаъсир нахоҳад монд.

Имрӯз маблағҳои зиёде, ки аз ҳисоби муҳоҷирони тоҷик ба кишвар ворид мешавад. Барои рушди воридот, барои харидории колоҳои хориҷӣ истифода мешавад. Тафовути байни содироту воридоти кишвар аз он ҳисоб пӯшонда мешавад. Вале бехтар мебуд, агар бисёр намуди колоҳои мавриди ниёзи мардум, ки тавлиди онҳо мушкил нест, дар Тоҷикистон истеҳсол шавад ва он маблағҳо барои сохтани корхонаҳои саноатию энергетикӣ сарф шаванд. Барои ин лозим аст, ки сармоягузорони дохилӣ

аз ҷониби давлат пуштибонӣ ва ташвиқ шаванд, девонсолорию фасодкориҳо камтар гардад. Дар он сурат, таносуби содироту воридоти кишвар тағйир хоҳад ёфт. Ва он маблағхое, ки имрӯз тоҷикони дар Русия, Қазоқистон ва дигар кишварҳо бо сад азоб ба даст меоранд, дубора ба хориҷ намеравад ва бо суди бештар барои пешрафти иқтисоди Тоҷикистон, барои сохтани корхонаҳое, ки дар ин ҷо маводи хомро коркард намуда, маҳсулоти ниҳоиро тавлид менамоянд, ё дар сохтани ҳамин пружаҳои баркӣ истифода хоҳад шуд. Бадеҳист, ки дар он сурат Тоҷикистон дар муддати кӯтоҳтар ва зудтар бисёре аз мушкилоти иқтисодии худро ҳаллу фасл менамояд ва аз фурӯши маҳсулоти ниҳоӣ чаҳор-панҷ маротиба бештар даромад хоҳад кард. Ҳамзамон, барои даҳҳо ва садҳо ҳазор нафар ҷойи кор ба вуҷуд меояд, даромад ва сатҳи зиндагии мардум беҳтар мегардад ва масъалаи бекорӣ то андозае сабук мешавад.

Дар маҷмӯъ, *мушкилот дар ҳамаи бахшҳо вуҷуд дорад, ҳам дар бахши маориф, ҳам дар бахши илм ва ҳам дар соҳаи таъдурустӣ. Албатта, таъи солҳои ахир вазъият беҳтар мешавад, раванди болоравии иқтисод идома дорад. Ҳукумати кишвар барои ҳалли мушкилоти инфрасттруктураи иқтисодӣ, сохтани роҳҳо, пружаҳои хурду бузурги энергетикӣ ва хутути интиқоли барқ кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳад. Ин ҳама барои пешрафти ояндаи кишвар хело муҳим аст.*

Дар Тоҷикистон барои пешрафт имконоти зиёд вуҷуд дорад. Аммо дар заминаи истифодаи ин имконоти хуб мо ду камбудӣ дорем. Яке ин, ки сатҳи маърифати бисёре аз кормандони ҳукумат поин аст. Онхое, ки ба масъалаи идораи иқтисоди кишвар машғуланд, донишу тахассуси лозимро надоранд, кори худро хуб намедонанд, аз бисёр масоили иқтисодӣ огоҳ нестанд. Аз ин рӯ, дар бисёр ҳолот тасмимҳое мегиранд ва ё барномаҳое месозанд, ки ба андозаи кофӣ пухта ва ҳамаҷониба ҳисобшуда нестанд. Аз сӯи дигар, сатҳи маърифати мардум, ба вижа сатҳи донишу тахассуси касбӣ ва ҳуқуқии коргарону деҳқонон поин аст. Он барои кору зиндагии мӯътадил дар дунёи имрӯза кофӣ нест. Аз ин рӯ, самарабахшии кор ва даромади мардум поин аст. Дар ҳар ҷое, ки кор камсамар бошад, музди кор (даромад) ночиз мешавад ва дар он ҷо фақр (камбағалӣ) густариш меёбад.

– Устод фармудед, ки барои рушд дар Тоҷикистон имкониятҳои хуб хеле зиёданд, вале бинобар иллатҳои зикршуда, аз онҳо баҳрабардории лозим сурат намегирад. Аз тарафи дигар, ҳамон тавр ки Шумо фармудед, танҳо бахше, ки ҳамвора густариш меёбад, тиҷорат аст, ба вижа бахши воридот. Бархе коршиносон аз хатари бартарияти фарҳанги масраф бар тавлид ҳушдор медиҳанд ва бо таваҷҷуҳ ба вазъияти имрӯз фикр намекунед, ки мо бештар истеъмолкунанда ҳастем, аз он ки истеҳсолкунанда бошем. Ба ҳар сурат, ба назари Шумо бартар шудани фарҳанги масрафкунанда будан дар байни мардуми мо ба ҷуз он чи фармудед, боз чӣ иллатҳое ва решаҳое метавонад дошта бошад?

– Дар маҷмӯъ, қариб ҳамаи кишварҳои ақибмонда (аз ҷумла Тоҷикис-

тон) – кишварҳои масрафкунанда мебошанд. Кишварҳои пешрафтаю саноатӣ гуна-гуна мошинолот ва колоҳои нав ба нав ихтироъ ва тавлид мекунанд ва кишварҳои ақибмонда онҳоро харидорӣ ва масраф мекунанд. Равшан аст, ки барои харидан пул (доллар, евро, иена, фунт...) лозим аст ва барои ин бояд чизе бифурӯшанд. Кишварҳои ақибмонда, асосан, ашёи хом, нафту гоз, маҳсулоти кишоварзӣ ва маводи маъданӣ мефурӯшанд ва дар бадали он маҳсулоти саноатӣ мехаранд. Маънии ақибмондагӣ ин нест, ки касе аз Хоруғ баромада то Самарқанд расида бошад, вале дигаре то нимароҳ (масалан, то Ҳисор) нарасида бошад. Кишварҳои Ғарб дар роҳи илму маърифат пеш рафтаанд, техноложии навтаринро ихтироъ ва бахрабардорӣ мекунанд, шеваи кору зиндагияшон ва назму низоми иҷтимоӣ ва давлатдорияшон дигар аст... *Кишварҳои пасмонда дар ин роҳ ҳанӯз ба ҷое нарасидаанд ва тавони сохтану тавлид кардани колоҳои замонавиро надоранд.* Онҳо ақиб мондаанд дар роҳи илму маърифат ва ҳар чизи дигаре, ки аз он (илму дониш) бармеояд. *Пойин будани сатҳи илму дониш, бемаърифатию каммаърифатии ҳукуматдорон ва бештари мардуми ин сарзамин – бузургтарин мушкили мо будааст ва имрӯз ҳам чунин аст.* Аксари мушкилот ва бадбахтиҳои мо натиҷаи бемаърифатӣ будааст ё ба он вобаста аст. Албатта, ин танҳо мушкили имрӯз нест. Дар замони Шӯравӣ, бо вуҷуди "маҳви бесаводӣ" ва пешрафтҳои чашмгири системаи илму маориф, ин мушкил комилан аз байн нарафт. Решаҳои он хело амиқ аст, онро дар аъмоқи садаҳои гузашта бояд ҷустуҷӯ кард. *Кишварҳои аврупоӣ пеш рафтанд, барои он ки онҳо сесад-чорсад сол пеш аз ин роҳи хирадгароӣ, роҳи илмро пеш гирифта буданд.* Мардуми бомаърифат дар ҷомеа қадру манзалат доштанд ва соҳиби эҳтирому эътибор буданд. Донишмӯзӣ тарғибу ташвиқ мешуд...

Аммо дар аксари кишварҳои Шарқ, аз ҷумла дар сарзамини мо вазъ ба гунаи дигар буд. *Ҷомеаи мо мисли як мурдоб, мисли як оби беҳаракат ва гандида бар ҷой монда буд ва ҳеч пешрафт ва таҳаввулоте дар он сурат нагирифтааст.* Ҳукуматҳо таҳаввулоту пешрафтро намехостанд, онро ташвиқ намекарданд. Баракс, онҳо равиши ақлситезу илмкуш доштанд ва ба муҳаққиқону донишмандон рӯи хуш нишон намедоданд. Идеологияи ҳоким як идеологияи тоталитарӣ буд ва озодии андешаю баёнро намепазируфт. *Тавре ки маълум аст, илм дар ҷое пешрафт мекунад, ки тобеъи сиёсат набошад. Олимон аз озодиҳои сиёсӣ бархӯрдор бошанд ва давлат онҳоро дастгирию пуштибонӣ кунад.* Дар замони Шӯравӣ вазъ хеле тағйир кард, вале на ба манфиати пешрафти илм дар ин сарзамин. Ҳукумати болшевикӣ китобҳо, осори хаттӣ ва мардуми босаводро, аз ҷумла муллоҳоро, ки қишри босаводи ҷомеа маҳсуб мешуданд, аз байн бурд. Таи муддати камтар аз си сол ду бор алифбои моро тағйир доданд, мардумро ду бор бесавод карданд. Албатта, дар солҳои баъдӣ кӯшишҳои давлат дар ҷиҳати рушду густариши системаи илму маориф хеле муҳим буд ва Тоҷикистон дар солҳои 80-и асри бист яке аз кишварҳое муҳсуб

мешуд, ки дар он тақрибан ҳама босавод мебошанд. Аммо бо вуҷуди он ҳама дастовардҳо, ин система холӣ аз нуқсонҳои ҷиддӣ набуд. Мазмуну мӯҳтавои системаи таълим хеле сатҳӣ ва идеоложизада буд. Беҳуда нест, ки ҳоло дар Русия ва бисёр кишварҳои Шӯравии пешин ба ислоҳоти системаи маориф пардохтаанд. Дар Тоҷикистон низ ба ин мавзӯъ бояд ҷиддан таваҷҷӯҳ кунанд. Пеш аз ҳама мебояд, ки мақому манзалат ва музди кори омӯзгорони мактабҳою донишгоҳҳо ва муассисоти илмӣ ба маротиб баланд бардошта шавад. Ва сармоягузорӣ ба рушди илму маориф афзун гардад, вагарна илму маорифи ба бӯҳрон гирифторшудаи мо ба зудӣ комилан варшикаст хоҳад шуд.

Имрӯз мушкили асосии мо – ин камбуди сармоя ва мутахассисони соҳаҳои гуногун, ба хусус мутахассисони риштаҳои улуми техникӣ аст. Бинобар он, ки музди кор дар кишвари мо хело кам аст ва ба зиндагии фақирона намерасад, бисёр мутахассисони саҳаҳои гуногун (муҳандисон, табибон, муаллимон...) аз кишвар рафтаанд ва ин мушкили моро бештар сохтааст.

Имрӯз мо барои пешрафти иқтисод ба сармоя, таҷҳизоту технологияи навтарин, ба мутахассисин ва як ҳукумати оқилу покдоман ниёз дорем

Барои ҳама гуна пешрафти иқтисодӣ се омили асосӣ зарур аст, яъне нерӯи кор, манобеи табиӣ ва сармоя. Мо нерӯи кор дорем, ҳатто бештар аз андозаи ниёз, манобеи табиӣ низ фаровон аст. Шароити иқлимӣ ҳам барои парвариши бисёр намудҳои растаниҳою зироатҳо мусоид аст. *Чизе ки намерасад, сармоя, яъне мошинолот ва технологияи муосиру ҷадид аст, ки онро метавон аз кишварҳои пешрафта харидорӣ кард ва аз тариқи ҷалби сармоягузориҳои мустақим дастрас намуд.* Дар ин шароит барои ба таври самаранок истифода кардани ин захираҳою имконот ҳамчунон лозим аст, ки мудирону мутахасисони ботаҷриба кори созмон додани фаъолиятҳои тавлидиро ба уҳда бигиранд. Зимнан муҳим аст, ки ҳукумати кишвар аз афроди оқилу доно иборат бошад, то битавонанд корҳоро ба хубӣ танзим намояд, самтҳои асосии рушдро муайян ва ҳамоҳанг созад, дороии давлат ва ҳам сармояи хориҷиро ба самтҳои лозима равона созад, дар кишвар фазои озод ва мусоиди сармоягузориро фароҳам гардонад. Мутассифона, дар кишвар фазои сармоягузорӣ то ҳол ба андозаи кофӣ мусоид нашудааст. Бинобар ин, раванди сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисоди Тоҷикистон хело суст аст. Сармоягузорӣ ба иқтисоди кишвар мумкин аст аз ҳисоби қарзҳои кишварҳо ва ё созмонҳои байналмиллалӣ низ сурат гирад. Ин равиш дар Тоҷикистон маъмул аст. *Вале ин хатар*

дорад, зеро мумкин аст ҳукуматдорон он маблағҳоро ба таври самарабахш истифода накунанд ё ба мақсадҳои дигар истифода кунанд. Дар ин сурат, давлат қарздор мешавад ва онро дер ё зуд мардуми кишвар ва ҳатто фарзандони онҳо мепардозанд. *Зеродавлат пул надорад, ҳамаи пули давлат аз ҳисоби мардум аст.* Набояд фаромӯш кард, ки ҳеч кишваре барои кишвари дигар як пули сиёҳро ҳам муфт ва бидуни ғараз намедиҳад, ҳар маблағе дода мешавад, албатта, ҳисоб-китоб дорад ва он бояд баргардонда шавад. Низоми ҷаҳон рӯи ин усул устувор аст. Кӯтоҳи сухан, имрӯз мо барои пешрафти иқтисоди худ ба сармоя, таҷҳизоту технологияи навтарин, ба мутахассисин ва як ҳукумати оқилу доно ва покдоману шариф ниёз дорем, ба ҳукуматдороне, ки ҳамеша дар ғами мардум ва озодию ободии халқу Ватан бошанд ва манофеъи миллиро болотар аз манофеъи шахсию гурӯҳӣ бидонанд. На танҳо дар сухан, балки дар амал.

– Устод, шумо фармудед, ки барои рушди иқтисодӣ се чиз лозим аст ва мо дутои он, яъне ашёи хом ва нерӯи кор дорем ва камбуд барои пешрафти иқтисодӣ фақат сармоя аст ва гуфтед, ки ин сармояро мешавад аз хориҷ ҷазб намуд, танҳо фазои мусоиди сармоягузориро давлат бояд фароҳам оварад. Аммо мебинем, ки дар Тоҷикистон, бавижа дар пойтахт, ҷазби сармояи хориҷӣ мушоҳида мешавад, ки албатта асосан дар бахши хидматрасонӣ, яъне сохтани меҳмонхонаҳо, ресторанҳо, марказҳои савдо ва хонаҳои истиқоматӣ сурат гирифтааст. Чӣ монеае вуҷуд дошта, ки ҳадди ақал нисфи ин сармояҳо, ки фикр накунам маблағи каме бошад, ҷазби бахши тавлид ва сохтани корхонаҳои саноатӣ гардад? Шумо фармудед, ки мизони тавлиди маҳсулот дар Тоҷикистон, пас аз 17 соли истиқлол ҳанӯз ба мизони солҳои 90-и асри гузашта нарасидаст, балки баробар бо 70-80 дар сади он солҳост. Ҳамасола байни яку ним-ду милён тоҷикистонӣ ба Русия ва соири кишварҳо барои ҷустуҷӯи кор мераванд, ки ин амр ҳарчанд то ҳадде мушкилоти таъмини маош дар хонаводаҳоро ҳал карда, аммо дар дохили кишвар садҳо мушкили иҷтимоии дигар ба бор овардааст. Бо таваҷҷӯҳ ба ин воқеият ва имконоти мавҷуд чаро таи солҳои истиқлол дар Тоҷикистон як корхона ё воҳиди тавлидии саноатӣ, ки маҳсулоташ воқеан битавонад бо маҳсулоти ҳамнавъи хориҷӣ рақобат кунад, сохта нашуд ва ҳамаи сармоя ба бахши хидматрасонӣ ҷалб гардид? Албатта ман бар ин фикр нестам, ки дар бахши хидматрасонӣ ва тиҷорат сармоягузорӣ нашавад, аммо мутмаинам, ки имрӯз асосан ба ин бахш сармоя ҷазб мегардад. Ба фикри шумо, иллати аслии чунин сурат пазируфтани вазъи сармоягузорӣ дар Тоҷикистон чист?

– Иллати суст будани раванди сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисоди Тоҷикистон, тавре ки гуфтам, ин аст, ки фазои сармоягузорӣ дар кишвар мусоид нест. Албатта, ҳукумати кишвар барои ҷалби сармоягузорони дохилию хориҷӣ кӯшишҳо мекунад. Таи солҳои ахир чандин қарору фармони ҳукумат содир шудаанд ва тибқи онҳо ба сармоягузорон додани як силсила имтиёзҳо пешбинӣ шудааст. Тасмими ҳукумат дар

бораи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар кишвар, фармони ҳукумат дар бораи мудохила накардан ба кори соҳибкорон ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, қарор дар бораи озод кардани корхонаҳои хурду миёна аз тафтишоти норавои бозрасон дар ду соли аввали фаъолияти соҳибкорон ва бархе тасмимоти дигар фазоро хело бехтар сохтанд. Вале ин кофӣ нест. Танҳо бо қабул кардани қарору қонунҳо мурод ҳосил намешавад. Онҳоро бояд риояту амалӣ кард. Аммо дар Тоҷикистон ин кори осон нест. Тақрибан ду сол пеш қарори ҳукумат дар бораи "мудохила накардан ба фаъолияти деҳқонон" нашр шуда буд. Вале то ба ҳол масъалаи чӣ кишт кардану чӣ қадор ҳосил ғундоштан ва ба кӣ "фурӯхтани" пахтаро ҳокимону мансабдорон таъйин мекунанд. Идома ёфтани варианти "баршина"-и низоми феодалӣ дар Тоҷикистон сармоягузорони хоричиро мӯътақид месозад, ки дар ин кишвар қарору қонунҳо кор намекунанд, риояту амалӣ намешаванд. Чунин ҳолат онҳоро ташвиқ намекунад.Рӯиҳамрафта, мусоид ё номусоид будани фазои сармоягузориро аз рӯи даҳҳо шохиси (нишондиҳандаҳои) иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангии кишвар муайян месозанд. Зимнан, 10-15-тои онҳо хело муҳим мебошад. Инҳо, пеш аз ҳама, мизони судоварии сармоя, мавҷудияти ашёи хом, нирӯи кор, таҳассус ва музди коргарон, вазъияти бозорҳо ва нарху наво дар онҳо, сатҳи даромади мардум, гунҷоиши бозори дохилӣ, вазъи роҳҳо ва таъмини обу барқу гоз ва маводи сӯхт, вазъи сиёсии кишвар, амнияти сармоя, сиёсати иқтисодии кишвар, мизони мудохилаи давлат ба иқтисод ва шеваҳои давлатдорӣ, заминаи ҳуқуқии фаъолиятҳои иқтисодӣ ва озодию мустақилияти соҳибкорон, шаффоф ва одилонаю оқилона будани кору фаъолияти давлат ва субъектҳои иқтисодӣ, сатҳи бочу андозҳо, сатҳи молиёт, вазъи системаи бонкию бонкдорӣ, содаю равшан ва собит будани қоидаҳои кор ва муносибат бо давлат... ва ғайра.

Агар ин ва дигар шохисҳо хуб бошанд, бавижа амнияти сармоя ва мизони судоварии он қобили қабул бошад, сармоягузорон тасмими мусбат мегиранд. Ва ба сохтани корхона шурӯъ мекунанд. Вале дар ҷараёни кор, агар онҳо ба девонсолорию бесалоҳиятӣ ва фасодкории кормандони давлат рӯбарӯ шаванд, корро қатъ мекунанд ва мераванд ҷои дигар. Чунин рафтори сармоягузорон дар кишвари мо бештар иттифоқ меафтад. Зеро дар Тоҷикистон фасод ҳаст, девонсолорӣ ҳаст ва хеле аз кормандони давлат саводи кофӣ надоранд.

Таври мисол, агар як сармоягузорӣ хоричӣ бихоҳад дар Тоҷикистон сармоягузорӣ кунад ва корхонае бисозад, бояд ба чандин идораи давлатӣ сар занад, то имзои масъулинро бигирад. *Пӯшида нест, ки имзоҳо "нарх" доранд, яъне бояд ришва пардохта шавад. То "ҳақ" нагиранд, "фардо биё", "ҳафтаи дигар биё" мекунанд.*

Аммо дар дигар кишварҳо таҳияи аснод ва сабти номи корхона хело содаю осон сурат мегирад. Масалан, дар Фаронса ё Конодо агар касе бихоҳад сармоягузорӣ кунад, фақат ба як идора мурочиат менамояд ва

дар муддати як-ду соат ҳамаи асноди лозимаро бо ҳама имзоҳо дарёфт мекунад. Яъне ҳеч ниёзе нест, ки соҳибкор чанд ҳафта ё чанд моҳ аз ин идора ба он идора даву тоз кунад. Дар Фаронса соҳибкор пас аз шурӯъи фаъолият суроғаи (адреси) корхонаашро ба шаҳрдорӣ ва кумитаи андоз хабар медиҳад.

Масъалаи дигаре, ки барои сармоягузорони дохилию хориҷӣ хело муҳим аст, ин масъалаи молиёт (андоз) аст. *Дар кишварҳои пешрафта, корхонаҳои тозабунёдро барои ду-се соли аввал аз пардохти андоз озод мекунанд.* Усулан, дар ҳамаи кишварҳо ҳамаи корхонаҳо ва мардуме, ки кор мекунанд ва даромад доранд, ба давлат андоз месупоранд. Андозҳо манбаъи асосии даромади давлатҳо мебошанд. Ҳамаи харҷу хароҷоти давлат аз ҳисоби андоз аст, яъне ба дӯши мардум аст. Яъне кисаи (буҷаи) давлат аз ҳисоби андозҳои мардум пур мешавад. Ҳукумат, худ ҳеч пул надорад. Барояш пул аз осмон намеафтад. Ҳар чизе, ки давлат дораду надорад, аз они мардум аст, натиҷаи кору заҳмати коргарону деҳқонон, деворкашону конканон, муаллимону табибон… аст. Маоши ҳамаи кормандони идораҳои давлатӣ (аз президенту сарвазир сар карда, то дарбону милисаҳо ва аъзои парлумон) ва дигар муассисоти буҷетӣ аз кисаи ҳукумат не, балки аз ҳисоби буҷа, яъне аз пули мардум аст, ки аз тариқи андозҳо ба буҷа ворид мешавад. Бинобар ин, мардум ҳақ доранд аз ҳукуматдорон, аз аъзои парлумон бипурсанд, ки пулҳои мардумро (буҷаи давлатро) чӣ гуна ва ба кучо сарф карданд. Ҳукумат ҳам вазифадор аст, ки дар ин бора ба мардум ҳисоботи муфассал диҳад. Дар ҳамаи кишварҳои демократӣ чунин мекунанд.

Дар кишварҳои ақибмонда ҳукуматҳо мушкилоти зиёд доранд. Шумори вазоратхонаҳою идораҳо ва кормандони онҳо хеле бештар аз миқдори зарурӣ аст. Аз ин рӯ, хароҷоташон ҳам хело зиёд аст. Ҳукуматҳо барномаҳои рушди иқтисод ва сохтани пружаҳои мухталифро таҳия мекунанд ва гоҳе ба иҷрои онҳо даст мезананд. Дуздию нодуруст истифода кардани маблағҳои буҷа ҳам кам нест. Бино бар ин, буҷаи давлат барои пӯшондани ин ҳама хароҷот намерасад ва ҳукуматҳо мекӯшанд, ки андозҳоро зиёд кунанд ва ҳиссаи зиёди даромади мардумро ба буҷа ҷалб кунанд. Аммо ин оқибати нек надорад, зеро соҳибкоронро дилсард месозад, ба кори пурсамару сермаҳсул ва зиёд кардани даромадҳояшон ташвиқ намекунад. Боиси ба вуҷуд омадани иқтисоди пинҳонӣ (пуштипардагӣ) мешавад. Аз ин рӯ, ҳукуматҳои доно мекӯшанд, ки мизони андоз оқилона бошад ва ба бори сангин ба дӯши мардум ва соҳибкорон табдил наёбад. Яъне андоз бояд як ҳадди муайян дошта бошад. Агар мизони андоз аз ҳадди маъқул бештар бошад, суръати рушди иқтисод, бавижа саноат ва кишоварзӣ суст мешавад, шумори андозсупорон коҳиш меёбад… ва дар ниҳоят кор бар зарари буҷаи давлат ва иқтисоди кишвар тамом мешавад.

Дар Тоҷикистон мудирони бисёр корхонаҳо шикоят мекунанд, ки қариб тамоми даромадашонро ба унвони андоз ба давлат медиҳанд. Дар

баъзе корхонаҳо солона то 18 намуд андоз мепардозанд. Ин воқеан бори гарон аст. На ҳар сармоягузор ба он тоб меорад, хусусан дар бахши кишоварзӣ ва саноат. Дар ин соҳаҳо мизони судоварии сармоя пойин аст. Дар бисёр хоҷагиҳои пахтакор ҳеч суде намегиранд, балки зарар мекашанд. Таи чанд соли ахир қарзи хоҷагиҳои пахтакор сол ба сол зиёдтар мешавад ва ҳоло қариб ба 600 миллион доллар расидааст. Ақли солим бовар намекунад, ки деҳқонон ҳам кор кунанд, ҳам музд нагиранд, ва ҳам... қарздор шаванд (!?).

Аммо дар Тоҷикистон ин як воқеъияти зиндагӣ аст. Равшан аст, ки ба қавли русҳо, "здесь что-то не чисто", яъне дар ин ҷо сирре ҳаст ва он сирри пинҳон ба манфиатҳои шахсон ва гурӯҳҳои қудратманд вобаста аст. Бинобар ин, комиссияи мустақиле, ки аз тарафи давлат барои барасии сабабҳои ба вуҷуд омадани қарзҳои пахтакорон таъсис шуда буд, пас аз ду сол ҳам натавонистааст ба натиҷаи муайяне бирасад ва онро ба мардум эълон кунад. Табиист, ки дар чунин вазъият сармоягузорони хориҷӣ майл надоранд, ки ба ин соҳаҳо ворид шаванд.

Аммо онҳо дар бахши тиҷорат фаъолияти бештар зоҳир мекунанд, бавижа дар додани қарзаҳои кӯтохмуддат ба тоҷирон. *Он "сармоягузорон" асосан аз муассисоти бонкӣ иборат мебошанд ва бо бонкҳои Тоҷикистон ва бо ширкатҳои миёнарав (фучеристҳо) ҳамкорӣ мекунанд.* Онҳо маблағҳои пулиро ба сифати қарзаҳои нисбатан арзон ба бонкҳо ва ширкатҳои миёнаравии Тоҷикистон медиҳанд ва бонкҳою миёнаравҳои кишвари мо он маблағҳоро ба нархҳои гаронтар ба тоҷирони тоҷик медиҳанд. *Тоҷирон бо он пулҳо дар кишварҳои дигар колоҳоро харидорӣ карда, онҳоро дар бозорҳои Тоҷикистон бо қиматҳои дучанду сечанд гаронтар мефурӯшанд ва суди зиёд ба даст меоранд.* Бонкҳои Тоҷикистон ва бонкҳои хориҷӣ (ба истилоҳ сармоягузорон) ба суди тоҷирон шарик мешаванд. Дар ин бахш суд зиёду хатар (риск) кам аст. Аз ин рӯ сармояи хориҷӣ ба тиҷорату ҳаннотӣ шарик мешаванд, аммо барои рушди саноату кишоварзӣ сармоягузорӣ намекунанд. Сабаб ин аст, ки дар бахши тиҷорат ва бонкдорӣ мизони судоварӣ хело боло аст.

Кӯтоҳи сухан, фазои сармоягузорӣ дар кишвар мусоид нест. Ҳукумат барои беҳтар шудани он кӯшиш мекунад, вале натиҷаи дилхоҳ ҳанӯз ҳосил нашудааст. Беҳтар сохтани фазои сармоягузорӣ натанҳо барои ҷалби сармоя ва технологияи муосири хориҷӣ лозим аст, балки, пеш аз ҳама барои сармоягузорони дохилӣ, барои беҳтар кардани шароити кору зиндагии мардум ва боло бурдани обрӯю эътибори кишвари мо лозим аст. Бинобар ин, ҳукумати кишварро мебояд, ки ба ин масъала таваҷҷӯҳи ҷиддӣ намояд ва барои ҳалли он аз тамоми имконоту василаҳои мавҷуда истифода кунад. Бавижа, мебояд, ки муборизаро бар зидди фасодкорӣ ва девонсолорӣ пурзӯр кунад. Ин кори мушкил, вале имконпазир аст. Бисёр кишварҳо чунин мушкилотро доштанд, аммо тавонистанд, ки онро бартараф кунанд.

Масалан, ҳукумати Чин ислоҳоти иқтисодиро аз мусоид сохтани фазои сармоягузорӣ оғоз кард. Дар кишвар шумори зиёди минтақаҳои озоди иқтисодиро таъсис дода, сармоягузорони он манотиқро барои муддати 3-5 сол аз баъзе намудҳои андоз озод намуданд ва амнияти сармояи онҳоро тазмин карданд. Девонсолорию коғазбозиҳо ва мудохилоти идориро ҳадалимкон кам карда, рафту омади сармоягузорони хориҷиро осон ва раванди сармоягузорӣ ва сохтмони корхонаҳоро дастгирӣ карданд. Фақат ду шарт гузоштанд: корхонаҳо танҳо бар асоси технологияи навтарин сохта шаванд, коргарон бояд аз мардуми маҳаллӣ бошанд ва мутахассисони хориҷӣ онҳоро пайваста омӯзиш диҳанд. Ин буд, ки дар як муддати кӯтоҳ садҳо миллиард доллар сармояи хориҷӣ ба намуди мошинолот ва таҷҳизоти технологӣ ба Чин сарозер шуд, шумори зиёди корхонаҳои тавлидӣ сохта шуданд. Ҳоло Чин аз назари ҷалби сармояи хориҷӣ дар ҷаҳон макоми дуввумро дорад. Ҳамасола ба ин кишвар беш аз 50 миллиард доллар сармояи хориҷӣ ворид мешавад. Дар натиҷа, иқтисоди кишвар таи 25-30 соли ахир ҳамвора боло меравад. Суръати афзоиши солонаи ММН дар Чин 8-10%-ро ташкил медиҳад. Акнун ин кишвар ба яке аз қудратҳои бузурги иқтисодии ҷаҳон тадил ёфтааст. *Омили муҳими пешрафти иқтисоди Чин ин буд, ки ҳукумати он кишвар сиёсати иқтисоди оқилонаро пеш гирифт ва ҳама имконотро барои пешрафти иқтисоди кишвар истифода кард.*



Дар Тоҷикистон барои рушди соҳаи саноат ва дигар арсаҳо заминаи муътамаде сохта нашудааст, биноан сармоягузорон дар чунин шароит кор кардан

– Устод, агар ин фармудаҳои шуморо дар назар бигирем, мушкили мо дар роҳи пешрафту рушди иқтисодӣ танҳо камбуди сармоя нест, балки мушкил, агар чунин гуфтан ҷоиз бошад, бештар решаҳои инсонӣ ва идорӣ ё сиёсӣ дорад. Дар ин маврид, лутфан, назаратонро баён намоед.

– Гуфтаи шумо комилан дуруст аст. Дар шароити кунунӣ инсон ва сатҳи донишу тахассуси он ба муҳимтарин омили пешрафти ҷомеа табдил ёфтааст. Назарияи "сармояи инсонӣ", ки ҳоло хело машҳур аст, маҳз ҳамин андешаро талқин мекунад. Ин назария асоси вокеъӣ дорад. Раванди пешрафт дар бисёр кишварҳои Аврупо ва Осиё дурустии онро таъйид мекунад. Барои мисол, Ҷопон, Сингопур, Ҳонконг ва бархе аз кишварҳои аврупоӣ (Ҳуланд, Белжик, Свис (Шветсария), Денморк, Ирланд...) масоҳати бузургу заминҳои васеъ ва захираҳои гуногуни табиӣ надоранд. (Масалан, Ҷопон аз манобеъи табиӣ фақат каме ангишт-

санги сурхтоб дорад. Дигар хеч. Ҳама гуна маводи сӯхт, ашёи хом ва маводи маъданиро аз дигар кишварҳо мехарад). Вале иқтисодашон пешрафта ва сатхи зиндагии мардумашон хело баланд (даромади солонаи ҳар нафар 25-35 ҳазор доллар) аст. *Сармояи асосии ин кишварҳо – мардуми таҳсилкарда ва дорои илму дониш мебошад.* Онҳо озоду мубтакиранд, донишу тахассус ва маҳорати баланд дар риштаҳои гуногун доранд, шеваҳои пурсамари созмондеҳӣ ва идораи умури тавлидро медонанд. Вақти худ ва дигаронро азиз медонанд ва онро беҳуда талаф намекунанд. Бинобар ин, самараи корашон баланд ва даромадашон зиёд аст. Ҳукуматҳои ин кишварҳо идораи давлатро хело огоҳонаю оқилона пеш мебаранд. Ислоҳоту барномаҳои хому хисобношударо ба зӯрӣ ба сари мардум бор намекунанд, ҳама корҳои муҳимро бо машварату маслиҳат ва иштироки мардум амалӣ мекунанд. Яъне дар он кишварҳо "сармояи инсонӣ" хело хушсифат аст. Ҳам ҳукуматдорон ва ҳам мардуми кишвар донишу тахассуси баланд доранд. Ба гуфтаи сарвазири Ҷопон, сирри муваффақияти онхо дар ҳамин аст.

Дар кишварҳои ақибмонда сифати "сармояи инсонӣ" пойин аст. Аз ин рӯ, онҳо ҳам дар бахши идораи давлат, ҳам дар бахши баррасии масоилу таҳия сохтани барномаҳои рушди иқтисод ва ҳам дар бахши амалӣ кардани онҳо (барномаҳо) гирифтори мушкилот мебошанд. Бинобар ин, созмонҳои мӯътабари байналмиллалӣ ба кишварҳои ақибмонда пешниҳод карданд, ки онҳо, пеш аз ҳама, ба системаи илму маорифи худ сармоягузорӣ кунанд ва савияи донишу тахассуси ҳукуматдорон ва коргаронро боло баранд, то ки онҳо созмондеҳии кор ва идораи пурсамари тавлидотро ёд гиранд. Вагарна, додани кӯмакҳои иқтисодӣ ва қарзаҳо бесамар хоҳад буд. Инро таҷрибаи солҳои 80 ва 90-и асри гузашта собит намуд. Дар он солҳо кишварҳои пешрафта ба кишварҳои ақибмонда барои сохтани корхонаҳо қарзаҳои зиёд доданд. Вале ҳукуматҳои он кишварҳо натавонистанд он қарзаҳоро ба таври дурусту пурсамар истифода кунанд. Амирону вазирони ин кишварҳо ва муовинону ақрабои онҳо аз он пулҳо барои худ қасрҳою кушкҳо сохтанд, мошинҳои гаронқимат харидаанд ва сайру саёҳату меҳмондориҳо карданд. Вақте ки замони баргардондани қарзаҳо фаро расид, маълум шуд, ки на пул ҳасту на корхонаҳо сохта шудаанд. Дар натиҷа, бӯҳрони ҷаҳонии карза пеш омад…

Аксари мушкилоти мо низ ба ин масъала, яъне ба пойин будани сатҳи донишу тахассуси кадрҳо, бавижа кадрҳои раҳбарикунанда аз як сӯ ва тӯдаҳои васеъи мардум аз сӯи дигар вобаста аст. Усулан, мебояд, ки ҳама гуна кор, бавижа корҳои муҳиму давлатӣ, нахуст аз ҷониби мутахассисони марбута баррасӣ шавад ва пайомадҳои неку бади он муайян гардад, сипас имконот ва роҳҳою василаҳои амалӣ кардани он равшан гардад ва пас аз он бо маслиҳату розигии ҳамаи касоне, ки ба масъала иртибот доранд, тасмими ниҳоӣ гирифта шавад ва танҳо пас аз ин ба амалӣ кардани он тасмим бипардозанд.

Имрӯз асри миёна нест, асри 21 аст ва дар ин замон кори дунё бар по-

яи илм мечархад. Пас, мудирияти (идораи) корҳо ҳам бояд бар пояи илм устувор бошад. Зиндагиро наметавон бо шеваҳои замони феодализм пеш бурд. Барои ҳалли мушкилот ва пешрафти ҷомеа рӯҳияи дигар, андешаи дигар, рафтори дигар ва шеваҳои дигари коргузорӣ лозим аст.

Яъне лозим аст, ки сифати "сармояи инсонии" мо хело баланд бошад.

Таи солҳои ахир, ҳукумати кишвар як силсила ислоҳоти бунёдиро дар бахши саноату кишоварзӣ ва хидамот амалӣ кард ва мекунад. Оё ин ҳама ислоҳот натиҷаи баррасиҳои амиқу ҳамаҷонибаи олимону мутахассисон ва ҳукуматдорон буданд ва ҳукумат аз аввал медонист, ки ин ислоҳот чи натоиҷе, чи мушкилоте ба бор меорад? Оё ҳукуматдорон медонистанд, ки дар натиҷаи "прихватизатсияи" корхонаҳои саноатӣ ҳаҷми тавлидоти саноатӣ қариб 3 баробар(!) пойин меояд ва ҳазорон нафар коргар бекор мемонанд? Оё аз аввал медонистанд, ки дар натиҷаи ислоҳоти аграрӣ соҳаи кишоварзӣ суқут мекунад ва пахтакорон *600 миллион доллар қарздор мешаванд?* Агар инро медонистанд, пас чаро ба ин роҳ рафтанд? Оё раҳбарони соҳаи кишоварзӣ дақиқан медонанд, ки чи гуна кишоварзонро аз ин варта наҷот дод? Яқинан, ки не. Пас, ислоҳоти мо натиҷаи тақлидҳои кӯркӯрона буд? Агар чунин аст, оё метавон гуфт, ки сифати "сармояи инсонии" мо баланд аст?

Мардум аз вазъи иқтисодии мавҷуда норозиянд ва мегӯянд, ки дар замони Шӯравӣ вазъ хеле беҳтар буд, зеро нархҳо ҳар рӯз боло намерафт ва моҳонаашон, ҳарчанд зиёд набуд, барои таъмини зиндагияшон мерасид. Аммо имрӯз моҳонае, ки мегиранд, барои як ҳафта зиндагии фақирона намерасад. Албатта, ҳукумат музди кори мардумро қариб ҳар сол боло мебарад. Вале нарху навои бозор зудтар боло меравад. Дар ин шароит чӣ бояд кард, чӣ гуна зиндагиро пеш бурд? Ба ин савол кӣ ҷавоб мегӯяд?

Ҳукуматҳо ва мардуми кишварҳои пешрафта аҳмияти илму маърифат ва технологияи муосирро бахубӣ дарк кардаанд, аз он истифода мекунанд ва барои рушди бештари он ҳамасола даҳҳо ва садҳо миллиард доллар сарф мекунанд. Онҳо ба оянда меадешанд, дар ғами фардои худ ҳастанд. Аммо аксарияти мардуми мо имрӯз дар ғами як пора нон мегарданд. Албатта, дар чунин шароит, хандаовар мебуд, агар мо бо ин имконоти маҳдудамон, худро бо он кишварҳо муқоиса кунем ва дар фикри чунин дастовардҳо шавем. Мо тавони онро надорем, ки созандаю содиркунандаи технологияи ҷадид, бавижа дар риштаҳои муосир, масалан, дар риштаҳои микроэлектроника ва нанатехнология бошем. *Вале ҳадди ақал мебояд, ки тавони истифода кардани он дастовардҳои илму техника ва технологияи ҷадидро дошта бошем.*

Барои мо ин кор зарур ва имконпазир аст. Барои ин лозим аст, ки муносибати мардум ва ҳукумат ба илм тағйир ёбад, сармоягузориҳои бештар ба соҳаи илм ва тарбияи кадрҳои илмию техникӣ сурат гирад. Ва ин кор барои ҷомеа хело судманд хоҳад буд. Агар мо имрӯз дар ин роҳ суститю саҳлангорӣ кунем, фардо мумкин аст, ки дер шавад. Ҳамон гуна, ки дар замони Шӯравӣ шуда буд.

Дар солҳои 50-60-уми асри XX раҳбарони Шӯравӣ илми киберне-тикаро илми буржуазӣ эълон карданд ва ба рушди саноати электронӣ монеъ шуданд, зиндагии олимони ин соҳаро талх карданд. Аммо кишварҳои дигар ба ин соҳа сармоягузорӣ карданд ва аз ин кор суди фаровон бурданд. Зеро истифодаи маҳсулоти ин соҳа боиси болоравии самараи кор ва кам шудани харочот гардид.

Дар натича, истеҳсол ва арзаи он торафт зиёдтар шуд ва қимати маҳсулот пайваста пойин омад. Масалан, ширкати амрикоии IBM дар соли 1961 мошини ҳисоб (калкулятор)-ро ихтироъ карда, ба бозор баровард. Он замон як донаи он ба кимати ҳазор доллар фурӯхта мешуд. Дар солҳои баъдӣ тавлиди он дар бисёр кишварҳо ба роҳ монда шуд ва нархи он ҳамвора пойин меомад. Ҳоло дар бозорҳо ба як доллар се дона мошини ҳисобкунӣ медиҳанд. Сипас, компютарҳоро сохта ба фурӯш баровардаанд. Он ҳам дар аввал хеле гарон буд ва ҳоло рӯз ба рӯз арзонтар мешавад ва дар тамоми кишварҳои дунё ба таври васеъ истифода мешавад. Ҳамин гуна аст тақдири дастовардҳои ин соҳа ва соҳаҳои дигари илм. Дар маҷмӯъ, дар нимаи дуввуми асри гузашта қариб 65-75 дар сади пешрафтҳо ва муваффақиятҳои иқтисоди кишварҳо аз ҳисоби истифодаи дастовардҳои илму техника таъмин шудааст.

Аммо дар кишвари мо муносибат ба илм ва илмомӯзӣ ба андозае, ки мебояд, хуб набуд. Дар солҳои 90, бино бар нооромиҳо ва густариши фақр, вазъият хело бад шуд, системаи маориф сукут кард. Ҳазорон нафар омӯзгору олим ва муҳандису табиб муваққатан ё барои ҳамеша кишварро тарк карданд. Онҳое, ки аз ночорӣ ба хорича рафтанд, аксаран, аз рӯи тахассуси худ кор намекунанд, донишу маҳорати худро фаромӯш мекунанд. Мутаассифона, ин раванд ҳанӯз идома дорад. *Ва ин талафоти бузург аст барои кишвар.* Агарчи бахше аз ҳукуматдорон аҳамияти илму маорифро дарк кардаанд ва солҳои ахир барои рушди системаи маориф мекӯшанд, вазъият ҳанӯз комилан хуб нашудааст. *Сифати таълим дар бисёр мактабҳо ва донишгоҳҳо ҷавобгӯи талаботи замон нест. Савияи дониши баъзе аз фориғони мактабҳои ҳамагонӣ хело пойин аст, ба ҳадде ки баъзешон ҳатто ному насаби худро бехато навишта наметавонанд.* Шуморе аз онҳо аз роҳҳои гуногун ба донишгоҳ дохил мешавад. Онҳо мумкин аст соҳиби диплом ҳам шаванд, вале мутахассис намешаванд... Чунин афрод ҳам ба худашон ва ҳам ба ҷомеа зарар мерасонанд. Бо чунин кадрҳо кишвар чи гуна метавонад пешрафт кунад, чи гуна масоили худро ҳал менамояд? Кӯтоҳи сухан, *масъалаи "сармояи инсонӣ" дар ҷомеаи мо яке аз муҳимтарин масъалаҳост.* Ва агар кишвари мо бихоҳад, ки пешрафт кунад ва ояндаи бехтаре дошта бошад, бояд пеш аз ҳама ва беш аз ҳама дар бахши илму маориф сармоягузорӣ кунад.

– Устод, шумо аз сармоягузорӣ дар бахши илму маориф сӯҳбат доштед ва ишорае ҳам ба бахши ҷадиди илм, яъне нонотехнология кардед. Ёдам меояд, ки чанде пеш як донишомӯзи соли ёздаҳи мактаби хусусии "Ҳотам-ПВ" байни чандин номзади илм, унвончӯ ва донишҷӯ аз кишварҳои

собиқи Шӯравӣ дар Маскав сазовори мақо-ми аввал шуд. Бо таваҷҷуҳ ба вазъи мактабу маорифи кишвар ва беш аз ин омӯзонда нашудани илми нонотехнология дар Тоҷикистон дар ин бахш баранда шудани як тоҷик воқеан ифтихоромез буд. Аммо ҷои таассуф дорад, ки на роҳбарони вазорати маориф ва на касе аз масъулини ҳукумат ҳатто ба худашон иҷоза надоданд, ки ин навҷавони ҷӯё ва фахрофаринро табрик бигӯянд, ҳол он ки шоҳиди арҷгузорӣ ва соҳиби хона шудани овозхоне ба хотири як суруд, ё раққосае ба поси як ракс будаем. Содатар бигӯям, ба назар мерасад, ки имрӯз арзишҳои фарҳангии мо ва ормонҳои (идеалҳои) иҷтимоиву ахлоқиямон бар пояи илмсолорӣ нест, пажӯҳанда будан ва донишу маърифат андӯхтан арҷ намешавад. Ба назари шумо ин бардошт то чи ҳад ба воқеият рост меояд?

– Бале, назари шумо дуруст аст. Аз тамошои ТВ Тоҷикистон кас ба чунин хулоса меояд, ки мардуми тоҷик дар биҳиштанд ва ба ҷуз аз мадҳу санохонӣ ва рақсу таронасароӣ бо ҳурони биҳишт, дигар коре ё мушкиле надоранд... Агар ҷиддӣ сӯҳбат кунем, бояд гуфт, ки ин дарди кӯҳна аст. Аз гузаштаҳои дур равиши ҷомеаи мо, арзишҳои суннатию иҷтимоии мо ба гунае будааст, ки донишу донишомӯзиро камтар қадру ташвиқ мекардаанд. Шоҳону амирони худписанд маддоҳонро навозиш ва аҳли маърифатро накӯҳиш мекардаанд, ҳакгӯёнро хор медоштаанд. *Зеро аксари онҳо бесаводу чаласавод буданд ва касонеро, ки сатҳи донишаш баландтар бошад, таҳаммул намекарданд.* Ин аст, ки мегӯянд: "ҳокими нодон – балои осмон". Албатта, худатон огоҳ ҳастед, ки бо донишмандони бузурги мо чиҳо карданд. Рӯҳияи ҳукуматдорон ва хидматгузорони онҳо таи садаҳои гузашта тағйири ҷиддӣ накардааст. *Мардуми мо бештар суннатгароянд, на хирадгаро. Ин аст мушкили деринаи мо.*

Аз гузаштаҳои дур арзишҳои суннатию иҷтимоии мо ба гунае будааст, ки донишу донишомӯзиро камтар қадру ташвиқ мекардаанд. Шоҳону амирони худписанд маддоҳонро навозиши ва аҳли маърифатро накӯҳиш мекардаанд, ҳакгӯёнро хор медоштаанд.

– Таҷриба нишон медиҳад, ки баъзе кишварҳо ба пешрафти дигарон монеъ мешаванд, то ки онҳоро вобастаи худ сохта, ба бозори худ, ба харидорону истеъмолкунандагони амволи худ табдил диҳанд. Бо ин мақсад кудратҳои содиркунандаи маҳсулот бозиҳое ба роҳ андохтаанд. Ҳатто гоҳе маҳсулоташонро арзонтар аз қимати аслишон арза мекунанд, то ки

дар кишвари харидор (воридкунанда) тавлидкунандагони ин намуди маҳсулот варшикаст (муфлис) шаванд ва кишвар дар фикри истеҳсоли ин маҳсулот нашавад. Назари шумо чист? Оё дар Тоҷикистон чунин сиёсатҳо ва шеваҳои фаъолияти омилҳои хориҷӣ вуҷуд доранд?

– Чунин падидаҳои носолим дар муносиботи байналмиллалӣ, бавижа дар тиҷорат дида мешавад. Ширкатҳои бузург бо мақсади варшикаст сохтани рақибони худ ва ғасби бозор гоҳе аз чунин шеваҳои номашрӯъи рақобат истифода мекунанд. Дар илми иқтисод онро "демпинг" меноманд. Қонунан, ин кор манъ карда шудааст. Вале ширкатҳои бузурге, ки аз ҷониби давлат пуштибонӣ мешаванд, ба таври пинҳонӣ ба он даст мезананд. Дар ҳамаи кишварҳои пешрафта комиссияи махсусе таъсис шудааст, ки он дар бозорҳо нархи амволи воридотиро назорат мекунад. Агар маълум шавад, ки ширкате колоҳои худро бо нархҳои "демпинг" арза мекунад, фурӯши амволро манъ мекунанд ва дар сурати такрори ҳодиса ҷаримаҳои муассир мебанданд ва ё ба ҷазои дигар ҳукм мекунанд. Чанҷолҳои шадиде, ки таи чанд соли ахир байни Амрико ва Русия сурат гирифт, ба ҳамин далел буд. Амрико Русияро ба демпинги фӯлод муттаҳам ва воридоти онро ба Амрико манъ кард...

Тоҷикистон асосан ба миқдори ночиз ашёи хом содир мекунад, саноати пешрафта надорад. Бинобар ин, рақиби ҷиддӣ ҳисоб намешавад ва истифодаи шеваи демпинг дар мукобили кишвари мо маънӣ надорад. Вале имкони бо мақсадҳои дигар истифода кардани чунин шеваҳо аз ҷониби баъзе кишварҳои ИДМ аз эҳтимол дур нест. *Зеро онҳо суди худро бештар дар он мебинанд, ки саноати мо, бавижа саноати энергетикаи мо рушд накунад ва кишвари мо ҳамеша тобеъу вобаста ва мӯҳтоҷи колоҳои онҳо бошад.* Бо ин мақсад онҳо мумкин аст дар роҳи пешрафти иқтисоди кишвар (бавижа соҳаи барқ, мошинсозӣ, саноати хӯрокворию сабук...) монеъа иҷод кунанд. Бинобар ин, хукумати кишвар бояд чунин эҳтимолотро дар назар бигирад. Хусусан, ки онҳо ба пешрафти иқтисоди Тоҷикистон ҳусни ният нишон намедиҳанд...

Бояд гуфт, ки рақобат байни кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла кудратҳои бузурги тавлидкунанда ҳамеша вуҷуд дошта ва имрӯз ҳам вуҷуд дорад. Агар мо фикр кунем, ки дунё дигар шудааст ва имрӯз дар он одамони дигар, бомаърифаттару мутамаддинтару хушахлоқтар кору зиндагӣ мекунанд ва ҳамаи кишварҳои ҷаҳон бо якдигар аз дидгоҳи хирад ва башардӯстӣ муносибат мекунанд ва кишварҳои кудратманд танҳо дар фикри ёрию кумак бар дигаронанд, хаёли хом кардаем. *Дар муносиботи байналмиллалӣ имрӯз ҳам манфиатҷӯӣ ва рафтори гургона ҳоким аст.* Тафовут дар он аст, ки акнун ҳадафҳои аслӣ бо маҳорати тамом зери суханони фиребанда пардапӯш мешаванд. Фақат гоҳ-гоҳе он ҳадафҳо ошкор ва дар аъмоли зӯргӯёна зоҳир мешаванд. Аз нигоҳи онҳо, манофеъи кишварҳо бо ҳам мухолифанд. Ва ҳар кадом суди худро дар зарари дигарон

мечӯяд. Чунин рӯҳия ҳамзамон бо камтар шудани захираҳои нафту гоз, об ва дигар манобеъи табиӣ ва боло рафтани қимати онҳо, бештар тақвият меёбад. Равшан аст, ки ҳамзамон бо пешрафти иқтисодӣ, масрафи манобеъи табиӣ (нафту гоз ва ғ.) ва олудагии муҳити зист меафзояд. Ва захираҳои мавҷуда торафт камтар мемонанд ва зудтар тамом мешаванд. Аз ин рӯ, бархе аз қудратҳои бузург ба пешрафти иқтисодии кишварҳои ҷаҳони саввум, бавижа Чин, Ҳинд ва… назари хайрхоҳона надоранд. Онҳо фикр мекунанд, ки агар дигарон камтар масраф кунанд ва ё ҳеч масраф накунанд, беҳтар аст. Онҳо манофеи кишвари худро болотар аз манофеъи дигарон мегузоранд ва мекӯшанд, ки ба ҳар роҳ, аз ҷумла бо роҳи дурӯғу фиреб, дасисаю тавтеъа ва ҳатто зӯроварӣ манфиатҳои худро таъмин кунанд. Бо ин мақсад сиёсатҳоеро пеш мегиранд, ки ба фоидаи худ ва ба зарари дигарон аст.

Дар ҳар сурат, рақобат барои соҳиб шудан ва ё зери назорати худ овардани он манобеъу захираҳо торафт бештар мешавад. Ин боиси ихтилофот ва даргириҳо мегардад, авзои ҷаҳонро барҳам мезанад. Дар натиҷа, ҳамагон зарар мебинанд…

Бархе аз мутахассисон назари дигар доранд. Ба ақидаи онҳо, имрӯз иқтисоди ҷаҳон дар ҳоли табдил шудан ба як организми воҳиди иқтисодӣ аст, иқтисоди воҳиде, ки аз 200 иқтисоди нисбатан мустақили миллӣ иборат аст. Ҳар кадоми онҳо дар айни мустақилӣ ҳамзамон вобастаи якдигар мебошанд, як ҷузви он организмро ташкил медиҳанд. Бино бар ин, муносиботи иқтисодию сиёсии байни кишварҳо бояд дӯстона ва бародарона бошад ҳеч кишваре бар дигаре душманӣ накунад, дар пайи озори дигарон набошад, балки ҳама бо ҳам ҳамкориҳои мутақобилан судманд дошта бошанд, ба якдигар дасти ёрӣ дароз кунанд ва аз расондани зарар ба якдигар худдорӣ кунанд. Зеро пешрафти як кишвар боиси пешрафти кишвари дигар ва зарари кишваре мӯҷиби зарар ёфтани дигар кишварҳо мешавад, яъне дар ин дунё ҳама ба якдигар вобастаанд. Бинобар ин, раво дидани зарар бар дигаре – ин моҳиятан, раво дидани зарар бар худ аст.

Мутаассифона, на ҳамаи кишварҳо, на ҳамаи давлатмардон, чунин ақидаро пазируфтаанд ва ё амалан аз он пайравӣ мекунанд. Иллати бисёре аз мушкилоти башар дар ҳамин аст.

*

Тоҳири АБДУҶАББОР,
06.10.2008

ҲУКУМАТ ВА МАСЪУЛИЯТИ ОН

Бидуни шакк, дар 20 соли гузашта, муҳимтарин дастоварди халқи тоҷик, ин касби истиқлолияти давлатии Тоҷикистон буду ҳаст. Ин неъмати бузургу муқаддас аст, неъматест, ки тамоми инсонҳои худогоҳ ҳамеша дар талаби он буданду ҳастанд. Зеро озодӣ шарти аввали пешрафти инсонҳо ба сӯи зинаҳои болотари камолоти инсонӣ ва рушди фарҳанги моддию маънавии ҷомеа аст. Ба назар мерасад, ки бархе аз ҳамватанони мо ин маъниро ҳанӯз ба дурустӣ дарк накардаанд, ҳанӯз рӯҳияи озодагиро фаро нагирифтаанд, вале ба яқин метавон гуфт, ки бо гузашти замон, бо беҳтар шудани вазъи зиндагӣ ва боло рафтани сатҳи маърифат, мардум аҳамияти онро бештару беҳтар дарк ҳоҳанд кард ва онро азизу гиромӣ хоҳанд дошт.

Комилан равшан аст, ки **ҳадафи аслии ҳамаи озодихоҳон, аз ҷумла озодихоҳони тоҷик – озодии инсон ва рушду камолоти маънавии он буду мебошад,** (на истиқлолияту ҳукуматдорони худкома). Вале барои расидан ба ин ҳадафи аслӣ (яъне ба озодии инсонҳо) лозим аст, ки аввал халқ соҳибихтиёр бошад, яъне давлати озоду мустақили худро дошта бошад. Бинобар ин, озодихоҳон, пеш аз ҳама, барои раҳоӣ ёфтан аз тобеъияти бегонагон ва таъмини истиқлолияти сиёсии кишвари худ мубориза мекунанд. Ҳамзамон бо касби истиқлолият, масъалаи режими сиёсӣ ҳал мешавад. Дар шароити кунунӣ дар бештари кишварҳо низоми мардумсолориро (давлати демократиро) ихтиёр мекунанд ва дар чаҳорчӯби он ҳуқуқу озодиҳои мардумро таъмину тазмин менамояд. Сад шукр, ки халқи тоҷик истиқлолияти давлати худро соҳиб шуд ва давлати худро давлати демократӣ эълон кард. Вале, мутаассифона, халқи мо ҳанӯз соҳибихтиёр нашудааст, худро соҳиби аслии давлату ҳукумат (қудрати давлатӣ) эҳсос намекунад. Иллат он аст, ки афроди ҷомеа, инсонҳо озод нашудаанд, худро озоду соҳибихтиёр эҳсос намекунанд. Андешаи "*Ҳар ки по кач мениҳад, хуни дил мо мехӯрем, Шишаи номуси олам дар бағал дорем мо*" шиори мардуми мо нашудааст.

ОЗОДӢ ВА МАСЪУЛИЯТ. Ҳамаи инсонҳо мехоҳанд, ки озоду соҳибихтиёр бошанд ва дар масоили мухталифи зиндагӣ худшон тасмим бигиранд. Одамон тобеъияту вобастагиро намепазиранд, намехоҳанд, ки зери фармони дигарон бошанд. Зеро озодию соҳибихтиёрӣ – шарти зиндагии инсонӣ аст, шарти рушду камолоти фарҳангии афроди ҷомеа аст. Зимнан, равшан аст, ки озодӣ ҳамеша ҳамроҳ бо масъулият аст. Озодӣ ва масъулият ба мисли ду тарафи як сикка мебошанд. Онҳо аз ҳам чудонопазиранд: озодӣ бе масъулият ва масъулият бидуни озодӣ намешавад. Масъулият монанди порсанги озодӣ аст, ба он назму маънӣ мебахшад.

Озодӣ бидуни масъулият ба ҳарза табдил меёбад ва масъулият бидуни озодӣ маънӣ надорад.

Мушкилоти ҷомеаи инсонӣ аз он ҷо оғоз меёбад, ки бисёриҳо, бавижа ҳукуматдорон, озодиро мехоҳанд, вале масъулиятро – не. Бархе озодиро барои худ мехоҳанд ва масъулиятро ба дӯши дигарон мегузоранд. Чунин равиш хоси афроди ҷоҳилу кӯтаҳандеш аст. Он муҳимтарин усулҳои зиндагии иҷтимоиро, бавижа баробарҳуқуқӣ ва адолати иҷтимоиро ихлол карда, назми ҷомеаро барҳам мезанад,

Бартарии ҷомеаи демократӣ (мардумӣ) ин аст, ки дар он афроди ҷомеа озоду соҳибихтиёранд. Онҳо ба ихтиёри худ дар масойили мухталиф тасмимҳо мегиранд ва аз пайи амалӣ кардани тасомими хеш мешаванд. Равшан аст, ки натиҷаи амалашон ба дуруст ё нодуруст будани тасмимашон вобаста аст. Агар тасмимашон дуруст бошад, натиҷаи хуб ҳосил мешавад. Вагарна, корашон барор намекунад, ҳатто, мумкин аст, зарар ёбанд. Дар ҳар сурат, натиҷаи амалашон (хоҳ нек бошад, хоҳ бад), ба ӯҳдаи худшон аст. Зеро тасмимро худашон гирифтаанд. Барои мисол, агар табибе тасмим бигирад, ки беморро ҷарроҳӣ кунад, масъулияти ин амал ба дӯши он табиб хоҳад буд. Агар ташхису тасмими табиб дуруст бошад ва бар асари ҷарроҳӣ бемор шифо ёбад, табиб подоши некӯ мегирад. Вале агар ташхису тасмимаш ғалат бошад ва ҷарроҳӣ боиси марги бемор гардад, табибро маҳкум мекунанд ва ба зиндон мефиристанд. Ҳамин гуна, агар соҳибкоре тасмим бигирад, ки ба тавлиду фурӯши колоҳо машғул шавад ва тасмими худро огоҳонаю оқилона амалӣ кунад, суд (фоида) ба даст меорад. Вале агар тасмимаш хато бошад, соҳибкор варшикаст мешавад ва аз сармояи худ маҳрум мегардад... Яъне тибқи қонунҳои низоми демокросӣ, ҳар кас масъули аъмоли хеш аст.

Агар ҳукумат аз афроди оқилу доно иборат бошад ва тасмимҳою қонунҳои дуруст қабул кунад, иқтисод пешрафт мекунад, зиндагӣ беҳтару мулк обод мешавад.

МАСЪУЛИЯТИ ҲУКУМАТ САНГИНТАР АСТ. Дар ҷомеа, ҳукумат мақому масъулияти хос дорад. Ҳукумат аз мардум намояндагӣ мекунад ва вазифаҳои басо муҳимро ба ӯҳда дорад. Натоиҷи фаъолияти он ба ҳамагон таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, ҳукумат дар баробари қонун ва мардуми кишвар масъули рафтору кирдори хеш аст. Зимнан, масъулияти ҳукумат басо бештару сангинтар аст, зеро суду зиёни он ба маротиб

бештар аст. Масалан, агар табиб иштибоҳ кунад, боиси марги як нафар мешавад ва агар соҳибкор тасмими нодуруст иттихоз кунад, худаш варшикасту муфлис мешавад. Вале агар ҳукумат тасмими нодуруст бигирад, боиси зарар ёфтани тамоми мардуми кишвар мегардад. Зеро қарору қонунҳои ҳукумат ба ҳамагон дахл дорад, равиши кору зиндагии мардумро таъйину танзим мекунанд. Аз ин рӯ, онҳо аз бобати тасмимҳои худ масъулияти бештар доранд. Агар ҳукумат (ва шохаҳои он) аз афроди оқилу доно иборат бошад ва тасмимҳою қонунҳои дуруст қабул кунад, иқтисод пешрафт мекунад, зиндагӣ беҳтару мулк обод мешавад ва ҳукумат сазовори тавсифу таҳсин мешавад. Вале агар ҳукумат тасмимҳои нодурусту ғалат иттихоз намояд ва ё Парлумон қонунҳои мухолиф бар аҳкоми Қонуни Асосиро ба тасвиб расонад ва онҳо боиси таназзули иқтисоди миллӣ ва ё бахшҳои он гарданд, дар он сурат ҳукумат масъули он нокомиҳою зарарҳо мебошанд ва мансабдорони марбута бояд шахсан ба ҷавобгарӣ кашада шаванд.

ҲУКУМАТИ ТОҶИКИСТОН ҲУКУМАТИ ДЕМОКРАТӢ НЕСТ.

Мутаассифона, дар Тоҷикистон ин усули муҳими низоми демократӣ риоят намешавад. Ҳукумат дар баробари мардум эҳсоси маъулият намекунад. Дар бисёр ҳолатҳо ҳукуматдорон қарору қонунҳое қабул мекунанд, ки ба шароити мавҷуда сазгор нестанд. Гузашта аз ин, мансабдорон ба ҳар васила мардумро маҷбур месозанд, ки он тасмимҳои нодурустро амалӣ кунанд. Ин аст, ки тасмимоту нақшаҳои ҳукумат, аксаран, иҷро намешавад. Вале касе аз ҳукуматдорон аз ин бобат масъул шинохта нашудааст.

Барои мисол, ҳукуматдорони кишвар аз иқтисоди плонӣ (сусиёлизм) рӯй гардонда, роҳи иқтисоди бозорро пеш гирифтаанд. Аммо дар ин маврид ризоияти мардумро, ки соҳибони аслии давлату қудрат мебошанд, напурсиданд. Яъне иродаи худро ба сари мардум таҳмил карданд. Ин кор хилофи усулҳои демократӣ аст. Бо мақсади иҷоди аносир ва ниҳодҳои бозор, як силсила ислоҳотро дар бахшҳои саноъ ва кишоварзӣ пиёда карданд. Вале ин кор бидуни баррасиҳои муқаддамотӣ ва равшан сохтани мушкилоти ин роҳ ва шеваҳои ҳалли онҳо дар шароити хоси Тоҷикистон сурат гирифт. Ин аст, ки ислоҳоти мазкур боиси болоравии иқтисоди кишвар нагардид, балки онро ба сукути амиқ мувоҷеҳ сохт. Аммо ҳукумат худро масъули ин амал намедонанд.

Равшан аст, ки барои рушди иқтисоди бозор озодию мустақилият ва соҳибихтиёрии тавлидкунандагон лозим аст, на амру фармони ҳукуматдорон. Вале солҳост, ки иқтисоди кишварро ба шеваҳои амру фармондеҳӣ, ки хоси замони Шӯравӣ буд, идора мекунанд. Кишоварзону соҳибкорон дар бештари ҳолот аз ихтиёру озодӣ маҳруманд, наметавонанд худашон тасмим бигиранд ва онро амалӣ кунанд. Кишоварзон, ба иллати камбуди мошину трактурҳо, маводи сӯхт, барқу об, кӯди кимёӣй ва дигар маводи мавриди заруратшон, ҳосили каму даромади ночиз ба даст меоранд. Онҳо наметавонанд маҳсулоти худро озодона ба фурӯш расо-

нанд...ва сад мушкили дигар доранд, мушкилоте, ки ҳаллашон ба кишоварзон вобаста нест, аз ихтиёри онҳо берун аст.

Муносиботи иқтисодӣ дар деҳот ғайриодилона аст. Тибқи омори расмӣ, дар соли 2007 музди миёнаи кормандони соҳаҳои тавлидоти моддӣ 141 сомонӣ, аз ҷумла кишоварзон қариб 50 сомонӣ дар як моҳ будааст. Ин маблағест, ки барои як ҳафта зиндагии фақиронаи як нафар намерасад. Бо вуҷуди ин, ки кишоварзон қариб муфт кор мекунанд, аз сармоягузорону фучеристҳо қарздор ҳам шудаанд. Қарзи воҳидҳои кишоварзие, ки машғули пахтакорӣ мебошанд, таи чанд соли ахир ҳамвора афзоиш ёфта, имсол то ба 600 миллион дулор расида аст. Бовар карданӣ нест, ки пахтакорон ҳам қариб муфту ройгон кор кунанд, ҳам қарздор шаванд. Вале ин як воқеъият аст ва он натиҷаи сиёсатҳо ва ислоҳоти ҳисобнашудаю ғайриоқилона дар бахши кишоварзӣ аст, ки онро ҳукуматдорони кишвар тарҳрезӣ ва амалӣ кардаанд. Пас, аз бобати вазъи бӯҳронии бахши кишоварзии Тоҷикистон кӣ масъул аст? Кӣ бояд он ҳама зарарҳоро талафоти кишоварзонро чуброн кунад? Қарзи пахтакоронро кӣ бояд бипардозад? Равшан аст, ки дар ҷомеаи демократӣ масъули ин ҳама нобасомониҳою нобарориҳо онҳое мебошанд, ки чунин тасмимҳоро гирифтаанд. Яъне ҳукумату парлумони кишвар ва вазирону мансабдорони ин соҳа, ки чунин ислоҳоти хому ҳисобношударо тарҳрезӣ ва амалӣ кардаанд. Онҳо бояд масъулияти ин корҳоро ба ӯҳда гиранд ва дар баробари мардум ва қонун шахсан ҷавоб гӯянд. Айни матлабро дар бораи ислаҳоти бахши саноеъи Тоҷикистон метавон гуфт. Ислоҳот дар ин бахш боиси болоравии тавлидот нагардид, балки онро ба суқут мувоҷеҳ сохт. Моҳиятан, ин хусусисозии корхонаҳо не, балки талаву тороҷ кардани моликияти давлат (мардум) буд.

Дар бисёр ҳолатҳо ҳукуматдорон қарору қонунҳое қабул мекунанд, ки ба шароити мавҷуда сазгор нестанд, вале мансабдорон ба ҳар васила мардумро маҷбур мекунанд, ки он тасмимҳои подурустро амалӣ кунанд.

Дар замони Шӯравӣ аксари мансабдорон, маъмулан, аз бобати тасмимҳои нодуруст ва аъмоли норавои худ ҷазо намегирифтанд. Агар раҳбари корхона ё вилояте вазоифи худро дуруст иҷро накунад, ӯро ба корхона ё вилояти дигаре ба вазифаи раҳбарӣ тайин мекарданд. Хело

кам иттифоқ меафтод, ки мансабдорони нолоиқро аз вазифа барканор кунанд ва ё ба маҳкама бикашанд. Чунин анъана дар Тоҷикистон ҳанӯз побарҷост. Аммо чунин рафтору кирдор ба усулҳои низоми демократӣ созгор нест. Аз ин рӯ, мебояд, ки ё Қонуни Асосии кишварро аз эътибор соқит сохт ва Тоҷикистонро расман давлати салтанатӣ (шоҳаншоҳӣ) эълон намуда, ҳамаи мансабдоронро аз ҳама гуна масъулият озод кард, ё ҳукумат бояд қавонини низоми демократиро амалан риоят кунад. Яъне мансабдорони чаласаводу нолоиқро ба хотири ноӯҳдабарой ва тасмимоту аъмоли нодурусташон аз мансаб барканор намуда, парвандаи онҳоро ба маҳкама супорад. Ҳатто дар режимҳои салтанатӣ ҳокимону мансабдорон ва вазирони нолоиқро аз кор барканор мекарданд ва мекунанд. Дар низоми демократӣ ин талаби қонун аст. Ҷиддан риоят ва амалӣ кардани чунин усули кор дар Тоҷикистон хело муҳим аст, Зеро то замоне ки мансабдорон масъули аъмоли хеш набошанд, то замоне ки ҳар яке аз онҳо аз бобати аъмоли носавоби худ шахсан ҷавоб нагӯяд ва зарарҳои ба мардум ворид кардаашро аз кисаи худаш ҷуброн накунад, хешу таборбозию мансабталошӣ аз ҷониби афроди нолоиқу бемаърифат кам намегардад, сифати кори давлат беҳтар намешавад ва иқтисоди кишвар пеш нахоҳад рафт.

ВИЖАГИҲОИ ТАБАҚАИ ҲОКИМИ КИШВАР. Албатта, давлати тозаистиқлол ва ақибмондаи Тоҷикистон, агарчи роҳи демократиро "интихоб" кардааст, ҳанӯз аз демократӣ хело дур аст, ҳанӯз дар оғози роҳ аст. Умед аст, ки дар оянда Тоҷикистон ба давлати воқеан демократӣ ва пешрафта табдил хоҳад шуд. Албатта, барои ин лозим аст, ки дар кишвар дигаргуниҳои ҷиддӣ дар зиндагии иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангӣ (дар арзишҳои иҷтимоӣ ва дар андеша ва тарзи тафаккури мардум, дар сиёсат ва шеваҳои идораи давлат) рӯнамо шаванд. Вале ҳоло рафтору кирдори ҳукумат ба ин ҳадаф чандон созгор нест. Табақаи ҳокими кишвар, асосан, аз "коммунистон"-и замони Шӯравӣ иборат аст. Онҳо, ба хотири боқӣ мондан дар сари қудрат, худро демократ эълон карданд, вале рӯҳия ва тарзи тафаккуршон дигар нашудааст. Мисли замони пешин, мансабу масабдоронро парастиш мекунанд, на ҳақиқатро. Сатҳи маърифаташон низ ба андозаи кофӣ боло нарафтааст. Онҳо дилбастаю пойбанди андешаҳои либеролию демократӣ нестанд. Ба назар мерасад, ки ҳукуматдорон ҳатто ба моҳияти демократӣ дуруст сарфаҳм нарафтаанд. Майл надоранд, ки қудратро дар миёни мардум тақсим кунанд. Намехоҳанд, ки мардум озоду соҳибихтиёр бошанд. Аз шиорҳои демократӣ фақат барои боқӣ мондан дар сари қудрат истифода мекунад

Аз ҷониби дигар, сатҳи маърифати сиёсии тӯдаҳои васеъи мардум низ хело пойин аст. Онҳо барои сохтани низоми демократӣ ва зиндагӣ кардан дар он низом омодагии лозимро надоранд. Мушкили асосии мардум – фақр аст. Он имконият намедиҳад, ки маърифати бештар ҳосил кунанд ва дар идораи умури кишвар фаъолона ширкат кунанд. Аз нигоҳи равонӣ ҳам мардум барои ҳукумат кардан бар худ омода нестанд. Онҳо

ҳанӯз аз хӯйи ғуломӣ озод нашудаанд. Ба болои ин, ҷанги "дохилии" солҳои 90-и садаи гузашта зарбаи шадиде буд ба рӯҳияи озодихоҳии мардуми кишвар. Тарроҳони он низоъ тавонистанд, ки раванди демократисозии Тоҷикистонро барои солиёни зиёд боз доранд. Бо вуҷуди он, ки афроди озодихоҳу ҳақпараст дар ҷомеа зиёданд ва шумори онҳо то рафт меафзояд, дар маҷмӯъ, ҳам ҳукуматдорон ва ҳам бисёре аз тӯдаҳо аз нигоҳи равонӣ ба режимҳои салтанатии даврони феодализм наздиктаранд. Бехуда нест, ки рафтору кирдори табақаи ҳоким ва равандҳои сиёсию иқтисодии кишвар шабоҳати зиёд ба он низом дорад. Дар чунин шароит, арзишҳои волои инсонӣ бекадр ва пояҳои фарҳанги ҷомеа суст мегардад. Фасод густариш меёбад ва тамоми зинаҳои ҳукумат ва ҷомеаро фаро мегирад, ахлоқи иҷтимоиро фосид месозад. Фасод нишони бемории ҷомеа аст, бемории, ки ҷисми ҷомеаро аз дохил хароб месозад.



Фасод нишони бемории ҷомеа аст, бемории, ки ҷисми ҷомеаро аз дохил хароб месозад. Вале мубориза ба муқобили фосод сахт мушкил аст, бавижа дар ҷое ки решаҳои фасод дар дастгоҳи ҳукумат нуҳуфта бошад.

Албатта, вазифаи давлат аст, ки бо тамоми нирӯ ба муқобили фасод мубориза кунад. Вале ин кор сахт мушкил аст, бавижа дар ҷое ки решаҳои фасод дар дастгоҳи ҳукумат нуҳуфта бошад, яъне худи ҳукуматдорон олудаи фасод бошанд. (*Мо дар талаби дору худ чун кӯшем, Он кас ки табиби мост, бемор шудаст*).

Ин беморӣ замоне оғоз ёфта аст, ки **ҳукуматҳои мардумӣ (демократисиҳои мустақим)** бо гузашти замон ба **ҳукуматҳои намояндагони мардум (демократисиҳои ғайримустақим)** табдил шуданд. Яъне ҳаққи тасмимгирӣ дар масоили ом аз мардум ба намояндагони мунтахаби онҳо (ба ҳукумат) интиқол ёфт. Дар натиҷа, дар байни шаҳрванд (мардум) ва раванди тасмимгирию иҷрои он тасмимҳо *ҳалқаи саввум* (ҳукумат ва шохаҳои он) пайдо шуд. Усулан, ин ниҳодҳо (ҳалқаи саввум) бояд дар хидмати мардум бошанд ва танҳо мутобиқи иродаи мардум ва манфиатҳои ҷомеа тасмимҳо бигиранд ва кор кунанд. Вале бо гузашти замон, онҳо аз мардум ҷудо шуда, манофеъи хоси худро пайдо карданд ва онро болотар аз манфиатҳои мардум гузоштанд.

Бинобар ин ки чунин кор хилофи қонунҳои низоми демократӣ аст, онҳо (ҳукуматдорон) барои расидан ба мақсадҳои нопоки худ ба дурӯғу фиреб ва ҳатто ба аъмоли ҷиноӣ даст мезананд. Таърих гувоҳ аст, ки дар аксари кишварҳо, бавижа дар кишварҳои ақибмонда, дар бештари

ҳолот ҳукуматҳо дар хидмати мардум қарор нагирифтаанд, балки худро дар болои мардум қарор дода, барои расидан ба манофеъи шахсию гурӯҳии худ кӯшидаанд. Чунин равиш корро ба он ҷо расондааст, ки ҳукуматҳои демократӣ оқибат ба режимҳои худкомаю диктотурӣ ва истибдодию тоталитарӣ табдил ёфтаанд. Ин ногузир боиси пеш омадани ихтилофот ва бӯҳронҳо дар ҷомеа гардида аст ва мегардад.

Дар ин ҷо нуктаи муҳим ин аст, ки ҳаққи тасмимгирӣ, амалан, аз мардум ба ҳукумат интиқол ёфт ва имконоти қаҷравиҳо, сӯиистифадаҳо аз қудрат ва таҳрифи ошкору пинҳони моҳияти ҳукумати демократӣ пайдо шуд. Ҳукуматдорон аз ин имконот бо маҳорати тамом истифода карданд. Ин буд, ки дар бисёр маворид хукуматҳои "демократӣ " аз аслу моҳияти демократӣ ба ҳадде дур рафтанд, ки акнун аз онҳо танҳо ном боқӣ мондааст. Дар аксари кишварҳои ақибмонда нирӯҳои кудратталаб зери шиори "демократӣ" ба сари қудрат омада, чунин вонамуд карданд ва мекунанд, ки дар пайи сохтани ҳукумати мардумӣ мебошанд. Вале дере нагзашта ба режимҳои зиддидемократӣ табдил мешаванд. Бавижа дар ҷое, ки сатҳи маърифати тӯдаҳо ба андозаи кофӣ баланд набошад ва мардуми хушбовару ноогоҳ таҳти таблиғоти густурдаи ВАО қарор гиранд.

Яке аз василаҳои хело муассири таҳрифи воқеъиятҳо – ВАО, бавижа ТВ, мебошад. Дар асри ҳозир ин расонаҳо ба василаи гумроҳу аҳмақ кардани мардум табдил ёфтаанд. Бавижа расонаҳои давлатӣ, расонахое, ки кормандони онҳо фоқиди шахсият мебошанд ва "ман"-и худро дар гарави кӯмакҳои молии дигарон (давлат, аҳли зӯру зар) гузоштаанд ва мӯҳтоҷу вобастаи онҳо мебошанд. Онҳо аз роҳи дурӯғпароканию сохтакориҳо ҳатто сиёсатҳоро кирдори зиддиинсонии ҳукуматдоронро сафед ҷилва медиҳанд. Ҳоло истифодаи технолоҷии муосир (имконоти компютар ва монтажи наворҳо) ин корро хело осон сохтааст. Усулан, вазифаи ВАО дарёфти огаҳиҳо ва иттилооти ростин дар бораи рӯйдодҳо ва падидаҳои зиндагии ҷомеа мебошад. Вале имрӯз онро ба василаи манипуляцияи афкори мардум табдил додаанд ва ин хатари бузургест барои имрӯзу фардои ҷомеаи инсонӣ. Зеро нақши иттилоот дар ҷомеа беш аз ҳар замони дигар аст. Беҳуда нест, ки ҷомеаи имрӯзро "ҷомеаи иттилоотӣ" меноманд. Ин аст ки бисёре аз олимону донишмандони улуми ҷомеашиносӣ (ҳуқуқшиносон, иқтисоддонон ва сиёсатшиносон)-и ҷаҳон, ҳатто дар Аврупою Амрико, аз фарогир шудани дурӯғбофиҳо, аз таҳрифи моҳияти низоми демократӣ ҳарф мезананд ва ин гуна таҳаввулотро интиқоду мазаммат кардаанд ва мекунанд.

Пайравони мактаби либерализм (озодихоҳӣ) ва ҷонибдорони низоми демократӣ дар мавриди ҳукумат назари нек надоранд. Онҳо мӯътақид буданду хастанд, ки "**хукумат – ниҳоди бадгавҳару фасодкор аст**". Вале дар ҷомеаи инсонӣ вуҷуди он (ҳукумат) ногузир аст. Бинобар ин, *беҳтар он аст, ки ш бадӣ камтар бошад*, яъне доираи ҳуқуқу салоҳиятҳои ҳукумат, маҳдуд бошад то ба фаъолиятҳои иқтисодию иҷтимоии мардум

камтар мудохила кунад. Ҳамзамон лозим аст, ки ҳукумат ҳамвора зери назорати мардум фаъолият кунад, то аз имконоти давлат суиистифода накунад ва ҳуқуқу озодиҳои инсонҳоро зери по накунад. Барои ин мебояд, ки сатҳи маърифат, бавижа маърифати сиёсию ҳуқуқии мардум боло бурда шавад , аҳзоби сиёсӣ ва ВАО кишвар фаъол бошанд ва мушкилоту нуқсонҳои ҷомеаро ошкор намуда, ислоҳи онҳоро аз масъулин талаб намоянд. Дар ин роҳ парлумону додгоҳҳо (маҳкамаҳо) ва додситониҳо метавонанд нақши муҳим дошта бошанд, ба шарте ки онҳо комилан мустақилона фаъолият кунанд ва фаъолияти ҳукумат ва дигар шохаҳои қудрати давлатиро зери назорат дошта бошанд ва нагзоранд, ки ҳукуматдорон аз мақому мансабҳои худ истифодаи нораво кунанд.

Чораи дигар он аст, ки муддати салоҳияти ҳукуматдорон, бавижа ҳукуматдорони баландпоя, маҳдуд бошад, то имконоти фосид шуданшон камтар гардад. Усулан, тағйиру таҷдиди ҳукуматҳо як амри табиӣ ва ногузиру муфид аст. Маҳдуд кардани муддати кор дар дастгоҳи ҳукумат имконияти ғарқи фасод шудани раҳбарону кормандонро камтар месозад. Дигар ин, ки бо гузашти замон шароити иқтисодию ичтимоии ҷомеа тағйир меёбад ва таҷдиди кормандони дастгоҳи ҳукумат имконият медиҳад, ки раҳбарони нав бо диди тозае ба масоил бингаранд ва шеваҳои ҷадиди ҳалли онҳоро ба кор гиранд. Албатта, комилан шаффоф будани тамоми фаъолиятҳои кормандони дастгоҳи давлат яке аз шеваҳои муассири боло бурдани ҳисси масъулият дар миёни онҳо мебошад. Лозим аст ки ҳама гуна тасмимҳо ва фаъолиятҳои ичтимоӣ комилан шаффоф бошанд. Аз ҷумла мебояд, ки ҳар як кормандии давлат (аз президент то ҳокими ноҳия) дар бораи миқдори маоши моҳвор ва дигар даромадҳои аҳли хонаводаи худ ба мақомоти марбута ба таври муназзам гузориш диҳанд ва он дар ВАО чоп шавад, то мардум аз даромаду хароҷоти онҳо огоҳ бошанд. Ин яке аз муҳимтарин роҳҳои назорат аз болои фаъолиятҳои ҳукуматдорон ва муборизаи бар зидди фасод дар ҷомеа аст. Агарчи таи солҳои ахир ин матлаб борҳо баён шудааст, вале мутаассифона, то ба ҳол амалӣ нашудааст. Дар кишварҳои фасодзада, аз ҷумла дар Тоҷикистон, истифода аз чунин шеваи кор хело муассир хоҳад буд.



Яке аз василаҳои хело муассири таҳрифи воқеъиятҳо – ВАО, бавижа ТВ, мебошад. Дар асри ҳозир расонаҳо, бавижа расонаҳои давлатӣ, ки кормандони онҳо фоқиди шахсият ва мӯҳтоҷу вобастаи ҳукуматдорон мебошанд, ба василаи гумроҳу аҳмақ кардани мардум табдил ёфтаанд.

Яке аз шеваҳои дигари беҳтар сохтани фаъолияти ҳукумат – ин аз моликияти хусусӣ тамоман маҳрум кардани ҳукуматдорон (ақидаи Афлотун) низ қобили қабул ба назар мерасад.

*

Тоҳири АБДУҶАББОР,
16.10.08

ФАСОД ВА ИЛЛАТҲОИ ОН

Яке аз мушкилоти доғи Тоҷикистон фасод аст. Он мисли торҳои анкабут тамоми бахшҳои фаъолияти ҷомеаро фаро гирифтааст. Барасиҳои Маркази таҳқиқоти истротежии Тоҷикистон ва муассисаҳои байнулмиллалӣ нишон медиҳад, ки фасодкорӣ дар ҳамаи зинаҳои идораи давлатӣ, дар корхонаҳои санъатию кишоварзӣ, муассисоти тиббию тиҷоратӣ, дар мактабу донишгоҳҳо, ҳатто дар оргонҳои муҳофизати ҳуқуқ ривоҷ ёфтааст. Дар ин миён кормандони кумитаҳои андозу гумрук, амволи давлатӣ, маҳкамаю додситониҳо ва муассисаҳои молӣ бештар олудаи фасод мебошанд. Ин аст ки Тоҷикистон яке аз фосидтарин кишварҳои ҷаҳон шинохта шудааст.

Маъмултарин шакли фасод – **ришвахорӣ** аст. Тавре ки мегӯянд, дар кишвар ҳеҷ мушкиле бидуни ришва осон намешавад. Робитаҳои хешу таборӣ, маҳалгароию қавмгароӣ, ёру ошнобозиҳо, дуздии амволи давлатӣ, зӯроварӣ ва "харидани мансабдорон" низ аз шаклҳои роиҷи фасод аст. Мансабдорони воломаком хешу табор ва ҳамшаҳриҳошонро сарфи назар аз донишу лаёқатшон ба курсиҳои мансаб мешинонанд. Баъзеҳо мансабҳои давлатиро "механранд", яъне ҳазорҳо доллар ришва дода, соҳиби мансаб мешаванд. Равшан аст, ки ҳадафи чунин афрод, пеш аз ҳама, ришвахорӣ ва ба даст овардани пули бештар аст. Зимнан, дар ҷараёни кор онҳо як ҳиссаи маблағҳои ҷамъ кардаашонро ба мақомоти болотару болотар мерасонанд.

Фасод пайомадҳои басо ногувор дорад. Нахуст ин ки, он боиси болоравии қиматҳо мешавад. Зеро соҳибкорону тоҷирон маблағҳоеро, ки ба сифати ришва ба мансабдорон медиҳанд, ба қамати колоҳо зам мекунанд ва ба ҳангоми фурӯхтани колоҳои худ он маблағро дубора аз харидорон дарёфт мекунанд.. Яъне, аксаран, маблағи ришваро, дар ниҳояти кор, тоҷирону соҳибкорон не, балки мардум мепардозанд. Сониян, болоравии қиматҳо боиси кам шудани фурӯши колоҳо мешавад. Ин амр соҳибкоронро аз сармоягузорӣ ва густариши тавлидот боз медорад. Сармоягузорони хориҷӣ ҳам ба иқтисоди кишвари фасодзада сармоягузорӣ намекунанд. Яъне фасод – садди роҳи пешрафти иқтисод мешавад. Саввум ин, ки фасод боиси густариши нобаробариҳои ичтимоъӣ, ривоҷи беадолатиҳо, хароб шудани ахлоқ ва суст шудани эътимоди мардум бар ҳукумат мегардад. Ин ҳолат рушди солими ичтимоию фарҳангӣ ва суботи сиёсии кишварро ба хатар меандозад.

Густариши фасод сабабҳои зиёд дорад. Муҳимтарин манбаъ ва ангезаи он **ҳукумат** аст. Ҳукумат тамоми ихтиёроту имконот ва ҳаққи тасмимгириро дорад ва фаъолияти корхонаҳою муассисоти кишвар ба тас-

мимҳои он вобаста аст. Он василаи дубораю себора тақсим кардани даромади миллӣ аст. Ва мансабдорони ҳарис аз ин васила ба суди хеш истифода мекунанд. Яке аз роҳҳои ҷилавгирӣ аз фасодкорӣ маҳдуд кардани доираи ихтиёрот ва мудохилаи ҳукумат ба фаъолияти корхонаҳою муассисот аст. Вале ҳукуматдорони Тоҷикистон имрӯз ҳам бо шеваҳои замони Шӯравӣ кор мекунанд. Онҳо, агарчӣ аз демократсию иқтисоди бозор ҳарф мезананд, вале дар асл мекӯшанд, ки дар кишвар ҳамагон тобеъю вобаста ва зери фармони онҳо бошанд, ҳатто корхонаҳои бахши хусусӣ.

Сабаби муҳими дигар – **факр** аст. Дар кишвар музди кор, аз ҷумла музди кормандони давлат хеле ночиз аст. Дар ҳоле ки музди миёнаи кор барои зиндагии фақиронаи як нафар дар як ҳафта намерасад, бисёриҳо мекӯшанд, ки мувофиқи меъёрҳои кишварҳои пешрафта зиндагӣ кунанд, хонаҳои бошукӯҳу муҷаҳҳаз бо тамоми ашёю абзори рӯзгор, телевизору видио, компютару телефонҳои сайёр, мошинҳои гаронқимат ва дигар васоили майишатро дошта бошанд. Бинобар ин, онҳо даст ба аъмоли ғайриқонунӣ мезананд. Илова бар ин, сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳангии бисёриҳо, ба вижа кормандони идороти давлатӣ хеле пойин аст. Аз ин рӯ, онҳо наметавонанд нафси худро маҳор кунанд ва ба нони ҳалол қаноат кунанд.



Дар миёни кадрҳои ҳукумат кормандони комитаҳои андозу гумрук, амволи давлатӣ, маҳкамаю додситониҳо ва муассисаҳои молӣ бештар олудаи фасод мебошанд.

Як сабаби дигари густариши фасод ин аст, ки **адолати иҷтимоӣ** дар ҷомеа таъмин нест. Дар ҷое ки камтар аз 10% аҳолӣ ҳиссаи бузурги даромаду сарвати кишварро соҳиб мешавад ва ҳукуматдорон шадидан олудаи фасод мебошанд, қонун ва ҳукумат эътибори худро аз даст медиҳанд. Ҳолати равонӣ ва рафтори мардум низ дигаргун мешавад ва барояшон худдорӣ кардан аз аъмоли ношоиста мушкил мегардад.

Заъфу норасоиҳои қавонини мавҷуда, набудани шаффофият дар фаъолияти ҳукуматдорон, сустию вобастигии маҳкамаҳо ва нотавонии ҷомеа дар ҷиҳати назорат аз болои фаъолияти ҳукумат заминаро барои густариши фасод мусоид сохтааст.

Соҳибназарон бар инанд, ки сарнавишти андеша ҷудо аз сарнавишти андешапардоз аст. Дуруст будани ин нуктаро таърих борҳо исбот кардааст. Аксари андешаҳои муҳиму ҷолиби бузургони илму маърифат ва

идеоложиҳои ҷаҳон бо гузашти замон таҳриф шудаанд ва натоиҷе ба бор овардаанд, ки хилофи хостаҳои андешапардозон будааст.

Аз суханони орифони бузурги мо аст, ки гуфтаанд:

"Хаттоте будӣ, се навъ хат навиштӣ. Хатти аввал он ки (онро) ҳам худ хондию ҳам гайр. Хатти дуввум он ки худ хондию ло гайр. Хатти саввум он ки на худ хондию на гайр..."

Файласуфони бузурги садаи XX Аврупо низ дар назарияи маърифати худ се зинаи маърифатро (шинохтро) аз ҳам фарқ мекунанд: 1. Зинаи "ман", 2. Зинаи "худ", 3. Зинаи трансинденталӣ (моварои).

Усулан, ҳукуматро барои иҷрои як силсила корҳои муҳим сохтаанд, корҳое, ки шарти зиндагии иҷтимоӣ мебошад ва барои ҳамагон заруру муҳим аст, вале ҳар кас ба танҳоӣ наметавонад онҳоро иҷро кунад. Ин пеш аз ҳама ба масъалаи таъмини амният будааст. Ба амнияту осоиши мардум ва кишвар хатарҳо ҳам аз берун (ҳамлаи қавмҳои вахшию нимавахшӣ) ва ҳам аз дохил (бадкориҳои мардуми дузду авбош) таҳдид мекунанд. Дафъи ин хатарҳо ва таъмини амнияту осоиши мардуми кишварро ба ӯҳдаи ҳукумат гузоштаанд. Дигар ин ки, ҷомеа аз афроди гуногун иборат аст. Онҳо ҳам аз рӯи синну сол, мансубияти ҷинсӣ, тавоноиҳои баданию зеҳнӣ ва ҳам аз рӯи дараҷаи донишу маърифат ва пойбандӣ ба арзишҳои инсонӣ аз якдигар фарқ мекунанд. Рӯиҳамрафта, тафовути одамон, ба гуфтаи Бедил, "аз камол-ул-нақис то нақис-ул-камол" аст. Табиист, ки ин нуқсонҳои одамон дар рафтору кирдори онҳо зоҳир мешавад. Ва ин боиси пайдо шудани ихтилофи назарҳо, носозгориҳо ва ҳатто бархӯрдҳо мегардад, ки вуҷуди ҷомеа ва давлатро ба хатар меандозад. Танҳо чизе, ки метавонад ин гуна ихтилофоту хатарҳоро бартараф кунад ва ҳамдилию ҳамбастагии мардумро таъмин намояд, ин риояти адлу дод дар ҳама корҳост. Ин аст, ки муҳимтарин вазифаи дигари давлат (ҳукумат) таъмини адолат дар ҳама корҳою бахшҳо, аз ҷумла адолати иҷтимоӣ дар кишвар мебошад. Бо ин мақсад, ҳукумат бо истифода аз механизмҳо ва шеваҳои мухталиф ба танзими нарху навои бозорҳо, музди кор, гардиши пул, мизони андозҳою молиёт, даромади мардум, тақсими дубораи даромадҳо, ҳаҷму таркиби соҳавии тавлидот, тиҷорати хориҷӣ ва корҳои дигар мепардозад. Мусоидат ба пешрафти иқтисод, иттиҳози тадобир дар чиҳати рафъи бекорӣ, таваррум ва ҳифзи муҳити зист низ аз ҷумлаи вазоифи давлат мебошанд.

Чун бештари мардуми мо аз вазоифи давлат огаҳ нестанд, мехоҳам онҳоро мухтасаран баршуморам. Муҳимтарин вазоифи ҳар як давлат, аз ҷумла давлати Тоҷикистон иборатанд аз:

**Таъмини амнияту осоиши кишвар ва ҳар як сокини он. (ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар).*

**Таъмини адолати иҷтимоӣ (аз ҷумла, аз роҳи тақсими дубораи даромади миллӣ ба нафъи ашхоси камдаромад).*

**Таъмини суботи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, яъне иттиҳози тадобир алайҳи бӯҳронҳои иқтисодӣ ва бекорӣ.*

**Тадвин ва танзими қавонин ва қавоид барои фаъолиятҳои самарабахши иқтисодӣ.*

**Мусоидат ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарангии ҷомеъа.*

**Таъмини рушди системаи омузишу парвариш ва соҳаи тандурустӣ.*

**Таъмини пешрафти илму техника*

**Таъмини суботи нархҳо ва мубориза бар зидди таваррум (болоравии нархҳо).*

**Танзими нарху наво, гардиши пул, шуғли аҳолӣ, тиҷорати хориҷӣ ва дигар масоили иқтисодию иҷтимоӣ.*

**Таъмини ҳифозати муҳити зист...*

Чунинанд асоситарин вазифаҳое, ки давлатҳо ба ӯҳда доранд. Ва маҳз барои чунин корҳояшон мардум онҳоро, яъне ҳукуматдоронро мехӯронанд ва мепӯшонанд. Ва ҳар он ҳукумате, ки ин вазифаҳои худро бахубӣ иҷро намекунад, ноне, ки мехӯрад, барояш ҳаром аст...

Тоҳири АБДУҶАББОР,
26.10.08

НОНИ ҲАЛОЛ ВА ОЛИГАРХҲО

Бузургон гуфтаанд, ки инсонҳо ба якдигар зоранд, ҳам... аз якдигар безор. Ин маъниро шоири руми бостон Овидий чунин баён карда буд: «*Ман бе ту натвонам зистан ва... бо ту ҳам*». Афлотун, файласуфи бузурги Юнони Бостон (садаи 5-4 пеш аз мелод) дар яке аз осори ҷовидонаи худ аз қавли Протогор (яке аз софистҳои маъруфи он рӯзгор) овардааст, ки одамон пас аз офариниш ба шакли пароканда зиндагӣ мекарданд. Чун онҳо заифтар аз бисёр намудҳои ҳайвонот буданд, аз дасти дарандаҳо ҳалок мешуданд. Барои он ки амнияти худро таъмин намоянд, онҳо ба сохтани шаҳрҳо ва зиндагии якҷоя оғоз намуданд. Вале онҳо ҳунару одоби бо ҳам зистанро надоштанд ва аз ин рӯ, ҳамин ки гирди ҳам меомаданд, якдигарро озор медоданд ва дубора пароканда шуда, ҳалок мешуданд. Барои он ки насли одам аз байн наравад, Худованд ба Ҳермес фармуда, ки дар миёни одамон шарму ҳаё, вичдон, ростӣ ва адлу додро ҷорӣ кунад. Ҳермес пурсида, ки ин фазилатҳоро дар байни одамон чи гуна тақсим кунад? Оё ҳамагон аз ин фазилатҳо баҳраманд шаванд ё фақат бархе аз одамон? Масалан, шарт нест, ки ҳамагон табиб бошанд, зеро як табиб барои чандин нафар басанда аст. Худованд дар посух мефармояд, ки бояд ҳамогон ин сифатҳоро дошта бошанд, зеро агар фақат бахше аз одамон дорои ин фазилатҳо бошанд ва дигарон аз онҳо маҳрум бошанд, давлатҳо нобуд хоҳанд шуд. Ва дар миёни мардум қонуне аз номи ман барпо намо, ки ҳар касе аз ростию ҳаё ва додгарӣ баҳраманд набошад, он ҳамчун марази ҷомеа нобуд карда шавад.

Ин аст ки, мегӯяд Протогор, ҳамагон мекӯшанд, ки ин фазилатҳоро дошта бошанд ва ҳар касеро, ки ростгӯю бовичдону додгар набошад,

маҳкум мекунанд. Барои ҳамин аст, ки ҳатто онҳое, ки ин фазилатҳоро надоранд, худро бовичдону додгар вонамуд мекунанд... Албатта, ин як миф аст, вале дар он шартҳои асосии зиндагии иҷтимоӣ ва давлату давлатдорӣ комилан дуруст зикр шудааст. Беҳуда нест, ки имрӯз ҳам ростию додгарӣ волотарин арзишҳои инсонӣ ба шумор меоянд ва таъмини адлу дод яке аз муҳимтарин вазоифи давлатҳо шинохта шудааст. Таърих гувоҳ аст, ки ҳамаи давлатҳое, ки дар он ҷо зулму бедодгарӣ ва дурӯғу риёкорӣ роиҷ будааст, умри дароз надоштанд. Ва аз онҳо ба ҷуз нафрину маломати мардум дар ҳаққи ҳокимони мустабиду бедодгар ва аҳли дурӯғу риё чизе дар ёдҳо намондааст.

Дар осори бузургони мо омадааст, ки мардуми шариф ба ҳангоми ҷашну маъракаҳо аз намояндагони табақаи ҳоким пазирой мекарданд ва ба оиҳо ошу нон медоданд, вале худ нони онҳоро намехӯрданд, зеро онро ҳаром медонистанд.

Мусоҳибаи О.Дерипаска (райиси ширкати "Русал"), ки дар сайти интернетӣ дарҷ шудааст, машкук ба назар мерасад. Бовар кардан мушкил аст, ки чунин ҳарфҳоеро, ки дар онҳо нишоне аз хираду шарофати инсонӣ нест ва ҳама беҳаёию ғаризаи ҳайвонӣ аст, чунин касе, ки гӯё аблаҳу девона нест, баён карда бошад. Ва баъди он тавоққӯъ дошта бошад, инсонҳои шариф бо ӯ салому гуфтугӯ хоҳанд кард ва ё дар кишваре ба вай иҷозаи омадонро хоҳанд дод. Дуруст аст, ки дар замони мо сиёсат палидтар ва аҳли он фосидтару беҳаётар шудаанд, ба ҳадде ки ҳатто аз ошкор шудани ҳадафҳои шум ва аъмоли норавою ғайриинсонии худ парво надоранд. Вале боварии кас намеояд, ки чунин андешаҳои аҳриманонаро ошкоро баён кунад, агарчи мумкин аст чунин ниятҳоро воқеъан дошта бошад. Ин ки О.Дерипаска ва афроди мисли он, афроди поку дурусткор нестанд ва нони ҳалол намехуранд, ҷои шак нест. Далелаш бисёр содда аст: дар замони Шӯравӣ музди кор дар ҳудуди 150-300 сӯм буд ва агарчи нархҳо хеле пойин буданд, он маблағ на ҳамеша ба зиндагии оддӣ мерасид. Ман даҳҳо нафар, аз ҷумла муаллимони мактабро медонам, ки дар солҳои 80 пеш аз оғози соли таҳсил дар пайи пайдо кардани каме пул мегаштанд, то фарзадашонро ба мактаб омода созанд. Онҳо қудрати харидани як даст либоси мактабиро надоштанд, ки аввали сентябр фарзандашон онро пӯшида ба мактаб биравад. Яъне давлати Шӯравӣ давлати сармоядорон набуд ва касе меросбари сармояҳои бузург набуд. Таи солҳои ахир бар асари бӯҳронҳои мудовим ҳолат ба маротиб бадтар шуд, ки беҳтар не. Садҳо миллион нафар гирифтори

фақр ва мӯҳтоҷи як пора нон шуданд. Бисёр инсонҳои шарифу поквичдон, ки бо меҳнати ҳалол зиндагӣ мекарданд, ба ниҳояти тангдастӣ афтоданд ва баъзешон ҳатто даст ба худкушӣ заданд.

Қариб 10 сол пеш хабари марги такондиҳандаи зану шавҳаре, ки ҳар ду олим буданд ва дар яке аз муассисоти илмии Русия кор мекарданд, пахш шуда буд. Чун дар муасисаи илмӣ таи муддати зиёд маоши кормандонро намедиҳанд, марди хонавода маҷбур мешавад, ки муддате дар партовгоҳи шаҳр вазифаи посбониро иҷро кунад. Вале дар он ҷо ҳам музд намедиҳанд. Зану шавҳари олим, чун инсонҳои шариф буданд, дуздӣ ё гадоӣ намекунанд. Муддате ба пуле, ки аз фурӯши либосҳошон ва аҷноси хона ҳосил мешавад, зиндагӣ мекунанд. Чун дигар чизе наменомад, бе нону гурусна дар хона мемонанд... ва баъди чанд ҳафта ҳамсояҳо танҳои бечони зану шавҳари нисбатан ҷавонро ба гӯристон мебаранд...

Вале дар зеҳни мардум, бавижа мардуми шариф ба таври нохудогоҳ ҳисси нобоварӣ ва мазамматолуд нисбат ба тоифаи мақомдороп ҳапӯз вуҷуд дорад.

Ҳодисаи ҷонгудози дигар. Ҳудудан 1,5 сол пеш нашрияҳои Русия ва Тоҷикистон ("Зиндагӣ" октябри соли 2004 ва апрели соли 2005) аз марги пурфочиаи зани тоҷик ва фарзандонаш дар Маскав хабар дода буданд. Он зан бо фарзандони хурдсолаш дар суроғи шавҳари мардикораш аз Тоҷикистон ба Маскав меравад... Чун аз шавҳараш ноумед мешавад ва корею маоше ҳам намеёбад, гадоӣ намекунад, дуздӣ намекунад, балки ба таҳҳонаи яке аз хонаҳои Маскав дохил шуда, худ ва фарзандонашро ба марг маҳкум мекунад... Сокинони он хона мурдаи модари тоҷик ва се фарзандашро, ки аз гуруснагӣ ҷон дода буданд ва писараки беҳуш ва дар дами марг афтодаашро дар таҳҳона пайдо мекунанд... Дар гирудори зиндагии ноҳамвору бемуруват он зану шавҳари рус ва ин модари тоҷик бо фарзандонаш аз гуруснагӣ мурданро бар дуздию харомхӯрӣ тарҷеҳ додаанд... Зеро онҳо **инсонҳои шариф** буданд ва инсонҳои шариф шарму ҳаё ва вичдон доранд, ба ҳаққи дигарон дастдарозӣ намекунанд ва ба ҷуз нони ҳалол намехуранд.

Нони ҳалол хӯрдан ва рӯй тофтан аз ҳаром одати ниёкони мо будааст. Дар осори бузургони мо омадааст, ки мардуми шариф ба ҳангоми чашну маъракаҳо аз намояндагони табақаи ҳоким пазироӣ мекарданд ва ба онҳо ошу нон медоданд, вале худ нони онҳоро намехӯрданд, зеро онро ҳаром медонистанд. Мардум ақида доштанд, ки фақат нони касе ҳалол аст, ки онро бо меҳнати ҳалол, бо рехтани арақи чабини худ ёфта бошад. Аммо ахли дарбор ва нӯкарону хидматкорони онҳо кор намекунанд ва аз ҳисоби молиёту андозҳо ва ғорати мардум зиндагӣ мекунанд.

Аз ин рӯ, нонашон ҳам ҳаром аст… Чунин андеша бозтоби он вақеъиятҳо буд, ки дар он рӯзгор бештари мардум ба кори ҷисмонӣ, аз қабили кишоварзӣ, оҳангарӣ, дӯзандагӣ, меъморӣ, наҷорӣ, гилкорӣ… машғул буданд ва натиҷаи кори онҳо, яъне неъматҳои моддӣ, қобили дидану ламс кардан буд ва он арзиш дошт. Табақаи ҳоким (шоҳу вазирон, амирону кабирон, моликону ашрофон, лашкариёну миршабон ва пайвандону хидматгузорони онҳо) кори ҷисмонӣ намекарданд, яъне неъматҳои моддиро тавлид намекарданд, балки масраф мекарданд. Аз ин рӯ, онҳо дар назари мардум муфтхӯр маҳсуб мешуданд. Дарвоқеъ ҳам, ин акида бепоя набуд, зеро табақаи ҳоким кори идораи давлатро ҳам ба таври бояду шояд анҷом намедоданд ва бо истифода аз қудрат молу сарват меандӯхтанд ва зиндагии бо тачаммулу мураффаҳ доштанд. Бино бар ин, аҳли заҳмат фаъолияти дарбориёнро кор ҳисоб намекарданд. Албатта, бо гузашти замон арзишҳо ва арзёбиҳо хеле тағйир ёфтанд. Имрӯз ба кормандони идороти давлатӣ ва бахши хидамот бо чашми ҳақорат наменигаранд ва ҳатто бисёри онҳоро то андозае мӯхтарам мешуморанд. Вале дар зеҳни мардум, бавижа мардуми шариф ба таври нохудогоҳ ҳисси нобоварӣ ва нигоҳи мазамматолуд нисбат ба он тойифа ҳануз вуҷуд дорад. Иллаташ ин аст, ки дастгоҳи ҳукумат то ба ҳол аз фасоду олудагиҳо ва бадрафториҳо озод нашудааст, то ба ҳол ростию додгарӣ хосияту пешаи он нагардидааст. Ва ин барои ҷомеъа ва давлат ҳамеша хатар доштааст дорад. Ин аст, ки мардуми шарифу огоҳ ҳанӯз ба ростию дурустӣ ва адлу дод арҷ мегузоранд ва ҳарому ҳалолро фарқ карда, аз ҳаром парҳез мекунанд. Дар шароити сахти он солҳо бо мехнати ҳалол ҳатто зандагии фақирона мушкил буд ва имрӯз ҳам мушкил аст, чи расад ба андухтани миллионҳо ва миллиардҳо доллар сармоя. Чунин кор барои мардуми шарифу поктинат аслан имконпазир нест. Чунон ки Азиз Несин гуфтааст, "*мардуми шариф сарватманд намешаванд*". Пас, ин сармоядорони навбаромад ин ҳама дороиро аз кучо ва аз кадом роҳ ба даст овардаанд? Чи гуна он ҳама корхонаҳоро соҳибӣ кардаанд ва аз кадом пул дар кишварҳои дигар сармоягузорӣ мекунанд? Аз пули ҳалол? Якинан ки не. Пас, дар хоки

Албатта, ман мефаҳмам, ки имрӯз дар дунёи буқаламуну муҳити фасодзадаи мо, сӯҳбат аз покию ахлоқи инсонӣ ва аз ҳарому ҳалол ҳарфи бечо аст.

поки мо сохтани корхонаҳо аз пули ҳароми дерипаскаҳо кори савоб аст?

Оё ҳукуматдорони Тоҷикистон боре андеша кардаанд, ки сармояҳои бузурги О.Дерипаска ва амсоли он натиҷаи меҳнати ҳалоли онҳо нест ва мумкин аст рӯзе дар яке аз кишварҳо ва ҳатто дар худи Русия ӯро, ба мисли Ходорковский, пушти милаҳои зиндон бишнонанд? Ва гузашта аз ҳамаи инҳо, оё муомила кардан бо касоне, ки молашон ва пулашон ҳалол нест, аз рӯи **ахлоқи инсонӣ** кори дуруст аст? Албатта, ман мефаҳмам, ки имрӯз дар дунёи буҳаламуну муҳити фасодзадаи мо, сӯҳбат аз покию ахлоқи инсонӣ ва аз ҳарому ҳалол ҳарфи бечо аст. Хусусан бо онҳое, ки бовар доранд, ки "деньги не пахнут". Вале ба ҳар ҳол, ҷолиб аст, бидонем, ки сардорони мо ҳангоми мулоқот бо "дорандагони халтаҳои пул" боре аз онҳо, чунонки дар системи бонкии кишварҳои пешрафта мепурсанд, пурсида бошанд, ки: **«Оғо! Дар кишваре ва дар шароите, ки мардум ба як пора нон мӯҳточанд, ту ин миллионҳоро аз куҷо ва чи гуна ёфтӣ?»** Ҷавобаш муҳим нест, зеро он равшан аст… Саволаш муҳим аст. Ин аз он гуна саволҳоест, ки арзиши сад ҷавобро дорад.

15 адад мақола аз бойгонии шахсии устод Тоҳири Абдуҷаббор бо кӯмаки духтараш ба дасти мо расидааст, ки таҳиягарон аз эшон изҳори сипос мекунанд.

***Дар акс:** Устод Тоҳири Абдуҷаббор бо духтараш Гулсанами Абдуҷаббор, соли 2005.*

Тоҳири АБДУҶАББОР,
раиси ҶМТ – Созмони Растохез
"Миллат", 11.09.2008

РАСТОХЕЗ ВА ИСТИҚЛОЛИЯТ

Пас аз чанд рӯз 17-мин солгарди рӯзи истиқлолияти Тоҷикистон фаро мерасад. Ман тамоми мардуми кишвар ва ҳамватанони дар хориҷ будаамон, бавижа ҳамаи онҳоеро, ки барои истиқлолияти халқи тоҷик ва пойдории он мубориза кардаанду мекунанд, бо ин рӯзи таърихӣ табрик мегӯям ва барояшон сиҳатии комил ва комёбиҳои бузург орзӯ мекунам.

Дуруд бод бар равони поки он озодихоҳону меҳанпарастони тоҷик, ба мисли Абдуқодири Холиқзода (устоди Донишгоҳи миллӣ), Олими Заробек (рӯзноманигори боистеъдод), Насими Назрулло (шоири борик-бину хушадо)… ва ҳазорон нафар мардуми ситамдидаи тоҷик, ки барои озодию соҳибихтиёрии халқу Ватан ҷонбозиҳо карданд, азобу шиканҷаҳо кашиданд ва умри худро дар ин роҳ сарф карданд.

Истиқлолият (соҳибихтиёрӣ) неъмати бузургест ва барҳақ тамоми мардуми ҷаҳон, аз ҷумла мардум ва ҳукумати Тоҷикистон, дар ин рӯз маросимҳои пуршукӯҳ ороста, онро бо шодию хушҳолӣ ҷашн мегиранд. Шояд ҳеч яке аз ҷашну маросимҳо ба ин андоза фараҳбахшу пуротифа ва гиромӣ набошад. Зеро истиқлолият – ин пирӯзии халқ аст, пирӯзӣ дар мубориза бар зидди нирӯҳои аҳриманӣ. Он муроди ақвоми тобеъю ситамкаш, вокуниши мазлумон дар муқобили золимон аст, талошест барои раҳо шудан аз бандагӣ ва расидан ба озодии инсон. Он натиҷаи худшиносии мардум аст. Қавму миллатҳое, ки худро шинохтаанд, дар тӯли таърих пайваста барои озодию соҳибихтиёришон мубориза кардаанд. Ин аст, ки муваррихи номдори инглис Лорд Актон гуфта аст: *«таърихи башар – таърихи мубориза барои озодӣ мебошад»*.

Олими Заробек аз хабарнигорони фаъоли тоҷик буд, ки дар моҳи октябри 1992 аз тарафи нирӯҳои аҷири С.Кенҷаев дар наздики Хонаи Радио кушта шуд.

Истиқлолияти халқу Ватан шарти аввали озодии инсонҳо мебошад. Дар ҷое, ки халқу Ватан озод набошад, афроди ҷомеа, инсонҳо наметавонанд озод бошанд, забону фарҳанг ва арзишҳои волои худро посдорӣ кунанд. Ҷомеа наметавонад иқтисоду фарҳанги худро рушд диҳад ва ба майлу муроди хеш кору зиндагӣ кунад. Барои пешрафти ҷомеа ва таъмини зиндагии шоиста, мебояд, ки мардум ва инсонҳо озоду

соҳибихтиёр бошанд. Зеро инсо-нияти инсонҳо танҳо дар шароити озод будани иродаи инсон зоҳир мешавад. Ин аст, ки мутафаккири бузурги Фаронса Ж.Ж. Руссо гуфта буд: «Инсон мавҷуди озод аст, агар озод набошад, инсон нест». Инсоне, ки озод набошад, зери фармони дигарон бошад, хислатҳои инсонии худро аз даст медиҳад ва ба мавҷуди беирода, ба банда табдил мешавад. Ба гуфтаи бузургон, чунин ҳолат, яъне бандагӣ, маънои марги инсонро дорад. Аз ин рӯ, озодагон бандагиро бадтар аз марг медонанд. Ба гуфтаи шоири шаҳири мо Абулқосим Лоҳутӣ:

Зиндагӣ охир сарояд, бандагӣ даркор нест,
Бандагӣ гар шарт бошад, зиндагӣ даркор нест,
Зиндагӣ озодию истиқлоли инсонҳо бувад,
Баҳри озодӣ ҷадал кун, бандагӣ даркор нест.

Озодагон ҳамеша ба ин нукта таъкид кардаанд ва мекунанд, ки барои инсон «озодӣ дар дӯзах, беҳтар аз асорат дар биҳишт аст». Масъалаи он, ки чаро, агар инсон озод набошад, одам нест ва чаро «марг беҳтар аз бардагӣ» аст, мавзӯъи сӯҳбати тӯлонӣ аст ва ин ҷо маҷоли он нест, ки ба он бипардозем. Ҳамин қадар гуфтан кофист, ки аъзо ва пайравони Созмони мардумии Растохез (ба шакли кӯтоҳ – СР) мӯътақид ба ойини ниёкон буданд. Ниёкони мо мардуми озодаю сарбаланд буданд, тобеъиятро намепазируфтанд, пеши касе сар хам намекарданд, ростию ҷавонмардӣ аз хислатҳои писандидаи онҳо буд. Аз ин рӯ, онҳоро «озодагон» ё «мардон» мегуфтанд. Инро дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва ашъори Носири Хисрав ва дигар бузургони мо метавон мушоҳида кард. Ин гуна андешаҳо ва гуфтори бузургону озодихоҳони ин сарзамин ва донишмандони дигар кишварҳои дунё манбаъи илҳоми СР буданд.

Ин ки мардуми мо озод набуданд, ҳаққу ҳуқуқ ва забону фарҳанги мо зери по шуда буд ва хатари нобудӣ бар он таҳдид мекард, имрӯз барои бештари мардуми мо мавзӯъи рӯшан аст ва ҳоҷати шарҳу баён ва баҳс нест. Инро хатто бисёре аз ҳукуматдорони кишвар хам дарк кардаанд. СР барои бартараф кардани он хатарҳо садои худро баланд кард ва ба посдорӣ аз ҳаққу ҳуқуқи мардуми ситамдидаи тоҷик ва забону фарҳанги миллӣ бархост.

Талошҳои Растохез барои истиқлолияти Тоҷикистон

Яке аз вижагиҳои СР дар он буд, ки он мухолифи хама гуна зӯргӯйию зӯроварӣ буд. Ин усули фаъолият дар Барномаи СР зикр шуда буд. СР ба ақли солим ва рафтори накӯйи инсонӣ такя мекард ва бовар дошт, ки сухани дурусту мантикиро хамагон мепазиранд ва бояд бипазиранд. Барои амалӣ намудани хадафҳои хеш, Созмон роҳи гуфтушунидҳои мусолиматомез, пешниходи роҳҳои ҳалли масоилу мушкилоти ҷомеа ва шеваҳои қонунии фаъолиятхои сиёсиро пеш гирифта буд. Ҳама гуна зӯрию зӯровариро рад мекард. Аз ин рӯ, табиист, ки аъзо ва ҷонибдорони СР, ба вижа рахбарони он, ки асосан аз олимону шоирон ва нависандагони саршинос ва мӯхтараму мӯътабари ҷомеаи мо иборат буданд, ба

навиштану интишори мақолаҳо ва ошкор сохтани масоилу мушкилоти ҷомеа пардохтанд. Дар он замон нашрияҳои озоду мустақил вуҷуд надоштанд ва ба чоп расондани мақолоти интиқодӣ кори осон набуд. Бо он ҳам бисёре аз рӯзномаҳои кишвар, хусусан, рӯзномаҳои «Адабиёт ва санъат», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Ҷумҳурият» (собиқ «Тоҷикистони советӣ»), «Газетаи муаллимон», «Комсомолец Таджикистана» ва маҷаллаи «Садои шарқ» ҷуръат карда, чунин мақолаҳоро чоп мекарданд. Ман, аз фурсат истифода карда, мехоҳам ба ҳамаи муҳаррирону кормандони он нашрияҳо, ба вижа ба муаллими мӯҳтарам Мазҳабшоҳ Муҳаббатшоев (рӯҳашон шод бод), Талъатбону Нигорӣ, Насибҷони Амонӣ ва дигарон, ки дар интишору густариши андешаҳои озодихоҳона хидматҳои арзанда карданд, самимона изҳори сипосгузорӣ намоям.

Растохез масъалаи соҳибихтиёрии халқи тоҷикро бо сароҳат дар миён гузошт ва талош барои истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба мақсади асосии созмон табдил ёфт. ***Тандис аз ҳафтаномаи «Миллат».***

Дар он замон ҳукуматдорони Тоҷикистон, асосан, аз Маскав таъйину табдил мешуданд. Бинобар ин, фармонҳои Маскавро иҷро мекарданд, на хостаҳои мардуми кишварро. Мо мехостем, ки баракс бошад. Яъне ҳукумати Тоҷикистон дар баробари мардуми ин сарзамин масъул бошад ва бештар ба масоилу мушкилоти ҷомеаи мо таваҷҷӯҳ кунад. Бо ин мақсад, тобистони соли 1998 номаи кӯтоҳе ба Қ. Маҳкамов (Дабири аввали КМ ҲК Тоҷикистон) навишта, пешниҳод кардем, ки дар кишвар мансаби (пости) Президенти Тоҷикистон таъсис шавад ва он (президент) аз тарафи мардум интихоб шавад. Ҳадаф аз ин пешниҳод – таъмини мустақилияти бештари ҳукумати Тоҷикистон буд. Қонунан, президент болотарин мақом дар ҳукумат аст ва он танҳо ба қонун, ба иродаи мардуми кишвар итоат мекунад. Ҳеч мақоми дигаре (масалан, Маскав) ҳак надорад, ки ба он амру фармон содир кунад. Президент фақат хидмати мардумро мекунад ва дар назди мардуми худ масъул аст. Ин маънои онро дорад, ки агар дар Тоҷикистон мақоми президентӣ таъсис шавад ва мардум президентро интихоб кунанд, Тоҷикистон кишвари мустақил мешавад. Мӯҳтарам Қ. Маҳкамов маро ба назди худ даъват карданд ва пурсиданд, ки ҳадаф аз ин пешниҳод чист? Мухтасаран, матлабро баён намудам. Ишон гуфтанд, ки: «Ин ғайри имкон аст. Имрӯз интихоби ҳатто як райиси колхоз бе ҷанҷол намегузарад. Ту мехоҳӣ, ки президенти кишварро интихоб кунанд?». Ӯ бо дар назардошти вокеиятҳои он рӯзҳо ва дарки саҳеҳи вазъи мавҷуда сӯҳбат мекард, ман – аз рӯи масоили усулӣ, аз рӯи он, ки давлатдорӣ дар кишвари мо, усулан, чи гуна бояд бошад.

Баъдтар дар ин бора мақолае навиштам ва зарурати таъсиси мақоми

президент ва аҳамияти интихоби онро ба таври муфассалтар баён кардам. Он мақола дар «Комсомолец Таджикистана» чоп шуд ва... пас аз як сол президент ҳам интихоб шуд.

Ба идомаи мавзӯи истиқлолият мақолаи дигареро зери унвони «Концепсияи мустақилияти иқтисодии Тоҷикистон» бо ҳамкории муовини раёсати СР, муаллими арҷманд Абдухолиқ Холиқзода навиштам ва онро ба рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» бурдам. Сармуҳаррири рӯзнома бонуи мӯҳтарам Талъат Нигорӣ онро писандиданд ва ба нашраш розӣ шуданд. Зимнан, гуфтанд, ки беҳтар аст, чунин мақолаи муҳим бо имзои чанд нафар чоп шавад. Ман ҳам онро ба чанд нафар олимон, аз ҷумла ба Шодмон Юсуф (райиси Ҳизби Демократии Тоҷикистон), Холмуҳаммад Азимӣ (олими равшанбин ва яке аз ватанпарастони воқеъӣ) ва ба чанд нафари дигар аз олимони шинохтаи мо додам. Онҳо имзо карданд. Мӯҳтарам Холмуҳаммад Азимӣ дар бораи он, ки захираи тиллоии кишвар низ бояд моликияти давлати Тоҷикистон бошад ва аз он чи гуна бояд истифода шавад, матлаби ҷолиберо навиштанд ва барои изофа кардан ба мақола ба ман доданд. Дар ин миён мақола (бидуни матлаби ахир) ба чоп расид ва боиси нороҳатии бархе аз ҳукуматдорон гардид. Тавре ки гуфтанд, Талъат Нигориро ба Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунист даъват карда, аз бобати чопи он мақола сарзаниш кардаанд. Агарчи баъдтар, ҳангоми тадвину танзими бисёре аз асноди ҳуқуқии давлати мустақили Тоҷикистон, аз матолиби он мақола ба таври васеъ истифода карданд.

Аъзои созмон устод Бозор Собир, марҳум Олими Заробек ва Табаралӣ Зиёев аз ҷумлаи ширкатдорони нахустанҷумани ҶМТ – Созмони Растохез ҳангоми муҳокимаи мавзӯи истиқлолият, дар толори Иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистон, соли 1989.

Тоҳири АБДУҶАББОР,
раиси ҶМТ – Созмони Растохез
"Миллат", 07.12.2008

РАСТОХЕЗ ВА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Имрӯзҳо дар кишвари мо 19-мин солгарди ба тасвиб расидани «Қонуни забон» (Қонун дар бораи мақоми давлатӣ додан ба забони тоҷикӣ»)-ро ҷашн мегиранд. Ин боиси хушҳолии мардуми бомаърифату ватанпараст, ба вижа равшанфикрони мо, ки забону фарҳанги миллии худро гиромӣ медоранд, аз он ҳимоят мекунанд ва барои тозагию рушди он заҳмати фаровон кашидаанду мекашанд.

Рушду равнақи забону фарҳанги миллии мо аз гузаштаҳои дур то ба имрӯз муҳимтарин ҳадафи бузургон ва дар маҷмӯъ аҳли маърифати мо будааст мебошад. Ҷои шукр аст, ки ҳоло бархе аз ҳукуматдорони Тоҷикистон низ аҳамияту арзиши забонро дарк кардаанд ва гиромидошту ба хубӣ омӯхтани онро таблиғу ташвиқ мекунад ва бо гузаронидани «чорабиниҳо» иди забонро таҷлил мекунанд. Ин ки соли равонро Соли забон эълон кардаанд, ҳамчунон як иқдоми рамзӣ аст. Шояд бар асари чунин «чорабиниҳо» сатҳи забондонию худшиносии мардум боло равад? Худо кунад, ки чунин шавад. Агарчи хатари он вуҷуд дорад, ки ин таҷлилҳо ба як чорабинии навбатӣ (кампанейщина) табдил ёбад ва асли мақсад фаромӯш шавад. Зеро дерест, ки кишвари мо ба «кишвари чорабиниҳо» табдил ёфтааст... Аммо ришхандро бигзорем канор ва ба асли мақсад бирасем.

Муҳокимаи мавзӯи мақоми давлатии забони форсии тоҷикӣ дар нахустанҷумани ҶМТ – Созмони Растохез, соли 1989.

Агар иштибоҳ накунам, шоираи маҳбуби мо Гулрухсор гуфтааст, ки «марги миллат аз марги забонаш оғоз мешавад». Ин андешаи бисёр амиқу дақиқ мардуми ватанпарасти бисёр кишварҳоро барои ҳимояту посдорӣ аз забону фарҳанги хеш во доштааст. Маҳз ҳамин андеша ангезаи аслии таъсисёбӣ ва фаъолияти созмони Растохез – нахустин Созмони Мардумии Тоҷикистон буд. Ҳадафи ин созмон, ки дар соли 1989 таъсис ёфта буд, маҳз посдорӣ аз забону фарҳанги миллии тоҷик ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушду такомули он дар оянда буд. Аъзо ва пайравони созмони Растохез (СР), ки асосан аз равшан-фикрон ва зиёиёни қариб ҳамаи шаҳрҳою деҳоти кишвар иборат буданд, таи солҳои баъдӣ барои амалӣ кардани ин ҳадаф фаъолият

карданд. Ҳадафхо дар Барномаи он ба равшанӣ баён шуда буд ва нусхаҳои он ба Шӯрои Олӣ ва Ҳукумати Тоҷикистон ва ҳамчунон ба ҳукумати шаҳри Душанбе расман пешниҳод шуда буд. Табиист, ки ҳадафҳои СР бо ҳадафҳо ва амали ҳизби ҳоким – (ҲК) созгор набуданд. Аз ин рӯ, онҳо СР-ро созмони мухолифин эълон карданд ва дар ҳаққи он тӯҳмату бӯҳтон паҳн карданд ва аъзою ҳаводорони онро зери фишор қарор доданд. Раҳбарони ҲК ва ҳукумати Тоҷикистон, ки ҳама дастнишондаҳо ва фиристодагони Маскав буданд, зери шиори «единый советский народ» (халқи воҳиди Шӯравӣ) *сиёсати русисозии миллатҳои ғайрирус, аз ҷумла халқи тоҷикро амалӣ мекарданд ва бо ин мақсад доираи фаъолияти забону фарҳанги миллии моро дар Ватани худамон ба ҳадде тангу маҳдуд ва олудаю хароб сохта буданд, ки он аз иҷрои вазифаҳои асосии худ, ба вижа дар соҳаи илму фарҳанг, маъориф, сиёсату иқтисод, ҷаласоту коргузории давлатӣ ва… берун монда, ба забони гуфтугӯи хонагӣ табдил шуда буд.* Қариб дар ҳамаи соҳаҳои асосии кору зиндагии ҷомеа ба ҷои забони тоҷикӣ забони русӣ истифода мешуд. Дар ҳама ҷо – дар маҳали кор, дар идороту муассисоти давлатӣ ва дар кӯчаю бозор забони русӣ садо медод. Забони олуда ва тарҷумазадаю маъюбшудаи тоҷикӣ то рафт бештар ба ҳошияи зиндагӣ кашонда мешуд. Мардум, ба истилоҳ, «дузабона» шуда буданд, ҳам ба русӣ ва ҳам ба тоҷикӣ сӯҳбат мекарданд. *Аммо ҳам тоҷикишон ва ҳам русишон хело зайиф ва пур аз нуқсонҳою галат буд.* Камтар касе пайдо мешуд, ки ҳар ду забонро ба хубӣ бидонад ва битавонад фикри худро ба тоҷикӣ ва ё ба русӣ озодонаю бехато баён кунад. Ҳатто дар миёни зиёиён. Аксари онҳо аз нигоҳи фарҳангӣ ба афроди «маржинал» (яъне «чала») табдил ёфта буданд. Ман дар ин бора муфассалтар дар мақолаи «Муҳити зист ва забон» навишта будам (Садои Шарқ, 1989, № 10).

Албатта, чунин ҳолат ғайритабиӣ ва ғайри қобили таҳаммул буд. Вале ҳукумати ғуломсифату бегонапараст мо чунин сиёсати ғалатро таҳаммул ва ҳатто тарғибу ташвиқ мекард. Зеро он (ҳукумат) тобеъу вобастаи дигарон буд, на озоду соҳибихтиёр. Ин нукта торафт равшантар мешуд, ки дар ин кишвар ҳама чиз вобастаи сиёсат аст ва ҳеч масъалае нест, ки бе мудохилаи сиёсат ҳал шавад. Пас аз сӯҳбате дар Шӯрои Олии Тоҷикистон боварии ман ба ин ақида бештар шуд. Дар тирамоҳи соли 1989 маро ба он ҷо даъват карданд. Дар сӯҳбат ба ғайр аз мӯҳтарам Ғоибназар Паллаев (раиси ШО Тоҷикистон) ва ду нафар муовинони эшон (мӯҳтарам Дедов ва А. Қосимова) ва мӯҳтарам Нурулло Ҳувайдуллоев, чанд нафари дигар, ки ман онҳоро намешинохтам, ҳузур доштанд. Мавзӯъи сӯҳбат – Барномаи Созмони Растохез буд. Пас аз саволу ҷавоб ва шарху тафсирҳои зиёд, мӯҳтарам Дедов (муовини раиси ШО), ки марди хело ботамкин ва бо маърифат ба назар мерасид, пурсид: «дар Барномаи СР масоили зиёд ва муҳими зиндагии ҷомеа матраҳ шудааст. Шумо чи гуна ва бо кадом имконот онҳоро ҳал хоҳед кард? Гуфтам: «Бале, дар Барнома

ҳам масоили иқтисодию иҷтимоӣ ва ҳам масойили сиёсию фарҳангӣ матраҳ шудааст. Аввал ин, ки ҳамаи онҳо бо ҳам вобастаанд, тарафҳои гуногуни як масъала мебошанд. Дигар ин, ки СР иддао надорад, ки ҳамаи онҳоро ҳал хоҳад кард. Он ҳама масойили ҷомеаи мо мебошанд. Ва ҳалли онҳо вазифаи ҳукумат ва тамоми мардуми Тоҷикистон аст. Мо фақат онҳоро аз дидгоҳи худ матраҳ кардем, яъне кореро анҷом додем, ки ҳукумат бояд мекард. Зимнан, иддао надорем, ки ҳама он чизе ки дар ин Барнома омада аст, ҳақиқати мутлақ мебошад. Шояд, дар он нукоти қобили баҳс ва ё комилан нодуруст ҷой дошта бошад.

Мо бо камоли хушӣ ва миннатдорӣ ҳама гуна интиқодот ва назарияҳтро мепазирем, ба шарте ки ба далоили мантиқӣ устувор бошанд. Агар шумо ё касе аз ҳозирин ҷумлае ё нуктаеро дар Барнома нишон диҳед ва исбот кунед, ки он нодуруст аст, ман омодаам, ки ҳамин лаҳза, дар пеши назари шумо рӯи он ҷумла хат бикашам». Оқои Дедов ба гуфтаҳои ман розӣ шуд ва гуфт: «Бехтар аст, ки шумо номи созмонро тағйир диҳед. Ба ҷои «созмони ҷамъиятӣ-сиёсӣ», «созмони ҷамъиятӣ-фарҳангӣ» бинависед. Ва умумун, фаъолияти СР-ро бештар ба масойили фарҳангӣ равона кунед. Дар ин сурат, созмонро зудтар сабти ном мекунанд ва ҳукумат ҳам ба кори шумо хайрхоҳона муносибат хоҳад кард». Дар ҷавоб гуфтам, ки; «Албатта, ҳадафи аслӣ ва ниҳоии мо рушду такомули худи инсон ва фарҳангии ҷомеа аст. Аммо ҳалли масоили фарҳангии зикршуда ба фалону фалон масоили сиёсӣ вобаста аст. Дар ин шароит чи гуна метавон аз масоили сиёсӣ чашм пӯшид ва танҳо аз масойили фарҳангӣ сӯҳбат кард?» Оқои Дедов розӣ шуд, ки ин ҳарфи мантиқӣ аст. Вале, гуфт ӯ, мавзӯъ, тавре ки тасаввур мешавад, чандон содда ҳам нест. На ҳама чиз ба ҳукумати Тоҷикистон вобаста аст…».

Нуктаи ахир ва ҳаводиси хунини шаҳрҳои Ӯшу Ӯзген, Бокую Сумгаит, Душанбею Тифлис ва Еревону шаҳрҳои дигар маро мутақоид сохтанд, ки решаи мушкилоти мо дар ҷои дигар, дар сиёсатҳои бузургманишонаи раҳбарони КПСС (ҲКИШ) нухуфтааст. Шиорҳои «баробарҳуқуқии халқҳо ва гул-гул шукуфтани забону фарҳанги миллатҳо» – шиорҳои фиребандаи идеологӣ мебошанду бас. Давлати Шӯравӣ намехоҳад ва аз нигоҳи иқтисодӣ наметавонад, ки забону фарҳанги ҳамаи миллатҳо рушд кунанд. Роҳи ҳалли мушкилот дар соҳибихтиёрӣ ва баробарҳуқуқии халқҳо аст…

Ин буд, ки СР масъалаи **соҳибихтиёрии халқи тоҷикро** бо сароҳат дар миён гузошт ва талош барои истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба мақсади асосии созмон табдил ёфт. СР мехост, ки дар Тоҷикистон забони тоҷикӣ ҳамаи вазифаҳои забони давлатиро иҷро кунад, то заминаи рушду такомули забону фарҳангии миллии мо фароҳам ояд. Зоҳиран, ин ҳадаф хилофи Қонуни Асосии кишвар набуд. Мувофиқи он, Тоҷикистон яке аз 15 ҷумҳуриҳои Шӯравӣ маҳсуб мешуд, яъне як давлати миллӣ буд. Муҳимтарин нишонаи давлати миллӣ – ин доштани забону фарҳанги

миллӣ аст. Пас, **забони давлатии Тоҷикистон бояд забони тоҷикӣ** бошад. Мантиқу моҳияти қонунҳо инро талаб мекунад. Вале дар Тоҷикистон воқеъият чизи дигар буд. Дар ин ҷо, амалан, ҳаққу ҳуқуқи халқи тоҷик поймол карда мешуд. Тоҷик дар хонаи худ, дар Ватани худ имконият надошт, ки ба забони модарии худ тарбият ва рушду камол ёбад ва ба таври шоиста кору зиндагӣ кунад. Чунин ҳолат хилофи адолат ва муғоири рӯҳи қавонин буд. Бинобар ин, *шумори зиёди равшанфикрони тоҷик аз тариқи матбуот аз ҳукумат талаб намуданд, ки ба вазъи риққатовари забону фарҳанги миллӣ таваҷҷӯҳ намояд ва барои барқарор кардани мақому манзалати забони тоҷикӣ дар Тоҷикистон тадбирҳо бияндешад.* Устоди Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон мӯҳтарам И. Усмон дар мақолаи худ пешниҳод кард, ки ба манзури ҳалли ин мушкил ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шавад. Як силсила мақолаҳои банда низ перомуни ин мавзӯъ тайи солҳои 1988 ва 1989 дар матбуоти кишвар ба чоп расиданд. Дар оғози соли 1989 дар макази шаҳр ба таври стихиявӣ (худчӯш) гирдихамоиии ҷавонону донишҷӯёни тоҷик сурат гирифт ва дар он низ мавзӯъи забон матраҳ шуда буд. Дар ҷаласоти маҳфили «Рӯ ба рӯ» низ борҳо масъалаи забони форсии тоҷикӣ мавриди баҳс қарор гирифт. Бар асари он ҳама мақолаҳо ва митингу баҳсҳо давлати Тоҷикистон комисиюнеро таъсис дод ва вазифаи тартиб додани лоиҳаи «Қонун дар бораи забон»-ро ба он супорид. Зимнан, дар матбуот баҳсҳо дар бораи он, ки қонуни забон бояд чи гуна бошад ва ба кадом забон мақоми давлатӣ дода шавад, бо ҷӯшу хурӯш идома доштанд. Табиист, ки равшанфикрони тоҷик исрор доштанд, ки танҳо забони тоҷикӣ лоиқи ин мақом аст. *Русҳою русизабонҳо талабгори он шуданд, ки забони русӣ расман забони давлатии Тоҷикистон шинохта шавад.* Чунин қарор дар ҷаласаи васеъи коммунистони шаҳри Душанбе қабул шуд. Бархе бар он буданд, ки дар кишвар ба ду забон – русӣ ва тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шавад. Бархе аз намояндагони ҷамъияти узбакҳо талаб карданд, ки ба забони узбакӣ низ мақоми давлатӣ дода шавад…

Шукри Истиқлолу мақоми Забони давлатӣ. Вале танҳо бо шиорбозӣ пойгоҳи забон таҳким намеёбад.

Дар ин миён раҳбарони ҳизби ҳоким (коммунист) ва ҳукумати кишвар, ки ҳама коммунист буданд, ба вазъи ногувор афтода буданд. Дар ин вaз-

ъи печида онҳо бояд тасмими ниҳоиро мегирифтанд. Вале онҳо тавони ин корро надоштанд. Зеро тасмимгирӣ дар чунин масоили муҳим аз салоҳият ва ихтиёроти онҳо берун буд. Агарчи дар миёни онҳо афроди бомаърифату ватанпараст ва дилсӯзи забону фарҳанги миллати худ низ буданд, вале, рӯиҳамрафта, мисли ҳамаи «раҳбарон»-и Тоҷикистон фармонбардор ва иҷрокунандаи авомири Маскав буданд. Бино бар ин, пеш аз тасвиби қонуни забон дар Шӯрои Олии кишвар, онҳо бояд мувофиқаи раҳбарони ҲК ва давлати Шӯравиро ҳосил мекарданд. Ва чунин ҳам карданд: Дабири аввали (Котиби якуми) ҲК Тоҷикистон Қ. Маҳкамов ва Райиси Шӯрои Олии (Парлумони) Тоҷикистон Ғ. Паллаев ба Маскав рафтанд ва бо раҳбарони баландпояи давлати Шӯравӣ мулоқот карданд. Ба гуфтаи Ғ.Паллаев, онҳо (раҳбарони Тоҷикистон) пас аз сӯҳбат бо М.С.Горбачев (Дабири кулли ҲҚИШ) ба ӯтоқи кори А. Н. Яковлев (дабири КМ ва узви Бюрои сиёсии КМ ҲҚИШ, академик) рафтаанд. Қ.Маҳкамов ба А.Яковлев дар бораи вазъи ҷории Тоҷикистон ва баҳсҳои перомуни забони давлатӣ гузориш дода, гуфтааст, ки комиссион матни қонуни забонро омода сохтааст. Вале дар ҷомеа назари воҳид дар ин мавзӯъ вуҷуд надорад. Аксарияти зиёёни тоҷик мехоҳанд, ки забони тоҷикӣ ба сифати забони давлатӣ пазируфта шавад. Аммо бештари коммунистон ҷонибдори забони давлатӣ эълон кардани забони русӣ мебошанд. Ҷамъияти узбакҳо низ мехоҳанд, ки забони узбакӣ дорои чунин мақом гардад. Мо ҳайронем, ки чи гуна тасмим бигирем.

Созмони Растохез мехост, ки дар Тоҷикистон забони тоҷикӣ ҳамаи вазифаҳои забони давлатиро иҷро кунад, то заминаи рушду такомули забону фарҳангии миллии мо фароҳам ояд.

Албатта, мо мехоҳем, ки мақоми забони русиро дар Тоҷикистон ҳифз намоем... А.Яковлев гуфтааст, ки забони русӣ соҳиб дорад. Он давлати бу-зурги Русия аст. Ва забони бузурги русӣ ба ҳимояти шумо мӯҳтоҷ нест. Шумо биравед ва дар Тоҷикистон фақат як забон, яъне забони модариатонро забони давлатӣ эълон кунед. Ғами забони узбакиро ҳам нахӯред. Афроди ғамхор дар Узбакистон кам нестанд ва онҳо кори худро медонанд...

Пас аз шунидани ин суханони А.Яковлев, ки дар он замон яке аз пурнуфузтарин арбобони давлати Шӯравӣ буд, раҳбарони Тоҷикистон оҳи сабук кашида, роҳи Ватанро пеш гирифтаанд. Ва варианти мусолеҳакоронаи қонуни забонро тартиб дода дар ҷаласаи Шӯрои Олии Тоҷи-

кистон ба тасвиб расонданд. Аммо тасаввур кунед, ки агар дар Маскав А. Яковлев он суханонро намегуфт ва ё мегуфт, ки дар Тоҷикистон мақоми забони русӣ бояд ҳифз шавад, раҳбарони Тоҷикистон ва депутатҳои чаласаводи Парлумони он замони мо, ки танҳо ба даст боло кардан қодир буданд, чи мекарданд ва тақдири қонуни забон чи мешуд? Бо он ҳам, бо кӯшиши бархе аз забонгумкардаҳо матни қонуни забон пеш аз тасвиби Шӯрои Олӣ хело тағйир дода шуд ва он ноқису зайиф гардид. Зиёиёни тоҷик он қонунро интиқод карда, нуқсону камбудиҳои онро ошкор ва матни дигари қонуни забонро таҳия карданд. Вале он пазируфта нашуд. Он қонуни ноқис пас аз касби истиқлолияти давлатӣ ҳам ба ҳамон шакл боқӣ монд. Ҳоло ки шароит дигар аст, мебояд, ки матни он қонун дубора барасӣ ва ислоҳу такмил шавад. Ин корро агар имрӯз мо намекунем, бидуни шакк фардо дигарон хоҳанд кард. Зеро маънии зиндагии миллат дар забону фарҳанги вай аст. СР бо такя ба андешаҳои ватанпарастонаи шоирону нависандагон, рӯзноманигорон ва олимони мӯҳтарами тоҷик талошҳое кард, барои фароҳам овардани заминаҳо ва шароити мусоид барои рушди забону фарҳанги миллии мо, барои соҳибихтиёр шудани халқи тоҷик. Дигар, ихтиёр ба дасти худи мардум аст.



Масъалаи мақоми забони форсии тоҷикӣ ҳамеша мавзӯи меҳварии сӯҳбату баҳси рӯшанфикрони тоҷик будааст. ***Дар акс:*** *аз рост ба чап: устод Мӯъмин Қаноат, устод Тоҳири Абдуҷаббор, Шарифбеки Ёқубзода, Аҳмадшоҳи Комилзода ва Дӯстмуҳаммади Дӯст, соли 2000.*

НАВИШТАҲО ДАР РОБИТА БА БА ТОҲИРИ АБДУҶАББОР

Аҳмадшоҳи КОМИЛЗОДА
ҳафтавори «Рӯзи нав»,
№18, 18.12.2003

НЕОЖУРНАЛИСТ

(Ё ЧӢ ТАВР Д. НАЗИРОВ АМЕРИКАРО АЗ НАВ КАШФ КАРД)

Сад гӯли гадо кобанд, кашкӯли гадо кобанд,
То як гунаҳе банданд бар пои ту, Растохез.

Пас аз шиносоӣ бо маколаи "Тоҳир Абдуҷаббор – шумо кистед?" ("Щит" № 4, 11-уми декабир 2003-ба забони русӣ) хонанда худро якбора дар миёни воқеаҳои солҳои 90-ум ҳис мекунад. Ба ёд биёред, ҳамон вақт ҳам тӯҳматномаҳои зиёде дар атрофи номи зиёиёни тозаандеш ва рӯшанфикр нашр мешуд, ки бештарини онҳо ба қалами хидматкорони КГБ-и ҳамонвақта тааллук дошт. Рӯшан аст, ки КГБ-и он замони Тоҷикистон як балегӯяки собиқи КПСС-и собиқ буд ва ба ҳама гуна андешаи нави миллии халқҳои мазлум ва ҳаракатҳои озодихоҳӣ мухолифат дошт. Аммо тааҷҷубовар он аст, ки бо соҳиб шудани Тоҷикистон ба истиқлолияти миллӣ ва пешрафтҳои бузурги ҷаҳон касе бо номи Д.Назиров, ки худро журналист номидааст, ба шеваи КГБ-и зиддимиллии собиқи Тоҷикистон бар зидди мардони номдору донишманд, ки дар мухолифати андешаҳои пӯсидаи онҳо қарор доранд, ҳанӯз ҳам тӯҳматангезӣ мекунад.

Ҷаноби Д. Назиров магар намедонад, ки Г.С.Михайлину Петкелҳо ва боз чанде дигар, ки номашонро дар ин тӯҳматнома овардааст (воқеан номи ин гуна "қаҳрамонон"-ро дар имрӯз ба забон овардан шармовар аст), кайҳо вазифаҳои "пуршараф"-и худро дар ин сарзамин қаҳрамонона ба ҷо овардаву дар мулкҳои гарми худ ба сар мебаранд. Вале андешаҳои зиддимиллии онҳоро дунболагирӣ кардани ин пайрави воқеан "соддик"-ашон дар Тоҷикистон воқеан нанговар аст. Бархезед аз хоб, ҷаноби Д.Назиров! Дунё хеле дигар шудааст: **Тоҷикистон ба истиқлолият расида, ҳама сохторҳои сиёсиаш ба гунаи як давалати соҳибистиқлол амал мекунанд, соҳиби Сарқонун, Президент ва халқи тоҷик аст**, на халқи Шӯравӣ. Ё магар ҷаноби шумо ба ин дастовардҳои бузурги ин миллат мукобил ҳастед?! Агар не, пас чаро то ҳол андешаҳои мардуми бегонаро парастиш мекунед? Ва дигар ин ки агар ҳанӯз ҳам дар орзӯи баркарор намудани СССР бошед, якинан эътимод дошта бошед, ки тиратон хок

хӯрдааст, зеро "ёре, ки зи дида рафт, аз дил рафтаст". Бо итминон метавон гуфт, ки агар камрангии таъсири сиёсат набуд, ин кӯҳнаафкору кӯҳнарафтор аз осмон ба рӯи ин гилеми сабзу пургули Тоҷикистон намеафтид.

Аммо дар бораи навиштаи Д. Назиров бо номи "Тоҳир Абдуджаббор – кто вы?" ("Щит" № 4, аз 11 декабри соли 2003):

Муаллиф дар оғози мақолааш навиштааст: *"Қабл аз ҳама аз тарафи ӯ (яъне Тоҳири Абдуҷаббор-АК) созмон додани дружинаи ҷанговари Растохез аз ҳисоби донишҷӯёни нодони Донишгоҳ (монанд ба "Ҳизб-ут-Таҳрир"), ки бо онҳо аз "шаҳраки донишҷӯ" то Қасри Президент, гоҳе то Шӯрои Олӣ саф меорост ва дар баробари ин гимни хоси худро иҷро мекарданд".*

Инсоф бидеҳ, эй касе, ки худро журналист меномӣ. Тоҳири Абдуҷаббор ҳеҷ гоҳе бо донишҷӯён саф наоростааст ва ба биное марш накашидааст. Гузашта аз ин, созмони Растохез бо ҳимату кӯшиши мардони солори ин сарзамин ва шахсиятҳои маъруфи илму фарҳанги тоҷик созмон ёфта ва дар вазорати адлияи ин кишвар ба қайд гирифта шуда буд. Ман намедонам, ки шумо бар пояи кадом маърифат як созмони расмиро "боевая дружина" номидаед. Агар дар ҳоли ҳозир касе нашрияи шуморо, ки дар ҳамон вазорат номбурда ба қайд гирифта шудааст, як варақа ё рӯзномаи худсохта хонад, чӣ мегӯед?! Ба маълумоти шумо мехоҳем бирасонам, ки агар як нафаре, ки худро журналист меномад, бояд дар навбати аввал масъулияти ин касбро бар дӯши худ дошта бошад ва танҳо бар пояи санадҳои мавҷуда қазоват кунад. Ва аммо одоби журналистӣ чизи дигар ва низ хеле муҳим аст, ки дар ин маврид ҳам сухан гуфта мешавад.

Дар лаҳзаи дигари ба ном мақолааш Д. Назиров дар мавриди аз тарафи хабарнигорони телевизиони соли 1992 эълон шудани Шӯрои Давлатӣ навиштааст, ки гӯё ин мавзӯъ бо "шӯхӣ"-и Тоҳири Абдуҷаббор дар телевизион эълон шуда бошад. Ҳон, эй шӯхипардоз! "Содадил ман, ки суханҳои ту бовар кардам". Ин таҷрибаҳоро, ки шумо ва мисли шумо ҳамсафонатон дар саҳифаҳои матбуоти он солҳо таҷриба мекардед, кӯҳна шудаанд. Тоҳири Абдуҷаббор аз касоне нест, ки бо ин мавзӯъҳо шӯхӣ кунад, вай ҳеҷ гоҳ ба кормандони телевизион маслиҳат надодааст, ки дар мавриди тағйири сохторҳои давлатӣ чизе бигӯянд. Вай ҳеҷ гоҳ барои худнамоиву талоши мансаб ба ҷое нарафтаву аз касе чизе хоҳиш накардааст, боре чанд мансабе барояш пешниҳод шуда буд, ки қатъиян рад кардааст. Инро мо, ки солҳои дароз бо ӯ ошноӣ дорем, хуб медонем, на шумо, ки аз қавли суханҳои хола дар бораи ӯ қазоват мекунед ва ҳатто ҳукм мебароред.

Ва дар дунболаи мақолаи худ дар робита ба воқеаҳои феврали соли 1990 аз суханони собиқ додситони кулли ҶШС Тоҷикистон Г.С. Михайлин ёд кардаед, ки дар сессияи чоруми Шӯрои Олии Тоҷикистон гуфтааст: "*... В нарушение закона ими (лидери Растохез) организовались несанкционированные митинги, проведение которых не обеспечивало безопасность его участников и других граждан...*" Дар идомаи ин боби мақола

ҳамчунин сафсатафурӯшиҳои дигаре аз номи Г.С.Михайлин оварда шудааст, ки дар он рӯзҳои мушкил аз сӯи касоне мисли Д. Назиров ба баъзе роҳбарони ҳамонвақтаи ҳукумат дода ва паҳн карда мешуд.

Вале воқеият ин аст, ки аз тарафи ҳукумат дар ҳамон давра кумисияи махсусе барои тафтиши воқеаҳои моҳи феврали моли 1990 созмон дода шуда буд, ки натиҷаи кораш дар матбуот чоп шуда буд. Дар он матн ин ҳарзагӯиҳо мавҷуд нест. (Нигаред: нашрияи "Согдиана". ба забони русӣ, Маскав, 1990, "Адолат", Душанбе, ноябри соли 1990, муфассалан дар китоби профессор Шарофиддини Имом, Таърихи бедории миллӣ ва истиқлоли Тоҷикистон, Душанбе, 2003, саҳ. 202-216).

Дар идомаи мақола навишта шудааст, ки "Продолжая борьбу за власть в республике 15 февраля 1990 года лидери Растохеза Т. Абдуджаббор (в тексте Джабборов), М. Миррахимов, Б. Собир, Н. Хабибуллоев… и другие на заседание "временного комитета" выдвигали в состав оргбюро ЦК Компартии Таджикистана для рассмотрения на предстоящем пленуме угодные им кандидатуры, подобранные им по земляческим и приятельским отношениям…" (Иқтибос аз Г.С. Михайлин). Воқеан аз тарафи М. Миррахимов чунин як пешниҳоди хаттие ба пленум гӯё аз номи "Комитети муваққат" шуда буд, на аз номи Растохез ва гузашта аз ин дар рӯйхат номи аъзои Растохез набуд. Вале дар натиҷаи пурсиш дар ҳамон давра ҳам раиси Комитети муваққат Бӯрӣ Каримов ва ҳам раиси Растохез Тоҳир Абдуҷаббор ва раёсати Растохез гуфта буданд, ки ба касе чунин супориш надодаанд ва аз ин гуна рӯйхат хабаре надоранд. Гузашта аз ин, роҳбарияти Растохез аз амалҳои М. Миррахимов, ки худ кадри тарбиядидаи КГБ-и он солҳо буд ва дар ин созмон ҳадафҳои хоси худро дошт, хуб огоҳ буданд. Ба ҳамин далелҳо баъдтар ӯ аз сафи Растохез хориҷ шуд ва худро ба гурӯҳҳои дигар зад.

Дигар ин ки гуфтаед, Тоҳири Абдуҷаббор ҷанги шаҳрвандиро барангехт ва ба ҷумҳурӣ 7 миллиард доллар зарар овард. Инсоф диҳед, агар таърихи ҷанги дохилиро баррасӣ мекунед, (аз навиштаҳоятон маълум аст: таърихнависӣ кори шумо нест) вале ба ҳар ҳол дар ёд дошта бошед, аввалан Тоҳири Абдуҷаббор ва Растохез ҳеҷ гуна гурӯҳи мусаллаҳе дар ихтиёр надоштанд ва ба маълумотатон бирасад, ки ӯ ва аъзои Растохез дар ҷанги дохилӣ ва бархӯрдҳои мусалаҳона низ ширкат накардаанд. Муҳтарам собиқ ходими КГБ ва акнун «журналист ва таърихнигор», Растохез танҳо созмон аз ҷумлаи ташакулҳои сиёсӣ буд, ки мухолифати мусаллаҳона бо ҳукуматаро рад кард ва узви Иттиҳоди Нирӯҳои Мухолифин набуд. Аммо ҷангро, ки барасӣ мекунед, дониста бошед: ҷанг ҳатман ду ҷониб дорад, ҷанг якҷониба намешавад, ба хусус дар ҷанги дохилӣ ҷониби ҳаққу ноҳақ вуҷуд надорад. Ва якеро дар ҷанги дохилӣ ҳаққу якеро ноҳақ гуфтан нашояд. Агарчи Тоҳири Абдуҷаббор дар ин ҷанг саҳм надоштааст. Аммо аҷаб аст, ки ҷаноби Шумо ду ҷониби низоъро монда, пас аз чанд сол якбора ба Абдуҷаббор даруфтодаед. Дар шуморахои гузаштаи рӯзномаатон аз ду ҷониби ҷанг ба унвони қаҳрамон ва нирӯи

сулҳовар ёд кардаед. Ахсан ба ҳимататон, агар чунин мепиндоред, ки Тоҳири Абдуҷаббор ҷангро барангехта ва дигарон онро хомӯш карда ва барои ин қаҳрамонанд.

Боз ҳам сӯҳбати Котиби Раёсати Шурои Олӣ Қосимоваро бо Т.Абдуҷаббор ёдовар шудаед, ки Қосимова ба Т. Абдуҷаббор гуфтааст барномаи таҳиякардаи Шумо ин сарнагунии Ҳокимияти Шӯравист. *Агар аз ҳар чи бигзарем ва ба воқеъият рӯ биёрем, магар Тоҷикистон маҳз бар асари аз ҳам пошидани низоми Шӯравӣ ба истиқлолият нарасид?* Агар шумо ҷонибдори барқарории сохтори Шӯрвиед, барои он мубориза кунед. Вале фаромӯш накунед, ки ҳар касе барои баркарории низоми Шӯравӣ талош мекунад, мутобиқ ба конунҳои Тоҷикистон мухолифи Истиқлолияти кишвар қарор мегирад. *Бовар дорам, ки минбаъд дигар ин суханро бо овози баланд эълон намекунед.* Ба маълумоти шумо мехоҳам бирасонам, ки Созмони Растохез аз рӯзхои нахусти ташкилшавиаш муборизаи барои ба даст овардани истиқлолиятро ҳадафи асосии худ қарор дода буд ва табиист, ки дар он замон, ки ҳоло мо дар низоми Шӯравӣ ба сар мебурдем, ҳама Михайлину Петкелҳо ва думравони онҳо бо истифода аз дастгоҳҳои қудратманди худ аъзои Растохезро душмани миллат эълон карда буданд (Ин ҳамон идеалест, ки дили шумо барояш ҳанӯз месӯзад). *Вале имрӯз Истиқлолият як воқеият ва яке аз муқаддасоти бузурги Тоҷикистон аст, ки ҳамагон дар сояи ин неъмати бузург зиндагӣ мекунанд, аз ҷумла Шумо.* Гузашта аз ин, ҳар он чиро, ки Растохез дар барномаи амали худ мавриди мубориза қарор дода буд, имрӯз бештарини он ҳадафҳо аз сӯи хукумати феълӣ дар ҷомиаи Тоҷикистон амалӣ мешаванд ва аъзои Растохез ҷонибдори барномаҳои пешрафти ҳукумати Тоҷикистон ҳастанд. Аммо аз сӯи Тоҳири Абдуҷаббор танқид шудани баъзе камбуду норасоиҳо маънои мухолифат бо ин ҳукматро надорад, тавре ки шумо қаламдод мекунед.

Шахсияти маъруфи кишвар Сайдамир Зуҳуров – вазири пешини вазорати амнияти Тоҷикистон дар маросими ёдбуди устод Тоҳири Абдуҷаббор. Душанбе, 25 апрели соли 2009.

Дигар ҳамаи навиштаҳои нашрияи "Щит" ва раиси он як ҷав арзиш

надоранд. Вокеият ин аст, ки аз ҳодисаҳои мудҳиши он солҳо вақти зиёде нагузашта бошад ҳам, вале мардум ба ҳақиқати хеле аз он чизҳо расидаанд ва огоҳии хубтаре дар муқоиса бо муаллифи "Шит" доранд. Ба ҳамин далел, навиштаҳои Д. Назиров – ба ном ин журналисти ақибнигар магар ҳадафҳои рӯхушӣ ба касе ё гурӯҳе чизи дигаре дар дунбол надорад?

Ин ходими собиқи КГБ акнун бекор мондаву худро ба кӯи журналистика задааст. Воқеан, ин гуна одамон кам нестанд, ки бо истифода аз мушкилоти Тоҷикистон худро шоиру нависанда ва олиму журналист сохтаанд. Яъне ба таъбири мардум ҷанги шаҳрвандӣ боис шуд, ки бисёр дуздон милиса шуданд ва ба ҳамин монанд милисаву артисту ходимони КГБ журналисту шоир шуданд. *Худо умрашон бидиҳад, ки то поёни умр усулҳои ин касбро аз худ карда бошанд.* Вале ин "журналисти пенсионер", ки номашро то кунун дар журналистикаи тоҷик касе нашунидааст, даъвои ба журналистони касбӣ дарси хабарнигорӣ доданро кардааст. Ин муаллими асри гузашта дар илми журналистикаи имрӯза сабақҳои нав ворид карданӣ аст. Мутобиқ ба "усули нав"-и таълимии ӯ, журналист бояд дар бораи баъзеҳо бинависад ва дар бораи баъзеҳо нанависад. Оё шумо шунидаед, ки кадом як қонуни Тоҷикистон дар бораи Тоҳири Абдуҷаббор навиштанро манъ кардааст?

Агар Д.Назиров аз илми журналистика огоҳӣ медошт, медонист, ки *Тоҳири Абдуҷаббор муаллифи Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистон аст, ки ҳатто мисли ӯ афроде низ бар пояи он дар ин сарзамин зиндагӣ мекунанд. Вале ҳайфи миллате, ки ҳанӯз ҳам муаллифи Эъломияи истиқлолияти миллашро санг мезанад.* Аз чунин фарзандони истиқлолбезор ва нохалаф умеди ватандорӣ нашояд. Вагарна ӯ медонист, ки Растохез як ҳаракати миллӣ ва истиқлолхоҳиест, ки дар он замони пурошӯб нирӯҳои огоҳ, рушанфикр ва ватандӯстро барои амалӣ сохтани орзӯҳои деринаи мардум гирди ҳам оварда буд. Агар Сотим Улуғзода, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Бозор Собир, Акбар Турсун, Шарофиддин Имомов, Халифабобо Ҳомидов, Раҳим Мусулмониён, Мухаббати Қаноат, Абдунабӣ Саттор-зода, Ӯктами Холиқназар ва даҳҳо шахсиятҳои маъруфу шоистаи илму фарҳанги тоҷик, ки аз бунёдгузорон ва аъзои ростини Растохез буданду ҳастанд, ба як созмони ҳитлерӣ тааллуқ дошта бошанд, хайрият, ки дар муқобили онҳо Д. Назиров будааст, вагарна дар Тоҷикистон гитлеризми нав сар мезад. Ногуфта намонад, ки бархе аз ин шахсиятҳои номбурда бо доштани шоистагиҳои инсонӣ ва маърифати арзишманд дар мақомоти болои ҳукумат фаъолият мекунанд ва дигарон сазовори эҳтирому номбардори илму фарҳанги ин мардуманд. Саҳнаи матбуоти тоҷикро, ки садҳову ҳазорон шахсиятҳои арзанда дар тӯли солҳо, гузашта аз ҳама мушкилот, барои тарбияи зеҳни волои мардум обод доштаанд, ба бозори қӯҳнафурӯшӣ мубаддал насозед, ҷаноби Д. Назиров!

Маълум нест, ки чӣ ангезаҳое Шуморо ба ин чабҳа тела додааст, вале яқинан рӯшан аст, ки мехоҳед бо "Щит"-и наватон коҳи кӯҳнаро бод кунед. Фаромӯш накунед, ки замони "бояду набоядҳо" гузаштааст, холо

замони "хезу чора кун" расидааст ва дар ин ҷода барномаҳ ои Растохез хеле корсозанд. Бо итминон метавон гуфт, ки насли рӯшанфикру тозаафкори мардуми мо аз паи чунин кӯҳнаҷӯён нахоҳанд рафт. Вагарна мо боз чандин фарсаххо аз мардумони дигар акиб хоҳем монд, чунки ҳаракат мунтазири мо наметмонад.

Ин сабукбори низоми "шаллоқ ва шаккар", ки ҷомаи зоҳид ба бар дорад, то ҳанӯз дарк накардааст, ки худсомонии миллӣ аз бузургтарин пешрафтҳои ҷомиаи Тоҷикистон аст ва аз муқаддастарин андешаҳои аъзо ва ҷонибдорони Растохез буд ва ҳаст. Барнома ва ойинномаи Растохез ва тамоми асноду мадорики ин созмон ба сурати рӯшану возеҳ бар пояи ҳамин андешаи воло, яъне барои шоистагиҳои ҷои инсон дар ҷомеа эҷод шудаасту бас. Агар ҳар касе аз мазмуни онҳо барои худ чизи дигаре тафсир мекунад, ин кори ӯст.

Ҳамаи он чи, ки аз шеваи бархӯрди нируҳои гуногун дар аввали солҳои 90-уми садаи гузашта дар Тоҷикистон рух дод, ҳодисоти хеле мураккаб буд, ки дар оянда воқеиятҳои он аз сӯи таърихнигорон ва ҷомеашиносон бештар рӯшан хоҳад шуд. Вале бо гуфтаҳои шигифтовар ва подарҳавои касоне чун Д. Назиров ҳеҷ як масъала ва мушкили ин кишвар ҳал нахоҳад шуд. Аслан ба ин фолбоз кӣ хукук додааст, ки дар рафтори одамон Гитлеру Мусалини бичӯяд?!

Гуфтаанд, ҳар кас ба ҳар чи дили худ шод мекунад ва Д. Назиров бо бод кардани хирмани кӯфта "ҷаҳонкушоӣ" мекунад. Чанд шумораи ин нашрияи тозатаъсисро барои ошноӣ мутолиа кардам ва ба зуддӣ пай бурдам, ки ин чӣ чизест. Яъне дарк кардам, ки ин рӯзноманигори номниҳод аз нахустин шумораи ин нашрия ба мазаммату маломати шахсиятҳои маъруфе пардохтааст, ки барои доираҳои муайяне чун ӯ нохушоянданд. Аз матни нашрияи "Щит" бармеояд, ки муаллифони он аз ин нороҳатанд, ки чаро рӯзноманигорони, ба қавли онҳо навбаромад, дар бораи боз ҳамон лидерони номашон ба истилоҳ «сиёҳшуда» менависанду дар бораи эшон не.

Дӯст доштани Меҳан, муборизa барои истиқлолияту ободии Ватан, талош барои адолати иҷтимоӣ, танқиди ҳар гуна камбуду норасоӣ ба хотири пешрафту тараққӣ аз кашфиётҳои Растохез нест. Башрарияти рӯшанзамир аз замонҳои қадим барои ин ормонҳои волои худ муборизa кардааст, агарчӣ гоҳе намояндагони ин табақа дар ҷо-ҷое саркӯб ва поймол шудаанд, боз аз миёни наслҳои дигар ҳатман мардони баору номӯсе баромадаанд, ки дақиқан ба хотири ҳамин ормонҳо муборизa кардаанд. Ин сарзамин, ки Тоҷикистон ном дорад ва тоза ба истиқлол расидааст, боз ҳам мардони бузургеро дар домани поки худ тарбият хоҳад дод, ки пуштибони орзӯву омол ва истиқлолу озодии мардуму Меҳани худ – Тоҷикистон хоҳанд буд.

Мо ба як захми ту, эй хасм, наяфтем зи пой,
Гар бувад умр, бубинем ба пайкори дигар.

Мавзӯи дигаре, ки аз ҳадафҳои аслии Растохез буд, шинохт ва ҷойгоҳи

забони мардуми бумии ин сарзамин – забони форсии тоҷикист ва Растохез барои бедории шуури миллӣ дар миёни табақаҳои ҷомеа хеле корҳо анҷом додааст. *Агар имрӯз дар мавриди шинохти забони миллии мардуми тоҷик пешрафтҳое дида мешавад, яқинан дар он хидмати аъзои созмони Растохез ҳаст.* Дар ҳама кишварҳои дунё забони миллии мардумашон ба эътибори баланде соҳиб аст, ки мардуми мо ҳам ба ин қарина ҳақ дорад. Ва дар шароити онрӯзаи Тоҷикистон зарурате пеш омада буд, ки барои расидан ба ин ҳақ бояд мубориза кард ва Растохез дар саргаҳи ин мубориза қарор дошт. Яке аз сабабҳои мухолифат бо ҳукумати онвақта, ки шумо Д. Назиров бо камоли муҳаббат аз сарони он чун Михайлину дигарҳо ёд мекунед, ҳамин мавзӯъ буд. Ғайр аз онҳо касони дигаре низ аз дохили мардум буданд, ки барои мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ (хеле айби бузург аст, ки ба забони мардуми бумӣ дар ватанашон мақоми давлатӣ медиҳанд) мухолифати шаддид нишон медоданд. Чунки ҳукуматдорон дар сари мақому манфиат қарор доштанд ва намехостанд роҳбарону ҳокимони худро дар Маскав нороҳат бисозанд. Аммо ба қавли педагоги машҳури рус Сухомлинский *"Инсоне, ки забони модарии худро дӯст намедорад, инсоне, ки дили ӯро каломи модарӣ ба тугён намеорад, бадзотест, ки аз тоифаи худ дур афтодааст"*. Вале мубориза дар роҳи ҷою мақоми забони форсии тоҷикӣ як ифтихори бузург аст ва муҳим нест, ки дар ин кишвар ба касе маъқул ҳаст ё нест.

Мутаасифона, дар навиштаҳои нашрияи "Щит" ҳамин гуна андешаҳо ба назар мерасанд. Хеле аз ҳадафҳои Д. Назиров дар нашрияи таъсисдодааш рӯшананд. Вай ҳар касеро, ки дар миёни мардум ному шӯҳрат дорад ва барои истиқлолу забони ин кишвар мубориза кардааст, вале барои доираи ӯ писанд нест, бад мебинад. Барои ҳамин бемалол дар муқобили онҳо ҳар чизе менависад, пешгӯй мекунад ва бо ин роҳ мехоҳад афкори мардумро ба сӯи андешаҳои худхоҳонаи хеш бибарад. Барои расидан ба ин ҳадаф худаш дар ҳар шумораи нашрияаш ду-се мақола ба табъ мерасонад ва аҷоиботаш ин аст, ки дар ҳар кадоми ин мақолаҳо аксашро (масалан, шумораи 3) калон барои ошноӣ мечаспонад ва агар ин корро идома бидиҳад, ин нашрия ба як албоми хонаводагӣ табдил хоҳад шуд.

Кормандони радиои Би-би-си ҳамеша бо устод Тоҳири Абдуҷаббор равобити хуби корӣ ва дӯстона доштанд. Устод бо хабарнигорон Шамсия Қосим ва Исфандиёри Одина дар дафтари ин радио, соли 2008.

Ойшаи ҲОМИД,
Муовини раиси Бунёди байнулмилалии забони форсии тоҷикӣ

ҶОЙГОҲИ БАРҶАСТАИ УСТОД ТОҲИР ДАР МУБОРИЗА БАРОИ ЗАБОН

Дар охири солҳои 80 ва аввали солҳои 90-уми садаи гузашта муборизаи рӯшанфикрон барои ба забони форсии тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ дар Тоҷикистон авҷ гирифт. Мардуми тозаандеш, бахусус рӯшанфикрон дар ҳама ҷо, дар ҳама маҳфилу маърака дар мавриди ба забони форсии тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ сухан мегуфтанд, мушкилоти масъаларо мухокима мекарданд. Ин ҳамон даврахое буд, ки ҷамъомадҳои аъзои Растохез дуртар аз чашми мақомдорон, дар синфхонаҳои бинои нави Донишгоҳи Миллӣ (воқеъ дар Шаҳраки Донишҷӯ), гоҳе дар боғҳои гуногуни шаҳр мегузашт.

Боре яке аз ин ҷаласаҳои пинҳонии Растохез дар Боғи Ғалабаи шаҳри Душанбе даъват шуд. Устод Тоҳири Абдуҷаббор, Раҳими Мусалмониён, Шодмон Юсуф, Аҳмадшоҳ Комилзода, Тоҷинисои Азиз, Чинигули Карим ва Мамлакат Ҷайчиева сангу сабзазори ин боғро ба ҷойи мизу курсӣ истифода бурда пеш аз ҳама масъалаи мақоми давлатии забонро дар кишвар мухокима мекарданд. Воқеияти он солҳо чунин буд, ки ҳукумати Шӯравӣ ҳанӯз побарҷой буд ва омилони КГБ аз ҳама гуна ҷамъомаду мулоқоти рӯшанфикрон ҷилавгирӣ мекарданд.

Баъдтар духтарон гуфтанд, ки дар он ҷамъомад, аз ҷумла ба парламон (он вақт Сессияи Шӯрои Олии Тоҷикистон ном дошт) пешниҳод кардани масъалаи ба забони форси тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ низ мухокима шуд. Бисёриҳо мавзӯи чи тавр ба мухокимаи сессияи Шӯрои Олии Тоҷикистон пешниҳод кардани ин масъаларо намедонистанд. Устод Тоҳири Абдуҷаббор пас аз шунидани пешниҳоди дигарон дар хулосаи ҷамъомад гуфт, ки барои ба ин ҳадаф расидан мардуми зиёӣ ва рӯшанфикр, шахсиятҳои миллатдӯсти мақомоти давлатӣ ва донишҷӯён, хулоса ҳама бояд ҷалб карда шаванд. Устод Тоҳир гуфтааст, ки барои ҷалби мардум ба ин масъала, зарур аст, ки пеш аз ҳама мо бо намояндагони қишрҳои гуногуни ҷомеа сӯҳбат кунем. Ва супориши аввалин барои мо ҳамин буд, ки дар ҳама ҷо бо мардум дар бораи ба забони форсии тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ сӯҳбат кунем. Ба ёдам ҳаст, ки дар ҳамон ҷамъомад Шодмони Юсуф мавзӯи ташкили ҳизби сиёсӣ (ҳоло ҲДТ)-ро пеш гузошта будааст.

Таври маълум, дертар мавзӯи забон дар нишастҳои пурсару садо ва бахсбарангези маҳфили "Рӯбарӯ" мавриди баҳсу талош қарор мегирифт, ки дар бештарини онҳо устод Тоҳир дар саргаҳи ин баҳсҳо қарор дошт. Ин талошҳои рӯшанфикрон, пеш аз ҳама устод Тоҳир як чараёни барчастаеро ба миён овард, ки ҳеч касеро аз мадуми озодихоҳ ва ватандӯст дар канор нагузошт. Мехоҳам бигӯям, ки ҳамин чараён боиси ташаккули андешаи озодфикрӣ дар чомеа, таҷамӯъи нерӯҳои бедор ва демократӣ шуд. Ва дертар ин нерӯҳо дар эҷоди Бунёди байнулмилалии забони форсии тоҷикӣ, ҶМТ – Созмони Растохез, Ҳизби Демократи Тоҷикистон ва таҳаввулоти умда дар кишварамон шуданд.

Дар миёни ин ҳама талошҳо, ки дар он замон ба ҳазор тазйику фишор, тӯҳмату таҳдид рӯ ба рӯ мешуд, чойгоҳи Тоҳири Абдуҷаббор хеле рӯшан ва арзишманд аст. Қобили ёдоварист, ки Тоҳири Абдуҷаббор дар ҷаласаи машҳури Шӯрои Олӣ, ки мақоми давлатии забони форсии тоҷикӣ эълом шуд, ба унвони намояндаи мардум ширкат ва суханоронкарда буд ва аз ин рӯйдоди бузург ҳамеша бо хушнудӣ ёд мекард. Пас аз он ки Бунёди байнулмилалии забони форсии тоҷикӣ ташкил шуд, устод Тоҳир ва ман ҳам дар ҳайати раёсати он интихоб шуда будем. Қобили қайд аст, ки ин созмони мардумӣ бо пешниҳоди хунарманди маъруфи кишвар Зафар Нозим ташкил шуда буд ва дар оғоз – Созмони фарҳангии хазинаи забон ном дошт. Дертар бештарини омӯзгорону донишомӯзон ва рӯшанфикрони ҳамаи маҳаллоти тоҷикнишини Тоҷикистон ба ин мубориза ҳамроҳ шуданд, ки ба Душанбе расидани ҳазорон-ҳазор номаву барқия ва паёмҳои онҳо аз бедории андешаи миллии мардуми мо шаҳодат медод. Ёдаш ба хайр он рӯзгори ширинро!

Хеле хуб дар ёдам ҳаст, ки устод Тоҳир дар тӯли се соли ҷаласаҳои раёсати Бунёди Забон ҳамеша фаъолона иштирок мекард ва дилсӯзона масъалаҳоро пайгирӣ мекард. Ӯ дар поёни ҳама ҷаласаҳо аз сӯҳбату баҳсҳо натиҷагирӣ ва хулоса мекард ва ҳамзамон мавзӯъ ва барномаҳои ҷаласаи баъдиро тарҳрезӣ мекард. Иштирокчиёни ҷаласаҳои раёсат дигар ба натиҷагирӣ ва тарҳрезиҳои устод Тоҳир одат карда буданд. Ба ҳамин далел, дар он давра кори Бунёди забон хуб ва пурсамар пеш мерафт.

Устод Тоҳири Абдуҷаббор, ки дар саргаҳи муборизаи рӯшанфикрон барои ба мақоми давлатӣ расидани забони форсии тоҷикӣ қарор дошт, дар бедории андешаи навҷӯйӣ ва тозаандешии як насли мардуми кишварамон чойгоҳи беназиреро касб кардааст, ки барои ҳамеша номашро абадӣ гардондааст.

*

Арзи сипос ба азизоне, ки
дар таҳияи ин китоб ёрӣ кардаанд:

– Адолати Мирзо, Умари Давлат ва Ҷаҳонгири Султон, Шаҳнози Комилзода – кормандони ҳафтавори "Миллат";

– Гулсанами Абдуҷаббор – фарзанди устод Тоҳири Абдуҷаббор;

– Мардони Муҳаммад ва кормандони радиёи Би-би-си;

– Раҳматкаримии Давлат ва Насибҷон Амонӣ – хабарнигорони радиёи "Озодӣ";

– Нуриддини Саъдидин – раиси Созмони Растохез дар ноҳияи Ашт;

– Мирзошоҳи Акобир – раиси Созмони Растохез дар ноҳияи Рашт;

– Нуралӣ Давлат – журналисти шинохтаи тоҷик;

– Зафари Сӯфӣ – сармуҳаррири нашрияи "Озодагон";

– Ҳошими Холзода – хабарнигори радиёи "Садои Хуросон";

– Мунаввари Мунаввар – журналисти тоҷик;

МУНДАРИҶА

Пешгуфтор 3
Эъломия дар бораи истиқлолияти Ҷумҳурии Шӯравии Сусиёлистии Тоҷикистон 5
Тоҳири Абдуҷаббор (Ҳолнома) 10
Бузургмарди ғамбемор
Раҳматкарими Давлат: *Фарзанди сулолаи гурур* 14
Азизи Хошок: *Ёрони беаҳди Растохез куҷо шуданд?* 22
Зафар Мирзоён: *Андешаманди ворастаи миллӣ* 27
Комил Бекзода: *Лаҳзаҳое аз як абадият* 32
Беҳрӯзи Забехулло: *Намоди рӯшанфикрӣ* 37
Ибодуллоҳи Оқилпур: *Растохез қиёмат набуд* 42
Маҳмуд Қосим: *Устод, моро бубахшед* 47
Дар сӯги фарзанди сулолаи ғурур
Иттилоияи хабаргузориҳо 48
Радиои "Озодӣ" 49
Радиои Би-би-сӣ: *Меъмори истиқлоли Тоҷикистон даргузашт* 52
Варорӯд: *Пири Растохез рафт* 55
Сӯгномаҳои интернетӣ 56
Таъзияи хабарнигориҳо
"Садои Хуросон": *Роҳаш пурроҳрав бод!* 60
"Миллат": *Марде, ки ба саодат расидааст* 61
Гиромидошти Тоҳири Абдуҷаббор дар Алмаато 63
Мотами лолаҳои арғувонӣ
Мӯъмин Қаноат: *Тоҳир олимона, орифона ва тоҷикона зист* 65
Аҳмадшоҳи Комилзода: *Шоистатарин марди асри мо* 66
Наҷмиддини Шоҳинбод: *Лолаҳои Ашт сарҳаманд* 76
Ҳайдаршоҳи Акбар: *Кӯҳе азим рехт* 77
Ҷонибеки Асрориён: *Парчини розҳо* 78
Қосими Бекмуҳаммад: *Ҷойгоҳе, ки барои ҳамеша холист* 82
Муҳиддин Кабирӣ: *Даҳсолаҳо ин миллат Тоҳир нахоҳад зод* 84
Масъуд Собиров: *Ёдат ба хайр, устод Тоҳир* 84
Аҳмадшоҳи Комилзода: *Танҳо ғаме ки дошт, истиқлоли воқеии миллат буд* 85
Ойниҳол Бобоназарова: *Зиндагиашро қурбони саодати миллат кард* 86
Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода: *Фозилу олим рафт* 86
Беҳрӯзи Забехулло: *Бӯйи баҳор рафт* 87
Ҳикматуллоҳ Сайфуллоҳзода: *Даргузашта эҳёгари бузург* 88
Наврӯзи Гулзод: *Ки чун ӯ дигаре н-ояд зи модар дар замин* 89
Ғаффор Мирзоев: *Зиндагӣ озодии инсону истиқлоли ӯст* 90
Ашӯрбой Имомов: *Озодмарди ҷонфидо* 95
Дориюши Раҷабиён: *Пораҳое аз ёдвораҳо* 104

Зафари Сӯфӣ: *Ғуруби рамзи гурур* 109
Насибҷон Амонӣ: *Абармарде, ки пӯёйи роҳи хеш буд* 114
Шаҳобуддини Фарухёр: *Марде, ки аз ишқи меҳанаш, аз мардуму аз забонаш меболид* 122
Мардони Муҳаммад: *Орифе, ки қадрашро нашинохтанд* 127
Сӯгворӣ дар маросими ёдбуди устод Тоҳири Абдуҷаббор
"Миллат": *Бузургдошти Тоҳири Абдуҷаббор дар Душанбе* 134
Мӯъмин Қаноат: *Сӯҳбат бо рӯҳи Тоҳир* 136
Муҳаммадҷон Шакурӣ: *Пешвои миллатро аз даст додем* 137
Шодӣ Шабдолов: *Ӯ ватандӯст ва миллатдӯсти ҳақиқӣ буд* 139
Ортиқи Қодир: *Падарсолори демократияи тоҷик* 140
Ойниҳол Бобоназарова: *Устод Тоҳир роҳи мушаххаси худро дошт* 142
Мирзошоҳи Акобир: *Шахсияти боҳушу донишманд* 143
Шаҳрия Аҳтамзод: *Устод Тоҳир тоҷикона сӯҳбат мекарданд* 143
Мирзо Насриддин: *Садоқати мардум ба устод Тоҳир* 144
Тоҷинисо Азизова: *Ормонҳои устод Тоҳир амалӣ мешаванд* 144
Нуриддини Саъдиддин: *Шафақе буд, хомӯш шудан надошт* 145
Ҷамолиддини Мусамир: *Дар сӯги фарзанди сулолаи гурур* 148
Саёфи Мизроб: *Ба ҷойи таъзия* 149
Рачаби Мирзо: *Маро фурӯхтан мумкин, аммо* 151
Маннон Махсумов: *Миллат заршинос аст* 153
Ҳошими Холзода: *Ҷаҳонеро дигаргун кард як марди худогоҳе* ... 155
Навиштаҳои Тоҳири Абдуҷаббор дар матбуот
Муҳити зист ва забон 164
Растохез қиёмат нест 203
Оё Тоҷикистон соҳибихтиёр аст? 211
Пешгуфтор ё ҳақиқати ҳол дар бораи Растохез 215
Барномаи Созмони Растохез – Ҷунбиши Мардумии Ҷумҳурии Тоҷикистон 219
Оинномаи Созмони Растохез – Ҷунбиши Мардумии Ҷумҳурии Тоҷикистон 229
Моро маърифат мебояд 233
Вой бар ҳоли мо 237
Истиқлолият муқаддас аст 243
Навиштаҳои Тоҳири Абдуҷаббор ва мусоҳибаҳо бо ӯ дар хабаргузориҳо
Рахнае дар сукути сангин (Мусоҳиба) 259
Номзади мо шахсест дардошнои мардум (Мусоҳиба) 263
Баҳманмоҳи хунин дасисае буд (Мусоҳиба) 267
Озодихоҳ будем, на қудратталаб (Мусоҳиба) 271
Ман сиёсатмадор набудам, нестам...(Мусоҳиба) 276
Растохез созмони озодихоҳ буд (Мусоҳиба) 286
Ҳукумат он ҳангом ақибмондатар аз тӯдаҳо буд (Мусоҳиба) 291

Навиштаҳои солҳои ахириТоҳири Абдуҷаббор дар матбуот

Дониш ва пешрафт 305
Намоишгоҳи Чин 308
Нархҳо ҳикоят мекунанд 310
Миллат ва ормони он 313
"Семья" – Акаевро суқут дод (Мусоҳиба) 322
Рағун бояд моли давлати Тоҷикистон бошад 327
Суду зиёни муҳоҷирати нирӯи кор ва 329
Демократия ин нест 335
Омилҳои вахдакуш ва вахдатзо 347
Рағунро бе Русия ҳам метавон сохт (Мусоҳиба) 355

Навиштаҳои Тоҳири Абдуҷаббор аз бойгонии хусусиаш

Ислоҳоти баҳсбарангези кишоварзии Тоҷикистон 362
Вижагиҳои марҳилаи гузариш дар Тоҷикистон 365
Сиёсатҳои Тоҷикистон 368
Ба кучо меравем? 372
Равшанфикрон ва идеология 375
Сабабҳои густариши фасод дар Тоҷикистон 389
Вижагиҳои интихоботи президент дар Тоҷикистон 393
Мушкилоти пахтакорони Тоҷикистон 397
Оё иттиҳоди кишварҳои Осиёи Марказӣ мумкин аст? 403
Муроди Растохез озодӣ буд (Мусоҳиба) 409
Густариши ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон 415
Ҳузури фазояндаи Чин дар Осиёи Марказӣ 418
Ислоҳот ҳадаф нест 424
Гарвгузории замин: рӯ ба феодализм 426
Давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ 431
Шаффофият – асли мубориза бо фасод 436
Чанд ҳадаф дар як созмон 441
Оё ба истиқлоли комил даст ёфтаем? 445
Давлат пул надорад (Мусоҳиба) 452
Ҳукумат ва масъулияти он 470
Фасод ва иллатҳои он 448
Нони ҳалол ва олигарҳо 481
Растохез ва истиклолият 486
Растохез ва забони тоҷикӣ 490

Навиштаҳо дар робита ба Тоҳири Абдуҷаббор

Аҳмадшоҳ Комилзода: *Неожурналист* 496
Ойшаи Ҳомид: *Ҷойгоҳи шоистаи устод Тоҳир дар мубориза барои забон* 503
Арзи сипос 505

МЕЪМОРИ ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИКИСТОН

Мурратиб ва муҳаррир **Аҳмадшоҳи Комилзода**
Саҳифабанд **Озари Шаҳриёр**
Мусаҳҳеҳ **Умари Давлатзода**

Ба матбаа 05.12.10 супорида шуд.
Ба чопаш 16.12.10 имзо шуд.
Ҷухъи чопӣ 31,87. Андозаи 60х84 1/16
Супориши № 22. Адати Нашр 100
Нархаш шартомавӣ.

Матбааи ҶДММ «Сифат – Офсет»

Нашриёти “Нодир”

9 78477 06-67